Воқеан дигаргунсозӣ дар бахшу соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ маблағгузориро талаб мекунад. Бо назардошти ин шабеҳи оид ба масъалаҳои назариявӣ роҷеъ ба консепсияи ESG, паҳлуҳоии моддии ин тағйиротҳоро аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ намудан мумкин аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифи ягонаи истилоҳи "молияи сабз" вуҷуд надорад. Дар навбати аввал истилоҳи мазкур ба ҷалби захираҳо баҳри ҳалли мушкилоти экологӣ рабт дорад. Дигар тавсифот роҷеъ ба истилоҳи мазкур ба он ишора мекунад, ки лоиҳаҳои сармоягузории экологиро фарогир мебошад.

Дар ин маврид қайд намудан ба маврид аст, ки дар меҳвари консепсия ва барномаи экологӣ, сармоягузории сабз қарор дошта, байни ташкилотҳои молиявӣ ва лоиҳаҳои ҳифзи муҳити зист фаъолона амал мекунад. Тафсирҳои гуногуни таърифи сармоягузории "сабз" - ро дида мебароем.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ "(аз 14 майи соли 2025 № 2173) сармоягузориро ҳамчун" фондҳои пулӣ, дороиҳои моддӣ ва ғайриморддӣ, дороиҳои молиявӣ, дороиҳои амволӣ ва дигар намудҳои дороиҳо, ки барои ноил шудан ба ҳадафи фаъолият бо мақсади ба даст овардани фоида, дигар таъсири судманд ё таъмини раванди иҷрои ӯҳдадориҳои давлатӣ" муайян менамояд.; Фаъолияти сармоягузорӣ маҷмӯи амалҳои сармоягузор тибқи қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи сармоягузорӣ, аз ҷумла равандҳои сармоягузорӣ мебошад, ки марҳилаҳои таҳия, татбиқ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро дар бар мегиранд".[8] Дар ин қонун мафҳуми сармоягузории "сабз" вуҷуд надорад. Дар адабиёти иқтисодӣ муаллифони алоҳида Плоник С.С., сармоягузориҳои "сабз"-ро ҳамчун сармоягузориҳои мақсадноки экологӣ муайян мекунад, ки манфиатҳои экологиро дар заминаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин мекунанд. Мувофиқ ба назарияи H. Sun, сармоягузории "сабз" амалияи тақсимоти сармоя ба лоиҳаҳое мебошад, ки ба манфиати муҳити зист нигаронида шудаанд. [4, С.69] Ба андешаи мо, таъриф ҷузъиёти асосии онро пурра ошкор намекунад-тақсимоти сармоя барои лоиҳаҳои сабз бояд бо назардошти нишондиҳандаҳои молиявӣ сурат гирад.

Богачев О.В., ва Смородинов О.В., молияи "сабз" - ро ҳамчун хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба ташкилотҳои тиҷоратӣ барои амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ оид ба беҳтар кардани муҳити зист, коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ ва истифодаи самараноки захираҳо пешниҳод карда мешаванд, баррасӣ мекунанд. [12] Бояд илова кард, ки маблағгузории мақсаднок метавонад на танҳо ба кам кардани оқибатҳои манфӣ, балки ба ҳалли техникӣ, ки метавонад онҳоро пешгирӣ кунад, равона карда шавад.

Молияи "сабз" соҳаҳои гуногуни бахши молиявӣ ва маҳсулоти молиявиро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, ин ҳама гуна фаъолияти сохтории молиявӣ барои беҳтар кардани муҳити зист мебошад. Он ҳифз ва барқарорсозии гуногунии биологӣ, коҳиши тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пешгирии ифлосшавӣ ва коҳиши партовҳои CO2-ро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи баррасии таърифҳои мавҷуда оид ба молияи “сабз” дар бахши обии КАС се самти амали онро гуруҳбандӣ намудан мумкин аст:

- тадбиқи лоиҳаҳои маблағгузории хосияти экологӣ дошта дар соҳа;

- таҳкими фаъолияти ширкатҳо вобаста ба сабзнамоӣ, яъне ташкилотҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғурта, ки барномаҳои экологиро дар хоҷагии оби КАС тадбиқ мекунанд;

- маҳсулотҳои молиявӣ ба ҳифзи муҳити зист нигаронидашуда (қарзҳо, вомбаргҳо ва ғ.).

Бо таҳлили нуқтаи назари мавҷудаи муҳаққиқон, таърифи онҳоро ба шакл дароварда қайд менамоем, сармоягузории сабз дар бахши обии соҳаи кишоварзӣ ин тадбиқи лоиҳа ва истифодаи захираҳои молиявӣ баҳри азнавсозии техникӣ ва такмили истеҳсолот бо мақсади коҳиш ва ё садди роҳи таъсири манфии экологӣ, ки аз нигоҳи иқтисодӣ оқилона аст мебошад.

Яке аз шаклҳои ҷолиби маблағгузории экологӣ вомбаргҳои “сабз” аст. Хусуисияти ин навъ қоғази қимматнок дар он аст, ки ӯҳдадориҳои молиявӣ бевосита бо лоиҳаҳои экологӣ алоқаманданд.

Марҳилаи ибтидоии таърихии ин унсур ба соли 2007 рост меояд, вақте ки Бонки сармоягузории аврупо облигасияҳои огоҳии иқлимӣ облигасияҳои огоҳии иқлимӣ 4 – ро интишор кард. Арзиши онҳо аз 0,5 миллиард доллари ИМА зиёд буд. Маблағҳои вомбаргҳои мазкур баҳри мукаммалнамоии техникӣ рушди энергетика равона карда шудаанд.

Дар замони интишори ин вомбаргҳо, истилоҳи "вомбаргҳои сабз" ҳанӯз вуҷуд надошт; он дар соҳаи молияи экологӣ пешомада буд. Номи расмии Green Bonds -вомбаргҳои сабз соли 2008 ҷорӣ карда шуд, замоне, ки вомбаргҳо аз ҷониби Бонки байналмилалии тачдид ва рушд (МБРР) бароварда шуданд.

Маблағҳои ҷамъоваришуда барои маблағгузории лоиҳаҳое истифода шуданд, ки мустақилона аз ҷониби донишгоҳи Осло баррасӣ карда шуданд. Бори аввал меъёрҳои махсуси экологӣ барои санҷиши лоиҳаҳо барои мувофиқат ба ҳадафҳои рушди устувор истифода шуданд. Сармоягузорони хусусӣ вомбаргҳои сабзро ҳамчун воситаи нав барои диверсификатсияи портфел ва эҷоди стратегияи сармоягузорӣ харидорӣ менамуданд.

Қабули принсипҳои созишномаи Париж оид ба иқлим дар соли 2015 ба таҳияи абзорҳои сабз кӯмак кард, зеро онҳо ҷараёни молиявиро ба лоиҳаҳое равона мекунанд, ки ба муборизаи бо тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд. Муҳим он буд, ки стандартҳои танзимкунандаи механизмҳои баровардан ва бозхаридани вомбаргҳои сабз бояд вуҷуд дошта бошанд.

Вомбаргҳои сабз бевосита бо лоиҳаҳои экологӣ вобастагӣ доранд, дар баробари ин роҳи дигари ба даст овардани маблағ баҳри тадбиқи лоиҳаҳои экологӣ шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад. Ин навъи муносибати иқтисодӣ ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва тиҷорат аст, ки намояндаи бахши хусусӣ дар таъсис ё тачдиди инфрасохтор иштирок мекунад.

Тачрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат мекунад, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ба лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ дар бахшҳои нақлиёт, сохтмони роҳҳо, хизматрасониҳои давлатӣ ва бахши энергетика, инчунин соҳаи иҷтимоӣ равона шудааст. Дар байни соҳаҳои муҳим дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои (ШДБХ) инфрасохтори истифодаи оби КАС, аз ҷумла системаҳои обтаъминкунӣ, обёрӣ, обтаъминкунии фермаҳо ва дигар унсурҳое, ки ба таъмини захираҳои об барои истеҳсоли кишоварзӣ ва таъмини кор вобаста ба об дар зерсоҳаҳои кишоварзӣ равона шудаанд.

Бо назардошти рӯзномаи ҷории-ESG, соҳаи ҳифзи ҳуқуқии муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҳамчун соҳаи ояндадор барои истифодаи механизмҳои (ШДБХ) баррасӣ карда мешавад. Ҳукумат ба ҳалли мушкилоти экологӣ дар заминаи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ ва демографии ҷумҳурӣ аҳамияти калон медиҳад, ки он дар якчанд ҳуҷҷатҳои сиёсӣ инъикос ефтааст. Ғайр аз он, ҳама объектҳои табиӣ ба давлат тааллуқ доранд аз ин хотир, дар истифодаи онҳо маҳдудиятҳои муайян вуҷуд дорад, зеро аҳамияти онҳо барои ҷомеа ва муҳити зист дар маҷмӯъ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

ШДБХ як намуди шарикӣ байни мақомотҳои давлатӣ ё маҳаллӣ ва ширкатҳои хусусӣ мебошад, ки тавассути шартномаҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои давраи дарозмуддат, инчунин мубодилаи хавфҳо, масъулиятҳо ва мукофотҳо амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ШДБХ ҳамчун ҳамкории мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои гуногун бо тиҷорати хусусӣ барои беҳтар кардани инфрасохтори истифодаи оби КАС баррасӣ карда мешавад. Ин метавонад сохтмон, тачдид, навсозӣ, истифода ва нигоҳдории иншооти обӣ ва пешниҳоди хидматҳоро бо истифода аз чунин иншоот дар бар гирад. Иштирокчиёни ШДБХ дар асоси шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ амал мекунанд ва принсипҳои тақсимоти салоҳиятҳо, идоракунии хавфҳо ва масъулиятро риоя мекунанд. Барои рушди ШДБХ дар кишвар доштани заминаи ҳуқуқии мувофиқ муҳим аст. Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлатӣ-хусусӣ" (28 декабри соли 2012, no 907) қабул карда шуданд. Сармоягузориҳои сабз унсури муҳими тағйирёбии соҳаи об мебошанд, аммо на танҳо ҷанбаҳои молиявӣ, балки ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳоро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Айни замон оид ба ҳавасмандгардонии тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории сабз дар инфрасохтори истифодаи обии комплекси агросаноатӣ монеаҳое мавҷуданд, ки самтҳои муҳимтарини роҳи ҳалли онро муайян намудем:

- омилҳои муайянкунандаи афзоиши лоиҳаҳои экологӣ, ҳавасмаднамоии мақомоти давлатӣ, сармоягузории хусусӣ, танзими бозор;

- омилҳое, ки садди роҳи амалинамоии лоиҳаҳои сабз аст: мавҷуд набудани механизми дастгирӣ, номукаммалии заминаҳои ҳуқуқи экологӣ;

- самтгирии дурнамои воситаҳои дастгирии лоиҳаҳои сармоягузории сабз;

- дар тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории сабз мавҷуд набудани меъёрҳои ягонаи мувофиқат ба онҳо.

Масъалаҳои экологӣ руз аз руз муҳиммияти илмӣ пайдо намуда истодааст, ки ба таҳқиқоти иловагӣ ва тавсияҳои илман асоснок, ҷиҳати тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузории сабз асос меёбад.

Дар ин росто бархе аз унсурҳои тадбиқи лоиҳаҳои экологиро дида мебароем. Ҳадафаи асосии ҳар як навъи фаъолияти субъекти хоҷагидор ба даст овардани манфиат мебошад. Яке аз унсури муҳимми навсозии сабз қарори аз ҷанбаи иқтисодӣ ҷолиб ба ҳисоб меравад. Ба танзимдарории молиявӣ ҳавасмандиеро ифода мекунад, ки ба пешниҳоди маблағгузорӣ ё ҷаримаҳои ғайримустақим, бездоштани фаъолияти ширкатҳо ифода меёбад. Вобаста аз ин нишондиҳандаҳои таъсири давлатӣ ва хусусиро метавон мушаххас намуд.

Аҳамияти омӯзиши мушкилот бо таваҷҷӯҳи ҷиддии ҳукумат ба сиёсати корпоративии экологӣ асоснок карда мешавад. Дар айни замон механизмҳои гуногуни ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои татбиқи чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист таҳия карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023 №53) тасдиқ ва амалӣ карда мешавад, ки дар он хусусияти глобалии мушкилот ва аҳамияти он таъкид гардидаанд. Ин санад баҳри дастгирии ширкатҳое равона шудааст, ки барномаҳои навсозии экологиро барои истеҳсол ва идоракунии муҳити зист амалӣ мекунанд. Маблағи умумии барои татбиқи барнома ҷудошуда 204 миллиону 350 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз ҳисоби захираҳои сармоягузории дохиливу хориҷӣ, маблағҳои махсуси вазорат ва маблағҳои дахлдори ШДБХ татбиқ карда мешавад. Манбаҳои асосии маблағгузории барнома инҳоянд: суратҳисобҳои махсус-30, 65 миллион сомонӣ; фондҳои бахши хусусӣ-71,75 миллион сомонӣ; маблағгузории шарикони рушд - 101, 950 миллион сомонӣ.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои барнома нақшаи амал тартиб дода шуда ҳар сол ҳисоботи муфассал дар бораи иҷрои чораҳо ворид гардида, маълумот дар он сабт ва коркард карда мешавад. Доир ба барномаи мазкур роҳандозии

технологияи нави “сабз” дар ширкатҳо ва хоҷагии обии КАС, ки меъёрҳои экологиро танзим мекунанд, тадбиқ мегардад. Иҷрои ин амал ба таъмини ҳифзи захираҳо, амнияти экологӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои об, инчунин истеҳсолоти кишоварзӣ ва самти иҷтимоии корхонаҳои КАС равт дода мешавад.

Қатъномаи комплексии экологӣ (ҚКЭ), мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи ҳифзи муҳити зист" (21 июли соли 2011, № 208), ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори ҳокимияти иҷроия ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, ки бо фаъолияти иқтисодӣ ва ё дигар фаъолият дар иншооте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, дода мешавад ва талаботҳои ҳатмиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист фарогир мебошад. [7]

Тибқи қонунгузории кишвар, созмонҳо ва соҳибкорони алоҳида, ки ба фаъолияти иқтисодӣ дар бахши об машғуланд, бояд иҷозатномаи ҳамаҷонибаи экологӣ гиранд. Барои ин бояд маҷмӯи ҳуҷҷатҳои заруриро ду моҳ қабл аз ба истифода додани иншооти КАС ё чор моҳ пеш аз ба охир расидани мӯҳлати иҷозатнома пешниҳод намоянд. Он бояд дар асоси хулосаи мусбати арзёбии давлатии экологии мавод ба сомон расонида шавад, зарурияти гирифтани иҷозатномаро барои объекте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонад, тасдиқ намояд.

Меъёрҳои асосии муайянкунанадаи технологияи беҳтарин дар соҳаи ҳифзи табиат инҳо мебошанд:

- таъсири ҳадди ақал ба муҳити зист, бо назардошти ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда, кор ё хизматҳои расонидашуда;
- самаранокии иқтисодии татбиқ ва истифода аз технология;
- истифодаи усулҳои сарфаи захираҳо ва сарфаи энергия;
- мухлати вориднамоӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои саноатӣ дар якчанд объекте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд.

Хулоса. Ҳамин тавр таҳия ва татбиқи сармоягузории сабз ба технологияҳои муосир ва аз ҷиҳати экологӣ оқилона барои хоҷагии оби кишоварзӣ ва дигар ташкилоту корхонаҳо, новобаста аз хусусиятҳои фаъолияти онҳо, аз ҷумла мансубияти соҳавӣ, миқёси фаъолияти экологӣ, ки ба таъмини самаранокӣ ва рушди устувор нигаронида шудаанд, шарти зарурӣ мебошанд.

Адабиёт

1. Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, № 53 тасдиқ шудааст.
2. Жуковская А. Ю., Гераськин Ю. М. Устойчивое развитие - основа «зеленого» строительства. / А. Ю. Жуковская, Ю. М. Гераськин // MODERN SCIENCE. – 2019. – №4-3.
3. Жукова Е. В. Основные тенденции развития ESG-повестки: обзор в россии и в мире / Е. В. Жукова // Вестник РЭА им. Г. В. Плеханова. – 2021. – №6 (120).
4. Коданева С. И. «Зеленые инвестиции» в России и за рубежом: проблемы, механизмы, перспективы / С. И. Коданева // Россия и современный мир. – 2020. – №3. – С. 68-88.
5. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 03.03.2006с.№174, аз 20.03.2008с.№381, аз 03.12.2009с. №572, аз 28.06.2011с. №744, аз 16.04.2012с. №821
6. Семенова Н. Н., Еремина О. И., Скворцова М.А. «Зеленое» финансирование в России: современное состояние и перспективы развития / Н. Н. Семенова, О. И. Еремина, М. А. Скворцова // Финансы: теория и практика. – 2020. – №2. – С. 39-49.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Ҳифзи муҳити зист” 21 июли соли 2011 №208
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи «Сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ» (аз14 майи 2025 сол №2173)
9. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. Душанбе 2022 – 190 с.
10. Яшалова Н.Н. «Зеленая» экономика: вопросы теории и направления развития / Н.Н. Яшалова // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2013. №11.
11. https://www.un.org/ru/climatechange/17-goals-to-transform-our-world
12. Там же.

УДК:336.1

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ

Обидзода Фозил Саид
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: 939-31-01-61. E-mail: fozilsaid@mail.ru.
Файзулозода Камолиддин
унвонҷуи Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд, Тел: 928440008. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии захираҳои молиявӣ барраси гардидааст. Қайд мегардад, ки дар шароити иқтисодии имрӯза, идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ омили калидии фаъолияти устувор ва рақобатпазирии корхонаҳо мебошад. Ҷаҳонишавии бозор, афзоиши рақобат, ноустуворииқтисодӣ, таваррум ва табдили рақамии бахши молиявӣ усулҳои такмилёфтаи ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявиро талаб мекунанд. Арзёби мегардад, ки такмили методологияи идоракунии захираҳои молиявӣ бо назардошти шароити кунунии иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва стандартҳои байналмилалии идоракунии молиявӣ аҳамияти хоса дорад.

Калидвожаҳо: захираҳои молиявӣ, усутворииmолиявӣ, банақшагири молиявӣ, унсурҳои асосии молиявӣ, идоракунии молиявӣ, самаранокӣ, рушди устувор.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И МЕТОДОЛОГИЯ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫЕ РЕСУРСЫ

Обидзода Фозил Саид
доктор экономических наук, профессор кафедры банковское дело, Таджикский национальный университет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17, Тел.:939-31-01-61. E-mail: fozilsaid@mail.ru
Файзулозода Камолиддин
соискатель Худжандского государственного университета, Тел: 928440008. Адрес: Республика Таджикистан, город Худжанд.

В статье рассматривается теоретические и методологические аспекты управления финансовыми ресурсами. Отмечается, что в современных экономических условиях эффективное управление финансовыми ресурсами является ключевым фактором устойчивого и конкурентоспособного функционирования предприятий. Глобализация рынка, усиление конкуренции, экономическая нестабильность, инфляция и меняющиеся возможности финансового сектора требуют совершенствования методов формирования, распределения и использования финансовых ресурсов. Отмечается, что особое значение имеет совершенствование методологии и управления финансовыми ресурсами с учетом современных экономических условий, применения цифровых технологий и международных стандартов финансового управления.

Ключевые слова: финансовые ресурсы, финансовое управление, финансовое планирование, районная финансовая база, финансовое управление, эффективность, устойчивое развитие.

THEORETICAL ASPECTS AND METHODOLOGY OF FINANCIAL RESOURCES MANAGEMENT

Obidzoda Fozil Said
Doctor of Economic Sciences, Professors of the Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 939-31-01-61. E-mail: fozilsaid@mail.ru.
Fayzulozoda Kamoliddin
applicant, Khujand State University; Tel.: 928440008. Address: Republic of Tajikistan, Khujand City

This article examines the theoretical and methodological aspects of financial resource management. It is noted that in today's economic environment, effective financial resource management is a key factor in the sustainable and competitive operation of enterprises. Market globalization, increased competition, economic instability, inflation, and the changing capabilities of the financial sector require improved methods for the formation, distribution, and use of financial resources. It is noted that improving the methodology and management of financial resources, taking into account current economic conditions, the use of digital technologies, and international financial management standards, is of particular importance.

Key words: financial resources, financial management, financial planning, district financial base, financial management, efficiency, sustainable development.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, идоракунии захираҳои молиявӣ ба яке аз омилҳои муайянкунандаи таъмини фаъолияти устувор ва рушди стратегии субъектҳои хоҷагидорӣ табдил меёбад. Аз ин дидгоҳ зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, таъмини устуворииmолиявӣ ва мутобиқсозии корхонаҳо ба шароити муосири иқтисодӣ аҳамияти таҳқиқоти идоракунии захираҳои молиявиро тақвият медиҳад. Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва механизмҳои амалии идоракунии захираҳои молиявӣ ба мо имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷударо муайян кунем ва самтҳои такмилро таҳия кунем, ки аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи идоракунии захираҳои молиявӣ дар таҳқиқотҳои чунин олимон аз қабили Султонов З.С., Улуғхоҷаева Х.Р., Алимардонов У., Ҳикматов У.С, Раҳимзода Ш., Одинаев Ф.Ф., Давлатшоев О.Ҳ., ва дигарон барраси гардидаанд.

Дар шароити иқтисодии имрӯза, идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ омили калидии фаъолияти устувор ва рақобатпазирии корхонаҳо мебошад. Ҷаҳонишавии бозор, афзоиши рақобат, ноустуворииқтисодӣ, таваррум ва табдили рақамии бахши молиявӣ усулҳои такмилёфтаи ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молияviро талаб мекунанд. Устуворииmолиявӣ, қобилияти пардохтпазирӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва қобилияти ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ аз сифати идоракунии захираҳои молиявӣ вобаста аст. Аҳамияти ин таҳқиқот аз зарурати таҳия ва татбиқи равишҳои муосир ба идоракунии захираҳои молиявӣ, ки истифодаи оқилонаи сармояро таъмин мекунанд, хатарҳои молияviро кам мекунанд ва самаранокии тиҷоратро беҳтар мекунанд, бар меояд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Такмили методологияи идоракунии захираҳои молиявӣ бо назардошти шароити кунунии иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва стандартҳои байналмилалии идоракунии молиявӣ аҳамияти хоса дорад. Аз ин дидгоҳ ҷанбаҳои назариявӣ ва методологияи идоракунии захираҳои молиявӣ на танҳо аҳамияти илмӣ, балки амалӣ низ дорад, зеро он ба таҳияи механизмҳои самараноки қабули қарорҳои идоракунӣ, ки ба афзоиши устуворииmолиявӣ ва рушди дарозмуддати ташкилотҳо нигаронида шудаанд, мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин тавре, ки мутахассисон қайд менамоянд «…захираҳои молиявӣ ба ҳама марҳилаҳои раванди такористеҳсолкунӣ таъсири назаррас мерасонанд ва бо ин васила таносуби истеҳсолотро ба ниёзҳои иҷтимоӣ мутобиқ мегардонанд. Аҳамияти захираҳои молиявӣ инчунин бо он муайян карда мешавад, ки аксари онҳо аз ҷониби корхонаҳои бахши истеҳсолоти моддӣ эҷод карда мешаванд ва сипас ба дигар қисматҳои иқтисоди миллӣ тақсим карда мешаванд» [1, с. 260].

Мавриди зикр аст, ки дар иқтисоди бозории имрӯза, идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ омили муҳим дар фаъолияти муваффақона ва рушди устувори ҳар як ташкилот мебошад. Захираҳои молиявӣ маҷмӯи маблағҳоеро, ки дар ихтиёри корхона қарор доранд ва барои маблағгузории фаъолияти ҷорӣ, сармоягузорӣ ва молиявии он пешбинӣ шудаанд, ифода мекунанд. Устуворииmолиявии корхона, қобилияти пардохтпазирӣ, фоидаоварӣ ва рақобатпазирии он аз самаранокии ташаккул, тақсим ва истифодаи онҳо вобаста аст.

Ҳамзамон чуноне, ки муҳаққиқон қайд менамоянд «…сиёсати молиявии возеҳ ва мутамаркази субъекти хоҷагидорӣ нисбат ба захираҳои молиявӣ барои ҷалб ва истифодаи самараноки онҳо барои иҷрои вазифаҳои асосӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии ташкилот нигаронида шудааст. Ҳадафи ниҳоии фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии ташкилот таъмини устуворӣ ва рушд дар шароити кунунӣ мебошад» [2, с. 4].

Натиҷаҳо. Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми захираҳои молиявӣ аз нуқтаи назари гуногун баррасӣ мешавад. Баъзе муҳаққиқон онҳоро ҳамчун маблағҳое муайян мекунанд, ки тавассути тақсим ва аз нав тақсим кардани маҳсулоти умумии дохилӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меоянд. Муаллифони дигар захираҳои молияviро ҳамчун маҷмӯи маблағҳои саҳҳомӣ, қарзӣ ва ҷалбшуда мебинанд, ки пайвастагии фаъолияти тиҷоратии ташкилотро таъмин мекунанд. Новобаста аз равиши онҳо, аксари иқтисоддонҳо розӣ ҳастанд, ки захираҳои молиявӣ асоси моддии муносибатҳои молиявӣ ва манбаи асосии дастгирии фаъолияти корхона мебошанд. Муҳаққиқ Азрилиен қайд менамояд, ки «… захираҳои молиявӣ ҳамчун дороиҳои пулие, ки дар ихтиёри давлат, корхонаҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва муассисаҳо қарор доранд ва барои пӯшонидани хароҷот ва ташкили фондҳо ва захираҳои гуногун истифода мешаванд, баррасӣ мешаванд. Тафсири пешниҳодшудаи захираҳои молиявӣ тафовути байни молия ва дороиҳои пулиро аз байн мебарад» [3].

Дар ин радиф чуноне, ки муқаққиқон қайд менамоянд «…захираҳои молиявии ташкилот ин низоми идоракунии захираҳои молиявии он мебошанд. Ин низом барои осон кардани таъсири мутақобилаи муносибатҳои молиявӣ, маблағҳо ва дороиҳои пулӣ тарҳрезӣ шудааст. Он инчунин ба робитаи байни дороиҳо, маблағҳо ва манбаъҳои дороиҳои пулӣ (ӯҳдадориҳо)-и ташкилот мусоидат мекунад ва амали муассирро оид ба натиҷаҳои ниҳоии муайянкардаи ташкилот мувофиқи қоидаҳои иқтисодӣ, ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқии давлатӣ, принсипҳои илми молиявӣ ва малака ва таҷрибаи касбии кормандони он таъмин менамояд» [4, с. 418].

Дар ин ҳошия бояд тазаккур дод, ки захираҳои молиявии корхона аз манбаъҳои дохилӣ ва беруна ба вуҷуд меоянд. Манбаъҳои дохилӣ фоида, амортизатсия, фондҳои захиравӣ ва дигар фондҳои дохилиро дар бар мегиранд. Манбаъҳои беруна қарзҳои бонкӣ, қарзҳо, сармоягузорӣ, коғазҳои қиматнок, фондҳои буҷетӣ ва дигар шаклҳои сармояи қарзиро дар бар мегиранд. Якҷоякунии манбаъҳои дохилӣ ва берунаи маблағгузорӣ ба корхона имкон медиҳад, ки устуворииmолияviро нигоҳ дорад, арзиши сармояро кам кунад ва афзоиши истеҳсолотро таъмин намояд.

Дар баробари ин олимон чунин иброз медоранд, ки «…захираҳои молиявии ташкилот муҳимтарин захира мебошанд, зеро онҳо метавонанд ба ҳама гуна шакли дигар табдил дода шаванд. Онҳо ба ташкилот ҳамаи захираҳои дигарро таъмин мекунанд: меҳнат, энергия, технология ва ғайра. Инчунин натиҷаҳои молиявии ташкилотҳо ба пойгоҳи иттилоотӣ барои арзёбии мавқеи рақобатии ширкат табдил меёбанд. Таҳлили вазъи молиявӣ ба таври объективӣ дурнамои тиҷоратии ташкилотро ошкор мекунад ва имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии огоҳона дар асоси натиҷаҳо қабул карда шаванд» [5, с. 416].

Балабанов И.Т., бошад низ қайд мекунад, ки «… захираҳои молияviро ҳамчун дороиҳои пулии дастрас барои субъекти иқтисодӣ муайян мекунад. Сармоя, ки ҷузъи захираҳои молиявӣ аст, бояд таъкид карда шавад. И.Т. Балабанов мафҳуми "сармоя"-ро чунин муайян мекунад: "Захираҳои молиявие, ки барои рушди раванди истеҳсолот ва тиҷорат ҷудо карда мешаванд, сармояро дар шакли пулии он ифода мекунанд»[6].

Идоракунии захираҳои молиявӣ раванди мақсадноки тавлид, тақсим ва истифодаи маблағҳои корхона барои ноил шудан ба самаранокии максималии тиҷорат мебошад. Он таҳияи стратегияи молиявӣ, банақшагирии

молиявӣ, ташкили ҷараёни пули нақд, назорати истифодаи захираҳои молиявӣ ва таҳлили фаъолияти молиявиро дар бар мегирад.

Ҳадафи асосии идоракунии захираҳои молиявӣ таъмини устувории молиявии корхона, баланд бардоштани самаранокии сармоя ва ба ҳадди аксар расонидани арзиши тиҷорат мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқаманд ҳал карда мешаванд: муайян кардани ниёзҳои захираҳои молиявии корхона, интихоби самараноктарин манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмини тақсимоти оқилонаи маблағҳо байни фаъолиятҳои гуногун, нигоҳ доштани қобилияти пардохтпазирӣ, кам кардани хатарҳои молиявӣ ва афзоиши фоиданокии ташкилот мебошад.

Дар баробари ин идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ ба риояи як қатор принсипҳо асос ёфтааст. Инҳо принсипи истифодаи мақсадноки захираҳои молиявӣ, принсипи самаранокӣ, ки ба даст овардани натиҷаҳои ҳадди аксарро бо хароҷоти ҳадди ақал дар назар дорад, принсипи мутавозини даромад ва хароҷот, принсипи банақшагирии доимии молиявӣ, принсипи устувории молиявӣ ва принсипи кам кардани хатарҳои молиявӣ мебошанд. Риояи ин принсипҳо истифодаи оқилонаи маблағҳоро таъмин мекунад ва самаранокии идоракунии ташкилотро беҳтар мекунад.

Таснифоти захираҳои молиявӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун муҳим аст. Вобаста ба манбаъҳои онҳо, онҳо ба сармоя, қарз ва ҷалб тақсим мешаванд. Вобаста ба истифодаи мақсадноки онҳо, захираҳо ба захираҳое тақсим мешаванд, ки барои маблағгузории амалиёти ҷорӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, рушди инноватсионӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои молиявӣ пешбинӣ шудаанд. Вобаста ба шартҳои истифодаи онҳо, захираҳои молиявӣ метавонанд кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат бошанд. Ин таснифот имкон медиҳад, ки ҷараёни пулии корхона самараноктар идора карда шавад. Дар шароити иқтисодии имрӯза, нақши идоракунии молиявӣ ҳамчун системаи идоракунии захираҳои молиявии ташкилот ба таври назаррас афзоиш меёбад. Идоракунии молиявӣ маҷмӯи усулҳо, абзорҳо ва қарорҳои идоракуниро дар бар мегирад, ки барои таъмини истифодаи самараноки сармоя, ба даст овардани устувории молиявӣ ва афзоиши арзиши корхона равона шудаанд. Самтҳои асосии идоракунии молиявӣ идоракунии дороиҳо, идоракунии сармоя, идоракунии ҷараёни пул, идоракунии сармоягузорӣ, идоракунии хатари молиявӣ ва идоракунии фаъолияти молиявӣ мебошанд. Ба андешаи мо, банақшагирии молиявӣ дар системаи идоракунии захираҳои молиявӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ин раванди муайян кардани ниёзҳои корхона ба захираҳои молиявӣ ва таҳияи чораҳо барои истифодаи самараноки онҳо мебошад. Банақшагирии молиявӣ имкон медиҳад, ки норасоии эҳтимолии пул сари вақт муайян карда шавад, фаъолияти молиявӣ пешгӯи карда шавад ва қарорҳои идоракунии огоҳона қабул карда шаванд. Ташкилотҳои муосир усулҳои гуногуни банақшагирии молиявиро, аз ҷумла буҷетсозӣ, пешгӯии ҷараёни пул, моделсозии молиявӣ ва таҳлили сенарияҳо, васеъ истифода мебаранд.



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар баробари банақшагирӣ, назорати молиявӣ нақши муҳим мебозад ва назорати доимии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявиро таъмин мекунад. Назорати молиявӣ имкон медиҳад, ки сари вақт аз нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда дуршавӣ муайян карда шавад, самаранокии қарорҳои идоракунӣ арзёбӣ карда шавад ва чораҳо барои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда таҳия карда шаванд. Қисми ҷудонашавандаи назорати молиявӣ таҳлили молиявӣ мебошад, ки ба системаи нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ, пардохтпазирӣ, устувории молиявӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва фоидаоварӣ асос ёфтааст. Гузашта аз ин истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, системаҳои автоматии идоракунӣ, платформаҳои рақамӣ, технологияҳои маълумоти калон ва зеҳни сунъӣ сифати банақшагирии молиявиро ба таври назаррас беҳтар мекунад, коркарди иттилоотро суръат мебахшад, хатарҳои молиявиро коҳиш медиҳад ва самаранокии қарорҳои идоракуниро афзоиш медиҳад.

Автоматикунонии равандҳои молиявӣ ба афзоиши шаффофияти фаъолияти молиявӣ ва самаранокии идоракунии ҷараёни пул мусоидат мекунад. Дар баробари ин раванди идоракунии захираҳои молиявӣ дар расми 1 ба таври возеҳ оварда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки идоракунии захираҳои молиявӣ як системаи мураккаби усулҳо, принсипҳо ва абзорҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки барои ташаккул, тақсим ва истифодаи самараноки маблағҳои ташкилот нигаронида шудаанд. Дар шароити имрӯза, идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ ба омили калидӣ дар таъмини устувории молиявӣ, рақобатпазирӣ ва рушди дарозмуддати корхона табдил меёбад. Такмили равишҳои назариявӣ ва методологияи идоракунии захираҳои молиявӣ ҳам барои илми иқтисодӣ ва ҳам барои амалияи идоракунии молиявӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Муҳокима. Низоми идоракунии захираҳои молиявӣ пеш аз ҳама аз унсурҳои гуногун иборат мебошад (ҷадвали 1). Ташкили самараноки ин раванд ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхона, тақвияти устувории молиявии он, афзоиши фоиданокӣ ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ҷадвали 1. Унсурҳои асосии низоми идоракунии захираҳои молиявии корхона

Унсури идоракуни	Моҳияти унсурҳо	Мақсадҳои асосӣ
Ташакули захираҳои молиявӣ	Ҷалби воситаҳои худи ва қарзӣ	Таъмини корхона бо ҳаҷми зарурии сармоя
Тақсими захираҳои молиявӣ	Самтҳои воситаҳои пули ба фаъолияти ҷорӣ ва сармоягузорӣ	Истифодабарии мақсадноки сармоя
Истифодабарии зихираҳои молиявӣ	Маблағгузории истеҳсолот, сармоягузорӣ, барномаҳои ичтимоӣ ва уҳдадориҳо	Баландбардории самаранокии фаъолият
Банақшагирии молиявӣ	Таҳияи буҷет, пешгӯи ва банақшагирии молиявӣ	Таъмини устувории молиявӣ
Назорати молиявӣ	Таҳлили иҷроиши банақшагирии молиявӣ	Пешгирии талафоти молиявӣ
Баҳодиҳии самаранокӣ	Таҳлили нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ, фоидаоварӣ, пардохтпазирӣ ва устувории молиявӣ	Баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Хулоса. Хусусиятҳои унсурҳои асосии системаи идоракунии захираҳои молиявии корхона, ки дар ҷадвали 1. оварда шудаанд, мундариҷа ва аҳамияти ҳар як марҳилаи идоракунии молиявиро инъикос мекунанд. Ин система равандҳои ба ҳам алоқаманди ташаккул, тақсим, истифода ва назорати захираҳои молиявиро дар бар мегирад, ки фаъолияти самараноки ташкилот ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии онро таъмин мекунанд.

Унсури якум ин ташаккули захираҳои молиявӣ мебошад, ки раванди ҷалби маблағҳо аз манбаъҳои гуногун барои дастгирии фаъолияти ширкат мебошад. Дар ин раванд ҳаҷм ва сохтори сармоя муайян карда мешавад ва тавозуни оптималии байни сармоя ва маблағҳои қарзӣ интихоб карда мешавад. Идоракунии дурусти ин марҳила маблағгузории кофиро таъмин мекунад ва хатарҳои молиявиро коҳиш медиҳад.

Унсури дуюм бошад ин тақсимоти захираҳои молиявӣ мебошад, ки муайян кардани тарзи истифодаи пули нақдро дар бар мегирад. Захираҳои молиявиро метавон барои маблағгузории амалиёти ҷорӣ, харидани воситаҳои асосӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ истифода бурд. Тақсимоти самараноки маблағҳо ба беҳтар шудани фаъолияти тиҷорат мусоидат мекунад. Унсури навбатӣ ин истифодаи захираҳои молиявӣ аст, ки татбиқи амалии маблағҳоро дар раванди тиҷорат инъикос мекунад. Истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ба ширкат имкон медиҳад, ки истеҳсолоти пайвастаро нигоҳ дорад, ҳаҷми онро афзоиш диҳад, фоида ба даст орад ва мавқеи рақобатии худро тақвият диҳад.

Банақшагирии молиявӣ дар системаи идоракунӣ нақши калидӣ мебозад ва имкон медиҳад, ки талаботи пулии ширкат пешакӣ муайян карда шавад ва чораҳо барои истифодаи самараноки онҳо таҳия карда шаванд. Банақшагирӣ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ пешгӯи карда шаванд, хароҷот назорат карда шаванд ва қарорҳои саривақтии идоракунӣ қабул карда шаванд. Назорати молиявӣ бошад воситаи муҳим барои арзёбии самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ мебошад. Он мутобиқати нишондиҳандаҳои воқеиро бо арзишҳои банақшагирифташуда таъмин мекунад, инҳирофҳоро муайян мекунад ва чораҳоро барои ҳалли мушкилоти эҳтимолӣ таҳия мекунад. Назорати молиявӣ шаффофияти ҷараёни пули нақдро зиёд мекунад ва эҳтимолияти истифодаи ғайрисамараноки сармояро коҳиш медиҳад. Унсури ниҳоӣ ин арзёбии самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ мебошад, ки дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои асосии молиявии ширкат гузаронида мешавад. Ин нишондиҳандаҳо пардохтпазирӣ, пардохтпазирӣ, устувории молиявӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва фоидаовариро дар бар мегиранд. Натиҷаҳои арзёбӣ ба мо имкон медиҳанд, ки сифати қарорҳои идоракуниро муайян кунем ва самтҳои такмили минбаъдаи сиёсати молиявиро муайян кунем.

Ҳамин тариқ, ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки идоракунии захираҳои молиявӣ раванди ҳамаҷонибаест, ки ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни пули нақдро дар бар мегирад - аз ташаккули он то арзёбии фаъолияти он. Робитаи байни ин унсурҳо идоракунии самараноки сармояро таъмин мекунад, устувории молиявиро мусоидат мекунад ва шароитро барои рушди дарозмуддати он фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ такмили додани идоракунии захираҳои молиявӣ дар шароити имруза яке аз воситаҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Адабиёт

1. Ялмаев Р.А., Ибрагимова П.А., Зелимханова Н.З. Управление финансовыми ресурсами предприятий// Естественно-гуманитарные исследования, М., 2021, - № 2 (34), - С. 258-260
2. Агапитова Л. Г. Управление финансовыми ресурсами и финансовое состояние хозяйствующего субъекта//Вестник Курганской ГСХА, - 2013. - № 1 (5), - С.4-6
3. Азрилиян А. Н. Большой экономический словарь. М.: 2011. - Институт новой экономики. 428 с.
4. Осипян Ю.Н., Зайковский Б.Б. Управление финансовыми ресурсами организации//Экономика и социум, М. 2016. - № 5-2 (24)- С. 417-420.
5. Яровова Т.В., Билалов И.И. Методы и технологии управления финансовыми ресурсами инновационной организации// Московский экономический журнал, 2021. - № 12, - С.415-424.
6. Балабанов И. Т. Основы финансового менеджмента. М.: Финансы и статистика. 344 с.
7. Запольских Ю.А., Гафарова А.З. Управление финансовыми ресурсами организации// Экономика и социум, 2014. - № 2-2 (11). - С.121-123.
8. Адамов, Н. Основы финансового управления предприятием // Бухгалтерский учет в сельском хозяйстве. - 2007. - № 6. - С.10-12.
9. Аканьев, В.К. Управление предприятиями. Коэффициенты как инструмент финансового анализа // Антикризисное и внешнее управление. - 2011. - №3. - С.38-43.
10. Воробьева, Н.С. Особенности определения финансовых результатов деятельности сельскохозяйственного предприятия // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». - 2009. - №2. - С.157-161.

УДК: 331.1:338.24

ФОРМИРОВАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В УСЛОВИЯХ АКТИВИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЯ ВНУТРЕННЕЙ СРЕДЫ ПРЕДПРИЯТИЯ

Комилов Сироджиддин Джалалиддинович
д.э.н., профессор кафедры экономической теории и мировой экономики Российского -Таджикского (славянского) университета. Республика Таджикистан, Душанбе
Садикова Шукрона Карчаевна
к.э.н., доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета. Республика Таджикистан, Душанбе

В статье рассматриваются особенности формирования человеческого капитала в условиях активизации инновационной деятельности предприятия. Особое внимание уделяется роли внутренней среды организации в развитии профессиональных компетенций сотрудников. Анализируются факторы, влияющие на повышение эффективности управления персоналом и стимулирование инновационной активности. Подчеркивается значимость инвестиций в образование, обучение и развитие кадров как ключевого ресурса конкурентоспособности. Сделан вывод о необходимости комплексного подхода к развитию человеческого капитала для устойчивого роста предприятия. Авторы предлагают внедрение современных методов управления персоналом, направленных на развитие креативности и инновационного мышления сотрудников. Также рекомендуется совершенствование внутренней корпоративной среды через создание благоприятных условий для обучения, обмена знаниями и профессионального роста работников. Полученные результаты могут быть использованы для разработки стратегий развития человеческого капитала и повышения эффективности деятельности инновационных предприятий.

Ключевые слова: человеческий капитал, инновация, инвестиции, конкурентоспособность, человеческие ресурсы, кадровая политика, экономика знаний, корпоративная среда, уровень образования, творческие способности.

FORMATION OF HUMAN CAPITAL IN THE CONTEXT OF INNOVATIVE ACTIVITIES AND DEVELOPMENT OF THE INTERNAL ENVIRONMENT OF THE ENTERPRISE

Komilov Sirodzhiddin Dzhalaliddinovich
Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory and World Economy Russian-Tajik (Slavic) University. Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Sadikova Shukrona Karchaevna
candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economy and Economic Security of the Tajik National University. Republic of Tajikistan, Dushanbe

This article examines the specifics of human capital formation in the context of increasing enterprise innovation. Particular attention is paid to the role of the organization's internal environment in the development of employees' professional competencies. Factors influencing the effectiveness of HR management and the stimulation of innovation are analyzed. The importance of investing in education, training, and development as a key resource for competitiveness is emphasized. A comprehensive approach to human capital development is necessary for sustainable enterprise growth. The authors propose the implementation of modern HR management methods aimed at developing employee creativity and innovative thinking. Improvement of the internal corporate environment by creating favorable conditions for training, knowledge sharing, and professional growth is also recommended. The obtained results can be used to develop strategies for human capital development and improve the performance of innovative enterprises.

Key words: human capital, innovation, investment, competitiveness, human resources, personnel policy, knowledge economy, corporate environment, level of education, creativity.

Введение. Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, в своем Послании от 16 декабря 2025 года оценивая процессы формирования человеческого капитала и повышения социальной защиты граждан отметил: «...Таджикистан – страна с большими трудовыми ресурсами, рост которых за последние десять лет составил два процента в год, то есть более 880 тысяч человек. Ежегодно в различных секторах экономики страны создается более 200 тысяч новых рабочих мест, и более 150 тысяч выпускников профессиональных учебных заведений выходят на рынок труда. Важнейшими вопросами в этом направлении являются привлечение трудоспособного населения к формальной занятости, обеспечение трудовых гарантий для работников, точный учет рабочей силы, укрепление бюджета социального страхования и в этом контексте повышение социальной защиты граждан...»[1]. Также следует отметить, что Правительство Республики Таджикистан уделяет особое внимание вопросу подготовки кадров и обеспечения их рабочими местами. Таким образом, формирование человеческого капитала и организация эффективного функционирования персонала на предприятиях считаются одним из важнейших вопросов.

Целью исследования является исследование теоретических и практических вопросов формирования человеческого капитала в условиях развития внутренней среды предприятия.

Гипотеза исследования заключается в том, что фформирование человеческого капитала является ключевым фактором повышения инновационной активности предприятия. Предполагается, что совершенствование внутренней среды предприятия, включающее развитие организационной культуры, системы мотивации, профессионального обучения и управления знаниями, способствует повышению уровня человеческого капитала, что, в свою очередь, обеспечивает рост инновационной активности и конкурентоспособности предприятия.

Изложение основного материала. В современных условиях вопрос эффективного использования человеческих ресурсов предприятиями и организациями приобретает особую важность. Опыт показывает, что в условиях жесткой конкуренции, внедрение новых технологий в производство и создание бесчисленных предприятий и организаций человеческий капитал, безусловно, играет ключевую роль. Опыт развитих стран показывает, что обеспечение инновационного развития предприятий тесно взаимосвязанны с процессом формирования человеческого капитала и развитием внутренней среды. Кроме, того в современных условиях опыт некоторых стран мира показывает, что высокие достижения в сфере инновационного развития обусловлены результатами процессов формирования человеческого капитала.

При формировании инновационной экономики предприятия, компании, организации в процессе деятельности, объединяют материальные (вещественные) и невещественные составляющие, такие, как интеллектуальный потенциал используемого человеческого капитала, а также креативное мышление персонала. Рассматривая особенности формирования инновационной экономики как пример, промышленное предприятие представляет собой конкретный объект в виде завода, фабрики, комбината, холдинга и других форм организации, в большей степени зависящий от инновационного потенциала и научно-технологических возможностей производства и уровня квалификации, опыта и эффективной организации деятельности производственного персонала. Важное значение приобретают вопросы повышения эффективности использования внутренней среды предприятия и качество человеческого капитала, выражающийся в уровне образования, квалификации и накопленного опыта, состоянии здоровья, построения эффективных коммуникативных процессов, а также способности персонала каким образом повышать производительность и обеспечивать конкурентоспособность конечных результатов трудовой деятельности.

Качественное формирование человеческого капитала предприятия во многом зависит от уровня развития внутренней среды и способов формирования креативного и творческого подхода у персонала, способности развития у них инновационного мышления. Таким образом развивая человеческий капитал своих работников, руководители обеспечивают тем самым развитие своего предприятия в будущем на основе совершенствования внутренней среды.

Таким образом, становится ясно, что практическая деятельность персонала, их профессиональные таланты, а также навыки и опыт ключевых работников приводят к повышению производительности труда и делают деятельность предприятий конкурентоспособной.

Центральное место, на наш взгляд, в процессе формирования человеческого капитала в условиях активизации инновационной деятельности и развития внутренней среды предприятия занимает уровень квалификации персонала, его способность к обучению, построению эффективных коммуникативных процессов, мотивации к инновационной деятельности и другим цифровым компонентам.

Исходя из вышеизложенного, на данном этапе развития профессионально-образовательной экосистемы необходимо совершенствовать механизмы передачи профессиональных знаний. Повышение результативности профессионально-образовательной экосистемы может быть достигнуто только в том случае, если в ней будут тесно взаимосвязаны три обязательных компонента:

– конкретные требования к знаниям и умениям специалистов, предъявляемые предприятием;

– достаточность знаний и умений, формируемые в среднеобразовательной школе, средне профессионально образовательных учреждениях и вузах;

– эффективные подходы к обучению, отвечающие требованиям постиндустриального общества.

При этом, если требования к знаниям и умениям работников (инженеров) определяет предприятие, то их достаточность, исходя из данных требований, должна обеспечиваться учреждениями образования. Механизмы и эффективные подходы к обучению должны отражать эффективность результатов взаимного сотрудничества предприятий и образовательных учреждений и зависят от динамики сложных отношений, которые возникают между ее участниками в процессе формирования человеческого капитала. В основе развития профессионально-образовательной системы лежит сложная структура внутренней среды предприятия и задачи адаптации к изменяющимся внешним условиям на базе постоянных научно-технологических обновлений. Помимо этого, формирование человеческого капитала в условиях инновационного развития внутренней среды предприятия усиливает необходимость развития специфических интеграционных механизмов, развивающие взаимодействия предприятия и структур профессионально-образовательной системы, а также совершенствования механизма и адаптации персонала в условиях инновационного развития внутренней среды.

Развитие человеческого капитала является неотъемлемой частью функционирования предприятий и выступает основным условием обеспечения конкурентоспособности производящих продукций и услуг. На уровне отдельных предприятий широкое распространение и использование инновационных технологий указывает на необходимость развития человеческого капитала, который выступает средством повышения эффективности труда и фактором социально-экономического развития.

В последние годы отечественные экономисты и политики стали обращать пристальное внимание вопросам инновационной экономики и инновационного развития. Например, среди различных сценариев

развития экономики в Национальной Стратегии Развития Республики Таджикистан на период до 2030 года в качестве одного из базовых принципов будущего развития выделяется «инновационность или развитие на основе нововведений во всех сферах социально-экономической жизни страны». В соответствии с которым Таджикистан в 2030 году должен стать устойчиво развивающейся и конкурентоспособной страной, обеспечивающая достойный уровень и качественную жизнь населению, предоставляющая равные возможности для реализации человеческого потенциала [6].

Следует отметить, что вопрос формирования человеческого капитала на уровне предприятий еще недостаточно изучен исследователями. В частности, в современных условиях изучение практических аспектов развития персонала, существующих проблем и путей совершенствования кадровой политики на уровне совместных предприятий требует углубленного научного анализа. Поэтому основная цель данной статьи – изучение теоретических и практических вопросов оценки процессов формирования человеческого капитала в условиях развития внутренней среды предприятий и предложение основных направлений ее совершенствования. При этом следует указать, что формирование теории человеческого капитала как самостоятельной отрасли экономической науки произошло во второй половине XX века. Изучение этого вопроса наблюдается в работах многих ученых, исследующих процесс формирования человеческого капитала. В частности, основы возникновения теории человеческого капитала были заложены и получили дальнейшее развитие в научных трудах такого известного экономиста, как Т. Шульц. Этот ученый первым доказал, что расходы на образование, профессиональную подготовку, охрану здоровья человека (работников) и профессиональное развитие следует рассматривать не как разовые расходы, а как долгосрочные инвестиции в человеческий капитал [9]. С точки зрения американского экономиста Г. Беккера, именно долгосрочные инвестиции позволяют формировать человеческий капитал и значительно влиять на деятельность предприятий. Поэтому он предлагает осуществлять инвестиции в человеческий капитал систематически [2].

Понятие человеческого капитала было определено Т. Шульцем в его исследованиях и определенно, что «...человеческий капитал – это сумма приобретенных знаний, способностей и талантов человека, которая благодаря непрерывному обучению, навыкам и опыту приводит к увеличению доходов и производства различных предприятий» [11]. По его мнению, при таком понимании сущности человеческого капитала экономическое развитие также напрямую связано с уровнем инвестиций в человеческий капитал. Следует отметить, что взгляды Г. Беккера на этот вопрос несколько отличаются. Например, Г. Беккер твердо верил, что человеческий капитал тесно связан с физическим капиталом и также приносит различные выгоды. При этом сам человечский капитал имеет специфическую природу, он никогда не может быть отделен от человека, то есть от владелца знаний, талантов, навыков и опыта.

Роль человеческого капитала в экономике, основанной на знаниях, значительно возрастает на всех этапах экономической деятельности и это связано с тем, что знания человека, его умения и способности становятся ключевым фактором развития экономки инновационного типа, где наблюдается быстрое массовое освоение и распространение инноваций, воплощенных в новых технологиях.

Человеческий капитал, в отличие от структурного и клиентского капиталов, не относится к нематериальным активам и имеет свои особые методологические подходы оценки. Кроме того, в экономической теории и практике еще не сложилось единого представления о структуре видов человеческого капитала. Большинство ученых придерживаются идеи о том, что человеческий капитал в зависимости от степени общественности может быть, как индивидуальный капитал, коллективный капитал (капитал предприятия) и общественный (национальный) капитал.

7. Об объявлении 2019–2021 годов «Годами развития села, туризма и народных ремесел»: Указ Президента Республики Таджикистан от 02.01.2019 № 1170. – URL: https://khovar.tj/rus/2019/01/ukaz-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-ob-obyavlenii-2019-2021-godov-godami-razvitiya-sela-turizma-i-narodnyh-remesel/ (дата обращения: 04.09.2026). – Текст: электронный.

8. Об объявлении 2025–2030 годов «Годами развития цифровой экономики и инноваций» : Указ Президента Республики Таджикистан от 08.01.2025 № 911. – URL: https://khovar.tj/rus/2025/01/ukaz-prezidenta-respubliki-tadzhikistan-93/ (дата обращения: 04.09.2026). – Текст: электронный.

9. Попов, Н. А. Развитие цифровой экономики в туристической сфере горных регионов: на примере Республики Таджикистан / Н. А. Попов, К. Г. Якубова // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 4.2(43). – С. 178–188.

10. Раҳимов, С. Х. Модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ / С. Х. Раҳимов // Финансово-экономический вестник. – 2024. – № 2(41). – С. 66–74.

11. Сахибов, Е. Н. Совершенствование управления устойчивым развитием туризма на основе социально-экономической модели / Е. Н. Сахибов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4(1). – С. 111–115.

12. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан: январь 2026 года / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2026. – 291 с.

13. Статистический ежегодник Республики Таджикистан / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2025. – 442 с.

14. Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года: утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 01.08.2018 № 372. – URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=132279&conttype=3 (дата обращения: 22.08.2026). – Текст: электронный.

15. Туризм в Таджикистане: статистический сборник / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2025. – 98 с.

УДК: 338

ТАШАККУЛИ ШАРОИТИ МУСОИД БАРОИ ТАЪМИНИ ТАВОЗУНИ СОХТОРИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Содиқов Метархон Соқибекович

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. тел. 935084076. E-mail. metar76@mail.ru.

Қараев Рустам Худаярович

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсента кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. тел. 909170909. E-mail. r.karaev00@mail.ru.

Дар мақола масъалаҳои ташаккули шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъмини тавозуни сохтори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гаштааст. Қайд гардидааст, ки ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси иқлими мусоид барои тамоми иштирокчиёни бозор дар кишвар аз нуқтаи назари самаранок ба роҳ мондани сиёсати иқтисодӣ муҳим мебошад. Истифодаи самараноки сиёсати сармоягузорӣ имрӯз барои ҳар як кишвар имконияти пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузорӣ фароҳам меоварад.

Диққати махсус дар мақола ба ошкор намудани самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар самти диверсификатсияи сохтори сармоягузорӣ ва таъмини тавозуни он равона гардидааст. Инчунин масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва истифодаи самараноки онҳо барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ба сатҳи сифатан нав баровардани иқтисодиёти кишвар дар мақола шарти муҳим арзёбӣ гаштааст.

Калидвожаҳо: Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ, сармоягузории мустақими хориҷӣ, сармоягузории молиявӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳамкориҳои судманд, арзёбии иқтисоди сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ, ММД, ҳамгироии иқтисодӣ, бозори молиявии ҷаҳонӣ ва инфрасохтори молиявӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ БЛАГОПРИЯТНЫХ УСЛОВИЙ ДЛЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ БАЛАНСА СТРУКТУРЫ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Содиков Метархон Сокибекович

доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе. тел. 935084076. E-mail. metar76@mail.ru.

Караев Рустам Худаярович

кандидат экономических наук,доцент кафедры биржевой деятельности Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе. тел. 909170909. E-mail. r.karaev00@mail.ru.

В статье рассматриваются вопросы формирования благоприятных условий для привлечения иностранных инвестиций и обеспечения баланса их структуры в Республике Таджикистан. Было отмечено, что привлечение инвестиций и создание благоприятного климата для всех участников рынка в стране важно с точки зрения эффективного проведения экономической политики. Эффективное применение инвестиционной политики сегодня дает возможность каждой стране найти новые источники финансирования.

Особое внимание в статье уделено выявлению приоритетных экономических направлений диверсификации инвестиционной структуры и обеспечению ее баланса. Также вопросы привлечения иностранных инвестиций и их эффективного использования для обеспечения устойчивого экономического роста и вывода экономики страны на качественно новый уровень были оценены в статье как важные условия.

Ключевые слова: Создание благоприятного инвестиционного климата, прямые иностранные инвестиции, финансовые инвестиции, рыночная экономика, хозяйственная деятельность, плодотворное сотрудничество, оценка инвестиционной экономики, экономический рост, ВВП, экономическая интеграция, мировой финансовый рынок и финансовая инфраструктура.

CREATING FAVORABLE CONDITIONS FOR ENSURING A BALANCED INVESTMENT STRUCTURE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sodikov Metarchon Sokibekovich

Doctor of Economics, Professor of the Department of World Economics at Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe. tel. 935084076. E-mail address. metar76@mail.ru

Karaev Rustam Khudayarovich

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Stock Exchange Activities at Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe. tel. 909170909. E-mail address. r.karaev00@mail.ru.

The article discusses the issues of creating favorable conditions for attracting foreign investments and ensuring the balance of their structure in the Republic of Tajikistan. It was noted that attracting investments and creating a favorable climate for all market participants in the country is important from the point of view of effective economic policy implementation. Effective application of investment policy today provides an opportunity for each country to find new sources of financing.

Special attention is paid in the article to the identification of priority economic directions of diversification of the investment structure and ensuring its balance. Also, the issues of attracting foreign investments and their effective use to ensure sustainable economic growth and bring the country's economy to a qualitatively new level were assessed in the article as important conditions.

Keywords: Creation of a favorable investment climate, foreign direct investment, financial investments, market economy, economic activity, fruitful cooperation, assessment of investment economy, economic growth, GDP, economic integration, global financial market and financial infrastructure.

Муқаддима. Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳар як кишвар дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими ҷалби маблағгузорӣ барои ҳалли масъалаҳои мубрами фаъолияти хоҷагидории кишвар заминаи устувори молиявӣ мегузорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти гузаштан ба модели сармоягузории инноватсионӣ дорад, бунёди фазои мусоид дар самти рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Масъалаҳои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ ва таъсиси иқлими мусоид барои он дар корҳои Л. Саидмуродзода., А. Солеҳзода., М.Н.Худоиев., Р.М. Мирбобоев., Б.Г. Сафаров., И. Сафаров., А. Сафаров ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Ҳадафи мақола аз асосноккунии масъалаҳои назариявию таҳлили ҳолати кунунии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ошкори масъалаҳои вобаста ба таъмини тавозуни сохтори сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Натиҷаҳо. Дар замони муосир дар рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар сармоягузорӣ ба омили муҳими тараққиёт баромад мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ аз нуқтаи назари татбиқи ҳадафҳои стратегӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз бо маблағгузории иловагии дохиливу хориҷии рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ аз қабили саноату инфрасохтор, кишоварзӣ ва энергетика татбиқи ҳадафҳо имконпазир мегарданд.

Тавре аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, барои рушди муносибатҳои истеҳсоливу таъмини рақобатпазирии бозори дохилӣ пеш аз ҳама таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ зарур меояд. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ ва дар заминаи он таъмини вусъати шуғли пурмаҳсулу сабз ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зиёдеро дар солҳои охир амалисозӣ намудааст.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар кишвар ҷалби сармоягузорӣ дар солҳои охир тамоюли баландшавиро пайдо намуда, ба рушди устувори иқтисодӣ таъсири мусибат расонидааст.

Масалан, соли 2025 воридшавии сармояи хориҷӣ қариб ба 6,9 млрд доллар расида, нисбат ба соли пеш зиёда аз 35% зиёд шудааст [9]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридоти бештари сармоя тамоми имкониятҳои мавҷуда самараноки истифода шуда истодаанд.

Аз таҳлилҳои фаъолияти хоҷагидории кишвар бармеояд, ки сармоягузорӣ бештар ба он самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ равона шаванд, ки онҳо метавонанд дар оянда ҳамчун бахши муайянкундаи рушди иқтисодӣ боқӣ монанд. Ба чунин самтҳо дар баробари соҳаи нақлиёту, кишоварзӣ, энергетикаву саноати коркард, ташаккули иқтисодиёти сабз ва рақамикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб меёбанд. Бояд қайд кард, ки имруз қисми зиёди сармоя ба соҳаи истихроҷи сарватҳои табиӣ дар Тоҷикистон равона шудааст.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди пешрафтҳо, иқтисоди кишвар ҳанӯз ба сармоягузории бештар ниёз дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо беҳтар кардани муҳити соҳибкорӣ ҷалби сармоя метавонад то 1,5–2 млрд доллар бештар гардад [2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори калони азхуднашуда мавҷуд мебошад, ки дар сурати истифодаи пурраи он рушди истеҳсолоту тиҷорат ва дигар бахшҳои муҳими иқтисодӣ якбора такмил меёбанд. Бинобар сабаби кам истифода гардидани иқтидори кишвар имкониятҳои калони тиҷоративу истеҳсолӣ ва иқтидори содиротӣ аз даст дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, барои тавсеаи имкониятҳои содиротиву саноатии кишвар аз ҳисоби истифодаи васеъи имкониятҳои мавҷудбуда ҷалби сармоягузориро афзоиш намудан мумкин мебошад. Бинобар ин, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ азхудкунии имкониятҳои мавҷудбуда ва татбиқи иқтидори васеъи он барои фаъолияти хоҷагидории кишвар аз шарти муҳими стратеги маҳсуб меёбад.

Таҳқиқи ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси иқлими мусоид барои тамоми иштирокчиёни бозор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари самаранок ба роҳ мондани сиёсати сармоягузорӣ муҳим мебошад. Инчунин истифодаи самараноки сиёсати сармоягузорӣ барои мо имконияти пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузорӣ фароҳам хоҳад овард.

Инчунин дар натиҷа мо метавонем сарчашмаҳои гуногуни сармоягузориро диверсификатсия намуда, рушди инклюзивиро дар кишвар таъмин намоем. Албатта, дар ин ҷо инчунин сухан дар бораи таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба бо кишварҳои дуру наздик меравад. Таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ нақши калидӣ дорад.

Ҳамин тавр, масъалаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ба сатҳи сифатан нав баровардани иқтисодиёти кишвар имрузу фардо рузмарра боқӣ хоҳад монд. Тавре мо дар боло қайд карда будем, дар солҳои охир воридоти сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар афзоиш ёфта, ба рушди фаъолияти хоҷагидории муосир таъсири калон расонидааст.

Ҷадвали 1. Динамикаи тағирёбии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2024

Нишондиҳанда	Маълумот
Суръати афзоиши ММД %	8,4

Сармоягузорӣ (% аз ММД)	24,25
СМХ (% аз ММД)	2,05
Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ	4,9 млрд. $

Сарчашма: Таджикистан обнародовал данные о стоимости иностранных инвестиций, полученных в 2024 году. https://www.trend.az/casia/tajikistan/4000745.html. Санаи мурочиат 19.02.2026; Total investment | Tajikistan. https://statbase.org/data/tjk-total-investment/. Санаи мурочиат 19.02.2026.

Аз ҷадвал бармеояд, ки саҳми сармоягузорӣ дар ММД дар соли 2023 21,26 %-ро агар ташкил науда бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда то 24,25 % зиёд гаштааст. Чунин афзоиш аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳолати сохтори воридоти сармояи хориҷӣ хубтар шудааст. Бояд дуруст дарк кард, ки агар ҳаҷми сармоягузорӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққи зиёда аз 20%-ро ташкл намуда бошад, пас чунин нишондиҳанда барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар мусоидаткунанда арзёбӣ мегардад.

Чунин афзоиш пеш аз ҳама барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсиониву инфрасохторӣ басо муҳим маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, дар заминаи воридоти зиёди сармоя маблағгузории давлатӣ низ афзоиш меёбад. Аз ин лиҳоз ба хулосае омадан мумкинг аст, ки имруз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд дар самти воридоти сармояи хориҷиву истифодаи васеъи имкониятҳои соҳибкорони ватанӣ гузаштааст.

Масалан, дар соли 2024 дар Тоҷикистон 4,9 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, ҳаҷми сармоягузорӣ нисбат ба соли 2023 2,1 миллиард доллар е 73 фоиз афзудааст. Соли 2024 шумораи умумии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар мамлакат ба 90 расида, арзиши умумии онҳо 51,9 миллиард сомонӣ (4,7 миллиард доллари ИМА) - ро ташкил дод. Дар натиҷаи тадбирҳои амалии соли 2024 андешидашуда гардиши мол 13,6 фоиз афзуда, ба 65,8 миллиард сомонӣ (6 миллиард доллар) расидааст [6].

Вобаста ба масъалаи мазкур қайд кардан зарур аст, ки гарчанде дар кишвар иқлими мусоиди сармоягузорӣ бунёд гардида бошад ҳам, ҳаҷми сармоягузории молиявӣ дар солҳои охир ба назар намерасад. Дар ин ҷо албатта пеш аз ҳама сухан дар бораи ташаккули бозори муосири молиявӣ меравад. Дар бозори мазкур дар баробари низоми бонкӣ дигар сегментҳои молиявӣ хеле суст фаъолият доранд. Аз ин лиҳоз ташаккули ин бозор барои ҷалби сармоягузории молиявӣ аҳаммияти хеле калон дорад.

Бояд қайд кард, ки сармоягузории молиявӣ он воситаҳои пулие мебошанд, ки ба воситаи қоғазҳои қимматнок ва фондҳои сармоягузорӣ ҷалб гардида, мақсади асосии онҳо низ гирифтани фоида мебошад. Дар кишварҳои тараққикарда мавҷудияти бозори қоғазҳои қимматнок хусусияти хоси онҳо мебошад. Барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ сармоягузории молиявӣ бояд устувор бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми ин намуди сармоягузорӣ ниҳоят паст буда, ислоҳотро дар ин самт талаб дорад. Меъёри ҷалби сармоягузории молиявӣ дар шакли облигатсияи давлатӣ маҳдуд мебошад. Бояд дуруст дарк кард, ки сармоягузории портфелӣ инчунин дар навбати худ барои таъсиси иқлими сармоягузори таъсири калон хоҳад расонид.

Тоҷикистон бозори биржа ва қоғазҳои қиматнок дорад. Масалан, Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (CASE), аммо гардиш ва ҷалби сармояҳо ҳоло хеле ночиз мебошад [1].

Ҳукумат тавассути фурӯши облигацияҳои давлатӣ кӯшиш мекунад, ки бозори портфелиро рушд диҳад; барои мисол, дар соли 2024 маблағҳои пешниҳодшуда аз облигатсияҳои давлатӣ 87,8 миллион сомонӣ, ки аз ҷониби сармоягузорон (аз ҷумла ҲМБ) гирифта шудаанд [8].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва таъмини рақобатпазирии бозори молиявӣ ташаккули дигар сегментҳои молиявӣ аз қабили бозори қоғазҳои қимматнок, бозори хизматрасонии суғуртавӣ ва монанди инҳо зарур меояд. Онҳо барои рушди муносибатҳои молиявӣ ва афзоиши воридоти сармоя нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Нақши ин сегментҳо дар шароити таҳкими равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар тезонидани суръати гардиши сармоя ва дастрасии иштирокчиёни бозор, пеш аз ҳама корхонаҳои истеҳсолӣ ба манбаъҳои иловагии сармоягузорӣ имконпазир мегардад. Дар баробари ин, сармоягузории молиявӣ ба таъмини шуғли сабзу устуворнокии низоми иқтисодӣ мусоидат мекунад. Инчунин самаранок ба роҳ мондани фаъолияти сармоягузории молиявӣ барои диверсификатсиякунонии манбаъҳои сармоягузорӣ, ки ба яке аз ҳадафҳои кишвар маҳсуб меёбад, барои гузаштан ба модели сармоягузориву инноватсионӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

Имруз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди бозори молиявӣ ва дар заминаи он ҷалби сармоягузории портфелӣ имкониятҳои калон дорад. Аммо, дар баробари имкониятҳои калон дар шароити номуайянии рушди фаъолияти хоҷагидории умумиҷаҳонӣ он ба мушкилотҳои зиёд рӯ ба рӯ мегардад. Рушди пасти бозори қоғазҳои қимматнок, нокифояи саводнокии молиявӣ, мавҷудияти хавфҳои муосири молиявию иқтисодӣ ва маҳдудияти манбаъҳои дарозмуҳлат барои афзоиши ҷалби сармоягузории молиявӣ маҳдудиятҳоро эҷод мекунанд.

Барои бартараф намудани мушкилотҳо дар ин самт барои Ҷумҳурии Тоҷикистон самаранок ба роҳ мондани бозори қоғазҳои қимматнок, бахусус бозори саҳмия ва вомбаргҳо шарти зарур маҳсуб меёбад. Инчунин, истифодаи васеъи технологияи молиявӣ аз қабили финтех ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият самти афзалиятнок барои бозори молиявӣ ва ҷалби сармоягузории портфелӣ ба ҳайси омили муҳим баромад мекунад. Бояд қайд кард, ки ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт низ метавонанд ба рушди устувори бозори молиявӣ саҳми калонро гузоранд.

Ҳамин тавр, сармоягузории молиявӣ барои рушди устувори бозори молиявӣ самти афзалиятноки сиёсати молиявию иқтисоди ба шумор рафта, барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва диверсификатсиякунонии иқтисодиёти миллӣ шароитҳои муфидро фароҳам хоҳад овард.

Ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои Тоҷикистон дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодӣ тавре дар боло қайд гардид, шарти муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҳкими сиёсати сармоягузорӣ барои рушди

муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо кишварҳои дуру наздик имруз ба омили муҳими ҳамгироии иқтисодӣ табдил гаштааст.

Сармоягузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисод, аз қабили саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва нақлиёт метавонад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, ҳосилнокии онро афзоиш диҳад. Илова бар ин, ҷалби сармоягузорӣ имкон медиҳанд, ки инфрасохтори муосир, модернизатсия иқтисодӣ ва ҷалби технологияҳои илмталаб дар муҳлати кутоҳтарин таъмин гардад [5,29].

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳуҳрии Тоҷикистон дар сохтори воридоти сармояи хориҷӣ сатҳи дигар намуди сармоягузориҳо бартарият дошта, аз СМХ ва сармоягузории молиявӣ чанд маротиба зиёд мебошад. Чунин ҳолат барои рушди устувори бозори молиявӣ ва умуман сиёсати сармоягузорӣ мукаммал намебошад. Барои таъмини рушди инклюзивӣ ва бахши иқтисодиёти воқеъӣ ҷалби СМХ ва ташаккули бозори муосири молиявӣ зарур меояд. Тадбирҳои зикргардида епеш аз ҳама барои афзоиши сармоягузории портфелӣ мусоидат хоҳанд кард.

Ҷадвали 2. Таҳлили қиёсии воридоти сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2023 (млн доллар)

Солҳо	Сармоягузориҳои мустақим	Дигар намуди сармоягузориҳо	Сармоягузориҳои портфелӣ	Ҳамагӣ
2007	388,4	472,2	-	860,6
2008	425,7	563,6	-	989,3
2009	89,4	293,8	-	383,2
2010	238,9	228,2	-	467,1
2011	161,4	164,0	0,1	325,5
2012	391,3	355,0	0,1	746,4
2013	341,1	670,6	0,2	1 011,9
2014	377,4	530,4	1,4	909,2
2015	470,9	506,9	0,0	977,8
2016	434,2	408,4	0,1	842,7
2017	354,5	245,9	500,0	1 100,4
2018	326,8	317,7	-	644,5
2019	345,9	261,1	0,1	607,1
2020	162,5	265,9	-	428,4
2021	342,2	376,0	0,1	718,3
2022	618,4	1 958,2	0,2	2 576,8
2023	221,4	2 468,9	0,1	2 690,4

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2024. - С. 242- 246.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҷалби СМХ дар соли 2023 тағйир гашта, устуворнокиро аз даст додааст. Ин нишондиҳанда нисбати соли 2022 аз 618 млн. доллари ИМА то 221 млн. доллар коҳиш ёфтааст. Сабаи асосии чунин ҳолат ба эҳтиёткорона истифода бурдани маблағҳо барои рушди иқтисодиёти воқеъӣ ва омилҳои иқтисодии дохиливу минтақавӣ маънидод кардан мумкин мебошад.

Дигар намуди сармоягузориҳо дар солҳои охир назар бар СМХ ва портфелӣ хеле баланд мебошад. Афзоиши баланди онҳо дар соли 2022 ва 2023 аз 1958 млн. доллари ИМА то 2468 млн.доллари ИМА дар соли 2023 мушоҳида мегардад. Сабаи асосии зиёдшавии ин намуди сармоягузорӣ ба ҷалби қарзҳои берунӣ таалуқ дорад. Албатта, чунин қарзҳо барои татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар хеле зарур мебошанд.

Дар баробари ин, сармоягузории портфелӣ дар кишвар танҳо дар соли 2017 ба 500 млн. доллар расида, дар солҳои охир қариб ки вуҷуд надорад. Ҷалби умумии ин н ишондиҳанда аз 860 млн доллари ИМА дар соли 2007 ба 2 690 млн доллари ИМА дар соли 2023 расидаат. Чунин нишондиҳанда барои рушди бозори қоғазҳои қимматнок ва таъмини устуворнокии молиявӣ дар кишвар нокифоя мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2023 Тоҷикистон қариб 2,7 миллиард доллар сармояи хориҷи ворид намуд, ки нишондиҳанда 4,4 % бештар аз соли 2022 мебошад. Қисме аз ин сармояҳо вобаста ба қарзҳо, грантҳо ва дигар шаклҳои молиявӣ ворид шудаанд ва на танҳо сармоягузории мустақим мебошанд [7].

Муҳокима. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид.

Ҳоло дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмону азнавсозии иншооти энергетикиву нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, тавсеаи хизматрасониҳо, густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд. Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст [4].

Ҳамин тариқ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ дар оянда дорад, афзоиши воридоти сармоягузории хориҷӣ, бахусус сармоягузории мустақим аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ба шумор меравад. Тавре таҳлилҳо нишон додаанд, сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба дигар намуди сармоягузориҳо камтар буда, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ нокифоя арзёбӣ мегардад. Барои Тоҷикистон дар чунин шароит бунёди иқлими мусоиди сармоягузорӣ маҳз барои ҷалби зиёдтари СМХ зарур меояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи соддагардонии низоми андоз ва таъмини кафолатҳои иқтисодиву ҳуқуқии сармоягузорон меравад. Чунин иқдом эътимоди шарикони байналмилалиро боз ҳам баланд менамояд.

Дигар намуди сармоягузориҳо дар Тоҷикистон низ ҳамасола афзоиш ёфта, дар заминаи он СМХ ва сармоягузории портфелӣ ба таври устувор ҷалб нагардидаанд. Барои Тоҷикистон дар ин самт ташаккули бозори муосири қоғазҳои қимматнок ва рушди инфрасохтори бозори молиявӣ зарур меояд. Чунин иқдом барои диверсификатсиякунонии сарчашмаҳои сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Хулоса. Барои самаранок идора намудани муносибатҳои қарзӣ ва паст намудани сатҳи вобастагӣ аз қарзҳо диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ аз шарти муҳим маҳсуб меёбад. Ҷалби СМХ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар барои таъмини тавозуни сохтори сармоягузори аҳаммияти калон дорад. Бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ имруз дар заминаи таҳкими рушди ҳамгироии иқтисодӣ, маблағгузории иловагии дохиливу хориҷии рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, таъмини вусъати шуғли пурмаҳсулу сабз ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ имконпазир мегардад.

Адабиёт

1. Биржаи Фондии Осиёи Марказӣ (CASE). https://case.com.tj/tj/rynki/?utm. Санаи мурочиат 28.02.2026.
2. Всемирный банк: Таджикистан может увеличить инвестиции до 2 млрд долларов благодаря реформам. https://caspianpost.com/tajikistan/wb-tajikistan-may-boost-investments-to-2b-with-reforms?utm. Санаи мурочиат 25.02. 2026.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2024. - С. 242- 246.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар”. 16.12.2025.
5. Содиқов, М. С. Танзими давлатии Ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии ТоҷикистоН / М. С. Содиқов, Д. Ш. Давлатзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 4-2(64). – P. 28-36.
6. Таджикистан обнародовал данные о стоимости иностранных инвестиций, полученных в 2024 году. https://www.trend.az/casia/tajikistan/4000745.html. Санаи мурочиат 19.02.2026.
7. Таджикистан привлек 2,7 миллиарда долларов иностранных инвестиций в 2023 году. https://fdiinsider.com/news/tajikistan-attracted-2-7-billion-in-foreign-investment-in-2023/?. Санаи мурочиат 02.03.2026.
8. Фонд принял участие в аукционе государственных ценных бумаг. https://dif.tj/en/2024/the-fund-participated-in-the-auction-of-government-securities/?utm. Санаи мурочиат 28.03.2026.
9. Foreign Capital Inflows to Tajikistan Jump by One-Third, Approaching $7 Billion. https://timesca.com/foreign-capital-inflows-to-tajikistan-jump-by-one-third-approaching-7-billion/. Санаи мурочиат 25.02.2026.
10. Total investment | Tajikistan. https://statbase.org/data/tjk-total-investment/. Санаи мурочиат 19.02.2026.

УДК: 338.45:628.1

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ОБИСТИФОДАБАРӢ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Садриддинзода Манучехр Исломиддин
доктори илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии Шуъбаи иқтисоди сабз ва рушди устувори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: sadrman_s@mail.ru;
Ҳомидов Фаррух Анварович
лаборанти калони шуъбаи экспедитсионӣ ва таҳқиқоти саҳроии МД «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: farrukhhomidzoda.97@gmail.com;
Ҳомидов Анвар Шеринович
номзади илмҳои географӣ, ходими пешбари илмии МД «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Тел.: +992935639312; Email: anvar.homidov@gmail.com.
Наимӣ Аламхон
муовини директори МД «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: Naimy_Alamkhon@mail.ru.

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии раванди обистифодабарӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин фикру ақидаҳои намояндагони баъзе аз мактабҳои иқтисодӣ, ба монанди классикони иқтисодӣ ва баъзе аз равияҳои нави иқтисодӣ дар масъалаҳои вобаста ба захираҳои об мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Диққати асосӣ ба он назария ва консепсияҳои илмие дода шудааст, ки захираҳои обро на ҳамчун омили иҷтимоӣ, балки ҳамчун омили иқтисодӣ, ки дар ҳудуди як давлат бояд хариду фурӯш карда шавад, равона гардидааст. Дар баробари ин, таъкид мегардад, ки миёни ҳамаи захираҳои ҷойдоштаи табиӣ мавқеи махсус ба захираҳои об дода мешавад ва вобаста ба ин ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ молу маҳсулотҳо бояд дар асоси принсипи “обғунҷоиш”-и маҳсулотҳои истеҳсолшаванда ба роҳ монда шаванд.

Калидвожаҳо: захираҳои обӣ, мактабҳои иқтисодӣ, равияҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, субъектони иқтисодӣ, обистифодабарандагон, обистеъмолкунандагон, модели иқтисодӣ, технологияҳои муосир, оби ҳушманд.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРОЦЕССОМ ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ

Садриддинзода Манучехр Исломиддин
доктор экономических наук, ведущий научный сотрудник Отдела зеленой экономики и устойчивого развития Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана. Республика Таджикистан, г. Душанбе. E-mail: sadrman_s@mail.ru;
Хомидов Фаррух Анварович
старший лаборант отдела экспедиционных и полевых исследований ГУ «Института изучения ледников и криосферы Национальной Академии наук Таджикистана». Республика Таджикистан, г. Душанбе. E-mail: farrukhhomidzoda.97@gmail.com;
Хомидов Анвар Шеринович
кандидат географических наук, ведущий научный сотрудник ГУ «Института изучения ледников и криосферы Национального академия наук Таджикистана». Республика Таджикистан, г. Душанбе.Тел.: +992935639312; Email: anvar.homidov@gmail.com.
Наими Аламхон
заместитель директора ГУ «Института изучения ледников и криосферы Национальной Академии наук Таджикистана». Республика Таджикистан, г. Душанбе. E-mail: Naimy_Alamkhon@mail.ru:

В данной статье исследуются теоретические и методологические аспекты управления процессом водопользования. Рассматриваются взгляды представителей различных экономических школ, включая классическую политическую экономию, маржинализм и современные экономические направления, в контексте управления водными ресурсами. Основное внимание уделено научным теориям и концепциям, ориентированным на рассмотрение воды не просто как социального блага, а как экономического актива, подлежащего рыночному обороту внутри государства. Вместе с тем подчеркивается особая роль водных ресурсов среди всех видов природных богатств, в связи с чем обосновывается необходимость ведения экономической деятельности на основе принципа «водоемкости» производимой продукции.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, вода, водные ресурсы, экономические школы, экономические направления, управление, экономические отношения, экономические субъекты, водопользователи, водопотребители, экономическая модель, современные технологии, умная вода.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF WATER USE PROCESS MANAGEMENT IN THE CONTEXT OF MARKET ECONOMIC RELATIONS

Sadriddinzoda Manuchehr Islomiddin

Doctor of Economic Sciences, Leading Re-searcher at the Department of Green Economy and Sustainable Development of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe city. E-mail: sadrman_s@mail.ru;

Khomidov Farrukh Anvarovich

Senior Laboratory Assistant of the Department of Expeditionary and Field State Scientific Institution “Institute for Glacier Studies and cryosphere of the National Academy of Sciences of Tajikistan”. Republic of Tajikistan, Dushanbe city. E-mail: farrukhhomidzoda.97@gmail.com;

Homidov Anvar Sherinovich

Doctor of Philosophy, leading researcher of the State Institution “Institute for Glacier Studies and cryosphere of the National Academy of Sciences of Tajikistan”. Republic of Tajikistan, Dushanbe city. Phone: +992935639312; Email: anvar.homidov@gmail.com.

Naimi Alamkhon

Deputy Director of the State Scientific Institution “Institute for Glacier Studies and cryosphere of the National Academy of Sciences of Tajikistan”. Republic of Tajikistan, Dushanbe city. E-mail: Naimy_Alamkhon@mail.ru.

This article investigates the theoretical and methodological aspects of managing the water use process. It examines the perspectives of various economic schools, including classical political economy, marginalism, and contemporary economic trends, concerning water resource management. Primary focus is placed on scientific theories and concepts that treat water not merely as a social good but as an economic asset subject to market exchange within a state. Furthermore, the article emphasizes the unique position of water resources among all-natural assets, justifying the need for economic activities to be guided by the principle of "water intensity" of produced goods.

Keywords: water, water resources, economic schools, economic trends, management, economic relations, economic entities, water users, water consumers, economic model, modern technologies, Smart Water.

Муқаддима. Дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодӣ мавқеи асосӣ ва калидӣ ба захираҳои иқтисодии давлатӣ дода мешавад, ки дар маҷмуъ онҳо бахши тавлидкунандаи иқтисодиёти ҳар як давлат арзёбӣ карда мегарданд. Бояд дар назар дошт, ки дар ҳудуди ҳар як давлат захираҳои иқтисодӣ ба категорияҳои гуногун ҷудо карда мешаванд ва асоси онро он намуди захираҳои табиӣ ташкил медиҳанд, ки истифодаи онҳо аз ҳисоби мавҷудияти намуди захира доираи васеъро ишғол менамояд. Аз лиҳози назариявӣ миёни ҳамаи захираҳои ҷойдошта, он намуди захираҳои иқтисодӣ бояд дар мадди аввал гузошта шавад, ки имконият, яъне иқтидори иқтисодии он бой (зиёд) ҳисоб карда шудааст. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ҳудуди кишвар мавқеи бориз ва махсус ба захираҳои об дода мешавад, чунки дар муқоиса ба дигар захираҳои табиӣ хусусияти иқтисодии он зиёдтар арзёбӣ карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки захираҳои об, ки фаъолияти дилхоҳ субъекти иқтисодӣ ва дар умум тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз он вобастагӣ доранд, назария ва методологияи таърихии тӯлониро дорад, ки ба консепсияҳои назариявии мактабҳо ва самтҳои омӯзиши иқтисодӣ зич алоқамандӣ дорад.

Яке аз поягузорони илми иқтисодиёт (падари иқтисодиёт) А. Смит ҳангоми таҳқиқи масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ, қабл аз ҳама захираҳои об, пешниҳод менамояд, ки захираҳои об бо назардошти қиммати дигар захираҳо ҳисоб карда шаванд. Дар ин асос ӯ, парадокси “об ва алмос”-ро пешниҳод менамояд, ки тибқи он чунин ҳолати иқтисодиро мушоҳида намудан имконпазир аст: «Ҳеҷ чиз муфидтар аз об нест, вале бо он тақрибан ҳеҷ чизро харидорӣ карда намешавад ва бар ивази он қариб ҳеҷ чизро ба даст овардан имкон надорад. Баръакс, алмос тақрибан ҳеҷ гуна арзиши истеъмолӣ надорад, вале аксар вақт дар ивази он метавон миқдори хеле зиёди молҳои дигарро соҳиб шуд» [1]. Дар инҷо диққати асосӣ бояд ба ду намуди арзиш, арзиши истеъмолӣ ва арзиши мубодилавии захираҳои об бояд ҷудо карда шаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки об ҳамчун неъмати иҷтимоӣ ва дар баъзе ҳолатҳо (ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ) ҳамчун моле, ки дараҷаи пардохтпазирӣ дорад. Илова бар ин, тӯли солҳои дароз дар бештари давлатҳо об ҳамчун неъмати ройгони табиат барои инсон дониста мешуд, вале дар шароити муосир ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуди як давлат равандҳо ва ҷараёнҳои идоракунии захираҳои об барои истеъмолкунандагон арзиши бозории худро пайдо намудаанд.

А. Смит замин ва обро ҳамчун омили калиди истеҳсолот муаррифӣ менамояд, ки дар ниҳояти кор он ҳамчун сарчашмаи асосии даромад дар шакли “рента” баромад менамояд. Ба ақидаи ӯ «ҳамин ки замини ягон кишвар ба моликияти хусусӣ табдил ёфт, заминдорон, монанди ҳамаи одамони дигар, мехоҳанд дар он ҷое дарав кунанд, ки накоштаанд ва ҳатто барои меваҳои табиии замин рента талаб кунанд» [2]. Аз ин ҷо бар меояд, ки ҳангоми идоракунии истеҳсолот бояд омилҳои асосии он, яъне замин дар якҷоягӣ бо об мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд, чунки маҳз об сабаби асосии истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад.

Дар фаҳмиши намояндагони якчанд мактабҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, меркантилистон, физиократҳо ва классикони иқтисодиёт, яъне иқтисоди сиёсӣ, об ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва неъмати иҷтимоӣ баромад менамуд. Бо ибораи дигар маҷмуи муносибатҳои иқтисодии субъектон, ки обро истифода менамоянд, масъалаи асосӣ ва калидӣ ҳисобида намешавад, балки он муносибатҳои истеҳсолӣ, ки ҳангоми ҷараёни хариду фурӯши молҳо, ки дар таркиби онҳо об ҳамчун ҳиссагузор дониста шудааст, асоси иқтисодиётро ташкил медиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар доираи мақолаи илмӣ он назарияҳое мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд, ки обро на ин ки ҳамчун неъмати иҷтимоӣ, балки ҳамчун муносибати иқтисодӣ, ки дар натиҷаи он маҷмуи хароҷотҳо сабабгори асосии дараҷаи фоидагирӣ баромад менамоянд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Яке аз консепсияҳои назариявӣ, ки моҳияти идоракунии раванд ва ҷараёнҳои обистифодабариро дар шароити муосир пурра ва дуруст баён менамояд, ин “консепсияи

манфиатнокии ниҳоӣ” дониста мешавад. Намояндагони мактаби иқтисодии бузурги маржиналистӣ (У. Ҷевонс, К. Менгер, Л. Валрас) дараҷаи нархгузории истифода, ё ин ки идоракунии обистифодабариро комилан дигаргун намуданд. Қонуни иқтисодии пешниҳоднамудаи онҳо – қонуни коҳишёбии манфиатнокии ниҳоӣ тақозо менамояд, ки маҷмуи хароҷотҳои истеҳсолӣ, ки барои як воҳиди маҳсулот лозим дониста мешаванд, на аз рӯи усули маҷмуӣ, балки аз ҳисоби манфиатнокии ниҳоӣ, яъне қимматнокии охирини он, ки талаботи обистеъмолкунандаро қонеъ мегардонад, ҳисоб карда мешаванд. Ба ақидаи Ҷевонс У.С. «Об манфиатноктарин модда аст, аммо ҳангоме, ки он фаровон аст, нафъи ниҳоии он ба сифр баробар мешавад. Лекин дар баробари сар задани камобӣ, нафъи ниҳоии миқдори ками он метавонад то ҳадди аксар (максималӣ) боло равад» [3].

Маржиналисти дигар Л. Валрас бобати масъаи мазкур қайд менамояд, ки «арзиши неъматҳое, ки дар ихтиёри инсон ҳастанд, мутаносиби мустақими ноёбии онҳо, яъне нафъи ниҳоии охирин луқма ё литри оби истеъмолшуда мебошад» [4]. Л. Валрас кӯшиш намудааст, ки дараҷаи нархгузории оби истифодашаванда, ё ин ки истеъмолшавандаро аз ҳисоби дараҷаи ниҳоии он ошкор намояд. Консепсияи мазкур танҳо дар ҳолатҳое мавриди истифода қарор дода мешавад, ки агар мо захираҳои обҳои ҷойдоштаро дар ҳолати “камобӣ” дида бароем. Ин ҷанбаи назариявӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи он давлатҳое, ки мушкилии обистифодабариро доранд, метавонад мавриди истифода қарор дода шавад. Бояд дар назар дошт, ки на дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ захираҳои об баробар тақсим гардидаанд ва мушкилӣ дар ҳамаи минтақаҳо бартараф карда шудааст.

Консепсияи болозикрро хулоса намуда, метавон чунин мисолро шарҳ дод. Фарз карда мешавад, ки захираҳои об, ки барои обистифодабарандагон, ё ин ки обистеъмолкунандагон мавриди истифода қарор дода мешаванд, бояд дар асоси тақсимоти зерин истифода шаванд: захираҳои обии дараҷаи якум – барои қонеъ гардонидани талаботҳои аввалиндараҷа (нӯшидан, ошомидан, омодо намудани хӯрок ва ғ.) равона мегарданд. Истеъмолкунанда барои харидории он дилхоҳ маблағро сарф менамояд; захираҳои обии дараҷаи дуюм – он захираҳои об арзёбӣ карда мешаванд, ки барои қонеъсозии талаботҳои иловагӣ (нигоҳ доштани ҳолати гигиенӣ, яъне тозагӣ, обёрии заминҳои наздиҳавлигӣ, шустушӯи мошинҳо ва ғ.) равона мегарданд ва барои истеъмолкунанда дараҷаи манфиатнокиаш нисбатан пасттар арзёбӣ мегардад; захираҳои обии дараҷаи иловагӣ (изофӣ) – он захираҳои об ба ҳисоб мераванд, ки дараҷаи манфиатнокии онҳо дар бештари мавридҳо ба сифр баробар мешавад ва ҳатто дар баъзе мавридҳо сарфаи маблағҳои иловагиро барои рӯйпӯш намудан, ё ин ки барқарор намудани ҳолати аввалия талаб менамоянд (омадани сел, пуршавии қубурҳои об ва ғ.). Дар ин гуна ҳолатҳо истеъмолкунандаи захираҳои об маҷбур аст, ки сарфи маблағи иловагиро бинобар сабаби коҳишёбии манфиатнокии ниҳоӣ ба роҳ монад.

Ин гуна ҳолатҳоро ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ассотсиатсияҳои обистифодабарандагон ва дар умум аҳолӣ метавон мушоҳида намуд, ки ҳангоми барзиёдии истифодаи захираҳои об, фаъолияти онҳо зарар мебинад. Аз инҷо мафҳуми дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои об бар меояд, ки ҳадди ниҳоии он ба зарари иқтисодӣ оварда мерасонад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки пайдарҳамии дараҷаи обистифодабарӣ бояд дар асоси тартиби зерин амалӣ карда шавад:

$$MU = \Delta TU \setminus \Delta Q < 0 \qquad (1),$$

дар ин ҷо:

MU – манфиатнокии ниҳоӣ;

TU – манфиатнокии умумӣ;

Q – миқдори оби истифодашаванда.

Яке аз назарияҳои самаранок барои баҳои воқеии идоракунии раванди захираҳои об назарияи хароҷотҳои трансаксионии Р. Коуз ва О. Уилямсон дониста мешавад, ки тибқи он ҷараёни тақсимот ва азнавтақсимоти захираҳои об фишанги иқтисодии якзайл набуда, дар доираи худ хароҷотҳои иқтисодиёро дар назар дорад, ки чӣ барои обистифодабаранда ва чӣ барои обистеъмолкунанда онҳо “ниҳонӣ”, ё ин ки “пинҳонӣ” дониста мешаванд.

Р. Коуз қайд менамояд, ки “муносибатҳои анъанавӣ (классикӣ) моро ба иштибоҳ мебаранд... Субъектони иқтисодӣ одатан мушкилотро чунин мебинанд: А ба Б зарар мерасонад ва бояд ҳал кард, ки чӣ гуна мо бояд А-ро маҳдуд намоем. Аммо ин чандон дуруст нест. Мо бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавем, ки табиати дутарафа (мутақобила) дорад... Саволе, ки бояд ҳал шавад: оё бояд ба А иҷозат дод, ки ба Б зарар расонад, ё ба Б иҷозат дод, ки ба А зарар расонад?” [5]. Бояд дар назар дошт, ки мисоли овардаи ӯ барои ҳамаи субъектони фаъолияти иқтисодӣ, махсусан субъектони обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда метавонад мавриди истифода қарор дода шавад. Чунки агар як корхона обро барои қонеъсозии талаботҳои дохилӣ истифода намояд ва барои як хоҷагии деҳқонӣ, ки обистифодабарандаи маҷрои ҳамон дарё низ ҳаст, бояд безарар бошад. Бо ибораи дигар то чӣ андоза корхона метавонад ба дараҷаи фоидагирии хоҷагии деҳқонӣ, ки ҷойгиршавии он баъди корхонаи ифлоскунандаи захираи об баромад намуда истодааст, ба инобат гирифта шавад.

Натичаҳо. Дар мисоли мушаххас дида баромадани асосҳои методологии назарияи болозикрро барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба соҳаи кишоварзӣ алоқаманд метавон кард. Чунки соҳаи кишоварзии мамлакат, ки дар он истеъмолкунандагони асосии оби полезӣ шумораи зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд, экстерналияҳои манфии ҷиддӣ ба вуҷуд меоянд. Мисоли равшан дар он аст, ки ҳангоми истеъмоли аз ҳад зиёди захираҳои об ё истифодаи ғайрисамарабахши он аз ҷониби хоҷагиҳои дар болооб буда, наҳри он ба норасоии шадиди захира барои истифодабарандагони поёноб оварда мерасонад. Аз нуқтаи назари назариявӣ, деҳқонон метавонистанд мустақилона дар бораи ҷубронпулӣ мувофиқа кунанд, ба шарте ки ҳуқуқ ба об ба таври хусусӣ мустаҳкам карда шуда, хароҷоти гуфтушунидҳо вуҷуд надошта бошад. Дар ин гуна муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар назар дошт, ки монеаҳои махсус дар амалияи соҳаи кишоварзии кишвар бояд мушоҳида карда шавад. Якум сабаб дар он аст, ки моликият, тибқи қонунгузории кишвар танҳо ба давлат дахл дорад ва озодона

(мустақилона) истифода намудани об барои субъектони иқтисодӣ мушкил аст. Дуюм, барои ба даст овардани маълумоти оморӣ обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ ба субъектон харочотҳои иловагӣ пешбинӣ мегардад, ҳол он ки мавҷудияти маълумоти оморӣ шаффоф бисёр душвор арзёбӣ мегардад. Аз ҳамин ҳисоб барои бартараф намудани монеаҳои болозикр пешниҳод карда мешавад, ки дахолати давлат ҳамчун ниҳоди асосии танзимкунанда ва тақсимкунандаи захираҳои об дар ҳамаи марҳилаҳои обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ бояд бошад.

Ҳамаи харочотҳое, ки Р. Коуз аз онҳо ном мебарад (харочотҳо барои ҷустуҷӯи маълумот, харочотҳо барои бастани шартномаҳо, харочотҳои назорат ва харочотҳои махсусият ва ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони захираҳои об, ба он оварда мерасонад, ки модели идоракунии дараҷаи обистифодабарӣ бояд тарҳрезӣ карда шавад. Модели бозорӣ, ки аз ҷониби худи Р. Коуз пешниҳод гардидааст, имкони ҳалли баҳсҳоро байни корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки шумораи онҳо аз 100 зиёд аст, роҳи ҳаллӣ масъала шуда наметавонад. Бинобар ин, агар дар модели пешниҳоднамудаи ӯ давлат ҳамчун субъекти асосии идоракунанда ва танзимкунанда ҳамроҳ карда шавад, пас мавқеии монополии (инҳисории) он бештари мушкилотҳоро ҳал менамояд. Лекин ҳангоми ворид намудани принсипи ҳавзагӣ, яъне ҳар нафаре, ки ҳиссааш дар ифлосшавии маҷрои дарё зиёд аст, харочотҳои тағйирёбандааш мутаносибан зиёд мегардад, пас дар чунин ҳолат метавон хулоса намуд, ки принсипи “адолатнокӣ” ҳангоми истифодаи самараноки захираҳои об барои ҳамаи субъектони обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда амалӣ мешавад. Дар ин ҷо метавон роҳи ҳалли масъаларо дар натиҷаи ворид намудани технологияҳои ҳушманди об (Smart Water) пешниҳод намуд, ки раванди идоракунии обистифодабариро дар асоси гузаронидани мониторинги пайдарпай ҷоннок менамояд.

Барои дарки дурусти назарияи болоӣ мисоли зерин оварда мешавад, ки бо назардошти хусусиятҳои миллии обистифодабарӣ ва ҷараёнҳои идоракунии он робитаи бевосита дорад. Фарз карда мешавад, ки ду субъекти фаъолияти иқтисодӣ мавҷуд аст: Корхонаи саноатие, ки захираҳои обро самаранок истифода менамояд, лекин партовҳои зиёди ифлосшавӣ дорад ва хоҷагии деҳқонӣ, ки захираҳои обро танҳо барои обёрӣ мавриди истифода қарор медиҳад. Ба мувофиқа омада расидани онҳо танҳо дар ҳолати зерин ҷой дошта метавонад:

$$К_А - С_А > Х_В + Т \qquad (2),$$

дар ин ҷо:

$К_А$ - Манфиати корхона аз истифодаи об (партофтани партовҳо бидуни тозакунӣ).

$С_А$ - Харочоти корхона барои иншооти тозакунӣ (агар қарор диҳад, ки обро ифлос накунад).

$Х_В$ - Зарари хоҷагии деҳқонӣ аз ифлосшавии об.

Т - Харочоти трансаксионӣ (харочот барои музокирот, ҳуқуқшиносон, мониторинги сифати об).

Аз ин ҷо бар меояд, ки дар ҳолати ба созиш омадани ду субъекти болозикр фаъолияти иқтисодии онҳо бидуни дахолати давлат амалӣ карда мешавад. Дар ҳамаи ҳолатҳои дигар давлат метавонад ба фаъолияти иқтисодии онҳо дахолат намояд. Илова бар ин, корхонаи саноатӣ агар ҳамчун обистеъмолкунанда баромад намояд, пас хоҷагии деҳқонӣ танҳо обистифодабаранда баромад менамояд. Дар ҳолате, ки субъекти дуюми фаъолияти иқтисодӣ ҳамчун обистеъмолкунанда баромад намояд, пас дар чунин ҳолат фаъолияти иқтисодии субъекти сеюм бояд ба инобат гирифта шавад ва дар бештари мавридҳо ба ҳайси субъекти сеюм хоҷагиҳои хонаводагӣ, ё ин ки аҳолӣ баромад менамоянд ва манфиатҳои иқтисодии онҳо зери ҳифзи сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, ҳамаи субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки афзалиятҳои ва авлавиятҳои аҳолӣ дар мадди аввал гузошта мешаванд ва фаъолияти иқтисодӣ бояд дар асоси ба инобат гирифтани ин гуна манфиатҳо ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, раванди идоракунии обистифодабарӣ (И) ба он оварда мерасонад, ки камтарин харочотҳо ба ҳолати ҳадди аксари он оварда мерасонад:

$$И = \sum В - (РС + ТС) \rightarrow max \qquad (3),$$

дар ин ҷо:

И - раванди идоракунии обистифодабарӣ;

$\sum$В - Манфиати умумии ҳамаи истифодабарандагони об;

РС - Харочоти истеҳсолӣ (тозакунӣ ва интиқоли об);

ТС - Харочоти трансаксионӣ (идоракунӣ, назорат, мурофиаҳои судӣ).

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки амалӣ намудани ғояи илмии Р. Коуз тақозо менамояд, ки бузургии баланди харочоти трансаксионӣ (ТС) ҳангоми идоракунии захираҳои об, яъне обистифодабарӣ (мушкилии ченкунии партовҳо, шумораи зиёди иштирокчиён) дар бештари ҳолатҳо механизмҳои амалкарди бозориро ноустувор мегардонад. Мавқеи давлат ҳамчун ниҳоди асосии танзимкунанда ва дахолаткунанда бояд устувор гардонида шавад. Дар баробари ин, дар амалия ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ мустақилияти қабули қарорҳои идоракунӣ ба субъектони бахши иқтисодӣ (маҳз ҳангоми обистеъмолкунӣ) бояд пурра ба эътидол оварда шавад.

Дар шароити муосир бештари давлатҳои Иттиҳоди Аврупо аз консепсияи пешниҳоднамудаи Т. Аллан бо номи “оби виртуалӣ” васеъ мавриди истифода қарор додаанд. Т. Аллан, ки яке аз машҳуртарин мутахассисони бахши обии иқтисодиёт дониста мешавад, пешниҳод менамояд, ки меъёргирии ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бояд дар асоси обченкунӣ муайян карда шаванд. Ба ақидаи ӯ консепсияи “оби виртуалӣ” имкон медиҳад, ки сиёсати иқтисодӣ ва обӣ бо ҳам пайваст карда шаванд: ҳар як давлат бояд он маҳсулотеро истеҳсол кунад, ки барои он захираҳои кофии об дорад ва он чизеро ворид кунад, ки барои истеҳсолаш оби зиёд сарф карда мешавад [6].

Ба ақидаи ӯ оби виртуалӣ чунин формулаи ҳисобро дорад:

$$VWC = \sum_{i=1}^{n} WU_i / P \qquad (4),$$

дар ин ҷо:

VWC - Миқдори оби виртуалӣ дар воҳиди маҳсулот;

WU_i - Ҳаҷми оби истифодашуда дар марҳилаи і-уми истеҳсолот (аз кишт то коркард ва бастабандӣ);

P - Миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолшуда (вазн ё ҳаҷм).

Дар ҳолати пайдо кардани ҳаҷм (миқдор)-и оби виртуалӣ равандҳои идоракунии дараҷаи обистифодабарӣ ва дар асоси он ҳаҷми истеҳсоли он намудҳои маҳсулот, ки обғунҷоишашон баланд, ё ин ки паст дониста мешавад, имконпазир мегардад. Дар ин гуна ҳолатҳо зарурати таҳия ва тартиби тавозуни обии виртуалӣ ба миён меояд ва он бояд бо чунин формула муайян карда шавад:

$$NVWI = VWI - VWE \quad (5),$$

дар ин ҷо:

VWI (Virtual Water Import) - Ҳаҷми оби виртуалие, ки ҳамроҳ бо молҳои воридотӣ ба кишвар меояд;

VWE (Virtual Water Export) - Ҳаҷми оби виртуалие, ки ҳамроҳ бо молҳои содиротӣ аз кишвар хориҷ мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки сарф намудани захираи об, ки дар ҳудуди кишвар ташаккул меёбад, талаботҳои худро бояд аз ҳисоби дигар маҳсулотҳо, ки обғунҷоишашон пастар аст, қонеъ гардонад. Дараҷаи самаранокии истифодаи захираҳои об бошад, тақозо менамояд, ки дар шароитҳои гуногун, яъне камобӣ ва барзиёдии об, шохисҳои маҳсулотҳои содиротӣ ва воридотӣ, ки дар таркибашон обғунҷоиш гуногун аст, бояд ба эътидол оварда шавад.

Муҳокима. Мусаллам аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони марбут ба соҳаи “обшиносӣ” дар муқоиса ба дигар давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ бештар аст ва ҷанбаҳои гуногуни обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки бештари таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ба масъалаҳои амалии истифодаи захираҳои об равона гардида, асосҳои методологиро дар худ инъикос менамоянд ва такя ба назарияҳои маъмули обистифодабарӣ мушоҳида карда мешавад. Масалан, Ҳ.А. Одинаев дар яке аз таҳқиқотҳои илмии худ қайд менамояд, ки самаранокии истифодаи захираҳои об дар асоси ба роҳ мондани принсипи “обпардохтпазирӣ”, ё ин ки бо истилоҳи русӣ “платное водопользование” бояд амалӣ карда шавад [7].

Олими дигари ватанӣ Ҳ.Р. Исайнов таъкид менамояд, ки идоракунии истифодаи захираҳои обию ирригатсионӣ яке аз унсурҳои асосии бойигарии миллии давлат ва бехатарии рушди он мебошад. Аз ин ҷост, ки зимни идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию ирригатсионӣ бояд принсипи тамоман нави муносибатҳои байнидавлатӣ ҷорӣ гардад [8].

А.Д. Аҳророва қайд менамояд, ки бо назардошти аҳамияти хоси лоиҳаҳои азхудкунии иқтидори гидроэнергетикӣ дар асоси сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, миёна ва калон дар баланд бардоштани амнияти энергетикии кишвар, таҳия ва такмил додани методҳои баҳисобгирии самаранокӣ аз боло бурдани сатҳи амнияти энергетикии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он ҳангоми арзёбии самаранокии чунин лоиҳаҳо зарур аст; инчунин бояд чораҳои ҷуброни зарари сармоягузорон аз истифодаи нерӯи барқи обии аз ҷиҳати экологӣ тоза пешбинӣ карда шаванд [9].

Дар баъзе аз таҳқиқотҳои қаблии худ, [10] ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои оби давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъкид гардида буд, ки об бояд дар асоси барномаҳои ҷойдоштаи ҳамгироии иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Аз ин ҷо бар меояд, ки истифодаи самараноки захираҳои об бояд дар асоси санадҳои меъриву ҳуқуқии ҷойдошта, ки дар пояи онҳо маҷмуи чорабиниҳои вобаста ба обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ дар асоси меъёргузорӣ роҳандозӣ карда шаванд. Дар пояи дигар таҳқиқоти илмӣ, яъне [11], истифодаи самараноки захираҳои об вобаста аз механизмҳои иқтисодии ҷойдоштаи низоми идоракунии захиравӣ ва равандҳои вобаста ба дараҷаи таъминнокии он бояд муайян карда шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки асосҳои методологии идоракунии раванди обистифодабариро натанҳо усулҳои умумииқтисодӣ, инчунин дигар равишҳо, фишангҳо ва механизмҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Ҳамаи усулҳот ва равишҳои назариявӣ, ки дар илми иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, дар таҳқиқотҳои олимони ғарб, ҳудуди пасошӯравӣ ва ватанӣ ба таври кофӣ ва зарурӣ инъикоси худро ёфтаанд, аммо хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо дар намуди фаъолияти субъектони иқтисодӣ ҳангоми истифода, ё ин ки истеъмоли захираҳои табиӣ мушоҳида мегардад. Масалан хислати индуктивии равандҳои обистеъмолкунӣ ва хислатҳои дедуктивии обистифодабарӣ дар доираи “таҳлил”, ё ин ки “синтез”-и васеи иқтисодӣ ҳамчун усулҳои иқтисодӣ ба кулли аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва ҳамаи онҳоро дар доираи як мақолаи илмӣ инъикос намудан душвориро ба бор меорад. Дар баробари ин, он ҷанбаҳои назариявӣ, ки дар мақолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, вобаста ба хислатҳои миллии обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ роҳандозӣ нагардидаанд. Чунки назарияи идоракунии раванди дилхоҳ захираи табиӣ (махсусан, захираҳои барқароршаванда - об) дар худ ҷузъиётҳои алоҳидаи монандро нишон дода метавонад.

Дар мақола таъкид мегардад, ки ҳолати арзёбии механизми идоракунии равандҳои обистифодабарӣ дар доираи усулҳои муқоисавӣ ва абстрактӣ, ки асоси онҳоро таҳия ва коркарди меъёрҳои обистифодабарӣ ва обистеъмолкунӣ ташкил медиҳанд, такшил медиҳанд. Яке аз қисматҳои асосии ҷанбаи назариявӣ, ки дар мақолаи илмӣ махсусан таъкид мегардад, асосҳои ниҳодии обистифодабарӣ маҳсуб меёбад, ки онро дар бештари мавридҳо дар доираи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ танзим ва назорат менамояд.

Хулоса. Дар хулосаи умумии мақола метавон хулоса намуд, ки баррасӣ ва таҳлили ҳамаи консепсияҳо ва назарияҳои болоӣ хислати байнифаннӣ ва байнисоҳавии мавзӯи илмиро нишон медиҳад. Бо ибораи дигар, дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои об натанҳо хислатҳои иқтисодӣ, инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, экологӣ,

техникӣ ва иҷтимоиро доро буда, дар натиҷаи диди нав метавонад натиҷаҳои дилхоҳ диҳад. Дар мадди аввал ба ҷанбаҳои аввалиндараҷаи иқтисодӣ, ба монанди нишондиҳандаҳои арзишӣ ва пулии захираҳои об бояд диққати махсус зоҳир намуд. Дар баробари ин, агар он тӯли якчанд асри охир ҳамчун моли махсуси хислати иқтисодӣ, яъне хариду фурӯш дошта бошад, пас онро дар доираи муносибатҳои иқтисодии дохили давлат бояд ҳамчун неъмати иҷтимоӣ баррасӣ карда нашавад. Дар ин росто, мавқеи давлат ҳамчун ниҳоди танзимкунанда ва ба эътидоловаранда ҳангоми истифода, тақсимот, азнавтақсимот ва истеъмолот бояд пурзӯр карда шавад. Бо ибораи дигар, мавқеи инҳисории давлат ҳамчун субъекти асосӣ ва ягонаи идоракунанда устувор гардонида шавад.

Дар баробари ин, агар дар доираи назарияҳои мактабҳои иқтисодии классикӣ ба маҷмуи хароҷотҳои доимӣ ва тағйиёрбанда диққати асосӣ равона шуда бошад, пас дар доираи консепсияҳои баъдӣ дараҷаи мавқеъгирии захираҳои об, яъне қонеъсозии талаботи субъектҳои гуногуни иқтисодӣ аз ҳисоби он бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Дар ин ҷо мавқеи махсус ба он консепсияҳои назариявӣ дода мешавад, ки ҳангоми обистифодабарӣ ва обистеъмолкунии субъектони иқтисодӣ технологияҳои муосир, ба монанди “оби ҳушманд” мавриди истифода қарор дода шаванд.

Хулосаи ниҳоии мақолаи илмӣ ба он асос меёбад, ки ҳангоми таҳияи модели идоракунии истифодаи самараноки захираҳои об механизмҳои иқтисодии маржиналистон, пурзӯр намудани ҷанбаҳои ниҳодии идоракунии институтсионалистон (теоремаи Р.Коуз) ва истифодаи васеъи технологияҳои муосири консепсияи “оби виртуалӣ” мавриди омезиш (синтез) қарор дода шуда, ҳамгироии иқтисодии субъектони обистифодабаранда ва обистеъмолкунанда бо назардошти адолати иҷтимоӣ, устувории экологӣ, мувозинатии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва афзоиши дараҷаи самаранокии иқтисодӣ амалӣ карда шаванд.

Адабиёт

1. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Эксмо, 2007. - Кн. I, гл. IV. - С. 101.
2. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. - М.: Эксмо, 2007. - Кн. I, гл. VI. - С. 109.
3. Jevons, W. S. (1871). The Theory of Political Economy. London: Macmillan and Co. Chapter III (Theory of Utility). - p. 53.
4. Walras, L. (1954). Elements of Pure Economics, or the Theory of Social Wealth. Translated by William Jaffé. Homewood, Ill.: Richard D. Irwin. (Original work published 1874). - p. 119.
5. Coase, R. H. (1960). The Problem of Social Cost. Journal of Law and Economics, 3, - p. 2.
6. Allan, J. A. (1998). Virtual water: A strategic resource global solutions to regional deficits. Ground Water, 36(4), 545-546.
7. Одинаев, Х. А. Эффективность платного водопользования в орошаемом земледелии / Х. А. Одинаев // Аграрная наука. – 2003. – № 10. – С. 26-27.
8. Исайнов, Ҳ. Р. Идоракунии захираҳои обию ирригатсионии Осиёи Марказӣ: вазъи ҳозира ва роҳҳои ҳал / Ҳ. Р. Исайнов, Р. Ш. Фозилов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. – No. 2. – P. 23-33.
9. Ахророва, А. Д. Гидроэнергетический потенциал Таджикистана и эффективность его использования / А. Д. Ахророва, Ф. Д. Бобоев, Ш. Н. Саидова // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2016. – № 4(36). – С. 9-15.
10. Садриддинов, М. И. Использование водных ресурсов Центрально-Азиатского региона на основе региональных интеграционных программ / М. И. Садриддинов // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. – 2022. – № 3(24). – С. 86-93.
11. Садриддинов, М. И. Мукаммалгардонии механизми низоми идоракунии таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа / М. И. Садриддинов, Г. М. Маҳмадшарифова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – No. 1-2(98). – P. 268-274.

УДК: 656

РУШДИ СИСТЕМАҲОИ НАҚЛИЁТӢ-ТЕХНОЛОГӢ, ТАЪМИНИ ДАСТРАСӢ, САМАРАНОКӢ ВА УСТУВОРИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ

Сайдализода Абдурауф Сайдалӣ

Доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор, узви вобастаи Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Маркази такмили ихтисоси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. Почтаи электронӣ: abdurauffohakov68@gmail.com, ORCID: 0000-0002-8451-6463. Тел. 919584238.

Муродов Сафиало Давлатович

Муаллими кафедраи нақлиёти автомобилӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар. Почтаи электронӣ: safialom@mail.ru, ORCID: 0009-0002-3721-7935. Тел. 985340407

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои рушди системаҳои нақлиётӣ-технологӣ, баланд бардоштани дастрасӣ, самаранокӣ ва устуворii инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқот вазъи роҳҳои автомобилгард аз рӯи намудҳои рӯйпӯш ва дарозии умумии онҳо барои соли 2025 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин, зичии шабакаи роҳҳои автомобилгард ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди инфрасохтор таҳлил гардида, фарқиятҳо байни минтақаҳо муайян карда шуданд. Қисмати муҳими таҳқиқот ба омӯзиши садамаҳои нақлиёти автомобилӣ дар давраи солҳои 2017–2025 равона шуда, тамоюлҳои афзоиш ё коҳиш ва омилҳои таъсиррасон баррасӣ гардиданд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки ҳолати инфрасохтори роҳҳо ба сатҳи бехатарии ҳаракат таъсири мустақим дорад. Дар асоси таҳқиқот як қатор пешниҳодҳо оид ба беҳтарсозии сифати роҳҳо, коҳиши садамаҳо ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии нақлиёт пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: инфрасохтори нақлиётӣ, роҳҳои автомобилгард, зичии роҳҳо, Бохтар, Кӯлоб, садамаҳои нақлиётӣ, самаранокӣ, устуворӣ, рушди минтақавӣ, логистика.

РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТНО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ СИСТЕМ, ОБЕСПЕЧЕНИЯ ДОСТУПНОСТИ, ЭФФЕКТИВНОСТИ И УСТОЙЧИВОСТИ ТРАНСПОРТНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ

Сайдализода Абдурауф Сайдали

д.т.н., и.о. профессор, член-кор. Инженерной академии Республики Таджикистан, начальник центра повышении квалификации ТТУ им. акад. М.С. Осими. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе. E-mail: abdurauffohakov68@gmail.com, ORCID: 0000-0002-8451-6463. Tel. 919584238.

Муродов Сафиало Давлатович

преподаватель кафедры «Автомобильный транспорт» Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава. Адрес: Республика Таджикистан, город Бохтар. E-mail: safialom@mail.ru, ORCID: 0009-0002-3721-7935. Tel. 985340407.

Данная статья посвящена анализу вопросов развития транспортно-технологических систем, повышения доступности, эффективности и устойчивости транспортной инфраструктуры в регионах Бохтар и Куляб Хатлонской области. В рамках исследования изучено состояние автомобильных дорог по видам покрытия и их общей протяжённости за 2025 год. Также проведён анализ плотности сети автомобильных дорог как одного из ключевых показателей развития инфраструктуры, выявлены различия между регионами. Важная часть исследования посвящена изучению дорожно-транспортных происшествий за период 2017–2025 годов, рассмотрены тенденции их увеличения или снижения и влияющие факторы. Результаты анализа показывают, что состояние дорожной инфраструктуры оказывает прямое влияние на уровень безопасности дорожного движения. На основе исследования предложен ряд рекомендаций по улучшению качества дорог, снижению аварийности и повышению эффективности системы транспортного управления.

Ключевые слова: транспортная инфраструктура, автомобильные дороги, плотность дорог, Бохтар, Куляб, дорожно-транспортные происшествия, эффективность, устойчивость, региональное развитие, логистика.

DEVELOPMENT OF TRANSPORT AND TECHNOLOGICAL SYSTEMS, ENSURING ACCESSIBILITY, EFFICIENCY AND SUSTAINABILITY OF TRANSPORT INFRASTRUCTURE

Saidalizoda Abdurauf Saidali

Doctor of technical sciences, Acting Professor, Associate professor, corresponding member engineering Academy of the Republic of Tajikistan, Head of the Advanced Training Center of M.S. TTU. Osimi. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. E-mail: abdurauffohakov68@gmail.com, ORCID: 0000-0002-8451-6463. Tel. 919584238.

Murodov Safialo Davlatovich

Senior Lecturer of the Department of Automobile Transport, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address: Republic of Tajikistan, city of Bokhtar. E-mail: safialom@mail.ru, ORCID: 0009-0002-3721-7935. Tel. 985340407.

This article is devoted to the analysis of the development of transport-technological systems, as well as the improvement of accessibility, efficiency, and sustainability of transport infrastructure in the Bokhtar and Kulob regions of the Khatlon Province. The study examines the condition of roads by types of pavement and their total length for the

year 2025. It also analyzes the density of the road network as one of the key indicators of infrastructure development, identifying differences between the regions. A significant part of the research is devoted to the study of road traffic accidents during the period 2017–2025, examining trends of increase or decrease and influencing factors. The results show that the condition of road infrastructure has a direct impact on traffic safety levels. Based on the study, several recommendations are proposed to improve road quality, reduce accidents, and enhance the efficiency of transport management systems.

Key words: transport infrastructure, highways, road density, Bokhtar, Kulob, traffic accidents, efficiency, sustainability, regional development, logistics.

Муқаддима. Мақсади рушди системаҳои нақлиётӣ таъмини дастрасӣ, самаранокӣ ва устуворii инфрасохтори нақлиётӣ бо назардошти талабот ва талаботи афзояндаи аҳолӣ мебошад. Дарк намудан ва ба кор бурдани ин ҷанбаҳо ба рушди устувор ва самараноки муҳити нақлиёт, мусоидат ба тиҷорати соҳибкорон, аҳолӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа мусоидат мекунад.

Таъмини дастрасӣ, самаранокӣ ва устуворii инфрасохтори нақлиётӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи самтҳои гуногуни он вобастагии зич дорад. Ин масъала дар як қатор адабиётҳои илмӣ [5-7, 13-19] мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Рушди босуръати ҷомеа ва густариши технологияҳои рақамӣ зарурати навсозӣ ва такмили равишҳои таҳлили инфрасохтори нақлиётиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, омӯзиши самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бояд дар асоси барномаҳо ва стратегияҳои давлатии амалкунанда, инчунин бо дарназардошти тамоюлҳои муосири рушди иқтисодию технологӣ анҷом дода шавад. Ин раванд имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян гардида, қарорҳои асосноки идоракунӣ барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии нақлиётӣ ва устуворii инфрасохтор қабул карда шаванд.

Дар таҳқиқоти илмии худ муаллимон зикр нмудаанд, ки “рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҳар як минтақа таҳаввулоти бунёдии инфрасохтори нақлиётӣ махсусан корхонаҳои нақлиётии боркашонӣ ва мусофирбариро талаб менамояд. Дар ин раванд рушди ҳамлу нақли автомобилӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва технологияҳои нав таваҷҷуҳи мутахассисонро дар соҳаи рушди инфрасохтори нақлиётӣ тақвият мебахшад”[3].

Дар робита ба ин муллифи асар қайд мекунад, ки “барои ҳалли масъалаҳои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар кардани шароит барои фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, гузаронидани ислоҳоти сохторӣ дар соҳаи нақлиёт ва ҳамгироии системаи нақлиёти минтақаҳои алоҳида бо системаи ягонаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим шуморида мешавад”[1].

Зичии шабакаи роҳ ин нишондиҳандаест, ки шумораи роҳҳоро дар майдони муайян ё дарозии роҳҳоро дар як воҳиди майдон инъикос мекунад. Зичии баланди шабакаи роҳҳо маънои онро дорад, ки дар ин минтақа шумораи зиёди роҳҳо нисбат ба андозаи он мавҷуданд. Зичии шабакаи роҳро бо шумораи километрҳои роҳҳо ба як километри мураббаъ ё ҳиссаи майдони ишғолкардаи роҳҳо чен кардан мумкин аст. Масалан, зичии шабакаи роҳҳо дар шаҳр метавонад аз сабаби шумораи зиёди роҳҳо ва кӯчаҳо дар майдони маҳдуд баланд бошад. Зичии баланди шабакаи роҳ метавонад ҳам афзалиятҳо ва ҳам нуқсонҳо дошта бошад. Афзалиятҳо дастрасии осон ва роҳати ҳаракат барои мусофирон ва мошинҳои боркаш ва робитаи беҳтар байни минтақаҳо ва иншооти гуногунро дар бар мегиранд. Аммо, камбудиҳо метавонанд роҳбандӣ ва сарбории роҳҳо, харочоти бештари сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо ва таъсири бештар ба муҳити зист бошанд.

Зичии шабакаи роҳ нишондиҳандаи муҳим барои банақшагирӣ ва идоракунии инфрасохтори нақлиёт мебошад. Он бояд ҳангоми таҳияи нақшаҳои генералии рушди шаҳрҳо ва минтақаҳо, инчунин ҳангоми қабули қарорҳо дар бораи сохтмони роҳҳои нав, васеъ кардани роҳҳои мавҷуда ва оптимизатсияи ҷараёни нақлиёт ба назар гирифта шавад.

Зичии шабакаҳои ҷумҳурӣ ба таври назаррас поён нисбат ба сатҳи нақлиётӣ таъминоти дар кишварҳои пешрафта мебошад. Дар 1000 км мураббаъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисоби миёна, 18 км роҳҳои автомобилӣ ва 0,035 км хатҳои роҳи оҳан, дар ИМА 22,7 км, дар Ҷопон 73,1 км, дар Олмон 124,8 км, дар Финляндия 17,5 км, дар Русия 5,1 км хатҳои роҳи оҳан ва 24 км роҳҳои автомобилгард мебошад.

Масалан, дур будани нуқтаҳои аҳолинишин аз истгоҳ низ муҳим аст. Дар масофаи 10-100 км дар кишвар зиёда аз нисфи (65,2%) марказҳои ноҳияҳо ва зиёда аз 100 км - 13,8% мебошанд. Дар масофаи зиёда аз 10 км аз истгоҳ 23,3% марказҳои ноҳиявии шаҳракҳо мавҷуданд. Зиёда аз 100 км аз шаҳр 13,2% марказҳои ноҳиявии шаҳракҳо ва 37,5% марказҳои ноҳиявии деҳот дур карда шуданд. Ҳолати техникии шабакаи роҳҳо ва дараҷаи бори нақлиётӣ бевосита ба ҳолати (инсонӣ) иқтидори меҳнатии иқтисодиёти минтақаҳои кӯҳӣ таъсир мерасонад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси иттилоотии таҳқиқотро маълумоти омории роҳҳои автомобилгарди минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон барои соли 2025, нишондиҳандаҳои зичии шабакаи роҳҳо ва маълумоти садамаҳои нақлиёти автомобилӣ барои солҳои 2017–2025 ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили муқоисавӣ, гурӯҳбандии нишондиҳандаҳо аз рӯйи намуди рӯйпӯши роҳ, таҳлили динамикӣ ва ҳисобкунии нишондиҳандаҳои нисбӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвалҳои 1–3 ва расми 1 инъикос гардидаанд.

Мутобиқи моддаи 5 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилӣ ва фаъолияти роҳҳо» роҳҳо мувофиқи таъиноти функсионалии онҳо ба роҳҳои истифодаи умумӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) ва истифодаи махсус (таъиноти идоравӣ, воридшавӣ, нақлиётӣ-технологӣ, дохилихоҷагӣ, хизматӣ ва ғайра) тақсим карда мешаванд.

Натиҷаҳо ва муҳокима.


Ҷадвали 1. Роҳҳои автомобилгард аз рӯи намудҳои руйпуш ва дарозии умумии минтақаҳои Бохтар ва

Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2025

Нишондиҳандаҳо	**Дар вилояти Хатлон**	**Минтақаи Бохтар, км**	**Минтақаи Кӯлоб, км**
Роҳҳо ҳамагӣ, км	5329,165	2753,5	2575,665
аз ҷумла такмилёфта, асфалтпӯшгардида	3520,353	2502,2	1018,153
бо руйпӯши сахти шағалӣ	1002,8	164,8	838
бо шағал	517,81		517,81
хокӣ	287,7	86,5	201,2
Ҷумҳуриявӣ	804,88	340,7	464,18
Маҳалӣ	3751,925	1977,4	1774,525
Байналмилалӣ	677,66	340,7	336,96

Эзоҳ: Аз ҷониби муаллиф дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 60. ва маводи Хатлонроҳ дар минтақаи Бохтар ва Кӯлоб

Айни замон, дарозии умумии роҳҳои автомобилгард дар вилояти Хатлон 5329,165 км., ки аз ин 2753,5 км. ё баробари 51,66% дар минтақаи Бохтар ва 2575,665 км. ё баробари 48,33% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад. Дарозии умумии роҳҳои бо пӯшиши такмилёфта, асфалтпӯшгардида: дар вилояти Хатлон 3520 км. ки аз ин 2502,2 км. ё баробари 71,08% дар минтақаи Бохтар ва 1018,2 км. ё баробари 28,92% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад. Бо руйпӯши сахти шағалӣ: дар вилояти Хатлон 1003 км. ки аз ин 164,8 км. ё баробари 16,43% дар минтақаи Бохтар ва 838 км. ё баробари 83,54% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад. Бо шағал: дар вилояти Хатлон 517,8 км. ё баробари 100% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад. Хокӣ: дар вилояти Хатлон 287,7 км. ки аз ин 86,5 км. ё баробари 30,06% дар минтақаи Бохтар ва 201,2 км. ё баробари 69,93% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад.



Расми 1. Роҳҳои автомобилгард аз рӯи намудҳои руйпуш ва дарозии умумии минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2025

Роҳҳои ҷумҳуриявӣ дар вилояти Хатлон 804,9 км. ки аз ин 340,7 км. ё баробари 42,32% дар минтақаи Бохтар ва 464,2 км. ё баробари 57,67% дар минтақаи Кӯлоб. **Маҳалӣ:** дар вилояти Хатлон 3752 км. ки аз ин 1977 км. ё баробари 52,69% дар минтақаи Бохтар ва 1775 км. ё баробари 47,3% дар минтақаи Кӯлоб. **Байналмилалӣ:** дар вилояти Хатлон 677,7 км. ки аз ин 340,7 км. ё баробари 50,27% дар минтақаи Бохтар ва 337 км. ё баробари 49,72% дар минтақаи Кӯлоб, ташкил медиҳад.

Омили муҳими ташкили интиқоли автомобилӣ (ТИА) ва рушди устувори инфрасохторҳои нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) шабакаи нақлиётӣ мебошад, ки маҷмӯи ҳамаи воситаҳои алоқаро, ки маҳалҳои аҳолинишинро минтақаро бо ҳам мепайванданд, ташкил медиҳад.

Таҳқиқотҳои ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳама бештар дар сатҳи ташкили интиқоли автомобилӣ (ТИА) ва рушди устувори инфрасохторҳои нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) ба мушоҳида мерасад, ки дар вилояти Хатлон минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоб мавҷуд аст.

Дар асоси таҳлили шабакаи нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳо самтҳои афзалиятноки ташкили интиқоли автомобилӣ (ТИА) ва рушди устувори инфрасохторҳои нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) дар кишвар муқаррар карда мешаванд. Ин бояд на танҳо афзоиши дарозии роҳҳо, балки беҳтар шудани нишондиҳандаҳои техникӣ ва истифодабариро низ ба назар гирад. Омӯзиши зичии шабакаи роҳҳо таваҷҷӯҳи махсусро тақозо дорад, ки зарурати истифодаи захираҳоро барои ташкили интиқоли автомобилӣ (ТИА) ва рушди устувори инфрасохторҳои нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) минтақаро муайян мекунад.

Зичии шабакаи роҳҳои Тоҷикистон дар майдони 100 километри мураббаъ майдон дар соли 2025 18,91 км (аз он 9,92 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумӣ) - ро ташкил дод, ки нисбат ба кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта (ИМА 600, Канада 300 км / 1000 мв.км) хеле пасттар аст).

Ҷадвали 2. Зичии шабакаи роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2025

Минтақаҳо	Роҳҳо, ҳамагӣ		Роҳҳои истифодаи умум	
	ба 100 кв.км ҳудуд, км	ба 1000 нафар аҳолӣ, км	ба 100 кв.км ҳудуд, км	ба 1000 нафар аҳолӣ, км
Дар ҷумҳурӣ	**0,1**	**1,4**	**0,1**	**1,4**
Вилояти Хатлон	22,1	1,1	6,0	0,4
Минтақаи Бохтар	22,0	1,1	5,6	0,3
Минтақаи Кӯлоб	21,1	1,0	6,6	0,5

Таҳияи муаллиф: *аз рӯи натиҷаҳои ҳисобҳо.*

Вазъи пасти шароити роҳ ва мушкилот дар ташкили ҳамлу нақли ва идоракунии ҳаракат ба садамаҳои зиёди нақлиётӣ ҳалокати мусофирон ва ронандагон ва ҷароҳатҳои онҳо оварда мерасонад.

Нишондиҳандаи шумораи ҳалокшудагон дар садамаҳои нақлиётӣ дар ҳисоби 1000 мошин 4 маротиба аз нишондиҳандаи монанд дар кишварҳои пешрафта зиёдтар аст. Нишондиҳандаҳои бехатарии раванди нақлиётӣ, пеш аз ҳама, ҳаракати роҳ, ба сатҳи ҷаҳонӣ мувофиқат намекунанд.

Ҳар сол дар кишвар зиёда аз 1500-2000 нафар ҳалок ва захмӣ мешаванд. Дар соли 2025 садамаҳои нақлиётӣ дар кишвар 326 ададро ташкил доданд, ки дар онҳо 164 нафар ҳалок ва 345 нафар захмӣ шуданд.

Дар ҷадвали 3 нишондиҳандаҳои садамаҳо, шумораи осебдидагон ва ҳалокшудагон дар роҳҳои минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2025 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Садамаҳои нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2017 - 2025

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2025	2025с. нисбат ба 2024с. бо %
Шумораи садамаҳо	421	384	331	309	326	348	401	413	484	117,2
Шумораи фавтидагон	159	141	136	121	164	154	174	186	191	102,7
Шумораи захмишудагон	456	417	377	340	345	353	367	378	403	106,6

Эзоҳ: *Аз ҷониби муаллиф дар асоси омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – 327.*

Маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки садамаҳо дар байни солҳои 2017 ва 2025 тамоюли афзоиш доранд. Нишондиҳандаи баландтарин дар соли 2025 (484 адад) ва пасттарин дар соли 2020 (309 адад) мушоҳида мешавад. Нисбат ба соли 2024 ин нишодиҳанда ба 117,2%, аз он ҷумла, шумораи фавтидагон ба 102,7% ва шумораи захмишудагон ба 106,6% зиёд ба қайд гирифта шудааст. Натиҷаҳои таҳлили соли 2025 нишон доданд, ки садамаҳо дар вилояти Хатлон 484 адад ё баробари 39,46% (191 фавтидагон), шумораи захмишудагон 403 адад ё баробари 83,66%-ро ташкил медиҳад.

Абдураҳмонов Д.М. дар он назар аст, ки “идоракунии самараноки воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ, аз ҷумла нақлиёти махсуси корхонаҳои истифодабарии роҳ дар доираи зерсистемаҳои интеллектуалии нақлиётӣ, ки ба самти алоҳида ҷудо карда шудаанд, барои корхонаҳои нақлиётӣ, минтақаҳои маъмурӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ муҳим мебошанд. Ташкил кардани зерсистемаи СИН, пеш аз ҳама, барои бурдани назорати самаранок аз болои ҳолати роҳҳо баҳри таъмини бехатарии ҳаракати автомобилҳо нақши муҳим мебозад”[1].

Роҳҳои рушди нақлиёти автомобилӣ, дар навбати худ, ҳамгироии соҳаи роҳ ва ташкили интиқоли нақлиёти автомобилӣ (ТИНА) ва рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) - ро талаб мекунанд. Нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти ҳавоии вилояти Хатлон диққати махсусро талаб мекунад ва барои хариди намудҳои нави нақлиёт, ҳавопаймоҳои муосир, терминалҳои ҳавоӣ ва таҷҳизотҳои хизматрасони муосир бо стандартҳои байналмилалӣ сармоягузории заруриро талаб мекунад. Такмили ихтисоси кормандон ва кормандон дар соҳаи нақлиёт низ бояд беҳтар карда шавад. Ҳамаи чорабиниҳои номбаршуда ба рушди устувори бахши нақлиёт ва иқтисодиёти вилояти Хатлон, аз он ҷумла, минтақаи Кӯлоб мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, тағйироти мусбат дар иқтисодиёти минтақа роҳи рушди муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ (МНА) хоҳад буд, ки бо фаъолияти ташкили интиқоли нақлиёти автомобилӣ (ТИНА) ва рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ) ҳамоҳанг карда мешавад, дастрасӣ ва бехатарии хизматрасонӣ, кам кардани хароҷоти умумии интиқоли мусофирон ва молҳо, бо афзоиши талаботи пардохтпазир. Оварда мерасонад. Ин мушкилотро дар ҳисоби ночиз ҳал намуда, ташкили интиқоли нақлиёти автомобилӣ (ТИНА) ва рушди устувори инфрасохтори нақлиётӣ-технологӣ (РУИНТ)-ро, ки таъмини амнияти иқтисодӣ ва стратегии минтақавиро ташкил медиҳад, таъмин кардан мумкин аст.

Ин дар навбати худ мушкилоти дигареро ба вуҷуд меорад, ки бо бад шудани вазъи экологӣ, зиёд шудани тамбашавии нақлиёт, қобилияти пасти роҳҳо, ки ба зиёд шудани вақти сафар, афзоиши садамаҳои нақлиётӣ мусоидат мекунанд, алоқаманд аст. Омилҳои номбаршуда дар шароити ташаккули ҷараёни нақлиёт таъсири манфӣ мерасонанд [11].

Рақобат дар бозори хизматрасонии мусофиркашонӣ бояд мушкилоти ба миён омадаро ҳал мекард. Аммо рақобат дар бозор ҳадафи афзоиши фоидаи корхонаҳоро аз ҳисоби афзоиши парки мошинҳо ва дигар усулҳо, на аз ҳисоби баланд бардоштани сифати мусофиркашонӣ қарор дод [10].

Фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии парки мошинҳои ҷумҳурӣ боз як мушкилот дар соҳаи мусофиркашонӣ мебошад. Корхонаҳо парки мошинҳои худро аксар вақт бо автобусҳои истифодашуда пур мекунанд. Автобусҳои синни 1-2 сола 5% муассисаро ташкил медиҳанд, синни 3-5 сола 7,5%. Ҳиссаи техникаи автобусҳо, ки синнаш 6-10 сол ва синнаш 11-15 сол аст, мутаносибан 17,5% ва 18% баробар аст. Автобусҳои 16-20 сола ва 21-25 сола 10% муассисаро ташкил медиҳанд ва техникаи аз 25-сола боло 32% муассисаро ташкил медиҳад.

Хулоса. Бо назардошти омили афзоиши ҳаракатҳои аҳолӣ, афзоиши фаъолияти он дар масъалаи ҳаракат ба минтақаҳои ҷалбкунанда (минтақаҳои истироҳатӣ, марказҳои таълимӣ, марказҳои савдо ва фароғатӣ, марказҳои варзишӣ ва ғайра) методологияи баланд бардоштани самаранокии идоракунии интиқоли автобусҳоро дар шароите, ки ҷараёни мусофирон ба таври назаррас дар минтақаи Кӯлоб меафзояд, таҳия кардан зарӯр мешуморем.

Адабиёт

1. Абдураҳмонов, Д. М. Системаи интеллектуалии нақлиётӣ яке аз воситаҳои муҳими назорати роҳ ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ / Д. М. Абдураҳмонов, Н. А. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. – 2024. – No. 2-2(123). – P. 56-62. – EDN CCPUUZ.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2025. – С. 210 – 213.
3. Ашуров, Н. А. Таҳлили ҳамлу нақли боркашонии корхонаи нақлиётӣ бо усули индексӣ (дар мисоли корхонаи ҶДММ «Хатлонтранс»-и Ш. Бохтар) / Н. А. Ашуров, Н. Ш. Холов, С. Д. Муродов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2024. – No. 1-1(119). – P. 257-261. – EDN COUUAI.
4. Вельможин, А.В. Теория организации и управления автомобильными перевозками: логистический аспект формирования перевозочных процессов: Монография/А.В. Вельможин, В.А. Гудков, Л.Б. Миротин. - Волгоград, РПК Политехник, 2001;
5. Вельможин, А.В. Теория транспортных процессов и систем/А.В. Вельможин, В.А. Гудков, Л.Б. Миротин. - М.: Транспорт, 1998;
6. Гудков, В.А. Технология, организация и управление пассажирскими автомобильными перевозками: учеб. для вузов/ В.А. Гудков, Л.Б. Миротин; под ред. Л.Б. Миротина. - М.: Транспорт, 1997.;
7. Гудков, В.А. Логистика: учебное пособие для студентов вузов транспортных специальностей / В.А. Гудков, Л.Б. Миротин, С.А. Ширяев. Волгоград, РПК Политехник, 2002.;
8. Кравченко, Е.А. Основы управления качеством транспортного обслуживания населения: учеб. пособие: Кубан. гос. технол. ун-т/ Е.А. Кравченко. - Краснодар, 1997;
9. Кравченко, Е.А. Повышение качества обслуживания населения и разработка систем управления автобусными перевозками по видам сообщений на основе комплексного критерия качества в условиях рыночных отношений: автореф. дисс... д.т.н.: 05.22.10/ Е.А. Кравченко. - Волгоград, 1998.
10. Комарова, И. А. Экономические методы управления качеством пассажирских автомобильных перевозок: дис. канд. экон. наук / И. А. Комарова. - М.: 2007. - 184 с.; Криницкий, Е. Городской пассажирский транспорт - больная тема последнего десятилетия / Е. Криницкий // Автомобильный транспорт. - 2002. - № 5. - С. 10 -13.
11. Национальная стратегиея развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, утвержденная Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, №392.
12. СНиП. П-60-75. II, гл. 60. Планировка и застройка городов, посёлков и сельских населённых пунктов. - М.: Стройиздат, 1976;
13. СНиП 2.07.01-89. Планировка и застройка городов, посёлков и сельских населённых пунктов. - М.: Стройиздат, 1989.
14. Курганов, В.М. Логистика. Управление автомобильными перевозками. Практический опыт / В.М. Курганов. – М.: Книжный мир, 2007. – 448 с.;
15. Правила организации пассажирских перевозок на автомобильном транспорте. Утв. Минавтотрасом РСФСР от 31.12.1981. -М. 1983. -511 с.
16. Фохаков, А. С. Эффективность транспортного обслуживания населения горного региона в условиях рыночной экономики (на примере Республики Таджикистан): специальность 08.00.05. Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Фохаков Абдурауф Сайдалиевич. – Душанбе, 2004. – 181 с. – EDN NOEKHV.
17. Фохаков, А.С. Пути улучшения транспортного обслуживания населения горных регионов / А. С. Фохаков, Н. Ш. Мирзоева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2013. – № 2/7(123). – С. 115-118. – EDN VNWCTH.
18. Сангинов, О.К. Теоретико-методологические основы повышения эффективности транспортного обслуживания сельского населения горного региона в условиях рыночной экономики / О. К. Сангинов, А. С. Фохаков // Вестник Таджикского технического университета. – 2011. – № 1. – С. 104-109. – EDN NYCCAX.
19. Юнусов, М.Ю. Оценка влияния динамики автомобилизации на экологическую обстановку города Душанбе / М. Ю. Юнусов, А. С. Фохаков, Б. Ж. Мажитов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2018. – № 3(43). – С. 59-67. – EDN YPOPLN.
20. Сайдализода, А. С. Арзёбии ҳамаҷонибаи таъсири нақлиёти мусофирбар ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа / А. С. Сайдализода, С. Д. Муродов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 4-1(59). – EDN NOHOAT.

УДК: 338.246.027 + 378.3 + 004

МУШКИЛОТ ВА МАҲДУДИЯТҲОИ МЕХАНИЗМИ АМАЛКУНАНДАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Икромӣ Фазлиддин Нуриддин
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе
Наимов Миркурбон Юсуфҷонович
Докторанти Ph.D дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Мақола ба масъалаи баррасии мушкилот ва маҳдудиятҳои низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди рақамикунонӣ бахшида шудааст. Дар он нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани шаффофияти амалиёти молиявӣ, самаранокии истифодаи маблағҳо ва такмили назорати хароҷоти муассисаҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муайян карда шудааст, ки норасоии инфрасохтори техникию рақамӣ, маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва сатҳи нокифояи малакаҳои рақамии кормандон аз омилҳои асосии боздорандаи ин раванд мебошанд.

Ҳамзамон, ҳамгироии нопурраи системаҳои иттилоотӣ ва афзоиши хавфҳои киберамният ба сифати идоракунии захираҳои молиявӣ таъсири манфӣ расонида метавонанд. Дар асоси таҳлил зарурати рушди инфрасохтори рақамӣ, такмили малакаҳои касбии кормандон, таҳкими ҳифзи иттилоот ва ҷорӣ намудани механизмҳои муосири идоракунии маблағгузорӣ пешниҳод мегардад.

Калидвожаҳо: буҷет, маблағгузорӣ, таҳсилоти олии касбӣ, рақамикунонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, технологияҳои рақамӣ, шаффофияти молиявӣ, инфрасохтори рақамӣ, омодагии кадрҳо, ҳамгироии системаҳо,маҳдудиятҳои буҷетӣ, киберамният, идоракунии молиявӣ.

ПРОБЛЕМЫ И ОГРАНИЧЕНИЯ ДЕЙСТВУЮЩЕГО МЕХАНИЗМА ФИНАНСИРОВАНИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Икроми Фазлиддин Нуриддин
доктор экономических наук, доцент кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. Республика Таджикистан, Душанбе
Наимов Миркурбон Юсуфджонович
докторант Ph.D. Таджикского национального университета. Республика Таджикистан, Душанбе

Статья посвящена рассмотрению проблем и ограничений системы финансирования учреждений высшего профессионального образования в Республике Таджикистан в условиях развития цифровизации. В ней рассматривается роль цифровых технологий в повышении прозрачности финансовых операций, эффективности использования денежных средств и совершенствовании контроля за расходами учреждений. Установлено, что недостаток технической и цифровой инфраструктуры, ограниченность финансовых ресурсов и недостаточный уровень цифровых навыков сотрудников являются одними из основных факторов, сдерживающих данный процесс.

Вместе с тем неполная интеграция информационных систем и возрастание рисков кибербезопасности могут негативно влиять на качество управления финансовыми ресурсами. На основе проведённого анализа обосновывается необходимость развития цифровой инфраструктуры, совершенствования профессиональных навыков сотрудников, усиления защиты информации и внедрения современных механизмов управления финансированием.

Ключевые слова: бюджет, финансирование, высшее профессиональное образование, цифровизация, Республика Таджикистан, цифровые технологии, финансовая прозрачность, цифровая инфраструктура, кадровая подготовка, интеграция систем, бюджетные ограничения, кибербезопасность, финансовое управление.

PROBLEMS AND LIMITATIONS OF THE EXISTING FINANCING MECHANISM FOR HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION INSTITUTIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN UNDER CONDITIONS OF DIGITALIZATION

Ikromi Fazliddin Nuriddin
Doctor of Economics, Associate Professor, Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Republic of Tajikistan, Dushanbe
Naimov Mirqurbon Yusufjonovich
PhD Doctoral Student, Tajik National University. Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article examines the problems and limitations of the financing system of higher professional education institutions in the Republic of Tajikistan under the conditions of advancing digitalization. It considers the role of digital technologies in increasing the transparency of financial operations, improving the efficiency of financial resource utilization, and strengthening expenditure control within educational institutions. The study establishes that inadequate technical and digital infrastructure, limited financial resources, and insufficient digital skills among employees are among the key factors constraining this process.

At the same time, the incomplete integration of information systems and increasing cybersecurity risks may negatively affect the quality of financial resource management. Based on the analysis, the article emphasizes the need to develop digital infrastructure, improve the professional and digital competencies of employees, strengthen information security, and introduce modern financing management mechanisms.

Keywords: budget, financing, higher professional education, digitalization, Republic of Tajikistan, digital technologies, financial transparency, digital infrastructure, staff training, systems integration, budget constraints, cybersecurity, financial management.

Муқаддима. Рақамисозии иқтисодиёт ва низоми идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба яке аз самтҳои муҳими рушди ҷомеа табдил ёфтааст. Пешрафти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба фаъолияти соҳаҳои гуногун таъсири назаррас расонида, зарурати мутобиқшавии сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои таълимиро ба талаботи замони муосир ба миён овардааст. Дар чунин шароит муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун марказҳои асосии омодасозии мутахассисони соҳибкасб нақши муҳим мебозанд. Самаранокии фаъолияти онҳо аз сатҳи ташкили низоми идоракунӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таъмини молиявии устувор вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, масъалаи такмили механизми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давраи рақамисозӣ аҳамияти хосса касб намудааст.

Дар шароити муосир рақамисозӣ на танҳо воситаи содда кардани раванди идоракунӣ, балки омили баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани барномаҳои электронӣ, низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирӣ ва технологияҳои рақамӣ метавонад ба беҳтар шудани назорати молиявӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ як қатор мушкилот ба назар мерасанд. Норасоии маблағгузорӣ, кӯҳна будани таҷҳизоти техникӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба технологияҳои муосир ва сатҳи нокифояи омодагии баъзе мутахассисон аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки раванди рушди босамари ин муассисаҳоро маҳдуд месозанд. Илова бар ин, талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат муассисаҳои таҳсилоти олиро водор менамояд, ки пайваста сифати таълим ва низоми идоракунии худро такмил диҳанд.

Бо дарназардошти ин омилҳо, зарурати таҳияи механизмҳои нави маблағгузорӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ бештар эҳсос мегардад. Рушди низоми идоракунии электронӣ метавонад барои таъмини шаффофият, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои таълимӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Ҳамзамон, ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва омода намудани мутахассисони соҳавӣ метавонанд ба таҳкими фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат намоянд.

Методология. Дар илми иқтисод назарияи молия ва идоракунии давлатӣ механизми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун ҷузъи муҳими низоми молиявии кишвар мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар шароити муосири рушд, рақамисозӣ на танҳо ҳамчун воситаи содда кардани раванди идоракунии молиявӣ, балки чун омили калидии таъмини шаффофият ва самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ омӯхта мешавад. Аммо, бо назардошти гузариши босуръати соҳаҳои иқтисодиёт ба технологияҳои рақамӣ ва ба миён омадани талаботи нав, механизмҳои анъанавии маблағгузорӣ наметавонанд талаботи муосирро пурра инъикос намоянд, ки ин зарурати такмили онҳоро бо дарназардошти равандҳои муосири рақамикунонӣ ба миён меорад.

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи молия, идоракунии захираҳои молиявӣ ва рақамикунонии соҳаи маориф, аз ҷумла А. Б. Мирсаидов[6], Г. А. Балыхин[3], Г. Д. Маматова[5], З. Ф. Раҳмонзода[10], И. В. Абанкина[1], О. Г. Ананова[2], Р. А. Набиев[7], Т. А. Позняк[8], Т. В. Варкулевич[4], Т. Расулов[9] ва дигарон ташкил медиҳанд. Дар раванди тадқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ барои омӯзиши нақши технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти молиявӣ; усули таҳлили сохторӣ барои ба ҳафт гурӯҳи асосӣ ҷудо кардани мушкилот ва маҳдудиятҳои мавҷуда; инчунин усули таҳлили системавӣ барои арзёбии ҳолати инфрасохтори техникӣ, омодагии кадрҳо ва хавфҳои киберамният истифода бурда шуданд.

Махсусан, таҳқиқи ҳамаҷонибаи мушкилоти ҳамгироии низомҳои молиявӣ ва маҳдудиятҳои буҷетӣ зарурати банақшагирӣ ва пешниҳоди механизмҳои муосири идоракуниро барои рушди устувори соҳаи таҳсилоти олии касбӣ талаб менамояд.

Натиҷаҳо. Дар раванди омӯзиш ва таҳлили вазъияти мавҷуда муайян гардид, ки бо густариши равандҳои рақамисозӣ ва тағйирёбии муносибатҳои идоракунӣ як қатор масъалаҳои ҳалталаб ба миён омадаанд. Механизми амалкунандаи идоракунӣ, ки дар шароити нави иқтисоди рақамӣ фаъолият мекунад, на ҳамеша ба талаботи муосир мутобиқ буда, дар баъзе самтҳо маҳдудиятҳои ҷиддӣ дорад. Ин маҳдудиятҳо бештар дар самти ҳамоҳангсозии равандҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти сохторҳо ба назар мерасанд. Аз нигоҳи мо, мачмӯи чунин омилҳо дар умум ба ҳафт гурӯҳи асосии мушкилот ҷудо мешаванд, ки ҳар яке ба таври мустақим ё ғайримустақим ба натиҷанокии низоми амалкунанда таъсир мерасонад. Тавсифи муфассали ин мушкилот ва хусусиятҳои онҳо дар расми 1 инъикос ёфтааст (ниг. ба расми 1).



Расми 1. Сохтори асосии мушкилот ва маҳдудиятҳои механизми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар идомаи таҳлил, мо ба баррасии муфассал ва шарҳи возеҳи ҳар як аз сохторҳо ва унсурҳои зикршуда мепардозем, то моҳият, хусусиятҳо ва нақши онҳо дар механизми амалкунанда равшан гардад.

1. Номукаммалии гузариш ба низоми рақамии идоракунии молиявӣ. Яке аз мушкилоти муҳиме, ки имрӯз дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, номукаммал будани раванди гузариш ба низоми рақамии идоракунии молиявӣ мебошад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва татбиқи васеи иқтисоди рақамӣ зарурати истифодаи системаҳои муосири идоракунӣ рӯз аз рӯз бештар мегардад. Бо вуҷуди ин, на ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавонистаанд низоми электронии молиявиро ба таври пурра ҷорӣ намоянд. Дар бисёр ҳолатҳо қисми муайяни фаъолияти молиявӣ то ҳол бо усулҳои анъанавӣ амалӣ карда мешавад. Истифодаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ ва ҳисоббаробаркунии дастӣ ҳанӯз ҳам дар баъзе муассисаҳо ба назар мерасад.

Яке аз самтҳое, ки бештар ба мушкилот дучор мебошад, раванди буҷетсозӣ ба ҳисоб меравад. Дар баъзе муассисаҳо таҳияи нақшаҳои молиявӣ бо усулҳои кӯҳна анҷом дода мешавад. Ин ҳолат имконияти коркарди фаврии маълумотро маҳдуд мегардонад. Ҳангоми истифодаи низоми анъанавӣ ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот вақти зиёдро талаб мекунад. Баъзан маълумоти зарурӣ дер дастрас мешавад. Ин вазъият метавонад ба қабули қарорҳои молиявии нодуруст оварда расонад. Илова бар ин, ҳамоҳангсозии фаъолияти шуъбаҳои гуногун низ мушкил мегардад.

Ҳисоббаробаркунӣ низ яке аз самтҳое мебошад, ки ба сатҳи рақамисозӣ вобастагии калон дорад. Дар ҳолате ки равандҳо пурра автоматиконида нашудаанд, эҳтимоли ба вуҷуд омадани хатогиҳо зиёд мешавад. Ҳангоми дастӣ ворид намудани маълумот дақиқии ҳисобот коҳиш меёбад. Инчунин, вақти зиёди кормандон барои иҷрои корҳои такрорӣ сарф мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо омода намудани ҳисоботи молиявӣ дер анҷом меёбад. Ин масъала метавонад ба самаранокии фаъолияти муассиса таъсири манфӣ расонад. Барои ҳамин зарурати истифодаи барномаҳои муосири баҳисобгирӣ бештар эҳсос мегардад.

Назорати харочот низ дар шароити нокифоя будани низоми рақамӣ душвор мегардад. Ҳангоми набудани базаи ягонаи электронӣ пайгирии ҳаракати маблағҳо мушкил мешавад. Ин вазъият ба сатҳи шаффофияти фаъолияти молиявӣ таъсир мерасонад. Ҳамчунин, имконияти таҳлили самаранокии истифодаи маблағҳо маҳдуд мегардад. Дар натиҷа муайян намудани самтҳои афзалиятноки харочот душвор мешавад. Илова бар ин, сатҳи назорати дохилӣ коҳиш меёбад. Барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ шаффофияти молиявӣ аҳамияти махсус дорад, зеро он ба эътимоди ҷомеа ва самаранокии фаъолияти муассиса таъсири мустақим мерасонад.

Яке аз сабабҳои асосии номукаммалии рақамисозӣ норасоии инфрасохтори техникӣ мебошад. Дар баъзе муассисаҳо таҷҳизоти компютерӣ кӯҳна шудаанд. Суръати интернет низ на ҳамеша ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мебошад. Ин ҳолат истифодаи самараноки барномаҳои рақамиро маҳдуд мекунад. Илова бар ин, на ҳамаи муассисаҳо имконияти харидорӣ ва нигоҳдории системаҳои муосири молиявиро доранд. Маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ба раванди навсозии технологияҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Масъалаи омодагии кадрҳо низ дар ин самт нақши муҳим дорад. На ҳамаи кормандони соҳаи молия малакаи кофии истифодаи технологияҳои рақамиро доранд. Баъзе мутахассисон ба усулҳои анъанавии кор бештар одат кардаанд. Аз ин сабаб мутобиқшавӣ ба низомҳои нави электронӣ барои онҳо мушкил мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо норасоии курсҳои бозомӯзӣ ва омӯзишӣ мушоҳида мешавад. Барои ҳалли ин мушкилот баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон зарур мебошад.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, гузариш ба низоми рақамии идоракунии молиявӣ яке аз шартҳои муҳими рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад ба баланд гардидани шаффофият, суръат ва самаранокии фаъолияти молиявӣ мусоидат намояд. Системаҳои электронии идоракунӣ имконияти таҳлили фаврии маълумот ва назорати дақиқи истифодаи маблағҳоро фароҳам меоранд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд сарфи вақт ва хатогиҳои техникиро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва ҷорӣ намудани барномаҳои муосири молиявӣ барои фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳамияти калон дорад.

2. Норасоии инфрасохтори рақамии молиявӣ. Мушкилоти дигаре, ки ба самаранокии идоракунии молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсири манфӣ мерасонад, норасоии инфрасохтори рақамии молиявӣ мебошад. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои муосири электронӣ ба яке аз омилҳои асосии пешбурди фаъолияти муассисаҳо табдил ёфтааст. Барои идоракунии босамари маблағгузорӣ мавҷудияти таҷҳизоти техникӣ, шабакаҳои босифати интернетӣ ва нармафзори муосир аҳамияти калон дорад. Бо вуҷуди ин, дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти олӣ инфрасохтори рақамӣ ҳанӯз ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест.

Дар баъзе муассисаҳо таҷҳизоти компютерӣ кӯҳна шудаанд ва имконияти коркарди босуръати маълумотро надоранд. Компютерҳо ва серверҳои техникӣ на ҳамеша қобилияти иҷрои барномаҳои муосири молиявиро доранд. Ин ҳолат ба сифати фаъолияти идоракунӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳангоми суст будани техника раванди коркарди маълумот вақти зиёдро талаб мекунад. Баъзан кормандон барои анҷом додани амалиётҳои оддӣ низ вақти зиёд сарф менамоянд. Ин масъала махсусан дар раванди таҳияи ҳисобот ва таҳлили маълумоти молиявӣ бештар эҳсос мегардад.

Яке аз унсурҳои муҳими инфрасохтори рақамӣ дастрасӣ ба интернети босифат мебошад. Дар баъзе муассисаҳо суръати интернет паст аст ё пайвастшавии он ноустувор мебошад. Ин ҳолат истифодаи системаҳои электрониро мушкил мегардонад. Ҳангоми қатъ гардидани интернет фаъолияти барномаҳои молиявӣ низ маҳдуд мешавад. Дар натиҷа раванди воридсозӣ ва мубодилаи маълумот суст мегардад. Илова бар ин, ҳамоҳангсозии фаъолияти шуъбаҳои гуногун душвортар мешавад.

Норасоии нармафзори махсус низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Барои идоракунии самараноки маблағгузорӣ истифодаи барномаҳои муосири баҳисобгирӣ ва таҳлили молиявӣ зарур мебошад. Аммо на ҳамаи муассисаҳо чунин барномаҳоро истифода мебаранд. Дар баъзе ҳолатҳо барномаҳои кӯҳна ё маҳдуд истифода мешаванд. Ин системаҳо наметавонанд тамоми равандҳои молиявиро ба таври пурра фаро гиранд. Дар натиҷа қисми муайяни амалиётҳо ба таври дастӣ анҷом дода мешаванд. Ин ҳолат хатари ба вуҷуд омадани хатогиҳоро зиёд мекунад.

Маҳдуд будани имкониятҳои техникии системаҳои мавҷуда ба таҳлили фаврии буҷет низ таъсир мерасонад. Дар шароити рақобати муосир муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд имконияти назорати доимии вазъи молиявиро дошта бошанд. Барои ин дастрасии фаврӣ ба маълумоти дақиқ зарур мебошад. Аммо ҳангоми набудани низоми мукаммали рақамӣ ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот вақти зиёдро талаб мекунад. Ин вазъият қабули қарорҳои молиявиро суст мегардонад. Илова бар ин, имконияти пешгӯии молиявӣ маҳдуд мешавад.

Пешгӯии молиявӣ яке аз омилҳои муҳими идоракунии самараноки маблағгузорӣ мебошад. Муассисаҳо бояд тавонанд хароҷот ва даромадҳои ояндаро пешбинӣ намоянд. Барои иҷрои чунин вазифа истифодаи технологияҳои муосири таҳлилӣ зарур аст. Аммо норасоии инфрасохтори рақамӣ имконияти истифодаи чунин технологияҳоро коҳиш медиҳад. Дар натиҷа банақшагирии молиявӣ на ҳамеша самаранок амалӣ мегардад. Ин ҳолат метавонад ба истифодаи ғайрисамараноки маблағҳо оварда расонад.

Яке аз сабабҳои асосии норасоии инфрасохтори рақамӣ маҳдуд будани маблағгузорӣ мебошад. Харидорӣ ва нигоҳдории таҷҳизоти муосир маблағҳои зиёдро талаб мекунад. На ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ имконияти ҷудо намудани чунин маблағҳоро доранд. Илова бар ин, навсозии доимии техника ва нармафзор хароҷоти иловагиро талаб менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо дастгирии техникии системаҳо низ нокифоя мебошад. Ин масъала фаъолияти устувори низомҳои рақамиро мушкил мегардонад.

Масъалаи омодагии кадрҳо низ бо инфрасохтори рақамӣ алоқаманд аст. Ҳатто дар ҳолати мавҷуд будани техника ва барномаҳои муосир истифодаи самараноки онҳо аз сатҳи дониш ва малакаи кормандон вобаста мебошад. На ҳамаи мутахассисон бо технологияҳои рақамӣ озодона кор карда метавонанд. Барои ҳамин ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ аҳамияти калон дорад. Омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба метавонад ба истифодаи самараноки инфрасохтори рақамӣ мусоидат намояд.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, рушди инфрасохтори рақамии молиявӣ яке аз самтҳои муҳими такмили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои муосир метавонад ба баланд гардидани шаффофият ва самаранокии идоракунии молиявӣ мусоидат намояд. Системаҳои рақамӣ имконияти таҳлили фаврии маълумот, назорати дақиқи хароҷот ва банақшагирии дурусти буҷетро фароҳам меоранд. Ҳамчунин, онҳо метавонанд сарфи вақтро коҳиш дода, сифати қабули қарорҳоро беҳтар намоянд. Аз ин рӯ, тақвияти инфрасохтори рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири молиявӣ барои рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳамияти муҳим дорад.

3. Маҳдудияти шаффофияти молиявӣ. Дар шароити муосир шаффофият яке аз омилҳои асосии самаранокии фаъолияти молиявӣ ва идоракунӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ бояд имконияти назорати дақиқи ҳаракати маблағҳо, дастрасии фаврӣ ба маълумоти молиявӣ ва баланд гардидани сатҳи эътимодро таъмин намояд. Бо вуҷуди ин, дар амал татбиқи нопурраи низомҳои рақамӣ боиси ба вуҷуд омадани як қатор мушкилот мегардад. Дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олӣ иттилооти молиявӣ ҳанӯз пурра рақамӣ карда

нашудааст. Қисме аз маълумотҳо дар шакли коғазӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин ҳолат раванди идоракунӣ ва назоратро мушкил мегардонад.

Яке аз сабабҳои асосии маҳдудияти шаффофият норасоии ҳамгироии системаҳои иттилоотӣ мебошад. Дар бисёр муассисаҳо системаҳои гуногуни баҳисобгирӣ ва идоракунӣ ба таври ягона фаъолият намекунанд. Баъзан ҳар як шуъба маълумоти молиявиро дар шакли алоҳида нигоҳ медорад. Ин вазъият мубодилаи фаврии маълумотро маҳдуд мекунад. Ҳангоми мавҷуд набудани базаи ягонаи электронӣ дастрасӣ ба иттилооти пурра ва дақиқ душвор мегардад. Дар натиҷа ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои дохилӣ мушкил мешавад. Илова бар ин, раванди омода намудани ҳисоботи молиявӣ вақти зиёдро талаб менамояд.

Дар баъзе ҳолатҳо маълумоти молиявӣ дар шакли пароканда нигоҳ дошта мешавад. Қисме аз иттилоот дар барномаҳои алоҳида ҷойгир буда, қисми дигар дар ҳуҷҷатҳои коғазӣ сабт мегардад. Ин ҳолат имконияти назорати пурраи ҳаракати маблағҳоро коҳиш медиҳад. Ҳангоми зарурати таҳлили вазъи молиявӣ ҷамъоварии маълумот аз манбаъҳои гуногун вақти зиёдро талаб мекунад. Баъзан маълумотҳо бо ҳам мутобиқат намекунанд. Ин метавонад ба дақиқии ҳисобот таъсири манфӣ расонад. Илова бар ин, эҳтимоли ба вуҷуд омадани хатогиҳо зиёд мегардад.

Маҳдудияти шаффофият ба сатҳи самаранокии истифодаи маблағҳо низ таъсир мерасонад. Ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дақиқ ва фаврӣ назорати хароҷот мушкил мешавад. Муассисаҳо на ҳамеша имконияти пурраи арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои молиявиро доранд. Дар баъзе ҳолатҳо муайян намудани самтҳои афзалиятноки хароҷот душвор мегардад. Ин вазъият метавонад ба истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо оварда расонад. Барои ҳамин дастрасии шаффоф ба иттилооти молиявӣ аҳамияти калон дорад.

Яке аз масъалаҳои дигари вобаста ба шаффофият маҳдуд будани дастрасии кормандон ба маълумоти молиявӣ мебошад. Дар баъзе муассисаҳо низоми мубодилаи иттилоот ба таври самаранок ба роҳ монда нашудааст. Маълумот на ҳамеша сари вақт ба шуъбаҳои дахлдор пешниҳод мегардад. Ин масъала ба суръати қабули қарорҳои идоракунӣ таъсир мерасонад. Ҳангоми набудани иттилооти пурра роҳбарият наметавонад вазъи воқеии молиявиро дақиқ арзёбӣ намояд. Дар натиҷа банақшагирӣ ва идоракунии маблағҳо мушкил мегардад.

Масъалаи амнияти иттилоот низ ба шаффофияти молиявӣ алоқаманд мебошад. Ҳангоми истифодаи системаҳои пароканда ҳифзи маълумот мушкилтар мегардад. Баъзе муассисаҳо дорои низоми пурраи ҳифзи иттилооти рақамӣ нестанд. Ин ҳолат метавонад хатари гумшавӣ ё тағйир ёфтани маълумотро зиёд намояд. Илова бар ин, набудани назорати ягона метавонад ба паст гардидани эътимод ба ҳисоботҳои молиявӣ оварда расонад. Барои ҳамин истифодаи системаҳои муосири ҳифзи иттилоот зарур мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии маҳдудияти шаффофият нокифоя будани инфрасохтори рақамӣ мебошад. Дар баъзе муассисаҳо таҷҳизоти техникӣ ва нармафзори мувофиқ пурра ҷорӣ карда нашудааст. Ин ҳолат имконияти ташкили базаи ягонаи иттилоотиро маҳдуд мекунад. Ҳамчунин, сатҳи омодагии кадрҳо низ таъсири муҳим дорад. На ҳамаи кормандон малакаи кофии истифодаи системаҳои рақамиро доранд. Барои ҳамин истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ на ҳамеша таъмин мегардад.

Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани сатҳи шаффофияти молиявӣ яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани низомҳои ягонаи электронии идоракунӣ метавонад ба беҳтар гардидани дастрасӣ ба иттилооти молиявӣ мусоидат намояд. Инчунин, ҳамгироии системаҳои иттилоотӣ имконияти таҳлили фаврии маълумот ва назорати самараноки хароҷотро фароҳам меорад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад дақиқии ҳисоботро баланд бардорад ва хатари хатогиҳоро коҳиш диҳад. Ҳамзамон, рушди шаффофият ба баланд гардидани эътимоди ҷомеа ва самаранокии фаъолияти муассисаҳо мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, такмили низоми рақамии идоракунии молиявӣ ва таъмини дастрасии васеъ ба иттилооти молиявӣ барои рушди устувори муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳамияти калон дорад.

4. Сатҳи пасти омодагии кадрҳо. Масоили дигаре, ки ба самаранокии ҷорӣ ва рушди механизмҳои рақамии идоракунии молиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсири мустақим мерасонад, сатҳи омодагии нокифояи кадрҳо мебошад. Дар шароити муосири рақамисозии иқтисодиёт истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои электронии баҳисобгирӣ ба як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти молиявӣ табдил ёфтааст. Аммо самаранокии ин раванд то андозае аз сатҳи донишу малакаи кормандони масъули соҳаи молия вобаста мебошад. Агар кормандон дорои малакаи кофии рақамӣ набошанд, истифодаи пурраи имкониятҳои системаҳои муосир таъмин карда намешавад.

Дар бисёр муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушоҳида мегардад, ки як қисми кормандони бахши молия ва баҳисобгирӣ ҳанӯз ба усулҳои анъанавии кор бештар такя мекунанд. Онҳо бо барномаҳои муосири идоракунии молиявӣ пурра шинос нестанд ё дар истифодаи онҳо таҷрибаи кофӣ надоранд. Ин ҳолат ба раванди гузариш ба низоми рақамӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа, истифодаи системаҳои электронӣ на ҳамеша самаранок ба роҳ монда мешавад. Баъзе амалиётҳо ба таври дастӣ такрор мешаванд, ки ин боиси зиёд шудани сарфи вақт мегардад.

Яке аз оқибатҳои асосии сатҳи пасти омодагии кадрҳо пайдо шудани хатогиҳо дар раванди кор мебошад. Ҳангоми истифодаи нодурусти барномаҳои молиявӣ эҳтимоли ворид намудани маълумоти нодуруст зиёд мегардад. Ин хатогиҳо метавонанд ба дақиқии ҳисоботҳои молиявӣ таъсир расонанд. Дар баъзе ҳолатҳо ислоҳи чунин хатогиҳо вақти иловагӣ ва захираҳои иловагиро талаб мекунад. Илова бар ин, хатогиҳо метавонанд ба таҳлили нодурусти вазъи молиявӣ оварда расонанд.

Таъхир дар коркарди маълумоти молиявӣ низ яке аз мушкилоти дигар ба ҳисоб меравад. Вақте ки кормандон малакаи кофии истифодаи системаҳои рақамиро надоранд, иҷрои амалиётҳо суст мегардад. Ин ҳолат махсусан дар даврaҳои омода намудани ҳисоботҳои молиявӣ бештар ба назар мерасад. Дар чунин шароит

ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот вақти зиёдро талаб мекунад. Дар натиҷа, қабули қарорҳои идоракунӣ низ ба таъхир меафтад.

Яке аз сабабҳои асосии ин мушкилот норасоии барномаҳои мунтазами омӯзишӣ мебошад. Дар баъзе муассисаҳо курсҳои такмили ихтисос барои кормандони молиявӣ ба таври кофӣ ташкил карда намешаванд. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки кормандон аз навгониҳои технологӣ сари вақт огоҳ намешаванд. Ҳамзамон, суръати рушди технологияҳои рақамӣ хеле баланд аст ва бидуни омӯзиши мунтазам мутобиқшавӣ душвор мегардад. Барои ҳамин ташкили барномаҳои омӯзишии доимӣ аҳамияти муҳим дорад.

Масъалаи дигар набудани таҷрибаи амалии кофӣ дар истифодаи системаҳои муосир мебошад. Бисёре аз кормандон танҳо донишҳои назариявӣ доранд, аммо дар амал бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳолат метавонад ба номувофиқатии байни дониш ва таҷриба оварда расонад. Барои баланд бардоштани самаранокӣ зарурати ташкил намудани машғулиятҳои амалӣ ва тренингҳои махсус ба миён меояд. Танҳо дар чунин шароит кормандон метавонанд малакаҳои заруриро инкишоф диҳанд.

Сатҳи пасти омодагии кадрҳо инчунин ба истифодаи нопурраи имкониятҳои системаҳои рақамӣ оварда мерасонад. Баъзе барномаҳои муосир дорои функсияҳои васеи таҳлилӣ ва идоракунӣ мебошанд, аммо аз сабаби надоштани дониш онҳо пурра истифода намешаванд. Ин ҳолат самаранокии сармоягузорӣ ба технологияҳои иттилоотиро коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, потенсиали воқеии рақамисозӣ пурра амалӣ намегардад.

Барои ҳалли ин масъала баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии кормандон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ташкили курсҳои омӯзишӣ, семинарҳо ва барномаҳои бозомӯзӣ метавонад ба беҳтар шудани вазъ мусоидат намояд. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани низоми арзёбии малакаҳои рақамӣ барои кормандон метавонад самаранок бошад. Бо ин роҳ имкон фароҳам меояд, ки сатҳи омодагии кадрҳо мунтазам назорат ва такмил дода шавад.

5. Мушкилоти ҳамгироии системаҳои молиявӣ. Албатта, ҳалли мушкилоти ҳамгироии системаҳои молиявӣ барои идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ истифодаи системаҳои электронии баҳисобгирӣ ва платформаҳои рақамӣ аҳамияти махсус дорад. Бо вуҷуди ин, дар сатҳи миллӣ ва дохилии муассисаҳо намудҳои гуногуни барномаҳои молиявӣ ва системаҳои иттилоотӣ истифода мешаванд, ки аксаран бо ҳамдигар пурра мутобиқат надоранд. Ин номувофиқатӣ ба раванди табодули маълумот ва таҳлили он таъсири манфӣ мерасонад.

Дар бисёр ҳолатҳо ҳар як муассиса ё ҳатто ҳар як сохтори дохилии он аз системаҳои алоҳидаи баҳисобгирӣ истифода мебарад. Ин системаҳо метавонанд формати гуногуни нигоҳдории маълумот дошта бошанд. Дар натиҷа, ҳангоми зарурати ҷамъоварии маълумот барои таҳлили умумӣ мушкилот ба вуҷуд меояд. Маълумот аз як система ба системаи дигар бо осонӣ интиқол дода намешавад. Баъзан лозим меояд, ки маълумот дастӣ табдил дода шавад, ки ин вақти зиёдро талаб мекунад ва хатари хатогиҳоро зиёд менамояд.

Яке аз мушкилоти асосӣ набудани стандартҳои ягона барои мубодилаи маълумоти молиявӣ мебошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани стандартҳои муштарак, ҳар як система тибқи қоидаҳои худ кор мекунад. Ин вазъият ҳамоҳангсозии иттилоотро мушкил мегардонад. Ҳангоми кӯшиши таҳлили маҷмӯии вазъи молиявӣ маълумотҳо метавонанд номувофиқ ё нопурра бошанд. Ин ҳолат ба сифати таҳлил ва дурустии натиҷаҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Набудани ҳамгироии пурраи системаҳо инчунин ба раванди қабули қарорҳои идоракунӣ таъсир мерасонад. Барои қабули қарорҳои дуруст маълумоти дақиқ ва пурра зарур аст. Аммо ҳангоми пароканда будани манбаъҳои иттилоот ҷамъоварии маълумот вақти зиёдро талаб мекунад. Дар натиҷа қарорҳо бо таъхир қабул мешаванд. Ин ҳолат махсусан дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ метавонад таъсири манфӣ дошта бошад.

Илова бар ин, ҳамгироии номукаммали системаҳо сатҳи шаффофияти молиявиро коҳиш медиҳад. Вақте ки маълумот дар платформаҳои гуногун нигоҳ дошта мешавад, назорати ягонаи он мушкил мегардад. Ин ҳолат метавонад ба паст шудани сатҳи эътимод ба ҳисоботҳои молиявӣ оварда расонад. Барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки бо маблағгузории давлатӣ ва дигар манбаъҳо фаъолият мекунанд, шаффофият аҳамияти махсус дорад.

Яке аз омилҳои ба вуҷуд омадани ин мушкилот набудани сиёсати ягонаи рақамисозӣ дар сатҳи миллӣ мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо муассисаҳо мустақилона системаҳои худро интихоб мекунанд, бе он ки онҳо бо дигар платформаҳо ҳамоҳанг бошанд. Ин ҳолат боиси парокандагии муҳити иттилоотӣ мегардад. Барои ҳалли ин масъала зарурати таҳияи стандартҳои ягонаи миллӣ барои системаҳои молиявӣ ба миён меояд.

Мушкилоти дигар сатҳи пасти мутобиқшавии нармафзорҳои мавҷуда мебошад. Баъзе системаҳои истифодашаванда имконияти интегратсия бо дигар барномаҳоро надоранд. Ин маҳдудият табодули автоматии маълумотро ғайриимкон месозад. Дар натиҷа қисми зиёди корҳо дастӣ иҷро карда мешаванд. Ин ҳолат самаранокии умумии идоракуниро коҳиш медиҳад.

Барои ҳалли мушкилоти ҳамгироии системаҳои молиявӣ ҷорӣ намудани платформаҳои ягона ва стандартҳои муштарак аҳамияти калон дорад. Инчунин, истифодаи системаҳои кушода ва мутобиқшаванда метавонад раванди табодули маълумотро осон гардонад. Ҳамоҳангсозии барномаҳои мавҷуда ва рушди инфрасохтори ягонаи рақамӣ метавонад ба беҳтар шудани сифати идоракунии молиявӣ мусоидат намояд.

6. Маҳдудиятҳои буҷетӣ ва сармоягузорӣ. Дар шароити ҷаҳони муосир гузариш ба низоми рақамӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо як тамоюл, балки зарурати стратегӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, татбиқи пурраи ин раванд харочоти зиёди молиявиро талаб мекунад, ки он барои ҳамаи муассисаҳо ҳамеша дастрас нест.

Рақамисозии равандҳои молиявӣ хариди таҷҳизоти муосири техникӣ, насби нармафзорҳои махсус, ташкили серверҳо ва таъмини амнияти иттилоотиро дар бар мегирад. Илова бар ин, харочоти вобаста ба омӯзиши кадрҳо ва нигоҳдории системаҳо низ назаррас мебошанд. Дар бисёр ҳолатҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ

имконияти молиявии кофӣ барои пӯшонидани ҳамаи ин хароҷотро надоранд. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ марҳила ба марҳила ва бо суръати нисбатан суст амалӣ карда шавад.

Маҳдуд будани буҷети давлатӣ низ ба ин раванд таъсири муайян мерасонад. Гарчанде давлат ба рушди иқтисоди рақамӣ ва соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, аммо тақсимоти захираҳои молиявӣ бояд байни соҳаҳои гуногун амалӣ гардад. Дар чунин шароит маблағгузорӣ барои пурра навсозии инфрасохтори рақамии муассисаҳои таҳсилоти олӣ на ҳамеша дар сатҳи зарурӣ таъмин карда мешавад. Ин омил суръати татбиқи системаҳои муосири молиявиро маҳдуд месозад.

Яке аз оқибатҳои асосии маҳдудияти буҷетӣ таъхир дар навсозии инфрасохтори техникӣ мебошад. Таҷҳизоти кӯҳна на ҳамеша ба талаботи барномаҳои муосири молиявӣ ҷавобгӯ мебошанд. Барои хариди техникаи нав маблағҳои иловагӣ заруранд, ки на ҳамеша дастрасанд. Дар натиҷа муассисаҳо маҷбур мешаванд аз системаҳои кӯҳна истифода баранд, ки самаранокии онҳо пасттар аст. Ин ҳолат ба раванди рақамисозӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Илова бар ин, маҳдудияти сармоягузорӣ имконияти ҷалби технологияҳои пешрафтаро коҳиш медиҳад. Бисёре аз системаҳои муосири идоракунии молиявӣ арзиши баланд доранд ва инчунин хароҷоти нигоҳдорӣ талаб мекунанд. Дар шароити норасоии маблағ муассисаҳо на ҳамеша метавонанд чунин системаҳоро харидорӣ ва татбиқ намоянд. Ин вазъият боиси истифодаи маҳдуди имкониятҳои рақамӣ мегардад.

Масъалаи дигар вобаста ба буҷет омӯзиши нокифояи кадрҳо мебошад. Барои истифодаи самараноки системаҳои рақамӣ сармоягузорӣ ба рушди захираҳои инсонӣ зарур аст. Аммо дар баъзе ҳолатҳо маблағгузорӣ барои курсҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ кофӣ нест. Дар натиҷа сатҳи омодагии кормандон ба истифодаи технологияҳои муосир паст мемонад. Ин омил самаранокии умумии низоми рақамиро коҳиш медиҳад.

Маҳдудиятҳои молиявӣ инчунин ба ҷорӣ намудани инноватсияҳо таъсир мерасонанд. Муассисаҳо на ҳамеша имконияти санҷиш ва татбиқи технологияҳои навро доранд. Ин ҳолат рушди рақамисозиро суст мекунад ва фарқи байни талаботи муосир ва имкониятҳои воқеиро зиёд мегардонад. Дар натиҷа раванди гузариш ба низоми пурраи рақамӣ тӯлонӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин мушкилот, сармоягузорӣ ба рақамисозии соҳаи маориф аҳамияти стратегӣ дорад. Ин раванд метавонад дар оянда ба коҳиши хароҷот, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва беҳтар гардидани шаффофияти молиявӣ мусоидат намояд. Истифодаи системаҳои рақамӣ имконияти оптимизатсияи равандҳои молиявиро фароҳам меорад ва хатари хатогиҳоро коҳиш медиҳад.

7. Хавфҳои киберамният дар идоракунии молиявӣ. Яке аз таҳдидҳои асосӣ ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои молиявӣ мебошад. Ин гуна ҳамлаҳо метавонанд ба дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти махфии молиявӣ, тағйир додани иттилоот ё ҳатто нест кардани он оварда расонанд. Дар сурати набудани чораҳои кофии амниятӣ, системаҳои рақамӣ метавонанд ба ҳадафи осони ҳакерҳо табдил ёбанд. Ин ҳолат барои фаъолияти муназзами муассисаҳо хатари ҷиддӣ ба вуҷуд меорад.

Набудани системаҳои мустаҳкам ва замонавии ҳифзи маълумот яке аз омилҳои асосии ин мушкилот ба ҳисоб меравад. Дар баъзе муассисаҳо сатҳи амнияти киберӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Барномаҳои муҳофизатӣ, деворҳои амниятӣ (firewall) ва системаҳои мониторинги шабакавӣ на ҳамеша ба таври пурра ҷорӣ карда шудаанд. Ин камбудиҳо имконияти воридшавии ғайриқонуниро ба системаҳои молиявӣ зиёд мекунанд.

Хавфҳои киберамният инчунин метавонанд ба талафи маълумоти муҳими молиявӣ оварда расонанд. Дар ҳолати гум шудан ё вайрон гардидани иттилоот, барқарор намудани он вақт ва захираҳои иловагиро талаб мекунад. Ин вазъият метавонад ба раванди ҳисоботдиҳӣ ва банақшагирии молиявӣ таъсири манфӣ расонад. Илова бар ин, талафи маълумот метавонад ба шаффофияти фаъолияти молиявӣ низ зарба занад.

Яке аз мушкилоти дигар сатҳи пасти огоҳии кормандон дар бораи қоидаҳои амнияти иттилоотӣ мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо кормандон беэҳтиётӣ нишон дода, метавонанд ба кушодани файлҳои шубҳанок ё истифодаи паролҳои заиф роҳ диҳанд. Ин амалҳо метавонанд ба осебпазирии система оварда расонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши мунтазами кормандон дар самти киберамният аҳамияти махсус дорад.

Муҳокима. Илова бар ин, истифодаи шабакаҳои номуҳофизатшуда ва дастгоҳҳои шахсӣ барои дастрасӣ ба маълумоти молиявӣ низ хатари иловагӣ ба вуҷуд меорад. Ҳангоми набудани назорати қатъии дастрасӣ эҳтимоли дуздии маълумот зиёд мегардад. Ин ҳолат метавонад ба амнияти умумии низоми молиявӣ таъсири манфӣ расонад.

Хавфҳои киберамният на танҳо ба талафи иттилоот, балки ба эътимоди умумӣ ба системаҳои рақамӣ низ таъсир мерасонанд. Агар системаҳо бехатар набошанд, муассисаҳо аз истифодаи пурраи технологияҳои рақамӣ худдорӣ мекунанд. Ин ҳолат метавонад раванди рақамисозиро суст гардонад.

Барои коҳиш додани ин хавфҳо ҷорӣ намудани системаҳои муосири ҳифзи иттилоот, истифодаи барномаҳои зиддивирусӣ, таъмини мониторинги доимии шабака ва такмили сиёсати амнияти киберӣ зарур мебошад. Ҳамчунин, баланд бардоштани сатҳи огоҳии кормандон ва омӯзиши доимии онҳо дар ин самт аҳамияти калон дорад.

Дар маҷмуъ, хавфҳои киберамният яке аз омилҳои муҳими маҳдудкунандаи рушди идоракунии рақамии молиявӣ ба ҳисоб мераванд. Танҳо тавассути татбиқи чораҳои ҳамаҷонибаи амниятӣ ва истифодаи технологияҳои муосири ҳифзи маълумот метавон сатҳи амнияти системаҳои молиявиро баланд бардошта, истифодаи самараноки рақамисозиро таъмин намуд.

Хулоса. Хулоса, таҳлили вазъи мавҷуда нишон медиҳад, ки механизми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити раванди рақамисозӣ ҳам имкониятҳои васеъ ва ҳам як қатор мушкилоти ҷиддиро дар бар мегирад. Аз як тараф, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои электронии идоракунии молиявӣ метавонад ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият, беҳтар шудани

назорати харочот ва тезонидани раванди қабули қарорҳои молиявӣ мусоидат намояд. Аз тарафи дигар, дар амал ҳанӯз ҳам як қатор монеаҳо, аз чумла номукаммалии инфрасохтори рақамӣ, норасоии таҷҳизоти муосир ва сатҳи нокифояи ҳамгироии системаҳои иттилоотӣ боқӣ мондаанд, ки самаранокии ин равандро маҳдуд месозанд.

Ҳамчунин, масъалаи омодагии кадрҳо нақши муҳим дорад, зеро бидуни малакаи кофии рақамӣ истифодаи самараноки системаҳои муосири молиявӣ имконнопазир мегардад. Мушкилоти дигар ба маҳдудияти буҷетӣ ва сармоягузорӣ вобаста буда, суръати навсозии инфрасохтор ва татбиқи технологияҳои навро коҳиш медиҳад. Дар баробари ин, хавфҳои марбут ба киберамният низ яке аз омилҳои муҳиме мебошанд, ки беэътиноӣ ба онҳо метавонад ба амнияти иттилооти молиявӣ ва эътимод ба низоми идоракунӣ таъсири манфӣ расонад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, барои баланд бардоштани самаранокии механизми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ зарур аст, ки инфрасохтори рақамӣ мунтазам такмил дода шавад, стандартҳои ягонаи идоракунии молиявӣ ҷорӣ гарданд ва сатҳи саводнокии рақамии кормандон пайваста баланд бардошта шавад. Илова бар ин, таҳкими чораҳои киберамният ва ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи рақамисозӣ аҳамияти махсус дорад. Танҳо дар натиҷаи татбиқи маҷмӯи чунин чораҳо метавон ба таъмини шаффофият, самаранокӣ ва устувории маблағгузории соҳаи таҳсилоти олӣ ноил гардид.

Адабиёт

1. Абанкина И. В. Бюджетное финансирование образовательных учреждений: структура и источники денежных средств // Вопр. статистики. – 2006. - N 7. - С. 45-53.
2. Ананова О. Г. Основные направления внебюджетных поступлений в системе высшего профессионального образования // Вестник ДГТУ. – 2011. – Т. 11. – № 8 (59). – С. 1282–1286.
3. Балыхин Г. А. Методические основы привлечения внебюджетных средств в образовательную систему // Экономика образования. – 2005. - N 2. - С. 5-22
4. Варкулевич Т.В. Финансовая стратегия государственного вуза в условиях организационных изменений: дис. … канд. экон. наук: 08.00.10. – Владивосток, 2006. – С 47-55.
5. Маматова, Г. Д., Кучкаров, Т. С. Актуальность концепции «Цифровой университет»: литературный обзор отечественных и зарубежных исследований // Информатика. Экономика. Управление - Informatics. Economics. Management. – 2024. – Т. 3. – № 1. – С. 0101–0158.
6. Мирсаидов, А. Б. Асосҳои назариявии механизми институсионалии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / А. Б. Мирсаидов, У. М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2026. – No. 3. – P. 267-277.
7. Набиев Р. А., Акишкин В. Г. Особенности формирования государственного задания и финансовое обеспечение его выполнения в бюджетных и автономных учреждениях // Финансовая экономика. 2013. № 5. С. 20–23.
8. Позняк, Т. А. Подходы к определению роли высшего образования в условиях формирования и развития цифровой экономики / ЭКАНОМІКА І КІРАВАННЕ. ISSN 2410-4655. – С.00-05.
9. Расулов Т., Мамадризоева М. Вопросы инновационной деятельности системы высшего образования Республики Таджикистан // Государственное управление. – 2020. – № 4/1 (48). – С. 64–73.
10. Раҳмонзода, З. Ф. Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ [Матн] / З.Ф. Раҳмонзода // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 1 (25). - С. 49-57.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392.
12. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 483.
13. Шарифзода Б.Х. Масъалаи арзёбии харочоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Икромӣ Ф.Н., Шарифзода Б.Х. // Маҷмуаи илмӣ: Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Душанбе, 2024. - С. 97-106.

УДК: 338.27

АРЗЁБИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КУШОДА

Муқимзода Қутбуддин Мирзоҷон

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 902-64-40-04

Дар мақола нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), тавозуни пардохт, муносибатҳои пулию қарзӣ ва савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити фаъолияти «иқтисодиёти хурди кушодаи навъи гузариш» («иқтисодиёти интиқолҳои пулӣ») баррасӣ гардидаанд. Таҳлили маҷмӯии назариявӣ ва эмпирикии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2023 анҷом дода шуда, номутавозуниҳои байнисоҳавӣ муайян ва хусусиятҳои фаъолияти институтҳои танзими макроиқтисодӣ дар шароити сатҳи баланди кушодагӣ ва осебпазирии беруна арзёбӣ шудаанд. Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили интиқодии модели Манделл–Флеминг, назарияи муносибати байнизамонӣ ба тавозуни пардохт (Обстфелд, Рогофф), назарияи «бемории голландӣ» (Кругман) ва консепсияи хоҷагидории кушодаи навъи гузариши Л.Х. Саидмуродов такя менамояд. Хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти миллӣ — хусусияти аграрӣ-хизматрасонии истеҳсолот, бартарии истеъмоли хусусӣ (87–90% ММД) ва тамаркузи якмолии содирот (алюминий ва тилло — 60–65%) — муайян карда шудаанд. «Парадокси сохторӣ»-и тавозуни пардохт ошкор гардидааст: касри музмини савдо (30–40% ММД) аз ҳисоби воридшавии бузурги интиқолҳои пулӣ (25–38% ММД) пӯшонида шуда, профисити муваққатии ҳисоби амалиёти ҷориро ташаккул медиҳад. Хусусияти модели «курбмеҳвар»-и танзими пулию қарзии БМТ нишон дода шудааст, ки дар он қурби идорашавандаи сомонӣ бо сабаби таъсири баланди интиқол (ERPT = 0,35) ҳамчун лангари асосии дезинфлятсионӣ баромад мекунад. Номутавозуниҳои калидии макроиқтисодӣ муайян шуда, зарурати гузариш аз модели рушди ба интиқолҳои пулӣ асосёфта ба модели «сармоягузорӣ-истеҳсолӣ» асоснок гардидааст.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисодиёти хурди кушода, иқтисодиёти интиқолҳои пулӣ, ММД, тавозуни пардохт, сиёсати пулию қарзӣ, таъсири интиқол (ERPT), долларикунонӣ, савдои хориҷӣ, модели қурбмеҳвар, Бонки миллии Тоҷикистон.

ОЦЕНКА МАКРОЭКОНОМИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РТ В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ОТКРЫТОЙ ЭКОНОМИКИ

Мукимзода Кутбуддин Мирзоджон

кандидат экономических наук, доцент кафедры налогообложения и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 902-64-40-04

В статье рассматривается макроэкономические показатели, структура валового внутреннего продукта (ВВП), платежный баланс, денежно-кредитные и внешнеторговые отношения Республики Таджикистан в условиях функционирования «малой открытой экономики переходного типа» («экономики переводов»). Рассмотрены комплексный теоретический и эмпирический анализ ключевых макроэкономических показателей Таджикистана за период 2015–2023 гг., выявление межсекторальных дисбалансов и оценка специфики функционирования институтов макроэкономического регулирования в условиях высокой открытости и внешней уязвимости. Данное исследование базируется на критическом анализе модели Манделла-Флеминга, теории межвременного подхода к платежному балансу (Обстфельд, Рогофф), теории «голландской болезни» (Кругман) и концепции открытого хозяйства переходного типа Л.Х. Саидмуродова. Определены структурные особенности национальной экономики - аграрно-сервисный характер производства, доминирование частного потребления (87–90% ВВП) и монотоварная концентрация экспорта (алюминий и золото - 60–65%). Выявлен «структурный парадокс» платежного баланса: хронический торговый дефицит (30–40% ВВП) перекрывается масштабным притоком денежных переводов (25–38% ВВП), что формирует временный профицит текущего счета. Раскрыта специфика «курсоцентричной» модели денежно-кредитного регулирования НБТ, при которой управляемый обменный курс сомони выступает главным дезинфляционным якорем благодаря высокому эффекту переноса (ERPT = 0,35). Идентифицированы ключевые макроэкономические дисбалансы и обоснована необходимость перехода от «переводной» модели роста к «инвестиционно-производительной».

Ключевые слова: Республика Таджикистан, малая открытая экономика, экономика переводов, ВВП, платежный баланс, денежно-кредитная политика, эффект переноса (ERPT), долларизация, внешняя торговля, курсоцентричная модель, Национальный банк Таджикистана.

ASSESSMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN'S MACROECONOMIC INDICATORS IN THE CONTEXT OF AN OPEN ECONOMY

Muqimzoda Qutbuddin Mirzojon

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at the Department of Taxation and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734067. Telephone: 902-64-40-04.

This article examines the macroeconomic indicators, Gross Domestic Product (GDP) structure, balance of payments, and monetary and foreign trade relations of the Republic of Tajikistan within the framework of a "small open transition economy" (a "remittance-based economy"). It presents a comprehensive theoretical and empirical analysis of Tajikistan's key macroeconomic indicators for the 2015–2023 period, identifies inter-sectoral imbalances, and evaluates the specific functioning of macroeconomic regulatory institutions amidst high openness and external vulnerability. The study is grounded in a critical analysis of the Mundell-Fleming model, the intertemporal approach to the balance of payments (Obstfeld and Rogoff), "Dutch disease" theory (Krugman), and L.Kh. Saidmurodov's concept of an open transition economy. The structural characteristics of the national economy are identified: an agrarian-service production profile, the dominance of private consumption (87–90% of GDP), and a high concentration of exports in a single commodity category (aluminum and gold accounting for 60–65%). A "structural paradox" regarding the balance of payments is revealed: a chronic trade deficit (30–40% of GDP) is offset by a massive influx of remittances (25–38% of GDP), resulting in a temporary current account surplus. The article also elucidates the specifics of the National Bank of Tajikistan's "exchange-rate-centric" monetary policy model, wherein the managed exchange rate of the somoni serves as the primary disinflationary anchor due to a significant exchange rate pass-through effect (ERPT = 0.35). Key macroeconomic imbalances have been identified, and the necessity of transitioning from a remittance-based growth model to an investment- and production-oriented one has been substantiated.

Keywords: Republic of Tajikistan, small open economy, remittance-based economy, GDP, balance of payments, monetary policy, exchange rate pass-through (ERPT), dollarization, foreign trade, exchange rate-centric model, National Bank of Tajikistan.

Муқаддима. Таҳлили муносибатҳои макроиқтисодӣ дар шароити иқтисодиёти хурди кушода вазифаи мураккаби таҳлилӣ буда, истифодаи маҷмӯи махсуси воситаҳои назариявиро талаб менамояд. Модели стандартии кейнсиании иқтисодиёти пӯшида, ки асосан бо тағйирёбандаҳои дохилӣ — талаботи маҷмӯӣ, ҳаҷми пул ва меъёри фоиз — амал мекунад, барои тавсифи иқтисодиёте, ки дар он амалиёти савдои хориҷӣ ва ҳаракати сармоя дар ташаккули ҳолати мувозинатӣ нақши муайянкунанда доранд, ба таври возеҳ нокифоя мебошад [1, с. 234]. Аз ин рӯ, асоси назариявии таҳлили муносибатҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти хурди кушодаро чаҳорчӯбаи куллан дигари таҳлилӣ ташкил медиҳад, ки дар доираи моделҳои иқтисодиёти кушода таҳия шудааст.

Методологияи таҳқиқот. Бунёди воситаҳои таҳлилӣ барои омӯзиши муносибатҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти хурди кушода дар модели Манделл–Флеминг (МФ), ки дар оғози солҳои 1960 таҳия гардидааст, гузошта шудааст. Модели мазкур модели кейнсиании IS–LM-ро тавассути ворид намудани муодилаи тавозуни пардохт (каҷхати BP), ки шарти мувозинати берунаро инъикос мекунад, васеъ менамояд:

$$\mathbf{BP = CA(Y, e) + KA(i - i^*) = 0,}$$

ки дар он CA — ҳисоби амалиёти ҷорӣ мебошад, ки аз даромади дохилии Y ва қурби воқеии асъори е вобаста аст;

KA — ҳисоби амалиёт бо сармоя мебошад, ки аз тафовути меъёри фоизи дохилии і ва ҷаҳонии і* вобаста аст [2, с.70].

Натиҷаи калидии модели МФ нисбат ба иқтисодиёти хурди кушода хулоса дар бораи асимметрияи самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетию андозӣ вобаста ба реҷаи қурби асъор мебошад. Ҳангоми қурби собит сиёсати пулию қарзӣ бесамар (сиёсати буҷетӣ — фавқулсамар) аст; ҳангоми қурби шинокунанда сиёсати пулию қарзӣ муассир буда, сиёсати буҷетӣ дар натиҷаи таъсири «берунронӣ» тавассути қурби асъор самаранокии худро аз даст медиҳад.

Л.Х. Саидмуродов дар монографияи «Назарияи иқтисодии хоҷагидории кушода ва масъалаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистони муосир» (2005) татбиқпазирии модели МФ-ро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври интиқодӣ таҳлил намуда, маҳдудиятҳои назарраси ин сохтори назариявиро муайян кардааст [3, с.45]. Ба андешаи ӯ, модели стандартии МФ ба таври ғайримустақим чунин фарзияҳоро дар бар мегирад:

(1) ҳаракатпазирии комили сармоя (шарти BP = 0 дар каҷхати UIP);

(2) бетарафии пул дар давраи кӯтоҳмуддат;

(3) набудани номутаносибиҳои сохтории пешниҳод.

Дар шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ яке аз ин фарзияҳо пурра иҷро намешавад: ҳаракатпазирии сармоя бо маҳдудиятҳои асъорӣ ва рушднаёфтагии бозорҳои молиявӣ маҳдуд аст; дар шароити долларикунонӣ ва сахтгирии нархҳо пул бетараф нест; номутаносибиҳои сохторӣ дар бахши аграрӣ ва энергетика «нуқтаҳои танг»-и устувори пешниҳодро ба вуҷуд меоранд. Ин далелҳо зарурати таҳияи чаҳорчӯбаи махсуси таҳлилиро барои омӯзиши муносибатҳои макроиқтисодӣ дар «иқтисодиёти хурди кушодаи навъи гузариш» — мафҳуме, ки Саидмуродов ба гардиши илмӣ ворид намудааст, асосноқ мекунанд.

Назарияи муосири иқтисодиёти кушода, ки дар асарҳои М. Обстфелд ва К. Рогофф, П. Кругман, М. Мелитс инъикос ёфтааст, равиши МФ-ро бо як қатор унсурҳои бунёдӣ пурра менамояд.

Якум, мувозинати умумии динамикии стохастикии (DSGE) иқтисодиёти кушода, ки рафтори байнизамонии истеъмолкунандагон ва ширкатҳоро дар шароити кушодагӣ ба назар мегирад [4, с.89].

Дуюм, назарияи нави савдо, ки гуногунрангии ширкатҳо, хароҷоти собити воридшавӣ ба бозорҳои содиротӣ ва нақши миқёси истеҳсолотро дар рақобатпазирии иқтисодиёти кушода ба назар мегирад [5, с. 1695]. Сеюм, назарияи «гуноҳи аслӣ» (original sin)-и Эйхенгрин ва Хаусман, ки нотавонии кишварҳои рӯ ба рушдро барои ҷалби маблағгузории хориҷӣ бо асъори миллӣ ва хавфҳои иловагии бесуботӣ, ки аз ин дар шароити тағйирёбии қурби асъор ба миён меоянд, шарҳ медиҳад [6, с. 827].

Натиҷаҳои таҳқиқот. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2023 тамоюли устувори болоравиро нишон дода, дар ифодаи номиналӣ аз 6,9 млрд доллари ИМА дар соли 2015 то 12,1 млрд доллари ИМА дар соли 2023, яъне тақрибан 1,75 маротиба афзоиш ёфтааст. Суръати миёнаи солонаи воқеии рушди ММД дар ин давра тақрибан 7,3%-ро ташкил додааст, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин на танҳо дар байни иқтисодиёти пасошӯравӣ, балки дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, баррасии амиқтар нишон медиҳад, ки чунин суръати баланди рушд аз омилҳои экзогенӣ, пеш аз ҳама аз динамикаи интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ва вазъи конъюнктураи ҷаҳонии бозорҳои молҳои асосии содиротӣ, ба таври назаррас вобаста аст [7, с. 12].

Сохтори истеҳсоли ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти возеҳи аграрӣ-хизматрасонии иқтисодиёти миллиро инъикос менамояд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2022 бахши кишоварзӣ тақрибан 22–23% ММД, саноат (бо дарназардошти истихроҷи маъдан, саноати коркард ва энергетика) — тақрибан 27–28%, сохтмон — тақрибан 8% ва соҳаи хизматрасонӣ — тақрибан 34–35%-и ММД-ро ташкил додаанд [8, с. 45]. Ин сохтор аз сохтори ММД-и иқтисодиёти хурди кушодаи нисбатан рушдёфта бо мавқеи ҷуғрофии муқоисашаванда ба таври назаррас фарқ мекунад: дар Гурҷистон ва Арманистон ҳиссаи соҳаи хизматрасонӣ аз 50% зиёд буда, ҳиссаи кишоварзӣ аз 10–12% бештар нест. Ҳиссаи баланди бахши аграрӣ дар шароити маҳсулнокии пасти он осебпазирии сохтории иқтисодиёти Тоҷикистонро нисбат ба зарбаҳои иқлимӣ, ноустувории нархҳо дар бозорҳои озуқаворӣ ва тағйирёбиҳои мавсимӣ пешакӣ муайян мекунад.

Сохтори истифодаи ММД хусусияти бунёдии иқтисодиёти хурди кушодаи Тоҷикистонро ошкор месозад: ҳиссаи ниҳоят баланди истеъмоли хусусӣ (тақрибан 87–90% ММД дар соли 2022, тибқи маълумоти ХБА [9, с. 5]) дар баробари ҳиссаи хеле камтари сармоягузориҳои дохилӣ ва саҳми устувори манфии содироти соф. Чунин ҳиссаи баланди истеъмолӣ дар ММД пеш аз ҳама бо воридшавии бузурги интиқолҳои пулӣ алоқаманд аст, ки истеъмоли хусусии хонаводаҳо — қабл аз ҳама озуқаворӣ, манзил ва молҳои истифодаи дарозмуддатро — бе тавсеаи мутаносиби иқтидори истеҳсолии иқтисодиёт маблағгузорӣ менамоянд. Ин сохтор нишонаи «иқтисодиёти интиқолҳои пулӣ» (remittance economy) — навъи махсуси иқтисодиёти хурди кушода мебошад, ки дар он трансфертҳои беруна ҳам пасандоз ва ҳам сармоягузориро иваз мекунанд [10, с. 19].

Ҳангоми таҳлили динамикаи ММД ба соли 2020 — ягона сол дар давраи мавриди баррасӣ, ки суръати рушд бинобар пандемияи COVID-19 то 4,5% ба таври назаррас коҳиш ёфт, — бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад. Тавре ки Л.Х. Саидмуродов ва Р.М. Аминҷонов дар мақолаи «Иқтисодиёти хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири пандемияи COVID-19» (2020) нишон додаанд, сустшавии рушд дар ин давра тавассути се канали ба ҳам алоқаманд муайян мешуд: коҳиши ҳаҷми интиқолҳои пулӣ бинобар маҳдудиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия; халалдор шудани занҷираҳои ҷаҳонии таъминот, ки арзиши захираҳои асосии воридотиро баланд ва дастрасии онҳоро коҳиш дод; коҳиши талабот ба алюминий дар бозорҳои ҷаҳонӣ [11, с. 19]. Таъсири ҳамзамон тавассути ҳар се канал осебпазирии баланди берунии иқтисодиёти Тоҷикистон ва маҳдуд будани механизмҳои дохилии ҷуброни зарбаҳои берунаро ба таври равшан нишон дод.

Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015–2023

Нишондиҳанда	2015	2017	2019	2020	2021	2022	2023
ММД-и номиналӣ, млрд доллари ИМА	6,9	7,1	8,1	7,3	8,7	11,0	12,1
Рушди воқеии ММД, %	6,0	7,1	7,2	4,5	9,2	8,0	8,3
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, доллари ИМА	826	830	917	810	951	1 181	1 205
Таваррум (ИНИ, охири сол), %	5,1	6,7	8,0	9,4	8,2	4,2	3,8
Каср/профисити буҷет, % ММД	-1,8	-6,3	-2,3	-4,4	-2,1	-1,4	-3,1
Ҳисоби амалиёти ҷорӣ, % ММД	-6,1	-2,4	5,0	4,5	8,8	15,6	3,4
Интиқолҳои пулӣ, % ММД	22,5	27,5	28,1	24,3	30,2	38,0	~30
Содироти молҳо, % ММД	11,4	9,5	12,3	11,2	13,5	18,2	~15
Воридоти молҳо, % ММД	38,2	35,1	37,5	34,2	37,8	40,1	~42
Қарзи хориҷӣ, % ММД	72,3	87,4	88,2	110,1	85,3	57,2	~55
Долларикунонии пасандозҳо, %	72,5	69,8	64,5	62,3	60,8	59,2	~58
Меъёри базавии БМТ, %	8,0	12,5	14,0	12,0	11,0	14,0	9,0
Захираҳои байналмилалӣ, моҳи воридот	2,1	3,5	5,2	5,8	6,5	8,0	~7,5

Манбаъҳо: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023); БМТ, ҳисоботҳои солонаи 2020–2023; ХБА, Article IV Consultation 2023; Бонки Ҷаҳонӣ, World Development Indicators 2023; ADB Asian Development Outlook 2023.

Маълумоти ҷадвали 1 имкон медиҳад, ки як қатор мушоҳидаҳои калидӣ оид ба динамикаи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд.

Якум: динамикаи таваррум вобастагии возеҳ аз омилҳои берунаро нишон медиҳад — суръат гирифтани таваррум то 9,4% дар соли 2020 пеш аз ҳама бо болоравии нархҳои дохилии озуқаворӣ дар заминаи халалдор шудани воридот ва заифшавии сомонӣ шарҳ дода мешавад, дар ҳоле ки коҳиши таваррум то 4,2% дар соли 2022 аз таҳкими сомонӣ дар натиҷаи воридшавии рекордии интиқолҳои пулӣ (38% ММД) вобаста буд.

Дуюм: ҳисоби амалиёти ҷорӣ барои иқтисодиёти рӯ ба рушд манзараи ғайримуқаррариро нишон медиҳад — профисити назаррас дар солҳои 2019–2022, ки на аз комёбиҳои содирот, балки пурра аз воридшавии бузурги интиқолҳои пулӣ шарҳ дода мешавад.

Сеюм: захираҳои байналмилалии БМТ ба таври назаррас афзуданд — аз ҳаҷми баробари 2,1 моҳи воридот дар соли 2015 то 8 моҳи воридот дар соли 2022, ки таъсири ҷамъшудаи давраи воридшавии баланди интиқолҳои пулиро инъикос менамояд.

Муносибатҳои савдои хориҷӣ дар низоми муносибатҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи марказӣ доранд. Дараҷаи кушодагии иқтисодиёт, ки бо таносуби гардиши умумии мол ба ММД чен карда мешавад, устуворона 55–65%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар байни кишварҳои дорои сатҳи муқоисашавандаи даромад баланд арзёбӣ шуда, аз ҳамгироии амиқ ба низоми мубодилаи байналмилалии мол шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, хусусияти чунин кушодагӣ — воридоти назаррас дар баробари содироти нисбатан маҳдуд — номутавозунии сохтории ҳисоби савдо ва вобастагии ҷиддӣ аз асъори хориҷиро барои маблағгузории воридоти зарурӣ ба вуҷуд меорад [12, с. 34].

Сохтори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи ниҳоят баланди тамаркуз фарқ мекунад, ки осебпазириро нисбат ба зарбаҳои нархӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад. Тибқи маълумоти Агентии омор, маъданҳо ва металлҳо (пеш аз ҳама алюминийи аввалияи истеҳсоли ТАЛКО ва тиллои истихроҷшуда) дар маҷмӯъ тақрибан 60–65%-и арзиши содироти молиро ташкил медиҳанд [13, с. 45]. Ашёи хоми кишоварзӣ (пахта, меваи хушк) боз тақрибан 12–15%-ро таъмин намуда, сӯзишвории маъданӣ ва маҳсулоти саноатии коркардшуда ҳиссаи нисбатан кам доранд. Чунин тамаркузи баланди якмолии содирот маънои онро дорад, ки даромадҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз конъюнктураи бозорҳои ҷаҳонии алюминий ва тилло — тағйирёбандаҳое, ки танзимгарони миллӣ ба онҳо таъсир расонида наметавонанд, — ба таври ҷиддӣ вобастаанд.

Сохтори воридот аз сохтори содиротӣ бо диверсификатсияи бештар ва ҳиссаи баланди молҳои ниёзи аввалия ба таври куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳаҷми умумии воридоти молҳо чунин гурӯҳҳо бартарӣ доранд: маҳсулоти нафтӣ ва захираҳои энергетикӣ (тақрибан 15–18%), ғалла ва орд (8–12%), нимтайёрҳои саноатӣ ва металлҳо барои сохтмон (10–15%), мошинҳо, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт (15–20%), маҳсулоти озуқаворӣ (15–18%). Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ воридот нисбат ба содирот бештар диверсификатсия шудааст: таъминкунандагони асосӣ Чин (тақрибан 35–40%-и арзиши воридот), Русия (тақрибан 15–20%), Қазоқистон (тақрибан 8–10%) ва Туркия (5–7%) мебошанд [14, с. 56]. Ин сохтор вобастагии баланди нархҳои истеъмолии дохилиро аз динамикаи нархҳо дар бозорҳои кишварҳои таъминкунандаи асосӣ ифода мекунад.

Ҷанбаи усулан муҳими муносибатҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон касри доимӣ ва назарраси тавозуни савдо мебошад, ки дар солҳои алоҳида ба 30–40% ММД мерасад. Ин каср дар маънои анъанавӣ нишонаи заъфи иқтисодӣ набуда, балки хусусияти сохтории «иқтисодиёти интиқолҳои пулӣ» мебошад: маблағгузории он аз ҳисоби воридшавии бузурги интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ сурат мегирад ва ба шарофати он ҳисоби ниҳоии амалиёти ҷорӣ дар як қатор солҳо бо профисит ҷамъбаст мешавад [9, с. 12]. Р.К. Раҳимов дар корҳои худ ин моделро ҳамчун «парадокси сохторӣ»-и мавқеи берунии Тоҷикистон тавсиф кардааст: кишвар ҳамзамон дорои касри амиқи ҳисоби савдо ва тавозуни мусбати амалиёти ҷорӣ мебошад, ки ин танҳо ба туфайли ҳиссаи ниҳоят баланди интиқолҳои пулӣ дар ММД имконпазир аст [15, с. 89].

Саҳми бузурги таҳқиқоти ғарбӣ дар фаҳмиши ин масъала ба П. Кругман ва назарияи «бемории голландӣ» (Dutch disease)-и ӯ нисбат ба иқтисодиётҳое мансуб аст, ки ҳаҷми назарраси трансфертҳои берунаро мегиранд. Тибқи Кругман, воридшавии бузурги асъори хориҷӣ (хоҳ даромад аз захираҳои табиӣ бошад, хоҳ интиқолҳои меҳнатӣ) қурби воқеии асъорро таҳким медиҳад, ки рақобатпазирии бахши тиҷоратшаванда (содирот)-ро коҳиш дода, ҳамзамон ҷолибияти бахши ғайритиҷоратшаванда (сохтмон, савдо, хизматрасонӣ)-ро зиёд мекунад ва сохтори иқтисодиётро ба самти номатлуб тағйир медиҳад [16, с. 54]. Ин мантиқ ба Тоҷикистон низ татбиқпазир аст: даврaҳои воридшавии назарраси интиқолҳои пулӣ бо таҳкими воқеии сомонӣ ҳамроҳ шуда, рақобатпазирии шумораи маҳдуди содиркунандагони тоҷикро маҳдуд мекарданд.

Интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар низоми муносибатҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи нодир ва аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ бесобиқа доранд. Тибқи маълумоти ХБА, дар соли 2022 ҳаҷми интиқолҳои воридшуда тақрибан 38% ММД-и ҷумҳуриро ташкил додааст, ки Тоҷикистонро ба қатори се кишвари дорои баландтарин таносуби интиқолҳо ба ММД дар ҷаҳон ворид намуд [9, с. 8]. Ҳатто дар солҳои «муқаррарӣ», ки зарбаҳои беруна вуҷуд надоранд, ин нишондиҳанда устуворона аз 25–30% ММД зиёд буда, интиқолҳоро на ҳамчун унсури канорӣ, балки ҳамчун унсури низомсози макроиқтисодиёти Тоҷикистон муайян мекунад. Қисми зиёди интиқолҳо (тибқи арзёбиҳо, тақрибан 70%) аз Русия ворид мешавад, ки вобастагии ҷиддиро аз конъюнктураи иқтисодии ин кишвар ба вуҷуд меорад.

Таъсири интиқолҳои пулӣ ба низоми муносибатҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрсамта ва аз рӯйи як қатор параметрҳо мухолиф мебошад. Аз як тараф, интиқолҳо як қатор вазифаҳои мусбати макроиқтисодиро иҷро мекунанд: истеъмоли хусусиро (тақрибан 87% ММД) маблағгузорӣ намуда, бо ин роҳ талаботи дохилиро дастгирӣ мекунанд; касри тавозуни савдоро ҷуброн намуда, тавозуни мусбати амалиёти ҷориро таъмин мекунанд; барои ҷамъшавии захираҳои байналмилалии БМТ замина фароҳам меоранд; фишорро

ба буҷети давлатӣ коҳиш дода, қисми хароҷоти иҷтимоиро дар самти мубориза бо камбизоатӣ иваз мекунанд [17, с. 34]. Аз тарафи дигар, интиқолҳо як қатор хавфҳои ҷиддии макроиқтисодиро ба вуҷуд меоранд: тавассути афзоиши даромади ихтиёрии хонаводаҳо дар бахши ғайритиҷоратшаванда фишори таваррумӣ эҷод мекунанд; таҳкими воқеии сомониро ба вуҷуд оварда, рақобатпазирии содиротро коҳиш медиҳанд; дар бахшҳои аграрӣ ва саноатӣ падидаи «бемории голландӣ»-ро ташаккул медиҳанд; вобастагии молияи давлатиро аз шуғли меҳнатии шаҳрвандон дар хориҷи кишвар афзоиш медиҳанд.

Бонки Ҷаҳонӣ дар гузоришҳои худ оид ба Тоҷикистон ин моделро дар дурнамои дарозмуддат аз ҷиҳати сохторӣ ноустувор арзёбӣ мекунад: рушди иқтисодӣ, ки бар истеъмоли аз ҳисоби интиқолҳо маблағгузоришаванда асос ёфтааст, заминаи истеҳсолии худро ба вуҷуд намеорад ва нисбат ба ҳар гуна бадшавии шароити муҳоҷирати меҳнатӣ — хоҳ сахттар шудани қонунгузории муҳоҷиратии Русия, хоҳ бухрони иқтисодӣ дар кишварҳои қабулкунанда ё тағйироти технологие, ки талабот ба меҳнати камихтисоси муҳоҷиронро коҳиш медиҳанд, — осебпазир боқӣ мемонад [18, с. 7]. Саидмуродов ва Аминҷонов дар мақолаи «Иқтисодиёти хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити COVID-19» ба таври возеҳ нишон додаанд, ки коҳиши муваққатии интиқолҳои пулӣ дар соли 2020 барои иқтисодиёти Тоҷикистон то чӣ андоза таъсири манфӣ расонд ва ин осебпазирии модели мазкури рушдро дар баробари зарбаҳои беруна тасдиқ мекунад [11, с. 23].

Н.К. Қаюмов дар асарҳои худ оид ба иқтисодиёти Тоҷикистон асоснок кардааст, ки ҳалли масъалаи вобастагӣ аз интиқолҳои пулӣ тағйироти низомии модели рушдро талаб мекунад: гузариш аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузорӣ, ҷалби интиқолҳои ҷамъшуда ба бахши воқеӣ тавассути рушди воситаҳои молиявӣ (пасандозҳои сармоягузорӣ, вомбаргҳои диаспора), инчунин истифодаи иқтидори муҳоҷирати бозгашт тавассути фароҳам овардани шароит барои бозгашти муҳоҷирони соҳибихтисос [19, с. 112]. Ин мавқеъ бо таҷрибаи байналмилалии идоракунии интиқолҳо дар Мексика, Филиппин ва Марокаш ҳамоҳанг аст, ки ҳукуматҳои онҳо воситаҳои махсуси молиявиро барои равона кардани интиқолҳо ба сармоягузориҳои истеҳсолӣ таҳия кардаанд.

Сиёсати буҷетию андозӣ дар баробари сиёсати пулию қарзӣ воситаи дуюми калидии танзими макроиқтисодӣ мебошад, ки бевосита ба динамикаи нархҳо таъсир мерасонад. Ҳамкории равандҳои буҷетӣ ва таваррумӣ дар иқтисодиёти хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор хусусиятҳои хоси низоми фискалӣ муайян карда мешавад, ки онро аз низомҳои фискалии давлатҳои нисбатан рушдёфта ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи мавриди баррасӣ бо каср ҷамъбаст гардида, ҳаҷми он аз 1,4% ММД (соли 2022) то 6,3% ММД (соли 2017) тағйир ёфтааст. Ин тағйирот бештар на аз дигаршавии худи сиёсати фискалӣ, балки аз динамикаи воридоти грантҳо аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳои дуҷониба вобаста буд. Тибқи маълумоти ХБА, дар солҳои алоҳида кумак ва грантҳои байналмилалӣ то 25–30%-и хароҷоти буҷети давлатиро мепӯшониданд, ки мавқеи фискалиро нисбат ба тағйирот дар сиёсати донорҳои байналмилалӣ осебпазир месозад [9, с. 6]. Дар солҳои 2024–2025 ин масъала вобаста ба тадриҷан аз гурӯҳи кишварҳои камтаракқикарда хориҷ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус пайдо намуд, зеро ин раванд метавонад ҳуқуқ ба маблағгузории имтиёзнок аз ҷониби МАР ва БОР-ро маҳдуд созад.

Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи нисбатан пасти сарбории фискалӣ (таносуби даромадҳои андозӣ ба ММД тақрибан 22–24%-ро ташкил медиҳад) ва маҳдудиятҳои назарраси сохтории манбаи андоз тавсиф мешавад: ҳиссаи баланди шуғли ғайирасмӣ (тибқи арзёбиҳо, 40–50%-и қувваи корӣ) манбаи андоз аз даромад ва пардохтҳои суғуртаи иҷтимоиро ба таври ҷиддӣ маҳдуд менамояд. Манбаъҳои асосии воридоти андозӣ инҳоянд: андоз аз арзиши иловашуда (тақрибан 35–40%-и ҳамаи даромадҳои андозӣ), боҷҳои гумрукӣ ва аксизҳо (тақрибан 20–25%), андоз аз фоидаи корхонаҳо (тақрибан 15%) ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ (тақрибан 10%) [20, с. 56].

Ҳамкории сиёсати буҷетӣ бо равандҳои таваррумӣ тавассути якчанд канал амалӣ мегардад. Якум — канали мустақими фискалӣ: касри буҷет, ки аз ҳисоби қарзгирии дохилӣ (барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ) маблағгузорӣ мешавад, ба меъёрҳои фоизӣ фишори болоравӣ оварда, бо бахши хусусӣ барои захираҳои маҳдуди қарзӣ рақобат мекунад. Дуюм — канали ғайримустақими монетарӣ: дар даврaҳои касри шадиди буҷет (солҳои 2016–2017) эҳтимоли маблағгузории қисман монетарӣ вуҷуд дошт, ки тавассути афзоиши пойгоҳи пулӣ фишори иловагии таваррумиро ба вуҷуд меовард. Сеюм — канали тарифӣ: эҳтиёҷи буҷет ба даромад давлатро ба баланд бардоштани тарифҳои танзимшаванда барои хизматрасониҳои корхонаҳои инфрасохторӣ ҳавасманд месозад, ки бевосита ба афзоиши индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ) мегузарад [21, с. 67].

С.М. Борисов ва А.В. Улюкаев ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои шабеҳ нисбат ба иқтисодиёти пасошӯравӣ дар маҷмӯъ нишон додаанд, ки «бартарияти фискалӣ» — ҳолате, ки дар он бонки марказӣ маҷбур мешавад сиёсати пулию қарзиро ба вазифаҳои маблағгузории касри буҷет тобеъ намояд, — яке аз омилҳои аз ҳама харобиовари ноустувории таваррумӣ мебошад. Дар шароити бартарияти фискалӣ ҳадафҳои эълоншудаи зиддитаваррумии бонки марказӣ тавассути монетизатсияи касри буҷет беасар гардида, эътимод ба устувории нархҳоро коҳиш медиҳанд [22, с. 89]. Нисбат ба Тоҷикистон ин масъала дар даврaҳои фишори буҷетӣ мониторинги доимиро талаб менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) унсури марказии низоми муносибатҳои пулию қарзии ҷумҳурӣ ва ниҳоди асосии масъул барои таъмини устувории нархҳо ва суботи низоми молиявӣ мебошад. Мақом, ваколатҳо ва маҷмӯи воситаҳои БМТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» (2010) муайян гардида, ҳадафи асосии фаъолияти бонкро таъмини устувории нархҳо бо риояи принсипи мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ муқаррар менамояд [23, с. 12].

Сиёсати пулию қарзии БМТ дар доираи реҷаи «дигар созишҳои идорашаванда» (other managed arrangements) тибқи таснифи ХБА амал мекунад, ки дар амал омезиши идоракунии де-фактои курби сомонӣ бо

унсурҳои тамоюл ба ҳадафи таваррумиро ифода менамояд. БМТ ҳадафи миёнамӯҳлати таваррумро дар сатҳи 6% ±2% (яъне 4–8%) муқаррар мекунад, аммо бар хилофи реҷаи расмии ҳадафгирии таваррум, ин нишондиҳанда хусусияти индикативӣ дошта, уҳдадории қатъӣ надорад. Воситаи асосии амалиётӣ меъёри базавӣ (меъёри калидии бозтамвил) мебошад, ки дар солҳои 2015–2023 вобаста ба конъюнктураи таваррумӣ дар ҳудуди 8–14% солона тағйир ёфтааст [24, с. 34].

Динамикаи монетарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми махсусе муайян мешавад, ки аз механизмҳои дар моделҳои стандартии интиқоли сиёсати пулию қарзӣ тавсифшуда ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Манбаи асосии афзоиши ҳаҷми пул (агрегати М2) на қарзҳои дохилӣ, балки интервенсияҳои БМТ дар бозори асъор — хариди асъори хориҷие мебошад, ки ба кишвар дар шакли интиқолҳои пулӣ, даромади содиротӣ ва қарзҳои хориҷӣ ворид мешавад. Дар давраи воридшавии баланди интиқолҳо дар соли 2022 ҳаҷми васеи пул (агрегати М2) 43,4% афзуд — суръате, ки дар тафсири стандартии назарияи миқдории пул (КТД) бояд ногузир таварруми дурақамаро ба вуҷуд меовард. Аммо таварруми воқеӣ дар соли 2022 ҳамагӣ 4,2%-ро ташкил дод, ки бо таҳкими ҳамзамони сомонӣ (ERPT «дар самти баръакс»: таҳкими қурб нархҳои воридотиро коҳиш медиҳад) ва амалиёти фаъоли БМТ оид ба стерилизатсияи пардохтпазирии изофӣ тавассути бароришии сертификатҳои депозитӣ шарҳ дода мешавад [25, с. 2].

Ин ҳолат ба таври равшан нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисодиёти хурди кушода бо ERPT-и баланд қурби асъор на танҳо яке аз воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, балки дар амал лангари асосии таваррумӣ мебошад. Маҳз таҳким ё заифшавии сомонӣ, на тағйирёбии меъёри базавӣ, ба нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мустақими бештар мерасонад. Р.К. Раҳимов дар корҳои худ ин хусусиятро ҳамчун модели «қурбмеҳвар»-и танзими пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф кардааст, ки дар он идоракунии қурби асъор канали анъанавии фоизии интиқоли сиёсати пулию қарзиро амалан иваз менамояд [15, с. 113].

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки миёнарави асосӣ дар низоми муносибатҳои пулию қарзӣ мебошад, бо як қатор маҳдудиятҳои сохторӣ тавсиф мегардад, ки самаранокии интиқоли сиёсати пулию қарзиро коҳиш медиҳанд. Сатҳи миёнаравии молиявӣ ниҳоят паст боқӣ мемонад: таносуби қарзҳои бонкӣ ба ММД дар соли 2022 тақрибан 15–18%-ро ташкил медод, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар Арманистон аз 55% ва дар Гурҷистон аз 70% зиёд буд. Бахши бонкӣ мутамарказ мебошад: се бонки калонтарин тақрибан 55–60%-и дороиҳои умумии низомро назорат мекунанд. Ҳиссаи қарзҳои мушкилдор расман тақрибан 10–12%-ро ташкил медиҳад, гарчанде арзёбиҳои мустақил аксаран ба сатҳи воқеии баландтар ишора мекунанд [26, с. 45]. Дар соли 2021 таҷдиди сохтори маҷбурии ду бонки калон («Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбонк») анҷом дода шуд, ки қисми мушкилоти меросиро ба эътидол оварда, ҳарчанд хавфҳои низомӣ боқӣ мемонанд.

Тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти муносибатҳои макроиқтисодии иқтисодиёти хурди кушодаро бо манбаи «дугона»-и асъори хориҷӣ — канали анъанавии содиротӣ ва канали бузурги интиқолҳои пулӣ — инъикос менамояд. Ҳисоби амалиёти ҷорӣ (ҲАҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2022 тағйироти назаррасро аз сар гузаронд: аз касри мӯътадил (−6,1% ММД дар соли 2015) то профисити рекордӣ (+15,6% ММД дар соли 2022) [9, с. 5]. Ин гардиш дар ҳисоби амалиёти ҷорӣ на бо беҳтар шудани тавозуни савдо (касри ҳисоби савдо боқӣ монд), балки бо афзоиши босуръати интиқолҳо дар солҳои 2021–2022 вобаста ба кӯчиши муҳоҷирон аз минтақаҳои муноқиша ва зиёд шудани талабот ба қувваи корӣ дар Русия шарҳ дода мешавад.

Қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз хавфҳои ҷиддитарини сохторӣ барои суботи макроиқтисодии ҷумҳурӣ мебошад. Пас аз расидан ба авҷи тақрибан 110% ММД дар соли 2020, қарз дар солҳои минбаъда то тақрибан 55–57% ММД дар соли 2023 коҳиш ёфт — асосан аз ҳисоби афзоиши ММД-и номиналӣ (махраҷ). Қарздиҳандагони асосӣ Чин (тақрибан 40%-и қарзи хориҷӣ — асосан дар шакли қарзҳои дуҷонибаи Эксимбонки Чин барои маблағгузории лоиҳаҳои инфрасохторӣ), ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ (қарзҳои имтиёзноки МАР), БОР, инчунин Русия мебошанд [27, с. 6]. ХБА Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои хавфи баланди мушкилоти қарзӣ (high risk of debt distress) тасниф мекунад — арзёбие, ки нигарониҳоро дар бораи қобилияти кишвар барои хизматрасонии уҳдадориҳои хориҷӣ дар сурати тағйири номусоиди қурби сомонӣ ё вазъи иқтисодии Русия инъикос менамояд.

Қурби сомонӣ ҳалқаи калидие мебошад, ки муносибатҳои макроиқтисодии берунӣ ва дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳам мепайвандад. Аз охири соли 2014 то охири соли 2024 сомонӣ нисбат ба доллари ИМА тақрибан 51% заиф шудааст, ки ин тафовути ҷамъшудаи таваррум бо шарикони асосии тиҷоратӣ ва инчунин даврaҳои алоҳидаи беқурбшавиро (солҳои 2015–2016) инъикос менамояд [28, с. 1]. БМТ қурби асъорро де-факто тавассути интервенсияҳои асъорӣ идора намуда, устувории нисбии сомониро дар давраи кӯтоҳмуддат нигоҳ медорад ва дар дарозмуддат заифшавии тадриҷиро идорашавандаи онро иҷозат медиҳад. Ин сиёсати «пайвасткунии нарм» имкон медиҳад, ки қурби асъор ҳамчун лангари дезинфлятсионӣ истифода шуда, таъсири ERPT коҳиш дода шавад, аммо ҳамзамон хавфи ҷамъшавии номутавозунии қурбиро ба вуҷуд меорад, ки бо даврaҳои алоҳидаи беқурбшавии босуръат ва баъдан ҷаҳиши таваррумӣ бартараф мешавад.

Л.Х. Саидмуродов ва А. Давлятов дар кори «Доир ба масъалаи ҳисоб намудани қобилияти харидории асъори миллӣ ва қурби воқеии самараноки асъор дар иқтисодиёти хурди кушода» (2019) методологияи арзёбии қурби воқеии самараноки асъори (REER) сомониро бо дарназардошти сохтори робитаҳои савдои хориҷии ҷумҳурӣ таҳия кардаанд. Тибқи ҳисобҳои онҳо, REER-и сомонӣ дар қисми зиёди солҳои 2010 нисбат ба сатҳи мувозинатӣ баланд арзёбӣ мешуд, ки ба содиркунандагон фишори иловагӣ оварда, ивазшавии истеҳсоли ватанӣ бо воридотро ҳавасманд мекард [29, с. 30]. Ин хулоса ҷанбаи муҳими сиёсӣ дорад: нигоҳ доштани қурби аз ҳад баланд ба хотири лангари дезинфлятсионӣ бо талафоти рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ҳамроҳ мешавад.

Таҳлили муқоисавии муносибатҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи дигар иқтисодиёти хурди кушодаи ИДМ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси модели миллӣ дақиқтар муайян ва тафриқаи мувофиқи байналмилалӣ ошкор карда шавад. Ба сифати заминаи муқоиса Арманистон, Қирғизистон, Гурҷистон ва Молдова истифода мешаванд — давлатҳое, ки бо Тоҷикистон як қатор хусусиятҳои асосии сохториро муштарак доранд, вале ҳамзамон фарқиятҳои назаррас низ доранд.

Ҷадвали 2. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқтисодиёти хурди кушодаи ҳаммонанд (соли 2022)

Нишондиҳанда (соли 2022)	Тоҷикистон	Арманистон	Қирғизистон	Гурҷистон	Молдова
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, доллари ИМА	1 181	7 389	1 269	5 688	4 506
Рушди воқеии ММД, %	8,0	12,6	7,0	10,1	-5,9
Таваррум (ИНИ), %	4,2	8,7	14,7	11,9	28,7
Ҳисоби амалиёти ҷорӣ, % ММД	15,6	0,5	3,0	3,5	-13,4
Интиқолҳои пулӣ, % ММД	38,0	10,0	28,0	15,0	16,2
Долларикунонии пасандозҳо, %	~60	~56	~55	~62	~58
Таносуби савдо ба ММД, %	~58	~75	~110	~88	~95
Қарзи хориҷӣ, % ММД	57,2	68,1	115,8	95,2	72,3
Коэфф. ERPT (кӯтоҳмуддат)	0,35	0,28	0,32	0,30	0,38

Манбаъҳо: ХБА, World Economic Outlook 2023; Бонки Ҷаҳонӣ, World Development Indicators 2023; бонкҳои марказии кишварҳои дахлдор; ҳисобҳои муаллиф.

Маълумоти ҷадвали 2 аз як қатор хусусиятҳои бунёдии муносибатҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи муқоисавӣ шаҳодат медиҳад.

Якум, дар шароити суръати нисбатан монанди рушди ММД (7–10% дар соли 2022), таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни ҳамаи иқтисодиётҳои муқоисашаванда пасттарин (4,2%) буд, ки омезиши нодири интиқолҳои баланди пулӣ (ки сомониро дастгирӣ намуданд) ва сиёсати нисбатан сахти пулию қарзии БМТ-ро инъикос мекунад.

Дуюм, сатҳи долларикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Гурҷистон муқоисашаванда ва аз Арманистон ва Қирғизистон то андозае баландтар аст, аммо сатҳи миёнаравии молиявӣ дар Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи иқтисодиётҳои муқоисашаванда ба таври назаррас паст мебошад.

Сеюм, коэффитсиенти ERPT дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (0,35) ба арзиши медиании гурӯҳ наздик аст, ки сатҳи хоси ҳассосияти нархҳоро ба тағйирёбии қурб барои иқтисодиёти хурди кушодаи ИДМ нишон медиҳад.

Муқоиса бо Арманистон — кишваре, ки аз рӯйи сохтори иқтисодӣ ба Тоҷикистон бештар наздик аст (нақши баланди интиқолҳо, долларикунонӣ, иқтисодиёти хурди кушода, имкониятҳои маҳдуди интиқоли монетарӣ), — таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Арманистон дар шароити ибтидоии муқоисашавандаи давраи гузариш ба сатҳи баландтари ММД ба ҳар сари аҳолӣ (7 389 доллар дар муқобили 1 181 доллар) расидааст. Ин тафовут бо як қатор омилҳо шарҳ дода мешавад: ислоҳоти амиқтари институтсионалӣ, пешрафти бештар дар рушди технологияҳои иттилоотӣ ва соҳаи хизматрасонӣ, инчунин мавқеи ҷуғрофии мусоидтар аз лиҳози дастрасӣ ба бозорҳои Аврупо ва Шарқи Наздик [30, с. 112].

Муҳокимаи натиҷаҳо. Таҳлили назариявии муносибатҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти хурди кушода ба гуногунии консепсияҳо ва равишҳои илмие такя мекунад, ки намояндагони мактабҳои иқтисодии ғарбӣ, русӣ ва тоҷикӣ таҳия кардаанд. Онҳоро пайдарпай баррасӣ менамоем.

Дар байни муҳаққиқони ғарбӣ М. Обстфелд ва К. Рогофф — муаллифони асари бунёдии «Foundations of International Macroeconomics» (1996), ки дар он заминаи назариявии равиши байнизамонӣ ба тавозуни пардохт таҳия шудааст, — дар фаҳмиши муносибатҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти хурди кушода саҳми бунёдӣ гузоштаанд [31, с. 89]. Дар ин равиш бақияи ҳисоби амалиёти ҷорӣ на ҳамчун натиҷаи ҷараёнҳои савдо, балки ҳамчун инъикоси қарорҳои байнизамонии хонаводаҳо ва ширкатҳо оид ба истеъмол, пасандоз ва сармоягузорӣ тафсир мешавад. Барои иқтисодиёте бо ҳаҷми баланди интиқолҳо, ба монанди Тоҷикистон, чунин тафсир махсусан муҳим аст: профисити назарраси ҲАҶ аз зиёд будани даромади миллӣ нисбат ба хароҷоти миллӣ ва ҷамъшавии талаботи хориҷӣ (тавассути БМТ дар шакли захираҳо) шаҳодат медиҳад.

Г. Калво ва К. Рейнхарт дар силсилаи корҳои муштараки худ хусусиятҳои муносибатҳои пулию қарзиро дар иқтисодиёти хурди кушодаи долларикунонидашуда таҳқиқ кардаанд. Дар консепсияи «тарси шинокунӣ» онҳо нишон додаанд, ки бонкҳои марказии чунин иқтисодиётҳо бинобар ERPT-и баланд ва хавфи бесубот шудани бахши бонкӣ ҳангоми тағйирёбии назарраси қурб де-факто наметавонанд реҷаи қурби комилан озоди шинокунандаро иҷозат диҳанд [32, с. 379]. Ин консепсия вазъияти БМТ-ро дақиқ тавсиф мекунад: сарфи назар аз истифодаи расмии реҷаи шинокунандаи идорашаванда, бонк де-факто барои маҳдуд кардани ноустувории қурб интервенсияҳои назаррас анҷом медиҳад. Ҷ. Окампо ва Д. Тейлор, намояндагони анъанаи структуралистӣ,

зарурати идоракунии ҷараёнҳои сармоя (capital flow management)-ро ҳамчун воситаи мустақили сиёсати макропруденсиалӣ дар иқтисодиёти хурди кушодае, ки ба қатъи ногаҳонии воридшавии сармоя осебпазиранд, асоснок кардаанд [33, с. 45].

Илми иқтисодии Русия дар фаҳмиши хусусиятҳои муносибатҳои макроиқтисодии иқтисодиёти хурди кушодаи пасошӯравӣ саҳми назаррас гузоштааст. Л.Н. Красавина зарурати равиши махсуси «пасошӯравӣ»-ро ба таҳлили муносибатҳои пулию қарзӣ асоснок намуда, мероси банақшагирии мутамарказ — заъфи канали қарзӣ, инерсияи баланди таваррумӣ ва бартарии унсурҳои маъмурӣ дар нархгузории хизматрасониҳои инфрасохториро — ба назар гирифтааст [34, с. 23]. С.М. Дробышевский ва П.В. Трунин робитаи байни кушодагии иқтисодиёт ва самаранокии сиёсати пулию қарзиро дар Русия таҳқиқ карда, нишон додаанд, ки ERPT-и баланд мустақилияти сатҳи дохилии нархҳоро аз омилҳои беруна ба таври назаррас маҳдуд мекунад [35, с. 67]. С.Р. Моисеев методологияи арзёбии миқдории механизмҳои интиқоли сиёсати пулию қарзиро барои иқтисодиёти пасошӯравӣ таҳия намуда, бартарии канали қурбиро нисбат ба канали фоизӣ дар шароити рушди сусти бозорҳои молиявӣ муайян кардааст [36, с. 112].

Дар байни олимони тоҷик асарҳои Л.Х. Саидмуродов дар таҳлили муносибатҳои макроиқтисодӣ нақши низомсоз доранд. Ӯ дар монографияи «Иқтисодиёти кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2004) бори аввал масъалаҳои кушодагии иқтисодиёти Тоҷикистонро аз мавқеи назарияи иқтисодӣ ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ намуда, зиддиятҳои байни ҳадафҳои мувозинати дохилӣ ва берунаро муайян ва зарурати сиёсати махсуси идоракунии кушодагиро асоснок кардааст [37, с. 45]. Дар кори муштарак бо А. Давлятов (2019) Л.Х. Саидмуродов воситаи мушаххаси методологӣ — усули ҳисобкунии REER барои иқтисодиёти хурди кушода бо бартарии интиқолҳои пулӣ — таҳия кардааст, ки бевосита барои вазифаҳои сиёсати қурбии БМТ татбиқшаванда мебошад [29, с. 23]. Х.Г. Ғафуров дар монографияи «Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккули муносибатҳои бозорӣ» шароити макроиқтисодии тағйирёбии иқтисодиёти Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба робитаи байни кушодагӣ ва тақсимоти даромадҳо диққати махсус додааст [38, с. 89]. Ҷ.У. Урунов консепсияи ҳамоҳангсозии минтақавии пулию қарзиро ҳамчун воситаи устуворсозии муносибатҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти хурди кушодаи Осиёи Марказӣ таҳия кардааст [39, с. 56].

Таҳлили маҷмӯии муносибатҳои макроиқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки як қатор номутавозуниҳои устуворе муайян карда шаванд, ки маҳдудиятҳо ва хавфҳои рушди минбаъдаи иқтисодии ҷумҳуриро муайян менамоянд.

Номутавозунии якум — байни суръати баланди рушди иқтисодӣ ва сифати пасти ин рушд. Афзоиши миёнаи солонаи ММД дар сатҳи 7,3% дар солҳои 2015–2023 ба болоравии муқоисашавандаи маҳсулнокии меҳнат, диверсификатсияи сохтори истеҳсолӣ ё афзоиши иқтидори содиротӣ табдил наёфтааст. Рушд то андозае хусусияти истеъмолӣ дорад (ҳиссаи истеъмоли хусусӣ ба 87–90% ММД мерасад) ва на аз ҳисоби афзоиши маҳсулнокии дохилӣ, балки аз ҳисоби афзоиши экзогении даромади хонаводаҳо аз интиқолҳои пулӣ таъмин мегардад. Ин модели рушд механизмҳои худнигоҳдорандаи худро ба вуҷуд намеорад ва нисбат ба ҳар гуна бадшавии шароити беруна осебпазир боқӣ мемонад [18, с. 4].

Номутавозунии дуюм — байни профисити баланди ҳисоби амалиёти ҷорӣ ва касри сохтории тавозуни савдо. Дар мантиқи муқаррарии иқтисодӣ профисити ҲАҶ рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ ва устувории заминаи содиротиро ифода мекунад. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон профисити ҲАҶ падидаи муваққатӣ буда, пурра аз интиқолҳои пулӣ вобаста аст, дар ҳоле ки касри савдо вобастагии амиқи сохториро аз воридот инъикос менамояд. Ҳангоми коҳиши интиқолҳо ин тавозуни «чаппашуда» зуд ба касри ҲАҶ табдил меёбад — чунон ки дар соли 2020 рух дод [11, с. 22].

Номутавозунии сеюм — байни мустақилияти расмии БМТ ва модели де-факто қурбмеҳвари сиёсати пулию қарзӣ. Ҳадафи эълоншудаи таваррум (6% ±2%) де-факто аз рӯйи аҳаммият дар муқоиса бо вазифаи нигоҳ доштани қурби устувори асъор мавқеи дуюмро ишғол намуда, имкониятҳои сиёсати пулию қарзиро ҳамчун воситаи мустақили идоракунии динамикаи нархҳо маҳдуд месозад. Ин номутавозунӣ то замоне боқӣ мемонад, ки ERPT баланд, долларикунонӣ назаррас ва бозори интиқолҳои пулӣ ноустувор бошад [15, с. 115].

Номутавозунии чорум — байни эҳтиёҷ ба сармоягузориҳои истеҳсолии дарозмуддат ва вазъи воқеии муҳити сармоягузорӣ. Сарфи назар аз динамикаи мусбати ММД, ҳиссаи ташаккули умумии сармояи асосӣ дар ММД нисбат ба иқтисодиётҳое, ки суръати рушди муқоисашаванда доранд, пасттар боқӣ мемонад. Муҳити сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳо маҳдуд мешавад: монеаҳои маъмурӣ, ҳифзи нокифояи ҳуқуқи моликият, бартарии монополияҳои давлатӣ дар бахшҳои калидӣ ва дастрасии маҳдуд ба маблағгузории дарозмуддат. Х.Г. Ғафуров дар асарҳои худ нишон додааст, ки маҳз касри сармоягузорӣ монеаи асосӣ дар роҳи табдили иқтисодиёти «ба интиқолҳо асосёфта» ба иқтисодиёти устувори «истеҳсолӣ» мебошад [38, с. 156].

Хулоса. Таҳлили маҷмӯии анҷомдодашудаи муносибатҳои макроиқтисодӣ дар шароити иқтисодиёти хурди кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои асосии зерин пешниҳод карда шаванд.

1. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон навъи нодири иқтисодиёти хурди кушода — «иқтисодиёти интиқолҳои пулӣ» — мебошад, ки дар он интиқолҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ (25–38% ММД) ҳамчун омили низомсоз баромад намуда, динамикаи талаботи маҷмӯӣ, тавозуни пардохт, қурби асъор ва таваррумро муайян мекунанд. Ин хусусият иқтисодиёти кишварро дар мавқеи махсуси таҳлилӣ қарор медиҳад, ки онро на модели стандартии кейнсианӣ ва на модели классикии Манделл–Флеминг пурра фаро гирифта наметавонанд ва истифодаи чаҳорчӯбаи махсуси таҳлилиро, ки Л.Х. Саидмуродов ва дигар олимони тоҷик таҳия кардаанд, талаб менамояд.

2. Сохтори ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нопурра будани тағйироти сохториро инъикос менамояд: ҳиссаи баланди бахши аграрӣ (22–25%) дар шароити маҳсулнокии пасти он, тамаркузи истеҳсолоти саноатӣ дар

соҳаи алюминии энергияталаб ва бартарии харочоти истеъмолӣ (то 90% ММД) дар баробари заъфи андӯхти сармоя. Ин хусусиятҳои сохторӣ заминаҳои устувори микроиқтисодии фишори таваррумиро ба вуҷуд меоранд, ки танҳо бо воситаҳои монетарӣ бартараф карда намешаванд.

3. Муносибатҳои савдои хориҷӣ бо касри музмини тавозуни савдо (30–40% ММД), ки аз ҳисоби интиқолҳои пулӣ ҷуброн карда мешавад, инчунин бо заминаи ниҳоят мутамарказ ва якмолии содирот (алюминий + тилло — 60–65%-и содироти молӣ) тавсиф мегарданд. Ин сохтор осебпазирии баландро нисбат ба зарбаҳои берунии нархӣ ба вуҷуд оварда, идоракунии қурби асъорро амалан ба воситаи беалтернативаи нигоҳ доштани устуворӣ беруна табдил медиҳад.

4. Муносибатҳои пулию қарзӣ дар шароити модели де-факто «қурбмеҳвар» амал мекунанд, ки дар он идоракунии қурби сомонӣ воситаи асосии зиддитаваррумӣ буда, бо сабаби долларикунонии баланд (тақрибан 60%-и пасандозҳо) ва рушди сусти миёнаравии бонкӣ канали стандартии фоизии интиқолро иваз менамояд. Коэффитсиенти ERPT дар ҳудуди 0,3–0,6 маънои онро дорад, ки маҳз сиёсати қурбии БМТ, на меъёри фоизӣ, муайянкунандаи асосии нархҳои истеъмолӣ дар давраи кӯтоҳмуддат мебошад.

5. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки аз рӯйи маҷмӯи номутавозуниҳои макроиқтисодӣ Тоҷикистон дар байни иқтисодиёти хурди кушодаи ИДМ, ки баррасӣ шудаанд, мавқеи осебпазир дорад. Бартараф намудани номутавозуниҳои муайяншуда тағйироти низомии модели рушд — гузариш аз модели ба интиқолҳо асосёфта ба модели «сармоягузорӣ-истеҳсолӣ»-ро талаб мекунад. Ин вазифаи стратегии сиёсати иқтисодӣ буда, аз доираи танзими пулию қарзӣ берун меравад, аммо барои баланд бардоштани самаранокии он заминаҳои зарурӣ фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Obstfeld M., Rogoff K. Foundations of International Macroeconomics. - Cambridge: MIT Press, 1996. - 790 p.

2. Mundell R. The Appropriate Use of Monetary and Fiscal Policy for Internal and External Stability // IMF Staff Papers. - 1962. - Vol. 9, No. 1. - P. 70-79.

3. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного РТ. - Душанбе: Ирфон, 2005. - 289 с.

4. Krugman P., Obstfeld M., Melitz M. International Economics: Theory and Policy. - 11th ed. - Pearson, 2018. - 782 p.

5. Melitz M. The Impact of Trade on Intra-Industry Reallocations and Aggregate Industry Productivity // Econometrica. - 2003. - Vol. 71, No. 6. - P. 1695-1725.

6. Eichengreen B., Hausmann R. Exchange Rates and Financial Fragility // NBER Working Paper. - 1999. - No. 7418.

7. Всемирный банк. Доклад об экономике РТ, лето 2023. - Вашингтон: Всемирный банк, 2023.

8. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Статистический ежегодник - 2023. - Душанбе, 2023. - 398 с.

9. International Monetary Fund. Republic of Tajikistan: Staff Report for the 2022 Article IV Consultation. - IMF Country Report No. 23/125. - Washington, D.C.: IMF, 2023. - 78 p.

10. Саидмуродов Л.Х., Аминджанов Р.М. Малая открытая экономика РТ в условиях влияния пандемии COVID-19: анализ и прогнозы // Экономика РТ. - 2020. - № 3. - С. 19-29.

11. Саидмуродов Л.Х., Аминджанов Р.М. Малая открытая экономика РТ в условиях влияния пандемии COVID-19: анализ и прогнозы // Экономика РТ. - 2020. - № 3. - С. 19-29.

12. Национальный банк РТ. Годовой отчёт 2022. - Душанбе: НБТ, 2023. - 156 с.

13. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Внешняя торговля РТ 2022. - Душанбе, 2023. - 145 с.

14. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Внешняя торговля РТ 2022. - Душанбе, 2023. - 145 с.

15. Рахимов Р.К. Денежно-кредитная политика Республики Таджикистан в условиях рыночной трансформации. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 245 с.

16. Krugman P. The Narrow Moving Band, the Dutch Disease, and the Competitive Consequences of Mrs. Thatcher // Journal of Development Economics. - 1987. - Vol. 27, No. 1-2. - P. 41-55.

17. World Bank. Migration and Development Brief 2022. - Washington, D.C.: World Bank, 2022.

18. World Bank. Tajikistan: Systematic Country Diagnostic 2022. - Washington, D.C.: World Bank, 2022.

19. Каюмов Н.К. Экономические реформы в РТ: проблемы и перспективы. - Душанбе: Шарки Озод, 1997. - 186 с.

20. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Финансы РТ 2022. - Душанбе, 2023. - 98 с.

21. Национальный банк РТ. Стратегия денежно-кредитной политики на 2022-2024 годы. - Душанбе: НБТ, 2022. - 56 с.

22. Борисов С.М. Рубль: золотой, червонный, советский, российский. - М.: ИНФРА-М, 1997. - 208 с.

23. Закон Республики Таджикистан «О Национальном банке РТ» от 28 июня 2011 г. № 740. - Душанбе, 2011.

24. Национальный банк РТ. Денежно-кредитный обзор 2022. - Душанбе: НБТ, 2023.

25. Asian Development Bank. Asian Development Outlook April 2023: Tajikistan. - Manila: ADB, 2023.

26. Национальный банк Республики Таджикистан. Финансовая устойчивость банковского сектора 2022. - Душанбе: НБТ, 2023.

27. International Monetary Fund. Republic of Tajikistan: Debt Sustainability Analysis 2023. - Washington, D.C.: IMF, 2023.

28. FocusEconomics. Tajikistan Economy: GDP, Inflation, CPI & Interest Rates 2024. - Barcelona, 2024.

29. Саидмуродов Л.Х., Давлятов А. К вопросу о расчёте покупательной способности национальной валюты и реального эффективного валютного курса в малой открытой экономике РТ // Экономика РТ. - 2019. - № 3. - С. 23-40.

30. Central Bank of Armenia. Inflation Report 2022-IV. - Yerevan: CBA, 2023. - 56 p.

31. Obstfeld M., Rogoff K. Foundations of International Macroeconomics. - Cambridge: MIT Press, 1996. - 790 p.

32. Calvo G., Reinhart C. Fear of Floating // Quarterly Journal of Economics. - 2002. - Vol. 117, No. 2. - P. 379-408.

33. Ocampo J.A., Taylor L. Trade Liberalisation in Developing Economies // Cambridge Journal of Economics. - 1998. - Vol. 22, No. 1. - P. 21-44.

34. Красавина Л.Н. Инфляция и антиинфляционная политика в России. - М.: Финансы и статистика, 2000. - 256 с.

35. Дробышевский С.М., Трунин П.В. Инфляционное таргетирование в России. - М.: ИЭПП, 2006. - 104 с.

36. Моисеев С.Р. Денежно-кредитная политика: теория и практика. - М.: Московская финансово-промышленная академия, 2011. - 784 с.

37. Саидмуродов Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан. - Душанбе, 2004. - 198 с.

38. Гафуров Х. Экономика РТ: становление рыночных отношений. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 312 с.

39. Урунов Дж.У. Денежно-кредитная интеграция стран Центральной Азии. - Душанбе, 2010. - 180 с.

40. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан на пути к открытой экономике: очерки институционального анализа. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 312 с.

УДК: 330.15:330.322:502.131.1(575.3)

ТАШАККУЛИ НИЗОМИ САРМОЯГУЗОРИИ РУШДИ УСТУВОРИ САРМОЯИ ТАБИИИ КРИОСФЕРАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

Ризозода Саймудин Бобоалӣ

номзади илмҳои иқтисодӣ, корманди Муассисаи давлатии «Институти омӯзиши пиряхҳо ва криосфераи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе. Телефон: 904 00 22 44. E-mail: rizoevsaimuddin31@gmail.com

Муқаддима. Суръатбахшии таназзули пиряхҳо ва тағирёбии хусусиятҳои криосфера хатарҳои иқтисодӣ, идоракунии об, энергетикӣ ва иҷтимоиро барои Тоҷикистон зиёд мекунад. Дар ин шароит, ҳифзи сармояи табиии криосфера гузаришро аз равиши асосан ҳифзи муҳити зист ба арзёбии иқтисодии арзиши он, хатарҳои талафот ва ниёзҳои сармоягузорӣ тақозо мекунад. Маводҳо ва усулҳо. Таҳқиқот бар асоси равишҳои системавӣ, институтсионалӣ ва муқоисавӣ, усулҳои арзёбии иқтисодии сармояи табиӣ ва хидматрасонии экосистема, таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, равишҳои байналмилалии баҳисобгирии экосистемаи SEEA, инчунин усулҳои таҳлили сармоягузорӣ анҷом дода шудааст. Барои ташаккули асоси методологӣ, усулҳои таҳлили сохторӣ, арзёбии коршиносӣ, моделсозии ниёзҳои сармоягузорӣ, арзёбии зарари пешгиришуда ва муайян кардани тафовути сармоягузорӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳо. Модели консептуалии ташаккули системаи сармоягузорӣ барои рушди устувори сармояи табиии криосфера пешниҳод карда шудааст. Робитаи байни арзиши сармояи табиӣ, хидматрасонии экосистема, талафоти эҳтимолӣ аз таназзули криосфера, ниёзҳои сармоягузорӣ ва механизмҳои маблағгузорӣ асоснок карда шудааст. Моделҳо барои муайян кардани ниёзҳои сармоягузорӣ, тафовути молиявӣ ва индекси афзалияти лоиҳа таҳия шудаанд. Равиши методологӣ барои табдил додани арзиши иқтисодии сармояи табиии криосферӣ ба арзиши талафоти имконпазир ҳамчун асос барои муайян кардани ниёзҳои сармоягузорӣ ва интихоби лоиҳаҳои афзалиятнок пешниҳод карда мешавад. Хулоса. Рушди низоми миллии сармоягузории криосферӣ бояд ба ҳамгироии захираҳои молиявии ҳукумат, иқлим, грантҳо, байналмилалӣ ва хусусӣ, инчунин ба шомил кардани институтсионалии арзёбии сармояи табиӣ дар системаи банақшагирии сармоягузории давлатӣ асос ёбад.

Калидвожаҳо: сармояи табиӣ, криосфера, пиряхҳо, рушди устувор, иқтисоди сабз, сармоягузорӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ ИНВЕСТИЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРИРОДНОГО КАПИТАЛА КРИОСФЕРЫ ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ ЗЕЛЁНОЙ ЭКОНОМИКИ

Ризозода Саймудин Бобоали

кандидат экономических наук, сотрудник Государственного учреждения «Институт изучения ледников и криосферы Национальной академии наук Таджикистана». Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе. Телефон: 904 00 22 44. E-mail:rizoevsaimuddin31@gmail.com

Введение. Ускоряющаяся деградация ледников и изменение характеристик криосферы усиливают экономические, водохозяйственные, энергетические и социальные риски Таджикистана. В этих условиях сохранение природного капитала криосферы требует перехода от преимущественно природоохранного подхода к экономической оценке его стоимости, рисков утраты и инвестиционных потребностей. **Материалы и методы.** Исследование основано на системном, институциональном и сравнительном подходах, методах экономической оценки природного капитала и экосистемных услуг, анализе нормативно-правовых документов Республики Таджикистан, международных подходов SEEA Ecosystem Accounting, а также методах инвестиционного анализа. Для формирования методологической основы использованы методы структурного анализа, экспертной оценки, моделирования инвестиционной потребности, оценки предотвращённого ущерба и определения инвестиционного разрыва. **Результаты.** Предложена концептуальная модель формирования системы инвестиционного обеспечения устойчивого развития природного капитала криосферы. Обоснована взаимосвязь между стоимостью природного капитала, экосистемными услугами, потенциальными потерями от деградации криосферы, инвестиционной потребностью и механизмами финансирования. Разработаны модели определения инвестиционной потребности, финансового разрыва и индекса приоритетности проектов. В качестве научной новизны предложен методологический подход к преобразованию экономической стоимости криосферного природного капитала в величину предотвращаемых потерь как основу определения инвестиционной потребности и отбора приоритетных проектов. **Заключение.** Формирование национальной системы инвестиционного обеспечения криосферы должно основываться на интеграции государственных, климатических, грантовых, международных и частных финансовых ресурсов, а также на институциональном включении оценки природного капитала в систему государственного инвестиционного планирования.

Ключевые слова: природный капитал, криосфера, ледники, устойчивое развитие, зелёная экономика, инвестиции.

FORMATION OF AN INVESTMENT SUPPORT SYSTEM FOR THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN'S CRYOSPHERE NATURAL CAPITAL UNDER THE GREEN ECONOMY

Saymuddin Boboali Rizozoda

Candidate of Economic Sciences, Researcher State Institution "Institute for Studying Glaciers and Cryosphere",

National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. Tel.: +992 904 00 22 44. E-mail: rizoevsaimuddin31@gmail.com

Accelerated glacier degradation and changes in the cryosphere are increasing economic, water, energy and social risks in Tajikistan. Under these conditions, preserving cryosphere natural capital requires a transition from a predominantly conservation-oriented approach toward an economic assessment of its value, loss risks and investment requirements. **Materials and Methods.** The study applies systemic, institutional and comparative approaches, methods of natural capital and ecosystem-service valuation, analysis of Tajikistan's regulatory and strategic documents, the SEEA Ecosystem Accounting framework, and investment-analysis methods. Structural analysis, expert assessment, investment-need modelling, avoided-loss valuation and financing-gap analysis were used to develop the methodological framework. **Results.** A conceptual model for establishing an investment-support system for the sustainable development of cryosphere natural capital is proposed. The study establishes the relationship between natural-capital value, ecosystem services, potential losses from cryosphere degradation, investment requirements and financing mechanisms. Models for estimating investment needs, financing gaps and project-priority indices are developed. The main scientific novelty is a methodological approach that transforms the economic value of cryosphere natural capital into the value of avoided losses and uses it as a basis for determining investment requirements and selecting priority sustainable-development projects. **Conclusion.** A national investment-support system for the cryosphere should integrate public, climate, grant, international and private financial resources and incorporate natural-capital valuation into public investment planning and decision-making.

Keywords: natural capital, cryosphere, glaciers, sustainable development, green economy, investment.

Муқаддима. Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи нигоҳдории сармояи табиӣ тадричан аз доираи масъалаҳои экологӣ берун баромада, ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ ва сармоягузорӣ табдил меёбад. Ин раванд махсусан барои кишварҳои кӯҳистонӣ, ки рушди иқтисодии онҳо ба захираҳои об, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва устувории экосистемаҳо вобаста аст, аҳаммияти стратегӣ дорад.

Криосфера ҳамчун маҷмӯи пиряхҳо, барфпӯшӣ, ях ва дигар ҷузъҳои яхбастаи муҳити табиӣ на танҳо объекти ҳифзи экологӣ, балки қисми муҳими сармояи табиии миллӣ мебошад. Арзиши иқтисодии он танҳо бо ҳаҷми оби яхбаста маҳдуд намешавад. Криосфера маҷмӯи хизматрасониҳои экосистемавӣ — танзими ҷараёни об, таъмини захираҳои обӣ, дастгирии кишоварзӣ, гидроэнергетика, ҳифзи экосистемаҳо, коҳиши баъзе хавфҳои табиӣ ва таъмини манфиатҳои наслҳои ояндаро фароҳам меорад.

Дар назарияи иқтисоди экологӣ мафҳуми сармояи табиӣ ҳамчун қисми таркибии сарвати умумии ҷомеа ташаккул ёфтааст. Корҳои Costanza ва ҳаммуаллифон, Daily, de Groot ва дигар муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки хизматрасониҳои экосистемавӣ бояд ҳамчун ҷузъи арзиши иқтисодии табиат ба назар гирифта шаванд [1–3]. Муносибати сармоявӣ ба рушди устувор инчунин дар корҳои Pearce ва Atkinson, Arrow ва ҳаммуаллифон ва Hamilton ва Clemens инъикос ёфтааст [4–6].

Дар марҳилаи муосир муносибати мазкур бо низоми байналмилалии ҳисобгирии экологию иқтисодӣ — SEEA — инкишоф ёфтааст. SEEA Ecosystem Accounting чаҳорчӯбаи ягонаеро барои ҷамъоварӣ ва муттаҳидсозии маълумот оид ба ҳудуд, ҳолат, хизматрасониҳои экосистемавӣ ва арзиши дороиҳои экосистемавӣ пешниҳод менамояд [7]. Дар соли 2021 SEEA Ecosystem Accounting аз ҷониби Комиссияи омории Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун стандарти байналмилалӣ қабул гардид [7].

Дар таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ низ сармояи табиӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии сарвати миллӣ баррасӣ мешавад. Гузориши *The Changing Wealth of Nations 2021* нишон медиҳад, ки баҳодиҳии сарвати миллӣ бояд на танҳо сармояи истеҳсолӣ, балки сармояи табиӣ, инсонӣ ва дигар шаклҳои сарватро дар бар гирад [8].

Барои Тоҷикистон масъала боз ҳам муҳимтар аст. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ, дар Тоҷикистон 14 509 пирях бо масоҳати умумии пиряхпӯшӣ тақрибан 11 146 км² ба қайд гирифта шудааст; обшавии пиряхҳо метавонад то 25 фоизи захираҳои обиро ташаккул диҳад ва дар солҳои хушк саҳми он метавонад то 50 фоиз афзоиш ёбад [9].

Маълумоти UNEP нишон медиҳад, ки ҳарорати миёнаи солонаи Тоҷикистон аллакай тақрибан 1,2°C афзоиш ёфтааст ва зиёда аз 1 000 пирях дар даҳсолаҳои охир пурра аз байн рафтаанд. Барои солҳои наздик низ идомаи коҳиши пиряхҳои хурд пешбинӣ мешавад [10].

Ин раванд барои иқтисодиёти миллӣ на танҳо маънои коҳиши захираҳои табииро дорад. Он метавонад ба таъмини об, кишоварзӣ, гидроэнергетика, инфрасохтор, амнияти озуқаворӣ, амнияти энергетикӣ ва хароҷоти пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ таъсир расонад.

Аз ин рӯ, масъалаи асосии таҳқиқот чунин гузошта мешавад: **чӣ гуна арзиши сармояи табиии криосфераро ба категорияи иқтисодии қобили истифода дар банақшагирии сармоягузорӣ табдил додан мумкин аст ва дар асоси он чӣ гуна низоми устувори маблағгузории ҳифз ва рушди криосфераро ташкил намудан зарур аст?**

Ҳадафи таҳқиқот. Ҳадафи таҳқиқот таҳияи асосҳои назариявию методологии ташаккули низоми сармоягузории рушди устувори сармояи табиии криосфераи Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти сабз мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

1. муайян намудани моҳияти иқтисодии сармояи табиии криосфера;
2. таҳлили муносибатҳои муосир ба баҳодиҳии сармояи табиӣ ва хизматрасониҳои экосистемавӣ;
3. муайян намудани сохтори арзиши иқтисодии криосфера;
4. таҳияи модели муайян намудани эҳтиёҷи сармоягузорӣ;
5. таҳияи механизми муайян намудани холигии маблағгузорӣ;
6. пешниҳод намудани индекси афзалиятнокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

7. асоснок намудани самтҳои ташаккули низоми миллии маблағгузории устувори криосфера.

Гипотезаи таҳқиқот. Гипотезаи асосӣ чунин аст: **агар сармояи табиии криосфера ҳамчун дороии иқтисодии миллӣ арзёбӣ гардида, арзиши талафоти пешгиришаванда ба раванди интихоби сармоягузорӣ ворид карда шавад, самаранокии иқтисодии қарорҳои маблағгузорӣ ва имконияти ҷалби манбаъҳои гуногуни молиявӣ барои рушди устувори криосфера афзоиш меёбад.**

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Таҳқиқот хусусияти назариявӣ-методологӣ ва консептуалӣ дошта, ба таҳияи механизми иқтисодии ташаккули низоми сармоягузории рушди устувори сармояи табиии криосфера равона шудааст.

Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти созмонҳои байналмилалӣ, адабиёти илмӣ оид ба сармояи табиӣ ва хизматрасониҳои экосистемавӣ, инчунин маълумоти марбут ба пиряхҳо, тағйирёбии иқлим ва маблағгузории иқлимӣ ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқот усулҳои зерин истифода шудаанд:

- **усули системавӣ** — барои баррасии криосфера ҳамчун қисми ягонаи низоми табиӣ-иқтисодӣ;
- **усули институционалӣ** — барои таҳлили нақши давлат, созмонҳои байналмилалӣ ва бахши хусусӣ;
- **усули муқоисавӣ** — барои муқоисаи муносибатҳои байналмилалӣ ба арзёбии сармояи табиӣ;
- **усули таҳлили сохторӣ** — барои муайян намудани унсурҳои арзиши сармояи табиии криосфера;
- **усули арзёбии иқтисодӣ** — барои муайян намудани арзиши хизматрасониҳои экосистемавӣ;
- **усули моделсозии иқтисодӣ** — барои таҳияи модели эҳтиёҷи сармоягузорӣ;
- **усули таҳлили сармоягузорӣ** — барои арзёбии арзиши талафоти пешгиришуда, самаранокӣ ва афзалиятнокии лоиҳаҳо;
- **усули экспертӣ ва АНР** — ҳамчун асоси минбаъдаи муайян намудани вазнҳои нишондиҳандаҳои афзалиятнокӣ.

Аз чиҳати методологӣ таҳқиқот ба принсипҳои SEEA Ecosystem Accounting такя мекунад, ки маълумоти экологиро бо маълумоти иқтисодӣ муттаҳид менамояд ва имконияти арзёбии тағйироти дороиҳои экосистемавиро фароҳам меорад [7].

Маҳдудияти асосии марҳилаи мазкур дар он мебошад, ки модели пешниҳодшуда ҳанӯз бо силсилаи пурраи маълумоти молиявию физикии миллӣ барои ҳамаи ҳавзаҳои пиряхии Тоҷикистон калибр карда нашудааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои мазкур ҳамчун **асоси методологӣ барои марҳилаи минбаъдаи таҳқиқоти эмпирикӣ** пешниҳод мешаванд, на ҳамчун арзёбии ниҳоии пулии тамоми криосфера.

Натиҷаҳо. Криосфера ҳамчун шакли махсуси сармояи табиӣ. Дар таҳқиқот сармояи табиии криосфера ҳамчун маҷмӯи дороиҳои табиии яхӣ ва барфӣ, қобилияти онҳо барои тавлиди хизматрасониҳои экосистемавӣ ва манфиатҳои иқтисодию иҷтимоии вобаста ба ин хизматрасониҳо муайян карда мешавад.

Барои мақсадҳои таҳқиқот арзиши умумии сармояи табиии криосфераро метавон чунин ифода намуд:

$$V_K=V_U+V_{NU}+V_O+V_S$$

ки дар он:

- V_K — арзиши умумии сармояи табиии криосфера;
- V_U — арзиши истифода;
- V_{NU} — арзиши ғайриистифодабарӣ;
- V_O — арзиши имкониятҳои оянда;
- V_S — арзиши стратегӣ.

Бартарии чунин муносибат дар он аст, ки криосфера танҳо ҳамчун «захираи об» баррасӣ намешавад. Он ҳамчун дороии стратегӣ, ки имрӯз ва дар оянда хизматрасониҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истеҳсол мекунад, арзёбӣ мегардад.

Занҷири иқтисодии криосфера ва сармоягузорӣ. Натиҷаи муҳими таҳқиқот ташаккули занҷири функсионалии зерин мебошад:

Криосфера → Сармояи табиӣ → Хизматрасониҳои экосистемавӣ → Арзёбии иқтисодӣ → Хавф ва талафот → Эҳтиёҷи сармоягузорӣ → Маблағгузорӣ → Ҳифз ва мутобиқшавӣ → Нигоҳдории сармояи табиӣ → Рушди устувор.

Ин занҷир имкон медиҳад, ки масъалаи ҳифзи пиряхҳо аз сатҳи «хароҷоти экологӣ» ба сатҳи «сармоягузорӣ ба нигоҳдории дороии миллӣ» гузаронида шавад.

Сохтори сармоягузории рушди устувор. Бо дарназардошти хусусияти бисёрҷанбаи криосфера сохтори сармоягузории рушди устуворро метавон чунин ифода кард:

$$I_{SD}=I_G+I_C+I_A+I_E+I_{IN}$$

ки дар он:

- I_{SD} — сармоягузории рушди устувор;
- I_G — сармоягузории сабз;
- I_C — сармоягузории иқлимӣ;
- I_A — сармоягузории мутобиқшавӣ;
- I_E — сармоягузории экологӣ;
- I_{IN} — сармоягузории илмӣ-инноватсионӣ.

Ин муносибат нишон медиҳад, ки мафҳуми «сармоягузории рушди устувор» нисбат ба «сармоягузории сабз» васеътар мебошад. Барои криосфера маҳз маҷмӯи чунин сармоягузориҳо зарур аст.

Модели муайян намудани эҳтиёҷи сармоягузорӣ. Эҳтиёҷи умумии сармоягузорӣ барои рушди устувори криосфераро метавон чунин муайян намуд:

$$[IN_t=C^{\{mon\}_t+C}\{ada\}_t+C^{\{risk\}_t+C}\{inf\}_t+C^{\{sci\}_t+C}\{ins\}_t]$$

ки дар он:

- (C^{mon}) — хароҷоти мониторинг;
- (C^{ada}) — хароҷоти мутобиқшавӣ;
- (C^{risk}) — хароҷоти коҳиши хавф;
- (C^{inf}) — хароҷоти инфрасохтори устувор;
- (C^{sci}) — хароҷоти илм, технология ва инноватсия;
- (C^{ins}) — хароҷоти институтсионалӣ.

Бартарии ин модел дар он аст, ки он эҳтиёҷи сармоягузориро танҳо ба сохтмони инфрасохтор маҳдуд намекунад. Мониторинг, илм, рақамикунонӣ, маълумоти кайҳонӣ, моделсозии хавф, системаҳои огоҳсозии бармаҳал ва рушди иқтидори институтсионалӣ низ ҳамчун объектҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аҳаммияти чунин муносибатро таҷрибаи муосири Тоҷикистон низ тасдиқ мекунад. Аз ҷумла, ADB соли 2025 барои таҳкими мониторинги пиряхҳо, пешгӯии хатарҳо, низоми ягонаи рақамии маълумот ва системаҳои огоҳсозии бармаҳал гранти 3 млн долларӣро тасдиқ намуд [11].

Муайян намудани холигии маблағгузорӣ. Барои муайян намудани ҳаҷми маблағҳое, ки бояд аз манбаъҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд, формулаи зерин пешниҳод мегардад:

$$[FG_t=IN_t-F^{\{state\}_t-F}\{grant\}_t-F^{\{climate\}_t-F}\{private\}_t]$$

ки дар он:

- (FG_t) — холигии маблағгузорӣ;
- (F^{state}) — маблағгузории буҷетӣ;
- (F^{grant}) — грантҳо;
- (F^{climate}) — маблағгузории иқлимӣ;
- (F^{private}) — сармояи хусусӣ.

Модели мазкур имкон медиҳад, ки давлат на танҳо ҳаҷми хароҷоти зарурирро муайян кунад, балки инчунин муайян намояд, ки кадом қисми маблағгузорӣ бояд аз ҳисоби шарикони рушд, фондҳои иқлимӣ, сармояи хусусӣ ва дигар манбаъҳо ҷалб карда шавад.

Индекси афзалиятнокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Барои интихоби лоиҳаҳои афзалиятнок индекси зерин пешниҳод карда мешавад:

$$[P_i=w_1V_i+w_2R_i+w_3A_i+w_4E_i+w_5S_i]$$

ки дар он:

- (P_i) — индекси афзалиятнокии лоиҳаи (i);
- (V_i) — аҳаммияти захираи табиӣ;
- (R_i) — таъсир ба коҳиши хавф;
- (A_i) — аҳаммияти мутобиқшавӣ;
- (E_i) — самаранокии иқтисодӣ;
- (S_i) — аҳаммияти иҷтимоӣ;
- (w_i) — вазни нишондиҳандаҳо.

Шарти муҳим он аст, ки:

$$[_{i=1}^{5}w_i=1]$$

Вазнҳо дар марҳилаи эмпирикии таҳқиқот метавонанд бо истифода аз усули AHP, пурсиши экспертӣ ва таҳлили ҳассосият муайян карда шаванд.

Арзиши талафоти пешгиришуда ҳамчун асоси қарорҳои сармоягузорӣ. Натиҷаи асосии методологии таҳқиқот пешниҳод намудани муносибати **«арзиши талафоти пешгиришуда»** мебошад.

Самаранокии ибтидоии сармоягузорӣ чунин ифода мешавад:

$$[E_I=V_L-C_I]$$

ки дар он:

- (E_I) — самаранокии ибтидоии сармоягузорӣ;
- (V_L) — арзиши талафоти пешгиришуда;
- (C_I) — арзиши сармоягузорӣ.

Агар:

$$[V_L>C_I,]$$

сармоягузорӣ аз нуқтаи назари пешгирии зарари иқтисодӣ асоснокии ибтидоӣ дорад.

Барои арзёбии пурраи молиявӣ инчунин метавон нишондиҳандаҳои NPV ва BCR-ро истифода бурд:

$$[NPV=_{t=0}^{T}\frac{B_t-C_t}{(1+r)^t}]$$

ва

$$[BCR=]$$

Ин нишондиҳандаҳо имконият медиҳанд, ки хароҷоти имрӯз бо манфиатҳои ояндаи ҳифзи криосфера муқоиса карда шаванд.

Навоварии илмии пешниҳодшуда. Навоварии асосии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:

муносибати методологии табдил додани арзиши сармояи табиии криосфера ба арзиши талафоти пешгиришуда ҳамчун асоси муайян намудани эҳтиёҷи сармоягузорӣ ва интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки рушди устувор пешниҳод шудааст.

Ин муносибат се категорияро ба як низоми ягона мепайвандад:

арзиши табиӣ → талафоти иқтисодӣ → эҳтиёҷи сармоягузорӣ.

Ҳамин тавр, масъалаи «чаро криосфера бояд ҳифз карда шавад?» ба масъалаи иқтисодии «чӣ қадар бояд сармоягузорӣ карда шавад ва кадом лоиҳа самараноктар аст?» табдил меёбад.

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муносибати анъанавӣ ба пиряхҳо ҳамчун объекти асосан экологӣ барои ҳалли масъалаи маблағгузории дарозмуддати криосфера нокифоя мебошад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки иқтисодиёти муосир тадриҷан аз арзёбии ҷудогонаи захираҳо ба арзёбии сарвати умумӣ ва хизматрасониҳои экосистемавӣ мегузарад [1–8]. Дар ин раванд SEEA EA имконияти муҳими методологиро фароҳам меорад, зеро он тағйирёбии ҳолати экосистема ва хизматрасониҳои онро ба маълумоти иқтисодӣ пайваст менамояд [7].

Барои Тоҷикистон чунин гузариш аҳаммияти махсус дорад. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №482 Стратегияи рушди иқтисоди «сабз»-ро барои солҳои 2023–2037 тасдиқ кардааст. Дар Стратегия масъалаҳои ҳифз ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ ва ҷалби сармоягузории «сабз» ҷойгоҳи муҳим доранд [12].

Дар марҳилаи дуюм низ ин самт идома дорад. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, №517 Нақшаи амали Стратегияи рушди иқтисоди «сабз»-ро барои солҳои 2026–2028 тасдиқ намуд [13].

Аз ин нуқтаи назар, сармоягузорӣ ба криосфера бояд ҳамчун қисми сиёсати иқтисодиёти сабз ва рушди устувор баррасӣ карда шавад.

Масъалаи дигар — норасоии маблағгузории танҳо буҷетӣ мебошад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҳифзи дороиҳои табиӣ метавонад маблағгузории омехтаро талаб намояд. Барои Тоҷикистон низ омезиши маблағҳои давлатӣ, грантҳои байналмилалӣ, фондҳои иқлимӣ, сармояи хусусӣ ва механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мувофиқ мебошад.

Лоиҳаи ADB оид ба идоракунии талафоти пиряхҳо ва амнияти обӣ нишон медиҳад, ки маблағгузории байналмилалӣ аллакай ба мониторинг, рақамикунонӣ, пешгӯии хатар ва идоракунии захираҳои об равона мегардад [11]. Ин таҷриба барои таҳияи механизми миллии сармоягузории криосфера аҳаммияти амалӣ дорад.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки арзёбии иқтисодии криосфера набояд танҳо ба арзиши бозории об ё дигар хизматрасониҳои мустақим маҳдуд шавад. Хизматрасониҳои танзимкунанда, арзиши стратегӣ, арзиши имкониятҳои оянда ва арзиши ғайриистифодабарӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд.

Дар ин замина, натиҷаи муҳимтарини таҳқиқот гузариш аз модели:

«хароҷот барои ҳифзи пиряхҳо»

ба модели:

«сармоягузорӣ ба нигоҳдории сармояи табиӣ ва пешгирии талафоти иқтисодӣ»

мебошад.

Ин тағйири парадигма метавонад барои асосноккунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби маблағҳои байналмилалӣ аҳаммияти назаррас дошта бошад.

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Маҳдудияти асосӣ набудани базаи ягонаи пурраи маълумот барои арзёбии пулии тамоми хизматрасониҳои криосфера дар сатҳи миллӣ мебошад. Аз ин рӯ, формулаҳои пешниҳодшуда дар марҳилаи мазкур ҳамчун модели методологӣ баррасӣ мешаванд.

Барои марҳилаи минбаъда зарур аст:

1. базаи ягонаи маълумоти физикию иқтисодии пиряхҳо таъсис дода шавад;
2. арзиши хизматрасониҳои экосистемавӣ барои ҳавзаҳои асосӣ ҳисоб карда шавад;
3. хароҷоти талафоти иқтисодӣ дар сенарияҳои гуногуни тағйирёбии иқлим моделсозӣ карда шавад;
4. эҳтиёҷи сармоягузорӣ барои давраҳои кӯтоҳмуддат, миёнамӯҳлат ва дарозмуддат ҳисоб карда шавад;
5. портфели лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ таҳия карда шавад.

Дар соли 2026 Агентии обуҳавошиносии Тоҷикистон оғози таҳияи Барномаи давлатии таҳқиқ ва ҳифзи криосфера барои солҳои 2026–2034-ро баррасӣ намуд. Ин раванд имконияти хуберо барои пайвастани натиҷаҳои иқтисодии чунин таҳқиқот бо банақшагирии давлатӣ фароҳам меорад [14].

Хулоса. Криосфераи Тоҷикистон бояд на танҳо ҳамчун объекти муҳими экологӣ, балки ҳамчун **қисми стратегии сармояи табиии миллӣ** баррасӣ карда шавад. Пиряхҳо ва дигар ҷузъҳои криосфера хизматрасониҳои муҳими экосистемавӣ истеҳсол намуда, ба обтаъминкунӣ, кишоварзӣ, энергетика, амнияти озуқаворӣ, устувории экосистемаҳо ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъсир мерасонанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки арзёбии иқтисодии сармояи табиии криосфера метавонад ба пояи методологии ташаккули сиёсати сармоягузорӣ табдил ёбад. Барои ин зарур аст, ки арзиши табиии криосфера ба арзиши хизматрасониҳои экосистемавӣ, хавфҳои иқтисодӣ ва талафоти эҳтимолӣ пайваст карда шавад.

Дар мақола модели низоми сармоягузории рушди устувор пешниҳод гардид, ки унсурҳои мониторинг, мутобиқшавӣ, коҳиши хавф, инфрасохтори устувор, илм ва инноватсияро дар бар мегирад. Ҳамчунин моделҳои муайян намудани эҳтиёҷи сармоягузорӣ, холигии маблағгузорӣ ва афзалиятнокии лоиҳаҳо таҳия карда шуданд.

Натиҷаи асосии илмии таҳқиқот пешниҳоди муносибати **«арзиши сармояи табиӣ → талафоти пешгиришуда → эҳтиёҷи сармоягузорӣ → интихоби лоиҳаи афзалиятнок»** мебошад.

Татбиқи ин муносибат метавонад барои гузариш аз маблағгузории пароканадаи чорабиниҳои экологӣ ба **низоми ягонаи миллии сармоягузории рушди устувори криосфера** замина гузорад.

Дар дурнамои стратегӣ ташаккули чунин низом бояд ба ҳамгироии маблағҳои буҷетӣ, сармоягузории сабз, маблағгузории иқлимӣ, грантҳои байналмилалӣ, сармояи хусусӣ ва механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ асос ёбад.

Ҳамин тавр, ҳифзи криосфера бояд ҳамчун **сармоягузорӣ ба сарвати миллӣ, амнияти обӣ, устувории иқтисодӣ ва манфиатҳои наслҳои оянда** арзёбӣ карда шавад.

Адабиёт

1. Costanza R., d'Arge R., de Groot R. et al. The value of the world's ecosystem services and natural capital // Nature. 1997. Vol. 387. P. 253–260. DOI: 10.1038/387253a0.
2. Daily G.C. Nature's Services: Societal Dependence on Natural Ecosystems. Washington, DC: Island Press, 1997.
3. de Groot R.S., Wilson M.A., Boumans R.M.J. A typology for the classification, description and valuation of ecosystem functions, goods and services // Ecological Economics. 2002. Vol. 41. No. 3. P. 393–408. DOI: 10.1016/S0921-8009(02)00089-7.
4. Pearce D.W., Atkinson G.D. Capital theory and the measurement of sustainable development: an indicator of "weak" sustainability // Ecological Economics. 1993. Vol. 8. No. 2. P. 103–108. DOI: 10.1016/0921-8009(93)90039-9.
5. Arrow K., Dasgupta P., Goulder L. et al. Are We Consuming Too Much? // Journal of Economic Perspectives. 2004. Vol. 18. No. 3. P. 147–172. DOI: 10.1257/0895330042162377.
6. Hamilton K., Clemens M. Genuine Savings Rates in Developing Countries // The World Bank Economic Review. 1999. Vol. 13. No. 2. P. 333–356. DOI: 10.1093/wber/13.2.333.
7. United Nations et al. System of Environmental-Economic Accounting 2021: Ecosystem Accounting. New York: United Nations, 2021.
8. World Bank. The Changing Wealth of Nations 2021: Managing Assets for the Future. Washington, DC: World Bank, 2021.
9. World Bank. General Country Assessment: Tajikistan. Washington, DC: World Bank, 2024.
10. United Nations Environment Programme. Tajikistan's Melting Glaciers Put Water Resources Under Stress: Atlas of Environmental Change for Tajikistan. Nairobi/Dushanbe, 2025.
11. Asian Development Bank. Managing Glacier Loss and Water Security Project. Project No. 59079-001. Manila: ADB, 2025–2026.
12. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, №482 «Дар бораи Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037».
13. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, №517 «Дар бораи Нақшаи амали Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026–2028)».
14. Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумот оид ба ташаббуси таҳияи Барномаи давлатии таҳқиқ ва ҳифзи криосфера барои солҳои 2026–2034. Душанбе, 2026.
15. Intergovernmental Panel on Climate Change. Climate Change 2022: Impacts, Adaptation and Vulnerability. Cambridge: Cambridge University Press, 2022.
16. Intergovernmental Panel on Climate Change. Climate Change 2021: The Physical Science Basis. Cambridge: Cambridge University Press, 2021.
17. UNESCO. World Water Development Report 2020: Water and Climate Change. Paris: UNESCO, 2020.
18. UNESCO. World Water Development Report 2024: Water for Prosperity and Peace. Paris: UNESCO, 2024.
19. FAO. The State of the World's Land and Water Resources for Food and Agriculture. Rome: FAO, 2021.
20. OECD. Financing Climate Futures: Rethinking Infrastructure. Paris: OECD Publishing, 2018.
21. Green Climate Fund. Investment Framework. Songdo: Green Climate Fund.
22. United Nations Development Programme. Climate Finance and Sustainable Development: Policy and Financing Approaches. New York: UNDP.
23. Asian Development Bank. Asian Development Outlook 2024: Tajikistan. Manila: Asian Development Bank, 2024.
24. Government of the Republic of Tajikistan. Fourth National Communication of the Republic of Tajikistan under the United Nations Framework Convention on Climate Change. Dushanbe, 2024.
25. Government of the Republic of Tajikistan. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the Period up to 2030. Dushanbe.
26. Government of the Republic of Tajikistan. State Program for the Study and Preservation of Glaciers of the Republic of Tajikistan for 2010–2030. Dushanbe.
27. Asian Development Bank. Managing Glacier Loss and Water Security Project: Project Administration Manual. Manila: ADB, 2025.
28. Dasgupta P. The Economics of Biodiversity: The Dasgupta Review. London: HM Treasury, 2021.
29. World Bank. Natural Capital Accounting and Valuation of Ecosystem Services. Washington, DC: World Bank.
30. United Nations. Transforming our World: The 2030 Agenda for Sustainable Development. New York: United Nations, 2015.

УДК: 311

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МАЪНИДОДҲОИ ГУНОГУНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ

Урунбоев Абдумухтор
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: (+992) 988-21-76-44.
Абдумухторзода Нигина Абдумухтор
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 971-23-60-23.
Тоҷидинова Зебо Сангиновна
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 900-10-22-38.

Дар мақолаи мазкур муаллифон ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шуғл, аз ҷумла ноил шудан ба шуғли пурмаҳсули аҳолиро дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баррасӣ намудаанд. Мафҳумҳои «шуғл» ва «қувваи корӣ» таҳлил карда шуда, хулосаҳои муаллифон нисбат ба ин мафҳумҳо пешниҳод гардидаанд. Дар асоси таҳлил самтҳои ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул бо назардошти мавҷудияти иқтидори муосири инсонӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: шуғли аҳолӣ, қувваи корӣ, самаранокии меҳнат, музди меҳнат, шуғли пурра, шуғли пурмаҳсул, бекорӣ, бозори меҳнат, аҳолии қобили меҳнат, таҳсилоти касбӣ.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ РАЗЛИЧНЫХ ЗНАЧЕНИЙ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

Урунбоев Абдумухтор
кандидат экономических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 988-21-76-44.
Абдумухторзода Нигина Абдумухтор
кандидат экономических наук, доцент кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, 734067, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 971-23-60-23.
Тоджидинова Зебо Сангиновна
кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры бухгалтерського учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (+992) 900-10-22-38.

В данной статье рассматриваются теоретические и практические аспекты занятости, в том числе достижения продуктивной занятости населения в современных социально-экономических условиях развития Таджикистана. Анализируется определения понятий «занятость» и «рабочая сила», где приводятся выводы авторов относительно данных понятий. На основе анализа определены направления достижения продуктивной занятости с учетом наличия современного человеческого, экономического и социального потенциала Таджикистана.

Ключевые слова: занятость населения, рабочая сила, эффективность труда, заработная плата, полная занятость, продуктивная занятость, безработица, рынок труда, трудоспособное население, профессиональное образование.

COMPARATIVE ANALYSIS OF DIFFERENT VALUES OF POPULATION EMPLOYMENT

Urunboev Abdumuhtor
candidate of economical sciences, associate professor of the department of economic analysis and siatics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: (+992) 988-21-76-44.
Abdumuhtorzoda Nigina Abdumuhtor
candidate of economical sciences, associate professor of the department of economics of enterprises and entrepreneurship, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: (+992) 971-23-60-23.
Todjidinova Zebo Sanginovna
candidate of economical sciences, senior lecturer of the department of accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: (+992) 900-10-22-38.

This article discusses the theoretical and practical aspects of employment, including achieving productive employment of the population in the modern socio-economic conditions of development of Tajikistan. The definitions of the concepts “employment” and “labor force” are analyzed, where the authors’ conclusions regarding these concepts are presented. Based on the analysis, directions for achieving productive employment are identified, taking into account the presence of modern human, economic and social potential of Tajikistan.

Key words: employment, labor force, labor efficiency, wages, full employment, productive employment, unemployment, labor market, working population, vocational education.

Муқаддима. Яке аз муаммоҳои асосӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ин шуғли аҳолӣ мебошад, ки то ҳоло паҳлӯҳои алоҳидаи он, аз ҷумла намудҳои шуғли пурра омӯхта нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар асоси омӯзиши назариявӣ ва маълумотҳои оморӣ шуғли пурмаҳсули аҳолиро маънидод намоянд, ки самаранокии баланди истеҳсолотро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин намояд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти маълумот ташкил медиҳанд. Барои муқоисаи мафҳумҳои «шуғл» ва «қувваи корӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишондиҳандаҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат истифода шудаанд. Вобаста ба мавзуи мазкур таҳқиқотҳо аз ҷониби муҳаққиқон аз қабили И.Х. Самандаров, Д.А. Амонова, Н.Ш. Ҷонмамадов, Д.Б. Қодиров, А.Д. Ҷабборов, Т.Д. Низомова, С.Ҷ. Комилов, Х.Н. Фақеров, Д.Н. Набиева ва дигарон анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Шуғли аҳолӣ муаммоҳои муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ буда, доимо дар маркази таваҷҷӯҳи гуногуни назарияҳои иқтисодӣ буд ва онҳо маънидодҳои гуногуни механизми ташаккулёбии бозори меҳнат ва муаммоҳои шуғли аҳолиро медоданд. Барои таҳқиқи шуғли пурмаҳсули аҳолӣ пеш аз ҳама бояд худи фаҳмиши «шуғл» муайян карда шавад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» оварда шудааст: «шуғл – ин фаъолияти шаҳрвандони дар синну соли қобили меҳнат, ки ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зид набуда, барои қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад ва ба онҳо даромади меҳнатӣ меорад» [1, с. 3-7]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи шуғли аҳолӣ» мафҳуми «шуғл» чунин маънидод карда мешавад: «шуғл – фаъолияти шаҳрвандон, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, барои қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ ба онҳо даромади меҳнатӣ меорад» [2, с.1-8]. Инчунин дар Қонуни Федератсияи Руссия «Дар бораи шуғли аҳолӣ дар Федератсияи Руссия» шуғл чун «фаъолияти шаҳрвандон барои қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ба қонунгузории Федератсияи Руссия мухолифат набуда, ба онҳо музди меҳнат, даромади меҳнатӣ меорад» [3, с.1-12].

Дар нишондиҳандаҳои калидии бозори меҳнати (НКБМ) Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) фаҳмиши «шуғл» чунин маънедод карда мешавад: «шуғл чун ҳамаи аҳолии дар синну соли қобили меҳнат буда дар давоми давраи ҳисоботӣ фаъолияти ҳарҳеларо оид ба истеҳсоли мол ёки расонидани хизмати пулакиро иҷро кардаанд, ҳамчунин шахсоне, ки дар ҷои кор ҳузур дошта, яъне шахсоне, ки дар ҷои кор на кам аз як соат машғули меҳнат буданд ва шахсоне, ки бо сабабҳои гуногун муваққатан дар ҷои кор ҳузур надоштанд» [6, с. 69-73].

Вобаста аз гуфтаҳои овардашуда аз нуқтаи назари мо, шуғл – ин фаъолияти шаҳрвандон мебошад, ки аз рӯи қонунгузории давлат манъ карда нашуда, барои қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ, оилавӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд буда ба онҳо музди меҳнат ёки даромади меҳнатӣ меорад.

Нишондиҳандаи муҳими дигари бозори меҳнат «қувваи корӣ» мебошад. Таърифи мафҳуми «қуваи корӣ» дар қонунгузориҳои давлатҳои алоҳида оварда шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» оварда шудааст: «қувваи корӣ (аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) – ин қисми аҳолие мебошад, ки талаботи меҳнатро барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо таъмин менамояд. Ба қувваи корӣ аҳолии шуғлдошта ва бекорон дохил карда мешаванд» [1, с. 1-3]. Дар навбати худ дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи шуғли аҳолӣ» нишон дода шудааст, ки «қувваи корӣ – ин маҷмӯи шумораи аҳолии шуғл дошта ва бекорон мебошанд» [4, с. 2-7]. Аз гуфтаҳо маълум мешавад, ки барои чен кардани дараҷаи (сатҳи) иштирок дар таркиби қувваи корӣ бояд дараҷаи шуғл ва бекорӣ ҳисоб карда шавад.

Аз рӯи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2024 дараҷаи бекории расмӣ дар ҷумҳурӣ 1,8%-ро ташкил додааст. Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 ба 23,1% (аз 2,233 млн. нафар то 2,748 млн. нафар) зиёд шудааст.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои овардашуда оиди шумораи бекорон фақат шахсонро, ки расман дар хадамоти шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд дар бар мегираду халос. Бинобар ин нишондиҳандаҳои овардашуда вазъи воқеии дараҷаи бекориро муайян карда наметавонад. Дар манбаи маълумотҳои ташкилоти байналмилалии меҳнат JLOSTAT аз рӯи таҳқиқот бекорӣ 7,1%-ро ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ аз шумораи умумии бекорон қариб 50,0%-ро ҷавонони аз 15 то 29 сола ташкил мекунад ва сол ба сол шумораи онҳо зиёд шуда истодааст. Агар ин нишондиҳанда дар соли 2005 35,4%-ро ташкил карда бошад дар соли 2024 ба 50,2% расидааст ва қариб 75%-и онҳо маълумоти касбӣ надоранд. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар соли 2024 музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхона ва ташкилотҳо 2310,21 сомониро (213,9 доллари ИМА) ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2010 6,52 маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда қариб, ки ба маълумоти ташкилоти байналмилалии меҳат баробар аст. Дар баробари ин шумораи аҳолии дар синну соли қобили меҳнат ҳамасола қариб, ки 1,8-2,1% зиёд шуда истодааст ва ин нишондиҳанда аз ҷойҳои корӣ нав ташкилкунанда хеле зиёд мебошад. Дараҷаи на он қадар баланди даромади аҳолӣ ва зиёдшавии шумораи аҳолии дар синну соли қобили меҳнат нисбатан ба ташкили ҷойҳои нави корӣ омили бузурги муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон баромад мекунад.

Дар давоми паҳншавии COVID-19 дар нимаи дуюми моҳи апрели соли 2020 нақшаи корфармоён ва кормандон дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт кулан тағйир ёфтанд. Хусусан соҳаҳои хизматрасонӣ ва саноат зиёдтар зарар диданд. Дар вақти авҷ гирифтани пандемия бошад дар бозори меҳнати Тоҷикистон нисбатан паст шудани музди меҳнат ва ба рухсатии бе пардохти музд баромадани кормандон ба назар расид. Агар музди

меҳнати як корманд аз рӯи таҳқиқотҳо дар соли 2019 217,93 сомониро ташкил карда бошад, дар соли 2020 213,37 сомониро ташкил кардааст, ки нисбатан ба соли 2019 4,56 сомонӣ кам мебошад. Дар давраи COVID-19 аз сабаби паст шудани талабот ба мол ва хизматрасониҳо як қисми корфармоён маҷбур шуданд, ки шумораи муайяни кормандонро аз ҷои кор озод намоянд [8, с. 8-12].

Бояд қайд намуд, ки самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ - ин ташкил намудани системаи босамари мусоидат ба шуғли аҳолӣ, танзими ҷойҳои кории холӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав, нигоҳ доштани захираҳои кадрӣ дар якҷоягӣ бо тадбирҳои пешакӣ оид ба бартараф намудани афзоиши бекорӣ мебошад.

Бешубҳа, дар шароити муосири бозори меҳнат сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, таркиб ва натиҷагирӣ аз он дар мадди аввал меистад. Таҳлили ҷойҳои кории холиву навтаъсис ва ишғоли минбаъдаи онҳо шаҳодат медиҳад, ки агар аз як тараф паст будани музди меҳнати ҷойҳои корӣ бошанд, аз тарафи дигар малакаи касбии бекорон ба талаботи тахассусии ин ҷойҳои корӣ ҷавобгӯ нест. Ин дар навбати худ таҳлилу танзими ҷойҳои сифатан нави кории холӣ ва навтаъсисро талаб мекунад, инчунин масъалаи маълумотнокии калонсолонро дар тӯли тамоми умр, аз ҷумла омодагии касбии муҳоҷирони меҳнатиро тақозо менамояд. Механизми мавҷудаи таҳсилоти калонсолон аз ҷиҳати сохтор ва таркиби худ ба талаботи бозори меҳнат ва худи аҳолӣ ҷавобгӯ нест. Мутаассифона, омори имрӯзаи шуғл вазъи воқеии бозори меҳнатро ифода намекунад. Натиҷаҳои таъсиси ҷойҳои кории нав сифатан таҳлил намешаванд. Аз сабаби маҳдудияти маблағ вазъи бозори меҳнат мунтазам омӯхта намешавад. Ташкили корҳои ҷамъиятӣ таҳдиди назарро талаб менамоянд. Умуман сиёсати имрӯзаи давлат дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ зарурати таҳия ва татбиқ намудани стратегия ва тактикаи рушди минбаъда ва ислоҳоти куллӣ, ташаккули муқаррароти асосии дигаргунсозии ин соҳаро тақозо мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои иқтисодии бузург оиди таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор мебошад ва ҳангоми истифодабарии он кишвари мо ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мубаддал мегардад. Дар иқтисоди миллӣ захираҳои меҳнатӣ ва таъмини онҳо бо ҷои кор мушкилии зиёд доранд. Ин аз як тараф ҷои зистро иваз намудани аҳолӣ, аз тарафи дигар бошад, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста аз ин ва дигар мушкилотҳои ҷойдошта, зарур аст, ки захираҳои меҳнатӣ бо ҷои кор таъмин карда шаванд. Чунки яке аз шартҳои асосии таъмини рушди иқтисодӣ кам намудани сатҳи бекорӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯи назария барои паст намудани сатҳи бекорӣ дар ҳар як кишвар ин таъмин намудани аҳолӣ бо ҷои кор ба ҳисоб меравад.

Истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мураккаби идоракуниро тақозо менамояд, яъне бояд ки ҳар як роҳбар, ҳар як фарди ҷомеаи моро фаро гирад. Зеро ҳар як субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёт фаъолият менамояд. Ба ибораи дигар соҳибкорон бояд, ки захираҳои иқтисодиро дар баробари давлат истифода намоянд. Чунки рафти фаъолияти онҳо ин маънои онро дорад, ки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёт фаъолият менамоянд.

Мақсад аз ин гуфтаҳо дар он аст, ки барои ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ба мо лозим мегардад, ки захираҳои меҳнатии кишварро дар маҷмӯъ таҳлил намоем. Чунки дар ҳолати истифодаи нодурусти қувваи корӣ ба иқтисодиёт ҳисороти калон ворид мегардад.

Ҷадвали 1. Динамикаи захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор нафар

Нишондиҳандаҳо	Солҳо				Таносуб 2024/2019 бо (%)
	2019	2020	2022	2024	
Шумораи аҳолии доимӣ	9313,8	9506,3	10078,4	10508,4	112,8
Захираҳои меҳнатӣ	5567,4	5664,3	5754	5982	107,4
Қувваи корӣ	2514	2537	2600	2797	111,3
Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт	2463	2506	2545	2748	111,6
Қувваи кории истифоданашуда	3007	3068	3154	3185	105,9

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025.

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давоми 5 соли охир шумораи аҳолии доимӣ ба 12,8% зиёд шудааст. Захираҳои меҳнатӣ бошад дар ин давра ба 7,4% зиёд шудааст, ки сабаби асосии он зиёд будани аҳолии то синну соли қобили меҳнат мебошад. Дар солҳои таҳлилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойҳои кории зиёд ташкил карда шудаанд, вале ба ин нигоҳ накарда қувваи кории истифоданашуда дар соли 2024 нисбат ба соли 2919 ба 375, 0 ҳазор нафар зиёд шудааст. Аз маълумотҳои овардашуда маълум мешавад, ки дар бозори меҳнати Тоҷикистон муаммоҳои ҳалталаб мавҷуданд, аз ҷумла дар таъмини шуғли аҳолӣ. Аз ҳамин лиҳоз самти стратегии таъмини рушди устувори бозори миллии меҳнат дар ҷумҳурӣ шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки шуғл нафақат муносибатҳои иқтисодӣ балки объекти муҳими сиёсати давлатӣ мебошад. Дар низоми бозорӣ, ҳадафи ин сиёсат васеътар муайян карда мешавад, яъне таъмини шуғли пурра, пурмаҳсул ва озодона интихобшуда.

Мувофиқи назарияи классикии шуғл, шуғли пурра ноил шуданро ба тавозуни зарурӣ байни шумораи афроде, ки мехоҳанд кор кунанд ва шумораи ҷойҳои кории мавҷударо пешбинӣ мекунад. Шуғли пурра вақте руҳ медиҳад, ки бекорӣ ба меъёри табиӣ мувофиқат кунад, шуғли пурмаҳсул бошад аз сатҳҳои макро ва микро, инчунин дар доираи ҳамгироии омилҳои иқтисодӣ, демографӣ ва психофизиологӣ баррасӣ карда мешавад. Шуғли пурмаҳсул дар сатҳи макро тақсимоти захираҳои меҳнатиро дар байни соҳаҳо ва соҳаҳои фаъолият пешбинӣ мекунад ва самаранокии баланди истеҳсолотро дар тамоми иқтисоди миллӣ таъмин менамояд. Шуғли

пурмаҳсул дар сатҳи микро тавозуни оптималиро байни шумораи коргарон ва шумораи ҷойҳои корӣ дар ҳар як корхона таъмин мекунад.

Шарти иқтисодии ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул омезиши натиҷаҳои баланди истеҳсолӣ бо ҷуброни муносиб барои ҳар як шахс бо назардошти саҳми онҳо дар ноил шудан ба ин натиҷаҳо мебошад.

Ҷанбаи демографии шуғли пурмаҳсул шуғли оптималии аҳолии қобили меҳнатро мувофиқи хусусиятҳои сохтории он, аз ҷумла синну сол, ҷинс ва вазъи оилавӣ, пешбинӣ мекунад. Ҷанбаи психофизиологии шуғли пурмаҳсул бо фароҳам овардани имконияти кор кардан ба ҳар як корманд мувофиқи ниёзҳо ва хоҳишҳои инфиродии худ алоқаманд аст.

Шуғли озодона интихобшуда маънои набудани ягон маҷбуркунӣ ба меҳнатро дорад. Ин талабот дар ҳуҷҷатҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат, бахусус Конвенсияи дар бораи манъ кардани меҳнати маҷбурӣ, инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии шуғл фишангҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд.

Фишангҳои иқтисодӣ таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани ҳавасмандии иқтисодии соҳибкорон ва роҳбарони корхонаҳо дар тартиботи чандири корӣ, ҳавасмандгардонии ҳаракати захираҳои меҳнатӣ дар саро сари кишвар, такмили низоми тайёр кардани кадрҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Фишангҳои ҳуқуқӣ такмили қонунгузориро барои таъмини танзими самараноки бозори меҳнат дар бар мегиранд.

Аз соли 1990 инҷониб, рушди бозори меҳнат дар кишвари мо, дар баробари дигар бозорҳо, бо суръати хеле баланд пеш рафтааст. Метавон гуфт, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори меҳнат бо хусусиятҳои асосии он таъсис ёфтааст, ки дар табдили бозории иқтисодиёти кишвар нақши муҳим мебозад. Аммо, бояд қайд кард, ки рушд ва фаъолияти бозори меҳнат дар Тоҷикистон як қатор хусусиятҳои хосеро нишон медиҳад, ки онро аз бозорҳои меҳнатии дигар кишварҳо, бахусус аз бозорҳои кишварҳои Ғарб, ба таври назаррас фарқ мекунанд. Ин аз якчанд омилҳо вобаста аст.

1. Афзоиши нақши муассисаҳои ғайрирасмии кироя нисбат ба муассисаҳои расмӣ, ки дар истифодаи васеъи кирояи шифоҳии ғайрирасмӣ (шуғли сояафкан) зоҳир мешавад. Таъсири заифи хадамоти шуғли давлатӣ ба беҳтар кардани самаранокии он низ бояд ба назар гирифта шавад. Дар тӯли давраи ислоҳот, байни шумораи умумии бекорон, ки мувофиқи методологияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат муайян карда шудаанд ва шумораи бекороне, ки дар Хадамоти шуғли давлатӣ ба қайд гирифта шудаанд, тафовутҳои назаррас вуҷуд доштанд.

Дар охири соли 2024, шумораи бекороне, ки дар Хадамоти шуғли давлатӣ ба қайд гирифта шудаанд, танҳо 1,8 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодиро ташкил дод. Ин падидаро метавон бо набудани эътимод ба хадамоти шуғл шарҳ дод. Ғайр аз ин, тафаккури аҳолии кишвар, ки аксар вақт ба робитаҳо ва тамосҳои ғайрирасмӣ нигаронида шудааст, на ба риояи меъёрҳои расмии муқарраршуда, низ нақш мебозад.

2. Стратегияи идоракунии корхонаҳои ҷумҳурӣ ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва баланд бардоштани музди меҳнат нигаронида шудааст, на ба нигоҳ доштани қувваи корӣ изофӣ дар корхонаҳо ва нигоҳ доштани музди меҳнати паст. Ин бо хусусияти гузариши иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ноустуворӣ ва пешгӯинашавандагии шароити бозорро афзоиш медиҳад, шарҳ дода мешавад. Дар чунин шароит, соҳибкорон аз ҷудо шудан аз коргарони баландихтисоси худ худдорӣ мекунанд, зеро шароити бозор метавонад дар ҳар лаҳза тағйир ёбад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби пурра ба итмом нарасидани таркиби навсозиҳо, аз ҷумла пурра муҳайё набудани инфрасохтори бозорӣ ва маълумотҳои дақиқи сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва нисбатан баланди дараҷаи бекурбшавии пул, ҳисоби дурусти меъёри табии бекориро муайян кардан мураккаб аст. Ба фикри мо, сабаби он дар мамлакат вуҷуд доштани дараҷаи баланди бекории пинҳонӣ мебошад. Ин имкон намедиҳад, ки шуғли пурмаҳсул дуруст ҳисоб карда шавад. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки якчанд нишондиҳандаҳо аз ҷумла коэффитсиенти шуғл, дараҷаи шуғли аҳолии қобили меҳнати ҷамъиятӣ ба соҳаҳои фоиданок, таркиби оқилонаи тақсимоти кормандон дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт, мувофиққунонии таркиби касбӣ-тахассусии кормандон истифода бурда шавад [5, 141-146].

Хулоса. Ҳамин тариқ ба назари мо, шуғли пурмаҳсул - ин шуғлест, ки ба инсон музду даромад оварда, эҳтиёҷоти шахсии худи ӯ ва аъзоёни оилаашро қонеъ мегардонад. Яъне агар инсон аз рӯи натиҷаи шуғл худ ба қадри кофӣ воситаҳои молиявӣ ба даст орад ва ин даромад барои эҳтиёҷоти ҳаётии ӯ басанда бошад, пас ин ҳолатро метавон ҳамчун шуғли пурмаҳсул баррасӣ кард. Аз он ҷумла, шуғли пурмаҳсул бояд бо шуғли самаранок алоқамандии зич дошта бошад, яъне, пардохти музди бадастомада барои меҳнати худ бояд мустақиман бо ҳаҷми иҷрои корҳо ва расонидани хизматҳо вобаста бошад. Бар асоси гуфтаҳои боло, рушди шуғли пурмаҳсул самти стратегии ноил шудан ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва бозори миллии меҳнат дар алоҳидагӣ мебошад. Аз он ҷумла, рушди шуғли пурмаҳсул ба баланд шудани сатҳи самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои ватанӣ, инчунин ташкилоту корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ, тавассути рушди сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматрасониҳои расонидашаванда мусоидат хоҳад кард. Аз ҳама муҳим, ноил шудан ба шуғли пурмаҳсул ба баланд шудани сатҳи музди меҳнати кормандони кироя дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири мусбат мерасонад.

Самтҳои ноил шудан ба рушди устувори сатҳи шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон механизми зерини ташкилию иқтисодиро талаб менамояд.

Дар навбати аввал, омода намудани мутахассисон оид ба меъёрбандии меҳнат, алоҳида барои ҳар як соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Аз он ҷумла, истеҳсолӣ маҳсулоти кишоварзӣ, саноати нассоҷӣ, саноати хӯрокворӣ, саноати вазнин ва коркард. Инчунин меъёрбандон барои соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла савдо, нақлиёт, молиявӣ ва бонкӣ, таъмири техникаи маишӣ, расонидани хизматрасониҳои комуналӣ, таъмири автомобилҳо ва ғайра.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”, (аз 1.08.2003. №44). – С. 3-7.

2. Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон “Дар бораи шуғли аҳолӣ”, (аз 20.11.2020. № ЗРУ-642). – С. 1-8.

3. Қонуни Федератсияи Руссия “Дар бораи шуғли аҳолӣ дар Федератсия Руссия” (аз 19.04.1991. № 1032-1 бо тағйиротҳо аз 12.12.2023. № 565-ФЗ). – С. 1-12.

4. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон “Дар бораи шуғли аҳолӣ” (бо илова ва тағйиротҳо аз 16.01.2021). – С. 2-7.

5. Абдумухторзода Н.А., Халифазода Ҷ.Б. Масъалаҳои назариявии шуғли аҳолӣ ва роҳҳои идораи он / Н.А. Абдумухторзода Н.А., Ҷ.Б. Халифазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣғиқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. -№ 7. – С. 141-146.

5. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. – 2025.

6. Нишондиҳандаҳои калидии бозори меҳнати (НКБМ) Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ). – С. 69-73.

7. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.

8. Таъсири пандемияи COVID-19 ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи муассисаи давлатии “Паҷӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020.

9. Трунин, С.Н. Экономика труда / С.Н. Смирнов. – М.: - 2009. – 390 с.

10. Урунбоев А., Урунбаева Н.А. Масъалаҳои назариявии шуғли аҳолӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ / А. Урунбоев, Н.А. Урунбоева // Материалы медунардной научно-практической конференции. Оценка состояния малого и среднего предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2023. – С. 41-45.

УДК: 332.1:004

ИНФРАСОХТОРИ РАҚАМӢ МУҲАРРИКИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА

Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи низоми иттилоотӣ-инноватсионӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Мақола ба омӯзиши муҳтавои инфрасохтори рақамӣ ва иттилоотӣ, ки ососии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мебошад бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ талабот ба мукамалгардонии иқтисодиёти минтақавӣ меафзояд, зеро тамоми ҷараёни фаъолияти корӣ аз самаранок истифодабарии рақамикунонӣ вобаста мебошад. Аз ҷониби муаллиф таснифоти намудҳои инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ дида баромада шуда, доир ба нишондиҳандаҳои асосии таъсири он дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимои минтақа таҳлил гузаронида шудааст. Муаллиф барои такмилдиҳии соҳа ҳамгироии платформаҳои инфрасохтори рақамиро бо татбиқи инноватсия пешниҳод намудааст. Ҳамзамон дар мақола маҷмӯи платформаҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ, устувории иҷтимоӣ тавассути технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба таври васеъ омӯхта шуда, роҳҳои такмилдиҳии рақамиукнониро дар сатҳи минтақа пешниҳод намудааст.

Калидвожа: иқтисодиёт, рақамикунонӣ, минтақа, иқтисоди рақамӣ, иқтисоди минтақавӣ, инфрасохтор, иттилоот, технологияи иттилоотӣ, инноватсия, ҷаҳонишавӣ, хизматрасонӣ, ҳукумати электронӣ, барнома, стратегия.

ЦИФРОВАЯ ИНФРАСТРУКТУРА ДВИГАТЕЛЬ ЭКОНОМИЧЕСКОГО И СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

Нусратзода Мухаммади Нусрат
кандидат экономических наук, доцент кафедры информационных и инновационных систем в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

Статья посвящена изучению содержания цифровой и информационной инфраструктуры, являющейся основой социально-экономического развития региона. Отмечается, что в условиях глобализации возрастает потребность в совершенствовании региональной экономики, поскольку весь бизнес-процесс зависит от эффективного использования цифровизации. Автор рассмотрел классификацию типов цифровой и информационной инфраструктуры и проанализировал основные показатели ее влияния на экономическую и социальную сферы региона. Автор предложил интеграцию платформ цифровой инфраструктуры с внедрением инноваций для совершенствования сектора. При этом в статье подробно изучен комплекс цифровых платформ и сервисов, социальная устойчивость посредством информационно-коммуникационных технологий, а также предложены пути повышения уровня цифровизации на региональном уровне.

Ключевые слова: экономика, цифровизация, регион, цифровая экономика, региональная экономика, инфраструктура, информация, информационные технологии, инновация, глобализация, услуги, электронное правительство, программа, стратегия.

DIGITAL INFRASTRUCTURE IS THE ENGINE OF ECONOMIC AND SOCIAL DEVELOPMENT IN THE REGION

Nusratzoda Muhammadi Nusrat
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of Information and Innovation Systems in Economics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14.

This article examines the digital and information infrastructure that underpins a region's socioeconomic development. It notes that globalization is driving a growing need to improve the regional economy, as all business processes depend on the effective use of digitalization. The author examined the classification of digital and information infrastructure types and analyzed the key indicators of their impact on the region's economic and social spheres. The author proposes integrating digital infrastructure platforms with the implementation of innovations to improve the sector. The article also examines in detail the complex of digital platforms and services, social sustainability through information and communication technologies, and proposes ways to improve digitalization at the regional level.

Key words: economy, digitalization, region, digital economy, regional economy, infrastructure, information, information technology, innovation, globalization, services, e-government, program, strategy.

Муқаддима. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ талабот ба мукамалгардонии иқтисодиёти минтақавӣ меафзояд, зеро тамоми ҷараёни фаъолият такя ба рушди иқтисодӣ миллӣ менамояд. Илова ба ин гуфтан ба маврид аст, ки критерияи асосӣ дар рушди иқтисоди минтақавӣ дар шароити муосир ин гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад. Дар ин намуди фаъолияти иқтисодӣ нақши калидиро иттилоот мебозад, чунки фаъолияти пурсамар аз нигоҳдорӣ ва саривақт коркарди иттилоот вобаста аст. Барои дар шароити муорсир рақабатпазир будан мебоист, ки тамоми фаъолияти кориро ба воситаи инноватсия, ки асоси рақамикунонӣ аз он иборат аст, васеъ истифода намуд. Ин имконият фароҳам меорад, ки ҷараёни рушди иқтисодиёти минтақаро ба маротиб зиёд гардонид. Дар

шароити муосир тамоми давлатҳои иқтисодиёташон пешрафта, аз чунин навъи технологӣ, яъне технологияҳои рақамӣ самаранок истифода менамоянд.

Мақсади асосии тадқиқоти гузаронидашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳлил намудани таъсири сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ (алоқа, марказҳои додаҳо, хизматрасонии электронӣ) ба нишондиҳандаҳои калидии пешрафти иҷтимоию иқтисодии минтақа, инчунин муайян кардани мушкилотҳое, ки ба тағйироти самараноки рақамӣ дар минтақаҳо монеъа мегарданд, иборат мебошад.

Методология. Сатҳи коркарди мавзӯ. Доир ба рушди инфрасохтори инноватсиониву рақамӣ олимони ватаниву хориҷӣ корҳои назаррас ба анҷом расонидаанд. Бояд тазаккур дод, ки оиди масъалаи мазкур Раҳимзода Ш., Саидмуродзода Л.Ҳ., Солеҳзода А.А., Ҷонмамадов Ш.Б., Бобоев Ҷ.Қ., Содиқов М.С., Раҷабов Р.К., Раҳмонзода З.Ф., Соҳибов Ф.Ҳ., Сафаров Б.Г., Gulati M., Guo, B., Feng, Y., Клейнер, Г. Б., Варвус, С. А. ва дигарон барои такмилдиҳии иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳодҳои мухталиф намудаанд.

Натиҷаҳо. Инфрасохтори рақамӣ ва иттилоотӣ ҳамчун маҷмӯи таҷҳизот ва системаҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки шабакаҳои пешрафтаи телекоммуникатсионӣ, марказҳои коркарди маълумот ва татбиқи васеъи платформаҳои рақамӣ барои идоракунии муассири маълумот, амалӣ мегардад. Ҳадафи асосии он қонеъ намудани ниёзҳои шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон аст.

Рақамикунонии иқтисодёт бидуни инфрасохтори рақамии боэътимод ва дастрас наметавонанд рушд намояд. Инфрасохторҳои рақамӣ ба унсури калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Онҳо на танҳо ба пешрафти технологӣ, балки ба устувории дарозмуддати иқтисодӣ ва суботи иҷтимоии минтақаҳо низ таъсир мерасонад. Инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ ин системаҳо, платформаҳо, хизматрасонӣ ва стандартҳои техникии аз ҷониби давлат (дар ҳар сатҳ) таъсисшуда, маблағгузоришуда ё танзимшаванда мебошанд, ки асоси иқтисоди рақамӣ ва ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Хусусиятҳои асосии онҳо аз дастрасии умумӣ, боэътимодӣ, амният ва самтият ба манфиатҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад. Устувории иқтисодии минтақа маънои қобилияти онро барои самаранок фаъолият кардан, ба бӯҳронҳо (технологӣ, бозорӣ) мутобиқ шудан, истеҳсолоти гуногун доштан, таъмини шуғли аҳолӣ ва ҷамъоварии андозиро дар муҳлатҳои муқаррашуда дар бар мегирад. Устувории иҷтимоӣ бошад, якпорчагии ҷамъият, сифати баланди зиндагӣ, кам кардани нобаробарӣ, ҳифзи иҷтимоии самаранок ва дастрасии баробар ба хизматрасонӣ ва имкониятҳоро дар назар дорад.

Бояд қайд кард, ки ташаккул ва рушди инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ ин як вазифаи мукаммалест, ки барои ташкили пояи ягонаи рақамӣ баҳри пешрафти иқтисодиёти минтақа равона карда шудааст. Ҳамзамон инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ барои таъмини вазифаҳои асосии дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, ки ба тамоми минтақа манфиат меоранд, пешбинӣ шудаанд [4]. Гузариш аз сохтори анъанавӣ ба сохтори чандирӣ, ба монанди микросервисҳо, барои беҳтар кардани қобилияти тағйирпазирӣ ва суръати баровардани қарорҳои нав шаҳодат медиҳад. Ба андешаи гуруҳи дигари муҳаққиқон «...элементҳои асосии инфрасохтори рақамиву иттилоотиро шабакаҳои алоқаи баландсуръат (аз ҷумла барои минтақаҳои дурдаст), марказҳои давлатии коркарди маълумот, платформаҳои ҳукумати электронӣ барои осон кардани ҳамкорӣ бо шаҳрвандон ва тиҷорат, системаҳои амнияти киберӣ барои инфрасохторҳои муҳим, инчунин моделҳои рақамии ҳудудҳо дар бар мегиранд» [3, 5].

Бояд қайд кард, ки инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ ба рушди устувории минтақа мусоидат мекунанд, яъне хароҷоти тиҷоратиро тавассути дастрасии интернет, имконияти кор дар фосилаи дур ва хизматрасонии электронӣ коҳиш дода, рақобатпазириро, махсусан дар рушди тиҷорати хурду миёна таъмин менамояд. Илова бар ин, инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоравӣ мусоидат намуда, шароит фароҳам меорад, ки хароҷотҳои иловагӣ аз байн бурда шавад ва маҳз ҳамин ба беҳтаргардонии иқтисодиёт ва ба ин васила сатҳу сифати зиндагӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар ин росто ақидаи олимон Guo, B., Feng, Y., Lin, J-po бояд ба инобат гирифт. Онҳо қайд менамоянд, ки рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ба суботи минтақаҳо таъсири назаррас мерасонад. Мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо таъмини дастрасии фарохмаҷ дар минтақаҳои дурдаст омӯзиши малакаҳои рақамӣ барои гурӯҳҳои осебпазир, ба фарогирии табдили рақамӣ мусоидат мекунад [13]. Бояд тазаккур дод, ки рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ҳамчун замина барои хизматрасониҳои электронии тиббӣ ва таълимӣ хизмат мекунанд [7]. Ин на танҳо қулай аст (гирифтани хизматрасониҳо аз фосилаи дур, набудани навбатҳо), балки шаффофиятро таъмин намуда, таъсири омилҳои инсонӣ аз байн бурда мешавад. Ҳамзамон платформаҳои электронӣ, ки дар он шаҳрвандон фикру ақидаҳояшонро оид ба фаъолияти корӣ мегузоранд, эътимоднокиро устувор намуда, боварии аҳолӣ нисбат ба ҳукумати электронӣ меафзояд. Аз натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидаи Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҷонмамадов Ш.Б., Бобоев Ҷ.Қ., Содиқов М.С., Раҷабов Р.К. бармеояд, ки «...инфрасохтори инноватсионӣ ҳамчун як системаи мукаммали дастгирии инноватсияҳо амал мекунад. Он ташкилотҳо, муассисаҳо, захираҳо ва равандҳои калидиро муттаҳид намуда, барои ба бозор баровардани технологияҳо ва маҳсулоти нав нигаронида шудаанд, мусоидат менамояд» [1, 8, 11]. Инчунин Раҳимзода Ш., Солеҳзода А.А. оиди рушди инфрасохтор ба он андешаанд, ки «...инфрасохтори бозор маҷмӯи соҳа ва шаклҳои фаъолияти хоҷагидорие мебошад, ки рушд ва фаъолияти самараноки тамоми системаи бозорҳоро бо фарогирии иқтидори иқтисодӣ, инчунин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодии бо фаъолияти субъектҳои бозор алоқаманд инъикос менамояд» [9,12]. Дар шароити муосир рушди инфрасохтори инноватсионии бозор бе ворид намудани технологияҳои рақамӣ ғайриимкон аст. Бояд қайд кард, ки яке аз муҳаррики асосии таъминкунандаи иқтисодиёти рақамӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ин ҷорӣ намудани стартапҳо ба шумор меравад.

Таснифоти намудҳои асосии инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ баҳри таъмини рушди устувори минтақа дар ҷадвали навбатӣ ба таври муфассал оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Таснифоти намудҳои инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ [3, 5]

Навъи инфрасохтор	Унсурҳои асосӣ	Саҳм дар рушди иқтисодиёт	Саҳм дар рушди иҷтимоиёт
Шабакаҳои коммуникатсионии нақлиётӣ	Интернети фарохмаҷро 4G/5G, Wi-Fi-и ҷамъиятӣ.	Кам кардани хароҷот барои тиҷорат, рушди соҳибкории инноватсионӣ, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии шуғли тавассути фосилакоркунанда.	Бартараф кардани тафовути рақамӣ, таъмини дастрасӣ ба иттиллооти саривақтӣ,таъмини хизматрасониҳои электронӣ, таъмини таълимоти фосилавӣ.
Қарорҳои муосири платформавӣ	Порталҳои ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, системаҳои ҳамкории электронии байниидоравӣ	Соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои тиҷорат (бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ), фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ.	Соддагардонии раванди гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ, таъмини шаффофият, таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳо.
Инфрасохтори додаҳо ва ҳисоббаробаркунӣ	Марказҳои коркарди иттилоот, платформаҳои хизматрасониҳои давлатӣ, феҳристҳо.	Дастгирии татбиқи технологияҳои интеллектуалӣ дар минтақаҳо, хусусан дар саноат ва замина барои таҳлили маълумот барои банақшагирии стратегӣ	Таъмини амнияти якпорчагии маълумоти шахсӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ғ).
Кибербехатарӣ	Мониторинг, системаҳои ҳифзи инфрасохтори муҳими иттилоотӣ.	Таъмини амнияти иттилоотӣ дар раванди тиҷорат, бартараф кардани монеаҳо	Ҳимояи маълумотҳои шахсии аҳолӣ. Таъмин амнияти иттилоотии хизматрасониҳои иҷтимоӣ
Салоҳияти рақамӣ	Марказҳое, ки барои таълимоти рақамӣ сафарбар карда шудаанд.	Таъминнокии захираҳои кадрӣ барои такмилдиҳии низоми рақамикунонӣ, баландбардории ҳосилнокии меҳнат, таъмин намудани бозори меҳнат бо кадрҳои рақобатпазир	Баланд бардоштани савияи дониши аҳолӣ дар самти рақамикунонӣ ва ба ин васила ташкили мусоид барои фаъолияти корӣ.

Дар ҳақиқат ташаббусҳои рақамии давлатӣ дар таъмини рушди устувории минтақа мусоидат хоҳад кард. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки «...барои таъмини фарогирии ҳамаҷониба, хусусан барои аҳолии минтақаҳои деҳотнишин интернети баландсуръат таъмин карда шавад» [3]. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ бояд мунтазам навсозӣ шавад, то ин ки ба фаъолияти технологияи нав мувофиқат намояд. Барои фаъолияти самараноки инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ дар сатҳи минтақавӣ мутахассисони соҳавӣ заруранд. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ бештар карда шавад, зеро рушди иқтисоди рақамӣ маҳз аз он вобастагии калон дорад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии таъсири инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимои минтақа [2,3,5]

Сатҳи таъсиррасонӣ	Нишондиҳандаҳои асосии фаъолиятнокӣ	Вобастагӣ аз устувории низом
Рушди иқтисодӣ	зиёд гардидани миқдори корхонаҳое, ки фаъолияти кориашон аз технологияҳои баландсуръати рақамӣ вобаста мебошад; сармоягузорӣ ба самти инноватсия; гузаштан ба низоми ҳуҷҷатгузории электронӣ, хусусан дар самти тиҷорати электронӣ; баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои электронӣ; зиёд кардани хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути ТИ, хусусан дар самти манзилию коммуналӣ ва нақлиётӣ.	Дигаргуниҳо дар самти иқтисодиёт, тобовар будан дар рақобатпазирӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баландбардории ММД, ҷамъоварии андоз
Ҳамгироии иҷтимоӣ	Ҳиссаи аҳолие, ки ба интернети баландсуръат дастрасӣ доранд; Сатҳи саводнокии рақамӣ вобаста ба синну сол;	Аз байн бурдани нобаробарии рақамӣ ва иҷтимоӣ;

Сатҳи таъсиррасонӣ	Нишондиҳандаҳои асосии фаъолиятнокӣ	Вобастагӣ аз устувории низом
	Ҳиссаи шаҳрвандоне, ки аз хизматрасониҳои давлатии электронӣ фаъолона истифода менамоянд; Дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар маҳал; Қаноатмандии аҳолӣ аз сатҳ ва сифати хизматрасониҳои электронӣ	Баландбардории сифати хизматрасониҳои фосилавӣ (таълимот); Таҳкими сармояи иҷтимоӣ ва эътимоди институтсионалӣ; Пешгирии аҳолӣ аз истифодаи нодурусти Интернет
Идоракунӣ	Баландбардории самаранокии амалиёт ва таъмини шаффофият дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тавассути каналҳои рақамии муошират; Баландбардории сатҳи ҳамкории электронии байниидоравӣ; Гузариш ба модели идоракунии молияи давлатӣ (истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ); Васеъ намудани иштироки шаҳрвандон дар равандҳои фаъолияти корӣ тавассути платформаҳои рақамӣ	Баландбардории сифати идоракунии электронӣ; Аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ; Тақвият бахшидан ба низоми ҳисоботсупорӣ; Афзоиши эътимод ба муассисаҳо; Таъмини амният ва боварии аҳолӣ ба муҳити рақамӣ.

Варвус С.А. қайд менамояд, ки «...рушди инфрасохтори рақамӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ омили калидии таъмини суботи миллӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад ва он ба ҷалби сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои корӣ дорои музди меҳнати баланд ва ба таври назаррас баланд бардоштани сатҳи амнияти шаҳрвандон дар фазои рақамӣ мусоидат мекунад» [3,8,11].

Дар асоси гуфтаҳои мутахассисони соҳавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои такмил додани рушди инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ маҷмӯи платформаҳо, хизматрасониҳои электронӣ ва устувории иҷтимоӣ тавассути технологияҳои иттилотиву коммуникатсионӣ сурат мегирад.



Расми 1. Ҳамгироии платформаҳои инфрасохтори рақамӣ

1. Маҷмӯи платформаҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ. Ин низомест, ки мутобиқшавии фаъолияти иқтисодиро тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ ва додаҳо таъмин менамояд. Чунин замина унсурҳо, принсипҳо, стратегияҳо ва идоракуниро дар бар мегирад.

Унсурҳо иборатанд аз:

- **Платформаҳои рақамӣ**: Ин як навъи бозори интеллектуалӣ мебошанд, ки дар он иштирокчиёни бозор мувофиқи алгоритмҳои пешакӣ муайяншуда ҳамкорӣ менамоянд. Ҳамаи онҳо дар як фазои рақамӣ фаъолият намуда, тиҷорати электрониро ташкил менамоянд. Бартарии платформаи мазкур дар он аст, ки миёнаравҳо дар ин раванд иштирок наменамоянд;
- **Технологияҳои рақамӣ**: Инҳо асбобҳо ва хизматрасониҳои гуногуне мебошанд, ки мо дар ҷаҳони рақамӣ истифода менамоем, аз қабилӣ: системаи ҷустуҷӯ, ки ба мо дар ба даст овардани маълумот кӯмак

мерасонанд, шабакаҳои иҷтимоӣ бошад барои муошират ва тамосҳои корӣ, мағозаҳои онлайн ва дигар платформаҳои тиҷоратӣ равона карда шудаанд;

- **Инфрасохтори иттилоотӣ**: Таъминкунандаи фаъолияти системаҳои рақамӣ буда, аз чунин воситаҳои иборат аст: таҷҳизоти техникӣ (технологияи иттилоотӣ, серверҳои идоракунада), воситаи алоқаи муосир (шабакаҳои локалӣ ва глобалии Интернет), таъминоти барномавӣ (системаҳои амалиётиву хизматӣ, назоративу барномасозӣ, дастаи барномаҳои амалӣ), коммуникатсия (муошират рақамӣ);
- **Субъектҳои иқтисоди рақамӣ**: Ба ин котегория онҳое дохил мешаванд, ки дар иқтисоди рақамӣ фаъолона иштирок меварзанд ва инҳо иборатанд аз: ширкатҳо- тоҷирони анъанавӣ, ширкатҳои рақамӣ ва инноватсионии махсус, истеъмолкунандагон- одамони муқаррарӣ, ки аз хизматрасониҳои рақамӣ васеъ истифода намуда, дар харид ва фуруши молҳои рақамӣ ширкат меварзанд;
- **Микроэкосистемаҳо**: Ин марказҳои махсус мебошанд, ки ба рушди ақидаҳои нав ва стартапҳо мусоидат мекунанд. Марказҳои мазкур бештар ширкатҳоеро дастгирӣ менамоянд, ки инноватсияро дар фаъолияти корӣ худ қорӣ намоянд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин раванд бештар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати худро равона намудаанд:

Принсипҳо иборатанд аз:

- **Ба маълумот нигаронидашуда**: Маълумот ва ҷараёни пайвастаи он дар маркази равандҳои тиҷоратӣ, инчунин муносибатҳои байни тиҷорат, ҳукумат ва шаҳрвандон қарор доранд. Дар ин ҷо иттилоот пояи асосӣ ба шумор меравад;
- **Ошкорбаёнӣ**: Вақте ки маълумот дастрас аст, арзиш ва фоиданокии он ба таври назаррас меафзояд. Инчунин имконият пайдо мегардад, ки дар асоси иттилооти ҷамъовардашуда талаботи истеъмолгар ба таври осон ва қулай қонеъ гардонида шавад;
- **Ягонагии сатҳи маълумот**: Барои таъмини ҷараёни бефосилаи кор ва мубодилаи иттилоот, стандартҳои ягона барои форматҳои маълумот муқаррар карда мешаванд;
- **Сохтори платформа**: Диққати асосӣ ба ташкили платформаҳои рақамӣ равона карда мешавад. Платформаҳо ҳамчун омили калидӣ барои ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии ҷараёнҳои гуногуни маълумот хизмат мекунанд, ки барои фаъолияти иқтисоди рақамӣ муҳим аст.

Стратегия иборатанд аз:

- **Рақамикунонии низом:** Ин гузариш ба сатҳи нави кор бо ёрии воситаҳои муосири рақамӣ мебошад. Дар ин маврид мо тамоми равандҳо, коркарди иттилоот ва муоширати худро ба шакли электронӣ мегузаронем ва ба ин васила фаъолияти самаранокро ба роҳ монда, имкониятҳои навро пеша менамоем;
- **Таҳияи платформаҳои рақамӣ дар соҳаи саноат**: Ин заминаро барои рушди босуръати иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои марбута фароҳам меорад. Ҳангоми ташкили чунин платформаҳо ба бахшҳои калидӣ, аз қабили нақлиёт, коммуникатсия, энергетика ва коркарди иттилоот диққати махсус равона карда шавад;
- **Шарикии стратегӣ**: Дар ин ҷо, ҳамкорӣ байни ширкатҳои амалкунанда ва ширкатҳои технологӣ ё стартапҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда мешавад. Дар ин маврид фаъолияти анъанавӣ имкон пайдо менамояд, то ин ки ба идоракунии навин дастрасӣ пайдо намояд;
- **Тақвияти қобилиятҳо**: Дар ин ҷо бештар бояд ба бозомӯзии тахассусмандии кормандони дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ҳамзамон ба кори илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ сармоягузорӣ намуд, ки асосӣ рушди фаъолияти инноватсионӣ аз он вобаста аст;

Танзим иборатанд аз:

- **Таҳияи низоми мутамаркази танзими ҳуқуқӣ**: Таҳияи қонунҳои мутобиқшаванда, ки ба татбиқи технологияҳо дар тиҷорат мусоидат менамояд. Ин ба раванди ҳуҷҷатгузории электронӣ, рақамикунонии соҳа ва дар умум идоракунии электронӣ кумак мерасонад;
- **Механизмҳои ҳавасмандгардонӣ**: Татбиқи абзорҳо ба монанди «қуттиҳои электронӣ», ки дар он истифодабарандагон ақидаҳои худро барои пешрафт мегузоранд, баҳри рушди фаъолият мусоидат менамояд. Маҳз ҳамин амал метавонад ба рушди инфрасохтори рақамӣ мусоидат намояд;
- **Рушди инфрасохтори иттилоотӣ**: Ташаккули порталҳои иттилоотии боэътимоди истеъмолгаронро дохил менамоянд. Дар шароити муосир порталҳои иттилоотӣ инъикоскунандаи фаъолияти соҳа мебошад ва омили асосии рушд ба ҳисоб меравад, зеро тамоми фаъолияти корӣ дар он дарҷ мегардад;
- **Тайёр намудани кадрҳои соҳавӣ**. Дар шароити муосир тайёр кардани мутахассисон дар самти иқтисоди рақамӣ, ки барои баландбардории сатҳи савияи дониши аҳолӣ кумак расонида тавонанд, дар қаламрави кишвар бомаром идома дорад [10].

2.Устувории иҷтимоӣ тавассути ТИК метавонад ба рушди иҷтимоии минтақа тавассути ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа мусоидат кунад. Илова ба ин рақамикунонӣ дастрасиро ба хизматрасонӣ беҳтар намуда, самаранокии равандҳоро афзоиш медиҳад ва имкониятҳои навро барои аҳолӣ фароҳам меорад. Дар ин раванд бояд, механизмҳо, нишондиҳандаҳо ва мушкилот ба таври васеъ дида баромада шавад.

Механизмҳо иборатанд, аз:

- **Бартараф кардани нобаробариҳои рақамӣ**: Тавассути таъсиси нуқтаҳои ҷамъиятӣ дар минтақаҳои дурдаст, дастрасӣ ба интернети баландсуръатро таъмин намудан лозим аст. Барои такмилдиҳии соҳа мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҳисоби донишҷӯён барои баландбардории савияи дониши техникии аҳолӣ гуруҳҳои махсус ташкил намоянд, зеро калонсолон имконияти кор дар тартиби рақамикунониро надоранд. Маҳз ин амал метавонад ба рушди рақамикунонӣ мусоидат намояд;

➢ **Пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба таври электронӣ**: Бояд тазаккур дод, ки санаи 22.07.2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” таҳти №586 ба тавсиб расид. Аз якуми августи соли 2023 дар қаламравӣ кишвар тамоми хизматрасониҳои давлатӣ, аз қабилӣ пардохтҳои андоз, боҷҳои давлатӣ, ҷаримаҳо, суғуртакунонӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, коммуналӣ ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ пурра ба таври электронӣ гузаронида шуд. Бояд қайд кард, ки барои рушди рақамикунонии соҳаҳои мухталиф, омили асосӣ ба шумор меравад. Масалан, сокинони шаҳру деҳот метавонанд ба воситаи ТИК аз хизматрасониҳои давлатӣ бе навбатпоӣ ва саргардони самаранок истифода намоянд;

➢ **Гузаронидани хизматрасонии давлатӣ ба низоми онлайн** на танҳо онҳоро қулай мегардонад (бе навбат ва расмиёти коғазӣ, дастрасӣ аз фосилаи дур), балки шаффофиятро низ зиёд мегардонад. Ба ин васила таъсири омилҳои инсонӣ аз байн бурда шуда, боварӣ зиёд мегардад;

➢ **Муносибатҳои нав ба масъалаҳои иҷтимоӣ:** Ба ин котегория тамоми хизматрасониҳое дохил карда мешаванд, ки барои аҳолӣ қулай аст. Истеъмолгар дар ин намуди фаъолият метавонад бе иштирокӣ ҳузурӣ аз хизматрасониҳо истифода намояд. Дар шароити муосир ин раванд барои ҳамагон қулай ба шумор меравад;

Нишондиҳандаҳо:

➢ **Ҳиссаи аҳолӣ, ки аз интернет истифода мебарад.** Фоизи сокиноне, ки ба интернет дастрасӣ доранд, нишондиҳандаи сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ, инчунин сифат ва дастрасии интернети баландсуръат ва инфрасохтори мувофиқ дар минтақа ба шумор меравад. Тибқи маълумотҳои омори дар соли 2024 шумораи муштариёни интернет 4628621-нафарро ташкил медиҳад [6].

➢ Ш**умораи провайдерҳои таъминкунандаи интернет.** Ин параметр сатҳи рушди бахши технологияи иттилоотиро дар минтақаҳои кишвар таъмин менамояд. Дар соли 2025 дар ҷумҳурии Тоҷикистон 6-адад ширкатҳои мобилӣ, ки ҳам барои таъмини алоқа ва ҳам шабакаи интернет машғуланд. Инчунин 11-адад ташкилотҳо барои таъмини Интернет ба шаҳрвандон хизматрасонӣ менамоянд [6], ки ин дар навбати худ метавонад омили асосии рушди иқтисоди рақамӣ бошад;

➢ **Истифодаи каналҳои рақамӣ дар соҳаи савдо.** Сатҳи истифодаи каналҳои рақамӣ дар соҳаи тиҷорат инъикоскунандаи саводнокии рақамии аҳолӣ ба шумор меравад. Машғул будани аҳолӣ ба чунин шакли тиҷорат барои мавқеъро устувор намудан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ устувор мегардонад;

➢ **Сатҳи камолоти рақамӣ.** Ин параметр дараҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар соҳаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, маориф, тандурустӣ, идораи давлатӣ ва рушди маҳал таъмин менамояд.

Барномаву консепсияҳо:

Ташаккул ва рушди инфрасохторӣ рақамиву иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва консепсияҳову стратегияҳо ба роҳ монда мешавад. Як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки ҳамчун роҳнамо мусоидат менамояд дар расми навбатӣ оварда шудааст.



Расми 2. Санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунанда (таҳияи муаллиф)

Барномаву стратегияиҳои мазкур масири ояндаи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ таъмин менамояд. Илова ба санадҳои мазкур аз 8.01.2025 таҳти №911 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» барои солҳои 2025-2030 ба имзо расид, ки он низ барои ба табодули рақамӣ гузаштан мусоидат хоҳад кард. Дар асоси фармони мазкур айни ҳол дар қаламравӣ кишвар, дар муассисаҳои таъсилоти олии касбӣ

факултетҳо, ихтисосҳои марбут ба технологияҳои рақамӣ ташкил карда шуда, мутахассисонро омода намуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки барои амалӣ намудани марҳилаҳои асосии консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ низ мусоидат менамояд.

Муҳокима.

Мушкилотҳо:

Мушкилотҳои асосие, ки ба рушди устувории рақамикунонии иҷтимоии минтақа монеаи иловагӣ эҷод менамоянд, иборатанд аз:

- **Норасоии инфрасохтори алоқа,** хусусан дар минтақаҳои дурдасти аҳолинишин**;**
- **Камбудии мутахассисони соҳавӣ.** Дар қаламрави кишвар аз кам будани мутахассисони соҳибтахассуси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ҷамъияти иттилоотӣ суст рушд намуда истодааст;
- **Суръат ва нархи Интренет.** Тибқи маълумоти Маркази таҳлилии Speedtest by Ookla дар миқёси ҷаҳонӣ соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лоҳози суръати Интернет 121-ҷой ва аз лиҳози нархи истифодабарии Интернет бошад, мавқеъи 142-умро ишғол менамояд [14].

Хулоса. Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки инфрасохторҳои муосири рақамӣ аз доираи таъмини техникии оддии хизматрасониҳои давлатӣ берун рафтанд. Ҳоло онҳо омили калидии рушди стратегии минтақаҳо мебошанд, ки мустақиман ба шукуфоии иқтисодӣ ва некӯаҳволии иҷтимоии онҳо таъсир мерасонанд. Тадқиқоти гузаронидаи мо аз он шаҳодат медиҳад, ки инфрасохтори рақамиву иттилоотӣ барои рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намуда, монеаҳоро барои тиҷорат коҳиш медиҳанд, инноватсияро ҳавасманд гардонида, низоми идоракуниро тағйир медиҳад, яъне моро водор месозад, дар низоми идоракунии фаъолияти корӣ тағйирот ворид намуда, бештар аз низоми электронӣ истифода намоем.

Адабиёт

1. Ашуров, М. Н. Муаммоҳои рушди инфрасохтори савдои наздисарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Н. Ашуров, Ҷ. Қ. Бобоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 85-91
2. Ашуров, М. Н. Региональные интеграционные процессы как фактор развития инфраструктуры приграничных районов Республики Таджикистан / М. Н. Ашуров, М. И. Садриддинов // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 173-185
2. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмон «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.23г. https://www.president.tj/event/missives/36374
3. Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации» от 01.03.2005, №89. - Душанбе, 2005. – Статья 13. – С.4-5.
4. Национальная стратегия финансовой инклюзивности Республики Таджикистан на 2022-2026 годы. – Душанбе. - №314 от 01.07.2022. – С.72
5. Рынок труда в Республике Таджикистан: 30-лет государственной независимости. Статистический сборник. Д.: УОП ГВЦ Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2021. – С.614.
6. Рынок труда в Республике Таджикистан: Статистический сборник. Д.: УОП ГВЦ Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2025. – С.327.
7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2025. – С.233
8. Банковский статистический бюллетень НБТ. – Душанбе, 2011. – №12(197). -С.68.
9. Банковский статистический бюллетень НБТ. – Душанбе, 2020. – №12(305). -С.67.
10. Банковский статистический бюллетень Национального банка Таджикистан. – Душанбе, 2025. – №363. - С.15-20.
11. Седьмой периодический доклад, представленный Таджикистаном в соответствии со статьёй 18 Конвенции, подлежащий представлению в 2022 году. Комитет по ликвидации дискриминации в отношении женщин. 17 ноября 2022г. http://surl.li/tuver
12. Динамика рядов гендерных показателей Стратегии укрепления роли женщин в Республике Таджикистан / архив данных за период 2008-2022 гг. https://www.stat.tj/omori-genderi/
13. The little data book on financial Inclusion - 2025. International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank Group, 1818 H Street NW, Washington, DC. – p. 151.
14. www.avesta.tj/2022/12/15/strong-nbt-i-ebrr-zapuskayut-proekt-po-gendernoj-finansovoj-inkluzii-strong

УДК: 339.1 (575.3) П. 94.

САНОАТИКУНОНӢ ВА РУШДИ УСТУВОР: ТАҶРИБА ВА ДУРНАМОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновна
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров». Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд
Рачабов Қаюмҷон Қудратуллоевич
н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе
Мирзоқулов Ҳаётҷон Каримҷонович
унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд

Дар мақолаи мазкур мавқеъ ва вазифаҳои рушди босуръати саноат дар рушди устувори иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Рушди саноат ҳамчун низоми иҷтимоию иқтисодӣ, заминаи асосии таҳкими мутавозини иқтисодӣ ва муҳайё намудани шароити мусоид барои пешрафти иқтисодиёти кишвар мебошад. Таҳияи стратегияи рушди саноат унсури калидии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Масъалаи интихоби самти такмили соҳаи саноат дар асоси арзёбии устувории иқтисодиёти кишвар дар мақола мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳадафи ин мақола омӯзиш ва такмил намудани асосҳои назариявию амалии пешрафти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Таъсис ва таъмини инфрасохтор барои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад. Рақамикунонии иқтисодиёт дар таъмини саноатикунонии босуръати иқтисоди ҷумҳурӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад.

Калидвожаҳо: саноат, рушди устувор, рушди саноат, иқтисодиёти миллӣ, саноатикунонии босуръат, стратегияи давлатӣ, инноватсия, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рақамикунонӣ, кластеркунонӣ, корхонаҳои саноатӣ, самаранокии меҳнат, рақобатпазирии иқтисодиёт.

ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ: ОПЫТ И ПЕРСПЕКТИВЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Пулодова Хуршеда Шарифджоновна
к.э.н., доцент кафедры цифровой экономики и менеджмента ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Республика Таджикистан, Худжанд
Раджабов Каюмджон Кудратуллоевич
к.э.н., доцент кафедры государственного и местного управления Таджикского национального университета. Республики Таджикистан, г. Душанбе
Мирзокулов Хаётджон Каримджонович

соискатель кафедры цифровой экономики и менеджмента ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Республика Таджикистан, Худжанд

В данной статье анализируется роль и задачи ускоренного промышленного развития в устойчивом развитии национальной экономики Республики Таджикистан. Развитие промышленных секторов как социально-экономической системы является основным фактором обеспечения сбалансированного экономического развития и создания оптимальных условий для развития экономики страны. Разработка стратегии промышленного развития является ключевым элементом экономической политики Республики Таджикистан. В статье рассматривается вопрос выбора направления промышленного развития на основе оценки уровня стабильности государственной экономики. Цель статьи -изучение и совершенствование теоретико-практических основ развития промышленности Республики Таджикистан как социально-экономической системы государства. В статье показано, что нынешний этап развития, когда определены ключевые задачи модернизации национальной промышленности, становится первым шагом к достижению цели быстрой индустриализации, внедрения диверсифицированного экономического регулирования и повышения конкурентоспособности экономики.

Ключевые слова: промышленность, устойчивое развитие, промышленное развитие, национальная экономика, быстрая индустриализация, государственная стратегия, инновации, свободные экономические зоны, цифровизация, кластеризация, промышленные предприятия, эффективность труда, экономическая конкурентоспособность.

INDUSTRIALIZATION AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT: EXPERIENCE AND PROSPECTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Pulodova Khursheda Sharifdzhonovna
Candidate of Sciences (Economics), Associate Professor, Department of Digital Economy and Management, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Republic of Tajikistan, Khujand
Radjabov Kayumdzhon Kudratulloevich

Candidate of Sciences (Economics), Associate Professor, Department of Public and Local Administration, Tajik National University, Dushanbe, Republic of Tajikistan
Mirzokulov Khayotdzhon Karimdzhonovich
Applicant, Department of Digital Economy and Management, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Republic of Tajikistan, Khujand

This article analyzes the role and objectives of accelerated industrial development in the sustainable development of the national economy of the Republic of Tajikistan. The development of industrial sectors as a socioeconomic system is a key factor in ensuring balanced economic development and creating optimal conditions for the country's economic growth. Developing an industrial development strategy is a key element of the economic policy of the Republic of Tajikistan. This article examines the selection of a direction for industrial development based on an assessment of the level of stability of the national economy. The purpose of this article is to study and improve the theoretical and practical foundations for industrial development in the Republic of Tajikistan as a socioeconomic system of the state.

Keywords: industry, sustainable development, industrial development, national economy, rapid industrialization, state strategy, innovation, free economic zones, digitalization, clustering, industrial enterprises, labor efficiency, economic competitiveness.

Муқаддима. Таҳаввулоти саноат ҳамчун як низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ раванди пайвастаест, ки барои густариши иқтисодиёти давлат оварда мерасонад. Ин раванд барои баланд бардоштани самаранокӣ, татбиқи инноватсия ва тақвияти рақобатпазирии соҳаҳои саноат нигаронида шудааст. Рушди соҳаҳои саноат ҳамчун як низоми иҷтимоию иқтисодӣ омили асосии таъмини рушди мутавозини иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити беҳтарин барои рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

Методология. Асоси назариявии тадқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи саноатикунонӣ ва рушди устувор ташкил медиҳанд: Н.К. Қаюмов, Р.К. Раҳимов, Комилов С.Ҷ., Низамова Т.Д., Каримова М.Т., Хушвахтзода Қ.Х., Рауфӣ А., Бойматов А.А., Раҷабов Р.К., Шарифзода М.М., Хоналиев Н.Х., Ансофф И., Стрикленд А., Томпсон А.П., Картон Н., Тюрго А., Бегун Т., Борисов Е.В., Коробкова З.В., Наумкин А.В., Шветсов Ю.Г., Чернишов Л.Н. ва дигарон. Ҳамчун заминаи меъёрию ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» истифода бурда шуд.

Дар таҳқиқи мақола методҳо ва усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, масъалаи саноатикунонӣ ва рушди устувори он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қароор гирифтааст. Муаллифон дар таҳқиқотии худ масъалаи саноатикунонӣ ва рушди устувори онро дида баромада, роҳҳои такмили онро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳо. Таҳияи стратегияи рушди саноат унсури калидии сиёсати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳадафи чунин стратегия ин рушд ва таъмини фаъолияти самаранок дар унсурҳои корхонаҳои саноатӣ мебошад, ки ба таҳкими устувори давлат мусоидат мекунанд. Онҳо муҳити рақобатпазирӣ, чаҳорчӯбаи институтсионалӣ ва корхонаҳоеро дар бар мегиранд, ки ба шароити нав мутобиқ карда шудаанд. Дар заминаи корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳи махсус ба пешрафти муҳити институтсионалӣ ва инфрасохторе, ки барои рушди тиҷорати саноатӣ мусоидат мекунад, равона гардидааст.

Гузариш ба иқтисодиёти нав ва босуръат рушдёбанда тағйироти бузургеро дар соҳаи саноат талаб мекунад. Маҳсулоте, ки аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ истеҳсол мешаванд, танҳо дар сурате рақобатпазир буда метавонанд, ки агар онҳо таҷҳизотҳои пешрафта ва муосиреро истифода баранд, ки ба қобилиятҳои илмӣ, технологӣ ва идоракунии меҳнат, инчунин кувваи кории баландихтисос мувофиқат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими рушди устувори иқтисодӣ, ҳамчун заминаи асосии иқтисодиёти миллӣ, аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Манбаъҳое, ки барои ин таҳқиқот истифода шудаанд, ҳуҷҷатҳои расмӣ, Паёмҳо ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва рисолаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷабаҳои гуногуни рушди соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтанд, мебошанд.

Барои расидан ба ҳадафҳои худ ҳангоми навиштани мақолаи мазкур, вобаста ба сатҳ ва хусусияти масъалаҳои илмию амалии ҳалшаванда, усулҳои умумии илмӣ ва усулҳои махсуси маърифатӣ истифода шудаанд: усули таҳлили мантиқӣ - барои сохтани мантиқи тадқиқот; усули умумикунии низомӣ - барои ҷамъбаст кардани назарияҳои татқиқот, консепсияҳо ва муқаррароти мавҷуда, ки падидаи рушди саноатро ҳамчун як низоми иҷтимой-иқтисодӣ таҳқиқ кардаанд; таҳлили семантикӣ ва морфологӣ - барои омӯзиши асосҳои назариявии рушди саноат ҳамчун як системаи иҷтимой-иқтисодӣ; усули графикӣ - барои нишон додани муқаррарот ва натиҷаҳои тадқиқот ва ғайра мебошад.

Масъалаи калидии таҳқиқоти мақолаи мазкур рушди корхонаҳои истеҳсолии саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқот таҳия ва пешниҳоди методологӣ барои омӯзиш ва такмил намудани асосҳои назариявӣ- амалии рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як низоми иҷтимой-иқтисодии давлат мебошад.

Рушди босуръати соҳаҳои саноатии кишвар пайваста таҳти таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Ҳамасола барои рушди соҳаҳои саноатӣ бо назардошти захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда чораҳо андешида мешаванд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин дастгирии соҳаҳои гуногуни саноати кишвар мебошад.

Оид ба масъалаҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама вақт дар стратегияҳо ва барномаҳои қабулшудаи давлатии рушд диққати махсус зоҳир гардида, мувофиқи нақшаи пешбинишуда ва меъёрҳои пешбинигардида ба фаъолияти соҳаҳои муҳими иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад.

Ҳанӯз дар соли 2004 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015" қабул гардид. Дар барномаи мазкур оид ба рушди соҳаҳои саноатӣ чунин қайд карда шуда буд, "….дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсиси саноати пешрафта, таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, истиқлолияти иқтисодӣ, амнияти иҷтимоӣ ва ҳалли бомуваффақияти мушкилоти иҷтимоӣ ғайриимкон аст.

Ташаккули иқтисоди саноатӣ-аграрӣ, рушди босуръати саноат ва пеш аз ҳама он бахшҳои саноатро дар назар дорад, ки имкон медиҳанд захираҳои табиӣ-гидроэнергетикӣ, маъданӣ ва ашёи хом ба гардиши истеҳсолӣ ва ба истеҳсоли ҷамъиятӣ - захираҳои меҳнатии босуръат рушдёбанда ҷалб карда шаванд" [4].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 чунин қайд шудааст: "....Дар марҳилаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ гузошта шудааст:

-якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда;

-дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ;

-сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна.

Тадбирҳои асосӣ баҳри иҷрои вазифаи дуюм, таъмини босуръати нис рушди саноат нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва зиёд намудани ҳиссаи он дар ММД-и кишвар, баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини афзоиши босуръати хизматрасониҳои нисбатан мураккаб, рушди сатҳи диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар соҳаи тавсеаи шуғли пурмаҳсул, дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар шаҳру деҳот ҳамчун роҳҳои самараноки зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст" [2].

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 қайди махсус карданд: "...Дар ин маврид ва бо назардошти аҳамияти бахши саноат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ман пешниҳод мекунам, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки саҳми саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то соли 2030 то 22 фоиз афзоиш ёбад" [2].

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025" № 293 аз 27 майи соли 2020 қабул намуд, ки "Ҳадафи он таъмини рушди устувор ва афзоиши босуръати саноат тавассути гуногунрангӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он мебошад" [3].

Дар бобати ин масъалаи муҳим Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми декабри соли 2025 чунин қайд намудаанд: "Аз ҷумла, соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи маъдан аз 7,7 миллиард сомонии соли 2020 ба 26 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида, афзоиши ин нишондиҳанда 3,4 баробар таъмин карда шуд. Агар дар соли 1991 дар соҳаи маъдан танҳо 3 номгӯй маҳсулот (тилло, нуқра ва хокаи сурб) истеҳсол гардида бошад, пас соли 2025 ба 17 номгӯй расонида шуд. Тадбирҳои дар самти саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ андешида имкон доданд, ки дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дуюним баробар афзоиш ёфта, соли 2025 ба 66 миллиард сомонӣ расонида шавад. Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод" [1].

Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳафаҳои "Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", яъне афзоиш намудани соҳаҳои саноати истихроҷ ва коркарди истеҳсолоти дохилӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз молҳои воридотӣ, "Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030" ва "Барномаи рушди истеҳсол ва коркарди металлҳои ранга, нодир ва қиматбаҳо, инчунин дигар ашёи хоми муҳим"-ро қабул ва татбиқи онҳоро оғоз намудааст.

Барои суръат бахшидан ба гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди инноватсионӣ, тақвияти устувории он, беҳтар кардани зиндагонии шаҳрвандон ва мусоидат намудан ба рушди динамикии соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар равона шудааст. Барои татбиқ шудани стратегияи мазкур соҳибкорони тоҷик ва ҳам сармоягузорони хориҷӣ бояд фаъолона ширкат намоянд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти назариявии гузаронидашуда нишон дод, ки рушди саноат ҳамчун як низоми иҷтимоию иқтисодӣ дар таъмини рушди мутавозини иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодии кишвар нақши калидӣ мебозад ва онро аз руй панҷ равияи асосии илмӣ муайян менамоем:

1) рушди саноат ин маънои пешрафт ба сӯи ҳолати дигар, яъне вазъи самаранокии низоми иҷтимоӣ-иқтисодиёти кишвар мебошад;

2) рушди саноат ин маҷмуи тағйирот, табдилот ва гузаришҳои дорои хусусиятҳои иқтисодӣ, самт ва шиддаҳои гуногун аст;

3) рушди саноат ин бо тавассути зиддиятҳо ба амал меояд;

4) рушди саноат тағйиротеро дар бар мегирад, ки барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот истифода мешавад, ё рушди сатҳи низоми иқтидории он дар муҳити динамикаи соҳаи саноат афзоиш ёбад;

5) рушди саноат ин барномаи дарозмуддатро барои беҳтар кардани имкониятҳои низомӣ амалӣ мекунад.

Дар ин таҳқиқот роҳҳои суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои саноат дар иқтисодиёти кишварро арзёбӣ намудем, акнун вазъи кунунии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил менамоем.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои иқтисодии рушди устувори соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024

№	Нишондиҳандаҳо	Воҳиди ченак	Солҳо				2024 нисбат ба соли 2021 (%)
			2021	2022	2023	2024	
1.	Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон	млн.сом	101076,3	118181,7	132781,91	153402,2	52325,9
		суръати рушд %	120,39	116,92	112,35	115,53	182,71
2.	Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ	млн.сом	37546	41187	44894	53873	145,48
		суръати рушд %	120,8	109,7	109	120	99,33
3.	Ҳаҷми фоида дар корхонаҳои расмии бақайдгирифташудаи соҳаҳои саноат	млн.сом	7192,2	10947,6	3893,4	10403,2	144,64
		суръати рушд %	46,24	152,22	35,56	267,2	312,77
4.	Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи саноат	ҳаз.доллар	601432,8	856982,4	366464,2	676430,5	112,47
		суръати рушд %	138,7	142,49	42,76	184,58	133,08
5.	Шумораи умумии корхонаҳои соҳаҳои саноатӣ	адад	1969	2144	2546	2904	147,48
6.	Арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии соҳаи саноат	млн.сом	599,0	729,9	513,5	3325,9	555,24
		суръати рушд %	46,84	121,85	70,35	647,69	1382,77
7.	Қарзҳои бонкҳо ба соҳаи саноат	млн.сомонӣ	1027859,2	922139,1	19115630,7	16954391,2	1649,49
		%	116,19	89,71	2072,96	88,69	76,33
8.	Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ	ҳазор нафар	85,3	86,3	87,5	92,8	108,79
		суръати рушд %	101,18	101,17	101,39	106,06	104,82
9.	Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат	суръати рушд %	78,4	86,0	93,2	100	163,66

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. – С.12-13.

Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир саҳми саноат дар номгӯйи маҳсулоти дохилии кишвар аз ҳисоби афзалиятҳо ва чораҳои дастгирии рушди саноат, ки бо таъсиси корхонаҳои нав ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии рушди устувори корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024 дар ҷадвали 1. оварда шудаанд.

Маълумоти дар ҷадвали 1. исбот месозад, ки дар солҳои 2021 ва 2024 маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин муддати кутоҳ 182,71 фоиз афзудааст, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ 935 адад ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 16327 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст, ғайр аз ин, дар соҳаҳои саноатии кишвар 7500 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд, ки индекси самаранокии меҳнати соҳаи саноат ба 163,66 фоиз афзудааст. Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои саноат дар ин муддат ба маблағи 74997,7 ҳазор доллари ИМА зиёд гардидааст. Арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосии соҳаи саноат дар соли 2021 ба 599,0 млн. сомониро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 3325,9 млн. сомонӣ баробар гардид. Дар ин муддати кутоҳ арзиши миёнаи солонаи фондҳои асосӣ ба соҳаи саноат ба 5,55 маротиба афзудааст. Додани қарзҳои гуногун аз тарафи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи саноат дар муддати чаҳор соли охир ба маблағи 15926532 млн. сомонӣ афзоиш ёфт. Дар маҷмӯъ, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбат буда, аз суръати муътадили саноатикунонӣ шаҳодат медиҳад.

Маҳсулоте, ки аз ҷониби корхонаҳои ватанӣ истеҳсол мешаванд, асосан барои бозори дохилӣ пешбинӣ шудаанд ва танҳо қисми ками онҳо ба содирот бароварда мешаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти соҳаҳои саноатӣ тавассути истифодаи оқилонаи омилҳо ба монанди захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва сармояҳо ба даст оварда мешавад.

Маълум аст, ки соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду самти асосӣ тақсим мешавад: 1) Саноати истихроҷи маъдан; 2) Саноати коркард.

Ҷадвали 2. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи соҳаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024

(млн.сомонӣ)

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024 нисбат ба соли 2021 (%)
		2020	2021	2022	2023	2024	
1.	Тамоми соҳаҳои саноат	30890	38829	43025	46857	53873	138,74
2.	Саноати истихроҷи маъдан	4309	8409	8906	9336	13369	159
3.	Саноати коркард	19054	22313	26497	28537	30283	135,72

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. – С.261.

Таҳлили ҷадвали 2. нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар бахшҳои гуногун аз соли 2020 то 2024 тамоюли мусбат нишон дод ва дар солҳои охир суръати афзоиши устувор мушоҳида карда мешавад.

Аз ин рӯ, барои суръат бахшидан ба рушди умумии соҳаҳои саноат, фароҳам овардани шароит барои рушди босуръати бахши коркард зарур мебошад. Бо назардошти он, ки саноати коркард асосан молҳои ниҳоии истеъмолӣ истеҳсол мекунад, метавон хулоса кард, ки ҳавасмандгардонии рушди он таъмини маҳсулоти босифатро ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозорҳои байналмилалӣ талаб мекунад.

Дар солҳои охир, рушди мусбати соҳаҳои саноат дар минтақаҳои кишвар ба қайд гирифта шудааст ва корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ба кор андохта шуда истодаанд. Сарфи назар аз нобаробарӣ дар тақсимоти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва сохтмони корхонаҳои нав дар саросари минтақаҳои кишвар, афзоиши умумии истеҳсоли саноатӣ аз имконоти мавҷудаи истеҳсолӣ вобаста мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ аз рӯи минтақаҳо дар ҷадвали 3. оварда шудааст.

Ҷадвали 3. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024

(млн.сомонӣ)

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо					2024 нисбат ба 2020 (%)
		2020	2021	2022	2023	2024	
1.	Ҷумҳурии Тоҷикистон	30890	38829	43025	46857	53873	174,4
2.	Вилояти Хатлон	8998,3	10333,0	10792,5	11841,2	12666,0	140,76
3.	Вилояти Суғд	15573,2	21064,8	24326,3	26188,1	30499,4	195,85
4.	ВМКБ - ГБАО	228,8	315,5	184,1	214,8	313,9	137,2
5.	ш. Душанбе	2800,6	3339,4	3535,9	4265,1	5259,4	187,78
6.	НТҶ - РРП	3289,4	3776,3	4186,1	4347,8	5134,5	156,09

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С.9.

Маълумоти дар ҷадвали 3. овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар минтақаҳои кишвар дар муддати панҷ сол афзоиш ёфта, дар он вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе саҳми бештар доранд.

Илова бар ин дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои анъанавӣ, айни замон корхонаҳои наве пайдо шуда истодаанд, ки молҳои саноатии муосирро истеҳсол ва коркард мекунанд. Ғайр аз ин, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак рушди инноватсионӣ дошта, аксарияти маҳсулотҳои нави онҳо барои рақобатпазирӣ ва ба содирот намудан нигаронидашуда мебошанд.

Қарздиҳӣ ба соҳаҳои саноат воситаи калидии татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ доир ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар мебошад, дастгирии соҳаҳои саноат тавассути механизмҳои молиявӣ яке аз самтҳои асосӣ мебошад. Дар ин замина ҳамгироии низоми қарзӣ ба соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке

аз самтҳои рушди минбаъдаи саноатро тавассути навсозии механизмҳои қарзӣ муайян мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти низоми кунунии бахши воқеии иқтисодиёт бе иштироки фаъолияти низоми бонкӣ дар қарздиҳӣ қариб ғайриимкон мебошад.

Зарур мешуморем, ки барои арзёбии умумии устувори корхонаҳо дар кишвар маблағгузории қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ баҳри рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бақияи сандуқи қарзии бонкҳоро мавриди таҳлил қарор диҳем (ҷадвали 4.).

Ҷадвали 4. Маблағгузории қарзии бонкҳо ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва бақияи сандуқи қарзии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
(млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Тағйирёбӣ 2024/2020
	2020	2021	2022	2023	2024	Мутлақ	Нисбӣ
Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёти миллӣ – ҳамагӣ	6370,5	8089,4	9795,7	12084,0	15696,8	9326,3	246,40
Бақияи сандуқи қарзӣ, аз ҷумла:	10965,4	12051,1	13657,0	17921,1	21455,2	10489,8	195,66
-корхонаҳои тиҷоратӣ	3029,8	2927,0	3171,8	4226,7	4808,4	1778,6	158,70
Ҳисса бо фоиз	27,6	24,3	23,2	23,58	22,41	-5,19	81,19
-корхонаҳои давлатӣ	2508,0	2276,8	2125,2	2515,6	1791,8	-716,2	71,44
Ҳисса бо фоиз	22,9	18,9	15,6	14,04	37,26	14,36	162,71
-корхонаҳои кишоварзӣ	390,1	393,7	492,6	279,6	212,9	-177,2	54,58
Ҳисса бо фоиз	3,6	3,3	3,6	1,56	1	-2,6	27,78

Сарчашма:Таҳия ва ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. – 117с.

Аз маълумоти ҷадвали 4 маълум мегардад, ки дар солҳои 2020-2024 маблағи қарзӣ ба иқтисодиёти миллӣ пешниҳодкардаи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ тадриҷан афзоиш ёфтааст. Дар соли 2024 ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда ба соҳаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 11783,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки қиёсан нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми 6370,5 млн. сомонӣ ё худ 1,8 маротиба зиёд мебошад.

Агар ба нишондиҳандаҳои бақияи сандуқи қарзии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, ки ба соҳаҳои иқтисодӣ пешбинӣ шудааст назар намоем, аён мегардад, ки ҳаҷми ин нишондиҳандаҳо низ дар солҳои таҳлилӣ афзоиш ёфтааст. Зеро дар соли 2020 бақияи сандуқи қарзии бонкҳо ба маблағи 10965,4 млн. сомониро ташкил дод, ва дар соли 2021 ба маблағи 12051,1 млн. сомонӣ расидааст, ки зиёда аз 1718,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар солҳои 2020 ва 2021 новобаста аз таҳдиди бемории ҳамагир КОВИД- 19 низ бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии кишвар махсусан бонкҳо тавонистаанд сандуқи қарзии худро афзоиш диҳанд ва ҳамасола зиёда аз 1085,7 млн. сомонӣ ин нишондиҳанда афзоиш ёфтааст. Дар охири давраи таҳлилӣ, яъне соли 2024 бақияи сандуқи карзии ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 21455,2 млн. сомонӣ баробар гардид, ки қиёсан ба соли 2020 дар ҳаҷми 10489,7 млн. сомонӣ ё худ 95,66 фоиз зиёд мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо сабаби кифоя набудани маблағҳои худии корхонаҳо, инчунин афзоиши захираҳои истеҳсолии боқимондаи корхонаҳо дар солҳои охир эҳтиёҷ ба захираҳои қарзӣ афзоиш ёфтааст.

Оид ба зарурати ҳамкориҳои иқтисодии истеҳсолӣ дар байни кишварҳо дар яке аз баромадҳои худ, яъне дар ҷараёни вохӯрии машваратии панҷуми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр кардаанд: “...Осиёи Марказӣ имрӯз ба яке аз муҳимтарин марказҳои геополитикии ҷаҳони муосир ва пайвандҳои беназири ҷуғрофӣ табдил меёбад ва зарур мешуморем, ки ба ҳукуматҳои кишварҳоямон супориш диҳем, то мутобиқ ба мушаххасоти минтақавӣ ва кишварӣ оид ба рушди муштараки Осиёи Марказӣ пешниҳодҳои мушаххас таҳия намоянд ва онҳоро дар доираи механизмҳои мавҷуда ба шарикони хориҷиамон пешниҳод намоянд. Мо пешниҳод менамоем, ки дар доираи минтақа барномаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ба таври фаъол ҷорӣ намудани технологияҳои нав таҳия шаванд. Мо бояд кӯшиш намоем, ки тарҳҳои калонҳаҷми нақлиётӣ-инфрасохториро мавриди татбиқ қарор диҳем, Барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар аз рушди ҳамлу нақли байналмилалии бор мо пешниҳод менамоем, ки консепсияи ҳамгироии марказҳои логистикии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия шавад...” [3].

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 5. дар поён зикргардида оид ба теъдоди корхонаҳо, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар панҷ минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, таҳлили худро ёфтаанд.

Ҷадвали 5. Нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	Солҳо				
	2020	2021	2022	2023	2024
Теъдоди корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ (воҳид)	2283	2397	2802	3453	3779
Теъдоди корхонаҳои дар ҳудуди МОИ ҷумҳурӣ ба қайдгирифташуда (воҳид)	70	80	88	96	107
Ҳиссаи корхонаҳои МОИ нисбат ба умум (%)	3,07	3,34	3,14	2,78	2,83
Теъдоди корхонаҳои амалкунанда дар ҳудуди МОИ (воҳид)	26	29	35	28	33
Ҳиссаи корхонаҳои амалкунандаи МОИ нисбати ҳудуди МОИ ба қайдгирифташуда	37,14	36,25	39,77	29,17	30,84
Ҳаҷми маҳсулоти саноат дар умум (млн. сомонӣ)	31081	37546	41187	44894	53873
Ҳаҷми маҳсулоти саноат дар МОИ (млн. сомонӣ)	199,8	366,57	484,92	445,8	525,9
Ҳиссаи маҳсулоти саноат дар МОИ дар умум (%)	0,64	0,97	1,17	0,99	0,97

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. – С.222-224.

Тибқи маълумоти пешниҳодшудаи ҷадвали 5 муайян мекунад, шумораи умумии корхонаҳои саноатии кишвар дар соли 2020 ба 2283 адад баробар буд, дар соли 2024 бошад ба 3779 адад расидааст, ки ба ҳаҷми 165,53 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар панҷ минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ аз 70 адад корхона то 107 адад афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи корхонаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ камтар коҳиш ёфт: аз 3,07% дар соли 2020 то 2,83% дар соли 2024 баробар гардидааст. Бо вуҷуди ин, саҳми корхонаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар истеҳсоли саноати кишвар афзоиш ёфтааст, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар соли 2020 он 0,64% -ро ташкил медод, дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 0,97% расид. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз коҳиши нисбии шумораи корхонаҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва саҳми онҳо дар истеҳсоли умумии саноатӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта истодааст.

Кластерҳои саноатӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд ва омили асосӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Усули кластерӣ ин муттаҳидсозӣ ва ҳамкории корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои таҳқиқотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти давлатиро дар фазои муайян дар бар мегирад. Ин созмони шабакавӣ шароити беҳтаринро барои тақсимоти захираҳо, инноватсия ва рушди иқтисодӣ фароҳам меорад. Оид ба ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсия, стартапҳо ва барномаҳои давлатӣ, самтҳои афзалиятноки рушди кластерҳо дар соҳаи саноат муқаррар карда шудаанд, ки рушди онҳоро асоси пешрафти инноватсионӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардонад.

Дар марҳилаи кунунии рушд, вақте ки вазифаҳои калидии навсозии саноати миллӣ муайян шудааст, барои ноил шудан ба ин ҳадафи саноатикунонии босуръат, ҷорӣ намудани танзими гуногунҷабҳаи иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ба дараҷаи аввалин табдил меёбад. Таъсис ва таъмини инфрасохтор барои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимтарин мегардад. Муайян карда шудааст, ки сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ дар саноати миллӣ бо як қатор омилҳо алоқаманд мебошад:

-сатҳи пасти ҷалби иқтидори илмӣ ва техникӣ дар равандҳои инноватсионӣ; -набудани таҷриба дар тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос барои соҳа;

-номувофиқатии сатҳи рушди техникӣ ва технологӣ;

-вазъи инфрасохтори иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мутобиқ ба талаботи рушди инноватсионӣ;

-набудани механизмҳои муассири татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;

-шумораи нокифояи корхонаҳои хурди инноватсионӣ;

-дараҷаи пасти ҳамгироӣ дар равандҳои байналмилалии инноватсионӣ ва маҳдуд будани таҷрибаи маҳдуд дар татбиқи таҷрибаҳои пешрафтаи хориҷӣ.

Рақамикунонии иқтисодиёт дар таъмини саноатикунонии босуръати иқтисоди ҷумҳурӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозад. Рақамикунонӣ айни замон яке аз самтҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо назардошти ин муҳиммият, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ карда шуд. Ин консепсия, ки се марҳилаҳодар бар мегирад, оид ба раванди рақамикунонии ҳамаи бахшҳои иқтисоди ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи саноатиро барои солҳои 2021-2040 муайян месозад. Тибқи “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҷорӣ намудани технологияҳои идоракунии худкор ва танзими автоматии равандҳои

асосии истеҳсолӣ иштироки шахсро дар ин равандҳо ба ҳадди ақал мерасонад ва бехатарии истеҳсолотро беҳтар мекунад [7].

Рақамикунонии саноати истихроҷ ва коркарди он яке аз самтҳои асосии рушди саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Марҳилаҳои дуюм (2026–2030) ва сеюм (2031–2040)-и "Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ин татбиқи лоиҳаҳои озмоиширо барои таъсиси корхонаҳои рақамӣ дар саноати истихроҷ ва коркард, ки аз технологияҳои Саноат 4.0 истифода мебаранд, ба нақша гирифтааст.

Технологияҳои рақамӣ, ки самти асосии рушди корхонаҳои саноатии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дар ҳама марҳилаҳои фаъолият – дар ҳамаи равандҳои истеҳсолӣ аз банақшагирӣ то идоракунӣ васеъ истифода мешаванд. Татбиқи онҳо ба кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии технологӣ дар истеҳсолит мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ дар 28 декабри соли 2024 қайд намуданд, ки "Барои густариши равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи пурраи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, ман пешниҳод мекунам, ки солҳои 2025-2030 "Солҳои иқтисоди рақамӣ ва рушди инноватсионӣ" эълон карда шаванд" [2].

Муҳокима. Рақамикунонӣ ҳамчун самти асосии рушди корхонаҳои саноатӣ табдил ёфта истодааст, зеро он самаранокӣ, мутобиқшавӣ ва мавқеи рақобатпазирии онҳоро дар бозори дохилӣ ва берунӣ ба таври назаррас такмил медиҳад. Ба андешаи мо, манфиатҳои асосии рақамикунонӣ барои корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба шаш самти асосӣ ҷамъбаст кард:

1.Баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои саноатӣ тавассути рақамикунонӣ ва визуализатсияи электронии равандҳои истеҳсолӣ.

2.Ташаккули корхонаҳо ва саноати интеллектуалӣ/саноат 4.0.

3.Беҳтар кардани занҷираи таъминот тавассути рақамикунонӣ.

4.Беҳтар кардани сифати маҳсулот тавассути коркард ва мониторинги рақамикунонии маълумотҳо дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсолот.

5.Ҷорӣ намудани истеҳсоли чандирӣ ва фардӣ, ки имкон медиҳад вокуниши фаврӣ ба талаботи тағйирёбанда таъмин карда шавад.

6.Таъмини амнияти боэътимоди киберӣ барои системаҳои иттилоотии корхона.

Хулоса. Ҳамин тавр, ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми рушди миллии кишвар - саноатикунонии босуръат - тақвияти истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ дар соҳаи саноат тавассути ҳамгироӣ ба занҷирҳои арзиши байналмилалӣ, навсозии заминаи технологӣ ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ зарур дониста мешавад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки суръати афзоиши сармоягузории соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи истеҳсолот бояд аз суръати афзоиши сармоягузории соҳаҳои истихроҷкунанда пеш гузарад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои саноатикунонии кишвар на танҳо рушди сохторҳои нави истеҳсолӣ, балки таъмини афзоиши самаранокии истеҳсолот, кам кардани хароҷот, афзоиши даромаднокии истеҳсолот ва баланд намудани ҳосилнокии меҳнатро низ дар бар мегирад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 16.12.2025 ш. Душанбе, 2025.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2024 ш. Душанбе, 2024.

3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Воҳӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, 14.09.2023. Душанбе. Захираи электронӣ: http://www.prezident.tj.

3. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аз 01.12.2016, №636.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015"аз 01.03.2004, №86.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" аз 30.04.2021, №169.

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" аз 30.04.2021, №169.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30.12.2019, №642.

8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025.-442с.

9. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025.- 90с.

10. Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2024. - 121с.

УДК: 338

ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ СУБЪЕКТҲОИ КИШОВАРЗӢ: АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГӢ

Давлатов Хуршед Маҳмадович

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: info@ddmit.tj

Соҳибова Шаҳноза Бурҳоновна

омӯзгори калони кафедраи менеҷменти соҳавии Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 52/1. E-mail: loruanfa@mail.ru

Дар шароити дигаргунгардии иқтисодиёт, ки бо пастиву баландиҳои шадид хос аст, корхонаҳои кишоварзии ватанӣ дар шароити номуайяни хочагидорӣ ва афзоиши хатар карор гирифтаанд. Аз лиҳози пайдо намудани ҳуқуқи мустақилона ба роҳ мондани амалиёт дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, аксари истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат бо мушкилоти арзёбии устувории молиявӣ ва эътимоднокии шарикони эҳтимолӣ дучор шудаанд. Арзёбии устувории молиявии корхонаҳои муштарак маънои муайян кардани қобилияти ниҳоии уҳдадориҳои худро дорад. Аз тарафи дигар, муқарар намудани устувории молиявии корхона барои сармоягузоре, ки хариди коғазҳои қиматноки корхонаро ба нақша гирифтааст, низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: устувории молиявӣ, субъектҳои кишоварзӣ, назария, методология, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТИ СЕЛЬСКОХАЗЯЙСТВЕННЫХ СУБЪЕКТОВ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ

Давлатов Хуршед Махмадович

кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенного дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: info@ddmit.tj

Сохибова Шахноза Бурхоновна

старший преподаватель кафедры отраслевого управления Горного колледжа им. С. Юсуповой при Горно-металлургическом институте Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 52/1. E-mail: loruanfa@mail.ru

В условиях экономических преобразований, характеризующихся резкими взлетами и падениями, отечественные сельскохозяйственные предприятия сталкиваются с неопределенностью экономической ситуации и повышенным риском. Для получения права на самостоятельное ведение деятельности на внутреннем и внешнем рынках большинство сельскохозяйственных производителей страны сталкиваются с проблемой оценки финансовой стабильности и надежности потенциальных партнёров. Оценка финансовой стабильности совместных предприятий подразумевает определение их способности выполнять свои обязательства. С другой стороны, установление финансовой стабильности предприятия также считается очень важным для инвестора, планирующего приобрести ценные бумаги предприятия.

Ключевые слов: финансовая устойчивость, сельскохозяйственные предприятия, теория, методология, продовольственная безопасность, сельское хозяйство.

ENSURING FINANCIAL STABILITY OF AGRICULTURAL ENTITIES: THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FRAMEWORK

Davlatov Khurshed Mahmadovich

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Customs Department, Tajik State University of Finance and Economics Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: info@ddmit.tj

Sohibova Shahnoza Burhonovna

senior Lecturer, Department of Industry Management, S. Yusupova Mining College, Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad st. 52/1. E-mail: loruanfa@mail.ru

In a context of economic transformation characterized by sharp ups and downs, domestic agricultural enterprises face economic uncertainty and increased risk. To gain the right to independently operate in domestic and foreign markets, most agricultural producers in the country face the challenge of assessing the financial stability and reliability of potential partners. Assessing the financial stability of joint ventures involves determining their ability to fulfill their obligations. On the other hand, establishing the financial stability of a company is also considered very important for an investor planning to purchase its securities.

Keywords: financial sustainability, agricultural enterprises, theory, methodology, food security, agriculture.

Муқаддима. Имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ин баланд бардоштани истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад ва рушди соҳаи мазкур ба тадриҷ аз ҳалли мушкилоти устувории молиявии он вобаста мебошад. Бахсус дар соҳаи кишоварзии ҳатто кишварҳои дорои иқтисоди бозории

рушдкарда, теъдоди зиёди ҳолатҳои муфлисшавӣ дар ин соҳаи иқтисодиёт маҳз бо масъалаи ноустувории молиявии худи субъектҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошад, ки дар кишвари мо низ ин мушкилот аз назар дур нест. Аз як тараф аҳамияти истисноӣ ва аз тарафи дигар – масъалаҳои рушди нокифоя, боиси мубрамии омӯзиши роҳҳои таъмини устувории молиявии корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити муосири иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Ҳамин тариқ, рушди муносибатҳои бозорӣ субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногуни ташкилӣ ва ҳуқуқиро дар чунин шароити душвори иқтисодӣ қарор додааст, ки онҳо барои нигоҳ доштан ва тақвият додани вазъи молиявӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва устувории молиявии худ ба таври объективӣ сиёсати мутавозин ва ангезандаро талаб мекунанд. Дар чунин шароит, ташкилотҳо ба идоракунии устувории молиявии худ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекунанд. Зери истилоҳи идоракунии устувории молиявӣ – ҳифзи мувозинати динамикии молиявӣ, нигоҳ доштани устувории қобилияти пардохтпазирӣ, қобилияти пешниҳоди қарз ва ҷолибияти сармоягузории корхона дарк карда мешавад, ки дар чунин шароит субъекти кишоварзӣ метавонад инкишофи ҳамаҷонибаи фаъолияти истеҳсолии худро дар муҳити тағйирёбандаи дохилӣ ва беруна таъмин кунад.

Методология. Аз омӯзиши адабиёти илмӣ ва амалӣ низ чунин бар меояд, ки мушкилоти таъмини устувории молиявӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии он масъалаи баҳсбарангез буда, диққати ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Масалан, Н. И. Оксанич дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, ки "...дар соҳаи кишоварзӣ устувории иқтисодӣ ҳамеша бо устувории иҷтимоӣ ва экологӣ алоқаманд аст" [1]. Албатта, аз лиҳози он, ки воситаи асосии истеҳсолот замин мебошад, барои бахши кишоварзии иқтисодиёт самти устувории экологӣ махсусан муҳим арзёбӣ мегардад, вале сарфи назар аз афзалияти самти экологӣ, мушкилоти таъмини рушди устувории соҳа аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ нисбатан бештар вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза самтҳои иқтисодию иҷтимоии ҳалли мушкилоти матраҳшаванда нисбат ба самти экологии он афзалтар аст.

Аҳамияти таъмини суботи молиявии корхонаҳои кишоварзиро ба назар гирифта, олими ватанӣ Қурбонзода А.Д. таъкид мекунад, ки "...бо дарназардошти хусусиятҳои фарқкунандаи сохтор, уҳдадорӣ ва тақсимоти меҳнат дар фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ зарурати коркарди модели хосси баҳодиҳии амалкарди онҳо ба миён меояд". Бо мақсади баҳодиҳии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ӯ истифодаи нишондиҳандаҳои интегралиеро пешниҳод намудааст, ки дар асоси низоми нишондиҳандаҳои дарбаргирандаи се чабҳаҳои фаъолияти кооперативҳои кишоварзӣ муайян карда шуда, коэффисиенти устувории молиявӣ ҳамчун унсури таркибии ҷабҳаи молияи кооператив дарҷ гардидааст. Дар воқеъ, устувории молиявӣ дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолият, бахусус дар корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ унсури асосии фаъолияти иқтисодии онҳоро ташкил дода, боиси таҳкими қобилияти истеҳсолӣ ва рақобатпазирии онҳо мегардад.

Муҳаққиқи ватанӣ Латипова Г.С. дар таҳқиқоти илмии худ овардааст, ки "... ташаккули захираҳои молиявии субъектҳои кишоварзӣ муҳимтарин хусусияти фаъолият ва мавқеи устувори ташкили истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мебошад ва бо қобилияти пардохтпазирии онҳо дар шаклҳои зерин тавсиф карда мешавад: устувории молиявӣ аз рӯйи ҳаҷми захираҳо, оқилона истифода бурдани амвол ва ташаккули сарчашмаҳои маблағгузории он ва истифодаи самараноки имкониятҳои дар соҳа мавҷудбуда" [6]. Дар воқеъ, ин омилҳо ба ҳамоҳангсозии муносибатҳои муассисаҳои молиявии қарзӣ ва субъектҳои кишоварзӣ мусоидат намуда, самарабахшии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзиро муайян мекунанд. Дар ин росто муҳаққиқи ватании дигар низ андешаи худро ба таври зайл иброз медорад, ки «...устувории молиявиро на танҳо бо арзёбии ҳаҷм, балки сохтори сармояи корхона низ зарур медонанд» ва ин ҷо муаллиф ба нишондиҳандаҳои ҳаҷми сармояи худии корхона ва умуман сохтори он ишора намудааст.

Натиҷаҳо. Дар ҳоли имрӯз, масъалаҳои баланд бардоштани суботи молиявӣ ва фароҳам сохтани шароити мусоиди фаъолият, афзоиши захираҳои худии корхонаҳои истеҳсолӣ ва навсозии фондҳои асосӣ ба масъалаҳои ҳалталаби субъектҳои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ табдил ёфтаанд. Гузашта аз ин, масъалаҳои марбут ба танзим ва дастгирии давлатии соҳаи кошоварзӣ ба яке аз мушкилоти асосии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мубаддал ёфтааст, ки ҳалли ин мушкилотро вобаста ба шароити муосир дар сатҳи зарурӣ танҳо бо роҳи маблағгузории давлатӣ ҳал намудан имконнопазир аст. Зеро, тавре таҷрибаҳо нишон медиҳанд, дар ҳолати коҳишёбии воситаҳои молиявии худии субъектҳои кишоварзӣ ва ҳамзамон дастгирии нокифояи давлат дар самти маблағгузории соҳа онҳо наметавонанд дар сатҳи зарурӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

Бо мақсади мусоидат намудан ба ҳалли мушкилоти қарздиҳии бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 таъкид мегардад, ки "... ноил гаштан ба устувории молиявии хоҷагии қишлоқ ва таъмини дастрасӣ ба молия ва қарзҳо яке аз ҳадафҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад" [10]. Дар ин ҷо афзалияти ба корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод намудани қарзҳо ҳамчун асоси таъмини воситаҳои пулӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ баён гардидааст, ки дар воқеъ ин гуна татбирҳо метавонанд дар самти боз ҳам фаъол гардонидани бахшҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ ҳамчун механизмҳои самарабахш хизмат кунанд, зеро фароҳам овардани шароити рушд барои бахшҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзӣ ба ҳалли масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ мусоидат намуда, қобилияти рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзиро таҳким мебахшад.


Омилҳои таҳдидкунандаи таъмини амнияти озуқаворӣ ҳар як давлатро водор намудааст, ки ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои худ дар назди аҳолӣ, бахусус таъмини он бо маводи озуқаворӣ, тадбирҳои муассир андешад. Маҳз рушду инкишоф ва такмилу фаъолгардонии бахши кишоварзии иқтисодиёт метавонад ба рафъи таъсири ин омилҳо асос гузорад. Таҳқиқотҳои илмӣ собит месозанд, ки бахши кишоварзӣ соҳаи муҳимми

истеҳсоли моддӣ буда, пеш аз ҳама, аз ҳодисаҳои табиию иқлимӣ, яъне миқдори боришоти солона, муддати тӯлонии нашъунамои инкишофи растанӣ, сатҳи таъсири радиатсияи офтоб, ҳодисаҳои фавқуллодаи табиӣ, вобастагии зиёд дорад.

Таҳқиқи таҷрибаи амалии дигар кишварҳо дар самти қарздиҳӣ ба субектҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар ташкили истеҳсолот ва ҳалли мушкилоти соҳа иштироки фаъоли давлат ҳамчун хусусияти фарқкунанда баромад мекунад. Ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Ш. Раҳимзода ва С. Махшулов "... қарздиҳии имтиёзнок дар мувофиқа бо механизмҳои бозорӣ ва дар асоси барномаи махсус, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ, пешбурди инноватсия ва ғайра нигаронида шудаанд, на танҳо аз ҷониби бонкҳои махсуси соҳаи кишоварзӣ бо иштироки сармояи давлатӣ, балки аз тарафи бонкҳои универсалӣ низ ба роҳ монда шудааст" [2, с.23]. Воқеан, соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ буда, масъалаи таҳкими устувории молиявии зерсохторҳои он, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолии кишоварзӣ, маҳаки асосӣ барои расидан ба ҳадафҳои олии кишвар мебошад. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ ҷиҳати истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои дар ин самт муваффақ, бояд тадбирҳои ҳамаҷониба андешида шуда, давлат механизмӣ пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро ҳамчун ниҳоди ёрирасон дар ҳамкирӣ бо муассисаҳои молиявии қарзӣ коркард намояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки соҳаи саноат дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ҳар як кишвар ҳамчун соҳаи асосӣ ва калидӣ дар бробари дигар соҳаҳо маҳсуб меёбад ва он ҳамеша дар маркази диққати ҳукумату давлат қарор дорад. дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин соҳа пас аз соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуда, ҳамчун ҳадафи стратегӣ қабул гардидааст. Барои расидан ба ин ҳадафи стратегии давлат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар як қатор барномаву стратегияҳои соҳавӣ қабул шуда, мавриди амалинамоӣ қарор гирифта истодаанд. Вобаста ба ин, дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 якчанд вазифаҳои калидӣ ҷиҳати расидан ба ин ҳадафи стратегӣ барои солҳои оянда муаян карда шудааст, ки дар ин масъала, соҳаи саноат ҳамчун соҳаи афзалиятнок пешбинӣ шудааст” [1].

Дар асоси таҳлили мазкур, пешниҳодҳои зерин барои рушди саноати мамалакат метавонанд бо тартиби афзалиятнок чунин гурӯҳбандӣ карда шаванд:

1) Омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии соҳаи саноат ва ҷалби захираҳои молиявии арзон;

2) Тақвияти ҳамоҳангсозии шарикии давлат ва бахши хусусии саноат тавассути истифодаи самараноки абзорҳои молиявӣ ва механизмҳои дастгирии институтсионалӣ;

3) Фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ тавассути такмили шароити ҳуқуқӣ, густариши дастгирии давлатӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ;

4) Ташкили шабакаи васеътари ташкилотҳои қарзӣ-молиявӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо мақсади пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки соҳавӣ;

5) Ҷалби сарчашмаҳои гуногуни сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба бахшҳои афзалиятноки саноат, махсусан дар минтақаҳои дорои иқтидори рушди баланд;

6) Фаъолсозии низоми бонкӣ дар самти қарздиҳии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва коҳиши хавфҳои қарзӣ.

Қобили қайд аст, ки дар заминаи ҳамбастагии соҳаи сноат бо дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ рушди иқтисодиёти имрӯзаро тавасути соҳаи саноат дар шароити ба кор андохтани имконият ва иқтидорҳои нав барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва афзоиши ашёи хом аз ҳисоби молу маҳсулотҳои дохилӣ омили асосии рушди масъалаи мазкур мебошад. Аз ин нуқтаи назар, дар замони муосир рушди соҳаи саноат асоси муваффақиятҳои расидан ба рушди устувори давлат баҳисоб меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки “фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди соҳаи саноат дар минтақа ва бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар шароити гузариш ба мадели саноатӣ-аграрии рушди иқтисодиёт, омӯзиши ҷанбаҳои муҳим ва воситаҳои рушди ин соҳаро дар таркиби иқтисодиёт зарурӣ мешуморем” [10, с. 102]. Илова бар ин, рушди иқтисодиёти миллӣ вобаста ба соҳаҳо тамоили болоравиро касб дорад. “Аз омӯзиши таърихи рушди кишварҳои гуногуни олам мушоҳида мегардад, ки аксар давлатҳои мутараққӣ ба рушди саноат ва саноатикунонӣ, барои аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил додани мамлакат диққати махсус дода, пайваста барои рушди соҳаи саноат қарзҳои бонкӣ бо имтиёзҳои гуногун пешниҳод менамоянд” [4, с. 40-41]. Истифодаи таҷрибаи мазкур дар шароити Тоҷикистон барои рушди саноат ва татбиқи амалии ҳадафи чоруми стратегӣ саҳми босазо мегузорад.

Дар натиҷаи фароҳам овардани шароити созанда дар бахши саноат сатҳи хизматрасониҳо ва зиндагии аҳолии мамлакат беҳтар гардида, раванди муҳити ҳамгироии субъективӣ ва объективӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ин дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки ҳаҷми қарзҳои имтиёзноки бонкҳо ба рушди саноат афзоиш дода шаванд. Дар ин замина, Ш.Қ. Хайрзода қайд менамоянд, ки “бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд дар рушди бахши воқеии иқтисод бо ду роҳи асосӣ ширкат варзанд: 1) қарздиҳӣ, яъне, додани қарзҳо ба соҳаҳои бахши воқеии иқтисоди кишвар бо шартҳои муҳлатнокӣ, пулакӣ будан ва бозгардонидан ва 2) сармоягузории мустақим ва портфелӣ” [3, с. 346]. Пешниҳоди мазкур бисёр саривақтӣ маҳсуб ёфта, боиси рушди бахши саноат мегардад. Зеро, таҳлил нишон дод, ки соҳаи саноат яке аз зерсоҳаи фаъолест, ки қисми асосии бахши воқеии иқтисодро ташкил медиҳад ва ҳамеша ба ҷалби захираҳои молиявӣ ва қарзии арзону имтиёзнок эҳтиёҷ дорад. Дар ин баробар, қарздиҳӣ ба соҳаи саноат ва фаъол гардонидани дигар бахшҳои он асосӣ ва зарурӣ маҳсуб мегардад.

Яке аз омилҳои дигари рушди иқтисодиёти кишварро истеҳсолоти дохилӣ ташкил медиҳад. Дар ин ростo, омилҳои беруна дар сатҳи рушди иқтисодиёт хусусияти ёрирасонӣ дошта, истифодаи онҳоро дар самти самаранокии рушди соҳаҳо метавон истифода намуд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба рушди соҳаҳое, ки дар заминаи онҳо ба дигар самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ шароит фароҳам оварда мешавад, чораандешӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Ғайр аз ин, такя намудан ба бахши афзалиятноки соҳаҳои алоҳидаи саноат таъмини рушди дигар самтҳоро муҳаё месозад. Барои сохтани як давлатӣ пешрафта ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созандаи роҳбари олии кишвар бояд мо ба се марҳалаи асосӣ ва ояндадор таваҷҷуҳ зоҳир намоем, ки мушаххасоти онро дар расми 2 чунин даврабандӣ намубем.


Сохтани як давлати пешрафта ва ба таври доимӣ нигоҳ доштани устувории он ягона рисолатест, ки он тавассути иқтидорҳои иқтисодию иҷтимоӣ ба таври дарозмуддат нигоҳ дошта мешавад. Аз ин хотир дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар давоби ду даҳсолаи охир баъти батрафсозии тамоми нобаробариҳо ва фароҳам овардани имконият ва инфрасохтори зарурии рушди иҷтимою иқтисодии давлат бо ташаббусҳои роҳбарияти олии худ ба бахши воқеии иқтисодиёт махсусан ду бахши калидии мамлакат рушди соҳаи саноат ва кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсу зоҳир намуда ин бахшҳоро ҳамчун самти афзалиятнок ва калиди расидан ба ҳадафҳои сохзанда пайгирӣ намуд.

Дар ҳошияи ин зaурияти нигоҳ доштани мувозинати ҳадафҳои созандаро мо дар таҳқиқоти илмии худ бодарназардошти таҳлҳои анҷомгирифта дар се марҳалаи асоси зарурӣ шуморидем, ки ин метавонад дар воқеъ ҳадафҳои созандаи роҳбари давлатро дар амал татбиқ намояд. Бинобар ин дар марҳалаи аввл, ки онро марҳали бунёдӣ ва сохтори барои ояндаи рушд гуфтан мумкин аст, ду масъалаи асосӣ ҷой дорад, ки он албатта дар навбати аввал фароҳа овардани инфрасохтори истеҳсолӣ ва имтиёздиҳӣ ба ин раванд мебошад ва аз тараи дигар таъмин норасоиҳои молиявӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт махсусан бахши саноат ва кишоварзӣ мебошад.

Рушди умстувори иқтисодӣ ҳадафи асосии солҳои охири Тоҷикстон дар самти расидан ба як натиҷаҳои назарраи созанда мебошад. Бо ин мақсад таъмини рушди устувори иқтисодӣ натанҳо аз имконият ва иқтидорҳои иқтисодӣ балки аз имконият ва иқтидорҳои инсонӣ ё моликият ва сармояи инсонӣ, ки пешбарандаи ин ҷараён мебошад вобаста аст. Агар чандекӣ имрӯз аз як тараф дастгири давлатӣ ба назар меравсад ва дар баробари ин қарздию сармоягузорӣ ба ин бахш зарурияти тақвияти ин масъала бояд идомадор бошад ва дар доираи чорабиниҳои зерин татбиқ гардад:

1. Афзоиши манбаҳои зиёди сармоягузорӣ ва қарздиҳбабахши воқеии иқтисодӣёт ва дар ин замина имтиёздиҳии бештар ба истеҳсолкунандгон;
2. Ташкили сохторҳои ҳамоҳангсозии муштарак дар самти истеҳсолот ва истифодаи мақсадноки маблағҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт;
3. Фароҳам овардани имкониятҳои баробари рушд ва имтиёздиҳии бештар ба минтақаҳои қафомонда ва имкониятдошта дар Тоҷикстон;
4. Фаъол гардонидани бахши бонкии кишвар дар самти қарздиҳии бахши воқеии иқтисодиёт ва имтиёздиҳии бештар ба соҳаи саноат ва кишоварзӣ;

5. Шарикии давлат ба бахши хусусӣ ва дар доираи барнома ва стратегияҳои дахлдори соҳавӣ пеш рафтан ва ғ.



Расми 1. Даврабандӣ ва рушди бахшивокеии иқтисодиёти кишвар дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ
Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Марҳалаи дуюми расидан ба ҳадафҳои стратегиро дар шароити имрӯзаи очикстон пеш аз ҳама рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки он бевосита бо амалкардҳои иснтиутсионалии зинаи якум вобастагии зиёд дорад. Аз ин хотир аз ҳама омилҳои асоии рушди иқтисодӣ дар сатҳи нишондиҳандаҳои мавкроиқтисодӣ махсусан ММД асос меёбад ва он метавонад имкониятҳо нави рушдро фароҳам оварад.

Аососи нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар сатҳ ММД Асосан бахши молиявӣ саноат ва кишоварзӣ ташкил медиҳанд, ки дастгирии ин бахшҳои калиди омили рушди устувор ва татбиқи амалии ҳадафҳои стратегии кишвар мебошад. Бнобар ин дар Тоҷикстони муосир тақвияти пайвастаи нишондӣхандаҳои макроиқтисодӣ аз фаъолгардонии бахшҳои воқеии иқтьисодиёт мебошад. Илова бар ин нуфузи иқтисодӣ ва имкониятҳои нави истеҳсолӣ воситаи муҳим дар атбиқи ҳадафҳои мавҷуда мебошад. Бинобар ин барои татбиқи амалии рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ зарурияти дастгирии бахшҳои зерин тавассути роҳҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дастгирии бахши саноати хурду мина дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ва бо ин роҳ ташкили муҳити солими истеҳсолӣ дар муҳити нави фарогирӣ;
2. Имтиёздиҳии бештар ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва дар доираи ин баланд бардоштани сатҳи фарогирии аҳолӣ ва машғулиятҳи фоидаовари истеҳсолӣ;
3. Тақсимтои дурусти меҳнат ва истеҳсолти мавсимӣ бо роҳи нигоҳ доштани мувозинати истеҳсолоти хонаводагӣ ва дар заминаи ҳамаи ин бунёди корхонаҳои коркард;
4. Тибқи барномав обаста ба нишондиҳандаҳои пешбинигардида пеш рафтан ва назоратро дар ин самт пурзур намудан ва ғ.

Хулоса. Дастгирии молиявии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат шарти зарурӣ буда, бояд давлат ва ташкилотҳои қарзӣ пайваста роҳҳои дастгирии соҳаи саноатро вазифаи аввалиндараҷаи худ шуморанд. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ, бо дарназардошти зарурати таъмини рушди устувор ва ҳаматарафаи соҳаи саноат, фаъолгардонии ҳамкории муассири бахши давлатӣ ва низоми бонкӣ ҳамчун омили калидӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, татбиқи маҷмуи чорабиниҳои зерин аҳамияти афзалиятнок пайдо мекунад:

- баланд бардоштани ҳаҷм ва дастрасии қарздиҳии бонкӣ ба соҳаи саноат тавассути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, татбиқи механизмҳои субсидиякунонии меъёри фоиз ва истифодаи усулҳои муосири маблағгузории лоиҳаҳои истеҳсолӣ[9.174];

- тақвияти сатҳи хизматрасонӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ тавассути густариши ҳамкориҳои муштарак бо бахши давлатӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, инчунин, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадам дар истифода аз принсипи "Пиривинтивӣ"

- нигоҳдорӣ ва таҳкими нуфузи соҳаи саноат дар сатҳи сиёсати давлатӣ, аз ҷумла тавассути муайян намудани он ҳамчун самти афзалиятноки рушди иқтисодӣ, ки дар навбати худ боиси афзоиши ҳавасмандии институтҳои қарзӣ ва сармоягузорон мегардад;

- ҷорӣ намудани низоми самараноки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои соҳаҳои афзалиятноки саноат, бахусус саноати сабук ва корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва тавсеаи иқтидори истеҳсолӣ;

- рушди инфрасохтори молиявӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла таъсиси фондҳои махсуси дастгирии саноат, механизмҳои кафолати давлатӣ ва суғуртаи қарз, ки ба коҳиши хавфҳои молиявӣ ва ҷалби сармояи дарозмуддат мусоидат менамояд;

- густариши дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат тавассути соддасозии дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва пешниҳоди барномаҳои ҳавасмандгардонӣ.

Татбиқи пайгиронаи ин тадбирҳо метавонад ба ташаккули муҳити устувори сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва суръатбахшии раванди саноатикунонии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 тасдиқ шудааст), - Душанбе 2016.
2. Миршарипов, Э. Қ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноати сабук / Э. Қ. Миршарипов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – № 3(37). – С. 414-423.
3. Хайрзода, Ш. Қ. Масъалаҳои рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии он дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар / Ш. Қ. Хайрзода, Э. Қ. Миршарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – № 6-2. – С. 42-52.
4. Миршарипов, Э.Қ. Воситаҳои қарзӣ сарчашмаи асосии рушди саноат / Э.Қ. Миршарипов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар" (27 майи соли 2023), ДОТ дар н. Рашт. - С. 40-41.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ш. Душанбе. - 19 майи соли 2009, № 524.
6. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон, (www.nbt.tj.), Санаи мурочиат 18.03.2024.
7. Бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (1991-2011). - С. 49-50.
8. Махшулов С.Ҷ., Ҷумаев И.Қ. Таъмини бехатарии низоми қарздиҳӣ дар шароити муосир / С.Ҷ. Махшулов, И.Қ. Ҷумаев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - № 4/2 (34). - С. 72-79.
9. Махшулов, С. Д. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С. Д. Махшулов, Б. Б. Ходжаев, К. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 174-179. – EDN VQTTXM.
10. Миршарипов, Э. Қ. Қарз ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт / Э. Қ. Миршарипов, Ш. Умаршоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 4-2(34). – С. 188-195.
11. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди моллӣ. / Ш. Раҳимзода // Монографияи илмӣ. Душанбе – Эр-Граф. 2019. - С. 102.

УДК: 336.225.674

АУДИТИ ДАВЛАТӢ: МУШКИЛОТ ВА РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидов Рачабали Назифович
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru
Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич
муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 935-35-30-05; E-mail: Fahriddin0007@mail.ru
Каримов Нурулло Сафарбегович
ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 976-75-21-21; E-mail: ysinjonkarimov03@mail.ru

Дар мақола аудити давлатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, мушкилоти ҷойдошта ва имкониятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ошкор гардидааст. Қайд карда мешавад, ки дар дилхоҳ шароит ба аудити давлатӣ зарурати воқеӣ ҷой дорад. Махсусан дар шароити зиёд гардидани ҳиссаи воситаҳои буҷетӣ дар пешбурди фаъолияти ташкилотҳои давлатию буҷетӣ муҳимияти чораҳои санҷишию назоратӣ ва таҳлилии аудити мустақили давлатӣ баланд мегардад. Муҳаққиқ фаҳмиши аудити давлатиро аз мавқеи илмӣ ва муқаррароти қонунгузории соҳа мавриди омӯзиш қарор дода, ҳадафҳои асосии онро мушаххас намудааст. Дар мақола андухти таҷрибаи аудити давлатӣ ҳамчун заминаи такмили методологияи аудити давлатӣ арзёбӣ гардида, гузариши мақоми аудити давлатиро аз нишондиҳандаҳои натиҷавии миқдорӣ ба сифатӣ тавсия менамояд. Дар такя ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» унсурҳои методологияи аудити мустақили давлатӣ муайян карда шудааст. Дар қисмати таҳлилии таҳқиқот шумораи санҷишҳои гузаронидаи Палатаи ҳисоб ва натиҷаҳои ошкоргардида аз онҳо давоми солҳои 2014-2023 зери таҳлил қарор дода шудааст. Дар матни мақола нуқтаи назари иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ низ оид ба аудити давлатӣ, моҳият ва рушди он оварда шудааст. Дар интиҳои таҳқиқот хулосаю пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди аудити бахши давлатӣ таҳия гардидаанд.

Калидвожаҳо: аудити давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ, стандартҳои байналмилалии аудит, зарари молиявӣ, инноватсия, самаранокӣ, аудити дохилӣ, воситаҳои буҷетӣ, методология, баҳодиҳӣ.

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ АУДИТ: ЕГО ПРОБЛЕМЫ И РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Саидов Раджабали Назифович
кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, г. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru
Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич
старший преподователь кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, г. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 935-35-30-05; E-mail: Fahriddin0007@mail.ru
Каримов Нурулло Сафарбегович
ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, г. Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 976-75-21-21; E-mail: ysinjonkarimov03@mail.ru

В статье рассматривается государственный аудит, определяются и раскрываются существующие проблемы и возможности его развития в Республике Таджикистан. Отмечено, что в любой ситуации существует реальная необходимость в государственном аудите. Особенно в условиях увеличения доли бюджетных средств в деятельности государственных и бюджетных организаций возрастает значение проверочное – контрольных и аналитических мероприятий независимого государственного аудита. Исследователь изучил понимание государственного аудита с научной точки зрения и законодательные положения в этой области, а также выявив его основные цели. В статье оценивается опыт государственного аудита как основа совершенствования методологии государственного аудита и рекомендуется переход государственного аудита от количественных к качественным конечным показателям. На основе положений Закона Республики Таджикистан «О Счетной палате Республики Таджикистан» определены элементы методологии независимого государственного аудита. Аналитическая часть исследования посвящена анализу количества проведенных Счетной палатой проверок и выявленных ими результатов за 2014–2023 годы. В статье также представлены взгляды отечественных и зарубежных экономистов о понятие государственный аудит, его сущность и развитие. В конце исследования разработаны авторские выводы и предложения по развитию аудита государственного сектора.

Ключевые слова: государственный аудит, государственный финансовый контроль, международные стандарты аудита, финансовые убытки, инновации, эффективность, внутренний аудит, бюджетные ресурсы, методология, оценка.

STATE AUDIT: ITS PROBLEMS AND DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Saidov Rajabali Nazifovich
candidate of economic sciences, associate professor of the department of audit and revision, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Tel: (+992) 787-03 -87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru
Abdulkhairov Fakhriddin Makhmudovich
senior lecturer of the department of audit and revision, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Tel: (+992) 976-75-21-21; E-mail: Fahriddin0007@mail.ru **Karimov Nurullo Safarbegovich**
assistant of the department of audit and revision, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14. Tel: (+992) 976-75-21-21; E-mail: ysinjonkarimov03@mail.ru

The article considers the state audit, defines and reveals the existing problems and opportunities for its development in the Republic of Tajikistan. It is noted that in any situation there is a real need for state audit. Especially in the context of an increase in the share of budget funds in the activities of state and budgetary organizations, the importance of verification - control and analytical activities of independent state audit increases. The researcher studied the understanding of state audit from a scientific point of view and legislative provisions in this area, as well as identifying its main goals. The article evaluates the experience of state audit as a basis for improving the methodology of state audit and recommends the transition of state audit from quantitative to qualitative final indicators. Based on the provisions of the Law of the Republic of Tajikistan "On the Accounts Chamber of the Republic of Tajikistan", the elements of the methodology of independent state audit are determined. The analytical part of the study is devoted to the analysis of the number of inspections conducted by the Accounts Chamber and the results they revealed for 2014-2023. The article also presents the views of domestic and foreign economists on the concept of state audit, its essence and development. At the end of the study, the author's conclusions and proposals for the development of public sector audit were developed.

Key words: public audit, public financial control, international audit standards, financial losses, innovations, efficiency, internal audit, budget resources, methodology, assessment.

Муқаддима. Аудити давлатӣ фишанги таъминкунандаи истифодаи самараноки воситаҳои давлатӣ баромад менамояд. Рушди аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад. Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии соҳа ҷой доштани ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди он таъмини волоияти қонунҳои амалкунандаи соҳаи молия ва аудити бахши давлатӣ мебошад. Маҳз аз тариқи иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ метавон мушкилоти зикршуда ва имкониятҳои рушди аудити давлатиро муайян ва ошкор намуд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Омӯзиши илмии аудити давлатӣ дар осори илмии муҳаққиқони ватанӣ, чун: Низомов С.Ф., Зокирова Ф.Ҷ., Давлатзода Д.А., муаллифи хориҷӣ: Ситникова В.А. ва дигарон ба чашм мерасад.

Мақсади мақола аз муайянкунию асоснокгардонии мушкилоти объективию субъективии аудити давлатӣ ва пешниҳоди шароиту имкониятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси иттилоотии таҳқиқотро адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023 ташкил медиҳанд. Дар мақола таҳлили назариявию ҳуқуқӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти аудитӣ, таҳлили динамикаи шумораи санҷишҳо, ҳаҷми зарари молиявии ошкоршуда ва ҳисоб намудани нишондиҳандаи нисбии зарари ошкоршуда ба ҳар як санҷиш истифода шудааст. Натиҷаҳо дар расму диаграммаҳои мавҷудаи мақола пешниҳод мегарданд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Дар натиҷаи таҳқиқи аудити давлатӣ ва таҳлилу баррасии мушкилоту замиинаҳои рушди он муқаррар гардид, ки дар шароити мунтазам зиёд гардидани ҳиссаи воситаҳои давлатӣ дар ихтиёри истифодабарандагон зарурати такмили доимии аудити давлатӣ пеш меояд. Дар шароити кунунӣ ва минбаъдаи фаъолияти аудити давлатӣ бояд таҷрибаи ҷамъшудаи мақоми олии аудити давлатӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад. Баъдан, устувории амалии санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи молия ва назорати давлатии молиявӣ таъмин гардад, чунки таъмини ҳолати мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти бартаридоштаи рушди аудити давлатӣ маҳсуб меёбад.

Дар шароити кунунӣ аудити давлатӣ фишанги асосии таъмини истифодаи мақсаднок ва самараноки воситаҳои давлатӣ баромад менамояд. Бахусус афзоиши ҳамасолаи маблағҳои буҷетӣ ва тамоюли мусбии ҳиссаи онҳо дар фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳои буҷетӣ зарурати мавқеи устувор доштани аудити давлатиро ба миён овардааст. Оид ба нақши калидии мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ, аз ҷумла аудити давлатӣ Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид кардаанд: «Таъмини назорати доимӣ ва қатъии истифодаи мақсадноки маблағу воситаҳои давлатӣ вазифаи аввалиндараҷаи Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсия мебошад. Аз ин рӯ, Палатаи ҳисоб ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияро зарур аст, ки истифодаи шаффофу самараноки маблағҳои давлатӣ, аз ҷумла даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷетиро дар тамоми субъектҳои хоҷагидор таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд» [4].

Фаҳмиши аудити давлатиро иқтисодчиён гуногун шарҳ додаанд, лекин ибораҳои калидии фаҳмиши мазкур ба ҳамдигар зич алоқаманд мебошанд. Вобаста ба ин, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда фаҳмиши аудити давлатӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз ҷониби муҳаққиқи хориҷӣ Ситникова В.А. пешниҳод шудааст, истифода намудем. Тибқи муқаррароти қонуни мазкур аудити берунаи мустақили давлатӣ – фаъолияти мақоми олии аудити давлатӣ оид ба арзёбии идоракунии дурусти воситаҳои буҷетӣ ва захираҳои давлатӣ, ки ба роҳбари объекти аудит тобеъ ва ҳисоботдиҳанда нест [2]. Аз нигоҳи Ситникова В.А. аудити давлатӣ ҳамчун фаъолияти касбӣ ба самти баландбардории самаранокии идоракунии захираҳои миллӣ нигаронида мешавад, ки муҳимтарини онҳоро молияи давлатӣ ташкил медиҳад [6].


Воқеан, аудити давлатӣ дар низоми иқтисоди миллӣ мавқеи устувор ва мустақил дошта, мақсади асосии он ибрози ақида оид ба самтҳои зерин мебошад: а) самаранокии амалҳои роҳбарият дар самти идоракунии моликият, ки дар салоҳияти он қарор дорад; б) кифоянокии иттилооти ҳисобдорию молиявӣ ва идоракунӣ; в) қонунӣ ва босамар иҷро намудани амалиётҳои алоҳидаи молиявию хоҷагидорӣ; г) ҳаракати воситаҳои пулии объекти назоратӣ; ғ) мувофиқати низоми ҳисобдорӣ ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи соҳа ва ғ.

Аз нигоҳи мо, дар аудити бахши давлатӣ чунин қонуният бояд ҷой дошта бошад: зиёд шудани таҷрибаи аудити бахши давлатӣ дараҷаи таъсиррасонии чорабиниҳои назоратии онро баланд мебардорад. Аммо мутаассифона ин қонуният дар аудити бахши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар шакли комил вуҷуд надорад. Барои ҷой доштани ин қонуният чунин шароит бояд таъмин карда шавад: а) маҳдуд кардани омилҳои субъективӣ дар рафти санҷишҳо; б) волоияти манфиатҳои давлатӣ.

Дар аудити бахши давлатӣ бояд таносуби оптималии (муносиби) санҷишҳо ва натиҷаҳо таъмин карда шавад. Дар шароити имрӯза, яъне бо назардошти таҷрибаи ғуншудаи зиёда аз 12 сола самти рушди минбаъдаи аудити бахши давлатӣ бояд ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ бошад, на нишондиҳандаҳои миқдорӣ. Ҳамчунин дар ин маврид пешниҳод менамоем, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол истифодаи таҷрибаи экспертҳои беруниро кам бояд намояд, чунки бо назардошти таҷрибаи андухташудаи худ набояд норасоии кадрӣ дошта бошад.

Натиҷаҳои фаъолияти аудити бахши давлатӣ дорои чунин тасвир мебошад (диаграммаи 1):

Диаграммаи 1. Тасвири натиҷаҳои фаъолияти аудити бахши давлатӣ.




Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Тасвири натиҷаҳои фаъолияти аудити бахши давлатӣ, ки дар диаграммаи 1 оварда шудааст, танҳо аз ҳисоби миқдор нисбатан мусбӣ будани фаъолияти аудити бахши давлатиро нишон медиҳад. Натиҷаҳои фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба чунин тасвир шабоҳат дорад, маънои онро дорад, ки ниҳоди мазкур тавонистааст давоми солҳо намудҳои мухталифи зарари молиявиро ошкор кунад.

Сифати баланд доштани санҷишҳо, ки мунтазам маҳдудкунии истифодаи ғайримақсаднок ва ғайрисамараноки воситаҳои давлатиро таъмин менамояд, дар диаграммаи 2 таҳия карда шудааст.

Диаграммаи 2. Тасвири натиҷаҳои фаъолияти аудити бахши давлатӣ (сифатан таъмин будани санҷишҳо ва ё таъсирнок будани санҷишҳо).




Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Дар диаграммаи 2 натиҷаҳои фаъолияте оварда шудааст, ки сифатан таъмин будани санҷишҳо ва ё таъсирнок будани чорабиниҳои аудитириро дар бахши давлатӣ нишон медиҳад. Воқеан, ҳадафи аслии аудити бахши давлатӣ бояд маҳдудкунии кирдорҳои ғайриқонунии истифодабарандагони маблағҳои буҷетӣ ва дигар субъектҳои ҷараёни буҷетӣ оид ба воситаҳои давлатӣ бошад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо чунин тамоюл пеш бурда шавад.

Аудити давлатӣ барои таъмини шаффофияти истифодабарии воситаҳои давлатӣ, ба манфиати пешрафти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дар ниҳоят, рушди иқтисоди миллӣ мусоидат карда метавонад, агар вазифаҳои баҳодиҳӣ, пешгӯйикунӣ ва иттилоотиро дар сатҳи зарурӣ иҷро карда тавонад.

Методологияи имрӯзаи фаъолияти санҷишии мақоми олии аудити бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз унсурҳои зерин таркиб ёфтааст (ниг. ба расми 1).



Расми 1. – Унсурҳои методологияи аудити мустақили давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Манбаъ: Таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти 2.

Унсурҳои методологии дар расми 1 овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи пешрафтаи ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда мешавад. Аз мавқеи

фарогирӣ унсурҳои методологии таҳияшуда объектҳои назоратиро аз марҳилаи омодагӣ ба аудит то ҷамъбасту хулосабарориҳо аз натиҷаҳои чорабиниҳои назоратӣ дар бар мегирад.

Бо мақсади таъмини мустақилияти амалии аудиторони мақоми олии аудити бахши давлатӣ муҳим мешуморем, ки дар моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» принсипҳои зерин илова карда шавад:


1.Ягонагии фаъолияти Палатаи ҳисоб нисбат ба дигар мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ.

2.Тафовути вазифа ва салоҳиятҳои Палатаи ҳисоб нисбат ба дигар мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ.

3.Мустақилияти амалии вазифавӣ, ташкилӣ ва молиявии аудити бахши давлатӣ нисбат ба объекти назоратшаванда.

4.Ҳамоҳангии фаъолияти мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ бо мақсади аз байн бурдани такроршавии амалҳои назоратӣ дар фаъолияти онҳо ва таъмини низоми ягонаи назорати давлатии молиявӣ дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ.

Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи самаранокии фаъолияти мақоми аудити бахши давлатӣ таҳлилу арзёбии рақамҳои оморӣ зарур аст. Аз ин рӯ, чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давоми солҳои 2014 – 2023 дар вазорату идораҳо, марказ ва гуруҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ гузаронида шудааст, дида мебароем (ниг. ба расми 2).



Расми 2. Шумораи санҷишҳо, адад.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2023. – [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http://sai.tj (санаи мурочиат: 11.02.2026 с.)

Рақамҳои дар расми 2 овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки санҷишҳо дар солҳо ягона набуда, шумораи онҳо дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Ҳолати ҷойдошта сабабҳои худро дорад, ки муҳимтарини онҳо номуайян будани санҷишҳои ғайринақшавӣ мебошад. Ҳадафи асосии пешниҳоди расми 2 ва диаграммаҳои 3, 4 баровардани нишондиҳандаҳои нисбӣ мебошад.


Диаграммаи 3. Зарари молиявии ошкоршуда, млн. сомонӣ.



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2023. – [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http://sai.tj (санаи мурочиат: 11.02.2026 с.)

Дар диаграммаи 3 зарари молиявии аз ҷониби Палатаи ҳисоб ошкоршуда оварда шудааст. Тавре аз рақамҳои диаграмма дида мешавад, натиҷаҳои фаъолияти аудитории мақомоти олии аудити давлатӣ ба диаграммаи 1 шабоҳат дорад, яъне фаъолият аз рӯйи расидан ба натиҷаҳои миқдорӣ хуб арзёбӣ карда мешавад. Агар динамикаи рақамҳои диаграммаи 3-ро дақиқтар таҳқиқ намоем, маълум мегардад, ки Палатаи ҳисоб то кунун ба нишондиҳандаҳои сифатӣ наздик нашудааст. Барои ба таври дақиқ таҳлил намудани дараҷаи таъсиррасонии чорабиниҳои аудитории мақомоти аудити давлатӣ маълумотҳои нисбиро дар диаграммаи 4 пешниҳод менамоем.

Диаграммаи 4. Зарари молиявии ошкоршуда ба ҳар як санҷиши гузаронидашуда, млн. сомонӣ.



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2023. – [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http://sai.tj (санаи мурочиат: 11.02.2026 с.)

Рақамҳои диаграммаи 4 нишон медиҳанд, ки зарари аз ҳама зиёд бар сари ҳар як санҷиш дар соли 2023 ба чашм мерасад. Зарари камтарин бошад, дар соли 2014 дида мешавад. Сабаби асосии ҳолати мазкур дар 2023 зиёд будани ҳаҷми зарари молиявӣ ва нисбатан кам будани шумораи санҷишҳо мебошад. Соли 2014 бошад, баръакс, шумораи санҷишҳо зиёд ва ҳаҷми зарари молиявӣ кам мебошад.

Муҳокима. Омӯзиши маводи илмӣ ва асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии аудити бахши давлатӣ нишон дод, ки самаранокии фаъолияти мақоми олии аудити бахши давлатӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошад: а) устувории қонунгузории соҳа; б) мукаммалии (пуррагӣ)-и маълумот; в) мувофиқати иттилооти андухташуда бо ҳолати воқеӣ; г) тартиби муносиби фаъолият; ғ) кордонии аудиторон ва дигар мутахассисони ба рафти аудит ҷалбшаванда. Иқтисодчиёни ватанӣ: Низомов С.Ф., Зокирова Ф.Ҷ., Давлатзода Д.А. бошанд, дар яке аз таълифоти илмии худ қайд менамоянд, ки истифодаи роҳу равишҳои инноватсионӣ дар соҳа самти афзалиятноки рушди минбаъдаи аудити давлатӣ мебошад [3, с.91].

Ҳамин тавр, маълум гардид, ки аудити давлатӣ ба тамоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми комил ва босамари он бунёд карда шавад. Муҳаққиқи масоили аудити давлатӣ Давлатзода Д.А. дар яке аз мақолаҳои илмии худ оид ба самаранокии санҷишҳои аудиторӣ нуқтаи назари худро бо мазмуни зерин қайд менамояд: «санҷиш босамар дониста мешавад, агар бо харҷи ками захираҳои пулӣ ва меҳнатӣ дар он натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шавад» [1, с.234].

Бунёди назорати давлатии молиявӣ, ки ба талаботи ҷомеаи демократӣ ҷавобгуй буда, барои рушди босамари низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, ба рафъи монеаҳо ва мушкилот ҳалталаб вобаста мебошад. Мушкилоти зикршуда инҳо мебошанд:

Якум – мавҷуд набудани назарияи илмии назорат ва ҷой доштани мушкилоти коркарди консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ ҳамчун низоми умумиқабулкардашуда, ки тавонад мақсади назорат, усулҳои назоратӣ, шаклҳо ва вазифаҳои назорати давлатии молиявиро муайян созад. Хусусан дар шароити муосири мамлакат марҳилаи аввалин ва ниҳоят муҳими бунёди низоми умумидавлатии назорати давлатии молиявӣ коркард ва қабули консепсияи он мебошад.

Дуюм – зарурати воқеӣ нисбати банақшагирии саҳеҳ ва чандирии мақомотҳои назоратӣ, инчунин сари вақт амалӣ намудани назорат дар ҷараёни иҷроиши буҷет (назорати ҷорӣ). Таҳриба нишон медиҳад, ки мақомотҳои назоратӣ далели истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои буҷетиро дар давраи аудит ошкор менамоянд, аммо дар бисёр ҳолатҳо далелҳои мазкур барои дунболагирӣ намудани шахсони гунаҳкор, ки бо тартиби маъмурӣ амалӣ карда мешавад, ба инобат гирифта намешаванд.

Сеюм – ҷой доштани монеаҳои ҷиддӣ дар сохтори мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ, ки имконияти бо муваффақият фаъолият намуданро маҳдуд менамоянд. Бо иллати мавҷудияти чунин ҳолат вазифаҳои мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ то ҳадди зарурӣ ба таври конкретӣ иҷро нашуда, ҳудуди ҷавобгарии онҳо халалдор мегардад ва фаъолияташон нисбатан заифу номувофиқ мешавад. Фаъолияти назоратии мақомотҳои мазкур бояд ҳамоҳанг бошад, то масъулияти ҳар яки онҳо дар доираи объектҳои назоратии худ муайян гардад.

Чорум – васеъ намудани доираи салоҳияти мақоми олии аудити мустақили давлатӣ. Бо мақсади ҷой доштани ҳамоҳангии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар субъектҳои назорати давлатии молиявӣ мубрам меҳисобем, то ба ин мақомот атрофи масъалаҳои назорати молиявӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муносибат ба масъалаҳои молиявӣ, оид ба қонунгузории назорати молиявӣ ва дигар масъалаҳо, ки ҳаллу фасли онҳо дар санадҳои меъёрии амалкунанда нишон дода нашудааст, салоҳиятҳои иловагӣ дода шавад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян ва ошкор гардид, ки самтҳои афзалиятноки рушди аудити мустақили бахши давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо маҳсуб меёбанд:

– коркард ва истифодаи консепсияи умумиқабулкардашудаи назорати давлатии молиявӣ ва низоми ягонаи иттилоотӣ оиди вайронкунандагони қонунгузории молиявӣ;

– ҳамкории зич байни мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои санҷиши тарафҳо;

– таъмини мустақилияти амалии хадамоти аудити дохилӣ бо мақсади таъмини ягонагии натиҷаҳои санҷиши мақоми аудити мустақили давлатӣ ва хадамоти аудити дохилӣ;

– бо мақсади санҷиши саривақтӣ ва баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои санҷишӣ-ташхисӣ ва таҳлилӣ-баҳодиҳии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди IT-аудит дар бахши аудити мустақили давлатӣ. Истифодаи имкониятҳои инноватсионии равишҳои назоратӣ ҷиҳати ба даст овардани манфиати бештар мусоидат менамояд [5, с.60];

– ҷой доштани зарурати баландбардории тахассуснокӣ ва сатҳи касбияти кадрҳои мақоми олии аудити мустақили давлатӣ, иштироки кормандони он дар чорабиниҳои гуногуни илмии институтҳои соҳавӣ ва мубодилаи таҷриба бо мутахассисони дохилию хориҷӣ. Баландбардории дараҷаи тахассуснокии аудиторонро иқтисодчиён муҳим мешуморанд. Аз ҷумла қайд мегардад, ки «...пайваста аз такмили ихтисос гузаронидани аудиторон бо мақсади дар сатҳи баланди касбӣ истифода намудани методикаи навини аудити бахши давлатӣ зарур мебошад» [8, с.52].

Адабиёт

1.Давлатзода Д.А. Способы повышения эффективности осуществления государственного аудита в Республике Таджикистан / Д.А. Давлатзода // Управленческий учет. – 2023. – № 3. – С. 233-240.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон».- ш. Душанбе, 22 июни соли 2023, № 1977. – [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http://sai.tj (санаи мурочиат: 11.03.2025 с.)

3.Низомов С.Ф., Зокирова Ф.Дж., Давлатзода Д.А. Развитие государственного аудита в условиях цифровизации экономики: теория и практика / Монография // С.Ф. Низомов, Ф.Дж. Зокирова, Д.А. Давлатзода. – Душанбе. «Матбааи ДМТ». – 2022. – 159 с.

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– [манбаи электронӣ].– 23.01.2015.– ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 11.03.2025 с.).

5.Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.

6.Ситникова В.А. Институт государственного аудита в России и его место в действующей структуре государственного финансового контроля страны // Символ науки. 2016. №8-1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/institutgosudarstvennogo-audita-v-rossii-i-ego-mesto-v-deystvuyuschey-strukturegosudarstvennogo-finansovogo-kontrolya-strany (дата обращения: 2.03.2025)

7.Ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2023. – [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http://sai.tj (санаи мурочиат: 11.02.2026 с.)

8.Шарифов, З. Р. Аудити давлатӣ ва роҳҳои такмили он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. Р. Шарифов, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4(28). – P. 46-52. – EDN MQGGWW.

УДК: 336.6

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ» ЭКОНОМИКИ В ПЕРЕРАБОТЫВАЮЩЕЙ ОТРАСЛИ

Кудратзода Фарзона Рустам

Кандидат экономических наук, доцент кафедры “Финансы» Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе улица Нахимова 64/14. тел: 907022000, Email: farzona070489@.ru

Хусейнзода Исмоил Абдуджалил

соискатель Таджикской академии сельскохозяйственных наук института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе 733702, улица Хаёти нав 306.

В данной статье анализируются факторы и условия, определяющие современного состояния производства и переработки в аграрный сектор Республики Таджикистан в условиях перехода к «зеленой» экономики. На основе сопоставления статистических рядов и институциональных изменений рассматриваются динамика сельскохозяйственного производства, структура форм хозяйствования, состояние материально-технической базы и бюджетная поддержка отрасли.

Показано, что в период рыночной трансформации именно сочетание ценового диспаритета, высоких отраслевых рисков и сокращения прямого государственного финансирования обусловило хронический дефицит капитала в сельском хозяйстве. Обосновываются приоритеты зеленной инвестиционной политики: развитие производственно-логистической инфраструктуры, производству и переработки продовольственных рынков, а также совершенствование механизмов кооперации и государственно-частного партнёрства. Сформулированы предложения по повышению экономической результативности капитальных вложений с учётом региональной специфики и сезонности воспроизводственных циклов.

Ключевые слова: зеленые инвестиции, «Зелёная» экономика, организационно-экономический механизм, перерабатывающие предприятия, капиталовложения, индустриальное развитие аграрного сектора, устойчивое развитие, конкурентоспособность предприятия, эколого-экономические аспекты.

CURRENT STATE OF AGRICULTURAL PRODUCTION AND PROCESSING IN THE REPUBLIC AMIDST THE TRANSITION TO A "GREEN" ECONOMY

Kudratzoda Farzona Rustam

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov St.; Tel.: 907022000; Email: farzona070489@.ru

Huseynzoda Ismoil Abdujalil

Research Fellow, Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development, Tajik Academy of Agricultural Sciences. Address: 733702, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 306 Khayoti Nav Street.

This paper analyzes the factors and conditions shaping the current state of production and processing in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan amidst the transition to a "green" economy. By comparing statistical data series and institutional changes, the study examines the dynamics of agricultural production, the structure of farming models, the state of the material and technical base, and budgetary support for the sector.

It is demonstrated that, during the period of market transformation, the combination of price disparity, high industry-specific risks, and reduced direct state funding drove the chronic capital shortage in agriculture. Priorities for a "green" investment policy are substantiated, focusing on the development of production and logistics infrastructure and food production and processing, as well as the improvement of cooperation mechanisms and public-private partnerships. Proposals are formulated to enhance the economic efficiency of capital investments, taking into account regional specifics and the seasonality of production cycles.

Key words: investment potential; capital investment; foreign direct investment; industrial development of agriculture; regional investment policy; competitiveness; cooperation.

Введение. Агроклиматические особенности Республики Таджикистан объективно предопределяют направления отраслевой специализации сельского хозяйства. Сочетание различных природных зон и наличие значительных площадей орошаемых земель создают благоприятные условия для производства зерновых и овощных культур, плодовой продукции, а также развития животноводства, включая производство мяса крупного рогатого скота, продукции овцеводства и птицеводства, молока и яиц.

Это подтверждается макроэкономическими показателями: на его долю приходится свыше 24 % ВВП (внутреннего валового продукта), при этом более трети населения страны проживает в сельской местности. Тем самым аграрный сектор выполняет не только производственно-экономическую, но и значимую социальную функцию, обеспечивая занятость и формирование доходов значительной части населения.

По мнению отечественного автора определения устойчивого развития, определяется На протяжении длительного времени сельское хозяйство сохраняет статус одной из системообразующих отраслей национальной экономики Республики Таджикистан [1. С-102].

Земельный фонд республики составляет около 4,3 млн га, из которых порядка 3 млн га относятся к сельскохозяйственным угодьям, включая около 780 тыс. га пашни. Ограниченность пахотных земель в сочетании с высокой демографической нагрузкой предопределяет необходимость их рационального использования, повышения продуктивности и внедрения ресурсосберегающих технологий в аграрное производство.

Переход к рыночным механизмам хозяйствования сопровождался изменением форм собственности, трансформацией производственных связей и перестройкой системы управления, что в совокупности оказало существенное влияние на современное состояние и эффективность сельскохозяйственного производства [3. С-34].

Материалы и методы исследования. Методологическую основу исследования составили сопоставление статистических рядов, анализ институциональных изменений, сравнительный и структурно-динамический методы. Использованы данные статистических ежегодников по сельскому хозяйству Республики Таджикистан за 2019–2024 годы. Анализ охватывает динамику сельскохозяйственного производства, формы хозяйствования, состояние материально-технической базы, землепользование и приоритеты перехода к «зелёной» экономике.

Результаты и обсуждение. Сельское хозяйство Республики Таджикистан характеризуется многообразием форм собственности и хозяйствования. По состоянию на 1 января 2024 года в республике функционировало 184 445 сельскохозяйственных предприятий различных организационно-правовых форм и 179 818 дехканских (фермерских) хозяйств. Значительную роль в производстве сельскохозяйственной продукции продолжают играть личные подсобные хозяйства населения, которыми занимаются более 237,7 тыс. семе [7. С-40].

В результате в Республике Таджикистан, как и в аграрном секторе в целом, был зафиксирован спад производства по основным видам сельскохозяйственной продукции, что наглядно подтверждается данными таблицы 1.

Таблица 1. Динамика производства основных видов продукции сельского хозяйства в Республики Таджикистан за 2019-2024 годы (в сопоставляемых ценах к 2024 г)

Показатели	Годы						2024 год в % на 2019 года
	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
Во всех категориях хозяйств							
Всего :	48809,8	53235,2	56806,6	61337,9	66907,2	73976,6	151,3
В том числе	34124,0	36919,4	39115,6	42115,0	44976,1	50984,9	149,4
растениеводства и животноводства	14765,8	16315,8	17691,1	19222,9	21931,1	22901,7	155,1
Общественный сектор							
Всего :	3623,8	4809,2	6230,1	6752,9	6674,3	8470,7	2,3 раза
В том числе	2570,9	2906,8	3677,3	3996,8	3609,7	5757,0	2,3 раза
растениеводства и животноводства	1052,9	1902,4	2552,8	2756,1	3064,6	2713,7	2,6 раза
Хозяйства населения							
Всего :	25436,3	26948,9	27799,9	30171,7	33787,9	37275,4	146,6
В том числе	12330,3	13051,8	13300,9	14623,1	16115,9	18388,5	149,1
растениеводства и животноводства	13106,0	13097,1	14498,9	15548,6	17672,0	18887,0	144,1
Дехканские(фермерские) хозяйтства							
Всего :	19829,8	21477,1	22776,7	24413,9	26445,0	28230,4	142,4
В том числе	19222,8	20960,8	22137,3	23495,1	12525,5	26839,4	137,0
растениеводства и животноводства	607,0	316,3	639,4	918,2	1194,5	13910,0	2,3 раза

***Источник:** составлено автором по статистическому ежегоднику при Правительстве РТ. Сельское хозяйства РТ. Душанбе-2025 сол. С. 16.*

Анализ динамики таблицы 1 показывает, что стоимостных показателей сельскохозяйственного производства за рассматриваемый период позволяет констатировать смещение отрасли в фазу количественного расширения при одновременной структурной неоднородности роста. В 2024 году совокупный объём валовой сельскохозяйственной продукции в стоимостном выражении превысил уровень 2019 года на 51,3 %, что отражает общее расширение экономической активности в аграрном секторе.

В структуре сельскохозяйственных предприятий особое место занимают производственные кооперативы, численность которых в настоящее время составляет 3 325 единиц [4. С-90].

Таким образом, аграрный сектор республики представлен сочетанием корпоративных, кооперативных и индивидуальных форм хозяйствования, что отражает результаты трансформации системы собственности и организационных основ сельскохозяйственного производства [6. С-29].

Вместе с тем проведённые институциональные преобразования и смена форм собственности не привели к ожидаемому улучшению показателей развития сельского хозяйства. Разрушение сложившейся ранее системы организационно-экономических отношений в процессе перехода от плановой к рыночной экономике

сопровождалось ослаблением производственных связей, снижением уровня координации между субъектами аграрного сектора и ухудшением условий воспроизводства.

При этом вклад растениеводства в формирование прироста оказался более значительным (49,4 %), тогда как темпы увеличения продукции животноводства были заметно ниже и составили 35,4 %, что свидетельствует о различиях в динамике отраслевых сегментов [5. С-63].

По итогам 2024 года валовой сбор зерновых составил 695,5 тыс. тонн, что на 15,0 % превышает уровень 2019 года. Вместе с тем рост производства был достигнут без расширения посевных площадей. Более того, в ряде хозяйств отмечается их сокращение, что связано с относительно невысокой рентабельностью зерновых культур, значительной трудоёмкостью возделывания, недостаточной обеспеченностью современной сельскохозяйственной техникой и существенными затратами на приобретение качественного семенного материала.

В указанный промежуток времени произошло заметное сокращение производства хлопка-сырца (на 37 %), что сопровождалось одновременным расширением производства продовольственно ориентированных культур и продукции животноводства: объёмы производства картофеля увеличились на 27,1 %, овощей — на 51,1 %, бахчевых культур — на 45 %, мяса — на 52,7 %, молока — на 17,7 %, яиц — на 74,4 %, шерсти — на 17,0 %.

Таблица 2. Динамика производства основных видов сельскохозяйственной продукции в сельском хозяйстве Республики Таджикистан за 2019-2024гг. (тонна)

Наименование продукции	Годы						2024 в% к 2019
	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
Зерновые и зернобобовые (включая кукурузу на зерно)	1414638	1561356	1586292	1756364	1754890	1828321	129,2
Хлопок сырец	403008	396015	388804	404657	344350	253736	-63,0
Картофель	994433	1022545	1041316	1094438	1144883	1239950	127,1
Овощи	2182556	2479360	2597577	2714825	3026223	3298693	151,0
бахчи	701262	756962	818829	842635	1009916	1144806	145,0
мясо	272500	300100	327700	349100	398000	416000	152,7
молоко	1000600	1020900	1042600	1064200	1118500	1177400	117,7
Яйца ты. тонн	725700	983100	1053500	1212200	1223700	1265600	174,4
шерсть	777,1	8017	8152	8376	8755	9094	177,0

***Истосник:** составлено автором по статистическому ежегоднику при Правительстве РТ. Сельское хозяйства. Д-2025. С-32-51.*

Итоги проводимых в Республике Таджикистан аграрных преобразований проявляются не в виде таблице 2 линейного роста показателей, а через существенную перестройку отраслевой и продуктовой структуры сельскохозяйственного производства, что особенно наглядно прослеживается при сопоставлении динамики выпуска отдельных видов продукции за период 2019–2024 годов.

Развитие разделения труда сопровождалось одновременным формированием устойчивых межотраслевых связей в Стратегии «зеленой» экономики, обеспечивающих целостность производственных систем. В данном контексте агропромышленный комплекс представляет собой интегрированную совокупность отраслей, в рамках которой производство сельскохозяйственного сырья и его последующая переработка взаимосвязаны и взаимообусловлены [9. С-40].

Экономические отношения между участниками данного комплекса формируются на основе необходимости координации технологических процессов и эквивалентного обмена на всех стадиях воспроизводственного цикла.

Стратегия развития «зелёной» экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы для реализации поставленных целей и задач по отраслям, разделена на пять этапов:

«…Первый и второй этапы (2023-2025 годы и 2026-2028 годы) включает мероприятия в области широкой популяризации информаций о «зелёной» экономики, обучения и формирования экономического и экологического мышления, внедрения принципов реализации «зелёной» экономики в нормативных-правовых актах, соблюдения их в принятии управленческих решений и начало реализации стандартов «зелёной» экономики социально- экономических секторах страны, что требует государственного финансирования и привлечения средств партнёров по развитию;

- третий и четвёртый этапы (2029-2031 годы и 2032-2034 годы) включает мероприятия по внедрению принципов «зелёной» экономики в промышленности, сельском хозяйстве, транспорте и инфраструктуре, строительстве, жилищно-коммунального хозяйства, туризме, инвестирования, охране окружающей среды и сокращении выбросов парниковых газов, а также продление укрепления институциональной базы «зелёной» экономики в стране;

- пятый этап (2035-2037 годы) включает меры по развитию «зелёной» экономики, поддержанию, росту и устойчивому использованию природного капитала и росту инвестиций на основе принципов «зелёной» экономики. На данном этапе в стране формируется развивающийся рынок зелёных инвестиций» [7. С-39].

Подводя итог донной статьи, можно сделать вывод, что производство отдельных видов сельскохозяйственной продукции является рентабельным и привлекательным для вложения капитала. В целом же на фоне других отраслей инвестиционная привлекательность сельскохозяйственного производства продолжает ежегодно снижаться, следовательно, уменьшается потенциальный объем вложений в отрасль.

Аграрный сектор Таджикистана обладает значимым инвестиционным потенциалом, реализация которого сдерживается отраслевыми рисками, инфраструктурными узкими местами и ценовыми диспропорциями [7. С-55].

Представленный анализ указывает на необходимость комплексной настройки стимулов: от льготных финансовых инструментов и страховых механизмов — к институциональной поддержке кооперации, развития переработки и продовольственных рынков. При сохранении целостной структуры производства и учёте региональной специфики именно инвестиции в инфраструктуру и переработку обеспечивают наибольшую отдачу, укрепляя продовольственную безопасность и повышая привлекательность отрасли для частного капитала.

Подобная разнонаправленная динамика отражает процесс постепенного смещения акцентов аграрного производства от узкоспециализированных экспортно-сырьевых направлений к более диверсифицированной модели, ориентированной на внутренние продовольственные потребности.

Однако расширение поголовья происходило на фоне ухудшения показателей продуктивности, что привело к несоответствию между ростом численности животных и конечными результатами производства продукции животноводства, тем самым обнажив противоречие между экстенсивным наращиванием ресурсной базы и интенсивными факторами эффективности [2. С-27].

Несмотря на указанные ограничения, в республике наблюдается положительная динамика обеспеченности населения основными продуктами питания животноводческого происхождения. По сравнению с 2019 годом объёмы производства мяса увеличились на 82,6 %, молока — на 17,7 %, а производство яиц возросло на 74,4 %, что свидетельствует о возрастающей роли внутреннего аграрного производства в формировании продовольственного рынка страны.

Таблица 3. Динамика общей площади сельского хозяйства по категориям землепользователей.

годы	Общий земельный фонд	Всего в использовании сельхоз предприятий	сельхоз предприятия	В том числе земля	
				Дехканские коллективные хозяйства и индивидуальные	Государственные хозяйства
2019	14137,9	6980,6	1830,4	380,2	1137,2
2020	14137,9	6978,2	1799,4	369,8	1151,3
2021	14137,9	6953,9	1841	373,4	1158,9
2022	17137,9	6939,9	1858,3	371,5	1180,0
2023	14137,9	6947,3	1858,6	371,6	1179,3
2024	14137,9	6960,5	1868,3	371,3	1185,0

***Истосник:** составлено автором по статистическому ежегоднику при Правительстве РТ. Сельское хозяйства РТ. Д-2024. С-18.*

Исходя из таблицы 3 можно выявить не столько статичное состояние земельных ресурсов сельского хозяйства, сколько их постепенную трансформацию в пространственно-временном разрезе.

В то же время степень реализации производственного потенциала сельского хозяйства в значительной мере ограничивается уровнем обеспеченности сельскохозяйственных организаций и дехканских (фермерских) хозяйств техническими средствами. Проблема рационального использования земельных ресурсов в республике носит не столько природный, сколько организационно-экономический характер, поскольку недостаточная оснащённость машинно-тракторным парком и высокая степень физического износа техники существенно снижают отдачу даже при наличии благоприятных агроклиматических условий.

Наиболее заметные количественные изменения за годы реформ были зафиксированы в животноводстве, прежде всего в части увеличения поголовья сельскохозяйственных животных. Так, численность крупного рогатого скота во всех категориях хозяйств возросла с 2 361,9 тыс. голов в 2019 году до 2 814,0 тыс. голов в 2024 году, при этом только за один 2024 год абсолютный прирост составил 452,1 тыс. голов.

Изменения в структуре и объёмах сельскохозяйственных земель в республике носят неоднозначный характер: при наличии отдельных периодов расширения их общей площади за последние семь лет в целом сохраняется нестабильность землепользования, что отражает как институциональные ограничения, так и сохраняющиеся проблемы в сфере организации сельскохозяйственного производства.

Сохранение в большинстве хозяйств практики эксплуатации тракторов и сельскохозяйственных машин сверх нормативных сроков службы формирует нарастающие технико-экономические диспропорции. Это проявляется в снижении производительности труда, увеличении затрат на ремонт и техническое обслуживание, повышенном расходе топлива и, как следствие, в сокращении общей эффективности сельскохозяйственного производства.

Указанные тенденции объективно подтверждают необходимость планомерного обновления материально-технической базы аграрного сектора, которое выступает ключевым условием повышения его конкурентоспособности и обеспечения устойчивого развития.

Особого внимания заслуживает ситуация в молочном скотоводстве, которое, начиная с середины 1990-х годов, в течение длительного времени функционировало в условиях хронической убыточности. Лишь в последние годы наметились признаки постепенного выхода отрасли из кризисного состояния.

Заключение. Подводя итог авторами донной статьи, можно сделать вывод, если в 2019 году уровень убыточности производства молока составлял 6 %, то к 2024 году данный вид продукции перешёл в зону рентабельности, при этом уровень рентабельности колебался в пределах от 2,0 % до 8,5 %. Данная динамика свидетельствует о начальных, ещё неустойчивых, но принципиально важных сдвигах в экономике молочного производства.

Вместе с тем улучшение отдельных производственно-экономических показателей не изменило общего финансового положения сельскохозяйственных организаций Республики Таджикистан, которое продолжает характеризоваться как напряжённое.

Несмотря на увеличение объёмов производства в частных подворьях, данный рост не компенсировал сокращение выпуска в сельскохозяйственных организациях. Динамика личных подсобных хозяйств свидетельствует о том, что повышение их удельного веса в общей структуре аграрного производства во многом связано не с опережающим расширением собственного выпуска, а с относительным снижением объёмов в общественном секторе.

Дополнительным ограничивающим фактором остаётся масштабное выбытие устаревшей сельскохозяйственной техники. Продолжающееся списание машинно-тракторного парка без адекватного обновления материально-технической базы снижает производственный потенциал и сдерживает рост производительности труда как в общественном, так и в индивидуальном секторе.

Личные подсобные хозяйства продолжают выполнять важную социально-экономическую функцию, обеспечивая продовольствием собственные семьи, поддерживая занятость и уровень жизни сельского населения. Однако их потенциал как фактора компенсации снижения производства в крупных сельскохозяйственных организациях объективно ограничен. В настоящее время личные подсобные хозяйства в значительной степени исчерпали возможности расширения своей ресурсной базы и дальнейшего наращивания производства.

За последние пять лет площади сельскохозяйственных угодий в личных подсобных хозяйствах практически не изменились, а потенциал развития их материально-технической базы остаётся крайне ограниченным. В этих условиях дальнейшее повышение эффективности аграрного производства невозможно без анализа состояния и обновления технической базы сельского хозяйства, что предопределяет необходимость.

Литература

1. Агирбов Ю.И. Экономические проблемы агропромышленного и регионального плодоовощного производства в условиях перехода к рынку. Ю.И. Агирбов.– М.: МСХА им. Тимирязева, 1997. - 252с.

2. Авдашева С., Шаститко А. Промышленная и конкурентная политика: проблемы взаимодействия и уроки для России// Вопросы экономики. 2003. №9. С-27-28.

3. Петриков А.В., Узун В.Я., Максимов А.Ф., Могилевцев В.И., Шагайда Н.И., Янбых Р.Г. и др. Механизмы устойчивого сельского развития. Ч. 1. Обеспечение занятости и повышение доходов сельского населения. Метод. пособие. ФЕНУ «Росинформагротех», Москва, 2003. — с. 73.

4. Кудратова Ф.Р. Давлатов И. Особенности и развития инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве Республики Таджикистана / Материалы международная научно-практическая конференция на тему: «Развитие и преимущества финансового сектора, в условиях цифровизации: вызовы возможности и перспективы», посвящённой 2025-2030 гг., “Годы развития цифравой экономики и инноваций” (06.12.2025). С-89-93.

5. Кудратова Ф.Р. Хусейнзода И. Развития инвестиционного потенциала в сельском хозяйстве Республики Таджикистан/ Материалы международная научно-практическая конференция на тему: «Глобальные вызовы и инновационные меры в области финансов, образования и экономики», ТГФЭУ. Душанбе-2025 г., С-62-66.

6. Кудратов Р.Р., Кудратова Ф.Р. Оценка инвестиционной привлекательности сельского хозяйства Республики Таджикистан. Финансово-экономический вестник, 2019, №3(19), с. 27–35.

7. Кудратзода Ф.Р. Теоретико-методологические основы инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве в условиях формирования “зеленой” экономике /научная статья/ [Текст]: Ф.Р. Кудратова. Дж. С., Пиризода. Вестник ТНУ “Социально-экономический и общественных наук”- Душанбе, -2026 года. С-37-47.

8. Р. Рахмазода, Кудратова Ф.Р. Инвестиция в аграрный сектор Таджикистан: эффективное направление и его перспективы. Монография. ТФЭУ Душанбе. Инфон, 2021. — 160 с.

9. Стратегия развития зеленой экономики Р.Т. Д-2023-2037 гг. 171 (С-106).

10. Савченко Е.С., экономическое регулирование агропромчшленного комплекса/ Е.С.,Савченко / М:2004. С-320. (55-57).

УДК: 336.7

ҚАЛЛОБИИ МОЛИЯВӢ: САБАБҲО, ТАҲДИДҲО ВА ИМКОНИЯТҲОИ ПЕШГИРӢ

Ибодов Аваз Ҳасанович
н.и.и., мушовири Бонки Ҷаҳонӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 38/1. E-mail: Ibodovavaz@gmail.com Телефон: (+992) 918-77-54-05;
Ғаюров Ғайрат Ҳакимович
н.и.и., дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллииТоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Айни 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru. Телефон: (+992) 904-46-68-68.

Мақола ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи яке аз мушкилоти мубрами замони муосир, қаллобии молиявӣ дар шароити таҳаввулоти рақамии иқтисодиёт бахшида шудааст. Дар марҳилаи кунунии рушд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона стратегияи гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро татбиқ менамояд, масъалаи ҳифзи дороиҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо аз таҳдидҳои киберӣ аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Муаллифон дар мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки заминаҳои пайдоиши қаллобиро на танҳо аз нигоҳи техникӣ, балки аз дидгоҳи психологӣ ва сохторӣ низ мавриди таҳлил қарор диҳанд. Дар мақола имкониятҳо ва механизмҳои пешгирии қаллобӣ пешниҳод мегарданд. Тадқиқот нишон медиҳад, ки муборизаи самаранок танҳо дар сурати ҳамкории мустақими давлат, ташкилотҳои қарзӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир аст. Хулосаҳои дар мақола тавсиягардида метавонанд дар фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати таҳияи стратегияҳои соҳавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Калидвожаҳо: қаллобии молиявӣ, амнияти киберӣ, иқтисоди рақамӣ, фишинг, низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, саводнокии молиявӣ, маърифати молиявӣ, ҳифзи дороиҳо.

ФИНАНСОВОЕ МОШЕННИЧЕСТВО: ПРИЧИНЫ, УГРОЗЫ И ВОЗМОЖНОСТИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ

Ибодов Аваз Хасанович
к.э.н., консультант Всемирного Банка. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 38/1. E-mail: Ibodovavaz@gmail.com Телефон: (+992) 918-77-54-05
Гаюров Гайрат Хакимович
к.э.н., доцент кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Айни 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ruТел: (+992) 904-46-68-68.

Статья посвящена всестороннему исследованию одной из актуальных проблем современности — финансового мошенничества в условиях цифровой трансформации экономики. На текущем этапе развития, когда Республика Таджикистан активно реализует стратегию перехода к безналичным расчетам, вопрос защиты активов граждан и организаций от киберугроз приобретает стратегическое значение. Авторы в статье стремятся проанализировать причины возникновения мошенничества не только с технической точки зрения, но и с психологической и структурной перспектив. В статье предлагаются возможности и механизмы предотвращения мошенничества. Исследование показывает, что эффективная борьба возможна лишь при условии тесного взаимодействия государства, кредитных организаций и гражданского общества. Выводы, представленные в статье, могут быть использованы в практической деятельности коммерческих банков и правоохранительных органов при разработке отраслевых стратегий.

Ключевые слова: финансовое мошенничество, кибербезопасность, цифровая экономика, фишинг, банковская система, кредитные организации, финансовая грамотность, финансовое просвещение, защита активов.

FINANCIAL FRAUD: CAUSES, THREATS, AND PREVENTION OPPORTUNITIES

Ibodov Avaz Khasanovich
Candidate of Economic Sciences, Consultant at the World Bank. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 38/1. E-mail: Ibodovavaz@gmail.com Phone: (+992) 918-77-54-05
Gayurov Gayrat Khakimovich
Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Avenue 35, E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru Phone: (+992) 904-46-68-68.

This article is devoted to a comprehensive study of one of the most pressing issues of modern times — financial fraud in the context of the digital transformation of the economy. At the current stage of development, when the Republic of Tajikistan is actively implementing a strategy for the transition to cashless payments, the issue of protecting the assets of citizens and organizations from cyber threats has acquired strategic importance. The authors attempt to analyze the causes of fraud not only from a technical perspective but also from psychological and structural viewpoints. The article presents opportunities and mechanisms for preventing fraud. The study shows that effective counteraction is possible only through close cooperation between the state, credit institutions, and civil society. The conclusions presented in the article

can be applied in the practical activities of commercial banks and law enforcement agencies in developing sectoral strategies.

Keywords: financial fraud, cybersecurity, digital economy, phishing, banking system, credit institutions, financial literacy, financial education, asset protection.

Муқаддима. Қаллобии молиявӣ дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз масоили мубрам маҳсуб ёфта, махсусан дар шароити нав ба ҳайси мушкилии асосӣ табдил ёфтааст. Айни замон қаллобии молиявӣ на танҳо як масъалаи ҳуқуқӣ ё иқтисодӣ, балки чолиши ҷиддӣ барои суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллии кишвар ба шумор меравад. Вақте ки рақамикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба авҷи аълои худ расидааст ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба як бахши ҷудонашавандаи рӯзгори мардум табдил ёфтаанд, таҳдидҳои вобаста ба қаллобӣ низ шаклҳои мураккаб ва глобалиро касб кардаанд.

Яке аз сабабҳои асосии зиёд гардидани қаллобии молиявӣ дар гузариши босуръат ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ карда мешавад. Тоҷикистон дар солҳои охир дар самти ҷорӣ намудани ҳамёнҳои электронӣ, замимаҳои мобилии бонкӣ ва низомҳои пардохти фаврӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Аммо, ин рушди технологӣ бо худ осебпазириҳои навро овард. Қаллобон бо истифода аз ноогоҳии рақамии қисме аз аҳолӣ, усулҳои нави қаллобии молиявиро коркард кардаанд. Имрӯз қаллобии молиявӣ дигар танҳо бо сохтакорӣ дар ҳуҷҷатҳо маҳдуд намешавад, он ба фазои киберӣ кӯчида, ҳудудҳои ҷуғрофиро аз байн бурдааст. Ин ҳолат тақозо мекунад, ки механизмҳои муҳофизатӣ на танҳо аз нигоҳи техникӣ, балки аз нигоҳи назариявӣ низ мавриди омӯзиш ва пажуҳиши амиқ қарор дода шаванд.

Бояд қайд намуд, ки низоми молиявӣ дар асоси эътимод фаъолият мекунад ва ҳар як ҳолати қаллобӣ, ки боиси аз даст рафтани маблағҳои шахрвандон мегарданд, ин эътимодро нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ коҳиш медиҳад. Агар мардум худро дар фазои рақамӣ ҳифзнашуда эҳсос кунанд, онҳо дубора ба истифодаи пули нақд ва нигоҳ доштани маблағҳо дар берун аз бонкҳо рӯ меоранд, ки ин раванди фарогирии молиявиро камтаъсир гардонида, ба ҷараёни рушди иқтисоди миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи роҳҳои пешгирии қаллобӣ барои нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ ва ҷалби сармояҳои дохилӣ ба иқтисодиёт аҳамияти калидӣ дорад.

Таҳдидҳое, ки имрӯз мавҷуданд, аз қабили “муҳандисии иҷтимоӣ”, “фишинг” ва “вишинг”, нишон медиҳанд, ки қаллобон бештар ба заифии инсонӣ — тарс, раҳм ё хоҳиши ба даст овардани фоидаи зуд такя мекунанд [1,с.158]. Дар шароити муосири иқтисодӣ, ки робитаҳои иҷтимоӣ ба ҳам алоқамандии мустақим доранд, ин усулҳо самаранокии баланд нишон медиҳанд. Таҳлиҳои собит менамоянд, ки дар шароити кунунӣ бидуни баланд бардоштани саводнокиии молиявию рақамии аҳолӣ, муборизa бо қаллобӣ танҳо бо воситаҳои техникӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад [2,с.188].

Баррасӣ, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти соҳавӣ инъикос мекунад, ки қаллобии молиявӣ ба амнияти иқтисодии давлат таҳдид мекунад. Маблағҳои бо роҳи қаллобӣ бадастомада, аксаран барои маблағгузории фаъолиятҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла шустушӯи пул ва терроризми молиявӣ истифода мешаванд [3,4,5]. Дар заминаи рушди муносибатҳои молиявию қарзӣ ва мураккаб гардидани алоқамандӣ миёни субъектҳои иқтисодӣ ҳифзи манфиати аҳолӣ барои Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад [4,с.256]. Дар ин самт пеш аз ҳама зарур аст, ки заминаи қонунгузорӣ тақвият дода шавад, то роҳу воситаҳои пешгирӣ аз қаллоби молиявӣ такмил ёбанд.

Дар заминаи таҳлилҳо қайд намудан мумкин аст, ки истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили амалиётҳо дар вақти воқеӣ, ҷорӣ намудани биометрия ва ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи киберҷиноятҳо роҳҳои муосири муборизa бо қаллобии молиявӣ арзёбӣ карда мешаванд [6,с.48]. Зарур аст, ки дар ин самт стратегияи мукаммал таҳия карда шавад, ки он бояд ҳамкории мустақими мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бонкҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд.

Решаҳои пайдоиши қаллобии молиявӣ дар шароити муосирро бо маҷмӯи мураккаби омилҳои психологӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд медонад [8,с.112]. Қаллобон дар асоси таъсир расонидан ба эҳсосоти асосии инсонӣ, аз қабили тарс, эътимоди аз ҳад зиёд ё хоҳиши ба даст овардани фоидаи зиёд, аҳолиро таҳти фишори равонӣ қарор дода, онҳоро ба ифшои маълумоти махфӣ ва гузаронидани маблағҳо водор месозанд, ки ин раванд бо сатҳи нокифояи саводнокии молиявию рақамии бахше аз аҳолӣ алоқамандии мустақим дорад [9,с.92]. Барои ҳифзи дороиҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо таҳияи тавсияҳои мукаммал зарур аст, ки онҳо бояд риояи қатъии қоидаҳои бехатарии инфиродӣ, аз ҷумла истифодаи ҳатмии бақайдгирии дузинагӣ, гузоштани маҳдудиятҳои амалиётӣ дар замима-барномаҳои бонкӣ ва қатъ намудани ҳама гуна алоқаи шубҳаноки телефониро дар бар гиранд. Дар сатҳи ташкилотҳо бошад, гузаронидани аудити мунтазами амниятӣ, ҷорӣ намудани низомҳои интеллектуалӣ барои мониторинги амалиётҳо дар вақти воқеӣ ва омӯзиши пайвастаи кормандон оид ба муқовимат ба ҳамлаҳои фишингӣ василаҳои асосии муҳофизат ба шумор мераванд [10,с.85]. Ҳамзамон, лозим аст, ки бо таъсиси марказҳои ягонаи вокуниш ба киберҷиноятҳо, такмили қонунгузории ҷиноӣ барои ҷазо додани қаллобони фаромиллӣ ва роҳандозии барномаҳои густурда барои баланд бардоштани маърифати молиявии ҷомеа, заминаи мусоидро, барои кам кардани таъсири ин таҳдидҳо ва таъмини суботи иқтисоди миллӣ, фароҳам овардан мумкин аст. Зеро танҳо ҳамкории мутақобилаи аҳолӣ, бахши хусусӣ ва мақомоти давлатӣ метавонад садди роҳи қаллобии молиявиро гирад.

Таҳқиқи адабиёти соҳавӣ ва таҳлили вазъи муосири низоми иқтисодӣ-молиявӣ имкон фароҳам овард, ки сабабҳои пайдоиш, омилҳоии таъсибахш ва паҳншавии қаллобии молиявиро дар шароити имрӯза мушаххас намоем, аз ҷумла[4,8,10,11]:

1. Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва анонимӣ. Гузариши куллӣ ба хизматрасониҳои онлайнӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва криптоасъорҳо ба қаллобон имкон медиҳад, ки шахсияти худро пинҳон кунанд. Истифодаи технологияҳои VPN, рақамҳои виртуалии хоричӣ ва сомонаҳои қалбакӣ (фишинг) муайян кардани макони ҷиноятқор ва пайгирии масири маблағҳои тариқи қаллобиӣ ба даст омадаро барои мақомот ва бонкҳо мушкил месозад.

2. Сатҳи нокифояи саводнокии молиявӣ ва рақамии аҳолӣ. Бисёре аз корбарон, бо вуҷуди истифодаи фаъоли смартфонҳо, аз қоидаҳои асосии киберӣ огоҳ нестанд. Ноогоҳӣ аз тарзи кори ташкилотҳои қарзӣ, бовар кардан ба паёмакҳои шубҳанок дар бораи «бурдҳои тасодуфӣ» ё «банд шудани корт» ва ошкор кардани кодҳои махфии SMS ба қаллобон роҳи осони дастрасӣ ба маблағҳоро фароҳам меорад.

3. Истифодаи ҳолати иҷтимоӣ (Social Engineering). Ин яке аз сабабҳои асосии психологӣ мебошад. Қаллобон на ба технология, балки ба заифии шахс такя менамоянд ва бо пешниҳодҳои молиявии гуногун диққати онҳоро ҷалб месозанд. Онҳо бо истифода аз эҳсосоти тарс (масалан, таҳдид бо парвандаи ҷиноӣ ё гум кардани пул) ё тамаъ (пешниҳоди даромади калону зуд) шахсро маҷбур месозанд, ки бидуни андешаи мантиқӣ дастурҳои онҳоро иҷро кунад.

4. Фаромиллӣ ва бесарҳад будани киберҷиноятҳо. Қаллобии молиявӣ тайи солҳои охир дигар маҳдудияти ҷуғрофӣ надорад. Ҷиноятқорон метавонанд дар як кишвар қарор дошта, тавассути шабакаи интернет ба сокинони кишвари дигар ҳамла кунанд. Ин ҳолат раванди мушаххас намудани қаллобонро мушкил гардонида ба онҳо эҳсоси бечазоиро ба бор меорад.

5. Омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Хоҳиши ба даст овардани пули осон дар байни ҷавонони дорои дониши баланди технологӣ, вале беҳадаф, яке аз сабабҳои дохилии зиёд шудани сафи қаллобон гардидааст. Аз тарафи дигар, вазъияти душвори молиявӣ бархеро водор мекунад, ки ба пешниҳодҳои афсонавии «пирамидаҳои молиявӣ» ва сармоягузориҳои қалбакӣ бовар намоянд ва ба доми қаллобон гирифтор шаванд.

Таҳлили таҳдидҳои муосири қаллобӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир ҷиноятқорон аз усулҳои классикӣ ба технологияҳои мураккаби барномавӣ ва психологӣ гузаштаанд [12,с.15]. Агар қаблан қаллобӣ бештар бо истифода аз ҳуҷҷатҳои сохта ё фиреби рӯ ба рӯ сурат мегирифт, имрӯз он хусусияти «интеллектуалӣ» пайдо карда, ба осебпазирии низомҳои рақамӣ ва рафтори инсонӣ такя мекунад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таснифи таҳдидҳои муосири қаллобии молиявӣ

ТАҲДИДҲО	МЕХАНИЗМИ ИҶРОИШ	ҲАДАФҲОИ АСОСИИ ҶИНОЯТКОР
Фишинг (Phishing)	Ирсоли паёмакҳо ё почтаи электронӣ бо истинодҳои (ссылка) қалбакӣ, ки сомонаи бонкро тақлид мекунанд.	Гирифтани логин, парол ва маълумоти корти бонкии муштарӣ.
Вишинг (Vishing)	Зангҳои телефонӣ аз номи «корманди бонк», «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» ва ҳоказо.	Маҷбур кардани шахс барои гузаронидани пул ё пешниҳоди коди SMS.
Дипфейк (Deepfake)	Истифодаи зеҳни сунъӣ барои сохтани садо ё видеои қалбакии шахси шинос ва ё наздик.	Фиреб додани муштариён ё кормандони ширкат барои тасдиқи амалиётҳои қалбакӣ.
Пирамидаҳои молиявии рақамӣ	Пешниҳоди сармоягузории «фоидаовар» дар криптоасъорҳо ё платформаҳои қалбакии биржавӣ.	Ҷалби маблағҳои калони аҳолӣ бо ваъдаи фоизи баланд ва даромади муфд.
Қаллобии тиҷоратӣ (BEC)	Ҳакерӣ ё тақлиди почтаи электронии роҳбарияти ширкат барои фиристодани суратҳисоби қалбакӣ.	Азхуд намудани маблағҳои калони ташкилотҳо ҳангоми пардохтҳои қарордодӣ.
Скимминг ва Шимминг	Насби таҷҳизоти махсус дар банкоматҳо барои нусхабардории маълумоти корт.	Сохтани нусхаи корт ва холӣ кардани суратҳисоби муштарӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси [4,10]

Ҳамин тариқ, рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун тақозои замон, балки шарти зарурӣ барои расидан ба мақсадҳои стратегии миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар даврони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамисозии хидматрасониҳои молиявӣ, масъалаи таъмини амнияти молиявии шаҳрвандон ва пешгирии қаллобии интернетӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми молиявии он дар марҳалаи рушд қарор дорад, ҳамзамон бо имкониятҳои нав, таҳдидҳои ҷиддӣ низ ба миён омадаанд. Яке аз онҳо — қаллобии молиявии интернетӣ мебошад, ки рӯз аз рӯз шиддат мегирад ва теъдоди қурбониён зиёд мегардад.

Гарчанде, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон гардида бошад ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ” аз 3 августи соли 2018, №1537 қабул гардида бошад ҳам мутаасифона, шояд аз ҳисоби дарки дуруст накардани истеъмолкунандагон бошад ва ё омили дигар, ҳолатҳои ба доми қаллобони молиявӣ, аз ҷумла қаллобони молиявии интернетӣ, афтодани аҳолӣ кам нест [14].

Қаллобони интернетӣ бо истифода аз паст будани саводнокии молиявӣ ва рақамии аҳолӣ, ҳамчунин камбудиҳои назоратӣ ва ҳуқуқӣ, ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ, зангҳои қалбакӣ, замимаҳои мобилӣ ва дигар

усулҳои муосир шаҳрвандонро ба дом мекашанд. Мутаассифона, шумори чунин ҳолатҳо дар кишвар рӯ ба афзоиш дорад ва зарурати таҳлили амиқ, омодасозии тавсияҳо ва такмили механизми ҳифзи истеъмолгаронро ба миён мегузорад. Қаллобии молиявии интернетӣ (ки дар адабиёти байналмилалӣ бо мафҳумҳои “cyber financial fraud” ё “online financial scam” маъруф аст), маҷмӯи амалҳои ҷиноятии бо мақсади тасарруфи ғайриқонунии молу мулки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ тавассути васоити электронӣ ва шабакаҳои иттилоотии интернетӣ мебошад [12,с.746]. Қаллобон метавонанд бо истифода аз паёмакҳо, зангҳои телефонӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, саҳифаҳои дурӯғини интернетӣ ва дигар усулҳои равонӣ (social engineering) курбониёнро ба дом андозанд [13,с.11].

Вусъат ёфтани қаллобии молиявии интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин сабаб ва омилҳои ҳамрадиф дорад, ки дар маҷмуъ фазои мусоид барои фаъолиятҳои қаллобии рақамӣ фароҳам меоранд. Яке аз омилҳои асосии густариши қаллобии молиявии интернетӣ – ин дарк накардан ва ё фаҳмиши номукаммал дар бораи истифодаи бехатари интернет, васоити пардохти рақамӣ ва иттилооти молиявӣ мебошад. Аксари шаҳрвандон ба осонӣ ба иттилооти дурӯғин бовар мекунанд, рақамҳои кортҳои бонкӣ, рамзҳо ва маълумоти шахсии худро бидуни андеша ба афроди бегона медиҳанд.

Механизмҳои пешгирӣ ва тавсияҳо барои коҳиши қаллобии молиявии интернетӣ, бо дарназардошти миқёси афзояндаи қаллобии молиявии интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳияи чорабиниҳои мушаххас ва муассир барои пешгирӣ ва мубориза бо ин падида бештар мегардад. Механизмҳои асосии тавсияшаванда иборатанд аз [3,4,9]:

- *Баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва рақамӣ:*

Яке аз роҳҳои муассиртарини пешгирии қаллобии интернетӣ ин баланд бардоштани савияи дониши молиявию рақамии аҳолӣ мебошад. Зарур аст:

- баргузории маъракаҳои иттилоотӣ тариқи ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мактабҳо/донишгоҳҳо;
- эҷод ва коркарди барномаҳои омӯзишӣ барои гурӯҳҳои осебпазир (масалан, пиронсолон ва ҷавонон);
- омода ва паҳн намудани маводи таълимӣ дар шакли дастурамал, варақа, видео ва подкаст.

- *Таъсиси марказҳои иттилоотӣ ва ёрии фаврӣ барои шаҳрвандон:*

Шаҳрвандон бояд дар ҳолати мавриди ҳамлаи қаллобӣ қарор гирифтан, имкони муроҷиати фаврӣ дошта бошанд. Барои ин зарур аст:

- ташкили маркази иттилоотӣ бо рақами кӯтоҳи ройгон;
- фаъолсозии чат-ботҳо ё саҳифаҳои махсус дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои роҳнамоӣ ва машварат;
- ҷорӣ намудани низоми онлайн барои расондани шикоятҳо ва мушоҳидаҳо.

Ҳамин тавр, метавонем қайд созем, ки қаллобии молиявии интернетӣ имрӯз ба як таҳдиди ҷиддӣ барои амнияти молии шаҳрвандон ва эътимоди аҳолӣ ба низоми молиявӣ табдил ёфтааст. Паст будани маърифати молиявӣ ва рақамии аҳолӣ, набудани механизмҳои муассири ҳимоя ва норасоии ҳамоҳангии байни ниҳодҳои марбута имкон медиҳад, ки қаллобон бо роҳҳои гуногун ба шаҳрвандон зарар расонанд.

Бо дарназардошти ин мушкилот, пешниҳод мегардад:

- таҳияи Стратегияи миллӣ оид ба муқовимат бо қаллобии молиявии рақамӣ, ки самтҳои асосии фаъолият, масъулияти ниҳодҳо ва механизмҳои иҷроишро муайян менамояд, зарур мебошад;
- ворид кардани фанни саводнокии молиявӣ ва рақамӣ ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва макотиби олии кишвар;
- ташкили сохторҳои тахассусии зиддиқаллобӣ;
- фаъол намудани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва провайдерҳои мобилӣ ҷиҳати мубодилаи иттилоот ва роҳандозии маъракаҳои иттилоотӣ;
- ташкили маркази ягонаи иттилоотӣ ва ёрии фаврӣ ва таблиғи ҳамаҷонибаи он, ки шаҳрвандон дар ҳолати хатар ба он муроҷиат карда тавонанд.

Хулоса. ҳалли мушкили қаллобии молиявии интернетӣ, ташаккули маърифати молиявию рақамии истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ танҳо тавассути ҳамкории муассир, тақвияти донишҳои молиявии аҳолӣ ва иродаи қавии ниҳодҳои масъул, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ, алахусус ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ ва провайдерҳои мобилӣ, имконпазир аст. Танҳо тавассути ба роҳ мондани ҳамаи ин омилҳо, мо метавонем, боварии аҳолиро ба низоми бонкии мамлакат қавӣ гардонем, ҷалби сармояи дохилиро ба иқтисоди миллӣ роҳандозӣ намоем ва дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазир бошему ояндаи дурахшони наслҳои баъдинаро таъмин намоем.

Адабиёт

1. Абрамова, М. А. Финансовые рынки в условиях цифровизации: учебник / М. А. Абрамова, В. В. Кузнецов. – Москва: КноРус, 2024. – 356 с.
2. Бобоев Ҷ.Ҳ. Амнияти молиявии низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 215 с.
3. Баранов, В. М. Противодействие кибермошенничеству в банковской сфере: монография / В. М. Баранов. – Санкт-Петербург: Юридический центр, 2023. – 210 с.
4. Мишкин Ф. Экономика денег, банковских дел и финансовых рынков. 12-е изд. – М.: Вильямс, 2020. – 880 с.
5. Раҳимов Р.К. Проблемы трансформации экономики Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2021. – 260 с.

6. Шукуров И.С. Киберҷинояткорӣ ва қаллобии молиявӣ: чолишҳои нави асри XXI // Молия ва иқтисод. – 2024. – №2. – С. 45–52.
7. Иванов, А. А. Психология финансового мошенничества: методы социальной инженерии / А. А. Иванов. – Москва: Издательский дом Высшей школы экономики, 2025. – 188 с.
8. Карпова, С. В. Экономическая безопасность организации: учебник и практикум / С. В. Карпова. – Москва: Юрайт, 2024. – 412 с.
9. Кузнецов, С. Н. Криминалистический анализ способов совершения мошенничеств с использованием ИТ-технологий / С. Н. Кузнецов. – Новосибирск: Наука, 2023. – 145 с.
10. Петров, И. В. Финансовые пирамиды в цифровой экономике: современные тренды / И. В. Петров. – Казань: Бук, 2025. – 130 с.
11. Васильев, С. П. Анализ новых схем финансового мошенничества с применением Deepfake-технологий / С. П. Васильев // Вестник кибербезопасности. – 2025. – № 2 (48). – С. 15–22.
12. Смирнова, Е. Н. Роль биометрической идентификации в предотвращении мошеннических операций / Е. Н. Смирнова // Финансы и кредит. – 2024. – Т. 30, № 4. – С. 745–760.
13. Федоров, К. Л. Защита персональных данных как инструмент борьбы с финансовым фродом / К. Л. Федоров // Право и цифровая экономика. – 2026. – № 1. – С. 10–18.
14. Портали саводи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://nbt.tj/tj/financial_literacy (санаи мурочиат: 12.04.2026).
15. Global Cybercrime Report 2025: Trends and Analysis [Электронный ресурс]. – URL: https://cybersecurityventures.com (date of access: 15.04.2026).

УДК 338.48:334.722

МЕХАНИЗМҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Гадоев Ҳасан Солеҳович
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола масъалаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таъкид мегардад, ки рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, дастрасии субъектҳои хурду миёна ба захираҳои молиявӣ, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, рақамикунонии равандҳои бозорӣ ва ҳамкории самараноки давлату бахши хусусӣ вобаста мебошад. Дар мақола моҳияти ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, омилҳои таъсиррасон, механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилии дастгирӣ, инчунин самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар самти фаъолгардонии соҳибкорон дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи маҷмӯии имтиёзҳои молиявӣ, андозӣ, иттилоотӣ, таълимӣ ва инфрасохторӣ метавонад ба баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ ва афзоиши саҳми сайёҳӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонӣ, дастгирии давлатӣ, сармоягузорӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, рақамикунонӣ, рақобатпазирӣ, рушди устувор.

МЕХАНИЗМЫ СТИМУЛИРОВАНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СФЕРЕ ТУРИЗМА

Гадоев Хасан Солехович
кандидат экономических наук, доцент кафедры туризма и гостиничного бизнеса Таджикского международного университета туризма и предпринимательства. Республика Таджикистан, Душанбе

В статье рассматриваются вопросы стимулирования предпринимательской деятельности в сфере туризма. Подчеркивается, что устойчивое развитие туризма в Республике Таджикистан зависит от формирования благоприятной предпринимательской среды, доступа субъектов малого и среднего бизнеса к финансовым ресурсам, развития инфраструктуры, повышения качества услуг, цифровизации рыночных процессов и эффективного взаимодействия государства и частного сектора. В работе раскрываются сущность стимулирования предпринимательства, факторы его развития, экономические и организационные механизмы поддержки, а также направления совершенствования государственной политики в сфере активизации предпринимателей на рынке туристских услуг.

Ключевые слова: туризм, предпринимательство, стимулирование, государственная поддержка, инвестиции, туристская инфраструктура, цифровизация, конкурентоспособность, устойчивое развитие.

MECHANISMS FOR STIMULATING ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN THE TOURISM SECTOR

Gadoev Hasan Solekhovich
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at the Department of Tourism and Hospitality Business, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article examines the issues of stimulating entrepreneurial activity in the tourism sector. It emphasizes that the sustainable development of tourism in the Republic of Tajikistan depends on the formation of a favorable entrepreneurial environment, access of small and medium-sized businesses to financial resources, infrastructure development, improvement of service quality, digitalization of market processes, and effective cooperation between the state and the private sector. The article reveals the essence of entrepreneurship stimulation, the key development factors, economic and organizational support mechanisms, and directions for improving public policy aimed at activating entrepreneurs in the tourism services market.

Keywords: tourism, entrepreneurship, incentives, state support, investment, tourism infrastructure, digitalization, competitiveness, sustainable development.

Муқаддима. Мубрамияти таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар шароити афзоиши рақобати минтақавӣ дар бозори сайёҳӣ кишварҳо бештар ба ҷалби сармояи хусусӣ, рушди ташаббусҳои маҳаллӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ такя менамоянд. Аз ин рӯ, барои ташаккули соҳаи устувори сайёҳӣ зарур аст, ки механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ танҳо ба додани имтиёзҳои алоҳида маҳдуд нашуда, балки ҳамчун низоми мукаммали дастгирии молиявӣ, андозӣ, ташкилӣ, инфрасохторӣ, иттилоотӣ ва таълимӣ амал намоянд.

Мақсади мақола таҳлили моҳият, омилҳо ва механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва пешниҳоди самтҳои такмили он дар шароити рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта шуданд: муайян намудани аҳамияти соҳибкорӣ дар рушди сайёҳӣ; таҳлили омилҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ; баррасии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва хусусӣ; муайян намудани масъалаҳои мавҷуда ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили муҳити соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Методология. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, умумисозии илмӣ ва таҳлили сохторӣ ташкил медиҳанд. Дар мақола ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, стратегияҳои давлатӣ, адабиёти илмӣ ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳо. Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ маҷмӯи чораҳо ва шароитеро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани манфиатдории соҳибкорон барои оғоз, нигоҳдорӣ ва васеъ намудани фаъолияти иқтисодӣ дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ равона карда мешаванд. Дар ин раванд на танҳо масъалаҳои фоидаоварӣ, балки устувории хизматрасонӣ, сифати идоракунӣ, ҳифзи муҳити зист, муносибати эҳтиромона ба фарҳанги маҳаллӣ ва иштироки аҳолии минтақаҳо низ аҳамияти муҳим доранд. Қонунгузории соҳаи сайёҳӣ хизматрасониҳои гуногуни сайёҳиро, аз ҷумла меҳмонпазирӣ, хизматрасонии иттилоотӣ, нақлиётӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ ҳамчун унсурҳои муҳими қонеъ гардондани талаботи сайёҳон муайян менамояд [1].

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ҳавасмандгардонӣ бояд се вазифаи асосиро иҷро намояд. Якум, он бояд монеаҳои воридшавии соҳибкоронро ба бозори сайёҳӣ коҳиш диҳад, зеро дар бисёр минтақаҳо соҳибкорони хурд таҷриба, сармояи ибтидоӣ ва дастрасӣ ба маълумоти бозориро кофӣ надоранд. Дуюм, ҳавасмандгардонӣ бояд соҳибкоронро ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани стандартҳо ва навоварӣ ҳидоят намояд. Сеюм, он бояд фаъолияти соҳибкоронро бо принсипҳои рушди устувор мутобиқ созад, то ки рушди иқтисодӣ бо ҳифзи табиат ва арзишҳои фарҳангӣ ҳамоҳанг бошад.

Дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ташаккули инфрасохтори муосир, таҳкими иқтидори сайёҳии кишвар, тарғиби ҳамаҷонибаи имкониятҳои сайёҳӣ ва рушди устувори соҳа ҳамчун самтҳои муҳим муайян шудаанд [2].

Ин ҳадафҳо танҳо дар сурате амалӣ мегарданд, ки бахши хусусӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ ҳамчун иштирокчиёни фаъол ва масъул ба раванд ҷалб карда шаванд. Сиёсати давлатӣ бояд на танҳо тартиботи умумиро муайян кунад, балки барои амалӣ шудани ташаббусҳои соҳибкорӣ шароити воқеӣ фароҳам оварад.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сайёҳӣ дар минтақаҳои деҳот ва кӯҳӣ метавонад ҳамчун воситаи муҳим барои рушди соҳибкорӣ, паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва нигоҳдории мероси маҳаллӣ хизмат намояд. Ташкилоти ҷаҳонии сайёҳӣ сайёҳиро яке аз воситаҳои дастгирии рушди маҳаллӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва фаъолсозии ҷомеаҳои деҳот арзёбӣ менамояд [6]. Барои Тоҷикистон, ки қисми зиёди захираҳои сайёҳии он дар минтақаҳои кӯҳӣ ва деҳот ҷойгир аст, ин масъала аҳамияти хоса дорад.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ бояд бо мантиқи талаботи бозор мувофиқ бошад. Сайёҳи муосир танҳо мавҷудияти манзараи зеборо намехоҳад; ӯ хизматрасонии босифат, маълумоти дастрас, амният, роҳҳои мувофиқ, имконияти фармоиши пешакӣ, муносибати касбӣ ва таҷрибаи хотирмонро интизор аст. Агар соҳибкорон барои қонеъ гардонидани ин талабот дастгирӣ ва омӯзиш нагиранд, маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазир шуда наметавонад.

Дар баробари ин, ҳавасмандгардонӣ набояд танҳо ба афзоиши миқдории субъектҳои соҳибкорӣ равона шавад. Муҳим аст, ки соҳибкорӣ хусусияти сифатӣ пайдо намояд, яъне хизматрасонӣ шаффоф, бехатар, экологӣ, ҷавобгӯ ба талаботи меҳмон ва мутобиқ ба манфиатҳои аҳолии маҳаллӣ бошад. Аз ҳамин сабаб, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар сайёҳӣ бояд ҳамчун раванди идорашаванда, мақсаднок ва пайваста баррасӣ гардад.

Ҷадвали 1. Самтҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ

№	Самти ҳавасмандгардонӣ	Мазмун ва шакли татбиқ	Натиҷаи интизоршаванда
1	Дастгирии молиявӣ	Қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, субсидияҳо, кафолатҳои қарзӣ ва дастрасӣ ба фондҳои рушди соҳибкорӣ.	Афзоиши лоиҳаҳои нави сайёҳӣ ва паст шудани хавфи молиявии соҳибкорон.
2	Имтиёзҳои андозӣ ва маъмурӣ	Содагардонии расмиёт, кам кардани сарбории маъмурӣ, шаффофияти бақайдгирӣ ва дастгирии фаъолияти расмӣ.	Баланд шудани ҳавасмандии соҳибкорон ба фаъолияти қонунӣ ва дарозмуддат.
3	Рушди инфрасохтор	Беҳтар намудани роҳҳо, алоқа, марказҳои иттилоотӣ, нишонагузорӣ, санитария ва хизматрасониҳои коммуналӣ.	Баланд шудани дастрасӣ ба минтақаҳои сайёҳӣ ва беҳтар гардидани таҷрибаи сайёҳон.
4	Омӯзиш ва такмили кадрҳо	Курсҳо оид ба маркетинг, меҳмоннавозӣ, идоракунӣ, забонҳои хориҷӣ, амният ва хизматрасонии рақамӣ.	Баланд гардидани сифати хизматрасонӣ ва сатҳи касбии соҳибкорон.

№	Самти ҳавасмандгардонӣ	Мазмун ва шакли татбиқ	Натиҷаи интизоршаванда
5	Рақамикунонӣ	Истифодаи сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои фармоиш, пардохти электронӣ ва маркетинги рақамӣ.	Васеъ шудани бозор, афзоиши фурӯш ва дастрасии сайёҳон ба маълумот.
6	Ҳамкории давлату бахши хусусӣ	Иштироки соҳибкорон дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ, фестивалҳо, хатсайрҳо ва тарғиби маҳсулоти миллӣ.	Баланд шудани самаранокии идоракунӣ ва муттаҳид шудани захираҳои давлатӣ ва хусусӣ.

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши ҳуҷҷатҳои соҳавӣ ва адабиёти илмӣ.

Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ аз таъсири як қатор омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, инфрасохторӣ ва бозорӣ вобаста мебошад. Яке аз омилҳои асосӣ муҳити ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» муносибатҳои вобаста ба ҳимоя, дастгирӣ ва рушди соҳибкориро танзим намуда, принсипҳои қонуният, шаффофият ва баробарҳуқуқии субъектҳои соҳибкориро муқаррар мекунад [3]. Маҳз мавҷудияти чунин кафолатҳо ба соҳибкор имкон медиҳад, ки фаъолияти худро бо боварӣ ба оянда ба роҳ монад.

Омили дуюм дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ мебошад. Дар соҳаи сайёҳӣ бисёр лоиҳаҳо, аз ҷумла сохтмони хонаҳои меҳмонӣ, хариди нақлиёт, ташкили марказҳои иттилоотӣ, таҷҳизонидани нуқтаҳои хӯроки миллӣ ё таҳияи маҳсулоти рақамӣ сармояи ибтидоиро талаб мекунанд. Барои соҳибкорони хурд, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, дастрасӣ ба қарзҳои тиҷоратӣ аксар вақт душвор аст. Аз ин рӯ, қарзҳои имтиёзнок, фондҳои кафолатӣ ва барномаҳои грантӣ метавонанд нақши ҳавасмандкунандаи муҳим дошта бошанд.

Омили сеюм инфрасохтор мебошад. Ҳатто агар минтақа дорои захираҳои нодири табиӣ ва фарҳангӣ бошад, набудани роҳҳои хуб, алоқаи мобилӣ, интернет, ҷойҳои санитарӣ, нишонаҳои роҳнамо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ метавонад ба ҷалби сайёҳон монеъ гардад. Ин масъала махсусан барои минтақаҳои кӯҳӣ ва деҳот муҳим аст. Бинобар ин, дастгирии давлатӣ дар рушди инфрасохтори асосӣ метавонад барои фаъолияти соҳибкорони маҳаллӣ заминаи ҳалкунанда фароҳам оварад.

Омили чорум сатҳи дониш ва малакаи соҳибкорон мебошад. Сайёҳӣ соҳаи хизматрасонӣ аст ва дар он сифати муносибат бо меҳмон, қобилияти муошират, фаҳмидани талаботи бозор, идоракунии нарх, истифодаи маркетинг ва арзёбии қаноатмандии сайёҳон аҳамияти калон дорад. Бисёр соҳибкорони маҳаллӣ захираҳои арзишманд доранд, аммо малакаи бастабандии маҳсулот, нархгузорӣ, пешбурд ва фурӯши онро надоранд. Аз ин рӯ, таълим ва машварат бояд қисми ҷудонашавандаи ҳавасмандгардонӣ бошанд.

Омили панҷум рақобат ва дастрасӣ ба бозор мебошад. Дар солҳои охир қисми зиёди сайёҳон пеш аз сафар маълумотро тавассути интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, харитаҳои рақамӣ ва платформаҳои фармоиш ҷустуҷӯ мекунанд. Соҳибкоре, ки дар муҳити рақамӣ ҳузур надорад, аз қисми зиёди талаботи бозор дур мемонад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии рақамикунонии хизматрасониҳо метавонад ба афзоиши даромади соҳибкорон ва баланд шудани намоёнии минтақаҳои сайёҳӣ мусоидат намояд.

Омили шашум мутобиқати фаъолияти соҳибкорӣ ба принсипҳои рушди устувор мебошад. Сайёҳӣ метавонад ба муҳити табиӣ ва фарҳангӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ расонад. Агар шумораи сайёҳон бе назорат зиёд шавад, партовҳо, фишор ба захираҳои об, вайроншавии манзараҳо ва коҳиши аслияти фарҳангӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, соҳибкорон бояд ҳавасманд карда шаванд, ки стандартҳои экологӣ, идоракунии партовҳо, сарфаи энергия, истифодаи маҳсулоти маҳаллӣ ва эҳтиром ба анъанаҳоро риоя намоянд.

Омили ҳафтум рушди занҷири арзиш мебошад. Соҳибкории сайёҳӣ танҳо аз меҳмонхона ё ширкати сайёҳӣ иборат нест. Он тамоми занҷири хизматрасониҳоро дар бар мегирад: истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои меҳмонхонаҳо, ҳунармандӣ, нақлиёт, роҳбаладӣ, хизматрасонии фарҳангӣ, тарҷумонӣ, чорабиниҳо, савдо ва технологияҳои иттилоотӣ. Таҳлили занҷири арзиши сайёҳӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сайёҳӣ метавонад ҷойҳои кориро дар бахшҳои гуногун ба ҳам пайваст намояд ва барои рушди иқтисоди маҳаллӣ имкониятҳои иловагӣ фароҳам оварад [7].

Омили ҳаштум мавҷудияти ҳамкорӣ байни субъектҳо мебошад. Агар соҳибкорон ба таври ҷудогона амал кунанд, ташкили маҳсулоти мукаммали сайёҳӣ душвор мегардад. Барои ҷалби сайёҳон зарур аст, ки меҳмонхона, нақлиёт, роҳбалад, нуқтаи хӯрок, маркази иттилоотӣ ва объекти тамошо дар як занҷири хизматрасонӣ ҳамоҳанг бошанд. Аз ин рӯ, кластерҳои сайёҳӣ, ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва шарикии давлату бахши хусусӣ метавонанд ҳамчун воситаи муҳими ҳавасмандгардонӣ хизмат намоянд.

Омили нӯҳум эътимод ва устувории сиёсати иқтисодӣ мебошад. Соҳибкор танҳо дар ҳолате сармоягузорӣ мекунад, ки қоидаҳои бозӣ барои ӯ равшан, пешгӯишаванда ва одилона бошанд. Тағйироти зуд-зуд дар тартибот, номуайянии иҷозатдиҳӣ, мушкилоти дастрасӣ ба замин ё объектҳои инфрасохторӣ метавонад ҳавасмандии соҳибкоронро коҳиш диҳад. Аз ин рӯ, шаффофият, содагӣ ва пайвастагии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ метавонанд ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо шаванд: механизмҳои иқтисодӣ ва механизмҳои ташкилӣ. Механизмҳои иқтисодӣ бештар ба манфиатҳои молиявии соҳибкорон таъсир мерасонанд, дар ҳоле ки механизмҳои ташкилӣ шароити фаъолият, дастрасӣ ба маълумот, ҳамоҳангсозӣ ва сифати идоракуниро беҳтар менамоянд. Барои натиҷаи устувор зарур аст, ки ин ду гурӯҳ якҷоя истифода шаванд.

Ба механизмҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо, кафолатҳои қарзӣ ва дастгирии сармоягузорӣ дохил мешаванд. Ҳадафи асосии онҳо паст кардани хароҷоти ибтидоӣ ва хавфи соҳибкорон мебошад. Дар соҳаи сайёҳӣ ин масъала муҳим аст, зеро бисёр лоиҳаҳо натиҷаи худро дертар медиҳанд: хонаи меҳмонӣ бояд сохта ё таъмир шавад, кадрҳо омӯзонида шаванд, маҳсулот тарғиб гардад ва танҳо баъд ҷараёни устувори сайёҳон ба вуҷуд ояд.

Имтиёзҳои андозӣ метавонанд махсусан барои субъектҳои хурду миёна таъсири мусбат дошта бошанд. Вақте соҳибкор дар марҳилаи аввал бо хароҷоти зиёд рӯ ба рӯ мешавад, кам кардани сарбории андозӣ ё содагардонии ҳисобот метавонад ба ӯ имконият диҳад, ки қисми бештари маблағро ба беҳтар кардани хизматрасонӣ равона намояд. Аммо чунин имтиёзҳо бояд мақсаднок ва муваққатӣ бошанд, то ки онҳо ба баланд шудани сифати хизматрасонӣ ва расмӣ шудани фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат кунанд.

Қарзҳои имтиёзнок низ яке аз воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоб мераванд. Барои соҳибкорони сайёҳӣ қарзҳо метавонанд барои таъмири бино, хариди таҷҳизот, сохтани нуқтаи санитарӣ, омода намудани ҷойҳои истироҳат, хариди нақлиёт ё ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ истифода шаванд. Дар ин ҷо муҳим аст, ки шартҳои қарз ба хусусияти мавсимии сайёҳӣ мувофиқ бошанд, зеро даромади бисёр субъектҳои сайёҳӣ дар фаслҳои муайян зиёдтар ва дар фаслҳои дигар камтар мебошад.

Грантҳо ва субсидияҳо бештар барои лоиҳаҳое мувофиқанд, ки аҳамияти иҷтимоӣ ва экологӣ доранд: рушди сайёҳии деҳот, таъсиси ҷойҳои корӣ барои занон ва ҷавонон, ҳифзи мероси фарҳангӣ, рушди ҳунармандӣ, истифодаи энергияҳои барқароршаванда ё беҳтар намудани идоракунии партовҳо. Ин гуна лоиҳаҳо на ҳамеша дар марҳилаи аввал фоидаи зиёд медиҳанд, аммо барои рушди устувори минтақаҳо арзиши баланд доранд.

Механизмҳои ташкилӣ ба беҳтар намудани идоракунии соҳа равона мешаванд. Ба онҳо таъсиси марказҳои иттилоотӣ, платформаҳои рақамӣ, феҳристи хизматрасонҳо, стандартҳои хизматрасонӣ, курсҳои омӯзишӣ, машваратҳои соҳибкорӣ, ярмаркаҳои сайёҳӣ ва дастгирии тарғиби маҳсулоти миллӣ дохил мешаванд. Ин механизмҳо ба соҳибкорон кӯмак мекунанд, ки бозорро беҳтар фаҳманд, бо шарикон пайваст шаванд ва маҳсулоти худро ба харидорони дохиливу хориҷӣ пешниҳод намоянд.

Рақамикунонӣ дар ин раванд нақши махсус дорад. Платформаҳои онлайн, саҳифаҳои расмӣ, харитаҳои рақамӣ, системаи фармоиш, пардохти электронӣ ва маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд хароҷоти ҷустуҷӯи муштариро кам намуда, имконияти фурӯши хизматрасониро зиёд намоянд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳатто як хонаи меҳмонии хурд дар деҳаи кӯҳӣ метавонад тавассути интернет ба бозори байналмилалӣ барояд, агар маълумот дуруст, боэътимод ва дастрас пешниҳод карда шавад.

Механизми дигари муҳим ташкили кластерҳои сайёҳӣ мебошад. Кластер имкон медиҳад, ки соҳибкорон, мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ дар атрофи маҳсулоти умумии сайёҳӣ муттаҳид шаванд. Дар чунин шароит хароҷоти таблиғ, омӯзиш ва ташкили хатсайрҳо камтар шуда, сифати хизматрасонӣ бештар ҳамоҳанг мегардад. Кластерҳо метавонанд барои минтақаҳои дорои иқтидори табиӣ, фарҳангӣ ё экологӣ самаранок бошанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ сайёҳӣ ҳамчун соҳае баррасӣ мешавад, ки талаботи ҷаҳониро бо таъминкунандагони маҳаллӣ мепайвандад ва барои соҳибкорони хурду миёна имкониятҳои воридшавӣ ба занҷири арзишро фароҳам меорад [8]. Ин хусусият барои Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад, зеро аксари маҳсулоти сайёҳӣ метавонанд дар асоси захираҳои маҳаллӣ ва иштироки аҳолии маҳаллӣ ташаккул ёбанд.

Самаранокии механизмҳои ҳавасмандгардонӣ аз он вобаста аст, ки онҳо ба мушкилоти воқеии соҳибкорон ҷавоб медиҳанд ё не. Масалан, агар мушкили асосӣ набудани роҳ бошад, қарзи имтиёзнок танҳо наметавонад натиҷаи баланд диҳад; агар мушкили асосӣ набудани малакаи маркетингӣ бошад, имтиёзи андозӣ кофӣ нест; агар мушкили асосӣ набудани маълумоти боэътимод бошад, бояд марказҳои иттилоотӣ ва платформаҳои рақамӣ тақвият дода шаванд. Аз ин рӯ, ҳар як минтақа бояд дар асоси таҳлили эҳтиёҷоти худ бастаи махсуси ҳавасмандгардониро истифода намояд.

Ҷадвали 2. Механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва самараи онҳо дар сайёҳӣ

№	Механизм	Воситаҳои татбиқ	Гурӯҳи мақсаднок	Самараи эҳтимолӣ
1	Молиявӣ	Қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, субсидияҳо, кафолатҳои қарзӣ	Соҳибкорони хурду миёна, хонаҳои меҳмонӣ, ширкатҳои сайёҳӣ	Афзоиши сармоягузорӣ, навсозии хизматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ
2	Андозӣ	Имтиёзҳои муваққатӣ, содагардонии ҳисобот, дастгирии фаъолияти расмӣ	Субъектҳои навтаъсис ва фаъолони минтақаҳои дурдаст	Коҳиши хароҷоти ибтидоӣ ва баланд шудани шаффофияти фаъолият
3	Инфрасохторӣ	Роҳҳо, алоқа, нишонагузорӣ, марказҳои иттилоотӣ, санитария	Минтақаҳои сайёҳии табиӣ ва фарҳангӣ	Беҳтар шудани дастрасӣ ва баланд гардидани қаноатмандии сайёҳон
4	Таълимӣ	Курсҳо, тренингҳо, машваратҳо, дастурҳои амалӣ	Роҳбаладон, менеҷерон, соҳибони хонаҳои меҳмонӣ	Баланд шудани малакаи хизматрасонӣ ва идоракунии сифат

№	Механизм	Воситаҳои татбиқ	Гурӯҳи мақсаднок	Самараи эҳтимолӣ
5	Маркетингӣ ва рақамӣ	Сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои фармоиш, брендсозии минтақа	Ҳамаи субъектҳои бозори сайёҳӣ	Афзоиши дастрасӣ ба бозор ва шинохти маҳсулоти сайёҳӣ
6	Институтсионалӣ	Кластерҳо, ассотсиатсияҳо, шарикии давлату бахши хусусӣ	Мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ	Ҳамоҳангсозии фаъолият ва истифодаи самараноки захираҳо

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Муҳокима. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори баланди сайёҳӣ мебошад, аммо табдил додани ин иқтидор ба натиҷаи устувори иқтисодӣ аз иштироки соҳибкорон ва сифати муҳити соҳибкорӣ вобаста аст. Дар кишвар имкониятҳои васеи рушди сайёҳии кӯҳӣ, экологӣ, таърихию фарҳангӣ, табобатию солимгардонӣ, деҳотӣ ва ҳунармандӣ мавҷуданд. Ҳар яке аз ин самтҳо метавонад барои соҳибкорони хурд ва миёна бозори махсус эҷод намояд, агар дастрасӣ ба инфрасохтор, маълумот, сармоя ва омӯзиш таъмин карда шавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими Тоҷикистон ҷойгиршавии қисми зиёди захираҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст мебошад. Ин ҳолат аз як тараф ҷолибияти табиӣ ва аслияти фарҳангиро зиёд мекунад, аз тарафи дигар барои соҳибкорон монеаҳои инфрасохторӣ ва логистикӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ бояд бо рушди роҳҳо, алоқа, интернет, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва бехатарии сафар ҳамоҳанг карда шавад.

Хусусияти дуюм мавсимӣ будани қисми зиёди хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад. Дар бисёр минтақаҳо ҷараёни сайёҳон дар фаслҳои муайян зиёд шуда, дар дигар фаслҳо кам мешавад. Ин ҳолат ба гардиши маблағ ва қобилияти пардохти соҳибкорон таъсир мерасонад. Барои коҳиш додани мавсимият зарур аст, ки маҳсулоти гуногуни сайёҳӣ ташаккул дода шавад: сафарҳои фарҳангӣ, фестивалҳо, сайёҳии зимистона, сайёҳии солимгардонӣ, агросайёҳӣ ва чорабиниҳои маърифатӣ.

Хусусияти сеюм зарурати ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба соҳибкорӣ мебошад. Сайёҳӣ танҳо дар сурате метавонад ба рушди воқеии минтақаҳо мусоидат кунад, ки аҳолии маҳаллӣ аз он манфиат гирад. Ташкили хонаҳои меҳмонӣ, фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ, пешниҳоди таомҳои миллӣ, роҳбаладии маҳаллӣ ва иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки аз захираҳои худ даромад ба даст орад. Ин раванд ҳамзамон ба нигоҳдории мероси фарҳангӣ ва баланд шудани худшиносии маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Хусусияти чорум аҳамияти ҳифзи муҳити зист мебошад. Захираҳои табиӣ асоси бисёр маҳсулоти сайёҳии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Агар соҳибкорӣ бе риояи меъёрҳои экологӣ рушд кунад, худи заминаи рушди сайёҳӣ осеб мебинад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонӣ бояд соҳибкоронро ба истифодаи оқилонаи захираҳо, идоракунии партовҳо, сарфаи обу энергия ва ташкил намудани хатсайрҳои масъулона равона созад. Дар адабиёти илмӣ рушди устувор ҳамчун шарти асосии мутобиқати манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар сайёҳӣ баррасӣ мегардад [5].

Хусусияти панҷум зарурати рушди кадрҳои касбӣ мебошад. Сайёҳии муосир ба мутахассисоне ниёз дорад, ки забонҳои хориҷиро донанд, стандартҳои хизматрасонӣ ва амниятро риоя намоянд, бо технологияҳои рақамӣ кор кунанд ва хусусиятҳои фарҳангии сайёҳонро фаҳманд. Донишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои омӯзишӣ метавонанд дар ин самт бо соҳибкорон ҳамкорӣ намуда, барномаҳои кӯтоҳмуддати амалӣ пешниҳод кунанд.

Хусусияти шашум аҳамияти брендсозии минтақаҳо мебошад. Барои ҷалби сайёҳон танҳо зикри номи умумии кишвар кофӣ нест; ҳар як минтақа бояд симои муайяни сайёҳӣ дошта бошад. Масалан, як минтақа метавонад ҳамчун маркази сайёҳии кӯҳӣ, дигаре ҳамчун минтақаи фарҳангӣ, сеюм ҳамчун самти экологӣ ё солимгардонӣ муаррифӣ шавад. Соҳибкорон дар ин раванд нақши муҳим доранд, зеро онҳо маҳсулоти воқеиро ба сайёҳ пешниҳод мекунанд.

Хусусияти ҳафтум зарурати беҳтар намудани робитаи байни мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон мебошад. Бисёр мушкилоти соҳибкорон танҳо дар сатҳи корхона ҳал намешаванд; онҳо ба иҷозатдиҳӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба маълумот ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ вобастаанд. Аз ин рӯ, бояд майдонҳои доимии муколама, шӯроҳои машваратӣ, вохӯриҳои минтақавӣ ва механизмҳои пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо фаъол гардонида шаванд.

Хусусияти ҳаштум мавқеи ҷавонон ва занон дар соҳибкории сайёҳӣ мебошад. Ин соҳа имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалб шаванд. Хизматрасониҳои роҳбаладӣ, тарҷумонӣ, маркетинги рақамӣ, ҳунармандӣ, хӯроки миллӣ ва идоракунии хонаҳои меҳмонӣ метавонанд барои занон ва ҷавонон манбаи даромад ва рушди малакаҳои касбӣ гарданд. Аз ин рӯ, барномаҳои ҳавасмандгардонӣ бояд ба ин гурӯҳҳо диққати махсус диҳанд.

Дар шароити Тоҷикистон ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бояд минтақавӣ, мақсаднок ва марҳилавӣ бошад. Дар минтақаҳое, ки инфрасохтор заиф аст, пеш аз ҳама роҳҳо, хизматрасониҳои асосӣ ва дастрасӣ беҳтар карда шаванд; дар минтақаҳое, ки маҳсулоти сайёҳӣ мавҷуд аст, маркетинг ва рақамикунонӣ тақвият ёбанд; дар минтақаҳое, ки соҳибкорӣ нав оғоз меёбад, омӯзиш ва дастгирии молиявӣ аҳамияти бештар

доранд. Такмили сиёсати ҳавасмандгардонӣ бояд ба ташкили низоми ягонаи дастгирӣ равона гардад. Ин низом метавонад қарзҳои имтиёзнок, грантҳо, марказҳои машваратӣ, омӯзиши соҳибкорон, ҷорӣ намудани стандартҳои сифат, рушди маркетинги рақамӣ ва ташкили кластерҳои сайёҳиро дар бар гирад.

Ҳамзамон, дастгирии соҳибкорӣ бояд бо талаботи иҷтимоӣ ва экологӣ мувофиқ бошад. Лоиҳаҳое, ки ба ҳифзи табиат, рушди ҳунармандӣ, дастгирии аҳолии маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд, бояд бештар ҳавасманд гардонида шаванд. Дар маҷмӯъ, татбиқи чунин чорабиниҳо метавонад ба рушди соҳибкорӣ, баланд шудани сифати хизматрасонӣ, афзоиши даромади маҳаллӣ ва тақвияти ҷолибияти сайёҳии минтақаҳои Тоҷикистон мусоидат намояд [11].

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар сайёҳӣ

№	Гурӯҳи нишондиҳандаҳо	Мазмуни нишондиҳанда	Аҳамияти таҳлилӣ
1	Иқтисодӣ	Ҳаҷми сармоягузорӣ, даромади субъектҳо, шумораи корхонаҳои нав, пардохтҳои андозӣ	Муайян намудани саҳми соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди маҳаллӣ
2	Иҷтимоӣ	Ҷойҳои корӣ, иштироки занон ва ҷавонон, даромади аҳолии маҳаллӣ	Арзёбии таъсири сайёҳӣ ба сатҳи зиндагӣ ва шуғли аҳолӣ
3	Бозорӣ	Шумораи сайёҳон, сатҳи қаноатмандӣ, такрори сафар, шумораи фармоишҳои онлайн	Муайян намудани рақобатпазирӣ ва ҷолибияти маҳсулоти сайёҳӣ
4	Инфрасохторӣ	Сифати роҳҳо, дастрасии интернет, марказҳои иттилоотӣ, нуқтаҳои санитарӣ	Арзёбии шароити умумии фаъолияти соҳибкорӣ
5	Экологӣ	Идоракунии партовҳо, сарфаи захираҳо, ҳифзи минтақаҳои табиӣ, риояи меъёрҳои экологӣ	Муайян намудани мутобиқати соҳибкорӣ ба принсипҳои рушди устувор

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси ҷамъбасти равишҳои назариявӣ ва нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ.

Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ набояд танҳо бо дастгирии молиявӣ маҳдуд гардад. Барои муваффақияти лоиҳаҳои сайёҳӣ соҳибкорон бояд ҳамзамон ба қарзҳои имтиёзнок, иттилооти зарурӣ, кадрҳои соҳибихтисос, инфрасохтор, бозор ва шарикони боэътимод дастрасӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонӣ бояд ҳамчун низоми ягона ва бо ҳам алоқаманд амалӣ карда шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки барои Тоҷикистон истифодаи муносибати минтақавӣ аҳамияти калон дорад, зеро ҳар як минтақа дорои имкониятҳои гуногуни сайёҳӣ мебошад. Масалан, дар баъзе минтақаҳо сайёҳии кӯҳӣ, дар дигар минтақаҳо сайёҳии фарҳангӣ, экологӣ ё табобатию солимгардонӣ афзалият дорад. Аз ин рӯ, барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ бояд ба хусусият ва имкониятҳои ҳар як минтақа мутобиқ гардонида шаванд.

Ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ метавонад рушди сайёҳиро дар сатҳи маҳаллӣ фаъол намояд. Ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба хизматрасонӣ, роҳбаладӣ, истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ ва ташкили объектҳои хурди сайёҳӣ ба афзоиши даромад, таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди иқтисоди минтақаҳо мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, дастгирии соҳибкорӣ бояд бо талаботи экологӣ мувофиқ бошад. Афзоиши шумораи сайёҳон набояд боиси зиёд шудани фишор ба муҳити зист гардад. Аз ин рӯ, дар лоиҳаҳои сайёҳӣ истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, идоракунии партовҳо, ҳифзи манзараҳо ва кам кардани таъсири манфӣ ба экосистемаҳо бояд ба назар гирифта шавад. Аз нуқтаи назари амалӣ, дар минтақаҳои дорои иқтидори баланди сайёҳӣ татбиқи барномаҳои пилотии дастгирии соҳибкорӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ин барномаҳо метавонанд омӯзиши соҳибкорон, пешниҳоди грант ё қарзи хурд, кӯмак дар маркетинг, пайваст намудани онҳо бо ширкатҳои сайёҳӣ ва назорати натиҷаҳоро дар бар гиранд.

Дар маҷмӯъ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба рушди маҳсулоти рақобатпазир, баланд шудани сифати хизматрасонӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва беҳтар гардидани симои сайёҳии кишвар мусоидат менамояд. Самаранокии он аз ҳамоҳангии чорабиниҳои дастгирӣ, шаффофияти татбиқ ва мутобиқати сиёсати давлатӣ ба талаботи воқеии бозор вобаста мебошад [5].

Хулоса. Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ яке аз шартҳои асосии рушди устувор ва рақобатпазирии соҳа мебошад. Соҳибкорон дар ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасонӣ, ҷалби сайёҳон ва таъсиси ҷойҳои корӣ нақши муҳим доранд. Бе иштироки фаъоли бахши хусусӣ имкониятҳои табиӣ, таърихӣ ва фарҳангии кишвар ба натиҷаи назарраси иқтисодӣ табдил ёфта наметавонанд. Таҳқиқот нишон дод, ки ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ бояд хусусияти комплексӣ дошта бошад. Барои ин танҳо дастгирии молиявӣ кофӣ набуда, рушди инфрасохтор, омӯзиш, рақамикунонӣ, маркетинг ва стандартҳои сифат низ зарур аст. Дар Тоҷикистон барномаҳои дастгирӣ бояд ба хусусиятҳои минтақавӣ мутобиқ гардонда шаванд. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ва деҳот ҷалби аҳолии маҳаллӣ, занон ва ҷавонон ба хизматрасониҳои сайёҳӣ метавонад ба афзоиши даромад ва коҳиши бекорӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, рушди соҳибкорӣ бояд бо талаботи экологӣ ва принсипҳои рушди устувор мувофиқ бошад. Самтҳои асосии такмил аз рушди маҳсулоти молиявии махсус, инфрасохтор, омӯзиш, маркетинги рақамӣ, кластерҳои сайёҳӣ ва содагардонии расмиёти маъмурӣ иборатанд.

Амалӣ намудани ин чораҳо метавонад ба баланд шудани сифати хизматрасонӣ, рақобатпазирии соҳа ва афзоиши саҳми сайёҳӣ дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ». — Душанбе, 2020. — URL: mmk.tj (санаи мурочиат: 22.05.2026).

2. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. — Душанбе, 2018. — URL: ctd.tj (санаи мурочиат: 22.05.2026).

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». — Душанбе, 2014, бо тағйиру иловаҳо. — URL: ncz.tj (санаи мурочиат: 22.05.2026).

4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. — Душанбе, 2016. — URL: mewr.tj (санаи мурочиат: 22.05.2026).

5. World Tourism Organization, UNDP. Tourism and the Sustainable Development Goals – Journey to 2030. — Madrid: UNWTO, 2017. — URL: undp.org (санаи мурочиат: 22.05.2026).

6. World Tourism Organization. Tourism and Rural Development: A Policy Perspective. — Madrid: UNWTO, 2023. — URL: UNWTO publication (санаи мурочиат: 22.05.2026).

7. World Bank. Value Chain Analysis of the Tourism Sector in Tajikistan. — Washington, DC: World Bank, 2017. — URL: worldbank.org (санаи мурочиат: 22.05.2026).

8. World Bank. Tourism: Investing in Tourism. — 2025. — URL: worldbank.org (санаи мурочиат: 22.05.2026).

9. Александрова А. Ю. Международный туризм: учебник. — М.: КНОРУС, 2016. — 460 с.

10. Биржаков М. Б. Введение в туризм: учебное пособие. — СПб.: Герда, 2008. — 576 с.

11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ». — Душанбе, 2024. — URL: faolex.fao.org (санаи мурочиат: 22.05.2026).

12. Квартальнов В. А. Туризм: учебник. — М.: Финансы и статистика, 2002. — 320 с.

13. Сохибов А. Н. Экономические аспекты экологического туризма в Таджикистане: оценка возможностей // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. — 2025. — № 3(58). — EDN MDXBPR.

14. Сохибзода А. Н. Экотуризм как инструмент экологической защиты и устойчивого развития горных территорий Таджикистана // Вестник Ассоциации вузов туризма и сервиса. — 2025. — Т. 19, № 2. — С. 57–65. — EDN KEFNUQ.

УДК:336.7

ЗАХИРАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА УСТУВОРИИ ҚУРБИ ПУЛИ МИЛЛӢ

Аҳадов Исматилло Қаюмович
н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru
Шарбатов Сорбон Сулаймонович
ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 003-99-75-15. E-mail: ansor.hayrov@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи моҳият ва аҳамияти захираҳои байналмилалӣ дар таъмини устувории қурби пули миллӣ бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқот нақши захираҳои тиллоиву асъорӣ ҳамчун воситаи муҳими танзими бозори асъор, нигоҳдории мувозинати пулию қарзӣ ва ҳифзи суботи молиявӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таъсири захираҳои байналмилалиро ба паст намудани хавфҳои асъорӣ, баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ ва таъмини амнияти иқтисодии давлат арзёбӣ намудааст. Ҳамчунин, самтҳои такмили сиёсати идоракунии захираҳои байналмилалӣ дар шароити тағйирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна муайян гардидаанд.

Калидвожаҳо: захираҳои байналмилалӣ, захираҳои тиллоиву асъорӣ, қурби пули миллӣ, сиёсати асъорӣ, суботи молиявӣ, сиёсати пулию қарзӣ, бозори асъор, Бонки марказӣ.

МЕЖДУНАРОДНЫЕ РЕЗЕРВЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА УСТОЙЧИВОСТЬ КУРСА НАЦИОНАЛЬНОЙ ВАЛЮТЫ

Ахадов Исматилло Каюмович
к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. Электронная почта: im-yusuf@mail.ru.
Шарбатов Сорбон Сулаймонович
ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 003-99-75-15. E-mail: ansor.hayrov@mail.ru

Данная статья посвящена исследованию сущности и значения международных резервов в обеспечении устойчивости курса национальной валюты. В процессе исследования проанализирована роль золотовалютных резервов как важного инструмента регулирования валютного рынка, поддержания денежно-кредитного равновесия и обеспечения финансовой стабильности. Автором дана оценка влияния международных резервов на снижение валютных рисков, повышение доверия к банковской системе и обеспечение экономической безопасности государства. Также определены направления совершенствования политики управления международными резервами в условиях изменений мировой экономики и воздействия внешних факторов.

Ключевые слова: международные резервы, золотовалютные резервы, курс национальной валюты, валютная политика, финансовая стабильность, денежно-кредитная политика, валютный рынок, центральный банк.

INTERNATIONAL RESERVES AND THEIR IMPACT ON THE STABILITY OF THE NATIONAL CURRENCY EXCHANGE RATE

Ahadov Ismatillo Qayumovich
Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.
Sharbatov Sorbon Sulaymonovich
assistant Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 003-99-75-15. E-mail: ansor.hayrov@mail.ru

This article is devoted to the study of the essence and importance of international reserves in ensuring the stability of the national currency exchange rate. The research analyzes the role of gold and foreign exchange reserves as an important instrument for regulating the foreign exchange market, maintaining monetary balance, and ensuring financial stability. The author assesses the impact of international reserves on reducing currency risks, increasing confidence in the banking system, and ensuring the economic security of the state. The study also identifies directions for improving international reserve management policy under conditions of global economic changes and the influence of external factors.

Keywords: international reserves, gold and foreign exchange reserves, national currency exchange rate, exchange rate policy, financial stability, monetary policy, foreign exchange market, central bank.

Муқаддима. Одатан дар иқтисодиёт зери мафҳуми захираҳои байналмилалӣ ё захираҳои байналмилали бонки марказӣ тилло, металҳои қиматбаҳо, асъорҳои озод мубодилашаванда, уҳдадориҳои шахсон бо асъорҳои озод бадалшаванда дар ташкилотҳои қарзӣ гузошташуда, коғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ ифодаёфта, ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ ва маблағҳои асъории бонкҳои марказӣ дар Хазинаи байналмилалии асъорбуда фаҳмида мешавад.

Методология. Дар таҳқиқи мақола методҳо ва усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ ва иқтисодиву оморӣ истифода шудаанд. Муаллифон дар кори таҳқиқотии худ ҷанбаҳои назариявии захираҳои байналмилалиро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, таъсири онро дар пасту баландшавии қурби асъори миллӣ муайян намудаанд. Илова бар ин, муаллифон пешниҳод мекунанд, ки дар захираҳои байналмилалии давлат дар шароити муосир васеъ ва самаранок истифода шаванд. Ҳамаи ин бояд бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, сатҳи рушди иқтисод ва имкониятҳои оморӣ таҳия ва такмил дода шаванд.

Мақсади таҳқиқот аз муайян намудани таъсири захираҳои байналмилалӣ қурби асъори миллӣ иборат аст, ки дар ҳолати дуруст ва самаранок истифода намудани устувор гашта, дар сатҳи кифоя ташкил намудани он боиси устувории молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳо. Дар низоми пуливу қарзии ҳар як мамлакат мафҳуми захираҳои пулию асъорӣ ва тиллоӣ истифода мегардад, ки ин яке аз захираҳои боэътимоди мамлакат ва бонки маркзии он ба ҳисоб меравад. Зеро ки пардохтпазирии ин захираҳо хеле баланд буда, дар ҳама ҳолат дастгири ҳолати молиявии давалат ва танзимкунандаи сиёсати пуливу қарзӣ ва асъории давлат ба ҳисоб меравад.

“Захираҳои асъорӣ - захираҳои расмии асъори хориҷӣ дар бонки марказӣ ва мақомоти молиявии кишвар ё дар ташкилотҳои байналмилалии пулӣ ва қарзӣ, ки асосан барои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, дар сурати ҳолатҳои ғайричашмдошт, инчунин барои мақсадҳои ба даст овардани даромад ва танзими бозори асъор пешбинӣ шудаанд”[7].

Захираҳои тиллоиву асъории мамлакатро барои тиҷорати байналмилалӣ ва ҳисоббаробаркунии байни онҳо истифода менамоянд. Дар баробари ин, ба воситаи ин захираҳо имконият ҳаст ки касри буҷети давлатӣ ба танзим дароварда шавад ва тавозуни парохт низ танзим карда мешавад.

Аз рӯи моҳият ва зарурати он муайян намудан мумкин аст, ки ин намуди захира барои давлат ҳамчун сипар дар ҳама ҳолат, аз ҷумла дар ҳолати ноустувории молиявӣ баромад мекунад. Дар умум “захираҳои асъори хориҷӣ ба Бонки марказӣ дар шароити ноустувории бозори ҷаҳонӣ чандирӣ ва устувории бештар медиҳанд”[8].

Шароити ноустуворӣ ҳамеша низоми пуливу қарзӣ ва асъории мамлакатро таҳдид намуда, метавонад ҳар лаҳза ба ин низом таъсири манфии худро расонад. Зеро ки шароити иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳонӣ номуътадил буда, иконияти сар задани ҳар гуна бухронҳо дар низомҳои иқтисодиву молиявӣ аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин, доштани захираҳои байналмилалӣ дар ҳар давру замон ҳамчун кафили устуворӣ дар ҳолатҳои гуногуни молиявӣ мебошад.

Дар аксарият давлат аз ҳама бештар дар таркиби захираҳои худ асъори хориҷиро нигаҳ медоранд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳангоме ки таъсири асъори хориҷӣ бо баланд гардидани қурби худ ба иқтисодиёт бештар мерасад, аз он истифода намуда, таъсирро ба иқтисодиёт коҳиш диҳанд. Чи тавре ки захираҳои асъориро дар “Луғати калони иқтисодӣ” шарҳ медиҳанд: “Захираҳои асъори хориҷӣ захираҳои тилло ва асъори хориҷӣ мебошанд, ки аз ҷониби бонки марказӣ ва мақомоти пулии кишвар ё аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии пулӣ нигоҳ дошта мешаванд. Захираҳои асъори хориҷӣ асъорҳои захиравӣ (SDR) ва мавқеи захиравии кишварро дар Хазинаи Байналмилалии Асъор дар бар мегиранд”[6].

Албатта, захираҳои асъориро дар ҳар таҳқиқоту китобҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ҳар ном муаррифӣ менамоянд, аммо таркиби он ягона буда, бештар аз тиллову асъорҳои хориҷӣ ва дигар воситаҳои бо асъорҳои хоиҷӣ ифодаёфта иборат аст.

Яке аз вазифаҳои асосии захираҳои тиллоиву асъории мамлакат ин нигоҳ доштани қурби пули миллӣ ва танзим намудани он ба ҳисоб меравад. Чи тавре ки маълум аст, устувор нигоҳ доштани қурби асъор ин вазифаи сиёсати пуливу қарзӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи он танзимкунандаи сиёсати пуливу қарзӣ ба воситаи захираҳои тиллоиву асъорӣ устувории қурбро таъмин менамояд.

Таҳқиқотгар Федулова С.Ф. чунин ақаида дорад, ки “Захираҳои тилло ва асъор дороиҳои пардохтпазириашон баланд мебошанд, ки зуд ба пули нақд табдил меёбанд ва таҳти назорати мақомоти пулӣ ва молиявӣ (мақомоти танзимкунандаи пулию молиявии давлатӣ) қарор доранд. Захираҳои тилло ва асъор дороиҳои асъори хориҷӣ, захираҳои тиллои пулӣ ва захираҳо дар Сандуқи Байналмилалии Асъорро дар бар мегиранд”[9].

Ин захираҳо барои татбиқ наудани мақсадҳои дар сиёсати пуливу асъорӣ ва қарзии давлат мавҷудбуда нақши асосиро бозида, онҳо ҳамчун воситаи танзимкунандаи мақоми танзимӣ ба ҳисоб мераванд.

“Захираҳои байналмилалии кишвар дороиҳои берунаро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби мақомоти пулию қарзӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои маблағгузории касри тавозуни пардохт, дахолат ба бозорҳои асъор барои таъсир расонидан ба қурби асъор ва барои дигар мақсадҳои марбут (масалан, нигоҳ доштани эътимод ба пули миллӣ ва иқтисодиёт ва ҳамчун асос барои қарзгирии хориҷӣ) дастрас ва назорат карда мешаванд”[1].

Тавре ки мо аз таҷрибаи солҳои гузашта мушоҳида намудем, таъсири қурби асъор ба иқтисоодиёт беандоза буда, бухронҳои асъорӣ метавонанд ба низоми молиявии ҳар як мамлакат таъсири манфӣ расонанд. Аксари давлатҳои ҷаҳон ки бевосита аз асъори хориҷӣ вобастагӣ доранд, пасту баланд гардидани қурби онҳо ба иқтисодиёт таъсир расонида метавонад низоми қарзиву бонкии он мамлакатро вайрон намуда, дар маҷмуъ ба иқтисодиёти мамлакат оқибатҳои ногуворро ба бор орад.

Ҳамчунин, мамлакатҳо барои пардохти қарзҳо ва дигар пардохтҳои байналмилалӣ аз асъори хориҷӣ истифода намуда, дар баробари ин, ба воситаи асъори хориҷӣ хариди молу маҳсулот ва хизматрасониро аз давлатҳои дигар ба анҷом мерасонад. Бинобар ин, зарурати ҷамъоварӣ ва нигаҳдории асъори хориҷӣ барои ҳар як давлат муҳим арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, захираҳои тиллоиву асъории мамлакат ҳамчун кафили пардохти қарзи хориҷӣ дар ҳолатҳои ногувор шуморида мешавад.

Одатан захираҳои асъорӣ барои танзим намудани муносибатҳои молиявии байни давлатҳо хизмат намуда, ба воситаи он ҳисоббаробаркуниҳо дар сатҳи байналмилалӣ ба анҷом расонида мешаванд. Дар таърих таҷрибаҳое ба қайд гирифта шуданд, ки ҳатто давлатҳои сотсиалистӣ низ аз захираҳои тиллоиву асъорӣ ҳангоми муносибатҳои молиявӣ бо давлатҳои капиталистӣ истифода намудаанд.

Захираҳои тилло ва асъор барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, маблағгузории тавозуни пардохт ва касри тиҷоратии кишвар, пардохти қарзи берунаи давлат, анҷом додани дахолатҳои асъорӣ барои устувор кардани қурби асъори миллӣ, афзоиши пардохтпазирӣ ва барои дигар мақсадҳо истифода мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳадафҳои асосии таъсиси захираҳои тилло ва асъор кафолат додани пардохтпазирии кишвар дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва нигоҳ доштани қурби зарурии асъори миллӣ, инчунин нигоҳ доштани устуворӣ ва устувории иқтисоди кишвар мебошанд.

Бинобар ин, захираҳо аз тилло ва асъорҳое ташкил карда мешаванд, ки онҳо дорои қобилияти пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ буда, дар ҳама ҳолат тавонанд, баҳри қонеъ намудани талаботи ҷомеа хизмат намоянд. “Дороиҳои захиравӣ бояд дороиҳои мавҷуда бо асъори хориҷии озодона истифодашаванда бошанд. Дороиҳои захиравӣ инчунин метавонанд дороиҳоеро дар бар гиранд, ки бо тилло ифода ёфтаанд ва Ҳуқуқҳои махсуси қарзгирӣ (SDR) мебошанд”[1].

Дар ин ҳолат онҳо метавонанд зуд ба дигар асъоре ки ба иқтисодиёт зарур аст ва ё талабот ба он афзоиш ёфтааст, табдил гардад ва ҳолати номуътали муомилоти пулиро ба танзим дарорад. Ин ҳам бошад дар ҳолате ба амал меояд, ки дар таркиби он асъорҳои озодбадалшаванда ба қадри кофӣ ҷамъоварӣ гардида бошад. Ин гурӯҳи асъорҳо дар ҳама ҳолат метавонанд пардохтпазирии байналмилалии давлатро таъмин намуда, дар баробари ин, дигар вазифаҳоро доир ба танзими пулӣ дар дохили давлат зери назорат гиранд.

“Ҳадафҳои асосии таъсиси захираҳои тилло ва асъор кафолат додани қобилияти пардохтпазирии кишвар дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва нигоҳ доштани қурби зарурии асъори миллӣ, инчунин нигоҳ доштани устуворӣ ва устувории иқтисодиёти кишвар мебошанд”[9].

Дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон муайян гардидааст, ки доштани захираҳои кофии тиллоиву асъорӣ нишона аз устувории молиявии давлат шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, давлатҳо кӯшиш менамоянд, то захирааҳои тиллоиву асъории худро мунтазам ташаккул дода, онро ҳамчун воситаи устувории иқтисодӣ нигоҳ доранд.

“Яке аз нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ захираҳои байналмилалии (тилло ва асъори хориҷӣ)-и кишвар мебошад. Устуворӣ ва устувории молиявии кишвар на танҳо аз рӯи андозаи захираҳои он, балки аз рӯи сохтори оптималӣ ва самаранокии идоракунии онҳо низ муайян карда мешавад” [5].

Тавре ки қайд гардид, захираҳои байналмилалӣ нишонаи устувории иқтисодӣ буда, он яке аз нишондиҳандаҳои муҳими макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Асосан на доштани он ба иқтисодиёт бартарӣ медиҳад, балки истифодаи дуруст ва самараноки он метавонад ба манфиати кор гардида, тавонад иқтисодиётро устувор нигоҳ дорад.

Аз ин рӯ, идоракунии захираҳои байналмилалӣ дар танзими сиёсати пуливу қарзӣ зарур буда, он метавонад дар ҳолатҳои ногувори иқтисодӣ устувории қурби пули миллиро дар як сатҳи муътадил нигоҳ дорад. Он барои пешгирии инфилятсия низ ҳамчун воситаи муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамеша танзими пулӣ ба ин восита ба роҳ монда мешавад.

Чи тавре ки Малахова, Т. С. Дар кори таҳқиқотии худ қайд намудааст: “Механизми идоракунии захираҳои тилло ва асъори ҳар як кишвар, аз як тараф, бо бисёр омилҳо муайян карда мешавад ва аз тарафи дигар, он на танҳо барои танзими пулию қарзӣ, балки барои пардохтпазирии байналмилалии давлат ва вектори стратегии рушди он низ замина фароҳам меорад” [5].

Тибқи ақидаи олими соҳа захираҳои байналмилалӣ на танҳо барои танзими пулӣ ва пардохтпазирии байналмилалии давалат, балки он дорои ҳадафҳои стратегӣ низ мебошад. Бинобар ин, ташкили муваффақонаи захираи байналмилалӣ барои рушди ояндаи кишвар ва қадамҳои устувори он дар роҳи рушд аҳамияти беандоза дошта, он метавонад боварии давлатро дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ бештар ва боэътимодтар гардонад.

Ҳамчунин, таҳқиқотгар доир доир ба ин масъала аз нигоҳи дигар иброз доштааст, ки “Захираҳои тилло ва асъори давлатҳоро бояд ҳамчун захираи суғуртавӣ баррасӣ кард, ки иқтисодиёти миллиро аз намудҳои гуногуни хатарҳои макроиқтисодӣ муҳофизат мекунад, аз ин рӯ, кифоятиии онҳо тавассути робита бо дигар параметрҳои макроиқтисодӣ: ММД, воридот, қарзи беруна, ҳаҷми пул арзёбӣ карда мешавад” [5].

Аз рӯи ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки захираҳои байналмилалӣ барои давлат ҳамчун захираи пасандозӣ ва ё суғуртавӣ баромад намуда, иқтисодиёти давлатро дар ҳама ҳолат ва аз ҳама таҳдидҳо эмин нигоҳ медорад. Ҳамчунин, дар баробари ин яке аз вазифаҳои асосии ин захираҳо нигоҳ доштани қурби асъори мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар Луғати калони иқтисодӣ мафҳуми захираҳои байналмилалӣ ба тарзи зерин шарҳ дода мешавад: “Дар муҳити қурби мубодилавии асъори шинокунанда, захираҳои асъори хориҷӣ яке аз воситаҳои асосии нигоҳдории қурби асъор мебошанд. Захираҳои асъори хориҷӣ асосан барои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, барои ҳолатҳои фавқулодда, инчунин барои ба даст овардани даромад ва танзими бозори асъор пешбинӣ шудаанд” [6].

Тавре ки Лев, М. Ю. иброз медорад: “Ҳадафҳои асосии идоракунии захираҳои байналмилалӣ таъмини дастрасӣ ва ҳисоботдиҳӣ ба мақомоти пулии кишвар барои қонеъ кардани ниёз ба маблағгузории касри тавозуни пардохт, дахолат ба бозорҳои асъор барои таъсири мусбат ба қурби асъори миллӣ, тақвияти эътимод ба иқтисодиёт ва фароҳам овардани замина барои қарзгирии беруна мебошанд” [3].

Одатан, дар шароити муосир қурби асъорро ба воситаи қурби асъори хориҷӣ муайян менамоянд. Бинобар ин, нигоҳ доштан ва захира намудани асъори хориҷӣ барои иқтисодиёти имрӯзаи мо зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад, зеро ки дар ҳолати ноустувор гардидани қурби асъори миллӣ нисбат ба қурби асъори хориҷӣ асърҳои дар захирабуда, ҳамчун воситаи танзимкунандаи ҳолат ба ҳисоб мераванд. Дар ҳолати қайдгардида, асъори хориҷии заруриро ба муомилот бароварда, онро таъмин менамояд ва талаботи аҳолиро нисбат ба асъори хориҷӣ паст мегардонанд.

Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон пайваста қурби асъори давлатҳои хориҷиро нисбат ба қурби асъори миллӣ муайян менамояд, ки дар таҳқиқот мо давраи ҷамъбастии солро дида баромадаем.

Ҷадвали 1. Қурби пули миллӣ нисбат ба қурби асъори хориҷӣ дар солҳои 2020-2025

ВАҚТ	РАМЗ	ВОҲИДИ АНДОЗАГИРӢ	НОМИ АСЪОР	ҚУРБ
31.12.2020	840	1	Доллари ИМА	11.3000
	978	1	ЕВРО	13.8934
	810	1	Рубли Русия	0.1506
31.12.2021	840	1	Доллари ИМА	11.3000
	978	1	ЕВРО	12.7973
	810	1	Рубли Русия	0.1507
31.12.2022	840	1	Доллари ИМА	10.2024
	978	1	ЕВРО	10.8911
	810	1	Рубли Русия	0.1445
31.12.2023	840	1	Доллари ИМА	10.9571
	978	1	ЕВРО	12.0944
	810	1	Рубли Русия	0.1217
31.12.2024	840	1	Доллари ИМА	10.9325
	978	1	ЕВРО	11.4223
	810	1	Рубли Русия	0.1114
31.12.2025	840	1	Доллари ИМА	9.2513
	978	1	ЕВРО	10.8916
	810	1	Рубли Русия	0.1181

Сарчашма: https://www.nbt.tj/tj/kurs/kurs.php[2]. (Санаи мурочиат: 24.03.2026)

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда, муайян намудан мумкин аст, ки пули миллӣ дар давраи муайян қурби худро устувор нигоҳ дошта, ба назар мерасад, ки дар солҳои охир мустаҳкам низ гардидааст. Рақамҳои дар ҷадвал овардашуда охири соли ҳисоботиро дар бар гирифта, асосан 31-декабр ҳисоб карда шудааст. Чунки, қурби асъор ҳар рӯз ҳисоб ва эълон карда мешавад ва барои осон гардидани таҳлил гирифтани як давраи муайян зарур аст.

Чи тавре ки дида мешавад, дар интиҳои давраи шаш соли охир қариб пастравии қурби пули миллии мо ба назар намерасад, ҳарчанд ки дар ин давра баъзе тағйиротҳо ба назар мерасанд.

Дар ҳақиқат, захираҳои байналмилалӣ барои нигоҳдории қурбӣ дар ҳар як давлат хизмат намуда, асосан ба он асъорҳои дорои талаботи зиёд, аз ҷумла доллари ИМА бояд бештар нигаҳдорӣ карда шавад. Чунки дар шароити имрӯза талаботи субъектони иқтисодӣ ба ин намуди асъор бештар буда, он воситаи муомилоти ҷаҳонӣ низ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқотгари соҳа Лещенко Ю.Г. чунин ақида дорад, ки “Аксари ин захираҳо бо доллари ИМА нигоҳ дошта мешаванд, зеро он асъори аз ҳама бештар истифодашаванда дар ҷаҳон аст” [4].

Бинобар ин, таҳқиқ намудани қурби доллари ИМА дар як давра барои муайян намудани устувории қурби асъори миллӣ зарур буда, онро дар ҷадвали 2 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Тағйирёбии қурби доллари ИМА нисбат ба сомонӣ (2015-2025)

ВАҚТ	РАМЗ	ВОҲИДИ АНДОЗАГИРӢ	НОМИ АСЪОР	ҚУРБ
31.12.2015	840	1	Доллари ИМА	6.9902

31.12.2016	840	1	Доллари ИМА	7.8762
31.12.2017	840	1	Доллари ИМА	8.8190
31.12.2018	840	1	Доллари ИМА	9.4296
31.12.2019	840	1	Доллари ИМА	9.6872
31.12.2020	840	1	Доллари ИМА	11.3000
31.12.2021	840	1	Доллари ИМА	11.3000
31.12.2022	840	1	Доллари ИМА	10.2024
31.12.2023	840	1	Доллари ИМА	10.9571
31.12.2024	840	1	Доллари ИМА	10.9325
31.12.2025	840	1	Доллари ИМА	9.2513

Сарчашма: https://www.nbt.tj/tj/kurs/kurs.php[2]. (Санаи мурочиат: 24.03.2026)

Муҳокима. Таҳлили ҷадвал дар давоми 10 соли охир муайян менамояд, ки қурби асъор вобаста ба ҳолатҳои иқтисодӣ тағйирёбанда буда, метавонад зуд-зуд мвкеи худро иваз намояд. Аммо, бо вуҷуди ин, дар солҳои аввали давраи таҳлилшаванда тағйироти қурбӣ бештар ба назар расида, дар солҳои баъдтар яъне аз соли 2020 то соли 2025 поёнравӣ дида мешавад.

Агар мо қурби доллари ИМА-ро таҳлил намоем, муайян менамоем, ки дар соли 2015 6.99 сомонӣ, баъдтар дар соли 2020 11.30 сомонӣ, дар соли 2021 11.30 сомонӣ, дар соли 2022 10.20, дар соли 2023 10.95 сомонӣ, дар соли 2024 10.93 сомонӣ ва дар соли 2025 10.89 сомониро ташкил намуданд. Ин гувоҳи он аст, ки қурби доллари ИМА нисбат ба сомонӣ поён рафта истодааст ва ин раванд аз мустаҳкамшавии пули миллӣ шаҳодат медиҳад. Чунки, асосан пули миллиро нисбат ба доллари ИМА муайян намуда, пасту баландшавии қурби онро аз ҳамин тамоюл муайян мекунанд.

Ҳарчанд, ки дар солҳои 2015-2019 тамоюли болоравии қурби асъори хориҷӣ ба назар мерасад, аммо, дар солҳои баъдӣ ин раванд тамоман дигар гардид. Ҳамаи ин сабабҳои ба худ хосро дорад, яъне, дар солҳои 2015-2019 иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла иқтисодиёти миллиро як қатор мушкилотҳо ва бухронҳо таҳдид намуда, рукнҳои иқтисодиётро фалаҷ гардонида буданд. Ин мушкилотҳо ба тағйирёбии қурбӣ сабаб гардида, баъд аз бартарафи гардидани онҳо устувории қурби пули миллӣ низ рӯ ба болоравӣ ниҳод.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки захираҳои байналмилалӣ дар таъмини суботи молиявии кишвар ва барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ нақши арзанда дорад. Ҳаҷми кофии захираҳои байналмилалии бонки марказӣ ба он имкон медиҳад, ки дар ҳама ҳолат суботи молиявии худро нигоҳ дошта, баҳри бартараф намудани таконҳои беруна ҳамчун сипар истифода намояд. Ба ҳамин восита бонки марказӣ вазифаҳои худро дар самти идоракунии қурби асъор ва паст намудани таъсири хавҳо ба низоми молиявӣ иҷро менамояд. Инчунин, захираҳои байналмилалӣ ба нигоҳ доштани сатҳи таваррум таъсири худро расонида, дар тавозуни асъори хориҷӣ дар бозори асъори мамлакат нақшгузор ҳаст.

Бинобар ин, барои боз ҳам мукаммал гардонинидани механизми идоракунии захираҳои байналмилалӣ тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

1. Зарур аст, ки дар таркиби захираҳои байналмилалӣ танҳо як ду асъори хориҷиро ҷамъоварӣ нанамуда, балки шумораи асъорҳои истифодашавандаро афзоиш диҳанд. Ин намуди диверсификатсикунонӣ имкон медиҳад, ки хавфҳо кам гардида, поёну боло рафтани як асъор ба бозори дохилӣ таъсир намерасонад. Ҳамчунин, вобастагии давлат ва иқтисодиёти он аз як намуди асъор кам гардида, таъсири онро дар ҳар гуна ҳолат ба иқтисодиёт эҳсос наменамояд.
2. Дар ҳолати устувор ва босубот будани иқтисодиёти давлат захираҳои байналмилалӣ ба қадри кофӣ ҷамъоварӣ гардида, барои солҳои дигар ки эҳтимолияти таҳдидҳо мавҷуд ҳаст, захира карда шавад.
3. Чи тавре ки маълум аст дар баробари асъорҳои давлатҳои хориҷӣ металҳои қиматбаҳо низ захира мегарданд. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ҳиссаи металҳои қиматбаҳо (тилло) зиёдтар карда шавад бо он сабаб, ки тилло дар бозори ҷаҳонӣ нархи худро мустаҳкам ниго медорад ва дар ҳолатҳои зарурӣ мубодилаи он низ ба пул осон аст.
4. Пешниҳод мегардад, ки мақомоти дахлдор дарёфт кардани роҳҳои баланд бардоштани даромаднокӣ ва самаранокии захираҳои байналмилалӣ чораҳои зарурӣ андешанд, зеро ки бе даромад дар якҷо нигоҳ доштани он ба манфиати иқтисодиёт нахоҳад буд.

Адабиёт

1. English-Russian-French Glossary of Banking and Financial Terms Glossaire Anglais-Russe-Français des Termes Bancaires et Financiers. Англо-русско-французский глоссарий банковских и финансовых терминов / сост. М.А. Елистратов, Н.Ю. Скорова. Центральный банк Российской Федерации. М., 2016. URL: http://www.cbr.ru/content/document/file/18162/cb_glossary.pdf).
2. https://www.nbt.tj/tj/kurs/kurs.php.

3. Лев, М. Ю. Экономическая безопасность России в аспекте управления международными резервами / М. Ю. Лев, Ю. Г. Лещенко // Экономика, предпринимательство и право. – 2019. – Т. 9, № 4. – С. 223-244. – DOI 10.18334/epp.9.4.41464. – EDN YTVLRV.

4. Лещенко Ю.Г. Макроэкономическое воздействие соглашений «Базель III» на мировую банковскую систему // Российское предпринимательство. – 2018. – № 9. – с. 2345-2366.

5. Малахова, Т. С. Анализ и динамика золотовалютных (международных) резервов ведущих стран мира / Т. С. Малахова // Политематический сетевой электронный научный журнал Кубанского государственного аграрного университета. – 2012. – № 77. – С. 1061-1073. – EDN OWLLXX.

6. Словарь «Борисов А.Б. Большой экономический словарь. — М.: Книжный мир, 2003. — 895 с.

7. Стародубцева Е. Б. Современный экономический словарь. 5-е изд., перераб. и доп. — М.: ИНФРА-М, 2007. — 495 с. — (Б-ка словарей "ИНФРА-М").

8. Сухарев А.Н., Бурутин А.Г. Обеспечение безопасности международных резервов Банка России // Финансы и кредит. – 2014. – № 42. – с. 2-12.

9. Федулова, С. Ф. Анализ динамики и структуры международных резервов стран мира / С. Ф. Федулова // Вестник Удмуртского университета. Серия Экономика и право. – 2018. – Т. 28, № 1. – С. 61-66. – EDN YVIMKI.

UDC: 796.51(575.3)

PROBLEMS AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF "GREEN" TOURISM IN TAJIKISTAN

Shodiev Jafar Rozibekovich

Candidate of Economic Sciences, Senior Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. Tel: (+992) 918-81-34-17.

Obidov Kamol Rahmatovich

Candidate of Economic Sciences, Senior Researcher at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. Phone: (+992 37) 221-67-50.

This article is devoted to the issues of developing "green" tourism in the Republic of Tajikistan. Within its scope, a scientific analysis and comprehensive assessment of the regions' potential have been conducted, and optimal approaches for the establishment and development of this tourism segment have been proposed. The analysis of the dynamics of inbound tourism development indicates a stable growth trend, largely due to the Government's active efforts in developing the regulatory framework, elaborating tourism development programs, simplifying visa procedures, and introducing visa-free regimes for citizens of more than 50 countries. The successful experience of several countries, including the Netherlands, Germany, France, Finland, the United Kingdom, and Poland, demonstrates significant government support for "green" tourism through various financial support mechanisms. All this has contributed to the rapid development of this tourism segment in these countries (in some countries, over 80% of the total number of tourists). Adapting this experience in Tajikistan becomes highly relevant for the establishment and development of "green" tourism in various regions of the country. The conducted assessment of Tajikistan's regional natural resource potential has allowed for the identification of Northern and Eastern Tajikistan as priority areas for the formation of sustainable development centers for this tourism destination. In several regions, including Badakhshan (Pamirs), Zarafshan, Garm region, and the eastern areas of Khatlon region, "green" tourism is already actively developing. However, there are certain problems hindering the development of "green" tourism, including insufficient government support, low efficiency of mechanisms for attracting private investment, weak utilization of regional natural resource potential, underdeveloped tourism infrastructure, and insufficient informational promotion of the regions. Several of these problems can be solved by applying a cluster approach. To substantiate this, the authors propose a tourism cluster scheme using an example of one of the PPD regions, which allows for the consolidation and optimization of the use of financial, human, scientific, educational, technical, and other resources necessary for organizing "green" tourism in mountainous regions.[1]

Keywords: "green" tourism, natural resource, regions, cluster, recreational resources, glaciers, infrastructure.

ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОГО» ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ.

Шодиев Джафар Розибекови

к.э.н. ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе.Тел: (+992) 918-81-34-17

Обидов Камол Рахматович

к.э.н. ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе. Телефон: (+992 37) 221-67-50.

Данная статья посвящена вопросами развития «зеленого» туризма в Республике Таджикистан, в рамках которой проведен научный анализ и комплексная оценка потенциала регионов и предложены оптимальные подходы для становления и развития данного сегмента туризма. Анализ динамики развития въездного туризма свидетельствует об устойчивой тенденции темпов роста благодаря во многом активным действиям Правительства по развитию нормативно-правовой базы, разработке программных документов по развитию туризма, упрощению визовых процедур и внедрению безвизового режима для граждан более чем 50 государств. Успешный опыт ряда стран, включая Нидерланды, Германию, Францию, Финляндию, Великобританию и Польшу, свидетельствует о весомой государственной поддержки «зеленого туризма посредством использования различных механизмов финансовой поддержки. Все это позволило быстрому развития в этих странах этого сегмента туризма (в ряде стран более 80% от общего числа туристов). Адаптация этого опыта в Таджикистане становится весьма актуальной для становления и развития «зеленого» туризма в различных регионах страны. Проведённая оценка регионального природно-ресурсного потенциала Таджикистана позволила выделить Северный и Восточный Таджикистан в качестве приоритетных территорий для формирования центров устойчивого развития данного направления туризма. В ряде регионах, включая Бадахшан (Памир), Зарафшан, Гармская зона и восточные районы Хатлонской области уже в настоящее время идет активное развитие «зеленого» туризма. Вместе с тем, имеются определённые проблемы на пути развития «зеленого» туризма, включая недостаточная государственная поддержка, низкая эффективность механизмов привлечения частных инвестиций, слабое использование регионального природно-ресурсного потенциала, неразвитость туристической инфраструктуры и недостаточное информационное продвижение регионов. Ряд этих проблем могут быть решены за счет применения кластерного подхода и для обоснования этого авторами предложена схема туристского кластера на примере одного из районов РПП, позволяющая консолидировать и оптимизировать использование финансовых, кадровых, научных, образовательных, технических и иных ресурсов, необходимых для организации «зеленого» туризма в горных регионах.

Ключевые слова: «зеленый» туризм, природно-ресурсный потенциал, регионы, кластер, рекреационные ресурсы, ледники, инфраструктура.

Introduction. In the current global economic framework, tourism represents a sector characterized by exceptional dynamism, with its multifaceted impacts extending across numerous ancillary industries and economic spheres. Quantitative data from 2000 to 2019 underscores this expansion: worldwide tourist volumes escalated from 698 million to 1.322 billion, and industry-generated revenues increased from 478billion to 2.2 trillion. This growth trajectory resulted in a near doubling of tourism's contribution to global gross product, from 6% to 11%. Moreover, tourism is frequently identified as the most profitable component of national economies, serving as the principal revenue stream for 38 countries and ranking among the top five for 83 nations [3,138].

Considering the crucial role of tourism, the Tajik government prioritizes its growth as a key element in the nation's future economic prosperity. This emphasis was highlighted by President Emomali Rahmon in his address on December 23, 2022, where he stated: "…In recent years, the Government's special attention to the sphere of tourism has allowed, along with an increase in the number of tourists, also an increase in the number of domestic tourism companies. During this period, over 600 tourist infrastructure facilities were built and commissioned to serve them".

Tajikistan possesses a rich natural and resource endowment that makes "green tourism" a promising and rapidly evolving sector for the nation's travel industry. This form of tourism involves direct engagement with areas distinguished by their natural beauty and cultural heritage, with a core objective of preserving these environments for future generations. This study primarily seeks to define and underscore the critical role of developing sustainable "green" tourism in Tajikistan. To accomplish this, the research will focus on two key areas: first, the strategic adoption of successful global practices for its expansion, and second, the methodical assessment and optimal utilization of Tajikistan's unique regional natural resources to create a variety of "green" tourism products within these locales.

The investigation will analyze effective strategies employed by leading countries in "green" tourism and tailor them to Tajikistan's particular environmental and climatic context.

Methods and Methodology. The study used a number of analytical methods, including logical and comparative reasoning, statistical analysis, and systematization and theoretical synthesis. A comprehensive review of the existing scientific literature on this topic and related areas was also conducted.

The theoretical framework for this research is built upon the contributions of both national and international scholars who have explored the broader development of tourism, with a specific focus on "green" tourism initiatives, as well as research on assessing the natural resource potential of Tajikistan's regions, such as Lyapina I. Yu [1], Mukhabatov Kh. M.[2], Khonaliev N. Kh.[2], Obidov, K. R. [3], Raufi A. [5], Sobirov M.S. [4], Tarasenok A.A. [7], Shodiev J. R. [8], Atsbha G., Satinder K. [9] and others.[8]

To reach the objective, the subsequent actions must be undertaken:

- Examine the challenges and opportunities in global and Tajik tourism development.
- Investigate the obstacles and prospects within the evolution of worldwide and Tajik tourism.
- Deconstruct prominent global approaches to environmentally conscious tourism and assess their potential relevance for Tajikistan.
- Appraise the inherent resources of Tajikistan's various areas and their suitability for accommodating a range of ecological tourism experiences.
- Substantiate the adoption of a cluster-based framework for advancing sustainable tourism, exemplified through the construction of a tourism cluster paradigm for a designated national region.

Муқаддима. Дар иқтисодиёт мафҳуми иқтисодиёти ғайрипулӣ ҳамчун низоми тақсимоти молҳо, хидматҳо ва таъини корҳо бидуни пардохти пул маҳсуб меёбад.

Иқтисоди ғайрипулӣ фалсафаи ахлоқӣ ё иҷтимоӣ дорад, яъне ба камбизоатон ва бекорон, тавассути фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодӣ ва дастрасӣ ба хидматҳо ва молҳо мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки иқтисодиёти бепул бартариҳо ва нуқсонҳои худро дорад, яъне аз як тараф харочоти истеҳсол ва тақсимоти пулро бартараф намуда, ба истифодаи самаранокти захираҳо оварда мерасонад, аз тарафи дигар набудани пул метавонад боиси мушкилот дар идоракунии иқтисодиёт, махсусан дар давраҳои бӯҳрони иқтисодӣ ё рукуди иқтисодӣ гардад.

Инчунин, ҷорӣ намудани амалиётҳои ғайринақдӣ, пулҳои электронӣ ва технологияи рақами масъалаҳои мубрам маҳсуб ёфта, мукаммалтар ва бехатар намудани он дар саросари кишвар тақозои замон аст.

Дар адабиёти илмии муосир таҳқиқоти сотсиологии ҷомеаҳое, ки пулро камтар истифода мебаранд, аз тарафи тадқиқотчиён, "Сиёсати пулӣ дар ҷаҳони бе пул" Майкл Вудфорд., 2000, «Хушбахтӣ бе пул» Миньярро ва диг., 2021 таҳлил карда шудаанд.

Тадқиқот оид ба ҷомеае, ки пули нақдро дар муомилот камтар истифода мебарад ба иқтисоддони амрикоӣ К.С. Рогофф тааллуқ дорад.

Дар шароити давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ татбиқи модели иқтисодии «Иқтисодиёти бепул дар Тоҷикистон» ва инчунин тақвияти раванди гузариш ба гардиши ғайринақдӣ: пулҳои электронӣ ва технологияи рақамӣ аҳамияти муҳим дорад. Мақсади мақола таҳқиқи асосҳои назариявии масъалаи мазкур, таҳлил ва татбиқи дар шароити Тоҷикистон мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили назариявию мафҳумии моҳияти иқтисодиёти бепул, таҳлили муқоисавии таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватании гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ, инчунин омӯзиш ва ҷамъбасти сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва арзёбии методологии пулҳои электронӣ ва технологияҳои рақамӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот моҳият ва асосҳои назариявии модели иқтисодиёти бепул, шаклҳои он (бонки вақт, системаҳои LETS, ҳашар) ва самтҳои тақвияти гузариш ба гардиши ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Дар иқтисодиёти бепул пул ҳамчун воситаи мубодила ё ченаки арзиши мол ва хизматрасонӣ нақше надорад. Ҳамаи молҳо ва хизматрасонӣ мустақиман бидуни истифодаи пул мубодила карда мешаванд. Иқтисодиёти бепул метавонад дар шаклҳои гуногун вуҷуд дошта бошад, аз ҷумла иқтисоди табиӣ, ки дар он молҳо ва хизматрасонӣ мустақиман бидуни истифодаи пул мубодила карда мешаванд ва иқтисоди бартерӣ, ки дар он як мол ба моли дигар ҳамчун миёнарав иваз карда мешавад. Ин мафҳум дар чаҳорчӯбаи таълимоти сотсиалистӣ, таҷрибаи аввали шӯравӣ ва микроиқтисоди назариявӣ фаъолона омӯхта шудааст.

Иқтисодиёти бепулро метавон дар шаклҳои гуногуни низоми ҷамъиятӣ, ба монанди коммунизм, сотсиализм ё анархизм амалӣ кард. Дар ин низомҳо пул омили муҳим дар рушди иқтисодӣ ва тақсимоти захираҳо нест. Ба ҷои ин, қарорҳо тавассути муҳокимаи коллективӣ ё бозори озод қабул карда мешаванд.

Муаллифони калидӣ ва муҳаққиқони иқтисоди бепул Отто Нейрат- файласуф ва иқтисоддони австриягӣ, ки яке аз назариячиёни асосии банақшагирии сотсиалистӣ дар нишондиҳандаҳои табиӣ маҳсуб меёбад, дар асарҳои худ изҳор дошт, ки дар ҷомеаи сотсиалистӣ пул нолозим мешавад ва баҳисобгирӣ дар шакли қувва ва соатҳои корӣ анҷом дода мешавад.

Карл Маркс: файласуф ва иқтисоддони олмонӣ-асосгузори марксизм дар "Капитал" ва "Танқиди барномаи Гота", марҳилаи олии коммунизмро ҳамчун ҷомеаи бесинф ва бепул тавсиф кард, ки дар он принсипи "аз ҳар кас мувофиқи қобилияти худ, ба ҳар кас мувофиқи ниёзҳои худ" татбиқ мешавад.

Мафҳуми иқтисоди "бепул" дар асарҳои Чаянов дар шароити меҳнати деҳқонии хурд ва ҷудогона, ки хоси Империяи Русия ва Иттиҳоди Шӯравии аст, иқтисоди деҳқонӣ ҳамчун сохтори махсус ва ғайрикапиталистӣ амал мекард. Дар ин система мафҳуми иқтисоди бепул (рӯзгузаронӣ) аҳамияти калидӣ дорад. Ҳадафи оилаи деҳқонӣ на ба даст овардани фоидаи пулӣ ё ҷамъоварии сармоя, балки ба ҳадди аксар расонидани қанотмандии ниёзҳои ҳаётии худ мебошад. Даромад ва харочот на бо ченаки пулӣ, балки бо ченаки табиӣ - миқдори ғалла, картошка, ҳезум ва дигар молҳои истеҳсолшуда чен карда мешуданд. Деҳқонон манфиатҳои кишоварзиро тавассути созиш байни қонеъ кардани ниёзҳо ва душвории меҳнат арзёбӣ мекарданд. Агар оила метавонист зиндагии худро бо ҳосили худ таъмин кунад, ин шиддати меҳнатро коҳиш медод ва кӯшиши ба ҳадди аксар расонидани маҳсулоти изофиро барои фурӯш истеҳсол намекард [10].

Бояд тазаккур дод, ки иқтисодиёти бепул моделҳои алтернативии мубодиларо муттаҳид мекунад, ки дар он асбоби асосӣ на пули коғазӣ, балки вақт ё воҳидҳои анъанавии дохилӣ мебошад.

Самаранокии коллективӣ ва сармояи иҷтимоӣ дар ду системаи маъруфтарин ва хеле муваффақи иқтисоди ғайримонетарӣ, ки ба ҷомеаи шаҳрвандӣ асос ёфтааст, нақши муҳим доранд: бонкҳои вақт (тайм-банкинг) ва системаҳои савдои маҳаллии мубодилавӣ (LETS). Онҳо ба ҷамоатҳо имкон медиҳанд, ки кӯмаки мутақобила ва устувории иқтисодиро бидуни таваррум ва фоизҳои бонкӣ инкишоф диҳанд.

Иқтисоди иҷтимоӣ ин фазоест байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, ки онро ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла созмонҳои ҷамъиятӣ, ихтиёриён, корхонаҳои иҷтимоӣ ва кооперативҳо ишғол менамоянд.

Эдгар С. Кан консепсияи иқтисодиёти асосиро барои тавсифи шабакаҳои иҷтимоии таҳия карда, онро санги асосии ҷомеа номид. Ӯ дар соли 1980 ҷиҳати ҳифзи «иқтисодиёти заминавӣ", консепсияи бонкдории тайм-банкингро таъсис дода, самти мазкурро самти пинҳон, вале самти асосии муносибатҳои инсонӣ, яъне «иқтисоди аслӣ» номид.

Эдгар С. Кан изҳор дошт, ки иқтисоди анъанавии монетарӣ қобилияти баҳогузории муҳимтарин шаклҳои меҳнат, аз қабили тарбияи кӯдакон, нигоҳубини пиронсолон, бунёди ҷамоатҳо, ихтиёриён ва фаъолнокии шаҳрвандиро надорад. Ба қавли ӯ низоми бозор меҳнати ғайрирасмиро бекурб мегардонад, кумаки

мутақобиларо барбод медиҳад ва тадриҷан сохтори иҷтимоии ҷомеаро хароб карда, мардумро маҷбур менамояд, ки барои коре, ки қаблан бо сабабҳои ғамхорӣ ва ҳамсоягӣ анҷом дода мешуд, пардохт кунанд. Ӯ мавҷудияти иқтисоди бозориро бе дастгирии шабакаҳои иҷтимоии ғайрирасмӣ, ки санги асосии ҷомеа номида буд, ғайриимкон мешуморид.

Бонки Вақт созмонест, сарфи вақти муайяни ин ё он иштирокчиро ҷиҳати расондани хидматҳои гуногун ба дигар иштирокчиён (воридот ба суратҳисоби иштирокчӣ дар Бонки вақт) ва миқдори вақти сарфшудаи дигар иштирокчиёнро ҷиҳати пешниҳоди хидматҳои истифодашудаи ин ё он иштирокчӣ (хароҷот аз суратҳисоби иштирокчӣ дар Бонки Вақт) қайд менамояд, яъне мубодилаи хизматрасасонӣ байни одамон, ҷомеаҳои онҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳоро (қарздиҳии мутақобила ва кӯмаки мутақобила) анҷом дода мешавад [11].

Воҳиди ҳисоб барои ҳама намудҳои хидматҳо як соати вақти сарфшуда, масалан дар ИМА — " Time-Dollar ", дар Ҷопон — " DanDan мебошад. Вақти ҳамаи иштирокчиён новобаста аз мундариҷаи кори иҷрошуда, маълумот, малака ва қобилиятҳо баробар арзёбӣ мешавад, яъне 1 соати астрономӣ ба 1 воҳиди ҳисобдорӣ баробар аст.

Бонкҳои вақт платформаҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки дар он соат- воҳиди ченак ва асъори мубодила соат аст. Вақти ҳар як шахс новобаста аз шакли кор баробар арзёбӣ мешавад, масалан шахс 1 соат сарф мекунед, система ба ҳисоби шахсии ӯ 1 соат ё(Time-Dollar) мегузаронад ва дар оянда метавонад аз соати ҷамъшуда истифода барад, то аз ҳар як узви шабака барои худ хидмат бигирад.

Системаҳои LETS кооперативҳои худтанзимкунандаи ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки иштирокчиёни онҳо дар доираи як ҳалқаи пӯшида мол ва хидматҳоро мубодила мекунанд. Системаи мазкур пули дохилии виртуалии худро истифода мебарад.

Системаи LETS (Системаи маҳаллии шуғл ва савдо) солҳои 1982-1983 аз ҷониби барномасоз Майкл Линтон дар Кортенеи Канада таъсис дода шудааст. Имрӯз, чунин шабакаҳо дар як системаи ягонаи мубодилаи ҷамоатҳо муттаҳид шудаанд [2].

Бинобар сабаби баста шудани корхонаи бузурги истихроҷи маъдан дар минтақа, норасоии ҷойҳои корӣ ва надоштани имконият ҷиҳати ба даст овардани доллари Канада, орзӯи Линтон таъсис додани як системаи алтернативии шуғл ва мубодилаи иқтисодӣ байни одамон буд. Идеяи Линтон оид ба таъсис додани LETS дар вақти бекорӣ вуҷуд омадааст ва ӯ онро ҳамчун афзор барои дастгирии иқтисодиёти маҳаллӣ ва бартараф намудани норасоии пули муқаррарӣ дар шаҳрҳо таъсис додааст [12].

Воҳидҳои дохилӣ пешакӣ ҷамъ карда намешаванд, балки дар вақти анҷом додани муомилот таъсис дода мешаванд. Ҳангоми харидорӣ намудани ягон молу ашьё ҳисоб кам ва ҳангоми фурӯш зиёд мешавад. Одатан, талаботи система ин ба сифр баробар шудани тавозуни ҳар як иштирокчӣ дар марҳилаҳои тӯлонӣ мебошад. Система имкон медиҳад, ки муомилоти мураккабтари молӣ-пулӣ гузаронида шавад, сарват ва захираҳоро дар дохили ҷомеаи маҳаллӣ нигоҳ дошта шуда, аз бӯҳронҳои иқтисодӣ муҳофизат карда шаванд. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар баробари афзалиятҳо камбудиҳо, низ ба назар мерасад, алалхусус талаботи қатъии маъмурият, андозбандӣ (ҳангоми пешниҳоди хидматҳои касбӣ) ва фаъолнокии худи истифодабарандагон.

Бояд тазаккур дод, ки меҳнати хонагӣ бемузд аст, аммо арзиши назарраси иқтисодӣ дорад.

Созмони таҳлилии ғайритиҷоратӣ Redefining Progress дар яке аз гузориши солонаи худ дар соли 1998, ҳисоб кард, ки корҳои хонагӣ 1,911 триллион долларро ташкил медиҳад, ки тақрибан чоряки ММД-и ИМА-ро дар ҳамон сол ташкил медиҳад. То соли 2010, Бюрои Таҳлили Иқтисодӣ муайян кард, ки корҳои хонагӣ ҳангоми пайгирӣ ММД-ро 26% афзоиш медиҳад. Зиёда аз 10 сол боз кори хона манбаи асосии дастгирии асосии хочагии халқ мебошад. Чунин корҳои хона ба рӯбучинӣ, пухтупаз, нигоҳубини кӯдак ва таълими кӯдакон дохил мешаванд. Мумкин аст, ки хоҷагии пӯшида вуҷуд дошта бошад, ки дар он як гурӯҳи мушаххас аз кори анҷомдодашуда манфиат гирад**.**

Тадқиқоти Австралия (1992) нишон дод, ки тақрибан 380 миллион соат дар як ҳафта дар ин намуди фаъолияти бемузд сарф мешавад, дар ҳоле ки 272 миллион соат дар як ҳафта барои кори музднок сарф мешавад. Қисмати муҳими ин соатҳоро метавон ба таҳсил рабт дод [13].

Шакли дигари таълими хонагӣ ин кӯмак ба пиронсолон, маъюбон, шахсони гирифтори бемориҳои шадид ё музмин ва умуман одамони заиф маҳсуб ёфта, ба ҷамъият нафъи калон мерасонад. Ин асосан бидуни пардохт аз ҷониби дӯстон ё оилаи бемор таъмин карда мешавад.

Аксар вақт, шахсони парастор бояд манзилро нигоҳ доранд, хӯрок диҳанд ва баробари табибон масъулиятнок буда, бо онҳо ҳамкорӣ кунанд. Қариб 80% меҳнате, ки барои нигоҳубини пиронсолон бидуни хонаҳои пиронсолон равона карда мешавад меҳнати бемуздро ташкил медиҳад.

Таҳқиқоти илмӣ оид ба иқтисоди бепул ба таҳқиқоти назариявӣ, иҷтимоӣ-сотсиологӣ ва макроиқтисодӣ тақсим мешаванд, ки рад кардани пули нақдро меомӯзанд.

Олимон сатҳи хушбахтиро дар минтақаҳое, ки даромади хеле кам доранд, таҳлил карда ба хулосае омаданд, ки ҳатто бо истифодаи ками мубодилаи пулӣ ё қариб тамоман иштирок надоштани пул некӯаҳволии халқ дар сатҳи баланд қарор дошта, бо сокинони кишварҳои сарватманди Ғарб муқоисашаванда мебошанд (дар таҳқиқоти васеъмиқёс, ки дар мақаллаи илмии байналмиллалии PLoS ONE нашр шудааст).

Дар Тоҷикистон, "иқтисоди бепул" аксар вақт маънои мубодилаи мол ё муносибатҳои ғайрирасмии иқтисодиро мефаҳмонад. Дар минтақаҳои деҳот ё дурдасти кӯҳистон (масалан, дар қисматҳои вилояти Хатлон ё Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон), ин як тарзи анъанавии зиндагӣ аст, ки дар он мол ва хизматрасонӣ мустақиман бидуни истифодаи пули нақд мубодила карда мешаванд.

Дар сатҳи миллӣ, ин истилоҳ метавонад ду воқеияти асосиро инъикос кунад, яъне мубодилаи анъанавӣ (мубодилаи молӣ). Ин мубодилаи мол ё хизматрасонӣ аст, ки бар асоси принсипи "ту ба ман деҳ, ман ба ту медиҳам" амалӣ карда мешавад. Дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон, ки дар он ҷо беш аз 70% аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ҳамсояҳо аксар вақт ба якдигар бо зироат, чорво ё хидматрасонии сохтмонӣ (кӯмак дар сохтани ҳашар, хонаи анъанавӣ) пардохт мекунанд. Дар чунин ҷамоатҳои пӯшида, пул амалан нолозим аст, зеро ҳама чизи зарурӣ дар дохили ҷамоат истеҳсол ва мубодила карда мешавад.

Дар ноҳияи Балҷувони минтақа, истифодаи шакли "меҳнати муфиди ҷамъиятӣ", ки бо номи "ҳашар" маъруф аст, махсусан муҳим аст. Ҳашар як расму ойини қадима аст, ки бо мушкилоти зиндагии кӯҳистон алоқаманд аст ва як шакли озод ва фидокоронаи кӯмаки мутақобилаи меҳнатӣ мебошад, ки аз ҷониби аҳолӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода мешавад. Дар шароити истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ нақши ҳашар афзоиш меёбад ва ҳашар ба унсури ватандӯстии аҳолӣ табдил меёбад. Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ бо шароити беназири табиӣ ва иқлимӣ аст, ки танҳо тавассути "кӯмаки башардӯстона" ба даст овардани рушдро ғайриимкон мегардонад. Аз ин рӯ, ҳар гуна шакли меҳнат бояд муфид бошад. Дар деҳот ва ҳатто дар шаҳрҳо, ҳашар барои сохтани роҳҳо ва пулҳо, тоза кардани кӯчаҳо, шинондани дарахтон, сохтани мактабҳо ва беморхонаҳо ва тоза кардани каналҳо ва инчкунин, сохтмони хонаҳои шахсӣ истифода мешавад. Истифодаи он саҳми назаррас дар эҷоди инфрасохтори иҷтимоӣ гузоштааст ва имкон додааст, ки ҳаҷми назарраси корҳои кишоварзӣ анҷом дода шавад. Масалан, ин усул барои сохтани бозори марказии ноҳия дар маркази ноҳия истифода шудааст, ки дар он мол ва маҳсулот аз дигар деҳаҳои ноҳия таъмин карда мешаванд, инчунин таъмир ва сохтмони пулҳо (дар ноҳияи Данғара, таъмири роҳи оҳан), шабакаҳои роҳҳои деҳот, каналҳо, мактабҳо, шинондани дарахтон, сохтмони боғҳо, тоза кардани кӯчаҳо ва майдонҳо ва баъзан ҷамъоварии ҳосил.

Аз сабаби набудани чунин омори ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, мо маълумоти мушаххастаре надорем, ки ҳаҷми корҳои анҷомдодашударо бо усули ҳашар тавсиф кунем. Саволе ба миён меояд: мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии усули "ҳашар" чист? Меҳнати ихтиёрӣ дар ин замина, ба маънои муайян, хусусияти мустақими иҷтимоӣ дорад, зеро натиҷаҳои "ҳашар" ба тамоми ноҳия, маҳал ва қаламрав фоида меорад. Истифодаи "ҳашар" ба таври муассир ба ҳамгироии назарраси манфиатҳои коллективӣ, шахсӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат мекунад ва фазои ғайрирасмии кӯмаки мутақобилаи рафоқат, худтанзимкунии бошуурона ва масъулияти мутақобиларо фароҳам меорад. Дар чунин шароит нақши омили инсонӣ дар рушд равшантар зоҳир мешавад. Муҳим аст, ки "ҳашар" на танҳо аз меҳнати деҳқонон ва коргарон, балки занон, нафақахӯрон ва соҳибкороне, ки дар истеҳсолоти иҷтимоӣ кор намекунанд, баробар истифода барад; донишҷӯён ва мактаббачагон тарбияи меҳнатӣ мегиранд. Аз ин рӯ, нақши муҳими "ҳашар" дар ташаккули чунин нуқтаи гардиш дар психология, ақл ва рӯҳияи одамон, ки дар шароити истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ аҳамияти хоса дорад, бузург аст [9].

Таҳлили мундариҷаи иҷтимоию иқтисодии ҳашар, инчунин амалияҳои шабеҳ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, на танҳо равандҳои демократикунонии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои онро нишон медиҳад, балки инчунин нишон медиҳад, ки ҳашар омили муҳим дар табдил додани деҳот ба марказҳои махсуси рушд ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Аксари иқтисоддонҳо ба ғояи иқтисоди комилан бепул шубҳа доранд. Далели асосӣ ба мушкилоти ҳисобҳои иқтисодӣ тамаркуз мекунад. Бе пул, арзёбии самараноки хароҷот, муқоисаи хароҷоти захираҳо ва мувозинати пешниҳод ва талабот ғайриимкон мегардад. Андешаҳо дар ҷомеаи илмӣ ба якчанд мафҳумҳои калидӣ ва мавқеъҳои муҳим тақсим мешаванд.

Аксари иқтисоддонҳои муосир (аз ҷумла барандагони ҷоизаи Нобелӣ) розӣ ҳастанд, ки пул бузургтарин воситаи ҳамоҳангсозӣ аст. Он мушкилоти нобаробарии иттилоотро ҳал мекунад. Бе механизми нархгузорӣ, ҷомеа ногузир бо норасоӣ ё истеҳсоли аз ҳад зиёд рӯбарӯ хоҳад шуд.

Людвиг фон Мизес- иқтисоддони австриягӣ иқтисодиёти бепулро дар заминаи сотсиализм омӯхтааст ва дар асари худ "Ҳисоби иқтисодӣ дар ҷомеаи сотсиалистӣ"қайд намудааст, ки набудани пул ҳисобкунии оқилонаи иқтисодиро ғайриимкон мегардонад.

Инчунин, бояд тазаккур дод, ки дар нашрияҳо аҳамияти пулро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ таҳлил мекунанд. Тадқиқотҳо пулро ҳамчун як ниҳоди эътимод мешуморанд, ки рад кардани он дар воқеияти кунунӣ метавонад ба таназзул ва хароҷоти бузурги иҷтимоӣ-иқтисодӣ оварда расонад.

Мафҳуми назарияи сарҳади-меёри бепул қоидаи меъёри фоизӣ, ки бар асоси ғояҳои Кнут Викселл асос ёфтааст исбот менамояд, ки сиёсати монетарӣ ва назорати таваррум дар ҷомеае имконпазир аст, ки пули воқеӣ ҳадди ақал ё тамоман истифода намешавад ва тавассути меъёрҳои фоизӣ идора карда мешавад [14].

Агар иқтисоди бепул ҳамчун рад кардани пули нақди ҷисмонӣ (пулҳои коғазӣ) фаҳмида шавад, пас пешгӯиҳои олимон оптимистӣ мебошанд.

Тадқиқот оид ба гузариш ба ҳадди аққали гардиши пули нақд дар ҷомеа ба иқтисоддони амрикоӣ К.С. Рогофф тааллуқ дорад. У қайд мекунад, ки чунин гузариш ба ҳалли як қатор мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад, аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ: афзоиши ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳо тавассути баланд бардоштани шаффофияти пардохтҳо, афзоиши фарогирии молиявӣ, коҳиш додани саҳми иқтисоди пинҳонӣ, инчунин сатҳи ҷиноятқорӣ, ки ин ҳам ба ҷиноятҳои молиявӣ ва ҳам ба қочоқи маводи мухаддир, қочоқи инсон ва фурӯши силоҳ дахл дорад. Амнияти шахсии шаҳрвандон, низ аз ҳисоби коҳиши эҳтимолии шумораи дуздӣ афзоиш хоҳад ёфт. К.С. Рогофф дуруст қайд менамояд, ки барои гузаштан ба ин ҷомеа, давлат ва танзимкунанда бояд ба меъёрҳои муайян ҷавобгӯ бошанд ва аз усулҳои муайян истифода баранд [8].

Қайд карда мешавад, чунин ҷамъияти дар муддати тӯлонӣ (даҳсолаҳо) ва танҳо дар кишварҳои дорои иқтисодашон мутараққӣ ва устувор таъсис дода шавад.

К. С. Рогофф инчунин қайд мекунад, ки гузариш ба ҷомеаи ғайринақдӣ ба танзимгар имкон медиҳад, ки сиёсати меъёрҳои фоизии манфиро истифода барад, ки бо назардошти арзиши меъёри калидии Бонки Русия 20% (аз 23.07.2025) аз ҳад зиёд аст. Алоҳида қайд карда мешавад, ки дар заминаи идомаи амалиёти махсуси низомӣ ва таҳдиди зуд-зуди дастгоҳҳои ҳавопаймоии бесарнишин, дар як қатор минтақаҳои Русия қатъи хидматрасонии интернети мобилӣ мушоҳида мешавад, ки анҷом додани пардохтҳои ғайринақдиро душвор ё ғайриимкон мегардонад. Ҳамин тариқ, пули нақд дар Русия на танҳо усули захиравии анҷом додани пардохтҳо, балки яке аз усулҳои асосӣ мебошад ва ҳамчун кафили амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ амал мекунад.

Дар кори худ, О. М. Маркова рад кардани истифодаи пули нақдро дар шароити эҳтимолияти ҳолатҳои ногаҳонӣ ва нокомиҳо дар инфрасохтори пардохтҳои ғайринақдӣ номуносиб меҳисобад **[3].**

Ба замми ин олимон О. И. Ларина ва Н. В. Морыженкова дар баъзе таҳқиқотҳо қайд менамоянд, ки яке аз имкониятҳои гузариши Руссия ба ҷамъияти ғайринақдӣ аз байн рафтани пулҳои нақд дар то соли 2036 баҳогузорӣ карда мешавад **[5].**

Дар рӯзномаи расмии ҳукумати Тоҷикистон ва Бонки миллӣ ибораи "иқтисоди бенақд" ба маънои гузариш ба ҷомеаи ғайринақдӣ истифода мешавад.

Иқтисодиёти навин дар адабиёти махсус ҳамчун рақамӣ постиндустриалӣ, ахборотӣ ва дигар намуд маънидод карда мешавад. Яке аз вожаҳои трендии иқтисодиёти нав ин иқтисодиёти рақамӣ маҳсуб меёбад. Давлат фаъолона технологияҳои рақамиро (пардохт тавассути рамзҳои QR, ҳамёнҳои мобилӣ, кортҳои бонкӣ) барои кам кардани саҳми пули нақд, шаффоф кардани ҷараёнҳои молиявӣ ва нобуд сохтани иқтисодиёти пинҳонӣ ҷорӣ мекунад

Гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон тавассути рақамикунонии босуръати пардохтҳои давлатӣ, ҷорӣ намудани системаҳои ҳамёни электронӣ, рушди низоми миллии пардохт ва дастрасӣ ба инфрасохтори рақамӣ амалӣ карда мешавад, ки дар маҷмӯъ саҳми пули нақдро кам намуда, шаффофияти молиявиро афзоиш медиҳад.

Самтҳои асосии тақвияти модели "иқтисоди ғайринақдӣ" ва пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар иборатанд:

1. **<u>Рақамикунонӣ намудани хизматрасонии давлатӣ ва буҷетҳо:</u>**

- Пардохтҳои ҳатмӣ, аз қабили пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, ҷаримаҳо, хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ;
- Автоматикунонии пардохтҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла нафақа, кӯмакпулӣ ва маоши кормандони бахши давлатӣ, ки тавассути кортҳои бонкӣ ё ҳамёнҳои электронӣ анҷом дода мешавад ва аҳолиро мустақиман ба системаи ғайринақдӣ муттаҳид мекунад.

2. **<u>Густариши инфрасохтори пули электронӣ:</u>**

- Афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути рамзҳои QR: ҷорӣ намудани системаи пардохти фаврӣ ва рамзҳои QR ба корхонаҳои хурд, аз ҷумла тоҷирони бозор, имконият доранд, ки пардохтҳоро мустақиман аз смартфонҳо қабул кунанд ва хароҷоти ҷамъовариро кам кунанд;
- Маъмулпазирии ҳамёнҳои электронӣ. Ба шарофати тартиби муайянкунии фосилавии бонки миллии Тоҷикистон, афзоиши босуръати гардиши пули электронӣ ба назар мерасад. Ҳамёнҳои электронӣ барои одамоне, ки ба филиалҳои анъанавии бонк мустақиман дастрасӣ надоранд, қулай мегарданд.

3. **<u>Рушди низоми молиявии миллӣ:</u>**

- Корти «Корти миллӣ», яъне таҳия ва татбиқи васеъи низоми пардохти миллӣ амнияти транзаксияҳо, мустақилият аз провайдерҳои хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои мувофиқи пардохти музди меҳнатро таъмин менамояд;
- Интиқоли байнибонкӣ дар вақти воқеӣ: Модернизатсияи ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ бо мақсади кам кардани хароҷоти амалиёт ва фароҳам овардани имконияти интиқоли фаврӣ ба шахрвандон ва корхонаҳо.

4. **<u>Рушди инфрасохтори рақамӣ</u>**

- Дастрасӣ дар минтақаҳои дурдаст: Татбиқи ташаббусҳо оид ба таъмини интернети ройгон ва беҳтар кардани фарогирӣ дар минтақаҳои деҳот ва кӯҳистон барои таъмини кори устувори POS- терминалҳо ва интернети мобилӣ;
- Ҳисоббаробаркунӣ ва идоракунии рақамӣ: Татбиқи системаҳои муосири баҳисобгирии рақамӣ (масалан, дар самти сарфаи энергия) барои таъмини пурраи ҷамъоварии пардохтҳо ва назорати шаффоф аз болои маблағҳо.

Тадбирҳои дар боло номбаршуда дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисоди рақамӣ пешбинӣ шудаанд ва онҳо ба кам кардани андозаи иқтисоди пинҳонӣ, беҳтар кардани саводнокии молиявии аҳолӣ ва афзоиши эътимод ба воситаҳои молиявии рақамӣ мусоидат менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ бо истифода аз Блокчейн ва Зеҳни суньӣ баҳисобгирии бонкиро ғайримарказонидашуда ва боэътимодтар менамояд, яъне блокчейн шаффофият ва эътимоднокии сабти амалиётро тавассути қайдкунакҳои тағйирнопазири транзаксионӣ таъмин менамояд ва зеҳни сунъӣ бошад барои таҳлили маълумоти ҳаҷман калон, идоракунии хавфҳо истифода бурда мешавад.

Тибқи Консепсияи иқтисоди рақамии Тоҷикистон тамоюлҳои асосӣ ин ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ, бонкдории мобилӣ ва big Data маълумоти калон барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти баҳисобгирӣ мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки айни замон иқтисоди рақамӣ дар баҳисобгирии бонкӣ дар Тоҷикистон давраи тағйирёбии фаъолро аз сар мегузаронад.

Ҳукумати Тоҷикистон солҳои 2025-2030-ро "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсияҳо" эълон кард, ки дар назди сохтори бонкӣ вазифаҳои автоматикунонии пурраи равандҳои молиявиро мегузорад. Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2025–2030 истифодаи васеъи ЗС-ро барои таҳлили хавфҳо ва автоматикунонии сабтҳои муҳосибии муқаррарӣ баррасӣ менамояд.

Айни замон, иқтисоди рақамӣ дар бахши бонкии Тоҷикистон фаъолона рушд мекунад ва хизматрасониҳои анъанавиро ба хизматрасониҳои қулайи рақамӣ табдил медиҳад. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба рушди бонкдории мобилӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва рамзҳои QK равона карда шудааст. Инчунин, ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо истифода аз технологияҳои муосири пардохтӣ як қатор хизматрасонии фосилавӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ, интернет-

бонкинг, пардохтҳо тавассути QR-рамз ва маблағҳои электрониро ҷорӣ намуда, тавассути онҳо ба муштариён барои ғайринақдӣ пардохт намудани ҳаққи молу хизматрасонӣ имконият фароҳам овардаанд. Дар баробари ин, ҷиҳати ҳавасманд намудани муштариён ҳаққи хизматрасониро коҳиш дода, барномаҳои бонусӣ, кэшбэк, пардохти фоиз аз амалиёти гузаронидашуда ва дигар роҳу воситаҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки рақамисозӣ ҳамчун унсури калидии рушди иқтисодӣ пас аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 эътироф гардидааст. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ барои бонкҳо манфиатҳои назаррас меорад, чунончи:

- ✓ Сифати интернет ва инфрасохтори минтақаҳо беҳтар мегардад;
- ✓ Автоматикунонӣ омили инсониро аз байн мебарад ва ҳисобкунии дақиқи андозҳо ва ҳисоботдиҳиро таъмин мекунад;
- ✓ Самаранокии хароҷот, яъне кам кардани хароҷот дар коғаз, логистика ва меҳнати дастӣ;
- ✓ Суръати равандҳои тиҷоратӣ тезонида мешавад, яъне амалӣ намудани пардохтҳои байнибонкӣ ва коркарди қарзҳо зудтар анҷом дода мешаванд;
- ✓ Шаффофият барои танзимгар, яъне Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоботдиҳӣ дар вақти воқеӣ дастрасӣ пайдо мекунад.
- ✓ Амнияти киберӣ: Бо афзоиши транзакцияи рақамӣ, бонкҳо ҳифзи пойгоҳҳои маълумоти баҳисобгириро барои пешгирии таҳдидҳои рақамӣ тақвият медиҳанд.
- ✓ Ҳамгироии Финтех: Ташкилотҳои калони микромолиявӣ (ба монанди Ҳумо ва Имон Интернешнейл) дар соли 2025 иҷозатномаҳои бонкӣ гирифтанд, ки усулҳои баҳисобгирии баланди технологӣ ва идоракунии дороиҳоро дохил намуданд.

Дар доираи "Стратегияи фарогирии молиявӣ (2022–2026)", Бонки миллии Тоҷикистон пардохтҳои муосири ғайринақдӣ ва системаҳои рақамии бонкингро ҷорӣ мекунад [1].

Тамоюлҳои асосии рақамикунонӣ Бонкҳои Тоҷикистон аз модели хидматрасонии классикӣ ба эҷоди экосистемаҳои пурраи рақамӣ мегузаранд.

Пешвоёни тиҷоратӣ, яъне бонкҳо аз қабили Ориёнбонк, Бонки Эсхата, Бонки Алиф, Имон Интернешнл ва Арванд дар соҳаи эквайринги мобилӣ, пардохтҳои QK ва қарзҳои фаврӣ фаъолона рақобат мекунанд.

Бо вуҷуди автоматикунонӣ дар самти танзими асбобҳои молиявии рақамӣ мушкилотҳои методологӣ вуҷуд доранд, яъне стандартҳои мушаххаси баҳисобгирии асбобҳои нави рақамӣ бояд таҳия карда шаванд.

Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва БОР як қатор самтҳои рушдро қайд намуда, дар самти инфрасохторӣ зарурати беҳтар кардани дастрасӣ ба интернет дар гузаргоҳҳои гумрукӣ ва минтақаҳои дурдаст, дар самти қонунгузорӣ қоидаҳои ҳифзи маълумот, муайянкунии рақамӣ ва амнияти киберӣ такмили минбаъдаро талаб мекунанд ва дар самти кадрӣ бошад яке аз вазифаҳои афзалиятнок барои солҳои 2025–2030 омӯзиши васеи мутахассисон ва барномасозони IT барои бахши молиявӣ мебошад.

Инчунин, айни замон пулҳои электронӣ пайдо шудаанд, ки барои пардохтҳо ва интиқолҳои онлайнӣ истифода бурда мешаванд. Пайдоиши пулҳои электронӣ дар бозори ҷаҳонӣ ба яке аз технологияҳои молиявии рушдёбанда табдил ёфтааст. Омӯзиши ин бозор барои иқтисоддонҳо, мутахассисони соҳаи бонк ва умуман ҷомеа вазифаи муҳим мебошад.

Таъсири рушди пули электронӣ ба низоми пулии давлатҳо дар асарҳои К. Гудхарт, О. Иссинг ва Б. Фридман омӯхта шудааст.

Пули электронӣ боиси пайдоиши муассисаҳои махсуси пулӣ, яъне маркази клиринги автоматӣ, системаи автоматии касса ва системаи терминал гардид [7]. Маркази клиринги автоматӣ шабакаи бонкдорон аст, ки тавассути як маркази ҳисоббарорӣ пайваст карда шудаанд [6].

Пулҳои электронӣ муодили рақамии асъори анъанавӣ буда, дар васоити электронӣ нигоҳ дошта мешавад ва барои пардохтҳои ғайринақдӣ истифода бурда мешавад. Онҳо ҳамаи вазифаҳои пули муқаррарӣ иҷро мекунанд, вале дар фазои виртуалӣ мавҷуданд.

Пули электронии бонкӣ ин маблағҳои рақамӣ дар суратҳисобҳои бонкӣ пайвастшуда мебошанд, ки тавассути интернет-бонкинг ва барномаҳои мобилӣ дастрасанд. Пулҳои электронӣ якчанд шакл доранд:

<u>Ҳамёнҳои электронии ғ</u>айрибонкӣ- маблағҳо дар системаҳои пардохтҳое, мебошанд, ки барои интиқол ва хариди онлайнӣ истифода бурда мешаванд.

<u>Асъорҳои рақамии бонки</u> марказӣ ин асъорҳои рақамии расмии давлатӣ (масалан, рубли рақамӣ) мебошад, ки ки аз ҷониби танзимгар бароварда шудаанд.

<u>Криптовалютаҳо</u> ин дороиҳои рақамии ғайримарказонидашуда, ки ба асъорҳои давлатӣ пайваст нашудаанд ва дар асоси технологияи блокчейн фаъолият мекунанд.

Фарқиятҳои асосии пулҳои электронӣ аз дигар шаклҳои пул, аз он ҷумла аз пули нақд дар он аст, ки дар даст нигоҳ дошта намешавад ва дар коғаз чоп намешавад ва интиқоли он тавассути дастгоҳҳо (смартфонҳо, терминалҳо, компютерҳо) сурат мегирад. Агар пули ғайринақдӣ дар суратҳисоби бонкӣ танҳо сабти қарзи бонкӣ бошад, пули электронӣ бошад аксар вақт мустақиман дар системаҳои пардохтии махсусгардонидашуда ё дар кортҳои пешпардохт нигоҳ дошта мешавад.

Барои дуруст баҳо додани пули электронӣ, муайян кардани афзалиятҳо ва камбудиҳои он зарур аст.

Бо суръати баланд ва фавран анҷом дода шудани амалиёт, як бор ворид намудани маълумоти корти пластикӣ барои хариди онлайн, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҳадди ақал ҷиҳати таъсиси ҳамёни виртуалӣ барои шахсони суратҳисоби стандартии бонкӣ надошта қулай аст.

Инчунин, ҳангоми пардохти онлайн, маълумоти асосии корти бонкӣ интиқол дода намешавад ва дастгоҳи гумшударо ба осонӣ масдуд кардан мумкин аст, ки ин аз амнияти бехатарии пулҳои электронӣ шаҳодат медиҳад.

Камбудиҳои пули электронӣ имконияти ҳамлаҳои киберӣ, набудани кафолати баргардонидани маблағ ва хатари аз даст додани маълумот маҳсуб меёбанд.

Арзёбии метододологии пули электронӣ ба назар гирифтани нақши онро дар иқтисодиёт тақозо мекунад. Пули электронӣ метавонад барои кам кардани хароҷоти муомилот ва баланд бардоштани самаранокии амалиёти иқтисодӣ муфид бошад, аммо истифодаи он метавонад хатари ноустувории молиявиро афзоиш диҳад ва назорати ҳукуматро коҳиш диҳад.

Дар соли 1980, Роберт Меткалф, яке аз эҷодкунандагони технологияи Ethernet, муайян кард, ки арзиши бевоситаи шабакаҳои алоқа бо шумораи истифодабарандагон меафзояд. Мувофиқи Қонуни Роберт Меткалф, агар дар як ҷомеа танҳо як телефон бошад, он бефоида аст, зеро истифодабарандагони дигари алоқа вуҷуд надоранд. Ҳатто садҳо телефон барои як миллион нафар истифодабарандагон арзише надорад, аммо вақте ки ҳама, аз ҷумла дӯстон, марказҳои савдо, тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва кинотеатрҳо, телефон доранд, идеяи доштани он хеле ҷолиб мешавад. Дар тӯли чанд соли охир, пулҳои электронӣ дар ҷаҳон, инчунин дар Русия эътибор пайдо кардааст. Рушди бозорро дастрасии васеъ ба интернет ва фарогирии телефонҳои мобилӣ, инчунин фаҳмиши истифодабарандагон, ки қулай будани пулҳои электрониро нисбат ба асъори анъанавӣ дарк менамоянд, мусоидат кардааст [4].

Хулоса. Дар асоси арзёбии методологии гузаронидашуда хулоса баровардан лозим аст, ки соҳаи иқтисоди ғайринақдӣ аз ҷониби ҳам олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ омӯзиши зиёдро тақозо менамояд. Дар айни замон, гузариш аз саволҳои таърихӣ ва назариявӣ дар бораи ояндаи пули нақд дар ҷаҳони рақамӣ сурат мегирад. Гузариш ба асъори рақамӣ дар чаҳорчӯби назарияи пулӣ ва консепсияи ҷомеаи бепул омӯхта шуда, амалиётро суръат мебахшад, таҳлилро содда ва хароҷотро кам мекунад. Инчунин, метавон хулоса кард, ки пули электронӣ як воситаи муҳим ва умедбахш барои системаи молиявӣ мебошад, вале истифодаи он эҳтиёткорӣ ва ба назар гирифтани хатарҳо ва маҳдудиятҳои эҳтимолиро талаб мекунад. Барои таъмини устувории низоми молиявӣ бояд механизмҳои муассири назорат ва танзими пули электронӣ таҳия карда шаванд. Инчунин, таҳқиқи таъсири пули электронӣ ба бонкҳои марказӣ имконият медиҳад, ки таваррумро идора намоянд.

Таҳлили адабиёти махсус ва маҷаллаҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки дар заминаи рақамикунонии босуръати иқтисодиёт, пули нақд ҳамчун пояи муҳими суботи иқтисодӣ эътироф шудааст, ки нақши як неъмати муҳими иҷтимоиро иҷро мекунад. Инчунин, дар ҳама соҳаҳо фарогирии молиявиро муҳофизат карда, ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандонро таъмин менамояд ва мустақилияти пардохтҳоро дар ҳолати норасоиҳои техникӣ ё маҳдудиятҳои рақамӣ кафолат медиҳад.

Адабиёт

1. Стратегияи фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026.
2. *А*.Б. Надич Статья Киберленинка «Системы локального обмена услугами и товарами как инструмент снижения уровня безработицы в районах концентрации временно перемещенных лиц».
3. Гарипов Р.И., Ромодина А.М. Теоретические и методические основы рынка электронных денег // Управление в современных системах. 2023. № 2. С. 17-25.)
4. Маркова, О. М. Совершенствование обращения наличных денег в цифровой экономике // Финансовые рынки и банки. – 2021. – № 1. – С. 18-26. – EDN BXNIED.
5. 4. Молоканов И.С. Перспективы перехода к безналичной экономике // Дискуссия. — 2025. — № 6 (139). — С. 206–214., стр 209.
6. Мысаченко, 2023]. Мысаченко В.И., Шапченова Е.В. Эволюция видов денег // Вестник Национального Института Бизнеса. 2023. № 1(49). С. 123-129.
7. Парамонова, 2023]. Парамонова М.А. Автоматизированные платежные системы: проблемы и перспективы развития // Студенческий вестник. 2023. № 9-3(248). С. 43-46.
8. .Рогофф, К. Проклятие наличности / пер. с англ. Аллы Белых; под науч. ред. Андрея Белых. – М.: Издательство Института Гайдара, 2018. – 472 с.
9. Сабзаева Мавзуна Саидкуловна. /Монаграфия «Формирования и развития дехканских хозяйств в рыночных условиях»/", «Ирфон»/ Душанбе -2013, стр 98-103
10. Чаянов, Александр Васильевич. Крестьянское хозяйство. Избранные труды / А. В. Чаянов ; Институт экономики АН СССР. ЭБС ВАСХНИЛ. - М. : Экономика, 1989. - 494 с
11. (www.timebanks.org).
12. http://timebanks.org. [Электронный ресурс].
13. aifs.gov.au[Электронный ресурс].
14. https: www.diw.de. [Электронный ресурс].

УДК: 339

МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ ТАВАССУТИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

Абдуҷабборзода Саидислом

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов. 64/14. Тел.: +992 933297629.

Дар мақола нақш ва мавқеи мақомоти гумрук дар низоми таъмини амнияти иқтисодии давлат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф амнияти иқтисодиро на танҳо ҳамчун ҳифзи манфиатҳои молиявии давлат, балки ҳамчун маҷмӯи шароите арзёбӣ менамояд, ки фаъолияти устувори иқтисоди миллӣ, ҳифзи бозори дохилӣ, ҳаракати қонунии молу сармоя ва муқовимат ба таҳдидҳои иқтисодии берунаро таъмин мекунад. Диққати асосӣ ба вазифаҳои фискалӣ, танзимкунанда, назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук равона шудааст. Муайян карда мешавад, ки қочоқ, нодуруст нишон додани арзиши гумрукӣ, пешниҳоди маълумоти носаҳеҳ оид ба пайдоиши мол, гардиши ғайриқонунии мол ва истифодаи схемаҳои пинҳон намудани пардохтҳои гумрукӣ ба манфиатҳои иқтисодии давлат таъсири манфӣ мерасонанд. Дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ аҳаммияти идоракунии хавфҳо, пешниҳоди маълумоти пешакӣ, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, назорати баъди барасмиятдарорӣ ва ҳамкории байниидоравӣ асоснок карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ барои баланд бардоштани саҳми мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иқтисодӣ як қатор пешниҳодҳои амалӣ манзур гардидаанд.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, мақомоти гумрук, назорати гумрукӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, хавфи гумрукӣ, қочоқ, пардохтҳои гумрукӣ, рақамикунонӣ, савдои хориҷӣ, амнияти занҷираи таъминот.

ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВА ПОСРЕДСТВОМ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ

Абдуджабборзода Саидислом

кандидат экономических наук, доцент кафедры таможенной деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: +992 933297629.

В статье исследуется роль таможенных органов в системе обеспечения экономической безопасности государства. Экономическая безопасность рассматривается не только с позиции защиты фискальных интересов государства, но и как совокупность условий, обеспечивающих устойчивость национальной экономики, защиту внутреннего рынка, законное движение товаров и противодействие внешним экономическим угрозам. Особое внимание уделено фискальной, регулирующей, контрольной и правоохранительной функциям таможенных органов. Рассмотрено влияние контрабанды, недостоверного декларирования таможенной стоимости и происхождения товаров, незаконного товарооборота и уклонения от таможенных платежей на экономические интересы государства. Обоснована необходимость дальнейшего развития системы управления рисками, цифровизации таможенных процедур, предварительного информирования, посттаможенного контроля и межведомственного взаимодействия.

Ключевые слова: экономическая безопасность, таможенные органы, таможенный контроль, внешнеэкономическая деятельность, таможенный риск, контрабанда, таможенные платежи, цифровизация, внешняя торговля.

ISSUES OF ENSURING STATE ECONOMIC SECURITY THROUGH CUSTOMS AUTHORITIES

Abdujabborzoda Saidislom

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Customs Activities of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. tel: +992 933297629.

The article examines the role of customs authorities in the system of ensuring the economic security of the state. Economic security is considered not only from the perspective of protecting the state's fiscal interests but also as a set of conditions ensuring the stability of the national economy, protection of the domestic market, legitimate movement of goods, and resistance to external economic threats. Particular attention is paid to the fiscal, regulatory, control and enforcement functions of customs authorities. The study considers the impact of smuggling, incorrect declaration of customs value and origin of goods, illegal trade and customs-duty evasion on national economic interests. The paper substantiates the need for further development of risk management, digitalization of customs procedures, advance information systems, post-clearance audit and inter-agency cooperation.

Keywords: economic security, customs authorities, customs control, foreign economic activity, customs risk, smuggling, customs duties, digitalization, foreign trade.

Муқаддима. Дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ сарҳади гумрукӣ дигар танҳо хати ҷудокунандаи ҳудуди иқтисодии давлат нест. Аз ин сарҳад ҳамзамон мол, воситаҳои нақлиёт, сармоя, технология ва иттилооти тиҷоратӣ мегузаранд. Ҳар қадар иқтисоди миллӣ ба бозори ҷаҳонӣ бештар пайваст гардад, ҳамон қадар масъалаи назорати самараноки чунин ҷараёнҳо аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Ин ҳолат барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос аст. Вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти як қатор гурӯҳҳои мол, мавқеи транзитии кишвар, рушди тиҷорати байналмилалӣ ва тағйирёбии босуръати технологияҳои савдо талаб менамоянд, ки фаъолияти гумрукӣ аз доираи вазифаи анъанавии ҷамъоварии боҷу андоз берун бароварда шавад. Имрӯз гумрук дар як вақт бояд ду вазифаеро иҷро намояд, ки дар назари аввал зидди ҳам менамоянд: аз як тараф, назорати боэътимоди сарҳади иқтисодиро таъмин кунад ва аз тарафи дигар, барои соҳибкорони қонунӣ монеаи маъмурии зиёдатӣ эҷод накунад.

Маҳз дар ҳамин нуқта робитаи фаъолияти мақомоти гумрук бо амнияти иқтисодӣ равшан мегардад. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолияти гумрукиро ба ҳимояи истиқлолият ва амнияти иқтисодии мамлакат алоқаманд менамояд. Аз ин рӯ, самаранокии мақомоти гумрукро танҳо аз рӯйи ҳаҷми пардохтҳои ситонидашуда баҳогузорӣ кардан кофӣ нест. Пешгирии воридоти ғайриқонунӣ, ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ҳифзи истеҳсолкунандаи ватанӣ, таъмини дурустии маълумоти тиҷорати хориҷӣ ва суръат бахшидан ба ҳаракати қонунии мол низ нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти онҳо мебошанд.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани нақши мақомоти гумрук дар низоми таъмини амнияти иқтисодии давлат ва пешниҳод намудани самтҳои такмили ин фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқ. Асоси методологии таҳқикро усулҳои таҳлили низомӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти илмӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми омӯзиши масъала санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама Кодекси гумрук, инчунин санадҳо ва тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии гумрук ва Созмони Умумиҷаҳонии Савдо истифода шуданд.

Дар таҳқиқ фаъолияти гумрук ҳамчун унсури ҷудогона не, балки ҳамчун қисми низоми умумии амнияти иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Чунин муносибат имкон медиҳад робитаи назорати гумрукӣ бо сиёсати андозу буҷет, рушди соҳибкорӣ, ҳифзи бозори дохилӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ муайян карда шавад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ доираи васеи муносибатҳоро фаро мегирад. Агар онро танҳо ба ҳифзи даромади буҷет маҳдуд намоем, қисми муҳими масъала аз назар дур мемонад. Давлат аз нигоҳи иқтисодӣ дар он ҳолат устувор аст, ки тавонад манфиатҳои миллии худро ҳимоя кунад, фаъолияти бозори дохилиро нигоҳ дорад, барои соҳибкорӣ шароити нисбатан баробар фароҳам оварад ва ба таҳдидҳои берунӣ сари вақт вокуниш нишон диҳад.

Мақомоти гумрук дар ин низом мавқеи махсус доранд, зеро қисми зиёди таҳдидҳои иқтисодии фаромарзӣ маҳз ҳангоми ҳаракати мол аз сарҳад пайдо мешаванд. Пинҳон намудани миқдори воқеии мол, кам нишон додани арзиши гумрукӣ, тағйир додани рамзи мол, маълумоти нодуруст оид ба кишвари истеҳсолкунанда ё истифодаи ҳуҷҷатҳои носаҳеҳ метавонанд боиси кам шудани пардохтҳо ва халалдор гардидани рақобати солим шаванд.

Масалан, агар воридкунанда арзиши молро аз арзиши воқеӣ хеле паст нишон диҳад ва ин ҳолат ошкор нашавад, масъала танҳо дар он нест, ки буҷет маблағи муайянро аз даст медиҳад. Воридкунандаи мазкур нисбат ба соҳибкоре, ки тамоми талаботи қонунро иҷро мекунад, бартарии ғайриқонунӣ ба даст меорад. Дар натиҷа муҳити рақобат вайрон мешавад. Агар чунин амалҳо хусусияти мунтазам гиранд, онҳо метавонанд ба истеҳсолкунандагони дохилӣ низ таъсири ҷиддӣ расонанд.

Аз ин рӯ, вазифаи фискалии гумрук бо вазифаи ҳифзи муҳити рақобатӣ пайванди мустақим дорад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки таъсири мақомоти гумрукро ба амнияти иқтисодии давлат метавон дар чанд самти бо ҳам алоқаманд арзёбӣ намуд.

Самти аввал таъмини манфиатҳои фискалии давлат мебошад. Дуруст муайян намудани арзиши гумрукӣ, таснифи мол, пайдоиши он ва ҳисобу ситонидани пардохтҳои дахлдор барои ташаккули қисми даромади давлатӣ аҳаммияти калон доранд. Дар ин раванд масъала на танҳо ҷамъоварии маблағ, балки пешгирии саркашӣ аз пардохтҳо мебошад.

Самти дуюм ҳифзи бозори дохилӣ аз гардиши ғайриқонунии мол аст. Моли ғайриқонунӣ метавонад аз назорати сифат, талаботи сертификатсия, андозбандӣ ва дигар талаботи муқарраргардида берун монад. Ин вазъ ба фаъолияти соҳибкорони қонунӣ зарар мерасонад ва дар баъзе ҳолатҳо ба саломатӣ ва амнияти аҳолӣ низ таҳдид мекунад.

Самти сеюм танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад. Тавассути воситаҳои гумрукию тарифӣ ва иҷрои маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи давлат мақомоти гумрук дар татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ иштирок менамоянд.

Самти чорум ба таъмини иттилоотии сиёсати иқтисодӣ дахл дорад. Маълумоти гумрукӣ дар бораи сохтори воридоту содирот, кишварҳои шарики тиҷоратӣ, арзиш ва гурӯҳҳои молӣ барои таҳлили вазъи иқтисоди миллӣ аҳаммияти калон дорад. Сифати қарорҳои иқтисодӣ то андозае аз сифати ҳамин маълумот вобаста аст.

Ниҳоят, самти панҷум мусоидат ба савдои қонунӣ мебошад. Назорати гумрукӣ набояд ба худи тиҷорат табдил ба монеа гардад. Тӯлонӣ шудани барасмиятдарорӣ хароҷоти соҳибкорро зиёд мекунад. Аз ин сабаб амнияти иқтисодӣ на тавассути зиёд кардани шумораи санҷишҳо, балки тавассути баланд бардоштани дақиқӣ ва мақсаднокии онҳо таъмин карда мешавад.

Дар шароити афзоиши ҳаҷми савдои хориҷӣ санҷиши ҷисмонии ҳар як бор на танҳо душвор, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ низ камсамар аст. Барои ҳамин дар таҷрибаи муосири гумрукӣ муносибати ба хавф асосёфта мавқеи марказӣ гирифтааст.

Моҳияти ин равиш содда аст: захираҳои назоратӣ бояд бештар ба амалиётҳое равона карда шаванд, ки эҳтимоли ҳуқуқвайронкунӣ дар онҳо баланд аст. Барои муайян намудани чунин амалиётҳо маълумот оид ба мол, арзиш, пайдоиш, масири интиқол, таърихи фаъолияти иштирокчии тиҷорат ва дигар нишондиҳандаҳо таҳлил мешаванд.

Созишномаи СУС оид ба содагардонии расмиёти савдо низ талаб менамояд, ки назорати гумрукӣ то ҳадди имкон ба борҳои дорои хавфи баланд равона шуда, ҳаракати борҳои хавфашон паст тезонида шавад.

Ин муносибат барои амнияти иқтисодӣ ду натиҷаи мусбат медиҳад. Аввал, имконияти ошкор кардани амалиёти шубҳанок зиёд мешавад. Дуюм, соҳибкорони қонунӣ вақти камтарро барои расмиёти гумрукӣ сарф мекунанд.

Тағйироти солҳои охир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти пешниҳоди маълумоти пешакиро тақвият додаанд. Маълумоти пешакӣ имкон медиҳад, ки мақоми гумрук ҳанӯз то расидани мол хавфи эҳтимолиро арзёбӣ намуда, шакли зарурии назоратро интихоб намояд.

Аз нигоҳи мо, рушди минбаъдаи низоми идоракунии хавфҳо бояд бо ҷамъоварӣ ва таҳлили автоматии маълумот алоқаманд бошад. Агар система танҳо ба меъёрҳои умумӣ такя кунад, эҳтимоли санҷиши зиёдатӣ боқӣ мемонад. Истифодаи таърихи амалиёти субъект, натиҷаи санҷишҳои қаблӣ ва маълумоти байниидоравӣ интихоби объектҳои хавфнокро дақиқтар мегардонад.

Рақамикунонӣ дар фаъолияти гумрук набояд танҳо ҳамчун гузариш аз ҳуҷҷати коғазӣ ба шакли электронӣ фаҳмида шавад. Арзиши асосии он дар имконияти муқоиса ва таҳлили ҳаҷми калони маълумот зоҳир мегардад.

Ҳангоми ҳамгироии системаҳои иттилоотӣ мақоми гумрук метавонад маълумоти дар декларатсия пешниҳодшударо бо маълумоти дигар мақомоти давлатӣ муқоиса намояд. Ин раванд эҳтимоли истифодаи ҳуҷҷатҳои сохта ё маълумоти ба ҳам мухолифро кам мекунад.

Дар сатҳи байналмилалӣ низ технологияҳои рақамӣ бо идоракунии хавф, санҷиши пайдоиши мол ва аудити гумрукӣ алоқаманд карда мешаванд. Аммо худи технология мушкилотро ҳал намекунад. Агар маълумоти воридшаванда носаҳеҳ бошад ё мубодилаи байниидоравӣ дуруст ташкил нашавад, рақамикунонӣ танҳо шакли корро иваз мекунад.

Аз ин рӯ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, ки рақамикунонии гумрук дар се самт ҳамзамон пеш равад: сифати маълумот, ҳамгироии системаҳо ва таҳлили хавф.

Қочоқ яке аз шаклҳои равшани таҳдид ба амнияти иқтисодӣ мебошад. Вале таъсири он танҳо бо ҳаҷми моли ғайриқонунӣ чен карда намешавад.

Ҳангоми ворид шудани мол аз роҳҳои ғайриқонунӣ давлат даромади андозию гумрукиро аз даст медиҳад. Соҳибкоре, ки чунин молро ба бозор мебарорад, метавонад онро бо нархи нисбатан паст пешниҳод кунад, зеро қисми хароҷоти ҳатмиро пардохт накардааст. Ин ҳолат ба соҳибкории расмӣ фишор меорад ва метавонад ҳавасмандии иштирокчиёни бозорро барои фаъолияти шаффоф кам кунад.

Аз ин ҷиҳат мубориза бо қочоқ як қисми сиёсати васеътари коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ мебошад.

Самаранокии чунин мубориза аз ҳамкории мақомоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ вобаста аст. Маълумоти андоз, бонкӣ, нақлиётӣ ва тиҷоратӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад барои муайян кардани занҷираи воқеии амалиёт аҳаммияти зиёд дошта бошад.

Яке аз роҳҳои паст кардани сарборӣ дар сарҳад интиқол додани қисми назорат ба марҳилаи баъди барасмиятдарорӣ мебошад. Ин усул имкон медиҳад, ки мол дар ҳолатҳои хавфи паст зудтар озод шуда, дурустии маълумот баъдан дар асоси ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва тиҷоратии субъект санҷида шавад.

Созишномаи СУС оид ба содагардонии расмиёти савдо назорати баъди барасмиятдарориро яке аз воситаҳои суръат бахшидан ба иҷозати мол эътироф менамояд.

Барои татбиқи самараноки чунин механизм мақомоти гумрук бояд имконияти таҳлили маълумоти фаъолияти соҳибкорро дошта бошанд. Ҳамзамон, интихоб барои санҷиши баъдӣ низ бояд ба хавф асос ёбад. Дар акси ҳол, аудити баъди барасмиятдарорӣ метавонад танҳо шакли дигари санҷиши маъмурӣ гардад.

Таҳдидҳои иқтисодии фаромарзӣ танҳо дар доираи як давлат ташаккул намеёбанд. Мол метавонад дар як кишвар истеҳсол, аз кишвари дигар содир ва тавассути чанд давлат интиқол дода шавад. Аз ин сабаб маълумоте, ки танҳо дар дохили як низоми миллӣ ҷамъоварӣ мешавад, на ҳамеша барои арзёбии пурраи хавф кофӣ аст.

Созмони умумиҷаҳонии гумрук дар SAFE Framework ҳамкории «гумрук–гумрук», «гумрук–бизнес» ва «гумрук–дигар мақомоти давлатӣ»-ро аз унсурҳои асосии амнияти занҷираи байналмилалии таъминот мешуморад.

Барои Тоҷикистон ин масъала махсусан дар самти мубодилаи маълумоти пешакӣ, тасдиқи ҳуҷҷатҳо, арзиши мол, пайдоиши мол ва транзит аҳаммият дорад.

Бо дарназардошти таҳлил, такмили саҳми мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба якчанд самт равона кардан мумкин аст.

Якум, низоми идоракунии хавфҳо бояд бештар ба таҳлили маълумот такя намояд. Меъёрҳои интихоби объект барои назорат бояд пайваста аз рӯйи натиҷаҳои воқеии санҷишҳо нав карда шаванд.

Дуюм, мубодилаи электронии маълумот байни мақомоти давлатӣ бояд васеъ гардад. Соҳибкор набояд як маълумотро чанд маротиба ба мақомоти гуногун пешниҳод кунад, агар он аллакай дар низоми иттилоотии давлатӣ мавҷуд бошад.

Сеюм, назорати баъди барасмиятдарорӣ бояд тақвият ёбад. Ин имкон медиҳад назорати мустақим дар сарҳад барои амалиёти хавфашон паст кам ва захираҳо ба самтҳои муҳим равона карда шаванд.

Чорум, таҳлили арзиши гумрукӣ бояд бо пойгоҳи мукаммали иттилоотӣ дастгирӣ карда шавад. Ҳадаф набояд ба таври сунъӣ баланд кардани арзиши мол бошад. Вазифа муайян намудани арзиши боэътимод ва пешгирии ҳам кам нишон додан ва ҳам муносибати субъективӣ мебошад.

Панҷум, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ зарур аст. Соҳибкори қонунӣ бояд аз риояи қоидаҳо манфиати воқеӣ бинад: вақти камтари барасмиятдарорӣ, расмиёти содатар ва пешгӯишавандагии муносибат бо гумрук.

Шашум, омодасозии кадрҳо бояд ба тағйироти технологӣ мутобиқ карда шавад. Мутахассиси гумруки муосир танҳо донистани меъёрҳои ҳуқуқиро кофӣ намебинад. Таҳлили маълумот, арзёбии хавф, савдои электронӣ, логистика ва технологияҳои рақамӣ низ ба қисми фаъолияти касбӣ табдил ёфтаанд.

Хулоса. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки мақомоти гумрук дар низоми амнияти иқтисодии давлат вазифаи нисбат ба ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ хеле васеътарро иҷро мекунанд. Онҳо дар нуқтаи пайвасти бозори миллӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ қарор дошта, ба ҳаракати мол, ташаккули даромади давлатӣ, рақобати бозорӣ ва қонуният дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъсир мерасонанд.

Хусусияти асосии гумруки муосир дар он аст, ки сатҳи баланди амният дигар ҳатман маънои зиёд намудани санҷиши ҷисмонии молро надорад. Баръакс, истифодаи маълумоти пешакӣ, таҳлили хавф, технологияҳои рақамӣ ва назорати баъди барасмиятдарорӣ имконият медиҳад назорат интихобӣ, вале дақиқтар гардад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи асосӣ дар солҳои наздик метавонад гузариш аз назорати асосан амалиётӣ ба модели иттилоотӣ-таҳлилии фаъолияти гумрук бошад. Дар чунин модел қарор оид ба санҷиш пеш аз ҳама аз сатҳи хавф бармеояд. Субъекти боэътимод бояд имконияти зудтар анҷом додани расмиётро дошта бошад, дар ҳоле ки захираҳои назоратӣ ба амалиётҳои дорои аломатҳои хавф равона карда мешаванд.

Дар натиҷа, самаранокии мақомоти гумрукро метавон аз рӯйи се меъёри ба ҳам алоқаманд арзёбӣ намуд: то кадом андоза онҳо манфиатҳои иқтисодии давлатро ҳифз мекунанд; то кадом андоза ҳуқуқвайронкуниҳоро ошкор ва пешгирӣ менамоянд; ва то кадом андоза барои фаъолияти қонунии иқтисодии хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Мувозинати ҳамин се самт метавонад заминаи фаъолияти гумрукии ба талаботи амнияти иқтисодии муосир ҷавобгӯ бошад.

Адабиёт

1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №62, бо тағйиру иловаҳои минбаъда.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2025, №2186 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2025, №2162 «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. World Trade Organization. Agreement on Trade Facilitation. Geneva: WTO.
5. World Customs Organization. SAFE Framework of Standards to Secure and Facilitate Global Trade. 2025 Edition. Brussels: WCO, 2025.
6. World Customs Organization. WCO Customs Risk Management Compendium. Brussels: WCO.
7. World Customs Organization. Revised Kyoto Convention. General Annex, Chapter 6: Customs Control. Brussels: WCO.
8. World Customs Organization. Coordinated Border Management Compendium. Brussels: WCO.
9. World Trade Organization. General Agreement on Tariffs and Trade (GATT 1947), Article VII: Valuation for Customs Purposes.
10. World Trade Organization. Trade Facilitation: Digital Technologies and Trade Facilitation. Geneva: WTO.

УДК: 657

ТАШКИЛ ВА МЕТОДИКАИ АУДИТИ ДАВРИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРУЗАИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН

Олимов Дилшод Абдулхайрович

Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, куч. Нахимов 64/14

Юсупов Алитшер Шодиевич

Магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-250108-Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, куч. Нахимов 64/14

Дар мақола оид ба асоси маълумотҳои мавҷуда ва маводҳои назариявӣ омухтани моҳият, мафҳум ва мақсади аудити сикли истеҳсолӣ, инчунин омузиши хароҷотҳои корхона ва таъсири омилҳо ба онҳо ва пешниҳоди дастурҳо, банақшагирӣ, ва мукамалгардонии самтҳои асосии аудити сикли истеҳсолӣ инчунин аз рӯи натиҷаи аудит, муайян намудани захираҳои афзоишии фоида ва пасткунии арзиши аслӣ, баланд бардоштани дараҷаи даромадноки корхонаҳо мебошад.

Калидвожаҳо: Аудит, аудити сикли истеҳсолӣ, хароҷотҳои корхона, захираҳо, фоида, арзиши аслӣ, сиклӣ истеҳсолӣ, шакли моликият, фаъолияти аудиторӣ, банақшагирӣ, ҳисоботи муҳосибӣ, шаклҳои аудит.

ОРГАНИЗАЦИЯ И МЕТОДОЛОГИЯ АУДИТА ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ЦИКЛА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

Олимов Дилшод Абдулхайрович

кандидат экономических наук, исполняющий обязанности доцента кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14

Юсупов Алишер Шодиевич

магистрант 1 курс специальность 1-250108 – Бухгалтерский учет, анализ и аудит, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимова, 64/14

В статье, на основе имеющихся данных и теоретических материалов, исследуется сущность, концепция и цель аудита производственного цикла, а также изучаются затраты предприятий и влияние факторов на них, даются указания, планы и основные направления совершенствования аудита производственного цикла, а также, на основе результатов аудита, определяются ресурсы для увеличения прибыли и снижения стоимости капитала, повышения рентабельности предприятий.

Ключевые слова: Аудит, аудит производственного цикла, затраты предприятия, ресурсы, прибыль, себестоимость, производственный цикл, форма собственности, аудиторская деятельность, планирование, бухгалтерская отчетность, формы аудита.

ORGANIZATION AND METHODOLOGY OF THE PRODUCTION CYCLE AUDIT IN THE CONTEXT OF TAJIKISTAN'S CURRENT ECONOMY

Olimov Dilshod Abdulkhayrovich

Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor at the Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov St.

Yusupov Alitsher Shodievich

First-year Master's student specializing in Accounting, Analysis, and Audit (Code 1-250108) at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov St.

Based on existing data and theoretical materials, this article examines the essence, concept, and objectives of the production cycle audit. It analyzes enterprise costs and the factors influencing them, offers guidelines for planning and refining key areas of the production cycle audit, and—based on audit results—identifies opportunities to increase profits, reduce production costs, and enhance the profitability of enterprises.

Keywords: Audit, production cycle audit, enterprise costs, resources, profit, production cost, production cycle, form of ownership, audit activity, planning, accounting reports, audit forms.

Муқаддима. Дар шароити бозор ҳамаи корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон, дар асоси усулҳои ҳисоби тиҷорат фаъолият менамоянд, ки асоси фаъолияти онҳо ду мақсадро бояд таъмин намояд: қонеъгардонидани талаботи ҷамъият ва гирифтани фоидаи максималӣ. Барои ноил гаштан ба ин мақсадҳо бояд яке аз масъалаҳои рӯзмара ки имрӯзҳо мавриди таваҷҷуҳи мутахасисони соҳаи иқтисод гардидааст, ҳалли худро то ҳади имкон ёбад, ки ин пасткунии арзиши аслӣ ва дурӯст ҷобаҷокунии хароҷотҳое,ки таркиби арзиши аслиро ташкил медиҳанд. Ин масъаларо тавасуди аудити сиклӣ истеҳсолӣ метавон то қадри имкон ҳал намуд,

чун, ки аудит кафолатдиҳандаи дурӯстии амалиётҳои хаҷагидорӣ ва қонуни будани амалиётҳои объекти мавриди назар дар ин самтӣ омӯзиш мебошад.

Масоили аҳамиями омӯзиши самтҳои ташкил ва методикаи аудити сикли истеҳсолӣ ва таснифи онҳо дар шароити имрузаи иқтисодиёт дар таҳқиқоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ: Шарифов З.Р., Барфиев Қ .Х. **,** Шоимардонов ., Бобиев И., Шеремет А.Д., Суйц В.П. ва дигарон омӯхта шудааст.

Ин амалиётҳои хоҷагӣ оид ба истеъмоли истеҳсолии хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва иловагӣ барои тайёркунӣ ва бароришиҳ маҳсулоти тайёр аст. Аудити сикли истеҳсолӣ нисбадтан падидаи нав буда дар арафаи рӯшд қарор дорад ва барои ширкатҳои аудитори фаъолияти нав буда, барои васеъшавии доираи фаъолияти онҳо мусоидат мекунад.

Мақсади аудити сиклӣ истеҳсолӣ ин муқарар намудани дурустии амалиётҳои хоҷагидории бо шартҳои лозима дар самти муайянкунии арзиши аслии маҳсулот мебошад, ки расидан ба мақсадҳои гузошташударо таъмин менамояд. Чун ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ масоили хароҷоти корхонаҳо ва роҳҳои асосии кам кардани онҳо яке аз масъалаҳои актуали ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ корхонаҳо кӯшиш менамоянд, ки бо истифодаи роҳу усулҳои самаранок хароҷоти истеҳсолии худро кам намуда, сатҳи баланди даромаднокиро таъмин созанд.


Дар шароити муосир иқтисодиёти бозоргони бисёртабақа ва низоми муосири идоракунии субъектҳои хоҷагидор калимаи «аудит» ва «аудитор» бениҳоят васеъ истифода мешавад, ки ин яке аз тақозои ҳозиразамон мебошад. Аммо бо назардошти он, ки калимаи «аудит» дар хориҷи кишвар бениҳоят васеъ истифода мешавад, мафҳуми асосии он ба баъзе шахсон бо пурраги маълум нест.

Дар навбати аввал барои бештар дохил шудан ба мафҳуми «аудит» бояд ба маънои худи калима шиносои пайдо кард.

Калимаи «аудит» аз калимаи лотинии «audio» баромада маънои «шунидан», «гӯшкардан», «фаҳмидан»-ро ифода менамояд. Калимаи «аудитор» бошад маънои «шунаванда»-ро байён менамояд.

Аммо бояд қайд намуд, ки мафҳуми асосии истилоҳи мазкур дар раванди идоракунӣ на онқадар бо назорат алоқаманди дорад, чи қадаре, ки бо мушоҳидаи раванди ҷараён ё фаъолият. Бо назардошти ҳамаи инҳо бо боварии мукаммал метавонем таъриф намоем, ки аудит фаъолияти ихтисосмандонаи бо ҷамъият талабот пайдо карда шуда мебошад. Дар замони муосир бо назардошти таърифи асосии аудит ва мақсади он ба якчанд гурӯҳҳо ҷудо шавад ба монанди: аудити технологӣ, экологӣ, аудити иқтисодӣ, аудити кадрҳо аудити истеҳсолӣ ва ғайраҳо. Аудит дар доираи иқтисодиёт бениҳоят васеъ ҷойгир шуда, дар замони муосир ҳамчун истилоҳ омӯзишӣ саломатии бемор бо мақсади муқараркунии сабаи беморӣ ва роҳҳои табобати онро дар бар мегирад. Барои ба таври васеъ дарк намудан ба моҳияти «аудит» ва «фаъолияти аудиторӣ» бояд ба омӯзишҳои илмии олимони иқтисодиётшинос, ки дар соҳаи иқтисод корҳои назарасеро анҷом додаанд, назар намоем, дар навбати аввал олимоне, ки ба соҳаи аудит дониши худро дареғ надоштанд рӯ овард. Олимони соҳаи аудит ба он якчанд таърифҳоро пешкаш менамоянд, ки онҳо аз ҳамдигар дар дараҷаи ҷумлабандӣ фарқият менамоянд, аммо дар мантиқи умумӣ ифодагари як фикр мебошанд. Яке аз таърифҳои мафҳуми аудит инҳо мебошанд.

Аудит – ин омӯзиши мустақилонаи ҳисоботҳои молиявии корхона бо аудитории махсус таъингардида ва баён намудани фикру мулоҳиза оиди риояи қоидаҳои бо қонунгузорӣ муқарар гардида мебошад.



Дар расми 1. ***Намудҳои фаъолияти аудиторӣ ва аудити истеҳсолӣ.***
Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Ҷадвалӣ 1.*Таснифи умумиии фаъолияти аудиторӣ*.

Фаъолияти аудиторӣ

Шклҳои аудит	**Хизматҳои ба аудит вобаста (дахлдор)**
Берунӣ	Маслиҳатдиҳӣ оид ба ҳисоби муҳосибӣ, андозситонӣ, тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ
Дохилӣ	Бурдани ҳисоботи муҳосибӣ ва назорати дохилӣ
Ҳатмӣ	Барқарор кардани ҳисоботҳои муҳосибӣ
Ташаббусӣ	Гузоштани ҳисоботи муҳосибӣ
Ихтиёрӣ	Дигаркунии низоми ҳисоби муҳосибӣ
Инфироди	Гузарондани таҳлили иқтисоди (молиявӣ)
Мутобиқи супориши мақомоти давлатӣ	-Омӯзондани ҳисоботи муҳосибӣ -Автоматикунонидании ҳисоботи муҳосибӣ -Чоп кардани дастури методӣ барои хизматҳои муҳосибӣ оид ба андоз, ва андозгузорӣ, таҳлил ва аудит

Сарчашма : Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Ҷадвали 2. Шаклҳои асосии аудит

А у д и т	
1. Оид ба давраҳои инкишоф	Давраҳои тасдиққунӣ Системаи самтнок (низоми таваккалӣ) Аудите, ки эҳтимолияти хавф дорад
2. Оид ба тавсияи фармоишот	2.1 Аудити лозимияти ҳатмӣ 2.2 Аудити ташабусӣ ё ихтиёрӣ
3. Оид ба фаъолияти субъект	3.1 Аудити умумӣ 3.2 Аудити бонкӣ 3.3 Аудити суғуртавӣ 3.4 Аудити дигар фаъолиятҳо
4. Оид ба объекти санҷишӣ	4.1 Аудити берунӣ 4.2 Аудити дохилӣ (идоравӣ)
5. Доир ба давра ба давра гузаронидани аудит	5.1 Аудити аввала 5.2 Аудити мутобиққардашуда

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Барои он, ки фаъолияти аудитириро хуб дарк намоем донистани намудҳои он зарур аст, ки дар саволи боби якуми ин рисола бо таври васеъ оварда шудаас.

Мавод ва усулҳо. *Методикаи тафтиши аудитории сикли истҳсолиро аз рӯи расми 2 бо назардошти алоқамандиҳояш дида мебароем.*

Методика гуфта мувофиқи мақсад иҷро кардани ягон корро меноманд



Расми 2. Методикаи тафтиши аудитории сикли истҳсолӣ

Сарчашма : Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Дар расми 2. методикаи тафтиши аудитории сикли истҳсоли оварда шудааст:

1. таъминоти иттилоотӣ;
2. банақшагирӣ;
3. ҷараёни таъминот;
4. ҷараёни истеҳсолот. ;
5. ҷараёни аудити хароҷоти истеҳсолӣ;
6. аудити ҳисобкунии арзиши аслӣ;
7. самтҳои асосии мукамалгардонии аудити сикли истеҳсолӣ.

Мақсади аудити баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ – муқаррарсозии асоснокии, ҳуҷҷатноккунии ташаккул ва дурустии баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии субъекти хоҷагидори мебошад.

Дар ҷараёни санҷиши хароҷоти истеҳсолӣ аудиторон бояд **вазифаҳои зерин**ро иҷро намоянд:


- Баҳо додани асоснокии усули истифодашавандаи баҳисобгирии хароҷот, усулҳои тақсим ва азнавтақсимкунии хароҷоти истеҳсолӣ;
- Тасдиқи боэътимодии ҳуҷҷатноккунӣ ва инъикоси хароҷоти мустақим ва ғайримустақим дар баҳисобгирӣ;
- Баҳо додани сифати барӯихатгирии истеҳсолоти нотамом;
- Гузаронидани назорати арифметики нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ аз рӯи маълумоти баҳисобгирии умумии хароҷоти истеҳсолӣ.

Манбаъҳои ахборотӣ: Низомнома оиди сиёсати баҳисобгирӣ; карточкаҳои (ведомостҳои) супоришотӣ; ҷадвалҳои коркард(аз рӯи тақсимкунии музди меҳнат, нигоҳдориҳо, хадамоти истеҳсолоти ёрирасон, ҳисоби фарсудашавии воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки активҳои ғайримоддӣ); тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии хароҷоти иловагӣ, санади барӯихатгирии истеҳсолоти нотамом, ведомости баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, регистрҳои баҳисобгирӣ, Китоби Асосӣ, ҳисоботҳои молиявӣ ва инчунин навиштҳои муҳосиби аз рӯи ҳисобҳои зерин ба таври пурра истифода бурда мешавад.

Дар раванди тафтиши аудитории сикли истеҳсоли банақшагири яке аз аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Банақшагирии аудит- яке ад давраҳои ҳатмии тафтиши аудитори мебошад, ки мақсади он стратегия ва равнди аудит, ҳаҷми тафтиши аудиторӣ, таёр намудани нақшаи умумии аудит, ва коркрди барномаҳои аудит ва ҷараёнҳои муайяни аудитори ба ҳисоб меравад. Стандартҳои байналмилалии аудитори IAS 300 “ Банақшагирӣ” қайд менамояд, ки “ Аудитор бояд раванди тафтишро тавре банақша гирад, самаранокии раванди тафтишро таъмин намояд”. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, тафтиши аудитори бояд самаранок банауша гирифта шавад.

Банақшагирии аудит – ин раванди муайян намудани ҳаҷм, мӯҳлати ва кор карда баромадани стратегияи умумии санҷиши аудиторӣ мебошад. Дар асоси ин стратегия тарзу усул ва ҷараёнҳои ҷамъоварии исботҳои аудиторӣ муқаррар карда мешавад.

Дар рафти ҷараёни кор карда баромадани раванди умуми санҷиш аудитор бояд ба фаъолият ва низоми назорати дохилии субъект шинос бошад, дараҷаи таваккалро, ки бо ин корхона алоқаманд аст баҳо диҳад ва мақсади худро муайян намояд.



Расми 3. Дар ҷадвали номбурда силсилаи банақшагирӣ оварда шудааст.
Сарчашма : Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Дар ҳолати банақшагирӣ аудитор ҷараёнҳои таҳлилиро нисбати моддаҳои баланс ва ҳисоботҳои молиявӣ истифода менамояд. Бо ин мақсад аудитор аз шахсони масъули субъекти иқтисодӣ ҳисоботи молиявиро дастрас намда, дараҷаи тағирёбии модаҳои онро санҷида мебарояд.

Бо назардошти қайдҳои овардашуда мо метавонем зарурияти банақшагирии тафтиши аудитории сикли истеҳсолиро баён намоем. Банақшагири лозим аст:

- интихоби равиши (методикаи) аудит, ки бештар бо мақсадҳои гузошташуда ҷавобгуй мебошад;
- иҷроиши назорати корҳо;
- ҷалб намудани диққат ба равандҳои тафтиш;
- баҳодиҳии тавакалияти аудиторӣ.

Банақшагирии аудити сикли истеҳсолиро метавон ба ду давра ҷудо намуд, ки ҳар як давраи банақшагирӣ элементҳои худро дорад, ки дар раванди тафтиши аудитори истифода мешаванд.

Дар коркарди нақша ва барномаи аудит муайян намудани объекти тафтишот, роҳҳои асосии он ва дар он ҷамънамоии ресурсҳо ва қувваҳо зарӯр аст.

Дар қоидаҳои мономегри омадаст: 80%-и натиҷаҳо ба 20%-и ҳодисаҳо рост меоянд.

Дар мутобиқат бо гузаронидани тафтиши аудиторӣ, чунин тарз тасвир карда мешавад: 20%-и амалҳои аудитор ошкоркунии норасогиҳои асосиро дир ҳисобот таъмин мекунад.

Пас вазифаи ташкилотҳои аудитори (аудитори инфиродӣ) аз он иборат аст, ки гузаронидани қоидаҳои аудитириро бо чунин тарз , ки онҳо таввакалияти аудитириро оид ба баён намудан фикру мулоҳизаҳо дар бораи дурӯстии ҳисоботи муҳомибӣ пешкаш намоянд. Дар рафти банақшагирии тафтиши аудитории сикли истеҳсолӣ аудитор бояд чунин хусусиятҳоро баҳисоб гирад, ки барои соҳаи дузандагӣ дар раванди тафтиши аудиторӣ таъсиррасон ва тартиби аудитории истифодашаванда хос мебошад.



Расми 4. Силсилаи банақшагирии аудити сикли истеҳсолӣ.

Сарчашма : Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Натиҷаҳо ва муҳокима. Хусусиятҳои банақшагирии аудити сикли истеҳсолиро бо таври зайл дида мебароем:

- зарурияти тафтиши ҳисобгирии ҳудудҳои истеҳсоли, ки дар корхонаҳои дӯзандагӣ ба сифати истеҳсолкунандагони қисми ба ҳисоб мераванд. Дар ҷараёнҳои- бизнес барои корхонаҳои дӯзандагӣ истифадаи зиёти техникаи дӯзандагӣ (рангкуни, тарфгарӣ, тозаунӣ , хушкашӯӣ ва ғ) зарӯр ва лозим мебошад.

Пас бояд тафтиши дурустии истифодаи самаранонок-- ҳисобгирии ин воситаҳо дида баромада шавад ва хулосаҳои зарури пешниҳод карда шавад.

- дар соҳаи дӯзандагӣ ба даст ори якчанд намуди маҳсулот хос аст.Масалан шим ва болопушаш, ки қисмҳои ин намуди маҳсулот дар якчанд ҳудуд истеҳсол мешавад ва объекти тафтиш муайянкунии арзиши аслии маҳсулот дар ҳудудҳо мебошад.


Тафтиши аудитории сиклӣ истеҳсолии корхонаҳо меҳнатталаб буда ва он ба мушкили анҷом меёбад, чун, ки объекти омузишаш амалиётҳои хоҷагидорӣ вабаста ба истеҳсол ва фурӯшӣ маҳсулот мебошад.Аз ин рӯ

интихоби методи санҷиши амалиётҳои циклӣ истеҳсолӣ таъсири назаррасро ба маблағи умумии санҷиш мерасонад. Амалиётҳои сикли истеҳсолӣ асосан аз муайян кардани таркиби истеъмолии захираҳои моддӣ (давраи таёркуни ва истеъмол) ; таркиб ва сохтори даромад (силсилаи фурӯш ва ба даст овардани даромад), ва ҳаракати захираҳои моддии ташкилот (циклӣ молиявию сармоягузорӣ).

Ин аст зарурати омузиши мукамали силсилаи истеҳсолии корхона.

Ҷамъбасти силсилаи истеҳсоли ва сохтори онро дар расми зерин дида мебароем.

Ҷадвали 3. Сохтор ва раванди циклӣ истеҳсолӣ



Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Ба методикаи аудити циклӣ истеҳсолӣ таъсир мерасонанд:хусусиятҳои технологӣ, ташкил ва навъи истеҳсолот, усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулиятсияи арзиши аслии маҳсулот, сохтори ташкилию истеҳсолии корхона ва омилҳои дигар.

Вазифаҳои аудити давраи истеҳсолӣ, ба ақидаи мо, инҳо мебошанд:

- баҳодиҳӣ ба самаранокии назорати дохилӣ, аз ҷумла:
- ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо;
- Гузаронидани барӯйхатгирӣ;
- Тақсимоти ваколатҳои уҳдадориҳо;
- иҷроиши ҳисобгирии истеҳсолӣ;
- таёр ва ташкилкунии ҳисоботи дохилӣ
- омӯзиши низоми меъёри хоҷагӣ ва истифодаи он ҳангоми муқаррар намудани нархҳо;
- назорати хароҷоти захираҳо;
- санҷиши баҳисобгирии хароҷот дар истеҳсолот ва мувофиқати он ба ҳуҷҷатҳоӣ амалкунандаи;
- Таҳлили хароҷоти истеҳсолӣ.

Дар асоси вазифаҳои муқараргардида методикаи санҷиш таҳия гардидааст, ки дар ҷадвали 4. оварда шудааст.

Ҷадвали 4.Унсурҳои методикии амалиётҳои циклӣ истеҳсолӣ.

Унсурҳои методика	Мазмуни унсурҳои методика	Тавсифи элементҳои методика
Мақсад	Мақсади аудити сикли истеҳсолӣ ифодаи андеша дар бораи дурӯст инъикоскунии ахборот дар бораи истеҳсолоти нотамом, маҳсулоти таёр, истеҳсолӣ маҳсулот (кор ва хизматҳо).	
Вазифаҳои санҷиш оид ба таёрнамудани ҳисоботи муҳасибӣ		Тасдиқи вуҷуд доштани бақияи истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти таёр дар ҳисобот.
	Мавҷудият	Тасдиқ намудани ҳуқуқӣ ташкилот оиди маҳсулоти таёр дар ҳисобот бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.
	Ба вуҷуд омадан	Тасдиқ намудани он, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ дар тавозуни муҳосиби ҷой доштани маҳсулоти таёр.
	Баҳодиҳии арзишӣ	Тасдиқ мекунад, ки : - маҳсулоти таёр дар ҳисобгири ва ҳисобот дурӯст баҳогузори шудааст; - истеҳсолоти нотамом дар ҳисобгири ва ҳисобот дурӯст баҳогузори шудааст; - маблағи хароҷоти давраи ҳисоботӣ дар ҳисобот дурӯст қайд шудааст.
	Асосноккунӣ	Тасдиққунии ҳуҷҷатии- амалиётҳои хоҷагидорӣ вабаста ба маҳсулоти таёр ва истеҳсолоти нотамом.
	Тасдиққунӣ	Тасдиққунии дурӯстии ҳисоботи истеҳсолот ва назоратӣ он.
	Пешниҳод ва ошкор намудан	Тасдиққунии: - дурӯст гурӯҳбандии маҳсулоти таёр; - дурӯст ҳисобгирии маҳсулоти таёр ва мутобиқати он ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ; - кушодани ахборот оиди маҳсулоти таёр ва хароҷотҳои истеҳсолӣ дар ҳисобот;

Раванди ҷамъоварии далелҳои аудиторӣ	Раванди таёркуни ва банақшагирии аудит	1. Санҷиши бақияи аввали ҳисобҳо; 2. Санҷиши бақияи ҳисобҳои кулли ва ҷузъии ҳисоботҳои муҳосибӣ; 3. Баҳодиҳии интихоби сиёсати ҳисобгирии ташкилот, таҳлили истифодабарии он; 4. Санҷиши низоми назорати дохилӣ; 5. Ошкор намудани самтҳои афзалиятноки санҷиш; 6. Интихоби аудиторӣ;
	Расмиёти раванди санҷиш	1. Санҷиши дурӯст ба руйхатгирии истеҳсолоти нотамом ва инъикоси натиҷаи барӯйхатгири дар ҳисобгирӣ; 2. назорати раванди барӯйхатгирӣ; 3. Санҷиши дурӯст баҳодиҳии истеҳсолоти нотамом; 4. Санҷиши ҳуҷҷатии амалиётҳо вобаста ба маҳсулоти таёр; 5. Санҷиши дурӯст ҳисобгирии хароҷот ва калкулиятсияи арзиши аслии маҳсулот; 6. Таҳлили хароҷоти истеҳсолӣ; 7. Таҳлили ҳаракати маҳсулоти таёр;
	Хулосаи раванди санҷиш	1. Таҳлили хароҷотҳо ва хатогиҳои ошкоршуда дар ҷараёни санҷиш ва таъсири онҳо ба дурӯстии ҳисоботи муҳосибӣ; 2. Ташакули ақида (хулоса) оид ба эътимоднокии нишондиҳандаҳои маҳсулоти таёр ва истеҳсолоти нотамом дар ҳисобот.

Сарчашма : Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои илмӣ

Чихеле, ки дар боло мушоҳида намудем тафтиши аудитории сикли истеҳсолӣ меҳнатталаб мебошад, чун, ки дар ин ҷо хароҷотҳо ва дурӯст истифодабарии онҳо мавриди омузиш қарор гирифта истодаас.

Методикаи тафтиши аудитории сикли истеҳсолӣ аз якчанд қисмҳое иборат мебошад, ки мо онро дар ҷадвали боло нишон додаем. Давраҳои технологии тафтиши аудитории сикли истеҳсоли:

- Мақсади тафтиши аудитории сикли истеҳсолӣ муайян карда мешавад;
- Вазифаҳои тафтиши аудитори сикли истеҳсолӣ муайян карда мешавад;
- Тақсимоти ӯҳдадориҳо байни иҷрокунандагон;
- Раванди ҷамъоварии исботҳои аудиторӣ;
- Хулосаи раванди санҷиш.

Ҳар як амале, дар боло номбар намудем пайдар пай иҷро карда мешавад.

Хулоса. *Аудити сикли истеҳсолот* — ин амалиётҳои хоҷагӣ оиди истеъмоли истеҳсолии хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва иловагӣ барои тайёркунӣ ва бароришии маҳсулоти тайёр аст.

Аудити сикли истеҳсол объекти вазнин ва меҳнатталаби аудиторӣ мебошад. Хусусиятҳои он дар тавсифи соҳа ва бизнеси ҳар як мизоҷ зоҳир мегарданд. Ба ғайр аз ин, ҳамаи манбаъҳои далелҳои аудиторӣ ҳуҷҷатҳои дохилии аз ҷониби мизоҷ таҳияшуда мебошанд, ки тибқи стандартҳои аудит арзиши онҳоро барои санҷиш паст мегардонад. Аз ин рӯ, барои бомуваффақият гузаронидани санҷиши сикли истеҳсол фаҳмиши ҷараёни истеҳсол ва хусусиятҳои технологии он аз ҷониби аудитор, инчунин шиносоии визуалӣ бо сех ва хатҳои истеҳсолӣ, хоҷагии амбор муҳим аст.

Дар корхонаҳои имрӯза фаъолияткунандаи ҷумҳурии мо аудити истеҳсолӣ на он қадар пурра ба роҳ монда шудааст.

1. Агар субъектони хоҷагидор аудити истеҳсолиро ба роҳ монанд ва хароҷотҳо дурӯст ҷо ба ҷо карда шаванд, корхона мунтазам фаъолият мекунад.

2. Дар корхонаҳо, ки аудити истеҳсолӣ ба роҳ монда шудааст аудиторон бояд бисанҷанд:

- дурӯст таснифи хароҷот: ба истеҳсоли маҳсулот(асосӣ ва иловагӣ); аз рӯи усули дохилнамоӣ ба арзиши аслӣ(бевосита ва бавосита); аз рӯи ҳайат (якунсура ва комплексӣ); нисбат ба ҳаҷми истеҳсол (доимӣ ва тағйирёбанда); аз рӯи давравияти пайдоиш (ҷорӣ ва яквақта).
- Истеҳсолоти нотамомро дуруст муайян намоянд;
- тақсим ва аз навтақсимкунии хароҷоти иловагиро ба роҳ монанд;
- дурӯстии истифодаи усулҳои ҳисобкунии хароҷот ва арзиши аслии маҳсулотро кафолат диҳанд;
- дурустии пешбарии баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъии хароҷоти истеҳсолӣ;
- дурӯстии тартибдиҳии навиштҳои муҳосибӣ;
- мувофиқати навиштҳои куллӣ ва ҷузъӣ аз рӯи ҳисобҳои асосӣ. Аз нуқтаи назари мо агар гурӯҳи аудиторони равона шуда вобаста ба принсипи мустақилият амал намуда, зербандҳои боло номбаршударо риоя намоянд сатҳи баланди даромаднокии корхона таъмин карда мешавад.

3.Ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслӣ аҳамияти муҳимро таснифи хароҷот аз рӯи унсурҳо дорад. Хароҷоти ба арзиши аслӣ воридшаванда вобаста аз мазмуни иқтисодии худ ба унсурҳои зерин тасниф мегарданд:

- хароҷоти моддӣ;
- хароҷоти меҳнатӣ;

 хароҷоти иловагӣ.

4. Дурустии гурӯҳбандии хароҷотро аз рӯи унсурҳо санҷида, аудитор бояд дурустии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот(кору хадамот)- ро баҳо бидиҳад.

5. Тафтиши аудитории сиклӣ истеҳсолии корхонаҳо меҳнатталаб буда ва он ба мушкили анҷом меёбад, чун, ки объекти омузишаш амалиётҳои хоҷагидорӣ вабаста ба истеҳсол ва фурӯшӣ маҳсулот мебошад.Аз ин рӯ интихоби методи санҷиши амалиётҳои сиклӣ истеҳсолӣ таъсири назаррасро ба маблағи умумии санҷиш мерасонад. Амалиётҳои сикли истеҳсолӣ асосан аз муайян кардани таркиби истеъмолии захираҳои моддӣ (давраи таёркуни ва истеъмол) ; таркиб ва сохтори даромад (силсилаи фурӯш ва ба даст овардани даромад), ва ҳаракати захираҳои моддии ташкилот (сиклӣ молиявию сармоягузорӣ).

Ин аст зарурати омузиши мукамали аудити силсилаи истеҳсолии корхона.

Адабиёт

1. Барфиев Қ .Х. Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ; Душанбе -2013, 327-саҳ.
2. Шеремет А.Д., Суйц В.П. Аудит: Учебник. -5-е изд., перераб и доп М.: ИНФРА – М, 2006. – 448с. – С. 21.3
3. Никольская Ю.П. Мерзликина Е.М. *Аудит. — 3-е изд., перераб.,* доп. - М.: ТК Велби, 2006.
4. Основы аудита / С.М.Бычкова. А.В. Газарян, Г.И.Козлова и др. / Под ред. Я.В.Соколова. — М.: Бухгалтерский учет, 2000.
5. Подольский В.И., Савин А.А., Сотникова Л.В. Аудит / Под ред. В.И. Подольского. — 2-е изд., перераб. и доп. —М.: ТК Велби, 2006.
6. Суйц В.П. Аудит. - М.: ТК Велби, 2006.
7. Шеремет А.Д., Суйц В.П. Аудит: учебник. — 5-е изд., перераб. и доп. - М.: ИНФРА-М, 2006.
8. Юдина Г.А. Черных М.Н. Основы аудита: учеб. пособие для вузов. - М.: ТК Велби, 2006.
9. Бычкова С.М., Фомина Т.Ю. Практический аудит. М.: Эксмо, 2008.

УДК 330.13:336(575.3)

НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОЛИЯВИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

Одинаев Эраҷ Сарахонович

номзади илмҳои иқтисодӣ, кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 985540701

Дар мақола нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба арзёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД), самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ, инчунин нақши сиёсати иқтисодии давлат дар беҳтар намудани истифодаи захираҳо равона шудааст. Дар таҳқиқот тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт баррасӣ гардида, таъсири онҳо ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ нишон дода мешавад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар давраи истиқлолият тадриҷан нишондиҳандаҳои молиявӣ беҳтар гардида, имкониятҳои истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ васеъ шудаанд.

Калимаҳои асосӣ: самаранокии иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ, захираҳои иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ, сиёсати иқтисодӣ, сармоягузорӣ, бозори меҳнат, ММД, иқтисоди миллӣ.

ФИНАНСОВЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Одинаев Эрадж Сарахонович

кандидат экономических наук, кафедрой финансы, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992) 985540701

В статье анализируются финансовые показатели эффективности использования экономических ресурсов в годы независимости Таджикистан. Основное внимание уделяется оценке ключевых экономических показателей, таких как рост валового внутреннего продукта (ВВП), эффективность использования трудовых, материальных и финансовых ресурсов, а также роль государственной экономической политики в улучшении использования ресурсов. В исследовании рассматриваются структурные изменения в национальной экономике, привлечение инвестиций и развитие основных отраслей экономики, а также их влияние на повышение экономической эффективности. Результаты анализа показывают, что в период независимости финансовые показатели постепенно улучшались, а возможности рационального использования экономических ресурсов расширялись.

Ключевые слова: экономическая эффективность, финансовые показатели, экономические ресурсы, экономическое развитие, экономическая политика, инвестиции, рынок труда, ВВП, национальная экономика.

FINANCIAL INDICATORS OF THE EFFICIENCY OF ECONOMIC RESOURCE UTILIZATION DURING THE YEARS OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

Odinaev Eraj Sarakhonovich

Candidate of economic sciences, Associate department finance of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Phone: (+992) 985540701

The article analyzes the financial indicators of the efficiency of economic resource utilization during the years of independence of Tajikistan. The main focus is on evaluating key economic indicators such as the growth of Gross Domestic Product (GDP), the efficiency of the use of labor, material, and financial resources, as well as the role of state economic policy in improving resource utilization. The study examines structural changes in the national economy, the attraction of investments, and the development of major sectors of the economy, as well as their impact on increasing economic efficiency. The results of the analysis show that during the period of independence financial indicators have gradually improved and the opportunities for rational use of economic resources have expanded.

Keywords: economic efficiency, financial indicators, economic resources, economic development, economic policy, investment, labor market, GDP, national economy.

Муқаддима. Дар шароити иқтисоди муосир самаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро барои ҳар як давлат, махсусан давлатҳои рӯ ба инкишоф, истифодаи мақсаднок ва оқилонаи захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумла захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ, аҳамияти калон дорад. Дар ин замина нишондиҳандаҳои молиявӣ ҳамчун воситаи муҳим барои арзёбӣ ва таҳлили самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ хизмат мекунанд.

Методология. Дар чунин шароит омӯзиш ва таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ аҳамияти муҳим касб мекунад. Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки сатҳи истифодаи захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ ва самаранокии идоракунии онҳо муайян карда шавад. Аз

ин рӯ, таҳқиқи нишондиҳандаҳои молиявӣ дар шароити рушди иқтисоди миллӣ ва арзёбии нақши онҳо дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳими илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади мақола. Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон иқтисоди миллӣ марҳилаҳои гуногуни рушдро паси сар намуда, тадриҷан ба низоми иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардид. Дар ин давра бо татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва ҷалби сармоягузорӣ имкониятҳои нав барои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ фароҳам оварда шуданд. Ҳамзамон, таҳкими сиёсати молиявӣ ва такмил додани механизмҳои идоракунии иқтисодӣ ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намуд.

Натиҷаҳо. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зинаҳо, муносибатҳо ва ташкилотҳои гуногуни молиявию қарзӣ ба ҳамдигар алоқаманд иборат буда, шакли ҷамъоварии захираҳои иқтисодӣ ва натиҷаи самаранок истифода бурдани ҳар як шохиси он тавассути воситаҳои пулӣ мебошад, ки дар расми 1. сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Расми 1. Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: Таҳия муаллиф

Бояд қайд кард, ки молия муносибатҳои иқтисодии пулиро дар бар мегирад, аммо муносибатҳои мазкур дар ҳар як қисми низоми молиявӣ ба таври гуногун инъикос гардида, хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳар як қисми низоми молиявӣ ба таври муайян ба ҷараёни такроистеҳсол таъсир расонида, вазифаҳои хоси худро дорад. Чунончӣ, молияи корхонаҳо дар ҷараёни истеҳсолоти моддӣ иштирок намуда, бо ёрии он маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ташкил кардаву дар дохили корхонаҳо ва соҳаҳои хоҷагидорӣ тақсим карда мешавад.

Дар сатҳҳои буҷети давлатӣ низ сарчашмаҳои даромади бечет дар шакли фондҳои марказонидашуда муттаҳид гардида, дар байни субъектони асосӣ, яъне истифодабарандагони асосии маблағҳои буҷет, минтақаҳои сатҳи ҷумҳурӣ (ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва ғайра) вобаста ба эҳтиҷоти минтақа ва имконоти буҷа аз нав тақсим мегардад. Фондҳои мақсадноки давлатӣ ҳадафи қатъии истифодабарӣ доранд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои Фонди суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа қатъиян барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ истифода мешаванд. Бо дигар мақсадҳо истифода бурдани маблағҳои фонди мазкур қатъиян манъ аст. Маблағҳои фондҳои суғурта, дар суғуртаи амвол барои талофии зарарҳои дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавӣ ба амволи корхонаҳо ва аҳолӣ расонидашуда, дар суғуртаи шахсӣ барои таъмини моддии суғурташаванда ва ё оилаи у равона мешавад.

Ҳамин тавр, ҳар як қисми низоми молиявӣ соҳаи муайяни муносибатҳои молиявӣ буда, усулҳо ва шаклҳои ба худ хоси ташкил ва истифодаи фондҳои пулиро дар бар гирифта, аз қисмҳои дигари низоми молиявӣ фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, низоми молиявӣ низоми ягона мебошад, зеро ҳамаи қисмҳои он аз сарчашмаи ягонаи маблағҳо (ММД) ташкил карда мешавад.

Асоси низоми ягонаи молиявиро молияи корхонаҳо ташкил медиҳад, зеро он бевосита дар ҷараёни истеҳсолоти моддӣ иштирок менамояд.

Сарчашмаи асосии фондҳои пулии марказонидашудаи давлатӣ даромади миллӣ мебошад, ки дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ташкил карда мешавад. Молияи давлатӣ дар ҳалли вазифаҳои зерин нақши ҳалкунандаро

иҷро менамояд: таъмини суръати муайяни инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ; азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ байни соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақаҳои мамлакат, соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, инчунин шаклҳои моликият, гурӯҳҳо ва қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ. Истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ маҳз дар асоси сиёсати молиявии фаъолонаву оқилонаи давлат имконпазир мегардад.

Давлат тавассути низоми молиявӣ, бо истифода аз андозҳо, хароҷотҳои буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ ба ҷараёни ташкили фондҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда, фондҳои андухт ва истеъмолӣ таъсир мерасонад.

Низоми молиявии мамлакат дар инкишофи иқтисодиёти миллӣ ва танзими давлатии он нақши муҳимро мебозад. Дар солҳои истиқлолият низоми молиявии мамалакат дар асоси талаботҳои ислоҳоти бозорӣ ва бо назардошти таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ ташаккул ва инкишоф ёфт.

Дар як давраи кутоҳтарин санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба низоми молиявӣ мутобиқи хусусиятҳои иқтисодиёти бозорӣ қабул гардида, унсурҳои асосии он ба вуҷуд оварда шуданд. Низоми амалкунандаи молиявӣ шаклан ба муносибатҳои бозорӣ мувофиқ буд, вале ҳанӯз ҳам ба методологияи пештараи таҳияи буҷет, усулҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ асос ёфта, самаранокии истифодабарии захираҳои молиявии давлатиро таъмин наменамояд.

Аз дигар нуқтаи назар, ба рушди иқтисоди миллӣ омилҳои беруна, аз қабили ҳамгироии иқтисодӣ ва ҷараёни ҷаҳонишавии ниҳодҳои иқтисодии байналмилалӣ пурзур гардида истодаанд, ки ин ҳамаи инҳо муаммоҳои хосро дар ташкил ва идоракунии низоми молиявии мамлакат ба вуҷуд оварда, зарурияти гузаронидани ислоҳоти низоми молиявии мамлакатро дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ва бо назардошти хусусиятҳои миллию таърихӣ ва сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба миён овард.

Ислоҳоти низоми молиявии мамлакат тибқӣ: «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2018», ки аз 20.03.2009, №639 тасдиқ гардидааст, сурат гирифт. Мақсади асосии ислоҳоти низоми молиявӣ ин такмили идоракунии молияи давлатӣ, механизми банақшагирӣ ва иҷрои буҷет, ҷорӣ намудани СБҲМ ва низоми арзёбии натиҷаҳои истифодаи захираҳои буҷетӣ самаранокии истифодаи молияи давлатӣ таъмин карда шавад. Давраи аввали ислоҳоти низоми молиявӣ соли 2018 ба анҷом расид.

Дар ҷумҳурӣ дар доираи ислоҳоти молиявӣ ва таҷдиди сохтори идоракунии давлатӣ як қатор стратегияҳо ва қонунҳои муҳим, аз қабили «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ», «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ», «Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ», «Стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок» ва дигарҳо қабул гардиданд, ки тибқи ин меъёрҳои стратегӣ низоми идоракунии ҳамаи зинаи зерсохтори молияи давлатӣ ба кулли тағйир ёфт. Дар доираи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Дар бораи хазинадорӣ», «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», «Дар бораи бозори коғозҳои қиматнок», «Дар бораи суғуртаи давлатӣ» дар таҳрири нав ва Қонунҳои ҶТ «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохили дар бахши давлатӣ», «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», «Дар бораи Палатаи ҳисоби ҶТ» қабул гардиданд. Онҳо имконият доданд, ки сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди интегратсияи ҷаҳонӣ пурра шомил гардад ва идоракунии молияи давлатӣ ба стандартҳову меъёрҳои роҳандозишудаи байналмилалӣ пурра мутобиқ карда шавад, ки ин шаффофияти буҷети давлатӣ, ҳадафнок ва босамар истифода кардани воситаҳои буҷетиро тибқи усулҳои нави маблағгузорӣ таъмин намуда истодаст.

Дар баробари ин, аз соли 2012 то ин ҷониб тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» буҷети давлатӣ барои се соли молиявӣ таҳия мегардад. Дар доираи ислоҳотҳои мазкур сиёсати минбаъдаи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар навбати аввал, бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, раҳо намудани ҷумҳурӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ, ки афзалиятнокии онҳоро Президинти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат дар сиёсати худ муайян намудааанд, равона гардид.

Дар масъалаи тадбиқу амалӣ намудани ислоҳотҳои тарҳрезишудаи Ҳукумати мамлакат бобати ислоҳоти «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018» дар сатҳи ҷумҳурӣ бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо (ИА) як қатор лоиҳаҳои миёнамуддату дарозмуддат роҳандозӣ гардид, ки муҳимтарини онҳо, ин: «...Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ (БМХД), Рушди моделсозӣ ва пешгӯии макроиқтисодӣ дар Тоҷикистон, Модернизатсия (навкунӣ) дар самти идоракунии молияи давлатӣ, Дастгирии назорати давлатии молиявии дохилӣ дар Тоҷикистон, марҳилаи 2-юми бозсозӣ, Барномаи дастгирии техникӣ дар самти тақвияти сиёсати соҳаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгирии амалигардонии Стратегияи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, Мусоидат ба фаъолияти самараноки Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон» мебошанд[7].

Дар ҷараёни тағйиру иловаҳои воридшуда дар низоми зерсохтори идоракунии молиявии давлат консепсияву стандартҳои байналмилалӣ бо тамоми нозукиҳояш пурра пазируфта шуда, вай дар амалӣ гардидани «Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ» нақши ҳалкунандаро бозид. Оғози дастгириҳо аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар соли 2008 буд, моҳи октябри соли 2011 ба анҷом расид, вале дигар лоиҳаҳои ҳадафноки давлатӣ дар самтҳои дигари низоми молиявӣ ҷиҳати боз ҳам пурзур намудан идома дорад.

Аз натиҷаи татбиқи лоиҳаи Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

1. Банақшагирии барномавии сесолаи хароҷоти давлатӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, энергетика, саноат, нақлиёт ва коммуникатсия ҷорӣ карда шуд;

2. Аз ҷиҳати ба назар гирифтани ҳамаи ҳароҷотҳо дар соҳаи иҷтимоӣ буҷети комплексӣ ҷорӣ карда шуд;

3. Раванди буҷетӣ аз нуқтаи назари муҳимияти стратегии вазифаҳои буҷет дар соҳаҳои ичтимоӣ самараноктар гардид;

4. Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ қисми ҷудонашавандаи даври буҷети солона шуд;

5. Таъмини шаффофияти бештар дар тартибу таҳияи буҷет ҳангоми тадбиқи БМХД ба назар мерасид. Инчунин, ҷиҳати амалигардонии лоиҳа асосҳои методологӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, институсионалӣ таҳия ва ҷорӣ шуда, дар рафти ислоҳот масъалаҳои байнисоҳавӣ ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мақсади асосии лоиҳаи Рушди моделсозӣ ва пешгӯии макроиқтисодӣ дар Тоҷикистон дар мусоидат намудан ба рушди механизмҳои тақсими захираҳо зоҳир ёфта, бо ин васила онҳоро бо пешгӯиҳои мувофиқи иқтисодӣ, фискалӣ ва миёнамӯҳлат ҳангоми зарурат истифода мегардад. Оғози тадбиқнамоии Лоиҳаи мазкур дар моҳи ноябри соли 2009 мебошад, вале иҷрои амали он дар моҳи феврали соли 2012 ба анҷом расид. Баъд аз интиҳои лоиҳаи мазкур мо ба чунин натиҷаҳо ноил гардидаем:

1. Усулҳои муосири моделсозӣ ва роҳҳои тадбиқи методологияҳои пешгӯиҳо, нақшаҳо, баҳодиҳии БМХД, буҷет, Барномаи сармоягузории давлатӣ ва банақшагирии раванди рушди иқтисодӣ таҳия шуданд;

2. Модели пешгӯии даромадҳои зерсохтори Вазорати молия (маҳз Сарраёсати сиёсати андоз) бо ҳиссаи баланди арзёбишуда, яъне бештар аз 95 фисади даромадҳоро бо назардошти пешгӯиҳои дигар ниҳодҳои давлатӣ, аз қабили Вазорати рушди иқтисод ва савдо истифода мегардад.

Комплекси моделҳои макроиқтисодии зерин пешниҳод гардид:

- модели истеҳсолот ва тиҷорат барои ниҳодҳои муаззафшудаи давлат;
- модели ояндабинии даромадҳои буҷети давлатӣ барои ниҳодҳои молиявии давлатӣ;
- модели тарҳрезишдаи сесолаи молиявӣ, ки байни ниҳодҳои давлатӣ амал мекунад.

Навкунии лоиҳа дар самти низоми молияи давлатӣ ва идоракунии он барои давраи солҳои 2010-2015 аз ҳисоби Фонди трастӣ (фонди мақсадноки донорҳо) бо кумаку дастгирии (маблағгузориҳои) як қатор ниҳодҳои байналмилалӣ (Бонки ҷаҳонӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди Аврупо) ва давлати Ҷопон роҳандозӣ шудааст. Ин лоиҳа чунин мақсадҳо дорад: а) ҷорӣ кардани тартиботҳои асосӣ барои самаранок ва шаффоф идора кардани хароҷотҳои давлатӣ; б) вусъати иқтидори институтсионалӣ барои тақвияти амалигардонӣ ва устувории амалкунии низоми автоматикии идоракунии иттилооти молиявӣ. Бо воситаи механизми фонди мақсадноки донорҳо Иттиҳоди Аврупо барномаи қарздиҳии ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатиро маблағгузорӣ мекунад.

Дар натиҷаи амалигардонии ин лоиҳа чунин натиҷаҳо то имрӯз ба даст омадаанд:

1. Баъзе аз ҷанбаҳои муҳими низоми ислоҳот ва иқтидорҳои молияи давлатӣ вусъат дода шуд;

2. Механизми муайяни корҳои фаҳмондадиҳӣ барои зерсохтори хазинадорӣ ва дигар кормандони Вазорат ҷиҳати аз бар намудани раванди низоми сохтории идоракунии молияи давлатӣ таъсис дода шуд;

3. Тақвими таҳияи хароҷоти буҷет бо Барномаи миёнамуддати он ҳамоҳанг карда шуд;

4. Гурӯҳбандии буҷетӣ ва ҳисобҳои муҳосибии бахши давлатӣ якҷоя карда шуда, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ гардонида шуданд;

5. Тартиботҳои (проседураҳои) иҷроиши буҷет бо воситаи Хазинадорӣ такмил дода шуданд;

6. Ҷараёнҳои навкунӣ дар низоми марказӣ ва маҳаллии технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ ба роҳ монда шуд;

7. Барои зерсохтори ниҳодҳои молиявӣ технологияи иттилоотии марказонидашуда таъсис дода шуда, кормандони онҳо дар як давраи муайян ба таълим фаро гирифта шудаанд;

8. Низоми иттилоотии марказонидашуда бо инфрасохтори муайян ва технологияи муосир таъмин гардида, кормандони он раванди буҷетро ба осонӣ идора мекунанд.

Дар марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур ҳадафи асосӣ ин аз ҷараёни устуворгардонии раванди ислоҳот дар низоми молияи давлатӣ аз ҷониби шахсони масъуле, ки воситаҳои буҷетиро идора ва қарорҳои дахлдорро мебароранд, иборат мебошад. Инчунин, ҷараёни мусоидат намудани ба низоми қонунгузории самти молияи давлатӣ ва такмили низоми назорати дохилӣ ва хислати тахассусӣ гирифтани вазифаҳои аудити дохилӣ мебошад. Лоиҳа декабри соли 2010 оғоз гардида, декабри соли 2013 анҷом ёфт. Дар натиҷаи амалигардонии ин лоиҳа чунин натиҷаҳо ба даст омаданд:

- масоили зерсохторҳои бахши иҷтимоӣ ва раванди назорати он аз нав тарҳрезӣ гардида, ҷанбаҳои ғайримақсаднок истифодабарии буҷа дар бахши иҷтимоиёт бартараф шудаанд;
- музди маоши омӯзгорон бо тарифҳои муайян ва бо таври электронӣ мавриди амал қарор дода шуд;
- низоми идоракунии буҷет ва пешниҳоди ҳисобот дар байни раёсатҳои молия ва дигар субъектони назораткунанда беҳтар гардонида шуд;
- низоми пардохт ва назорати пайвастаи фонди нафақа дар Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беҳтар карда шуд.
- стандартҳои байналмилалии таҷрибаи тахассусӣ дар бахши аудити дохилӣ ворид гардид;
- иҷрои амали аудити системавӣ ва арзёбии назорати дохилӣ ҷорӣ гардид;
- иқтидори шуъбаҳои аудити дохилии вазоратҳои марбута (9 воҳид) ва ҳокимияти маҳаллӣ зиёд шуданд (50 воҳид).

Яке аз самтҳои баамалбарории сиёсати муосири молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин такмил додани баҳисобгирии муҳосибавӣ дар бахши давлатӣ, ки аз қабул ва татбиқ намудани як қатор стандартҳо ва амалияҳои мушаххас вобастагӣ дорад.

Такмилдиҳии низоми баҳисобгирии муҳосибавии бахши давлатӣ дар «Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2018» яке аз омили асосии ислоҳоти молияи давлатӣ қайд гардида буд.

Корҳо ҷиҳати такмилдиҳии низоми баҳисобгирии муҳосибавӣ дар бахши давлатӣ бо дастгирии Комиссияи Аврупоӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор аз нақшаи нави ягонаи ҳисобҳо барои бахши идоракунии давлатӣ (ННЯҲ) ва дастур оид ба татбиқи он оғоз гардида, таҳия ва тасдиқ гардидаанд ва аз 1-уми январи соли 2014 дар ташкилоту муассисаҳои ҷорӣ шуданд.

Ғайр аз навгониҳои номбаршудаи институтсионале, ки дар раванди ислоҳот ба низоми молияи мамлакат ворид гаштанд, инчунин, механизмҳои нави молиявӣ, ба монандӣ: андози ягона барои соҳаи кишоварзӣ; маблағгузории сарикасӣ дар соҳаҳои бахши иҷтимоӣ; нафақаи суғуртавӣ ва суғуртаи ҳатмии тиббиӣ (ба тариқи санҷишӣ) низ ба амалияи молия татбиқ гаштанд.

Дар мамлакат ислоҳоти низоми молия дар асоси «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», тасдиқи он аз 31.01.2020, таҳти №1446 мебошад, идома дорад.

Барои татбиқи Стратегияи мазкур аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ грантҳо ва кӯмакҳои техникӣ пешниҳод гардиданд ва онҳо баҳри такмили идоракунии молияи давлатӣ истифода мешаванд. Махсусан, ба ҷорӣ намудани низомҳои электронӣ ва технологияҳои муосири иттилоотӣ дар низоми молияи мамлакат дар доираи Низоми иттилоотии идоракунии молия давлатӣ (НИИМД) таваҷҷуҳи хоса дода шудааст.

Натиҷаҳои ислоҳоти низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2009-2022 ҷамъбаст намуда истода қайд мекунем, ки имрӯз низоми молиявии мамлакат ҳам аз рӯи сохтори институтсионалӣ ва ҳам аз ҷиҳати истифодаи шаклу усулҳои идоракунӣ ба талаботҳои стандартҳои ҷаҳонӣ наздик буда, қобилияти таъмини самаранокии захираҳои молиявии давлат ва дигар субъектони иқтисодиро дорад, ки ин барои таъмини афзоиши рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат мусоидот менамояд.

Нақши механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар рушди иқтисодиёти миллии мамлакат то рафт афзун мегардад, ки инро мо аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. мушоҳида карда метавонем (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосои рушди низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2022*

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2015/2024 маротиба
Ҳаҷми буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ аз он ҷумла:	16586,5	18405,2	19955,5	23925,5	23469,4	25065,0	30053,8	36056,8	43903,9	46613,5	**181**
Даромадҳои андозӣ, млн. сомонӣ	10613,4	11188,4	13099,7	14564,9	15775,4	15366,5	19669,6	17907,7	25 766,8	29 124,7	174
Ҷалби сармояҳои хориҷӣ, млн. долл.	977,8	842,7	1100,4	644,4	607,1	428,5	718,3	429,8	2 783,8	50738, 9	4,9
Қарзи берунаи давлатӣ, млн. долл.	2194,5	2274,1	2879,01	2924,2	2 925,3	3243,7	3299,3	3228,3	3 228,31	3 243,31	47,8

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С.334-335, 372-373, 653-564, 658-691. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.448-462. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.213, 238, 384-405. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. С.392-408. Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: molya.tj .

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки дар солҳои 2015–2024 ҳаҷми буҷети давлатӣ аз 16586,5 млн сомонӣ то 46613,5 млн сомонӣ афзоиш ёфта, 30027,0 млн сомонӣ ё 181% зиёд гардидааст. Дар ҳамин давра, даромадҳои андозӣ аз 10613,4 млн сомонӣ ба 29124,7 млн сомонӣ расида, 18511,3 млн сомонӣ ё 174% афзоишро ташкил медиҳанд. Ҷалби сармояи хориҷӣ аз 977,8 млн доллар то 50738,9 млн доллар боло рафта, 49761,1 млн доллар ё зиёда аз 50 маротиба (5089%) афзоиш ёфтааст. Қарзи берунаи давлатӣ бошад, аз 2194,5 млн доллар то 3243,31 млн доллар расида, ҳамагӣ 1048,81 млн доллар ё 47,8% зиёд шудааст. Дар маҷмӯъ, чунин тағйиротҳо аз афзоиши назарраси даромадҳо ва сармоягузорӣ дар шароити нигоҳдории нисбатан мӯътадили сатҳи қарзи давлатӣ шаҳодат медиҳанд..

Муҳокима. Маълумотҳои дар ҷадвали 1 оварда шуда, инчунин шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми густариш ёфтани муносибатҳои байналмилалии молиявӣ, дар марҳилаи аввал механизмҳои молиявӣ такмил меёбанд, аммо дар мавриди ба вуқуъ пайвастан, яъне пайдоиши бухрони молиявию иқтисодӣ дар тамоми

мамлакатҳо якумин шуда низоми молиявӣ хисорот мебинад, зеро рушди муносибатҳои молиявӣ ба рушди муносибатҳои байналмилалию ҷаҳонишавӣ алоқамандии зич дорад.

Аз ин лиҳоз, андешидани тадбирҳои судмандро ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва низоми молия, пешбурди сиёсати мутавозини молиявию қарзӣ, ҳадафноку самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва ҷалбшуда, инчунин, дарёфти манбаъҳои иловагӣ ҷиҳати рушди низоми молиявӣ зарур мебошад.

Омӯзиши вазъи кунуни низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои зерини онро муайян намоем: 1) низоми буҷетӣ зеркисми асосии таркибии он мебошад ва қисми зиёди захираҳои молиявӣ бо истифода аз механизми андоз ва буҷет тақсим карда мешавад; 2) механизми фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок дар сатҳи паст қарор дорад; 3) маблағгузориҳои бонкӣ дар сатҳи нисбат паст қарор дорад; 4) дар нишондиҳандаҳои иқтисодии корхона ҳиссаи қарзҳои бонкӣ дар сатҳи номуайян қарор дорад; 5) сохтори сармояи бонкӣ ва ҷараёни гардишу сатҳи самаранок истифодаи он назар бо бонкҳои давлатҳои хориҷа ба куллӣ фарқ мекунад; 6) фаъолияти ниҳодҳои молиявии ғайрибонӣ, аз қабили фондҳои ташкилотҳои суғуртавӣ, ниҳодҳои сармоягузорӣ ва нафақавӣ, ки дар мувофиқа бо нишондиҳандаҳои рушди бахши воқеии иқтисодӣ дар сатҳи паст қарор дорад; 7) бозори коғазҳои қитманок вазифаи истифода ва гардиши маблағҳои муваққатан озоди аҳолиро дар амал иҷро намекунад; 8) дар сатҳи паст қарор доштани маърифати молиявии аҳолии кишвар.

Хусусиятҳои номбаршудаи низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам меорад, ки муаммо ва самтҳои асосии рушди он дар миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ асоснок карда шавад.

Хулоса. таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки иқтисоди миллӣ тадриҷан ба марҳилаи рушди устувор ворид гардидааст. Афзоиши ҳаҷми буҷети давлатӣ, болоравии даромадҳои андозӣ ва тавсеаи ҷалби сармояи хориҷӣ аз беҳтар гардидани идоракунии захираҳои молиявӣ ва баланд шудани самаранокии истифодаи онҳо шаҳодат медиҳанд. Ҳамзамон, нигоҳдории сатҳи нисбатан мӯътадили қарзи давлатӣ далели татбиқи сиёсати эҳтиёткоронаи қарзӣ ва таъмини устувории макроиқтисодӣ мебошад. Рушди инфрасохтор, саноат ва бахшҳои иҷтимоӣ низ аз ҳисоби сафарбарсозии самараноки захираҳои иқтисодӣ таъмин гардидааст. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи оқилонаи захираҳо ба таҳкими иқтидори иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Адабиёт

1. Одинаев Э.С. Қарзи берунаи давлатӣ ва нақши он дар ҳалли муаммои маҳдудияти захираҳои молиявӣ [Матн] / Э.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқдисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019, №10. Қисми 1. - С.202-207.
2. Одинаев Э.С. Масъалаҳои методологӣ ва амалии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ [Матн] / Э.С. Одинаев, А.А. Бегматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқдисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020, № 2. - С.116- 121.
3. Қурбонализода Д.Т. Рақамикунонии буҷети давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт [Текст] / Қурбонализода Д.Т., Убайдуллозода Ф.У.// Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ», бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (01.04.2024).
4. Қурбонализода Д.Т. Муаммоҳои ташаккули молияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Текст] / Қурбонализода Д.Т.// Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» Бахшида ба рӯзи молиячиён (06.12.2022) ДДМИТ Душанбе 2023
5. Одинаев Э.С. Рушди низоми молиявии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бухронии иқтисоди ҷаҳонӣ [Матн] / Э.С. Одинаев, Х.М. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. 2019, № 1. -С.45-48.
6. Одинаев Э.С. Таъсири омилҳои беруна ба рушди иқдисодиёти миллӣ ва низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019, № 7. -С.119- 124.
7. Сомонаи расмии Вазорати молияи ҶТ: https://moliya.tj/
8. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С.334-335, 372-373, 653-564, 658-691.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С.448-462.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. С.213, 238, 384-405.
11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. С.392-408.
12. Қурбонализода Д.Т. Финансовая безопасность в цифровой экономике [Текст] / Қурбонализода Д.Т.// Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (19-20.12.2023, шаҳри Кӯлоб).
13. Қурбонализода Д.Т. Ҷанбаҳои молиявии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ [Текст] / Қурбонализода Д.Т.// Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ», бахшида ба «Солҳои рушди саноат» (2022-2026) (01.04.2024).

УДК: 336

ТАҲИЯИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Амонова Дилором Абдувахидовна
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки донишҷӯён, бинои 8, утоқи 603. Телефон: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

Иқтисоди бозорӣ дар ҳаёти сиёсию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани дигаргуниҳои ҷиддии назаррасро ба миён оварда, ин дигаргуниҳо бо аниқу равшансозӣ, ҳавасмандӣ ва дигар омилҳои рушди ҷамъият ва кишвар вобаста мебошанд. Дар чунин шароит рушди ичтимоию иқтисодии кишвар то андозаи муайян аз ташаккул ва рушди низомҳои молия, андоз ва буҷет вобаста мебошанд, ки баробари рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъият инкишоф ёфта, зарурати давра ба давра ислоҳоти буҷетиро ба миён.

Бинобари он мақолаи мазкур маҳз ба ҳамин муаммою хусусиятҳои хос, таҳияи буҷети давлатии соли 2025 ва солҳои минбаъда бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: Буҷет, молия, иқтисодиёт, бозор, идоракунӣ, даромад, хароҷот, хусусият, хос, сармоягузорӣ, ММД, ҷараён, таҳия, муҳокима, баррасӣ, марҳила, сохтор, дурнамо, гардиш, микроиқтисод.

РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Амонова Дилором Абдувахидовна
кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхование Таджикский национальный университет. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, студенчиский городок, корпус 8, комната 603. Телефон: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

Рыночная экономика вызвала серьезные изменения в политико-экономической жизни Республики Таджикистан, и эти изменения связаны с определенностью, мотивацией и другими факторами развития общества и страны. В этих условиях социально-экономическое развитие страны в определенной степени зависит от формирования и развития финансовой, налоговой и бюджетной систем, которые развиваются вместе с развитием экономических отношений в обществе, и возникает необходимость в периодической бюджетной реформе.

Именно этим загадкам и особенностям посвящена данная статья, разработка государственного бюджета на 2025 год и последующие годы.

Ключевые слова: Бюджет, Финансы, Экономика, рынок, управление, доход, расходы, характеристика, характеристика, инвестиции, ВВП, поток, разработка, обсуждение, обзор, стадия, структура, прогноз, оборот, микроэкономика.

DEVELOPMENT OF THE STATE BUDGET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS FEATURES

Amonova Dilorom Abduvakhidovna
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Finance and Insurance Department, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, studenchisky gorodok, building 8, room 603. Phone: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

The market economy has caused serious changes in the political and economic life of the Republic of Tajikistan, and these changes are related to certainty, motivation, and other factors in the development of society and the country. Under these conditions, the socio-economic development of the country to a certain extent depends on the formation and development of financial, tax and budgetary systems, which develop along with the development of economic relations in society, and there is a need for periodic budget reform.

It is to these mysteries and peculiarities that this article is devoted, the development of the state budget for 2025 and subsequent years.

Keywords: Budget, Finance, Economics, market, management, income, expenses, characteristics, characteristics, investments, GDP, flow, development, discussion, review, stage, structure, forecast, turnover, microeconomics.

Муқаддима. Маълум аст, ки низоми молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муайяни муносибатҳои молиявӣ, ташаккул меёбанд ва истифода бурда мешаванд. Низоми молияи давлати шакл ва усулҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи маблағҳои пули давлатиро муайян менамоянд [1: 2]. Бинобар ин такмили низоми молиявӣ алалхусус низоми буҷетӣ ба миён меояд ва дар ҳар як давра хусусиятҳои хоси худро пайдо мекунад.

Гузориш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҳаёти иқтисодии кишвар таъғироти назаррасро ба миён оварда. Ин дигаргуниҳо бо аниқу равшансозӣ, ҳавасмандӣ ва дигар омилҳои рушди ҷамъият ва кишвар вобаста мебошанд.

Дар чунин сатҳи шароити ичтимоию иқтисодии кишвар то андозаи муайян аз ташаккул ва рушди низоми молиявию буҷетӣ вобаста мебошад, ки он дар навбати худ бо баробари рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъият инкишоф ёфта, зарурати давра ба давра ислоҳоти буҷетиро ба миён меорад.

Мавриди зикр аст, ки муваффақият ташаккулёбии иқтисодиёти бозорӣ бевосита ба таъмини мунтазами молиявии кишвар вобастаги дошта, дар навбати аввал аз танзими давлатӣ вобаста мебошад, ки мақсади асосии стратегияи буҷети давлати дар шароити имрӯза таъмин намудани мувозинатии буҷети давлатӣ ва идоракунии самарабахши маблағҳои буҷетӣ, умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ мебошанд, иборат аст.

Ҳамин тавр, буҷет муҳимтарин воситаи танзими молиявӣ мебошад, ки раванди тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии маблағҳоро байни буҷети сатҳои гуногун, бо мақсади баробарсозии манбаҳои даромаду хароҷотӣ онҳо ифода мукунад [2: 6].

Барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишварамон – таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръат ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул нақши муҳимро буҷети давлатӣ мебозад. Инчунин буҷети давлатӣ қисми таркибии молияи давлатӣ буда, дар маблағгузории хароҷоти давлатӣ ва таъмини рушди ичтимоию иқтисодии давлат нақши калидӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки кулли вазифаҳои давлатӣ, барномаҳои рушди иқтисодиву ичтимои, консепсияву стратегияҳои давлатӣ ва дигар чорабиниҳои давлатӣ тавассути маблағгузории буҷетӣ амалӣ карда мешаванд. Маълум аст, ки бо муваффақият ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ бевосита вобаста аз таъмини мунтазами молиявии кишвар ва давра ба давра афзоиш ёфтани буҷети давлатӣ ва таъмини иҷрои барномаву стратегияи буҷети давлатӣ вобаста мебошанд.

Мусалламаст, ки мақсади асосии стратегияи буҷет дар шароити муосир – таъмини муозинатии буҷети давлатӣ ва идоракунии самарабахши маблағҳои буҷетии умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити нави иқтисоди бозорӣ масъулият, вазифа, ҷавобгарӣ ва уҳдадории давлат дар назди ҷамъият боз ҳам зиёдтар мегардад. Яъне дар даврaҳои муайяни рушди ичтимоию иқтисодӣ, буҷети давлатӣ ба хусусиятҳои хоси худ – хусусияти ичтимоии он боз ҳам рушд меёбад, ки он сабаби давра ба давра бештар шудани сатҳу сифати некуаҳолии мардуми кишвар, хоҳад гашт.

Қобили тазаккураст, ки давлат фаъолияти худро дар самти қонунгузорӣ, сиёсати молиявӣ ва андозу буҷет, фаъолияти сиёсати беруна, сиёсати илмӣ – техникӣ ва техналогияи муосир, тайёр ва ҷобаҷогузории кадрҳо, такмили сифати таълиму тарбия, мудофия, ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи ичтимоии аҳолӣ ва дигар самтҳо амалӣ намуда, хароҷотро барои ин вазифаҳо таъмин намояд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар мақола таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва дурнамои макроиқтисодии солҳои 2025–2027, ки дар сарчашмаҳои истифодашуда оварда шудаанд, истифода гардидааст. Маълумоти даромаду хароҷот ва сохтори онҳо ба таври муқоисавӣ баррасӣ мешаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Хусусиятҳои хоси буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир, махсусан дар қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Чунки дар таҳияи буҷети давлатӣ ҳадафҳои муҳими дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида дастуру супоришҳо аз вохуриҳо бо намояндагони аҳли ҷомеа, супоришҳои протоколи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин чунин тавсия ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлими намояндагони Маҷлисӣ Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи имкониятҳои молиявии кишвар ба инобат гирифта шудаанд. Албатта ин иқдоми таҳияи буҷет хусусияти хоси давру замон ба ҳисоб рафта, барои боз ҳам беҳтар гардонидани сифати нақшаи молиявии давлат мусоидат мекунад.

Дар Паёми ҳаминсолаи худ (28.12.2024) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти хоси буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, нисбати солҳои гузашта баён намуданд, аз ҷумла: дар соли 2024 (нақша) даромади умумии буҷети давлатӣ 42956.4 млн. сомонӣ ва дар соли 2025 – 49582,3, ки нисбати соли 2024 ба 6,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми хароҷоти умумии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 – 4410800 млрд. сомонӣ ва дар соли 2025 – 51591423 ҳаз. сомонӣ, ки нисбати соли 2024 қариб 748,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. [3: 1]

Яке аз хусусиятҳои хоси буҷети давлатии кишвар дар солҳои охир – ин буҷети давлати ҳамасола дар доираи ҳадафҳои муҳиме, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнгардида, дастуру супоришҳо аз вохуриҳо бо намояндагони аҳли ҷомеа, супоришҳои протоколии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қарору барномаҳои Ҳукумати кишвар, инчунин тавсия ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони МОҶТ ва дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи имкониятҳои молиявии кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Буҷети давлатӣ ҳамасола дар доираи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиёти кишвар, ҳадаф ва афзалиятҳои асосӣ стратегия, барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда мешавад.

Дар буҷети ҳаминсола маълумот оид ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, самтҳои асосии сиёсати андозӣ, сохтори буҷети давлатӣ, ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, хизматрасонии қарзи давлатӣ дарҷ шудааст, ки тавассути он дастрасии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба маълумотҳои болозикр таъмин мегардад.

Бинобар ин, сифати нақшаи молиявии давлат – буҷети давлатӣ сол аз сол беҳтар гардида дар таъмини рушди ичтимоию иқтисодии кишвар нақши назаррас доранд.

Қайд кардан ба мавридаст, ки яке аз хусусиятҳои хоса буҷети давлатии кишвар – характери миёнамӯҳлат доштани буҷети мазкур мебошанд, ки он дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таҳия мегардад.

Дар соли 2025 дурнамои Маҷмуи Маҳсулоти дохилии (ММД) Ҷумҳурии Тоҷикистон 166065 млрд. сомонӣ муқаррар шудааст.

Дар назар дошта шудааст, ки ММД дар соли 2026 – 187536 млн. сомонӣ ва дар соли 2027 ба 211197 млн. сомонӣ баробар мегардад. Афзоиши реалии ММД дар солҳои 2025 – 8,4%, соли 2026 – 8,0% ва дар соли 2027 – 8,2% пешбини гардидааст. [2: 6]

Қайд кардан зарур аст, ки таҳияи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷараёни таҳияи он барои 2025 вобаста ба хусусиятҳои хоси худ дар шакли расми зерин ифода карда шудааст:

№	Тақвим	Раванд
1	Январ	Таъсири гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба ташаккули буҷети давлатӣ
2	Феврал	Таҳияи дастурамал (марҳилаи 1) оид ба таҳияи буҷети давлатӣ
3	Март	Таҳияи нишондиҳандаҳои дурнамои макрофискалӣ ва сармоягузории давлатӣ
4	Апрел	Ба ВМҶТ пешниҳод намудани дархостҳо барои афзалияту ташаббусҳои нав, муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷот
5	Май	Барасии дархотҳои ташаббусҳои нав. Муҳокимаи буҷетӣ оид ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳавӣ
6	Июн	Пешниҳоди самтҳои асосии сиёсати андозию буҷетӣ барои давраи миёнамуҳлат ба баррасии гуруҳи кории байни идоравии буҷетии назди ВМ ва муайян намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти буҷети давлатӣ (даромад, хароҷот)
7	Июл	Пешниҳоди ҳадди ниҳоии аниқшудаи хароҷоти соҳаҳо ба ТАМБ. Тасҳеҳи дурнамои макрофискалӣ. Пешниҳоди дархотҳои буҷетӣ аз ҷониби тамоми ташкилотҳои буҷетӣ
8	Август	Гузаронидани муҳокимаҳои буҷетӣ дар гуруҳи кории байни идоравии буҷети назди ВМ. Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»
9	Сентябр	Ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»
10	Октябр	Баррасии лоиҳаи буҷет дар Комиссияи буҷетии доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба муҳокимаи МНМО пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»
11	Ноябр	Муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» дар МНМО Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни он
12	Декабр	Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбиқҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025

Сарчашма: *Қайд дардан зарур аст, ки таҳияи буҷети давлатӣ тартиби дар боло зикрёфта амалӣ гашта, ки он ҳам яке аз хусусиятҳои хоси таҳияи буҷети давлатӣ ҳисобидан мумкин.*

Бояд гуфт, ки дар сохтори даромади буҷети давлатӣ низ таъғйирёбии мусбӣ таъмин гашта шудааст, ки онро ҷадвали №1 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Сохтори даромади буҷети давлатӣ, нақша барои соли 2025

1.	Даромад - ҳамагӣ	49582,2 млн. сомонӣ (ДБД)
2.	Воридоти ғайриандозӣ	2468,6 ё 5%-и даромади буҷет
3.	Гратнҳо ва қарзҳо барои лоиҳаҳои инвеститсионӣ	11177,2 ё 23% ДБД
4.	Андоз барои захираҳои тиббӣ	1501,6 ё 3% - и ДБД
5.	Боҷи гумрукӣ	1448,6 ё 3,3% ДБД
6.	Аксизҳо	1320,9 ё 3,0% ДБД
7.	Низоми махсуси андозбандӣ	1213,3 ё 2,0% ДБД
8.	Андоз аз арзиши иловашуда	13090,9 млн. сомонӣ ё 26% ДБД
9.	Грантҳо барои дастгирии буҷет	1192,0 млн. сомонӣ ё 20% ДБД
10.	Маблағҳои махсуси ташкили буҷетӣ	2928,7 ё 6,0% ДБД
11.	Дигар даромадҳо	284,6 млн. сомонӣ ё 1,0% ДБД
12.	Андоз аз даромади шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ	9039,2 млн. сомонӣ ё 18%-и ДБД
13.	Андоз аз ичтимои	2617,0 ё 5% - и ДБД
14.	Андоз аз молу мулки ғайри манқул	1300,1 млн. сомонӣ ё 3,0% - и ДБД

Сарчашма: *Суханони ВМҶТ ба мақсади оммафаҳм гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» нашрияи навбатии иттилоотии «Буҷетӣ» шаҳрвандиро дар сомонаи расмии ВМҶТ: аз 7.12.2024. №2115.*

Бояд қайд кард, ки мувофиқи нақшаи миёнамуҳлати буҷетӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2024 - 2027 динамикаи рушд пешбини гардидааст, яъне ММД дар соҳаи 2025 - 166,1 млн. сомонӣ, 2026-187,9 млрд. сомонӣ ва соли 2027 – 211,2 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Афзоиш дар солҳои 2025 – 8,4%, 2026 – 8,0% ва соли 2024 – 8,2% таъмин хоҳад гашт, ки он ҳам яке аз хухусиятҳои хоси буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инчунин,

дурнамои гардиши савдои хароҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 дар ҳаҷми 8,9 млрд. доллари ИМА ва воридот 5,9 млрд. доллари ИМА ояндабинӣ шудааст. Соли 2026 содирот -3,2 млрд. сомонӣ доллари ИМА ва воридот – 6,1 млрд. сомонӣ, соли 2027 содирот -3,5 млрд. доллари ИМА ва воридот 6,2 млрд. доллари ИМА баробар хоҳад гашт:

Дар ҳақиқат камшавии ҳаҷми воридот дар ин даврaҳо ояндабинӣ шудааст, ки таъмини рушди иқтисодию ичтимоии кишвар шаҳодат медиҳад.

Даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 бо афзоиш ташаккул ёфта ҳаҷми он 49582,2 млн. сомонӣ (ё ин ки 29,9%-и ММД)-ро ташкил медиҳад.Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусияти хоси буҷети мазкур, ки ҳангоми таҳияи дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ барои соли 2025 аз нуқтаҳои зерин, ҳамчун нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ қабул гардидаанд: дурнамои ММД, сатҳи таваррум, қурби асъори миллӣ, нақшаи сармоягузориҳои давлатӣ, Пайёми навбатии пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷатҳои зарурии давлати ва ғайра, ки он ҳамхусусияти хоси буҷети мазкур мебошад.

Барои пурра пайдонамудани рушди нақшаи буҷети давлатӣ бояд сохтори даромади онро барои соли 2025 аз маълумотҳои ҷадвалӣ №1 дидан мумкин аст.

Дар сохтори даромади буҷети давлатии соли 2025 ҷойи намоёнро даромад аз андоз аз арзиши иловашуда – 26% ё бо маблағи 13090,9 млн. сомонӣ, грантҳо ва қарзҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ – 23% ё 11177,2 млн. сомонӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеи ва ҳуқукӣ – 18% ё 9039,2 млн. сомониро ташкил медиҳад [3:2-4];


Бо баробари афзоиши ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ дар соли 2025 нисбати соли 2024 (нақшаи соли 2024 - 42956,4 млн. сомонӣ ва дар соли 2025 – 49582,2 млн. сомонӣ, ки он нисбати соли гузашта 6625,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад). Дурнамои ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ барои соли 2026- 53422,2 млн. сомонӣ ва дар соли 2027 – 57626,5 млн. сомонӣ пешбини карда шудааст, ки дар ин давра динамикаи афзоиши ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ низ пешбини гаштааст [8:12];

Бояд зикр кард, ки бо баробари афзоиши ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар ин давра, инчунин ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ҷараёни афзоиш ё ин ки динамикаи тағйирёбии рушди хароҷоти буҷети давлатӣ таъмингашта истодааст, ки он сиёсати давлатии молиявии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра, нафақат ҳаҷми умумии даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ рӯ ба афзоиш майл дорад ва балки нишондиҳандаи макроиқтисодӣ низ рӯ ба афзоиш таъмин мегарданд, ки он аз рушди ичтимоию- иқтисодии кишвар дарак медиҳанд.

Нишондиҳандаи буҷети давлатӣ низ рӯ ба афзоиш майл дорад. Дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва тавазуни он дар солҳои молиявии 2025- 2027, ки дар диаграммаи зерини №1 акс ёфтааст.

Диограммаи 1. Дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ ва тавозуни он дар солҳои молиявии 2025-2027 (бо ҳисоби млрд. **сомонӣ)**



Сарчашма: *Суханронии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025». Аз сомонаи расмии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.10.2025 саҳифаи 7).*

Муҳокимаи натиҷаҳо. Аз маълумотҳои диаграммаи мазкур маълум мешавад, ки динамикаи афзоиши даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ дар ин давра (солҳои 2025-2027) таъмин гашта, касри буҷетӣ давлатӣ бошад, ки он аз рушди иқтисодиёти кишвар дарак медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ ба монанди нишондиҳандаҳои дар боло қайд гардида, рӯ ба рушду афзоиш майл доранд.

Яке аз хусусиятҳои хоси буҷети соли 2025-ин таъғйир ёфтани нишондиҳандаҳо барои ҳисоботҳо, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ба андозаи 75 сомонӣ муқарар карда шуд. Инчунин ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву ичтимои ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуда [8:10-15].

Яке аз хусусияти хоси буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025-ин пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекои хоҷагидориро бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва дарияти гузаронидани онҳо (ба истиснои хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шуд, ки то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шуд [8:2,3,5].

Қайд кардан зарур аст, ки ин иқдоми неки пешниҳодҳои Пешвои миллат, Президенти кишвар боз як таконӣ устувори барои рушди соҳибкорию сармоягузории кишвар, хоҳад гашт, ки он яке аз хусусиятҳои хоси буҷети соли 2025 хоҳад буд.

Инчунин дар соли 2025 ва солҳои минбаъдаи он гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили механизми ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва ғайра ҷои намоёнро ишғол мекунад, ки он ҳам хусусияти хоси буҷети солҳои 2025-2027 хоҳад буд.

Ҳамин тавр, ҷорабиниҳое, ки дар буҷети давлатии соли 2025 ва минбаъдаи он, ки баъзеи онҳоро дар боло қайд карда шуд, амалишавии онҳо барои афзоиши даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ ва беҳтар гаштани сатҳи ичтимоию иқтисодии кишвар ва аҳолии он хоҳад таъмин гашт.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Ба ақидаи мо барои амалигаштани чорабиниҳои давлатӣ, ки нисбат ба такмили низоми буҷет хусусиятҳои хоси он, бояд пешниҳодҳои зеринро амали намуд.

1. Дар таҳияи буҷети давлатӣ ҳадафҳои муҳим дар Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсия ва пешниҳодҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукуматҳои маҳал бо пуррагӣ ба инобат гирифа ташаванд.
2. Такмил додани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар, ҳадаф ва афзалияти асосӣ, стратегия, барномаҳои давлатӣ, рушди воқеии иқтисодиёти миллӣ ва Стратегияи миллии рушди кишвар барои то соли 2030 такия намудани буҷетӣ давлатии минбаъда.
3. Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили механизми ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.
4. Ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ, ки он камбудию мушкилиҳои соҳибкорони ватаниро сабуку коҳиш медиҳад ва рушди фаъолияти соҳибкори дар кишвар давра ба давра беҳтару устувор мегардад.
5. Рушди сармояи инсонӣ ва истифодаи васеи зеҳни сунъи дар иқтисодиёт, ки он яке аз сабаби рушди ичтимои – иқтисодии кишвар хоҳад гашт.

Агар пешниҳодҳои мазкур дар амал тадбиқ шаванд онгоҳ афзоиши даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, давра ба давра бо хусусиятҳои хоси худ таъмин гашта, сатҳи зиндагонии мардум ва камбизоатии онҳо хоҳад коҳиш ёфт.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» шаҳри Душанбе 28 июни соли 2011, №723.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 15.05.2009.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» аз 28 декабри соли 2024.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” Ахбори МОҶТ, соли 2017, №5
5. Маҷаллаи БМТ №1 (100) январ, марти соли 2023
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2003, с. 1-2.
7. Ахбори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (суханронии Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди хусусиятҳои хоси буҷети соли 2025 ва минбаъдаи он) аз 7. Октябри соли 2024., Сомонаи махсуси Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024.
9. Фармони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбирҳои вусъатдодани ҳисоббаробаркунии ғайри нақдӣ» таҳти рақами №586 аз 22 июни соли 2023.
10. Ҳикматов С., Икромов Ф.Н., Ҷаҳоншо С. Буҷет ва низоми хазинадорӣ (китоби дарсӣ), Душанбе 2023.
11. Ҳикматов С., Ҷаҳоншо С. Буҷет ва низоми буҷетӣ Душанбе соли 2023.
12. Стратегияи миллии рушди иқтисодиёт барои давраи то соли 2030.
13. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ. Васоити таълимӣ / У.С. Ҳикматов – Душанбе 2021, с. 27-47.

УДК: 338.2

СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Абдуллоев Мирзо Муллоевич
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи бехатарии иқтисодӣ, факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, полковники хизмати гумрук. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4 Email: abdulloev.60 @mail.ru Тел.: +992 938 69 01 01.
Ҳомидова Қутбия Ҳалимхоновна
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4. Тел.: +992 900 15 50 51.

Дар мақола сиёсати иқтисодии кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаллифон кӯшиш намудаанд ки коҳиш ёфтани вазъи иқтисодии кишварро дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ дар асоси маълумот ва мадракҳои зарурӣ нишон диҳанд.

Чи тавре, ки аз маълумоти пешниҳоднамудаи муаллифон маълум гашт, иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ чунин арзёбӣ шудааст: Агар соли 1991 истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1990 - 6% кам шуда бошад, пас соли 1992 якбора қариб 40% поён рафта буд. Тамоми соҳаҳои иқтисодиёт тамоюли поёнравӣ дошт. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва истеъмолӣ танҳо 67,5 фоизи нишондиҳандаи соли 1991 -ро ташкил дода буд. Умуман, кулли нишондиҳандаҳои иқтисодии соли 1992 яку якбора поён рафт. Масалан, тавварум ва ё беқурбшавии асъори ба ном миллии ҳамонвақта то сатҳи 2000 фоиз расида буд**.**

Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт дар соли 1996 нисбат ба соли 1991 12,2%, аз ҷумла дар саноат 46% ва дар соҳаи сохтмон 54% кам шуд. Таҳлилҳои баъзе экспертҳо дар соли 2011 нишон доданд, ки талафи иқтисодии ҷанги шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ беш аз 10 млрд. доллярро ташкил додааст**.**

Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар ибтидои ташаккули давлати муосири соҳибистиқлол заминаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули муносибатҳои навини иқтисодӣ аниқ мушаххас гашта, асоси рушди иқтисодиёти конститутсионӣ - яъне иқтисодиёти бозаргонӣ дар кишвар пайрезӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, сиёсати иқтисодӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, захираҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти миллӣ, демократикунонии ҷомеа, соҳибистиқлолӣ, иқтисодиёти бозаргонӣ, моликияти хусусӣ, буҷети давлатӣ.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ПОЛИТИКА ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Абдуллоев Мирзо Муллоевич
кандидат философских наук, доцент, заведующий кафедрой экономической безопасности факультета таможенной деятельности и экономической безопасности Таджикского государственного финансово-экономического университета, полковник таможенной службы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/4Email: abdulloev.60@mail.ru Тел.: +992 938 69 01 01
Хомидова Кутбия Халимхоновна
кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/4. Тел.: +992 900 15 50 51

В статье рассматривается экономическая политика страны в первые годы независимости. Авторы стремятся на основе необходимых данных и источников показать ухудшение экономического положения страны в начальный период независимости.

Как следует из представленных авторами данных, экономика республики в первые годы независимости характеризовалась следующим образом: если в 1991 году валовой внутренний продукт сократился на 6% по сравнению с 1990 годом, то в 1992 году он резко снизился почти на 40%. Все отрасли экономики имели тенденцию к спаду. Производство промышленной, сельскохозяйственной и потребительской продукции составило лишь 67,5% от уровня 1991 года. В целом все экономические показатели в 1992 году резко ухудшились. Например, инфляция или обесценивание тогдашней так называемой национальной валюты достигло уровня 2000%.

Среднегодовая численность занятых в экономике в 1996 году по сравнению с 1991 годом сократилась на 12,2%, в том числе в промышленности — на 46%, а в строительстве — на 54%. Анализы некоторых экспертов в 2011 году показали, что общий экономический ущерб от гражданской войны составил более 10 млрд долларов.

В статье также показано, что в начале формирования современного независимого государства были четко определены теоретические и практические основы формирования новых экономических отношений, а также заложены основы развития конституционной экономики — то есть рыночной экономики в стране.

Ключевые слова: экономика, экономическая политика, конституционное право, трудовые ресурсы, национальная экономика, демократизация общества, независимость, рыночная экономика, частная собственность, государственный бюджет.

TAJIKISTAN'S ECONOMIC POLICY IN THE EARLY YEARS OF INDEPENDENCE

Abdulloev Mirzo Mulloevich

Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Security, Faculty of Customs Activities and Economic Security, Tajik State University of Finance and Economics, Colonel of the Customs Service. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/4
Email: abdulloev.60@mail.ru Phone: +992 938 69 01 01
Khomidova Kutbiya Halimkhonovna
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Tajik State University of Finance and Economics: Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/4Phone: +992 900 15 50 51

The article examines the economic policy of the country during the first years of independence. The author's attempt, based on relevant data and sources, to demonstrate the deterioration of the country's economic situation in the initial period of independence. According to the data presented by the authors, the republic's economy in the early years of independence was characterized as follows: if in 1991 the gross domestic product decreased by 6% compared to 1990, then in 1992 it sharply declined by almost 40%. All sectors of the economy showed a downward trend. The production of industrial, agricultural, and consumer goods amounted to only 67.5% of the 1991 level. In general, all economic indicators in 1992 dropped dramatically. For example, inflation or the depreciation of the then so-called national currency reached 2000%.

The average annual number of employed persons in the economy in 1996 decreased by 12.2% compared to 1991, including a 46% decrease in industry and a 54% decrease in construction. Analyses by some experts in 2011 showed that the total economic losses from the civil war exceeded 10 billion US dollars.

The article also shows that at the initial stage of the formation of a modern independent state, the theoretical and practical foundations for the development of new economic relations were clearly defined, and the basis for the development of a constitutional economy—i.e., a market economy—was established in the country.

Keywords: economy, economic policy, constitutional law, labor resources, national economy, democratization of society, independence, market economy, private property, state budget.

Муқаддима. Дар бораи сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ, барқарорсозӣ ва таҳкими иқтисодиёт дар замони муосир асарҳои зиёди илмӣ навишта шудаанд, аз ҷумла як қатор асарҳо рӯи кор омадаанд, аммо аҳамияти бузург ва нишондоди он дар ташаккул ва рушди заминаҳои сиёсати иқтисодӣ чун заминагузори рушди ҷомеаи муосири демократӣ дар Тоҷикистон, мутаассифона, то кунун ба таври комилу муфассал арзёбӣ нашудааст. Дар байни таълифоте, ки ба ин мавзуъ бахшида шудааст, асарҳои якчанд иқтисоддонҳои ҷумҳуриро ёдрас шудан ба маврид аст [13, с. 192].

Ин олимон дар таълифоти хеш дар асоси манбаъҳои муътамад, адабиёт, сарчашмаҳо, воситаҳои ахбори умум равандҳои гуногун – самтҳои гуногуни иқтисодиёти кишварро инъикос намудаанд. Дар асоси санадҳо ва маводҳои дақиқ муҳаққиқон тавонистаанд, ки марҳилаҳои асосӣ ва роҳҳои барқарор намудан ва густариши сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи аввал муайян намоянд.

Аммо таълифоти рӯи кор омада барои дарку фаҳмиши аҳамият ва ҷиддияти масоили рушди иқтисодӣ, ки бояд дар солҳои аввали истиқлолият ҳаллу фасл мешуданд, комилан кофӣ нест. Ҳадаф бар сари он аст, ки аз нуқтаи назари иқтисодиёти конститутсионии бозори озод вайрон шудани асоси сохти конститутсионӣ маънои вайрон шудани асоси ҳаёти озоди иқтисодиро низ дорад ва ин дар навбати худ, ба рушди дарозмӯҳлати ҷомеаи демократӣ ба андозаи бештар таъсир мерасонад.

Айёми гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозаргонӣ барои давлати нави тоҷикон хеле вазнину сахт ва мушкил буд. Таҳаввулоти иқтисодии анҷомдодаиПешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон дар бисёр асарҳои илмӣ аз мавқеъ ва диди назариявии давраи гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ арзёбӣ шуда истодаанд. [11, с. 5].

Хусусиятҳои хоси ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро профессор Роҳат Набиева таҳлил намуда, дар китоби худ "Таърихи халқи тоҷик дар асри XX ва ибтидои асри XXI" дар бораи татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ дар давраи аввал зикр намудааст, ки ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр бобат ба масъалаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ алоқа дорад [9, с. 225].

Роҳат Набиева қайд менамояд, ки ҷомеаи соҳибистиқлол ҳамон вақт пойдор мегардад, ки агар дар он масъалаҳои асосии ҳаёти иқтисодӣ ҳал шуда бошанд. [13.35]

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали барқароршавии истиқлолият ин роҳандозии сиёсати иқтисодӣ буд. Бояд тазаккур дод, ки сиёсати иқтисодии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории муосир ба таври комил омӯхта нашудааст. Аммо паҳлӯҳои гуногуни ин мавзӯъ аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқ гардида, дар асарҳои онҳо инъикос гаштаанд. Роҳандозии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият, пеш аз ҳама дар гузоришу баромадҳо ва асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст [15, с. 480].

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Таҳқиқот ба омӯзиши муқоисавӣ ва таърихии адабиёти илмӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, маводи оморӣ ва сарчашмаҳои дар мақола истифодашуда такя мекунад. Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва санадҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар матни минбаъда оварда шудааст.

Ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як шароити мураккаби таърихӣ ба амал омад, ки дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Ин хусусиятҳо аз омилҳои зерин иборат буданд:

- Дар Тоҷикистон нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ даромади миллӣ бо суръати баланди афзоиши аҳолӣ ҷавобгӯ набуд;
- дар ҷумҳурии кӯҳсори Тоҷикистон роҳҳои оҳан маҳдуд ва нақлиёти автомобилгард низ талаботро қонеъ гардонида наметавонист;
- вазъи тиҷорату савдо бо мамлакатҳои хориҷӣ мӯътадил набуд;
- коркарди боигариҳои зеризаминии ҷумҳурӣ ба роҳ монда нашуда буд; [9, с. 225].

Профессор Роҳат Набиева дар китоби худ ҳамин масъаларо хуб таҳлил намуда, нишон додааст, ки сарфи назар аз ин мушкилиҳо дар роҳи пешрафти ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ имконият ва афзалиятҳо низ вуҷуд доштанд. Масалан, дар Тоҷикистон захираи хеле зиёди истеҳсоли барқ вуҷуд дошта, барои обёрӣ кардани заминҳои бекорхобидаю лалмӣ имкониятҳо мавҷуд ҳастанд, ки ин метавонад ба пешравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонад [13, с. 28].

Доир ба мавҷудияти чунин омилҳо Воҳид Ғафорӣ дар китоби худ “Эмомалӣ Раҳмон: “Ман ба Шумо сулҳ меоварам” низ пешрафти иқтисодиёт ва ба роҳ мондани онро таҳлил намуда овардааст: “Барои Тоҷикистон, ки асосан минтақаи таъминкунанда бо маводи хом буда, иқтидори на чандон бузурги истеҳсолӣ дошт, дар ҷои холӣ ба вуҷуд овардани иқтидорҳои истеҳсолӣ кори хеле душвор буд” [2, с. 80].

Ҳамин масъаларо Абубакр Комилов низ диди назар намуда, нишон додааст:”Дар аввали таъсисёбии ҷумҳурӣ бинобар сабаби ҳодисаҳои сиёсии солҳои 90-ум ҳаҷми истеҳсолот паст гардида, сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар мамлакат афзоиш ёфт, ки ин ба заиф гардидани низоми иқтисодии давлат оварда расонид. ” [1, с. 133].

Дар ПаёмиПешвои миллат, Президентиҷумҳурӣ, Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2016 ба Маҷлиси Олӣ низ масъалаи сиёсати иқтисодии кишвар мавриди баррасӣ гардидааст: “Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта Тоҷикистон дар асари мудохилаи баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа сурат гирифта, кишвари моро аз масири пешрафт чандин даҳсола ақиб партофт ва мардуми Тоҷикистонро маҷбур сохт, ки барои бартараф кардани он мушкилотҳои зиёдеро таҳаммул намоянд” [8, с. 140].

Натиҷаҳо. Иқтисодчиён иқтисодиёти ҷумҳуриро дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ чунин арзёбӣ намудаанд: “Агар соли 1991 истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1990 - 6% кам шуда бошад, пас соли 1992 якбора кариб 40% поён рафта буд. Тамоми соҳаҳои иқтисодиёт тамоюли поёнравӣ дошт. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва истеъмолӣ танҳо 67,5 фоизи нишондиҳандаи соли 1991 -ро ташкил дода буд. Умуман, кулли нишондиҳандаҳои иқтисодии соли 1992 яку якбора поён рафт. Масалан, тавварум ва ё беқурбшавии асъори ба ном миллии ҳамонвақта то сатҳи 2000 фоиз расида буд” [11, с. 5].

Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт дар соли 1996 нисбат ба соли 1991 12,2%, аз ҷумла дар саноат 46% ва дар соҳаи сохтмон 54% кам шуд. Таҳлилҳои баъзе экспертҳо дар соли 2011 нишон доданд, ки талафи иқтисодии ҷанги шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ беш аз 10 млрд. доллярро ташкил додааст [11, с. 7].

Муҳокима. Тавре, ки таърихи иқтисоди миллии кишварҳои гуногун нишон медиҳад, барқарорсозии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва мутаносибан, амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ - яъне ҳуқуқ ба мехнати шоиста ҳамеша ҷанбаи дарозмӯҳлатро дорад. Маҳз муроҷиати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992, ки дар он ба барқарорсозии фаъолияти тамоми субъектҳои иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои бозаргонӣ дар кишвар даъват шуда буд, амалан лахзаи муайянкунандаи ташаккули иқтисоди конститутсиони бозори озод дар кишвар гардид [1, с. 133].

Ҳанӯз дар соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Форуми тоҷикони ҷаҳон таъкид намуда буд: “Иқтисоди миллии Тоҷикистон тайи ду соли охир дар натиҷаи бархурдҳои мусаллаҳона ва қатъ шудани иртиботи тиҷоратӣ комилан вайрон шуд... ва давлат маблағи кофиро барои ҳифзи иҷтимоии мардум ва рушди соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, илм ва маориф надорад» [14.372].

Дар ибтидои ташаккули давлати муосири соҳибистиқлол заминаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули муносибатҳои навини иқтисодӣ аниқ мушаххас гашта, асоси рушди иқтисодиёти конститутсионӣ - яъне иқтисодиёти бозаргонӣ дар кишвар пайрезӣ карда шуд. Дар маҷмӯъ ин масъалаҳо дар «Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои давраи солҳои 1995-2000», ки аз ҷониби парлумони кишвар тасдиқ карда шуда буд, ба пуррагӣ дарҷ ёфтаанд.

Мушоҳидаҳои иқтисоддонҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки дар давраи чор соли аввали истиқлолият миқдори корхона ва ташкилотҳои моликияти давлатӣ аз 4588 то 5102, дигар шаклҳои моликият аз 11156 то 14845, аз ҷумла корхонаҳои моликияти хусусӣ аз 6834 то 9663 зиёд шуданд.

Муносибати таърихӣ ба таҳлили ташаккули асосҳои иқтисодиёти конститутсионии бозори озод дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ин давра вақте ки асоси ҳуқуқи конститутсионии субъектҳои иқтисод барқарор мегардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо «Дар бораи буҷети фавқулодаи давлатӣ» (соли 1993), «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» (соли 1993), «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» (соли 1995, соли 1997), «Дар бораи фаъолияти иқтисодии берунӣ ва танзими асъор ва назорати асъор» (соли 1994, соли 1995), «Дар бораи Бонки миллӣ» (соли 1996), «Дар бораи консессия » (соли 1997), «Дар бораи муҳофизат» (соли 1999), Кодексдои замин, манзил ва меҳнат (соли 1996, соли 1997) ва ғайраҳоро имзо кард [17, с. 203]

Аз соли 2000-ум арзёбии фаъолият ва натиҷаҳои иқтисодӣ бо асъори миллӣ-сомонӣ сурат гирифта, сиёсати пуливу карзӣ ташаккул ёфта, иқтисодиёти кишвар ба ҷараёни инкишофи устувор ворид гардид. Дар ин

давра, вакте ки давлат имкони аз нигоҳи конститутсионӣ таъмин кардани кафолати озодии иқтисодӣ чун принсипи асосии иқтисодиёти конститутсионии бозори озодро ба даст оварда, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конунҳои «Дар бораи энергетика, нақлиёт ва арзёбии замин» (соли 2000) (соли 2001), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (соли 2002), «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» (соли 2002), «Дар бораи лизинги молиявӣ» (соли 2003), «Дар бораи кафолати пасандозҳои шахсӣ» (соли 2003), «Дар бораи мусоидат ба шуғл» (соли 2003), «Дар бораи муфлисшавӣ» (соли 2003), «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ» (соли 2003), «Дар бораи муассисаҳои давлатӣ» (соли 2004), «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» (соли 2004), «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (соли 2004), Кодексҳои андоз ва гумрук (соли 2004) ва ғайра ба имзо расиданд [17, с. 204]

Ҳоло дар иқтисодиёти мамлакат тамоми шаклҳои моликият ва аз он ҷумла, моликияти шаҳрвандони хориҷӣ низ ҳуқуқи фаъолиятро пайдо намудаанд. Яъне, ниҳоди ҳуқуқи моликияти хусусӣ ҳамчун ниҳоди муҳим ва пояи иқтисоди бозорӣ бунёд шуд. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ вазни қиёсии муассисаҳои давлатӣ аз 47,8% то 28,6% поён рафта, вазни муассисаҳои хусусиву коллективӣ аз 25,4 то 70% афзудааст. Дар давраи солҳои 1997 то 2015 теъдоди корхонаҳои хусусӣ аз 6926 адад то зиёда аз 30 ҳазор адад ва нуфузи аҳолии машғул дар бахши хусусии иқтисодиёт дар ин давраи таҳлилӣ аз 597 ҳазор нафар то зиёда аз 1,5 млн нафар афзудааст. Нуфузи одамоне, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд аз 47,4 дазор нафар то зиёда аз 200 ҳазор расиданд [11, с. 520].

Дар мачмӯъ, дар давраи истиқлолияти давлатӣ вазни қиёсии бахши ғайридавлатии иқтисодиёт дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ аз 18% то зиёда аз 60% афзудааст[11, с. 520].

Баъд аз муътадил гаштани вазъияти макроиқтисодӣ ҳукумати Тоҷикистон якчанд стратегияҳои давлатии заминасозро қабул намуд ва ислоҳоти ҷиддии сохториро дар бахшҳои муҳими мамлакат, ба монанди низоми молиявӣ, қарзиву бонкӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, соҳибкорӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғайра ба анҷом расонид [5, с. 576].

Хулоса. Дар даҳсолаи наздик давра (сикл)-и нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан суст мегардонад. Барои дарки дурусти ин раванд бояд самтхои модели афзоиши оянда нишон дода шуда, хусусиятхои сифатии он муайян карда шавад. Таҳлилҳо нишон медиданд, ки таъмини рушди устувори минбаъдаи кишвар интихоби принсипхои илман асоснокшудаи тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеаро, ба монанди принсипи превентивӣ, яъне пешгирии осебпазирии рушди оянда; принсипи индустриалӣ, яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ; ва принсипи инноватсионӣ, яъне рушд дар асоси навовариҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, тақозо менамояд.

Адабиёт

1. Абубакр Комилов. Нақши Президенти Тоҷикистон , Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат.Душанбе: “ЭР- граф”. 2017, С. 133 .
2. Воҳид Ғафорӣ. Эмомалӣ Раҳмон: “Ман ба Шумо сулҳ меоварам”. –Душанбе: - “Авасто”, 1998. С 80.
3. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳаштум. – Душанбе: «Ирфон», 2009, 576 саҳ
4. Маҳмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият.- Душанбе, 2000. -110 с.
5. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди ҳаштум. – Душанбе: «Ирфон», 2009, 576 саҳ .
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маллиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19 апрели соли 2009.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маллиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2011.
8. Паёми Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2016. // Абубакр Комилов . Нақши Президенти Тоҷикистон , Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат.Душанбе:“ЭР- граф”. 2017, С. 140.
9. Р. Набиева, Ф.Зикриёев , М. Зикриёева. Таърихи халқи тоҷик дар асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1.- Душанбе: Деваштич, 2009. С 322. саҳ.225.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030.
11. Таҳлили воқеии соҳаҳои иқтисод. // Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи саноат.// Таҳлили вазъи воқеии соҳаҳои иқтисод. - Душанбе: Рӯзномаи “Боҷу хироҷ”. № 42 (1191) 17.10 2019. саҳ 5.
12. Тоҷикистон: 25 соли истиқлолияти давлатӣ.- Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2016. - 520 саҳ.
13. Таҳлили воқеии соҳаҳои иқтисод. // Мулоқоти Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи саноат.// Таҳлили вазъи воқеии соҳаҳои иқтисод. - Душанбе: Рӯзномаи “Боҷу хироҷ”. № 42 (1191) 17.10 2019. саҳ 5.
14. Эмомалӣ Раҳмонов. Независимость Таджикистана и возраждение нации Т.1. // Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе : "Ирфон" , 2006. - 480 с.
15. Хайдаров Г., Иномов М. Таджикистан: трагедия и боль народа. - Санкт-Петербург, 1993.
16. Шарифзода Абдуфаттоҳ, Шамсиддинов Садриддин, Қосимӣ Заробиддин. Президент. (Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 372 саҳ.
17. Ҳомидова Қ.Ҳ. Таърихи муосири Тоҷикистон. -Душанбе: Нашриёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ. 2025. Саҳ. 203.

УДК 338.45:331.556.2

САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ЗАМИНАИ КОҲИШИ БОШИДДАТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА АФЗОИШИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

Умарзода Навруз Нурулло

номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш.Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. E-mail: umar.0700@mail.ru Телефон: (+992918959393).

Раҳматов Бахтовард Қушиевич

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистан, шаҳраки Данғара, к. Маркази 25. E-mail: rbakhtovard@bk.ru Телефон: 93-154-13-13

Дар мақола моҳият, аҳамият ва мундариҷаи саноатикунонии босуръат бо истифода аз адабиётҳои зиёди илмӣ таҳлил гардидааст. Мубрамияти масъалаҳои муҳоҷиратӣ меҳнат ва роҳҳои баландбардории даромадҳои аҳолӣ бо истифода аз афзоишдиҳии корхонаҳои саноатӣ омӯзиш гардидаанд. Омилҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангие, ки ба сатҳи саноатикунонии босуръат ва коҳиш додани сатҳи муҳоҷират таъсир мерасонанд, таҳлил гардидаанд. Муаммоҳои асосӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои мазкур аз тарафи муаллифон пешниҳод гардидаанд. Ташаккул ё эҳёи саноат раванди мураккаб буда, дар марҳилаҳои гуногун ба таназзулҳои табиӣ ё сунъӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки омилҳои ташаккули он пурра омӯхта шудаанд. Барои таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои мазкур, нишондиҳандаҳои зерин: динамикаи ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2018-2024, нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақсимоти шумораи аҳолии кироякор дар соҳаҳои саноати мамлакат (ҳазор нафар), тақсимоти аҳолии машғул дар соҳаҳои саноати кишвар (ҳазор нафар), индексҳои истеҳсолотӣ дар соҳаи саноатии Тоҷикистон (бо ҳисоби фоиз) ва динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи саноат пурра таҳлил гардидаанд. Дар асоси таниҷаҳои таҳлил, тавсияҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: саноат, муҳоҷирати меҳнатӣ, даромадҳои пулии аҳолӣ, коркарди саноат ва таҳияи корҳои мавсимӣ, динамикаи соҳаҳои саноат, воридотҳои пулӣ, кормандони кироя, омилҳои саноатикунонӣ.

УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ КАК ОСНОВА СНИЖЕНИЯ ИНТЕНСИВНОСТИ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ И РОСТА ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ

Умарзода Навруз Нурулло

кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры налога и налогообложения, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: umar.0700@mail.ru. Телефон: (+992918959393)

Рахматов Бахтовард Кушиевич

кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и налогообложения Дангаринского государственного университета. адрес: 735320, Республика Таджикистан, г. Дангара, ул. Маркази - 25. Электронная почта: rbakhtovard@bk.ru Телефон: (+992) 93-154-13-13.

В статье на основе большого объема научной литературы анализируются сущность, значение и содержание быстрой индустриализации. Изучается актуальность вопросов трудовой миграции и способы анализа роста доходов населения с учетом расширения промышленных предприятий. Анализируются экономические, политические и социокультурные факторы, способствующие уровню быстрой индустриализации и снижению уровня миграции. Автор предлагает идей и решения этих проблем. Формирование или возрождение промышленности - сложный процесс, сталкивающийся с естественным или искусственным упадком на разных этапах, факторы его формирования всесторонне изучены. Для всестороннего анализа данных были всесторонне проанализированы следующие показатели: динамика доли промышленного сектора в валовом внутреннем продукте в 2018-2024 годах, основные показатели промышленности Республики Таджикистан, распределение численности занятого населения в промышленных секторах Республики Таджикистан (тыс. человек), распределение населения, занятого в промышленных секторах Республики Таджикистан (тыс. человек), производственные индексы в промышленном секторе Республики Таджикистан (в процентах), а также динамика показателей промышленности. На основе результатов анализа были разработаны научные рекомендации.

Ключевые слова: промышленность, трудовая миграция, денежные доходы населения, развитие промышленной переработки и сезонной занятости, динамика промышленных секторов, денежные переводы, наемные работники, факторы индустриализации.

ACCELERATED INDUSTRIALIZATION AS A BASIS FOR REDUCING LABOR MIGRATION AND GROWING INCOME

Umarzoda Navruz Nuryllo

Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of tax and Taxation, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. E-mail: umar.0700@mail.ru tel: (+992918959393)

Rakhmatov Bakhtovard Kushievich

candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting and taxation, Dangara state university. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, st. markazi - 25. Email: rbakhtovard@bk.ru Phone: (+992) 93-154-13-13

This article, drawing on a large body of scientific literature, analyzes the essence, significance, and content of rapid industrialization. It examines the relevance of labor migration issues and methods for analyzing income growth, taking into account the expansion of industrial enterprises. It analyzes the economic, political, and sociocultural factors contributing to rapid industrialization and reduced migration. The author offers ideas and solutions to these problems. The formation or revival of industry is a complex process that faces natural or artificial decline at various stages. The factors that shape it have been comprehensively studied. To conduct a comprehensive data analysis, the following indicators were analyzed: the dynamics of the industrial sector's share in gross domestic product from 2018 to 2024, key industrial indicators of the Republic of Tajikistan, the distribution of the employed population in the industrial sectors of the Republic of Tajikistan (in thousands), the distribution of the population employed in the industrial sectors of the Republic of Tajikistan (in thousands), production indices in the industrial sector of the Republic of Tajikistan (in percent), and the dynamics of industrial indicators. Based on the analysis results, scientific recommendations were developed.

They keywords: industry, labor migration, household income, development of industrial processing and seasonal employment, industrial sector dynamics, monetary imports, employees, industrialization factors.

Муқаддима. Муносибатҳои муосири байналмилалӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси афзоиши ҳаракатҳои муҳоҷират мегарданд, ки дар байни онҳо муҳоҷирати меҳнатӣ ҷои махсусро ишғол менамояд. Муҳоҷирати меҳнатӣ барои рушди ҳар як давлат яке аз масъалаҳои асосиро мебозад. Дар ҷаҳони муосир муҳоҷирати меҳнатӣ ба як ҷузъи ҷудонашавандаи системаҳои демографӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки муҳоҷират таъсири дугона дорад: он ба вазъияти демографӣ ва бозори меҳнат таъсир расонида, сатҳи бекориро танзим менамояд, ҳамзамон ба ҳолати умумии иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонад, ҳамчун омиле, ки ба муҳоҷират мусоидат мекунад ё баръакс, ҳамчун омили бозторанда амал мекунад.

Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим истифодаи тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии иқтисодиёт, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи саноати кишвар, хусусан лоиҳаҳои хусусияти инноватсиониву навоваридошта, муҳиму саривақтӣ буда, барои киҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат хоҳад кард, зеро дар ин маврид ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон таъмин карда мешавад.

Мақсади мақола. Мақсади тадқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди амалии консепсияи саноатикунонии босуръат ҳамчун омили бунёдии таҳаввулоти сохтории иқтисодиёт мебошад, ки ба диверсификатсияи бозори меҳнат, кам кардани муҳоҷирати маҷбурии меҳнатӣ ва таъмини рушди устувори даромадҳои воқеии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Методология. Дар раванди гузаронидани таҳлил якчанд гурӯҳи сарчашмаҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва истифодабарӣ қарор гирифтаанд. Гурӯҳи якумро ҳуҷҷатҳои расмӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дигарро бошад, асарҳои олимон ва пажуҳишгарон оиди сабабҳо ва омилҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳол ифода мекунанд. Гурӯҳи навбатӣ бошад, маводи сомонаҳои расмии расонаҳои хабарии ватанӣ ва хориҷӣ, оморҳои гуногун, таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Натиҷаи асосии тадқиқот ин таҳияи модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар он саноатикунонии босуръат на танҳо ҳамчун раванди техникии навсозии иқтидорҳо, балки ҳамчун воситаи асосии бозгардонидани сармояи инсонӣ ба иқтисоди миллӣ баромад мекунад, ки афзоиши дарозмуддати некӯаҳволии аҳолиро таъмин менамояд.

Муҳоҷират раванди маъмулӣ буда, ҳаракати қувваҳои кориро аз як нуқта ба нуқтаи дигар нишон медиҳанд, ки раванди мазкурро бо таҳлили нишондиҳандаҳои хоси худ, омӯхтан мумкин мебошад. Ҳамчунин зери калимаи мазкур таҳвили қувваҳои корӣ ба дигар давлатҳо дониста мешавад. Дар шароти муосир, дар ҳамаи давлатҳое, ки рушдёфта ҳисобида мешаванд, сиёсати муҳоҷиратии худро куллан тағйир дода, шароит ва шартҳои махсуси худро ҷиҳати идораи раванди мазкур пешниҳод намуда истодаанд. Амалиёти махсуси ҳарбии Федератсияи Россия дар қаламрави кишвари Украина раванди фаъолияти муҳоҷиронро дар ҳарду давлат бад намуда, дар вақтҳои охир қонунҳои дандоншикан дар ин самт аз тарафи Думаи давлатии Россия содир гардида истодаанд. Миллионҳо нафар шаҳрвандони Украина ҳамчун муҳоҷирони гурезаи корӣ дар давлатҳои ИМА ва Аврупо худро паноҳ бурда, фаъолияти муҳоҷиратии худро идома дода истодаанд.

Чуноне, ки маълум мебошад, дар қаламрави Федератсияи Россия шаҳрвандони давлатҳои пасо Шӯравӣ ҳамчун муҳоҷирони корӣ фаъолият мекунанд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳастанд. Чуноне, ки дар боло қайд кардем, амалҳои ғайримуқаррӣ, яъне санҷишҳои махсуси мақомотҳои қудратии Россия, ихроҷнамои (депортатсия)-и муҳоҷирон ба солҳои тӯлонӣ, бо сабабҳои кӯчак рондани онҳо аз қаламрави Россия ва бо ҳар гуна тӯҳмат ба амалиётҳои ҷангӣ ҷалб намудани муҳоҷирони меҳнатӣ, дар вақтҳои охир бештар мушоҳида мешаванд [6, с 16]. Ин ҳолат муҳоҷирони меҳнатиро ба он водор месозад, ки қаламрави мазкурро тарк намуда, фаъолияти муҳоҷиратии худро дар давлатҳои дигар пеш баранд.

Ҳолатҳои мазкурро ҳамаи давлатҳо таҳлил намуда, барои ҷалби муҳоҷири корияи худ, амалҳои гуногуни манфиатоварро қабул намуда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба дастовардани Истиқлолтия давлатӣ, барои ҳифзи ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвардони худ дар хориҷи кишвар ҳамаи амалҳои зарурироро андешида истодааст. Ҷиҳати кам кардани раванди шиддатнокии муҳоҷирати меҳнатӣ, Ҳукумати кишвар бо таъсиси ҷойҳои

кории нав онҳоро ҷалб намуда истодааст, ки яке аз чунин барномаҳо ин бунёди корхонаҳои нави саноатӣ мебошад.

Чунончи дар Паёми соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: "... бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад" [9, с 4]. Ҳамчунин, дар ин паём гардидааст, ки таъсиси зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав сабаб гардидааст, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба 25 % кам гардидаанд. Бояд гуфт, ки вобаста ба дар амал татбиқ намудани барномаи саноатикунонии босуръат, аз тарафи Пешвои миллат супориш дода шудааст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 % расонида шавад. Барои муайян намудани сатҳи иҷроиши супориши мазкур, баъзе нишондиҳандаҳои омориро дар таи солҳои охир мавриди таҳлил қарор медиҳем.



Диаграммаи 1. Динамикаи ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2018-2024

Нишондиҳандаҳои диаграмма рафти иҷроиши фармони Пешвои миллатро нишон медиҳанд. Дар доираи солҳои 2018-2024 ҳаҷми ММД ба 82343 ҳазор сомонӣ зиёд ё худ 2,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ин самт ҳаҷми маҳсулоти соҳаи саноат низ дар масири афзоишёбӣ қарор дорад. Агар дар соҳаи саноат соли 2018 ба ҳаҷми 25236 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 53873 ҳазор сомонӣ расидааст, ки афзоиш ба 2,1 маротиба баробар аст. Дар соли 2019 ҳиссаи соҳаи саноат дар ММД тибқи маълумотҳои оморӣ 21,2% ро нишон медиҳад. Дар дигар солҳо, динамикаи гуногун дошта, ҳатто дар соли 2021 ба 23,8 % расидааст. Аммо, динамика нишон медиҳад, ки дар соли 2024, ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар сохтори ММД 18,9% ро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ бояд гуфт, ки то соли 2030 имкониятҳои рушди соҳаи саноат пурра истифода гардида, ҳиссаи он дар таркиби сохтории ММД ба 22 % ё ин ки аз ин ҳам зиёдтар бояд гардад.

Бояд гуфт, ки саноатикунонӣ имконият медиҳад, ки аксари бахшҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати баланд рушд кунанд. Саноатикунокунонӣ раванде дониста мешавад, ки он сохтори иқтисодиёт аз самтҳои афзалиятнокӣ худро барои бунёди корхонаҳои азими саноатӣ менигаронад. Яке аз ҳадафҳои асосии саноатикунонии иқтисодиёт ин истеҳсоли мол дар корхонаҳо ва муассисаҳо мебошад [7, с 198]. Саноатикунонӣ имконият медиҳад, ки корхонаҳо ва муассисаҳои азим бештар фаъолият намоянд. Ҳамчунин имконият медиҳад, ки соҳаи мошинсозӣ рушд намуда, ҷойҳои кории нав дар ин самт бештар гардад. Самте дигаре, ки дар ин марҳила рушд менамояд, ин афзоишёбии ҳаҷми канданиҳои фоиданок ва захираҳои зеризаминӣ мебошад.

Яъне, саноатикунонии босуръат дар башҳҳои алоҳидаи иқтисодиёт имконият медиҳад, ки аҳолии кишвар бо ҷойҳои кории нав таъмин гардида, раванди шиддатнокии муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш ёбад. Корхонаҳои саноатӣ, корхонаҳои азимӣ истеҳсолӣ буда, дар ниҳоди худ анқариб 100 ё зиёда аз ҳазор ҷойҳои корӣ доранд, ки дар ду ё 3 баст фаъолият менамояд.

Ҳадафҳои олии саноатикунонӣ ин суръат бахшидан ба сатҳи рушди иқтисодиёт, таҳкимбахшии соҳаи мудофиа ва аз ҳама муҳимаш, афзоишёбии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар ин робита, мутахассисон ва олимони соҳа ибрози андешаҳои худро доранд. Аз тарафи яке аз таҳлилгарон чунин қайд карда мешавад, ки: "...бунёди саноат дар Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мешавад, ки садҳо ҳазор ҷои кории нав (мавсимӣ ва доимӣ) ташкил карда мешавад, ки сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ тадриҷан поин оварда мешавад. Корхонаҳои саноатӣ, нисбати корхонаҳои истеҳсолӣ дар иқтисодиёт бештар фоидаовар мебошанд. Гардиши солонаи корхонаҳои саноатӣ ба миллиард сомонӣ баробар буда, на кам аз 10 ва 25 ҳазор ҷои корӣ доранд" [2, с. 198]. Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон барои таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, коркарди ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои ватаниву воридотивазкунанда, таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, саноатикунонии босуръат мусоидат мекунад [11, с. 85].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки саноатикунонӣ дар ҳақиқат сохторҳои иқтисодиётро тағйир дода, муносибатҳои нави молиявию иқтисодиро ташаккул медиҳад. Аз тарафи мутахассиси соҳа Ш.М. Мусоев қайд карда шудааст,

ки "...дар асоси ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии мамлакат Ҳукумати кишвар лоиҳаи зиёд намудани корхонаҳои маъдани оҳанро дар нақша дорад [8, с. 428]. Дар ин замина қайд карда мешавад, ки истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ яке аз иқтидорҳои пешбарандаи иқтисоди миллӣ дониста мешаванд, ки бо истифода аз механизмҳои онҳо ташаккули ҷойҳои нави корӣ бунёд гардида, шуғли аҳолӣ таъмин карда мешаванд. Дар ин масир, сарчашмаҳои нави даромад ба буҷети давлатӣ эҳё гардида, масъалаҳои муҳими самти иҷтимоиёт ҳаллу фасл мегарданд [1, с. 247].

Дар робита ба ин, олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки ба соҳаи саноати кишвар бештар ду омили асосӣ таъсир мерасонанд, ки онҳо қувваҳое дониста мешаванд, ки имконият медиҳанд, ки иқтисодиёти миллӣ самтҳои индустриалиро касб намоянд, ки инҳо мебошанд: манбаи энергия ва фаъолияти бардавоми инфрасохторҳои нақлиётию логистӣ [4, с. 58]. Зимнан бояд гуфт, ки масъалаҳои мазкур дар доираи ҳадафҳои стратегии кишвар, дар раванди ҳал қарор дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза қариб ба истифода аз роҳҳои мошингард ба ҳамаи давлатҳои дунё роҳҳои баромадро дорад. Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ доир ба ҳалли масъалаҳои энергия қайд намуданд, ки соли 2027, сохтмон дар иншоти азими аср, Роғун ба итмом расида, он бо иқтидори пурра фаъолият менамояд. Дар ҳақиқат барои бунёд ва ташаккули корхонаҳои саноатии азим, ин ду омил зарур буда, барои пешбурди истеҳсоли саноатӣ нақши калидӣ доранд.

Бояд гуфт, ки дар шароти муосир ташаккули саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи эҳё қарор дошта, ҷиҳати рушди минбаъдаи он, омилҳои дигари рушд низ ба монандӣ: сармоягузорӣ, инкишофи иқтидори илмию таҳқиқотӣ, татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ, ба ҳам алоқаманд намудани илму истеҳсолот, таҷдиди технологияҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва бунёди фондҳои асосӣ самтҳои гуногун дониста мешаванд.

Ташаккул ё эҳёи саноат раванди мураккаб буда, дар марҳилаҳои гуногун ба таназзулҳои табиӣ ё сунъи рӯ ба рӯ мешаванд, ки дар иқтисодиёти кишвар низ чунин ҳолатҳо мавҷуд мебошанд, ки аз инҳо иборатанд [13, с. 65]:

– бо сабаби аз байн рафтани низоми Иттиҳоди Шуравӣ, каналҳо ва воситаҳои истеҳсолии маҳсулотҳои саноатӣ байни ҷумҳуриҳо, аз фаъолият монд;

– дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани рушди соҳаи саноат дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ;

– вазъи сиёсии кишвар дар солҳои 1990-1997 имконят надод, ки соҳаи саноатӣ рушд намояд;

– таҷрибаи кофӣ надоштани менеҷерони корхонаҳои саноатӣ дар аввали солҳои фаъолият ва дуруст дарк карда натавонистани механизмҳои татбиқи муносибатҳои бозорӣ;

– бамаротиб зиёд гардидани молҳои воридотӣ ба бозорҳои молии кишвар ва рақобатпазир набудани истеҳсоли ватанӣ дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ва ҳ.

Бояд қайд кард, ки омилҳои мазкур дар шароти муосир ҳаллу фасли худро ёфтаанд, ки имрӯз рушди соноати кишвар мунтазам ба назар мерасад. Таҷрибаи давлатҳои тараққиёфтаи ҷаҳон гувоҳи он мебошанд, ки саноатикунонии иқтисодиёт усул ва ҷанбаҳои хоси худро дорад, ки дар шароити дуруст интихоб намудани усулҳо имконияти рушд бештар мегардад.

Тамоми давлатҳои ҷаҳон саноатикунонии иқтисодиёти худро пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз намудаанд [12, с 90]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саноатикунонии иқтисодиёти ИМА, дар оғози саддаи ХХ ба назар мерасад. Таҷрибаи ИМА ва Олмон нишон медиҳад, ки аввалин дар рушди саноатикунонӣ бунёди инфрасохторҳои он ба роҳ монда шудаанд. Ҳамчунин дар давлатҳои Ҷопон, Фаронса, Чин, Корея, Туркия, Эрон ва дигар давлатҳо бунёди инфрасохтор ба роҳ монда шуд буд. Аммо таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки онҳо дар раванди саноатикунонӣ маблағҳои асосиро барои омода намудани мутахассисони зарурӣ равона кардаанд. Давлати Чин бошад дар ин самт ташаккули корхонаҳои хурди хусусиро ба роҳ мондааст, ки барои шароити бозор хеле мутобиқ мебошанд [10, с. 85].

Яке аз муҳаққиқони дигари ватанӣ доир ба саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои илмии худ, чунин қайд менамояд: "... ҳадафи ниҳоии саноатикунонӣ ин ташаккули табақаи коргар, муҳандисон, вусъати шаҳришавии аҳолӣ, яъне урбанизатсия ва ҳалли масъалаҳои дигари иҷтимоӣ мебошад" [5, с. 216]. Яъне, ин гуна муносибат ба аҳолии кишвар имконият медиҳад, ки онҳо дар дохили кишвар ҷойҳои корӣ навро пайдо намуда, даромадҳои пулии худро мунтазам афзоиш диҳанд. Дар ин самт бояд пешниҳод кард, ки зарурат надорад, ки аҳолии деҳот ҳатман шаҳрнишин шавад, балки дар доираи солҳои саноатикунонии кишвар дар ҳар як деҳа бояд корхонаҳои хурду миёна бунёд кард, ки аҳолии деҳотро бо ҷойи корӣ дар маҳалли зисти худ таъмин намуд. Чуноне, ки дар боло қайд намудем, саноати кишвар дар шароти муосир мунтазам дар масири рушд қарор дошта, ташаккули ҷойҳои корӣ, таъмини аҳолӣ бо даромадҳои пулии иловагӣ ва дар маҷмӯъ, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ заминаи мусоидат гузошта истодааст. Ҷиҳати исботи гуфтаҳо аксари нишондиҳандаҳои соҳаи саноатро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондодҳо	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид	2161	2164	2283	2397	2802	3453	3779
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с. 2024, млн. сомонӣ	25236	28567	31081	37546	41187	44894	53873
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	87,5	92,8
Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба соли гузашта (бо ҳисоби фоиз)	110,6	113,2	108,8	120,8	109,7	109,0	120,0

Сарчашма: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. Саҳ 9.


Чуноне, ки нишондодҳои ҷадвали 1 собит месозанд ҳамаи самтҳои корхонаҳои саноат ва маҷмӯан соҳаи саноат дар раванди ташаккулёбӣ ва рушд қарор доранд. Корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёт нақши калидӣ мебозанд, ҷойҳои корӣ эҷод мекунанд, инноватсияро инкишоф медиҳанд ва дар истеҳсоли ММД саҳм мегузоранд. Онҳо истеҳсоли молҳои истеъмолии заруриро таъмин мекунанд ва фаъолияти иқтисоди миллиро муайян мекунанд. Рушди устувори саноат эҷоди арзиши иловагӣ, истифодаи захираҳо ва аз нав истифода бурдани истеҳсолотро дар бар мегирад, ки бо истифода аз нишондиҳандаҳои ҷадвали боло, динамикаи ин нишондиҳандаҳоро пешниҳод менамоем.



Диаграммаи 2. Динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи саноат

Динамика нишон медиҳад, ки дар соли 2024, зиёда аз 326 адад корхонаҳои нави саноатӣ сохта ба истифода дода шудаанд, ки ин нишондод дар соли 2023 - 651 ададро ташкил медод. Дар дигар солҳо низ зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ба назар мерасанд, ки дар соли 2022 он 405 ададро ташкил додааст. Ҳамчунин дар соли 2019, танҳо 3 адад корхонаҳои нави саноатӣ бунёд гардидаанд. Ҳамасола афзоиши корхонаҳои саноатӣ оғоз аз соли 2018, натиҷаи он мебошад, ки дар соли 2018, саноатикунонии босуръати кишвар яке аз ҳадафҳои олии кишвар эълон карда шуд.

Нишондиҳанда дигаре, ки вобаста ба зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ мебошад, ин шумораи коргарони он аст. Тибқи маълумотҳои диаграммаи 2, шумораи кормандон дар соҳаи саноат масири коҳишёбиро касб намуда аст. Аммо дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 0,1 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Ҷалби аҳолии кишвар ба соҳаҳои саноати кишвар идома ёфта, ҳамасола ба ҳисоби миёна аз 1 ҳазор нафар то 5,3 ҳазор нафар дар соли 2024, ба фаъолият ҷалб карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки мисол дар соли 2024, 326 корхонаҳои саноатӣ бунёд гардида бошанд, дар онҳо ҳамагӣ 5,3 ҳазор нафар соҳиби ҷойҳои корӣ нав гардиданд. Яъне бар сари ҳар як корхонаҳои бунёдгардида, бо ҳисобҳои миёна 16,2 нафар коргар рост меояд. Пешниҳод карда мешавад, ки ба мақсади коҳишдодани шиддатнокии муҳоҷирати меҳнатӣ корхонаҳои саноатии азим бояд бунёд карда шаванд, ки дорои садҳо ҷойи корӣ нав бошанд.



Диаграммаи 3. Индексҳои истеҳсолотӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳисоби фоиз)

Индекси истеҳсолот дар соҳаи саноат, яке аз нишондиҳандаҳои муҳим мебошад, ки бо таносуби солҳои гузашта ҳисоб карда мешавад. Афзоиши солонаро нисбати солҳои гузашта ҳисоб мекунем. Индексҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола ҳаҷми молҳои истеҳсолии соҳаи саноат афзоиш ёфтаанд. Бо ҳисоби миёна ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатӣ дар кишвар 13,1 % -ро ташкил медиҳад. Динамика нишон медиҳад, ки танҳо дар соли

2020, ҳаҷми истеҳсолот 8,8 % -ро ташкил кардааст. Дар дигар солҳо афзоиш муассир мушоҳида мешавад. Бояд гуфт, ки саноатикунонии иқтисодиёт воситае мебошад, ки аҳолии кишварро бояд бо ҷойҳои кории наву доимӣ таъмин намояд. Назарияи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, имконият додааст, ки фаъолиятҳо дар иқтисодиёт ба башх ё соҳаҳо тасниф карда шаванд. Дар соҳаи саноати кишвар низ бахшҳои алоҳида мавҷуд мебошанд, ки аҳолии кишвар барои иҷрои корҳои ба ин соҳаҳои саноат ҷалб карда мешаванд. Ҷиҳати бештар таҳлил намудани масъалаи мазкур диаграмаи навбатиро пешниҳод менамоем.

Диаграммаи 4. Тақсимоти аҳолии машғул дар соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)




Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025, - С. 60.

Дар диаграмма маълумотҳое оварда шудаанд, ки таҳлили онҳо имконият медиҳад, ки дар кадом соҳаи саноат бештари аҳолии кишвар банд мебошанд, арзёбӣ менамоем. Соҳаи истехроҷ, яке аз соҳаҳои сердаромадтарин дар саноат ба ҳисоб меравад. Аммо аз сабаби хело ҳам заҳматталаб будани кору фаъолият дар ин соҳаи иқтисоди миллӣ, дар ин самт аҳолӣ завқи кор надоранд. Диаграмма нишон медиҳад, ки ҳамагӣ дар соли 2024 - 14,7 ҳазор нафар аҳолии кишвар дар ин соҳа ба кор банд мебошанд. Ба заҳматталаб будани фаъолият дар ин соҳа нигоҳ накарда, афзоиши коргарон нисбати соли 2020 дар соли 2024 ба 2,2 ҳазор нафар зиёд гардидаанд.

Саноати коркард, соҳаи дигари саноат мебошад, ки каме кор дар ин соҳа сабук буда, завқмандии аҳолиро ба худ ҷалб мекунад, ки аксаран дар соҳаи ба истеҳсоли маҳсулотҳои нимтайёр ва ашёи хом машғул мебошанд. Нишондиҳандаҳо гувоҳи он мебошанд, ки дар соли 2024 - 65,9 ҳазор нафар аҳолии кишвар самти мазкурро интихоб намуда, кору фаъолият доранд. Диаграмма нишон медиҳад, ки дар соҳаи мазкур, ҳама сола зиёдшавии шумораи кормандон мушоҳида мешавад. Дар соли 2020 агар дар ин самт 54,7 ҳазор нафар аҳолӣ кор мекарданд, пас дар соли 2024 шумораи онҳо 65,9 ҳазор нафар расидаст, ки 11,2 ҳазор нафар зиёдтар мебошад.

Қисми боқимондаи аҳолии кишвар дигар самтҳои фаъолиятро дар соҳаи саноат интихоб намуда, фаъолияти пурсамар доранд. Соҳаи саноат яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар он корҳои мавсимӣ низ ба роҳ монда мешаванд, ки аҳолии бе ҷойи кори асосӣ дар мавсимҳои зарурӣ ба кор ҷалб гардида, даромадҳои пулии худро афзоиш медиҳанд. Дар диаграммаи навбатӣ нишондиҳандаҳои корҳои мавсимӣ оварда мешаванд.



Дигарамма 5. Тақсимоти шумораи аҳолии кироякор дар соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар) [3, с. 64]

Муҳокима. Чуноне, ки дар боло қайд кардем, соҳаи саноат яке аз бахшҳои азими кишвар ба ҳисоб меравад, ки имконияти бунёд ва эҳёи садҳо ҳазор ҷойҳои кории нав мебошад. Дар ин соҳа, корҳои мавсимӣ низ ба роҳ монда шудааст, ки дар диаграмма нишондодҳои онҳо оварда шудаанд. Кормандони кироякор ҳама он қисме аҳолии кишвар дониста мешаванд, ки ҷойҳои кории асосии онҳо ба ҳисоб намераванд. Онҳо ба муддатҳои гуногун фаъолият карда, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Нишондодҳои диаграмаи 5, нишон медиҳанд, ки коргарони кироя бештар дар соҳаи коркарди саноатӣ ба назар

мерасанд, ки дар соли 2020 агар онҳо 54,7 ҳазор нафарро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2024, ин адад ба 65,5 ҳазор нафар расидааст, ки мутаносибан 11,2 ҳазор нафар бештар мебошанд.

Дар самти коркарди ашёи хом шумораи кормандон аз 12,6 ҳазор нафар ба 11,3 ҳазор нафар расидааст, ки 1,3 ҳазор нафар кам мебошанд. Дар бахши таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво шумораи кормандон аз 14,2 дар соли 2024 ба 15,1 ҳазор нафар расидааст. Ҳамчунин дар самти саноати истихроҷ шумораи кормандон аз 12,5 ҳазор нафар то 14,7 ҳазор нафар дар соли 2024 расидааст. Динамика дар ин се соҳа нишон медиҳад, ки кормандони кироя низ дар ин самтҳо ҳама сола дар масири афзоиш қарор дорад.

Хулоса. Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат, ташаккули корхонаҳои азими саноатӣ заминае эътироф гардидаанд, ки дар коҳишёбии сатҳи муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва афзоишёбии даромадҳои пулии онҳо саҳми назаррас ва калидӣ дорад. Аммо, таҳлили нишондодҳо, гувоҳи онанд, ки дар масири афзоишёбӣ қарор доштани адади корхонаҳои саноатӣ ба роҳ монда шудааст. Вале, корхонаҳе, ки ба истифода дода мешаванд дорои ҷойҳои ками корӣ мебошанд, ки иқтидори паст кардани шиддатнокии муҳоҷиратро гирифта наметавонанд.

Адабиёт

1. Акимов, С.М. Нақш ва аҳамияти ҳадафи чоруми миллӣ “Саноатикунонии босуръати кишвар” дар рушди иқтисодиёт / С.М. Акимов // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носирӣ Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитари ва иқтисодӣ. - 2021. - №1-4 (92). - С. 245-248.
2. Бобоев, Н.М. Таҳлили механизми ташаккул, танзим ва мудирияти селаҳои молиявии корхонаҳои истеҳсолию-саноатӣ / Н.М. Бобоев // Фурӯғи илм. - 2025. - №1. - С. 196-213.
3. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2025. - 442 с.
4. Давлатзода, Қ.Қ. нақши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Қ. Давлатзода, С.Р. Ниёзӣ, Н.Ҳ. Қодирова // Паёми политехникӣ. Бахши: Интеллект, инноватсия, инвеститсия. - 2020. - №4 (52). - С. 58-65.
5. Зиёӣ, Х.М. Саноатикунонӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ / Х.М. Зиёӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2021. - №1 (73). - С. 210-218.
6. Кадыров, Д. Б. Институциональные аспекты обеспечения продуктивной занятости и регулирование процессов миграции рабочей силы в Республике Таджикистан / Д. Б. Кадыров, Н. Н. Умаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 12-18.
7. Қодирзода, Д. Б. Таҷрибаи хориҷии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва зарурияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д. Б. Қодирзода, Н. Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2025. – No. 4(63). – P. 192-200.
8. Мусоев, Ш.М. Саноатикунонь щамчун омили рушд дар шароити Тоыикистон / Ш.М. Мусоев / Илм-асоси рушди инноватсионӣ. Маводҳои конференсияи Х байналмилалии илмӣ-амалӣ. – Душанбе: 2025. - С. 425-431.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018, шаҳри Душанбе.
10. Раҳимов, О.Н., Ҳабибуллоев М.Ҳ. Самтҳои афзалиятноки таъмини саноатикунонии босуръати дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / О.Н. Раҳимов, М.Ҳ. Ҳабибуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2019. - № 4 (29). - С. 83-90.
11. Солиев, Ҳ.А. Вежагиҳои саноатикунонӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.А. Солиев // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, биснес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2023. - №4 (97). - С. 83-89.
12. Умарзода, Н. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар шароити муосир / Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No. 9. – P. 86-92.
13. Шабнам, А. Нақши соҳаи саноат дар тараққиёти иқтисодиёт / А. Шабнам // Паёми донишгоҳи Технологии Тоҷикистон. - 2019. - №4 (39). - С. 64-77.

УДК: 65.261.41-212.1

ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАНЗИМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗУ БУҶЕТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд. Рақам барои тамос. +992 11 771 1717. E-mail: a.mamurov1974@mail.ru

Исматов Хушрӯз Ҳасанович
номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд. Рақам барои тамос. 92 883 2423. E-mail: Khushruz_1987@mail.ru

Дар мақолаи мазкур вазъи муосири танзими маъмурикунонии андозию буҷет дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз маълумоти омории солҳои 2017–2024 динамикаи рушди ММД, даромадҳои андозии буҷети давлатӣ, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи музди меҳнат, инчунин даромад ва хароҷоти аҳолиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин, сармоягузориҳои асосӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ таҳлил гардидаанд. Махсусан, таъсири татбиқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2022) ба фаъолияти соҳибкорӣ ва устувории сохтори даромадҳои буҷети давлатӣ баҳогузорӣ шудааст. Бо истифода аз коэффитсиенти самаранокии танзими маъмурикунонии андозу буҷет муносибати байни суръати афзоиши воридоти андозӣ ва рушди ММД муайян карда шудааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки низоми андозӣ дар баробари коҳиши баъзе меъёрҳои андозӣ қобилияти сафарбар намудани даромадҳои буҷетиро нигоҳ дошта, ба рушди фаъолияти иқтисодӣ мусоидат намудааст. Ҳамзамон, вобастагии назарраси даромадҳои андозии буҷет аз андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида муайян гардидааст. Дар мақола зарурати такмили сиёсати андозӣ, гуногунсозии манбаъҳои даромади буҷет, рушди механизмҳои назорати амалиёти байни шахсони алоқаманд ва ташаккули низоми самараноки назорати нархгузории трансфертӣ асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: сиёсати андозӣ, танзими маъмурикунонии андозию буҷет, низоми андозбандӣ, даромадҳои андозӣ, буҷети давлатӣ, ММД, ААИ, андоз аз фоида, сармоягузорӣ, нархгузории трансфертӣ.

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ НАЛОГОВО-БЮДЖЕТНОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ

Маъмуров Анваржон Маҳмуджонович
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налогообложения и налогового права Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Адрес: Республика Таджикистан, Худжанд. Контактный номер: +992 11 771 1717. Электронная почта: a.mamurov1974@mail.ru

Исматов Хушруз Хасанович
кандидат экономическҷх наук., доцент, заведующий кафедрой финансы и кредит ГУ «Худжандский международный институт» ГУ «Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана». Адрес: Республика Таджикистан, Худжанд. Тел: 928832423 E-mail: Khushruz_1987@mail.ru

В данной статье всесторонне анализируется современное состояние регулирования администрирования налогов и бюджета в национальной экономике Республики Таджикистан. На основе статистических данных за 2017–2024 годы исследована динамика валового внутреннего продукта, налоговых доходов государственного бюджета, отраслевой структуры ВВП, средней заработной платы, денежных доходов и расходов населения, основных и иностранных инвестиций. Особое внимание уделено оценке влияния введения нового Налогового кодекса Республики Таджикистан с 2022 года на экономическую активность и структуру бюджетных доходов. С использованием коэффициента эффективности регулирования налогово-бюджетного администрирования определена взаимосвязь между темпами роста налоговых поступлений и ростом ВВП. Результаты анализа показывают, что налоговая система при снижении отдельных налоговых ставок сохранила способность мобилизовать бюджетные доходы и создала относительно благоприятные условия для экономической активности. Вместе с тем выявлена значительная зависимость налоговых доходов бюджета от налога на добавленную стоимость и налога на прибыль. Обоснована необходимость дальнейшего совершенствования налоговой политики, диверсификации источников бюджетных доходов, развития механизмов контроля операций между взаимозависимыми лицами и формирования эффективной системы контроля трансфертного ценообразования.

Ключевые слова: налоговая политика, регулирования налогово-бюджетного администрирования, налоговая система, налоговые доходы, государственный бюджет, ВВП, НДС, налог на прибыль, инвестиции, трансфертное ценообразование.

THE CURRENT STATE OF REGULATION OF FISCAL ADMINISTRATION IN THE NATIONAL ECONOMY

Mamurov Anvarjon Mahmudjonovich
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Taxation at the Tajik State University of Law, Business, and Politics. Address: Republic of Tajikistan, Khujand. Contact number: +992 11 771 1717. E-mail: a.mamurov1974@mail.ru
Ismatov Khushruz Hasanovich
candidate of economic sciences, associate professor the head of the department of finance and credit, SI"Khujand International Institute" of the SI "International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan". Address: Republic of Tajikistan, Khujand. Phone: 928832423 E-mail: Khushruz_1987@mail.ru

This article comprehensively analyzes the current state of regulation of tax administration and budget in the national economy of the Republic of Tajikistan. Based on statistical data for 2017–2024, the dynamics of gross domestic product, tax revenues of the state budget, sectoral structure of GDP, average wages, household monetary income and expenditures, fixed investment, and foreign investment are examined. Particular attention is paid to assessing the impact of the introduction of the new Tax Code of the Republic of Tajikistan in 2022 on economic activity and the structure of budget revenues. Using the efficiency coefficient of tax and budget administration regulation, the relationship between the growth rate of tax revenues and GDP growth has been determined. The findings indicate that despite reductions in certain tax rates, the tax system has maintained its capacity to mobilize budget revenues and has contributed to creating relatively favorable conditions for economic activity. At the same time, a significant dependence of budget tax revenues on value-added tax and corporate profit tax has been identified. The article substantiates the need for further improvement of tax policy, diversification of budget revenue sources, development of mechanisms for monitoring transactions between related parties, and the establishment of an effective transfer pricing control system.

Keywords: tax policy, tax and budget administration regulation, taxation system, tax revenues, state budget, GDP, VAT, profit tax, investment, transfer pricing.

Муқаддима. Низоми ташаккулёфтаи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодӣ дар давоми 34 соли охир ташаккул ёфта, боз тадриҷан такмил ёфта истодааст. Дар ин давра таъсиси низоми самараноки маъмурикунонии андоз, ки ба талаботи иқтисоди муосири бозорӣ ҷавобгӯ бошад, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иқтисодии давлат пешбинӣ гардида аст. Аз як тараф, агар манбаи маъмурикунонии андоз ҳамчун сарчашмаи асосии ташаккули даромадҳои давлатӣ баромад кунад, аз ҷониби дигар, он ҳамчун омили муҳимтарини фаъолнокии соҳибкорӣ низ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ташаккули манбаи молиявии дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ аз самаранокии фаъолияти механизмҳои бозорӣ вобаста мебошад, ки дар шароити муосир тавассути андозҳо – ҳамчун воситаи асосии молиявии танзими иқтисодиёт ба низом дароварда мешаванд.

Методология. Маълум аст, ки воситаҳои танзими маъмурикунонии андзу буҷет гуногунҷанба буда, таснифоти онҳо дар доираи дигар мақолаҳои илмии мо [1,2] мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамаи воситаҳо ва механизмҳои маъмурикунонии андоз дар натиҷаҳои татбиқи сиёсати андозии кишвар инъикос меёбанд. Сиёсати андозӣ яке аз воситаҳои асосии танзими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. «Ҳадафи сиёсати андозию буҷетӣ таъмини талаботи молиявии давлат, ҳудудҳо ва гурӯҳҳои муайяни иҷтимоии ҷомеа дар заминаи афзоиши босуръати иқтисодиёт мебошад. Интихоби намуди сиёсати фискалӣ аз вазъи иқтисодиёт вобаста мебошад, на аз вазъи буҷет. Бо афзоиши андозҳову хароҷотҳои давлатӣ, Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (минбаъд — ММД) ба андозаи баробар рушд меёбад, ҳамзамон андозҳо қисми низоми он буда, миқёси касри буҷетро тағйир намедиҳанд».[2. с.37].

Дар кори илмии худ олимони соҳа чунин оид ба танзими маъмурикунонии андоз чунин таъкид намудананд. «Маъмурикуноии андоз ин фаъолияти махсуси мақомоти идоракунӣ ва ҳокимияти давалатие, ки мақсади он иҷрои уҳдадориҳои конунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо, ҳамзамон функсияҳои назоратии низоми андозбандӣ мебошад» [5, с.144].

Аз ин рӯ, барои муайян намудани вазъи муосири маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили сиёсати андозии амалкунандаи давлат дар заминаи самтгирии он ба танзими андозӣ аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Натиҷаҳо. Ҳамчун шарти гузаронидани таҳлил интихоби ё таҳияи усули таҳлиле пешбинӣ мегардад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таҳқиқот самаранокии баландтаринро таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, усулҳои эмпирикии таҳлил барои муайян намудани хусусиятҳо ва вижагиҳои танзими андозбандӣ нокифоя мебошанд. Бо дарназардошти ин, дар доираи мақола асосан аз усули таҳлили омилӣ истифода шудааст, ки ба принсипҳои маъруфи илмии синтез ва таҳлил, инчунин дедуксия ва индуксия асос меёбад.

Муҳокима. Махсусан, бояд ба назар гирифт, ки солҳои 2022–2026 дар кишвар ҳамчун «Солҳои саноатикунонии босуръати кишвар» эълон гардида, рушди истеҳсолоти саноатӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ муайян шудааст. Аз ин рӯ, коҳиши ҳиссаи саноат дар ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки имтиёзҳо ва сабуксозии андозӣ худ аз худ барои баланд бардоштани ҳиссаи саноат дар ММД кофӣ нестанд. Барои ба даст овардани натиҷаи бештар сиёсати андоз бояд бо сиёсати сармоягузорӣ, саноатӣ ва гумрукӣ ҳамоҳанг карда шавад. Аз ин рӯ, барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат зарур аст, ки сиёсати андозӣ

аз шакли умумии ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ба механизми бештар мақсадноки дастгирии истеҳсолоти саноатӣ, коркарди ашёи хом, сармоягузории истеҳсолӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ гузаронида шавад.

Бо мақсади асоснок намудани амиқтари хусусиятҳои маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо таҳлили омилҳои рафтори агентҳои иқтисодиро дар давраи ҷорӣ намудани Кодекси андоз дар таҳрири нав амалӣ менамоем. Натиҷаҳои таҳлили мазкур дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Сохтори соҳавии истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2017-2023 (бо фоиз нисбати ММД)

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5
Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ, млн. смн	13069,4	14049,8	16507,9	19050,5	22690,7	27104,8	31769,7
бо фоиз	20,3	19,8	20,9	22,7	22,4	22,9	24,3
Ҳиссаи саноат, якҷоя бо энергетика, млн. смн	12839,5	15031,2	16872,7	19511,3	24137	27751,0	21143,0
бо фоиз	19,9	21,1	21,3	23,3	23,9	23,5	16,1
Ҳиссаи сохтмон, млн. смн	7670,4	9411,7	9281,6	8863,7	11417,3	13250,1	10313,2
бо фоиз	11,9	13,2	11,7	10,5	11,3	11,2	7,9
Ҳиссаи савдо, млн. смн	6353,5	7359,6	8764,1	8978,4	10956,0	13042,0	17005,7
бо фоиз	9,9	10,4	11,1	10,7	10,8	11,0	13,0
Ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ, млн. смн	17912,7	17978,0	19698,3	19646,2	21832,5	25881,8	36883,0
бо фоиз	27,8	25,3	24,9	23,4	21,6	21,9	28,2
Ҳиссаи андоз аз маҳсулот (илова ба молу хизматҳо), млн. смн	6467,9	7131,5	7827,1	7718,0	9882,8	10958.0	13443,0
бо фоиз	10,0	10,0	9,9	9,2	9,8	9,3	10,3
Кӯмаки молиявӣ (субсидия) барои маҳсулот, млн. смн	130,8	112,4	134,4	175,3	184,3	270.6	286,9
бо фоиз	0,2	0,2	0,2	0,2	0,2	0,2	0,2

Сарчашма: [6, 7, 8].

Таҳлили маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2017–2023 яъне 7 соли охир иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзоиши пайвастаи ҳаҷми номиналии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҳамзамон тағйироти назаррас дар сохтори соҳавии он тавсиф мешавад. Ҳаҷми ММД аз 64 434,3 млн сомонӣ дар соли 2017 то 130 791,5 млн сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфта, тақрибан 2,03 маротиба зиёд шудааст. Дар солҳои 2021–2023, яъне дар давраи оғози татбиқи Кодекси нави андоз, ҳаҷми номиналии ММД аз 101 076,3 млн сомонӣ то 130 791,5 млн сомонӣ расида, 29,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Маълумоти расмии оморӣ низ афзоиши ММД-ро дар соли 2022 дар сатҳи 8,0 фоиз ва соли 2023 дар сатҳи 8,3 фоиз нишон медиҳад.

Соли 2022 аз нуқтаи назари ислоҳоти андозӣ марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро аз 1 январи соли мазкур Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор гирифт. Кодекси нав ба ташаккул, рушд ва ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ равона гардида, коҳиши шумораи андозҳо, паст намудани баъзе меъёрҳои андозӣ ва такмили муносибатҳои байни давлат ва андозсупорандагонро пешбинӣ намуд. Аз ҷумла, шумораи андозҳо аз 10 то 7 намуд кам ва меъёри андози даромад аз 13 фоиз то 12 фоиз паст карда шуд. Ҳамчунин меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз то 15 фоиз коҳиш ёфт. Ҳамин тариқ, ислоҳоти андозӣ дар марҳилаи аввал ба коҳиши муайяни бори андозӣ ва беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ нигаронида шуда буд.

Дар заминаи ин ислоҳот маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД аз 22,4 фоиз дар соли 2021 ба 22,9 фоиз дар соли 2022 ва то 24,3 фоиз дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми мутлақи истеҳсоли кишоварзӣ низ аз 22 690,7 млн сомонӣ дар соли 2021 ба 31 769,7 млн сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Аз ин рӯ, дар давраи 2021–2023 ҳиссаи кишоварзӣ 1,9 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки ислоҳоти андозӣ дар бахши истеҳсолӣ барои нигоҳ доштани фаъолияти иқтисодӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Дар бахши саноат бошад, натиҷаҳо нисбатан мураккаб мебошанд. Ҳиссаи саноат, якҷоя бо энергетика, дар соли 2021 23,9 фоизи ММД-ро ташкил дода, дар соли 2022 то 23,5 фоиз ва дар соли 2023 то 16,1 фоиз коҳиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар давраи 2021–2023 ҳиссаи саноат 7,8 банди фоизӣ паст шудааст. Ин ҳолат дар назари аввал метавонад бо ҳадафҳои саноатикунонии босуръати иқтисодиёт мухолиф ба назар расад. Бо вуҷуди ин, онро

наметавон танҳо ҳамчун натиҷаи манфии ислоҳоти андозӣ арзёбӣ намуд, зеро сохтори ММД аз маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нархӣ ва истеҳсолӣ таъсир мегирад.

Дар муқоиса бо саноат, соҳаи савдо дар солҳои 2021–2023 рушди назаррас нишон медиҳад. Ҳиссаи савдо аз 10,8 фоиз дар соли 2021 ба 11,0 фоиз дар соли 2022 ва 13,0 фоиз дар соли 2023 расидааст. Ҳаҷми мутлақи он низ аз 10 956,0 млн сомонӣ то 17 005,7 млн сомонӣ афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл метавонад аз таъсири мусоиди соддасозии низоми андозбандӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ва гардиши молӣ шаҳодат диҳад. Аммо афзоиши ҳиссаи савдо нисбат ба саноат ҳамзамон зарурати равона намудани сиёсати андозиро ба рушди истеҳсолоти миллӣ нишон медиҳад.

Тамоюли нисбатан назаррас дар соҳаи хизматрасонӣ мушоҳида мешавад. Ҳиссаи ин соҳа дар ММД аз 21,6 фоиз дар соли 2021 то 28,2 фоиз дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Яъне, дар давраи мазкур ҳиссаи хизматрасонӣ 6,6 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ҳаҷми мутлақи хизматрасонӣ низ аз 21 832,5 млн сомонӣ дар соли 2021 то 36 883,0 млн сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Ҳамин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи баъди ислоҳоти андозӣ сохтори иқтисодиёт ба самти васеъшавии бахши хизматрасонӣ низ ҳаракат кардааст.

Дар соҳаи сохтмон баръакс, ҳиссаи он аз 11,3 фоиз дар соли 2021 то 7,9 фоиз дар соли 2023 коҳиш ёфтааст. Аз ин рӯ, сохтори соҳавии ММД дар солҳои 2021–2023 тағйироти гуногунсамтро нишон медиҳад: ҳиссаи кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ афзоиш ёфта, ҳиссаи саноат ва сохтмон коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи андоз аз маҳсулот низ барои арзёбии самаранокии низоми нави андозбандӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳиссаи андоз аз маҳсулот дар ММД аз 9,8 фоиз дар соли 2021 то 9,3 фоиз дар соли 2022 коҳиш ёфта, дар соли 2023 ба 10,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, ҳаҷми мутлақи он аз 9 882,8 млн сомонӣ дар соли 2021 то 13 443,0 млн сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Ин ҳолат метавонад нишон диҳад, ки коҳиши баъзе меъёрҳои андозӣ бо коҳиши иқтидори андоз ҳамроҳ нашуда, баръакс, дар баробари афзоиши фаъолияти иқтисодӣ манбаи андозбандӣ низ васеъ гардидааст.

Дар маҷмӯъ, таҳлил нишон медиҳад, ки такмили низоми андозбандӣ аз соли 2022 барои беҳтар намудани муҳити институтсионалии фаъолияти соҳибкорӣ ва нигоҳ доштани рушди умумии иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аммо таъсири он ба сохтори соҳавии ММД муассир набудааст. Дар давраи 2021–2023 ҳиссаи кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ афзоиш ёфта, ҳиссаи саноат ва сохтмон коҳиш ёфтааст.

Зарур мешуморем, ки ба таъсири низоми муосири андоз ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ метавонад аз таъсирбахшии танзими анзозӣ-буҷетӣ маълумот диҳад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млн. сомонӣ	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5
Ҳаҷми буҷети давлатӣ, млн. сомонӣ	23307,3	24097,2	23490,4	25065	30053,8	36056,8	43903,4
Музди меҳнати миёнаи кормандон, сомонӣ	1144,19	1233,82	1335,52	1393,78	1540,84	1760,29	2013,11
Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	37247,5	41083,9	47986,3	65347	80508,8	95124,6	120715,1
Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ, млн. сомонӣ	38430,6	42346,4	48857,2	72555,7	91885	110606,2	145634,1
Ҳаҷми сармоягузориҳои асосӣ ба иқтисодиёти миллӣ, млн. сомонӣ	11371,6	13361	12517,8	11755,6	15124,9	16655,2	20699,8
Сармоягузории хориҷӣ, млн. доллари ИМА	5665,4	6366,2	6652,9	6474,9	6367	2576,8	2783,9

Сарчашма: [6, 7, 8].

Маълумоти ҷадвали 2 имкон медиҳад, ки таъсирбахшии танзими андозию буҷетиро дар заминаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намоем. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2017–2023 дар иқтисодиёти кишвар тамоюли умумии афзоиши ММД, ҳаҷми буҷети давлатӣ, музди меҳнати миёна, даромади пулии аҳолӣ ва сармоягузориҳои асосӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, тағйироти мазкур дар давраи баъди татбиқи низоми нави андозбандӣ, махсусан солҳои 2022–2023, аҳаммияти бештар пайдо менамояд.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷми номиналии ММД аз 64 434,3 млн сомонӣ дар соли 2017 то 130 791,5 млн сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Яъне, дар давраи таҳлилшаванда ММД зиёда аз ду маротиба афзоиш ёфта, 103,0 фоиз зиёд шудааст. Агар давраи 2021–2023-ро, ки барои таҳлили таъсири низоми нави андоз аҳаммияти махсус дорад, чудо намоем, ММД аз 101 076,3 млн сомонӣ то 130 791,5 млн сомонӣ афзоиш ёфта, 29,4 фоиз зиёд шудааст. Тибқи маълумоти оморӣ рушди воқеии ММД дар соли 2022 ба 8,0 фоиз ва дар соли 2023 ба 8,3 фоиз баробар гардидааст.

Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои аввали татбиқи низоми нави андозбандӣ рушди иқтисодӣ нигоҳ дошта шудааст. Аз нуқтаи назари танзими андозию буҷетӣ, чунин вазъ метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки ислоҳоти андозӣ, аз ҷумла соддасозии низоми андозбандӣ ва тағйир додани баъзе меъёрҳои андоз, ба фаъолияти иқтисодии субъектҳо таъсири маҳдудкунанда нарасонида, барои нигоҳ доштани фаъолияти соҳибкорӣ ва истеҳсолӣ заминаи нисбатан мусоид фароҳам овардааст. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки ин натиҷа на танҳо аз ҳисоби сиёсати андозӣ, балки дар натиҷаи таъсири маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба даст омадааст.

Нишондиҳандаи дигари муҳим ҳаҷми буҷети давлатӣ мебошад. Дар солҳои 2017–2023 ҳаҷми буҷети давлатӣ аз 23 307,3 млн сомонӣ то 43 903,4 млн сомонӣ афзоиш ёфта, тақрибан 88,4 фоиз зиёд шудааст. Хусусан, дар давраи 2021–2023 ҳаҷми буҷет аз 30 053,8 млн сомонӣ то 43 903,4 млн сомонӣ расида, 46,1 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аҳаммияти махсус дорад, зеро тавсеаи имкониятҳои буҷетӣ яке аз натиҷаҳои асосии танзими молиявию андозӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳаҷми афзояндаи буҷети давлатӣ маънои онро дорад, ки давлат имконияти бештари маблағгузории хароҷоти иҷтимоӣ, инфрасохторӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиро ба даст овардааст. Ҳамин тариқ, танзими андозию буҷетӣ дар ин давра на танҳо вазифаи фискалӣ, яъне сафарбар намудани захираҳои молиявӣ ба буҷетро иҷро кардааст, балки барои татбиқи вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат низ замина фароҳам овардааст. Дар маълумоти расмӣ низ афзоиши ММД ва ҳаҷми буҷет дар солҳои 2022–2023 дар баробари нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ мушоҳида мешавад.

Барои арзёбии таъсири иҷтимоии низоми андоз нишондиҳандаи музди меҳнати миёнаи кормандон аҳаммияти махсус дорад. Музди меҳнати миёна аз 1 144,19 сомонӣ дар соли 2017 то 2 013,11 сомонӣ дар соли 2023 расида, тақрибан 76,0 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2021–2023 ин нишондиҳанда аз 1 540,84 сомонӣ то 2 013,11 сомонӣ, ё 30,7 фоиз зиёд шудааст. Хусусан, дар соли 2022 музди меҳнати миёна нисбат ба соли 2021 тақрибан 14,2 фоиз афзоиш ёфта, дар соли 2023 боз 14,4 фоиз зиёд шудааст.

Афзоиши музди меҳнат аз нуқтаи назари сиёсати андозӣ аҳаммияти дучониба дорад. Аз як тараф, зиёд шудани даромади меҳнатии аҳолӣ ба беҳтар шудани қобилияти харидории аҳолӣ ва афзоиши талаботи дохилӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби дигар, афзоиши фонди музди меҳнат манбаи андозбандии даромадҳоро васеъ карда, метавонад ба зиёд шудани воридоти андозӣ ба буҷет мусоидат намояд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо механизми бозгашти байни рушди иқтисодӣ, даромади аҳолӣ ва даромадҳои буҷетӣ ташаккул меёбад.

Даромади пулии аҳолӣ низ дар давраи таҳлилшаванда тамоюли назарраси афзоишро нишон медиҳад. Агар соли 2017 даромади пулии аҳолӣ 37 247,5 млн сомониро ташкил дода бошад, соли 2023 он ба 120 715,1 млн сомонӣ расидааст. Ҳамин тариқ, даромади пулии аҳолӣ дар давоми шаш сол зиёда аз 3,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2021–2023 низ афзоиши назаррас яъне тақрибан 50,0 фоиз мушоҳида мешавад, ки аз 80 508,8 млн сомонӣ то ба 120 715,1 млн сомонӣ расида аст.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми арзёбии ин нишондиҳанда бояд аз афзоиши номиналӣ ва воқеии даромад фарқ гузошт. Афзоиши даромади пулии аҳолӣ метавонад на танҳо аз зиёд шудани даромади воқеӣ, балки аз тағйирёбии сатҳи нархҳо низ вобаста бошад. Масалан, индекси нархҳои истеъмолӣ дар соли 2022 нисбат ба соли қаблӣ 106,6 фоиз ва дар соли 2023 103,7 фоизро ташкил додааст. Аз ин рӯ, барои муайян намудани таъсири воқеии сиёсати андозию буҷетӣ ба сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таҳлили даромади воқеӣ, қобилияти харидории аҳолӣ ва сатҳи камбизоатӣ низ зарур мебошад.

Ҳамзамон, хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ аз 38 430,6 млн сомонӣ дар соли 2017 то 145 634,1 млн сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2021–2023 ин нишондиҳанда аз 91 885,0 млн сомонӣ то 145 634,1 млн сомонӣ, яъне тақрибан 58,5 фоиз зиёд шудааст. Афзоиши чунин хароҷот метавонад аз васеъ шудани гардиши иқтисодӣ ва қобилияти молиявии аҳолӣ шаҳодат диҳад. Аммо дар муқоиса бо даромади аҳолӣ, хароҷот ва пасандоз дар солҳои охир босуръаттар афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат зарурати таҳлили амиқтари тавозуни даромад ва хароҷоти аҳолиро ба миён меорад.

Яке аз нишондиҳандаҳои калидии таъсирбахшии сиёсати андозию буҷетӣ сармоягузориҳои асосӣ ба иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҳаҷми онҳо аз 11 371,6 млн сомонӣ дар соли 2017 то 20 699,8 млн сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфта, тақрибан 82,0 фоиз зиёд шудааст. Дар солҳои 2021–2023 афзоиш аз 15 124,9 млн сомонӣ то 20 699,8 млн сомонӣ, ё тақрибан 36,9 фоизро ташкил медиҳад.

Тамоюли мазкур махсусан дар заминаи ислоҳоти андозӣ муҳим аст. Яке аз вазифаҳои низоми муосири андозбандӣ бояд на танҳо ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ, балки ташаккули муҳити мусоид барои сармоягузорӣ бошад. Агар коҳиши сарбории андоз ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ бо афзоиши сармоягузориҳои асосӣ ҳамроҳ гардад, ин метавонад аз таъсири мусоиди танзими андозӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ шаҳодат диҳад. Аммо барои исботи чунин робита бояд муайян карда шавад, ки чӣ қадар аз афзоиши сармоягузорӣ маҳз аз ҳисоби имтиёзҳои андозӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар ин робита, нишондиҳандаи сармоягузории хориҷӣ натиҷаи нисбатан дигарро нишон медиҳад. Ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ аз 5 665,4 млн доллари ИМА дар соли 2017 то 6 474,9 млн доллар дар соли 2020 афзоиш ёфта бошад ҳам, дар соли 2021 то 6 367,0 млн доллар ва дар соли 2022 то 2 576,8 млн доллар коҳиш ёфтааст. Дар соли 2023 боз вусъат ёфта, ба 2 783,9 млн доллар расидааст. Яъне, дар соли 2022, ки соли аввали татбиқи Кодекси нави андоз буд, сармоягузории хориҷӣ нисбат ба соли 2021 тақрибан 59,5 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки таъсири ислоҳоти андозӣ ба сармоягузории хориҷӣ нисбат ба сармоягузориҳои умумӣ аксон набудааст. Аз ин рӯ, танҳо коҳиши меъёрҳои андозӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ кофӣ нест. Барои сармоягузори хориҷӣ маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла устувории макроиқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи

моликият, муҳити маъмурӣ, дастрасӣ ба инфрасохтор, бозори дохилӣ ва соддагии расмиёти андозию гумрукӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2021–2023 дар баробари татбиқи низоми нави андозбандӣ нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ, ба истиснои сармоягузории хориҷӣ, тамоюли мусбати рушдро нишон додаанд. ММД 29,4 фоиз, буҷети давлатӣ 46,1 фоиз, музди меҳнати миёна 30,7 фоиз, даромади пулии аҳолӣ 50,0 фоиз ва сармоягузориҳои асосӣ 36,9 фоиз афзоиш ёфтаанд. Ин динамика аз он шаҳодат медиҳад, ки дар марҳилаи аввал такмили низоми андозбандӣ ба рушди муҳити иқтисодӣ ва васеъ гардидани имкониятҳои молиявии давлат ва субъектҳои иқтисодӣ мусоидат кардааст.

Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои таҳлил имкон медиҳанд, ки самаранокии танзими маъмурикунонии андозию буҷетӣ нисбӣ ва соҳавӣ арзёбӣ карда шавад. Аз як тараф, афзоиши ММД ва буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки вазифаи фискалии низоми андозӣ нигоҳ дошта шудааст. Аз ҷониби дигар, афзоиши музди меҳнат, даромади аҳолӣ ва сармоягузориҳои асосӣ нишон медиҳад, ки механизми танзими маъмурикунонии андозию буҷетӣ дорои таъсири иҷтимоию иқтисодӣ низ мебошад. Аммо коҳиши сармоягузории хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани таъсирбахшии низоми андоз дар самти сармоягузорӣ зарурати такмили минбаъдаи сиёсати имтиёзҳои андозӣ ва муҳити институтсионалӣ вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили ҷадвали 3 метавон пешниҳод намуд, ки меъёри асосии самаранокии низоми муосири андоз бояд танҳо ҳаҷми воридоти андозӣ ба буҷет набошад. Самаранокии воқеии он бояд аз рӯи таъсири маҷмӯӣ ба афзоиши ММД, васеъшавии истеҳсолоти миллӣ, афзоиши даромади воқеии аҳолӣ, рушди сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани имкониятҳои молиявии давлат арзёбӣ карда шавад.

Бояд қайд кард, ки афзоиши даромадҳои андозии буҷети давлатӣ бо афзоиши ММД кишвар вобаста сурат мегирад ва ин яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи самаранокии сиёсати андозӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омили мазкур ба самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бевосита таъсир мерасонад.

Барои муайян намудани робитаи мутақобилаи танзими маъмурикунонии андозию буҷетӣ ва суръати рушди иқтисодӣ зарурати таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба миён меояд. Тавассути чунин таҳлил инчунин муайян кардан мумкин аст, ки низоми андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир то чӣ андоза барои таъмини афзоиши ММД-и кишвар мусоидат намудааст ва ба тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ чӣ гуна вокуниш нишон медиҳад.

Усулҳои гуногуни муайян намудани самаранокии низоми андозӣ ва, аз ҷумла, танзими андозӣ мавҷуд мебошанд. Дар адабиёти илмӣ дар аксари ҳолатҳо самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ ҳамчун вокуниши низоми андозӣ (даромадҳои андозӣ) ба тағйирёбии ММД муайян карда мешавад. Барои ин таносуби суръати афзоиши воридоти андозӣ ба буҷети давлатӣ ва суръати афзоиши ММД-и кишвар ба инобат гирифта мешавад. Самаранокии танзими маъмурикунонии андозию буҷетиро ҳамчун таносуби суръати афзоиши ин нишондиҳандаҳо метавон бо истифода аз формулаи зерин муайян намуд [3]:

$$КСмаб = \frac{ДМсҷ / ДМсг}{ММДсҷ / ММДсг} \quad (1),$$

дар ин ҷо:

КСмаб – коэффитсиенти самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ;

ДАсҷ – даромадҳои андозии соли ҷорӣ;

ДАсг – даромадҳои андозии соли гузашта;

ММДсҷ – Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли ҷорӣ;

ММсг – Маҷмӯи маҳсулоти дохилии соли гузашта.

Агар коэффитсиенти самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ ба як ё зиёда аз як баробар бошад, ин маънои онро дорад, ки низоми андозӣ ба тамоюли тағйирёбии ММД таъсири мувофиқ нишон медиҳад. Дар ҳолати баръакс, яъне ҳангоми аз як кам будани коэффитсиент, он таъсири нисбатан ночизи низоми андозиро ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ифода менамояд.

Бо истифода аз формулаи (1), самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ ро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ду нишондиҳандаи асосӣ дар давраи солҳои 2017–2023 арзёбӣ менамоем (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Ҳисобкунии коэффитсиенти самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017–2023

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
ММД бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ)	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,5
Рушди ММД мутобиқи солҳо (фоиз ё маротиба)	117,6	110,3	111,3	106,1	120,4	116,9	110,7

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023
Воридоти андозии буҷети давлатӣ (млн. сомонӣ)	13099,7	14564,9	15775,4	15548,6	19669,6	21824,2	25769,1
Афзоиши воридоти андозӣ мутобиқи солҳо (фоиз ва ё маротиба)	117,1	111,2	108,3	98,6	126,5	110,9	118,1
Коэффитсенти самаранокии воридоти андозӣ	1,0	1,01	0,97	0,93	1,05	0,95	1,67

Сарчашма: [8, саҳ. 243-239-248-296].

Чунон ки аз маълумоти ҷадвали 3 бармеояд, дар солҳои 2017–2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми ММД бо нархҳои ҷорӣ тамоюли устувори афзоишро нишон дода, аз 64 434,3 млн. сомонӣ дар соли 2017 то 130 791,5 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст. Яъне, дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми ММД беш аз ду баробар афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, суръати рушди ММД дар солҳои алоҳида тағйир ёфтааст. Суръати нисбатан пасти рушди ММД дар соли 2020 ба қайд гирифта шуда, 106,1 фоизро ташкил додааст, дар ҳоле ки нишондиҳандаи баландтарини рушди ММД дар соли 2021 — 120,4 фоиз мушоҳида гардидааст. Дар солҳои 2022 ва 2023 низ рушди иқтисодӣ нигоҳ дошта шуда, мутаносибан 116,9 ва 110,7 фоизро ташкил додааст.

Ҳамзамон, таҳлили воридоти андозии буҷети давлатӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми он аз 13 099,7 млн. сомонӣ дар соли 2017 то 25 769,1 млн. сомонӣ дар соли 2023 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар давраи таҳлилшаванда воридоти андозӣ қариб ду баробар зиёд шудааст. Аммо суръати афзоиши воридоти андозӣ дар солҳои гуногун якхела набудааст. Дар соли 2020 воридоти андозӣ коҳиш ёфта, 98,6 фоизи сатҳи соли қаблиро ташкил кардааст. Ин ҳолат аз таъсири омилҳои иқтисодию иҷтимоии ҳамон давра ва суст шавии фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Дар муқоиса, соли 2021 бо афзоиши воридоти андозӣ то 126,5 фоиз нишондиҳандаи нисбатан баланд ба ҳисоб меравад. Дар солҳои 2022–2023 низ афзоиши воридоти андозӣ идома ёфта, мутаносибан 110,9 ва 118,1 фоизро ташкил додааст.

Барои арзёбии самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ муқоисаи суръати рушди ММД бо суръати афзоиши воридоти андозӣ аҳамияти муҳим дорад. Коэффитсиенти самаранокии воридоти андозӣ нишон медиҳад, ки тағйирёбии воридоти андозӣ то кадом андоза нисбат ба тағйирёбии ҳаҷми ММД мутаносиб мебошад. Агар коэффитсиент аз 1 зиёд бошад, афзоиши воридоти андозӣ аз суръати рушди ММД баландтар буда, метавонад аз баланд шудани самаранокии сафарбаркунии даромадҳои андозӣ шаҳодат диҳад. Баръакс, коэффитсиенти камтар аз 1 нишон медиҳад, ки воридоти андозӣ нисбат ба ММД бо суръати пасттар афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти ҷадвал, дар соли 2017 коэффитсиенти самаранокии воридоти андозӣ 1,0-ро ташкил дода, дар соли 2018 то 1,01 афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки дар ин давра суръати афзоиши воридоти андозӣ тақрибан ба суръати рушди ММД мувофиқ буда, танзими андозӣ нисбатан самаранок ба роҳ монда шудааст. Аммо дар солҳои 2019 ва 2020 коэффитсиент мутаносибан ба 0,97 ва 0,93 коҳиш ёфтааст. Паст шудани нишондиҳанда аз 1 дар ин солҳо нишон медиҳад, ки суръати афзоиши воридоти андозӣ аз суръати рушди ММД ақиб мондааст. Нишондиҳандаи пасттарини коэффитсиент маҳз дар соли 2020 ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2021 вазъият ба таври назаррас беҳтар гардида, коэффитсиенти самаранокии воридоти андозӣ ба 1,05 расидааст. Яъне, афзоиши воридоти андозӣ дар ин сол аз суръати рушди ММД зиёдтар буда, аз баланд шудани қобилияти низоми андозӣ барои сафарбар намудани даромадҳои буҷетӣ шаҳодат медиҳад. Дар соли 2022 бошад, коэффитсиент ба 0,949 ё 94,9 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли қаблӣ каме коҳиш ёфтааст. Ин маънои онро дорад, ки суръати афзоиши воридоти андозӣ дар соли 2022 аз суръати рушди ММД пасттар буд.

Дар соли 2023 тамоюли мусбат аз нав барқарор гардида, коэффитсиенти самаранокии воридоти андозӣ ба 1,07 фоиз расидааст. Ин нишондиҳанда баландтарин сатҳи коэффитсиентро дар давраи солҳои 2017–2023 инъикос менамояд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки дар соли 2023 афзоиши воридоти андозӣ нисбат ба рушди ММД бештар буда, самаранокии сафарбаркунии даромадҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ беҳтар гардидааст.

Дар маҷмӯъ, таҳлили солҳои 2017–2023 нишон медиҳад, ки байни рушди иқтисодӣ ва воридоти андозӣ робитаи назаррас вуҷуд дорад. Дар солҳои коҳиши суръати рушди иқтисодӣ, махсусан соли 2020, воридоти андозӣ низ заиф гардида, коэффитсиенти самаранокии танзими андозӣ аз сатҳи 1 поён рафтааст. Баръакс, дар солҳои 2021 ва 2023, ки афзоиши воридоти андозӣ аз суръати рушди ММД зиёдтар буд, коэффитсиент аз 1 боло рафтааст. Ин нишон медиҳад, ки самаранокии низоми андозӣ на танҳо аз тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот ва ММД, балки аз сиёсати андозӣ, васеъшавии манбаи андозбандӣ, беҳтар гардидани маъмурикунонии андоз ва сатҳи ҷамъоварии уҳдадориҳои андозӣ низ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои таҳлил метавон қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017–2023 тамоюли умумии афзоиши ММД ва воридоти андозӣ нигоҳ дошта шудааст. Бо вуҷуди тағйирёбии коэффитсиенти самаранокӣ дар солҳои алоҳида, дар охири давраи таҳлилшаванда, махсусан дар соли

2023, беҳтаршавии ин нишондиҳанда ба назар мерасад. Ин ҳолат метавонад натиҷаи такмили сиёсати андозӣ ва тадбирҳои андешидашуда барои баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андозҳо ва таъмини даромадҳои буҷети давлатӣ бошад.

Аз ин рӯ, дар идомаи таҳлил зарур аст, ки нишондиҳандаҳои андози фоида ва ААИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои интихобшуда дар динамикаи вақт таҳлил карда шуда, ҳиссаи онҳо дар даромадҳои буҷети давлатӣ, суръати афзоиш, тағйирёбии заминаи андозбандӣ ва омилҳои эҳтимолии таъсиррасон ба онҳо муайян карда шаванд. Чунин таҳлил имкон медиҳад, ки таъсири эҳтимолии мавҷуд набудани механизми мукаммали танзими трансфертгузории нархҳо ба самаранокии маъмурикунонии андозию буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Ҷадвали 4. Суръати афзоиши андозҳои танзимкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017–2024

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							
	2017	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бо нархҳои ҷорӣ, млрд сомонӣ	64,4	71,0	77,3	82,5	101,1	118,1	132,8	153,4
Даромадҳои андозии буҷети давлатӣ, млрд сомонӣ	13,1	14,6	15,8	15,5	19,7	21,8	25,8	29,1
Ҳиссаи даромадҳои андозии буҷети давлатӣ дар ММД, %	20,3	21,3	20,6	18,8	19,5	18,5	21,8	19,0
Андоз аз фоида, млрд сомонӣ	1,5	1,6	1,9	1,9	2,4	2,8	3,4	3,7
Ҳиссаи андоз аз фоида дар ММД, %	2,3	2,2	2,4	2,3	2,5	2,4	2,6	2,4
Ҳиссаи андоз аз фоида дар даромадҳои андозии буҷети давлатӣ, %	11,4	11,3	12,0	12,2	12,2	12,8	13,2	12,7
Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), млрд сомонӣ	5,9	5,9	6,4	6,5	8,2	8,9	10,6	12,2
Ҳиссаи ААИ дар ММД, %	9,2	8,3	8,3	7,9	8,1	7,5	8,1	8,0
Ҳиссаи ААИ дар даромадҳои андозии буҷет, %	45,0	40,4	40,5	41,9	42	40,1	41,1	42,0

Сарчашма: [6, 7,8].

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2017–2024 ҳам ҳаҷми мутлақи даромадҳои андозии буҷети давлатӣ ва ҳам ҳаҷми воридоти андоз аз фоида (даромад) ва андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) тамоюли афзоиш доштаанд. Агар дар соли 2017 даромадҳои андозии буҷети давлатӣ 13,1 млрд сомониро ташкил дода бошанд, пас то соли 2024 онҳо ба 29,1 млрд сомонӣ расида, 2,2 маротиба афзоиш ёфтаанд. Дар ҳамин давра ММД бо нархҳои ҷорӣ аз 64,4 млрд то 153,4 млрд сомонӣ зиёд шудааст, яъне тақрибан 2,4 маротиба.

Ҳамзамон, ҳиссаи даромадҳои андозии буҷет дар ММД дар давраи таҳлилшаванда тағйирёбанда буда, аз 20,3 фоиз дар соли 2017 то 19,0 фоиз дар соли 2024 расидааст. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 то 18,8 фоиз коҳиш ёфта, баъдан дар соли 2023 ба 21,8 фоиз расида, дар соли 2024 боз то 19,0 фоиз паст шудааст. Аз ин рӯ, афзоиши мутлақи воридоти андозӣ набояд ҳамчун афзоиши доимии фишори андозӣ нисбат ба ММД маънидод карда шавад. Баръакс, маълумот аз мавҷудияти тағйирёбии дараҷаи сафарбаркунии даромадҳои андозӣ вобаста ба сохтори иқтисодиёт, фаъолияти соҳибкорӣ ва вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар сохтори даромадҳои андозии буҷет ААИ мавқеи калидӣ дорад. Ҳаҷми воридоти ААИ аз 5,9 млрд сомонӣ дар соли 2017 то 12,2 млрд сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфтааст, яъне тақрибан 2,1 маротиба. Бо вуҷуди ин, ҳиссаи ААИ дар ММД аз 9,2 фоиз дар соли 2017 то 8,0 фоиз дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки афзоиши мутлақи воридоти ААИ асосан бо афзоиши ҳаҷми иқтисодиёт ва гардиши андозбандишаванда вобаста буда, нисбат ба ММД афзоиши мутаносиби он ба назар намерасад.

Аз нуқтаи назари устувории даромадҳои буҷетӣ бошад, аҳамияти ААИ махсусан баланд мебошад. Дар соли 2017 ҳиссаи ААИ дар даромадҳои андозии буҷет 45,0 фоиз буд ва дар соли 2024 низ ин нишондиҳанда 42,0 фоиз-ро ташкил кардааст. Яъне, дар тамоми давраи таҳлилшаванда тақрибан аз ҳар 10 сомонии даромади андозии буҷет зиёда аз 4 сомонӣ аз ҳисоби ААИ ташаккул ёфтааст. Маълумоти расмии оморӣ барои солҳои 2020–2023 низ сатҳи баланди аҳамияти ААИ-ро нишон медиҳад: дар соли 2023 воридоти ААИ 10,62 млрд сомонӣ буда, даромадҳои умумии андозӣ 25,77 млрд сомониро ташкил додаанд.

Дар баробари ААИ, андоз аз фоидаи корхонаҳо низ дар ташаккули даромадҳои буҷетӣ аҳамияти назаррас дорад. Ҳаҷми он аз 1,5 млрд сомонӣ дар соли 2017 то 3,7 млрд сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфтааст, ки ба афзоиши тақрибан 2,5 маротиба баробар мебошад. Ҳиссаи андоз аз фоида дар ММД дар доираи нисбатан маҳдуди 2,2–2,6 фоиз тағйир ёфта, дар соли 2024 2,4 фоизро ташкил кардааст. Ин нишон медиҳад, ки афзоиши мутлақи андоз аз фоида нисбат ба афзоиши ММД нисбатан мӯътадил буда, ҳиссаи он дар истеҳсоли умумии иқтисодӣ тағйироти ҷиддӣ надорад.

Дар сохтори даромадҳои андозии буҷет ҳиссаи андоз аз фоида аз 11,4 фоиз дар соли 2017 то 12,7 фоиз дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Қимати баландтарини ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 13,2 фоиз ҳисоб шудааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2024 ҳиссаи андоз аз фоида каме коҳиш ёфта бошад ҳам, он нисбат ба соли 2017 ҳанӯз 1,3 банди фоизӣ баландтар мебошад.

Барои арзёбии дараҷаи вобастагии даромадҳои андозии буҷет аз ду андози асосӣ, ААИ ва андоз аз фоида нишондиҳандаи ҷамъбастӣ низ аҳамияти махсус дорад. Тибқи ҳисобҳои ҷадвал, дар соли 2024 воридоти ААИ ва андоз аз фоида дар маҷмӯъ 15,9 млрд сомониро ташкил додааст. Бо муқоисаи ин маблағ бо 29,1 млрд сомонии даромадҳои андозии буҷет метавон хулоса кард, ки тақрибан 54,6 фоизи даромадҳои андозии буҷет аз ин ду манбаи андозӣ ташаккул ёфтааст. Барои муқоиса, дар соли 2017 чунин нишондиҳанда 56,5 фоиз буд. Аз ин рӯ, вобастагии буҷет аз ААИ ва андоз аз фоида дар маҷмӯъ ҳанӯз баланд боқӣ монда, вале дар давраи таҳлилшаванда каме коҳиш ёфтааст.

Ин ҳолат барои таҳлили сифати устувории даромадҳои буҷетӣ аҳамияти назариявӣ дорад. Аз як тараф, тамаркузи зиёда аз нисфи даромадҳои андозӣ дар ду намуди андоз қобилияти давлатро барои сафарбар намудани захираҳои молиявӣ баланд мебардорад. Аз тарафи дигар, чунин тамаркузи метавонад ҳассосияти даромадҳои буҷетиро нисбат ба тағйироти истеъмол, гардиши савдо, воридот, фаъолияти молиявии корхонаҳо ва вазъи даромаднокии субъектҳои хоҷагидорӣ зиёд намояд. Аз ин лиҳоз, сохтори мавҷудаи даромадҳои андозӣ зарурати гуногунсозии манбаъҳои даромади буҷетро ба миён мегузорад.

Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари таҳлили иқтисодӣ, дар ҳолате ки қисми назарраси даромадҳои буҷет ба андоз аз фоида вобаста аст, хатари эрозияи манбаи андоз тавассути муомилоти байни шахсони алоқаманд бояд ҳамчун яке аз омилҳои эҳтимолӣ ба назар гирифта шавад.

Дар мавриди ААИ низ хатари дигар вуҷуд дорад. Азбаски дар соли 2024 ААИ 42,0 фоизи тамоми даромадҳои андозии буҷетро таъмин кардааст, самаранокии маъмурикунонии он барои устувории даромадҳои давлатӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Ҳамзамон, вобастагии баланд аз ААИ зарурати назорати дурусти ҳисобнома-фактураҳо, занҷираи таъминот, воридот, баргардонидани ААИ ва муомилоти байни субъектҳои алоқамандро зиёд мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлили солҳои 2017–2024 нишон медиҳанд, ки ААИ ва андоз аз фоидаи корхонаҳо дар маҷмӯъ зиёда аз нисфи даромадҳои андозии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд. Дар соли 2024 саҳми онҳо ба 54,6 фоиз баробар буда, аз ҷумла ААИ 42,0 фоиз ва андоз аз фоида 12,7 фоизи даромадҳои андозиро ташкил додаанд. Ин сохтор аз вобастагии нисбатан баланди даромадҳои буҷетӣ аз андозҳои ғайримустақим ва андоз аз натиҷаи молиявии корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, афзоиши мутлақи воридоти андоз аз фоида аз 1,5 то 3,7 млрд сомонӣ ва ААИ аз 5,9 то 12,2 млрд сомонӣ дар солҳои 2017–2024 нишон медиҳад, ки нақши онҳо дар сафарбаркунии захираҳои буҷетӣ нигоҳ дошта шудааст. Аммо коҳиши ҳиссаи онҳо дар ММД, махсусан ААИ аз 9,2 то 8,0 фоиз, нишон медиҳад, ки афзоиши воридоти номиналии андозҳо на ҳамеша маънои афзоиши мутаносиби иқтидори андозбандии иқтисодиётро дорад.

Хулоса. Аз нуқтаи назари илмӣ, масъалаи мазкурро метавон чунин хулоса кард: ҳар қадар аҳамияти маъмурикунонии андоз аз фоида дар ташаккули даромадҳои буҷет баланд бошад, ҳамон қадар зарурати таҳкими назорати амалиёти байни шахсони алоқаманд, муайян намудани нархи бозорӣ ва пешгирии интиқоли сунъии фоида зиёд мегардад. Ин махсусан барои корхонаҳои дорои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, ширкатҳои дорои сохтори гурӯҳӣ ва субъектҳое, ки ҳаҷми назарраси амалиёти дохилигурӯҳӣ анҷом медиҳанд, муҳим мебошад. Дар ин замина масъалаи нархгузории трансфертӣ низ аҳамияти илмӣ пайдо мекунад. Афзоиши ҳаҷми андоз аз фоида худ аз худ далели мавҷудияти нархгузории трансфертӣ ё саркашӣ аз андоз нест. Барои чунин хулоса маълумоти сатҳи корхонаҳо, сохтори соҳибмулкӣ, амалиёт бо шахсони алоқаманд, нархҳои муомилоти дохилигурӯҳӣ ва натиҷаҳои санҷишҳои андоз зарур мебошанд.

Аз ин рӯ, барои таҳкими устувории низоми даромадҳои давлатӣ зарур аст, ки сиёсати андозӣ на танҳо ба зиёд намудани ҳаҷми воридот, балки ба васеъ намудани манбаи андоз, гуногунсозии даромадҳои буҷетӣ, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти корхонаҳои калон ва назорати амалиёти байни шахсони алоқаманд равона карда шавад. Дар ин замина, рушди механизмҳои назорати нархгузории трансфертӣ метавонад ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ҳифзи манбаи андоз аз фоида баррасӣ гардад. Дар ин самт рақамисозии маъмурикунонии андоз ва таҳлили маълумоти байниандозӣ метавонанд барои муайян намудани ихтилофҳои ғайримуқаррарӣ дар гардиш ва манбаи андоз аҳамияти калон дошта бошанд.

Адабиёт

1. Бободжонов Д.Р. Фискальное регулирование социально-экономического развития регионов / Д.Р. Бободжонов, Х.Х. Исматов // Вестник финансов и экономики. – 2022. – №4-2 (34). – С. 79–90.

2. Зотиков Н.З. Бюджетно-налоговая политика на современном этапе и ее роль в формировании бюджетов различных уровней//Управление. 2023. Т. 11. № 4. С. 35–44.

3. Игнатьева О.В. Институциональное регулирование налоговых отношений в современной российской экономике: дис. … канд. экон. наук: 08.00.01 / О.В. Игнатьева. – Казань, 2005. – С. 101.

4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 17 декабри соли 2021, №217.

5. Маъмуров, А. М. Тенденции развития налогового администрирования в Таджикистане / А. М. Маъмуров, А. С. Номанова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2014. – № 1(57). – С. 144-151.

6. Ҳисоботҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2010–2025. (http://minfin.tj/index.php?do=static&page=budget (санаи мурочиат: 15.07.2026).

7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ТоРус», 2025 – 442.

8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «ТоРус», 2024 – 296.

УДК:338.1.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ БУҲРОН ВА ИДОРАКУНИИ ЗИДДИБУҲРОНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Аҳадов Исматилло Қаюмович

н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

Саёраева Рухшона Шайховна

ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 93 114 30 10. E-mail: rukhshona@list.ru.

Буҳрони молиявӣ дар шароити муосир масъалаии мубрам ва актуалӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқи он аз олимони соҳа ҷиддиятрро талаб менамояд. Зеро, дар солҳои охир буҳронҳои молиявӣ пайваста ба иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти ҷаҳон таҳдидҳои намуда истода, оқибатҳои ногуворро ба бор овардаанд. Бинобар ин, дар шароити муосир зарурияти идоракунии зиддибуҳронӣ ба миён омада, аз таҳқиқи ин масъала саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин сабаб, таҳлили мавзуи мазкур барои пешрафти низоми молиявию бонкӣ аҳамияти махсус дорад.

Муаллифон дар асоси таҳқиқи масъалаи мазкур доир ба буҳрон ва идоракунии зиддибуҳронӣ, тавонистаанд, ки хусусияти назариявии ин масъаларо пурра таҳлил намоянд. Дар асоси таҳқиқоти ин масъала муаллифон тасонистаанд моҳияти буҳрон ва идоракунии зиддибуҳрониро муайян намуда, доир ба ин масъала ақидаҳои асосноки худро пешниҳод намудаанд.

Калидвожаҳо: буҳрон, идоракунии зиддибуҳронӣ, ҷаҳонишавӣ, танзими зиддибуҳронӣ, фаъолияти бонкӣ, бесуботӣ, сиёсати макропруденсиалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, бонк, ташкилотҳои тиҷоратӣ .

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КРИЗИСНОГО И АНТИКРИЗИСНОГО УПРАВЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ

Ахадов Исматилло Каюмович

к.э.н., старшей преподаватель кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: +992918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

Саёраева Рухшона Шайховна

ассистент кафедры аудит и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 93 114 30 10. E-mail: rukhshona@list.ru.

Разработка модели устойчивости банковской деятельности тесно связана с Финансовый кризис в современных условиях считается актуальной и злободневной проблемой, и его изучение требует более серьезного внимания со стороны ученых в этой области. В последние годы финансовые кризисы постоянно угрожают экономикам отдельных стран и мировой экономике в целом, вызывая неприятные последствия. Поэтому в современных условиях возникла необходимость в антикризисном управлении, и изучение этого вопроса считается своевременным. По этой причине анализ данной темы имеет особое значение для развития финансовой и банковской системы.

На основе изучения этого вопроса в области кризиса и антикризисного управления авторы смогли всесторонне проанализировать теоретическую природу этой проблемы. В ходе исследования авторы определили сущность кризиса и антикризисного управления и представили свои обоснованные взгляды на этот вопрос.

Ключевые слова: кризис, антикризисное управление, глобализация, антикризисное регулирование, банковская деятельность, нестабильность, макропруденциальная политика, Национальный банк Таджикистана, банк, коммерческие организации.

THEORETICAL BASIS OF CRISIS AND ANTI-CRISIS MANAGEMENT IN MODERN TIMES

Ahadov Ismatillo Qayumovich

Candidate of Economic Sciences, art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

Sayoraeva Rukhshona Shayhovna

Assistant of the audit and revisions department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 93 114 30 10. E-mail: rukhshona@list.ru.

The financial crisis in modern conditions is considered a pressing and topical issue, and its study requires more serious attention from scientists in the field. Because in recent years, financial crises have constantly threatened the economies of individual countries and the world economy as a whole, causing unpleasant consequences. Therefore, in modern conditions, the need for anti-crisis management has arisen, and the study of this issue is considered timely. For this reason, the analysis of this topic is of particular importance for the development of the financial and banking system.

Based on the study of this issue on the crisis and anti-crisis management, the authors were able to fully analyze the theoretical nature of this issue. Based on the study of this issue, the authors managed to determine the essence of the crisis and anti-crisis management and presented their justified views on this issue.

Keywords: crisis, anti-crisis management, globalization, anti-crisis regulation, banking activity, instability, macroprudential policy, National Bank of Tajikistan, bank, commercial organizations.

Муқаддима. Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ, ки ҳар лаҳза бахши молиявию бонкиро буҳронҳо ва хавфҳои молиявӣ таҳдид менамоянд, ташкили низоми зиддибуҳронӣ муҳим арзёбӣ гардида, босубот ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани фаъолияти молиявӣ зарур ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Бахши молиявӣ дорои низоми васеи аҳаммияти муҳимдошта ба бахши иқтисодӣ буда, зеркисматҳои он, аз ҷумла низоми бонкӣ низ аҳамияти хосаро дар байни дигар бахшҳои молиявӣ доро мебошад. Сабаби равона намудани таваҷҷуҳи зиёд ба бахши бонкӣ ин худ аз муҳиммияти он дар низоми молиявӣ ва таъсири беандозаи он дар низоми иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, ҳимоя намудани ин бахш аз хавфу хатарҳои дохилӣ ва беруна ва ташкили низоми идоракунии зиддибуҳронӣ манфиати зиёде барои тамоми бахшҳои иқтисодӣ дорад.

Дар шароити муосир, махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки иқтисодиёт ва соҳаҳои он дар шароити пурталотум ва номуайян фаъолияти худро пеш мебаранд, таҳдиди хатарҳо зиёд ба назар мерасад. Яке аз ин хавфҳо буҳронҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, он метавонад дар сатҳи дохили корхона, мамлакат ва ё ҷаҳон пайдо гардад.

Методология. Дар таҳқиқот методҳо ва усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Муаллифон дар кори таҳқиқотии худ масъалаи ҳолатҳои буҳронӣ ва идоракунии зиддибуҳрониро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, хусусиятҳои назариявӣ ва амалии онро таҳқиқ намудаанд. Илова бар ин, муаллифон пешниҳод мекунанд, ки дар низоми бонкӣ роҳҳои нави идоракунии зиддибуҳронӣ дар шароити муосир васеъ ва самаранок истифода шаванд. Ҳамаи ин бояд бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, сатҳи рушди иқтисод ва имкониятҳои оморӣ таҳия ва такмил дода шаванд.

Фарзияи тадқиқот аз он иборат аст, ки ҳангоми дуруст дарк намудани мавҳумҳои назариявии буҳрон ва идоракунии зиддибуҳронӣ ҳалли масъалаҳои дар ин самт пайдогардида осон мегардад.

Натиҷаҳо. Номуайянии муҳити берунӣ, даврияти пайдоиши зуҳуроти буҳронӣ ва густариши равандҳои ҳамгироӣ дар иқтисодиёти мамолики хоҷагии ҷаҳонӣ масоили мукаммалсозии механизм ва ташаккули стратегияи зиддибуҳронӣ аҳамияти хосро касб менамоянд.

Буҳронҳои молиявӣ новобаста ба он ки дар дохил пайдо гардидааст ва ё берун ба пастшавии фаъолият оварда расонида, дар маҷмуъ ба иқтисодиёти корхона ва сатҳу сифати аҳолӣ таъсири мании худро мерасонад.

Ҳарчанд ки дар солҳои охир дар натиҷаи ба даст овардани таҷриба олимону иқтисоддонон доир ба пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои буҳронҳои молиявӣ таҳқиқотҳои зиёде намудаанд, аммо бо вуҷуди ин нокифоя будани омилҳои таъсиррасон ба назар мерасад.

Бо вуҷуди он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҳрони молиявии таъсирнок ба амал наомадааст, вале ҳамеша иқтисодиёти мо бо сабаби муносибати зич доштан бо иқтисодиёти дигар мамлакатҳои ҷаҳон зери таъсири ин ҳодисаи номатлуби иқтисодӣ қарор дорад.

Буҳрони молиявӣ дорои сабабҳои гуногун буда, онро ба дохила ва беруна тақсим намудан мумкин аст. Ба сабабҳои дохилӣ асосан дуруст идора карда натавонистани фаъолияти молиявӣ дар дохили корхона ба ҳисоб рафта, ба сабабҳои беруна бошад, номутаносибии макроиқтисодӣ, нодуруст пеш бурдани сиёсати макроиқтисодии мамлакат, ноустувории молиявӣ, афзоиши таваррум, паст шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва ғайра мебошад.

Пеш аз ҳама бояд доир ба мафҳуми буҳрони молиявӣ ва идоракунии зиддибуҳронӣ сухан рондан зарур буда, дарк намудани ин мафҳумҳо барои баровардани қарори дуруст кӯмак менамояд.

“Дар илми иқтисодӣ масъалаҳои буҳрони системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муқовимат ба омилҳои манфии иқтисодӣ дар ду самти илмӣ баррасӣ мешаванд, ки қариб новобаста аз ҳамдигар инкишоф меёбанд. Мувофиқи назарияи иқтисодии классикӣ, дар сатҳи макро - сатҳи иқтисоди ҷаҳонӣ ва иқтисодиёти кишварҳои алоҳида - буҳрон ҳамчун марҳилаи давраи иқтисодӣ, ки барои "бозорёбӣ" ва пешрафти умумӣ ногузир ва аз ин рӯ, то андозае нохушоянд аст, дарк карда мешавад, зеро ин марҳила шарти "паҳншавии" нав аст”.[3]

Дар ҳақиқат буҳрон ба иқтисодиёти дохилии ташкилотҳои молиявӣ ва давлат нохушоянд буда, таъсири манфии худро ба ҳолати молиявии онҳо расонида метавонад. Пайдоиш ё бавуҷудоии буҳрон ҳамчун ҳодиса ногаҳонӣ ба вуҷуд омада, нишондиҳандаҳои молиявии субъектонро коста мегардонад.

Дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми буҳрон дорои маъноҳои гуногун буда, таърифҳои сершумор дар низомҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд. “Луғатҳои гуногуни тафсирӣ — иқтисодӣ, молиявӣ ва сотсиологӣ — таърифҳои буҳронро аз принсипҳои назариявӣ мегиранд. Буҳрон яке аз давраҳои ногузир дар рушди низоми иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки дар он рушд ҷойгоҳи худро ба рукуд медиҳад, то зиддиятҳоеро, ки дар раванди рушд ба миён омадаанд, ҳал кунад ва барои болоравии нав ангеза бахшад”.[2]

Қайд намудан ба маврид аст, ки аз сар задани буҳрон то ба охир расидан ва барқарор намудани оқибатҳои ногувори он як давраи мушкил ва ангезабарангез барои субъектони зарардида аз буҳрон, новобаста аз шахси ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ буданаш ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқотчии иқтисодӣ Кован С. Е. Дар асари худ чунин иброз менамояд, ки “...дар сурати мавҷуд будани ду қисм, траекторияҳоро пешгӯй кардан ғайриимкон аст, дар ҳоле ки дар шароити рушди муқаррарӣ ва

эволютсионӣ, буҳрон ҳамчун расидан ба нуқтаи ду қисм дарк карда мешавад, ки бо ноустувории шадид, ҳолатҳои гузариш ва фалокатбор ҳаммаъно ҳисобида мешавад".[2]

Яъне ин ба он ишора мекунад, ки новобаста ба оне ки буҳрон чи гуна оқибатҳоро ба бор меорад он ҳатман ба ҳолати молиявӣ таъсири манфӣ дорад ва онро ноустувор мегардонад. Бинобар ин, онро ҳатто фалокатбор тавсиф менамоянд. Дар асоси гуфтаҳои боло, зарурати идора намудани буҳронҳо барои ҳар як субъекти дар фаъолияти иқтисоди баромадкунанда мавҷуд буда, онро аз рӯи имконияти доштаашон пешгирӣ ва бартараф менамоянд.

Чи тавре ки таҳқиқотчии иқтисодӣ Кован С. Е. Дар бораи буҳрон ва оқибатҳои он сухан намудааст, инчунин дар бораи ҳолати назариявии буҳрон ва идоракунии зиддибуҳронӣ қайд менамояд, ки "Консепсияи назариявии буҳронҳо ва идоракунии зиддибуҳронӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳҳои макро ва микро пешниҳод шудааст".[2]

Дар сатҳи микро ва макро пешниҳод гардидани идоракунии зиддибуҳронӣ маънои онро дорад, ки бояд буҳрон сар кард аз сатҳи корхона то ба сатҳи давлат ва ҷаҳонӣ идора ва пешгирӣ гардад, дар акси ҳол метавонад ҳам ба корхонаву ташкилотҳо ва ҳам ба иқтисодиёти давлатҳо таъсири манфии худро расонад.

Чи тавре ки қайд мегардад, идоракунии буҳронҳо маҷмӯи чораҳо ва усулҳо барои пешгирӣ, коҳиш ва бартараф кардани вазъиятҳои буҳронӣ дар ширкат, соҳа ё иқтисодиёт мебошад, ки барои барқарор кардани фаъолияти молиявӣ ва иқтисодӣ, устуворӣ ва бозгашт ба рушди устувор равона шудааст ва аксар вақт чораҳои фаврии "эҳёгарӣ"-ро барои наҷоти ширкат аз муфлисшавӣ ва тақвияти мавқеи он дар бар мегирад. Он ташхис, таҳияи стратегия, идоракунии захираҳо, гуфтушунидҳо ва табдили амалиётиро дар муҳити номуайянӣ дар бар мегирад, ки ба менеҷерони баландихтисос ниёз дорад.

Муҳокима. Ба ҳама маълум аст, ки яке аз субъектони асосии иқтисодӣ, ки ба буҳрони молиявӣ бештар вобастагӣ дошта, қабулкунандаи асосии оқибатҳои ногувори он ҳам мебошад, ин низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, идора намудани буҳронҳои молиявӣ аз тарафи бонк ҳамчун вазифаи асосӣ шуморида шуда, бо ин мақсад дар раванди фаъолияти худ чораҳои таъхирнопазир меандешад.

Тавре ки Трушина К.В. қайд менамояд: "...идоракунии зиддибуҳронии бонк маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба пешгирии муфлисшавии бонк, инчунин пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии буҳронӣ нигаронида шудааст".[10]

Дар ин маврид олимон Можейко А. Ф., Козаредов О. В. дар асари худ иброз менамоянд, ки "Идоракунии зиддибуҳронии низоми бонкӣ ба баланд бардоштани устувории тамоми низом ва қобилияти он барои муқовимат ба таъсири манфии шароити умумии иқтисодӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин, ҳарду системаи идоракунӣ бояд хусусияти пешгирикунандаи тадбирҳои зиддибуҳрониро таъкид кунанд".[8]

Аз ҳамин сабаб, бонкҳоро зарур аст, ки барои пешгирӣ, идора ва бартараф намудани буҳрони молиявӣ дар назди худ ҳадафи муҳим ва аниқ дошта бошанд. Ҳадафи асосии онҳо ҳатман ин пешгирии буҳрон ба ҳисоб меравад ва дар баробари ин, идора намудани буҳрони таҳдидкарда низ метавонад ҳадафи дигар бошад. Сипас, дар ҳолати фаро гирифтани буҳрон ба таври ногузир бонкҳоро зарур аст, ки аз пайи бартараф намудани оқибатҳои ногувори он чораандешӣ намоянд. Чораандешӣ дар ин ҳолат аз барқарорсозӣ ва устворгардонии фаъолият иборат буда, мақсади асосии он баровардани ташкилот аз ҳолати муфлисшавӣ мебошад. Инчунин, мақсади дигари он ба эътидол даровардани раванди ба даст овардани фоида ба ҳисоб меравад. Зеро ки ҳангоми буҳрон гирифтани фоида ғайриимкон буда, дар ин ҳолат муфлисшавии бонк низ аз эҳтимол дур нест.

Дар баробари ин, бонкҳоро зарур аст ки ҳадди ақал фаъолияти худро дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта, мавқеи худро дар бозори бонкӣ аз даст надиҳанд.

Доир ба ин масъала Кузина О.Е. дуруст қайд менамояд, ки "Масъалаи танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкӣ дар солҳои охир ба далели ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва афзоиши бесуботӣ дар бахши молия ва бонкӣ махсусан муҳим шудааст. Буҳронҳо, гарчанде ки воқеияти объективии иқтисодиёти ҳозиразамон бошад ҳам, бартараф кардан ё тамоман барҳам додан мумкин нест. Аммо талош барои рафъи оқибатҳои онҳо, кам кардани басомади онҳо ва кӯтоҳ кардани мӯҳлати онҳо вазифаи воқеии мақомоти назоратӣ ва роҳбарияти бонкҳое мебошад, ки танзими зиддибуҳронии фаъолияти бонкиро амалӣ мекунанд".[4]

Дар ҳақиқат, мақомоти танзимкунандаи фаъолияти низоми бонкӣ ва дар аввал худи бонкҳои тиҷоратӣ доир ба ин масъала таҳлили амиқи вазъияти худро ба анҷом расонида, сабабҳои асосии сар задани буҳронро муайян намоянд ва доир ба ин масъала бояд стратегия ва тактикаи молиявии худро тартиб диҳанд ва аз пайи амалӣ гаштани он гарданд.

Иқтисодчӣ Лигоненко Л. А., ки бештар ба таҳқиқоти масъалаи идоракунӣ машғул аст, дар бораи идоракунии зиддибуҳронӣ чунин қайд намудааст: "...менеҷменти зиддибуҳронӣ-ин шакли идоракунии пайвастаи корхона мебошад, ки объекти муайян равона шуда, дорои субъектҳои мушаххас, ҳадафҳои аник ва маҷмӯи воситаю усулҳои идоракунӣ мебошад".[6]

Дар баъзе ҳолат идоракунии зиддибуҳрониро ҳамчун як илми алоҳида тавсиф шуда, мақсади асосии он аз таҳияи консепсияи назариявӣ доир ба идоракунии дурусти буҳронҳо ба ҳисоб рафта, натиҷаи он дарёфти роҳу усулҳои нави идоракунӣ ва бартараф намудани оқибатҳои буҳрон ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо ҳадафи асосӣ аз он иборат аст, ки бояд буҳрон монеа барои рушди фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ нагардад ва дар доираи ин, андешидани чораҳои пешгирикунанда муҳим арзёбӣ мегардад.

Тибқи ақидаи Кузина О.Е. "Усули стресс-тест дар системаи пешгирикунандаи идоракунии зиддибуҳронӣ нақши махсус дорад, ки имкон медиҳад баҳодиҳии устувории молиявии бонк ва муайян кардани мушкилоти эҳтимолии он дар шароити тағйироти назаррас дар муҳити беруна".[4]

Ин низ як роҳи муҳими муайян намудан ва андешидани тадбирҳо дар бораи буҳронҳои молиявии таҳдидкунанда ба ҳисоб меравад. Яъне, тибқи ақидаи олим ба воситаи стресс-тест тарафҳои мусбату манфии буҳрон муайян карда шуда, дар ҳамин асос чораҳои таъхирнопазир андешидан зарур мегардад.

Консепсия идоракунии буҳронҳо, тибқи назари коршиносони пешсаф ба назардошти хусусиятҳои махсуси фаъолияти бонкӣ, ки бар пояи эътимоди муштариён бунёд ёфтааст, аҳамияти хос дорад. Барои нигоҳ доштани мавқеи устувор ва таъмини муваффақияти дарозмуддат, барои бонк муҳим аст, ки пеш аз ҳама аз ба вуҷуд омадани вазъиятҳои буҳронӣ пешгирӣ намояд ё онҳоро дар марҳилаи ибтидоӣ бартараф созад, на ин ки танҳо пас аз сар задани буҳрон роҳи ҳалли онро ҷӯстуҷӯ кунад.

“Дар ташкили идоракунии буҳронҳо ба ташхиси буҳрон аҳамияти хоса дода мешавад, ки дар он вазифаҳои асосӣ таҳлили вазъи молиявии бонк ва пешгӯии он барои давраи оянда, муайян кардани саривақтии сабабҳо ва омилҳои асосии мусоидат ба рушди вазъиятҳои буҳронӣ, инчунин мониторинги муҳити беруна ва дохилии бонк ва пешгӯии рушди он мебошанд” [11].

Бояд қайд кард, ки рушди ҳар як низоми бонкӣ ногузир бо мушкилоти раҳоӣ аз буҳрон рӯбарӯ мешавад. Дар ин ҳолат, ҳадафи идоракунии буҳронҳо кам кардани таъсири манфии буҳрон ба субъекти иҷтимоию иқтисодии таҳти идора ва ба ҳадди аксар расонидани натиҷаҳои судманди он мебошад.

“Яке аз воситаҳои асосии танзими зиддибуҳронии устувории молиявӣ афзоиши талаботи сармояи муассисаҳои молиявӣ на танҳо вобаста ба сифати дороиҳои онҳо, балки мувофиқи андозаи ширкат, сохтор ва модели тиҷоратии он мебошад”.[9]

Дар доираи ин, ташкилотҳои тиҷоратиро зарур аст, ки сифати дороиҳо ва сармояи худро баланд бардошта, талабот ба онро тибқи стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монанд. Зеро ки тибқи талабот баланд бардоштани устувории молиявии бонк аз ташкили захираҳои молиявӣ бо мақсади нигаҳдории суботи молиявии бонк вобаста аст.

Дар низоми бонкӣ бо мақсади ҳимояи ҳолати молиявии худ ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдид молиявӣ аз сиёсати махсус истифода менамоянд, ки он метавонад ин равандро зери назорат гирад. Дар доираи ин, назорати микропруденсиалӣ ва сиёсати макропруденсиалӣ дохил мегарданд, ки инҳо барои коҳиш додани хавфҳо ва устувор нигоҳ доштани ҳолати молиявии бонкҳо нақшгузор мебошанд.

Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки сиёсати макропруденсиалӣ сиёсати махсусе мебошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои мутобиқ намудани фаъолияти молиявӣ ба стандартҳои байналхалқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ ҷойгир намуда, онро ҳамчун маҷмӯи чораҳои эҳтиётӣ барои коҳиш додани хавфҳои низоми молиявӣ истифода менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати макропруденсиалиро бо мақсади назорат бурдан аз болои хавфҳо, баҳодиҳии хавфҳо ва дар маҷмуъ кам намудании хавфҳои низоми молиявию бонкӣ истифода менамояд. Ҳамаи ин, танҳо барои пурзӯр намудани устувории молиявии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инчунин баланд бардоштани нақши бонкҳо дар рушди иқтисодиёт равона гардидааст.

Тибқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”: “Бонки миллии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноии танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад”.[5]

Асоси чораҳои зиддибуҳронӣ дар ташкилотҳои қарзӣ аз воситаҳои гуногун иборат мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ дарҷ гардидааст. Ин масъала асосан дар санадҳои соҳаи бонкдорӣ, махсусан дар Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон оварда шудааст, ки ба ин меъёрҳо меъёри буфери сармоявӣ, меъёри буфери пардохтпазирӣ, буфери сармоявии контрсиклӣ, буфери сармоявии бонкҳои низомсоз ва ғайра дохил мегарданд.

Ин меъёрҳо барои танзим намудани буҳронҳои молиявӣ ва таъсири онҳо ба бонк хизмат намуда, дар ин раванд ҳамчун фишанги пешгирикунанда баромад мекунанд.

Буфери сармоявии контрсиклӣ одатан ҳангоми ба амал омадани ҳолати номуътадилӣ ва носуботӣ дар низоми молиявӣ ташкил карда шуда, он метавонад вобаста ба вазъияти баамаломада тағйир ёбад, яъне кам ва ё зиёд карда шавад. Буфери сармоявӣ дорои хусусияти ҷараёни инкишофёбанда буда, бар зидди бесуботии молиявӣ баромад менамояд ва он бо мақсади ҳимояи низоми бонкӣ дар ҳолатҳои ноустуворӣ амалӣ карда мешавад.

Тибқи ақидаи Аҳадов И.Қ. “Дар давраи буҳрони молиявӣ, яъне буҳрони молиявии ҷаҳонии соли 2007-2008 ҳамаи нишондиҳандагони бонкӣ рӯ ба пастравӣ ниҳода, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол зиёд гардиданд, ки ин сифати дороиҳои бонкиро паст гардонид”.[1]

“Намояндагони Хазинаи Байналмилалии Асъор низ бар он ақидаанд, ки талаботи сармояи бонкҳо бояд аз он чизе, ки дар стандарти Базел III муайян шудааст, баландтар бошанд. Хазинаи Байналмилалии Асъор инчунин равиши умумиро барои идоракунии буҳронии низоми бонкӣ, систематизатсияи назорати бонкӣ ва таъсиси низоми суғуртаи пасандозҳои умумиаврупоӣ муайян кардааст” [7].

Хулоса. Буҳронҳои молиявии зуд-зуд бавуҷудоянда, ки ба низоми бонкӣ таъсири амиқ мерасонанд, бори дигар осебпазирии фаъолияти бонкиро дар баробари хатарҳо ва таҳдидҳои муосир таъкид мекунанд. Низоми бонкии муосир, худаш ба дараҷае ҳассос буда, ба чолишҳои мазкур зуд вокуниш нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи рӯҳияи иқтисодии ҷомеа маҳсуб меёбад, бинобар ин вай дар низоми иқтисодии кишвар нақши хеле муҳимро бозида, ба танзими муносибатҳои иқтисодии ҷомеа таъсири калон мерасонад. Инчунин, бо назардошти муҳимияти тақсимоти дурусти захираҳои бонкӣ, идоракунии дороиҳо дар шароити ҷории тағйирёбандаи иқтисодӣ унсури асосии муваффақияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Аҳадов И.Қ. Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 [Матн] / И.Қ. Аҳадов. - Душанбе, 2024 – 184 с.

2. Кован С. Е. Кризисы и антикризисное управление в социально-экономических системах // СРРМ. 2011. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/krizisy-i-antikrizisnoe-upravlenie-v-sotsialno-ekonomicheskih-sistemah (дата обращения: 09.01.2026).

3. Кондратьев Н., Яковец Ю., Абалкин Л. Большие циклы конъюктуры и теория предвидения. Избранные труды. М.: Экономика, 2002.

4. Кузина, О.Е. Эффективно ли государственное регулирование финансовых рынков? / О.Е. Кузина, Д.Х. Ибрагимова // Банковское дело. – 2010. – № 9.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, №722. С.24.

6. Лигоненко Л. А. Теоретико-методологические основы антикризисного управления // Имущественные отношения в РФ. 2003. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/teoretiko-metodologicheskie-osnovy-antikrizisnogo-upravleniya (дата обращения: 13.01.2026).

7. МВФ: Вимоги до достатності капіталу банків Європи повинні бути підвищені. URL: http://www.rbc.ua/ukr/top/economic/mvf-trebovaniya-k-dostatochnosti-kapitala-bankov-evropy-16102011134700.

8. Можейко А. Ф., Козаредов О. В. Антикризисное регулирование банковской деятельности // Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D. Экономические и юридические науки. 2014. №14. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/antikrizisnoe-regulirovanie-bankovskoy-deyatelnosti (дата обращения: 08.01.2026).

9. Ряда финансовой стабильности нововведення для банков. URL:http://24tv.ua/rada_z_finansovoyi_stabilnosti_gotuye_ novovvedennya_dlya_bankiv_n105068

10. Трушина, К.В. Современный взгляд на регулирование системно значимых банков / К.В. Трушина // Банковские услуги. – 2012. – № 12.

11. Шемрикович П.Ф. Банкротоство банков и процесс его регулирования в России// Вестник Университета (Государственный университет управления). 2007 №2.

УДК: 339

ИССЛЕДОВАНИЕ КОРРЕЛЯЦИОННЫХ ЗАВИСИМОСТЕЙ МЕЖДУ ПАРАМЕТРАМИ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ДИНАМИКОЙ ФОРМИРОВАНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ПЛАТЕЖЕЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Сохибназарзода Гаюр Холикназар

Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенной деятельности. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе. Телефон: +992 918342034. E-mail: Ghayur_s@mail.ru.

Саидзода Фирдавс Мадисмон

Таджикский национальный университет, ассистент кафедры таможенной деятельности. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе. Телефон: +992 918267793. E-mail: firdavs_saidzoda@mail.ru.

В статье рассматриваются корреляционных зависимостей между параметрами внешнеэкономической деятельности и динамикой формирования таможенных платежей в Республике Таджикистан. Целью данной работы является выявление степени влияния внешнеторгового оборота, объемов экспорта и импорта, таможенной стоимости товаров и других макроэкономических показателей на поступление таможенных платежей. В работе использованы методы корреляционного и сравнительного анализа, а также статистическая обработка данных за последние 7 лет. Проведенное исследование позволило определить наличие устойчивой положительной связи между объемом внешнеторгового оборота и сценарии изменения объема поступлениями таможенных платежей до 2030 г.

Ключевые слова: внешнеэкономическая деятельность, таможенные платежи, фискальная политика, государственный бюджет, эффективность, проблемы, перспективы.

STUDY OF CORRELATION DEPENDENCIES BETWEEN THE PARAMETERS OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITIES AND THE DYNAMICS OF FORMATION OF CUSTOMS PAYMENTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sohibnazarzoda Ghayur Kholiknazar

Tajik national university, candidate of economic science, assistant professor, head of the department of customs activities. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. Phone: +992 918342034. E-mail: Ghayur_s@mail.ru. **Saidzoda Firdavs Madismon**

Tajik national university, assistant of the department of customs activities. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. Phone: +992 918267793. E-mail: firdavs_saidzoda@mail.ru.

This article examines the correlation between foreign economic activity parameters and the dynamics of customs duties in the Republic of Tajikistan. The aim of this study is to identify the influence of foreign trade turnover, export and import volumes, customs value of goods, and other macroeconomic indicators on customs duties. The study utilizes correlation and comparative analysis methods, as well as statistical processing of data for the past seven years. The study revealed a stable positive relationship between foreign trade turnover and the scenario for changes in customs duties through 2030.

Keywords: foreign economic activity, customs payments, fiscal policy, state budget, effectivity, problems, prospects.

Введение. Неравномерное распределение экономических ресурсов, расширение рынков сбыта, доминирование в производстве определенных групп товаров и обеспечение эффективного развития национальной экономики обусловливает необходимость международных экономических отношений. По этой причине страны мира регулярно стремятся к расширению экономических связей и к перманентному укреплению институциональных механизмов экономического взаимодействия. Однако в международных экономических отношениях защита национальных интересов, обеспечение экономической безопасности, устойчивое экономическое и социальное развитие, снижение экономической зависимости, а также защита внутреннего рынка являются основополагающими и аксиоматическими вопросами.

Один из важнейших инструментов, с помощью которого государство регулирует участие национальной экономики в системе международных экономических отношений являются таможенные платежи [5]. Посредством изменения ставок таможенных платежей государство регулирует внешнеторговый оборот, в частности стимулирует экспорт, поддерживает стратегически важные производства и инвестиционные процессы, и таким образом влияет на внешнеэкономическую деятельность. С другой стороны изменение таможенных ставок приводит к изменениям объема доходов государственного бюджета и корректировке финансовой системы. Оттуда следует, что уровень таможенных пошлин необходимо устанавливать так, чтобы они не ослабляли внешнеэкономические связи и не препятствовали развитию национальной экономики [4].

Фискальный приоритет таможенных платежей сменяется акцентом на регулирующую и защитную функции, для чего используются высокодифференцированные тарифы, построенные на принципе эскалации [4]. Таможенные платежи посредством реализации фискальной функции не только формируют существенную часть доходной части государственного бюджета [7], но и выполняют протекционистскую функцию, посредством которых обеспечивается эффективность функционирования национальных производителей. В настоящее время

ярко выраженным остается фискальное значение таможенных платежей, а в кризисных условиях фискальная функция таможенных органов усиливается, что негативно отражается на задаче содействия развитию внешней торговли. В данной связи возрастает роль таможенного администрирования доходов бюджетной системы, основанного на обеспечении соблюдения таможенного законодательства и контроле за полной и своевременной уплатой таможенных платежей [6].

Согласно ст. 340 Таможенного кодекса Республики Таджикистан к таможенным платежам относятся следующие [1]:

1) таможенная пошлина;

2) налог на добавленную стоимость, взимаемый при ввозе товаров на таможенную территорию Республики Таджикистан;

3) акциз, взимаемый при ввозе товаров на таможенную территорию Республики Таджикистан;

4) специальный таможенный платеж.

Материалы и методы исследования. Важно отметить, что аккумуляция финансовых ресурсов и мобилизация доходной базы государственного бюджета зависит от рационального и правильного сбора таможенных платежей. Объем таможенных платежей, в свою очередь, зависит от объема экспортно-импортных операций страны. По статистическим данным, в период 2025 года участники внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан осуществили экспортно-импортные операции со 129 странами мира на сумму 10740,0 млн. долларов США по 86 товарным группам «Номенклатуры товаров внешнеэкономической деятельности», что на 1 807,5 млн. долларов США больше, чем за аналогичный период 2024 года.

Таблица 1. Показатели экспорта основных товаров в 2024-2025 гг.

Показатели	2024 г.		2025г.		Результаты	
	Стоимость, тыс.дол. ИМА	Вес, в тоннах	Стоимость, тыс.дол. ИМА	Вес, в тоннах	С выражением стоимости	В % по сравнению с 2024 годом
Экспорт	1 940 145	X	2 444 357	X	504 212	126%
в том числе основные виды товаров						
Драгоценные металлы	340 920	5,1	327 635	3,0	-13 285	96%
Хлопковая веревка	28 480	11 442	25 048	11 238	-3 432	88%
Актуальность темы определяется тем, что в Докладах о человеческом развитии ПРООН за несколько последних лет социальная устойчивость всё настойчивее фигурирует как самостоятельный показатель человеческого прогресса, дополняющее классическую триаду «здоровье — образование — доходы» [3.с.18-24], вместе с тем реализация данной концепции и её интеграция в аналитические модели развития остаются предметом научной дискуссии.

Цель настоящей статьи состоит в теоретическом обосновании социальной устойчивости, как самостоятельного и измеримого фактора человеческого развития, а также в систематизации её ключевых показателей.

Методология. Анализ последних исследований и публикаций: Концептуальные истоки социальной устойчивости восходят к нескольким научным традициям. Первая - теория устойчивости экосистем К. Холлинга, разграничившего «инженерную» устойчивость (скорость возврата к равновесию) и «экологическую» устойчивость (ёмкость системы поглощать возмущения) [4.с. 31–44]. Вторая традиция связана с теорией структурации британского социолога Э. Гидденса, в которой способность действовать, осознанно влияя на окружающий мир. Каждый человек является «агентом» и обладает пониманием того, почему он совершает те или иные действия [5.с.25-28].

Третья линия - это концепция социального капитала Р. Патнэма и П. Бурдьё, где Р. Патнэм, анализируя региональные различия Италии, показал, что плотные сети гражданского участия, нормы взаимности и межличностное доверие формируют «запас» коллективной способности к преодолению кризисов [6.с.167–185].

П. Бурдьё, в свою очередь, рассматривал социальный капитал как совокупность ресурсов, связанных с принадлежностью к сети или группе, подчёркивая его неравномерное распределение и воспроизводство неравенства [7.с.241–258.].

В рамках человеческого развития А. Сен связывал устойчивость с расширением «наборов возможностей», которые можно интерпретировать: общество устойчиво тогда, когда его члены располагают реальными свободами, позволяющими им адаптироваться к изменяющимся обстоятельствам без деградации ключевых функций - быть счастливым, свободным, здоровым, образованным, участвующим в общественной жизни [8.с. 74–76.]

Результаты. Современные исследователи выделяют несколько взаимосвязанных измерений социальной устойчивости. Опираясь на типологию Ф. Маги и соавторов, можно систематизировать эти измерения следующим образом [9]:

Первое измерение - институциональная устойчивость - характеризует способность формальных и неформальных институтов (государство, право, рынок, гражданское общество) поддерживать предсказуемость, легитимность и эффективность в условиях стресса. Ключевыми индикаторами служат: верховенство власти, качество государственного управления, защита прав собственности и независимость судебной системы. Согласно данным Всемирного банка, страны с высоким индексом качества институтов демонстрируют значимо более высокие темпы восстановления ВВП после экономических кризисов [10.с. 52–55].

Второе измерение - социокультурная устойчивость - связана с наличием общих ценностей, идентичностей и норм, обеспечивающих социальную сплочённость. Э. Дюркгейм в своё время указывал на роль «органической солидарности» как механизма интеграции дифференцированных обществ [11.с.396–400.] В современных реалиях социокультурная устойчивость проявляется в доверии друг к другу, включенности меньшинств, культуре общения и способности адаптации общества в кризисных ситуациях.

Третье измерение - экономическая устойчивость - определяет способность домохозяйств и сообществ сохранять адекватное существование жизни в экономических кризисных ситуациях. Дж. Стиглиц и его соавторы подчёркивают, что высокое неравенство доходов подрывает экономическую устойчивость, поскольку большинство домохозяйств не располагает достаточными сбережениями для абсорбции шоков [12.с. 128–133].

Четвёртое измерение - экологическая устойчивость - приобретает всё большее значение в контексте климатических изменений. Доклад МГЭИК 2022 года зафиксировал, что уязвимость человеческих сообществ к климатическим рискам напрямую коррелирует с уровнем социального неравенства и состоянием институтов управления природными ресурсами [13.с. 128–133.]

Наконец, пятое измерение - психосоциальная устойчивость - охватывает общества в целом: самореализацию, чувство принадлежности, коллективное формирование ценностей. Исследования в области психологии кризисов показывают, что психосоциальные ресурсы создают связь между объективными шоками и субъективным благополучием [14.с. 13–31].

Прямая связь между социальной устойчивостью и человеческим развитием прослеживается на нескольких уровнях. На макроуровне страны с более высоким ИЧР демонстрируют, как правило, и более высокий уровень социальной устойчивости. По данным ПРООН за 2023–2024 годы, в группе стран с очень высоким уровнем человеческого развития (ИЧР>0,800) доля населения, имеющего доступ к социальной защите, составляет в среднем 82%, тогда как в группе стран с низким уровнем развития этот показатель не превышает 18% [15.с.15-31]

Вместе с тем зависимость носит не прямой, а циклический характер: социальная устойчивость сама по себе является фактором человеческого развития. Принципиально важен вопрос о механизмах этой взаимосвязи. Можно выделить, по меньшей мере, три ключевых канала:

Первый - буферный эффект социальных сетей. В условиях экономического стресса плотные социальные сети обеспечивают неформальные механизмы страхования: обмен ресурсами, взаимопомощь, информационную поддержку. Согласно М. Грановеттеру, «сила слабых связей» состоит в том, что именно дальние, «мостиковые» контакты обеспечивают доступ к ресурсам, выходящим за пределы ближайшего окружения [16.с.1360–1380]

Второй - институциональный канал. Устойчивые институты снижают транзакционные издержки, обеспечивают предсказуемость и защищают инвестиции в человеческий капитал. Д. Аджемоглу и Дж. Робинсон убедительно показали, что именно качество политических и экономических институтов, а не географические или культурные факторы, предопределяет долгосрочные различия в уровне развития между странами [17.с. 79–83]

Третий - связывающий поколения канал. Социально -устойчивые сообщества обеспечивают более высокое качество воспитательной среды, преемственность образовательных инвестиций и психологическую безопасность детей, что формирует долгосрочный «запас» человеческого капитала для следующих поколений.

При анализе социальной устойчивости можно выделить два ключевых фактора - институциональный и социокультурный.

Среди институциональных факторов особое значение имеют:

- эффективность систем социальной защиты;
- качество здравоохранения и образования как инфраструктуры человеческого капитала;
- децентрализация управления, повышающая адаптивность к оправленным условиям;
- прозрачность и подотчётность власти, формирующие доверие к институтам.

В области социокультурных факторов ключевым понятием выступает «социальная сплочённость», которую можно определить через социальные связи (сети и доверие), ориентацию на общее благо и ощущение принадлежности.

Как показали исследования, общество с высоким уровнем межличностного и институционального доверия более эффективно мобилизуют коллективные ресурсы в кризисных ситуациях. Этот вывод наглядно подтвердила пандемия COVID-19 в 2019-2020гг., когда страны с высоким уровнем доверия к государственным институтам (скандинавские страны, Южная Корея, Тайвань) демонстрировали более высокую эффективность противоэпидемических мер.

Важным проявлением социальной устойчивости является также характер управления разнообразием - этническим, религиозным, культурным. В. Кимлика обосновал концепцию «мультикультурного гражданства», согласно которой признание прав меньшинств не подрывает, а, напротив, укрепляет социальную сплочённость при условии наличия общих гражданских ценностей [21.с. 174–176.].

Обсуждение. Со стороны методологии, проблема измерения социальной устойчивости является одной из наиболее обсуждаемой в научной литературе. Сложность состоит в многомерности объекта. Тем не менее в последние годы сформировалось несколько системных подходов к количественной оценке данного феномена.

ПРООН использует в ряде национальных докладов Индекс устойчивого человеческого развития **(ИУЧР)**, интегрирующий помимо стандартных компонентов ИЧР показатели социальной защищённости, гражданских свобод и экологической устойчивости. Всемирный банк разработал «Рамочный инструментарий оценки устойчивости и инклюзивности» **(RISE),** включающий индикаторы социального капитала, качества управления и экономической инклюзивности.

Среди академических инструментов выделяется Индекс социальной устойчивости (Social Resilience Index, SRI) М. Рюттера, операционализирующий устойчивость через четыре группы показателей: ресурсы (экономические, социальные), институты, социальные сети и культурные нормы взаимопомощи [22.с. 335–344]. Однако данный индекс подвергается критике за недостаточный учёт динамических аспектов устойчивости и её процессуального характера.

Повестка дня в области устойчивого развития на период до 2030 года (ЦУР) рассматривать социальную устойчивость в качестве сквозного принципа, а также ведущие ее компоненты: ЦУР 10 (снижение неравенства), ЦУР 11 (устойчивые города и сообщества), ЦУР 16 (мир, справедливость и эффективные институты), ЦУР 17 (партнёрство в интересах устойчивого развития).

Согласно отчёту ООН о ходе реализации ЦУР за 2023 год, мир в целом отстаёт от графика достижения целей: при сохранении нынешних тенденций лишь 15% задач будут достигнуты к 2030 году [19.с.4-7]. Ключевым препятствием признаётся именно недостаточность социальной устойчивости: вооружённые конфликты, политическая нестабильность, пандемии и климатические изменения «тормозят» накопленные достижения в области человеческого развития.

Данные проблемы особенно остры для стран Центральной Азии, в том числе Таджикистана, где сочетание высокой зависимости от денежных переводов, уязвимости к климатическим рискам (таяние ледников, изменение режима осадков, сходы лавин и селей) и ограниченного институционального потенциала создаёт множественные угрозы социальной устойчивости. По данным ПРООН, ИЧР Таджикистана в 2023 году составил 0,685 (среднее развитие), что ставит задачу укрепления социальной устойчивости в число национальных приоритетов [20.с. 28–31].

Хотелось бы упомянуть о роли некоммерческих организаций в формировании социальной устойчивости. Среди авторов, формирующих социальную устойчивость, некоммерческие организации (НКО) занимают особое место, выступая связующим звеном между государством, рынком и гражданским обществом. Если государство обеспечивает институциональную рамку, а рынок - ресурсное насыщение, то НКО формируют «живую ткань» социальной сплочённости: горизонтальные сети доверия, нормы взаимопомощи и механизмы коллективного действия.

В теоретическом плане роль НКО в социальной устойчивости анализируется в рамках нескольких концептуальных подходов. Р. Патнэм рассматривал добровольческие объединения как главный «инкубатор» социального капитала: именно в них вырабатываются нормы взаимности и обобщённого доверия, которые впоследствии переносятся на более широкие социальные взаимодействия [21.с. 338–344].

Дж. Александэр в рамках концепции гражданского общества подчёркивает, что НКО выполняют «гражданскую ремонтную работу» и восстанавливают разорванные социальные связи, внедряют в уязвимые группы и поддерживают призывы к взаимовыручки [27.с. 76–82].

Эмпирические исследования подтверждают значимость НКО как факторов устойчивости на нескольких уровнях. На **микроуровне** организации гражданского общества выступают первичными поставщиками социальных услуг в кризисных ситуациях - особенно в сферах экстренной помощи, психологической поддержки и правозащитной деятельности. Согласно данным **Индекса гражданского общества CIVICUS**, в странах с развитой экосистемой НКО время реагирования на гуманитарные кризисы сокращается в среднем на 30–40% по сравнению со странами с ограниченным гражданским сектором [23.с. 34–39].

На **мезоуровне** НКО выполняют функцию посредника между государством и уязвимыми группами, реагируя на запросы последних и обеспечивая доступность ресурсов к тем, кто в наибольшей мере исключён из формальных систем защиты. Особенно ярко эта роль проявляется в сфере защиты прав мигрантов, безработных женщин, пожилых людей и людей с ограниченными возможностями. М. Кек и К. Сиккинк, анализируя

транснациональные правозащитные сети, показали, что именно НКО обеспечивают «бумеранговый эффект»: когда внутренние механизмы защиты блокированы, международное давление, инициированное НКО, может стимулировать институциональные реформы [24.с.12-16]

На **макроуровне** НКО вносят вклад в формирование институциональной устойчивости посредством мониторинга государственной политики, участия в разработке законодательства и поддержания подотчётности власти.

Вместе с тем необходимо учитывать ограничения и противоречия, присущие деятельности НКО как объектов социальной устойчивости. Во-первых, избыточная зависимость НКО от внешнего финансирования (международных доноров или государственных грантов) подрывает их автономию и устойчивость - особенно в периоды геополитической турбулентности. Во-вторых, деятельность НКО нередко носит фрагментированный характер: отдельные проекты не складываются в системное воздействие на структурные объекты уязвимости. В-третьих, в ряде стран НКО подвергаются правовым ограничениям, снижающим их операционную эффективность [25].

В контексте Центральной Азии НКО играют особую роль в поддержании социальной устойчивости на местном уровне. В Таджикистане, где государственный потенциал в отдельных сферах (экология, защита прав женщин, поддержка трудовых мигрантов и их семей) остаётся ограниченным, НКО восполняют институциональные пробелы, обеспечивая доступ населения к информации, правовой помощи и психосоциальной поддержке [25].

Таким образом, НКО выступают не просто дополнительным сервисным агентом, но стратегическим компонентом архитектуры социальной устойчивости. Максимальная эффективность НКО достигается в условиях трёхстороннего партнёрства государства, гражданского общества и частного сектора - при соблюдении баланса между поддержкой со стороны государства и автономией организаций гражданского общества [26].

Заключение. Проведённый анализ позволяет сформулировать ряд выводов. Во-первых, социальная устойчивость является не просто сопутствующим атрибутом, но активным объектом человеческого развития, воздействующим на него через институциональный, сетевой и межпоколенческий каналы. Во-вторых, социальная устойчивость представляет собой многомерную систему, включающую институциональное, социокультурное, экономическое, экологическое и психосоциальное измерение, которые находятся в динамическом взаимодействии.

В-третьих, операционализация социальной устойчивости для целей государственной политики требует интеграции подхода А. Сена к человеческим возможностям с динамической концепцией устойчивости К. Фолке. В-четвёртых, в контексте реализации ЦУР социальная устойчивость должна рассматриваться как горизонтальный приоритет, пронизывающий все направления политики в области развития. В-пятых, некоммерческие организации являются стратегическим компонентом архитектуры социальной устойчивости: действуя на микро-, мезо- и макроуровнях, они обеспечивают производство социального капитала, выполняют посреднические функции и поддерживают институциональную подотчётность, восполняя пробелы как государства, так и рынка.

Перспективы дальнейших исследований связаны с разработкой страновых и региональных индексов социальной устойчивости, учитывающих специфику институционального контекста, а также с углублённым изучением механизмов взаимодействия социальной устойчивости и цифровой трансформации — нового вызова, радикально меняющего архитектуру социальных сетей и институтов.

Литература

1. Holling C.S. Resilience and stability of ecological systems // Annual Review of Ecology and Systematics. 1973. Vol. 4. P. 1–23.
2. Adger W.N. Social and ecological resilience: are they related? // Progress in Human Geography. 2000. Vol. 24. No. 3. P. 347–364.
3. UNDP. Human Development Report 2021/2022: Uncertain Times, Unsettled Lives. New York: UNDP, 2022. P. 18–24.
4. Holling C.S. Engineering resilience versus ecological resilience // Engineering within ecological constraints / Ed. by P. Schulze. Washington, D.C.: National Academy Press, 1996. P. 31–44.
5. Giddens A. The Constitution of Society: Outline of the Theory of Structuration. Cambridge: Polity Press, 1984. P. 25–28.
6. Putnam R.D. Making Democracy Work: Civic Traditions in Modern Italy. Princeton: Princeton University Press, 1993. P. 167–185.
7. Bourdieu P. The forms of capital // Handbook of Theory and Research for the Sociology of Education / Ed. by J. Richardson. New York: Greenwood, 1986. P. 241–258.
8. Sen A. Development as Freedom. New York: Anchor Books, 1999. P. 74–76.
9. Magis K. Community resilience: an indicator of social sustainability // Society & Natural Resources. 2010. Vol. 23. No. 5. P. 401–416.
10. World Bank. World Development Report 2011: Conflict, Security, and Development. Washington, D.C.: World Bank, 2011. P. 52–55.
11. Durkheim É. De la division du travail social. Paris: Félix Alcan, 1893. P. 396–400.
12. Stiglitz J.E., Sen A., Fitoussi J.-P. Mismeasuring Our Lives: Why GDP Doesn't Add Up. New York: New Press, 2010. P. 61–66.

13. IPCC. Climate Change 2022: Impacts, Adaptation and Vulnerability. Cambridge: Cambridge University Press, 2022. P. 128–133.
14. Ungar M. Social ecologies and their contribution to resilience // The Social Ecology of Resilience / Ed. by M. Ungar. New York: Springer, 2012. P. 13–31.
15. UNDP. Human Development Report 2023/2024: Breaking the Gridlock. New York: UNDP, 2024. P. 42–47.
16. Granovetter M.S. The strength of weak ties // American Journal of Sociology. 1973. Vol. 78. No. 6. P. 1360–1380.
17. Kymlicka W. Multicultural Citizenship: A Liberal Theory of Minority Rights. Oxford: Clarendon Press, 1995. P. 174–176.
18. Rutter M. Resilience as a dynamic concept // Development and Psychopathology. 2012. Vol. 24. No. 2. P. 335–344.
19. United Nations. The Sustainable Development Goals Report 2023. New York: UN, 2023. P. 4–7.
20. UNDP. Tajikistan Human Development Report 2023. Dushanbe: UNDP, 2023. P. 28–31.
21. Putnam R.D. Bowling Alone: The Collapse and Revival of American Community. New York: Simon & Schuster, 2000. P. 338–344.
22. Alexander J.C. The Civil Sphere. Oxford: Oxford University Press, 2006. P. 76–82.
23. CIVICUS. State of Civil Society Report 2023. Johannesburg: CIVICUS, 2023. P. 34–39.
24. Keck M.E., Sikkink K. Activists beyond Borders: Advocacy Networks in International Politics. Ithaca: Cornell University Press, 1998. P. 12–16.
25. Ҳакимов, М.А. Фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун воситаи шуғлнокии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд [Матн] / М.А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – С. 262-272. ISSN: 2663-0389.
26. Ҳакимов, М.А. Нақши соҳибкории иҷтимоӣ дар рушди иқтисодиёт: ҷанбаи назариявӣ [Матн] / М.А. Ҳакимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – С. 227-233. ISSN: 2663-0389.

УДК: 339.5 (575.3)

ТАШАККУЛИ КЛАСТЕРҲОИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Намозализода Ш.Н.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент мудири кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи байналмилалии Левакантии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Левакант

Файзов Н.М.

ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишкадаи байналмилалии Левакантии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Левакант

Дар мақола масъалаҳои ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон ва таъсири онҳо ба рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Заминаҳои назариявии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва имкониятҳои татбиқи ин равиш дар вилояти Хатлон таҳлил гардидаанд. Муайян шудааст, ки истифодаи модели кластерӣ ба ҳамгироии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, марказҳои илмӣ, муассисаҳои молиявӣ ва сохторҳои логистикӣ мусоидат намуда, сатҳи рақобатпазирии истеҳсолотро баланд мебардорад. Дар мақола омилҳои асосии ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар вилояти Хатлон, имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидори захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, инчунин роҳҳои баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ шудаанд. Дар асоси таҳлилҳо пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили сиёсати давлатӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва рақамикунонии занҷираи арзиши маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо метавонад ба рушди устувори соҳаи агросаноатӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: кластери агросаноатӣ, вилояти Хатлон, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рақобатпазирӣ, занҷираи арзиш, ҳамгироӣ, саноати коркард, сармоягузорӣ, рушди минтақавӣ, инфрасохтор, рақамикунонӣ, самаранокии иқтисодӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

Намозализода Ш.Н.

кандидат экономических наук, дотсент заведующий кафедры финансы и кредита Международного института Левакант Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Левакант

Файзов Н.М.

ассистент кафедры таможенной деятельности Международного института Леваканта Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г. Левакант.

В статье исследуются вопросы формирования агропромышленных кластеров в Хатлонской области и их влияния на развитие переработки сельскохозяйственной продукции. Проанализированы теоретические основы формирования агропромышленных кластеров, опыт зарубежных стран и возможности применения кластерного подхода в Хатлонской области Республики Таджикистан. Установлено, что использование кластерной модели способствует интеграции сельскохозяйственных производителей, перерабатывающих предприятий, научно-исследовательских учреждений, финансовых организаций и логистических структур, что обеспечивает повышение конкурентоспособности производства. В статье рассмотрены основные факторы формирования агропромышленных кластеров в Хатлонской области, возможности эффективного использования природно-ресурсного и трудового потенциала региона, а также пути увеличения объемов и повышения качества переработки сельскохозяйственной продукции. На основе проведенного анализа предложены практические рекомендации по совершенствованию государственной политики, привлечению инвестиций, развитию инфраструктуры и цифровизации цепочки создания стоимости сельскохозяйственной продукции. Реализация данных предложений будет способствовать устойчивому развитию агропромышленного комплекса и укреплению продовольственной безопасности Республики Таджикистан.

Ключевые слова: агропромышленный кластер, Хатлонская область, переработка сельскохозяйственной продукции, конкурентоспособность, цепочка создания стоимости, интеграция, перерабатывающая промышленность, инвестиции, региональное развитие, инфраструктура, цифровизация, экономическая эффективность.

FORMATION OF AGRO-INDUSTRIAL CLUSTERS IN THE KHATLON REGION AND THEIR IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL PRODUCT PROCESSING

Namozalizoda Sh.N.

candidate of Economic Sciences, head of department of Financial credit at the Levakant International Institute of International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Levakant city.

Fayzov.N.M.

assistant of the Department of Customs Activities, International Institute of Levakant, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Levakant.

This article examines the formation of agro-industrial clusters in the Khatlon Region and their impact on the development of agricultural product processing. The study analyzes the theoretical foundations of agro-industrial cluster development, international experience, and the prospects for applying the cluster approach in the Khatlon Region of the Republic of Tajikistan. The findings indicate that the cluster model promotes effective integration among agricultural producers, processing enterprises, research institutions, financial organizations, and logistics providers, thereby enhancing the competitiveness of production. The paper identifies the key factors influencing the establishment of agro-industrial clusters in the Khatlon Region, explores opportunities for the efficient utilization of the region's natural and labor resources, and outlines approaches to increasing the volume and improving the quality of agricultural product processing. Based on the analysis, practical recommendations are proposed to improve public policy, attract investment, develop infrastructure, and promote the digitalization of agricultural value chains. The implementation of these recommendations will contribute to the sustainable development of the agro-industrial sector and strengthen food security in the Republic of Tajikistan.

Keywords: agro-industrial cluster, Khatlon Region, agricultural product processing, competitiveness, value chain, integration, processing industry, investment, regional development, infrastructure, digitalization, economic efficiency.

Муқаддима. Дар шароити имрӯза кластерҳои агросаноатӣ яке аз шаклҳои муосири ташкили истеҳсолот маҳсуб меёбанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули коркарди саноатии он ва афзоиши рақобатпазии иқтисодиёт нақши муҳим дорад. Кластери агросаноатӣ маҷмӯи корхонаҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ, логистикӣ ва сохторҳои давлатӣ мебошад, ки дар як минтақа фаъолияти ҳамгироро ба роҳ монда ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулот мусоидат мекунанд. Рушди кластерҳои агросаноатӣ пеш аз ҳама ба таъмини ашёи хоми босифат барои корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Методология. Қайд кардан ба маврид аст, ки давоми солҳои охир олимон аз қабили Қ.Қ. Давлатзода, Ҷ.Ҳ. Тағоев, М.Н. Мирсаидзода, Ҷ.Б. Халифазода И.М. Гулов ва ғ. дар доираи кластерҳои агросаноатӣ, таҳқиқот анҷом додаанд. Дар таҳқиқоти мазкур мақсади асосӣ, бо истифодаи нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ муайян намудани роҳҳо ва усулҳои ташаккул кластерҳои агросаноатӣ дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, роҳҳои ҳалли масоили нигоҳ доштани рақобатпазирӣ ва устувории истеҳсолот мебошад. Ҳамзамон, бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, динамикӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон давоми солҳои (2020-2024) мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст.

Натиҷаҳо. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти асосии корхонаҳои агросаноатӣ норасоии ашёи хоми босифат ва мавсимӣ будани истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ташкили фаъолият тавассути усули кластерӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард шартномаи дарозмуддат баста шуда, таъминоти ашёи хом мунтазам таъмин мегардад. Дар натиҷа иқтидори истеҳсолии корхонаҳо пурра истифода шуда арзиши аслии маҳсулот коҳиш меёбад ва ба баланд бардоштани даромднокӣ мусоидат менамояд.

Олимон ва коршиносон ба он назаранд, ки кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун воситаи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот, рушди истеҳсолоти инноватсионӣ, афзоиши арзиши иловашуда ва рушди устувори минтақа арзёбӣ мешавад, ки якчанд нуқтаи назари олимонро мавриди омӯзиш қарор додан ба мақсад мувофиқ аст. Масалан аз нигоҳӣ Майкл Портер, ки ӯ мафҳуми кластерро соли 1990 ба таври илмӣ шарҳ додааст, чунин меҳисобад “Кластер маҷмӯи корхонаҳо таъминкунандагон, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳои баҳам алоқаманд мебошанд, ки дар як минтақа ҷойгир шуда ҳамзамон ҳамгироӣ ва рақобатро ба роҳ мемонанд”, [5, С.77–90.].

Ё ин, ки ба андешаи Ҷон Энрайт иқтисоддони амрикоӣ “...кластерҳо рушди минтақаро суръат бахшида, робитаи байни истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон, марказҳои илмӣ ва мақомоти давлатиро мустаҳкам менамояд”, [1]. Ба андешаи ӯ рақобатпазирии минтақа пеш аз ҳама ба самаранокии фаъолияти кластер вобаста мебошад.

Иқтисоддони рус Елена Александревна ба он назар аст, ки “...кластқрҳои агросаноати тамоми занҷираи арзиши иловашуда, аз истеҳсоли ашёи хом то коркард, нигоҳдорӣ, логистика ва фурӯши маҳсулотро муттаҳид намуда, самаранокии истеҳсолотро зиёд мекунад”, [8, С. 29–34.].

Олимони ватанӣ аз ҷумла Тағоев Ҷ.Ҳ. вобаста ба масъалаи кластери агросаноатӣ чунин нуқтаи назар дорад “...Кластери агросаноатӣ бояд истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ, сохторҳои логистикӣ ва бозорҳои фурӯшро дар як низоми ягона муттаҳид намояд”, [13, С. 125–135.]. Аз нигоҳи мо ба чунин андеша метавон мувофиқ буд, чунки чунин ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти мавсими аз байн равад, арзиши иловашуда зиёд гардида, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд шавад.

Таҳлили андешаҳои илмии олимонну коршиносони соҳа нишон медиҳанд, ки кластерҳои агросаноатӣ яке аз воситаҳои самараноки рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб мераванд. Онҳо ҳамгироии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявию инфрасохториро таъмин намуда, ба баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулот, рушди инноватсия, зиёд шудани

арзиши иловашуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими амнияти озӯқаворӣ мусоидат мекунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус минтақаҳои аграрӣ, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ метавонад яке аз самтҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши иқтидори содиротии маҳсулоти коркардшуда гардад.

Дар натиҷаи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ оид ба кластери агросаноатӣ сохтори онро дар шакли расм таҳия намудем, (расми 1.).



Расми 1. – Сохтори кластери агросаноатӣ

Расми таҳиягардида муайян менамояд, ки кластер танҳо маҷмӯи корхонаҳо нест, балки низоми ягонаи ҳамгироӣ мебошад, ки дар он истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, логистика, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва давлат бо ҳам пайваст мебошанд. Ҳамоҳангии фаъолияти ин унсурҳо ба рушди устувори коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва афзоиши маҳсулоти ватании воридотивазкунанда ва рақобатпазирии истеҳсолот мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои бунёдии меъёрӣ ва институтсионалии кластерҳои агросаноатӣ фароҳам оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, аксари кластерҳо ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, фаъолияти онҳо бештар дар шакли занҷираҳои арзишӣ ва ҳамкории истеҳсолкунандагон, корхонаҳои коркард ва бозор амалӣ мегардад. Ташкили кластерҳои мукаммали агросаноатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии рушди комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар аксари минтақаҳо танҳо усулҳои алоҳидаи кластер, аз қабили корхонаҳои коркарди меваю сабзавот, пахта, шир ва гӯшт инчунин занҷираҳои истеҳсоли вуҷуд доранд, вале ба тарзи мукаммали кластери агросаноатӣ, ки ҳамаи иштирокчиён (хоҷагиҳо, корхонаҳои коркард, марказҳои логистикӣ, муассисаҳои илмӣ ва молиявӣ) - ро муттаҳид кунанд, ба таври васеъ фаъолият намекунанд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки истифодаи усули кластерӣ яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ, афзоиши арзиши иловашуда ва рушди устувори деҳот ба ҳисоб меравад. Дар аксари кишварҳо кластерҳои агросаноатӣ ҳамчун маҷмӯи ба ҳам алоқаманди истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои молиявӣ, марказҳои логистикӣ ва мақомоти давлатӣ ташкил гардида, фаъолияти онҳо ба баланд бардоштани самаранокии тамоми занҷираи истеҳсолот равона шудааст.

Нидерланд яке аз намунаҳои муваффақи ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди масоҳати нисбатан хурдаш кишвар яке аз бузургтарин содиркунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Асоси ин муваффақият фаъолияти кластери Food Valley мебошад, ки дар атрофи Wageningen University ва Research ташаккул ёфтааст. Дар ин кластер ҳазорҳо хоҷагии деҳқонӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ширкатҳои технологияҳои аграрӣ, марказҳои илмӣ ва логистикӣ ҳамкорӣ мекунанд, [3].

Дар ИМА кластерҳои агросаноатӣ дар асоси ҳамкории ширкатҳои хусусӣ, донишгоҳҳо ва мақомоти давлатӣ ташаккул ёфтаанд. Дар иёлатҳои Калифорния, Айова, Иллинойс ва Миннесота шабакаҳои пуркуввати истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият мекунанд, [6, С.15–34.].

Италия бо ноҳияҳои агросаноатӣ (Agro-food Districts) машҳур аст. Масалан, минтақаи Парма маркази истеҳсоли панир, маҳсулоти гӯштӣ ва дигар маҳсулоти брендӣ мебошад, [4].

Дания яке аз пешсафон дар рушди кластерҳои чорводорӣ ва шир мебошад. Дар ин кишвар кооперативҳо ва кластерҳои истеҳсолию коркардӣ тамоми занҷираи арзишро идора мекунанд.

Дар Чин аз солҳои охир паркҳои агросаноатӣ ва кластерҳои минтақавӣ босуръат рушд мекунанд. Давлат маблағгузории инфрасохтор, рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои навро дастгирӣ мекунад, [2, 105с.].

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки рушди муваффақонаи кластерҳои агросаноатӣ ба якчанд омилҳои асосӣ такя мекунад:

1. ҳамгироии истеҳсолкунандагон, корхонаҳои коркард, марказҳои илмӣ ва сохторҳои хизматрасонӣ;
2. дастгирии мунтазами давлатӣ ва сиёсати ҳавасмандгардонӣ;
3. рушди инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ ва рақамӣ;
4. ҷалби сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ;
5. истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонӣ;
6. рушди захираҳои меҳнатӣ ва омодасозии мутахассисони баландихтисос.

Чунин таҷрибаҳо метавонанд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан барои вилояти Хатлон низ аҳамияти амалӣ дошта бошанд. Бо назардошти иқтидори баланди истеҳсоли пахта, меваю сабзавот, ангур, полезӣ ва маҳсулоти чорводорӣ, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ метавонад сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро баланд бардошта, арзиши иловашуда, содирот ва рақобатпазирии иқтисоди минтақаро афзоиш диҳад. Қобили қайд аст, ки дар шароити имрӯза, дар вилояти Хатлон ба истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ зиёда аз 640 корхонаҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 58 хоҷагиҳои давлатӣ, 24 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 2522 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 574 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 196 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 68313 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсол намудаи онҳо нишон дода шудааст (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар вилояти Хатлон (бо тонна)

Номгӯи маҳсулотҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024 нисбати 2020, %
Ғалладона	596204	610569	625082	546612	551967	**- 7,4**
Шолӣ	55841	60858	64958	73259	80372	**+ 43,9**
Пахта	277221	270002	273230	229089	164827	**- 40,5**
Картошка	193104	213801	224549	227330	250577	**+ 29,7**
Сабзавот	1469760	1548078	1644831	1788155	2046539	**+ 39,2**
Полезиҳо	589089	645282	676826	764294	879855	**+ 49,3**
Меваҷот	209094	216271	237759	276234	366172	**+ 75,1**
Ангур	107453	108451	125529	92600	132062	**+ 22,9**

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон/Маҷмуаи оморӣ-Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ 2025.-С.139-181 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020–2024 дар соҳаи растанипарварии вилояти Хатлон тағйироти назаррас ба амал омадааст. Барои аксари намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ тамоюли афзоиш мушоҳида мешавад, аммо истеҳсоли баъзе маҳсулоти стратегӣ, аз ҷумла пахта ва ғалладона, коҳиш ёфтааст. Истеҳсоли ғалладона аз 596,2 ҳазор тоннаи соли 2020 то 552,0 ҳазор тонна дар соли 2024 коҳиш ёфта, нисбат ба соли 2020 7,4 фоиз кам гардидааст. Ҳарчанд дар солҳои 2021–2022 афзоиши муайян ба қайд гирифта шуда буд, вале коҳиши назарраси солҳои 2023–2024 нишон медиҳад, ки истеҳсоли ин маҳсулот зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, кам шудани майдонҳои кишт ва паст гардидани ҳосилнокӣ қарор гирифтааст. Дар муқоиса, истеҳсоли шолӣ дар тамоми давраи таҳлилшаванда афзоиши устуворро нишон медиҳад. Ҳаҷми истеҳсол аз 55,8 ҳазор тонна дар соли 2020 ба 80,4 ҳазор тонна дар соли 2024 расида, 43,9 фоиз зиёд шудааст. Ин натиҷа аз беҳтар шудани технологияҳои парвариш ва васеъ гардидани майдонҳои кишти шолӣ шаҳодат медиҳад. Аз ҳама бештар коҳиш дар истеҳсоли пахта мушоҳида мешавад. Ҳаҷми истеҳсол аз 277,2 ҳазор тонна дар соли 2020 то 164,8 ҳазор тонна дар соли 2024 кам шуда, 40,5 фоиз коҳиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда метавонад бо тағйирёбии сохтори кишт, гузариши қисми заминҳо ба парвариши дигар зироатҳои сердаромад, инчунин таъсири омилҳои табиӣ ва иқтисодӣ вобаста бошад. Истеҳсоли картошка низ тамоюли мусбат дошта, аз 193,1 ҳазор тонна ба 250,6 ҳазор тонна расидааст, ки нисбат ба соли 2020 29,7 фоиз зиёд мебошад. Ин ҳолат аз афзоиши талаботи бозор ва беҳтар гардидани самаранокии истеҳсолот дарак медиҳад. Дар байни ҳамаи маҳсулотҳо истеҳсоли сабзавот мавқеи пешсафро нигоҳ доштааст. Ҳаҷми истеҳсол аз 1,47 млн тонна дар соли 2020 ба зиёда аз 2,05 млн тонна дар соли 2024 расида, 39,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи асосии истеҳсоли сабзавоти ҷумҳурӣ мавқеи худро тақвият дода истодааст.

Ҳамчунин, истеҳсоли полезиҳо (харбуза, тарбуз ва дигар зироатҳои полезӣ) аз 589,1 ҳазор тонна то 879,9 ҳазор тонна афзоиш ёфта, 49,3 фоиз зиёд гардидааст. Ин суръати баланди рушд имконияти васеъ намудани иқтидори содиротии маҳсулоти полезиро нишон медиҳад. Бештарин афзоиш дар байни ҳамаи намудҳои маҳсулот ба меваҷот рост меояд. Ҳаҷми истеҳсол аз 209,1 ҳазор тонна дар соли 2020 то 366,2 ҳазор тонна дар соли 2024 расида, 75,1 фоиз зиёд шудааст. Ин нишон медиҳад, ки солҳои охир ба рушди боғдорӣ, бунёди боғҳои интенсивӣ ва истифодаи технологияҳои муосир таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст. Истеҳсоли ангур низ тамоюли мусбат дошта, аз 107,5 ҳазор тонна ба 132,1 ҳазор тонна расидааст, ки нисбат ба соли 2020 22,9 фоиз зиёд мебошад. Гарчанде дар соли 2023 коҳиши муваққатӣ ба қайд гирифта шудааст, аммо дар соли 2024 истеҳсол пурра барқарор гардида, аз нишондиҳандаи ибтидоӣ болотар шудааст.

Дар маҷмӯъ, таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020–2024 сохтори истеҳсолоти растанипарварии вилояти Хатлон тадричан ба самти афзоиши истеҳсоли сабзавот, полезӣ, мева ва картошка тағйир ёфтааст. Ҳамзамон, коҳиши истеҳсоли пахта ва ғалладона аз зарурати такмил додани сиёсати аграрӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва татбиқи модели кластерии агросаноатӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар соҳаи растанипарварии вилояти Хатлон истеҳсоли қисми зиёди маҳсулоти кишоварзӣ рӯ ба афзоиш дошта, имконияти истифодабариашон ҳамчун захираи ашёи хоми корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ аз манфиат холӣ нест, [12, С. 103-110.].

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳлил инчунин собит менамоянд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсолот на ҳамеша бо баланд шудани самаранокии иқтисодӣ ҳамоҳанг аст. Дар аксари ҳолатҳо истеҳсоли ашёи хом бартарӣ дошта, сатҳи коркарди саноатӣ, нигоҳдорӣ ва логистика ҳанӯз ба талаботи рушди бозор ҷавобгӯ нест. Ин ҳолат арзиши иловагии маҳсулоти кишоварзиро коҳиш дода, рақобатпазирии онро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳдуд месозад. Бо назардошти ин, татбиқи модели кластери агросаноатӣ метавонад яке аз воситаҳои самараноки баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ гардад. Ин модел имкон медиҳад, ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои коркарди саноатӣ, марказҳои логистикӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва сохторҳои давлатӣ дар доираи як низоми ягонаи ҳамкорӣ фаъолият намуда, самаранокии занҷираи «истеҳсол – коркард – нигоҳдорӣ – фурӯш»-ро баланд бардоранд.

Хулоса. Ҳамин тариқ бо дарназардошти таҳлил ва омӯзиши ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар вилояти хатлон ва таъсири он ба рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ хулоса ва тавсияҳои аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда пешниҳод гардидааст, ки истифодаи онҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишвар ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегардад:

- ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар ноҳияҳои дорои иқтидори баланди истеҳсолии вилояти Хатлон бо мақсади муттаҳид намудани истеҳсолкунандагони ашёи хом, корхонаҳои коркарди саноатӣ, марказҳои логистикӣ ва субъектҳои содиротӣ;
- баланд бардоштани сатҳи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ тавассути таъсиси корхонаҳои нави коркард ва таҷдиди техникии корхонаҳои амалкунанда, ки ба зиёд шудани арзиши иловагӣ ва рақобатпазирии маҳсулот мусоидат менамояд;
- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва кишоварзии интеллектуалӣ (Smart Agriculture), аз ҷумла истифодаи системаҳои мониторинги рақамии замин, сенсорҳо, технологияҳои GIS, дронҳо ва платформаҳои идоракунии истеҳсолот барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сарфаи захираҳо;
- такмил додани сиёсати диверсификатсияи истеҳсолот бо нигоҳ доштани тавозуни байни зироатҳои стратегӣ (ғалладона ва пахта) ва зироатҳои сердаромад (мева, сабзавот ва полезӣ), ки амнияти озуқаворӣ ва устувории иқтисодиро таъмин менамояд;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об ва замин тавассути васеъ намудани системаҳои обёрии қатрагӣ, истифодаи технологияҳои каммасраф ва татбиқи усулҳои муосири идоракунии захираҳои табиӣ;
- тақвияти ҳамкории илм ва истеҳсолот бо ҷалби муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои инноватсионӣ барои таҳияи навъҳои серҳосил, технологияҳои муосири парвариш ва омӯзиши мутахассисони соҳа;
- беҳтар намудани инфрасохтори логистикӣ ва нигоҳдорӣ, аз ҷумла бунёди анборҳои замонавӣ, марказҳои бастабандӣ ва шабакаҳои нақлиётӣ, ки талафоти маҳсулотро коҳиш дода, имкониятҳои содиротиро васеъ мегардонад;
- такмил додани механизмҳои дастгирии давлатии истеҳсолкунандагон, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ҷалби сармоягузорӣ, рушди лизинги техникаи кишоварзӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар доираи кластерҳои агросаноатӣ;
- рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда тавассути мутобиқ намудани маҳсулот ба стандартҳои байналмилалӣ (Global G.A.P., ISO, HACCP), ки имконияти воридшавӣ ба бозорҳои хориҷиро зиёд менамояд;
- таҳияи барномаи минтақавии рушди кластерҳои агросаноатӣ барои вилояти Хатлон, ки дар он механизмҳои ҳамкории давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмӣ ва шарикони рушд пешбинӣ гардида, нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии фаъолияти кластерҳо муайян карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, татбиқи ин тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори аграрии вилояти Хатлон, афзоиши ҳаҷми коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, зиёд намудани арзиши иловагӣ, рушди содирот ва таҳкими рақобатпазирии маҷмааи агросаноатии минтақа заминаи устувори илмӣ ва амалӣ фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Enright M.J. Regional Clusters and Economic Development. 1996.
2. Gálvez-Nogales E. Agro-based Clusters in Developing Countries: Staying Competitive in a Globalized Economy. Agricultural Management, Marketing and Finance Occasional Paper No. 25. – Rome: FAO, 2010. – 105 p.

3. Lagnevik M., Sjöholm I., Lareke A., Östberg J. The Dynamics of Innovation Clusters: A Study of the Food Industry. – Cheltenham: Edward Elgar Publishing, 2003.
4. Pietrobelli C., Rabellotti R. Upgrading to Compete: SMEs, Clusters and Value Chains in Latin America. – Cambridge, MA: Harvard University Press, 2007.
5. Porter M.E. Clusters and the New Economics of Competition // Harvard Business Review. 1998. Vol. 76(6). P. 77–90.
6. Porter M.E. Location, Competition, and Economic Development: Local Clusters in a Global Economy // Economic Development Quarterly. – 2000. – Vol. 14. – No. 1. – P. 15–34.
7. Rosenfeld S.A. Bringing Business Clusters into the Mainstream of Economic Development. European Planning Studies. 1997. Vol. 5(1).
8. Кузнецова Е.А. Агропромышленные кластеры как фактор инновационного развития сельского хозяйства // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. 2018. № 6. С. 29–34.
9. Намозализода Ш.Н. Хусусиятҳои муҳмтарини ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025. № 10. С. 190-197.
10. Намозализода Ш.Н. Танзим ва дастгирии давлатии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат // В сборнике: Рушди устувор ва илмҳои муосир: ҳамгироии назария, амалия ва инноватсия. Конфронси байналмилалии байнисоҳавӣ. Душанбе, 2026. С. 22-34.
11. Намозализода Ш.Н. Омилҳои ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш дар шароити саноатикунонии иқтисодиёти кишвар // В сборнике: Самтҳои инноватсионии таҳқиқоти илмӣ: ҳамгироии донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ. Маводҳои Конфронси 1-уми байналмилалии байнифаннӣ. Душанбе, 2026. С. 65-71.
12. Намозализода Ш.Н. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон: вазъият, мушкилот, самтҳои рушд ва сармоягузориҳо / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ш.Н. Намозализода// Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон” Институти иқдисодиёт ва демографияи АИҶТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2023.- №3. – С. 103-110.
13. Тагоев Ҷ.Х., Туманов А.Д. Основные направления развития интеграционных процессов в агропромышленном комплексе // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2024. № 7(1). С. 125–135.

УДК: 338.436:005.591 (575.3)

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МЕНЕҷМЕНТИ СОҲИБКОРӢ ДАР МУҷТАМАИ АГРОСАНОАТӢ

Саидов Пайрав Мизробхонович

Постдокторантура – доктор ҳабилитат – институти илмӣ-тадқиқотии "сайёҳӣ ва соҳибкорӣ"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе

Мақолаи мазкур асосҳои методологии ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳияти категорияи «методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ»-ро аз мафҳумҳои «принсип» ва «омил» фарқ намуда, равишҳои асосии методологии таҳқиқи ин раванд — системавӣ, барномавию мақсаднок, институтсионалӣ, кластерӣ ва синергетикӣ — гурӯҳбандӣ кардааст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ модели чормарҳилаии ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ пешниҳод гардида, низоми меъёру нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи ташаккулёбии он асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот заминаи методиро барои таҳлили минбаъдаи амалии менеҷменти соҳибкорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.

Калидвожаҳо: методологияи менеҷмент, муҷтамаи агросаноатӣ, равиши системавӣ, равиши барномавию мақсаднок, равиши институтсионалӣ, марҳилаҳои ташаккул, меъёрҳои арзёбӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО МЕНЕДЖМЕНТА В АГРОПРОМЫШЛЕННОМ КОМПЛЕКСЕ

Саидов Пайрав Мизробхонович

Постдокторант – доктор хабилитат научно-исследовательского института «Туризм и предпринимательство» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе

В статье анализируются методологические основы формирования и развития предпринимательского менеджмента в агропромышленном комплексе. Автор разграничивает содержание категории «методология формирования предпринимательского менеджмента» от понятий «принцип» и «фактор», группирует основные методологические подходы к исследованию данного процесса — системный, процессный, программно-целевой, институциональный, кластерный и синергетический. На основе сравнительного анализа предложена четырёхэтапная модель формирования и развития предпринимательского менеджмента в агропромышленном комплексе, обоснована система критериев и показателей оценки уровня его сформированности. Результаты исследования создают методическую базу для дальнейшего практического анализа предпринимательского менеджмента в условиях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: методология менеджмента, агропромышленный комплекс, системный подход, программно-целевой подход, институциональный подход, этапы формирования, критерии оценки, Республика Таджикистан.

METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL MANAGEMENT IN THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX

Saidov Pairav Mizrobkhonovich

Postdoctoral Researcher (Doctor Habilitat) at the Research Institute of “Tourism and Entrepreneurship” of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe City

The article analyzes the methodological foundations of the formation and development of entrepreneurial management in the agro-industrial complex. The author distinguishes the category of the "methodology of entrepreneurial management formation" from the notions of "principle" and "factor", and groups the main methodological approaches to studying this process — systemic, process-based, program-targeted, institutional, cluster-based, and synergetic. Based on comparative analysis, a four-stage model of the formation and development of entrepreneurial management in the agro-industrial complex is proposed, and a system of criteria and indicators for assessing its level of formation is substantiated. The findings provide a methodical basis for further practical analysis of entrepreneurial management under the conditions of the Republic of Tajikistan.

Keywords: management methodology, agro-industrial complex, systemic approach, program-targeted approach, institutional approach, formation stages, assessment criteria, Republic of Tajikistan.

Муқаддима. Дар адабиёти иқтисодии муосир моҳияти назариявии менеҷменти соҳибкорӣ, эволютсияи он, инчунин принсипҳо ва омилҳои таъсиррасон ба ташаккули он дар муҷтамаи агросаноатӣ мавриди таҳлили назаррас қарор гирифтаанд. Аммо донистани принсипҳо ва омилҳо худ ба худ ҷавоб намедиҳад ба саволи методологӣ: тавассути кадом равишҳо, дар кадом марҳилаҳо ва бо кадом меъёрҳо раванди ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ бояд омӯхта ва арзёбӣ карда шавад. Маҳз ҳамин холигии методологӣ мавзӯи мақолаи мазкурро муайян мекунад.

Аҳамияти методологӣ додан ба ин масъала на танҳо хусусияти академӣ дорад балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҷанбаи илмию методии рушди иқтисодиёт таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Хусусан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ аз 16 декабри соли 2025 пешниҳод намуд, ки солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд [1], ки ин, дар навбати худ, зарурати тағдиди назар ба равишҳои методологии таҳқиқи равандҳои идоракунӣ, аз ҷумла дар соҳаи агросаноатӣ, бо назардошти омили рақамикунонӣ ва инноватсияро тақвият медиҳад.

Мушкилоти асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар адабиёти иқтисодии ватанӣ методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ ҳанӯз ба таври мукаммал ба низом дароварда нашудааст: асосан таваҷҷуҳ ба принсипҳо ва омилҳои алоҳида дода мешавад, дар ҳоле ки равишҳои методологӣ, марҳилаҳои мушаххаси ташаккул ва меъёрҳои арзёбии сатҳи он камтар мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Мақсади мақолаи мазкур аз асосноккунии равишҳои методологии таҳқиқи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ, коркарди модели марҳилавии ин раванд ва пешниҳоди низоми меъёрҳои арзёбии он дар муҷтамаи агросаноатии Тоҷикистон иборат мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқоти мазкурро равиши системавӣ ташкил медиҳад, ки методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ ҳамчун падидаи бисёрқабата — аз равишҳои умумиилмӣ то усулҳои мушаххаси арзёбӣ, баррасӣ гардад. Усули таҳлили муқоисавӣ ҳангоми гурӯҳбандии равишҳои методологии гуногун ва муайян намудани хусусиятҳои татбиқи онҳо ба соҳаи агросаноатӣ истифода шудааст. Усули таърихӣ-мантиқӣ, ки дар таҳқиқоти охирин оид ба таҳлили ретроспективии рушди кишоварзии Тоҷикистон дар давраи 1991–2023 низ татбиқ гардидааст [14], барои муайян намудани марҳилаҳои пайдарпайи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ ба кор рафтааст, дар ҳоле ки усули абстраксияи илмӣ ва ҷамъбасткунӣ барои коркарди модели умумии марҳилавӣ ва низоми меъёрҳои арзёбӣ хизмат кардаанд.

Ҳамчунин усули ҷадвалбандӣ ва таснифот барои ба низом даровардани равишҳои методологӣ, марҳилаҳо ва меъёрҳои таҳқиқшаванда истифода гардидааст. Интихоби маҳз ҳамин маҷмӯи усулҳо аз хусусияти мураккаб ва бисёрҷабҳаи объекти таҳқиқот — методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ — бармеояд, ки бидуни омӯзиши равишҳои сифатӣ ва сохторӣ ба таври яктарафа омӯхта шуда наметавонад.

Пойгоҳи иттилоотии мақолаи мазкурро якчанд гурӯҳи манбаъ ташкил медиҳанд. Гурӯҳи якум — корҳои классикии назарияи умумии системаҳо ва методологияи илм (А.А. Богданов, И.В. Блауберг, Э.Г. Юдин), ки заминаи умумиметодологии таҳлили равандҳои ташаккулро фароҳам меоранд. Гурӯҳи дуюм — таҳқиқоти олимони тоҷик оид ба масъалаҳои методологии рушди инноватсионӣ ва идоракунӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ, ки бевосита хусусиятҳои соҳавии татбиқи равишҳои методологиро инъикос мекунанд. Гурӯҳи сеюм — Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои барномавии давлатӣ, ки намунаи амалии татбиқи равиши барномавию мақсаднокро дар сатҳи миллӣ нишон медиҳанд.

Натичаҳо. Мафҳум ва моҳияти методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ, пеш аз ҳама зарур аст, ки мазмуни категорияи «методология» аз мафҳумҳои маъмули «принсип» ва «омил» возеҳ фарқ карда шавад. Агар принсипҳо қоидаҳои асосии рафтори субъекти идоракунӣ ва омилҳо шароити объективию субъективии таъсиррасонро ифода намоянд, пас методология низоми равишҳо, усулҳо ва воситаҳои маърифатеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо худи раванди ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкорӣ омӯхта, таҳлил ва арзёбӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, принсипҳо ва омилҳо объекти таҳқиқотанд, дар ҳоле ки методология абзори таҳқиқот мебошад.

Асосгузори мактаби тектологии рус А.А. Богданов, ки яке аз аввалинҳо назарияи умумии ташкилиро коркард намудааст, ҳанӯз дар ибтидои асри XX қайд карда буд, ки ҳар гуна раванди ташаккулёбӣ — новобаста аз хусусияти табиӣ ё иҷтимоии он — тобеи қонунҳои умумии ташкил ва бетартибӣ мебошад, ки метавонанд тавассути усулҳои ягонаи илмӣ омӯхта шаванд [8, с. 48]. Ин ғоя барои методологияи муосири менеҷмент аҳамияти бунёдӣ дорад, зеро имкон медиҳад, ки ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ на ҳамчун маҷмӯи тасодуфии тадбирҳо, балки ҳамчун раванди том ва қонунманд баррасӣ гардад.

Дар робита ба ин, И.В. Блауберг ва Э.Г. Юдин, ки муаллифони асари бунёдии рус оид ба равиши системавӣ мебошанд, таъкид кардаанд, ки моҳияти равиши системавӣ дар он аст, ки объекти таҳқиқот на ҳамчун маҷмӯи оддии унсурҳо, балки ҳамчун низоми том, дорои сохтор ва алоқамандии дохилӣ, ки бо муҳити беруна дар таъсири мутақобила қарор дорад, баррасӣ карда мешавад [6, с. 94]. Мутобиқан, методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ бояд на танҳо унсурҳои алоҳида (принсипҳо, омилҳо, функсияҳо), балки алоқамандии мутақобилаи онҳоро дар доираи як низоми том мавриди таҳлил қарор диҳад.

Равиши институтсионалӣ, ки яке аз шаш равиши асосии гурӯҳбандишуда мебошад, аҳамияти хоси амалӣ низ дорад. Тадқиқоти охирин оид ба ҳамкории бахши хусусӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии низоми идоракунӣ на танҳо аз меъёрҳои расмии қонунгузорӣ, балки аз сифати ҳамкории байниниҳодӣ — робитаи байни субъекти хоҷагидорӣ, мақомоти маҳаллӣ ва бахши хусусӣ — вобаста аст [2, с. 39]. Ин мушоҳида методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкориро дар муҷтамаи агросаноатӣ бой мегардонад, зеро нишон медиҳад, ки таҳлили институтсионалӣ бояд на танҳо ба ҳуҷҷатҳои расмии сатҳи миллӣ, балки ба сатҳи ҳамкории маҳаллӣ низ тавсеа дода шавад.

Равишҳои методологии асосии таҳқиқи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ, таҳлили адабиёти илмӣ имкон дод, ки шаш равиши методологии асосӣ, ки барои таҳқиқи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ мавриди истифода қарор мегиранд, муайян ва гурӯҳбандӣ карда шаванд. Тавсифи муқоисавии ин равишҳо дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. Равиоли методологии асосии таҳқиқи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ.

Равиш	Моҳияти асосӣ	Хусусияти татбиқ дар муҷтамаи агросаноатӣ
Системавӣ	Объекти идоракунӣ ҳамчун низоми том, дорои унсурҳои алоқаманд ва муҳити беруна баррасӣ мешавад	Менеҷменти соҳибкорӣ ҳамчун низоми томи субъект-объект-принсип-функсия, на маҷмӯи тадбирҳои алоҳида баррасӣ мегардад
Раванди	Идоракунӣ ҳамчун занҷираи пайвастаи функсияҳо (банақшагирӣ, ташкил, назорат) баррасӣ мешавад	Хусусияти мавсимии истеҳсолоти кишоварзӣ талаб мекунад, ки занҷираи функсионалӣ бо давраи агротехникӣ мутобиқ карда шавад
Барномавию мақсаднок	Ҳадафҳои стратегӣ тавассути барномаҳои мушаххас бо нишондиҳандаҳои андозагирӣ амалӣ мегарданд	Барномаҳо ва консепсияҳои давлатии соҳавӣ ҳамчун абзори асосии татбиқи ин равиш хизмат мекунанд
Институтсионалӣ	Идоракунӣ дар доираи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҷомеа баррасӣ мешавад	Муайян мекунад, ки чӣ тавр меъёрҳои расмии қонунгузорӣ ва анъанаҳои ғайрирасмии деҳот якҷоя ба сатҳи менеҷмент таъсир мерасонанд
Кластерӣ	Субъектҳои алоҳида ҳамчун қисми як маҷмаи ҳамгирошудаи истеҳсолӣ-минтақавӣ баррасӣ мешаванд	Имкон медиҳад менеҷменти корхонаи алоҳида дар алоқамандӣ бо занҷираи пурраи арзиши минтақавӣ таҳлил гардад
Синергетикӣ	Низом ҳамчун худташкилшаванда ва қобили худинкишофёбӣ дар шароити номуайянӣ баррасӣ мешавад	Ба хусусияти ғайримуқарраршавандаи омилҳои табиию иқлимӣ ва зарурати худтанзимкунии субъекти хоҷагидор мутобиқ аст

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6, с. 94; 8, с. 48].

Равиши кластерӣ, ки дар ҷадвали боло зикр гардид, дар таҳқиқоти охирини соҳаи чорводорӣ мустақилона инкишоф ёфтааст. Муаллифон кластерро ҳамчун иттиҳодияи озодонаи корхонаҳои истеҳсолӣ, коркард ва инфрасохтори хизматрасонӣ дар асоси кооператсия ва тақсими меҳнат бо мақсади ноил шудан ба самараи умумии беҳтарин муайян намуда, се самти асосии афзоиши рақобатпазирии кластерро — баланд бардоштани маҳсулнокӣ, таъмини афзоиши технологияҳои инноватсионӣ ва ташаккули фаъолияти самарабахши соҳибкории нав — муайян кардаанд [12]. Хусусияти муҳими ин таҳқиқот дар он аст, ки ташкили кластер бояд ба таври табиӣ ва ихтиёрӣ, на маъмурӣ, сурат гирад, ки ин мустақим ба равиши синергетикии дар ҷадвали 1 зикршуда мувофиқат мекунад.

Дар робита ба ин, назарияи ҳамгироии агросаноатӣ низ равиши кластериро аз нигоҳи дигар мукаммал менамояд: бе пайвастагии узвии кишоварзӣ бо саноати коркард, истеҳсол ва фурӯши ашёи хом камсамар боқӣ мемонад, дар ҳоле ки коркарди маҳсулот дар доираи ҳамгирой ба хоҷагиҳо фоидаи иловагӣ, минтақаҳо — ҷойҳои кории иловагӣ ва истеъмолкунандагон — маҳсулоти босифатро бо нархи дастрас таъмин мекунад [11]. Ҳамин тариқ, равиши кластерӣ ва равиши ҳамгироии агросаноатӣ ду ҷанбаи як падидаи методологӣ мебошанд: якум сохтори фазоии ҳамкориро тавсиф мекунад, дуюм бошад — занҷираи арзиши функсионалиро.

Бояд қайд кард, ки ин равишҳо дар амалияи таҳқиқотӣ на ба таври алоҳида, балки дар омӯзиш истифода мешаванд, ки равиши барномавию мақсаднок бе такя ба равиши системавӣ натиҷаи пароканда медиҳад, дар ҳоле ки равиши синергетикӣ маҳз дар доираи низоми том (яъне бо такя ба равиши системавӣ) маънои методологӣ пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, методологияи муосири ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ бояд хусусияти плюралистӣ дошта, вобаста ба сатҳи таҳлил (миллӣ, минтақавӣ, корхонавӣ) омӯзиши мутаносиби равишҳои дар боло зикршударо татбиқ намояд.

Дар робита ба равиши барномавию мақсаднок бояд қайд кард, ки маҳз ҳамин равиш заминаи методологии ҳуҷҷатҳои давлатии соҳавиро ташкил медиҳад. Тадқиқоти охирин дар соҳаи инноватсияи агросаноатӣ нишон медиҳанд, ки самтҳои асосии ташаккули равишҳои методологии омӯзиши фаъолияти инноватсионии комплекси агросаноатӣ бояд амиққунии назарияи фаъолияти инноватсионӣ дар бахши аграрӣ, рушди асосҳои ташкилию иқтисодии он, таҳияи методологияи баҳодиҳии фаъолияти инноватсионӣ, пешгӯии он ва ташаккули бозори маҳсулоти инноватсиониро дар бар гирад [10]. Ин панҷ самти методологӣ, ки хоси таҳқиқоти ватанӣ мебошанд, дар моҳият ба ҳамон равиши барномавию мақсаднок ва системавӣ такя мекунанд, вале дар сатҳи амалиётии соҳаи агросаноатӣ мушаххас карда шудаанд.

Татбиқи амалии равиши барномавию мақсаднок дар сатҳи давлатӣ боз ҳам возеҳтар мегардад: тавре ки дар таҳқиқоти дигар оид ба рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ нишон дода шудааст, Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №144 татбиқи худро

маҳз тавассути системаи сеқабатаи барномасозӣ — барномаи рушди соҳа, барномаи таҳқиқоти амалии бунёдӣ ва барномаи ташаккули заминаи илмӣ — амалӣ менамояд [4]. Ин мисоли мушаххас тасдиқ мекунад, ки равиши барномавию мақсаднок дар шароити Тоҷикистон на яка принсипи абстрактӣ, балки механизми воқеии сеқабатаи амалиётӣ мебошад.

Дар баробари шаш равиши дар ҷадвали 1 овардашуда, зарур аст, ки самти рӯ ба афзоиши методологияи муосир — омӯзиши равиши инноватсионӣ бо табдили рақамӣ — низ қайд карда шавад. Тадқиқоти охирин оид ба тиҷорати хурд нишон медиҳанд, ки таҳияи стратегияи рақамӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ бояд равиши чандир ва мутобиқшавандаро талаб намояд, ки хусусиятҳои минтақавӣ, сатҳи камолоти рақамӣ, имкониятҳои инфрасохтор ва дастрасии захираҳои инсониро якҷоя ба назар гирад [3]. Ин муқаррарот бо равиши синергетикии дар ҷадвали 1 зикршуда мутобиқат мекунад, зеро ҳарду аз номуайянӣ ва зарурати худтанзимкунии субъекти хоҷагидорӣ бармеоянд. Дар ҳамин замина, идоракунии инноватсия дар корхонаҳои хурду миёна низ бояд заминаи меъёрию стратегии давлатиро (ислоҳоти қонунгузорӣ дар соҳаи тиҷорати электронӣ ва зеҳни сунъӣ) ба инобат гирад, то самаранокии амалиётӣ ва бартарии рақобатии субъект таъмин гардад [7]. Ин мисолҳо собит менамояд, ки равиши барномавию мақсаднок ва равиши инноватсионӣ дар шароити рақамикунонии муосир аз ҳамдигар ҷудонашавандаанд.

Марҳилаҳои методологии ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ, дар асоси равиши таърихӣ-мантиқӣ ва ҷамъбасти таҷрибаи субъектҳои хоҷагидории агросаноатии Тоҷикистон, муаллиф модели чормарҳилаии ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкориро пешниҳод менамояд. Тавсифи муфассали ин марҳилаҳо дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Марҳилаҳои методологии ташаккул ва рушди менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ

Марҳила	Ном	Мазмуни асосӣ
I	Институтсионализатсия	Эҷоди заминаи ҳуқуқию ташкилии фаъолият: бақайдгирии субъекти хоҷагидорӣ, муайян намудани шакли моликият ва ҳуқуқи истифодаи замин
II	Ташаккули сохторӣ	Шаклгирии сохтори ташкилии идоракунӣ, ҷалби кадрҳо, тақсими вазифаҳои идоракунӣ байни зинаҳои гуногун
III	Амалисозии функсионалӣ	Татбиқи бевоситаи функсияҳои менеҷмент (банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, назорат) бо назардошти давраи агротехникӣ ва мавсимият
IV	Мутобиқсозӣ ва рушди устувор	Ҷорисозии инноватсия, рақамикунонӣ, ҳамгироӣ бо занҷираи арзиш ва гузариш ба менеҷменти стратегии дарозмуддат

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Хусусияти муҳими ин модел дар он аст, ки гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигар хаттӣ нест: субъекти хоҷагидорӣ метавонад дар натиҷаи тағйирёбии муҳити институтсионалӣ (масалан, тағйири қонунгузории заминдорӣ) аз марҳилаи IV ба зарурати такрори қисман марҳилаи I баргардад. Маҳз ҳамин хусусияти давравӣ, на хаттӣ, боиси зарурати истифодаи равиши синергетикӣ дар баробари равиши таърихӣ-мантиқӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, суръати гузариш аз марҳила ба марҳила барои субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ (хоҷагии деҳқонии хурд дар муқобили корхонаи бузурги коркард) куллан фарқ мекунад, ки ин низ бояд ҳангоми татбиқи амалии модел ба инобат гирифта шавад. Мазмуни марҳилаи IV (мутобиқсозӣ ва рушди устувор) бо натиҷаҳои таҳқиқоти охирин оид ба рақамикунонии кишоварзӣ мустақим тасдиқ мегардад: муаллифон бо истифода аз равиши диалектикӣ ва системавӣ нишон медиҳанд, ки рушди соҳа ҳамчун низоми динамикӣ, ки таҳти таъсири равандҳои рақамикунонӣ тағйироти сохторӣ аз сар мегузаронад, бояд баррасӣ гардад [15, с. 9]. Ин тасдиқи иловагӣ собит менамояд, ки марҳилаи ниҳоии модели пешниҳодшуда бо тамоюлҳои воқеии рушди соҳа мутобиқат мекунад.

Меъёру нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи ташаккулёбии менеҷменти соҳибкорӣ, ҷанбаи муҳими методологиест, ки то ҳол дар таҳқиқоти ватанӣ ба таври кофӣ инкишоф наёфтааст, муайян намудани меъёрҳои андозагирии сатҳи ташаккулёбии менеҷменти соҳибкорӣ мебошад. Бидуни чунин меъёрҳо баҳодиҳии объективии натиҷаҳои татбиқи принсипҳо ва омилҳои дар боло асосноккардашуда ғайриимкон аст. Дар методологияи муосири сохтани системаи нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии идоракунии ташкилӣ панҷ принсипи калидӣ асоснок карда мешаванд: илмият, системавӣ будан, амалӣ будан, мувофиқат ва динамикӣ, ки бояд ҳам ченакҳои молиявӣ (фоиданокӣ, пардохтпазирӣ) ва ҳам ғайримолиявӣ (инноватсия, равандҳои дохилӣ)-ро дар бар гиранд [9, с. 13]. Бо такя ба ин панҷ принсип, муаллиф чор гурӯҳи нишондиҳандаро пешниҳод менамояд, ки дар ҷадвали 3 ҷамъбаст шудаанд.

Ҷадвали 3. Гурӯҳҳои меъёру нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи ташаккулёбии менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ

Гурӯҳи нишондиҳанда	Мазмуни асосӣ	Мисоли нишондиҳандаи мушаххас
Иқтисодӣ	Самаранокии молиявию истеҳсолии субъекти хоҷагидорӣ	Сатҳи фоиданокӣ, ҳосилнокии меҳнат, гардиши сармояи гардон

Ташкилию сохторӣ	Дараҷаи такмили сохтори идоракунӣ ва тақсими вазифаҳо	Мавҷудияти зинаҳои мушаххаси идоракунӣ, сатҳи расмиятгардонии равандҳо
Инноватсионӣ	Дараҷаи ҷорисозии технология ва усулҳои муосири идоракунӣ	Ҳиссаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунӣ, теъдоди навовариҳои татбиқшуда
Институтсионалӣ	Дараҷаи мутобиқати фаъолият ба меъёрҳои расмӣ ва пойдории ҳамкорӣ бо ниҳодҳо	Сатҳи риояи қонунгузорӣ, вусъати ҳамкорӣ бо кластерҳо ва кооперативҳо

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Истифодаи якҷояи ин чор гурӯҳи нишондиҳанда имкон медиҳад, ки арзёбии сатҳи ташаккулёбии менеҷменти соҳибкорӣ на танҳо аз нигоҳи натиҷаи иқтисодӣ, балки аз нигоҳи устувории институтсионалӣ ва иқтидори инноватсионӣ низ сурат гирад. Барои амалисозии ин арзёбӣ дар сатҳи корхонаҳои мушаххас усулҳои экспертӣ-таҳлилӣ, мониторинги оморӣ ва усули муқоисавии таҳлили соҳа ва рақибон (бенчмаркинг), ки дар методологияи стратегияи рақобатпазирӣ асоснок шудааст [13, с. 27], мувофиқтарин ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо имкон медиҳанд нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ якҷоя мавриди истифода қарор гиранд. Дар робита ба муайянкунии арзишҳои ҳадди ниҳоии нишондиҳандаҳо, тадқиқоти охирин алгоритми такроршавандаро пешниҳод менамояд, ки марҳилаҳои пайдарпайи интихоби нишондиҳанда, таҳлили оморӣ он, муқоиса бо самтҳои соҳавию байналмилалиро дар бар мегирад [5, с. 25]. Чунин алгоритм метавонад барои муайян намудани арзишҳои ҳадди ниҳоии ҳар як гурӯҳи нишондиҳандаи дар ҷадвали 3 овардашуда низ мутобиқ карда шавад.

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳамияти методологии умумӣ доранд, зеро посух ба саволи «тавассути кадом таҳлилҳо принсипу омилҳои идоракунии соҳибкорӣ бояд омӯхта ва татбиқ карда шаванд» медиҳанд. Гурӯҳбандии шашгонаи равишҳои методологӣ, модели чормарҳилавии ташаккул ва низоми чоргурӯҳаи нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ заминаи методии томро ташкил медиҳанд, ки метавонад барои таҳлили амиқи менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ истифода шавад.

Аҳамияти амалии модели марҳилавии пешниҳодшуда дар он аст, ки он ба масъулини соҳа имкон медиҳад муайян намоянд, ки субъекти мушаххаси хоҷагидорӣ дар кадом марҳилаи ташаккул қарор дорад ва мутобиқан кадом намуди дастгирӣ (ҳуқуқӣ, молиявӣ, кадрӣ ё технологӣ) барояш афзалиятнок аст. Масалан, барои субъекте, ки дар марҳилаи институтсионализатсия қарор дорад, дастгирии ҳуқуқӣ бартарӣ дорад, дар ҳоле ки барои субъекти дар марҳилаи мутобиқсозӣ буда, дастгирии инноватсионию технологӣ муҳимтар аст. Ин фарқият дар таҳқиқоти умумии бидуни модели марҳилавӣ ба назар гирифта намешавад.

Маҳдудияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки модели марҳилавӣ ва низоми нишондиҳандаҳо хусусияти назариявӣ доранд ва то ҳол дар мисоли корхонаҳои мушаххас санҷида нашудаанд. Самти минбаъдаи таҳқиқот метавонад санҷиши эмпирикии ин модел дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои коркарди минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бошад, ки имкон медиҳад дурустии тартиби марҳилаҳо ва аҳамияти нисбии ҳар як гурӯҳи нишондиҳанда ба таври оморӣ тасдиқ карда шавад.

Хулоса. Методологияи ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ низоми равишҳо, усулҳо ва меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо худи раванди ташаккул ва рушд, на танҳо мазмуни он, омӯхта мешавад, балки шаш равиши методологии асосӣ — системавӣ, раванди, барномавию мақсаднок, институтсионалӣ, кластерӣ ва синергетикӣ — на ба таври алоҳида, балки дар омезиши мутаносиб бояд татбиқ карда шаванд, ки равиши системавӣ дар ин омезиш нақши муттаҳидкунандаро мебозад.

Раванди ташаккули менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ хусусияти давравӣ дорад ва аз чор марҳила — институтсионализатсия, ташаккули сохторӣ, амалисозии функсионалӣ ва мутобиқсозӣ бо рушди устувор — иборат мебошад, ки суръати гузариш байни онҳо вобаста ба андоза ва навъи субъекти хоҷагидорӣ фарқ мекунад. Арзёбии сатҳи ин ташаккулёбӣ бояд дар асоси чор гурӯҳи нишондиҳанда — иқтисодӣ, ташкилию сохторӣ, инноватсионӣ ва институтсионалӣ — сурат гирад, на танҳо дар асоси меъёрҳои иқтисодӣ, тавре ки маъмулан амал карда мешавад.

Барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд: якум, ҳангоми таҳияи барномаҳои дастгирии соҳибкории аграрӣ модели марҳилавии пешниҳодшуда ба инобат гирифта шавад, то дастгирии давлатӣ ба марҳилаи мушаххаси рушди субъект мутобиқ бошад; дуюм, дар сатҳи мақомоти омори соҳавӣ низоми ягонаи ҷамъоварии маълумот аз рӯи чор гурӯҳи нишондиҳандаи пешниҳодшуда роҳандозӣ гардад, то арзёбии мунтазами сатҳи менеҷменти соҳибкорӣ дар муҷтамаи агросаноатӣ имконпазир шавад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16 декабри соли 2025.

2. Асоев, М.М. Механизмҳои муосири ҳамкориҳои иқтисодии бахши хусусӣ бо худидоракунии маҳаллӣ / М.М. Асоев, Г.Т. Қодирова // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №4/1(75). – С. 37–47.

3. Ахмадбекова, Н.М. Методологияи таҳияи стратегияи рақамӣ барои тиҷорати хурд / Н.М. Ахмадбекова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2026. – №1. – С. 84–91.

4. Ашӯрзода, С.Х. Оид ба масъалаҳои таъмини рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ / С.Х. Ашӯрзода, М.Т. Исоков // Кишоварз. – 2025. – №4(109). – С. 192–197.

5. Ашурзода, А.Н. Научно-методический подход к формированию пороговых значений индикаторов экономической безопасности промышленных предприятий / А.Н. Ашурзода, Н.Р. Мукимова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2026. – №1. – С. 102–113.

6. Блауберг, И.В. Становление и сущность системного подхода / И.В. Блауберг, Э.Г. Юдин. – М.: Наука, 1973. – 270 с.

7. Бобошоева, М.Ш. Идоракунии инноватсия дар корхонаҳои хурду миёна / М.Ш. Бобошоева // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №4/1(75). – С. 71–77.

8. Богданов, А.А. Тектология: Всеобщая организационная наука / А.А. Богданов. – М.: Экономика, 1989. – 655 с.

9. Ван, Дунлян. Таҳқиқи усули сохтмон ва муайян кардани вазни системаи индексҳои арзёбии самаранокии идоракунии ташкилӣ / Дунлян Ван // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №4/1(75). – С. 78–90.

10. Иброҳимов, Д.Н. Инноватсия дар комплекси агросаноатӣ: баъзе муаммоҳои ташкилию иқтисодии он / Д.Н. Иброҳимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №2(31). – С. 219–227.

11. Кабиров, Н.Ш. Асосҳои назариявии ҳамгироии агросаноатӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот / Н.Ш. Кабиров // Кишоварз. – 2025. – №4(109). – С. 190–192.

12. Насиров, Р. Ташкили кластер ва микрокластерҳо ҳамчун омили рушди зеркомплекси чорвои ширдеҳ / Р. Насиров, А.С. Олимзода // Кишоварз. – 2025. – №4(109). – С. 157–163.

13. Портер, М. Конкурентная стратегия: методика анализа отраслей и конкурентов / М. Портер; пер. с англ. – М.: Альпина Паблишер, 2005. – 454 с.

14. Хоналиев, Н. Развитие сельского хозяйства Таджикистана за годы государственной независимости / Н. Хоналиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. – №3. – С. 212–227.

15. Хушвахтзода, Қ.Х. Рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити рақамикунонӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Т.А. Имомназарова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. – №4. – С. 14–21.

УДК: 349.3

ПОНЯТИЕ СОЦИАЛЬНОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ И СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ: ОРГАНИЗАЦИЯ ПЛАТНОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Гулмуродзода Робиямох Гулмурод

к.э.н., доцент кафедры налог и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, адрес Нахимова, 64/14. Электронная почта: robiyamoh@inbox.ru, телефон: 907511201.

В статье рассматриваются социальная поддержка и социальные услуги в РТ, включая их понятие, признаки и ключевые виды социальные услуги. Социальные услуги представляют собой систему мер, направленных на поддержку граждан в трудных жизненных ситуациях и уязвимых групп населения. Выделяются ключевые признаки социальных услуг и их классификация по различным критериям, включая характер предоставления и целевую аудиторию. Особое внимание уделяется механизмам организации и предоставления объема оказания социальных услуг населению по формам собственности в стране. Подчеркивается необходимость дальнейшего развития механизмов предоставления социальных услуг для повышения доступности и качества поддержки.

Ключевые слова: социальные услуги, классификация социальных услуг, признаки социальных услуг, государственные программы, трудные жизненные ситуации, кадровое обеспечение, уязвимые группы населения.

КОНСЕПСИЯИ ТАЪМИНИ ИҶТИМОӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ИҶТИМОӢ: ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.

Гулмуродзода Робиямоҳ Гулмурод

н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе, суроға Нахимова, 64/14. E-mail: robiyamoh@inbox.ru, тел: 907511201.

Дар мақола дастгирии иҷтимоӣ ва хидматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла мафҳумҳо, хусусиятҳо ва намудҳои асосии онҳоро баррасӣ мекунад. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ як системаи тадбирҳое мебошанд, ки ба дастгирии шаҳрвандон дар вазъияти душвори зиндагӣ ва гурӯҳҳои осебпазир нигаронида шудаанд. Хусусиятҳои асосии хизматрасониҳои иҷтимоӣ муайян карда шуда, онҳо аз рӯи меъёрҳои гуногун, аз ҷумла хусусияти пешниҳод ва шунавандагони мақсаднок тасниф карда мешаванд. Дар кишвар ба механизмҳои ташкил ва расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ аз рӯи намуди моликият диққати махсус дода мешавад. Зарурати рушди минбаъдаи механизмҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати дастгирӣ таъкид шудааст.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таснифи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ, барномаҳои давлатӣ, вазъиятҳои душвори ҳаётӣ, таъминоти кадрҳо, гурӯҳҳои осебпазир.

THE CONCEPT OF SOCIAL SERVICES AND SOCIAL SERVICES: ORGANIZING PAID SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Gulmurodzoda Robiyamokh Gulmurod

Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, docent of the tax and insurance department of the Tajik state financial and economic university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Nakhimova address, 64/14. Email: robiyamoh@inbox.ru, phone: 907511201.

This article examines social support and social services in the Republic of Tajikistan, including their concepts, characteristics, and key types. Social services represent a system of measures aimed at supporting citizens in difficult life situations and vulnerable groups. Key characteristics of social services are identified and their classification is based on various criteria, including the nature of provision and target audience. Particular attention is paid to the mechanisms for organizing and delivering the volume of social services provided to the population by type of ownership in the country. The need for further development of mechanisms for providing social services to improve the accessibility and quality of support is emphasized.

Key words: social services, classification of social services, characteristics of social services, government programs, difficult life situations, staffing, vulnerable groups.

Введение. Вопросы определения понятие и определения «социальных услуг» с точки зрения зарубежных и отечественных ученых и оказания платных услуг в стране связаны с рядом теоретических и практических проблем.

Материалы и методы исследования. Вопросу теоретического аспектов трансформации социальных услуг как подсистема социальной защитой населения отводится большое место в работах ученных Артамонов, И. И Гафарзода М.Т. Грачева, Е. В. и др.

Разработка рекомендации по совершенствованию организацию и повышения эффективности оказания социальных услуг в стране, в том числе платных для улучшения качества жизни уязвимых слоев населения.

Исследование направлено на анализ понятие и определения социальных услуг как подсистема социальной защитой населения и приведено механизм предоставления социально-бытовых, медицинских и правовых услуг в РТ, организацию их платных форм и совершенствование государственно-общественного партнерства для защиты уязвимых групп.

Результаты исследования. «Система социальных услуг является значимой, неотъемлемой частью социальной политики современного социально-сервисного государства и представляет собой механизм конструктивного решения социальных проблем человека и повышения уровня благосостояния общества в целом. Социальная политика, став одним из приоритетных предметов социологических исследований со второй половины XX в., в западной социологической мысли концептуализируется, прежде всего, с позиции системного и деятельностного подходов. Например, у Т. Маршалла это «деятельность государства по социальному обеспечению граждан, которая выражается в развитии систем социального страхования, общественной (или государственной) помощи, здравоохранения и жилищной политики» [7, с. 57].

«Понятие социального обслуживания как правовой категории следует выводить, прежде всего, из содержания действующего законодательства о социальном обслуживании. Исходя из его смысла, социальное обслуживание представляет собой деятельность специальных организаций по 12 предоставлению различного рода услуг бесплатно или безэквивалентно в соответствии с установленными государственными стандартами по социальной адаптации и реабилитации для лиц, находящихся по независящим от них обстоятельствам в ситуации, нарушающей их жизнедеятельность и которую они не могут преодолеть самостоятельно (или с помощью лиц, обязанных по закону их содержать)» [2, с. 11-12].

Социальное обеспечение в нашей стране функционирует как особо защищенный социальный институт. Следовательно, основная функция социального обеспечения — это оказание финансовых и правовых гарантий, обеспечивающее основных прав граждан и получение достижению ими надлежащего уровня жизни. Социальные услуги Республики Таджикистан представляют собой основной показатель социальной политики государства, представляющий на обеспечение наилучшего уровня жизни граждан, повышение их благосостояния и социальной защищенности. Эти услуги включают в себя широкий спектр мероприятий, направленных на поддержку различных категорий населения, особенно нуждающихся в помощи — пенсионеров, инвалидов, малоимущих семей и других уязвимых групп. В статье рассматриваются основные понятия социального обслуживания и социальных услуг в РТ, их объема оказания платных услуг и роль в обеспечении социального равенства и стабильности в обществе.

Данный период социальная политика считается основным инструментом государственного регулирования рыночной экономики. Нужно заметить, что социальная политика касается нескольких этапов. Основное значение имеют следующие понятия, как социальное обеспечение, социальное обслуживание, социальная помощь отдельным группам граждан.

«Социальное обеспечение представляет собой форму государственной помощи, направленную на выравнивание социального статуса отдельных категорий граждан. Социальное обслуживание охватывает деятельность социальных учреждений по предоставлению различных видов поддержки, включая социально-бытовую, медицинскую, психологическую помощь, юридические услуги, а также содействие в социальной адаптации и реабилитации. Эти услуги могут оказываться на дому, в полустационарных или стационарных учреждениях социального обслуживания» [8.].

В Таджикистане активно развивается система многофункциональных центров (МСЦ) и центров обслуживания граждан /бизнеса, направленная на предоставление государственных и мунийципальных услуг по принципу “единого окна”, входящий в структуру Агенства иноваций и цифровых технологий при Президента РТ, а также портал Egov/tj (Hukumat.tj). Для бизнеса функционируют специализированные «Единые центры» или «Дома предпринимателей», цел которых доступности возможностей International Finance Corporation (IFC) +2, Services for Business System, Единый центр по оказанию услуг для предпринимателей и инвесторов. Целью создания Единого центра по оказанию услуг предпринимателям и инвесторам является централизация всех государственных структур, регулирующих предпринимательство и инвестиции является неотъемлемой частью электронного правительства.

«Социальная сфера, представляет собой социальную систему, которая на постоянной основе, функционирует в процессе возникновения потребностей общества, а также для их удовлетворения субъектами социальной сферы. Это система жизнидеятельности человека, стремящего строить собственную индивидуальную жизнь в общественной жизни и в общественной работе. В данном случае, социальная сфера рассматривается, как реализация социальной сферы в соблюдении гражданских прав человека» [3, с. 30].

«В то же время соответствующие преобразования в экономической сфере, в частности, переход к «зеленой» экономике, требуют устойчивого развития международных и внутренних услуг в стране. В частности, обеспечение устойчивого развития услуг, в том числе платных услуг для населения в контексте перехода к «зеленой» экономике, предоставит возможность внести вклад в решение ряда важных макроэкономических проблем, таких как обеспечение продуктивной занятости населения, снижение безработицы, бедности и т. д.» [10, с. 402].

В таблице1 отображены определения понятия «социальные услуги», предложенными различными авторами.

Таблица 1. Различные определения и пояснения понятия услуг, рассматриваемых в экономической литературе [11, с. 12-13].

Определение услуги	Источник
«сфера услуг сводная обобщающая категория, включающая воспроизводство разнообразных видов услуг, оказываемых предприятиями, организациями, а также физическими лицами».	Панкратьев Н. Система статистических показателей сферы услуг как сектора экономики // Вопросы статистики. 1998. № 4. С. 16.
Услуга — это любая деятельность или благо, которую одна сторона может предложить другой. Услуга по сути своей является неосязаемой и не приводить к передаче собственности	Котлер Ф., Армстронг Г., Сондерс Дж., Вонг В. Основы маркетинга. М: «Вильямс». 1998 г. С. 717.
«сфера услуг система отраслей народного хозяйства, продукты, потребительная стоимость которых выражается в предоставлении удобств различают сферу услуг материального производства (транспорт, связь, бытовое обслуживание); сферу услуг духовной жизни (образование, физическая культура, наука, искусство); сферу услуг в социальной сфере (торговля, жилищно коммунальное обслуживание, здравоохранение)». «сфера обслуживания совокупность отраслей хозяйства, продукция которых выступает в виде услуг». «услуги работа, выполняемая на заказ и не приводящая к созданию самостоятельного продукта, товара»	Новый экономический и юридический словарь / под ред. А.Н. Азрилияна. М., 2003. С. 879.
«под сферой услуг понимается комплекс достаточно разнородных отраслей хозяйства, продукция которых носит невещественную форму и выступает как полезный эффект, неотделимый от производственной или хозяйственной деятельности по обслуживанию процесса общественного производства».	Экономика США: Учебник для вузов / под ред. В.Б. Супяна. Спб.: Питер, 2003. С. 125.
«услуга — это то, что может быть продано или куплено, но не может упасть на ногу»	Economist. Service market. 1994. № 3. С.
«услуги это один из весьма распространенных видов работ, экономической деятельности, результатом которой является изменение качества уже существующих, произведенных вещей»	Курс экономики: учебник. 3 е изд., доп. / под ред. Б.А. Райзберга. М.: 2001. С. 33.
«services (услуги), действия, направленные непосредственно на потребителя»	Экономикс: англо русский словарь справочник / Э.Дж. Долан, Б.И. Домненко. М.: Лазурь, 1994. С. 400.
«услуга — это трудовая целесообразная деятельность, результаты которой выражаются в полезном эффекте, удовлетворяющем какие-либо потребности отдельного человека или общества в целом»	Ширай В.И. Мировая экономика и международные отношения: Учебное пособие. М.: Дашков и К, 2003. С. 226.
«сервис — это деятельность, связанная с поддержанием, сохранением, восстановлением потребительных свойств товара, выражающаяся в предпродажном и послепродажном его обслуживании продавцом в интересах потребителя как средство повышения их заинтересованности в приобретении товара и изготовителя (создание сервисных центров), что в совокупности способствует ускорению оборачиваемости товарной массы, реализации в торговле».	Лазарев В.А. Туризм в системе общественного разделения труда: теоретико методологический аспект // Екатеринбург, 2012. С. 45.
Сфера услуг совокупность отраслей, подотраслей и видов деятельности, функциональное назначение которых в системе производства выражается в производстве и реализации услуг и духовных благ для населения.	Раджабов Р.К., Факеров Х.Н., Нурмахмадов М., Саидова М.Х. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития. - Душанбе: Дониш, 2007. 544с.

Источник: Составлено автором на основе исследования различных трактовок категории услуги.

На основании мнений учёных можем предложить следующее определение. Социальные услуги — это система мер, направленных на предоставление помощи гражданам, находящимся в сложных жизненных ситуациях, а также уязвимым категориям населения. Эти услуги могут включать социально-бытовую, медицинскую, психологическую, правовую помощь, поддержку в социальной адаптации и реабилитации. Социальные услуги предоставляются как государственными, так и негосударственными организациями и могут оказываться на дому, в полустационарных или стационарных учреждениях.

Следовательно, нужно отметить, что социальные услуги особенно востребованы части уязвимых граждан, которые нуждаются в наибольшей защите и поддержке. Пользователем социальных услуг считаются гражданин, признанный нуждающимся в соцподдержке, которому предоставляются одна или несколько социальных услуг.

В качестве оказывающих услуг являются как государственные, так и негосударственные организации.

Содействие неправительственных организаций в оказании социальных услуг имеет двойную цель. С одной стороны, оно обеспечивает доступность определенных услуг, где государственные учреждения могут отсутствовать. С другой стороны, оно способствует повышению общего качества предоставляемых услуг.

Пользователями социальных услуг получают одну или несколько услуг из перечня, утвержденного нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, с учетом индивидуальных потребностей и разработанной программы поддержки. К ним относятся социально-бытовые услуги, направленные на обеспечение получателей социальных услуг повседневной жизнедеятельности в домашних условиях. К таким услугам относятся помощь в приготовлении и приеме пищи, смена постельного белья, подгузников и впитывающих нательных постельных принадлежностей, а также организация визитов к врачу и сопровождение на прием к врачу.

Социальные и медицинские услуги предназначены для поддержки и сохранения здоровья получателей услуг. Эти услуги включают предоставление ухода, помощь в проведении медицинских процедур и регулярный мониторинг получателей для выявления любых проблем со здоровьем. Примерами таких услуг являются консультации по медицинским вопросам, помощь в управлении приемом лекарств, и поддержка для обеспечения благополучия получателя.

Социальные и психологические услуги направлены на помощь получателям услуг в улучшении их психического благополучия и содействии их интеграции в общество. Это включает в себя предложение анонимной психологической поддержки через горячие линии, а также другие формы помощи, направленные на решение проблем психического здоровья.

Социальные и педагогические услуги направлены на предупреждение поведенческих и возрастных отклонений у получателей. Они способствуют формированию позитивных интересов, организации досуговой деятельности и поддержке процесса воспитания подрастающего поколения. Данные услуги могут включать проведение сеансов чтения, предоставление доступа к книгам и журналам, консультирование по вопросам социальной реабилитации, а также обучение навыкам ухода для лиц, осуществляющих уход за тяжелобольными.

Социальные и юридические услуги направлены на помощь получателям в доступе к юридической поддержке и защите их законных прав. Эти услуги также включают социальную и трудовую поддержку, направленную на помощь лицам с трудоустройством и решение вопросов, связанных с трудовой адаптацией [4, с. 128].

Срочные социальные услуги включают оперативное предоставление необходимой поддержки, такой как бесплатное питание, одежда и другие предметы первой необходимости. Данные услуги также охватывают помощь в обеспечении временного жилья, юридическое сопровождение, экстренную психологическую поддержку и другие ключевые меры, направленные на удовлетворение неотложных потребностей граждан.

«Социальные услуги характеризуются специфическими особенностями, которые необходимо учитывать при реализации государственных программ. Несмотря на наличие множества возможностей для отдельных групп граждан в получении доступа к социальным услугам, я полагаю, что механизмы их предоставления не являются полностью развитыми»С Это представляет собой значительную проблему, требующую внимания. Одним из потенциальных решений данной проблемы является акцент на кадровом обеспечении сектора социальных услуг. Эта область требует наличия квалифицированных специалистов, которые не только обладают необходимыми личными качествами для работы с определенными группами населения, но и имеют соответствующий набор знаний и компетенций в данной сфере.

Рассмотрим объем оказания социальных услуг населению по формам собственности за 2020-2023гг. (таблица 2.).

Проведенное исследование показало, что развивается частный сектор. В НСР-2030 отмечается ожидание роста населения страны. Так по прогнозам этой программы число населения страны до 2030г. достигнет 11,5 млн. человек [13, с. 37].

Таблица 2. Распределение объема услуг, в том числе платных услуг, оказанных населению по формам собственности за 2020-2023гг. Республики Таджикистан (млн. сомони)

Наименование	**Годы**				**Отклонение 2023г к 2020г в разы**	
	2020	**2021**	**2022**	**2023**	**+,-**	**%**
Платные услуги, всего	**13205,2**	**15165,3**	**20358,8**	**23840,1**	+10634,9	180,6
в том числе: государственная собственность	2824,8	3509,3	4349,0	4574,7	+1749,9	161,9
негосударственная собственность	10380,4	11656,0	16009,8	19265,4	+ 8885,0	185,6

в том числе: **бытовые**	**4253,8**	**4379,6**	**4937,4**	**5316,3**	+ 1062,5	124,9
государственная собственность	77,7	96,7	92,1	111,4	+ 33,7	143,4
негосударственная собственность	4176,1	4282,9	4845,3	5204,9	+ 1028,8	124,6
пассажирского транспорта	**1394,2**	**1376,9**	**3879,2**	**4555,3**	+ 3161,1	3,3 раз
Государственная собственность	392,1	328,4	462,6	469,6	+ 77,5	119,8
негосударственная собственность	1002,1	1048,5	3416,6	4085,7	+3083,6	4,1 раз
Связи	1973,2	2303,3	**2596,9**	**4389,7**	+2416,5	2,2 раз
Государственная собственность	18,8	61,5	70,4	72,0	+53,2	3,8 раз
негосударственная собственность	1954,4	2242,1	2526,5	4317,7	+2363,3	2,2 раз
жилищно-коммунальные	**140,3**	**137,6**	**154,0**	**196,7**	+56,4	140,2
государственная собственность	90,0	83,6	100,0	111,6	+21,6	124,0
негосударственная собственность	50,3	54,0	54,0	58,1	+7,8	115,5
системы образования	**1841,1**	**2125,2**	**2096,4**	**2275,3**	+434,2	123,6
государственная собственность	1100,2	1181,5	1232,1	1231,8	+131,6	111,9
негосударственная собственность	740,9	943,7	864,3	1043,5	+302,6	140,8
культуры	**56**	**66,1**	**68,1**	**54,7**	-1,3	97,7
государственная собственность	6,8	5,8	6,8	6,4	- 0,4	94,1
негосударственная собственность	49,2	60,3	61,3	48,3	- 0,9	98,2
туристско-экскурсионные	**2,4**	**3,8**	**5,7**	**5,0**	+2,6	2,1 раз
государственная собственность	0,9	-	-	-	+0,9	
негосударственная собственность	1,5	3,8	5,7	5,0	+3,5	3,4 раз
физ. культуры и спорта	**2,5**	**2,3**	**2,2**	**6,0**	+2,4	2,4 раз
государственная собственность	0,6	0,4	0,4	0,4	-0,2	66,7
негосударственная собственность	1,9	1,9	1,8	5,6	+3,7	2,9
медицинские	**687,9**	**826,6**	**826,6**	**913,9**	+ 226,0	132,9
государственная собственность	217,8	277,9	297,2	323,7	+ 105,9	148,6
негосударственная собственность	461,1	548,7	529,4	590,2	+129,1	127,9
санаторно- оздоровительные	**29,7**	**42,0**	**60,5**	**59,8**	+30,2	2,0 раз
государственная собственность	13,8	19,2	33,2	33,1	+ 19,3	2,4 раз
негосударственная собственность	15,9	22,8	27,3	26,7	+ 10,8	167,0
правового характера и банковских учреждений	**1324,0**	**1228,8**	**2209, 7**	**1911,7**	+587,7	144,4
государственная собственность	526,9	396,5	556,8	514,5	-12,4	97,6
негосударственная собственность	797,1	832,3	1652,9	1397,2	+ 600,1	797,1
другие услуги	**1575,7**	**2557,5**	**3344,3**	**4019,4**	+2443,7	2,6 раз
государственная собственность	366,0	972,6	1390,7	1579,8	+1213,8	4,3 раз
негосударственная собственность	1209,7	1584,9	1953,6	2439,6	+ 229,9	2,0 раз

Источник: разработано автором на основе Статистический ежегодник Республики Таджикистан за 2024 // Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - 2024. – С. 441 [364-365].

Как показывают данные табл. 1. в общем объеме производства услуг большую долю занимает негосударственная собственность (80,8%). Все это приводит к ускорению развития сферы социальных услуг в стране. За рассматриваемый период, средние, малые и индивидуальные предприниматели начали увеличивать производство таких услуг как бытовые, образовательные, медицинские и др.

Вместе с тем в стране намечается незначительная доля государственных учреждений в производстве услуг (19,2%). Со стороны государственных учреждений большую долю оказания услуг обеспечивают пассажирского транспорта, санаторно-оздоровительные, услуги связь, медицинские, культурные, физическая культура и спорт которые играют весьма значительную роль для развития человеческого капитала.

За исследуемый период развитие сферы услуг по республике имеет положительную тенденцию. Например, за 2020-2023гг. объем реализации всех видов услуг увеличился в 180,6 раза.

Важно отметить, что в сфере услуг, значительный рост имеют такие социальные услуги, как пассажирского транспорта 3,3 раза, связи 2,2 раза, физическая культура и спорта 2,4 раза, туристско-экскурсионные 2,1 раза, санаторно- оздоровительные 2,0 раза и другие услуги 2,6 раз.

В 2020г. доля бытовых услуг составила 32,2% от общего объема производства услуг, и это показатель в 2023г, соствлено до 22,3%. Удельный вес негосударственных бытовых услуг в 2023г. и эти услуги в анализируемый период увеличились на 97,9%. На рынке образовательных услуг на 9,5%, что опирается на

реализацию негосударственный программ. Доля медицинских услуг если в 2020г. составило 5,2%, то в 2023г. этот показатель уменьшился до 3,8% от объема платных услуг. В структуре государственных медицинских услуг наблюдается в 2023г. эти услуги в негосударственном секторе увеличились в 64,6%, что свидетельствует о развитии частного сектора.

Обсуждение. Таким образом, анализ динамики уровня развития социальных услуг в республике показывает, что показатели из года в год увеличиваются, особенно частный сектор. Причиной, на наш взгляд, является поэтапное сбалансирование развитие производственных и сферы услуг, создание новых учреждений предоставления услуг, улучшение предпринимательской среды со стороны государственных учреждений, что способствует увеличению негосударственных предприятий.

Заключение. Несмотря на наличие различных механизмов предоставления услуг, требуется дальнейшее развитие этой системы, включая совершенствование кадрового обеспечения и повышение квалификации специалистов. Эффективная реализация социальных программ напрямую зависит от комплексного подхода и учета индивидуальных потребностей получателей услуг. В результате улучшения этих аспектов можно повысить доступность и качество социальной помощи, что способствует укреплению социальной стабильности и улучшению благосостояния граждан.

Литература

1. Артамонов И. И. Развитие сферы социальных услуг региона в контексте становления социального государства / И. И. Артамонов // Региональная экономика: теория и практика. — 2019. — № 16. — С. 144–147.
2. Буянова М.Ю. Социальное обслуживание граждан России в условиях рыночной экономики (теоретико-правовой аспект). АВТОРЕФЕРАТ диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук. По специальности 12.00.05 - трудовое право; право социального обеспечения. –М. – 2003. С. 64.
3. Гафарзода М.Т. Совершенствование механизма государственной поддержки и регулирования социальной сферы в Республике Таджикистан. Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.12 - Экономика труда. — 2025. — С. 79.
4. Грачева, Е. В. Современные аспекты и перспективы развития социальной поддержки и оказания социальных услуг населению в Российской Федерации / Е. В. Грачева, В. С. Минаев, Т. А. Пастух. — Тула: ООО «Тульский полиграфист 1», 2024. — 130 с.
5. Гречкина, О. В. Социальные и социально значимые услуги в системе публичных услуг / О. В. Гречкина // Законы России: опыт, анализ, практика. — 2022. — № 11. — С. 36–41.
6. Набатова, И. В. Совершенствование системы социальной защиты населения города на основе интеграции социальных обязательств и адресности предоставления услуг: специальность 08.00.05 «Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности": диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Набатова Ирина Владимировна. — Нижний Новгород, 2021. — 168 с.
7. Marshall T.H. The right to welfare and other essays. London: Heinemann Educational Books, 1981. P. 12.
8. Романычев, И. С. Предоставление социально-правовых услуг в организациях социального обслуживания: Методическое пособие посвящено проблемам оказания социально-правовых услуг в организациях социального обслуживания / И. С. Романычев. — Москва: Институт дополнительного профессионального образования работников социальной сферы, 2019. — 47 с.
9. Сергеева, М. С. Социальные услуги Российской Федерации: понятие, признаки, классификация / М. С. Сергеева. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2024. — № 47 (546). — С. 101-104. — URL: https://moluch.ru/archive/546/119436.
10. Солиев Н.Н., Азизов С.А., Назарзода Н.Н. Оценка и анализ устойчивого развития торговли платежными услугами населению в республике таджикистан/ Р. Г. Гулмуродзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Душанбе, –2025. –№1(56). –С. 400-405, УДК: 368.916, ISSN 2308–054X
11. Тагоева Р.Г., Низамова Т.Д. Пути совершенствования формирования механизма управления развитием сферы социальных услуг. Монография /Под общей редакцией – Душанбе: 2022,151 стр.
12. Тюстина, Е. А. К вопросу о предоставлении социальных услуг и государственных услуг Фондом социального страхования Российской Федерации / Е. А. Тюстина // Сборник конференций: Сборник материалов международных научно-практических конференций, Москва, 30 апреля 2018 года / Под редакцией А. А. Коротких. — Москва: Индивидуальный предприниматель Коротких А. А., 2020. — С. 374–381.
13. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030г. -Душанбе. - 2016.- С. 37.

УДК:336.2:336.227

БАЪЗЕ РАВИШҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДОИР БА ТАТБИҚИ АНДОЗБАНДИИ АКСИЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Солиев Нодирҷон Амрохонович
муаллими калони кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 908833845. E-mail: nodir@listl.ru
Раҳимзода Фирузи Мадкарим
ассистенти кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Андозбандии аксизӣ қисми хеле муҳимми системаи андози аксари мамлакатҳо мебошад. Барои фаҳмидани моҳият ва ҳадафи вазифавии андози аксиз равишҳои гуногуни илмӣ мавҷуданд. Дар ин мақола равишҳои мухталифи баъзе намояндагони афкори иқтисодӣ ба фаҳмиши андозбандии аксизӣ баррасӣ шудааст. Таҳлили нишонаҳои дохил намудани молҳо ба номгӯи молҳои зераксизӣ ва мақсади вазифавии андозҳои аксизӣ гузаронида шудааст. Дар асоси маълумоти пешниҳодшуда равиши нав барои дарки моҳияти андози аксиз пешниҳод карда шудааст.

Вожакалимаҳо: андозҳо, андозбандии ғайримустақим, аксизҳо, андозбандии аксизӣ, сиёсати андоз, молҳои зераксизӣ, механизм.

НЕКОТОРЫЕ НАУЧНЫЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ВНЕДРЕНИЮ АКЦИЗНОГО НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Солиев Нодиржон Амрохонович
старший преподаватель кафедры финансовой экономики и биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +992 908833845. E-mail: nodir@listl.ru
Рахимзода Фирузи Мадкарим
ассистент кафедры финансовой экономики и биржевой деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Акцизное налогообложение является очень важной частью налоговых систем большинства стран. В понимании сущности и функциональному предназначению акцизного налога существуют различные научные подходы. В данной статье рассмотрены различные подходы некоторых представителей экономической мысли к пониманию акцизного налогообложения. Проведено анализ критериев отнесения товаров к списку подакцизной продукции и функционального предназначения акцизов. На основании изложенных данных предложено новый подход к пониманию сущности акцизного налога.

Ключевые слова: налоги, косвенное налогообложение, акцизы, акцизное налогообложение, налоговая политика, подакцизные товары, механизм.

SOME SCIENTIFIC AND THEORETICAL APPROACHES TO THE IMPLEMENTATION OF EXCISE TAXATION IN MODERN CONDITIONS

Soliev Nodirzhon Amrokhonovich
Senior Lecturer, Department of Financial Economics and Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Phone: +992 908833845. E-mail: nodir@listl.ru
Rahimzoda Firuzi Madkarim
Assistant, Department of Financial Economics and Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Phone: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Excise taxation is a very important part of the tax systems of most countries. There are various scientific approaches to understanding the essence and functional purpose of the excise tax. This article examines the different approaches of some representatives of economic thought to understanding excise taxation. An analysis of the criteria for including goods in the list of excisable products and the functional purpose of excise taxes was carried out. Based on the presented data, a new approach to understanding the essence of excise tax is proposed.

Key words: taxes, indirect taxation, excise taxes, excise taxation, tax policy, excisable goods, mechanism.

Муқаддима. Андозҳои ғайримустақим (бавосита) - андозҳое мебошанд, ки дар шакли иловапулӣ ба нархи фурӯши мол, кор ва хизматрасонӣ ситонида мешаванд. Яке аз андозҳои асосӣ, ки дар ташаккули буҷети давлатӣ нақши муҳим дорад андози аксиз ба шумор меравад. Ҳамчун андози ғайримустақим, андози аксиз хосияти регрессивӣ дошта, барои ташаккули фоидаи аз ҳад зиёд монеа мегардад ва чун қоида, барои молҳои

даромаднокиашон хело зиёд муқаррар карда мешавад, то ки аз фоидаи аз ҳад зиёди истеҳсолкунандагони чунин молҳо андоз барои буҷети давлатӣ ҷамъоварӣ карда шавад.

Равишҳои илмӣ-назариявӣ доир ба татбиқи андозбандии аксизӣ дар шароити муосир то кунун мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Равишҳои илмӣ вобаста ба намудҳои мухталифи андоз дар асарҳои арзишманди олимони варзидаи дохилию хориҷӣ ба монанди В.Д. Сабуров, А.А. Солеҳзода, М. Салимова, Ф.Ҷ. Касирова, С.А.Деҳқонов, Ш.М.Гулов, А.А.Бегматов, И.Р.Иброҳимзода, К.К.Раҷабов, И.А. Майбуров, Л.И. Гончаренко, Ю.Б. Иванов, Е. Киров, Е.Н. Вишневская, Д.К. Грунин ва дигарон инъикос меёбад.

Мақсади таҳқиқот ин муайян кардани равишҳои илмӣ-назариявӣ дар самти татбиқи андозбандии аксизӣ ва нақши он дар ҳалли мушкилоти соҳа ба ҳисоб меравад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси иттилоотии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба андоз ва андозбандии аксизӣ, муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи таҷрибаи байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот усулҳои таҳлил ва синтез, муқоиса, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти илмӣ истифода гардида, равишҳо ба моҳият ва вазифаҳои андози аксиз, инчунин меъёрҳои ба рӯйхати молҳои зераксизӣ дохил намудани молҳо муқоиса ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Таҳлили таҳқиқотҳои солҳои охир гувоҳ аз он аст, ки андозбандии аксизӣ барои аксари давлатҳо ҳамчун муаммо боқӣ монда, ҳиссаи он дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатҳо назаррас мебошад. Он дар баъзе давлатҳо дар шакли андози фурӯш низ амал мекунад. Бинобар ин таҳқиқотҳо дар ин самт рӯзмарра арзёбӣ мегардад.

Андоз бешубҳа категорияи бисёрҷанба ва мураккаб буда, пеш аз ҳама, хусусиятҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Хосияти маҷмуии категорияи андоз дар он ифода меёбад, ки бо як таъриф ифшо намудани мазмуни он имконнопазир аст. Ғайр аз ин, дар асарҳои иқтисодчиёни мамлакатҳои гуногун миқдори зиёди таърифи мафҳуми андоз мавҷуд аст, ки ҳар яки онҳо ба яке аз ҷузъҳои зиёди ин мафҳум, аз қабили баробарӣ, объективӣ, хусусияти ҳуқуқӣ ё иқтисодӣ тааллуқ доранд. Аммо душвориҳои муайян дар муайян кардани моҳият ҳам дар консепсияи умумӣ ва ҳам дар унсурҳои алоҳидаи низоми андоз ва намудҳои андозҳо мавҷуданд ва дар ин мақола ба андозбандии аксизӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад.

Яке аз андозҳои асосӣ, ки дар ташаккули буҷети давлатӣ нақши муҳим дорад андози аксиз ба шумор меравад. Ҳамчун андози ғайримустақим, андози аксиз хосияти регрессивӣ дошта, барои ташаккули фоидаи аз ҳад зиёд монеа мегардад ва чун қоида, барои молҳои даромаднокиашон хело зиёд муқаррар карда мешавад, то ки аз фоидаи аз ҳад зиёди истеҳсолкунандагони чунин молҳо андоз барои буҷети давлатӣ ҷамъоварӣ карда шавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба моҳияти андози аксиз равишҳои гуногуни илмӣ таҳия шудаанд. Коллективи муаллифони рус А.В. Тихонова, О. Юшкова ва Д.Ю. Шокирова “...аксизро ҳамчун андози ғайримустақим мефаҳманд, ки дар намуди иловапулӣ ба нархи маҳсулот амал мекунад” [7. с, 87]. Илова бар ин, ин муаллифон ба он таваҷҷӯҳ мекунанд, ки ин андоз ҳам вазифаҳои фискалӣ ва ҳам танзимкунандаро баробар иҷро мекунад, зеро аксар вақт ба маҳсулоти зераксизӣ молҳои ба саломатӣ зараровар дохил мешаванд.

Г.Н. Семенова қайд намудааст, ки “...хусусияти асосии андози аксизӣ дар он аст, ки он танҳо ба гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо дахл намуда, бештар сатҳи нархро муайян намуда, ба талабот таъсир мерасонад” [6. с, 253]. Ҳамзамон, ин муаллиф андози аксизро яке аз сарчашмаҳои устувори даромадҳои буҷет номида, принсипҳои ташаккули номгӯи маҳсулоти зераксизиро нишон додааст:

- молҳои барои тамоми алоҳида аввалиндараҷа ва зарурӣ маҳсулоти зераксизӣ шуда наметавонанд;
- мақсади муқаррар намудани андози аксиз гирифтани фоидаи зиёдатӣ аз фурӯши маҳсулоти сердаромад (молҳои аксизӣ) ба буҷет мебошад;
- давлат барои маҳдуд кардани истеъмоли молҳое, ки ба саломатии одамон зарар мерасонад, кушиш мекунад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар воқеъ аксизҳо аксар вақт нисбат ба молҳои сердаромад муқаррар карда мешаванд.

М.С. Власова ва О.В. Суханов “...андози аксизро ҳамчун як намуди андозҳои ғайримустақим аз молҳое, ки асосан барои истеъмоли оммавӣ пебинӣ шудаанд, шарҳ медиҳад” [1. с, 85].

Равиши М.Р. Пинская хеле ҷолиб буда, аксизро ба универсалӣ ва инфиродӣ ҷудо намудааст. “...Аксизи универсалӣ аз арзиши тамоми муомилоти умумӣ (андоз ваз арзиши иловашуда ва андоз аз фурӯш), аксизи инфиродӣ бошад, аз намудҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо ҷамъоварӣ карда мешавад” [5. с, 79].

Мувофиқи муқаррароти банди 33-юми моддаи 2-юми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон “...андози аксиз - андози ғайримустақим мебошад, ки андозсупоранда маблағи онро барои пардохт ба буҷет бо зам намудани ин андоз ба нархи фурӯши мол (кор ва хизматрасонӣ)-и зераксизӣ аз истеъмолкунанда мегирад ва ё ҳуқуқи гирифтанро дорад” [4. с, 24].

Муносибат ба андози аксиз дар байни муҳаққиқони хориҷӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Муҳаққиқони хориҷӣ вазифаи фискалӣ ва танзимкунии андозҳоро хоси андози аксиз ҳисобида, вале қайд менамоянд, ки барои анзоди аскиз вазифаи фискалӣ ҷойи асосиро ишғол намуда, вазифаи танзимкунӣ дар ҷойи дуюм меистад. Аксар вақт таъкид мешавад, ки пардохтҳои аксизӣ, пеш аз ҳама, андоз аз фаъолияти соҳибкорӣ буда, даромадҳои давлат аз ин пардохтҳо қисми хурд ва ноустувори даромади буҷетро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки даромад аз андози аксиз барои эҳтиёҷоти мушаххаси ҷомеа, ки аксар вақт бевосита ба маҳсулот ё фаъолияте, ки андозбандӣ мешавад, алоқаманд аст.

Як нуқтаи муҳимми омӯзиши мавзӯи андозбандии аксизӣ нишонаҳои гурӯҳбандии молҳо ба сифати молҳои зераксизӣ ба шумор меравад. “...Дар бисёр кишварҳо молҳои асосии зераксизӣ машрубот ва маҳсулоти

тамоку, инчунин сӯзишворӣ мебошанд. Зарурати андозбандии аксизӣ на танҳо бо мақсади ба даст овардани даромадҳои зиёди андозӣ ба буҷети давлат, инчунин бо мақсади маҳдуд кардани истеъмоли маҳсулоти ба саломатии одамон зараровар, тавассути баланд шудани нархи чунин молҳо, асоснок карда мешавад" [8. с, 352].

Бо вуҷуди ин, дар аксари кишварҳо дар интихоби молҳои зераксизӣ нишонаҳои ягона вуҷуд надорад, аммо дар таҷрибаи байналмиллалӣ се аломати асосии андозбандии аксизиро метавон ҷудо кард:

- молҳои истеъмоли оммавӣ бо нархи пасти чандирии талабот (бензин, қанд, намак ва ғайра);
- молҳои дорои талаботи маҳдуд бо нархи баланди истеъмолӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии мамлакат (молҳои заргарӣ, чармӣ, мошинҳо);
- молҳое, ки ба саломатии шаҳрвандони мамлакат имкони зарар расонидан доранд (маҳсулоти спиртӣ, тамоку, сӯзишворӣ).

Бояд қайд намуд, ки баъзе молҳои зераксизӣ метавонанд якбора ба якчанд нишонаҳои мазкур мувофиқат намоянд. Ҳамин тариқ, тамоку ва дигар маҳсулоти ивазкунандаи он, инчунин машрубот дар як вақт молҳои дорои талаботи ноустувор буда, ба истеъмолкунандагон таъсири манфӣ мерасонад ва дар баробари ин, барои одамони мушаххас арзиши истеъмолии баланд доранд.

Бо назардошти чунин нишонаҳо, дар бисёре аз мамлакатҳои пешрафта молҳои зераксизие мавҷуданд, ки характери экзотикӣ доранд. Масалан, дар Шветсия аз партовҳо, дивидендҳо, молҳои баркӣ, нуриҳо ва реклама андози аксиз гирифта мешавад. "...Дар Шветсия аксари андозҳои аксизӣ на танҳо барои пур кардани қисми даромади буҷет ҷорӣ карда мешаванд, балки бо масъалаҳои молиявӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ алоқаманд мебошад" [2. с, 70].

Системаи андози Эстония бо мавҷудияти андози аксизӣ аз маҳсулоте, ки барои бастабанд истифода мешавад, фарқ карда, объекти он маҳсулотест, ки аз ҳама гуна мавод барои нигоҳ доштан, ҳифз, истифода, таҳвил ё пешниҳоди молҳо дар давраи мавҷудияти худ истифода мешавад. Андози аксиз дар Зеландияи Нав ба ғайр аз стандарти номгӯи молҳои зераксизӣ, аз яхмос, маҳсулоти хӯрокворию дорои спирт ва дар Эстония аз қаҳва гирифта мешавад.

Ҳамин тариқ, дар таҷрибаи байналхалқӣ ба рӯйхати молҳои зераксизӣ молҳои гуногун дохил шуда метавонанд, ки на ҳамеша ба меъёрҳои классикӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Мувофиқи моддаи 281-уми Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандӣ молҳои зераксизӣ ва амалиётҳои андозбандишаванда бо онҳо, инчунин намудҳои фаъолияти зераксизӣ мебошанд.

Пардохти аксиз барои молҳои зераксизӣ дар маҳалли бақайдгирии супорандаи аксиз амалӣ карда мешавад. Супорандагони андози аксиз аз рӯи молҳои зераксизӣ, ки дорои воҳидҳои алоҳида мебошанд, андози аксизро дар маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳида, ки истеҳсоли молҳои зераксизиро анҷом медиҳанд, месупоранд.

Мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аксиз барои намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи баркӣ бояд ба буҷет дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда (новобаста ба мавҷудияти воҳидҳои алоҳида) супорида шавад. Супорандагони аксиз эъломияҳои андозро бо замима намудани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои қабулшуда ва (ё) ирсолшуда мувофиқи шакли тасдиқшуда, на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз давраи ҳисоботии андоз фаро мерасад, пешниҳод менамоянд.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки супорандагони аксиз аз рӯи молҳои зераксизӣ дорои воҳидҳои алоҳида ҳамзамон бо эъломия ҳисобҳои аксиз барои воҳидҳои алоҳидаро пешниҳод менамоянд. Эъломия оид ба пардохти аксизҳо барои хизматрасониҳо дар соҳаи алоқаи баркӣ на дертар аз санаи 10-уми моҳи баъд аз давраи ҳисоботии андоз ба мақомоти андозе, ки андозсупоранда дар он ба ҳисоб гузошта шудааст, пешниҳод карда мешавад.

Акнун биёед нишона ё меъёрҳоеро баррасӣ намоем, ки аз рӯи онҳо молҳои гуногунро ба рӯйхати молҳои зераксизӣ дохил кардан мумкин аст.

1. Нишонаи истеъмоли оммавии молҳои зераксизӣ. Ба номгӯи чунин молҳои зераксизӣ молҳои истеъмолии васеъ ё ба таври оммавӣ истифодашаванда бо чандирии нархҳои паст ё ҳатто сифрии талабот дохил мешаванд; баланд шудани нархи ин гуна молҳо ба ҳаҷми истеъмол амалан таъсир намерасонад. Ба чунин молҳои зераксизӣ инҳо дохил мешаванд: сузишворӣ, қанд, намак, бензин, қувваи барқ.

2. Нишонаи арзиши истеъмолии молҳои зераксизӣ. Чунин молҳои зераксизӣ молҳоеро дар бар мегиранд, ки талаботи маҳдуд доранд, вале дар айни замон барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии мамлакат арзиши баланди истеъмолӣ доранд. Дар баъзе мавридҳо, андози аксизӣ аз ин молҳо метавонад шакли андози калонҳаҷмро дошта бошад. Ба ин гурӯҳи молҳои зераксизӣ инҳо дохил мешаванд: маҳсулоти заргарӣ, мошинҳои гаронарзиш, пусти пурқимат, маҳсулоти озуқаворию қиматбаҳо.

3. Нишонаи зарари расонидаи молҳои зераксизӣ. Ба чунин молҳои зераксизӣ молҳое дохил мешаванд, ки иқтидори расонидани зарар ба шаҳрвандони мамлакат, ба муҳити зист, ба соҳаи иҷтимоӣ ё иқтисодии давлатро доранд. Ба чунин молҳои зераксизӣ инҳо дохил мешаванд: маҳсулоти спиртӣ, маҳсулоти тамоку, сӯзишворӣ, шакар, системаҳои интиқоли электронии никотин.

4. Нишонаи ситуатсионии ё вазъи молҳои зераксизӣ. Қарор дар бораи ба номгӯи маҳсулоти зераксизӣ дохил намудани гурӯҳи муайяни молҳо на танҳо бо имкони ба даст овардани даромадҳои андозӣ, балки бо назардошти бо вазъи мушаххаси давлат, ки аз мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст, муайян карда мешавад. Тибқи ин нишона, комилан ҳама гуна молҳо метавонанд ба рӯйхати маҳсулоти зераксизӣ дохил карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки се нишонаи аввал нишонаҳои “классикӣ” буда, дар равишҳои муҳаққиқони гуногун оид ба мавзӯи андозбандии аксизӣ барои фаҳмидани моҳияти худи андози аксиз ва мафҳумҳои асосии он инъикос ёфтаанд.

Ба андешаи мо, маҳз нишонаи ситуатсионии ё вазъи молҳои зераксизӣ ҳалкунанда ва се нишонаи дигар ёридиҳанда буда, имкон медиҳад, ки моҳияти андози аксиз равшантар ошкор карда шуда, масъалаи дохил кардани молҳо ба рӯйхати молҳои зераксизӣ дурусттар асоснок карда шавад. Таҷрибаи андозбандии ҳама гуна молҳои зераксизӣ дар ҳама гуна низоми андозбандии ҳамаи давлатҳо, пеш аз ҳама, маҳз аз рӯи нишонаи ситуатсионии ё вазъи молҳои зераксизӣ амалӣ карда мешавад.

“...Бояд қайд кард, ки омили муҳимтарини гурӯҳбандии ҳама гуна молҳо ба сифати молҳои зераксизӣ дар бисёр кишварҳо нокифоягии даромадҳои буҷет, яъне эҳтиёҷоти буҷетӣ мебошад, ки аз як тараф, аз мавқеи комилан табиист, вале аз тарафи дигар, чунин амал тавозуни андозро вайрон карда, афзалияти вазифаи фискалии андозро зиёд мекунад. Дар натиҷа системаи андоз метавонад бо оқибатҳои гуногуни манфӣ, аз қабили саркашӣ аз пардохти андози аксизӣ, паст шудани сифати молҳои зераксизӣ ва боз ҳам бештар шудани касри буҷет рӯ ба рӯ шавад” [3. с, 45].

Ҳамин тариқ, мо метавонем як хусусияти муҳимми андози аксизро қайд кунем, ки ин андоз аз молҳое пардохта мешавад, ки давлат андозбандии онҳоро дар ҳолати мушаххаси рушди иқтисодӣ-иҷтимоии худ мувофиқ мешуморад.

Ҳамин тариқ, мо гурӯҳбандии зерини андози аксизро, барои дақиқтар фаҳмидани моҳияти он пешниҳод кунем:

- тибқи усули андозбандӣ аксиз ба андозҳои ғайри музди меҳнат мансуб аст, яъне уҳдадории ҳисоб ва пардохти андози аксиз ба зиммаи худи андозсупоранда гузошта мешавад;
- аз рӯи усули ҷамъоварӣ аксиз ба андозҳои ғайримустақим дохил карда мешаванд;
- вобаста ба субъекти пардохт аксиз нисбат ба пардохтҳои ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ татбиқ мешаванд; вобаста ба хусусияти истифодаи андоз, аксиз метавонанд ҳам андози ғайримақсаднок ва ҳам андози мақсаднок (вобаста ба мамлакат) бошанд;
- нисбат ба сатҳи ҳукумат ва идоракунӣ, аксиз, чун қоида, ба андозҳои давлатӣ мансуб аст;
- вобаста ба истифодаи даромадҳои андоз андози аксиз ҳамчун андози танзимкунанда тасниф мешавад, зеро он ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун дохил карда мешавад.

Хулоса. Ба таври хулоса метавон қайд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳими такмилдиҳии минбаъдаи андозбандии аксизӣ нигаронидани вазифаи системаи андоз аз фискалӣ ба ҳавасмандкунӣ мебошад. Ин чорабинӣ имкон медиҳад фишангҳои давлатии танзими андоз бо пуррагӣ, бе расонидани зарар ба иқтисодиёт, истифода бурда шуда, барои рушди иқтисодӣ ва афзоиши воридоти сармоя ба соҳаи истеҳсолӣ шароит фароҳам оварда шавад, ки он дар навбати худ имкон медиҳад барои таъмини воридоти устувори андозҳо ба системаи буҷетӣ заминаи устувор ба вуҷуд оварда шавад.

Адабиёт

1. Власова М.С. Налоги и налогообложение: учебное пособие / М.С. Власова, О.В. Суханов. - М.: КноРус. - 2020. - 216 с.
2. Джафарова З.К. Проблемы системы акцизного налогообложения и перспективы совершенствования / З.К. Джафарова, С.А. Курбанов // Журнал прикладных исследований, - 2021. №5. - С. 65-72
3. Калабин К.Ю. Совершенствование институциональной модели системы акцизного налогообложения / К.Ю. Калабин // Финансовые рынки и банки. - 2022. - №3. - С.42-47.
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3. - 2022.
5. Пинская М.Р. Основы теории налогов и налогообложения: монография / Пинская М.Р. - М.: Палеотип, 2019. - 216 с.
6. Семенова, Г.Н., Государственные налоги и сборы: учебник / Г.Н. Семенова. - М.: КноРус. - 2022. - 498 с.
7. Тихонова А.В. Налоги и налогообложение: учебник / А.В. Тихонова, О.О. Юшкова, Д.Ю. Шакирова [и др.]; под ред. Л.И. Гончаренко. - М.: КноРус. - 2022. - 239 с.
8. Чукарина А.А. Проблемы и эффективность акцизного налогообложения в современнҷх условиях / А.А. Чукарина // Молодой ученый. - 2022. - №48 (443). - С. 349-355.

УДК: 342.415

УСТУВОРИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ ИСТЕҲСОЛОТ ҲАМЧУН ОМИЛҲОИ ТАҚВИЯТИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бобошоҳзода Шоҳин Муҳаммадшариф

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33. тел: +992 (93) 787 7172, эл. почта: shohin90@mail.ru

Умарова Манижа Саидаҳмадовна

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассисенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллӣ. Суроға: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Носир, 33. Телефон: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

Маҳамадиева Гулнора Абдучалиловна

муаллими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33. Тел.:011492121. Почтаи электронӣ: gulnora.mahamadieva@yandex.ru

Дар мақола масъалаи устувории макроиқтисодӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот ҳамчун ду самти асосии таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил мегардад. Дар шароити афзоиши вобастагиҳои беруна, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ, фишори воридотӣ, болоравии аҳамияти интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва зарурати саноатикунонии босуръат амнияти иқтисодӣ бояд на танҳо ҳамчун ҳолати муҳофизати иқтисод, балки ҳамчун қобилияти фаъолонаи давлат барои ташкили рушди устувор фаҳмида шавад.

Дар таҳқиқот маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва гузоришҳои Бонки Ҷаҳонӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки афзоиши ММД, рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, сохтмон, савдо, энергетика ва афзоиши даромадҳои буҷетӣ заминаи мусбат фароҳам меоранд, аммо нобаробарии савдои хориҷӣ, воридоти баланди гандум, вобастагӣ аз интиқоли маблағҳо ва нокифоя будани коркарди саноатии маҳсулоти дохилӣ ҳамчун хавфҳои воқеӣ боқӣ мемонанд. Хулоса мешавад, ки таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ба гузариш аз модели афзоиши истеъмолӣ ба модели истеҳсолӣ, содиротӣ, рақамӣ ва минтақавӣ вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, устувории макроиқтисодӣ, диверсификатсия, саноатикунонӣ, савдои хориҷӣ, амнияти озуқаворӣ, сармоягузорӣ, иқтисоди миллӣ.

МАКРОЭКОНОМИЧЕСКАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ И ДИВЕРСИФИКАЦИЯ ПРОИЗВОДСТВА КАК ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Бобошохзода Шохин Мухаммадшариф

к.э.н., доцент кафедры государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица С. Носира, 33. Телефон: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

Умарова Манижа Саидахмадовна

Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры государственного управления и национальной экономики. Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица С. Носира, 33. Телефон: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru

Махамадиева Гулнора Абдуджалиловна

старший преподаватель кафедры государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон: (+992) 011492121 E-mail: gulnora.mahamadieva@yandex.ru

В статье анализируется вопрос макроэкономической стабильности и диверсификации производства как двух основных направлений обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан. В условиях растущей внешней зависимости, колебаний мировых цен, импортного давления, возрастающей значимости денежных переводов и необходимости быстрой индустриализации экономическую безопасность следует понимать не только как состояние экономической защиты, но и как активную способность государства организовывать устойчивое развитие.

В исследовании использованы официальные данные Статистического управления при Президенте Республики Таджикистан, Национального банка Таджикистана, Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и отчеты Всемирного банка. Результаты анализа показывают, что рост ВВП, развитие сферы услуг, строительства, торговли, энергетического сектора и рост бюджетных доходов обеспечивают положительную основу, однако реальные риски сохраняются в виде внешнеторговых дисбалансов, высокого импорта пшеницы, зависимости от денежных переводов и недостаточной промышленной переработки отечественной продукции. Можно сделать вывод, что обеспечение экономической безопасности Таджикистана зависит от перехода от модели потребительского роста к модели производства, экспорта, цифровых технологий и регионального развития.

Ключевые слова: экономическая безопасность, макроэкономическая стабильность, диверсификация, индустриализация, внешняя торговля, продовольственная безопасность, инвестиции, национальная экономика

MACROECONOMIC STABILITY AND PRODUCTION DIVERSIFICATION AS FACTORS OF ENHANCING THE ECONOMIC SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Boboshokhzoda Shohin Muhammadsharif
Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Public administration and National Economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir street. Tel.: : (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru
Umarova Manizha Saidakhmadovna
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, assistant of the Department of Public Administration and National Economy. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Nosir Street, 33. Phone: (+992) 908-22-32-18. E-mail: manii.98101@mail.ru
Mahamadieva Gulnora Abdujalilovna
senior lecturer at the department of public administration and national economy, Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir street. Tel.: 011492121. gulnora.mahamadieva@yandex.ru

The article analyzes the issue of macroeconomic stability and production diversification as two main areas of ensuring the economic security of the Republic of Tajikistan. In the context of increasing external dependencies, fluctuating world prices, import pressure, the increasing importance of remittances and the need for rapid industrialization, economic security should be understood not only as a state of economic protection, but also as the active ability of the state to organize sustainable development.

The study used official data from the Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, the National Bank of Tajikistan, the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030, and World Bank reports. The results of the analysis show that GDP growth, development of the services, construction, trade, energy sectors, and growth in budget revenues provide a positive basis, but foreign trade imbalances, high wheat imports, dependence on remittances, and insufficient industrial processing of domestic products remain real risks. It can be concluded that ensuring Tajikistan's economic security depends on the transition from a consumer growth model to a production, export, digital, and regional model.

Keywords: economic security, macroeconomic stability, diversification, industrialization, foreign trade, food security, investment, national economy

Муқаддима. Амнияти иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир мазмуни васеътар аз ҳифзи молия ё пешгирии буҳрони буҷетӣ гирифтааст. Имрӯз ин мафҳум ба қобилияти давлат барои нигоҳ доштани истиқлолияти қарорҳои иқтисодӣ, таъмини устуворii истеҳсолот, ҳифзи бозори меҳнат, идоракунии таваррум, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва кам кардани вобастагиҳои осебпазир вобаста мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур аҳамияти дукарата дорад. Аз як тараф, иқтисоди миллӣ дар солҳои охир суръати баланди афзоишро нигоҳ дошта, дар соҳаҳои сохтмон, хизматрасонӣ, кишоварзӣ ва энергетика нишондиҳандаҳои назаррас ба даст овардааст. Аз тарафи дигар, сохтори иқтисод ҳанӯз ба воридоти баъзе молҳои ҳаётан муҳим, интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, тағйирёбии иқлим ва маҳдудияти бозори дохилӣ вобаста мемонад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъмини амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръат ҳамчун самтҳои калидии рушди миллӣ муайян шудаанд [1]. Ин ҳадафҳо дар асл танҳо барномаҳои соҳавӣ нестанд; онҳо унсурҳои мустақими амнияти иқтисодӣ мебошанд. Агар кишвар дорои неруи барқи устувор, роҳҳои кушодаи минтақавӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва захираҳои кофии озуқаворӣ бошад, дараҷаи осебпазирии он дар баробари буҳронҳои беруна коҳиш меёбад. Бинобар ин, таҳлили амнияти иқтисодии Тоҷикистон бояд аз таҳлили устуворii макроиқтисодӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот оғоз шавад.

Мақсади мақола муайян намудани нақши устуворii макроиқтисодӣ ва диверсификатсияи истеҳсолот дар таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои расидан ба ин мақсад се вазифа гузошта мешавад: якум, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва муайян кардани тамоюлҳои мусбат; дуюм, ошкор намудани хавфҳои сохторӣ дар савдои хориҷӣ, амнияти озуқаворӣ ва бозори меҳнат; сеюм, пешниҳоди самтҳои амалии тақвияти устуворii иқтисодӣ дар миёнамуҳлат.

Методология. Таҳқиқот ба усули таҳлили низомӣ, муқоисавӣ ва оморӣ такя мекунад. Усули низомӣ имконият медиҳад, ки амнияти иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи соҳаҳои ба ҳам пайваст – истеҳсолот, молия, савдо, энергетика, озуқаворӣ ва шуғл – таҳлил гардад. Усули муқоисавӣ барои муқоисаи нишондиҳандаҳои солҳои охир ва муайян кардани самти тағйирот истифода шуд. Усули оморӣ бошад, ба маълумоти расмии Агентии омор, Бонки миллии Тоҷикистон ва гузоришҳои созмонҳои байналмилалӣ такя мекунад. Бартарии чунин равиш дар он аст, ки баҳодиҳӣ на аз тасаввуроти умумӣ, балки аз рақамҳои санҷидашаванда ва манбаъҳои расмӣ бармеояд.

Натиҷаҳо. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии соли 2025 нишон медиҳанд, ки иқтисоди Тоҷикистон дар маҷмӯъ тамоюли рушди устуворро нигоҳ доштааст. Тибқи маълумоти Агентии омор, ММД бо нархҳои ҷорӣ соли 2025 ба 130,8 млрд сомонӣ расида, афзоиши воқеӣ 8,3 фоизро ташкил додааст [2]. Ин нишондиҳанда барои кишваре, ки ҳанӯз дар марҳалаи ташаккули сохтори нави истеҳсолӣ қарор дорад, муҳим мебошад. Афзоиши

ММД, агар он танҳо аз ҳисоби истеъмол ё маблағҳои беруна ба вуҷуд наояд, метавонад заминаи васеъшавии манбаи андозӣ, рушди инфрасохтор ва баланд шудани даромади аҳолиро фароҳам созад.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025

Нишондиҳанда	Воҳиди ченак	Ҳаҷм дар соли 2025	Афзоиш нисбат ба соли гузашта
ММД бо нархҳои ҷорӣ	млн сомонӣ	130 791,5	108,3%
Саноат	млн сомонӣ	21 143,1	112,0%
Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал	млн сомонӣ	31 769,7	109,0%
Сохтмон	млн сомонӣ	10 313,2	122,5%
Савдо, меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо	млн сомонӣ	19 467,1	116,8%
Хизматрасонӣ	млн сомонӣ	22 948,1	114,1%
Нақлиёт ва алоқа	млн сомонӣ	11 994,2	122,4%
Индекси нархҳои истеъмолӣ	нисбат ба соли гузашта	103,8	103,7%
Шуғл	ҳаз. нафар	2 633,4	103,4%
Музди миёнаи моҳона	сомонӣ	2 013,11	114,3%

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [2].

Аз ҷадвал дида мешавад, ки рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон танҳо ба як соҳа маҳдуд нест. Сохтмон, нақлиёт ва алоқа, хизматрасонӣ ва савдо суръати баланди афзоиш нишон додаанд. Ин раванд аз як тараф нишонаи фаъолшавии талаботи дохилӣ ва инфрасохтор мебошад. Аз тарафи дигар, агар чунин афзоиш бо рушди истеҳсолоти саноатӣ ва содироти маҳсулоти коркардшуда ҳамоҳанг карда нашавад, хавфи афзоиши воридот ва фишор ба тавозуни савдо ба вуҷуд меояд. Барои амнияти иқтисодӣ муҳим он нест, ки танҳо ҳаҷми иқтисод калон шавад; муҳим он аст, ки сохтори он устувор, истеҳсолӣ ва қобили рақобат гардад.

Дар соли 2025 истеҳсоли қуввааи барқ ба 21,9 млрд кВт-соат расида, содироти неруи барқ 3,6 млрд кВт-соатро ташкил додааст [2]. Ин нишондиҳандаҳо аҳамияти энергетикаро барои амнияти иқтисодии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд. Неруи барқ дар иқтисоди Тоҷикистон танҳо маҳсулоти фурӯшӣ нест; он шарти рушди саноат, хизматрасонӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, фаъолияти корхонаҳо ва беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди сабз, доро будани иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ метавонад ба Тоҷикистон имкон диҳад, ки дар бозори минтақавии энергияи тоза ҷойгоҳи устувортар пайдо кунад.

Бо вуҷуди ин, энергетика низ аз нуқтаи назари амният танҳо бо ҳаҷми истеҳсол баҳогузорӣ намешавад. Дар ин соҳа масъалаҳои фарсудашавии инфрасохтор, талафоти техникӣ, мавсимияти истеҳсол, тағйирёбии иқлим ва талаботи афзояндаи саноатӣ мавҷуданд. Аз ин рӯ, сиёсати энергетикӣ бояд ба се самт равона карда шавад: навсозии шабакаҳои интиқол, афзоиши самаранокии истеъмол ва ҷалби сармоя ба манбаъҳои иловагии энергияи барқароршаванда. Ин кор на танҳо барои иқтисод, балки барои устувории иҷтимоӣ ва минтақавӣ низ аҳамият дорад.

Масъалаи дигар – савдои хориҷӣ мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон соли 2025 ба 8,33 млрд доллари ИМА расидааст, аз ҷумла содироти молҳо 2,45 млрд доллар ва воридоти молҳо 5,88 млрд долларро ташкил додааст [2]. Ин маънои онро дорад, ки воридот нисбат ба содирот зиёда аз ду маротиба баланд мебошад. Барои иқтисоди рушдёбанда чунин ҳолат комилан ғайримуқаррарӣ нест, зеро кишвар барои сохтмон, технология, таҷҳизот ва молҳои истеъмолӣ воридоти зиёд анҷом медиҳад. Аммо аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ, тӯл кашидани чунин тавозун метавонад вобастагии асъорӣ ва фишори берунаро зиёд намояд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои берунӣ ва омилҳои осебпазирии иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025

Нишондиҳанда	Воҳиди ченак	Ҳаҷм	Маънои иқтисодӣ барои амният
Гардиши савдои хориҷӣ	млн доллари ИМА	8 328,9	Васеъшавии робитаҳои беруна
Содироти молҳо	млн доллари ИМА	2 448,8	Манбаи воридоти асъор
Воридоти молҳо	млн доллари ИМА	5 880,1	Нишонаи вобастагии воридотӣ
Воридоти гандум	ҳаз. тонна	1 023,6	Хавфи эҳтимолӣ барои амнияти озуқаворӣ
Воридоти гандум	млн доллари ИМА	288,8	Фишор ба хароҷоти асъорӣ
Содироти нахи пахта	ҳаз. тонна	109,3	Ҳанӯз баланд будани нақши ашёи хом
Содироти неруи барқ	млн кВт-соат	3 606,6	Имкони тақвияти мавқеи энергетикӣ
Қурби миёнаи сомонӣ нисбат ба доллар	сомонӣ барои 1 доллар	10,8445	Нишондиҳандаи муҳими устуворӣ молиявӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [2].

Муҳокима. Ҷадвали дуюм нишон медиҳад, ки масъалаи асосии амнияти иқтисодӣ дар Тоҷикистон на танҳо ҳаҷми савдо, балки таркиби он мебошад. Агар содирот асосан аз маҳсулоти ашёи хом ё маҳсулоти камкоркард иборат бошад, даромади содиротӣ ба нархҳои ҷаҳонӣ вобаста мемонад. Агар воридот қисми зиёди молҳои истеъмолӣ, гандум, сӯзишворӣ, таҷҳизот ва технологияро дар бар гирад, иқтисод ба тағйирёбии нархҳо

ва халалдор шудани занҷирҳои таъминот ҳассос мегардад. Бинобар ин, барои Тоҷикистон стратегияи диверсификатсияи содирот бояд ба коркарди пахта, маҳсулоти кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, металлургияи сабук, дорусозӣ, хизматрасониҳои рақамӣ ва логистика такя кунад.

Амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои ҳассостарини амнияти иқтисодӣ мебошад. Соли 2024 истеҳсоли гандум 860,8 ҳазор тоннаро ташкил дод, дар ҳоле ки воридоти гандум ба 1 023,6 ҳазор тонна расид [2]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки талаботи дохилӣ ба гандум пурра аз ҳисоби истеҳсолоти миллӣ пӯшонида намешавад. Албатта, дар шароити кӯҳсор ва маҳдудияти заминҳои корам Тоҷикистон наметавонад тамоми маҳсулоти озуқавориро танҳо дар дохил истеҳсол кунад. Аммо амнияти озуқаворӣ маънои худкифоии мутлақро надорад; он маънои дастрасии устувор, захираҳои кофӣ, нархи қобили қабул, логистикаи боэътимод ва истеҳсолоти рақобатпазири дохилиро дорад.

Дар ин замина рушди кишоварзӣ бояд аз афзоиши ҳаҷми маҳсулот ба боло бурдани ҳосилнокӣ ва коркарди саноатӣ гузарад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бояд ба як занҷири ягона пайваст шаванд. Агар мева, сабзавот, пахта, шир, гӯшт ва маҳсулоти дигар дар дохил коркард шаванд, арзиши иловашуда дар дохили кишвар мемонад. Ин ба ҷойҳои корӣ, содирот, даромади аҳолӣ ва устувории буҷет таъсир мерасонад. Маҷмӯаи омории «Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ нишон медиҳад, ки таҳлили бахши кишоварзӣ бояд тағйири шаклҳои моликият, заминҳои кишоварзӣ ва сохтори истеҳсолро ба назар гирад [3].

Бахши молиявӣ дар низоми амнияти иқтисодӣ вазифаи пайвасткунанда дорад. Агар қарздиҳӣ ба истеҳсолот, соҳибкории хурду миёна, содирот ва технологияҳои нав равона шавад, он ба афзоиши дарозмуддат хизмат мекунад. Тибқи маълумоти Агентии омор, ҳаҷми сармоягузориҳои қарзӣ бо дарназардошти асъори хориҷӣ соли 2024 ба 18,99 млрд сомонӣ расидааст [2]. Ин нишондиҳанда афзоиши нақши низоми молиявиро нишон медиҳад, аммо масъалаи асосӣ самти истифодаи қарзҳо мебошад. Қарзҳое, ки танҳо истеъмолро зиёд мекунанд, амнияти иқтисодиро қавӣ намесозанд; қарзҳое, ки истеҳсолот, содирот, технология ва коркарди дохилиро дастгирӣ мекунанд, ба иқтидори иқтисодӣ табдил меёбанд.

Бонки миллии Тоҷикистон таҳияи тавозуни пардохтро яке аз вазифаҳои асосии худ медонад ва онро ҳамчун захираи иттилоотии дорои аҳамияти давлатӣ муаррифӣ мекунад [4]. Ин масъала барои Тоҷикистон муҳим аст, зеро тавозуни пардохт на танҳо нишондиҳандаи ҳисобдорӣ, балки «оина»-и вобастагиҳои беруна мебошад. Дар он таъсири содирот, воридот, хизматрасонӣ, қарз, сармоягузорӣ ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирон инъикос меёбад. Бонки Ҷаҳонӣ дар шарҳи иқтисодии соли 2025 қайд мекунад, ки талаботи дохилӣ дар Тоҷикистон аз ҳисоби интиқоли зиёди маблағҳои муҳоҷирон дастгирӣ шуда, ҳиссаи онҳо дар соли 2024 то 49 фоизи ММД расидааст [5]. Ин рақам аз як тараф нишон медиҳад, ки муҳоҷирон барои иқтисоди миллӣ нақши бузург доранд; аз тарафи дигар, чунин вобастагӣ метавонад ба омили осебпазирӣ табдил ёбад.

Муҳоҷиратро танҳо ҳамчун мушкил арзёбӣ кардан дуруст нест. Он барои бисёр хонаводаҳо манбаи даромад, барои бозори дохилӣ манбаи талабот ва барои низоми молиявӣ ҷараёни муҳими асъорӣ мебошад. Аммо барои амнияти иқтисодӣ муҳим аст, ки маблағҳои муҳоҷирон бештар ба сармоя табдил ёбанд. Яъне онҳо бояд на танҳо барои истеъмол, балки барои сохтмони корхонаҳои хурд, гармхонаҳо, марказҳои хизматрасонӣ, таҳсилоти касбӣ, тиҷорати электронӣ ва таҷҳизоти истеҳсолӣ истифода шаванд. Барои ин низоми бонкӣ, мақомоти маҳаллӣ ва барномаҳои соҳибкорӣ бояд воситаҳои махсуси ҷалби ин маблағҳоро пешниҳод кунанд.

Дар самти иҷтимоӣ низ нишондиҳандаҳои муайяни мусбат дида мешаванд. Аҳолии Тоҷикистон ба 1 январи соли 2026 ба 10,721 млн нафар расидааст, сатҳи бекорӣ дар соли 2025 дар маълумоти расмӣ 2,0 фоиз ва индекси нархҳои истеъмолӣ барои соли 2025 – 103,5 фоиз нишон дода шудааст [6]. Аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ, аҳолии ҷавон ҳам имконият аст ва ҳам масъулият. Агар иқтисод ҷойҳои кори босифат эҷод кунад, аҳолии ҷавон ба манбаи рушди истеҳсолӣ, технология ва соҳибкорӣ табдил меёбад. Агар бозори меҳнат чунин имкониятро фароҳам наорад, фишори муҳоҷират ва вобастагии иҷтимоӣ меафзояд.

Аз ин ҷо зарурати пайвастани сиёсати макроиқтисодӣ бо сиёсати шуғл ба миён меояд. Афзоиши ММД худ ба худ амнияти иқтисодиро кафолат намедиҳад. Муҳим аст, ки ин афзоиш дар корхонаҳо, даромади воқеӣ, малакаи кадрҳо ва маҳсулнокии меҳнат таҷассум ёбад. Агар сохтмон босуръат рушд кунад, аммо саноати масолеҳи сохтмонӣ, муҳандисӣ ва истеҳсоли таҷҳизот қафо монад, қисми зиёди арзиши иловашуда ба воридот мегузарад. Агар кишоварзӣ маҳсулот диҳад, аммо коркард, бастабандӣ ва содироти он суст бошад, даромади истеҳсолкунандагон маҳдуд мемонад.

Барои ояндаи Тоҷикистон се самти амалӣ муҳим аст. Самти аввал – саноатикунонии амиқ, на танҳо зиёд кардани шумораи корхонаҳо. Саноатикунонӣ бояд ба коркарди ашёи хоми дохилӣ, баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва пайвастан ба бозорҳои минтақавӣ равона шавад. Самти дуюм – рақамикунонии идоракунии иқтисодӣ. Мониторинги нархҳо, захираҳои озуқаворӣ, ҳаракати мол, андоз, қарз ва сармоягузорӣ бояд ба низоми маълумоти фаврӣ такя кунад. Самти сеюм – тақвияти иқтисоди минтақаҳо. Амнияти иқтисодии кишвар аз устувории Суғд, Хатлон, ВМКБ, Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудо нест. Ҳар минтақа бояд модели махсуси рушди истеҳсолӣ дошта бошад.

Хулоса. Таҳлил нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар солҳои охир заминаҳои муҳими устувории макроиқтисодиро ба вуҷуд овардааст: ММД афзоиш ёфта, хизматрасонӣ, сохтмон, нақлиёт, энергетика ва буҷет нишондиҳандаҳои мусбат доранд. Бо вуҷуди ин, амнияти иқтисодӣ танҳо бо афзоиши рақамҳои умумӣ таъмин намешавад. Осебпазириҳои сохторӣ – тавозуни манфии савдо, воридоти баланди баъзе молҳои озуқаворӣ, вобастагӣ аз маблағҳои муҳоҷирон, зарурати навсозии инфрасохтор ва нокифоя будани коркарди саноатии

маҳсулоти миллӣ – ҳамоно боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии сиёсати иқтисодӣ дар миёнамуҳлат бояд гузариш аз рушди истеъмолӣ ба рушди истеҳсолӣ бошад.

Амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда аз он вобаста мегардад, ки то чӣ андоза давлат, бахши хусусӣ, бонкҳо, минтақаҳо ва муассисаҳои илмӣ метавонанд як низоми ҳамоҳангшудаи рушди миллӣ созанд. Ин низом бояд ба саноатикунонии босуръат, энергетикаи тоза, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, логистикаи минтақавӣ, рақамикунонии идоракунӣ ва сармояи инсонӣ такя кунад. Дар чунин ҳолат амнияти иқтисодӣ на танҳо ҳамчун муҳофизат аз таҳдидҳо, балки ҳамчун қобилияти эҷоди имкониятҳои нави рушд амал хоҳад кард.

Адабиёт

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. 88 с.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ. Маълумоти расмии оморӣ, 2024. URL: https://www.stat.tj/nishondihandahoi-makroiktisodi/
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Agriculture in the Republic of Tajikistan – 2024. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе, 2024. URL: https://www.stat.tj/en/statistical-publication-agriculture-in-the-republic-of-tajikistan-2024-has-been-released/
4. Бонки миллии Тоҷикистон. Balance of Payments of the Republic of Tajikistan. Манбаи расмии иттилоотӣ. Душанбе. URL: https://nbt.tj/en/payments_balance/
5. World Bank. Tajikistan Economic Update: Summer 2025. Washington, D.C.: World Bank, 2025. URL: https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/economic-update-2025
6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Саҳифаи асосии нишондиҳандаҳои фаврии оморӣ: аҳолӣ, бекорӣ, ИНИ, содирот ва воридот. Душанбе, 2026.
7. Asian Development Bank. Tajikistan: Country Partnership Strategy, 2021–2025. Manila: ADB, 2020.
8. International Monetary Fund. Republic of Tajikistan: 2025 Article IV Consultation and Second Review under the Policy Coordination Instrument. IMF Country Report No. 25/169. Washington, D.C.: IMF, 2025. DOI: 10.5089/9798229014892.002
9. Чиниев Дж.Б. Экономическая безопасность Республики Таджикистан в условиях глобализации. Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Москва, 2010. 188 с.
10. Блиничкина Н.Ю. Стратегия экономической безопасности Республики Таджикистан: проблемы реализации и перспективы. Статья // Вестник Астраханского государственного технического университета. Серия: Экономика. 2015. №3. С. 75–82.
11. Худойбердиев Д.М., Хамроев М.И. Экономическая безопасность как фактор привлечения иностранных инвестиций в Республику Таджикистан. Статья // Финансово-экономический вестник. 2023. №2(36). С. 330–339.
12. Ниёззода С.С. Моҳияти амнияти иқтисодӣ ва нақши захираҳои моддии давлатӣ дар он. Мақолаи илмӣ // Паёми молия ва иқтисод. 2024. №4.1(43). С. 485–489.
13. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037. Душанбе, 2022. URL: https://www.wis.tj/wp-content/uploads/2024/01/2.-Green-Energy-Strategy.pdf

УДК: 330 (075.8)

ВОБАСТАГИИ РУШДИ ДОРОИҲОИ НИЗОМИ БОНКӢ АЗ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло

доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16, тел: (+992) 988-00-60-29. E-mail: qiyom1995@mail.ru

Баланд бардоштани ҳаҷми дороиҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои калидии тамоми самтҳои низоми бонкдорӣ буда, ҷиҳати расидан ба сатҳи муносиби он аз чандин унсурҳои таркибӣ истифода бурда мешавад, ки чунин масоил дар санади дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст. Яке аз унсурҳои асосие, ки ташаккули босуръати ҳаҷми дороиҳои бонкӣ, бевосита аз сатҳи татбиқшавии он вобаста мебошад, ин сиёсати қарзӣ арзёбӣ гашта, дар афзоиши ҳаҷми дороиҳои бонкӣ мақеи аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Бо назардошти оне, ки нақши қарз дар афзоиши дороиҳо баланд мебошад, мавзуи матраҳшаванда ҳамчун мавзуи муҳим дар ташаккули дороиҳои бонкӣ интихоб гашта, вобастагии он дар матни мақола ба таври равшан нишон дода шудааст. Ин аст, ки нишондихандаҳои 5 соли охири низмои бонкии Тоҷикистон, яъне солҳои 2021-2025 вобаста ба ҳаҷми дороиҳо, қарзҳо ва фаъолияти бонкҳои низомсоз ва қиёси онҳо нисбат ба ММД мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, боз ҳам вобастагии ҳаҷми дороиҳоро аз сатҳи татбиқшавии сиёсати қарзии тамоми бонкҳои тиҷоратӣ нишон дода, чунин маълум намудааст, ки бидуни такя ба сиёсати қарзӣ, сандуқи дороиҳои бонкӣ наметавонад ба андозаи зарурӣ афзоиш ёфта бошад. Муаллиф бо омӯзишу таҳлил ва нишон додани бархе аз мушкилотҳои самти қарздиҳӣ, ҳамзамон пешниҳодҳои мушаххаси илмии хешро роҷеъ ба татбиқи сёсати дурусту босамари қарзӣ бо мақсади таъмини сатҳи даромади баланд ва бардавоми бонкҳо овардааст, ки ҷиҳати истифода ҳамчун механизми муҳим дониста мешаванд.

Калидвожаҳо: низоми бонкӣ, бонкҳои низомсоз, сиёсати қарзӣ, таҳлили ҳолати қарзгиранда, фарогирии молиявии аҳолӣ, баланд гаштани даромади аҳолӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ, афзоиши дороиҳои бонкӣ, зиёд гаштани ҳаҷм ва шумораи амалиётҳои фаъол, татбиқи имтиёзҳо ва амалиётҳои навини бонкдорӣ, рушди иқтисодии ҷома.

ЗАВИСИМОСТЬ РАЗВИТИЯ АКТИВОВ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ ОТ РЕАЛИЗАЦИИ КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Хаёзода Киёмуддин Амонулло

доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры финансы и кредита Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16, тел: (+992) 988-00-60-29. E-mail: qiyom1995@mail.ru

Увеличение объема банковских активов является одним из ключевых вопросов во всех сферах банковской системы, и для достижения его оптимального уровня используются различные компоненты, включенные в соответствующий документ Национального банка Таджикистана. Одним из главных элементов быстрого формирования объема банковских активов, напрямую зависящего от уровня его реализации, считается кредитная политика, занимающая первостепенное место в росте объема банковских активов. Учитывая высокую роль кредита в росте активов, рассматриваемая тема была выбрана как важная тема в формировании банковских активов, и ее зависимость четко показана в тексте статьи. В связи с этим были проанализированы и оценены показатели банковской системы Таджикистана за последние 5 лет, а именно за 2021-2025 годы, с точки зрения объема активов, кредитов и деятельности системо образующих банков и их соотношения с ВВП, а также продемонстрирована зависимость объема активов от уровня реализации кредитной политики всех коммерческих банков, показавшая, что без опоры на кредитную политику активы банка не смогли бы вырасти до необходимого уровня. Изучая, анализируя и демонстрируя некоторые проблемы в кредитном секторе, автор одновременно представил свои конкретные научные предложения по реализации правильной и эффективной кредитной политики с целью обеспечения высокого и устойчивого уровня доходов банков, которые рассматриваются как важный механизм использования.

Ключевые слова: банковская система, регулирующие банки, кредитная политика, анализ положения заемщика, финансовая инклюзия населения, рост доходов населения и коммерческих банков, рост активов банков, увеличение объема и количества активных операций, внедрение новых банковских привилегий и операций, экономическое развитие общества.

DEPENDENCE OF THE DEVELOPMENT OF BANKING SYSTEM ASSETS ON THE IMPLEMENTATION OF CREDIT POLICY IN THEбREPUBLIC OF TAJIKISTAN

Hayozoda Qiyomuddin Amonullo

doctor of philosophy (PhD), senior lecturer of the department of finance and credit, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street, 16, tel: (+992) 988-00-60-29. E-mail: qiyom1995@mail.ru

Increasing the volume of banking assets is one of the key issues in all areas of the banking system, and in order to achieve its optimal level, several components are used, which are included in the relevant document of the National

Bank of Tajikistan. One of the main elements, the rapid formation of the volume of banking assets, directly depends on the level of its implementation, is considered to be credit policy, which occupies a leading place in the growth of the volume of banking assets. Given that the role of debt in the growth of assets is high, the topic under consideration was chosen as an important topic in the formation of bank assets, and its dependence is clearly shown in the text of the article. That is, the indicators of the last 5 years of the banking system of Tajikistan, namely 2021-2025, in terms of the volume of assets, loans and the activity of system-forming banks and their ratio to GDP, were analyzed and evaluated, and it was further shown that the volume of assets depends on the level of implementation of the credit policy of all commercial banks, and it was revealed that without relying on credit policy, the bank's asset fund could not have grown to the necessary extent. The author, having studied, analyzed and demonstrated some of the problems in the lending sector, at the same time presented his specific scientific proposals for the implementation of a correct and effective lending policy with the aim of ensuring a high and sustainable level of income for banks, which are considered an important mechanism for use.

Keywords: banking system, regulatory banks, lending policy, analysis of the borrower's situation, financial inclusion of the population, increasing income of the population and commercial banks, growth in bank assets, increasing the volume and number of active operations, implementation of new banking privileges and operations, economic development of society.

Муқаддима. Баланд бардоштани нуфузи бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти тамоми бахшҳои воқеии иқтисодӣ, ҳоло ҳам яке аз ҳадафҳои асосии ҳам кишварҳои рушднамуда ва ҳам дар ҳоли рушд қарордошта, маҳсуб ёфта, баҳри дар сатҳи лозима ва мутобиқ ба ҷараёни талаботи молиявии аҳолӣ табдил додани он, пайваста ба такмили низом эҳтиёҷ дошта, ҳамчун маркази охирини таъмини воситаҳои молиявӣ дониста мешавад, ки дар низоми муносибатҳои молиявӣ ҳамчун самти муаммодор бо назардошти ҷанбаи осебпазир буданаш, то ҳол боқӣ мондааст. Яке аз механизмҳои асосии расидан ба сатҳи муносиб ин робитаи ҳамешагӣ ва боэҳтиётонаи аҳолӣ дар фаъолияти онҳо буда, мебояд аҳолиро, ки бо омӯзиши вазъи бозори молиявии ҳам дохилаю ва ҳам хориҷа дараҷаи ҷаҳонбинии молиявии хешро тақвият бахшида, дар муҳофизати бонк ба мисли буҷаи оилавии хеш аз он пуштибона намуда бошанд. Чун пуштибонии ҳар яке аз аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ, ин таъмини молиявии дигар қишри ҷомеаи аҳолиро ба воситаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъмин сохта, дар устувор намудани ҳолати молиявии ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ нақши асосиро гузошта, дар шикастпазирии онҳо монеъи асосӣ хоҳанд гашт.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Вобаста ба мавзуи интихобгашта, олимони зерин, аз ҷумла Аҳадов И.Қ., Сафаров, С.З., Мирзоев С.С., Ҳаёзода Қ.А., Дембегиев М.С., Ҷулиев М.Ҳ. ва дигар муҳаққиқони соҳа таҳқиқотҳо гузаронидаанд.

Омӯзиш, таҳлилу арзёбии вазъи сандуқи дороиҳои низоми бонкии Тоҷикистон ва муайян намудани мавқеи қарз дар ташаккули ҳаҷми дороиҳо, ҳамзамон, муайян намудани мушкилот ва пешниҳоди самтҳои таъмини рушди низоми дороиҳои бонкҳо бо мақсади баланд бардоштани устувор молиявӣ ва фарогирии аҳолию бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ бо воситаҳои қарзӣ дониста мешавад.

Натиҷаҳо. Дар баробари дигар кишварҳо, имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гашта, боз ҳам заминаи қонунгузориро бо мақсади ташкили фазои созгори низоми бонкӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии ҳам бонку ва ҳам мизоҷ поягузор мебошад. Ин аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди асосии танзими босамари низоми бонкӣ дар кишвар дониста шуда, пайваста бахши қонунгузории самти бонкиро бо назардошти рушди шароити ҷаҳонишавӣ, бахусус ҳамқадам бо низоми хориҷии бонкдорӣ, ҳамзамон бо назардошти афзоишёбии имкониятҳои молиявии бонкҳои дохила, сатҳи онҳоро такмил дода истодааст, ки чунин раванд метавонад дар сохтани як низоми бонкие, ки нисбат ба дигар бахшҳои молиявӣ барои аҳолӣ ҳамчун бахши боэътимоду устувор арзёбӣ мегардад, таъсири мусбат расонад.

Бо мақсади фарогирии молиявӣ ва истеъмоли саривақтии аҳолӣ ба хизматрасониҳои сохторҳои молиявӣ, низоми бонкӣ ҳамчун сохтори имконоти зиёддоштаи молиявӣ барои аҳолӣ дар иқтисоди кишвар эътироф гашта, мебояд сатҳи боэътимодии худро дар асоси босуботии фаъолияти хеш ташкил намуда бошад. Роҷеъ ба ин масъала, дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2026 ишора шудааст, ки дар ҷаҳони муосир фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки дар таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар нақши муҳим дорад [8].

Дар заминаи фарогирии молиявии расмии низоми бонкӣ эътимоди баланди аҳолӣ нисбат ба фаъолияти онҳо зоҳир гашта, дар истеъмоли хизматрасониҳои молиявӣ ва таъмини даромад ба сармояи бонкҳои тиҷоратӣ боис мегарданд. Дар шароити имрӯза яке аз механизмҳои асосии бонкӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ин таъмин намудани боварии мизоҷон тавассути иҷрои саривақтии уҳдадориҳо мебошад. Чун таъмини даромад ин асоси афзоиши дороиҳо буда, дар бозоргир шудани дилхоҳ бонк поягузор мебошад. Мустаҳкамшавии сандуқи дороиҳои бонкӣ таъминкунандаи ҳолати устувории бонкҳои тиҷоратӣ донисташуда, дар кам осебпазиргаштани фаъолияти онҳо ҳамчун самти натиҷабахш арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқи ватанӣ Аҳадов И.Қ. дар асоси таҳқиқоти худ чунин иброз менамояд, ки таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз фишангҳои асосии таъмини устуворӣ ва эътимоднокии низоми бонкии ҳар як кишвар ин захираҳои пулии онҳо баҳисоб рафта, тавассути истифодаи дурусти онҳо сатҳи даромаднокии худро таъмин менамояд ва бо ин роҳ сатҳи дороиҳои худро афзоиш медиҳанд [1, с. 59]. Мирзоев С.С. бар он андеша аст, ки афзоишдиҳии базаи захиравии низоми бонкӣ аз ҳисоби

ҷалби амонатҳои аҳолӣ – ин вазифаи ҳамаҷонибае мебошад, ки барои ҳалли он чунин чораҳоро, ба монанди иттилоъ доштани аҳолӣ оид ба вазъи молиявии бонк, шаффофияти максималии амалиётҳои бонкӣ, барои баландбардории сатҳи боварии аҳолӣ ба бонкҳо, андешида шавад [4, с. 138].

Ақидаҳои муҳаққиқони болозикр собит месозад, ки афзоиши дороиҳо мебояд нақшаи дурнамояи фаъолияти ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ буда, ҷиҳати таъмини он тамоми имконоти кадрӣ ва фаъолиятии хешро равона карда, сатҳи устувории фаъолиятро барқарор намуда бошад. Ҳаёзода Қ.А. қайд мекунад, ки ба мисли талаботи ҳаррӯзаи одамон ба воситаҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷорати низ ба афзун намудани ҳаҷми сармояи худ аз ҳисоби манфиатдоронаш ниёздошта, дар васеъ намудани доираи хизматрасониҳои навини олами бонкдорӣ ва беш равона намудани ҳаҷми сандуқи қарзии худ бо мақсади истифодаи босамари ҳам захираҳои меҳнатӣ ва ҳам иқтисодии кишвар ҷиҳати таъмини бозорҳои дохила бо молу маҳсулоти ватанӣ, ботадриҷ зиёд намуди қисмати содиротӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани нуфузи кишварро дар минтақа ва ҷаҳон ҳавасманд буда, ҳатто ба макони охирин умеди аҳолӣ ҷиҳати амалишавии орзуҳояшон табдил ёфтааст [5, с. 405]. Ҷойи дигар таъкид бар он мешавад, ки дар воқеъ, устувории молиявӣ ин заминаи ягонаи таъмини фаъолияти бардавоми бонк дар тамоми шароитҳои бавуҷудояндаи буҳронӣ ва барҳам нагаштани муносибатҳои муфиди иқтисодии байни шарикони бонк арзёбӣ гашта, маҳз муҳофизаткунандаи худи бонк ва такягоҳи охирину боэътимоди молиявии аҳолӣ дар ҳолатҳои ниёздоштанашон буда, ҳамзамон бонкҳои тиҷоратиро мебояд, ки бо сиёсати дастаҷамъонаи дурандешона ва таҳлилҳои амиқи шахсони қарзгирандаю вазъи кунунии бозор, мақсадҳои хешро дар амал татбиқ намуда бошанд [6. с. 385]. Яъне, асоси устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин ташаккули васеъи ҳаҷми дороиҳои бонкӣ буда, бидуни татбиқи сиёсати андешакардашудаи натибахш ва иҷрои саривақти вазифаҳои кормандони шуъбаи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ наметавон ба самараи фаъолият расид.

Тибқи нишондиҳандаҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, бозори дороиҳои низоми бонкии кишвар дар ҳоли афзоиш қарор дошта, бо мақсади зиёд намудани шумора ва ҳаҷми амалиётҳои фаъол, пайваста тақвият бахшида мешавад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Тамоюли ҳаҷми дороиҳои низоми бонкии Тоҷикистон, млн. сомонӣ ва фоиз

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот 2024/2021, +/-
	2021	2022	2023	2024	2025	
Дороиҳои умумӣ	22 414	30 030	37 679	47 478	59 242	+ 36 828
Нисбат ба ММД	22,64	25,9	31,76	30,95	33,49	+ 10,85
Бонкҳо	18 009	25 326	31 679	40 183	54 910	+ 36 901
Нисбат ба ММД	18,21	21,88	26,72	26,19	31,04	+ 12,83
Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ	-	-	118	233	296	+ 178
Нисбат ба ММД	-	-	0,10	0,15	0,18	+ 0,8
Ташкилотҳои маблағгузории хурд	4 198	4 378	5 568	663	3 756	- 442
Нисбат ба ММД	4,24	3,78	4,69	4,34	2,12	- 2,12
Ташкилотҳои қарзии исломӣ	207	261	294	397	575	+ 368
Нисбат ба ММД	0,21	0,23	0,25	0,26	0,33	+ 0,12

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омории бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).

Тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. маълум мегардад, ки аз 22 414 млн. сомонии ҳаҷми дороиҳои соли 2021 (22,64 фоиз нисбат ба ММД), дар ҳаҷми 18 009 млн. сомонӣ ба бонкҳо (18,21 фоиз нисбат ба ММД), дар ин сол фаъолияти ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба қайд гирифта нашудааст, 4 198 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (4,24 фоиз нисбат ба ММД) ва 207 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии исломӣ (0,21 фоиз нисбат ба ММД), аз 30 030 млн. сомонии ҳаҷми дороиҳои соли 2022 (31,76 фоиз нисбат ба ММД), дар ҳаҷми 31 679 млн. сомонӣ ба бонкҳо (21,88 фоиз нисбат ба ММД), дар ин давра низ ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бақайд гирифта нашудааст, 4 378 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (3,78 фоиз нисбат ба ММД) ва 261 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии исломӣ (0,23 фоиз нисбат ба ММД), аз 37 679 млн. сомонии ҳаҷми дороиҳои соли 2023 (31,76 фоиз нисбат ба ММД), дар ҳаҷми 31 679 млн. сомонӣ ба бонкҳо (26,72 фоиз нисбат ба ММД), 118 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (0,10 фоиз нисбат ба ММД), 5 568 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (4,69 фоиз нисбат ба ММД) ва 294 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии исломӣ (0,25 фоиз нисбат ба ММД), аз 47 478 млн. сомонии ҳаҷми дороиҳои соли 2024 (30,95 фоиз нисбат ба ММД), дар ҳаҷми 40 183 млн. сомонӣ ба бонкҳо (26,19 фоиз нисбат ба ММД), 233 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (0,15 фоиз нисбат ба ММД), 663 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (4,34 фоиз нисбат ба ММД) ва 397 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии исломӣ (0,26 фоиз нисбат ба ММД), аз 59 242 млн. сомонии ҳаҷми дороиҳои соли 2025 (33,49 фоиз нисбат ба ММД), дар ҳаҷми 54 910 млн. сомонӣ ба бонкҳо (92,68 фоиз нисбат ба ММД), 296 млн. сомонӣ (то ба ҳолати моҳи июн) ба ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (0,18 фоиз нисбат ба ММД), 3 756 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои маблағгузории хурд (2,12 фоиз нисбат ба ММД) ва 575 млн. сомонӣ ба ташкилотҳои қарзии исломӣ (0,33 фоиз нисбат ба ММД). Яъне, агар нишондиҳандаҳои соли 2025-ро нисбат

ба соли 2021 қиёс карда бошем, пас чунин натиҷа мешавад, ки ҳаҷми дороиҳои умумӣ дар ҳаҷми 36 828 млн. сомонӣ (10,85 фоиз нисбат ба ММД), аз бонкҳо дар ҳаҷми 36 901 млн. сомонӣ (12,83 фоиз нисбат ба ММД), аз ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар ҳаҷми 178 млн. сомонӣ (0,8 фоиз нисбат ба ММД) афзоиш ёфта, аммо ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд 442 млн. сомонӣ (2,12 нисбат ба ММД) коҳиш ёфта, аз ташкилотҳои қарзии исломӣ 368 млн. сомонӣ (0,12 нисбат ба ММД) афзоиш ёфтаанд. Маҳз, афзоишёбии дороиҳо, бахусус дороиҳои пардохтпазир дар таъмини фаъолияти бардавом ва устувори тамоми бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади таъмини аҳолии қобили меҳнат ва фаъол намудани соҳаҳои таркибии ММД нақшгузори асосӣ буда, дар натиҷаи сиёсати дурусти пулии таҳлилшудаи вазъи бозори иқтисодии кишвар метавон ба сатҳи баланди рушди стратегӣ расид.

Гарчанде таркиби дороиҳои бонкӣ аз сохторҳои гуногун иборат мебошад, вале ҳар яке вобаста ба имконоти худ ҳиссагузор дар афзоиши ҳаҷми дороиҳо мебошанд. Аммо тибқи оне, ки имрӯз аз байни сохторҳои таркибии дороиҳо мушоҳида мегардад, аҳолӣ бештар ба истеъмоли қарз эҳтиёҷ дошта, ва ин раванд аллакай мавқеи қарзро дар таркиби дороиҳои бонкӣ баланд бардоштааст, ки худи бонкҳои тиҷорати низ дар зиёд намудани шумораи чунин амалиёт ҳавасманд мебошанд. Вобаста ба аҳамияти қарз дар низоми бонкӣ-иқтисодӣ муҳаққиқ Дембегиев М.С. иброз медорад, ки расонидани хизматрасониҳои мухталифи бонкӣ ва аз ҷумла қарзӣ аз тарафи бонкҳои тиҷоратии кишвар метавонад нақш, нуфуз ва эътибори аҳолиро нисбат ба ин муассисот дучанд гардонад [2, с. 91] ва Ҷулиев М.Ҳ. бошад дар асоси таҳқиқоти илмии худ, таъкид менамояд, ки дар фаъолияти низоми бонкӣ сохтори қарздиҳӣ аз ҷониби низоми бонкӣ дар ҳама самтҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ ва ислоҳоти ҳаматарафаи соҳавӣ бо додани қарзҳои кӯтоҳмуддат ва қарзҳои сармоягузоришавандаи дарозмуддат дар бахши воқеии иқтисодӣ зиёд ба татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва инноватсионӣ мусоидат мекунанд [3, с. 59]. Чун ин унсур воситаи ягонаи таъмини даромади муносиб буда, мавқеи бонкҳоро дар ҷамъият баланд бардоштааст. Айни ҳол дар ҷадвали 2. бо нишон додани оморҳои расмӣ, вобастагии ҳаҷми дороиҳоро аз раванди қарздиҳӣ мушоҳида менамоем (ҷадвали 2):

Ҷадвали 2. Тамоюлҳои қарз дар ташаккули ҳаҷми дороиҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ ва фоиз

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Тағйирот 2024/2021, +/-
	2021	2022	2023	2024	2025	
Қарзҳои умумӣ	11 970	13 577	17 844	21 376	26 119	+ 14 149
Нисбат ба ММД	12,10	11,73	15,04	13,94	14,76	+ 2,66
Бонкҳо	9 437	10 489	13 954	16 398	24 131	+ 14 694
Нисбат ба ММД	9,54	9,06	11,76	10,69	13,64	+ 4,1
Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ	-	-	1,71	1,30	9,3	+ 7,59
Нисбат ба ММД	-	-	0,00	0,00	0,01	+ 0,01
Ташкилотҳои маблағгузории хурд	2 496	2 982	3 718	4 749	1 664	- 832
Нисбат ба ММД	2,52	2,58	3,13	3,10	0,94	- 1,58
Ташкилотҳои қарзии исломӣ	36	101	169	227,1	323,2	+ 287,2
Нисбат ба ММД	0,04	0,09	0,14	0,15	0,18	+ 0,14

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Бюллетени омории бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021, 12 (316), 2022, 12 (329), 2023, 12 (341), 2024, 12 (353), 2025, 12 (365).

Дар асоси таҳқиқи нишондиҳандаҳои оморӣ муаллиф чунин арзёбӣ намудааст, ки саҳми ҳар яке аз сохторҳои низоми бонкӣ дар ташаккули сандуқи қарзӣ назаррас буда, аллакай рушди тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро ба худ вобаст намудаанд, ки худи нишондиҳандаҳои дар ҷадвал овардашуда, исботи он суханҳост. Ин аст, ки сандуқи қарзии низоми бонкии Тоҷикистон соли 2021 ҳаҷми 11 970 млн. сомониро (12,10 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ба 53,40 фоизи ҳаҷми умумии дороиҳо дар ин сол баробар мебошад. Аз ин ҳаҷми қарздиҳӣ 9 437 млн. сомонӣ (9,54 фоиз нисбат ба ММД) ба бонкҳо, дар соли мазкур дар кишвар ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бақайд гирифта нашудааст, 2 496 млн. сомонӣ (2,52 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва 36 млн. сомонӣ (0,04 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои қарзии исломӣ рост меояд. Ҳаҷми қарзҳои соли 2022 дар кишвар 13 577 млн. сомониро (11,73 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ба 42,21 фоизи ҳаҷми дороиҳо рост меояд. Аз ин ҳаҷм 10 489 млн. сомонӣ (9,06 фоиз нисбат ба ММД) ба бонкҳо, дар ин сол низ дар кишвар ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бақайд гирифта нашудааст, 2 982 млн. сомонӣ (2,58 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва 101 млн. сомонӣ (0,09 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилоти қазии исломӣ рост меояд. Ҳаҷми қарзҳои соли 2023 дар ҷамъият 17 844 млн. сомониро (15,04 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ба 47,35 фоизи ҳаҷми дороиҳои умумӣ баробар мебошад. Аз ин ҳаҷм 13 954 млн. сомонӣ (11,76 фоиз нисбат ба ММД) ба бонкҳо, 1,71 млн. сомонӣ (0,00 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 3 718 млн. сомонӣ (3,13 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва 169 млн. сомонӣ (0,14 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилоти қарзии исломӣ рост меояд. Ҳаҷми қарзҳои бонкии соли 2024 21 374 млн. сомониро (13,94 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ба 45,02 фоизи ҳаҷми дороиҳои бонкӣ баробар мебошад. Аз ин ҳаҷм

16 398 млн. сомонӣ (10,69 фоиз нисбат ба ММД) ба бонкҳо, 1,30 млн. сомонӣ (0,00 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, 4 749 млн. сомонӣ (3,10 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои маблағгузории хурди ва 227,1 млн. сомонӣ (0,15 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои қарзии исломӣ рост меояд. Ҳаҷми қарзҳои соли 2025 26 119 млн. сомониро (14,76 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ба 44,08 фоизи ҳаҷми дороиҳо дар соли таҳлилшаванда рост меояд. Аз ин ҳаҷм 24 131 млн. сомонӣ (13,64 фоиз нисбат ба ММД) ба бонкҳо, 9,3 млн. сомонӣ (0,01 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, 1 664 млн. сомонӣ (0,94 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои маблағгузории хурд ва 323,2 млн. сомонӣ (0,18 фоиз нисбат ба ММД) ба ташкилотҳои қарзии исломӣ рост меоянд. Бо назардошти таҳлили нишондиҳандаҳо, ҳаҷми қарзҳои бонкии соли 2025 нисбат ба соли 2021 дар ҳаҷми 14 149 млн. сомонӣ (2,66 фоиз нисбат ба ММД), ҳаҷми қарзҳои бонкҳо 14 694 млн. сомонӣ (4,1 фоиз нисбат ба ММД), ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ 7,59 млн. сомонӣ (0,01 фоиз нисбат ба ММД) афзоиш ёфта, аммо нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд 832 млн. сомонӣ (1,58 фоиз нисбат ба ММД) коҳиш ёфтааст. Ҳаҷми қарзҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ 287,2 млн. сомонӣ (0,14 фоиз нисбат ба ММД) афзоиш ёфтаанд. Яъне, гарчанде, ки бевосита низоми дороиҳои бонкӣ аз бахши маблағгузории қарзӣ вобаст буда, аксарияти нишондиҳандаҳо тамоюли рушдро дар худ нишон медиҳанд, аммо бархе аз сохторҳои бонкӣ бо далели бад шудани вазъи фаъолият, бахусус коҳишёбии вазъи қарздиҳӣ рушди дороиҳоро осебпазир гардонида, боиси монеъи рушди бомаром мегарданд.

Муҳокима. Имрӯз Бонки миллии Тоҷикистон низоми радабандиеро дар фаъолияти тамоми бонкҳои тиҷоратӣ роҳандозӣ намуда, бо назардошти меъёрҳои муқарраршуда фаъолияти ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратиро дар асоси он меъёрҳо таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Ҳадафи асосӣ аз он, ин муайян намудани бонкҳои фаъол буда, дар ин асос метавонад бонкҳои тиҷоратии дигар низ бо мақсади нуфузи беш пайдо намудан дар низоми иқтисодиёти кишвар ва пардохтпазир эътироф гаштан, фаъолияти хешро ба меъёрҳои муқарраргашта, мутобиқ сохта, ба яке аз бонкҳои интихобии боэътимоду устувор табдил гарданд. Дар соли 2025 тибқи ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон аз доираи бонкҳо танҳо 3 бонк, аниқтараш КВД БАҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Бонки Эсхата” ҳамчун бонкҳои фаъолтар ва низомсоз эътироф гашта, нисбат ба бонкҳои дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии онҳо дар сатҳи баландтар қарор дошта, қисми зиёди дороиҳо ва қарзҳои додашуда ба онҳо рост меоянд, ки фаъолияти молиявии онҳоро дар ҷадвали 3. мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҷадвали 3. Вазъи сандуқи дороиҳои бонкҳои низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Бонкҳо					
	КВД БА ҶТ "Амонатбонк"		ҶСК "Ориёнбонк"		ҶСК "Бонки Эсхата"	
	Солҳо					
	2021	2025	2021	2025	2021	2025
Дороиҳо,	4 437	11 008	4 067	4 599	3 248	9 359
аз ҷумла:						
Нақдина	430	422	400	888	359	590
Барои гирифтан аз БМТ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ	1 412	5 477	929	696	501	2 853
Коғазҳои қиматнок ва сармоягузорӣ	805	1 558	3,5	0,2	17,2	447
Қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт	966	2 714	2 161	2 252	2 018	4 864
Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайриммоддӣ	683	713	439	585	94	300
Дигар дороиҳо	137	121	132	175	257	303

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо барои солҳои 2021-2025.

Ҳиссаи ҳар яке аз бонкҳои зикршуда тибқи ҷадвали 3. дар ташаккули ҳаҷми дороиҳо ва қарзҳои бонкӣ гуногун мебошад. Ин аст, ки бо назардошти саҳми бешашон дар масоилҳои мухталиф вазъи фаолияти онҳо мавриди таҳлил қарор гирифта аст. Соли 2021 ҳаҷми дороиҳои КВД БАҶТ “Амонатбонк” 4 337 млн. сомонӣ, ки аз он 430 млн. сомонӣ ё 9,69 фоиз ин нақдина, 1 412 млн. сомонӣ ё 31,82 фоиз барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 805 млн. сомонӣ ё 18,14 фоиз ин қ.қ.с., 966 млн. сомонӣ ё 21,77 фоиз қ.и.м.о., 683 млн. сомонӣ ё 15,39 фоиз в.а.д.ғ. ва 137 млн. сомонӣ ё 3,08 фоиз ин дигар дороиҳо буда, дар соли 2025 ҳаҷми дороиҳо ба 11 008 млн. сомонӣ расидааст, ки аз он дар ҳаҷми 422 млн. сомонӣ ё 3,83 фоиз ин нақдина, 5 477 млн. сомонӣ ё 49,75 фоиз ин барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 1 558 млн. сомонӣ ё 14,15 фоиз ин қ.қ.с., 2 714 млн. сомонӣ ё 24,65 фоиз қ.и.м.о., 713 млн. сомонӣ ё 6,47 фоиз в.а.д.ғ. ва 121 млн. сомонӣ ё 1,09 фоиз ин дигар дороиҳо мебошад. Соли 2021 ҳаҷми дороиҳои ҶСК “Ориёнбонк” 4 067 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз он 400 млн. сомонӣ ё 9,83 фоиз ин нақдина, 929 млн. сомонӣ ё 22,84 фоиз ин барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 3,5 млн. сомонӣ ё 0,08 фоиз қ.қ.с., 2 161 млн. сомонӣ ё 53,13 фоиз қ.и.м.о., 439 млн. сомонӣ ё 10,79 фоиз ин в.а.д.ғ. ва 132 млн. сомонӣ ё 3,24 фоиз ин дигар дороиҳо буда, соли 2025 ҳаҷми дороиҳо ба 4 599 млн. сомонӣ расидааст, ки аз он 888 млн. сомонӣ ё 19,30 фоиз ин нақдина, 696 млн. сомонӣ ё 15,13 фоиз ин барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 0,2 млн. сомонӣ ё 0,00 фоиз ин қ.қ.с., 2 252 млн. сомонӣ ё 48,96 фоиз қ.и.м.о., 585 млн. сомонӣ ё 12,72 фоиз ин в.а.д.ғ., ва 175 млн. сомонӣ ё 3,80 ин дигар

дороиҳо мебошад. Соли 2021 саҳми ҶСК “Бонки Эсхата” низ назаррас буда, ҳаҷми дороиҳояш 3 248 млн. сомониро ташкил намудааст, ки аз он 359 млн. сомонӣ ё 11,05 фоиз ин нақдина, 501 млн. сомонӣ ё 15,42 фоиз ин барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 17,2 млн. сомонӣ ё 0,52 фоиз қ.қ.с., 2 018 млн. сомонӣ ё 62,13 фоиз қ.и.м.о., 94 млн. сомонӣ ё 2,89 фоиз в.а.д.ғ. ва 257 млн. сомонӣ ё 7,91 фоиз ин дигар дороиҳо буда, дар соли 2025 ҳаҷми дороиҳо ба 9 359 млн. сомонӣ расидааст, ки аз он 590 млн. сомонӣ ё 6,30 фоиз ин нақдина, 2 853 млн. сомонӣ ё 30,48 фоиз ин барои гирифтан аз БМТ ва т.қ.м., 447 млн. сомони ё 4,77 фоиз ин қ.қ.с., 4 864 млн. сомонӣ ё 51,97 фоиз ин қ.и.м.о., 300 млн. сомонӣ ё 3,20 фоиз ин в.а.д.ғ. ва 303 млн. сомонӣ ё 3,23 фоиз ин дигар дороиҳо мебошанд. Бо назардошти оне, ки ҳадафи асосии мавзуи матраҳшаванда, ин нақши қарз дар ташаккули дороиҳои бонкӣ мебошад, мо нишондиҳандаҳои лозимаро таҳлил намуда, чунин маълум намудем, ки агар соли 2021 ҳаҷми умумии дороиҳо ва қарзҳои бонкӣ 22 414 млн. сомонӣ ва 11 970 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас ҳиссаи КВД БАҶТ “Амонатбонк” 4 437 млн. сомонӣ ё 19,79 фоиз ва 966 млн. сомонӣ ё 8,07 фоиз, ҳиссаи ҶСК “Ориёнбонк” 4 067 млн. сомонӣ ё 18,14 фоиз ва 2 161 млн. сомонӣ ё 18,05 фоиз, ҳиссаи ҶСК “Бонки Эсхата” 3 248 млн. сомонӣ ё 14,49 фоиз ва 2 018 млн. сомонӣ ё 16,85 фоиз буда, ин нишондиҳандаҳо дар соли 2025 тағйир ёфта, аз 59 242 ҳаҷми умумии дороиҳо ва 26 119 млн. сомонии қарзҳои бонкӣ, ҳиссаи КВД БАҶТ “Амонатбонк” 11 008 млн. сомонӣ ё 18,58 фоиз ва 2 714 млн. сомонӣ ё 10,39 фоиз, ҳиссаи ҶСК “Ориёнбонк” 4 599 млн. сомонӣ ё 7,76 фоиз ва 2 252 млн. сомонӣ ё 8,62 фоиз ва ҳиссаи ҶСК “Бонки Эсхата” 9 359 млн. сомонӣ ё 15,79 фоиз ва 4 864 млн. сомонӣ ё 18,62 фоиз мебошанд.

Хулоса. Аз натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу арзёбии мавзуи матраҳшаванда, чунин маълум мегардад, ки низоми қарздиҳӣ ҳамчун ҷузъи бузургтарини таъмини даромад дар сохтори таркибии дороиҳои бонкӣ маҳсуб ёфта, ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ талош менамоянд, ки бо имконоти молиявии хеш ва ворид намудани маблағҳои иловагӣ, аз ҳисоби ҳам аҳолӣ ва ҳам сармоягузорони хориҷӣ, сандуқи қарзии хешро бо тақсими он ба тамоми қишри ҷомеа ва бахшҳои муҳими самараноки иқтисодиёт дар ҳамаи минтақаҳои кишвар афзоиш дода, дар асоси он даромади муносибро ба худ таъмин намуда бошанд. Чун аз давраи пайдоиш ва то шароити кунунии асри навин раванди қарздиҳӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун амалиёти марказӣ дониста шуда, татбиқи тамоми хизматрасониҳои навин дар асоси таъмини даромади молиявии он ба бонк, маншаъ мегиранд. Аз ин лиҳоз, агар бонкҳои тиҷоратӣ кушиш бар он намоянд, ки пешниҳоди қарзро танҳо бо назардошти арзиши ҳолати молиявии мавҷуда ва он имконоте, ки ҳамчун гарав аз ҷониби муштарӣ дар назди бонкҳо гузошта мешавад, таъмин карда, назорати фаъолияти муштариро ҳар моҳ ба роҳ монанд, самти мусбат дар фаъолияти ҳарду ҷониб арзёбӣ гашта, чунин раванд метавонад монеъи пайдошавии хатарҳои қарзию фоизӣ ва бад гаштани вазъи молиявии худи муштарӣ гашта, ва дар ин сурат метавонанд дороиҳои ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли устувор аз ҳисоби қарздиҳӣ ташкил шуда, рушди бемайлони низоми дороиҳои бонкӣ ва талаботи иқтисодии аҳолиро таъмин намуда бошанд.

Адабиёт

1. Аҳадов, И.Қ. Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / У.М. Олимов. – Душанбе, 2024. – 184 с.
2. Дембегиев, М.С. Бозори хизматрасоиҳои бонкӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / М.С. Дембегиев. – Душанбе, 2023. – 164 с.
3. Ҷулиев, М.Ҳ. Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон: дисс. доктори фалсафа (PhD): 6D050900 / М.Ҳ. Ҷулиев. – Душанбе, 2024. – 173 с.
4. Мирзоев, С.С. Баланд бардории устувории молиявии низоми бонкии Тоҷикистон : дисс. доктори фалсафа (PhD): 6D050900 / С.С Мирзоев. – Душанбе, 2019. – 174 с.
5. Ҳаёзода, Қ.А. Масъалаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар шароити навини иқтисодӣ / Қ.А. Ҳаёзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025. - № 3 (58). - 539 с.
6. Ҳаёзода, Қ.А. Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариши иқтисодӣ / Қ. А. Ҳаёзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. –No. 1. – 511 с.
7. Сафаров, С.З. Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / С.З. Сафаров. – Бохтар, 2025. – 179 с.
8. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, аз 1 июли соли 2022, №314.

УДК: 657.47:631.1

АСОСНОКУНИИ ЗАРУРАТИ ТАШАККУЛИ КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хукматов Давлатҷон Ҷамшедович

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: sohibkortvt@mail.ru. Телефон: +992 919-11-11-64

Дар мақола заминаҳои ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ мешаванд. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, муҳити институтсионалӣ ва маълумоти оморӣ асоснок карда мешавад, ки рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ на танҳо бо эҳтиёҷоти дохилии низоми идоракунӣ, ҳамчунин бо хусусиятҳои соҳавии фаъолияти онҳо ва муҳити миллии иқтисодӣ арзёбӣ карда мешавад. Маҳдудиятҳои институтсионалии марбут бо гуногунии шаклҳои хоҷагидорӣ, бартарии хоҷагиҳои нисбатан хурд, гуногунии таъминоти захиравӣ ва тафовут дар сатҳи рушди ташкилии хоҷагиҳои кишоварзӣ ошкор карда шудаанд. Принсипҳои ташаккули консепсияи миллӣ, амсилаи сохторӣ ва механизми мутобиқсозии татбиқи он пешниҳод карда шудаанд. Хулоса бароварда шудааст, ки консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бо ҳам алоқаманди асосҳои назариявию методологӣ ва равишҳои ба амалия нигаронидашуда мебошад, ки таҳия ва татбиқи воситаҳои идоракуниро бо назардошти муҳити институтсионалӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва равандҳои табдили рақамии иқтисодиёти кишоварзӣ таъмин менамояд.

Калидвожаҳо: баҳисобгирии идоракунӣ, бахши кишоварзӣ, консепсияи миллӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, муҳити институтсионалӣ, мутобиқсозӣ, дастгирии иттилоотию таҳлилии идоракунӣ, иттилооти идоракунӣ, муҳити рақамӣ, идоракунии дохилӣ.

ОБОСНОВАНИЕ НЕОБХОДИМОСТИ РАЗРАБОТКИ НАЦИОНАЛЬНОЙ КОНЦЕПЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Хукматов Давлатджон Джамшедович

Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Тел.: +992 919-11-11-64. E-mail: sohibkortvt@mail.ru

В статье рассматриваются предпосылки формирования национальной концепции управленческого учета в аграрном секторе Республики Таджикистан. На основе анализа научной литературы, институциональной среды и статистических данных обосновывается, что развитие управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях оценивается не только по внутренним потребностям системы управления, но и по отраслевым особенностям их деятельности и национальной экономической среде. Выявлены институциональные ограничения, связанные с многообразием форм ведения сельского хозяйства, преобладанием относительно небольших хозяйств, разнообразием ресурсного обеспечения и различиями в уровне организационного развития сельскохозяйственных предприятий. Предложены принципы формирования национальной концепции, структурная модель и механизм адаптации ее реализации. Сделан вывод, что национальная концепция управленческого учета в аграрной отрасли Республики Таджикистан представляет собой взаимосвязанную систему теоретико-методологических основ и практико-ориентированных подходов, обеспечивающих разработку и внедрение инструментов управления с учетом институциональной среды, отраслевых особенностей и процессов цифровой трансформации аграрной экономики.

Ключевые слова: управленческий учет, сельскохозяйственный сектор, национальная концепция, дехканские хозяйства, институциональная среда, адаптация, информационно-аналитическая поддержка управления, управленческая информация, цифровая среда, внутреннее управление.

JUSTIFICATION FOR THE NECESSITY OF DEVELOPING A NATIONAL MANAGEMENT ACCOUNTING CONCEPT FOR THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Khukmatov Davlatjon Jamshedovich

Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Accounting. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.: +992 919-11-11-64. E-mail: sohibkortvt@mail.ru

This article examines the prerequisites for developing a national management accounting concept in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan. Based on an analysis of scientific literature, the institutional environment, and statistical data, it is substantiated that the development of management accounting in agricultural enterprises is assessed not only by the internal needs of the management system, but also by the industry-specific characteristics of their activities and the national economic environment. Institutional constraints associated with the diversity of agricultural practices, the predominance of relatively small farms, the diversity of resource provision, and differences in the level of organizational development of agricultural enterprises are identified. Principles for developing the national concept, a

structural model, and a mechanism for adapting its implementation are proposed. It is concluded that the national management accounting concept in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan represents an interconnected system of theoretical and methodological foundations and practice-oriented approaches that ensure the development and implementation of management tools taking into account the institutional environment, industry-specific characteristics, and processes of digital transformation of the agricultural economy.

Key words: management accounting, agricultural sector, national concept, dehkan farms, institutional environment, adaptation, information and analytical support for management, management information, digital environment, internal management.

Муқаддима. Имрӯз, рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйирёбии механизмҳои иқтисодӣ ва рақамикунонии ботадриҷи равандҳои хоҷагидорӣ, инчунин мураккабшавии талабот ба низомҳои идоракунии истеҳсолот марбут аст. Беҳтар шудани самаранокии истифодабарии захираҳо, афзоиши рақобат, зарурати вокуниши фаврӣ ба дигаргуниҳо дар муҳити берунӣ ва афзоиши талабот ба сифати иттилооти идоракунӣ шароити нави фаъолияти субъектҳои иқтисодиро ба миён меоранд.

Ин мушкилот махсусан дар бахши кишоварзӣ, ки дар он нишондиҳандаҳои иқтисодӣ на танҳо аз сифати идоракунӣ, балки инчунин аз хосияти мавсимӣ доштани истеҳсолот, омилҳои табиию иқлимӣ, давомнокии даври истеҳсолӣ ва гуногунхелии ташкилии субъектҳои хоҷагидорӣ вобастаанд, муҳим мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хусусиятҳо бо бартарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои хурди оилавӣ, тафовут дар сатҳи рушди технологӣ ва истифодаи маҳдуди воситаҳои муосири идоракунии дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ боз ҳам мураккабтар мешаванд.

Дар чунин шароит, нақши баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми ташаккули иттилооти зарурӣ барои банақшагирӣ, назорат, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ меафзояд. Дар баробари ин, амалия нишон медиҳад, ки рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар вақт нобаробар ва пароканда буда, ба равишҳои асосан дар дигар шароити институтсионалӣ ва соҳавӣ таҳияшуда такя мекунад. Чунин вазъ татбиқи пурраи онҳоро дар муҳити кишоварзии миллӣ маҳдуд мекунад ва иқтидори баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот коҳиш медиҳад.

Гузашта аз ин, мушкилоти мавриди омӯзиш бо табдили рақамии иқтисодиёт аҳаммияти бештар пайдо мекунанд. Густариши гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, корбурди платформаҳои рақамӣ ва технологияҳои таҳлилӣ талаботро ба муҳтаво ва саривақтии иттилооти идоракунӣ тағйир медиҳанд. Аммо, равандҳои рақамикунонӣ худ маҳдудиятҳои методологӣ ва институтсионалии мавҷударо бартараф намекунанд, баръакс, онҳо зарурати корбурди равиши бештар муназзамро барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ тақвият медиҳанд.

Дар робита ба ин, зарурати илмӣ ва амалӣ барои омӯзиши заминаҳои ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Дар ин маврид, сухан дар бораи бунёди амсилаи қатъиян танзимшаванда ё стандарти миллии баҳисобгирии идоракунӣ намеравад, балки таҳияи низоми дастурҳои методологӣ ва принсипҳои мутобиқшаванда, ки хусусиятҳои институтсионалӣ, соҳавӣ ва рақамии рушди иқтисодиёти кишоварзии кишварро ба инобат мегиранд, дар назар аст.

Масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар солҳои охир дар адабиёти илмии ҳам хориҷӣ ва ҳам миллӣ рушд ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, хосияти таҳқиқоти мавҷуда гуногунранг аст: қисми назарраси интишорот ба масъалаҳои умумии таҳаввулоти баҳисобгирии идоракунӣ, корбурди воситаҳои методӣ ё ҷанбаҳои алоҳидаи татбиқи амалии он бахшида шудааст.

Асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ, рушди он ҳамчун соҳаи мустақили донишҳои иқтисодӣ дар асарҳои Б.А. Маҷидзода таҳқиқ шудаанд [16]. Интишороти Қ.Х. Хушвахтзода, ки воситаҳои муосири баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва масъалаҳои назорати дохилиро дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил мекунанд, дар омӯзиши ҷанбаҳои кишоварзӣ ва стратегии баҳисобгирии идоракунӣ саҳми назаррас гузоштаанд [18; 19; 20; 21]. Ҷанбаҳои амалӣ ва методии баҳисобгирии идоракунӣ дар асарҳои Н.А. Абдулмуминзода, ки ба баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин унсурҳои алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [1; 2]. Интишороти Ҳ.Қ. Қурбонализода [15] ва У.Ф. Ғаниев [3] самти мазкури таҳқиқотро бо таҳлили таснифоти хароҷот ва корбурди низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар шароити соҳавӣ пурра мекунанд. Дар интишороти М.Б. Каримиён масъалаҳои татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ матраҳ мешаванд, ки дарки имконияти мутобиқсозии воситаҳои баҳисобгириро ба талаботи муосир ва хусусиятҳои фаъолияти иқтисодӣ васеъ мекунанд [6; 7]. Асарҳои Б.Ҳ. Каримов [8; 9; 10; 11; 12] ва Г.Т. Қодирова [14], ки ба таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти низоми баҳисобгирӣ, масъалаҳои сиёсати баҳисобгирӣ ва мутобиқсозии равишҳои байналмилалӣ ба амалияи миллӣ бахшида шудаанд, барои дарки бештари муҳити институтсионалии баҳисобгирӣ арзишманд мебошанд. Аммо, сарфи назар аз шумораи зиёди интишорот, онҳо асосан ба унсурҳои алоҳидаи баҳисобгирии идоракунӣ, масъалаҳои баҳисобгирии хароҷот, назорати дохилӣ ва корбурди онҳо дар соҳаҳои алоҳида тамаркуз мекунанд. Дар адабиёти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзӣ, ки маҳдудияти институтсионалӣ ва мушкилоти табдили рақамиро ба назар мегирад, ҳанӯз таҳлили мустақил ва ҳамаҷонибаи назариявӣ ва методологӣ наёфтааст. Маҳз ҳамин ҳолат самти таҳқиқии мақолаи мазкурро муайян кардааст.

Ҳадафи таҳқиқот асоснок кардани зарурати ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти маҳдудияти институтсионалӣ ва табдили рақамии иқтисодиёт мебошад.

Фарзияи таҳқиқот ин аст, ки тинати дохиликорхонавии баҳисобгирии идоракунӣ зарурати ташаккули равишҳои консептуалии ба шароити миллӣ мутобиқшавандаи рушди онро истисно намекунад. Муҳити институтсионалӣ, сохтори бахши кишоварзӣ, хусусиятҳои хоҷагидорӣ ва табдили рақамӣ ба муҳтаво, воситаҳо ва амалияи баҳисобгирии идоракунӣ таъсири муназзам мерасонанд, ки ин ба зарурати таҳияи консепсияи миллии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис мешавад.

Усулҳо ва маводи таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро равишҳои муназзам, институтсионалӣ ва муқоисавӣ ташкил доданд. Корбурди ин равишҳо имкон медиҳад, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури низоми васеътари муносибатҳои иқтисодӣ ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ баррасӣ карда шавад. Дар рафти таҳқиқот усулҳои таҳлил ва таркиб барои омӯзиши равишҳои назариявӣ ва дарки илмии моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ, усули муқоисавӣ барои муқоисаи равишҳои хориҷӣ ва миллии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва усули ҷамъбасткунии мантиқӣ барои таҳияи хулосаҳо ва ошкор кардани қонуниятҳои таъсири муҳити институтсионалӣ ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ истифода шуданд. Унсурҳои таҳлили институтсионалӣ барои арзёбии таъсири шароити ташкилию иқтисодӣ ва хусусиятҳои бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули амалияи баҳисобгирӣ истифода шуданд.

Таҳқиқот дар асоси интишороти илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ, сиёсати баҳисобгирӣ, рушди институтсионалии низомҳои баҳисобгирӣ ва табдили рақамии иқтисодиёт бахшида шудаанд, инчунин маводи меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ, ки вазъи имрӯзаи бахши кишоварзӣ ва низоми баҳисобгирии муҳосибиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунанд, анҷом дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дарки моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ тадриҷан таҳаввул ёфта, тағйиротро дар тинати фаъолияти хоҷагидорӣ, ташкили истеҳсолот ва эҳтиёҷоти иттилоотии идоракунӣ инъикос кардааст. Дар марҳилаҳои аввали рушди тафаккури баҳисобгирӣ, вазифаҳои баҳисобгирии дохилӣ асосан бо бақайдгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот алоқаманд буданд. Дар шароити истеҳсолоти саноатӣ, баҳисобгирӣ асосан ҳамчун воситаи назорати харҷи захираҳо ва муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ баррасӣ мешуд.

Рушди истеҳсолоти ҳаҷмҳои калон, мураккабшавии сохторҳои ташкилӣ ва таҳкими муҳити рақобат боиси густариши ботадриҷи вазифаҳои баҳисобгирии муҳосибии дохилихоҷагӣ гардид. Аллакай дар нимаи дуюми асри XX, баҳисобгирӣ дигар танҳо бо ҳисоб кардани арзиши аслӣ ва назорати хароҷот маҳдуд намешуд. Дар адабиёти илмӣ баҳисобгирии идоракунӣ акнун ҳамчун низоми дастгирии иттилоотии идоракунӣ, ки ба иҷрои вазифаҳои банақшагирӣ, арзёбии алтернативаҳо ва қабули қарорҳо нигаронида шудааст, баррасӣ мешуд. Дар ташаккули тасавуроти мазкур асарҳои А.А. Аткинсон [22], К. Друри [23], Р.Ҳ. Гаррисон [24] ва дигар муҳаққиқон, ки баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун низоми ҳамгирои омодасозӣ ва пешниҳоди иттилоот барои истифодабарандагони дохилӣ баррасӣ мекарданд, саҳми назаррас гузоштаанд.

Минбаъд, рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо гузариш аз равиши асосан ба истеҳсолот нигаронидашуда (равиши истеҳсолӣ) ба дарки васеътари нақши стратегии он алоқаманд буд. Паҳншавии консепсияҳои баҳисобгирии идоракунии стратегӣ, ABC (activity-based costing – ҳисобкунии хароҷот дар асоси фаъолият) ва усулҳои муосири таҳлилӣ боиси густариши воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва робитаи қавитари он бо низоми идоракунии стратегии корхона гардид. Баҳисобгирии идоракунӣ, акнун на танҳо ҳамчун механизми инъикоси хароҷот, балки ҳамчун воситаи арзёбии самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ, ошкор кардани захираҳои рушд ва ҳамоҳангсозии равандҳои идоракунии корхона ва воҳидҳои сохтории он низ дарк карда мешуд. Зеро, тавре муҳаққиқ Б.А. Мачидзода қайд мекунад, «имрӯз дарёфти иттилоот дар бораи ташаккули хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), ки дар ҳисоботҳои молиявӣ ва идоракунӣ инъикос меёбад, имконияти дастрасӣ ба иттилоот дар бораи рақибон ва шарикони тиҷоратӣ, маълумот оид ба фурӯши маҳсулот ва нархҳои онҳо ва стратегияи пешбурди тиҷорат, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин дар раванди идоракунии фаъолияти корхонаҳо мебошанд» [16, с. 107].

Нуқтаи назари анъанавӣ дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми дохилихоҷагӣ ба ақидае меорад, ки гӯё он аз муҳити берунӣ комилан мустақил аст. Ин ақида ба он асос меёбад, ки баҳисобгирии идоракунӣ, дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ, қатъиян танзим карда намешавад ва ба субъектҳои иқтисодӣ дар интихоби усулҳои пешбурди худ, пешниҳоди ҳисоботи дохилӣ ва воситаҳои таҳлилӣ мустақилии муайяне медиҳад. Аммо, рушди назарияи муосири баҳисобгирӣ нишон медиҳад, ки чунин мустақилӣ нисбӣ аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ, тасаввурот дар бораи он ки муҳтаво ва ташкили амалии баҳисобгирии идоракунӣ дар баробари бо эҳтиёҷоти дохилии худи корхона муайян шудан, инчунин вобаста ба шароити муҳити хоҷагидорӣ ташаккул меёбанд, торафт васеътар паҳн мегардад [1; 2; 7; 8; 9; 11]. Ин ғоя бештар дар доираи равишҳои институтсионалӣ ва эҳтимолӣ, ки мувофиқи онҳо усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ умумӣ нестанд ва аз омезиши омилҳои ташкилӣ, технологӣ ва берунӣ вобастаанд, ифшо мегардад.

Аз нигоҳи институтсионалӣ, баҳисобгирии идоракунӣ таҳти таъсири қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмии фаъолияти хоҷагидорӣ рушд мекунад. Ин омилҳо сатҳи рушди ниҳодҳои бозорӣ, хусусиятҳои муҳити соҳибкорӣ, низоми омодасозии мутахассисон, хосияти идоракунии корпоративӣ, паҳншавии технологияҳои рақамӣ ва амалияи пойдоршудаи истифодаи иттилооти идоракуниро дар бар мегиранд. Дар натиҷа, ҳатто дар сурати набудани стандартҳои ҳатмӣ, баҳисобгирии идоракунӣ воқеан дар доираи муҳити муайяни институтсионалӣ ташаккул меёбад.

Таъсири омилҳои институтсионалӣ ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷадвали 1 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 1. Омилҳои институтсионалӣ ва таъсири онҳо ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ

Омилҳои институтсионалӣ	Тавсифи таъсир	Паёмад барои баҳисобгирии идоракунӣ
Муҳити меъёрӣ ва ҳуқуқӣ	Хусусиятҳои танзими фаъолияти иқтисодӣ	Интихоби тартибот ва равишҳои дохилии баҳисобгирӣ
Сатҳи рушди бозорӣ	Шароити рақобат ва рушди соҳибкорӣ	Афзоиши талабот ба таҳлили идоракунӣ
Омодагии касбии кормандон	Сатҳи дониш ва малакаҳои мутахассисон	Имконияти истифодаи усулҳои муосир
Муҳити технологӣ	Рушди рақамикунонӣ ва низомҳои иттилоотӣ	Тағйирёбии усулҳои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот
Фарҳанги идоракунӣ	Муносибат ба назорат ва истифодаи иттилоот	Муҳтаво ва аҳаммияти ҳисоботи дохилӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 8; 9; 11; 15; 16; 20]

Тавре ки аз ҷадвали 1 бармеояд, чандирии баҳисобгирии идоракунӣ чунин маъно надорад, ки он аз ҷиҳати институтсионалӣ бетараф аст. Баръакс, маҳз набудани меъёр (стандарт)-ҳои қатъӣ онро ба хусусиятҳои муҳити хоҷагидорӣ ва фарҳанги ташкилӣ махсусан ҳассос мегардонад.

Ин хулоса барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бунёдӣ дорад. Рушди низоми миллии баҳисобгирӣ дар даҳсолаҳои охир бо ислоҳоти соҳавӣ, мутобиқсозии равишҳои байналмилалӣ ва густариши ботадричи технологияҳои рақамӣ ҳамрадиф буд [9; 10; 12]. Дар баробари ин, равандҳои навсозии муҳити баҳисобгирӣ дар шароити сохторҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва тафовут дар рушди ташкилию технологии субъектҳои иқтисодӣ сурат мегиранд. Таҳқиқот оид ба вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои иқтисодӣ [1; 2; 7; 9] ва ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирӣ [12] ҷустуҷӯи пайвастаи механизмҳои мутобиқсозии равишҳои байналмилалӣ ба амалияи миллиро нишон медиҳанд.

Дар чунин шароит, қабул ва корбурди бевоситаи амсилаҳои хориҷии баҳисобгирии идоракунӣ на ҳамеша самаранокии интизоршавандаро таъмин мекунад. Усулҳое, ки дар муҳити дигари институтсионалӣ ва истеҳсолӣ ташаккул ёфтаанд, мутобиқсозии худро ба хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, сохтори соҳавӣ ва амалияҳои муқарраршудаи идоракунӣ талаб мекунанд. Мушкилоти мазкур махсусан дар бахши кишоварзӣ, ки дар он таъсири маҳдудиятҳои институтсионалӣ бо хусусиятҳои зиёди соҳавӣ ва талаботи афзояндаи табдили рақамиии иқтисодиёт омезиш меёбанд, равшан зоҳир мешавад [11].

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки дарки муосири баҳисобгирии идоракунӣ аз доираи тасаввуроти анъанавии он ҳамчун маҷмуи усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва омодасозии ҳисоботи дохилӣ берун мебарояд. Густариши муҳтаво ва вазифаҳои таҳлилии баҳисобгирӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, мураккабшавии муҳити хоҷагидорӣ ва такмили усулҳои идоракунӣ баҳисобгирии идоракуниро тадриҷан ба низоми дастгирии иттилоотию таҳлилии идоракунӣ, ки муҳтавои он на танҳо бо эҳтиёҷоти дохилии корхона, балки ҳамчунин бо шароити фаъолияти он муайян мегардад, табдил доданд. Дар чунин шароит аҳаммияти баҳисобгирии идоракунӣ васеътар шуда, ҳамчун механизми ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва дастгирии иттилоотии қарорҳои идоракунӣ хизмат мекунад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки муҳтавои амалии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар муҳити якхелаи иқтисодӣ ташаккул намеёбад. Сохтор, воситаҳо ва талаботи он ба сифати иттилоот бештар аз миқёси фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, хосияти рақобати бозорӣ, сатҳи рушди ташкилӣ ва дараҷаи иштироки корхона дар муносибатҳои иқтисодӣ вобаста аст. Бо мурури тақвияти мавқеи корхона дар бозор ва рушди фаъолияти иқтисодии он, талабот ба шаффофӣ, воқеъбинона будан ва самаранокии низоми иттилоотии дохилӣ низ меафзояд. Аз ин рӯ, чунин таърифи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ М.Б. Каримиён сазовори таваҷҷуҳ аст: «Баҳисобгирии идоракунӣ – самти низоми умумии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона мебошад, ки ба менеҷмент дар идоракунии корхона, ба соҳибмулкон – дар баҳодиҳии вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои кори корхона ёрӣ мерасонад. Дар ин маврид, ҳар чӣ қадаре, ки нуфузи корхона дар бозор бузург ва фаъолияти он бобарор бошад, талабот ба баҳодиҳии фаъолияти корхона қатъитар ва шумораи шахсони ба шаффофии қоидаҳои баҳодиҳии фаъолияти корхона манфиатдор низ зиёд аст» [7, с. 161].

Дар робита ба ин, имрӯз равише, ки баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун як низоми комилан умумӣ ва бе муҳтавои институтсионалӣ баррасӣ мекунад, нокомил ба назар мерасад. Чунин нуқтаи назар асосан таҳти таъсири амалияҳои иқтисоди бозории рушдёфта, ки дар онҳо бисёре аз унсурҳои идоракунии дохилӣ дар шароити нисбатан устувори муҳити институтсионалӣ ва сатҳи баланди камолоти ташкилии субъектҳои иқтисодӣ ба миён омадаанд, ташаккул ёфтааст. Дар баробари ин, тафовут дар сохтори иқтисодӣ, шаклҳои хоҷагидорӣ, сатҳи рақамикунонӣ ва фарҳанги идоракунӣ ба муҳтаво ва тарзҳои корбурди баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд. Аз ин ҷост, ки сарфи назар аз фасеҳии баҳисобгирии идоракунӣ, усулҳо ва воситаҳои он ба шароити хоҷагидорӣ, сохтори иқтисодӣ ва хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолӣ бояд мутобиқ карда шаванд. Чунин вобастагӣ махсусан дар соҳаҳое, ки дорои хусусиятҳои назарраси истеҳсолӣ ва ташкилӣ мебошанд, нисбатан возеҳ аст.

Бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба чунин соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ мансуб мебошад. Хусусиятҳои хоси он на танҳо бо мавсимӣ будани истеҳсолот ва вобастагии он аз омилҳои табиию иқлимӣ, инчунин бо бартарии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои хурд, саҳми назарраси онҳо дар ташаккули сохтори маҳсулоти кишоварзӣ, гуногунрангии муҳити ташкилӣ, тафовут дар дастрасии захираҳо, маҳдудияти истифодаи


воситаҳои муосири таҳлилӣ ва монеаҳои институтсионалӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамчунин, «хусусияти муҳим дар кишоварзӣ истеҳсоли ҳамзамони якчанд намуди маҳсулот ва маҳсулоти иловагии ҳамроҳ мебошад, ки раванди ҳисобкунии арзиши аслиро мураккаб намуда, истифодаи усулҳои махсуси тақсимоти харочотро талаб мекунад. Дар чунин шароит, усулҳои анъанавии баҳисобгирии харочот аксар вақт дақиқӣ ва фаҳмиши таҳлилии кофӣ намедиҳанд, ки ин ҷиҳат нафънокии онҳоро барои мақсадҳои идоракунӣ коҳиш медиҳад» [11, с. 120]. Дар натиҷа, истифодаи амсилаҳои умумии баҳисобгирии идоракунӣ бе мутобиқсозии онҳо ба шароити соҳавӣ ва миллӣ на ҳамеша натиҷаҳои амалии заруриро ба бор меорад.

Дар чунин шароит зарурати корбурди равиши дигар барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ, ки ба омезиши таҷрибаи байналмилалӣ, хусусиятҳои иқтисодии миллӣ ва истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мушаххас асос ёфтааст, ба миён меояд. Дар ин маврид, сухан дар бораи корбурди амсилаи қатъиян танзимшаванда ё таҳияи стандартҳои ҳатмии баҳисобгирии идоракунӣ намеравад. Чандирии баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун яке аз хосиятҳои асосии он дар доираи амалисозии консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ низ муҳим боқӣ мемонад.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳо, дар доираи ин таҳқиқот, консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми муқаррарот ва принсипҳои назариявию методологӣ, инчунин дастурҳои амалии мутобиқсозӣ, ки таҳия ва корбурди усулҳо ва воситаҳои баҳисобгирии идоракуниро бо назардошти хусусиятҳои институтсионалӣ, соҳавӣ ва табдили рақамии бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ таъмин мекунанд, фаҳмида мешавад.

Таърифи пешниҳодшудаи консепсияи миллӣ аз равиши меъёрии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ фарқ мекунад. Ҳадафи он стандартикунонии ҳамаи расмиёти дохилии баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ нест, балки бунёди заминаи методологии умумӣ мебошад, ки барои мутобиқ кардани воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба шароити кишвар ва хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ имкон медиҳад. Ҳамзамон, он мустақилии субъектҳои иқтисодиро дар интихоби усулҳои идоракунии дохилӣ маҳдуд намекунад.

Мантиқи сохтории ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ дар расми 1 пешниҳод шудааст.



Расми 1. Мантиқи сохтории ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 8; 9; 11; 20]

Мантиқи сохтории дар расми 1 овардашуда нишон медиҳад, ки ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи муҳити институтсионалӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва равандҳои табдили рақамӣ баррасӣ мешавад. Дар ин маврид, консепсия на ҳамчун низоми баҳисобгирии қатъиян танзимшаванда, балки ҳамчун маҷмуи дастурҳои методологӣ ва принсипҳои мутобиқшаванда, ки корбурди баҳисобгирии идоракуниро бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва шароити иқтисодии миллӣ таъмин мекунанд, фаҳмида мешавад. Чунин гузориши масъала зарурати таҳлили муфассалтари омилҳо ва маҳдудиятҳои институтсионалиро, ки ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, ба миён меорад.

Бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари он ки як соҳаи муҳими истеҳсолоти моддиро ташкил медиҳад, ҳамчунин низоми мураккаби институтсионалӣ мебошад, ки дар он равандҳои хоҷагидорӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ бо ҳам алоқамандии зич доранд. Дар тӯли солҳои ислоҳоти иқтисодӣ, бахши кишоварзии кишвар табдили бузурги шаклҳои хоҷагидориро аз сар гузаронидааст, ки бо барҳамдиҳии низоми колхозию совхозӣ ва ташаккули субъектҳои нави иқтисодиёти кишоварзӣ ҳамрадиф буд. Ин равандҳо сохтори идоракунии истеҳсолоти кишоварзиро тағйир дода, ҳамзамон ба шароити ташкили баҳисобгирии дохилӣ ва иттилооти идоракунӣ таъсир расониданд.

Муҳити муосири институтсионалии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дараҷаи баланди гуногунии ташкилӣ тавсиф мешавад. Ҳоло дар он гурӯҳҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва инфиродӣ, ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва дигар шаклҳои корхонаҳои кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Тибқи маълумоти омори расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар ин бахш «ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 184445 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 157 хоҷагиҳои давлатӣ, 59 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3329 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 431 ҷамъияти саҳомӣ ва ҶДММ, 599 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 179818 хоҷагиҳои деҳқонӣ машғуланд» [13, с. 9].

Чунин сохтор барои дарки хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзӣ муҳим аст. Дар тафовут аз соҳаҳое, ки корхонаҳои калони корпоративӣ бартарӣ доранд (ба мисли саноат ва сохтмон), кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити бисёртарзӣ рушд мекунад, ки дар он субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷиҳати миқёси истеҳсолот, таъминот бо захираҳо, имконияти ташкилӣ ва дараҷаи истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Ба хотири аёнияти бештар сохтори институтсионалии бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Хусусиятҳои институтсионалии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти онҳо барои баҳисобгирии идоракунӣ

Хусусиятҳои институтсионалӣ	Тавсифи муҳит	Аҳаммият барои баҳисобгирии идоракунӣ
Гуногунии шаклҳои хоҷагидорӣ (бисёртарзӣ)	Фаъолияти ҳамзамони хоҷагиҳои давлатӣ, деҳқонӣ ва дигар шаклҳои ташкилии корхонаҳо	Тафовут дар равишҳои ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи дохилӣ
Бартарии хоҷагиҳои деҳқонӣ	Афзалияти шаклҳои хурд ва миёнаи истеҳсолоти кишоварзӣ	Имкониятҳои маҳдуди истифодаи низомҳои мураккаби идоракунӣ
Нобаробарии захиравӣ	Тафовут дар таъминоти молиявӣ ва техникии хоҷагиҳо	Нобаробарии дараҷаи рушди иттилооти идоракунӣ
Тафовути минтақавӣ (ҳудудӣ)	Гуногунии шароити табиӣ ва махсусгардонии истеҳсолот	Зарурати мутобиқсозии воситаҳои таҳлилӣ ва банақшагирӣ
Муҳити тағйирёбандаи институтсионалӣ	Ислоҳоти иқтисодӣ ва такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ	Талаботи баланд ба чандирии равишҳои баҳисобгирӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 20]

Тавре ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст, хусусиятҳои институтсионалии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити нобаробарро барои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ фароҳам меоранд. Дар натиҷа, истифодаи амсилаҳои ягонаи баҳисобгирии идоракунӣ ё механизмҳое, ки бевосита аз таҷрибаи хориҷӣ ва корхонаҳои пешқадам қабул шудаанд, душвор аст.

Муҳити институтсионалӣ бо мавҷудият ва омезиши хусусиятҳои хоси истеҳсолии кишоварзӣ боз ҳам мураккабтар мешавад. Дар истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби шароити табиию иқлимӣ ва махсусгардонии ҳудудӣ тафовути назарраси соҳавӣ возеҳ ба назар мерасад. Масалан, дар соли 2024 майдонҳои кишти пахта 170,7 ҳазор гектарро ташкил додаанд, ки аксарияти онҳо дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд мутамарказ шудаанд [13, с. 27]. Ин нишондиҳандаи махсусгардонии устувори минтақавии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Ғайр аз ин, кишоварзӣ бо нақши баланди дороиҳои биологӣ ва даврҳои тӯлонии истеҳсолӣ тавсиф мешавад [11]. То охири соли 2024, шумораи чорвои калони шохдор 2814 ҳазор сар, гӯсфанду буз 7256,5 ҳазор сар ва парранда 12129,1 ҳазор сарро ташкил додааст [13, с. 48]. Чунин сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ эҳтиёҷи корхонаҳои кишоварзиро ба низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ки барои ба назар гирифтани хусусиятҳои табдили биологии дороиҳо, мавсимият ва гуногуншаклии равандҳои истеҳсолӣ қодир бошад, афзоиш медиҳад.

Ҳамин тариқ, муҳити институтсионалии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳти таъсири омезиши омилҳои гуногунии шаклҳои ташкилии хоҷагидорӣ, тафриқаи ҳудудӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти

кишоварзӣ ташаккул меёбад. Маҳз ҳамин шароит зарурати таҳлили минбаъдаи маҳдудияти рушди баҳисобгирии идоракуниро тақозо мекунанд ва имкон медиҳанд, ки масъалаи ташаккули консепсияи миллӣ на ҳамчун масъалаи танҳо назариявӣ, балки ҳамчун масъалае, ки эҳтиёҷоти амалии иқтисодиёти кишоварзӣ ба миён овардаанд, баррасӣ карда шавад.

Бо вуҷуди аҳаммияти иттилооти идоракунӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд маҳдудияти институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодӣ алоқаманд аст. Сабаби мавҷудияти онҳо на камбудиҳои алоҳидаи амалияи хоҷагидорӣ, балки хусусиятҳои худи муҳити амалкунии субъектҳои кишоварзӣ мебошад.

Яке аз маҳдудиятҳое, ки нисбатан назаррас аст, парокандагии методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Дар аксари корхонаҳои кишоварзӣ, амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ асосан ба баҳисобгирии молиявӣ ва қонеъ кардани талаботи истифодабарандагони берунии ҳисобот нигаронида шуда, воситаҳои таҳлили дохилӣ, буҷетсозӣ ва ҳисоботи дохилӣ нобаробар истифода мешаванд ё умуман истифода намешаванд [11]. Чунин вазъ асосан аз набудани дастурҳои ягонаи методологӣ, ки хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзиро ба назар гиранд, вобаста аст.

Омили таъминот бо кормандони соҳибихтисос низ муҳим мебошад. Ташкили баҳисобгирии муосири идоракунӣ ба мутахассисоне ниёз дорад, ки тавонанд усулҳои таҳлили хароҷот, банақшагирӣ ва арзёбии самаранокиро истифода баранд. Аммо, тафовут дар омодагии касбии кормандони муҳосибот ва дастрасии маҳдуди аксари хоҷагиҳои кишоварзӣ ба методикаҳои муосир корбурди воситаҳои мураккаби таҳлилиро маҳдуд мекунад.

Тафовути технологӣ ва рақамии субъектҳои хоҷагидорӣ гурӯҳи дигари маҳдудиятро ташкил медиҳанд. Дар шароити рақамикунонии ботадриҷи иқтисодиёт дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва низомҳои автоматикунонидашудаи баҳисобгирӣ нобаробар аст. Барои хоҷагиҳои нисбатан калон ва аз ҷиҳати молиявӣ доротар, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба як имконияти воқеии беҳтар кардани идоракунӣ табдил меёбад, вале ҳиссаи назарраси субъектҳои хурди кишоварзӣ ҳоло ҳам ба шаклҳои содакардашудаи баҳисобгирӣ, ҳисобот ва назорат такя мекунанд.

Душвориҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ аз сабаби хусусиятҳои соҳавии кишоварзӣ боз ҳам шадидтар мешаванд. Мавсимӣ будани истеҳсолот, вобастагӣ аз омилҳои табиию иқлимӣ, мавҷудияти дороиҳои биологӣ ва давомнокии тӯлонии даврҳои истеҳсолӣ истифодаи амсилаҳои умумии баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслӣ ва арзёбии самаранокии фаъолияти кишоварзиро душвор мегардонанд.

Маҳдудиятҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Маҳдудиятҳои рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон


Маҳдудиятҳо	Муҳтавои мушкилот	Паёмад барои баҳисобгирии идоракунӣ
Парокандагии методологӣ	Набудани пойгоҳи методологии мутобиқшаванда	Номуназзамии амалияи баҳисобгирӣ
Таъминот бо кормандон	Тафовутҳо дар омодагии касбии мутаххасисон	Истифодаи маҳдуди усулҳои таҳлилӣ
Нобаробарии рақамӣ	Дастрасии нобаробар ба технологияҳои иттилоотӣ	Тафовутҳо дар сифат ва фаврияти маълумот
Хусусиятҳои соҳавӣ	Мавсимият, дороиҳои биологӣ, даврҳои тӯлонии истеҳсолӣ	Душвориҳо дар корбурди амсилаҳои умумӣ
Гуногуншаклии ташкилӣ	Тафовути миқёсҳо ва шаклҳои хоҷагидорӣ	Зарурати корбурди воситаҳои чандир ва татбиқшаванда

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 20]

Таҳлили маҳдудиятҳои дар ҷадвали 3 овардашуда нишон медиҳад, ки мушкилоти рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо такмили расмиёти баҳисобгирӣ дар корхонаҳои алоҳида маҳдуд намешаванд. Муҳтавои онҳо хеле васеътар буда, бо зарурати таҳияи дастурҳои методӣ, ки гуногунрангии институтсионалии ин бахшро ба назар гиранд ва мутобиқсозии баҳисобгирии идоракуниро ба шароити воқеии истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин кунанд, алоқаманд аст. Гузашта аз ин, имрӯз маҳдудиятҳои институтсионалии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баҳсҳои методологӣ ва ҳам дар сохтори воқеии истеҳсолоти кишоварзӣ низ зоҳир мешаванд. Хусусиятҳои ташкили хоҷагидории бахш, тафовут дар миқёси истеҳсолот ва нобаробарии ҳудудӣ, шароити нобаробарро барои истифодаи воситаҳои муосири идоракунии дохилӣ ба вуҷуд меоранд. Ҳолати мазкур заминаро барои таҳияи консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият медиҳад.

Хусусиятҳои институтсионалии бахши кишоварзӣ дар сохтори истеҳсолот бештар инъикос меёбанд. Маҳз тақсимоти истеҳсолот дар байни гурӯҳҳои гуногуни хоҷагиҳо имкон медиҳад, ки амсилаи ташкилӣ ва ҳам шароити воқеии фаъолияти хадамоти муҳосибӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ арзёбӣ карда шавад. Дар ҳолати мазкур, муҳим на мавҷудияти расмии субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ва таносуби шумораи онҳо, балки тафовут дар миқёси истеҳсолот, имконияти захиравӣ ва талаботи онҳо ба иттилооти идоракунӣ мебошад.

Барои арзёбии дар амал зоҳиршавии муҳити институтсионалӣ, мақбул аст, ки тақсимоти маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар байни гурӯҳҳои асосии хоҷагиҳо баррасӣ карда шавад, зеро маҳз ҳамин нишондиҳанда саҳми воқеии субъектҳои гуногунро дар ташаккули истеҳсолоти кишоварзӣ инъикос мекунад (расми 2).



Расми 2. Сохтори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи гурӯҳҳои хоҷагиҳо дар соли 2024

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [17, с. 100]

Шарҳи маълумоти дар диаграмма пешниҳодшуда ба назар гирифтани таснифоти гурӯҳҳои хоҷагиҳоро, ки дар омори расмӣ истифода шудааст, талаб мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи омори расмии давлатӣ корхонаҳои кишоварзӣ – хоҷагиҳои кишоварзии давлатӣ ва коллективӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳо ва дигар шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки ба фаъолияти кишоварзӣ машғуланд. Дар низоми баҳисобгирии оморӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун як гурӯҳи алоҳида ҷудо карда шудаанд. Чунин ҷудокунии хоҷагиҳо аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро он тафовутро на танҳо дар мақоми ташкилию ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорӣ, балки инчунин дар миқёси истеҳсолот, таъминот бо захираҳо ва равишҳои идоракунии дохилии онҳо инъикос мекунад.

Маълумоти диаграммаи дар расми 2 тасвиршуда хусусияти институтсионалии возеҳи бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд. Зиёда аз нисфи маҳсулоти умумии кишоварзӣ (50,4%) дар хоҷагиҳои аҳолӣ (оилавӣ) истеҳсол мешавад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 38,2%-и маҳсулоти кишоварзиро истеҳсол мекунанд, саҳми корхонаҳои кишоварзӣ ҳамагӣ 11,4%-ро ташкил медиҳад. Чунин сохтор нишон медиҳад, ки истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба шаклҳои хурд ва инфиродии хоҷагидорӣ такя мекунад ва нақши корхонаҳои калони кишоварзӣ назаррас нест.

Ҳолати мазкур аз нигоҳи рушди баҳисобгирии идоракунӣ паёмади муҳими методологӣ дорад. Бисёре аз амсилаҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити корхонаҳои калони корпоративии дорои низоми устувори банақшагирии дохилӣ, хадамоти махсуси баҳисобгирӣ ва захираҳои назарраси молиявию технологӣ ташаккул ёфтаанд. Дар баробари ин, барои шаклҳои хоҷагидории дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартаридошта, - аз ҷумла, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шароити дигари фаъолият хос мебошад, ки қабул ва корбурди бевоситаи усулҳои умумии баҳисобгириро маҳдуд ва талаботро ба равишҳои мутобиқшавандаи ташаккули иттилооти идоракунӣ зиёд мекунанд.

Амалияи муосири танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инро тасдиқ мекунад. Дастурамал дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ [5], ки онро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор 13 сентябри соли 2017 тасдиқ кардааст, аз ҷониби давлат эътироф шудани хусусияти хоси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши кишоварзиро инъикос мекунад. Санади меъёрии мазкур муқаррароти махсусро дар бар мегирад, ки бо баҳисобгирии дороиҳои биологӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва хусусиятҳои фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ алоқаманд мебошанд. Бо вуҷуди ин, танзими меъёрӣ асосан ба масъалаҳои баҳисобгирии молиявӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ нигаронида шудааст, дар ҳоле ки асосҳои методологии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ банизомдарорӣ нашудаанд. Маҳз ҳамин ҳолат зарурати ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракуниро, ки бояд хусусиятҳои институтсионалӣ ва соҳавии бахши кишоварзиро ба назар гирад, тақвият мебахшад.

Ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани муҳтавои умумии он, инчунин дастурҳои асосиеро, ки метавонанд ҳамоҳангии дохилӣ ва татбиқи амалии равиши пешниҳодшударо таъмин кунанд, талаб мекунад. Дар чунин ҳолат, на принсипҳои анъанавии баҳисобгирӣ муҳосибӣ, балки принсипҳое, ки худи консепсияро ҳамчун низоми ҷанбаҳои методологӣ ва амалӣ ташкил медиҳанд, дар назар аст.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда, ба назар мерасад, ки баррасии консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ тавассути маҷмуи принсипҳои бо ҳам алоқаманд, ки хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ва муҳити институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос кунанд, мақбул аст. Чунин принсипҳо бояд вазифаи дугонаро иҷро кунанд: аз як ҷониб, таъмини устувории методологии консепсия ва аз ҷониби дигар, нигоҳ доштани қобилияти мутобиқшавии он ба намудҳои гуногуни хоҷагиҳо.

Барои ба низом даровардани дастурҳо ва принсипҳои мазкур, муҳтавои онҳо дар ҷадвали 4 пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 4. Принсипҳои ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Принсип	Муҳтавои принсип	Самти амалии татбиқ
Мутобиқшавии институтсионалӣ	Ба инобат гирифтани хусусиятҳои муҳити миллӣ, меъёрӣ ва ташкилӣ	Мутобиқат ба шароити хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон
Мувофиқати соҳавӣ	Ба назар гирифтани мавсимият, дороиҳои биологӣ ва хусусиятҳои технологии кишоварзӣ	Баланд гардидани аҳаммияти амалии иттилооти баҳисобгирӣ
Чандирӣ	Имконияти истифодаи шаклҳо ва воситаҳои гуногуни баҳисобгирӣ	Татбиқпазирӣ дар хоҷагиҳои андозаашон гуногун
Манфиатнокии иттилоотӣ	Самтгирӣ ба дастгирии қарорҳои идоракунӣ	Тақвияти вазифаи таҳлилии баҳисобгирӣ
Ҳамгироӣ бо муҳити рақамӣ	Истифодаи технологияҳои муосири коркард ва таҳлили маълумот	Баланд шудани фаврият ва сифати иттилоот
Тамаркуз ба рушди устувор	Ба инобат гирифтани омилҳои иқтисодӣ ва захиравии рушди кишоварзӣ	Дастгирии самаранокии дарозмуддати хоҷагиҳо

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 20]

Принсипҳои дар ҷадвали 4 пешниҳодшуда хусусияти бо ҳам алоқаманди равандҳои ташаккули консепсияи миллии баҳисобгирии идоракуниро инъикос мекунанд. Аҳаммияти онҳо на дар бунёди амсилаи қатъиян стандартишуда, балки дар муайян кардани самти умумии рушди методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар робита ба бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар тафовут аз равишҳои умумӣ, ки асосан ба шароити ягонаи ташкилӣ нигаронида шудаанд, низоми пешниҳодшудаи принсипҳо имкон медиҳад, ки дар ҳар як хоҷагии алоҳида воситаҳо ва шаклҳои гуногуни баҳисобгирии дохилӣ вобаста ба хусусиятҳои худи онҳо ба кор бурда шаванд.

Омезиши принсипҳои мутобиқшавии институтсионалӣ ва мувофиқати соҳавӣ махсусан муҳим аст. Маҳз ҳамин ду принсип имкон медиҳанд, ки баҳисобгирии идоракунӣ на ҳамчун маҷмуи усулҳои расман қабулшуда, балки ҳамчун воситае, ки муҳтавои он вобаста аз эҳтиёҷоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва шароити амали хоҷагиҳо муайян мегардад, баррасӣ шавад. Дар ин маврид, ҳамгироӣ бо муҳити рақамӣ ва тамаркуз ба рушди устувор ҳудудҳои анъанавии баҳисобгирии идоракуниро васеъ карда, тадриҷан тамаркузи баҳисобгириро аз бақайдгирии харoҷот ба ташаккули пойгоҳи иттилоотии ҳамаҷонибаи идоракунӣ табдил медиҳанд.

Чунин дарки принсипҳо заминаро барои минбаъд муайян кардани унсурҳои сохтории консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳияи амсилаи комили он ҷиҳати истифода дар шароити бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Пас аз муайян кардани принсипҳое, ки роҳнамои умумӣ ва заминаи методологиро барои ташаккули консепсияи баҳисобгирии идоракунӣ дар сатҳи бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ пешниҳод мекунанд, ба хотири дар амал татбиқ шудани он, дарки сохтори дохилии худи консепсия зарур аст. Дар ҳолати мазкур, консепсия ҳамчун як низоми комиле, ки муқаррароти назариявӣ, воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва механизмҳои мутобиқсозии онҳоро ба шароити бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳид мекунад, баррасӣ мешавад.

Бо назардошти натиҷаҳои таҳқиқот, муайян кардани якчанд унсурҳои сохтории бо ҳам алоқаманди консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ муҳим ба назар мерасад. Муҳтавои онҳо пайдарпайии раванди гузаришро аз дастурҳои методологӣ ба истифодаи амалии иттилооти идоракунӣ дар фаъолияти кишоварзӣ инъикос мекунад.

Ба хотири ба низом даровардани ин унсурҳо, сохтори консептуалии консепсияи таҳияшавандаи баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. Унсурҳои сохтории консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Унсурҳои сохторӣ	Муҳтаво	Нақш дар консепсия
Асоси назариявию методологӣ	Мафҳумҳо, равишҳо ва принсипҳои ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ	Таъмини ягонагии илмӣ ва методологӣ
Воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ	Бучетсозӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ, таҳлили харoҷот ва ҳисоботи дохилӣ	Ташаккули иттилооти идоракунӣ
Бахши ташкилию иттилоотӣ	Тартиби ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли маълумот	Таъмини амалкунии низоми баҳисобгирӣ
Унсури рақамию таҳлилӣ	Технологияҳои иттилоотӣ ва таҳлили маълумот	Баланд намудани сатҳи фаврият ва сифат
Механизми мутобиқсозӣ ва истифодабарӣ	Мутобиқ намудани воситаҳо ба шакл ва андозаи хоҷагиҳо	Таъмини татбиқпазирии амалии консепсия


Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 12; 20]

Сохтори пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ танҳо ба муқаррар кардани усулҳои алоҳидаи ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ё назорати дохилӣ маҳдуд

намешавад. Муҳтавои он доираи нисбатан васеи унсурҳои бо ҳам алоқамандро, ки ҳар кадоми онҳо вазифаи мустақилро иҷро мекунад ва ҳамзамон робитаҳоро бо дигар унсурҳои низом нигоҳ медорад, фаро мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар амсилаи мазкур саҳми механизми мутобиқшавӣ махсусан муҳим аст. Дар шароити гуногунии ташкилии бахши кишоварзӣ, истифодаи восита ва усулҳои ягонаи баҳисобгирӣ на ҳамеша самаранокии заруриро таъмин мекунад. Бинобар ин, консепсияи таҳияшаванда бояд имконияти интихоб ва тағйир додани воситаҳо ва усулҳои баҳисобгирии идоракуниро бо назардошти хусусиятҳои хоси корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар шаклҳои истеҳсолоти кишоварзӣ пешбинӣ намояд.

Робитаи сохтории ин унсурҳо дар расми 3 нишон дода шудааст, ки амсилаи муаллифии консепсияи миллии баҳисобгирии идоракуниро дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мекунад.



Расми 3. Амсилаи сохтории консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 12; 14; 15; 16; 20]

Аҳаммияти амалии консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо аз рӯйи камолоти методологӣ, инчунин вобаста ба мутобиқшаванда будани он ба шароити гуногуни ташкилии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад. Дар тафовут аз амсилаҳои стандартии баҳисобгирии идоракунӣ, ки асосан ба шароити субъектҳои калони хоҷагидорӣ нигаронида шудаанд, консепсияи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки татбиқи воситаҳои идоракунӣ бо назардошти андозаи хоҷагиҳо, хосияти истеҳсолот ва сатҳи таъминоти захиравӣ нисбатан чандир бошад.

Механизми мутобиқшавандаи татбиқи консепсия ба эътирофи гуногунрангии бахши кишоварзӣ ва зарурати корбурди равиши тафриқавӣ барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ асос ёфтааст. Дар низоми мазкур усулҳо ва воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ на мувофиқи талаботи расмии стандартикунонӣ, балки вобаста аз эҳтиёҷоти иттилоотии субъектҳои мушаххаси хоҷагидорӣ ва шароити амалкунии онҳо интихоб карда мешаванд.

Барои бештар равшанӣ андохтан ба дарки консепсияи таҳияшуда, самтҳои имконпазири мутобиқсозии баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷадвали 6 оварда шудаанд.

Ҷадвали 6. Самтҳои мутобиқсозии консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ барои субъектҳои гуногуни бахши кишоварзӣ

Гурӯҳҳои хоҷагиҳо	Хусусиятҳои фаъолият	Воситаҳои афзалиятнокии баҳисобгирии идоракунӣ	Самти мутобиқсозӣ
Корхонаҳои кишоварзӣ	Ҳаҷми нисбатан калони истеҳсолот ва сохтори ташкилӣ	Буҷетсозӣ, таҳлили самаранокӣ, ҳисоботи дохилӣ	Тақвияти таҳлил ва назорати идоракунӣ

Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Маҳдудияти захираҳо ва идоракунии содатар	Баҳисобгирии хароҷот, банақшагирии оддӣ, назорати дохилӣ	Содагардонӣ ва чандирии воситаҳо
Хоҷагиҳои аҳолӣ (оилавӣ)	Ҳаҷми хурди истеҳсолот ва хосияти оилавии он	Арзёбии даромаднокӣ ва назорати хароҷот	Равишҳои содашудаи иттилоотӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1; 2; 7; 9; 10; 11; 12; 14; 15; 16; 20]

Маълумоти ҷадвали 6 нишон медиҳанд, ки татбиқи амалии консепсияи миллӣ бунёди амсилаи ягонаи қатъии баҳисобгирии идоракуниро барои ҳамаи субъектҳои бахши кишоварзӣ пешбинӣ намекунад. Баръакс, самаранокии он аз қобилияти ба назар гирифтани тафовути байни корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои оилавии аҳолӣ вобаста аст. Чунин равиш имкон медиҳад, ки ягонагии методологии консепсия нигоҳ дошта шавад ва ҳамзамон чандирии татбиқи амалии он таъмин гардад.

Ҳамин тариқ, механизми мутобиқшавӣ ҳамчун ҳалқаи пайвандкунандаи байни асосҳои назариявии консепсия ва шароити фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ амал мекунад. Маҳз тавассути чунин механизми мутобиқшавӣ консепсияи миллии баҳисобгирии идоракунӣ метавонад ҳам аҳаммияти илмӣ ва ҳам аҳаммияти амалӣ барои рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад.

Муҳокима. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин танҳо як масъалаи такмили расмиёти алоҳидаи баҳисобгирӣ ё бевосита қабул кардан ва истифода бурдани амсилаҳои умумии баҳисобгирии дохилихоҷагӣ нест. Таҳлили назариявӣ ва арзёбии муҳити институтсионалӣ тасдиқ кард, ки хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ, аз қабили гуногунии шаклҳои хоҷагидорӣ, бартарии шаклҳои хурди хоҷагидорӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва оилавӣ), гуногунии дастрасӣ ба захираҳо ва тафовут дар сатҳи рушди ташкилӣ шароити махсусро барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ фароҳам меоранд. Вазъи мазкурро инчунин пойгоҳи меъёрии амалкунанда, ки ба мутобиқсозии баҳисобгирии молиявӣ ба шароити хоҷагиҳои деҳқонӣ нигаронида шудааст, тасдиқ мекунад, вале дастурҳои методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзӣ ба таври кофӣ ба низом дароварда нашудаанд.

Хулоса. Таҳқиқот зарурати таҳияи консепсияи миллии баҳисобгирии идоракуниро барои бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда, унсурҳои онро, аз қабили низоми принсипҳо, амсилаи сохторӣ ва механизми мутобиқсозии амалӣ, пешниҳод мекунад. Равиши пешниҳодшуда ба зарурати омезиши ягонагии методологӣ ва чандирии амалӣ асос ёфта, имкон медиҳад, ки тафовути байни гурӯҳҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва шароити фаъолияти онҳо ба назар гирифта шаванд. Дар робита ба ин, консепсияи миллӣ – ин як амсилаи қатъии танзими баҳисобгирии идоракунӣ набуда, балки низоми роҳнамо ва мутобиқшавандаест барои таъмини рушди минбадаи баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ.

Адабиёт

1. Абдулмуминзода, Н.А. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Н.А. Абдулмуминзода, Н.Р. Манучеҳри // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1(77). – С. 130-148

2. Абдулмуминзода, Н.А. Важные аспекты управленческого учета основных средств / Н.А. Абдулмуминзода, М.Б. Каримиён // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем: сборник статей по материалам XC международной научно-практической конференции, Москва, 10 декабря 2024 года. – Москва: Общество с ограниченной ответственностью «Интернаука», 2024. – С. 9-15

3. Ғаниев, У.Ф. Корбурди низомҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ / У.Ф. Ғаниев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 4-2(39). – С. 64-73

4. Давлатзода, М.Х. Таҳлили арзиши аслӣ - омили асосии идоракунии истеҳсолоти масолеҳи сохтмонӣ / М.Х. Давлатзода, У.Ф. Ғаниев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – № S1-4-2(80). – С. 309-314

5. Дастурамал дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ / Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармоиш аз 13 сентябри соли 2017, № 122. – Душанбе, 2017. – 33 с.

6. Каримиён, М.Б. Тартиби баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар шароити муосир / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 3. – С. 108-115

7. Каримиён, М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ / М.Б. Каримиён // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – № 4-1(58). – С. 160-170

8. Каримов, Б.Х. Механизм разработки и внедрения учетной политики экономических субъектов в условиях МСФО / Б.Х. Каримов // Светоч науки. – 2025. – № 1. – С. 257-264

9. Каримов, Б.Х. Современное состояние бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён. – Душанбе: ИПС, 2019. – 390 с.

10. Каримов, Б.Х. Составление плана счетов бухгалтерского учета в соответствии с МСФО / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. – С. 76-83

11. Каримов, Б.Ҳ. Тавсифи қиёсии усулҳои ҳисобкунии арзиши аслӣ ва имконияти корбурди онҳо дар пахтакорӣ / Б.Ҳ. Каримов, М.З. Муродова // Фурӯғи илм. – 2026. – № 1.3. – С. 117-130

12. Каримов, Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3(42). – С. 23-34

13. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 390 с.

14. Кодирова, Г.Т. Вопросы развития практики бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / Г.Т. Кодирова // Государственное управление. – 2023. – № 3(62). – С. 27-33

15. Қурбонализода, Ҳ.Қ. Масъалаҳои таснифи хароҷот дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ / Ҳ.Қ. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 1(56). – С. 195-203

16. Маҷидзода, Б.А. Таҳаввули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун соҳаи махсуси донишҳои иқтисодӣ / Б.А. Маҷидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 2. – С. 107-115

17. Тоҷикистон дар рақамҳо, 2025. Маҷмуаи оморӣ / / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 167 с., с. 100

18. Хушвахтзода, Қ.Х. Заминаҳои бунёдгардӣ ва рушди назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.Ҷ. Ҳукматов, Н.Ҷ. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 2. – С. 5-11

19. Хушвахтзода, Қ.Х. Низоми назорати дохилӣ дар идоракунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.Ҷ. Ҳукматов. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – 209 с.

20. Хушвахтзода, К.Х., Ойев Н.А. Анализ современного инструментария стратегического управленческого учета на сельскохозяйственных предприятиях // Научно-аналитический журнал. Финансовая экономика. – № 8, 2020. – С. 350-354

21. Хушвахтзода, Қ.Х. Самаранокии низоми назорати дохилӣ (аудит) дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.Ҷ. Ҳукматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 3. – С. 5-9

22. Atkinson, A.A. Management Accounting / A.A. Atkinson, R.S. Kaplan, E.M. Matsumura, S.M. Young. – 5th ed. – Upper Saddle River, NJ: Pearson Prentice Hall, 2007. – 696 p.

23. Drury, C. Management and Cost Accounting / C. Drury. – 10th ed. – London: Cengage, 2018. – 816 p.

24. Garrison, R.H. Managerial Accounting / R.H. Garrison, E.W. Noreen, P.C. Brewer. – 17th ed. – New York: McGraw-Hill Education, 2020. – 832 p.

УДК: 336.1

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Баротов Амирхон Холмирзоевич

Таджикский государственный финансово - экономический университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель, заведующий кафедрой аудита иревизии. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, район Сино, Навбахор 2, корпус В, телефон: 918-35-55-73. Электронная почта: amirkhon.barotov@mail.ru

В статье рассматриваются пути совершенствования формирования налогового потенциала и источники его формирования, а также определяется структура налогового потенциала региона, его законодательство, увеличение регионального бюджета и особенности формирования экономико-социальных структур региона в соответствии с диверсификацией их деятельности, которую Хатлонский регион вносит в формирование ВОП, большая часть которых достигается за счет агропромышленного и промышленного секторов . В статье представлены новые формы кластеризации и реализации местных возможностей, аспекты повышения производительности, стимулирования инноваций, мотивации предпринимателей и улучшения результатов бизнеса, формы товарооборота как основы налогообложения в отдельных регионах.

Ключевые слова: пути повышения, налоговый потенциал, налоговые отношения, кластер, бюджетные доходы, источники формирование налогового потенциала, предпринимательская деятельность, экономические субъекты, налоговая система, региональный налог.

WAYS TO IMPROVE TAX POTENTIAL IN THE KHATLON REGION

Barotov Amirkhon Kholmirzoevich

Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Senior Lecturer, Head of the Audit and Revision Department. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino District, Navbahor 2, Building B. Phone: 918-35-55-73. Email: amirkhon.barotov@mail.ru

This article examines ways to improve tax potential and its sources. It also defines the structure of the region's tax potential, its legislation, the expansion of the regional budget, and the specifics of the formation of the region's economic and social structures in accordance with the diversification of their activities, which the Khatlon region contributes to the formation of its taxable income, much of which is achieved through the agro-industrial and industrial sectors. The article presents new forms of clustering and the realization of local opportunities, aspects of increasing productivity, stimulating innovation, motivating entrepreneurs and improving business results, and forms of trade turnover as the basis for taxation in individual regions.

Key words: ways of increasing, tax potential, tax relations, cluster, budget revenues, sources of formation of tax potential, entrepreneurial activity, economic entities, tax system, regional tax.

Введение. С целью совершенствования налогового потенциала региона важно, прежде всего, укрепить экономико-социальные связи и на этой основе, увеличить налоговый потенциал региона. Формирование его объема и влияния посредством разработки мер и их реализации в налоговой системе служит основой для совершенствования и уточнения направлений формирования налогового потенциала. В этом процессе решающую роль играет экономическая деятельность хозяйствующих субъектов в рамках налоговых отношений и развитие региональной экономики. В этой связи, возрастает стремление к повышению соответствия концептуальным аспектам деятельности хозяйствующих субъектов на региональном уровне. Из этого следует, что для увеличения налогового потенциала региона очень важны обоснованные рекомендации. В этом направлении важным аспектом является укрепление партнерских отношений между государством и частным сектором, а новые возможности развития производства и услуг способствуют расширению налоговых источников.

Расширение налогового потенциала региона зависит, прежде всего, от обеспечения стабильности источников и ставок налогообложения, повышения уровня сбора налогов, получения налоговых поступлений и предоставления возможностей для обеспечения развития производственных мощностей, а также расширения налоговой базы в регионе.

Вопрос совершенствования налоговой системы в Республике Таджикистан, укрепляя основ для улучшения национальной экономики, а государства и правительства на различных уровнях посредством активизации налоговой системы устраняют трудностей и недостатков в формировании налогового потенциала на основе соблюдения принципов налогообложения. Как указано в статье 7 главы 2 Нового Налогового кодекса, «налогообложение основывается на принципах законности, обязанности, обоснованности налогообложения и сотрудничества между налоговыми органами и налогоплательщиками, справедливости, единства налоговой системы и прозрачности». [3, с. 18.]

Таким образом, исходя из соблюдения основных правил формирования налоговых отношений, увеличение налогового потенциала является одним из главных способов пополнения государственного бюджета. Эта ситуация требует поиска видов налогообложения и выгодных налоговых ставок с учетом ресурсных особенностей формирования налогового потенциала региона.

Совершенствование формирования налогового потенциала в современных условиях Республики Таджикистан, на наш взгляд, является сложной задачей и правильный подбор рекомендаций по его формированию крайне необходим. В Республике Таджикистан более типична система налогообложения тех стран, экономика которых имеет возможность внедрения передовой системы. На сегодняшний день в условиях страны существуют спорные и нерешенные вопросы в расчете некоторых видов налогов, включая налог на прибыль и НДС в связи с влиянием внешних факторов, налогообложение операций электронной коммерции и т. д.

Учитывая такие проблемы, мы предлагаем, что для создания условий формирования налогового потенциала, с использованием внутренних возможностей, необходимо применять возможные сценарии эконометрического анализа и принимать полезные решения по реализации мер по расширению кластеризации реальных секторов и в этом контексте, расширению налогового потенциала региона. Таким образом, одним из способов повышения налогового потенциала Хатлонской области является учет кластеризации секторов региональной экономики при формировании налогового потенциала. Поэтому мы считаем необходимым реализовать меры и рекомендации по развитию налогового потенциала региона в рамках налоговых отношений. Таким образом, в этом направлении учет внутренних взаимосвязей организации экономической деятельности реальных секторов региона является основой для укрепления налогового потенциала и финансовой стабильности региона.

Следует отметить, что республиканские и региональные власти в рамках рекомендаций и мер выполняют свою главную задачу таким образом, чтобы управление формированием налогового потенциала обеспечивалось на основе координации действий налогоплательщиков. В этой связи, хозяйствующие субъекты должны использовать такие консультативные возможности в интересах участников процесса в соответствии с региональной спецификой и реализацией стратегических целей правительства и программ экономического и социального развития регионов. В этой связи, объектом координации операций по налоговым отношениям в тесном сотрудничестве с реальными секторами экономики выступает укрепление налогового потенциала на основе экономических кластеров региона в направлении расширения налоговой базы.

В этой связи, формирование региональных экономических ресурсов, как комплексной функционирующей системы, может быть скоординировано с повышением эффективности секторов экономики, расширением налогового потенциала в регионе. Также необходимо учитывать и принимать во внимание общие интересы и обеспечивать сбалансированное развитие регионов, и особенно Хатлонской области, в связи с региональной спецификой, при рассмотрении стратегических целей. В частности, в процессе взаимодействия экономических интересов, происходящего во времени и пространстве, необходимо учитывать показатели, выражающие степень формирования налогового потенциала на основе характера и влияния существующих факторов. Таким образом, обеспечивается возможность комплексной оценки формирования макроэкономических показателей в рамках экономических интересов хозяйствующих субъектов в регионе.

Материалы и методы исследования. Таким образом, по нашему мнению, возможности на региональном уровне и развитие секторов реальной экономики обеспечивают координацию интересов хозяйствующих субъектов, а на основе использования региональных статистических данных оценивается формирование реального налогового потенциала региона с помощью эконометрических методов и моделей. В процессе исследования с помощью корреляционного метода была установлена закономерность зависимости налогового потенциала Хатлонской области от влияющих факторов. Среди них наиболее значимыми факторами, влияющими на расширение налогового потенциала, были определены ВНП, внутренняя торговля и внутренние инвестиции. Также для определения вклада каждого из этих факторов в реальный налоговый потенциал региона была разработана модель кумулятивной регрессии и даны полезные рекомендации по расширению реального налогового потенциала в будущем.

Опыт экономического развития показывает, что для повышения эффективности сотрудничества между экономическими субъектами региона необходимо, чтобы их интересы были совместимы. В этом процессе учет налоговых отношений между сторонами направлен на расширение налогового потенциала региона, а его результат будет способствовать стимулированию предпринимательской активности.

Важно отметить, что увеличение налоговых поступлений в бюджет различных уровней должно осуществляться в сочетании с действиями региональной администрации. Это, в свою очередь, выступает фактором укрепления новых форм экономической деятельности и, на этой основе, расширения налоговой базы региона. Среди форм влияния на налоговую базу региона, основной целью которых является формирование бюджетных поступлений, важным является регулирование структуры и механизма сбора налогов. При этом, неотъемлемым элементом формирования налогового потенциала региона посредством инвестиций, инноваций, цифровизации, развития реального сектора производства, расширения товарно-сбытовой деятельности, как основы налогового потенциала региона. является за счет добавленной стоимости.

Налоговая администрация играет особую роль в преобразовании налоговых ресурсов в налоговые поступления для бюджетов различных уровней, и это понимается как система. В этом контексте организация и управление налоговой системой служат основой для управления налоговым потенциалом.

Рекомендации по повышению налогового потенциала региона в рамках налогового администрирования, разработанные Налоговым комитетом при Правительстве Республики Таджикистан, открывают возможности для непрерывного увеличения бюджета всех уровней за счет налоговых платежей. Одновременно меняется поведение налогоплательщиков, в связи с чем повышается финансовая дисциплина, налоговая осведомленность

и снижается число случаев налоговых нарушений. Усиление внедрения рекомендаций по повышению налогового потенциала региона тесно связано с внедрением налогового администрирования. Их практическая реализация будет способствовать снижению налоговой нагрузки, сокращению уклонения от уплаты налогов и банкротств хозяйствующих субъектов в бизнес-секторе. Согласно пункту 14 главы 3 Программы развития налогового администрирования на 2020-2025 годы, «главная цель Программы – создание благоприятных условий для предпринимателей и инвесторов как ключевого фактора повышения эффективности предпринимательской и инвестиционной деятельности, а также повышения качества налоговых услуг». [2, с. 5.] Из этого следует, что разработка рекомендаций по увеличению налогового потенциала региона является основой для обеспечения условий развития материальной базы налогообложения на основе новых форм экономической деятельности с целью достижения благоприятных результатов.

В этой связи, важна позиция ученых в данной области по определению факторов, влияющих на результирующий показатель. Например, по мнению Ю.Г. Тюриной, «Учет факторов, влияющих на налоговый потенциал, которые характерны для различных субъектов государства, способствует точной оценке динамики развития региона, его ресурсной базы и созданию основы для прогнозирования будущей ситуации в регионе» [7, с. 251]. В частности, для повышения надежности оценки налогового потенциала эффективно принимать административные меры по формированию налогового потенциала. Укрепление налогового потенциала ведет к расширению бюджетных доходов. В этой связи, необходимо обеспечить планирование и прогнозирование структурных показателей бюджета различных уровней и расширение налогового потенциала регионов с использованием эконометрических методов, зависящих от системы налогообложения и видов налогов, с учетом налоговых льгот и освобождений.

С точки зрения объяснения структуры налогового потенциала региона и определения его закономерностей, на наш взгляд, важно определить его состав и выделить основные элементы, такие как налоговые ресурсы, налоговая база, налоговые обязательства и налоговое бремя. Следует отметить, что при оценке объема, уровня и динамики налогового потенциала региона необходимо использовать перечисленные элементы в качестве причинно-следственных факторов.

Следует отметить, что раскрытие налогового законодательства региона зависит от уровня разработки рекомендаций, основанных на формулировке вопросов, проведении операций, результатах и принятии управленческих решений. На наш взгляд, налоговый потенциал зависит от мобилизации фискальных рычагов, а в использовании региональных возможностей необходима система экономической деятельности, основанная на формировании налогового потенциала. По нашему мнению, формирование налогового потенциала региона выступает в качестве функционального элемента органов управления при принятии их рекомендаций на различных уровнях бюджета. Поэтому оценка налогового потенциала создает необходимость ее проведения в тесной связи с задачами государственного финансового управления. Ведь, формирование налогового потенциала региона является специфическим элементом экономико-финансового законодательства для обеспечения выполнения экономических и социальных задач государства.

В связи с реализацией законов о формировании налогового потенциала региона крайне необходимо состояние упорядоченности. В частности, по мнению В.В. Рошупкиной, «в современных условиях стремительное развитие регионов во многом определяется эффективными финансово-кредитными отношениями, а этот процесс зависит от упорядоченности и обеспечения хозяйствующих субъектов воспроизводством региона. Поэтому главное место в системе исследования устойчивого экономического развития региона занимает формирование и оценка налогового и бюджетного потенциала». [5, с.43.]

Учитывая преобладающие представления о формировании темпов роста на основе расширения налоговой базы, легитимность налогового потенциала тесно связана с соблюдением основных правил проведения налоговых реформ. В этой связи, отечественные ученые Л.Х. Саидмуродов и В.Д. Сабуров отмечали, что «налоговый потенциал характеризует способность региона привлекать, обеспечивая рост налоговых поступлений в бюджеты различных уровней, и его оптимизация является первостепенной задачей региональных властей» [6, с. 115]. Отсюда следует, что изучение легитимности формирования налогового потенциала носит комплексный характер, учитывая взаимосвязь инфраструктуры.

Таким образом, задача обеспечения размера и структуры налогового потенциала регионов зависит от соблюдения законов об обеспечении управления процессом формирования налогового потенциала регионов и тесно связана с постоянным усилением рычагов и рекомендаций посредством государственного вмешательства. Такая связь напрямую влияет на процессы региональной экономики, внедрение процессов цифровизации для развития производства, регулирование доходов и привлечение внутренних и внешних инвестиций, а также отражает меняющуюся динамику налогового потенциала при реализации стратегических целей республики и отдельных регионов, и особенно Хатлонской области.

Таким образом, оптимизация и совершенствование формирования налогового потенциала зависят от степени достижения целей фискальной, экономической и социальной политики региона. На наш взгляд, формирование налогового потенциала следует адаптировать к системе электронных обязательных платежей, таких как обязательные страховые взносы в внебюджетные фонды, таможенные пошлины, платежи за использование местных средств и платежи, связанные с загрязнением окружающей среды.

Результаты исследования. Практическая реализация мер по повышению налоговой базы, на наш взгляд, в конечном итоге способствует повышению уровня самодостаточности экономики республики и ее регионов. [8, с. 65-72.] Процесс исследования показывает, что в рамках специфики формирования социально-экономических

структур региона необходимо учитывать аспект развития различных секторов, в соответствии с диверсификацией их деятельности, принимая во внимание эти особенности. В действительности выясняется, что Хатлонская область в формировании ВНП получает наибольшую долю от сельскохозяйственного и промышленного секторов. Если в 2022 году объем промышленной продукции составил 10792,5 млн сомони, то в сельскохозяйственном секторе за тот же период он составил 33074,4 млн сомони. В этих секторах в 2024 году общий объем промышленной и сельскохозяйственной продукции составил 12666,0 и 39148,4 млн сомони - соответственно. [4, с. 100, 117.] В этой связи, регион все активнее развивает агропромышленный сектор, и особое значение имеет хорошая база для обеспечения отечественного сырья для развития индустриализации в рамках кластеризации. Именно поэтому, Программа развития агропромышленного комплекса Хатлонской области на 2020-2025 годы направлена на создание необходимых условий для решения вопросов укрепления производства, финансирования, в том числе активизации налоговой реформы и содействия обеспечению устойчивого финансового развития в целях расширения налоговой базы.

Следует отметить, что кластеризация представляет собой новую форму использования потенциала населенных пунктов, обусловленную сложностью форм перемещения товаров и продукции, как основы налогообложения в отдельных регионах. В случае создания кластерных форм в агропромышленном секторе направление смещается в сторону осуществления деятельности на основе объединения большого числа агропроизводственных субъектов, предприятий и отдельных фермерских хозяйств.

Формирование налогового потенциала многогранно и тесно связано с влиянием различных условий и факторов. Так, региональные аспекты изучения формирования налогового потенциала определяются не только факторами, непосредственно влияющими на ресурсную базу региона. [9, С. 170-177] В современных условиях реализация кластерных операций крайне необходима на всех республиканских и региональных уровнях. Ведь, внедрение такого механизма предполагает использование комплекса рекомендаций для обеспечения высокого уровня производства товаров и услуг. Через агропромышленные кластеры реализуется комплекс рекомендаций, которые, наряду с другими отраслями, также показывают состояние других секторов в координации. Использование кластерного механизма весьма эффективно для реализации стратегических целей. В частности, этот процесс рассматривается как основа для формирования финансового потенциала и его мобилизации с целью повышения уровня благосостояния, сбалансированного экономического развития региона, конкурентоспособности товаров и услуг и национальной экономики, расширения электронной коммерции в рамках реализации стратегических целей в контексте расширения инфраструктуры малых и средних предприятий по переработке отечественного сырья.

В этом направлении, как показывает опыт современного мира, в конечном итоге станет возможным направлять их на увеличение занятости, заработной платы, отчислений в бюджеты различных уровней, повышение финансовой стабильности и обеспечение конкурентоспособности промышленных товаров и продукции за счет расширения спектра хозяйствующих субъектов в регионе. По мнению А.А. Абдурахмонова, «эффективное кластерное управление позволяет бизнесу внутри кластеров повышать производительность, стимулировать инновации и улучшать результаты деятельности». [1, с. 27.] В этой связи, стоит отметить, что рекомендации по активизации мер по укреплению налогового потенциала зависят от ускорения кластерного процесса.

Процесс создания кластера рассматривается как эталон быстрой индустриализации, основанной на интеграции различных секторов региона с целью последующего запуска конкурентоспособных кластеров в отдельных секторах национальной экономики.

В этой связи, следует отметить, что использование кластерного механизма в рамках формирования единого экономического пространства между регионами является эффективным фактором укрепления налогового потенциала и создания условий для финансовой стабильности региона. В частности, это, защищая промышленно-агропроизводство регионов, малый и средний бизнес и одновременно, переработку отечественного сырья, может привести к расширению налоговой базы. Система управления бизнесом требует различной информации для принятия управленческих решений. [10, с. 6-10.]

В то же время, реализация таких рекомендуемых мер в нынешних условиях ориентирована на требования современной экономической политики и их надлежащая мобилизация в контексте цифровизации и повышения уровня налогового потенциала будет эффективной.

Поэтому мы предлагаем разработку, развитие и внедрение механизма кластеризации и укрепления налогового потенциала в Хатлонской области (см. рисунок).



Рисунок 1. Механизм государственной поддержки кластеризации и укрепления налогового потенциала региона

Источник: авторская подготовка

Обсуждение. Реализация представленного на рисунке механизма на основе развития предпринимательства и адаптации отраслевой инфраструктуры, в конечном итоге, приводит к расширению экономического потенциала, налоговой базы и реального налогового потенциала региона в связи с укреплением конкурентоспособности производства и услуг в результате интеграции. Внедрение этого механизма позволит мобилизовать преимущества инфраструктуры для развития на кластерной основе. Например, размещение крупных предприятий молочной, мясной и фруктовой промышленности в Хатлонской области может способствовать формированию кластеров этих продуктов. В этом контексте необходимо мобилизовать различные виды растениеводства и животноводства через малые производственные предприятия и расширить налоговую базу. Для реализации мер процесс планирования бюджетно-налоговой политики региона должен определяться с учетом состояния налогового потенциала. В этом контексте развитие деятельности региональной экономической инфраструктуры обеспечивается оценкой, прогнозированием и моделированием этого показателя. Поэтому, на наш взгляд, принятие рекомендаций должно основываться на координации процессов планирования регионального экономического развития и на этой основе, станут возможны меры по наращиванию налогового потенциала. Таким образом, оценка и прогнозирование налоговых возможностей позволят осуществлять бюджетное и налоговое планирование.

Заключение. Таким образом, оценка налогового потенциала региона имеет важное значение в процессе налогового планирования, благодаря которому создается более полная среда для экономического развития региона. Поэтому, оценка и прогнозирование налогового потенциала региона должны проводиться в рамках генерального бюджета и налогового плана. На этой основе обеспечивается важнейшая государственная задача по увеличению доли бюджетных поступлений различных уровней. Эта ситуация приводит к выявлению ресурсов для увеличения налоговых поступлений, повышению уровня их сбора. Все это повышает уровень обоснованности оценки объема налогового потенциала и служит основой для экономического развития региона. Поэтому, в рамках мер по формированию налогового потенциала мы предлагаем следующие пути его увеличения, которые предусматривают совершенствование налогового законодательства, оптимизацию налоговых льгот, использование разумной методологии оценки налогового потенциала в регионе и усиление налогового контроля. На этой основе определяются возможности налогового сбора и даются рекомендации по сокращению налоговой задолженности. Одновременно с этим, программа направлена на повышение уровня продуктивной предпринимательской активности с целью кластеризации и создания благоприятных условий для новых форм хозяйственной деятельности, что будет способствовать устранению налоговых нарушений и расширению реального налогового потенциала.

Регулярное усиление механизма государственного налогового регулирования с точки зрения налогового администрирования, в связи с изучением организационно-правовых актов, расширение налоговых отношений и цифровизация, с учетом налоговых систем, льгот и освобождений, открывают возможности для последующего расширения хозяйствующих субъектов. В этом процессе стратегия и перспективы формирования налоговых отношений направлены на использование новых форм хозяйствующих отношений, стабилизацию деятельности промышленных предприятий, укрепление экспортного потенциала и повышение уровня эффективности деятельности хозяйствующих субъектов для увеличения налогового потенциала региона. В этом контексте достигается возможность бюджетной стабильности, которая формируется главным образом за счет расширения налогового потенциала. Поэтому, в этой связи, необходимо проанализировать и спрогнозировать возможности

решения проблем оптимизации налоговых отношений по финансовым показателям и реальным секторам на основе факторов, формирующих налоговый потенциал.

Реализация операций, направленных на расширение экономического потенциала, увеличение налоговых ресурсов и повышение конкурентоспособности отечественных товаров и услуг, способствует созданию благоприятных условий для развития регионов. В результате, создаются благоприятные условия для улучшения состояния рыночной инфраструктуры, решения вопросов, связанных с инклюзивной занятостью, повышения уровня жизни населения и формирования нового типа экономики, как основы для расширения налогового потенциала регионов. При этом, первостепенной задачей развития деятельности хозяйствующих субъектов и их государственной поддержки является обязательное преобразование налогового бремени в полезную форму. Превращение налогового бремени в полезную форму позволяет создать дополнительные основы для увеличения налогового потенциала региона. Хотя финансовая поддержка в регионах, такая как стипендии, субсидии и льготные кредиты, по-прежнему доступна, из-за высокого уровня налоговых ставок и недостаточной адаптивности налоговой системы к новым хозяйствующим субъектам, её эффективность считается ограниченной.

Стоит помнить, что создание благоприятных условий для рационального сбора средств в бюджетную систему, при определении льгот для хозяйствующих субъектов, в первую очередь направлено на повышение эффективности налогового бремени и повышение мотивации к действиям. То есть, при определении и оценке фактического налогового бремени, невозможно учитывать эффективное налоговое регулирование. Это препятствует инициативам хозяйствующих субъектов, приводит к возникновению налоговых нарушений и сокрытию доходов.

В целях расширения поддержки предпринимательской деятельности и формирования на её основе налогового потенциала региона предлагаем следующие меры:

- Мобилизация налоговых льгот для приоритетных секторов с целью формирования налогового потенциала на основе цепочки добавленной стоимости;
- Для устранения человеческого фактора, при своевременной уплате налогов, запуск полного процесса безналичных расчетов;
- В рамках деятельности хозяйствующих субъектов внедрение процесса упрощения правил самостоятельного отбора и перехода налоговых систем.

При этом, при реализации вышеуказанных мер, необходимо учитывать оценку факторов, влияющих на формирование налогового потенциала региона.

Список литературы

1. Абдурахмонов А.А. Формирование агропромышленных кластеров мясо- и молочного производства в Согдийской области / А.А. Абдурахмонов // Послание Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд. – 2023. – С. 27.
2. Программа развития налогового администрирования на 2020-2025 годы. – Душанбе, 2019. – №63. – С.5.
3. Налоговый кодекс Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. – №549. – С. 18.
4. Ежегодная статистика Хатлонской области за 1991-2024 годы. Статистический сборник. – Бохтар, 2025. – С. 100, 117.
5. Рощупкина, В.В. Логическая структура налогового потенциала региона / В.В. Рощупкина // региональная экономика: теория и практика. - 2010. - №2(137). – С.43.
6. Саидмуродов, Л.Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления: монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров. – Душанбе: Матбуоти Уротеппа, 2020 – С.115.
7. Тюрина Ю.Г. Современные подходы к определению налогового потенциала региона //Экономические проблемы регионов и отраслевых комплексов. - №10. - С. 251. [Электронный ресурс]. – URL: file:///C:/Users/Admin/Downloads/sovremennye-podhody-k-opredeleniyu-nalogovogo-potentsiala-regiona.pdf (20.03.2024:).
8. Баротов А. Х. Программные меры регионального развития и возможности формирования налогового потенциала / А. Х. Баротов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2024. – № 2(52). – EDN HLPSRT – С. 65-72. ISSN: 2308-054X.
9. Баротов, А.Х. Факторы формирования налогового потенциала Хатлонской области / А.Х. Баротов // Государственное управление. – 2023. – № 4-3(65). – С. 170-177. – ЭДН ДДУЛК.
10. Бобомуродов Б. Е. Вопросы бухгалтерского учета в соответствии с международными стандартами финансовой отчетности (МСФО) в Республике Таджикистан / Б. Е. Бобомуродов // Актуальные вопросы бухгалтерского учета, аудита, экономического анализа и статистики в контексте перехода к цифровой экономике: Сборник материалов Всеуниверситетской научно-теоретической конференции преподавателей, сотрудников, аспирантов, докторантов и студентов, Душанбе, 21–26 апреля 2025 г. – Душанбе: Таджикский государственный

УДК: 336.71:339.137

РАҚОБАТПАЗИРИИ БОНКҲО БАРОИ ҶОЙ ГИРИФТАН БА ҚАТОРИ БОНКҲОИ НИЗОМСОЗ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

Мирсаидзода Азиз Аъзам

доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 788-20-33-33. E-mail: aziz_1155@mail.ru.

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии рақобатпазирии бонкҳо дар шароити муосири рушди иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар доираи таҳқиқот моҳият ва хусусиятҳои бонкҳои низомсоз, инчунин омилҳои асосии таъсиррасон ба рақобатпазирии бонкҳо, аз ҷумла сатҳи сармоягузорӣ, рушди технологияҳои рақамӣ, идоракунии хавфҳо ва сифати хизматрасонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо такя ба назарияҳои муосири иқтисодӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ, роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо ва воридшавии онҳо ба қатори бонкҳои низомсоз асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, мушкилоти мавҷудаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои маҳдудкунандаи рушди он баррасӣ гардида, тавсияҳои амалӣ пешниҳод мегарданд. Навоварии илмии мақола дар таҳияи равиши мутобиқшудаи арзёбии рақобатпазирии бонкҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ ифода меёбад.

Калидкалима: рақобатпазирӣ, бонкҳои низомсоз, низоми бонкӣ, сармоягузорӣ, финтех, рақамикунонӣ, идоракунии хавфҳо, устувории молиявӣ.

КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ БАНКОВ ДЛЯ ВХОЖДЕНИЯ В ЧИСЛО СИСТЕМНО ЗНАЧИМЫХ БАНКОВ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

Мирсаидзода Азиз Аъзам

доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: +992 788-20-33-33. E-mail: aziz_1155@mail.ru.

Данная статья посвящена исследованию теоретических и практических аспектов конкурентоспособности банков в современных экономических условиях. В работе раскрываются сущность и особенности системно значимых банков, а также анализируются ключевые факторы, влияющие на конкурентоспособность банков, включая уровень капитализации, развитие цифровых технологий, управление рисками и качество банковских услуг. На основе современных экономических теорий и международного опыта обоснованы пути повышения конкурентоспособности банков и их включения в группу системно значимых банков. Кроме того, рассматриваются актуальные проблемы банковской системы Республики Таджикистан и предлагаются практические рекомендации по их решению. Научная новизна исследования заключается в разработке адаптированного подхода к оценке конкурентоспособности банков с учетом национальных особенностей экономики.

Ключевые слова: конкурентоспособность, системно значимые банки, банковская система, капитализация, финтех, цифровизация, управление рисками, финансовая устойчивость.

COMPETITIVENESS OF BANKS FOR INCLUSION AMONG SYSTEMICALLY IMPORTANT BANKS: THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS

Mirsaidzoda Aziz Azam

Doctor of Philosophy (PhD), Senior Lecturer at the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 788-20-33-33. E-mail: aziz_1155@mail.ru.

This article examines the theoretical and practical aspects of bank competitiveness in the context of modern economic development. The study explores the essence and characteristics of systemically important banks and analyzes key factors influencing bank competitiveness, including capitalization, digital transformation, risk management, and service quality. Based on contemporary economic theories and international experience, the paper substantiates approaches to enhancing bank competitiveness and their inclusion among systemically important institutions. Additionally, the article identifies current challenges of the banking system of the Republic of Tajikistan and proposes practical recommendations for improvement. The scientific novelty of the research lies in the development of an adapted framework for assessing bank competitiveness considering national economic specifics.

Keywords: competitiveness, systemically important banks, banking system, capitalization, fintech, digitalization, risk management, financial stability.

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ ва афзоиши рақобати молиявӣ тавсиф мешавад, масъалаи рақобатпазирии бонкҳо аҳамияти калидӣ касб менамояд. Низоми бонкӣ ҳамчун яке аз бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, дар ташаккули муҳити сармоягузорӣ, таъмини гардиши сармоя ва дастгирии рушди соҳибкорӣ нақши ҳалкунанда дорад. Аз ин лиҳоз,

баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо на танҳо масъалаи рушди дохилии онҳо, балки масъалаи стратегии иқтисоди миллӣ низ ба ҳисоб меравад.

Ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодӣ аз муассисаҳои қарзӣ талаб менамояд, ки пайваста қобилияти мутобиқшавии худро баланд бардоранд. Дар чунин шароит, бонкҳое, ки тавони таъмини бартарии устувори рақобатиро доранд, метавонанд на танҳо мавқеи худро дар бозор нигоҳ доранд, балки ба гурӯҳи бонкҳои низомсоз ворид шаванд. Бонкҳои низомсоз ҳамчун унсури марказии низоми молиявӣ баромад намуда, фаъолияти онҳо ба суботи молиявӣ, рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти иқтисодии давлат таъсири мустақим мерасонад. Дар ин замина, воридшавии бонкҳо ба қатори бонкҳои низомсоз ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи баланди рушди институционалӣ, молиявӣ ва технологӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи таҳқиқи омилҳои рақобатпазирии бонкҳо ва роҳҳои воридшавии онҳо ба қатори бонкҳои низомсоз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Методология. Асосҳои назариявии рақобати бонкҳо ба маҷмӯи консепсияҳо ва моделҳои иқтисодӣ такя мекунанд, ки механизми таъсири мутақобилаи иштирокчиёни бозори молиявиро шарҳ медиҳанд. Дар ин замина, назарияҳои классикии рақобат, аз ҷумла модели рақобати комил, монополия ва олигополия, барои таҳлили рафтори бонкҳо истифода мешаванд, аммо дар амал бозори бонкӣ бештар ба модели рақобати номукаммал ва олигополистӣ мувофиқат мекунад. Тибқи назарияи сохтор–рафтор–натиҷа (Structure–Conduct–Performance), дараҷаи мутамарказшавии бозор, сатҳи воридшавӣ ва монеаҳои институтсионалӣ ба стратегияи нархгузорӣ, сиёсати қарздиҳӣ ва навовариҳои молиявии бонкҳо таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, назарияи асимметрияи иттилоотӣ нишон медиҳад, ки нобаробарии иттилоот миёни бонк ва мизоҷ метавонад ба мушкилоти интихоби номусоид ва хатарҳои ахлоқӣ оварда расонад, ки ин ҳолат ба шакл ва шиддати рақобат таъсир мекунад. Илова бар ин, рақамикунонӣ ва рушди технологияҳои молиявӣ муҳити рақобатро тағйир дода, рақобати анъанавиро ба рақобати инноватсионӣ ва хизматрасонӣ табдил медиҳад, ки дар он сифати хизматрасонӣ, суръат ва дастрасии рақамӣ нақши калидӣ мебозанд. Ҷанбаҳои гуногуни рушди сектори бонкии ҷумҳурӣ ва баъзе масъалаҳои фаъолияти рақобати бонкҳо дар асарҳои иқтисодшиносони ватанӣ Т.Н. Назаров, Л.Саидмуродов, Ш.Рахимзода, И.Давлатов, Б.М. Шарифов, Ш.К. Хайрзода, З.А. Рахимов, У.Хикматов, З.Султонов ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Маълумот ва усулҳо. Манбаъҳои иттилоот санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлилии Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои низомсоз, маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ, монографияҳо ва асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои рақобат дар байни ташкилотҳои қарзӣ мебошанд.

Мақсади таҳқиқот: Ҳадафи мақола дарёфти мушкилотҳои ташкилотҳои қарзӣ ва роҳҳои ҳалли он барои ташкил намудани рақобат дар байни онҳо ҷиҳати ворид гардидан ба қатори бонкҳои низомсоз ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳо. Рақобатпазирии бонкҳо ҳамчун қобилияти онҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор, нигоҳ доштани мавқеи устувор ва таъмин намудани рушди дарозмуддат муайян карда мешавад. Тибқи назарияи рақобати М. Портер, “рақобат дар ҳар як соҳа аз таъсири панҷ қувваи асосӣ вобаста мебошад, ки ба онҳо рақобати дохилисоҳа, таҳдиди иштирокчиёни нав, таҳдиди маҳсулоти ивазкунанда, қудрати харидорон ва қудрати таъминкунандагон дохил мешаванд”[1]. Дар низоми бонкӣ, ин омилҳо тавассути мубориза барои ҷалби пасандозҳо, пешниҳоди хизматрасониҳои қарзӣ, рушди маҳсулоти инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ амалӣ мегарданд. “Дар баробари ин, рушди финтех ва пайдоиши платформаҳои рақамӣ рақобати анъанавиро ба сатҳи нав мебарорад, ки дар он суръат, дастрасӣ ва арзиши хизматрасонӣ аҳамияти ҳалкунанда доранд”[2].

Яке аз ҷанбаҳои муҳими рақобатпазирии бонкҳо масъалаи нобаробарии иттилоот мебошад. Тибқи назарияи Ҷ. Стиглитс, “бозорҳои молиявӣ бо нобаробарии дастрасӣ ба иттилоот тавсиф мешаванд, ки ин метавонад ба қабули қарорҳои ғайрисамаранок оварда расонад” [3]. Бонкҳое, ки дорои низомҳои мукаммали таҳлили иттилоот ва идоракунии хавфҳо мебошанд, метавонанд ин камбудиро коҳиш дода, бартарии рақобатӣ ба даст оранд.

Аммо дар бисёр ҳолат ташкилотҳои қарзӣ кӯшиш менамоянд, маълумотҳои худро ҳамчун сири бонкӣ пинҳон намоянд ва намегузоранд ки ба дасти рақибор расад. Ин боис мегардад, ки маълумотҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ дастраси ҳама нашавад ва нобаробарии маълумот ба вуҷуд меояд.

Дар шароити имрӯза, нигоҳ доштани маълумотҳо дар ҷойҳои аз нигоҳи хавф мустаҳкам вазифаи асосии ҳар як аъзои субъекти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар шароити рушди рақамикунонии иқтисодиёт бештар аз технологияи ҳозиразамон истифода намудан барои ҳар як ташкилоти қарзӣ ҳамчун воситаи ҳифзи маълумотҳо гардидааст.

“Аз ин нуқтаи назар, истифодаи технологияҳои “Big Data”, “Machine Learning” ва “Artificial Intelligence” дар фаъолияти бонкӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки рафтори мизоҷон таҳлил карда шавад, хавфҳои қарзӣ пешгӯӣ карда шаванд ва қарорҳои идоракунӣ бо дақиқии баланд қабул гарданд” [4].

Дар ҳақиқат, ҳангоми истифодаи технологияи ҳозиразамони нигаҳдорандаи маълумотҳои молиявӣ хавфҳои молиявӣ дар ташкилотҳои молиявӣ кам гардида, барои ташкили рақобати комил замина фароҳам меорад. Дар ҳолати ташаккул додани рақобат дар байни ташкилотҳои қарзӣ шумораи ташкилотҳои ба қатори йашкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ афзоиш меёбад.

Моҳияти бонкҳои низомсоз дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дорои таъсири системавӣ буда, нокомии онҳо метавонад ба ноустувории тамоми низоми молиявӣ оварда расонад. Тибқи методологияи Кумитаи Базел, “муайян

намудани чунин бонкҳо бо истифода аз як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла ҳаҷми дороиҳо, сатҳи алоқамандӣ, мураккабии амалиёт ва аҳамияти онҳо барои иқтисоди миллӣ амалӣ мегардад" [5].

Моҳияти бонкҳои низомсоз дар нақши калидии онҳо дар таъмини устуворӣ ва фаъолияти муттасили низоми молиявӣ ифода меёбад. Ин гуна бонкҳо одатан дорои ҳаҷми калони дороиҳо, шабакаи васеи хизматрасонӣ ва робитаҳои зич бо дигар муассисаҳои молиявӣ мебошанд, ки бинобар ин нокомии онҳо метавонад ба тамоми низоми бонкӣ ва иқтисоди миллӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, бонкҳои низомсоз таҳти назорати сахттари танзимкунанда қарор дошта, барои онҳо талаботи баландтари сармоя, ликвидият ва идоракунии хавф муқаррар мегардад. Моҳияти асосии онҳо дар он аст, ки онҳо на танҳо ҳамчун миёнаравони молиявӣ, балки ҳамчун сутунҳои устуворӣ иқтисодӣ баромад намуда, дар ҳолатҳои буҳронӣ метавонанд таъсири занҷираии манфиро дар иқтисод пешгирӣ ё коҳиш диҳанд.

«Барои бонкҳои низомсоз талаботи иловагӣ ба сармоя (capital buffers), идоракунии хавфҳо ва шаффофият муқаррар карда шудааст, ки ҳадафи он коҳиш додани хавфи буҳронҳои молиявӣ мебошад" [6]. Ин талабот пеш аз ҳама ба сатҳи сармоя, идоракунии хавфҳо ва шаффофияти фаъолияти онҳо дахл дорад. Бонкҳои низомсоз бояд захираҳои кофии сармоя дошта бошанд, то ки дар ҳолати буҳрон тавонанд зарарҳоро пӯшонанд ва фаъолияти худро идома диҳанд. Илова бар ин, онҳо бояд системаҳои мукаммали идоракунии хавфҳоро татбиқ намоянд, ки ба пешгирии ҳолатҳои хавфнок мусоидат мекунад.

Талаботи иловагӣ барои бонкҳои низомсоз (systemically important banks) ба хотири коҳиш додани хавфҳои низомӣ ва баланд бардоштани устуворӣ молиявии онҳо муқаррар мегарданд. Пеш аз ҳама, барои чунин бонкҳо талаботи баландтари сармоя ҷорӣ карда мешавад, ки онҳо бояд нисбат ба бонкҳои оддӣ ҳаҷми бештар сармояи танзимшаванда нигоҳ доранд. Ҳамчунин, меъёрҳои сахттари ликвидият талаб карда мешаванд, то ки бонкҳо тавонанд уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати худро сари вақт иҷро намоянд. Илова бар ин, чунин бонкҳо бояд системаҳои мукаммали идоракунии хавф, аз ҷумла стресс-тестҳо ва мониторинги доимии хавфҳоро татбиқ кунанд. Яке аз талаботи муҳим таҳияи нақшаҳои барқарорсозӣ ва барҳамдиҳӣ мебошад, ки дар ҳолати буҳрон имкон медиҳад фаъолияти бонк бе таъсири шадид ба низом идора карда шавад. Инчунин, нисбати онҳо назорати пурзӯр ва ҳисоботдиҳии бештар аз ҷониби мақомоти танзимкунанда ҷорӣ мегардад. Ҳамаи ин талабот ба он равона шудаанд, ки эҳтимоли муфлисшавии чунин бонкҳо кам гардида, таъсири манфии онҳо ба иқтисоди миллӣ маҳдуд карда шавад.

Дар баробари ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бонкҳои низомсоз бояд дорои системаҳои устувории идоракунии корпоративӣ ва механизми самараноки назорати дохилӣ бошанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи ташаккули бонкҳои низомсоз хусусияти хоси худро дорад. Аз як тараф, бозори молиявӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва шумораи бонкҳои калон маҳдуд мебошад. Аз тарафи дигар, иқтисоди миллӣ ба таъсири омилҳои беруна хеле ҳассос аст, ки ин талаботи баланд ба устувории низоми бонкиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, муайян намудани бонкҳои низомсоз бояд бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, аз ҷумла сатҳи рушди бозор, сохтори иқтисодӣ ва имкониятҳои танзимгар амалӣ гардад. "Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимкунанда нақши муҳим дар таъмини устувории низоми бонкӣ ва муайян намудани меъёрҳои фаъолияти бонкҳои низомсоз мебозад" [7]. Нусхабардории мустақими таҷрибаи кишварҳои рушдёфта метавонад натиҷаи дилхоҳро таъмин накунад, зеро шароити иқтисодӣ ва институтсионалӣ фарқ мекунанд.

Омилҳои рақобатпазирии бонкҳо гуногунҷанба ва мураккаб мебошанд. Пеш аз ҳама, сармоя ва устувории молиявӣ ҳамчун асоси фаъолияти бонк баромад мекунанд. Тибқи назарияи Ф. Мишкин, "сатҳи баланди сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки бонкҳо хавфҳоро самаранок идора намоянд ва дар шароити буҳрон фаъолияти худро нигоҳ доранд" [8].

Илова бар ин, рушди технологияҳои рақамӣ ва финтех ба яке аз омилҳои муҳимтарини рақобат табдил ёфтааст. "Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бонкҳое, ки хизматрасониҳои рақамиро фаъолона ҷорӣ мекунанд, метавонанд хароҷотро коҳиш дода, сифати хизматрасониро баланд бардоранд" [9].

Рушди технологияҳои рақамӣ ба яке аз омилҳои калидии таҳкими рақобат дар байни бонкҳо табдил ёфтааст, зеро он тарзи пешниҳоди хизматрасониҳои молиявиро куллан тағйир медиҳад. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои онлайнӣ, бонкдории мобилӣ, пардохтҳои рақамӣ ва платформаҳои FinTech имконият медиҳад, ки бонкҳо хароҷотро коҳиш дода, суръат ва сифати хизматрасониро баланд бардоранд. Дар чунин шароит, бартарии рақобатӣ на танҳо ба ҳаҷми сармоя, балки ба сатҳи инноватсия, дастрасӣ ва таҷрибаи корбар вобаста мегардад. Ҳамзамон, рақамикунонӣ монеаҳои воридшавиро барои иштирокчиёни нав кам намуда, ширкатҳои ғайрибонкӣ (FinTech, BigTech)-ро ба бозор ҷалб мекунад, ки ин рақобатро боз ҳам шадидтар месозад. Дар натиҷа, бонкҳо маҷбур мешаванд стратегияҳои худро навсозӣ карда, ба трансформатсияи рақамӣ, амнияти киберӣ ва пешниҳоди маҳсулоти фармоишӣ диққати бештар диҳанд, то мавқеи худро дар бозори молиявӣ нигоҳ доранд.

"Идоракунии хавфҳо низ ҳамчун омили муҳими рақобат баромад намуда, истифодаи усулҳои муосир, аз ҷумла стресс-тестинг ва моделсозии хавфҳо, имконияти пешгирии буҳронҳоро фароҳам меорад" [10].

Бонкҳое, ки дорои сатҳи баланди капитализатсия мебошанд, метавонанд хавфҳоро беҳтар идора намоянд ва эътимоди мизоҷонро ба даст оранд. Илова бар ин, сармояи кофӣ ба бонк имкон медиҳад, ки фаъолияти сармоягузориро васеъ намояд ва ба бозорҳои нав ворид гардад. Дар баробари ин, рушди технологияҳои рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии рақобат табдил ёфтааст. Хизматрасониҳои мобилӣ, пардохтҳои электронӣ ва платформаҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки бонкҳо хизматрасониҳои худро бо хароҷоти камтар ва сифати баланд пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон, сифати хизматрасонӣ ва сатҳи қаноатмандии мизоҷон ба рақобатпазирии бонкҳо таъсири бевосита мерасонад. Тибқи назарияи маркетингии Ф. Котлер, “нигоҳ доштани мизоҷон нисбат ба ҷалби онҳо камхарҷтар буда, барои рушди дарозмуддат аҳамияти стратегӣ дорад” [11]. Дар шароити рақобати шадид, бонкҳое, ки ба мизоҷон хизматрасониҳои босифат, шаффоф ва дастрас пешниҳод мекунанд, метавонанд бартарии устувор ба даст оранд.

Нигоҳ доштани мизоҷон нисбат ба ҷалби онҳо камхарҷтар буда, барои рушди дарозмуддати бонк аҳамияти стратегии калидӣ дорад, зеро хароҷоти ҷалби мизоҷони нав (маркетинг, реклама, бонусҳо) одатан аз хароҷоти нигоҳдории мизоҷони мавҷуда бештар аст. Мизоҷони содиқ на танҳо манбаи устувори даромад мебошанд, балки тавассути истифодаи такрории хизматрасониҳо ва тавсия додани бонк ба дигарон арзиши иловагӣ эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, бонкҳо бояд ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, инфиродисозии маҳсулот, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва барномаҳои вафодорӣ диққати махсус диҳанд, то муносибатҳои дарозмуддат ва устувор бо мизоҷонро таъмин намоянд.

Идоракунии хавфҳо низ нақши муҳим дорад. Дар шароити ноустувории иқтисодӣ, бонкҳое, ки системаҳои самараноки идоракунии хавфҳоро татбиқ мекунанд, метавонанд аз таъсири манфии омилҳои беруна пешгирӣ намоянд. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки фаъолияти устувор дошта бошанд ва мавқеи худро дар бозор нигоҳ доранд.

Рақобат барои ворид шудан ба қатори бонкҳои низомсоз дар шароити муосир хусусияти комплексӣ дорад. Ин рақобат на танҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои молиявӣ, балки аз рӯи сатҳи технологӣ, институтсионалӣ ва идоракунӣ сурат мегирад. Бонкҳое, ки мехоҳанд ба ин гурӯҳ дохил шаванд, бояд стратегияҳои дарозмуддат таҳия намоянд, сатҳи идоракунии корпоративиро баланд бардоранд ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ шаванд. Дар баробари ин, “рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон аҳамияти муҳим дорад, зеро захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии рақобат ба ҳисоб мераванд” [12].

Захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии рақобат дар низоми бонкӣ ба ҳисоб мераванд, зеро маҳз сатҳи дониш, малака ва таҷрибаи кормандон сифати хизматрасонӣ, сатҳи инноватсия ва қобилияти мутобиқшавии бонкро ба тағйироти бозор муайян мекунад. Кормандони баландихтисос метавонанд стратегияҳои самараноки идоракунии хавф, ҷалби мизоҷон ва рушди маҳсулоти навро татбиқ намоянд, ки ин ба афзоиши бартарии рақобатӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, фарҳанги корпоративӣ, ҳавасмандгардонӣ ва рушди доимии кадрҳо (омӯзиш ва бозомӯзӣ) ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонк таъсири мустақим мерасонанд. Дар шароити рақамикунонӣ, нақши захираҳои инсонӣ боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро талабот ба мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва молиявӣ афзоиш ёфта, қобилияти ҳамгироии донишҳои молиявӣ ва рақамӣ ба яке аз шартҳои асосии рақобат табдил меёбад.

Бо вуҷуди ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот мавҷуданд, ки рушди рақобатпазирии бонкҳоро маҳдуд менамоянд. Аз ҷумла, норасоии сармоя, сатҳи пасти рақамикунонӣ, маҳдудияти захираҳои инсонӣ ва сатҳи нокифояи эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ аз ҷумлаи чунин мушкилот мебошанд. Илова бар ин, “вобастагӣ аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба устувории низоми молиявӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад” [13]. Ин омилҳо талаб мекунанд, ки сиёсати давлатӣ ва стратегияи рушди бонкҳо ба таври ҳамоҳанг татбиқ карда шаванд.

Ҳамаи гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзии дар низоми бонкӣ таъсиргузор рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсозро муайян менамояд, ки онро дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Ташкилотҳои қарзии низомсози мамлакат дар солҳои 2019-2024

Сол	Ҷойи ишғолнамуда	Номи ташкилоти қарзӣ	Меъёри ҷамъбастӣ
2019	**1**	**БДА ҶТ "Амонатбонк"**	**30,64**
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	21,71
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	13,52
	Эҳтимолӣ*	ТАҚХ "Имон Интернешнл"	7,30
2020	1	БДА ҶТ "Амонатбонк"	31,13
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	20,54
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	12,43
	Эҳтимолӣ	ТАҚХ "Имон Интернешнл"	7,22
2021	1	БДА ҶТ "Амонатбонк"	30,53
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	21,43
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	11,98
	Эҳтимолӣ	ТАҚХ "Имон Интернешнл"	6,42
2022	1	БДА ҶТ "Амонатбонк"	24,64
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	20,06
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	12,64
	Эҳтимолӣ	ТАҚХ "Имон Интернешнл"	5,07
2023	1	БДА ҶТ "Амонатбонк"	24,27
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	20,06
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	14,39

	Эҳтимолӣ	ТАҚХ "Имон Интернешнл"	5,17
2024	1	КВД БА ҶТ"Амонатбонк"	22,87
	2	ҶСК "Ориёнбонк"	18,63
	3	ҶСК "Бонки Эсхата"	14,67
	Эҳтимолӣ	ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	6,01

*Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон (https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/intishorot.php)

Рақамҳои дар ҷадвал овардашуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзии низомсози малакат устувор буда, ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии низоми бонкӣ зиёда аз 50%-ро ташкил медиҳад. Ба ин ташкилотҳо асосан се бонк КВД БА ҶТ"Амонатбонк"-дар ҷойи аввал, ҶСК "Ориёнбонк"-дар ҷойи дуюм ва ҶСК "Бонки Эсхата"-дар ҷойи сеюм қарор доранд. Ҳарчанд, солҳои охир меъёри ҷамъбастии бонкҳои низомсоз каме коҳиш ёфта истодаанд, яъне дар соли 2019 дар БДА ҶТ "Амонатбонк"-30,64, ҶСК "Ориёнбонк"-21,71 ва ҶСК "Бонки Эсхата" - 13,52 омада расида бошад, ин нишондод дар соли 2024 дар КВД БА ҶТ "Амонатбонк" ба 22,87, ҶСК "Ориёнбонк" ба 18,63 ва ҶСК "Бонки Эсхата" ба 14,67 баробар гардид. Аммо, дар ҳамаи ин давра нишондодҳои ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ аз 7,30 боло нарафтааст.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки рақобати ташкилотҳои қарзии хурд бо ташкилотҳои қарзии низомсоз мушкил буда, дар давраи наздик онҳо наметавонанд ҷойи ин ташкилотҳоро ишғол намоянд. Инчунин, дохил шудан ба қатори ташкилотҳои қарзии низомсоз ба аксарияти ташкилотҳо зарур аст вазифаҳои зиёдеро ба анҷом расонанд.

Пеш аз ҳама барои муайян намудани фаъолияти бонкҳои низомсоз ва дар ҳақиқат баҳо додани он нисбат ба дигар бонкҳои кишвар нишондиҳандаҳои асосии онро муайян намудан зарур мегардад, ки оно дар ҷадвали 2 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии бонкҳои низомсози мамлакат дар соли 2023-2024

Нишондиҳандаҳо		**Дорой**		**Уҳдадорӣ**		**Сармояи тавозунӣ**		**Даромаднокии дороиҳо (ROA, %)**		**Даромаднокии сармоя (ROE, %)**	
Бонкҳои низомсоз	**Сол**	**2023**	**2024**	**2023**	**2024**	**2023**	**2024**	**2023**	**2024**	**2023**	**2024**
КВД БА ҶТ "Амонатбонк"		7579	8719	6719	7730	859	989	1,7	1,6	15	14,1
ҶСК "Ориёнбонк"		5287	5349	4038	3963	1248	1385	2,2	2,2	9,5	8,7
ҶСК "Бонки Эсхата"		5678	6926	4699	5807	978	1119	3,9	3,7	22,5	23
Ҳамагӣ		18544	20994	15456	17500	3085	3493	-	-	-	-
Дар низоми бонкӣ		37 679	47 478	30 319	38 514	7 361	8 964	2,65	2,62	13,58	13,90
Ҳиссаи онҳо дар низоми бонкӣ (%)		49,2	44,2	50,9	45,4	41.9	38,9	-	-	-	-

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои сайти БМТ (https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php)

Аз рӯи рақамҳои дар ҷадвал овардашуда муайян намудан мумкин аст, ки ташкилотҳои қарзии низомсоз дар аксарияти нишондиҳандаҳои бонкӣ дар байни дигар субъектони низоми бонкӣ нақши назаррас дошта, ҳиссаи дороиҳои онҳо дар низоми бонкӣ дар соли 2023 49,2% ва дар соли 2024 44,2%-ро ташкил медиҳад. Уҳдадориҳои ин ташкилотҳо бошад, дар соли 2023 аз 50,9% ва дар соли 2024 бошад аз 45,4% иборат аст. Ҳиссаи сармояи тавозунӣ низ назаррас буда, он дар солҳои 2023 ва 2024 муттаносибан 41,9% ва 38,9%-ро ташкил доданд. Ҳамаи ин нишонаи рушди бонкҳои низомсоз мебошад ва аз тарафи дигар дар сатҳи паст қарор доштани рақобат дар байни ташкилотҳо аст.

Муҳокима. Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо, як қатор тадбирҳои амалӣ пешниҳод мегарданд. Пеш аз ҳама, тақвияти сармоя ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад. Илова бар ин, рушди технологияҳои рақамӣ ва финтех метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо мусоидат намояд. Такмили низоми назорати бонкӣ ва мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ низ зарур мебошад. Ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ метавонад ба афзоиши эътимод ва ҷалби мизоҷон мусоидат намояд.

Хулоса. Дар маҷмӯъ, рақобатпазирии бонкҳо омили муҳими рушди устувори низоми молиявӣ мебошад. Ворид шудан ба қатори бонкҳои низомсоз на танҳо нишондиҳандаи қудрати молиявӣ, балки инъикоси сатҳи баланди идоракунӣ, инноватсия ва эътимод мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои расидан ба ин

ҳадаф, татбиқи стратегияҳои муосир, рушди технологияҳои рақамӣ ва такмили институтсионалӣ аҳамияти калидӣ доранд. Танҳо дар чунин ҳолат, бонкҳои миллӣ метавонанд дар рақобати ҷаҳонӣ мавқеи устувор ишғол намоянд ва ба рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас гузоранд.

Адабиёт

1. Porter M.E. Competitive Strategy. – New York: Free Press, 1980.
2. Arner D., Barberis J., Buckley R. The Evolution of FinTech. – Georgetown Journal, 2016
3. Stiglitz J.E. Information Economics. – AER, 2002.
4. Brynjolfsson E., McAfee A. The Second Machine Age. – 2014.
5. Basel Committee. Global Systemically Important Banks. – BIS, 2013
6. Basel Committee. Basel III Framework. – BIS, 2011.
7. Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳисоботи солона. – Душанбе, 2023.
8. Mishkin F.S. Economics of Money, Banking. – Pearson, 2019.
9. Demirgüç-Kunt A., Levine R. Finance and Growth. – IMF.
10. Saunders A. Financial Institutions Management. – 2020.
11. Kotler P. Marketing Management. – 2016.
12. Becker G. Human Capital. – 1993.
13. World Bank. Migration and Development Report.

УДК: 336.3

ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Олимов Саъдӣ Ибодуллоевич
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақолаи мазкур механизмҳои танзими давлатии рушди саноати миллӣ, мушкилотҳои монеърасони соҳаи саноат ва инчунин роҳҳои бартараф кардани он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва сатҳи некуаҳволии аҳолии мамлакат аз рушди босуботи саноат вобастагии калон дорад. Таҷрибаи рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта аз қабили Чин, Ҷопон, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Бразилия, Туркия, Сингапур ва ғайра нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодиёт ин бахши саноат маҳсуб меёбад. Инчунин, қайд гардидааст, ки дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи ҳукумати мамлакат, шумораи корхонаҳои саноатӣ сол то сол зиёд гардида, дар ин робита зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти соҳа дар ҳудуди мамлакат тамоюли болоравӣ дорад ва ба ҳолати соли 2025 ҳаҷми маҳсулоти соҳа ба 66,7 млрд. сомонӣ расидааст. Таҳлили рушди соҳаи саноат дар минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки дар натиҷаи амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти таъмини рушди саноат соҳаи мазкур дар минтақаҳои кишвар тамоюли болоравӣ дошта, мувофиқан дар соли 2025 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд 123,5%, вилояти Хатлон 111,1%, шаҳри Душанбе 125,7%, НТҶ 111,8%, ва ВМКБ 104,8% иҷро гардидааст. Инчунин, дар таҳқиқот оварда шудааст, ки новобаста аз дастовардҳои назарраси соҳа боз як қатор мушкилотҳое ҷой доранд, ки онҳо дар оянда метавонанд ба рушди ин соҳа таъсири манфӣ дошта бошанд ва бартарафсозии саривақтии онҳо метавонанд ба амалисозии яке аз ҳадафҳои мамлакат, ки гузариш аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ мебошад мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: саноат, танзими давлатии саноат, соҳаи саноат, корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, мушкилотҳои соҳаи саноат,саноати коркард, саноати истихроҷ, минтақа.

ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Олимов Саъди Ибодуллоевич
кандидат экономических наук, доцент кафедры международного менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан, Душанбе

В данной статье рассматриваются механизмы государственного регулирования развития национальной промышленности, проблемы сдерживающие развитие отрасли, и предлагаются пути их преодоления. Автор отмечает, что обеспечение социально-экономического развития страны и повышение уровня благосостояния населения во многом зависит от стабильного развития промышленности. Опыт экономического развития таких развитых стран, как Китай, Япония, Индия, Южная Корея, Бразилия, Турция, Сингапур и др., показывает, что одним из важных факторов экономического развития является промышленный сектор. Также отмечается, что в результате постоянной поддержки со стороны правительства страны количество промышленных предприятий из года в год увеличивается. В связи с этим объем промышленного производства внутри страны также имеет тенденцию к росту, и к 2025 году достигнет 66,7 млрд. сомони**.** Анализ развития промышленности в регионах страны показывает, что в результате реализации государственной политики направленой на обеспечение развития промышленности, данная отрасль имеет тенденцию к росту в регионах страны и соответственно в 2025 году объём производства промышленной продукции в Согдийской области составил 123,5%, Хатлонской области - 111,1%, Душанбе - 125,7%, в районах республиканского подчинения - 111,8%, и ГБАО — 104,8%. Также исследование показывает, что несмотря на значительные достижения отрасли, все еще существует ряд проблем, которые могут оказать негативное влияние на её развитие в будущем, и их своевременное устранение может способствовать достижению одной из стратегических целей страны-переходу от аграрно-промышленной модели к индустриально-аграрной .

Ключевые слова: промышленность, государственное регулирование промышленности, промышленный сектор, промышленные предприятия, производство промышленной продукции, проблемы промышленного сектора, перерабатывающая промышленность, добывающая промышленность, регион.

STATE REGULATION OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Olimov Sa'di Ibodulloevich
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor at the Department of International Management, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe.

This article examines the mechanisms of state regulation regarding the development of national industry and the problems hindering the sector's growth, and proposes ways to overcome them. The author notes that ensuring the country's socio-economic development and raising the population's standard of living depend largely on the stable development of the industrial sector. The economic development experience of nations such as China, Japan, India, South Korea, Brazil, Turkey, and Singapore demonstrates that the industrial sector is a key factor in economic growth. It is also noted that, thanks to ongoing government support, the number of industrial enterprises is increasing year by year. Consequently, the

volume of domestic industrial production is also trending upward and is projected to reach 66.7 billion somoni by 2025. An analysis of industrial development across the country's regions indicates that the implementation of state policy aimed at fostering industrial growth has resulted in an upward trend in the sector; specifically, industrial production output in 2025 reached 123.5% in the Sughd Region, 111.1% in the Khatlon Region, 125.7% in Dushanbe, 111.8% in the Districts of Republican Subordination, and 104.8% in GBAO. The study also shows that, despite the industry's significant achievements, a number of challenges remain that could negatively impact its future development; addressing them in a timely manner could help achieve one of the country's strategic goals—transitioning from an agro-industrial model to an industrial-agrarian one.

Keywords: industry, state regulation of industry, industrial sector, industrial enterprises, industrial production, industrial sector challenges, manufacturing industry, extractive industry, region.

Муқаддима. Дар шароити нави муносибатҳои иқтисодӣ соҳаи саноат омили асосии рушди иқтисодии ҳама давлатҳои дунё гашта, ба рушди содирот, таъмини бозори ватанӣ ба молу маҳсулоти ниёзи мардум, афзоиши даромади буҷет, воридоти сармояи хориҷӣ, истифодаи самараноки захираҳои кадрӣ, ташкили ҷойҳои навӣ корӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва дар маҷмуъ ба рушди сатҳи некуаҳволии кишвар, ки ҳадафи олии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мусоидат менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ имрӯз аз як қатор омилҳои калидӣ вобастагӣ дорад, ки яке аз омилҳои муҳим рушди соҳаи саноат мебошад. Олимону муқаққиқони риштаи иқтисодӣ чунин ақида доранд, ки рушди соҳаи саноат нисбат ба дигар соҳаҳо дар суръати рушди иқтисоди миллӣ, сохтор ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҳар як мамлакат нақши муборизе дорад. Инчунин, соҳаи саноат метавонад барои рушди дигар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат шароити созгорро фароҳам созад. Аз ин рӯ, ҳар як давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, то дар мадди аввал шароити мусоидро барои рушди соҳаи саноат фароҳам созад то ки саноати худро ба нуқта баланд расонад.

Методология. Ҷанбаҳои назариявии соҳаи саноати мамлакат аз ҷониби як қатор олимону муҳаққиқони ватанӣ: Саидмуродов Л.Х., Комилов С.Ҷ., Ашуров И.С., Низомова Т.Д., Раҳимзода Шариф, Миршаропов Э.К. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки асоси методологии таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳад. Инчунин методологияи таҳқиқи механизми танзими давлатии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҷмӯи принсипҳо, равияҳои назариявӣ, усулҳои илмӣ ва таҳлилӣ ташкил медиҳанд, ки имконият медиҳанд хусусиятҳои рушд ва фаъолияти самараноки механизми танзими давлатии саноат таҳқиқ гардад.

Натиҷаҳо. Таҷрибаи кишварҳои дорои иқтисоди пешрафта нишон медиҳанд, ки соҳаи саноат як бахши калидии иқтисоди миллии ҳар як давлати аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаи муосир буда, сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд. Дар ин ҷода метавон мамлакатҳои нави саноатиро, аз қабили Чин, Ҷопон, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Бразилия, Туркия, Сингапур ва ғайраро номбар намуд. Омили рушди иқтисодии ин мамлакатҳо таҳкими заминаҳои рушд ба воситаи танзими давлатӣ ва истифодабарии технологияи нави ҳозиразамон дар соҳаҳои саноат мебошад [7].

Бояд қайд намуд, ки соҳаи саноати кишвар дар партави сиёсати иқтисодии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи хосса дошта, Сарвари давлат дар яке аз баромадҳои худ иброз намуданд, ки “дар шароити Тоҷикистон бе мавҷудияти саноати тараққиёфта таъмин намудани дараҷаи баланди зисти аҳолӣ, мустақилияти иқтисодӣ, амният ва ҳалли бомуваффақияти проблемаҳои иҷтимоӣ аз имкон берун аст”.

Муҳақиқи дигари ватанӣ Ашуров И.С. дар таҳқиқоти худ чунин қайд менамояд, ки “Қудрати иқтисодии давлат аз бисёр ҷиҳат бо дараҷаи тараққиёти саноат муайян карда мешавад” [1].

Беҳуда нест, ки саноат барои соҳаҳои дигари хоҷагии халқ базаи азнавтаҷҳизонии истеҳсолот мебошад [2]. Таквияти соҳаи саноат дар ҳама шароит метавонад боиси рушди соҳаҳои дигари иқтисодӣ, ки аҳаммияти умумиҷамъиятӣ дорад, боис гардад. Зарурати воридшавии муваффақона ба раванди ҷаҳонишавӣ ва кам кардани таъсири манфии он ба иқтисодиёту сатҳи зиндагии аҳолӣ талаб мекунад, ки сиёсати иқтисодии кишвар, аз ҷумла сиёсат дар соҳаи саноат самаранок пеш бурда шуда, сохтори иқтисодиёт ва соҳаҳои фаъолияти он дуруст ба роҳ монда шавад [5]. Дар асоси таҳлили ин нуқтаҳои назар метавон қайд намуд, ки саноат яке аз унсурҳои калидии низоми иқтисоди миллӣ буда, дараҷаи рушди он ба иқтидори истеҳсолот, рақобатпазирӣ ва устувории рушди давлат таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, рушди саноат бояд диверсификатсияи сохторӣ, навсозии технологӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва ғайраро дар бар гирад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, ки ҷиҳати танзими давлатии саноат чораҳои муҳиму саривақтӣ роҳандозӣ шудаистодааст, яке аз воситаҳои муҳими такмили танзими давлатии саноат, ин такмили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа ба ҳисоб меравад.


Дар солҳои Истиқлоли давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ дар бахши саноати кишвар корҳои назаррасе анҷом дода шудаанд, ки ба рушди устувори соҳаҳои саноати мамлкат мусоидат намуданд. Ҷиҳати рушди соҳа як қатор санадҳои муҳими меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор қабул гардидаанд, ки заминаи асосии танзими давлатии соҳаро ташкил доданд. Муҳимтарин ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳаи саноат инҳо мебошанд: Консепсияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 4 декабри 2003, №523; Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассочӣ, аз 30 декабри 2023, №593; Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ, аз 28 октябри 2020, №566; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” аз 16 апрели соли 2012, №822; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи паркҳои технологӣ” аз 21 июли соли 2010, №629; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, аз 30 сентябри соли 2016, №636; Барномаи рушди

инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 аз 30 апрели соли 2011; Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти 2014, №144; Барномаи саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, аз 27 майи 2020, №293;, Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, 1 марти соли 2019, №93; Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022 аз 29 марти соли, №128; Барномаи рушди саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019, №373 ва ғ [3].

Бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ ва гузариши иқтисодиёти мамлакат аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таҳия ва қабул гардид. Мақсади асосии стратегияи мазкур таҳкими саноати рақобатнок, диверсификатсияи соҳаҳои саноат, қатъ намудани ҷараёни ғайрииндустриализатсияи (ғайрисаноаткунонии) иқтисодиёт, аз байн бурдани ақибмонии техникиву технологӣ, ба раванди глобализатсияи иқтисодӣ ҳамроҳ гардонидани саноати мамлакат, ноил шудан ба рақобатпазирии баланди маҳсулоти соҳа дар бозорҳои хориҷӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи бомуваффақият амалӣ гардидани стратегияи мазкур то соли 2030 ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 20,5 % расонида мешавад [6].

Рушди саноат натиҷаи таъсири мутақобилаи иқтидори истеҳсолии кишвар ва низоми самараноки танзими давлатӣ маҳсуб ёфта, соҳаи мазкур ҳамеша зери назари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Исботи ин гуфтаҳоро метавон дар паёмҳои Сарвари давлат мушоҳида намуд, ки дар расми 1 оварда шудааст.

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, соҳаи саноат яке аз соҳаҳои афзалятноки иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, рушди соҳаи мазкур ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи хосаи Пешвои миллат қарор дорад, ки пайваста дар паёмҳои Сарвари давлат мавриди баррасӣ қарор мегирад (нигаред ба расми 1).



Расми 1. Суханҳо аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи афзалятҳои соҳаи саноат

Аз таҳлили маълумотҳои расми 1 чунин мушоҳида мерасад, ки танзими давлатии рушди саноат бояд ба ташаккули шароити институтсионалӣ, молиявӣ, технологӣ ва инфрасохторӣ, инчунин баланд бардории рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ равона гардад.

Таъмини заминаҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ва андешидани дигар чораҳои саривақтӣ имкон дод, ки солҳои охир шумораи корхонаҳои саноатӣ зиёд гашта истодааст. Агар дар соли 2021 дар ҳудуди мамлакат 2397 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият мекарданд, пас баъ аз пешниҳоди имтиёзҳо ва танзими самараноки давлатӣ нишондиҳандаи мазкур тамоюли рушд пайдо намуда, дар соли 2025 ин нишондиҳанда то ба 3972 адад зиёд гардид. Танҳо дар соли 2025 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 370 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 13113 ҷойи корӣ таъсис дода шуд, ки аз он ҳисоб ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ба беш аз 198 млн. сомонӣ баробар гардид.


Дар баробари зиёд гаштани шумораи корхонаҳо дар соҳаи саноат истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ тамоюли рушдро касб намуда, агар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2021 39,2 млрд. сомниро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2025 то ба 66,7 млрд. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2021	2022	2023	2024	2025	2025/ 2021, %
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид	2397	2802	3453	3774	3972	**165,7**
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млрд. сомонӣ	39,2	43	46,8	53,8	66,7	**170,1**
Суръати рушди саноат	27	9,7	8,8	14,9	**23,9**	**88,55**
Саноати коркард млрд. сомонӣ	22,5	26,5	28,5	30,2	34,5	**153,3**
Саноати истихроҷ млрд. сомонӣ	8,5	8,9	9,3	13,4	20	**235,3**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чи тевре, ки аз маълумоти ҷадвали 1 мешоҳида мегардад танҳо дар панҷ соли зери таҳқиқот қароргирифта (2021-2025) 1575 корхонаҳои саноатӣ ба истифода дода шуданд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бошад, дар соли 2025 ба 66,7 млрд. сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2024 дар сатҳи 122,1 фоиз таъмин гашта, нишондиҳандаи мазкур ба маблағи беш аз 13,3 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби ду бахши муҳим саноат: саноати истихроҷ ва саноати коркард ба даст омад.




Диаграммаи 1. Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025

Сарчашма: Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2025. – Душанбе, 2025.

Яке аз бахшҳои муҳими саноати мамлакат саноати коркард ба ҳисоб рафта, дар соли 2025 51,8 фоиз ё ин ки беш аз 34,5 млрд. сомонии саноати миллиро ташкил кард. Афзоши бахши мазкур дар соли 2025 асосан аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ, нӯшокиҳо ва тамоку (116,1%), нассоҷӣ ва дузандагӣ (114,4%), металлургия ва маҳсулоти тайёри филизӣ (106,5%), маснуоти резинӣ ва пластмасса (121,1%), маҳсулоти кимиёвӣ (126,1%), маҳсулоти фарматсевӣ (110,6%) иборат мебошад. Бояд иброз дошт, ки ин бахши саноат дар таъмини бозори дохилии мамлакат бо молу маҳсулоти ниёзи мардум ва афзоиши молҳои содиротии кишвар мавқеи хосса дорад.

Солҳои охир бо рушд ёфтани инфрасохтори соҳаи саноат ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои мамлакат низ тамоюли рушд дорад, ки аз маълумоти 2 мушоҳида намудан мумкин аст..



Диаграммаи 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, бо фоиз

Сарчашма: Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба фаъолияти вазорат дар соли 2025. – Душанбе, 2025.

Дар соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд 39, 1 млрд. сомонӣ, вилояти Хатлон 14 млрд. сомонӣ, шаҳри Душанбе 6,8 млрд. сомонӣ, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 5,8 млрд. сомонӣ ва ВМКБ 333,5 млн. сомониро ташкил дод.

Минтақаҳои кишвар дар доираи амалинамоии гузариши иқтисодиёти миллӣ аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ, ки бевосита дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро сол то сол зиёд карда истодаанд.

Таҳлили истеҳсоли маҳсулоти саноати дар минтақаҳои кишвар дар давраи солҳои 2021-2025 нишон дод, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо, ба ғайр аз ВМКБ тамоюли афзоиш назаррас доранд (нигаред ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (млрд. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2021	2022	2023	2024	2025	2021/ 2025, %
Ҷумҳурии Тоҷикистон	39,2	43	46,8	53,8	66,7	**180,1**
ВМКБ	0,3155	0,1841	0,1872	0,3228	0,3335	**105,7**
Вилояти Суғд	21,06	24,3	26,2	30,3	39, 1	**185,6**
Вилояти Хатлон	10,3	10,8	11,7	12,5	14	**136**
ш. Душанбе	3,3	3,5	4,2	5,2	6,8	**206**
НТҶ	3,8	4,2	4,5	5	5,8	**152,6**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 2023. Саҳ. 231 ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот оид ба фаъолияти вазорат дар солҳои 2023, 2024, 2025.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 чунин бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар соли 2025 нисбат ба соли 2021 дар ҳаҷми 18,04 млрд. сомонӣ ё ин ки 85,6%, вилояти Хатлон дар ҳаҷми 3,7 млрд. сомонӣ ё ин ки 36%, ш. Душанбе дар ҳаҷми 3,5 млрд. сомонӣ ё ин ки 106% ва НТҶ дар ҳаҷми 2 млрд. сомонӣ ё ин ки 52,6% афзудааст.

Ҳамин тавр дар натиҷаи ба роҳ мондани танзими давлатии рушди саноати мамлакат соҳаи мазкур дар ҳама минтақаҳои кишвар тамоюли болоравӣ дошта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар сохтори ММД-и кишвар ва савдои хориҷӣ мавқеи хоса дорад.

Аммо дар баробари дастовардҳои соҳаи саноат боз ҳастанд монеъаҳое, ки ба рушди ин соҳаи муҳим таъсири манфии худро мерасонанд ва сабабгори аз фаъолият боз мондани як қатор корхонаҳои соҳа мегарданд. Масалан, дар соли 2025 дар қаламравӣ мамлакат 1044 корхонаи саноатӣ ба мушкили дучор гардида, дар фаъолияти онҳо кошҳиёбӣ ба назар расид, ки 3,1 млрд. сомониро ташкил дод. Инчунин, дар соли 2025 дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз фаъолият бозмондани 87 корхона ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, сабабҳои асосии аз фаъолият боз мондани корхонаҳои санотаӣ чунин арзёбӣ мегарданд:

- ба охир расидани муҳлати амали иҷозатномаҳо ва сари вақт тамдид нагардидани муҳлати амалии онҳо;
- саривақт пардохт накардани ӯҳдадориҳои андозӣ аз ҷониби корхонаҳо;
- иҷро накардани вазифаҳои худ дар назди бонкҳо;
- коҳишёбии сатҳи рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ;
- норасогӣ ва афзоиш ёфтани нархи ашёи хом;

- набудан ё кам шудани талабот ва ба фурӯш нарафтани маҳсулоти истеҳсолшуда;
- норасоии ҳаҷми зарурии сармоягузорӣ барои таъмини равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- норасогии маблағҳои гардони корхонаҳо барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав;
- мушкилоти мубодилаи асъор ҳангоми амалиёти бонкӣ барои воридоти ашёи хоми коркард;
- таъминоти нокифояи корхонаҳои коркард бо ашёи хом;
- мушкилиҳои молиявию иқтисодӣ, норасоии таъминоти гаравӣ барои гирифтани қарзҳои дарозмуҳлат.
- норасогии мутахассисони касбӣ, аз ҷумла технолог, муҳандис ва ғ.

Мушкилотҳои болозикр, ки боиси суст рушд ёфтани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат гашта истодаанд инҷо танҳо давлат метавонад тавассути механизмҳои танзими давлатӣ ин камбудиҳоро бартараф намояд. Ба назари мо ҷиҳати бартараф кардани омилҳои монеаъшавандаи бахши саноатӣ кишвар вазифаҳои муҳимтарини давлат дар ин самт аз инҳо иборат мебошад:

- аз ҷониби мақомоти давлатӣ мусоидат намудан ҷиҳати сари вақт тамдид намудани иҷозатномаҳои пешбурди фаъоляти соҳибкории саноатӣ;
- таъмини мубодилаи асъори зарурӣ ҳангоми амалиёти бонкӣ ба корхонаҳои саноатӣ барои воридоти ашёи хоми коркард;
- андешидани чораҳои зарурии давлатӣ барои баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолии ватанӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ;
- ҷалби бештари лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои таъмини пурраи равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- паст кардани тамоюлҳои истеҳсолоти мавсимӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои нав, дар истеҳсолот, ҷорӣ намудани навъҳои гуногуни ашёи хом;
- зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ба монанди зироатҳои равғандиҳанда, меваю сабзавот, гӯшт ва шир, инчунин таъмини пурраи талаботи корхонаҳои коркард бо ашёи хоми ватанӣ бо роҳи парвариши навъҳои саноатии меваю сабзавот ва васеъгардонии майдонҳои кишти кишоварзӣ;
- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва мусоидат дар ҷалби сармоягузорон бо мақсади навсозӣ ва такмили инфрасохтори корхонаҳо;
- тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ;
- ҷорӣ намудани маҷмуи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот;
- паст намудани фоизи қарз ва зиёд намудани муҳлати истифодабарии он барои корхонаҳои саноатӣ;
- зиёд намудани номгӯй ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот;
- такмили сохтор, таҷдид ва азнавтаҷҳизонии техникии корхонаҳои амалкунанда;
- ҳавасмандгардонии ташаббусҳои шахсии соҳибкорони ба истеҳсолот машғулбуда ва оид ба ташкили корхонаҳои нави истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда;
- баланд бардоштани сифати маҳсулот, такмили шакл ва сифати бандубаст;
- тақвияти корҳои тарғиботӣ ва пешбурди корҳои маркетингӣ ҷиҳати саривақт ба фурӯш рафтани маҳсулоти истеҳсолшуда.

Хулоса. Ҳамин тавр, як қатор мушкилотҳое дар самти рушди саноат дар ҶТ ҷой доранд, ки аксарияти онҳо танҳо тавассути танзими давлатӣ ҳалли худро меёбанд. Агар чораҳои болозикр дар назидктарин муҳлат баррасӣ ва амали гардонида шаванд ҳамон қадар зудтар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ин бахши муҳими иқтисодиёти кишварро рушд диҳад ва ба ин васила натиҷаҳои баланди истеҳсолотро ба даст орад ва ба навсозии иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд. Инчунин, рушди саноат ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб рафта, ба афзоиши истеҳсоли мол, сарчашмаҳои нави андозсупорӣ, афзоиши молҳои содиротӣ, муаррифии иқтисодиёти мамлкат дар бозори ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва дар ин замина ба таъмини мустақилияти иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Ашуров И.С., Ғуломносирова Ф.М., Асоев М.М. Таҳлили вазъи инфрасохтори соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2021-№4 (76).-С.111-123.
2. Низомова Т.Д. Нақши саноат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ “Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф. –Душанбе, 15 майи соли 2018. – С. 125.
3. Олимов С.И. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи муосир, мушкилот ва дурнамои он / С.И. Олимов // «Идоракунии давлатӣ» –Душанбе – 2025. - № 2 (73). С. 237-246.
4. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016, 2017, 2018, 2021, 2023, 2024, 2025.
5. Раҳимзода Шариф. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Монография / Раҳимзода Шариф. – Душанбе: Эр-граф, 2019.- С. 102.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
7. Чжан Бинь. Активная кредитно-денежная политика Китая как фактор инновационного развития китайского промышленного комплекса /Бинь Чжан // Новая экономика. – 2016. – № 1 (67). –С. 63–69.

УДК: 339.1:004.738.5

АРЗЁБИИ ИМКОНИЯТИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

Абдусатторзода Сурайёхон Абдусаттор
Номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, куч. Нахимов 64/14

Тиҷорати электронӣ дигар танҳо канали иловагии фурӯш нест. Он тарзи пайдо кардани харидор, қабули пардохт, расонидани мол ва идоракунии муносибат бо муштариро дигар мекунад. Ҳадафи мақола арзёбии имконияти тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба вазъи инфрасохтори рақамӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, муҳити ҳуқуқӣ, логистика ва малакаҳои рақамӣ мебошад. Таҳқиқот маълумоти солҳои 2022–2026-ро фаро мегирад. Барои таҳлил усулҳои муқоисавӣ, оморӣ, институтсионалӣ ва таҳлили мундариҷаи санадҳои стратегӣ истифода шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки низоми пардохт аз худи бозори савдои электронӣ тезтар рушд мекунад. Ба ҳолати 30 июни соли 2026 шумораи кортҳои пардохтӣ ба 12,4 млн ва ҳамёнҳои электронӣ ба 19,8 млн расида, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ барои молу хизматрасонӣ 41 фоизро ташкил кардааст. Дар баробари ин, фарогирии интернет, логистика, ҳифзи истеъмолкунанда ва эътимод ба фурӯшандаи онлайн ҳанӯз маҳдудият эҷод мекунанд. Навгонии таҳқиқот дар он аст, ки имконият ҳамчун маҷмӯи шаш унсури ба ҳам вобаста - талаботи рақамӣ, пардохт, интернет, логистика, муҳити ҳуқуқӣ ва эътимод - арзёбӣ мешавад. Ин равиш нишон медиҳад, ки Тоҷикистон барои афзоиши тиҷорати электронӣ замина дорад, вале натиҷа аз ҳамоҳанг шудани тамоми занҷири хизматрасонӣ вобаста аст.

Калидвожаҳо: тиҷорати электронӣ, савдои электронӣ, иқтисоди рақамӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳамёни электронӣ, маркетплейс, соҳибкории хурду миёна, логистика, интернет, эътимоди рақамӣ.

ОЦЕНКА ПОТЕНЦИАЛА ЭЛЕКТРОННОЙ ТОРГОВЛИ

Абдусатторзода Сурайохон Абдусаттор
Кандидат экономических наук, исполняющий обязанности доцента кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14

Электронная торговля перестала быть лишь дополнительным каналом продаж. Она меняет поиск покупателей, оплату, доставку и управление отношениями с клиентами. Цель статьи - оценить потенциал электронной торговли в Республике Таджикистан с учетом цифровой инфраструктуры, безналичных платежей, правовой среды, логистики и цифровых навыков. Исследование охватывает данные 2022–2026 годов. Использованы сравнительный, статистический и институциональный методы, а также контент-анализ стратегических и нормативных документов. Результаты показывают, что платежная инфраструктура развивается быстрее, чем сам рынок электронной торговли. По состоянию на 30 июня 2026 года количество банковских платежных карт достигло 12,4 млн, электронных кошельков - 19,8 млн, а доля безналичных платежей за товары и услуги составила 41%. При этом доступность интернета, логистика, защита потребителей и доверие к онлайн-продавцам по-прежнему ограничивают рост. Научная новизна состоит в оценке потенциала через шесть взаимосвязанных блоков: цифровой спрос, платежи, интернет, логистика, правовая среда и доверие. Такой подход позволяет увидеть разрыв между технической готовностью и фактической зрелостью рынка.

Ключевые слова: электронная торговля, цифровая экономика, безналичные платежи, электронный кошелек, маркетплейс, малый и средний бизнес, логистика, интернет, цифровое доверие.

ASSESSING THE POTENTIAL OF E-COMMERCE

Abdusattorzoda Surayyokhon Abdusattor
Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor at the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov St., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734067.

E-commerce is no longer just an additional sales channel. It changes how firms find customers, receive payments, deliver goods and manage customer relationships. This article assesses the potential of e-commerce in the Republic of Tajikistan through the condition of digital infrastructure, cashless payments, the legal environment, logistics and digital skills. The study covers data from 2022–2026 and applies comparative, statistical and institutional analysis, together with content analysis of strategic and regulatory documents. The results show that payment infrastructure is growing faster than the e-commerce market itself. As of 30 June 2026, the number of bank payment cards reached 12.4 million, electronic wallets 19.8 million, while the share of cashless payments for goods and services reached 41 percent. At the same time, internet access, logistics, consumer protection and trust in online sellers remain constraints. The study’s contribution is a six-part diagnostic framework covering digital demand, payments, internet access, logistics, regulation and trust. The framework highlights a gap between technical readiness and actual market maturity.

Keywords: e-commerce, digital economy, cashless payments, electronic wallet, marketplace, SMEs, logistics, internet, digital trust.

Муқаддима. Савдо дар фазои рақамӣ зудтар аз шаклҳои анъанавии он тағйир меёбад. Харидор молро дар телефон мебинад, нархро муқоиса мекунад, аз фурӯшанда маълумот мепурсад ва метавонад бе рафтан ба

мағоза фармоиш диҳад. Барои соҳибкор низ мантиқ дигар шудааст: ҷойи фурӯш танҳо нуқтаи ҷисмонӣ нест, балки сомона, шабакаи иҷтимоӣ, замима ё маркетплейс ҳам ҳаст. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми арзёбии имконияти тиҷорати электронӣ танҳо шумораи истифодабарандагони интернет кофӣ нест.

Дар Тоҷикистон ин масъала ба чанд сабаб диққат мехоҳад. Кишвар ба баҳр баромад надорад. Бозори дохилӣ байни минтақаҳо пароканда аст. Қисми зиёди соҳибкорон ба гурӯҳи хурду миёна дохил мешаванд. Барои чунин бизнес хароҷоти кушодани нуқтаи нави фурӯш, нигоҳдории анбор ва ворид шудан ба бозори дигар метавонад баланд бошад. Канали рақамӣ қисми ин хароҷотро кам мекунад. Он инчунин ба истеҳсолкунандаи маҳаллӣ имкон медиҳад, ки ба харидор наздиктар шавад.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ тиҷорати электронӣ аллакай қисми калон аз фаъолияти тиҷоратиро фаро мегирад. UNCTAD нишон медиҳад, ки фурӯши тиҷорати электронии корхонаҳо дар 43 иқтисоди дорои маълумоти муқоисашаванда аз 17 трлн доллар дар соли 2016 то 27 трлн доллар дар соли 2022 расидааст [7]. Раванд барои кишварҳои рӯ ба рушд яксон нест. Дар онҳо маҳдудиятҳои инфрасохтор, пардохт, логистика ва малака метавонанд имконияти техникиро ба фурӯши воқеӣ табдил надиҳанд.

Барои Тоҷикистон қадами ҳуқуқӣ аллакай гузошта шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022 муносибатҳои соҳа, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёнро танзим мекунад [1]. Соли 2024 Барномаи савдои электронӣ барои солҳои 2025–2029 қабул шуд. Барнома ба малакаҳои рақамӣ ва молиявӣ, инфрасохтор, логистика, гардиши ҳуҷҷатҳо ва пардохтҳои электронӣ такя мекунад [2]. Ин маъно дорад, ки масъала аз сатҳи таҷрибаи алоҳидаи бизнес ба сатҳи сиёсати рушди бозор гузаштааст.

Ҳамзамон, рақамҳо як вазъияти ҷолибро нишон медиҳанд. Пардохтҳои рақамӣ босуръат зиёд мешаванд. Интернет низ аудиторияи калон дорад. Вале бозори тиҷорати электронӣ ҳанӯз ба андозаи инфрасохтори пардохтӣ рушд накардааст. Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2025–2029 афзоиши миёнаи солонаи бозори тиҷорати электронии Тоҷикистонро тақрибан 4,7 фоиз арзёбӣ карда, ҳаҷми онро то соли 2029 дар сатҳи 28,4 млн доллар пешбинӣ мекунад [6, с. 3]. Ин фарқият сабаб медиҳад, ки «имконият» на ҳамчун як рақам, балки ҳамчун маҷмӯи шароитҳо таҳлил шавад.

Ҳадафи таҳқиқот арзёбии имконияти рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани нуқтаҳое мебошад, ки метавонанд фосилаи байни омодагии рақамӣ ва фаъолияти воқеии бозорро кам кунанд. Саволи асосӣ чунин гузошта мешавад: кадом қисми экосистема барои рушди тиҷорати электронӣ омода аст ва кадом қисми он ҳоло суръати бозорро маҳдуд мекунад?

Навгонии илмии мақола дар истифодаи модели шашомила аст. Дар он имконият аз рӯйи талаботи рақамӣ, омодагии пардохт, дастрасии интернет, логистика, муҳити ҳуқуқӣ ва эътимоди рақамӣ баррасӣ мешавад. Равиш имкон медиҳад, ки як нишондиҳандаи қавӣ - масалан, шумораи зиёди кортҳо — ҳамчун далели худкори «рушди баланд» қабул нашавад. Имконият танҳо вақте ба натиҷаи иқтисодӣ табдил меёбад, ки тамоми занҷир кор кунад.

Мавод ва усулҳо. Таҳқиқот маълумоти солҳои 2022–2026-ро истифода мебарад. Барои пардохтҳо маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон то 30 июни соли 2026 гирифта шуд. Барои фарогирии интернет маълумоти охирини дастрас барои охири соли 2025 истифода гардид. Қонунгузорӣ ва санадҳои стратегӣ аз пойгоҳи расмии ADLIA гирифта шуданд. Барои муқоисаи инфрасохтори рақамӣ ва омодагии танзимӣ ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ истифода шуд.

Усули оморӣ барои таҳлили шумораи амалиётҳои ғайринақдӣ, кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ истифода гардид. Усули муқоисавӣ барои ҷудо кардани суръати рушди инфрасохтори пардохтӣ аз суръати рушди худи бозори тиҷорати электронӣ хизмат кард. Таҳлили институтсионалӣ барои санҷидани нақши қонун, барномаи давлатӣ ва механизмҳои ҳифзи истеъмолкунанда истифода шуд.

Барои арзёбии имконият шаш блок интихоб шуд: D - талаботи рақамӣ; P - пардохт; I — интернет; L — логистика; R — муҳити ҳуқуқӣ; T — эътимод ва малака. Шакли умумии модели ташхисӣ чунин аст: EC = f (D, P, I, L, R, T), ки дар он EC имконияти тиҷорати электронӣ мебошад. Дар ин мақола ба ҳар блок вазни сунъӣ дода намешавад. Сабаб оддӣ аст: барои ҳисоб кардани индекси миқдорӣ тадқиқоти намояндагии истеъмолкунандагон ва соҳибкорон лозим аст. Аз ин рӯ, натиҷаҳо ҳамчун арзёбии сохторӣ пешниҳод мешаванд, на ҳамчун рейтинги рақамӣ.

Ҷадвали 1. Чаҳорчӯбаи методии арзёбии имконияти тиҷорати электронӣ

Блок	Нишондиҳандаҳои асосӣ	Саволи ташхисӣ
D — талаботи рақамӣ	Истифодабарандагони интернет, рафтори онлайн, талабот ба хариди фосилавӣ	Оё аудиторияи кофӣ барои фурӯши онлайн вуҷуд дорад?
P — пардохт	Кортҳо, ҳамёнҳои электронӣ, QR, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ	Оё харидор метавонад ба осонӣ ва бехатар пардохт кунад?
I — интернет	Фарогирӣ, сифати алоқа, арзиш ва устувории пайвастшавӣ	Оё дастрасӣ барои шаҳр ва минтақаҳо кофӣ аст?
L — логистика	Анбор, хаткашонӣ, суроға, баргардонидани мол	Оё фармоиш сари вақт ва бо хароҷоти қобили қабул мерасад?

Блок	Нишондиҳандаҳои асосӣ	Саволи ташхисӣ
R — муҳити ҳуқуқӣ	Қонун, шартномаи электронӣ, ҳифзи маълумот ва истеъмолкунанда	Оё қоидаҳо барои харидор ва фурӯшанда равшананд?
T — эътимод ва малака	Эътимод ба фурӯшанда, саводи рақамӣ, идоракунии онлайн-фурӯш	Оё иштирокчиён метавонанд аз инфрасохтор воқеан истифода кунанд?

Манбаъ: *таҳияи муаллиф.*

Натиҷаҳо. Дар охири соли 2025 шумораи истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон тақрибан 6,15 млн нафар буд. Сатҳи фарогирӣ 56,8 фоизро ташкил кард. Ҳамзамон, тақрибан 4,68 млн нафар ё 43,2 фоизи аҳолӣ ҳанӯз аз интернет истифода намекарданд [8]. Барои тиҷорати электронӣ ин ду рақамро якҷо хондан лозим аст. Беш аз шаш миллион истифодабаранда бозори воқеӣ месозад. Аммо қариб нисфи аҳолии офлайн нишон медиҳад, ки потенсиал дар минтақаҳо ва гурӯҳҳои алоҳида пурра кушода нашудааст.

Маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ низ фарқи Тоҷикистонро аз ҳамсояҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад. Дар ҳисоботи соли 2025 фарогирии интернет ҳамчун шарти асосии тиҷорати электронӣ баррасӣ шуда, Тоҷикистон аз рӯйи ин нишондиҳанда аз муқоисашавандаҳои минтақавӣ ақибтар арзёбӣ шудааст [6, с. 17]. Ин маҳдудият танҳо ба харидор таъсир намекунад. Фурӯшанда низ барои идора кардани каталог, қабули фармоиш, кор бо реклама ва иртибот бо муштарӣ ба пайвасти босифат ниёз дорад.

Аз нуқтаи назари модели бизнес, ин вазъият ба афзалияти mobile-first ишора мекунад. Барои қисми зиёди аудитория телефон воситаи асосии воридшавӣ ба фазои рақамӣ аст. Пас, интерфейси сабук, саҳифаи зуд, фармоиши кӯтоҳ ва пардохти оддӣ аз тарҳи мураккаби сомона муҳимтар мешавад. Соҳибкоре, ки фурӯши онлайнро ҳамчун нусхаи мағозаи ҷисмонӣ мебинад, қисми рафтори воқеии муштариро аз даст медиҳад.

Нишондиҳандаҳои пардохт тағйироти тезтарро нишон медиҳанд. Дар соли 2025 бо истифода аз кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ 136 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 42,4 млрд сомонӣ анҷом дода шуд. Шумораи амалиёт нисбат ба соли 2024 47,1 фоиз ва ҳаҷми онҳо 39,8 фоиз зиёд гардид [3, с. 31]. Ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҳаҷми пардохт барои молу хизматрасонӣ 29,4 фоиз буд. Танҳо дар декабри соли 2025 ин ҳисса ба 38,9 фоиз расид [3, с. 31].

Дар нимсолаи якуми соли 2026 суръат боз ҳам баландтар шуд. То 30 июн шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ ба 12,4 млн адад расид. Шумораи ҳамёнҳои электронӣ 19,8 млн адад шуд. Дар моҳҳои январ–июн 152 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 38,3 млрд сомонӣ гузаронида шуд. Ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ барои молу хизматрасонӣ ба 41 фоиз расид [4]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки одати пардохти рақамӣ тез паҳн мешавад.

Ҳамёнҳои электронӣ низ алоҳида суръати баланд доранд. Дар январ–июни соли 2026 тавассути онҳо 14,6 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 3,5994 млрд сомонӣ анҷом дода шуд. Шумораи амалиёт 32,5 фоиз ва ҳаҷми онҳо 110,1 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд шудааст [5]. Барои тиҷорати электронӣ ин як бартарии ҷиддӣ аст: харидор барои пардохт ба инфрасохтори бештар омода дастрасӣ пайдо мекунад.

Бо вуҷуди ин, байни «дуконҳои воситаи пардохт» ва «хариди онлайн» аломати баробар гузоштан нодуруст аст. Корт метавонад барои гирифтани маош ё пардохти хизматрасонии коммуналӣ истифода шавад. Ҳамён метавонад танҳо барои интиқоли маблағ фаъол бошад. Барои табдил додани ин инфрасохтор ба фурӯши онлайн, платформа, логистика, ҳифзи харидор ва эътимод бояд ҳамзамон кор кунанд.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои калидии омодагии рақамӣ ва пардохтӣ

Нишондиҳанда	Арзиш	Давра	Манбаъ
Истифодабарандагони интернет	6,15 млн нафар	охири 2025	[8]
Фарогирии интернет	56,8%	охири 2025	[8]
Аҳолии офлайн	4,68 млн нафар (43,2%)	охири 2025	[8]
Амалиёти ғайринақдӣ	136,0 млн адад	2025	[3, с. 31]
Ҳаҷми амалиёти ғайринақдӣ	42,4 млрд сомонӣ	2025	[3, с. 31]
Ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ	29,4%	2025	[3, с. 31]
Ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ	41%	январ–июни 2026	[4]
Кортҳои пардохтӣ	12,4 млн адад	30.06.2026	[4]
Ҳамёнҳои электронӣ	19,8 млн адад	30.06.2026	[4], [5]
Амалиёти ғайринақдӣ	152,0 млн адад	январ–июни 2026	[4]

Манбаъ: *тартиб дода шудааст аз рӯйи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон ва DataReportal.*

Қонуни «Дар бораи савдои электронӣ» чаҳорчӯбаи асосии ҳуқуқиро муайян мекунад [1]. Барномаи давлатии солҳои 2025–2029 бошад, ба рушди инфрасохтор, логистика, пардохт, ҳуҷҷатгузории электронӣ ва малакаҳо равона шудааст [2]. Ин ду санад барои бозор сигнал медиҳанд: савдои электронӣ ҳамчун самти алоҳидаи иқтисодӣ эътироф шудааст.

Аммо дар муомилоти онлайн қонун бояд ба таҷрибаи оддӣ табдил ёбад. Харидор мехоҳад бидонад, ки фурӯшанда воқеӣ аст, нархи ниҳоӣ чӣ қадар аст, мол кай мерасад, чӣ тавр баргардонида мешавад ва маълумоти шахсии ӯ чӣ гуна истифода мегардад. Бонки Ҷаҳонӣ дар арзёбии соли 2025 ба холигиҳо дар танзими ҳувияти рақамӣ, тиҷорати бидуни коғаз, ҳифзи маълумот, стандартҳои амният ва ҳимояи истеъмолкунанда ишора мекунад [6, с. 21–25].

Ин ҷо эътимод ба мафҳуми иқтисодӣ табдил меёбад. Вақте ки харидор ба тартиби баргардонидани маблағ бовар надорад, ӯ метавонад фармоиш диҳад, вале пардохти пешакиро рад кунад. Барои фурӯшанда ин маънои фармоиши бардурӯғ, хароҷоти логистикӣ ва гардиши сусти маблағро дорад. Яъне норасоии эътимод хароҷоти муомилотро зиёд мекунад.

Тиҷорати электронӣ дар экран оғоз мешавад, вале барои молҳои ҷисмонӣ дар роҳ анҷом меёбад. Агар пардохт осон бошад, аммо расонидан дер ё гарон бошад, афзалияти онлайн коҳиш меёбад. Ин масъала барои Тоҷикистон, ки минтақаҳои кӯҳӣ ва масофаҳои ҷуғрофии мураккаб дорад, бештар ҳис мешавад.

Таҳлили OECD ба маҳдудиятҳои логистикии бозори электронӣ ишора мекунад. Аз ҷумла, мавҷуд набудани анборҳои синфи баланд барои нигоҳдорӣ ва коркарди молҳои тиҷорати электронӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои бозор қайд шудааст [9]. Ба ин масъалаи суроға, нуқтаҳои қабул, хаткашонӣ ва баргардонидани мол ҳамроҳ мешавад.

Барои соҳибкори хурд логистика аксар вақт аз худи реклама гаронтар мешавад. Вақте ки арзиши расонидан ба ноҳия ба қисми калон аз нархи мол баробар аст, харидор интихоби онлайнро рад мекунад. Модели нуқтаҳои қабули фармоиш, муттаҳид кардани чанд фармоиш дар як хатсайр ва истифодаи операторони логистикии махсус метавонад ин хароҷотро кам кунад.

Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки технология дар Тоҷикистон нисбат ба чанд кишвари минтақа сусттар қабул мешавад. Бозори тиҷорати электронӣ барои солҳои 2025–2029 бо суръати миёнаи 4,7 фоиз пешбинӣ шудааст ва метавонад то соли 2029 ба 28,4 млн доллар расад [6, с. 3]. Барои муқоиса, худи низоми пардохт дар соли 2025 аз рӯйи шумораи амалиётҳои ғайринақдӣ 47,1 фоиз афзуд [3, с. 31]. Давра ва нишондиҳандаҳо яксон нестанд, бинобар ин онҳоро мустақим муқоиса кардан мумкин нест. Вале фарқ як сигнал медиҳад: пардохти рақамӣ аз савдои рақамӣ тезтар паҳн мешавад.

Ин фосиларо метавон «захираи истифоданашудаи бозор» номид. Харидор воситаи пардохт дорад. Соҳибкор метавонад дар шабакаи иҷтимоӣ мол нишон диҳад. Вале занҷири пурраи фармоиш — аз каталог то расонидан ва баргардонидан — ҳамеша ба таври устувор кор намекунад. Аз ҳамин ҷо имконияти асосӣ ба вуҷуд меояд: на танҳо зиёд кардани шумораи платформаҳо, балки пайваст кардани унсурҳои пароканда ба як экосистема.

Ҷадвали 3. Арзёбии сохтории имконият ва маҳдудиятҳо

Блок	Ҷониби қавӣ	Маҳдудият	Имконияти амалӣ
Талаботи рақамӣ	Аудиторияи зиёда аз 6 млн истифодабарандаи интернет	Қариб 43% аҳолӣ ҳанӯз офлайн	Афзоиши аудитория дар минтақаҳо
Пардохт	Кортҳо, ҳамёнҳо ва QR босуръат меафзоянд	На ҳар пардохти рақамӣ хариди онлайн аст	Пайваст кардани пардохт ба checkout-и сода
Интернет	Бозори мобилӣ ва истифодаи смартфон замина медиҳад	Сифат ва фарогирӣ нобаробар	Mobile-first ва беҳтар кардани пайвастшавӣ
Логистика	Талабот ба хизматрасонии нав зиёд мешавад	Расонидан ба минтақаҳо ва баргардонидан гарон	Нуқтаҳои қабул, анбор ва оптимизатсияи хатсайр
Муҳити ҳуқуқӣ	Қонун ва барномаи давлатӣ амал мекунанд	Баъзе механизмҳои ҳифз ва иҷро пурра нестанд	Стандарти маълумоти фурӯшанда ва ҳифзи харидор
Эътимод ва малака	Таҷрибаи пардохти рақамӣ меафзояд	Хавфи қаллобӣ ва норасоии малакаи e-commerce	Рейтинг, тасдиқи фурӯшанда ва омӯзиши соҳибкор

Манбаъ: *арзёбии муаллиф дар асоси [1]–[9].*

Барои бизнеси хурд арзиши ворид шудан ба канали онлайн одатан аз кушодани нуқтаи нави ҷисмонӣ камтар аст. Соҳибкор метавонад аввал талаботро санҷад, баъд анбор ё ассортиментро васеъ кунад. Ин тартиб хавфи сармоягузории аввалияро кам мекунад.

Имконияти дигар — васеъ шудани ҷуғрофияи фурӯш аст. Истеҳсолкунандаи Хуҷанд метавонад фармоиш аз Душанбе гирад. Ҳунарманд аз минтақа метавонад маҳсулотро ба харидори шаҳрӣ пешниҳод кунад. Барои молҳои рақамӣ масофа боз ҳам камтар аҳамият дорад. Барномасозӣ, тарроҳӣ, тарҷума, машварат ва омӯзиши фосилавӣ метавонанд бе расонидани ҷисмонӣ фурӯхта шаванд.

Барномаи E-GATE-и Бонки Ҷаҳонӣ маҳз дастрасии корхонаҳои хурду миёнаро ба бозорҳои B2B-и байналмилалӣ яке аз самтҳои кор қарор додааст [10]. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки масъала танҳо платформа нест. Барои фурӯшандаи хурд омӯзиши каталог, акс, тавсифи маҳсулот, таҳлили бозор, шартҳои таҳвил ва идоракунии фармоиш низ лозим аст.

Дар солҳои 2025–2026 лоиҳаҳои рушди малакаҳои рақамӣ ва инфрасохтори давлатӣ низ васеъ шудаанд. Лоиҳаи Digital Foundations-и Бонки Ҷаҳонӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ ва малакаҳои рақамӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои деҳот, равона шудааст [11]. Ин гуна сармоягузорӣ ба тиҷорати электронӣ таъсири ғайримустақим, вале муҳим дорад: ҳар қадар истифодабаранда ва соҳибкор бо хизматрасонии рақамӣ озодтар кор кунад, хароҷоти омӯзиши бозор камтар мешавад.

Имконият дар ҳама гурӯҳи молу хизматрасонӣ яксон нест. Барои арзёбии амалӣ сегментҳоро аз рӯйи душвории логистика, имкони рақамикунонии хизматрасонӣ ва талаботи такрорӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ҷадвали 4. Сегментҳои дорои имконияти нисбатан баланд

Сегмент	Чаро ҷолиб аст	Монеаи асосӣ
Либос, косметика, молҳои рӯзгор	Талаботи васеъ, интихоби онлайн осон	Сифат, андоза, баргардонидан
Техника ва лавозимот	Муқоисаи нарх ва хусусиятҳо қулай	Кафолат ва аслияти мол
Маҳсулоти маҳаллӣ ва ҳунармандӣ	Дастрасӣ ба харидори берун аз минтақа	Бастабандӣ ва логистика
Меваи хушк ва маҳсулоти коркардшуда	Имконияти B2C ва B2B	Стандарт, сертификат ва таҳвил
Хизматрасонии таълимӣ	Расонидани пурра рақамӣ имконпазир	Сифат ва эътимод ба провайдер
IT, тарроҳӣ, тарҷума, BPO	Сарҳад ва логистика таъсири кам доранд	Пардохти байналмилалӣ ва малака
B2B барои ашёи хом ва таҷҳизот	Коҳиши вақти ҷустуҷӯ ва муқоиса	Ҳуҷҷатгузорӣ ва санҷиши контрагент

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси хусусияти маҳсулот, логистика ва имкони рақамикунонии фурӯш.*

Муҳокима. Натиҷаҳо як чизро равшан мекунанд: Тоҷикистон барои тиҷорати электронӣ «нуқтаи сифр» нест. Пардохти рақамӣ, қонунгузорӣ ва аудиторияи интернетӣ аллакай вуҷуд доранд. Мушкил дар он аст, ки ин унсурҳо бо суръати яксон рушд намекунанд. Пардохт хеле тез пеш меравад. Логистика, эътимод ва фарогирии интернет сусттаранд. Дар чунин ҳолат афзоиши як қисми экосистема худ аз худ бозорро калон намекунад.

Барои мисол, афзоиши ҳамёнҳои электронӣ хароҷоти пардохтро кам мекунад. Вале агар муштарӣ аз сифати мол ё баргардонидани он мутмаин набошад, ӯ ба хариди онлайн намегузарад. Аз тарафи дигар, ҳатто мағозаи боэътимод дар сурати расонидани гарон ба минтақаҳо рақобатпазир наменомад. Ин вобастагӣ нишон медиҳад, ки сиёсати рушди e-commerce бояд байни вазорат, низоми бонкӣ, операторони алоқа, логистика ва бахши хусусӣ ҳамоҳанг бошад.

Аз нигоҳи бизнес низ хато аст, ки рақамикунонӣ танҳо бо кушодани саҳифа дар шабакаи иҷтимоӣ баробар карда шавад. Фурӯши устувор аз маълумоти дуруст дар бораи мол, захираи воқеии анбор, вақти ҷавоб, пардохт, tracking, хизматрасонии баъдифурӯшӣ ва таҳлили муштарӣ иборат аст. Ҳар қисми заиф метавонад тамоми таҷрибаи харидро вайрон кунад.

Ҷанбаи дигар — маълумот аст. Барои идора кардани бозор омори мунтазам дар бораи ҳаҷми B2C ва B2B, ҳиссаи хариди дохилӣ ва фаромарзӣ, арзиши миёнаи фармоиш, сохтори молҳо, сатҳи баргардонидан ва фарқи шаҳр–деҳот лозим аст. Ҳоло қисми чунин маълумот аз манбаъҳои гуногун ҷамъ оварда мешавад. Ин арзёбии дақиқи андозаи бозорро душвор мекунад. UNCTAD низ мушкили нокифоя будани омори e-commerce-ро барои кишварҳои рӯ ба рушд таъкид мекунад [7].

Дар шароити Тоҷикистон фурӯши фаромарзӣ як самти ҷолиб аст, аммо он талаботи бештар дорад. Платформаи хориҷӣ метавонад харидор диҳад, вале масъалаҳои стандарт, сертификат, пардохти байналмилалӣ, гумрук, бастабандӣ ва логистика боқӣ мемонанд. Бонки Ҷаҳонӣ рақамикунонии тиҷоратро барои кишвари ба баҳр баромаднадошта ҳамчун роҳи коҳиш додани хароҷоти савдо ва беҳтар кардани дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ баррасӣ мекунад [6, с. ii–iii]. Дар ҳисобот коҳиши эҳтимолии хароҷоти савдо аз ҳисоби рақамикунонӣ беш аз 13 фоиз арзёбӣ шудааст [6, с. ii].

Аз ин ҷо як хулосаи амалӣ мебарояд: афзалият бояд ба «занҷири пурра» дода шавад. Яъне ҷустуҷӯи мол → маълумоти фурӯшанда → фармоиш → пардохт → расонидан → тасдиқи қабул → кафолат/баргардонидан → хариди такрорӣ. Агар яке аз ин пайвандҳо заиф бошад, сармоягузорӣ ба қисмҳои дигар самараи камтар медиҳад.

Хулоса. Арзёбӣ нишон дод, ки имконияти тиҷорати электронӣ дар Тоҷикистон воқеӣ ва аз ҳама бештар ба рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, аудиторияи интернетӣ ва мавҷудияти чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ такя мекунад. Нуқтаи қавитарини экосистема имрӯз пардохт аст. Нуқтаҳои ҳассостар интернети босифат дар минтақаҳо, логистика, ҳифзи харидор ва эътимод мебошанд.

Барои табдил додани имконият ба фурӯши воқеӣ панҷ самт аҳамияти амалӣ доранд. Якум, интерфейс ва пардохт бояд барои телефон содда бошад. Дуюм, фурӯшанда бояд бо шахсият ва реквизитҳои равшан нишон дода шавад. Сеюм, тартиби баргардонидани мол ва маблағ бояд кӯтоҳ ва фаҳмо бошад. Чорум, логистикаи минтақаҳо ба нуқтаҳои қабул, tracking ва муттаҳидсозии фармоиш ниёз дорад. Панҷум, соҳибкории хурд бояд на танҳо маркетинг, балки идоракунии тамоми равандҳои e-commerce-ро омӯзад.

Барои сиёсати давлатӣ омори махсуси бозор лозим аст. Бе маълумоти мунтазам дар бораи B2C, B2B, содироти онлайн, сохтори молҳо ва ҷуғрофияи фармоишҳо, муайян кардани самаранокии барномаи давлатӣ душвор мемонад. Барои бизнес бошад, меъёри асосӣ бояд на шумораи обуначӣ ё боздиди саҳифа, балки табдили боздид ба фармоиш, арзиши ҷалби муштарӣ, вақти расонидан, ҳиссаи баргардонидан ва хариди такрорӣ бошад.

Потенсиали калон дар он нест, ки ҳар соҳибкор ҳатман сомонаи алоҳида созад. Потенсиал дар пайваст шудани пардохт, платформа, логистика, маълумот ва эътимод аст. Ҳамин пайвастагӣ метавонад тиҷорати электрониро аз канали иловагӣ ба қисми муқаррарии бозори Тоҷикистон табдил диҳад.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» аз 24 декабри соли 2022, №1921 (бо тағйирот аз 02.01.2025, №2136). Пойгоҳи ADLIA. URL: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=167227 (санаи мурочиат: 26.09.2026).

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2029: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2024, №295. ADLIA. URL: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=148548 (санаи мурочиат: 26.09.2026).

3. Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳисоботи суботи молиявӣ 2025. Душанбе: БМТ, 2026. 41 с. URL: https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2026/intishorot/Ҳисоботи_суботи_молиявӣ_2025.pdf (санаи мурочиат: 26.09.2026).

4. Бонки миллии Тоҷикистон. Шарҳи мухтасар оид ба натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2026. URL: https://www.nbt.tj/tj/news/639007/ (санаи мурочиат: 26.09.2026).

5. Бонки миллии Тоҷикистон. Маблағҳои электронӣ. Маълумот ба ҳолати 30 июни соли 2026. URL: https://nbt.tj/tj/payment_system/mablaghoi-elektroni.php (санаи мурочиат: 26.09.2026).

6. World Bank. Tajikistan Economic Update: Focusing on Digital Transformation of Trade in Tajikistan. Washington, DC: World Bank Group, Summer 2025. 44 p. URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/099713007282542605/pdf/IDU-bd1d1196-74d2-40ba-ba39-95e6e426736e.pdf (санаи мурочиат: 26.09.2026).

7. UNCTAD. Digital Economy Report 2024: Shaping an Environmentally Sustainable and Inclusive Digital Future. Geneva: United Nations, 2024. URL: https://unctad.org/publication/digital-economy-report-2024 (санаи мурочиат: 26.09.2026).

8. DataReportal. Digital 2026: Tajikistan. 2026. URL: https://datareportal.com/reports/digital-2026-tajikistan (санаи мурочиат: 26.09.2026).

9. OECD. Tajikistan: Enhancing the Competitiveness of the Trans-Caspian Transport Corridor in Central Asia. Paris: OECD Publishing, 2025. URL: https://www.oecd.org/en/publications/enhancing-the-competitiveness-of-the-trans-caspian-transport-corridor-in-central-asia_f261e7fa-en/full-report/tajikistan_1520e6a9.html (санаи мурочиат: 26.09.2026).

10. World Bank. E-GATE: Elevating Global Access Through E-commerce in Central Asia. 2024–2026. URL: https://www.worldbank.org/en/brief/2024/07/01/e-gate (санаи мурочиат: 26.09.2026).

11. World Bank. World Bank to Strengthen Digital Public Infrastructure and Digital Skills in Tajikistan. 17 December 2024. URL: https://www.worldbank.org/en/news/press-release/2024/12/17/world-bank-to-strengthen-digital-public-infrastructure-and-digital-skills-in-tajikistan (санаи мурочиат: 26.09.2026).

УДК: 631.67

САМАРАНОИКИИ ИҚТИСОДӢ ИСТИФОДАИ ЗАҲИРАҲОИ ЗАМИНҲОИ ОБЁРИШАВАНДА ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.

Саидҷаъфарзода Мирзо Саидҷаъфар

н.и.и., дотсентӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишкадаи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипламатия, Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе н.Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48/5. +992918293830 E-mail: teshaev86@bk.ru.

дар мақолаи мазкур миқдори заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб мавриди таҳлилу тадқиқот қарор дода шудааст. Дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон зарурати аз нав дида баромадани низоми заминдорӣ ва баҳои экологӣ - иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин, бахусус заминҳои обёришаванда ва дар ин замина таъмин намудани аҳолии минтақаҳо бо маҳсулоти озуқаворӣ ба миён меояд. Дар заминаи дастгирии давлатии идораи заминҳои обёришаванда метавон талаботи аҳолиро бо озуқаи ватанӣ таъмин намуда, даромади молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзиро баланд бардошта, барои таъмини рушди устувори минтақаҳои агросаноатӣ шароитҳои беҳтаринро муҳайё сохт. Ин ҷо, пеш аз ҳама, сухан дар бораи таҳлил ва ҳолати истифодаи заминҳои обёришаванда ва омилҳои экологӣ-иқтисодии экосистемаҳои минтақавӣ меравад.

Калидвожаҳо: заминҳои обёришаванда, баҳои экологӣ, самаранокӣ захираҳои замин, маҳсулотҳои озуқаворӣ, таъмини рушди минтақаҳо, экосистемаҳои минтақавӣ.

ОРОШАЕМЫЕ ЗЕМЛИ И ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В РАЙОНЕ КУЛЯБА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Саиджафарзода Мирзо Саиджафар

научный сотрудник, доцент, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, Институт мировой экономики и дипломатии, Адрес: 734036, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Фирдавси, улица Борбад 48/5. +992918293830 Email: teshaev86@bk.ru

В данной статье рассматривается количество орошаемых земель в районе Куляба. В условиях регионов Таджикистана возникает необходимость пересмотра системы землепользования и оценки экологико-экономического эффективного использования земельных ресурсов, особенно орошаемых земель, а также обеспечения населения регионов продовольствием. На основе государственной поддержки управления орошаемыми землями можно удовлетворить потребности населения в отечественных продуктах питания, повысить доходы производителей сельскохозяйственной продукции и создать оптимальные условия для устойчивого развития агропромышленных регионов. В первую очередь, речь идет о анализе и состоянии использования орошаемых земель и экологико-экономических факторах региональных экосистем.

Ключевые слова: орошаемые земли, экологическая оценка, эффективность использования земельных ресурсов, продукты питания, обеспечение развития регионов, региональные экосистемы.

IRRIGATED LANDS AND THEIR USE IN THE KULOB DISTRICT OF KHATLON REGION

Saidjafarzoda Mirzo Saidjafar

Research Fellow, Associate Professor at the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan Institute of World Economy and Diplomacy, Address: 734036, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi district, Borbad street, 48/5. +992918293830 Email: teshaev86@bk.ru ORCID:0009-0007-5015-5181

This article examines the amount of irrigated land in the Kulob district. In the regions of Tajikistan, there is a need to reassess the land management system and evaluate the ecological and economic efficiency of land resource use, particularly irrigated lands, as well as to ensure food supply for the population. With state support for the management of irrigated lands, it is possible to meet the population's demand for domestic food products, increase the income of agricultural producers, and create optimal conditions for the sustainable development of agro-industrial regions. The focus is primarily on the analysis and current state of irrigated land use and the ecological-economic factors of regional ecosystems.

Keywords: irrigated lands, ecological assessment, efficiency of land resource use, food products, regional development support, regional ecosystems.

Пешгуфтор. Дар даврони гузариш ба иқтисодиёти бозоргони заминҳои обёришаванда, яке аз сарчашмаи таъмин намудани аҳилиро бо маҳсулотҳои озуқаворӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти хатлонро ташкил медиҳад. Истифодаи заминҳои обёришаванда бошад тибқи санадҳои меъёри ва ҳуқуқӣ сарфакорона истифода намуданашон дар байни аҳолӣ ва деҳол ба роҳ монда шуда ва дар таъмин намудани аҳолӣ ба маҳсулотҳои соҳаҳои кишоварзи аз заминҳои обёришаванда маври корбари қарор дода шудааст.

Ҳар чанде, ки миқдори заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоб камтар бошад, яъне ба дурусти истифода намуданашон ба роҳ монда шудаистодааст. Аз ин хотир самаранокии иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар 10 ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ба роҳмонда шуда аз истеҳсоли маҳсулотҳои муаянгардида аҳолии минтақаро таъмин менамоянд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мақолаи илмӣ методҳо ва усулҳои оморӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ, стратегӣ ва ташкилӣ истифода шуда, масъалаи самаранокии иқтисодӣ истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоб маврити таҳлилу бараси қарор дода шудааст. Муаллиф дар таҳқиқотии худ масъалаи самараноки иқтисодии истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақа ва дастгирии давлатиро аз ҷиҳати маблағгузорӣ, сармоягузорӣ ва ҳуқуқи дида баромада ва роҳои такмили онро пешниҳод намудааст. Бояд гуфт, ки истифодаи усулҳо ва методҳо барои минтақа зарур шуморида шуда бояд дар санадҳои меёри ҳуқуқи мавриди корбари қарор дода шаванд, ки роҳҳои самарнокии истифодаи заминҳои обёришаванда ва рушди онҳо дар байни аҳоли сурът гирад.

Фарзияи тадқиқот аз он иборат аст, ки самараноки иқтисодӣ истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб ва рушди онро дар бар мегирад, ки истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ аз нигоҳи экологи тоза барои аҳолӣ пешниҳод кард ва бозори дохиларо таъмин намоянд

Натичаҳо. Рушди иқтисодиёти минтақа вобастаги аз самараноки иқтисоди истифодаи заминҳои обёришаванда сурът мегирад, инчунин рушд додан ва таъмин намудани аҳолии минтақа аз заминҳои обёришаванда ба роҳ монда шуда аз қисматҳои сармоягӯзори, маблағгузори ва маданияти баланди заминистифодабари вобастагӣ дорад. Бояд чунин мушкилотои барасишаванда мавриди дасгириҳои давлатӣ ба роҳмонда шуда, сатҳи зиндагии аҳолии минтақа баланд бардоранд.

Дар таҳқиқоти мазкур фикру ақидаи баъзан олимон, Бобылев, С. Н.., Сергеев, Н.А.., Одинаев, Ҳ.А.., Исайнов, Х.Р., Махотлова, М.Ш., Исайнов, Х.Р.., Комилов, Н.Б.. мавриди тақиқу корбари қарор дода шудаанд.

Ҷадвали 1. Тафсири таърифи мафҳуми самаранокии иқтисодии захираҳои заминҳои обёришванда дар минтақа

Муаллиф	Таъриф
Бобылев, С. Н.	«...**Захираҳои замин** ҳамчун асоси ҳастии моддӣ-материалӣ, базаи асосии ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳамчун омилҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ (захираҳои табиӣ, материалӣ-техникӣ, меҳнатӣ ва ғайра) баромад мекунад...»... [1].
Сергеев, Н.А.	«...**Захираҳои замин** ба қисми захираҳои минтақавӣ (ҳудудӣ) мансуб буда, он аз хусусиятҳои хоси соҳаи кишоварзӣ ва урфу одат ва рушди истеҳсолоти минтақа вобастагӣ дошта, барои намудҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидорӣ хизмат мерасонад...»...[2].
Одинаев, Ҳ.А.	«...**Заминҳои обёришаванда** - ин омили муҳими ҳастӣ ва муҳити зисти одамон, захираи асосӣ барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқ хизмат менамояд...»... [3].
Исайнов, Х.Р.	«...**Заминҳои обёришаванда** ва захираҳои обӣ - ҳамчун захираҳои арзишнок ва ивазнашавандаи экосистемаи минтақавӣ барои аҳолии минтақа ва тамоми кураи замин муҳим буд ва бокӣ мемонад....»... [4].
Шералиев, Э. Н.	«...**Таъмини рушди устувор** ва вазъи экологӣ дар минтақаҳои аридӣ аз бисёр ҷиҳат аз истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ, бахусус, захираҳои обёришаванда дар заминаи ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва фишангҳои танзими низоми заминдорӣ бо назардошти хусусиятҳои рушди соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад....»... [5].
Махотлова, М.Ш., Кумехов, А. А.	«...**Заминҳои обёришаванда** ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот ва қисмати муҳими базаи моддӣ-техники дар соҳаи кишоварзӣ хизмат намуда, ҳамчун боигарии асосии миллӣ ба ҳисоб меравад....»... [6].
Комилов, Н.Б.	«...**Заминҳои обёришаванда**и **минтақа** миёни унсурҳои табиат мақоми махсус дошта, ҳамчун асоси истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зисти одамон, инчунин объекти моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ ба замин баромад мекунад....»... [7].

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Аз ҷадвали 1 ба хулосае омадан мумкин аст, ки фикру ақидаҳои олимонро тарафдори кардан аз манфият холи намебошад, чун истифодаи самарнокии иқтисоди ва истифодаи захираҳои заминҳои обёришаванда барои минтақа зарур мебошад, ки таъминкунандаи аҳоли ба маҳсулоти кишоварзи аз нигоҳи экологи тоза, истеҳсол ва таъмин карда шавад.

Смараноки иқтисодии истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, яке аз соҳаҳои кишоварзи ба ҳисоб меравад, ки тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2024 дар масоҳати 12,4 ҳазор км^2 ҷойгир буда, 50,2%-и масоҳати вилояти Хатлон ва 8,7%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунад. Шумораи аҳолӣ дар минтақа ба ҳолати соли 2024 1220,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки мутаносибан 36,4 %-и аҳолии вилоят ва он 13,1%-и шумораи умумии аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. [7]. Шуғли асосии мардуми минтақаро кишоварзӣ ташкил дода, аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ - табиӣ ва ҳудудӣ тақсимоту истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла заминҳои обёришаванда барои минтақа нақши созгор дорад. Аз рӯи сохтори сарҳади ҳудуд минтақаи Кӯлоб ба 10 ноҳия, 1 шаҳр ва 7 ҷамоатҳои шаҳрак, 59 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад.

Бояд гуфт, ки дар минтақа Кӯлоб фаъолияти корхона калонтарини коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дида мешавад, ки ба таъмин намудани маҳсулотҳои истеҳсолшуда ба аҳолӣ банд мебошанд:

- ҶСП “Ҷунтай-Данғара
- Син Силу Текстил”-и ноҳияи Данғара
- ҶДММ «Фаррес»-и ноҳияи Фархор
- ҶСК «Кӯлоб-текстил»
- ҶСШК «Зиёратшоҳ», ноҳияи Фархор
- ҶДММ «Тиллои сафед»-и шаҳри Кӯлоб
- ҶСК “Самар”-и ноҳияи Восеъ маҳсуб

Дар ҷадвали 1. нишондиҳандаҳои омории минтақаи Кӯлоби вилояти хатлон оварда шудааст. Тибқи назарияи мутахассисон ва коршиносон дар вилояти Хатлон соҳаи кишоварзи ба ду минтақа ҷудо мешавад:

1. Минтақаи агросаноатии Вахшу Бохтар;
2. Минтақаи агросаноати Кӯлоб.

Аз сабабе, оне ки объекти таҳқиқоти мо минтақаи Кӯлобро дар бар мегирад мо нишондиҳандаҳои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаи Кӯлобро маври таҳлилу омӯз қарор дода дар ҷадвали 1 пешниҳод намудаем.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимомии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2020	
						+,-	%
МУМ, млн сомонӣ	4467,5	5009,0	5848,6	6419,8	6843,6	2376,1	53,2
МУМ ба сари аҳолӣ	4278	4227	5100	5482	5723	1445	33,7
Суръати афзоиш, %	2,27	2,1	1,8	1,6	1,6	-0,67	-29,5
МУМ/ММД, %	13,2	13,6	13,8	13,7	13,9	0,7	5,3
Шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда, адад	178	184	179	187	192	14	7,9
Шумораи коркунон, ҳазор нафар	17,4	19,7	17,7	19,3	20,9	3,5	20,1
Музди миёна моҳонаи коркунон, сомонӣ	482,7	511,5	589,2	718,3	780,8	298,1	61,7
МУ СК, млн сомонӣ	4352,4	4466,0	4595,7	4705,0	4821,5	469,1	10,7
Ҳосилнокии меҳнат, сомонӣ /одам	256,7	254,2	330,4	332,6	327,4	70,7	27,5

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. -С.11-16,28; Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2020-2024 /Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон. -С.10-12,52,74,76,126,128.

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки аҳолии минтақа дар давраи таҳлилӣ МУМ, млн сомонӣ дар соли 2020 қиёс ба 2024 - 2376,1 сомонӣ ё 53,2 % тамоюли зиёдшавиро доро мебошад. МУМ ба сари аҳолӣ соли 2024 нисабати 2020 33,7 % тамоюли зиёдшавӣ дошта, суръати афзоиш дар даврaҳои таҳлили нисбат ба соли 2020 - 29,5% рӯ ба пастшавӣ дорад. Шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда бошанд, қиёс ба солҳои таҳлилшуда зиёд гардида, 7,9 % зиёд шуда ва шумораи коркунон дар ҳамин давра, яъне соли 2024, нисбат ба соли 2020 - 20,1 % рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Музди миёнаи моҳонаи коркунон бошанд, 298,1 сомонӣ ё 61,7 % дар даврaҳои таҳлили зиёд шудааст. Ҳосилнокии меҳнат аз маблағи 256,7 сомонӣ 2020 ба 327,4 сомонӣ дар соли 2024 расидааст, ки 27,5 %-и тамоюли зиёдшавиро доро мебошад. Аз нишондиҳандаи ҷадвали мазкур бармоеяд, ки таи солҳои таҳлилӣ рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаи Кӯлоб равнақ ёфта, барои амалигардонидани ҳадафҳои стратегии мамлакат ва баланд бардоштаи сатҳи иқтисодиву иҷтимоии сокинони минтақа кӯшишҳои зиёде карда истодаанд.

Дар диаграмаи 1 бошад миқдори умумии заминҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон пешниҳод карда шудааст, ки аз руйи ду қисмат яъне заминҳои обёришаванда ва заминҳои лалми мавриди таҳқиқот қарор дода шудаанд.

Диаграммаи 1. Сохтори заминҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон



Сарчашма: таҳия муаллиф

Дар диаграмаи мазкур бошад сохтори заминои минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ки аз миқдори заминҳои обёришаванда ва лалмии кишоварзи иборат мебошанд, ки ҳамчун таъминкунандаи маҳсулотҳои озуқавори сурът гирифтанашон ба роҳ монда шудааст.

Ногуфта намонад, ки минтақаи Кӯлоб, ки дорои 10 ноҳия мебошад ва бисёре аз ноҳияҳо минтақаҳои баландкуҳда ҷойгир буда теъдоди заминҳои обёришаванда дар минтақа камтар ба назар мерасад. Аз диаграмаи мазкур муаян карда мешавад, ки солҳои таҳлили 2022 то 2024-ро дар бар гирифта миқдори заминҳои умумӣ, обёришаванда ва лалмиро мавриди корбари қарор дода шудааст.

Аз диаграмаи 1 муаян карда мешавад, ки миқдори умуми заминҳо дар соли 2022 1202,7-ро ташкил медиад яъне аз ин миқдо 88-ҳазорашро заминҳои обёришаванда ташкил медиҳанд, ки 7,3 фисади майдони умими заминҳои минтақаро заминҳои обёришаванда ташкил медиҳанд ва 92 фисади боқимондаи заминҳо бошанд ба заминҳои лалмии минтақа рост меоянд. Ногуфта намонад, ки заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб сол то сол афзиёиш ёфта дар соли 2024 ба 7,4 фисад зиёд гардидааст.

Қайд кардан ба маврид мебошад, ки майдони заминҳои минтақаи Кӯлоб нисбати фонди умумии заминҳои кишвар 8,5% -ро ташкил медищанд ва заминщои обёршаванда бошанд аз фонди умуми майдони заминҳои минтақа 7,4% иро ташкил медиҳад. Дар ҷадвали 2 миқдори заминҳои минтақаи Кӯлоб мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Ҷадвали 3. Майдони заминҳои минтақаи Кӯлоб

Нишондиҳанда	**Минтақаи Кӯлоб**				
	2020	2023	2024	- +	%
Заминҳои киштзор, аз ҷумла:	624,5	738,9	751,8	-127,3	+20,3
- з/шудгор	133,8	136,1	136,6	-2,8	+2
- з/дарахтони бисёрсола	20,6	23,0	23,3	-2,7	+13,1
- з/алафзори табиӣ	5,7	4,3	4,2	+1,5	-26,3
- з/чарогоҳ	462,6	574,1	586,1	-123,5	+26,6
- з/боир	1,8	1,4	1,6	+0,2	-11,1

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумоти Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикстон/ Маҷмуаи оморӣ- Душанбе: Агентии омори назди ПҶТ, 2025.- С.62-63,С.64-68 ва ҳисобкуниҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадҷали 3 бар меояд, ки киштзор дар соли 2020 бошад ба 624,5 г ташкил дода дар соли 2024 бошад 751,8 ге зиёд шудааст нисбати соли 2020 бо фоиз бошад +20,3%-ро ташкил медищад. Майдони Заминҳои шудгор бошанд дар соли 2020 ба 133,8 ҳазор гектари вилоятро ташкил додааст, ки дар соли 2024 бошад ба +2%-из зиёд гардидааст. Аз ҷадвал муаян карда мешавад, ки майдони заминҳои дарахтони бисёрсола ва чарогоҳо афзоиш ёфта истода 13,1%-изи майдони заминҳои дарахтони бисёрсола ва 26,6%-из майдони замиҳои чарогоҳо зиёд шудаистодааст. Бояд гуфт, ки майдони заминҳои алофзорҳои табии ва боир ру ба камшави доран, ки аз ҷадвал муаян карда мешавад, ки заминҳои алафзори табии -26% -из ва заминҳои боир бошад -11,1% камшуда истодаанд, ки ин ба сатҳи иқтисодии малакат дар минтақа таъсири манфи мерасонад. [9].

Дар мақолаи таҳқиқоти чунин муаян карда шуд, ки баъзан мушкилотҳое дида мешавад, ки ба сатҳи иқтисоди ва самаранокии заминҳои обёришаванда таъсир мерасонанд:


1. Ин норасоии маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақа мебошад.
2. Ҷалби захираҳои молиявӣ ба истеҳсолоти кишоварзии минтақа дар заминҳои обёришаванда.
3. Маблағгузориҳои давлатӣ ба рушди кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда.
4. Ҷорӣ намудани технологияи нав дар соҳаи кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда.
5. Дастгирии давлати тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар заминҳои обёришавандаи минтақа ва ғайраҳо.

Мушкилотҳои мавҷудбуда барои баланд бардоштани сатҳи иқтисоди ва таъмин намудани аҳолии минтақаро ба маҳсулоти кишоварзи аз истифодаи заминҳои обёришавандаро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки истифодаи заминҳои обёришаванда дар минтақа зарур буда самарноки истифода бурдани онҳо дар байни аҳолиии минтақа ба роҳмонда шудаистодааст. Яъне мушкилотҳои мавҷудбуда барои самаранокӣ истифода намудани заминҳои обёришавандаи минтақа зарур буда ва таъмини бозори озуқавориро дар шароити муосир таъмин менамояд. Ногуфта намонад, ки самаранокӣ иқтисоди истифодаи заминҳои обёришавандаи минта Кӯлоб тибқи санадҳо ва супоришҳои роҳбари давлат ба роҳ монда шудаитодааст.

Дар ин маврид мақоми махсусро истифодаи иқтидори мавҷудаи заминҳои обӣ ишғол менамояд, ки аз ҳолати истифодаи заминҳои минтақа гувоҳӣ медиҳад.

Ҳангоми таҳқиқот муаян гардид, ки самаранокии иқтисодӣ истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб, ки дар соли 2024 -87,8 гектро ташкил додааст, ки 26%-и заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлонро ташкил намудааст. (диаграмаи 2.).

Диаграмаи 2. Миқдори заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлобӣ в, соли 2024, ҳазор гектар




Сарчашма: таҳияи муалиф

Аз диаграми 2 муян карда мешавад, ки минтақаи Кӯлобро 10 ноҳия ташкил медиҳад, ки дар аксарияти онҳ истифодаи заминҳои обиришванда дида мешавад. Аз маълумотҳои диаграма муаян карда мешавад, ки миқдори зиёди заминҳои обиёришаванда дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Восеъ, ва Фархор зиётар мебошанд. Яъне майдони заминҳои обёришаванда дар н.Ҳамадони 16439 гектаро ташкил медиҳад, ки ба 19% - и миқдори заминҳои обёришавандаи кишоварзиро дар бар мегирад. н.Фархор 24632 гетаро ташкил медиҳад, ки 28% - и заминҳои обёришавандаи минтақаро дар бар мегирад ва н. Восеъ 19507 гектаро ташкил медиҳад, ки ба 22%- и заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб рост меояд.бошад.

Майдони умумии заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб, ки ҳамаи ба 87800 гектар рост меояд дар диаграмаи 3 мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Диаграмаи 3. Майдони заминҳои обёришавандаеи минтақаи Кӯлоб.



Сарчашма: маълумотҳои омории Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб//-Ҳисоботи раиси Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб дар соли 2025 С.26-28.

Аз диаграмаи 3 муаян карда мешавад, ки баъзан ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, ки дар минтақаҳои баландкӯҳ ҷойгир мебошанд самаранокии истифодаи заминҳои обёришаванда камтар дида мешавад. Яъне ба чунин ноҳияҳо дохил мешавад: н.Темурмалик, н. Муъминобод, н. Ховалинг, н. Балҷувон ва н. Ш. Шоҳин, ки истифодаи заминҳои обёри шавандаи кишоварзи ба чунин ноҳияҳо аз 1 то 4% - и заминҳои обёришавандаи минтақаро ташкил медиҳад. Теъдоди самаранокии итифодаи заминҳои обёришавандаи минтақа ба н. Ҳамадонӣ 19%, н. Кӯлоб 10%, н.Восеъ 22%, н.Фархор 28% ва ба н. Данғара 13% - и заминҳои обёришаванда рост меояд.

Дар ҷадвали 3 бошад, динамикаи истифодаи заминҳои обёришаванда дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва вилояти Хатлон қиёсбанди шудааст, ки мари таҳлилу бараси қарор дода шудааст.

Ҷадвали 3. - Динамикаи истифодаи заминҳои обёришаванда дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб дар соли 2024

Шаҳру ноҳияҳо	**Ҳамагӣ, га**	**Аз он ҷумла**		
		Заминҳои	**Заминҳои**	

		Заминҳои корами обёришаванда, га	Заминҳои назди ҳавлигӣ, га	Заминҳои ёрирасони аҳолӣ		
Кӯлоб	8350 (9,68%)	6261 (9,6%)	997 (11,3%)	430 (11,7%)	5877 (9,4%)	36612 (8,27%
Муъминобод	2902 (3,36%	1971 (3,02%)	413 (4,7%)	50 (1,36%)	904 (1,45%)	2335 (0,53)
Восеъ	19407 (22,5%)	14034 (21,5%)	2781 (31,6%)	674 (18,3%)	14298 (22,9%)	92300 (20,8%
Темурмалик	1060 (1,22%)	736 (1,12%)	127 (1,4%)	24 (0,65%)	0	0
Фархор	24632 (28,5%)	19022 (29,1%)	1938 (22,02%)	749 (20,3%)	20957 (4,8%)	156811 (35,4%
Ҳамадонӣ	16430 (19 %)	11997 (18,4%)	1796 (20,4%)	1416 (38,5%)	14456 (23,2%)	102995 (23,2%)
Ховалинг	2659 (3,08 %)	2314 (3,5%)	116 (1,31%)	91 (2,47%)	699 (1,12%)	1315 (0,29%)
Данғара	10418 (12,0%)	8546 (13,1%)	588 (6,7%)	221 (6,01%)	5000 (8%)	50074 (11,3%)
Балҷувон	104 (0,12%)	68 (0,10%)	16 (0,18%	20 (0,54)	0	0
Ш.Шоҳин	257 (0,29%)	196 (0,29%)	27 (0,3%	0	0	0
Ҷамъ дар минтақа	86218 (100%)	65145 (100%)	8799 (100%)	3675 (100%)	62191 (100%)	442442 (100%)
Дар вилояти Хатлон	341037 (100%	230717 (100%)	48610 (100%)	16605 (100%)	279542 (100%)	2280563 (100%)
Аз ҷумла минтақаи Кӯлоб	87800 (25,7%)	65145 (28,2%)	8799 (18,1%)	3675 (22,1%)	62191 (22,2%)	442442 (19,4%)

Сарчашма: Ҳисоботи солонаи Раёсати беҳдошти замин ва обёрии вилояти Хатлон дар соли 2022 ва ҳисобкуниҳои муаллиф


Аз маълумотҳои омории ҷадвали мазкур бар меояд, ки ҳаҷми заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ ба н. Фархор 28,5%, н. Восеъ 22,5% ва н. Ҳамадонӣ 19% ташкил дода, истифодаи заминҳои обёришаванда нисбати дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб зиётар мебошанд.

«...Масалан, дар ноҳияи Восеъ тайи солҳои 2021 масоҳати майдони заминҳои обӣ 19,3 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 19,4 ҳазор гектар баробар шудааст, яъне 85 гектар ё ин, ки ба 0,4% зиёд гардидааст ...»... [10].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки майдони заминҳои обёришавандаи минтақа 87800 гектаро ташкил медиҳад, ки қиёс ба майдони заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон 25,7% заминҳои обёришавандаро минтақаи Кӯлоби ташкил медиҳад. Майдодони заминҳои обёришавандаи вилояти Хатлон бошад ба 341037 гектар рост меояд. Бояд гуфт, ки дар истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи кишоварзи 90% маҳсулотҳо аз заминҳои обёришаванда руйёнда мешавад, ки таъминкунандаи бозори дохила ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир самаранокии дурусти истифодабарии заминҳои обёришавандаи кишоварзи дар минтақа бояд ба роҳмонда шуда, аҳолиро ба маҳсулотҳои истеҳсол шуда таъмин намоем.

Нишондиҳандаи муҳимми баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ – ин самаранок истифодабарии заминҳои обёришаванда ба ҳисоб меравад, ки он дар навбати худ ба зиёдшавии ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ таъсири калон мерасонад. Лекин тайи солҳои охир ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи корами кишоварзӣ, аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз нишондиҳандаҳои имконпазир хеле паст мебошад (диаграммаи 3.).

Диаграммаи 3. - Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, сентнер/га



Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлон//Маҷмӯаи оморӣ. – Қурғонтеппа, Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2021. – С. 96-102. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмӯаи оморӣ.- Душанбе, Агенти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. –С.184-214.

«...Таҳлили диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон зиёдшавии истеҳсоли ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ, ба ғайр аз пахта ба назар мерасад. Масалан, дар ҷумҳурӣ дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2016 ҳосилнокии зироатҳои ғалла ва ғалладонагиҳо ба миқдори 2,8 маротиба, дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад ин нишондиҳанда 1,9 маротиба зиёд шудааст. Ҳосилнокии ғалла ва ғалладонагиҳо дар маҷмуъ дар соли 2016- 29,6 сентнер аз як гектар ва дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 23,2 сентнер гектар ё ба миқдори 20,7 % кам мебошад. Ҳосилнокии картошка ва сабзавотҳо дар давраи таҳлилкардашуда дар ҷумҳурӣ - 35,8 ва 32,6 % ва дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад ҳосилнокии картошка ба 8,4 % ва сабзавот ба 23, 6% зиёд гардидааст...»...

Хулоса. Таҳлилиҳои гузаронида шуда барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодии ва самаранокии истифодаи заминҳои обёришавандаи минтақаи Кӯлоб зарур шуморида шуда, мушкилотҳои мавҷудбуда барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодии миинтақа хизматрасони карда мешавад. Ба назар гирифтани чунин мушкилотҳо дар мақола мавриди корбари қарор дода шудааст:

1. Ин норасоии маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақа.

2. Ҷалби захираҳои молиявӣ ба истеҳсолоти кишоварзии минтақа дар заминҳои обёришаванда.

3. Маблағгузориҳои давлатӣ ба рушди кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда.

4. Ҷорӣ намудани технологияи нав дар соҳаи кишоварзӣ дар заминҳои обёришаванда.

5. Дастгирии давлати тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқи дар заминҳои обёришавандаи минтақа ва ғайраҳо.

Албата мушкилотҳои мавҷудбуда дар мақола мавриди корбари қарор додашуда барои тавсияву пешниҳодҳо аз атрафи муариф мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст, ки барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ минтақа ва таъмин намудани аҳолиро ба маҳсулотҳои кишоварзи истеҳсолшударо дар бар мегирад, ки аз ҳар як гектар 2 то 3 ҳосил руйёнда мешавад. Самараноки иқтисодӣ истифодаи заминҳои обёришавванда ин яке аз соҳаҳои даромаднокторини соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки аҳолиро ба маҳсулотҳои озуқавори аз нигоҳи экологӣи тоза таъмин менамояд.

Адабиёт

1. Бобылев, С.Н., Захаров В.М. «Зеленая» экономика и модернизация. Эколого-экономические основы устойчивого развития. - М., 2012. - 89 с.
2. Сергеев Н.А., В.Ф. Могила, А.А. Новиков, В.В. Макаров, О.Е. Медведева; под общ. ред. Н.А. Сергеева. Оценка сельскохозяйственных земель: учеб. пособие для вузов по спец.147120301 «Землеустройство» / - Новочеркасск, 2004. Стр.148.
3. Одинаев Х.А. Совершенствование управления водными ресурсами: бассейновый подход // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - Душан-бе: «СИНО», 2015.- № 2-2 (161). - С.3-8.
4. Исайнов Х.Р. Эффективность использования мелиоративно-ирригационного потенци-ала аридного региона: эколого-экономические аспекты/ Х. Р Исайнов // Вестник РТСУ. Се-рия экономических наук. Душанбе: - 2016. - №3 (54).Ч.I. - С. 57-65.

5. Шералиев Э.Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди механизми устувори заминистифодабарӣ дар минтақаҳои аридӣ //Паёми молия ва иқтисод.-№4 (28). –Душанбе, 2022. - С.121-126.
6. Махотлова, М. Ш., Кумехов, А. А. Проблема управления земельными ресурсами в РФ / М. Ш. Махотлова, А. А. Кумехов // Научные открытия в эпоху глобализации. Сборник статей Международной научно-практической конференции. – Уфа, 2016. – С.9 – 13.
7. Комилов Н.Б. Захираҳои замини таъйиноти кишоварзии минтақаи Кӯлоб: мушкилот ва роҳҳои беҳтарсозии онҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. - Душанбе: «Сино», 2018. -№3- С.234-245.
8. Омори солонаи вилояти Хатлон /Маҷмуаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди ПҶТ дар вилояти Хатлон / -Бохтар, 2024. – С.9-11.
9. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмааи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020.-С. 18-20.
10. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1992-2020 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2021. - С. 45-56.
11. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017.-С. 18-20.

УДК:336.77.067

ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ: ДУРНАМОИ ТАТБИҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оев Анис Давлатович

номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби корпоративӣ дар ҶДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехи боло 180. Телефон: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

Дигаргуниҳо дар муҳити иқтисодӣ, ноустувории бозорҳои молиявӣ, афзоиши хавфҳои макроиқтисодӣ, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва вусъати хизматрасониҳои молиявӣ талаботи такмили низоми идоракунии хавфи қарзиро муҳимтар мегардонад. Дар чунин шароит сифати идоракунии хавфи қарзӣ на танҳо ба даромаднокӣ ва рақобатпазирии бонкҳо, балки ба устувории низоми молиявӣ ва амнияти иқтисодии давлат низ таъсири мустақим мерасонад. Маҳз аз ин нигоҳ, мушкилоти идоракунии хавфҳои бонкӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ва тадбирҳои танзим, ки ба такмили вазифаҳои назорат нигаронида шудаанд, бешубҳа, аҳаммияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ доранд.

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар самти ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфи қарзӣ бахшида шуда, дар он таҷрибаи таърихии кишварҳои пешрафта, сабақҳои буҳронӣ ва талаботҳои муқарраркардаи ниҳодҳои байналмилалӣ дар самти идоракунии хавфи қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар асоси натиҷаҳои омӯзиш самтҳои мутобиқсозии таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ муайян гардида, пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккули низоми муосир ва мувофиқи идоракунии хавфи қарзӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: хавфи қарзӣ, назорати бонкӣ, низоми идоракунӣ, сифати сандуқи қарзӣ, зеҳни сунъӣ, идоракунии корпоративӣ, назорати дохилӣ.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ В ФОРМИРОВАНИИ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ КРЕДИТНЫМ РИСКОМ: ПЕРСПЕКТИВЫ ПРИМЕНЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Оев Анис Давлатович

кандидат экономических наук, Корпоративный секретарь ООО МДО ЛОЛС «Молия» Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехи Боло, 180. Тел.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

Изменения в экономической среде, нестабильность финансовых рынков, рост макроэкономических рисков, стремительное развитие цифровых технологий и расширение спектра финансовых услуг обусловливают необходимость совершенствования системы управления кредитным риском. В этих условиях качество управления кредитным риском оказывает непосредственное влияние не только на доходность и конкурентоспособность банков, но и на устойчивость финансовой системы и экономическую безопасность государства. Именно с этой точки зрения проблемы управления банковскими рисками, методы их оценки и меры регулирования, направленные на совершенствование функций надзора, имеют несомненную теоретическую и практическую значимость.

Настоящая статья посвящена исследованию международного опыта формирования и развития системы управления кредитным риском. В статье рассматриваются исторический опыт развитых стран, уроки финансовых кризисов, а также требования и стандарты, установленные международными институтами в области управления кредитным риском. На основе результатов проведённого исследования определены основные направления адаптации передового зарубежного опыта и разработаны научно-практические предложения по формированию современной и эффективной системы управления кредитным риском, соответствующей условиям Республики Таджикистан.

Ключевые слова: кредитный риск, банковский надзор, система управления, качество кредитного портфеля, искусственный интеллект, корпоративное управление, внутренний контроль.

FOREIGN EXPERIENCE IN THE FORMATION OF A CREDIT RISK MANAGEMENT SYSTEM: PROSPECTS FOR IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Oev Anis Davlatovich

candidate of economic sciences, Corporate Secretary of LLC MDO LOLC "Moliya" Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhi Bolo Street, 180. Tel.: 992 934 51 11 12; E-mail: oev.anis.d@mail.ru

Changes in the economic environment, instability in financial markets, increasing macroeconomic risks, the rapid development of digital technologies, and the expansion of financial services have heightened the need to improve credit risk management systems. Under these conditions, the quality of credit risk management has a direct impact not only on the profitability and competitiveness of banks, but also on the stability of the financial system and the economic security of the state. From this perspective, issues related to banking risk management, risk assessment methods, and regulatory measures aimed at strengthening supervisory functions are undoubtedly of significant theoretical and practical importance.

This article examines international experience in the formation and development of credit risk management systems, focusing on the historical experience of developed countries, lessons learned from financial crises, and the requirements established by international institutions in the field of credit risk management. Based on the findings of the

study, the main areas for adapting advanced foreign experience are identified, and scientific and practical recommendations are proposed for the development of a modern and appropriate credit risk management system.

Keywords: credit risk, banking supervision, management system, credit portfolio quality, artificial intelligence, corporate governance, internal control.

Муқаддима. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ идоракунии хавфи қарзӣ ҳамчун унсури муҳими идоракунии корпоративӣ ва танзими фаъолияти бонкӣ махсуб меёбад. Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ дар асоси стандартҳои Базел II ва Базел III принсипҳо ва талаботҳоеро пешниҳод намудааст, ки ба муайянсозӣ, баҳодиҳӣ, назорат ва коҳишдиҳии хавфи қарзӣ равона шудаанд. Ҳамчунин, бонкҳои пешрафтаи ҷаҳон аз усулҳои муосири баҳодиҳии қобилияти қарзгирӣ, моделҳои скоринги қарзӣ, фишор – санҷиш, низомҳои рейтингии дохилӣ, аз технологияҳои зеҳни сунъӣ ва таҳлили додаҳои азим (Big Data) барои таъмини самаранокии идоракунии хавфҳо ба таври васеъ истифода мебаранд.

Дар баробари дастовардҳои назаррс дар ин самт, татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти дар ҳоли рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо як қатор мушкилот мувоҷеҳ аст. Нокифоягии инфрасохтори иттилоотӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба маълумоти боэътимоди қарзӣ, сатҳи нокифояи рақамикунонии равандҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти бонкҳо, ҳамчунин зарурати мутобиқ сохтани стандартҳои байналмилалӣ ба хусусиятҳои иқтисоди миллӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро дар ин самт маҳдуд месозанд.

Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба ташаккули низоми идоракунии хавфи қарзӣ, муайян намудани афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои он, ҳамчунин таҳияи роҳҳои мутобиқсозии ин таҷриба ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ, аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Таҳқиқотҳои вобаста ба ин самт аз ҷониби муҳаққиқон – Байрамова Ж.М., Витчукова А.Е., Водолазкина Т.В., Гринин Л.Е., Дидикин А.В., Карпова Е.И., Коротаев А.В., Михайлова Н.А., Раҳимзода Ш., Султанов О., Толкачева Е. Г., Толмачева В.А. ва дигарон бурда шудааст, ки муаллиф аз онҳо истифода кардааст.

Дар шароити муосири рақобати шадид, ноустувории доимии рушди иқтисод, шиддат ёфтани равандҳои ҳамгироӣ ва тавсеаи муносибатҳои молиявию қарзӣ, масъалаи идоракунии хавфи қарзӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мубаддал гаштааст. Дар ин самт омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии хавфи қарзӣ ҷиҳати арзёбӣ ва мавқеъгирӣ аз таҷрибаи пешқадам дар низоми идоракунии хавфи қарзӣ муҳим аст. Дар муносибатҳои қарзӣ сатҳи самаранокӣ ва даромаднокии ташкилотҳои қарзӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза хавфҳои қарзиро дуруст баҳодиҳӣ ва сифатнок идора мекунанд.

Равандҳои ҳамгироӣ дар фаъолияти бонкҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ зарурати такмили таҷрибаи мавҷударо фароҳам меоранд ва роҳҳои нави низоми идоракунии хавфҳои бонкиро талаб менамоянд. Зуҳуроти буҳронҳо дар низоми бонкии ҷаҳонӣ вазифаи назоратро барои танзимгар инкишоф дода, ба таҳияи стандартҳои байналмилалии фаъолияти бонкҳо ва дурнамои татбиқи онҳо дар мамлакати мо низ такони нав бахшиданд.

Оид ба баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои бонкӣ аз ҷумла хавфи қарзӣ дар сатҳи байналмилалӣ меъёру талаботи вижа коркард ва пешниҳод шудаанд. Дар сатҳи байналмилалӣ ҷиҳати коркард ва интишори меъёрҳо ё худ стандартҳо дар бахши бонкӣ як қатор ниҳодҳо баромад менамоянд, ки маъмултарини онҳо Кумитаи байналмилали оид ба назорати бонкӣ (КБНБ), Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва Федератсияи байналмилалии муҳосибон маҳсуб меёбанд.

Натиҷаҳо. Ҷиҳати андозагирии хавфи қарзӣ КБНБ ҳуҷҷати “Базел II”-ро пешниҳод намудааст, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сифати идоракунии хавфҳо дар фаъолияти бонкдорӣ ва таҳкими низоми молиявӣ мебошад, ки ҷузъҳои он, ин меъёри минималии сармоя, раванди назорат ва интизоми бозор мебошад.

Ҷузъи аввал бевосита ба усулҳои ҳисоб кардани хавфҳо, аз ҷумла хавфи қарзӣ бахшида шудааст ва ду равиши ҳисоб кардани хавфи қарзиро пешниҳод мекунад [11]:

Равиши стандартӣ - дар асоси андозагирии ҳаҷми талаботи қарзӣ аз рӯйи коэффитсиенти вобаста ба рейтинги қарзии беруна, ки ба як қарзгиранда дода мешавад, яъне рейтинге, ки ин ё он агентии байналмилалии рейтингӣ муайян мекунад (Standard & Poor's, Moody’s, Fitch Ratings ва ғ.). Ҳангоми муайян кардани вазни хавф дар равиши стандартӣ, бонкҳо метавонанд баҳодиҳиро аз ҷониби ташкилотҳои арзёбии қарзии беруна, ки аз ҷониби нозирони миллӣ мувофиқи мақсадҳои сармоя эътироф шудаанд, истифода баранд.

Кумита дар асоси равиши стандартӣ ду варианти талаботро барои бонкҳо муқаррар намудааст[2, с.23]. Аз рӯйи ин талабот сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ аз ҷониби ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва агентии байналмилалии рейтингӣ баҳо дода мешавад. Дар асоси ин талабот усули баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ барои бонкҳоро дар шакли ҷадвали иборат аз ду вариант пешниҳод месозем.

Ҷадвали 1. Баҳодиҳии сифати сандуқи қарзӣ дар доираи низоми рейтингӣ барои бонкҳо

Варианти 1

Рейтинги қарзии мустақил	аз AAA то AA-	аз A+ то A-	аз BBB+ то BBB-	аз BB+ то B-	Пастта р аз B-	бе рейтинг
Вазни коэффитсиенти хавф дар варианти якум	20%	50%	100%	100%	150%	100%


Варианти 2

Рейтинги қарзии бонкҳо	аз AAA то AA-	аз A+ то A-	аз BBB+ то BBB-	аз BB+ то B-	Пастта р аз B-	бе рейтинг
Вазни коэффитсиенти хавф дар варианти дуюм	20%	50%	50%	100%	150%	50%
Вазни коэффитсиент барои талаботи кӯтоҳмуддат дар варианти дуюм	20%	20%	20%	50%	150%	20%

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси: Базел II

Чуноне аз маълумоти ҷадвали 1. бармеояд, дар варианти якум ҳамаи бонкҳои дар кишвар бақайдгирифташуда вазни хавфро барои як категорияи бадтар аз талаботи муқарраршуда барои ин кишвар мегиранд. Нисбати бонкҳои кишварҳое, ки рейтинги мустақилиро байни "**BB+ ва B-"** доранд ва ба бонкҳои кишварҳое, ки рейтинг надоранд, вазни хавф 100% таъйин карда мешавад. Дар варианти дуюм вазни коэффитсиентии хавф ба рейтинги қарзи берунии худи бонк асос ёфта, ба талабот оид ба бонкҳои рейтингнашуда вазни коэффитсиентии хавфи 50% таъйин карда мешавад. Дар ин вариант вазни коэффитсиентии хавфи имтиёзнок барои як категорияи беҳтар метавонад ба даъвоҳо бо муҳлати аслии се моҳ ё камтар аз ҳадди ақалли 20% таъйин карда шавад. Ин низом нисбат ба бонкҳои борейтинг ва берейтинг татбиқ карда мешавад, аммо на ба бонкҳое, ки вазни коэффитсиентии хавфи 150%-ро доранд.

Равиши ба рейтинги дохилӣ баҳо додашуда - рейтингро ин ё он оҷонсии байналмилалии рейтингӣ муайян мекунад. Дар расми 1. арзёбии равишҳои зикршуда оварда шудаанд, ки он ҳам равиши стандартӣ ва ҳам бо рейтинги дохилӣ асосёфтаро инъикос менамоянд.



Расми 1. Равишҳои баҳодиҳии хавфи қарзӣ мувофиқи Базел II

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Базел II

Аз рӯйи равиши дуюм, чуноне дар расм дида мешавад, параметрҳои хавфи қарзӣ 4 - равиши (IRB-Approach)-ро дорост:

1. Эҳтимолияти дефолт (**PD**) – сатҳи хавф ҳангоми дефолт;
2. Вазни қиёсии талаф ҳангоми дефолт (**LGD**) - арзиши дороиҳо бе назардошти чуброни қисми онҳо (масалан, аз ҳисоби фурӯши гарав);
3. Бузургии хавф ҳангоми дефолт (**EAD**) - арзиши дороиҳои (қарзҳои) ба хавф дучоршуда;
4. Муҳлати боқимондаи қарз ё гардиши коғази қиматноки қарзӣ (**M**);

Дар рушди низоми бонкии Тоҷикистон мукаммалгардонии низоми идоракунии хавфҳои он рӯз то рӯз авлавияти бештар пайдо мекунанд, ки дар ин самт тавассути истифодаи таҷрибаи муносиби пешқадами хориҷӣ метавон таъсири мусбат расонид. Бинобар ин, барои омӯзиши чунин таҷриба, мо рӯй овардан ба сарчашмаҳои таърихиро зарур меҳисобем.

Буҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 1929-1933, ки дар таърих бо номи "Депрессияи бузург" маълум аст ва идомаи он солҳои 1937-1938-ро дар бар мегирад, бахши молиявии ҷаҳонро такон дод ва аз пайёмади он фаъолияти аксар муассисаҳои бонкӣ бозмонда, барҳам хӯрданд [5]. Кишварҳое, ки аз буҳрон зарари ҷиддӣ диданд, ин ИМА, Олмон, Австрия, Англия, Фаронса ва Ҷопон буданд.

Дар баҳори соли 1933 президенти ИМА - Ф. Рузвелт барои аз буҳрон баровардани кишвар қарори нав қабул кард [12]. Тадбирҳои дар соҳаи молия андешидаи ӯ аз инҳо иборат буданд: маҳдуд кардани қарздиҳӣ ба хориҷа, суғуртаи пасандозҳо, ба бахши молиявии миллӣ ҷудо кардани захираҳои калони қарзӣ, девалватсияи асъор, миллӣ кунондани тилло ва нуқра.

Ислоҳот дар соҳаи сохтмони манзил ва қарзи ипотекӣ (қарзҳое, ки бо ипотекаи амволи ғайриманқул таъмин карда мешаванд) дар рафъи таназзул ва рушди минбаъдаи иқтисодӣ нақши муҳим бозид. Дар соли 1934 Идораи федералии манзил ҳамчун як муассисаи махсуси давлатӣ таъсис дода шуд, ки ҳадафи он (кам кардани хавфи бонкҳо аз рӯйи қарзҳои дарозмуддат), суғуртаи қарзҳои ипотекаи аз ҷониби бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявӣ ба таҳиягарон ва қарзгирандагон додашуда буд.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шумораи зиёди буҳронҳои бонкӣ ба вуҷуд омаданд. Мамлакатҳои хориҷӣ механизмҳои гуногуни ҳалли мушкилоти қарзиро кор карда баромаданд [3, с. 47]. Ҳамин тариқ, дар замоне ки бонкҳои скандинавӣ бо мушкилоти қарзӣ дучор мешуданд, барои идораи дороиҳои ғайриқолабӣ ширкатҳои махсус таъсис дода шуданд, ки дороиҳоро омӯзанд, ба тартиб дароранд ва омодагии пеш аз фурӯши онҳоро анҷом диҳанд.

Дар Чин пас аз буҳрони молии Осиё ба хотири танзими қарзҳои муаммодори бонкҳои тиҷоратӣ гарави қарзҳо ба тавозуни ширкатҳои идоракунанда гузаронида шуд. Фаъолияти ин гуна ширкатҳо аз ҳисоби ҷойгиркунии вомбаргҳо маблағгузорӣ мешуд. Ҳамчунин, мушкилоти дар тавозуни бонк ҷамъшавии амволи ғайриманқул ва замин ба миён омад. Дар моҳҳои аввали буҳрони солҳои 2008-2009 бонкҳои Чин қарздиҳиро ба иқтисодиёт якбора беш аз 30% афзоиш доданд, ки ин яке аз омилҳои дастгирии суръати баланди рушди иқтисодӣ буд. Дар натиҷа, аз қарздиҳии аз ҳад зиёд, таваррум дар бозори манзил ва афзоиши қарзҳои беэътимод зуд ба миён омад. Аз ин рӯ, ҳанӯз дар соли 2009 мақомоти Чин ба пурзӯр кардани таъсири танзимкунанда ба бонкҳо шуруъ карданд, аз ҷумла баланд бардоштани кифоягии сармоя ва талаботи захиравӣ, маҳдудиятҳои иловагӣ барои хариди объекти амволи ғайриманқули сатҳи дуюм ва сеюмро ҷорӣ карданд.

Муваффақтарин тадбири зиддибуҳронӣ дар Россия барои дастгирии бахши бонкӣ ин додани қарзҳои субординатӣ мебошад, ки то соли 2009 амалӣ мешуд. Дар шароити муосир механизми қарзҳои субординатиро барои зиёд кардани сармояи бонкҳо истифода бурдан мумкин аст, ки табдили захираҳои кӯтоҳмуддатро ба дороиҳои дарозмуддати сармоягузорӣ таъмин менамояд.

Таҷрибаи Туркия мусбат буда, дар соли 2000 28% қарзҳои беэътимодро ҷамъ оварда, ба бонкҳо дар таҷдиди сохтори онҳо кумак кард ва вазъро дар ду сол ба эътидол овард. Корея аз буҳрони соли 1997 на он қадар зуд ва самаранок баромад, ки 35% қарзи муаммодор дошт. Сеул нақшаеро ба мисли харидани қарзҳои муаммодор ва ташкили бозори қарзи хусусӣ истифода кардааст.

Коршиносон ба Шветсия таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд, ки дар он фаъолияти “захиракунӣ”-и давлатии дороиҳои муаммодор - Securum, ки соли 1992 ба фаъолият шуруъ кардааст, дар соли 1997, яъне 10 - сол пеш аз интизорӣ маҳдуд шуд. Муваффақияти Securum ба афзоиши якбораи талабот ба амволи ғайриманқул дар Аврупо ва идоракунии самаранок вобаста аст. Шветсия яке аз кишварҳое буд, ки аввалин шуда, воситаи ҳалли муаммои бонкиро эҷод кард ва пардохтҳои иловагиро аз бонкҳо ба фондҳои дахлдор ҷорӣ кард. Соли 2008 бо роҳбарии Идораи қарзи миллӣ Фонди суботи молиявӣ барои маблағгузории нақшаҳои кумаки муваққатии молиявӣ дар доираи барномаи зиддибуҳронӣ таъсис дода шуд.

Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ наметавон ба чораҳои зиддибуҳронии ИМА ишора кард, ки ҳам аз ҷиҳати ҳаҷми бозор ва ҳам аз ҷиҳати мавҷудияти ҳамаи бахшҳои молиявӣ дар ҷаҳон яке аз пешрафтатарин бахшҳои молиявиро дорад, намудҳои навтарин воситаҳои молиявии инноватсионӣ ва ҳама намуди муассисаҳои молиявӣ пештар ба маркази буҳрони муосир табдил ёфтаанд. Тағйироти муҳимтарин дар қонунгузории ИМА бо мақсади таҳкими низоми бонкӣ дар шароити муосир ворид карда шуданд, аз қабили таъсиси мақомоти махсуси низоми баҳодиҳии хавфҳо, ки тадбирҳоро оид ба пурзӯр намудани танзими хавфҳо пешниҳод менамояд, таҳияи қоидаҳои қатъӣ барои ширкатҳои муҳимми низомнок ва тавсия ба мақомоти танзимкунанда оид ба таҳияи “қоидаи Волкер” (Volcker Rule), ки ба бонкҳои тиҷоратӣ савдои коғазҳои қиматнокро ба манфиати худ манъ мекунад.

Дар Олмон имкони таъсиси бонки “бад” - муассисаи давлатии молиявие баррасӣ шуд, ки вазифаи ягонааш харидан ва ҷамъ овардани ҳуҷҷатҳои проблемавии бонкҳои хусусӣ буд. Пас аз фаҳмидани он ки тамоми чораҳои аз ҷониби давлат барои дастгирии бахши молиявӣ андешидашуда натиҷаи мусбат надоранд, дар охири соли 2008 Фонди махсуси ба эътидол овардани бозорҳои молиявӣ бо ҳаҷми 480 млрд евро таъсис дода шуд.

Усули дигари самарабахши идораи қарзҳои муаммодор, ки дар амалияи Ғарб истифода мешуд, аз нав капитализатсиякунонӣ буд. Ин усул борҳо дар давраи буҳронҳои низоми бонкӣ, масалан, солҳои 2008-2009 дар Британияи Кабир, Нидерландия ва Ирландия истифода гардидааст. Мақомот милликунониро ба амал бароварда, барои зиёд кардани сармояи бонкҳо аз якчанд восита истифода мебаранд, ки бозхариди саҳмияҳои одӣ ва имтиёзнок, додани қарзҳои субординатӣ аз қабили онҳост.

Муҳокима. Аз таҷрибаи хориҷии мавҷуда дар самти низоми идоракунии хавфи қарзӣ, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифт, барои шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати идоракунии хавфи қарзӣ таҷрибаи Шветсия ва Олмон, ҳамчунин татбиқи талаботи мавҷудаи муосир ва пурзӯрнамоии нақши танзимгар мувофиқи мақсад мебошанд.

Қобили қайд аст, ки дар кишварҳои хориҷӣ фаъолияти назоратии танзимгарон дар соҳаи идоракунии хавфҳои бонкӣ ба таври назаррас фарқ мекунад ва дар давлатҳои гуногун метавонанд бо роҳҳои мухталиф амалӣ карда шаванд, ки дар байни онҳо гурӯҳҳои асосиро қайд намудан ба мавриди аст. Масалан, бонки марказӣ

(Нидерландия, Италия, Россия), мақоми махсуси назоратӣ аз бонки марказӣ (Британияи Кабир, Канада, Швейтсария), бонкҳои марказӣ якҷоя бо мақомоти давлатӣ (Олмон, ИМА, Фаронса, Ҷопон). Ҷиҳати арзёбии низоми назорати бонкӣ, танзим ва баҳодиҳии хавфи қарзӣ дар ҷадвали 2. таҷрибаи як қатор кишварҳоро пешниҳод менамоем.

Ҷадвали 2. Низоми назорати бонкӣ оид ба танзим ва баҳодиҳии хавфҳо дар шароити муосири кишварҳои гуногун

Номи кишвар	Ниҳоди назоратӣ	Вазифа	Услуби идоракунии хавфҳо
ИМА	1.Хадамоти назорати муомилоти пулӣ (барои сатҳи федералӣ). 2.Шуъбаи ваколатдор аз ҷониби бонк дар назди ҳукумати штатҳо (дар сатҳи штатҳо).	- таҳияи санадҳои меъёрӣ; - гузаронидани санҷишҳои назоратӣ ва машваратдиҳӣ бо роҳбарияти бонк - таҳлили иттилооти бонкӣ ва ғ.	Истифодаи низомҳои рейтингӣ барои арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ, стресс- тест, барномаи SCAP
Британияи Кабир	Идораи танзим ва назорати молиявӣ (англ. Financial Services Authority (FSA))	- таҳлили иттилооти бонкӣ; - гузаронидани санҷишҳои назоратӣ; - мунтазам гузаронидани мусоҳибаҳои расмӣ бо роҳбарияти бонк; - барои бонкҳо муқаррар намудани меъёрҳои иқтисодӣ ва талаботи фаъолият ва ғ.	Истифодаи низомҳои рейтингӣ барои арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ
Фаронса	Комиссияи бонкӣ (мақомоти маъмурии давлатӣ, ки аз Бонки Фаронса мустақил аст)	- омӯзиши шароити фаъолияти бонкҳо; - назорат аз болои вазъи молиявӣ ва риояи одоби касбӣ аз ҷониби кормандони бонк; таҳлили иттилооти бонкӣ ва ғ.	Истифодаи низомҳои рейтингӣ барои арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ
Италия	1. Кумитаи байниидоравӣ оид ба қарз ва пасандоз. 2. Бонки Италия (идораи назоратӣ) бо дастгирии Ассотсиатсияи бонкҳои Италия. 3. Комиссияи миллӣ оид ба назорат аз рӯйи ташкилотҳои молиявӣ ва биржаи фондӣ.	- таҳлили иттилооти бонкӣ; - тадбирҳо оид ба солимгардонии молиявӣ; -ҳимояи пасандозҳои амонатӣ; - назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва молиявӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ва ғ.	Истифодаи низомҳои рейтингӣ барои арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Султанов О. Зарубежный опыт управления банковскими рисками / О. Султанов // Аэтерна. - 2018. – С. 64.; Водолазкина, Т. В. Зарубежный опыт управления банковскими рисками / Т.В. Водолазкина, Е.И. Карпова. – Донецк, 2022. – С. 48.

Аз маълумоти ҷадвали 2. бармеояд, ки назорати фаъолияти бонкӣ ва танзими хавфҳои қарзиро дар кишварҳои гуногун субъектҳо амалӣ намуда, дар аксар кишварҳо услуби идоракунии хавфи қарзӣ бо истифода аз низомҳои рейтингӣ чиҳати арзёбии қобилияти пардохтпазирии муштарӣ амалӣ карда мешавад. Бояд зикр намуд, ки дар низоми рейтингӣ бонкҳо барои қарзгирандагон низоми таснифот муқаррар намуда, ба ҳар як муроҷиаткунанда коэффитсиентҳои муайян медиҳанд. Онҳо бо маълумоти анкетавӣ муайян карда мешаванд ва хавфи молиявиро нишон медиҳанд. Ҳамчунин, аз ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар ИМА ниҳоди назоратӣ бо истифода аз низоми рейтингӣ, санҷишҳои фишороварӣ (стресс – тест) ва барномаи SCAP идоракунии хавфҳои қарзиро ба роҳ мемонад, ки шарҳи онҳо бамаврид аст.

Низоми идоракунии устувории бонкӣ, ки ҷузъи асосии онро хавфҳои бонкӣ ташкил медиҳанд, дар ИМА яке аз низомҳои пешрафтатарин дар ҷаҳон маҳсуб меёбад. Намунаи фаъолияти амалии он дар шароити муосир ва мисоли равшани усулҳои идоракунӣ ва баҳодиҳии хавфҳо, ки аз ҷониби танзимгарони амрикоӣ истифода мешаванд, дар доираи Барномаи назорати баҳодиҳии сармоя (Supervisory Capital Assessment Program - SCAP), ки иҷрои соли 2009 мебошад, ташкил медиҳад [6, с. 76]. Барномаи мазкур ҳамчун намунаи татбиқи равиши муосир дар кори идоракунии хавфҳои бонкӣ дар сатҳи низом буда, хусусиятҳои хоси принсипи ҳамкории самарабахши мақомоти танзимкунандаи давлатӣ ва муассисаҳои алоҳидаи бонкӣ барои ҳалли мушкилоти идоракунии хавфҳо, ҳалли мушкилоти баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои низоми бонкиро дар шароити муайяни буҳронӣ махсус дар доираи худ таҳия ва амалӣ менамояд.

Услуби санҷиши фишороварӣ маҷмуи методҳо барои арзёбии ҳассосият ба таъсири пешбинишудаи омилҳои муайяни хавф аст, ки ба рӯйдодҳои истисноӣ, вале эҳтимолӣ мувофиқат мекунанд. Мақсади ин усул арзёбии талафоти эҳтимолӣ дар сурати ба амал омадани “шокҳои” муайян мебошад.

Муҳаққиқи белорусӣ Е.Г. Толкачева яке аз вазифаҳои асосии санҷиши фишороваріро таҳияи тадбирҳо оид ба кам кардани таъсири манфии хавфи қарзӣ ба вазъи молиявии бонк меҳисобад [9, с. 190]. Санҷишҳои фишороварии хавфҳои қарзии бонк метавонад аз рӯйи қарзгирандагони гурӯҳӣ ва инфиродӣ дар алоҳидагӣ гузаронида шавад.

Дар таҷрибаи хориҷӣ, инчунин дигар усулҳои маъмули таҳлили пардохтпазирии қарзгиранда истифода мешаванд [1, с. 20-23], ки қобили зикр мебошанд, ба монанди: усули 5C- (5C-ихтисори калимаҳои англисии: character, capacity, capital, conditions, collateral), усули скоринг, CAMELS, PARSER, PARTS, CAMPARI, усули Dun & Bradstreet. Олими ватанӣ Ш. Раҳимзода оид ба қобилияти қарзадокунии қарзгиранда тафсири пурраи ин усулҳоро баён намудааст [7, с. 312-319].

Солҳои охир бо рушди технологияи рақамиву зеҳни сунъӣ (AI) ва усулҳои омӯзиши мошинӣ (Machine Learning - ML) ба яке аз самтҳои муҳими рақамикунонии идоракунии хавфи қарзӣ дар низоми бонкии ҷаҳонӣ шакл пайдо намудааст. Бонкҳо бо истифода аз ин технология ҷиҳати арзёбии қобилияти пардохтпазирии қарзгиранда, пешгӯии эҳтимолияти таъхирҳо дар пардохти қарз, муайянсозии қаллобӣ, мониторинги сандуқи қарзӣ ва ба таври худкор ба роҳ мондани қабули қарорҳои қарзӣ ба роҳ мемонанд.

Истифодаи ин технология нисбат ба усули анъанавӣ, тибқи шарҳи Бонки ҷаҳонӣ бо алгоритмҳои муосири арзёбии қарзӣ, доираи васеи маълумот, аз ҷумла маълумоти амлаиёти воқеӣ, рафтори молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳои алтернативии таҳлилӣ фарқкунанда мебошад [13].

Аҳамияти таҷрибаи ҷаҳонӣ дар истифодаи AI барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст. Вале, он бояд марҳила ба марҳила татбиқ гардад, ки барои ин маълумоти босифат, рушди инфрасохтори рақамӣ, таҳияи моделҳои озмоишӣ, санҷиши дақиқӣ, омодасозии мутахассисон, назорати фардӣ ва татбиқи васеъро талаб менамояд. Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо дар кишвар дар заминаи IT-Park ширкати “Зипл – АИ” фаъолият мебарад, ки дар ин самт саҳми назаррас дорад ва ҳамкории он ба як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодаи зеҳни сунъӣ ба баланд бардоштани дақиқии арзёбии хавфи қарзӣ, суръатбахшии қабули қарорҳо, муайян намудани қарзгирони дорои хавфи баланд, пешгӯии таъхирмонии қарз, мониторинги сандуқи қарзӣ ва ба коҳишдиҳии қаллобӣ, метавонад мусоидат намояд. Аммо, аз нигоҳи мо бошад, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарин таҷрибаи ҷаҳонӣ на қолаб ва ё нусхабардории пурраи модели хориҷӣ, балкӣ мутобиқсозии он ба хусусиятҳои миллӣ, хусусият ва ҳаҷми бозори қарзӣ, сифати маълумот, инфрасохтори рақамӣ, имкониятҳо ва талаботҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба роҳ монда шавад.

Аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки кишварҳои пешрафта ташаккули низоми самараноки идоракунии хавфҳои қарзиро бо истифода аз моделҳои PD/LGD/EAD, скоринги қарзӣ, таҳлили маълумот, арзёбии талафоти интизоришаванда, фишор-санҷишҳо, усулҳои арзёбии қобилияти пардохтпазирии қарзгиранда ва технологияҳои рақамӣ ба роҳ мондаанд. Лозим ба қайд аст, ки самаранокии истифодаи таҷрибаи хориҷӣ аз сатҳи рушди иқтисодӣ, инфрасохтори молиявию рақамӣ, сифати маълумот, захираҳои инсонӣ, муҳити ҳуқуқӣ ва имкониятҳои молиявии ҳар кишвар вобаста аст. Бинобар ин, мушкилоти асосии татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар самти идоракунии хавфҳои қарзиро метавон ба чунин омилҳо мансуб донист:

- сохтори бозори молиявӣ ва фарқияти рушди иқтисодӣ;
- дар марҳилаи рушд қарор доштани инфрасохтори рақамӣ;
- маҳдудиятҳо марбут ба маълумоти қарзӣ;
- норасоии мутахассисони дорои тахасуси IT;
- хароҷотҳои марбут ба татбиқи технологияҳои рақамӣ ва ғ.

Аз ин рӯ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули модели мутобиқшудаи идоракунии хавфи қарзӣ бо дарназардошти талаботи танзимкунанда, принсипҳои байналмилалии идоракунии хавфҳо ва имкониятҳои мавҷуда лозим меояд.

Дар ин замина, дурнамои татбиқи таҷрибаи хориҷиро дар ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфи қарзӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мо дар чунин самтҳо мебинем:

- мутобиқсозии принсипҳои Базел ба низоми бонкӣ - соли 2025 Кумитаи Базел принсипҳои идоракунии хавфи қарзиро навсозӣ намуда, чор самти муҳимро муайян кардааст: муҳити муносиби идоракунии хавфи қарзӣ; раванди солими пешниҳоди қарз; идоракунӣ, андозагирӣ ва мониторинги қарз; назорати мувофиқ бар хавфи қарзӣ [10];
- рушди минбаъдаи бюроҳои таърихи қарзӣ ва такмили низоми мубодилаи маълумоти қарзӣ - васеъ намудани фарогирии маълумот баланд бардоштани сифати маълумоти қарзӣ, навсозии мунтазами таърихи қарзӣ ва рушди мубодилаи рақамии маълумот;
- ҷоринамоии низомҳои рақамии арзёбии хавфи қарзӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ - дар ин масъала самтҳои афзалиятнок дар стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ муайян шудаанд;
- такмили идоракунии корпоративӣ ва таҳкими низоми назорати дохилӣ дар бонкҳо - аз таҷрибаи хориҷӣ бармеояд, ки низоми самараноки идоракунии хавфи қарзӣ бе идоракунии босифати корпоративӣ имконнопазир аст. Назорат дохилӣ бояд на танҳо пас аз ба вуҷуд омадани мушкилот, балки барои пешгирӣ бояд мусоидаткунанда бошад;
- баланд бардоштани сатҳи тахассусмандии кормандон - методология ва технологияи пешрафта дар сурати мавҷудияти кадрҳои соҳибтахассус самаранок татбиқ мешаванд.

Хулоса, бо дарназардошти хусусиятҳои низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди низоми идоракунии хавфи қарзӣ ҳамгироии принсипҳои Базелӣ, рушди инфрасохтори иттилоотии қарзӣ, рақамикунонии

арзёбии хавф, татбиқи зеҳни сунъӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, баландбардории сатҳи касбияти мутахассисон ва мустаҳкамсозии назорати дохилӣ муҳим ҳисобида мешавад. Амалисозии ин тадбирҳо шароит барои ба таври мувофиқ ба принсипҳои мутаносибӣ ва бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда барои ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Байрамова, Ж.М. Зарубежные методы анализа кредитоспособности заемщиков, как важный инструмент в управлении кредитными рисками банка / Ж.М. Байрамова, В.А. Толмачева // International correspondence scientific specialized conference. – Boston, USA: PROBLEMS OF SCIENCE, 2019. – С. 19-24.
2. Базельский комитет по банковскому надзору. Международная конвергенция измерения капитала и стандартов капитала: уточненные рамочные подходы. — Базель: Банк международных расчетов, 2004. – июнь. – 275 с.
3. Витчукова, Е.А. Зарубежный опыт урегулирования проблемной ссудной задолженности / Е. А. Витчукова // Наука 21 века: вопросы, гипотезы, ответы. – 2017. – № 2(23). – С. 47.
4. Водолазкина, Т. В. Зарубежный опыт управления банковскими рисками / Т.В. Водолазкина, Е.И. Карпова. – Донецк, 2022. – С. 48.
5. Гринин Л.Е., Коротаев А.В. Глобальний кризис в ретроспективе. Краткая история подъемов и кризисов: От Ликурга до Алана Гринспена. Материал является главой из монографии [электронный ресурс]. - URL: http://worldcrisis.ru/crisis/3911583 (дата обращения: 21.07.2026.)
6. Дыдыкин, А.В. Зарубежная практика управления банковскими рисками / А.В. Дыдыкин // Финансы и кредит. – 2011. – № 9(441). – С. 76.
7. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 515 с. – ISBN 978-99975-67-08-6.
8. Султанов О. Зарубежный опыт управления банковскими рисками / О. Султанов // Аэтерна. - 2018. – С. 64.
9. Толкачева, Е.Г. Технология стресс-тестирования кредитного риска банка / Е.Г. Толкачева // Молодежь в науке и предпринимательстве. Под науч. ред. А. П. Бобовича, 2018. – С. 190.
10. Basel Committee on Banking Supervision. Principles for the management of credit risk. April 2025. C.19. ISBN 978-92-9259-855-6. - URL: https://www.bis.org/bcbs/publ/d595.pdf
11. The Application of Basel II to Trading Activities and the Treatment of Double Default Effects (July 2005).
12. The Great Depression | The Herbert Hoover Presidential Library and Museum - URL: https://hoover.archives.gov/exhibits/great-depression?utm_source=chatgpt.com
13. Screening and approving the customer | Digital Finance Inclusion - URL: https://digitalfinance.worldbank.org/topics/digital-credit/screening-and-approving-customer?utm_source=chatgpt.com

УДК: 164.12.

САМТҲОИ МУОСИРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЛОГИСТИКӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАҶРИБАИ КИШАРҲОИ ХОРИҶӢ

Давлатов Хуршед Маҳмадович
н.и.и., дотсент мудири кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. тел. 919-27-67-76
Дониёров Фахриддин Тағоймуродович
унвонҷӯи кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел.: (+992) 555 73 0200, E-mail: davlatali.1998@mail.com.

Мақола мазкур ба таҳлили самтҳои муосири хизматрасониҳои логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва натиҷаҳои рушди хизматрасониҳои логистикӣ дар кишварҳои хориҷӣ бахшида шудааст. Дар робита бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аҳамияти логистика барои таъмин намудани ҳалли масоили мубрами тиҷорат, интиқол ва тақсимоти молҳо афзоиш ёфтааст. Мақола нишон медиҳад, ки чӣ гуна стратегияи логистикӣ ва шабакаҳои глобалӣ барои муносибгардонидани равандҳои тиҷоратӣ, кам кардани хароҷот ва таъмини мутобиқат бо талаботҳои бозор муҳим аст.Хизматрасониҳои логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ на танҳо ба пешбурди иқтисодиёт кумак мекунанд, балки барои рушд ва рақобатпазирии кишварҳо дар бозорҳои байналмилалӣ аҳамияти калон доранд. Ин мақола ба таҳлили таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ ва роҳҳои истифодаи самтҳои муосири логистикӣ дар соҳаи иқтисодии кишварҳои рушдёбанда таваҷҷӯҳ мекунад.

Калимаҳои асосӣ: хизматрасонии логистикӣ, ҷаҳонишавӣ, интиқол ва тақсимоти молҳо, равандҳои тиҷоратӣ, стратегияи логистикӣ, таҷрибаҳои хориҷӣ, шабакаҳои глобалии тақсимоти молҳо, рақобатпазирӣ, кишварҳои рушдёбанда, иқтисоди ҷаҳонӣ

СОВРЕМЕННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЛОГИСТИЧЕСКИХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

Давлатов Хуршед Махмадович
н.и.и., доцент, заведующий кафедрой таможенного дела Таджикский государственный финансово-экономический университет. 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел. 919-27-67-76
Дониёров Фахриддин Тагоймуродович
соискатель кафедры цифровой экономики и логистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 555 73 0200, E-mail: davlatali.1998@mail.com.

Данная статья посвящена анализу современных направлений логистических услуг в условиях глобализации и результатам развития логистических услуг в зарубежных странах. В связи с развитием экономических и социальных отношений, значение логистики для решения актуальных вопросов торговли, транспортировки и распределения товаров возросло. В статье показано, как логистическая стратегия и глобальные сети важны для оптимизации бизнес-процессов, снижения затрат и обеспечения соответствия требованиям рынка. Логистические услуги в условиях глобализации не только способствуют экономическому развитию, но и играют важную роль в повышении конкурентоспособности стран на международных рынках. Статья также рассматривает опыт зарубежных стран и пути использования современных логистических направлений в экономике развивающихся стран.

Ключевые слова: логистические услуги, глобализация, транспортировка и распределение товаров, бизнес-процессы, логистическая стратегия, зарубежный опыт, глобальные сети распределения товаров, конкурентоспособность, развивающиеся страны, мировая экономика

MODERN TRENDS IN LOGISTIC SERVICES IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION AND THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES

Davlatov Khurshed Mahmadovich
research assistant, associate professor, head of the department of customs affairs at the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tel. 919-27-67-76
Doniyorov Fakhriddin Tagoymurodovich
a research applicant at the Department of Digital Economy and Logistics Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Тел.: (+992) 555 73 0200, E-mail: davlatali.1998@mail.com.

This article is dedicated to analyzing modern trends in logistic services in the context of globalization and the results of the development of logistic services in foreign countries. In connection with the development of economic and social relations, the importance of logistics for addressing urgent issues of trade, transportation, and distribution of goods has increased. The article demonstrates how logistics strategies and global networks are crucial for optimizing business processes, reducing costs, and ensuring market compliance. Logistic services in the context of globalization not only contribute to economic development but also play a significant role in enhancing the competitiveness of countries in

international markets. The article also analyzes the experience of foreign countries and ways to utilize modern logistics trends in the economies of developing countries.

Keywords: logistic services, globalization, transportation and distribution of goods, business processes, logistics strategy, foreign experience, global distribution networks, competitiveness, developing countries, global economy.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши савдои байналмилалӣ, хизматрасониҳои логистикӣ ба яке аз омилҳои калидии рақобатпазирии кишварҳо ва ширкатҳо табдил ёфтаанд. Равандҳои ҳамгироии бозорҳо, рушди тиҷорати электронӣ, афзоиши ҷараёни молу хизматрасониҳо ва талаботи баланд ба суръат ва сифати интиқол, зарурати такмили низоми логистикиро ба миён меоранд. Хизматрасониҳои логистикӣ на танҳо интиқоли молро дар бар мегиранд, балки идоракунии занҷираи таъминот, анбордорӣ, бастабандӣ, коркарди иттилоот ва оптимизатсияи равандҳоро низ фаро мегиранд.

Дар чунин шароит, омӯзиши самтҳои муосири рушди логистика ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта барои кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳамияти муҳим дорад.

Мақсади асосии мақола таҳлили самтҳои муосири хизматрасониҳои логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта мешаванд: муайян намудани тамоюлҳои асосии рушди логистика дар иқтисоди ҷаҳонӣ, таҳлили таъсири технологияҳои муосир ба хизматрасониҳои логистикӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи логистика ва пешниҳод намудани тавсияҳо барои такмили низоми логистикӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар солҳои охир масъалаҳои рушди логистика дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисони зиёде қарор гирифтааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ ва автоматизатсия ба яке аз омилҳои асосии тағйирёбии хизматрасониҳои логистикӣ табдил ёфтаанд. Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар кишварҳои пешрафта, аз қабили давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Ҷопон, логистика ба сатҳи баланди ҳамгироӣ расидааст. Дар ин кишварҳо истифодаи марказҳои логистикии муосир, рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ мусоидат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки рушди хизматрасониҳои логистикӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ алоқаманд буда, истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад барои баланд бардоштани самаранокии низоми логистикӣ дар дигар кишварҳо заминаи мусоид фароҳам оварад.

Муқаддима. Тайи солҳои соҳибистиқлолии мамлакат дар низоми иқтисодиёти кишоварзии (аграрии) Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи чорводорӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ нақши назаррас дошта, дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ, истифодаи самараноки захираҳои минтақавӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо мусоидат намуда истодааст. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии соҳа дар минтақаҳои кишвар зарурати арзёбии мунтазами вазъи он ва муайян намудани тамоюлҳои асосии рушдро ба миён меорад.

Дар ин замина, таҳлили ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, пӯёи нишондиҳандаҳои асосӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ ва сатҳи истифодабарии захираҳо барои муайян намудани иқтидори воқеии соҳа аҳаммияти муҳим дорад. Аз инҷост, ки дар солҳои охир рушди чорводорӣ таҳти таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва минтақавӣ қарор дошта, байни минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи сатҳ ва суръати истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ фарқиятҳо ба назар мерасанд. Аз ин нуқтаи назар, зарурати омӯзиши нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа дар давраи солҳои 2020-2024 имкон медиҳад, ки тағйироти воқеии он муайян гардида, имкониятҳои мавҷудаи афзоиши истеҳсол ва самаранокии истифодаи иқтидори минтақавӣ арзёбӣ карда шаванд.

Методология. Масъалаҳои рушди чорводорӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, танзим ва дастгирии давлатии соҳа дар асарҳои Н. Абдуназаров, А. Саидмуминов, С.А. Деҳқонов, Э.Қ. Миршарифзода, Ҳ.Ҷ. Давлатов, М.М. Ҳайдаров ва Н.М. Собирзода инъикос гардидаанд. Дар раванди тадқиқот усулҳои таҳлили оморӣ барои омӯзиши пӯёи нишондиҳандаҳои асосии чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти он дар солҳои 2020-2024; усули таҳлили муқоисавӣ барои қиёси нишондиҳандаҳои рушди соҳа байни минтақаҳои Тоҷикистон; усули таҳлили динамикӣ барои муайян сохтани тамоюлҳои рушди чорводорӣ; инчунин, усулҳои таҳлилу синтез истифода бурда шудаанд. Заминаи иттилоотиро маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмуаҳои омории «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 соли истиқлолияти давлатӣ» ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Соҳаи кишоварзӣ дар татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини амнияти озуқаворӣ, мавқеи марказӣ дорад. Таъмини рушди устувори минтақаҳо бе таҳкими пояҳои истеҳсолии бахши аграрӣ, бахусус соҳаи чорводорӣ, ғайриимкон мебошад. Чун чорводорӣ ҳамчун яке аз бахшҳои сердаромади кишоварзӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ саҳми назаррас гузошта, ба баланд гардидани даромади аҳолӣ мусоидат менамояд.

Рушду такмили соҳаи чорводорӣ ва коркарди маҳсулоти он ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ғанӣ гардидани бозори истеъмолӣ (бо гӯшту шир ва тухм) замина мегузорад. Ҳамзамон, ин соҳа корхонаҳои саноатиро бо ашёи хоми зарурӣ (пусту пашм) таъмин намуда, хоҷагиҳои кишоварзиро бо нуриҳои органикӣ таъмин мекунад. Аз ин ҷиҳат, таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа нишон медиҳад, ки рушди он на танҳо аҳаммияти иҷтимоӣ, балки таъсири мустақим ба рушди иқтисоди миллӣ дорад.

Бо дарназардошти аҳаммияти стратегӣ доштани соҳа, он дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор гирифтааст. Қабули “Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” аз санаи 01 марти соли 2023, №52 далели гуфтаҳои болост, ки дар он чунин омадааст: “барои амалисозии барномаи мазкур дар давраи солҳои 2023-2027 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 13311000 сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои сармояи ватанию хориҷӣ дар ин давра 119980000 сомонӣ” ҷудо мегардад” [4, с. 4].

Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ нишон медиҳад, ки бо истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, беҳтар намудани базаи зотпарварӣ ва тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолкунандагон имконияти афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорво дар минтақаҳои кишвар вуҷуд дорад. Дурнамои рушди соҳа пеш аз ҳама ба баланд бардоштани маҳсулнокии чорво, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва густариши иқтидорҳои коркарди саноатӣ вобаста мебошад. Таҳкими заминаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ ва татбиқи самараноки барномаҳои давлатӣ метавонад ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, баланд шудани сатҳи таъминоти бозори дохилӣ ва тақвияти амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Масъалаи таҳкими нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ ва таъмини дурнамои устувори афзоиши истеҳсоли маҳсулоти он дар маркази сиёсати аграрии давлат қарор дорад. Аз ҷумла, ин самт зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои чорводорӣ

имтиёзҳои андозӣ, қарзӣ ва сармоягузорӣ мунтазам роҳандозӣ мегарданд. Ин тадбирҳо ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодии соҳа мусоидат менамоянд.

Ин таваҷҷуҳ аст, ки зимни ироаи паём Пешвои миллат чунин қайд намуданд, ки "... имтиёзҳои барои рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ пешниҳодшуда ба рушди соҳаҳои зикршуда такони ҷиддӣ бахшиданд" [13, с. 9]. Ин иқтибос далели он аст, ки татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонӣ ба беҳтаршавии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, зиёд гардидани саршумори чорво ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти соҳа заминаи мусоид фароҳам овардааст. Аз нигоҳи таҳлилӣ, чунин дастгирӣ имконият медиҳад, ки истеҳсолкунандагон технологияи муосирро ҷорӣ намуда, самаранокии истеҳсолро баланд бардоранд.

Оиди масоили мазкур тадқиқотчиёни ватанӣ чунин қайд менамоянд, ки "Бо гузашти солҳо масъалаи рушди устувор аҳаммияти худро гум накардааст. Ва дар шароити муосир вобаста ба ҳолатҳои табиӣ ва иқлими минтақаҳои кишвар омилҳои мувофиқ ба минтақаҳо метавонад заминаи рушду инкишофи минтақаҳо ва иқтисоди миллӣ гардад"[9, с. 172]. Ин андеша ба он ишора мекунад, ки ҳангоми таҳияи дурнамои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорво бояд хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва захираҳои ҳар як минтақа ба инобат гирифта шаванд.Яъне, ихтисосонидани истеҳсолот мувофиқи шароити релеф ва иқлим метавонад самаранокии иқтисодиро баланд бардорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди соҳаи мазкур аз нигоҳи минтақавӣ хусусиятҳои фарқкунанда дорад. Вобаста ба шароити ҷуғрофӣ ва релеф, навъҳои гуногуни чорводорӣ дар минтақаҳои кишвар ба таври нобаробар ҷойгир шудаанд. Чи тавре ки аз таҳқиқотҳо бармеояд, "минтақаҳо «майдони»-и асосии ҷорӣ намудани принсипҳо ва механизмҳои рушди устувор ба амалияи ҳаёти мамлакат мебошанд. Маҳз онҳо ба ҳалли комплексии проблемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва ғайра бештар эҳтиёҷ доранд"[15, с. 12-13]. Ин нукта нишон медиҳад, ки баланд бардоштани нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ бояд дар сатҳи минтақаҳо бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва талаботи иҷтимоӣ амалӣ гардад. Ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ бо имкониятҳои воқеии минтақаҳо, ҷалби сармоя ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ метавонад ба афзоиши устувори истеҳсоли маҳсулоти чорво ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар мусоидат намояд.

Дар раванди таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ яке аз омилҳои ҳалкунанда сифати базаи хӯроки чорво ба ҳисоб меравад. Рушди устувори истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, пеш аз ҳама, ба таъминоти мунтазам ва хушсифати хӯрок вобаста аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳар қадар сатҳи таъминнокӣ бо хӯроки серғизо ва мутавозин баланд бошад, ҳамон қадар маҳсулнокии чорво (аз лиҳози афзоиши гӯшт, шир ва пашм) бештар мегардад. Баръакс, норасоӣ ё пастсифат будани хӯрок ба коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва суст гардидани рушди иқтисодии соҳа оварда мерасонад.

Дар ин замина, асосноккунии илмии масъалаи ғизодиҳӣ аҳаммияти махсус дорад. Чунончи, Давлатов Г.П. қайд менамояд "Таркиби химиявии хуроки чорво аз рӯйи таркиби моддаҳои хушки органикӣ ва минералӣ муйян карда мешавад. Дар бадани ҳайвонот ва наботот гуруҳҳои якхелаи пайвастагиҳои химиявӣ аз ҷумла қариб 100 элементи химиявӣ мавҷуданд, аз онҳо карбон, оксиген, гидроген ва нитроген 95% ва боқимонда элементҳо бошад 5%-ро ташкил медиҳад" [7, с. 193]. Ин андеша нишон медиҳад, ки самаранокии истеҳсол на танҳо аз ҳаҷми хӯрок, балки аз таркиби илмӣ асоснокшудаи он вобаста мебошад. Яъне, мувозинати дурусти унсурҳои ғизоӣ метавонад ба баланд шудани маҳсулнокӣ ва кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ намуда, чорводорӣ яке аз манбаъҳои асосии даромади онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки чарогоҳҳо ҳамчун ҷузъи муҳимми базаи хӯроки чорво дар афзоиши саршумор ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот нақши калидӣ мебозад. Самаранок идора намудани захираҳои чарогоҳӣ метавонад ба баланд шудани маҳсулнокии табиӣ ва коҳиш ёфтани хароҷоти иловагӣ барои хӯроки сунъӣ замина гузорад.

Бо ин назардошт, дар кишвар барои истифодаи мақсадноки чарогоҳҳо низоми андозбандии замин бо дарназардошти ҳолати он татбиқ мегардад ва барои чарогоҳҳо коэффитсиентҳои пасти андоз муқаррар шудаанд. Ин тадбир ба ҳавасмандгардонии истифодабарандагони замин ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии хоҷагиҳои чорводорӣ равона шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар минтақаҳои кишвар ба рушду ташаккули соҳаи чорводорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Маҳз дар натиҷаи чунин тадбирҳо солҳои охир тамоюли афзоиши саршумори чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд, асп, парранда ва оилаҳои занбӯри асал ба назар мерасад. Ин равand аз беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа ва густариши имкониятҳои истеҳсолӣ дарак медиҳад. Ҳолати кунунии соҳаи номбурда ва динамикаи рушди он дар ҷадвали зерин пешниҳод мегардад, ки барои таҳлили амиқтари тамоюлҳои минтақавӣ ва муайян намудани дурнамои афзоиши истеҳсоли маҳсулот замина фароҳам меорад.

Ҷадвали 1. - Саршумори умумии чорво, парранда, занбури асал дар минтақаҳои кишвар барои ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2020-2024

Номгӯй	Вилояти Хатлон				Вилояти Суғд				ВМКБ				ШНТҶ			
	Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020	
			Адад	%			Адад	%			Адад	%			Адад	%
Саршумори чорвои калони шохдор(сар)	1010971	1188085	**177114**	**17,5**	667061	812444	**145383**	**21,8**	100028	111207	**11179**	**11,1**	613406	702275	**88869**	**14,4**
Аз ҷумла : Саршумори модаговҳо(сар)	514598	617579	**102981**	**20**	363993	440479	**76486**	**21**	41213	47487	**6274**	**15,2**	325002	368026	**43024**	**13,2**
Саршумори бузу гӯсфанд	2400223	3018644	**618421**	**25,7**	1576019	1989112	**413093**	**26,2**	334747	359155	**24408**	**6,7**	1486513	1889620	**403107**	**27,1**
Аспҳо	59127	65791	**6664**	**11,2**	8615	9795	**1180**	**13,6**	301	401	**100**	**33,2**	14551	17797	**3246**	**22,3**
Парранда (дона)	2205214	2600025	**394811**	**17,9**	4635128	6021556	**1386428**	**29,9**	94952	104951	**9999**	**10,5**	2847395	3379764	**532369**	**18,6**
Оилаи занбӯри асал(тонна)	61972	66815	**4843**	**7,8**	63337	81519	**18182**	**28,7**	7204	8450	**1246**	**17,2**	103080	122577	**19497**	**18,9**

Сарчашма: Дар асоси маҷмӯаи омории “Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 соли истиқлолияти давлатӣ”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. - С. 182 - 193., Маҷмуаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе, 2025. – С. 277.

Дар асоси маълумоти оморӣ оид ба соли 2024 таҳлили вазъи соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки тамоюли афзоиши устувори саршумори чорво ва дигар намуди ҳайвоноти кишоварзӣ дар тамоми воҳидҳои маъмурӣ ба назар мерасад.

Дар Вилояти Хатлон саршумори чорвои калони шохдор ба 1 188 085 сар расида, нисбат ба соли 2020 17,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Қисми асосии чорво ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост омада, саҳми корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбатан камтар мебошад. Шумораи модаговҳо 617 579 сарро ташкил дода, 20 фоиз зиёд гардидааст. Саршумори бузу гӯсфанд ба 3 018 644 сар баробар буда, афзоиши он 25,7 фоизро ташкил медиҳад. Теъдоди аспҳо 65 791 сар (афзоиш 11,2 фоиз), паррандаҳо 2 600 025 сар (афзоиш 17,9 фоиз) ва оилаҳои занбӯри асал 66 815 адад (афзоиш 7,8 фоиз)-ро дар бар мегирад. Дар ҳамаи самтҳо хоҷагиҳои аҳолӣ мавқеи пешсафиро ишғол менамоянд.

Дар Вилояти Суғд саршумори чорвои калони шохдор ба 812 444 сар баробар гардида, дар муқоиса бо соли 2020 21,8 фоиз зиёд шудааст. Модаговҳо 440 479 сарро ташкил намуда, 21 фоиз афзоиш ёфтаанд. Саршумори бузу гӯсфанд ба 1 989 112 сар расида, афзоиш 26,2 фоизро нишон медиҳад. Шумораи аспҳо 9 795 сар (афзоиш 13,6 фоиз), паррандаҳо 6 021 556 сар (афзоиш 29,9 фоиз) ва оилаҳои занбӯри асал 81 519 адад (афзоиш 28,7 фоиз)-ро ташкил медиҳад. Хусусияти фарқкунандаи минтақа афзоиши назарраси паррандапарварӣ ва занбӯриасалпарварӣ мебошад.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон саршумори чорвои калони шохдор 111 207 сар буда, нисбат ба соли 2020 11,1 фоиз зиёд гардидааст. Модаговҳо 47 487 сар (афзоиш 15,2 фоиз) ва бузу гӯсфанд 359 155 сар (афзоиш 6,7 фоиз)-ро ташкил медиҳанд. Шумораи аспҳо ба 401 сар расида, афзоиши баландтарини нисбӣ 33,2 фоизро нишон медиҳад. Паррандаҳо 104 951 сар (афзоиш 10,5 фоиз) ва оилаҳои занбӯри асал 8 450 адад (афзоиш 17,2 фоиз)-ро дар бар мегиранд. Дар ин минтақа низ хоҷагиҳои аҳолӣ қисми асосии истеҳсолотро таъмин менамоянд.

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ШНТҶ) саршумори чорвои калони шохдор ба 702 275 сар баробар буда, 14,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Модаговҳо 368 026 сар (афзоиш 13,2 фоиз), бузу гӯсфанд 1 889 620 сар (афзоиш 27,1 фоиз), аспҳо 17 797 сар (афзоиш 22,3 фоиз), паррандаҳо 3 379 764 сар (афзоиш 18,6 фоиз) ва оилаҳои занбӯри асал 122 577 адад (афзоиш 18,9 фоиз)-ро ташкил медиҳанд. Сохтори тақсимот нишон медиҳад, ки саҳми асосӣ ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Дар умум, таҳлил нишон медиҳад, ки дар соли 2024 дар ҳамаи минтақаҳои кишвар рушди мусбати соҳаи чорводорӣ ба мушоҳида мерасад. Афзоиши саршумор дар аксари намудҳои чорво ва парранда, инчунин зиёдшавии оилаҳои занбӯри асал, аз густариши фаъолияти хоҷагиҳои аҳолӣ ва деҳқонӣ шаҳодат медиҳад. Тамоюли мазкур метавонад ба таҳкими амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодиёти аграрии мамлакат мусоидат намояд.

Қобили таъкид аст, ки ҳарчанд дар солҳои охир рушди соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои кишвар мушоҳида мегардад ва ҳиссаи асосии истеҳсолот ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд, имкониятҳои истифоданашуда ва захираҳои иловагии рушд ҳанӯз назаррас боқӣ мемонанд. Истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда метавонад ба таҳкими пояҳои иқтисодии бахши аграрӣ мусоидат намуда, барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ заминаи боэътимод фароҳам оварад.

Соҳаи чорводорӣ дар тӯли таърих яке аз самтҳои калидии фаъолияти иқтисодии аҳолии деҳот маҳсуб ёфта, дар ташаккули анъанаҳои истеҳсолӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нақши муҳим бозидааст, ки “... аз пусти гов чарм тайёр карда, аз ин чарм барои мардон мӯза, барои занҳо кавш медӯхтанд” [2, с. 20]. Ин далел аз ҷойгоҳи устувори чорводорӣ дар сохтори анъанавии хоҷагидории миллӣ гувоҳӣ медиҳад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки шароити табиӣ ва иқлимии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ барои рушди минбаъдаи соҳа мусоид мебошанд. Аз ин лиҳоз, афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва зиёд намудани саршумори чорво ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати аграрӣ баррасӣ мегардад. Зеро афзоиши саршумор ҳамчун омили асосӣ барои зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли гӯшт, шир ва дигар маҳсулоти вобаста ба чорводорӣ заминаи воқеӣ фароҳам меорад.

Муҳаққиқи ватанӣ вобаста ба ин масъала таъкид менамояд, ки “дар замони муосир яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳолати ҷалб гардидани сармоягузориҳои мустақими дохилию хориҷӣ дар бахши кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулотӣ кишоварзию чорводорӣ метавонад бамаротиб афзоиш ёбад” [6, с. 74].

Дар натиҷа, вобастагии мустақими байни афзоиши саршумори чорво ва зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа мушоҳида мегардад. Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ аз рӯйи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ тамоюли мусбати рушдро дар аксари зерсоҳаҳо тасдиқ менамояд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани маҳсулнокии чорво, такмили заминаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва густариши дастгирии молиявӣ метавонанд ҳамчун омилҳои асосии таъминкунандаи рушди устувор ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳа арзёбӣ шаванд.

Дар доираи мавзуи мазкур арзёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми самаранокии иқтисодии соҳа баррасӣ мегардад. Зеро динамикаи истеҳсоли гӯшт, шир, пашм, тухм ва асал на танҳо сатҳи рушди истеҳсолотро инъикос мекунад, балки дараҷаи истифодаи иқтидорҳои мавҷуда, маҳсулнокии чорво ва имконияти қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилиро муайян месозад.

Ҷадвали 2. - Ҳаҷми истеҳсоли гушт, миқдори шири истеҳсолшуда, истеҳсоли пашм, истеҳсоли тухм ва истеҳсоли асал дар минтақаҳои Тоҷикистон барои ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2020-2024

Номгӯй	Вилояти Хатлон				Вилояти Суғд				ВМКБ				ШНТҶ			
	Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020		Соли 2020	Соли 2024	Таносуби соли 2024/2020	
			Адад	%			Адад	%			Адад	%			Адад	%
Гӯшти чорво ва парранда (тонна)	172445	248083	**75638**	**43,8**	66594	92838	**26244**	**39,4**	8984	9619	**635**	**7**	52159	65302	**13143**	**25,1**
Миқдори шири истеҳсолшуда (тонна)	515188	604804	**89616**	**17,3**	272960	311091	**38131**	**13,9**	17929	19825	**1896**	**10,5**	214901	241651	**26750**	**12,4**
Истеҳсоли пашм (тонна)	5464	6233	**769**	**14**	1550	1699	**149**	**9,6**	181	190	**9**	**4,9**	822	972	**150**	**18,2**
Истеҳсоли тухм (ҳазор донна)	102725	180582	**77857**	**75,7**	594601	768904	**174303**	**29,3**	4131	3995	**-136**	**-3,2**	281608	309428	**27820**	**9,8**
Истеҳсоли асал (тонна)	1067	1234	**167**	**15,6**	1458	1603	**145**	**9,9**	20	65	**45**	**2,2м**	1676	1951	**275**	**16,4**

Сарчашма: Дар асоси маҷмӯаи омории “Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 соли истиқлолияти давлатӣ”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. - С. 194 - 201., Маҷмуаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” Душанбе, 2025. – С. 299.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон минтақаҳои гуногун вобаста ба шароити табиӣ-иқлимӣ, сохтори хоҷагидорӣ ва сатҳи тахассуснокии истеҳсолот дар баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулоти чорвопарварӣ таъсирбахш мебошанд. Афзоиши пайвастаи нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ аз густариши заминаи хӯроки чорво, беҳтар гардидани зот ва истифодаи усулҳои нисбатан самараноки идоракунии истеҳсолот шаҳодат медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки рушди истеҳсоли гӯшт ва шир бештар ба зиёдшавии саршумор ва баланд шудани маҳсулнокии чорвои калони шохдор алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, афзоиши истеҳсоли пашм ба рушди соҳаҳои гӯсфандпарварӣ ва бузпарварӣ, зиёд гардидани истеҳсоли тухм ба тавсеаи парандапарварӣ ва афзоиши истеҳсоли асал ба рушди занбӯриасалпарварӣ иртибот дорад. Аз ин рӯ, барои таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва муайян намудани тамоюлҳои рушд, дар ҷадвали зерин ҳаҷми истеҳсоли гӯшт, миқдори шири истеҳсолшуда, истеҳсоли пашм, тухм ва асал вобаста ба минтақаҳои кишвар пешниҳод карда мешавад. Ин маълумот имкон медиҳад, ки сатҳи ихтисосёбӣ, самаранокии фаъолият ва дурнамои афзоиши минбаъдаи истеҳсолот дар ҳар як минтақа ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар соли 2024 нишон медиҳад, ки сохтори тавлид дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ ва ихтисосёбии истеҳсолӣ фарқияти муайян дорад. Арзёбии миқдорӣ ва сохтории истеҳсолот имконият медиҳад, ки сатҳи самаранокии бахшҳои гуногуни соҳа ва тамоюлҳои рушди минтақавӣ ба таври илмӣ муайян карда шаванд.

Дар вилояти Хатлон ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт ба 248 083 тонна баробар буда, беш аз 93 фоизи он дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол шудааст. Саҳми корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мутаносибан тақрибан 3,5 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз бартарияти бахши хусусӣ дар тавлиди гӯшт шаҳодат медиҳад. Истеҳсоли шир ба 604 804 тонна расида, қариб 96 фоизи он ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд. Дар истеҳсоли пашм (6 233 тонна) низ бахши аҳолӣ мавқеи асосӣ дошта, зиёда аз се чор ҳиссаи ҳаҷмро таъмин менамояд. Дар соҳаи парандапарварӣ 180 582 ҳазор дона тухм истеҳсол гардидааст, ки дар сохтори он саҳми хоҷагиҳои аҳолӣ ҳукмрон мебошад. Истеҳсоли асал ба 1 234 тонна баробар буда, қисми зиёди он (тақрибан 77 фоиз) дар бахши аҳолӣ истеҳсол шудааст. Умуман, модели истеҳсолӣ дар вилоят ба шакли анъанавии хоҷагидории хурд такя мекунад.

Дар вилояти Суғд 92 838 тонна гӯшт истеҳсол гардида, тақрибан 74 фоизи он ба хоҷагиҳои аҳолӣ, беш аз 19 фоиз ба корхонаҳои кишоварзӣ ва қисми боқимонда ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Истеҳсоли шир 311 091 тоннаро ташкил дода, беш аз 91 фоиз дар бахши аҳолӣ мутамарказ мебошад. Пашм ба ҳаҷми 1 699 тонна истеҳсол шуда, сохтори он низ хусусияти хонаводагӣ дорад. Хусусияти фарқкунандаи минтақа рушди нисбатан баланди истеҳсолоти саноатии тухм мебошад: аз 768 904 ҳазор дона тухми истеҳсолшуда зиёда аз 86 фоиз ба корхонаҳои кишоварзӣ тааллуқ дорад. Ин ҳолат аз сатҳи баланди тамаркуз ва саноатикунонии соҳа дарак медиҳад. Истеҳсоли асал 1 603 тонна буда, қариб пурра аз ҷониби хоҷагиҳои аҳолӣ таъмин мегардад.

Ҳаҷми истеҳсоли гӯшт дар ВМКБ 9 619 тонна буда, зиёда аз 97 фоизи он дар бахши аҳолӣ истеҳсол шудааст. Истеҳсоли шир (19 825 тонна) ва пашм (190 тонна) низ асосан ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд. Истеҳсоли тухм 3 995 ҳазор дона ва асал 65 тонна буда, амалан тамоми ҳаҷм ба бахши хусусӣ тааллуқ дорад. Ин сохтор нишон медиҳад, ки иқтисодиёти чорводорӣ дар минтақа хусусияти хурдмиқёс дошта, имконияти рушди саноатии соҳа ҳанӯз маҳдуд мебошад.

Дар ШНТҶ истеҳсоли гӯшт 65 302 тонна буда, тақрибан 73 фоизи он ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд. Истеҳсоли шир 241 651 тонна ва пашм 972 тонна мебошад, ки дар ҳар ду самт бахши аҳолӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар истеҳсоли тухм (309 428 ҳазор дона) беш аз 75 фоиз ба корхонаҳои кишоварзӣ рост меояд, ки ин аз рушди корхонаҳои калонҳаҷм ва тамаркузи истеҳсолот шаҳодат медиҳад. Истеҳсоли асал 1 951 тонна буда, қисми асосии он дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол мегардад.

Муҳокима. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар аксари минтақаҳо бахши хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсолкунандаи асосии гӯшт, шир, пашм ва асал мебошад. Ҳамзамон, дар баъзе самтҳо, аз ҷумла истеҳсоли тухм дар вилояти Суғд ва ШНТҶ, тамоюли равшани саноатикунонии истеҳсолот мушоҳида мегардад. Аз нигоҳи иқтисодӣ, чунин сохтор аз як тараф устувории иҷтимоии истеҳсолотро таъмин намуда, аз ҷониби дигар зарурати баланд бардоштани маҳсулнокӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва густариши корхонаҳои махсусгардонидашударо ба миён меорад. Ҳамгироии бахши хурди хонаводагӣ бо истеҳсолоти саноатӣ метавонад заминаи боэътимоди афзоиши минбаъдаи ҳаҷми маҳсулоти чорвопарвариро дар сатҳи миллӣ фароҳам оварад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми дигари рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла чорводорӣ, ба сатҳи таъминоти кадрӣ вобастагии зиёд дорад. Дар ин замина муҳаққиқ Н. Собирзода чунин таъкид менамояд, ки “... сатҳи пасти музди меҳнат дар бахши кишоварзӣ ба ҳавасмандкунии хатмкунандагони мактабҳои миёна барои дар оянда ҳамчун агроном ва муҳандис дар бахши кишоварзӣ таҳсил намудан, таъсири манфи мерасонад” [14, с.120]. Ин ҳолат метавонад ба рушди устувори бахши чорводорӣ низ таъсири манфӣ расонад, зеро барои пешбурди фаъолияти самараноки истеҳсолӣ мутахассисони баландихтисос зарур мебошанд.

Дар сиёсати давлатии рушди соҳаи чорводорӣ масъалаи такмили корҳои зотпарварӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти чорво мавқеи муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво таъкид шудааст, ки “... таъминоти илмию методӣ ва назорати рафти пешбурди корҳои зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, новобаста аз шакли хоҷагидорӣ яке аз механизмҳои асосии татбиқи

сиёсати рушди ин соҳа ба ҳисоб меравад” [5, с. 2]. Ин тадбирҳо барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳа мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёр минтақаҳои кишвар чорводорӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти иқтисодии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Чунонки муҳаққиқи ватанӣ қайд мекунад “... яке аз самтҳои шуғли аҳолии минтақа ба чорводорӣ равона гаштааст, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ин бахши кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии таъмини ҳадафи сеюми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - таъмини амнияти озуқаворӣ баромад мекунад” [8, с. 94].

Дар ҳақиқат, рушди соҳаи чорводорӣ на танҳо ба таъмини амнияти озуқавории мамлакат мусоидат менамояд, балки ҳамчун манбаи ташаккули даромадҳои буҷетӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ низ хизмат мекунад. Ин соҳа дар бисёр минтақаҳо, махсусан ноҳияҳои дурдаст, имконияти фароҳам овардани ҷойҳои кори доимиро муҳайё намуда, ба паст гардидани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон, зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ метавонад бозори дохилии кишварро бо маҳсулоти ватанӣ таъмин намуда, вобастагиро аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ коҳиш диҳад ва дар оянда барои рушди содироти маҳсулоти кишоварзӣ шароит фароҳам оварад.

Яке аз омилҳои дигари рушди иқтисодии соҳаи чорводорӣ ин дастрасии истеҳсолкунандагон ба манбаъҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки пешниҳод намудани қарзҳои дарозмуддат бо фоизи нисбатан паст метавонад фаъолияти хоҷагиҳои чорводориро густариш диҳад. Ҷолиби диққат аст, ки шаклҳои ибтидоии муносибатҳои қарзӣ ҳанӯз дар ҷомеаҳои қадим вуҷуд доштанд. Чунонки қайд шудааст: “... шахсе метавонист аз ҳамсояи худ ғалла ё ҳайвон қарз гирад ва онро пас аз ҳосил баргардонад” [1, с. 98].

Дар шароити муосир низ низоми қарздиҳии бонкӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз ҷумла, Амирзода С.А. чунин менависад: “... солҳои охир бо истифода аз воситаҳои қарзии низоми бонкӣ ҳаҷми истеҳсоли молҳои соҳаи кишоварзӣ, махсусан: картошкапарварӣ, чорводорӣ, занбуриасалпарварӣ, боғдорӣ дигар намуди кишоварзиро зиёд намуда истодаанд” [3, с. 132].

Бо дарназардошти хусусиятҳои релефии Тоҷикистон, махсусан дар минтақаҳои кӯҳӣ, чорводорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷудаи ин соҳа ҳанӯз пурра истифода нашудаанд. Барои ноил шудан ба рушди устувори соҳа истифодаи усулҳои муосири парвариши чорво, ҷорӣ намудани зотҳои сермаҳсул ва беҳтар намудани базаи хӯроки чорво аҳаммияти калон дорад. Истифодаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта метавонад ба баланд гардидани маҳсулнокии чорво ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳа, аз қабили гӯшт, шир, пӯсту пашм, тухм ва асал мусоидат намояд.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли ашёи хоми чорводорӣ, инчунин, имконият фароҳам меорад, ки дар минтақаҳои истеҳсолкунанда корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулот таъсис дода шаванд. Бунёди чунин корхонаҳо дар маҳалҳо на танҳо ба коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди саноатикунонии минтақаҳо низ замина мегузорад. Дар маҷмуъ, саноатикунонии минтақаҳои кишвар метавонад ба таҳкими рушди иқтисоди миллӣ ва баланд гардидани самаранокии истифодаи захираҳои маҳаллӣ мусоидат намояд.

Дар натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи чорводорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки дар солҳои охир дар ин соҳа тамоюли рушди мусбат ба назар мерасад. Афзоиши саршумори чорвои калони шохдор, бузу гӯсфанд, парранда ва оилаҳои занбӯри асал, инчунин зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии чорвопарварӣ (гӯшт, шир, пашм, тухм ва асал) аз густариши фаъолияти истеҳсолӣ ва беҳтар гардидани заминаҳои иқтисодии соҳа шаҳодат медиҳад. Таҳлил нишон дод, ки саҳми асосии истеҳсолот дар аксари минтақаҳо ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд, ки ин хусусияти анъанавии сохтори чорводории кишварро инъикос менамояд.

Дар баробари ин, фарқияти муайяни минтақавӣ дар сатҳи рушди соҳа мушоҳида мегардад. Вилояти Хатлон аз рӯйи ҳаҷми умумии истеҳсоли гӯшт ва шир мавқеи пешсафро ишғол менамояд, дар ҳоле ки вилояти Суғд бо рушди нисбатан баланди парандапарварӣ ва истеҳсоли саноатии тухм фарқ мекунад. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бошад, истеҳсолот бештар хусусияти хурдмиқёси хонаводагӣ дошта, имкониятҳои рушди минбаъдаи он ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва беҳтар намудани базаи моддию техникӣ вобаста мебошад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки афзоиши саршумори чорво ва зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот имкониятҳои мусоиди рушди минбаъдаи соҳаи чорводориро фароҳам меорад. Ҳамзамон, барои истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда зарур аст, ки самаранокии истифодаи захираҳои хӯроки чорво баланд бардошта шуда, технологияҳои муосири истеҳсолӣ ва усулҳои пешрафтаи идоракунии хоҷагидорӣ ҷорӣ карда шаванд. Танҳо дар ин сурат соҳа метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, рушди иқтисодиёти аграрӣ ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар мусоидат намояд. Аз ин хотир, ба андешаи мо пешниҳод ва тавсияҳои зерин барои рушди соҳаи чорводорӣ метавонанд замина гузоранд:

1. Зарур аст, ки майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво васеъ гардида, ҳамзамон, истифодаи самараноки чарогоҳҳо ва татбиқи усулҳои илмии нигоҳдорӣ ва омодасозии хӯроки серғизо ба роҳ монда шавад.

2. Ҷорӣ намудани барномаҳои муосири селексия, истифодаи зотҳои сермаҳсул ва мутобиқ ба шароити табиӣ-иқлимии минтақаҳо метавонад ба баланд шудани маҳсулнокии чорво мусоидат намояд.

3. Таҷдиди базаи моддию техникии хоҷагиҳои чорводорӣ, истифодаи таҷҳизоти замонавӣ ва автоматизатсияи баъзе равандҳои истеҳсолӣ ба коҳиш ёфтани харочот ва баланд гардидани самаранокии иқтисодӣ мусоидат мекунад.

4. Ташкили корхонаҳои хурду миёнаи коркарди шир, гӯшт ва дигар маҳсулоти чорво дар минтақаҳо имкон медиҳад, ки арзиши иловагӣ зиёд гардида, бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат таъмин гардад.

5. Ташкили барномаҳои омӯзишӣ, машваратҳои аграрӣ ва паҳн намудани таҷрибаҳои пешқадами хоҷагидорӣ метавонад ба беҳтар гардидани идоракунии истеҳсол ва истифодаи самараноки захираҳо мусоидат намояд.

6. Тавассути густариши хизматрасониҳои лизингӣ, дастгирии қарзии имтиёзнок ва ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ имкониятҳои васеъ барои рушди истеҳсолоти саноатии чорводорӣ фароҳам овардан мумкин аст.

Дар натиҷа, аз нигоҳи мо татбиқи пайвастаи чунин тадбирҳо метавонад ба баланд гардидани самаранокии иқтисодии соҳаи чорводорӣ, зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таҳкими устувории иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Амирзода С. А., Миршарифзода Э.Қ., Давлатов Ҳ.Ҷ. Одилов М.А. Муомилоти пулӣ ва қарз: воситаи таълимӣ / С.А. Амирзода, Э.Қ. Миршарифзода, Ҳ.Ҷ. Давлатов, М.А. Одилов. – Душанбе, 2025. – 157 с.
2. Абдуназаров Н., Саидмуминов А. Аз таърихи чорводории тоинқилобии Тоҷикистони ҷанубӣ / Н. Адбуназаров, А. Саидмуминов // Паёми донишгоҳи миллӣ. - 2024. - №3/5 (142). С. 189-197.
3. Амирзода С.А., Ҳайдаров М.М. Нақши низоми молиявию бонкӣ дар рушди иқтисодии минтақа / С. А. Амирзода, М.М. Ҳайдаров / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт. - 2025. - №3(5). - С. 129-138.
4. Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбӯриасалпа рварӣ дар ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2023-2027” аз санаи 01 марти соли 2023, №52. – С. 4.
5. Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз 30 декабри соли 2015, № 792. – С. 2.
6. Деҳқонов С.А. Нақши давлат дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт. Монография / С.А. Деҳқонов. – Душанбе, 2025. – 254 с.
7. Давлатов Г.П. Асосҳои назариявии соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.П. Давлатов / Паёми молия ва иқтисод. 2024 – №4(43). - С. 189-197. – С. 191-193.
8. Деҳқонов С.А. Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт) [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.03 –иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ / Деҳқонов С.А. Душанбе, 2024. - С. 94.
9. Деҳқонов С. А., Миршарипов Э.Қ., Маҳмадуллоев А.С. Нақши соҳаҳои истеҳсолӣ ва чорводорӣ дар таъмини рушди устувори минтақаи Рашт / С. А. Деҳқонов, Э.Қ. Миршарипов, А.С. Маҳмадуллоев / Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – Рашт. - 2024. - №2(2). - С. 171-181.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025” – С. 2.
11. Маҷмӯаи омории “Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. - С. 277 - 299.
12. Маҷмӯаи омории “Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 соли истиқлолияти давлатӣ”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2025. - С. 182 – 193, 194-201.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 26.01.2021с. – С. 9.
14. Собирзода Н.М. Роҳҳои такмили механизми танзими давлатии бахши кишоварзии Тоҷикистон / Н.М. Собирзода // Паёми донишгоҳи миллӣ. - 2023. - №2. – С. 118-128.
15. Танзими макроиқтисодӣ: нақши давлат ва корпоратсияҳо. – М.: Кнорус, 2010. – С.12-13.

УДК: 338

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Шомадова Нилуфар Саидамировна

н.и.и., муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. тел: 992 917 02 65 03 nilu.81 @mail.ru

Дар ин мақолаи мазкур асосҳои консептуалии рушди босуботи иқтисодӣ дар равандҳои ҷаҳонишавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Рушди босуботи иқтисодиёт ин чунин шакли тараққиётест, ки бояд одамон талаботи рузафзуни ҳозираи худро конеъ гардонида, имкониятҳои насли ояндаро дар хатар нагузоранд чкн, ки рушди ояндаи инсон аз истифодабарии интенсивии захираҳои табии вобастагии калон дорад. Дар баробари оқилона истифодабари захираҳои табии, ҳар як намуди захира ба худ имконият ва маҳдудиятҳо дорад. ва рушди устувор, инчунин омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, баррасӣ мешаванд. Имконияти истифодаи равиши системавӣ-синергетикӣ барои омӯзиши мутобиқати ҷаҳонишавӣ ва рушди устувор асоснок карда шудааст.

Муаллиф дар мақолаи мазкур диққати асосиро ба омилҳои асосии таъминкунандаи рушди босуботи иқтисодиёт дар шароити ҷаҳонишавӣ аз ҷумла сиёсати самаранокии давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ, рушди соҳибкории истеҳсолиро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо:Рушди босуботи иқтисодӣ, иқтисодӣ миллӣ, суботи иҷтимоӣ, иқтисодиёт, рақобатпазири, идоракунии стратегӣ, рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии мамлакат.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Шомадова Нилуфар Саидамировна

к.э.н., старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. тел: 992 917 02 65 03 nilu.81 @mail.ru

В данной статье рассматриваются концептуальные основы устойчивого экономического развития в контексте глобализации. Устойчивое экономическое развитие — это форма развития, которая должна удовлетворять растущие потребности настоящего и не ставить под угрозу возможности будущих поколений, поскольку будущее развитие человечества во многом зависит от интенсивного использования природных ресурсов. Наряду с рациональным использованием природных ресурсов, каждый вид ресурсов имеет свои возможности и ограничения. Рассматриваются вопросы устойчивого развития и влияющие на них факторы. Обосновывается возможность использования системно-синергетического подхода к изучению совместимости глобализации и устойчивого развития.

В данной статье автор фокусируется на основных факторах, обеспечивающих устойчивое экономическое развитие в контексте глобализации, включая государственную политику эффективности, развитие человеческого капитала и развитие промышленного предпринимательства.

Ключевые слова: Устойчивое экономическое развитие, национальная экономика, социальная стабильность, экономика, конкурентоспособность, стратегическое управление, устойчивое социально-экономическое развитие страны.

THEORETICAL AND CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT IN GLOBAL CONDITIONS

Shomadova Nilufar Saidamirovna

Candidate of Economic Sciences, Senior Leacturer , Department of Economic Analysis and Statistics Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: тел: 992 917 02 65 03 nilu.81 @mail.ru

This article examines the conceptual foundations of sustainable economic development in the context of globalization. Sustainable economic development is a form of development that must meet the growing needs of the present without compromising the opportunities of future generations, as the future development of humanity largely depends on the intensive use of natural resources. Along with the rational use of natural resources, each type of resource has its own potential and limitations. Issues of sustainable development and the factors influencing them are examined. The possibility of using a systems-synergetic approach to studying the compatibility of globalization and sustainable development is substantiated.

In this article, the author focuses on the key factors ensuring sustainable economic development in the context of globalization, including public policy efficiency, human capital development, and the development of industrial entrepreneurship.

Keywords: Sustainable economic development, national economy, social stability, economy, competitiveness, strategic management, sustainable socioeconomic development of the country.

Муқаддима. Масъалаи алоқамандии илми иқтисодиёт бо илми экология дар адабиётҳои муосир ба таври васеъ омӯхта мешавад. Аз ин лиҳоз рушди босуботи иқтисодиётро дар ҳолати ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-экологӣ метавон ба даст овард. Аз дараҷаи афзалиятноки ҳудудҳои экологӣ-иқтисодӣ барои гузаштан ба рушди босуботи иқтисодиёт бояд 3 назарияи асосиро аз ҳам ҷудо намоем:

- Инсон на танҳо оқилонагии иқтисодиётро, балки бар нафъи умуми истифодабарии захираҳои табиии аҳамияти калон диҳад, чунки маҳз дар ҳамин ҳолат самаранокии таъсири фаъолиятҳои беруна пайдо мешаванд.
- Гузариши нав ба рушди иқтисодӣ, ки такрористеҳсоли худи сохторҳои иқтисодиро талаб мекунад.

Ташаккули техникӣ ҳамчун камкунандаи хароҷотҳо, ки дар ҷараёни истеҳсолот ба муҳити атроф расидааст, эътироф гардидааст. Оиди масъалаи номбурда дар конфиренсияи умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои рушд ва муҳити атроф дар соли 1987 сарвазири Норвегия Г.Ҳ. Брутланд бо чунин маъруза баромад карда буд: Ҳамон рушди иқтисодиро босуботона номидан мумкин аст, ки барои қонеъ гардонии талаботи ҷории ҷамъият буда, шароитҳои насли ояндаро дар хатар намегузорад. Ин мафҳум маънои онро дорад, ки рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳамон дараҷа муътадил карда мешаванд, ки барои насли оянда ҷуброни ин ё он гуна захираҳои нодир мегардад. Бе татбиқи ҳадафҳо ноил гардидани мамлакат ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), ки дар иҷлосияи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ дар моҳи сентябри соли 2015 маъқул дониста шуда буданд, раванди ниҳоят душвор хоҳад буд. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БМР 2016-2020) ҳадаф, афзалият, вазифа ва самтҳои амалҳоро ҷиҳати гузариш ба модели нави сифатноки рушди иқтисодӣ муайян менамояд. Асоси онро механизмҳои самараноки институтсионалӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҷалби бештари сармоя ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор; ҳавасмандгардонии рақобат ва гирифтани донишҳои нав; тавсеаи истеҳсоли молу хизматрасониҳои ба содирот ва таъмини воридотивазкунӣ равонагардида; мақсаднок коҳиш додани вобастагии кишвар аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мусоидат ба васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ имконият медиҳанд.

Ҳадафи банақшагирии индикативӣ, ки зимни таҳияи БМР 2016-2020 ба асос гирифта шудааст, ворид намудани тағйироти мураттаб ва консептуалӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ мебошад, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ дар асоси ҷорӣ намудани низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ равона гардидаанд. Барои ноил гаштан ба ҳадафи гузошташуда ҳалли як қатор масъалаҳо зарур аст. Дар қатори онҳо дастгирии суръати баланди устувори рушди иқтисодӣ ва сифати нави он дар заминаи инкишофи босуръати малакаҳои касбӣ, дониш ва технологияҳо; модернизатсия ва диверсификатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ; ташаккули низоми динамикии рушди давлатӣ ва маҳаллӣ; коҳиш додани осебпазирӣ аз омилҳои беруна лозим мебошад.

Мустаҳкамгардонии рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии мамлакат аз он вобаста аст, ки дараҷаи худтаъминкунӣ, худмаблағгузорӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ по барҷо бошад. Дараҷаи худтаъминкунӣ маънои худтаъминкунии минтақаро дорад, ки захираҳо (саноатӣ, меҳнатӣ, табиӣ, молиявӣ), имкон медиҳанд, ки баланси муътадили мусбати содирот ва воридоти маҳсулоти мамлакат, аз ҷумла, алоқаҳои берунии иқтисодӣ дар тиҷорат таъмин карда шавад. Дараҷаи кофии худтаъминкунии минтақаҳои мамлакат асоси он аст, ки сиёсати мустақили иқтисодиро ба амал гузаронда, ба таъмини устувории рушди иҷтимоию иҷтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Дурнамоҳо дар таҳияи барномаи рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо нақши муҳимро дорад. Чун, ки он соҳаҳои ҳайётан муҳими минтақаро ба монандӣ вазъияти демографӣ, потенсиалӣ кадрҳо, захираҳо, аз ҷумла захираҳои табии, талаботи истеъмолкунандагон, истеҳсолот ва роҳҳои рушди минтақаҳоро дар бар мегирад.

Марҳилаи кунунии рушд бо пайдоиши шумораи зиёди хатарҳо, чолишҳо ва зиддиятҳое тавсиф мешавад, ки ояндаи тамоми инсониятро таҳдид мекунанд. Инҳо имкони фалокати экологӣ дар саросари ҷаҳон, шиддат гирифтани зиддиятҳо байни кишварҳои сарватманд ва камбизоат, номувофиқатии созмон ва механизмҳои низоми молиявии ҷаҳонӣ бо воқеиятҳои муосир, шиддат гирифтани муқовимат байни тамаддунҳои гуногуни динӣ ва амиқтар шудани зиддиятҳо байни ҳадафҳои афзоиши истеъмол ва иқтидори маҳдуди захиравӣ барои дастгирии онҳо мебошанд.

Дар ин робита, илми иқтисодии ҷаҳонӣ ба таври объективӣ бо мушкилоти ҷустуҷӯи равишҳо, роҳҳо ва механизмҳои нави консептуалии рушди иҷтимоию иқтисодӣ рӯбарӯ шудааст, зеро тағйироти табдилдиҳандае, ки дар муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба амал меоянд, аз фаҳмиши назариявии онҳо ва ҳатто асосноккунии онҳо хеле пеш гузаштаанд. Яке аз таълимоти нави назариявӣ, ки кӯшиш кардааст ба мушкилоти муосир посух диҳад, консепсияи рушди устувор мебошад. Моҳияти он дар он аст, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ бояд ба ҳамоҳангсозии фазои экологӣ-иқтисодӣ, бо назардошти манфиатҳо ва ниёзҳои кунунии ҳар як шахс ва тамоми ҷомеа, бидуни таҳдид ба манфиатҳо ва ниёзҳои наслҳои оянда равона карда шавад. Таҳқиқоти назариявии рушди устувор ва ҷаҳонишавӣ ба таври мувозӣ сурат мегиранд, гарчанде ки ин падидаҳо, ки бо ҳам алоқаманд ва аз ҷиҳати диалектикӣ мухолифанд.

Бо вучуди ин, сарфи назар аз пешрафтҳои назаррасии илмӣ, як қатор масъалаҳои мушкил баҳсбарангез боқӣ мемонанд ва пурра омӯхта нашудаанд. Аз ҷумла, роҳҳо ва механизмҳои татбиқи рушди устувор, аз ҷиҳати экологӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ бехатар дар дохили системаҳои ноустувори иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ номуайян боқӣ мемонанд. Ҳамаи ин аз аҳамият ва мураккабии самти интихобшудаи тадқиқот шаҳодат медиҳад ва ҳадафи онро - таҳияи принсипҳои назариявӣ ва методологии консептуалӣ барои


рушди устувори системаҳои ноустувори иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити тағйироти ҷаҳонӣ - ташаккул медиҳад. Консепсияҳои назариявии рушди устувор ҳамчун кашфиётҳои тафаккури илмии муосир қабул карда мешаванд, аммо ҳар як консепсия ҳамеша поя дорад. Қобили зикр аст, ки аз замони пайдоиши донишҳои иқтисодӣ, масъалаҳое, ки дар тафсири муосир ба мавзӯи ин таҳқиқот нисбат дода мешаванд, ба дараҷаҳои гуногун баррасӣ шудаанд. Ҳамин тариқ, Арасту кӯшиш кард, ки хусусияти дугонаи бузургии арзишро асоснок кунад. Томас Аквинас бори аввал истилоҳи "сарвати табиат"-ро ба гардиши илмӣ ворид кард. В. Петти роҳи ҳалли масъалаи арзёбии иқтисодии омилҳои табиӣ (замин, захираҳо, иқлим)-ро бо қиёс бо меҳнат пешниҳод кард. А. Смит ва Д. Рикардо мафҳуми назарияи меҳнатии арзишро асоснок карданд. Ҷ. Милл асосҳои мантиқии назарияи меҳнатии арзишро самаранок вайрон кард ва оғози "инқилоби маргиналӣ"-ро дар иқтисоди сиёсии буржуазӣ ба вуҷуд овард. Навовариҳои ӯ асосан бо пурра кардани назарияи статикии мувозинат бо назарияи ҳаракат - динамика алоқаманд буданд. Т. Малтус пешниҳод кард, ки дар сурати набудани монеаҳо, аҳолӣ ба таври экспоненсиалӣ афзоиш меёбад, дар ҳоле ки истеҳсоли молҳои истеъмолӣ прогрессияи арифметикиро афзоиш медиҳад, ки ин ногузир ба бӯҳрони аз ҳад зиёд аҳолӣ ва фалокати иҷтимоӣ-экологӣ оварда мерасонад. К. Маркс воситаҳои истеҳсолотро барои истифодаи ҷамъиятӣ омӯхта, пайдоиши иқтисоди иттилоотиро ба таври назаррас пешбинӣ мекард. В. Ҷевонс, М. Валрас ва К. Менгер консепсияи мувозинати умумии низоми иҷтимоию иқтисодиро асоснок карданд. Тарафдорони назарияи институтсионалӣ нишон доданд, ки омилҳои иттилоотӣ ҷузъи фаъоли низоми иҷтимоию иқтисодӣ буда, самт ва сатҳи самаранокии рушдро муайян мекунанд. Ҳангоми омӯзиши асосҳои экологӣ-иқтисодии рушд, ба олимоне, ки равиши консептуалии физикӣ-биологиро ба иқтисодиёт ифода мекунанд, муроҷиат накардан ғайримантиқӣ хоҳад буд. Кори онҳо ба асоснок кардани бори оптималии экологӣ аз ҷониби сохторҳои истеҳсолӣ ба экосистемаҳо, яъне мувофиқати бори экологӣ ба иқтидор ё қобилияти борбардории экосистемаҳо нигаронида шудааст. Бо нашри Консепсияи рушди устувор, ин таҳқиқот мундариҷаи сифатан нав пайдо карданд. Меъёри умумии қабулшудаи рушди устувор субот аст - ҳолати низоми иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар он ҳеҷ сабабе барои вайрон кардани мувозинати бадастомада вуҷуд надорад. Шарти асосии рушди устувор ноил шудан ба мувозинати бозор аст, яъне симметрияи равандҳое, ки вайроншавӣ ва барқароршавӣ, парокандашавӣ ва муттаҳидшавӣ, тақсимот ва ҳамгироиро мувозинат мекунанд.

Методология. Муосиртарин равиш ба таҳқиқоти бозор назарияи бесарусомонӣ аст. Мутаассифона, дастовардҳои он бо илми классикӣ номувофиқанд, зеро фарзияҳои илмии пешниҳодшуда бояд аз ҷониби амалия тасдиқ карда шаванд. Аммо, ҳангоми омӯзиши системаи бесарусомонӣ, ба даст овардани пешгӯиҳои дақиқ ва санҷидани онҳо бо мурури замон ғайриимкон аст. Аммо, ин нодурустии назарияи бесарусомониро исбот намекунад, ки бо ҳисобҳои эмпирикӣ ва мисолҳои рушди системаҳои табиӣ тасдиқ карда мешавад. Инчунин ягон чаҳорчӯбаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда барои истифодаи амалии он дар таҳқиқоти иқтисодӣ вуҷуд надорад. Аммо, унсурҳои алоҳидаи назария дар таҳқиқоти, масалан, мувозинати бозор, нархҳо ва савдои биржаҳои саҳҳомӣ бомуваффақият татбиқ шудаанд. Ба шарофати ин назария, метавон комилан мантиқӣ изҳор дошт, ки ҷомеа як низоми хеле ҳассос ва мураккаб аст, ки доимо дар лаби бесарусомонӣ қарор дорад. Системаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки онро ташаккул медиҳанд, низ ба ҳам монанданд. Аз ин рӯ, дар ҳоле ки устуворii мувозинатро ҳамчун шарти асосии рушди устувор қабул мекунанд, онро ҳамчун мувозинати бозор қабул кардан мувофиқи мақсад аст. Инҳоро метавон ҳамчун "омилҳои устуворӣ" муайян кард ва ба таври анъанавӣ ба омилҳои мустақим, ки ба тағирёбии параметрҳои миқдории система мусоидат мекунанд ва омилҳои ғайримустақим, ки тағиротро ҳам дар параметрҳои сифатӣ ва ҳам миқдории система ҳамзамон ба вуҷуд меоранд, тақсим кард. Байни равишҳои иҷтимоӣ-иҷтимоӣ, экологӣ-иқтисодӣ ва иқтисодӣ-экологӣ барои асоснок кардани мафҳуми рушди устувор фарқ гузошта шудааст [1, саҳ. 213; 9, саҳ. 740–744]. Равиши аввал хусусияти ҷаҳонӣ дорад ва мушкилоти ташаккули шахсияти куллиро дар асоси тобеияти он ба табиат ва иқтисодиёт ҳал мекунад. Ҷомеаи муосир хусусиятҳои инкишофиро нишон намедиҳад, ки ба мо имкон медиҳанд, ки дар бораи имконияти амалӣ кардани самти рушди иҷтимоӣ-иҷтимоӣ сухан гӯем. Камбизоатӣ, нобаробарӣ, ақибмондагӣ ва ноустуворӣ аз ҳама монеаҳое, ки ба рушди устувор ва иҷтимоӣ нигаронидашуда халал мерасонанд, дуранд. Аз ин рӯ, равишҳои экологӣ-иқтисодӣ ва иқтисодӣ-экологӣ омӯзиши муфассалтарро талаб мекунанд. Равиши экологӣ-иқтисодӣ афзалияти ҷузъи экологиро дар бар мегирад, ки ҳам ҳадафи асосӣ ва ҳам манбаи асосии рушди устувор мебошад. Равиши иқтисодӣ-экологӣ, ки ҳадафи рушди устувори экологӣ мебошад, манбаи ноил шудан ба онро чунин мешуморад.

Асоси ворид намудани категорияи нави "рушди дастгиришаванда" ба баҳси илмӣ аз ҷониби моҳияти раванди рушди устувор асоснок карда мешавад, зеро шарти асосии татбиқи он ба даст овардани мувозинати устувор мебошад. Ба иборaи дигар, марҳилаи ибтидоӣ зарур аст, ки ҳадафи он эҷоди замина барои татбиқи чунин табдилот тавассути устувор кардани барномаҳои иқтисодӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва ба даст овардани мувозинати устувор мебошад. Рушди дастгиришаванда раванди ба мувозинати устувор расонидани иқтисодиёт бо ҳадафи эҷоди замина барои рушди устувори иқтисодӣ мебошад.Методологияи омӯзиши равандҳо ва падидаҳои иқтисодӣ навсозии доимиро талаб мекунад. Барои беҳтар кардани он, пешниҳод карда мешавад, ки сабабият аз нигоҳи системаи мураккаби таъсири мутақобила таҳқиқ карда шавад.

Натиҷаҳо. Ҷаҳонишавӣ дар сохтори худ раванди мураккаб аст, ки таҳти таъсири як қатор омилҳо инкишоф меёбад: сиёсӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва тамаддунӣ. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ раванди объективӣ аст, яъне натиҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии мувофиқ. Аз тарафи дигар, ин раванди субъективӣ аст - натиҷаи сиёсати мушаххасе, ки аз ҷониби кишварҳои пуриқтидортарин ва

пешрафтатарини ҷаҳон пеш гирифта шудааст. Ин дугонаигӣ яке аз зиддиятҳои асосии ҷаҳонишавиро пинҳон мекунад. Аз як тараф, ҷаҳонишавии субъективӣ раванди объективии тақсимоти меҳнатро барои амалӣ кардани манфиатҳои иқтисодии худ ва ислоҳот истифода мебарад.(Расми 1)



Расми 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди босуботи иқтисодӣ дар шароити ҳозира.
Сарчашма:Таҳияи муаллиф

Муҳокима. Ҳадафи ҷаҳонишавӣ муттаҳид кардани муносибатҳои байналмилалӣ дар самтҳои афзалиятнок барои дастрасии ҳадди аксар ба захираҳои иқтисодӣ ва молиявӣ мебошад. Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавии объективӣ ҳадафи эҷоди фазои ягона барои мубодилаи муассир барои ҳадди аксар расонидани ниёзҳои ҳар як фард дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, ки имкониятҳои ҷаҳонишавии субъективӣ, ки мехоҳанд ба ҳадафҳои инфиродӣ ноил шаванд, маҳдуд мекунад. Бо назардошти норавшанӣ ва хусусияти бисёрҷонибаи ҷаҳонишавӣ, мактабҳои муосири академӣ барои омӯзиши ин раванд аз равишҳои гуногуни методологӣ истифода мебаранд: фарҳангӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва куллӣ. Мафҳумҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонишавӣ низ ба равишҳои гуногуни методологӣ асос ёфтаанд. Аввалин ба дарки ҷаҳонишавӣ ҳамчун як сохтори комилан идеологӣ, ҳамчун идеяи иқтисоди нави хеле байналмилалӣ, ки самаранок беназорат ва бар асоси диктати бозори монополияшуда асос ёфтааст, асос ёфтааст. Ин равиш ҳаққи вуҷуд надорад. Дуюмӣ комилан мухолиф аст. Иқтисодиёти ҷаҳонӣ иқтисодест, ки дар он сармояи фаромиллӣ иқтисодиёти миллиро тобеъ мекунад. Иқтисодиёти миллӣ, бахусус кишварҳои рӯ ба инкишоф ва ноустувор, қобилияти худро барои муқовимат ба фишори молиявӣ аз даст медиҳанд ва маҷбур мешаванд, ки фазои ягонаи иқтисодиро ташкил кунанд, ки дар дохили он ҳама чиз аз ҷониби "қонуни қавитарин" танзим карда мешавад. Роҳи сеюм объективии раванди ҷаҳонишавӣ ва субъективии тақсимоти фоидаи ҷаҳонӣ, қутбшавии онҳоро дастгирӣ мекунад, аммо фарз мекунад, ки ин ба давлатҳои миллӣ зарар намерасонад ва онҳоро заиф намекунад. Ба ибораи дигар, ҷаҳонишавӣ ҳадаф дорад, ки муносибатҳои байналмилалиро дар асоси арзишҳои иқтисоди миллӣ эҷод кунад; яъне онҳо мустақилона захираҳои иқтисодиро аз нав тақсим мекунанд, аммо, чун қоида, на ба манфиати худ. Роҳи чорум аҳамияти тағйироти сифатӣ дар ҷомеаро, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёт такрор мешаванд, ҳимоя мекунад. Назари бартаридошта зарурати аз нав дида баромадани муносибатҳои байни ҷаҳонӣ ва миллӣ; миллӣ ва минтақавӣ; миллӣ, минтақавӣ ва шахсӣ мебошад. Ин равиш оқилонатарин ба назар мерасад, зеро рушд, махсусан рушди устувор, ба ҷои итоати содда ба ҳадафҳои давлатҳои алоҳида, асоснокии илмии таъсири мутақобилаи ҳамаи сатҳҳои иқтисоди миллӣ ва ҷаҳониро талаб мекунад [5, саҳ. 242; 6, саҳ. 266]. Таҳқиқи равишҳои консептуалӣ барои муайян кардани моҳияти ҷаҳонишавӣ нишон дод, ки барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва бартараф кардани зиддиятҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ, таҳияи равишҳои консептуалии сифатан нав барои омӯзиши равандҳо ва падидаҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии муосир зарур аст, зеро на ҳамаи онҳоро аз нигоҳи назарияи классикии иқтисодӣ шарҳ додан мумкин аст. Дуюмӣ дар асоси мавқеъҳои калидӣ ба монанди ратсионализатсияи равандҳо таҳия шудааст.Дар заминаи таҳқиқоти ҷорӣ, инчунин ба тағйири афзалиятҳои

рушди иҷтимоӣ ва дар баъзе мавридҳо, тағйироти куллии афзалиятҳои рушди иҷтимоӣ диққат додан мувофиқ аст. Афзалиятҳои рушди асри гузашта соҳибихтиёрии миллӣ, истиқлолият, демократия ва тобеъ кардани қудрат ба мардум буданд.

Дар ҷаҳони имрӯзаи ҷаҳонӣ, давлатҳо кафолати дахолат накардан ба иқтисод ва сиёсат, қобилияти назорат кардани марказҳо ва қудрати таъсири беруна ё қобилияти тобеъ кардани қудрати дохилиро ба мардум надоранд, зеро он аллакай аз ҷониби марказҳои идоракунии ҷаҳонӣ назорат карда мешавад. Аз ин рӯ, принсипҳои асосии рушд бояд беҳсозии рушди иҷтимоии ҷаҳонӣ ва асосноккунии стратегияҳо барои ворид кардани субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ бошанд. Бар асоси ин, метавон гуфт, ки равиши консептуалии сифатан нав барои омӯзиши раванди ҷаҳонишавӣ зарур аст, хусусан бо назардошти мутобиқати он бо рушди устувори ҷомеа. Рушди он дар асоси принсипҳои назариявӣ ва методологии равиши консептуалии системавӣ-синергетикӣ, ки бар парадигмаи синергетикии назарияи иқтисодии муосир ва таҳлили системаҳо асос ёфтааст, имконпазир аст.

Имконияти татбиқи ин консепсияро метавон бо инҳо асоснок кард: дастгоҳи методологии мавҷудаи назарияи иқтисодӣ қодир нест, ки моҳияти равандҳои динамикии иҷтимоӣ-иқтисодиро пурра равшан кунад. Дар натиҷа, илм вазифадор аст, ки барои рушди минбаъдаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ равишҳои назариявӣ ва эпистемологии радикалиро пайдо кунад. Тамаддуни муосир бо имкониятҳои бепоёни худ хатарҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст, ки ба зинда мондан ва рушди минбаъдаи инсоният таъсир мерасонанд. Ин зарурати объективии тағйироти куллиро дар ҳамоҳангиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ асоснок мекунад.

Ҷаҳонишавӣ як тамоюли таърихӣ ҳисобида мешавад. Дар шакли кунунии худ, онро бо таъсиси як модели ягонаи қутбӣ дар Ғарб баробар кардан мумкин аст, ки ҳадди аққал ғайриимкон ва дар ниҳоят бемаънӣ аст. Ҷаҳонишавӣ бояд бисёрҷанба бошад, яъне ҳам Ғарб ва ҳам Шарқ бояд дар асоси мутавозин ва баробар дар ин раванд шомил карда шаванд. Ҳамин тариқ, системаи синергетикӣ маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки якпорчагии муайянро ташкил медиҳанд ва дар раванди рушд бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Ба гуфтаи баъзе олимон, таъсири мутақобилаи унсурҳои алоҳида дар равандҳое, ки бо мурури замон рух медиҳанд, шакли "сохторҳои доимии ҷаҳонӣ"-ро мегирад [10, саҳ. 44–152]. Татбиқи равиши консептуалии системавӣ-синергетикӣ ба мо имкон медиҳад, ки хосиятҳои мушаххаси системаҳои мураккабро муайян кунем: аввалан, ғайрихаттии рушд, ки метавонад аз сабаби омилҳо ба монанди хусусияти бисёрвекторӣ ва пешгӯинашавандагии фаъолияти система, қобилияти худрушд, мавҷудияти муносибатҳои сабабу натиҷа ва таъсири муҳити беруна ба вуҷуд ояд; дуюм, қобилияти худрушди система, ки самти он аз ҷониби ҳолати дохилии он муайян карда мешавад.

Хулоса. Бар асоси гуфтаҳои боло, хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст. Воқеияти иқтисодӣ хеле гуногунҷанба аст ва суръати тағйирёбии он аз суръати таҳқиқот пештар аст, аз ин рӯ истифодаи таҳлили вазъиятӣ қонунӣ аст. Пайдо шудани шумораи зиёди падидаҳо ва равандҳои сифатан нави иқтисодӣ, ки онҳоро дар асоси қонунҳо ва қонуниятҳои анъанавӣ, ки аз ҷониби илми иқтисодӣ истифода мешаванд, шарҳ ва таҳлил кардан мумкин нест, истифодаи синергетикаро ҳамчун назария асоснок мекунад, ки рушди ҷаҳонӣ ва устувор ба мо имкон медиҳад, ки хулосаи зеринро барорем.

- ❖ Дар моҳияти равандҳо зиддиятҳо мавҷуданд. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ барои эҷоди фазои ягонаи иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани дастрасии бемамониат ба бозорҳо ва ба ҳадди аксар расонидани фоида равона карда шудааст; яъне ҷузъи иқтисодӣ бартарӣ дорад.
- ❖ Рушди устувор объективӣ аст, зеро он ба ноил шудан ба як ҳадафи умумӣ - пешгирии фалокати экологӣ, ки ба тамоми инсоният таҳдид мекунад, тобеъ аст.
- ❖ Ҳадафи асосии рушди устувор баробарӣ дар сифати зиндагӣ барои ҳар як шахс, новобаста аз миллат ё миллат аст. Ҷаҳонишавӣ дорои иерархияи возеҳ (се гурӯҳи кишварҳо) мебошад, ки раванди возеҳи эҷоди монеаҳо дар роҳ аз камбизоатгарин то гурӯҳи баландтарин мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҳалталаби соҳаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Махсусан, дар шароити имрӯза, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҷумҳурии мо шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ ва намудҳои мухталифи моликият ба вуҷуд омадаанд, инчунин корхонаву ташкилотҳои ин бахш афзун гардидаанд ва проблемаи мазкур ҳар замон аз мавҷудияти худ дарак медиҳад. Аз ин рӯ, тайёр намудани мутахассисони ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй барои муассисаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад ва ин проблема диққати ҷиддиро тақозо менамояд. Рушди босуботи иқтисодӣ дар Тоҷикистон соҳаи муҳими иқтисодӣ ба шумор меравад.

Адабиёт

1. Яковец, Ю. В. Глобализация и взаимодействие цивилизаций / Ю. В. Яковец ; Междунар. ин-т П. Сорокина – Н. Кондратьева. – 2-е изд., перераб. и доп. – М. : Экономика, 2003. – 411 с.
2. Белорус О. Г. Глобальное устойчивое развитие / О. Г. Белорус, Ю. М. Мацейко ; Киев. нац. экон. ун-т. – Киев : КНЭУ, 2006. – 488 с.
3. Білорус, О. Г. Стратегій економічного розвитку в умовах глобалізацій : монографія / О. Г. Білорус [та ін.] ; відп. Д. Г. Лук'яненко ; Київ. нац. ун-т економіки. – К. : КНЕУ, 2001. – 538 с.
4. Герст П. Сумніви в глобалізацій : пер. з англ. / П. Герст П., Г. Томпсон. – К. : К. І. С., 2002. – 306 с.
5. Глобалізація і безпека розвитку: монографія / Нац. акад. наук Украйни, Ін-т світовой економіки і міжнар. відносин, Київ. нац. екон. ун-т ; О. Г. Білорус [та ін.] ; кер. авт. кол., наук. ред. О. Г. Білорус. – К. : [Б. в.], 2001. – 734 с.

6. Глобальные трансформации и стратегии развития : монография / О. Г. Белорус [и др.]. – К. : Орияне, 2000. – С. 266.

7. Коллонтай, В. Западные концепции экономической глобализации / В. Коллонтай // Грани глобализации: Трудные вопросы современного развития / Горбачев М. С. [и др.]. – М., 2003. – 592 с. «ТРУД. ПРОФСОЮЗЫ. ОБЩЕСТВО» ИЮЛЬ—СЕНТЯБРЬ 2015. № 3 (49) 54 ECONOMICS 8. 9. 8.Лук'яненко, Д. Г. Економічна інтеграція і глобальні проблеми сучасності : навч. посіб. / Д. Г. Лук'яненко ; Київ. нац. екон. ун-т. - К. : КНЕУ, 2005. – 204 с.

8. Прыткин, Б. В. Глобальная экономика – ключ к самосохранению. Деятельность эколого-экономических систем / Б. В. Прыткин. – М. : ЮНИТИ-ДАНА, 2003.– 335с. 10.

9. Туниця, Т. Ю. Еколого-економічні засади моделі сталого розвитку / Т. Ю. Туниця // Стратегія розвитку України (економіка, соціологія, право). – 2004. – Вип. 3-4. – С. 740–744

10. Самандаров И.Х., Роль государства в формирован ии системы экономической безопасности сельского населения / И.Х.Самандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-эконо мических и общественных наук, № 2-11 (155). - С. 92-96., 2014

11. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва умумӣ. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.

12. Солеҳзода А.А. Назарияи таҳлили таъмини бехатарии озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули стратегияи он / Монография / А.А.Солеҳзода, И.С.Фасеҳзода / Душанбе "Ирфон"-2019, 190 саҳ.

13. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон барои давраи солҳои 2010-2015, Душанбе 2005, 84 саҳ.

14. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030, Душанбе 2016, 80 саҳ.

15. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий РТ) Душанбе, «Ирфон»-2009, 140 стр.

16. Фасихов И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности РТ). Монография / И.С.Фасихов.- Душанбе, «Ирфон»-2016.- 130 с.

17. Фасихов И.С., Дыйканбаева Т.С. Альтернативные стратегии развития системы продовольственной безопасности Журнала «Economics», № 8 (17), 2016, с.5-12.

18. Фасеҳзода И.С. Иқтисодиёти агросаноатӣ ва муносибатҳои бозорӣ / Васоити таълимӣ / Душанбе ДМИТ-2015, 304 саҳ.

19. Танзими давлатӣ дар иқтисоди миллӣ / Васоити таълимӣ / И.С.Фасеҳзода, М.И.Садриддинов, Б.Ҷ.Ҷурахонзода, А.Н.Нурализода/ Дунёи рангин 2021, 200 саҳ.

УДК: 336

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶТ ДАР СОЛҲОИ 2024-2025

Амонова Дилором Абдувахидовна
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки донишҷӯён, бинои 8, утоқи 603. Телефон: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

Низоми бонкӣ қисми тартибии иқтисодиёти кишвар буда, дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат нақши муҳим мебозад, махсусан дар рушди фаъолияти соҳибкории кишвар. Қайд кардан ба маврид аст, ки аз таҳлили вазъи низомии бонкии кишвар маълум мешавад, ки сол ба сол миқдоран ва сифатан хизматрасониҳои онҳо афзоиш ва беҳтар гардида истодааст, ки ин албатта, ҷараёни хӯб аст, вале имкониятҳои боз ҳам беҳтару хӯбтар намудани фаъолияти низоми бонкии кишвар мавҷуд аст, бояд аз ин имкониятҳо истифода хоҳад намуд. Дар Паёми навбатии худ (16.12.2025с) Пешвои миллат, Президенти кишвар вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро дар соли 2025 таҳлили ҳаматарафа намуда зарурияти такмили идоракунии низоми молияи давлатӣ, махсусан низоми бонкиро таъҷид намуданд ва мақомотҳои дахлдорро вазифадор намуданд, ки дар ҳамкори бо дигар вазорати идораҳои дахлдор ҷиҳати пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмиллалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо корбари намоянд, инчунин аз инмкониятҳои техналогии муосир рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ истифодаи низоми бонкӣ, хоҳад намуд. Дар баробарии ин ҳаҷми қарзҳои додашуда дар 10-солаи охир афзоиш ёфта ба 143 миллиард сомонӣ баробар гаштааст, вале ҳамагӣ 38%-и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест, бояд зиёд намуд. Қайд кардан зарур аст, ки аз таҳлили вазъи низоми бонкии кишвар дар солҳои 2024-2025 маълум гашт, ки бо баробари рушд, афзоиши миқдор ва сифати хизматрасонии низоми бонкӣ, инчунин то ҳол дар низоми бонкии кишвар баъзе муаамоҳо низ ҷой дорад, ки маҳз мақолаи илмии мазкур барои ҳалли муаммоҳои ҷойдоштаи соҳаи мазкур бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: бонк, идоракунӣ, сохтор, дороиҳо, маблағгузорӣ, сандуқ, стратегия, соҳибкорӣ, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, такмил, рушд, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, ташкилот, қарз.

АНАЛИЗ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В 2024–2025 Г.

Амонова Дилором Абдувахидовна
кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и страхование Таджикский национальный университет. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, студенчиский городок, корпус 8, комната 603. Телефон: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

Банковская система является неотъемлемой частью экономики страны и играет важную роль в ее социально-экономическом развитии, в частности, в стимулировании предпринимательской деятельности. Стоит отметить, что анализ банковской системы страны свидетельствует о росте объема и качества предоставляемых услуг в годовом исчислении — безусловно, положительная тенденция; однако сохраняются возможности для дальнейшего совершенствования работы системы, и эти возможности следует использовать. В своем недавнем обращении (от 16 декабря 2025 года) Лидер нации и Президент страны всесторонне проанализировал социально-экономическое положение государства в 2025 году. Он подчеркнул острую необходимость совершенствования управления системой государственных финансов — и в особенности банковским сектором — и поручил профильным ведомствам во взаимодействии с другими министерствами и службами обеспечить полную цифровизацию управления государственными финансами, а также внедрение международных стандартов финансового учета и отчетности для всех хозяйствующих субъектов, независимо от формы собственности. Кроме того, он дал указание использовать в банковской системе современные технологические возможности, такие как цифровизация и искусственный интеллект. В то же время объем выданных за последнее десятилетие кредитов вырос до 143 млрд сомони; однако на долю производственного сектора приходится лишь 38% этой суммы — показатель, который все еще недостаточен и требует увеличения. Важно отметить, что анализ банковской системы страны в период 2024–2025 годов свидетельствует о том, что наряду с ростом и качественным улучшением банковских услуг сохраняются определенные проблемы; данная исследовательская статья посвящена именно рассмотрению этих вопросов.

Ключевые слова: банк, управление, структура, активы, финансирование, фонд, стратегия, предпринимательство, цифровизация, искусственный интеллект, совершенствование, развитие, экономический, социальный, финансовый, организация, кредит.

ANALYSIS OF THE BANKING SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (2024–2025)

Amonova Dilorom Abduvakhidovna
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Finance and Insurance Department, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, studenchisky gorodok, building 8, room 603. Phone: (+992) 985399999. E-mail: damonova-2020@mail.ru.

The banking system is an integral part of the country's economy and plays a vital role in its socio-economic development, particularly in stimulating entrepreneurial activity. It is worth noting that an analysis of the country's banking system indicates year-on-year growth in the volume and quality of services provided—undoubtedly a positive trend; however, opportunities for further improving the system's operations remain, and these opportunities should be leveraged. In his recent address (dated December 16, 2025), the Leader of the Nation and President of the country comprehensively analyzed the state's socio-economic situation in 2025. He emphasized the urgent need to improve the management of the public finance system—particularly the banking sector—and instructed the relevant agencies, in coordination with other ministries and services, to ensure the full digitalization of public finance management, as well as the adoption of international financial accounting and reporting standards for all business entities, regardless of their form of ownership. Furthermore, he directed that modern technological capabilities—such as digitalization and artificial intelligence—be utilized within the banking system. Meanwhile, the volume of loans issued over the past decade has risen to 143 billion somoni; however, the manufacturing sector accounts for only 38% of this total—a figure that remains insufficient and needs to be increased. It is important to note that an analysis of the country's banking system during the 2024–2025 period indicates that, alongside the growth and qualitative improvement of banking services, certain challenges persist; this research article focuses specifically on examining these issues.

Keywords: bank, management, structure, assets, financing, fund, strategy, entrepreneurship, digitalization, artificial intelligence, improvement, development, economic, social, financial, organization, credit

Муқаддима. Дар давраи муосир рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, махсусан соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аз сиёсати молиявии давлатӣ вобаста мебошад. Бинобар ин маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва низоми бонкӣ амалӣ мегарданд.

Гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар ҳаёти иқтисодии кишвар ворид намудани дигаргуниҳои чиддии назаррасро ба миён овард. Дар чунин шароит рушди иқтисоию иҷтимоии кишвар то андозаи муайян аз ташаккул ва рушди низоми молиявию бонкӣ вобаста мебошад, ки он дар навбати худ бо баробари рушди муносибатҳои иқтисодии ҷамъият рушд ёфта заруратӣ давра ба давра ислоҳоти молиявию қарзиро ба миён меоварад, яъне дар низоми бонкии кишвар низ, соҳибкорӣ талаботи аҳолӣ ва соҳибкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ сол ба сол афзоиш ёфта заруратӣ тағйирёбии сохтори низоми бонкии кишварро ба миён меорад.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сратегияи миллии рушди иқтисодии кишвар нақши низоми бонкӣ, беқиёс мебошад. Бинобар ин рушди низоми бонкӣ таъмини маблағгузорӣ ба соҳибкорон ва аҳолии кишвар зарур мебошад, такмил ва рушд дод.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳлили мақола методҳо ва усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, масъалаи вазъи низоми бонкии ҶТ дар солҳои охир мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Муаллифҳо дар таҳқиқоти худ масъалаи тағйирёбии вазъи низоми бонкии кишвар, махсусан миқдоран ва сифатантағйирёбандаи онҳо, беҳтар шудани хизматрасонии низоми бонкӣ афзоиши қарзҳои додашудаи онҳо ва нуқсонҳое, ки дар ин соҳа то ҳол ҷой доранд, инчунин муайян кардани сабабҳо ва омилҳои таъсирбахши муаммоҳои ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шудааст.

Фарзияи тадқиқот аз он иборат аст, ки ҳангоми рушд ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти низоми бонкии кишвар динамика ва рушди иқтисодиёт таъмин мегардад, махсуан соҳибкории хурду миёнаи рушдёфта, ки он барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, пастшудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва пайдошудани ҷойҳои кории иловагиро хоҳад таъмин намуд.

Илова бар ин, муаллифҳо пешниҳод мекунанд, ки барои такмил ва рушди низоми бонкии кишвар, омили муҳим-омили инсонӣ аст. Бинобар ин зарурати баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ, махсусан кормандони низоми бонкию молиявӣ, бинобар ин БМТ зарур аст, ки барои ҳалли ин масъала чорабинии он хешро бояд андешид.

Натиҷаҳо. Иқтисодиёти кишвар, махсусан низоми бонкии он бар замми, мувафаққиятҳои ноилгашта, инчунин як қатор масъалаҳои ҳалталаб ҷойдорад, инчунин таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар низ бояд дар мади назари Ҳукумати ҶТ қарор гирад. Рушди низоми бонкии кишвар барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии аҳолии кишар, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва такмили бозори истеъмолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва пайдо кардани ҷойҳои кории нав равона гаштааст. Дар ҳалли муаммоҳои ҷойдоштаи низоми бонкӣ ва бартараф кардани мушкилотҳои ҷой дошта, нақши давлат, махсусан БМТ дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдорӣ молиявию қарзии кишвар мукаммал ҷой дода шудааст.

Аммо, гурӯҳи олимон ақида доранд, ки барои рушд ва идораи самарабахши низоми бонкӣ зарурати давра ба давра паст кардани фоизи он то ҳадди ниҳоӣ, ки ақида ин ҳалли масъалаи мазкур нест, чунки аксари фаъолияти низоми бонкӣ-фаъолияти соҳибкорӣ аст, ки он бобаробари пӯшонидани хароҷотҳои худ, инчунин барои таъмини даромади буҷет ва рушди соҳа, зарурияти ҳавасмандии онҳо доир ба таъмини фоидаи муайян,хоҳад таъмин гашт.

Оиди ин масъала олимони тоҷик низ иброзу этибор намудаанд. Яке аз онҳо Ҳикматов У.С. – д.и.и.,профессор мебошад, ки дар адабиёту мақолаҳои худ қайд мекунад, ки маблағгузорӣ намудан ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, махсусан соҳибкории хурд, инфироди ва аҳолии камбизоат дар замоне, ки низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ) ба ин намуд мизоҷон ҳамкори кардан намехостанд ва ё ба онҳо боварӣ надоштанд, валедар охир самаранокии ин намуд ҳамкории қарзӣ ба тамоми дунё исбот намуд, ки қобили қабул

аст. Тасаввурот ва муносибати миллионҳо нафаронро ба маблағгузории хурди низоми бонкӣ куллан тағёир дод. Зеро, барои ҳар як субъектҳои иқтисодиёт дар самти иқтисодӣ-молиявӣ кумаки молиявии низоми бонкӣ зарур буда, новобаста аз манбаъи маблағгузоршавандаи он аз ин намуди хизматрасонӣ истифода менамояд ва хоҳад истифода намуд.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи низоми бонкии кишвар дар солҳои охир, муаммоҳои ҷойдоштаи соҳа ошкор гардида, роҳҳои такмил ва бартараф намудани онҳо ва инчунин ба дастовардҳои назарраси сол ба сол кардани шумораи низоми бонкӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии онҳо дар асоси истифодаи техналогияи муосири рақамикунонии соҳа ва бо пурраги истифодаи онҳо ва зиёд кардани ҳаҷми қарзи низоми бонкӣ, махсусан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи саводнокии кормандони соҳа ва ғайра, ки ҳалли ин масъалаҳо сабаби рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардуми кишвар хоҳад гашт.

Низоми бонкӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нақши хоса дорад, махсусан дар рушди фаъолияти соҳибкоӣ. Бинобар ин, низоми бонкии кишвар дар таҳти назорати давлат қарор дошта барои рушди онҳо дастгирии ҳаматарафа пешбинӣ ва расонида мешавад, то ки вазъи низоми бонкии ҶТ давра ба давра такмил ва рушд ёбад.

Қайд кардан зарур мебошад, ки дар ҷалласаи навбатии васеи Ҳукумати ҶТ, ки дар моҳи январи соли 2025 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2025 муфассал барррасӣ гардида, вазифаҳои асосии барои соли 2026 муайян кардакушданд, аз ҷумла вазифаи низоми бонкии кишвар.

Инчунин, зарурати такмили идоракунии низоми бонкиро тавсия намуданд, ки вазоратҳои молия, Рушди иқтисод ва савдо, БМТ ва кумитаи андоз вазифадор карда шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати гузориши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ ҷорӣ намудани стандартҳои байналмиллаии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбари намоянд.

Илова бар ин қайд карда шуд, ки дар 10-соли охир қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ 143 миллиард сомониро ташкил дод, вале ҳамаги 38%-и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳануз кофӣ нест [3:5]

Аз маълумотҷои тақдимшаванда омори БМТ маълум мешавад, ки вазъи низоми бонки ҶТ сол аз сол ба беҳбудӣ майл дошта, рушд ёфта истодааст, яъне ҳам миудори низоми бонкӣ ва ҳам ҳаҷми қарзҳои додашуда афзоиш меёбад, ки он яке аз сабабҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, махсусан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Чӣ хеле, ки аз омри БМТ маълум мешавад, дар қаламрави ҶТ ба ҳолати 31 декабри соли 2025 18 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 26 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, 2 адад ташкилоти қарзии хурд ва 22 адад фонди қарзи хурд фаъолият менамоянд. [5:12]

Дар давраи аз 31.12. соли 2025 ба 3 адад бонк –ҶСП “Ҳумо Бонк”, ҶСП “Васл Бонк”, ҶСП Бонки “Имон Интернешнел” ва 6 адад ТАҚХ – ҶДММ ТАҚХ “Ганҷи молия”, ҶСП ТАҚХ “Оксус”, ҶСП ТАҚХ “Капитал траст” ва ҶДММ ТАҚХ “Пулсар” иҷозатнома дода шуд. Инчунин иҷозатнома ФҚХ “сарпараст” бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ аз эътибор сокит дониста шуд.

Бояд қайд кард, ки дар низоми бонкии кишвар намояндагии 1 бонки хориҷӣ (ҶСММ “Бонки кишоварзии Чин”) фаъолияти худро пеш бурда истодааст. Илова бар ин, берун аз қаламрави ҶТ намояндагиҳои ҶСК “Ориёнбонк” дар Аморати Мутаҳидаи Араб (ш.Дубай), Шоҳигарии Мутаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ (ш.Лондон), Ҷумҳурии Корея (ш.Сеул), Ҷумҳурии Халқии Хитой (ш.Пекин) ва намояндагии КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар Федератсияи Руссия (ш.Масква) фаъолият менамоянд.

Ҳамин тавр, шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ 1960 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба 32 адад зиёд мебошад, ки онро аз ҷадвали 1 дидан мумкин.

Ҷадвали 1. Сохтори низоми бонкии ҶТ дар солҳои 2024-2025 (адад)

Сохтор	31.12.2024	31.12.2025	Тағйирот (+,-)
1.Ташкилотҳои қарзии молиявӣ(хамагӣ)	65	69	+4
1.1.Бонкҳо	16	19	+3
1.1.1.Бонкҳои анъанавӣ	15	18	+3
1.1.2.Бонкҳои исломӣ	1	1	-
1.2.Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ	1	-	-1
1.3.Ташкилотҳои маблағгузории хурд	48	50	+2
1.3.1. Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд	22	26	+4
1.3.2. Ташкилотҳои қарзии хурд	3	2	-1
1.3.3.Фондҳои қарзии хурд	23	22	-1
2. Воҳиди сохтории ТҚМ (ҳамагӣ)	1928	1960	+32

Сохтор	31.12.2024	31.12.2025	Тағйирот (+,-)
2.1. Филиалҳо	344	360	+16
2.1.1. Равзанаи бонки исломӣ	3	3	-
2.2. Марказҳои хизматрасонии бонкӣ	1235	1385	+150
2.3. Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд	-	-	-
2.4. Воҳидҳои Сайёр	3	3	-
2.5. Нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ	6	13	+7

Манбаъ: Блютени оморӣ бонкӣ 31.12.2025. www.nbt.tj. С.1-2

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали 1 маълум мешавад, ки дар соли 2025 маблағи 58242,1 млн сомонӣ ё 24,8 млн сомонӣ ё 22,2% афзоиш ёфтаанд, ки ин асосан аз ҳисоби зиёдшавиии бақияи сандуқи қарзӣ ва ҳисобҳо барои гирифтан аз БМТ ба амал омадааст. [5:23]

Бақияи сандуқи қарзии ТҚМ дар соли ҳисоботӣ маблағи 26119,4 млн. сомонӣ буда, ки нсбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба маблағи 474,7 млн. сомонӣ ё 22,2% зиёд мебошад, ки ин аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеъи ба соҳибкорони хурду миёна, соҳаи тиҷорату савдо ба амал омадааст. [4:1,2]

Бояд зикр намуд, ки ҳиссаи қарзҳои ғайри фаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ яке аз нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ буда он фаъолияти босуботи ташкилотҳои қарзю молиявиро инъикос менамояд. мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат қарзҳои ғайрифаъол қарзҳое мебошад, ки аз 30 рӯз зиёд батаъхир афтодаанд, вале дар таҷрибаи байналмилалӣ вобаста ба ин, ба санаи 31.12 соли 2025 қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 90 рӯз батаъхирафтода) маблағҳои 848,1 млн сомонӣ ё 3,2%-и сандуқи қарзии маҷмӯиро ташкил дод, ки нисбати соли 2024 ба андозаи 1,13 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Чӣ хелеле, ки аз ҳисоботи солонаи роҳбари БМТ маълум гашт, ки аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 1079,1 млн. сомонӣ фонди пӯшониданӣ талафоти имконпазир ташкил карда шудааст, ки нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давра соли 2024 ба 25,6 банди фоизи зиёд мебошад. [5:24]

Бояд зикр намуд, ки бо баробари афзоиш ёфтани миқдори ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, инчунин ташкилотҳои маблағгузории хурд низ рушдёфта истодааст, ки он дар ҷадвали 1 ифода ёфтааст, яъне дар солви 2024 ташкилотҳои маблағгузории хурд 48 воҳидро ташкил дода бошад, дар соли 2025 шумораи онҳо ба 50 воҳид баробар гашт, ки нисбати соли 2024 ба 2 адад зиёд ё 4,1% зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки афзоиши ташкилотиҳои маблағгузории хурд ба монанди бонкҳо, дар рушди иҷтимоӣ-иктисодии кишвар нақши хоса, доранд махсусан дар рушди соҳибкории хурду миёна.

Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҶТ нишон дод, ки дар байни маҷмӯи хизматрасониҳое, ки татбиқи онҳо ба ташкилотҳои маблағгузории хурд иҷозат дода шудааст, қарздиҳии хурд мавқеи асосиро дорад. Аз таҳлили нишондиҳадаҳои сохтори низомии бонкии ҶТ (Ҷадвали 1) маълум гашт, ки миқдори онҳо дар соли 2025 ба 1 адад кам гаштааст, нисбати соли 2024.

Шояд, сабаби камгаштани ташкилотҳои қарзии хурд дар соли 2025 ба рақобат тоб оварда натавонистани он бошад.

Ҳамин тавр, ташкилотҳои қарзии хурд мавқеи асосиро дар рушди сощибкории хурду миёна дорад, ки ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки қарздиҳии хурд яке аз хизматрасониҳои серталаби ащолии кишвар буда, ба он аҳолӣ талаботи зиёд дорад, ки моҳиятан ба як самти нави муносибатҳои қарзӣ табдил ёфтааст. [7:47]

Бояд зикр кард, нақши қарзи хурд дар муваффақияти умумии маблағгузории хурд муҳим аст, зеро он ба рушди соҳибкории хурд мусоидат мекнад, ки дар навбати худ манбаи асосии таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мебошад. Бинобар он, ба ацидаи мо рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд ба сиёсати имрӯзаи молиявии давлат мусоидат мекунад.

Бояд зикр намуд, ки бо баробари афзоиши миқдори низоми бонкии ҶТ, ки он дар ҷадвали 1 акс ёфтааст, инчунин сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶТ ба беҳбудӣ майл дорад, ки онро аз ҷадвали 2 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶТ дар солҳои 2024-2025.(млн. сомонӣ)

Гурӯҳбандии қарзҳо	31.12.2024	31.12.2025	Тағйирот (+,-)
Ҳамаги(маҷмӯӣ), аз ҷумла:	21377,7	26119,4	+4741,7
Фаъол	20441,2	25271,3	+4830,0
Ғайрифаъол	936,4	848,1	-88,4
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол	4,4%	3,2%	-1,13%
Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол (холис)	-0,1%	-0,9%	-

Сарчашма: Ҳисоботи расмии Раиси БМТ доир ба вазъи низоми бонкии ҶТ ба санаи 31.12.2025 с.3

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки ҳаҷми қарзҳои фаъол дар соли 2025 (25271,3 млн.сомонӣ) нисбат ба соли 2024 (20441,2 млн.сомонӣ) ба маблағи 4830,0 млн.сомонӣ зиёд гашта, вазни

қиёсии он дар ин давра 3,2%, ки нисбати соли 2024 ба 1,13% (4,4%-3,2%) паст рафтааст, ки он сабаби афзоиш ёфтани қарзи фаъол гардидааст. [5:23]

Бояд қайд кард, ки дар ин давра уҳдадориҳои қарзии молиявӣ нисбати соли 2024 барзиёд иҷро гардидааст. Инак, аз Блютени оморӣ БМТ моҳи декабри соли 2024-2025 №353,365 маълум гашт, ки уҳдадориҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботи 47925,6 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давра соли 2024 ба маблағи 9411,2 млн. сомонӣ ё 24,4% барзиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки афзоиш мазкур асосан аз ҳисоби амонатҳо ва ҳисобҳо барои пардохт ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҶТ зиёд шуданд. [5:24]

Бояд зикр кард, ки амонатҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботи 33895,2 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба маблағи 8365,3 млн. сомонӣ ё 32,8% афзоиш ёфтананд, ки ин ҳолат ба ақидаи мо ба беҳбудӣ майл доштани амонатҳои ташкилотҳои қарзю молиявиро арзёбӣ намудан мумкин аст. [5:24]

Чи хеле, ки аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 маълум гашт сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2025 ба 11316,5 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбати ҳамин давраи соли 2024 ба 2352,9 млн. сомонӣ ё 26,2%, -ро ташкил дод, ба ақидаи мо афзоиш асосан аз ҳисоби захира барои амалиётҳои ояндаи бонкӣ ва фоидаи соли ҷорӣ таъмин шудааст. [5:24]

Қайд кардан ба маврид аст, ки афзоиши сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзӣ молиявӣ ба ақидаи мо асосан аз ҳисоби афзоиши фоидаи софи онҳо таъмин гаштааст, ки он шаҳодат ба беҳбудӣ рӯ овардани натиҷаи молиявии низоми бонкии кишвар дахолат медиҳад.

Ҳамин тавр, натичаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2025 маблағи 2318,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024 ба маблағи 1072,5 млн. сомонӣ ё ба андозаи 86,1% зиёд бо фоида ҷамъбаст гардидааст. [5:24]. Ин нишондиҳандаҳо аз рушд ва беҳтар шудани фаъолияти молиявии низоми бонкии ҶТ дарак медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар ин давра-санаи ҳисоботӣ нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутаносибан ба 3,91% ва 20,48% баробар гардидаанд, яъне дар соли 2025 нисбати соли 2024 даромаднокии дороиҳо ва сармояи онҳо 16,57% (20,48-3,91) зиёд таъмин гаштааст, яъне ин нишондиҳанда сабаби сол ба сол беҳтар шудани ҳолати молиявии низоми бонкии кишвар мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, бо баробари беҳтар шудани уҳдадориҳо ва сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявии ҶТ дар ин давра, инчунин натиҷаи фаъолияти молиявии онҳо рӯ ба беҳбуди майл дорад. Инак, дар санаи 31 декабри соли 2024 маблағи 1245,6 млн, сомониро ташкил дода нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 246,2 млн сомонӣ ё андозаи 24,6% зиёд ба фоида ҷамъбаст гардидааст. Инчунин дар ин давра нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутаносибан ба 2,62% ва 13,9% баробар гардиданд, ки ҳолати низоми бонкии кишварро қаноатманд ҳисобидан мумкин аст.

Дар соли 2025 натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ маблағи 2318,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024 ба маблағи 1072,5 млн. сомонӣ ё ба андози 86,1% зиёд бо фоида ҷамъбаст гардидааст, даромаднокии дороиҳо ва сармояи низоми бонкии кишвар мутаносибан ба 3,91% ва 20,48% баробар гардидааснд, ки ҳолати низоми бонкии кишварро қаноатманд ҳисобидан мумкин аст. [5:23,24].

Муҳокима. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар БМТ ба сифати мақомоти татбиқкунандаи сиёсати пулию қарзӣ ба мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар самти васеъ намудани доираи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию қарзӣ, инчунин, саривақт ва босифат пешниҳод намудани онҳо корҳои муайянро анҷом дода истодааст, ки натиҷаи онҳоро, алакай мо дар боло қайд карда гузаштем.

Бояд гуфт, ки бо инн мақсад раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи миллии фарогирии молиявию қарзии кишвар барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 июли соли 2022 тасдиқ гардид дар мақомоти низоми қарзӣ-молиявӣ, махсусан БМТ назорати доимӣ қарор дошта, иҷрои он зина ба зина таъмин гашта истодааст, аз чумла барои ноил гаштан ба мақсадҳои стратегияи миллии фарогирии молиявӣ (қарзӣ) сохтори идоракунӣ таъсис дода шудааст, ки он дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои стратегияи мазкур мусоидат менамояд, ки он аз доираи васеи масъалаҳои фаро гирифттани Стратегияи мазкур шаҳодат медиҳад. [9:50]

Бояд қайд кирд, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимой-иқтисодӣ стратегияи миллии рушди кишвар, нақши низоми бонкии ҶТ бе қиёс мебошад.

Аз ин рӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як Паёми навбати худ, махсусан дар Паёми навбатии охирин (16.12.2025с) бо баробари рушди соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ, фаъолияти соҳибкорӣ инчунин, рушди низоми молиявию бонкии ҶТ диққати махсус дода, қайд намуданд ки он барои рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимои воқеии кишвар шароити мусоиди молиявию қарзӣ фароҳам хоҳад оварда. Инчунин дар Паёми мазкур, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026-2030 ҳамчун марҳилаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид, амалишавии саривақтӣ ва сифатноки он имконият медиҳад, ки дар 5-соли оянда ҳаҷми ММД ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10% кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50% зиёд гардид.

Албатта, қайд кардан лозим аст, ки ин ҳамаи чорабиниҳои давлат маҳс ба хотири таъмини рушд ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии кишвар, махсусан низоми бонкии кишвар мусоидат мекунад.[12:21].

Дар ин давра рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7%, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи саноат 20%, кишоварзӣ 8,4% ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 11,7% афзоиш меёбад. Соли 2025 ММД кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расид, суръати рушди воқеии он 8,4%-ро ташкил дод. дар баробари ин, суръати рушди иқтисоди миллиро дар соли 2026 на кам аз 8% ва солҳои минбаъда низ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таъмин намем, қайд карданд Пешвои миллат. [3:2].

Бояд зикр намуд, ки ба ақидаи мо дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар бо баробари буҷети давлатӣ, инчунин молиявии низоми бонкӣ нақши муҳим мебозад.

Бинобар ин, қайд кардан зарур аст, ки дар баробари маблағгузории буҷетӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ, фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва дигар субъектҳои хоҷагидории кишвар, инчунин маблағгузории низоми бонкӣ (молиявию қарзӣ) нақши муҳим мебозад ва хоҳад бозид. Бинобар ин, таъмини рушд ва низоми бонкӣ дар ҶТ яке аз омилҳои муҳими ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, ки зарурияти, такмил ва рушд додан ин соҳа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар 10-соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои аз тарафи низоми бонкӣ додашуда 143 миллиард сомониро ташкил дод, вале ҳамагӣ 38,0%-и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест, қайд карданд Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Пайёми навбатии худ. [3:5].

Ба ақидаи мо БМТ ва ташкилотҳои молиявию қарзи кишвар зарур аст, ки чорабиниҳои хешро доир ба ҷалби сармояи хориҷиро, зиёд намуда, пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолии хурду миёна тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ намоянд, ба мақсад мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, чӣ хеле, ки дар боло зикр карда шуд, вазъи низоми бонкии ҶТ дар солҳои 2024-2025 ба беҳбуди майл дорад, яъне натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар давраҳои ҳисоботи (санаи 31.12.2024) фоида ба маблағи 1245,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба маблағи 246,2 млн сомонӣ ё ба андозаи 86,1% зиёд фоида ҷамъбаст гардид, ки он такмил ва рушди низоми молиявию бонкии кишварро ифода мекунад. Инчунин ба ақидаи мо беҳтар шудани фаъолияти молиявии низоми бонкии кишвар дар 2-соли охир, шояд истифодаи техналогияи муосири молиявию бонкӣ бошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо баробари БМТ, инчунин, ташкилотҳои молиявӣ қарзӣ (бонкӣ) дар амалишавии татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ҳиссаи худро гузаорнида истодааст ва хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, дар асосои таҳлили комплексии вазъи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ, ба ақидаи мо, рушд ёфтани хизматрасониҳои молиявию қарзӣ, ки он яке аз самтҳои татбиқи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ мебошад, ки аз ҳама муҳимаш барои низоми бонкӣ-ин беҳтару хубтар намудани сифти хизматрасонии бонкӣ, ҷорӣ намудани намудҳои гуногуни хизматрасониҳои бонкии муосир, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, васеъ истифода бурдани зеҳни сунъӣ, гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молиявии давлатӣ, ҷори намудани ва истифода бурдани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайра тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳамзамон қарзҳои низоми бонкиро зиёд намуда, дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ аз аҳамият холи нест.

Таҳлилҳои вазъи молиявии низоми бонкии кишвар дар солҳои охир нишон медиҳад, ки фоидаю даромаднокии онҳо сол ба сол ба беҳбуди майл дорад, вале ин сатҳи натиҷаҳои молиявии низоми бонкӣ сатҳи ниҳоӣ нест, ҳоло захираи истифода беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва натиҷаи молиявии онҳо хеле зиёд мебошад, бояд таъмин намуд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз омилу самтҳои муҳими таъмини фарогирии молияаӣ, саводнокии молияваии аҳолӣ, махсусан кормандони низомӣ бонкии кишвар ба ҳисоб рафта, ки тавассути он аҳолии кишвар ва кормандони ташкилотҳои молиявай-қарзӣ дорои рушду малакаи дониши молиявӣ гардида, аз усулу услубҳои муоссир истифодабарии муносибатҳои молиявию қарзӣ захираҳои молиявии ташкилотҳои мазкур самарбахш истифода намуда ин онҳо, барои беҳтар намудани сифати фаъолияти молияваю қарзии онҳо, ҳиссаи назаррас хоҳадгузошт. Инчунин дар такмили ихтисоси касбии молиявию қарзии худ кӯмак расоннида, дар дор беҳтару хубтар иҷро намудани вазифаи худ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва беҳтар гардидани натиҷаи молиявиии онҳо, албата, ҳиссаихудро мегузорад ва хоҳад гузошт.

Ҳамин тавр, саводнокии молиявӣ, ин маъмӯи маълумотҳои асосӣ дар соҳаҳои молия, фаъолияти бонкию қарзӣ, суғуртакунӣ, ва инчунин буҷетикунонии маблағҳои шахсӣ, ки ба шахс имконият медиҳад, ки то маҳсулоти зарурии молиявиро хизматрасониҳои дуруст интихоб карда, оқилона баҳодиҳӣ намояд, хавфҳоро дар рафти истифодаи онҳо бамиён омадаро ба зимма гирад, самаранок пасандозҳоро ҷамъоварӣ намояд ва тавонад амалиётҳои шӯбҳанок ва дорои хусусияти қаллобидоштаро муаяйн намояд ва дуруст идора намудани захираҳои пулӣ ба он асос ёфтааст. [8:8].

Бояд зикр намуд, ки то ҳол дар бисёр субъектҳои низоми бонкӣ кадрҳои замонавии муосир намерасад, ки он яке аз муаммоҳои соҳаи низоми молиявию қарзии кишвар ба ҳисоб меравад, ки онро бояд ҳалу фасл намуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 бо мақсади таҳкими иқтидори захираҳои инсонии ташкилотҳои молиявию қарзӣ, таҳия намудани барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он давра ба давра амалӣ

гашта истодааст, ки ин ҳам яке аз омилҳои муҳими беҳтар шудани вазъи низоми бонкии кишварро арзёбӣ намудан мумкин.

Ба ақидаи мо, ки аз таҷрибаи тулонии худ ва маълумотҳои омории БМТ маълум гашт, ки омили муҳим-омили инсонӣ дар рушду равнақу беҳбудии иқтисодию молиявии низоми бонкии кишвар, ба ҳисоб меравад. Чунки инсон-ин мутахассиси соҳаи гуногуни иқтисодиёт ба ҳисоб рафта аз сатҳу сифату малакаи касбии онҳо бевосита вобаста вазъи молиявии давлат, алалхусус низоми бонкии кишвар мебошад.

Вобаста ба ин Пешвои миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалии Раҳмон дар Пайёми навбатии худ (16.12.2025) қайд карданд, ки имрӯз моро зарур аст, ки раванди идораккунии давлатиро бо истифода аз техналогияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем. [3:3].

Қайд кардан зарур аст, ки дар рушди низоми бонкии кишвар, нақши БМТ беқиёс мебошад. Бинобар ин Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии он зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, беҳтар кардани миқдору сифати пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои зарурии хешро роҳандозӣ намоянд, ба мақсад мувофиқ мебуд.

Хулоса. Дар охир, аз таҳлилҳои вазъи низоми бонкии кишвар дар ду соли охир ба чунин хулоса омада, роҳҳои боз ҳам беҳтар намудани вазъи фаъолияти онҳо, тавсияҳои илмии зеринро пешниҳод карда мешвад:

-бо пуррагӣ истифода ва рушди теханалогияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар иқтисодиёти кишвар, махсусан дар соҳаи низоми бонкӣ;

-баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониинизоми бонкӣ, бо истифода аз техналогияи муосир;

-давра ба давра зиёд кардани миқдор ва сифати хизматрасонии низоми бонкӣ,

-такмили баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ, махсусан кормандони соҳаҳои низоми бонкӣ;

-беҳтар намудани сатҳ ва дараҷаи дастгирии соҳибкорон, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ аз тарафи низоми бонкӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузории онҳо;

-барои афзоиш додани ҳаҷми қарз ва қарзи арзони дарозмӯҳлат фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад, ба мақсад мувофиқ мебуд;

-то қадри имкон паст кардани фоизи қарзҳо барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва соҳибкорони истеҳсолӣ;

Агар пешниҳодҳои илмии зикр гашта амалӣ карда шаванд, онгоҳ кафолати беҳтар шудани вазъи молиявию иқтисоди низоми бонкии кишвар, хоҳад таъмин гашт.

Адабиёт

1. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 май моли 2019. -Душанбе,2019
2. Қонуни ҶТ “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” аз 16 апрели соли 2021, -Душанбе,2021.
3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.2.2025с, с2-5.
4. БТМ. Блютени оморӣ бонкӣ www.nbt.tj аз 31.12.2025с. с1-2.
5. БМТ. Оморӣ бонкӣ, декабр(365) с.2024.с.23.
6. Ҳикматов С. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии бонкии ҶТ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар//Ҳикматов С, Маҳмадризоиён С.Ҳ.с.107-112.
7. У.С.Ҳикматов. Маблағгузории хурд.(вос.таъл). –Душанбе 2023с.47.
8. Саводнокии молиявӣ (вос.таъл).-с.8.
9. Паёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимои-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ соли 2024.№4. қисми II.с.50.
10. Стратегияи миллии фарогирии молияви ҶТ барои солҳои 2022-2026-Душанбе,2022.с.1-15;
11. Ҳисоботи раиси БМТ.аз 31.12 соли 2025. Доир ба вазъи низоми бонкии ҶТ ба санаи 31.12 соли 2025 Душанбе 2025.
12. Стратегияи миллии рушди иқтисодиёти кишвар то давраи сли 2030. Душанбе 2016,с.16-21.

УДК: 338.24:061.2:330.131.7

НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТӢ ДАР ТАҲКИМИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ ТАКОНҲОИ ҒАЙРИИҚТИСОДӢ

Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик
доктор PhD, муаллими калони кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон.: 985-09-82-89. E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ТҒТ) дар низоми таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ, аз ҷумла пандемияҳо, офатҳои табиӣ, муноқишаҳои мусаллаҳона ва муҳоҷирати маҷбурӣ бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи созмонҳои байналмилалӣ, роҳҳои асосии таъсири зарбаҳои ғайрииқтисодӣ ба амнияти иқтисодӣ муназзам гардида, гурӯҳбандии вазифаҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ТҒТ) вобаста ба марҳилаҳои рушди таконҳо - марҳилаи пешгирикунанда, марҳилаи шадиди буҳронӣ ва марҳилаи барқарорсозӣ пешниҳод шудааст. Муайян гардид, ки бахши ғайритиҷоратӣ вазифаҳои ҷубронкунанда, иттилоотию огоҳсозӣ ва миёнаравии институтсионалиро иҷро намуда, харочоти мутобиқшавии хоҷагиҳои хонаводагӣ, субъектҳои соҳибкории хурд ва мақомоти давлатиро ба таъсири таконҳои ногаҳонии ғайрииқтисодӣ коҳиш медиҳад. Дар натиҷа, тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои институтсионалии ҳамгироии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба низоми миллии таъмини амнияти иқтисодӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, бахши сеюм, таконҳои ғайрииқтисодӣ, пандемия, офатҳои табиӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, идоракунии зиддибуҳронӣ, устуворӣ, кумакҳои башардӯстона.

РОЛЬ НЕКОММЕРЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ В УКРЕПЛЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ НЕЭКОНОМИЧЕСКИХ ШОКОВ

Хакимзода Матлабшох Абдумалик
доктор PhD, старший преподаватель кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Тел.:985-09-82-89, E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru

Статья посвящена исследованию роли некоммерческих организаций (НКО) в системе обеспечения экономической безопасности в условиях неэкономических шоков, включая пандемии, стихийные бедствия, вооружённые конфликты и вынужденную миграцию. На основе анализа отечественной и зарубежной научной литературы, нормативно-правовых актов, а также материалов международных организаций систематизированы основные направления воздействия неэкономических шоков на экономическую безопасность и предложена классификация функций некоммерческих организаций (НКО) в соответствии с этапами развития шоков: превентивным, кризисным и восстановительным. Установлено, что некоммерческий сектор выполняет компенсаторную, информационно-сигнальную и институционально-посредническую функции, способствуя снижению издержек адаптации домохозяйств, субъектов малого предпринимательства и государственных органов к воздействию внезапных неэкономических шоков. По результатам исследования разработаны научно обоснованные рекомендации, направленные на совершенствование институциональных механизмов интеграции некоммерческих организаций в национальную систему обеспечения экономической безопасности.

Ключевые слова: экономическая безопасность, некоммерческие организации, третий сектор, неэкономические шоки, пандемия, стихийные бедствия, гражданское общество, антикризисное управление, устойчивость, гуманитарная помощь.

THE ROLE OF NON-PROFIT ORGANIZATIONS IN ENHANCING ECONOMIC SECURITY IN THE CONTEXT OF NON-ECONOMIC SHOCKS

Hakimzoda Matlabshokh Abdumalik
Doctor of Philosophy (PhD), Senior Lecturer, Department of International Financial and Credit Relations, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Tel.: 985-09-82-89, E-mail: Hakimov_M_A@mail.ru

This article examines the role of non-profit organizations (NPOs) in the system of economic security under conditions of non-economic shocks, including pandemics, natural disasters, armed conflicts, and forced migration. Based on an analysis of domestic and international academic literature, legal and regulatory documents, and publications of international organizations, the study systematizes the main channels through which non-economic shocks affect economic security and proposes a classification of the functions of non-profit organizations according to the stages of shock development: prevention, crisis response, and recovery. The findings demonstrate that the non-profit sector performs compensatory, informational-signaling, and institutional intermediary functions, thereby reducing the adaptation costs of households, small businesses, and public authorities in response to sudden non-

economic shocks. The study also formulates evidence-based recommendations aimed at improving the institutional mechanisms for integrating non-profit organizations into the national economic security system.

Keywords: economic security, non-profit organizations, third sector, non-economic shocks, pandemic, natural disasters, civil society, crisis management, resilience, humanitarian assistance.

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ на танҳо ҳамчун ҳифзи низоми иқтисодӣ аз таҳдидҳои анъанавии молиявӣ ва истеҳсолӣ, балки ҳамчун қобилияти мутобиқшавии ҷомеа ва давлат ба таъсири омилҳои ғайрииқтисодӣ низ аҳаммияти стратегӣ пайдо менамояд. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки пандемияҳои глобалӣ, офатҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим, муноқишаҳои мусаллаҳона ва равандҳои муҳоҷирати маҷбурӣ метавонанд ба фаъолияти иқтисодӣ таъсири амиқ расонида, занҷираҳои таъминотро халалдор созанд, сатҳи бекорӣ ва камбизоатиро афзоиш диҳанд, фишорро ба буҷети давлатӣ зиёд намоянд ва устувории иҷтимоию иқтисодии кишварҳоро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, таҳкими механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти иқтисодӣ табдил ёфтааст.

Мавриди ба зикр аст, ки дар низоми нави таҳдидҳои мураккаб танҳо имкониятҳои сохторҳои давлатӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои буҳронҳо кофӣ нестанд. Дар ин раванд нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус ТҒТ, ҳамчун унсури муҳимми таъмини устувории иҷтимоию иқтисодӣ афзоиш меёбад. ТҒТ на танҳо ҳамчун таъминкунандагони кумакҳои башардӯстона фаъолият мекунанд, балки ҳамчун механизми пайвасткунандаи давлат, ҷомеа ва бахши хусусӣ баромад намуда, ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии таконҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир, ҳифзи сармояи иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва барқарорсозии фаъолияти иқтисодӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Аҳаммияти таҳқиқи нақши ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ аз он иборат аст, ки дар шароити афзоиши номуайянӣ ва мураккаб гардидани муҳити беруна зарурати ташаккули модели бисёрсатҳии таъмини амнияти иқтисодӣ ба миён меояд, ки дар он давлат, бахши хусусӣ ва бахши сеюм ҳамчун субъектҳои ҳамкор ва мукаммалкунандаи якдигар амал менамоянд. ТҒТ бо доштани чандирии институтсионалӣ, наздикӣ ба ҷомеа ва қобилияти вокуниши фаврӣ ба тағйироти муҳити иҷтимоӣ метавонанд ҳамчун механизми муҳимми коҳишдиҳандаи оқибатҳои иқтисодии таконҳои ғайрииқтисодӣ баромад намоянд.

Бо вуҷуди аҳаммияти амалии фаъолияти ТҒТ, масъалаҳои муайян намудани ҷойгоҳ, вазифаҳо ва механизмҳои ҳамгироии онҳо ба низоми миллии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нашудаанд. Махсусан, зарурати таҳияи равиши системавӣ оид ба таснифоти вазифаҳои ТҒТ дар марҳилаҳои гуногуни афзоиши буҳронҳо (пешгирикунанда, буҳронӣ ва барқарорсозӣ), инчунин муайян намудани имкониятҳои институтсионалии истифодаи иқтидори онҳо барои баланд бардоштани устувории иқтисодӣ мавҷуд мебошад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи нақши ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди асосҳои илмии идоракунии зиддибуҳронӣ, такмили сиёсати давлатии таъмини амнияти иқтисодӣ ва ташаккули механизмҳои самараноки ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ равона мегардад.

Бояд қайд кард, ки амнияти иқтисодӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун ҳолати ҳифзи манфиатҳои миллии иқтисодӣ аз таҳдидҳои дохилию берунӣ маънидод мегардад, ки дар он рушди устувори кишвар новобаста аз таъсири омилҳои бесуботкунанда таъмин карда мешавад [4].

Дар шароити трансформатсияи босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, афзоиши вобастагии мутақобилаи иқтисодиёт ва пайдоиши таҳдидҳои нави дорои хусусияти омехта, мафҳуми амнияти иқтисодӣ мазмуни васеъ ва бисёрҷанба пайдо намудааст. Агар дар марҳилаҳои пешин он асосан ҳамчун ҳолати ҳифзи иқтисоди миллӣ аз таҳдидҳои анъанавӣ, аз қабили буҳронҳои молиявӣ, таваррум, бекорӣ ва норасоии захираҳо баррасӣ мешуд, имрӯз он маҷмуи масъалаҳои устувории иқтисодӣ, қобилияти мутобиқшавӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, рушди устувор ва муқовимат ба омилҳои дохилӣ ва хориҷиро фаро мегирад. Дарки моҳияти амнияти иқтисодӣ вобаста ба мавқеи илмӣ ва ҳадафҳои амалии субъектҳои гуногун низ фарқ мекунад: сиёсатмадорон бештар онро ҳамчун шарти ҳифзи соҳибихтиёрии иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва таъмини қобилияти идоракунии давлат арзёбӣ менамоянд, дар ҳоле ки муҳаққиқон ба таҳлили назариявӣ, муайян намудани таҳдидҳо, механизмҳои пешгирӣ ва омилҳои таъмини устувории низоми иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, дар илми муосири иқтисод мафҳуми амнияти иқтисодӣ на танҳо ҳамчун ҳолати муҳофизат, балки ҳамчун қобилияти фаъоли иқтисоди миллӣ барои пешбинӣ намудани хавфҳо, мутобиқшавӣ ба тағйирот ва таъмин намудани рушди дарозмуддати устувор шарҳ дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, рӯйдодҳои солҳои охир, аз қабили пандемияи COVID-19, афзоиши шумораи офатҳои табиӣ ва техногенӣ, муноқишаҳои мусаллаҳона ва мавҷҳои муҳоҷирати маҷбурии вобаста ба онҳо нишон доданд, ки дар шароити муосир таконҳои бештар таъсиррасон ба низоми иқтисодӣ бештар на аз муҳити иқтисодӣ, балки аз муҳити ғайрииқтисодӣ низ сарчашма мегиранд.

Бояд қайд кард, ки таҳти мафҳуми таконҳои ғайрииқтисодӣ ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва нисбат ба низоми хоҷагидорӣ экзогенӣ фаҳмида мешаванд, ки хусусияти табиӣ, биологӣ, техногенӣ ё иҷтимоию сиёсӣ дошта, аз мантиқи фаъолияти бозорҳо сарчашма намегиранд, вале боиси халалдоршавии шадид ва аксаран пешгӯинашавандаи равандҳои такрористеҳсоли иқтисодӣ, шуғл, даромади аҳолӣ ва фаъолияти институтҳои ҷамъиятӣ мегарданд. Ба чунин таконҳо эпидемияҳо ва пандемияҳо, офатҳои табиӣ, садамаҳои техногенӣ, муноқишаҳои мусаллаҳона, амалҳои террористӣ, инчунин тағйироти босуръати муҳоҷиратӣ ва демографӣ

дохил мешаванд. Хусусияти асосии чунин таконҳо дар он ифода меёбад, ки воситаҳои анъанавии сиёсати иқтисодӣ, аз ҷумла танзими пулию қарзӣ, ҳавасмандгардонии буҷетӣ ва тадбирҳои гумрукию тарифӣ, танҳо таъсири маҳдуд дошта метавонанд, зеро манбаи ибтидоии бесуботкунанда берун аз доираи мустақими таъсири онҳо қарор дорад.

Дар чунин шароит аҳаммияти институтҳое, ки дорои қобилияти вокуниши фаврӣ, сафарбар намудани захираҳо ва татбиқи чораҳои дастгирӣ дар муҳити номуайянӣ ва хавфи баланд мебошанд, афзоиш меёбад. Онҳо метавонанд дар ҳолатҳое, ки механизмҳои анъанавии давлатӣ ва бозорӣ барои мутобиқшавӣ ба вазъияти нав имкониятҳои маҳдуд доранд, нақши ҷубронкунанда иҷро намуда, холигии байни талаботи ҷомеа ва имкониятҳои мавҷудаи вокунишро коҳиш диҳанд. Дар бисёр кишварҳо чунин вазифаро ТҒТ, яъне фондҳои хайриявӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шабакаҳои ихтиёрӣ, ассотсиатсияҳои динию касбӣ ва ғайра иҷро менамоянд.

Назарияи бахши ғайритиҷоратӣ мавҷудияти чунин ташкилотҳоро асосан тавассути падидаи «нокомиҳои бозор ва давлат» шарҳ медиҳад: ТҒТ дар он соҳаҳое ташаккул меёбанд, ки талабот ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва квазииҷтимоӣ гуногунранг буда, давлат бинобар маҳдудиятҳои институтсионалӣ ва сиёсӣ наметавонад талаботи ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро пурра қонеъ гардонад [6,8]. Дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ ин механизм боз ҳам равшантар зоҳир мегардад, зеро ТҒТ метавонанд захираҳои хайриявӣ ва ихтиёриро ба самтҳое равона созанд, ки барномаҳои давлатии дастгирӣ ҳанӯз пурра татбиқ нашудаанд ё имкониятҳои онҳо барои ҳалли мушкилоти ба вуҷудомада нокифоя мебошанд.

Мақсади таҳқиқот аз ҷамъбаст ва ба низом даровардани асосҳои назариявии таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ ба амнияти иқтисодӣ ва муайян намудани нақши функсионалии ТҒТ дар марҳилаҳои гуногуни афзоиши чунин таконҳо иборат мебошад.

Фарзияи илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки саҳми ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ ҳангоми таконҳои ғайрииқтисодӣ хусусияти тасодуфӣ надошта, ба бартариҳои институтсионалии бахши сеюм - чандирии фаъолият, робитаи наздик бо ҷомеаҳои маҳаллӣ ва қобилияти мутобиқшавии зуд бо хароҷоти нисбатан кам асос меёбад. Маҳз ин хусусиятҳо ба ТҒТ имкон медиҳанд, ки дар шароити номуайянӣ ва буҳронҳо ҳамчун унсури муҳимми устувории иҷтимоию иқтисодӣ амал намоянд.

Методология. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро равиши комплексӣ ташкил медиҳад, ки таҳлили назариявӣ, таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасту ба низом даровардани маълумоти илмӣ, оморӣ ва таҳлилии мавҷударо фаро мегирад. Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодӣ, корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба назарияи амнияти иқтисодӣ ва бахши ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла корҳои А.Б. Мирсаидов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Ш. Раҳимзода, Х.Ғ. Ҷураев Л.И., Абалкин, В. Сенчагов, Г.С. Вечканов, А.В. Гришенко, К.Ю. Вениченко, И.В. Гелета ва дигарон, маводи таҳлилии созмонҳои байналмилалӣ оид ба фаъолияти бахши сеюм дар давраи пандемияи COVID-19 ташкил медиҳанд.

Таҳқиқот бо истифодаи усулҳои таҳлили муҳтаво, гурӯҳбандӣ, таҳлили муқоисавию функсионалӣ ва синтез анҷом дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрӣ таҳлил гардида, таконҳои ғайрииқтисодӣ аз рӯйи манбаи пайдоиш ва самтҳои таъсир ба амнияти иқтисодӣ тасниф шуданд, инчунин нақш ва вазифаҳои ТҒТ дар марҳилаҳои гуногуни буҳрон муайян карда шуда, хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардиданд.

Натиҷаҳо. Таъмини амнияти иқтисодии миллӣ дар шароити тағйирёбии муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар муқоиса бо таҳдидҳои анъанавии иқтисодӣ, ки асосан бо таваррум, буҳронҳои молиявӣ, бекорӣ ва тағйирёбии вазъи бозорӣ алоқаманд мебошанд, таконҳои ғайрииқтисодӣ бо ногаҳон ба вуҷуд омадан, сатҳи баланди номуайянӣ ва гуногунсамтии роҳҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои иқтисодӣ фарқ мекунанд.

Хусусияти асосии таконҳои ғайрииқтисодӣ дар он ифода меёбад, ки механизмҳои пайдоиш ва паҳншавии онҳо аксаран пешгӯинашаванда мебошанд. Оқибатҳои чунин таконҳо на танҳо дар соҳаи иқтисодӣ, балки ба устувории иҷтимоӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат ва устувории институтсионалии ҷомеа низ таъсир мерасонанд. Дар натиҷа, зарурати таҳияи воситаҳо ва механизмҳои нави таъмини амнияти иқтисодӣ ба миён меояд, ки метавонанд қобилияти мутобиқшавии иқтисоди миллӣ ба зуҳуроти буҳронӣ баланд бардошта, таъсири манфии таконҳои дохилию берунирро коҳиш диҳанд.

Дар таҳқиқоти А. В. Плотников таъкид мегардад, ки таконҳои ғайрииқтисодӣ ҳамчун таҳдиди хоси амнияти иқтисодии миллӣ баромад намуда, дорои хусусиятҳои: экзогенӣ; ногаҳонӣ ва миқёси васеи оқибатҳои таъсиррасонӣ мебошанд [2].

Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки механизми таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ тавассути тағйирёбии талабот ва пешниҳод, халалдор гардидани равандҳои истеҳсолӣ, коҳиши сатҳи шуғл ва бад шудани муҳити сармоягузорӣ амалӣ мешавад [2].

Дар таҳқиқоти А.В. Плотников ду шакли асосии таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ ҷудо карда шудааст:

Шакли импулсӣ – ҳолате, ки оқибатҳои такон ба таври ногаҳонӣ ва дар муддати кӯтоҳ зоҳир мегарданд;

Шакли марҳилавӣ – ҳолате, ки дар он равандҳои буҳронӣ тадриҷан ташаккул ёфта, бо мурури вақт шиддат мегиранд [3].

Илова бар ин, муаллиф чор шакли асосии зуҳури оқибатҳои таконро муайян менамояд:

- оқибатҳои мустақим – таъсири бевоситаи такон ба фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- оқибатҳои ғайримустақим – таъсире, ки тавассути тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд;
- оқибатҳои сохторӣ – тағйирот дар сохтори соҳаҳо, бозори меҳнат ва низоми иқтисодӣ;
- оқибатҳои дарозмуддат (тамдидёфта) – таъсирҳое, ки баъд аз анҷоми марҳилаи аввали буҳрон идома меёбанд [3].

Ин таснифот имкон медиҳад, ки хусусияти мураккаби таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ ба амнияти иқтисодӣ амиқтар дарк гардида, барои таҳияи механизмҳои самараноки пешгирӣ ва мутобиқшавӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда шавад.

Дар шароити муосир иқтисодиёти миллӣ бо намудҳои гуногуни таконҳои ғайрииқтисодӣ рӯ ба рӯ мешавад, ки аз ҷумла пандемияи COVID-19, офатҳои табиӣ, буҳронҳои сиёсӣ, низоъҳои мусаллаҳона ва тағйироти технологиро дар бар мегиранд. Ин омилҳо метавонанд ба фаъолияти бахшҳои воқеии иқтисод, бозори меҳнат, муҳити сармоягузорӣ ва устувории иҷтимоию иқтисодии ҷомеа таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, таҳияи механизмҳои самараноки пешгирӣ ва мутобиқшавӣ ба чунин таконҳо яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Баррасии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки таконҳои ғайрииқтисодӣ, новобаста аз гуногунии манбаъҳои пайдоиш, ба амнияти иқтисодӣ тавассути маҷмуи маҳдуди самтҳои хос таъсир мерасонанд. Ба чунин самтҳо халалдор гардидани занҷираҳои таъминотӣ ва истеҳсолӣ, муваққатан ё доимӣ аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ва ҷойҳои корӣ аз ҷониби қисми зиёди аҳолӣ, коҳиши якбораи талаботи истеъмолӣ ва сармоягузорӣ, афзоиши сарборӣ ба низоми буҷетӣ ва низомҳои ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин коҳиш ёфтани сатҳи эътимод ба институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дохил мешаванд.

Вобаста ба ин, намудҳои асосии таконҳои ғайрииқтисодӣ ва роҳҳои таъсири онҳо ба амнияти иқтисодӣ дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Типологияи таконҳои ғайрииқтисодӣ ва самтҳои таъсири онҳо ба амнияти иқтисодӣ

Навъи такони ғайрииқтисодӣ	Мисолҳои хос	Самтҳои асосии таъсир ба амнияти иқтисодӣ
Офатҳои табиӣ-экологӣ ва техногенӣ	заминларза, обхезӣ, сӯхторҳои ҷангалҳо, садамаҳои иншооти инфрасохторӣ	харобшавии фондҳои асосӣ ва манзил, талафи моликияти хоҷагиҳои хонаводагӣ, халалдоршавии занҷираҳои таъминоти минтақавӣ, афзоиши хароҷоти ғайринақшавии буҷетӣ
Эпидемияҳо ва пандемияҳо	COVID-19 ва дигар хуруҷҳои бемориҳои сироятӣ	маҳдудшавии ҳаракат ва фаъолияти соҳибкорӣ, коҳиши шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ, афзоиши сарборӣ ба низоми тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, васеъшавии шуғли ғайрирасмӣ
Муноқишаҳои мусаллаҳона ва терроризм	низоъҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, амалҳои террористӣ	харобшавии инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиётӣ, коҳиши сармоягузорӣ, муҳоҷирати маҷбурии қувваи корӣ, афзоиши хароҷоти таъмини амният
Муҳоҷирати маҷбурӣ ва буҳронҳои демографӣ	ҷараёни зиёди гурезаҳо ва муҳоҷирони маҷбурӣ	афзоиши босуръати сарборӣ ба бозори меҳнат ва инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои қабулкунанда, норасоии манзил, хавфи ташаннуҷи иҷтимоӣ
Таконҳои иҷтимоию сиёсӣ	эътирозҳои оммавӣ, бесуботии сиёсӣ	боздоштани фаъолияти соҳибкорӣ, хуруҷи сармоя, коҳиши эътимоди истеъмолкунандагон ва сармоягузорон

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чунон ки аз ҷадвали 1 бармеояд, новобаста аз гуногуншаклии зоҳирии падидаҳои баррасишуда, ҳамаи онҳо дорои мантиқи умумии таъсиррасонӣ буда, омилҳои ибтидоии ғайрииқтисодӣ метавонанд занҷираи оқибатҳои иқтисодиро ба вуҷуд оваранд, ки ҳамзамон ба сатҳҳои микроиқтисодӣ (хоҷагиҳои хонаводагӣ ва соҳибкории хурд), мезоиқтисодӣ (бозорҳои минтақавӣ ва соҳаҳои иқтисодӣ) ва макроиқтисодӣ (устувории буҷетӣ ва молиявии давлат) таъсир расонанд.

Маҳз хусусияти бисёрсатҳӣ ва пайдарпайии таъсири чунин таконҳо зарурати ҷалби на танҳо институтҳои давлатӣ, балки субъектҳои ғайридавлатиро низ ба раванди вокуниш ба вуҷуд меорад. Зеро ТҒТ ва бахши сеюм метавонанд мустақиман дар сатҳи маҳаллӣ фаъолият намуда, мушкилотеро ҳал намоянд, ки дар онҳо тадбирҳои мутамаркази сиёсати иқтисодӣ аксаран самаранокии маҳдуд доранд.

Заминаҳои институтсионалии иштироки ТҒТ дар таъмини амнияти иқтисодӣ. Мутобиқи адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ, ТҒТ ташкилоте мебошад, ки гирифтани фоида ҳадафи асосии фаъолияти он набуда, фоидаи бадастомада байни иштирокчиён тақсим карда намешавад. Маҳз ҳамин хусусияти институтсионалӣ ба ТҒТ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ як қатор бартариҳои муҳим медиҳад.

Аввалан, мавҷуд набудани ҳадафи ба даст овардани фоида эҳтимоли рафтори манфиатҷӯёнаро коҳиш дода, имконият фароҳам меорад, ки кумак ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бо самаранокии бештар расонида шавад. Ин равиш ба назарияи «нокомии шартнома» дар иқтисоди бахши ғайритиҷоратӣ мувофиқат мекунад.

Дуюм, робитаи зичи аксари ТҒТ бо ҷомеаҳои маҳаллӣ ба онҳо бартарии иттилоотӣ медиҳад. Онҳо, одатан, нисбат ба сохторҳои мутамаркази давлатӣ аз эҳтиёҷоти воқеии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва гурӯҳҳои

осебпазир маълумоти дақиқтар ва саривақтӣ доранд. Ин имконият медиҳад, ки кумак ба шахсони эҳтиёҷманд зудтар ва ҳадафноктар расонида шавад.

Сеюм, чандирии идоракунӣ ва соддагии расмиёти қабули қарорҳо дар ТҒТ имкон медиҳад, ки фосилаи вақт байни пайдо шудани эҳтиёҷ ва расонидани кумак ба ҳадди ақал расонида шавад. Ин хусусият махсусан дар марҳилаи шадиди таконҳои ғайрииқтисодӣ аҳаммияти калидӣ дошта, ба баланд бардоштани устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти амалӣ низ аҳаммияти бартариҳои институтсионалии ТҒТ-ро тасдиқ менамоянд. Таҷрибаи пандемияи COVID-19 нишон дод, ки ТҒТ ва ташкилотҳои башардӯстона тавонистанд фаъолияти худро ба шароити нави бухронӣ мутобиқ намуда, усулҳои ҷамъоварии маълумот, ҳамоҳангсозии фаъолият ва расонидани кумакро таҷдид намоянд [1]. Ҳамчунин, маҳдуд гардидани имконияти ҳузури кормандон дар маҳал зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои фосилавии дастгириро ба миён овард, ки ин ба нигоҳ доштани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат намуд [1].

Ҳамзамон, тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, барои мубориза бо оқибатҳои пандемияи COVID-19 барномаи байналмилалии башардӯстона бо маблағи тақрибан 2 миллиард доллари ИМА роҳандозӣ гардид, ки аз ҷониби доираи васеи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони байналмилалӣ дастгирӣ ёфт [7]. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки бахши сеюм дорои иқтидори сафарбарсозии захираҳо буда, метавонад дар баробари сохторҳои давлатӣ дар коҳиш додани таъсири манфии таконҳои ғайрииқтисодӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ нақши муҳим бозад.

Вазифаҳои ТҒТ дар марҳилаҳои афзоиши таконҳои ғайрииқтисодӣ. Таҳлили муқоисавию функсионалӣ нишон медиҳад, ки саҳми ТҒТ дар таъмини амнияти иқтисодӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди таконҳои ғайрииқтисодӣ яксон нест ва вобаста ба тағйирёбии вазъият хусусияти худро тағйир медиҳад. Одатан, раванди рушди таконҳои ғайрииқтисодӣ аз се марҳилаи пайдарпай иборат мебошад: марҳилаи пешгирикунанда, ки то оғози такон амалӣ мегардад; марҳилаи бухронӣ, ки бо вокуниши фаврӣ ба ҳолати фавқулода тавсиф мешавад ва марҳилаи барқарорсозӣ, ки ба барқарор намудани устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити нав равона шудааст.

Натиҷаҳои ҷамъбастшудаи таҳлил нишон медиҳанд, ки дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо ТҒТ вазифаҳои хоси худро иҷро намуда, тавассути сафарбар намудани захираҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир, ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ байни давлат ва ҷомеа ва мусоидат ба барқарорсозии фаъолияти иқтисодӣ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ саҳми назаррас мегузоранд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Вазифаҳои ТҒТ дар таҳкими амнияти иқтисодӣ аз рӯйи марҳилаҳои афзоиши таконҳои ғайрииқтисодӣ

Марҳилаи такон	Вазифаҳои асосии ТҒТ	Воситаҳо ва механизмҳои татбиқ	Саҳм дар таҳкими амнияти иқтисодӣ
Марҳилаи пешгирикунанда	мониторинги хавфҳо, маърифатноккунӣ ва огоҳсозии аҳолӣ, ташкили фондҳо ва захираҳои эҳтиётӣ, омӯзонидани малакаҳои вокуниши аввалия	барномаҳои омӯзишӣ, низомҳои ҷамъиятии огоҳсозии бармаҳал, фондҳои сармояи мақсаднок, созишномаҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ	коҳиш додани осебпазирии хоҷагиҳои хонаводагӣ ва соҳибкории хурд, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва омодагӣ ба хавфҳо
Марҳилаи бухронӣ (шадид)	расонидани кумакҳои фаврии башардӯстона ва моддӣ, ташкили шабакаҳои ихтиёриён, дастгирии равонӣ ва ҳуқуқии зарардидагон, ҷамъоварӣ ва тақсимоти маблағҳои хайриявӣ	шабакаҳои ихтиёриён, хатҳои доимоамалкунандаи машваратӣ, платформаҳои маблағҷамъкунӣ (краудфандинг), марказҳои ҷойгиркунии муваққатӣ, шарикӣ бо давлат ва бахши хусусӣ	коҳиш додани пастшавии даромад ва истеъмоли аҳолӣ, нигоҳ доштани ҳадди ақали талаботи пардохтпазир, кам намудани сарборӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ
Марҳилаи барқарорсозӣ	мусоидат ба барқарорсозии шуғл ва соҳибкории хурд, дастгирии грантӣ ва маблағгузории хурд, татбиқи барномаҳои бозомӯзӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ	грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки хурд, инкубаторҳои соҳибкорӣ, барномаҳои машваратӣ, ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ	тезонидани барқароршавии бозори меҳнати минтақавӣ, диверсификатсияи манбаъҳои даромади аҳолӣ ва коҳиш додани талафоти дарозмуддати иқтисодӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки вазифаҳои ТҒТ вобаста ба марҳилаи рушди таконҳои ғайрииқтисодӣ тағйир меёбанд. Дар марҳилаи пешгирикунанда фаъолияти онҳо асосан ба огоҳсозӣ, пешгирии хавфҳо ва омодасозии аҳолӣ равона гардида, дар марҳилаи бухронӣ расонидани кумакҳои фаврӣ ва дастгирии иҷтимоӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. Дар марҳилаи барқарорсозӣ бошад, фаъолияти онҳо бештар ба эҳёи шуғл, дастгирии соҳибкорӣ ва барқарор намудани устувории иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида мешавад. Дар ҳамаи ин марҳилаҳо чунин ташкилотҳо ҳамчун пайвандгари институтсионалӣ миёни давлат,

бахши хусусӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ амал намуда, ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ ва истифодаи самараноки захираҳоро таъмин мекунанд.

Таҷрибаи байналмилалӣ, аз ҷумла давраи пандемияи COVID-19, нишон дод, ки қисми зиёди кумакҳои башардӯстона, тиббӣ ва иҷтимоӣ тавассути ТҒТ, созмонҳои динӣ ва бахши хусусӣ ба аҳолӣ расонида шуданд, ки ин аз иқтидори баланди сафарбарсозӣ ва самаранокии бахши сеюм дар шароити буҳрон шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, таҷрибаи татбиқи барномаҳои зиддибуҳронӣ дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки соҳибкории хурд ва бахши хизматрасонӣ бештар аз таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ осеб мебинанд. Дар чунин ҳолатҳо ТҒТ бо сабаби робитаи мустақим бо ҷомеаҳои маҳаллӣ ва донистани эҳтиёҷоти воқеии аҳолӣ метавонанд дастгирии мақсаднок ва саривақтиро таъмин намоянд [6].

Бо вуҷуди ин, иштироки ТҒТ вазифаҳои давлатро иваз намекунад, балки онҳоро пурра ва такмил медиҳад. Агар давлат дорои имкониятҳои бештар барои сафарбар намудани захираҳои молиявӣ ва татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ бошад, ТҒТ дар расонидани дастгирии суроғавӣ, фаврӣ ва мутобиқ ба эҳтиёҷоти аҳолӣ дар сатҳи маҳаллӣ самаранокии бештар доранд. Аз ин рӯ, таҳкими амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ ҳамоҳангии фаъолияти давлат, бахши хусусӣ ва бахши ғайритиҷоратиро ҳамчун унсурҳои мукаммалкунандаи якдигар тақозо менамояд.

Муҳокима. Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмуъ бо хулосаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқат намуда, нишон медиҳанд, ки сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва шаҳрвандии аҳолӣ ба самаранокии фаъолияти ТҒТ ва саҳми онҳо дар таъмини амнияти иқтисодӣ таъсири мустақим мерасонад. Ҳамзамон, таҳқиқоти мазкур ин назарияро бо муайян намудани механизмҳои мушаххаси иштироки ТҒТ, аз ҷумла фаъолияти ихтиёриён, маблағгузории дастаҷамъона (краудфандинг), дастгирии грантӣ ва маблағгузории хурд, ки ба нигоҳдории шуғл, даромади аҳолӣ ва устуворii иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунанд, такмил медиҳад.

Таснифоти пешниҳодшудаи вазифаҳои ТҒТ аз рӯйи марҳилаҳои рушди таконҳои ғайрииқтисодӣ фарзияи илмии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Муайян гардид, ки саҳми бахши сеюм дар таҳкими амнияти иқтисодӣ хусусияти тасодуфӣ надошта, ба бартариҳои институтсионалии он, аз ҷумла чандирии идоракунӣ, робитаи мустақим бо ҷомеаҳои маҳаллӣ, дастрасӣ ба иттилооти воқеӣ ва хароҷоти нисбатан пасти амалиётӣ асос меёбад. Ин хулоса бо назарияи институтсионалии «нокомиҳои бозор ва давлат» мувофиқат намуда, нақши ТҒТ-ро ҳамчун механизми пуркунандаи маҳдудиятҳои институтҳои давлатӣ ва бозорӣ асоснок менамояд.

Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастомада дорои як қатор маҳдудиятҳо мебошанд. Пеш аз ҳама, иқтидор ва самаранокии фаъолияти ТҒТ аз хусусиятҳои муҳити институтсионалии кишвар, сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, сиёсати давлатӣ, низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти хайриявӣ ва сатҳи эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Илова бар ин, арзёбии саҳми ТҒТ дар таҳқиқоти мазкур, бинобар сабаби набудани маълумоти дақиқи оморӣ нисбат ба фаъолияти ТҒТ хусусияти сифатӣ дошта, муайян намудани таъсири миқдории онҳо ба нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла ба шуғл, даромад, ҳаҷми захираҳои сафарбаршуда ва коҳиши талафоти иқтисодӣ, гузаронидани таҳқиқоти алоҳидаи эконометрикиро талаб менамояд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ ва минтақавии таҳкими устуворӣ ба таконҳои ғайрииқтисодӣ, аз ҷумла мақсаднок шуморида мешавад: ба низоми расмии идоракунии ҳолатҳои фавқулода ҳамчун шарики доимӣ ворид намудани ТҒТ; рушди механизмҳои ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои муштараки мақомоти давлатӣ ва ТҒТ дар марҳилаи барқарорсозӣ; таъсиси платформаҳои ягонаи рақамӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти ихтиёриён, баҳисобгирии гурӯҳҳои осебпазир ва тақсимоти захираҳои башардӯстона; инчунин такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии андозӣ барои рушди фаъолияти хайриявӣ ва ташаккули фондҳои эҳтиётии ТҒТ истифода шаванд. Амалисозии чунин тадбирҳо метавонад ҳамоҳангии фаъолияти давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақвият бахшида, сатҳи устуворii иқтисоди миллӣ ва самаранокии низоми таъмини амнияти иқтисодиро дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ баланд бардорад.

Хулоса. Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки таконҳои ғайрииқтисодӣ, аз қабили пандемияҳо, офатҳои табиӣ, муноқишаҳои мусаллаҳона ва муҳоҷирати маҷбурӣ, ба гурӯҳи мустақили таҳдидҳои афзояндаи амнияти иқтисодӣ дохил мешаванд. Таъсири онҳо ба низоми иқтисодӣ на танҳо мустақим, балки бештар тавассути занҷираи оқибатҳои дуюмдараҷаи иқтисодӣ - коҳиши шуғл ва даромади аҳолӣ, халалдоршавии занҷираҳои таъминотӣ ва афзоиши сарборӣ ба низоми буҷетӣ - зоҳир мегардад. ТҒТ бо назардошти хусусиятҳои институтсионалии худ, аз ҷумла чандирии фаъолият, робитаи наздик бо ҷомеаҳои маҳаллӣ ва надоштани ҳадафи ба даст овардани фоида, метавонанд механизмҳои давлатӣ ва бозориро пурра намуда, дар марҳилаҳои гуногуни такон вазифаҳои иттилоотию пешгирикунанда, фаврӣ-ҷубронкунанда ва барқарорсозию ҳавасмандкунандаро иҷро намоянд.

Тавсияҳои илмӣ ва амалӣ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва бо дарназардошти нақши афзояндаи ТҒТ дар шароити таконҳои ғайрииқтисодӣ, як қатор тавсияҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод мегарданд:

1. Таҳкими заминаҳои институтсионалии ҳамкории давлат ва ТҒТ.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми таъмини амнияти иқтисодӣ зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мунтазами мақомоти давлатӣ бо ТҒТ такмил дода шаванд. Дар

барномаҳои миллӣ ва минтақавии идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва муқовимат ба бухронҳо бояд мақоми ТҒТ ҳамчун шарики институтсионалӣ ба таври возеҳ муайян гардад.

2. Ташкили низоми ягонаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ТҒТ дар шароити бухронӣ.

Тавсия дода мешавад, ки платформаҳои рақамии ягона барои бақайдгирӣ ва ҳамоҳангсозии захираҳои ихтиёриён, ниёзҳои гурӯҳҳои осебпазир ва имкониятҳои кумакрасонӣ таъсис дода шаванд. Чунин низом метавонад харочоти ҳамоҳангсозиро коҳиш дода, суръати вокунишро дар марҳилаи шадиди таконҳои ғайрииқтисодӣ баланд бардорад.

3. Рушди механизмҳои молиявии дастгирии иқтидори зиддибухронии ТҒТ.

Бо мақсади таъмини омодагии пешакӣ ба таконҳои ғайрииқтисодӣ зарур аст, ки механизмҳои ташкили фондҳои эҳтиётӣ, грантҳои мақсаднок ва воситаҳои ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ТҒТ такмил дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ТҒТ дар шароити бухронӣ аз захираҳои зарурӣ барои расонидани кумаки фаврӣ бархӯрдор бошанд.

4. Баланд бардоштани нақши ТҒТ дар дастгирии соҳибкории хурд ва шуғли аҳолӣ.

Бо дарназардошти осебпазирии бештари соҳибкории хурд ва бахши хизматрасонӣ ба таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ, тавсия мешавад, ки ТҒТ дар татбиқи барномаҳои бозомӯзӣ, маблағгузории хурд, машварати соҳибкорӣ ва дастгирии гурӯҳҳои осебпазири бозори меҳнат бештар ҷалб карда шаванд.

5. Таҳияи низоми мониторинги таъсири таконҳои ғайрииқтисодӣ ба амнияти иқтисодӣ.

Зарур аст, ки механизмҳои доимии ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба таъсири пандемияҳо, офатҳои табиӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ ва дигар таконҳо ба шуғл, даромад, фаъолияти соҳибкорӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ташаккул дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти воқеӣ қабул гарданд.

6. Тақвияти иқтидори рақамии бахши ғайритиҷоратӣ.

Бо назардошти таҷрибаи пандемияи COVID-19, истифодаи технологияҳои рақамӣ бояд ҳамчун самти муҳимми рушди ТҒТ баррасӣ шавад. Ҷорӣ намудани платформаҳои онлайнӣ барои хизматрасонии иҷтимоӣ, ҷамъоварии маблағҳои хайриявӣ ва иртибот бо гурӯҳҳои ниёзманд метавонад самаранокии фаъолияти бахши сеюмро дар шароити маҳдудиятҳои фавқулода баланд бардорад.

7. Гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи эмпирикӣ оид ба саҳми иқтисодии ТҒТ.

Бо мақсади муайян намудани таъсири воқеии ТҒТ ба нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ гузаронидани таҳқиқоти миқдорӣ, ҳамзамон, барои ташаккули пойгоҳи боэътимоди иттилоотӣ ва баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ, пешниҳоди маълумоти дақиқ, саривақтӣ ва мукаммал аз ҷониби ТҒТ ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мегардад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки саҳми воқеии бахши ғайритиҷоратӣ дар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ бо эътимоднокии бештар арзёбӣ карда шавад.

Татбиқи тавсияҳои мазкур метавонад ба ташаккули модели ҳамгирошудаи таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат намояд, ки дар он давлат, бахши хусусӣ ва ТҒТ ҳамчун унсурҳои мукаммалкунандаи якдигар дар раванди пешгирӣ ва бартарафсозии оқибатҳои таконҳои ғайрииқтисодӣ фаъолият менамоянд.

Адабиёт

1. Гази, Т., Газис, А. Гуманитарная помощь в эпоху COVID-19: обзор Общего оперативного пространства данных гуманитарного сектора // Международный журнал Красного Креста. - 2021. - № 913. - С. 95–120.

2. Плотников А.В. Механизм влияния неэкономического шока на национальную экономику // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. -2021. -№ 2(128). - С. 163–169.

3. Плотников А.В. Обеспечение национальной экономической безопасности в условиях неэкономических шоков: дис… канд. экон. наук. - Санкт-Петербург, 2024. - 222 с.

4. Саидмуродзода, Л. Ҳ. Таҳкими амнияти иқтисодӣ дар шароити таконҳои беруна: чолишҳои ситемавӣ ва механизмҳои мутобиқшавӣ / Л. Ҳ. Саидмуродзода, М. А. Ҳакимзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2026. – No. 1(93). – P. 83-98.

5. Суслова, С. В. Экономические причины развития некоммерческого сектора / С. В. Суслова. [электронный ресурс] // Национальный исследовательский университет «Высшая школа экономики»: [официальный сайт]. - 2011. - 12 октября. - URL: https://www.hse.ru/news/science/36859450.html (дата обращения: 05.07.2026).

6. COVID-19 и международная практика поддержки экономики и населения [Электронный ресурс] / Институт социальной политики НИУ ВШЭ. — М., 2020. — URL: https://isp.hse.ru/data/2020/04/29/1544579194/COVID-19_stimulus%20packages_countries260420.pdf (дата обращения: 24.07.2026).

7. COVID-19 и реализация целей в области устойчивого развития [Электронный ресурс] // Организация Объединённых Наций: офиц. сайт. — URL: https://www.un.org/ru/coronavirus/un-working-fight-covid-19-and-achieve-global-goals (дата обращения: 24.07.2026).

8. Salamon, L. M. Social Origins of Civil Society: Explaining the Nonprofit Sector Cross-Nationally / L. M. Salamon, H. K. Anheier. - Text: unmediated // Voluntas: International Journal of Voluntary and Nonprofit Organizations. - 1998. - Vol. 9, no. 3. - P. 213–257. - DOI: 10.1023/A:1022088209868.

УДК: 338.48(575.3)

РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қодирова Моҳира Ишоновна
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Маркази идоракунии лоиҳаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола ҳолати муосир, заминаҳои институтсионалӣ ва имкониятҳои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешаванд. Дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти расмии мақомоти давлатӣ ва равишҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ динамикаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ, густариши инфрасохтори хизматрасонӣ, имкониятҳои сайёҳии табиӣ, экологӣ, таърихию фарҳангӣ, кӯҳӣ, саргузаштӣ, табобатию солимгардонӣ ва деҳотӣ арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши шумораи сайёҳон худ ба худ ба рушди устувор баробар нест ва барои табдил додани сайёҳӣ ба манбаи устувори даромад, шуғл ва рушди минтақаҳо баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, давомнокии иқомат, ҳаҷми хароҷоти сайёҳ, рақамикунонӣ, тайёр кардани кадрҳои касбӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ зарур мебошад. Пешниҳод карда мешавад, ки сиёсати соҳавӣ аз нишондиҳандаи танҳо шумораи ташрифҳо ба низоми нишондиҳандаҳои сифатӣ ва иқтисодӣ гузарад ва ҳамкории давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ тақвият дода шавад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, рушди устувор, иқтисодиёти сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, сайёҳии экологӣ, сайёҳии фарҳангӣ, рақобатпазирӣ, сармоягузорӣ, рақамикунонӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Кадырова Махира Ишоновна
кандидат педагогических наук, доцент, директор Центра управления проектами Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, Душанбе

В статье анализируются современное состояние, институциональные предпосылки и возможности устойчивого развития туризма в Республике Таджикистан. На основе нормативно-правовых актов, официальной статистики и экономических подходов к развитию туризма оцениваются динамика въездного туристского потока, расширение инфраструктуры обслуживания, потенциал природного, экологического, историко-культурного, горного, приключенческого, лечебно-оздоровительного и сельского туризма. Показано, что рост числа туристов сам по себе не тождествен устойчивому развитию отрасли. Для превращения туризма в устойчивый источник доходов, занятости и регионального развития необходимы повышение качества услуг, увеличение продолжительности пребывания и расходов туристов, цифровизация, подготовка кадров и рациональное использование природно-культурных ресурсов. Обоснована необходимость перехода от оценки отрасли только по числу посещений к системе качественных и экономических индикаторов и усиления взаимодействия государства, бизнеса, образовательных учреждений и местных сообществ.

Ключевые слова: туризм, устойчивое развитие, экономика туризма, туристская инфраструктура, экологический туризм, культурный туризм, конкурентоспособность, инвестиции, цифровизация, Республика Таджикистан.

SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE TOURISM SECTOR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Kadyrova Mohira Ishonovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Director of the Project Management Center, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article analyses the current state, institutional prerequisites and opportunities for sustainable tourism development in the Republic of Tajikistan. Based on legal documents, official statistics and economic approaches to tourism development, the study assesses inbound tourist flows, service infrastructure, and the potential of nature-based, ecological, historical-cultural, mountain, adventure, health and rural tourism. The findings indicate that growth in tourist arrivals alone does not constitute sustainable development. Turning tourism into a stable source of income, employment and regional development requires higher service quality, longer stays and greater tourist expenditure, digitalisation, professional training, and rational use of natural and cultural resources. The article argues for a shift from evaluating the sector mainly through visitor numbers toward a broader system of qualitative and economic indicators, together with stronger cooperation among government institutions, private businesses, educational institutions and local communities.

Keywords: tourism, sustainable development, tourism economy, tourism infrastructure, ecotourism, cultural tourism, competitiveness, investment, digitalisation, Republic of Tajikistan.

Муқаддима. Дар шароити густариши иқтисоди хизматрасонӣ ва афзоиши рақобати минтақавӣ сайёҳӣ барои кишварҳое, ки дорои захираҳои ғании табиӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ба яке аз самтҳои муҳими диверсификатсияи иқтисодиёт табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ин соҳа бо хусусиятҳои кӯҳсор будани қаламрав, гуногунии ландшафт, мероси таърихию фарҳангӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва имконияти

ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба занҷираи арзиши хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқаманд аст. Дар сиёсати давлатӣ низ сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ эътироф гардида, дар Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 вазифаҳои дарозмуддати соҳа муайян шудаанд [2].

Масъалаи илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки афзоиши шумораи сайёҳон ҳанӯз нишондиҳандаи кофии самаранокӣ ва устувории соҳа нест. Барои арзёбии саҳми воқеии сайёҳӣ дар рушди миллӣ бояд ҳамзамон тағйирёбии даромади субъектҳои бозор, давомнокии иқомат, сатҳи хароҷоти меҳмонон, ҷойҳои нави корӣ, фарогирии минтақаҳо, сифати инфрасохтор, таъсири экологӣ ва дараҷаи ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, мақсади мақола арзёбии тамоюлҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки гузариш ба модели устувор ва рақобатпазири рушди он мебошад.

Методология. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили муқоисавӣ, таҳлили динамикӣ, ҷамъбасти мантиқӣ, муносибати системавӣ ва таҳлили институтсионалӣ истифода шуданд. Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқотро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои расмӣ ташкил медиҳанд [1–5]. Ҳангоми тафсири нишондиҳандаҳо диққат ба фарқияти байни афзоиши миқдорӣ ва натиҷаи сифатии рушди соҳа дода шудааст.

Объекти таҳқиқот низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва институтсионалӣ дар раванди рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, предмети таҳқиқот механизмҳо ва омилҳое мебошанд, ки ба устуворӣ, рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Давраи асосии таҳлили динамикӣ солҳои 2018–2025-ро фаро гирифта, маълумоти фаврии моҳҳои январ–марти соли 2026 барои муайян намудани идомаи тамоюлҳои нав истифода шудааст [6; 13].

Барои баланд бардоштани эътимоднокии натиҷаҳо усули санҷиши байнисарчашмавӣ истифода гардид: нишондиҳандаҳои омории воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ва фаъолияти субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ бо маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса шуданд, заминаи ҳуқуқӣ бошад бо матни амалкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва санадҳои стратегии давлатӣ санҷида шуд [1–3]. Ин равиш имкон медиҳад, ки фарқи байни маълумоти таблиғотӣ ва нишондиҳандаҳои расмии оморӣ кам карда шавад.

Ҳангоми таҳлили рушди устувор се гурӯҳи меъёр ба назар гирифта шуданд: иқтисодӣ — даромад, шуғл, фаъолияти соҳибкорӣ ва хароҷоти сайёҳ; иҷтимоӣ — иштироки аҳолии маҳаллӣ, дастрасӣ ба ҷойҳои корӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ; экологӣ — сарборӣ ба экосистемаҳо, идоракунии партовҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ. Чунин муносибати сеҷанба ба тавсияҳои назариявии рушди устувори сайёҳӣ ва равишҳои сиёсати муосири OECD ва UN Tourism мувофиқ мебошад [8; 10–12; 15].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ рушди устувори сайёҳӣ ҳамчун тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ баррасӣ мегардад. D. Weaver таъкид мекунад, ки устувории сайёҳӣ танҳо бо ҳифзи табиат маҳдуд намешавад ва бояд тарзи идоракунии самт, рафтори соҳибкорон, иштироки ҷомеаи маҳаллӣ ва сифати таҷрибаи меҳмонро дар бар гирад [11]. C.M. Hall масъалаи банақшагирии сайёҳиро ҳамчун раванди ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат, бозор ва ҷомеа арзёбӣ намуда, аҳамияти идоракунии ҳудудӣ ва институтсионалиро асоснок мекунад [12]. Барои Тоҷикистон, ки маҳсулоти асосии сайёҳии он бо манзараҳои кӯҳӣ, мероси фарҳангӣ ва захираҳои маҳаллӣ пайваст аст, чунин равиш аҳамияти хоса дорад.

Ҳисоботҳои байналмилалӣ низ нишон медиҳанд, ки пас аз барқароршавии ҷараёнҳои сайёҳӣ масъалаи сифат ва устуворӣ нисбат ба афзоиши одии шумораи ташрифҳо аҳамияти бештар касб кардааст. OECD дар таҳлили сиёсати сайёҳии кишварҳо зарурати рушди далелмеҳвар, тақвияти неруи кадрӣ, идоракунии таъсири сайёҳӣ ба ҷомеаҳои маҳаллӣ ва муҳити зистро аз самтҳои асосӣ мешуморад [10]. UN Tourism рушди сайёҳиро бо Ҳадафҳои рушди устувор, аз ҷумла шуғли арзанда, истеъмолу истеҳсоли масъулона ва ҳифзи захираҳо пайваст менамояд [8; 15]. Аз ин нуқтаи назар, арзёбии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон бояд на танҳо шумораи воридшавӣ, балки таъсири занҷираи арзиш ва сифати идоракуниро низ фаро гирад.

Дар доираи сиёсати миллӣ заминаи консептуалии рушди соҳа дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар гардидааст. Стратегия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ шуда, рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои минтақаҳо ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳиро аз вазифаҳои асосӣ муайян менамояд [2]. Ин ҳадафҳо бо самтҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки ба диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди бахши хусусӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ нигаронида шудааст, ҳамоҳанг мебошанд [3].

Навгонии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки динамикаи афзоиши ҷараёни сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои фаъолияти инфрасохторӣ ва меъёрҳои сифатии рушди устувор дар як низоми таҳлилӣ пайваст карда мешавад. Дар натиҷа, пешниҳод мегардад, ки самаранокии соҳа тавассути маҷмӯи нишондиҳандаҳо — шумораи сайёҳон, давомнокии иқомат, хароҷоти миёна, даромади субъектҳо, ҷойҳои корӣ, ҳиссаи хариди маҳаллӣ, сатҳи қаноатмандӣ ва нишондиҳандаҳои экологӣ — арзёбӣ гардад. Ин пешниҳод барои гузариш аз мониторинги миқдорӣ ба идоракунии натиҷавӣ аҳамияти амалӣ дорад.

Натиҷаҳо. Дар партави сиёсати давлатии рушди иқтисодию иҷтимоӣ соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон тадриҷан мавқеи муҳим пайдо намудааст. Таваҷҷуҳ ба истифодаи самараноки имкониятҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва рекреатсионӣ замина фароҳам овард, ки сайёҳӣ на танҳо воситаи муаррифии мамлакат, балки

ҳамчун омили таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, рушди соҳибкорӣ ва ободонии минтақаҳо арзёбӣ гардад [2; 3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои нодири рушди сайёҳӣ мебошад. Кӯҳҳои баланд, пиряхҳои бузург, дарёҳои пуроб, кӯлҳои баландкӯҳ, чашмаҳои минералӣ, иқлими гуногун ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ барои ташкили маҳсулоти гуногунсоҳаи сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Зиёда аз 90 фоизи ҳудуди кишварро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ин хусусият ба ташаккули маҳсулоти кӯҳӣ, экологӣ, саргузаштӣ ва деҳотӣ бартарии табиӣ медиҳад [5].

Пойгоҳи ҳуқуқию институтсионалии соҳа низ дар солҳои истиқлол тадриҷан густариш ёфтааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳа муайян намуда, масъалаҳои фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои сайёҳон ва истифодаи оқилонаи захираҳои сайёҳиро фаро мегирад [1]. Қабули Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 ва тадбирҳои солҳои 2018–2021 ба такмили муҳити институтсионалӣ ва муаррифии имкониятҳои мамлакат такони иловагӣ бахшиданд [2; 4].

Таҳлили динамикаи сайёҳии воридотӣ нишон медиҳад, ки соҳа пас аз коҳиши шадиди давраи пандемия ба марҳалаи барқароршавӣ ва афзоиш ворид шудааст. Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2018 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ҳамчун сайёҳ ба ҳисоб гирифта шуданд, тақрибан 1,035 млн нафар ва соли 2019 1,257 млн нафарро ташкил дод. Дар солҳои 2020–2021 бинобар маҳдудиятҳои пандемиявӣ ин нишондиҳанда коҳиш ёфт. Аз соли 2022 раванд барқарор шуда, соли 2025 шумораи сайёҳон ба 1,7844 млн нафар расид [6]. Ин афзоиш нишон медиҳад, ки талабот ба самти сайёҳии Тоҷикистон боло меравад, аммо барои баҳодиҳии таъсири иқтисодӣ бояд дар баробари шумора нишондиҳандаҳои хароҷот, давомнокии иқомат ва сохтори талабот низ омӯхта шаванд.

Ҷадвали 1. Шумораи сайёҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018–2025, ҳазор нафар

Сол	Шумораи сайёҳон, ҳазор нафар
2018	1035,0
2019	1257,0
2020	350,6
2021	296,3
2022	999,3
2023	1201,0
2024	≈1400,0
2025	1784,4

Манбаъ: *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [6; 13].*

Дар моҳҳои январ–марти соли 2026 дар ҷумҳурӣ 191 ширкати сайёҳии бақайдгирифташуда фаъолият намуда, 216 меҳмонхона ба меҳмонон хизмат расонидааст [13]. Афзоиши шумораи ширкатҳо ва объектҳои ҷойгиронӣ аз густариши базаи хизматрасонӣ шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, рушди миқдорӣ бояд бо стандартҳои ягонаи сифати хизматрасонӣ, шаффофияти иттилоот, дастрасии фармоиши рақамӣ, низоми самараноки суғурта ва баланд бардоштани амнияти сайёҳон ҳамроҳ гардад. Маҳз ин ҷузъҳо ба такрори ташриф ва ташаккули обрӯи мусбати самти сайёҳӣ таъсир мерасонанд.

Сайёҳии табиӣ ва экологӣ яке аз самтҳои дорои бартарии нисбии Тоҷикистон мебошад. Кӯҳҳои Помир ва Фон, Искандаркӯл, Ҳафткӯл, кӯли Сарез, пиряхҳо, мамнуъгоҳҳо ва паркҳои табиӣ барои треккинг, кӯҳнавардӣ, аксбардории табиат ва мушоҳидаи олами набототу ҳайвонот шароити мусоид доранд. Рушди чунин маҳсулот бояд бо принсипҳои маҳдуд намудани сарборӣ ба экосистема, идоракунии партовҳо, назорати сохтмон дар минтақаҳои ҳассос ва ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ ба манфиатҳои иқтисодӣ мувофиқ карда шавад. Дар акси ҳол афзоиши ташриф метавонад ба таназзули худи захирае оварда расонад, ки маҳсулоти сайёҳӣ ба он асос ёфтааст.

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ имкони дигаре мебошад, ки метавонад мавсимияти соҳаро коҳиш диҳад. Қалъаи Ҳисор, Саразм, Панҷакенти қадим, Ҳулбук, Аҷинатеппа, Қалъаи Хуҷанд, осорхонаҳо ва маҷмуаҳои меъморӣ барои ташкили хатсайрҳои маърифатӣ замина доранд. Арзиши иқтисодии чунин хатсайрҳо танҳо аз фурӯши чипта ба объектҳо иборат нест; он метавонад хизматрасонии роҳбаладӣ, меҳмондорӣ, нақлиёт, хӯрокворӣ, фурӯши ҳунарҳои мардумӣ ва чорабиниҳои фарҳангиро дар як занҷири ягона муттаҳид намояд. Барои ин зарур аст, ки маҳсулоти алоҳидаи минтақаҳо ба хатсайрҳои мавзӯии бисёррӯза табдил дода шаванд.

Сайёҳии кӯҳӣ ва саргузаштӣ барои Тоҷикистон дорои потенсиали махсус мебошад, зеро шоҳроҳи Помир, дараҳо, ағбаҳо ва масирҳои баландкӯҳ метавонанд барои велосипедронӣ, мотосайёҳӣ, рафтинг, лижаронӣ ва экспедитсияҳои варзишӣ истифода шаванд. Вале ин сегмент талаботи баланд ба амният дорад. Харитасозии дақиқ, алоқаи устувор, дастрасии хадамоти наҷот, стандартикунонии кори роҳбаладон ва ташкили суғуртаи мувофиқ бояд қисми ҷудонашавандаи рушди бозор бошанд.

Сайёҳии табобатию солимгардонӣ метавонад дар асоси чашмаҳои минералӣ ва муассисаҳои осоишгоҳӣ рушд ёбад. Бартарии ин самт дар он аст, ки вобастагии он аз мавсим нисбатан кам буда,

давомнокии иқомат бештар мешавад. Барои рақобатпазирӣ зарур аст, ки хизматрасонӣ ба ташхиси тиббӣ, талаботи санитарӣ, барномаҳои барқарорсозӣ ва маркетинги дақиқи маҳсулот асос ёбад. Ҳамгироии осоишгоҳҳо бо хатсайрҳои фарҳангӣ ва табиӣ метавонад хароҷоти як сайёҳро зиёд намояд.

Сайёҳии деҳотӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аҳамияти мустақими иҷтимоӣ дорад. Ҷойгиронии меҳмонон дар хонаҳои деҳотӣ, иштирок дар омода кардани таомҳои маҳаллӣ, шиносоӣ бо чакандӯзӣ, қолинбофӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ ва дигар ҳунарҳо даромадро ба сатҳи оила ва маҳал интиқол медиҳад. Барои густариши ин сегмент омӯзиши соҳибони хонаҳои меҳмонпазир, дастрасӣ ба маблағгузории хурд, риояи талаботи санитарӣ, низоми одии бақайдгирӣ ва маркетинги рақамӣ зарур мебошад.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ таъсири сайёҳӣ дорои хусусияти мултипликативӣ мебошад. Хароҷоти сайёҳ дар меҳмонхона, нақлиёт, тарабхона, бозор, осорхона ва хизматрасонии роҳбаладӣ ба даромади гурӯҳҳои гуногуни соҳибкорон табдил меёбад. Дар минтақаҳои кӯҳистон, ки имконияти рушди саноати калон маҳдуд аст, сайёҳӣ метавонад манбаи муҳими шуғли ғайрикишоварзӣ бошад. Бо вуҷуди ин, самараи мултипликативӣ дар ҳолате бештар мешавад, ки занҷираи таъминот ба маҳсулот ва хизматрасонии ватанӣ такя кунад.

Масъалаи “ихроҷи даромад” барои иқтисодиёти сайёҳӣ аҳамияти ҷиддӣ дорад. Агар қисми зиёди маводи ғизоӣ, таҷҳизот, маҳсулоти тӯҳфавӣ, низомҳои пардохтӣ ё хизматрасонии миёнаравӣ аз хориҷ таъмин шавад, қисми даромади сайёҳ аз иқтисоди миллӣ берун меравад. Аз ин рӯ, истифодаи маҳсулоти кишоварзии маҳаллӣ дар меҳмонхонаҳо, рушди истеҳсоли тӯҳфаҳои босифат, ҷалби роҳбаладони маҳаллӣ ва ташкили шабакаи таъминкунандагони дохилӣ бояд ҳамчун унсури сиёсати рушди сайёҳӣ баррасӣ шавад.

Рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои асосии рақобатпазирии самти сайёҳӣ табдил ёфтааст. Сайёҳ пеш аз сафар иттилоотро асосан дар муҳити рақамӣ меҷӯяд, арзёбиҳоро муқоиса мекунад, манзил ва нақлиётро онлайн фармоиш медиҳад ва таҷрибаи худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн менамояд. Аз ин рӯ, мавҷудияти портали ягонаи иттилоотӣ, харитаҳои рақамии хатсайрҳо, маълумоти дақиқ дар бораи нарх, ҷадвали нақлиёт, қоидаҳои боздид ва амният барои Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад. Рақамикунонӣ ҳамзамон ба ҷамъоварии маълумоти беҳтари оморӣ ва таҳлили рафтори бозор мусоидат мекунад.

Сифати сармояи инсонӣ масъалаи дигари калидӣ мебошад. Рушди устувори соҳа бе мутахассисони касбӣ, забондон ва дорои малакаҳои рақамӣ имконнопазир аст. Барномаҳои таълимӣ бояд донишҳои назариявиро бо таҷрибаомӯзӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, осорхонаҳо ва объектҳои табиӣ пайваст намоянд. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, маркетинги рақамӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ, идоракунии меҳмонхона, стандартҳои хизматрасонӣ ва амният бояд ба компетенсияҳои асосии хатмкунандагон табдил ёбанд.

Дар ин замина таъсиси муассисаҳои махсуси таълимӣ ва илмӣ, аз ҷумла муассисаи давлатии «Академияи сайёҳӣ»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, метавонад ба ҳамгироии таҳсил, илм ва таҷрибаи истеҳсолӣ мусоидат намояд [7]. Барои таъсири воқеӣ ба бозор зарур аст, ки фаъолияти чунин муассисаҳо бо таҳсилоти дуалӣ, лабораторияҳои амалӣ, таҳқиқоти бозорӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ ва шарикии доимӣ бо корфармоён пайваст карда шавад.

Мушкилоти инфрасохторӣ ҳанӯз яке аз маҳдудиятҳои асосии рушди минтақавии сайёҳӣ боқӣ мемонад. Сифати роҳҳои маҳаллӣ, аломатгузории хатсайрҳо, дастрасии интернет ва алоқа, ҳолати санитарии ҷойҳои боздид, таваққуфгоҳҳо, нуқтаҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии нақлиётӣ дар бисёр самтҳо ба сатҳи интизории сайёҳи муосир пурра мувофиқат намекунад. Ҳалли ин масъала танҳо аз ҳисоби буҷет имконнопазир буда, истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, механизмҳои грантӣ, қарзҳои имтиёзнок ва лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ зарур аст.

Аз ҷиҳати институтсионалӣ ҳамоҳангсозии байниидоравӣ аҳамияти махсус дорад. Рушди сайёҳӣ ба фаъолияти мақомоти нақлиёт, фарҳанг, муҳити зист, гумрук, сарҳад, ҳокимияти маҳаллӣ, маориф ва бахши хусусӣ вобаста мебошад. Агар қарорҳо дар ин самтҳо аз ҳам ҷудо қабул шаванд, хароҷоти маъмурӣ зиёд ва сифати маҳсулоти ниҳоӣ паст мешавад. Бинобар ин, дар минтақаҳои дорои иқтидори баланд таъсиси механизмҳои доимии ҳамоҳангсозӣ ва шӯроҳои рушди сайёҳӣ бо иштироки соҳибкорон ва ҷомеаҳои маҳаллӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар арзёбии рушди минбаъдаи соҳа гузариш аз нишондиҳандаи “шумораи сайёҳон” ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои натиҷавӣ муҳим мебошад. Ба чунин нишондиҳандаҳо метавон даромади умумӣ аз сайёҳӣ, хароҷоти миёнаи як меҳмон, шумораи шабҳои иқомат, сатҳи такрори ташриф, ҳиссаи маҳсулоти маҳаллӣ дар занҷираи таъминот, ҷойҳои кори таъсисёфта, сатҳи қаноатмандии сайёҳон ва нишондиҳандаҳои экологиро дохил намуд. Чунин система ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки самаранокии сиёсати соҳавиро дақиқтар арзёбӣ намоянд.

Маълумоти соли 2025 нишон медиҳад, ки аз 2 миллиону 104,7 ҳазор шаҳрванди хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид шудаанд, 1 миллиону 784,4 ҳазор нафар тибқи методологияи UN Tourism ҳамчун сайёҳ арзёбӣ гардидаанд. Нишондиҳандаи сайёҳон нисбат ба соли 2024 27,4 фоиз зиёд мебошад [6]. Ин рақам аз як тараф афзоиши ҷолибияти самти Тоҷикистонро нишон медиҳад, аз тарафи дигар зарурати фарқ гузоштан байни «воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ» ва «сайёҳ» дар таҳлили илмӣ ва омори соҳавиро тасдиқ мекунад. Истифодаи ду мафҳум ҳамчун нишондиҳандаи якхела метавонад ба баҳодиҳии нодурусти иқтидор ва самаранокии бозор оварда расонад.

Маълумоти январ–марти соли 2026 идомаи тамоюли мусбатро нишон медиҳад: 439,4 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ворид гардида, 371,3 ҳазор нафари онҳо ҳамчун сайёҳ арзёбӣ шудаанд; шумораи сайёҳон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20,9 фоиз афзоиш ёфтааст [13]. Дар ҳамин давра 191

ширкати сайёҳӣ ва 216 меҳмонхона фаъолият намуда, шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ 3821 нафар ва даромади онҳо аз хизматрасонӣ 72 миллиону 737,2 ҳазор сомониро ташкил додааст [13]. Маҳз нишондиҳандаҳои охир — шуғл ва даромад — барои муайян намудани саҳми воқеии сайёҳӣ дар иқтисодиёт нисбат ба танҳо шумораи ташрифҳо иттилои пурмазмунтар медиҳанд.

Сохтори ҷараёни хориҷӣ низ барои сиёсати бозорӣ аҳамияти калон дорад. Тибқи маълумоти Агентии омор, дар соли 2025 қисми асосии шаҳрвандони хориҷии воридшуда аз кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, ҳиссаи онҳо 91,8 фоизи шумораи умумиро ташкил додааст [6]. Чунин тамаркузи ҷуғрофӣ устувории ҷараёнро аз муносибатҳои минтақавӣ вобаста месозад. Барои диверсификатсияи бозор зарур аст, ки дар баробари нигоҳ доштани бозорҳои анъанавӣ таблиғи мақсаднок дар кишварҳое, ки талабот ба сайёҳии кӯҳӣ, саргузаштӣ, фарҳангӣ ва экологӣ баланд аст, густариш ёбад.

Барои муайян намудани таъсири иқтисодии сайёҳӣ маълумоти хароҷоти меҳмонон аҳамияти ҳалкунанда дорад. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 ҳисоботи таҳқиқоти интихобии сарҳадиро оид ба муайян намудани хароҷоти сайёҳон ҳангоми будубош дар ҷумҳурӣ нашр намуд [14]. Худи мавҷудияти чунин таҳқиқот заминаи муҳим барои гузариш ба арзёбии даромади воқеии сайёҳӣ мебошад. Минбаъд ин пурсишҳо бояд бо дарёфти устувор гузаронида шуда, натиҷаҳо аз рӯйи кишвар, мақсади сафар, давомнокии иқомат, навъи ҷойгиронӣ ва минтақаи боздид гурӯҳбандӣ карда шаванд.

Аз нуқтаи назари сиёсати давлатӣ таъсиси Муассисаи давлатии «Академияи сайёҳӣ»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2026, №119 заминаи нави институтсионалӣ барои ҳамгироии таҳсил, илм ва амалия фароҳам меорад [7]. Самаранокии ин ниҳод дар он ҳолат баланд мешавад, ки таҳқиқоти он ба масъалаҳои амалӣ — омори талабот, моделсозии ҷараёнҳои сайёҳӣ, стандартҳои хизматрасонӣ, идоракунии самт, маркетинги рақамӣ ва арзёбии таъсири экологӣ — бевосита пайваст карда шавад.

Аз муқоисаи равишҳои миллӣ ва байналмилалӣ бармеояд, ки марҳилаи навбатии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон бояд ба се тағйироти калидӣ такя намояд: якум, аз ҳисоб кардани ташрифҳо ба чен кардани арзиши иқтисодии як ташриф; дуюм, аз рушди объектҳои ҷудогона ба идоракунии маҷмӯии самтҳои сайёҳӣ; сеюм, аз чорабиниҳои парокандаи таблиғотӣ ба маркетинги сегментӣ ва далелмеҳвар. OECD чунин гузаришро барои баланд бардоштани устуворӣ ва тобоварии соҳа муҳим мешуморад [10].

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти сайёҳӣ дар январ–марти соли 2026

Нишондиҳандаи январ–марти соли 2026	Арзиш
Шаҳрвандони хориҷии воридшуда	439,4 ҳазор нафар
Аз ҷумла ҳамчун сайёҳ арзёбишуда	371,3 ҳазор нафар
Ширкатҳои сайёҳии фаъол	191 адад
Меҳмонхонаҳои фаъол	216 адад
Кормандони субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ	3821 нафар
Даромад аз хизматрасонии субъектҳо	72 737,2 ҳазор сомонӣ

Манбаъ: *таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [13].*

Муҳокима. Барои гузариш аз афзоиши миқдорӣ ба рушди сифатии сайёҳӣ зарур аст, ки сиёсати соҳавӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо принсипи идоракунии самтҳои сайёҳӣ мутобиқ карда шавад. Дар ин равиш минтақаи сайёҳӣ на ҳамчун маҷмӯи объектҳои алоҳида, балки ҳамчун маҳсулоти ягона баррасӣ мегардад, ки нақлиёт, ҷойгиронӣ, ғизо, фароғат, амният, иттилоот ва таассуроти умумии меҳмонро фаро мегирад. Агар яке аз ин унсурҳо заиф бошад, рақобатпазирии тамоми самт коҳиш меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи барномаҳои маҳаллӣ бояд занҷираи пурраи таҷрибаи сайёҳ аз марҳалаи банақшагирии сафар то бозгашт ва мубодилаи фикру мулоҳизаҳо таҳлил карда шавад.

Дар самти сармоягузорӣ афзалият бояд ба лоиҳаҳое дода шавад, ки ҳамзамон таъсири иқтисодӣ ва минтақавӣ доранд. Сохтмони меҳмонхонаҳои калон танҳо дар шаҳрҳои марказӣ наметавонад мушкилоти рушди ҳудудҳои дурдастро ҳал намояд. Барои минтақаҳои кӯҳӣ ва деҳот механизмҳои дастгирии меҳмонхонаҳои хурд, хонаҳои меҳмонпазир, нуқтаҳои хизматрасонии роҳӣ, марказҳои иҷораи таҷҳизоти кӯҳӣ, қаҳвахонаҳои маҳаллӣ ва коргоҳҳои ҳунармандӣ бештар мувофиқ мебошанд. Чунин лоиҳаҳо сармояи камтар талаб мекунанд, аммо имкони васеътари ҷалби аҳолиро ба занҷираи арзиш фароҳам меоранд. Дар ин замина, истифодаи қарзҳои имтиёзнок, кафолати қисмии давлатӣ барои соҳибкории хурд ва грантҳои рақобатӣ метавонад самаранок бошад.

Масъалаи мавсимият низ ба самаранокии иқтисодии корхонаҳои сайёҳӣ таъсири мустақим мерасонад. Вақте ки талабот танҳо ба чанд моҳи тобистон тамаркуз мекунад, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар субъектҳо дар қисми зиёди сол бо иқтидори нопурра фаъолият мекунанд. Барои коҳиш додани мавсимият рушди маҳсулоти зимистона, табобатию солимгардонӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, фестивалҳо, турҳои гастрономӣ ва барномаҳои кӯтоҳмуддати истироҳатӣ зарур мебошад. Тақвими ягонаи чорабиниҳои сайёҳӣ, ки пешакӣ барои бозори дохилӣ ва хориҷӣ нашр мешавад, метавонад ба тақсимоти нисбатан баробари ҷараёни меҳмонон дар тӯли сол мусоидат намояд.

Бозори дохилии сайёҳӣ низ бояд ҳамчун пояи устувории соҳа баррасӣ гардад. Талаботи дохилӣ нисбат ба ҷараёни хориҷӣ ба тағйироти геополитикӣ, маҳдудиятҳои сарҳадӣ ва бухронҳои берунӣ камтар вобаста мебошад. Ташкили хатсайрҳои дастрас барои оилаҳо, ҷавонон, донишҷӯён ва шаҳрвандони калонсол метавонад ба истифодаи мунтазами инфрасохтор ва баланд шудани фарҳанги саёҳат дар дохили кишвар мусоидат кунад. Ҳамзамон, рушди туризми дохилӣ барои корхонаҳои хурд имкони санҷидани маҳсулот, такмил додани хизматрасонӣ ва ҷамъоварии таҷрибаи бозорӣ пеш аз ворид шудан ба бозори байналмилалиро фароҳам меорад.

Дар сиёсати маркетингӣ зарур аст, ки Тоҷикистон на танҳо ҳамчун “кишвари кӯҳҳо”, балки ҳамчун маҷмӯи таҷрибаҳои гуногун муаррифӣ шавад. Бренди сайёҳии кишвар метавонад саёҳати кӯҳӣ, фарҳанги зинда, меҳмоннавозӣ, таомҳои миллӣ, мероси Роҳи Абрешим, экосистемаҳои нодир ва имкониятҳои саргузаштиро дар як паёми ягона муттаҳид намояд. Барои бозорҳои гуногун бояд маҳсулоти мақсаднок таҳия карда шавад: барои сайёҳи саргузаштӣ – масир ва амният; барои сайёҳи фарҳангӣ – мерос ва тафсири касбӣ; барои оила – бароҳатӣ ва дастрасӣ; барои сайёҳи дорои хароҷоти баланд – сифати инфиродии хизматрасонӣ ва таҷрибаи истисноӣ.

Таҳкими омори сайёҳӣ яке аз шартҳои асосии қабули қарорҳои босифат мебошад. Ҳисоб кардани танҳо шумораи шаҳрвандони хориҷии воридшуда барои таҳлили пурраи иқтисодиёти сайёҳӣ нокифоя аст. Зарур аст, ки маълумот дар бораи мақсади сафар, давомнокии иқомат, сохтори хароҷот, минтақаҳои боздид, намуди ҷойгиронӣ, воситаи нақлиёт ва сатҳи қаноатмандӣ мунтазам ҷамъоварӣ гардад. Татбиқи пурсишҳои сарҳадӣ ва меҳмонхонагӣ, истифодаи маълумоти рақамии фармоиш ва ҳамоҳангсозии омори мақомоти гуногун метавонад барои ташаккули “ҳисоби ёрирасони сайёҳӣ” ва баҳодиҳии саҳми воқеии соҳа дар иқтисоди миллӣ замина гузорад.

Дар соҳаи экологӣ принсипи “иқтидори таҳаммулпазирии самт” бояд бештар истифода шавад. Барои кӯлҳо, боғҳои табиӣ, дараҳои машҳур ва масирҳои баландкӯҳ муайян намудани шумораи оптималии боздид, ҷойҳои махсуси хаймазанӣ, низоми ҷамъоварии партов, қоидаҳои истифодаи нақлиёт ва назорати сохтмон муҳим аст. Дар объектҳое, ки сарборӣ босуръат меафзояд, ҷорӣ намудани пардохти экологӣ ё ҳаққи боздид метавонад ҳам воситаи танзими талабот ва ҳам манбаи маблағгузории ҳифзи муҳити зист бошад. Шарти асосӣ он аст, ки чунин маблағҳо шаффофона барои нигоҳдорӣ ва беҳтарсозии худи объект истифода шаванд.

Ниҳоят, рушди устувори сайёҳӣ бояд бо манфиатҳои ҷомеаи маҳаллӣ пайваст бошад. Агар аҳолии минтақа танҳо таъсири манфии зиёдшавии меҳмононро эҳсос намояд, вале аз даромад ва ҷойҳои корӣ баҳра набарад, устувории иҷтимоии соҳа зери хатар мемонад. Аз ин рӯ, дар лоиҳаҳои сайёҳӣ истифодаи қувваи кории маҳаллӣ, хариди маҳсулоти маҳаллӣ, омӯзиши соҳибкорон ва иштироки намояндагони ҷомеа дар банақшагирии хатсайрҳо бояд ҳамчун меъёри самаранокӣ муқаррар карда шавад. Ин равиш ба нигоҳдории ҳунарҳо, анъанаҳо ва муҳити фарҳангӣ низ мусоидат мекунад, ки худ қисми муҳими маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди устувори сайёҳӣ дар Тоҷикистон масъалаи як соҳа ё як мақоми давлатӣ нест. Маҳсулоти ниҳоии сайёҳӣ аз кори ҳамзамони нақлиёт, меҳмонхона, хӯрокворӣ, фарҳанг, муҳити зист, алоқа, хадамоти молиявӣ, мақомоти сарҳадӣ ва идоракунии маҳаллӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, нишондиҳандаи паст дар яке аз ин ҳалқаҳо метавонад арзиши тамоми таҷрибаи сайёҳро коҳиш диҳад. Ин ҳолат зарурати идоракунии байниидоравӣ ва муайян намудани масъулият барои натиҷаи ниҳоиро асоснок мекунад.

Дар сатҳи минтақавӣ ҷорӣ намудани модели ташкилоти идоракунии самти сайёҳӣ (destination management) метавонад механизми мувофиқ бошад. Вазифаи чунин сохтор на идора кардани соҳибкорон, балки ҷамъоварии маълумот, ҳамоҳангсозии тақвими чорабиниҳо, таҳияи бренди минтақа, стандартҳои иттилоотӣ, мониторинги қаноатмандии меҳмонон ва ҳалли мушкилоти умумии инфрасохторӣ мебошад. Барои Тоҷикистон ин модел метавонад аввал дар чанд минтақаи дорои ҷараёни устувори меҳмонон ба таври озмоишӣ татбиқ гардад ва пас аз баҳодиҳии натиҷаҳо васеъ карда шавад.

Аҳамияти амалии пешниҳодҳо барои мақомоти давлатӣ дар он аст, ки онҳо имкон медиҳанд сиёсати соҳа бо нишондиҳандаҳои ченшаванда пайваст карда шавад. Барои соҳибкорон бошад, чунин низом иттилоотро дар бораи талабот, мавсимият ва рафтори меҳмон беҳтар мекунад. Муассисаҳои таълимӣ метавонанд маълумоти мониторингиро барои навсозии барномаҳои таълимӣ ва омода намудани мутахассисони ба бозор зарур истифода баранд. Ҷомеаҳои маҳаллӣ низ дар сурати ҷалб шудан ба занҷираи таъминот ва банақшагирӣ манфиати мустақими бештар мегиранд.

Маҳдудияти таҳқиқот дар он аст, ки қисми омори дастрас ҳанӯз имкони ҳисоб кардани саҳми пурраи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, хароҷоти миёнаи як сайёҳ, давомнокии миёнаи иқомат ва таъсири мултипликативиро барои тамоми солҳо намедиҳад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои мақола бештар ба таҳлили тамоюлҳо ва асосноккунии механизми идоракунӣ равона шудаанд. Дар таҳқиқоти минбаъда истифодаи ҳисоби ёрирасони сайёҳӣ (Tourism Satellite Account), пурсишҳои мунтазами меҳмонон ва маълумоти сатҳи корхонаҳо метавонад дақиқии арзёбии иқтисодиро баланд бардорад [10; 14].

Хулоса. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мешавад, ки то сатҳи сиёсати соҳавӣ маҷмӯи ҳадди ақали нишондиҳандаҳои мониторингӣ муқаррар гардад: 1) шумораи сайёҳони воридотӣ ва дохилӣ; 2) давомнокии миёнаи иқомат; 3) хароҷоти миёнаи як сайёҳ; 4) даромади субъектҳои хизматрасонӣ; 5) шумораи ҷойҳои корӣ; 6) ҳиссаи хариди молу хизматрасонии маҳаллӣ; 7) сатҳи қаноатмандии меҳмонон; 8) сарбории экологӣ дар самтҳои сербоздид. Ҷамъоварии мунтазами ин маълумот имконият медиҳад, ки самаранокии

барномаҳои давлатӣ на аз рӯйи ҳаҷми чорабиниҳо, балки аз рӯйи натиҷаи воқеии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ гардад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дорои заминаи воқеии табдил додани сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди миллӣ мебошад. Афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ аз тақрибан 1,035 млн нафар дар соли 2018 то 1,7844 млн нафар дар соли 2025 далели афзоиши таваҷҷуҳ ба маҳсулоти сайёҳии кишвар аст [6]. Вале марҳалаи минбаъда бояд на танҳо ба зиёд намудани шумораи ташрифҳо, балки ба баланд бардоштани даромаднокӣ, давомнокии иқомат, сифати хизматрасонӣ, фарогирии минтақаҳо ва устувории экологӣ равона шавад.

Барои ин, пеш аз ҳама, низоми мониторинги соҳавӣ бояд бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва сифатӣ ғанӣ карда шавад; стандартҳои хизматрасонӣ ва амният дар хатсайрҳои кӯҳӣ такмил ёбанд; рақамикунонии иттилоот, фармоиш ва маркетинг густариш пайдо кунад; механизмҳои дастгирии соҳибкории хурди сайёҳӣ ва хонаҳои меҳмонпазир содда гарданд; харидории маҳсулоти маҳаллӣ аз ҷониби меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо ҳавасманд карда шавад; ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корфармоён дар асоси таҳсилоти дуалӣ ва таҷрибаомӯзии воқеӣ тақвият ёбад.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат, бахши хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ, такмили инфрасохтор, рушди кадрҳо, рақамикунонӣ ва истифодаи оқилонаи мероси табиӣ ва фарҳангӣ шарти асосии рақобатпазирии Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мебошад. Дар ин ҳолат сайёҳӣ метавонад ҳамзамон вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва минтақавиро иҷро намуда, ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва коҳиши тафовути рушди ҳудудҳо мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1717 (бо тағйирот аз 13 ноябри соли 2024, №2104) [Манбаи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mmk.tj/node/1241 (санаи мурочиат: 07.08.2026).

2. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ шудааст [Манбаи электронӣ]. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://ctd.tj/ru/2023/09/22/стратегия-развития-туризма-в-республ/ (санаи мурочиат: 07.08.2026).

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст [Манбаи электронӣ]. ADLIA. URL: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=128292 (санаи мурочиат: 07.08.2026).

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26 декабри соли 2018 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 07.08.2026).

5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон дар рақамҳо 2025 = Таджикистан в цифрах 2025 = Tajikistan in figures 2025. Душанбе: Агентии омор, 2025. 166 с.

6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар соли 2025 зиёда аз 2,1 миллион шаҳрванди хориҷӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд. 26.02.2026 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.stat.tj/ru/v-2025-godu-bolee-21-milliona-inostranczev-posetili-tadzhikistan/ (санаи мурочиат: 07.08.2026).

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2026, №119 «Дар бораи Муассисаи давлатии “Академияи сайёҳӣ”-и Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”» [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.president.tj/event/documents/resolutions/54882 (санаи мурочиат: 07.08.2026).

8. UN Tourism. International Tourism Highlights, 2024 Edition. Madrid: World Tourism Organization, 2024.

9. World Travel & Tourism Council. Travel & Tourism Economic Impact Research 2024: Global Trends. London: WTTC, 2024.

10. OECD. OECD Tourism Trends and Policies 2024. Paris: OECD Publishing, 2024. 353 p. DOI: 10.1787/80885d8b-en.

11. Weaver D. Sustainable Tourism: Theory and Practice. Oxford: Elsevier Butterworth-Heinemann, 2006.

12. Hall C.M. Tourism Planning: Policies, Processes and Relationships. 2nd ed. Harlow: Pearson Education, 2008.

13. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, афзоиш ёфт. 18.05.2026 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.stat.tj/ru/chislo-inostrannyh-turistov-posetivshih-tadzhikistan-uvelichilos/ (санаи мурочиат: 07.08.2026).

14. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисоботи таҳқиқоти интихобии яквақтаи сайёҳӣ дар сарҳад оид ба муайян намудани харочоти сайёҳон ҳангоми будубош дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28.02.2024 [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.stat.tj/ru/otchet-edinovremennogo-vyborochnogo-obsledovaniya-turizma-na-granicze-ob-opredelenii-rashodov-turistov-vo-vremya-prebyvaniya-na-territorii-respubliki-tadzhikistan/ (санаи мурочиат: 07.08.2026).

15. World Tourism Organization; United Nations Development Programme. Tourism and the Sustainable Development Goals – Journey to 2030. Madrid: UNWTO, 2018.

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017, №1450 [Манбаи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-сайёҳии-дохилӣ (санаи мурочиат: 07.08.2026).

УДК: 338.48:330.15

МУАММОҲОИ РЕНТАИ САЙЁҲӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, МЕТОДОЛОГӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

Абдалимов Абдураҳмон

Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондорӣ. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 48/5 хиёбони Борбад. Телефон: (+992) 934219093.

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии ташаккул, арзёбӣ ва тақсимоти рентаи сайёҳӣ таҳқиқ шудаанд. Нишон дода мешавад, ки нодирӣ ва маҳдудияти захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва рекреатсионӣ метавонанд манбаи даромади рентавӣ бошанд. Масъалаҳои ҷудо намудани рента аз фоидаи соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба рента, баҳодиҳии захираҳо, мавсимият, рентаҷӯӣ ва хароҷоти экологӣ баррасӣ гардидаанд. Дар мисоли Помир, Искандаркӯл, Варзоб, Ҳисор ва Саразм иқтидори рентаофарии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Навгонии илмӣ дар пешниҳоди модели ҳамгирои ташаккул, азхудкунӣ, тақсимот ва бозгашти қисми рента ба рушди дестинатсия ифода меёбад.

Калидвожаҳо: рентаи сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, даромади рентавӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, дестинатсия, тақсимоти рента, рушди устувор, Тоҷикистон.

ПРОБЛЕМЫ ТУРИСТИЧЕСКОЙ АРЕНДНОЙ ПЛАТЫ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ, МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

Абдалимов Абдурахмон

Академия сайёҳӣа Международного университета сайёҳӣа и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры туристического и гостиничного бизнеса. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 934219093.

В статье исследуются теоретические, методологические и институциональные проблемы формирования, оценки и распределения туристской ренты. Показано, что уникальность и ограниченность природных, историко-культурных и рекреационных ресурсов могут создавать рентный доход. Рассмотрены вопросы разграничения ренты и предпринимательской прибыли, оценки ресурсов, сезонности, рентоориентированного поведения и экологических издержек. На примере Памира, Искандеркуля, Варзоба, Гиссара и Саразма проанализирован рентный потенциал туризма Таджикистана. Научная новизна состоит в предложении интегрированной модели формирования, присвоения, распределения и территориального возврата туристской ренты.

Ключевые слова: туристская рента, туристские ресурсы, рентный доход, экономическая оценка, дестинация, распределение ренты, устойчивое развитие, Таджикистан.

ISSUES OF TOURISM RENT: THEORETICAL, METHODOLOGICAL, AND INSTITUTIONAL ASPECTS

Abdalimov Abdurahmon

Academy of Tourism, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences (PhD equivalent), Associate Professor at the Department of Tourism and Hospitality Business. Address: 734055 Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue.
Phone: (+992) 934219093.

The article examines theoretical, methodological and institutional issues related to the formation, valuation and distribution of tourism rent. It shows that unique and spatially limited natural, historical, cultural and recreational resources can generate rent-derived income. The study addresses the distinction between rent and entrepreneurial profit, resource valuation, seasonality, rent-seeking and environmental costs. The tourism rent potential of Tajikistan is analysed using the Pamirs, Iskanderkul, Varzob, Hisor and Sarazm as cases. The scientific novelty lies in an integrated model of tourism rent formation, appropriation, distribution and territorial reinvestment.

Keywords: tourism rent, tourism resources, rent-derived income, economic valuation, destination, rent distribution, sustainable development, Tajikistan.

Муқаддима. Рушди соҳаи сайёҳӣ бо истифодаи захираҳое алоқаманд аст, ки хусусияти иқтисодии онҳо аз захираҳои бисёр соҳаҳои дигари иқтисодиёт фарқ мекунад. Манзараи кӯҳӣ, кӯли табиӣ, чашмаи шифобахш, иқлими мусоид, ёдгории бостоншиносӣ, маҷмааи меъморӣ ё мероси фарҳангии маҳал бо фаъолияти корхонаи сайёҳӣ истеҳсол карда намешаванд. Бо вуҷуди ин, маҳз мавҷудияти чунин захираҳо барои ташаккули талабот, нархи маҳсулоти сайёҳӣ ва даромаднокии фаъолияти соҳибкорӣ замина фароҳам меорад.

Ин хусусият масъалаи рентаи сайёҳиро ба миён мегузорад. Субъекти иқтисодӣ метавонад на танҳо аз ҳисоби меҳнат, сармоя, технология ва қобилияти соҳибкорӣ, балки аз ҳисоби истифодаи захираи нодир ё ҷойгиршавии мусоид низ даромади иловагӣ ба даст орад. Маҳз қисми дуюми чунин даромад мазмуни муносибатҳои рентавиро ташкил медиҳад.

Дар назарияи иқтисодӣ рента бо маҳдудият, нодирӣ ва мавҷудияти бартарии нисбӣ алоқаманд карда мешавад. Вале татбиқи назарияи классикии рента нисбат ба сайёҳӣ як қатор мушкилот дорад. Маҳсулоти сайёҳӣ маҷмӯӣ буда, дар ташаккули он ҳамзамон захираи табиӣ, инфрасохтор, меҳнат, сармояи хусусӣ, сармоягузории давлатӣ, имиҷи ҳудуд ва муҳити иҷтимоӣ иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, муайян намудани таносуби байни даромади соҳибкорӣ ва рентаи иқтисодие, ки дар натиҷаи истифодаи захираҳои маҳдуд ташаккул меёбад, дар сохтори даромади умумӣ яке аз масъалаҳои мураккаби таҳлили иқтисодӣ ба шумор меравад.

Дар таҳқиқоти қаблӣ намудҳои рентаи сайёҳӣ, аз ҷумла рентаи табиӣ, фарҳангӣ, инфрасохторӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, зарурати тақсимоти манфиатҳои рентавӣ байни давлат, соҳибкорон ва аҳолии маҳаллӣ асоснок карда шудааст [1, саҳ. 276–284]. Идомаи мантиқии ин масъала таҳқиқи муаммоҳое мебошад, ки ҳангоми гузариш аз муайян намудани мафҳум ба истифодаи амалии механизми рента ба вуҷуд меоянд.

Дар адабиёти муосири хориҷӣ низ муносибат ба рентаи сайёҳӣ васеъ гардидааст. Г. Вейбург, М.Б. Аалберс, В. Конте ва А. Стоффелен онро ҳамчун “як шакли монополия ва иҷораи дифференсиалӣ” арзёбӣ мекунанд ва нишон медиҳанд, ки манбаи он метавонад ҳам неъматҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ ва ҳам арзиши рамзии макон бошад [13, саҳ. 715].

Ин муносибат аҳамияти назариявии муҳим дорад. Рентаи сайёҳӣ танҳо ба қитъаи замин ё захираи табиӣ маҳдуд намешавад. Имиҷи дестинатсия, мероси фарҳангӣ, ҷойгиршавӣ ва ҳатто сармоягузории ҷамъиятӣ метавонанд ба пайдоиши даромади рентавӣ мусоидат намоянд.

Мақсади таҳқиқот муайян ва низомбандӣ намудани муаммоҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии ташаккул, арзёбӣ, азхудкунӣ ва тақсимоти рентаи сайёҳӣ ва пешниҳоди механизми такмили идоракунии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои расидан ба мақсад вазифаҳои зерин гузошта шудаанд: муайян намудани сарҳади иқтисодии рентаи сайёҳӣ ва фоидаи соҳибкорӣ; таҳлили масъалаи муайян намудани манбаи рента; омӯзиши ҳуқуқи иқтисодӣ ба рента; ошкор намудани муаммоҳои арзёбии миқдорӣ; таҳқиқи рентаи монополӣ ва рентаҷӯӣ; таҳлили масъалаи тақсимоти ҳудудии рента; муайян намудани хусусиятҳои рентаофари баъзе дестинатсияҳои Тоҷикистон ва пешниҳоди модели муаллифии идоракунии рента.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро назарияи иқтисодии рента, муносибати институтсионалӣ, назарияи рентаҷӯӣ ва принсипҳои иқтисодиёти захираҳо ташкил медиҳанд. Барои таҳлили масъала усулҳои таҳлилу синтез, абстраксияи илмӣ, муқоисаи назариявӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили сабабу натиҷа ва муносибати низомӣ истифода шуданд.

Муносибати институтсионалӣ барои таҳлили ҳуқуқ ба захира ва рента, нақши давлат, корхонаҳо ва ҷомеаи маҳаллӣ истифода гардид. Усули муқоисавӣ имкон дод, ки фоидаи муқаррарии соҳибкорӣ аз қисми эҳтимолии рентавии даромад аз ҷиҳати назариявӣ ҷудо карда шавад.

Пояи иттилоотии таҳқиқотро корҳои илмӣ оид ба рентаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, таҳқиқоти рентаҷӯӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумоти ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба объектҳои мероси табиӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Яке аз мушкилоти аввалини назариявӣ набудани муносибати ягона ба ҳудуди мафҳуми «рентаи сайёҳӣ» мебошад. Дар адабиёт мафҳумҳои рентаи сайёҳӣ, рекреатсионӣ, табиӣ, замин, монополӣ ва дифференсиалӣ ба ҳам наздик истифода мешаванд.

Н.И. Гаврильчак ҳангоми таҳлили рентаи рекреатсионӣ шаклҳои дифференсиалӣ, абсолютӣ ва монополии онро ҷудо намуда, шароити мусоиди табиию иқлимӣ, фарқи ҷойгиршавӣ ва нодирии захираҳоро ҳамчун омилҳои ташаккули даромади рентавӣ арзёбӣ менамояд [2, саҳ. 86–92].

Аз ҷиҳати методологӣ муҳим он аст, ки на ҳар гуна фоидаи баландро рента ҳисоб кунем.

Агар ширкати сайёҳӣ аз ҳисоби маркетинги хуб, идоракунии самаранок, сифати баланди хизмат, навоварӣ ё коҳиши хароҷот фоидаи бештар гирад, чунин даромади иловагӣ натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Вале агар ду субъекти дорои сатҳи тақрибан якхелаи сармоя ва сифати идоракунӣ танҳо аз он сабаб даромаднокии гуногун дошта бошанд, ки яке дар назди объекти нодири табиӣ ё фарҳангӣ ҷойгир шудааст, қисми фарқияти даромад метавонад хусусияти рентавӣ дошта бошад.

Аз ин нуқтаи назар сохтори даромадро ба таври шартӣ чунин ифода кардан мумкин аст:

Фоидаи умумӣ = фоидаи муқаррарӣ + мукофоти хавф ва соҳибкорӣ + даромади рентавӣ.

Мушкили асосӣ дар он аст, ки дар ҳисоботи молиявӣ ин се унсур одатан аз ҳам ҷудо карда намешаванд.

С. Бардаш ва Т. Осадча нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ташаккул, ҷамъоварӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии рента барои рушди низоми миллии сайёҳӣ аҳамият доранд ва ҷудо кардани он дар низоми баҳисобгирӣ масъалаи мустақили методологӣ мебошад [8, саҳ. 9–20].

Ҳамин тариқ, муаммои аввалини рентаи сайёҳӣ фарқ гузоштан байни самараи воқеии фаъолияти соҳибкор ва даромади аз нодирии захира бадастомада мебошад.

Дар соҳаҳои истихроҷӣ муайян кардани манбаи рента нисбатан осон аст. Дар сайёҳӣ маҳсулоти ниҳоӣ аз маҷмӯи омилҳо таркиб меёбад.

Масалан, талабот ба минтақаи сайёҳии кӯҳӣ метавонад аз чунин омилҳо вобаста бошад: нодирии манзара; иқлим; дастрасии нақлиётӣ; фарҳанги маҳаллӣ; амният; сифати роҳ; меҳмонхонаҳо; имиҷи минтақа; сатҳи хизматрасонӣ ва маркетинг.

Агар ҳамаи ин омилҳо ба нархи маҳсулоти сайёҳӣ таъсир расонанд, савол ба миён меояд, ки кадоме аз онҳо манбаи рента мебошад.

Аз назари мо, бояд байни чор гурӯҳи омили рентаофар фарқ гузошта шавад:

- ✓ омили табиӣ — иқлим, манзара, кӯл, кӯҳ, чашма, олами набототу ҳайвонот;
- ✓ омили фарҳангӣ — мероси меъморӣ, бостоншиносӣ, анъана ва арзиши таърихӣ;
- ✓ омили маконӣ — наздикӣ ба бозори истеъмолӣ, роҳ, маркази шаҳр ё объекти ҷолиб;
- ✓ омили ҷамъиятӣ-инфрасохторӣ — роҳ, ободонӣ, амният, коммуникатсия ва сармоягузорие, ки аз ҳисоби захираҳои ҷамъиятӣ анҷом дода шудааст.

Аҳамияти гурӯҳбандии мазкур дар он аст, ки ҳуқуқ ба даромади аз ҳар як омил бадастомада метавонад гуногун бошад.

Агар қисми арзиши маҳсулот аз сармоягузории хусусии соҳибкор ба вуҷуд ояд, манфиати он бояд ба соҳибкор тааллуқ дошта бошад. Агар арзиш аз нодирии захираи ҷамъиятӣ ё сармоягузории давлатӣ ташаккул ёфта бошад, масъалаи иштироки ҷомеа дар тақсимоти даромади иловагӣ ба миён меояд.

Саволи муҳимтарини муносибатҳои рентавӣ ин аст: ки соҳиби иқтисодии рента мебошад?

Дар муносибатҳои сайёҳӣ ҳадди ақал чор гурӯҳи манфиатдор вуҷуд доранд.

Аввал, давлат, ки захираҳои табиӣ, мероси давлатӣ ва қисми зиёди инфрасохтори ҷамъиятиро идора менамояд.

Дуюм, мақомоти маҳаллӣ, зеро захира дар ҳудуди муайян ҷойгир буда, маҳз ҳамон ҳудуд сарбории инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва экологиро қабул мекунад.

Сеюм, соҳибкор, ки сармоя, меҳнат ва қобилияти ташкилотиро истифода намуда, захираро ба маҳсулоти бозорӣ табдил медиҳад.

Чорум, аҳолии маҳаллӣ, ки муҳити иҷтимоӣ, фарҳанг, урфу одат ва қисми муҳими ҷолибияти ғайримоддии дестинатсияро нигоҳ медорад.

Агар ҳуқуқ ба рента равшан муайян нашуда бошад, эҳтимол қисми арзише, ки аз захираи ҷамъиятӣ пайдо шудааст, пурра ба шакли фоидаи хусусӣ аз худ карда шавад.

Дар ин ҳолат чунин зиддият ба вуҷуд меояд: манбаи арзиш – ҷамъиятӣ; хароҷоти ҳифз – ҷамъиятӣ; даромади иловагӣ – хусусӣ.

Чунин таносуб на ҳамеша самаранок ё одилона мебошад.

Аз тарафи дигар, давлат низ набояд тамоми фоидаи баланди соҳибкорро ҳамчун рента баррасӣ намояд. Дар ин ҳолат ангезаи сармоягузорӣ, навоварӣ ва баланд бардоштани сифати хизмат коҳиш меёбад.

Аз ин рӯ, сиёсати рентавӣ бояд ба тавозуни манфиатҳо асос ёбад.

Механизми тақсимоти рента танҳо дар сурате самаранок буда метавонад, ки ҳаҷми он ба таври нисбатан боэътимод ҳисоб карда шавад.

Дар шакли умумӣ рентаро метавон ҳамчун фарқи байни фоидаи воқеӣ ва фоидаи муқаррарӣ ифода намуд:

$$\mathbf{R = Pa – Pn,}$$

ки дар он:

R — даромади рентавӣ;

Pa — фоидаи воқеии субъект;

Pn — фоидаи муқаррарӣ дар шароити муқоисавӣ.

Аммо мушкил маҳз дар муайян намудани **Pn** аст.

Фоидаи муқаррарӣ барои меҳмонхона дар маркази шаҳр, меҳмонхонаи кӯҳӣ ва хонаи меҳмонпазир дар деҳот якхела буда наметавонад. Ба он ҳаҷми сармоя, хавф, мавсимият, дастрасӣ, шумораи мизоҷон ва хароҷоти логистикӣ таъсир мерасонанд.

Аз ин рӯ, формулаи одии фарқи фоида барои баҳодиҳии ҳамаи намудҳои рента нокифоя мебошад.

Барои ҳисобкунии мукаммалтар чунин омилҳо ҳамчун арзиши сармояи хусусӣ, меъёри муқаррарии фоида дар сегмент, хавфи соҳибкорӣ, арзиши меҳнат, мавсимият, хароҷоти нақлиётӣ, арзиши инфрасохтори ҷамъиятӣ, нодирии захира, фарқи ҷойгиршавӣ, хароҷоти экологӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Н.И. Гаврильчак баҳодиҳии захираҳои рекреатсионӣ ва фарқ кардани шароити истифодаи онҳоро барои механизми рентавӣ муҳим арзёбӣ менамояд [2, саҳ. 90–92].

Аз ин рӯ, пеш аз ҷорӣ намудани ҳар гуна пардохти махсус бояд методологияи иқтисодии баҳодиҳии захираи сайёҳӣ таҳия гардад.

Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои дорои мавсимияти баланд мебошад. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ё курортӣ қисми асосии даромади солона метавонад танҳо дар давоми чанд моҳ ба даст ояд.

Дар мавсими баланд маҳдудияти ҷойҳои ҷойгиронӣ ва зиёд шудани талабот ба болоравии нарх мусоидат мекунад. Вале тамоми фарқи нархи мавсимӣ рента нест.

Қисме аз даромади баланд бояд хароҷоти давраи пастро ҷуброн кунад. Соҳибкор маҷбур аст нигоҳдории объект, музди баъзе кормандон, андоз, таъмир ва дигар хароҷотро дар давраи кам будани мизоҷон низ таъмин намояд.

Аз ин рӯ: **даромади мавсимӣ ≠ рентаи мавсимӣ.**

Қисми рентавӣ танҳо баъди тарҳи хароҷоти воқеӣ ва фоидаи муқаррарии солона муайян карда мешавад.

Ин масъала барои минтақаҳои сайёҳии кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад.

Бояд қайд кард, ки рентаи дифференсиалӣ дар ҳолате ташаккул меёбад, ки объектҳои дорои шароити гуногун дар як бозор фаъолият мекунанд.

Меҳмонхонае, ки бевосита назди объекти машҳур ҷойгир аст, нисбат ба меҳмонхонаи дорои сифати ҳамсон, вале дар масофаи дур ҷойгиршуда, метавонад талаботи бештар дошта бошад.

Фарқи даромад дар ин ҳолат на ҳамеша натиҷаи самаранокии идоракунӣ аст. Қисми он аз мавқеи ҷуғрофӣ ба вуҷуд меояд.

Козырев масъалаи рентаи туристиро маҳз бо истифодаи захираҳои гуногунсифати сайёҳӣ ва бартариҳои иқтисодии маконӣ алоқаманд менамояд [4, саҳ. 24–31].

Барои Тоҷикистон ин намуди рента дар минтақаҳои наздик ба объектҳои маъруф, роҳҳои асосӣ ва марказҳои калони истеъмолӣ аҳамияти махсус дорад.

Агар объект дорои хусусияти нодир бошад ва ивазкунандаи наздик надошта бошад, замина барои рентаи монополӣ ба вуҷуд меояд.

Дар ин ҳолат истеъмолкунанда барои дастрасӣ ба таҷрибаи нодир омода аст нархи баландтар пардохт намояд.

Масалан, нархи хизмат дар назди як ёдгории беназир на танҳо аз хароҷоти меҳнат ва сармоя, балки аз нодирии худи объект вобаста буда метавонад.

Дар таҳқиқоти Wijburg ва ҳаммуаллифон рентаи сайёҳӣ ҳамчун шакли рентаи монополӣ ва дифференсиалӣ арзёбӣ гардида, манбаи он бо неъматҳои табиӣ, ҷамъиятӣ ва маънои рамзии макон алоқаманд карда мешавад [13, саҳ. 715–717].

Масъала дар он аст, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба объекти ҷамъиятии нодир метавонад ба манбаи монополияи хусусӣ табдил ёбад.

Аз ин рӯ, бояд байни нархи хизматрасонии соҳибкор ва арзиши ҳуқуқи истифодаи захираи ҷамъиятӣ фарқ гузошта шавад.

Рента метавонад аз нодирии объективии захира ташаккул ёбад. Рентаҷӯӣ бошад, ба кӯшиши гирифтани имтиёзи иқтисодӣ тавассути назорати ҳуқуқ, иҷозат, маҳдуд намудани рақобат ё таъсир ба қарорҳои институтсионалӣ алоқаманд мебошад.

J.M. Buchanan фаъолияти рентаҷӯиро аз фаъолияти одии фоидаҷӯёна фарқ намуда, нишон медиҳад, ки захираҳои иқтисодӣ метавонанд барои гирифтани манфиати тақсимотӣ, на барои эҷоди маҳсулоти нав, истифода шаванд [9, саҳ. 3–15].

G. Tullock низ нишон медиҳад, ки рақобат барои имтиёзҳои монополӣ метавонад худ хароҷоти ҷамъиятиро ба вуҷуд орад [10, саҳ. 224–232].

Дар соҳаи сайёҳӣ зуҳуроти эҳтимолии рентаҷӯӣ метавонанд чунин бошанд:

- ✓ гирифтани ҳуқуқи истисноӣ ба объекти сайёҳӣ бидуни рақобати шаффоф;
- ✓ гирифтани қитъаи дорои арзиши баланди сайёҳӣ бо шартҳои ғайрибозорӣ;
- ✓ маҳдуд кардани дастрасии дигар субъектҳо;
- ✓ хусусигардонии амалии фазои ҷамъиятӣ;
- ✓ имтиёзҳои интихобӣ;
- ✓ истифодаи захираи ҷамъиятӣ бидуни пардохти мувофиқ.

Аз ин нуқтаи назар муҳим аст, ки давлат на танҳо ҳаҷми даромад, балки тарзи пайдо шудани ҳуқуқ ба даромади рентавиро низ назорат намояд.

Рентаи сайёҳӣ ҳамеша хусусияти маконӣ дорад. Захира дар ҳудуди муайян ҷойгир мешавад, турист ба ҳамон ҳудуд меояд ва маҳз ҷомеаи маҳаллӣ таъсири ҷараёни сайёҳиро қабул мекунад.

Дар баробари манфиатҳои иқтисодӣ сайёҳӣ метавонад аз ҳисоби афзоиши партов, сарборӣ ба роҳ, истифодаи об, болоравии нархи замин, фишор ба муҳити табиӣ, тағйироти иҷтимоӣ хароҷот низ ба вуҷуд орад.

Агар даромади асосӣ ба субъектҳои берун аз минтақа гузарад ва хароҷот дар минтақа боқӣ монад, нобаробарии ҳудудӣ ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, мо принсипи бозгашти ҳудудии рентаро пешниҳод менамоем.

Мазмуни ин принсип чунин аст: қисми муайяни даромади аз истифодаи захираи мушаххас бадастомада бояд барои нигоҳдорӣ ва рушди ҳамон дестинатсия равона карда шавад.

Маблағ метавонад барои ҳифзи объект, таъмири инфрасохтор, идоракунии партов, омодасозии кадрҳои маҳаллӣ. рушди соҳибкории маҳаллӣ, ҳифзи фарҳанг ва анъанаҳо истифода шавад.

Яке аз камбудиҳои муносибати анъанавӣ ба даромаднокии сайёҳӣ ба ҳисоб нагирифтани талафоти экологӣ мебошад.

Агар корхонаи сайёҳӣ дар натиҷаи истифодаи интенсивии объект фоидаи баланд гирад, вале ҳамзамон захираи табиӣ фарсуда шавад, як қисми фоидаи ҳозира аз ҳисоби коҳиши сармояи табиӣ дар оянда ба даст омадааст.

Аз ин рӯ Рентаи холиси ҷамъиятӣ = рентаи умумӣ – хароҷоти экологӣ – хароҷоти барқарорсозӣ – хароҷоти инфрасохтории ҷамъиятӣ.

Агар ин хароҷот ба назар гирифта нашаванд, ҳаҷми манфиати воқеӣ аз нуқтаи назари ҷомеа аз ҳад зиёд нишон дода мешавад.

Барои чунин вазъ мафҳуми «рентаи бардурӯғи сайёҳӣ» пешниҳод карда мешавад.

Рентаи бардурӯғ қисми даромадест, ки дар сатҳи корхона ҳамчун фоидаи иловагӣ зоҳир мешавад, вале баъдан ҷомеа барои барқарор намудани захира ё инфрасохтори фарсудашуда хароҷоти баробар ё зиёдтар мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рентаи сайёҳӣ дорои аҳамияти махсус мебошад, зеро қисми муҳими бартарии сайёҳии мамлакат ба захираҳои маҳдуд ва нодири табиӣ ва таърихию фарҳангӣ такя мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рушди соҳаро муайян менамояд [3, саҳ. 1].

Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ истифодаи самараноки захираҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаро яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатӣ мешуморад [7, саҳ. 1–2].

Аммо таҳлили санадҳои мазкур нишон медиҳад, ки мафҳуми махсуси «рентаи сайёҳӣ», тартиби ҳисоб намудани он ва механизми мустақили тақсимоти он ҳамчун институти алоҳида муқаррар нашудааст.

Ин маънои онро надорад, ки рента вуҷуд надорад. Он метавонад дар таркиби нархи хизмат, фоидаи корхона, арзиши иҷора, нархи замин, арзиши амвол, ҳаққи дастрасӣ ба объект пинҳон бошад.

Аз ин рӯ, масъалаи аввалиндараҷа барои Тоҷикистон дар марҳалаи кунунӣ на ҳатман ҷорӣ намудани пардохти нави рентавӣ, балки муайян ва чен намудани худи рента мебошад.

Помир дорои захираҳои табиию ландшафтии дорои аҳамияти байналмилалӣ мебошад. Боғи миллии Тоҷикистон — Кӯҳҳои Помир соли 2013 ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудааст [11].

Аз нуқтаи назари рента, аҳамияти минтақа пеш аз ҳама аз нодирии захира ва ғайриимкон будани такрористеҳсоли сунъии он бармеояд.

Манзараи баландкӯҳ, пиряхҳо, кӯлҳо ва хусусиятҳои геоморфологӣ омилҳое мебошанд, ки корхонаи сайёҳӣ онҳоро намеофарад, вале дар асоси онҳо маҳсулот мефурӯшад.

Дар чунин шароит мантиқи ташаккули рента чунин аст: нодирии захира → талаботи сайёҳӣ → имконияти нархи баландтар → даромади иловагӣ.

Аммо афзоиши сайёҳон метавонад сарбории экологиро зиёд кунад. Аз ин рӯ, қисми даромади рентавӣ бояд барои нигоҳдории худи захира равона карда шавад.

Искандаркӯл намунаи объектест, ки дар он рента метавонад бештар хусусияти дифференсиалӣ дошта бошад.

Субъектҳое, ки ба объект наздиктар ҷойгир шудаанд, нисбат ба объектҳои аз минтақа дуртар бартарии ҷойгиршавӣ пайдо мекунанд.

Аммо ҳисоб намудани қисми рента дар ин ҷо аз сабаби мавсимияти баланди фаъолияти сайёҳӣ душвор мегардад.

Нархи баланд дар мавсими тобистон пурра рента нест. Қисме аз он хароҷоти фаъолияти мавсимӣ ва давраи пастро мепӯшонад.

Аз ин рӯ, арзёбии рента бояд дар асоси нишондиҳандаи солонаи фоида анҷом дода шавад.

Хусусияти иқтисодии Варзоб дар наздикӣ ба Душанбе ва дастрасии нисбатан осон ифода меёбад.

Дар ин ҷо се унсури рента метавонанд ҳамзамон амал кунанд: рентаи табиӣ + рентаи ҷойгиршавӣ + рентаи инфрасохторӣ.

Агар қитъаи замин танҳо ба сабаби наздикӣ ба пойтахт ва роҳи сохтаи давлат арзиши баланди тиҷоратӣ пайдо кунад, қисми афзоиши арзиш натиҷаи фаъолияти соҳиби хусусӣ нест.

Ин ҳолат масъалаи иштироки ҷомеаро дар тақсимоти арзиши аз сармоягузории ҷамъиятӣ пайдошуда ба миён меорад.

Маҷмааи таърихии Ҳисор дорои арзиши таърихӣ ва меъморӣ мебошад.

Хусусияти рентаи фарҳангӣ дар он аст, ки манбаи даромад худи маънои таърихӣ, хотираи иҷтимоӣ ва нодирии объект мебошад.

Дар атрофи объект субъектҳои тиҷоратӣ метавонанд аз экскурсия, нақлиёт, фурӯши армуғон, хӯрокворӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ даромад гиранд.

Аммо талабот ба ин хизматҳо маҳз аз мавҷудияти мероси фарҳангӣ ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, механизми рента бояд робитаи зеринро таъмин кунад: мероси фарҳангӣ → ҷараёни сайёҳӣ → даромад → ҳиссаи рента → ҳифз ва барқарорсозии мерос.

Саразм соли 2010 ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО аз рӯйи меъёрҳои (ii) ва (iii) ворид гардидааст [12].

Арзиши он на танҳо хусусияти миллӣ, балки эътирофи байналмилалӣ дорад.

Мақоми байналмилалӣ метавонад ба афзоиши шинохти объект ва талаботи боздид мусоидат намояд. Дар чунин ҳолат имконияти ташаккули рентаи фарҳангии дорои унсури монополӣ пайдо мешавад, зеро объекти таърихии аслӣ ивазкунандаи комил надорад.

Дар айни замон объекти бостоншиносӣ дорои маҳдудияти сарборӣ мебошад. Афзоиши ташриф набояд ба зарари ҳифзи мерос анҷом ёбад.

Аз ин рӯ эътирофи байналмилалӣ → афзоиши талабот → даромади сайёҳӣ → қисми рента → ҳифз ва мониторинги объект.

Маҳз ҳамин пайванд метавонад истифодаи иқтисодии меросро бо рушди устувор мувофиқ созад.


Ҷадвали 1. Муаммоҳои асосии рентаи сайёҳӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо

Муаммо	Сабаби асосӣ	Оқибати иқтисодӣ	Роҳи пешниҳодшавандаи ҳал
Фарқ накардани рента ва фоида	Набудани методология	Андозбандии эҳтимолии фоидаи муқаррарӣ	Муайян намудани меъёри фоидаи нормативӣ
Муайян набудани манбаи рента	Маҷмӯӣ будани маҳсулоти сайёҳӣ	Душвории баҳодиҳӣ	Гурӯҳбандии омилҳои рентаофар
Номуайянии ҳуқуқ ба рента	Иштироки чанд субъект	Ихтилофи манфиатҳо	Муайян кардани саҳми давлат, соҳибкор ва маҳал
Мавсимият	Тағйирёбии талабот	Зиёд нишон додани рента	Арзёбии солонаи даромаднокӣ
Монополияи ҷойгиршавӣ	Маҳдудияти объект	Нархҳои аз ҳад баланд	Рақобати шаффофи ҳуқуқи истифода
Рентаҷӯӣ	Имтиёз ва ҳуқуқи истисноӣ	Талафоти ҷамъиятӣ	Озмун ва шаффофият
Хориҷ шудани рента аз минтақа	Марказонидани даромад	Нобаробарии ҳудудӣ	Принсипи бозгашти ҳудудӣ
Хароҷоти экологӣ	Экстерналияҳои манфӣ	Рентаи бардурӯғ	Ба ҳисоб гирифтани хароҷоти барқарорсозӣ
Тиҷоратикунонии мерос	Афзалияти даромади кӯтоҳмуддат	Коҳиши арзиши объект	Меъёрҳои сарборӣ ва маблағгузории ҳифз
Набудани маълумоти эмпирикӣ	Баҳисобгирии нокифоя	Имконнопазирии ҳисобкунии дақиқ	Лоиҳаҳои пилотии баҳодиҳии рента

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Модели муаллифии механизми ташаккул ва тақсимоти рентаи сайёҳӣ дар Расми 1 оварда шуда аст.

Расми 1. Модели консептуалии идоракунии рентаи сайёҳӣ



Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Муҳокима. Модели пешниҳодшуда аз механизми одии андозбандӣ фарқ мекунад. Дар он гирифтани қисми рента худ ҳадафи ниҳоӣ нест.

Ҳадафи асосӣ ташкили **давраи иқтисодии пӯшида** мебошад, ки истифодаи захира ва нигоҳдории онро ба ҳам мепайвандад.

Яъне, **захира → даромад → рента → бозгашти маблағ → ҳифзи захира → нигоҳдории ҷолибияти сайёҳӣ → даромади оянда.**

Агар қисми «бозгашти маблағ» аз ин занҷир хориҷ шавад, механизми рента танҳо хусусияти фискалӣ мегирад.

Дар шароити мавҷуда ҷорӣ намудани андоз ё пардохти умумии рентаи сайёҳӣ дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон бе методикаи қаблии ҳисобкунӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок буда наметавонад.

Дар марҳалаи аввал бояд таҳқиқоти пилотӣ гузаронида шавад.

Барои чунин таҳқиқот метавон объектҳои дорои шаклҳои гуногуни иқтидори рентаофарро интихоб кард:

Помир — рентаи табиӣ ва экологӣ;

Искандаркӯл — рентаи дифференсиалӣ ва мавсимӣ;

Варзоб — рентаи ҷойгиршавӣ ва инфрасохторӣ;

Ҳисор — рентаи фарҳангӣ;

Саразм — рентаи мероси байналмилалӣ.

Барои ҳар объект бояд чунин маълумот ҷамъоварӣ карда шавад: шумораи сайёҳон; ҳаҷми хизматрасонӣ; нархи миёна; фоидаи корхонаҳои наздик ва объектҳои муқоисавӣ; ҳаҷми сармояи хусусӣ; ҳаҷми сармоягузории давлатӣ; хароҷоти нигоҳдорӣ; хароҷоти экологӣ; арзиши замин; сатҳи шуғли аҳолии маҳаллӣ.

Бо истифодаи маълумоти мазкур метавон модели эконометрикӣ ё муқоисавии муайян намудани саҳми омили захиравиро таҳия намуд.

Навгонии илмии мақола дар як қатор натиҷаҳои назариявӣ ва методологӣ ифода меёбад.

Аввалан, муаммоҳои рентаи сайёҳӣ дар доираи низоми ягонаи **«ташаккул – муайянкунӣ – арзёбӣ – ҳуқуқ – азхудкунӣ – тақсимот – такористеҳсоли захира»** гурӯҳбандӣ карда шуданд.

Дуюм, асоснок гардид, ки масъалаи марказии рентаи сайёҳӣ на танҳо муайян намудани мавҷудияти он, балки ҷудо кардани фоидаи соҳибкорӣ аз даромади рентавӣ мебошад.

Сеюм, чор гурӯҳи асосии омилҳои рентаофар — табиӣ, фарҳангӣ, маконӣ ва ҷамъиятӣ-инфрасохторӣ — пешниҳод гардиданд.

Чорум, мафҳуми «рентаи бардурӯғи сайёҳӣ» пешниҳод карда шуд. Он қисми даромадеро ифода мекунад, ки дар сатҳи корхона ҳамчун манфиати иловагӣ зоҳир мегардад, аммо аз ҳисоби фарсудашавии захираи табиӣ ё инфрасохтори ҷамъиятӣ ба даст омада, хароҷоти барқарорсозии он ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Панҷум, принсипи бозгашти ҳудудии рента асоснок гардид. Мувофиқи он қисми муайяни рентаи аз захираи мушаххас ташаккулёфта бояд барои нигоҳдорӣ ва рушди ҳамон дестинатсия равона карда шавад.

Шашум, модели ҳамгирои ташаккул, азхудкунӣ ва тақсимоти рентаи сайёҳӣ пешниҳод карда шуд, ки дар он такористеҳсоли захира ҳамчун марҳалаи ниҳоӣ ва ҳамзамон оғози давраи нави ташаккули рента баррасӣ мегардад.

Ҳафтум, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз масъалаи ҷорӣ намудани пардохти умумии рентавӣ ба баҳодиҳии пилотии рента дар намудҳои гуногуни дестинатсия пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади ташаккули механизми самараноки идоракунии рентаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама зарур аст, ки феҳристи захираҳои дорои иқтидори баланди рентаофар ташкил карда шавад.

Дар ин феҳрист на танҳо объектҳои табиӣ ва фарҳангӣ, балки мавқеи ҷуғрофӣ, инфрасохтори ҷамъиятӣ ва режими ҳуқуқии истифодаи объект низ инъикос карда шаванд.

Дуюм, методикаи миллии баҳодиҳии иқтисодии захираҳои сайёҳӣ таҳия карда шавад. Методика бояд имконият диҳад, ки таъсири меҳнат ва сармоя аз таъсири нодирии захира то ҳадди имкон ҷудо карда шавад.

Сеюм, барои объектҳои пилотӣ нишондиҳандаи фоидаи муқаррарӣ аз рӯйи намудҳои фаъолияти сайёҳӣ ҳисоб карда шавад. Бе чунин нишондиҳанда муайян намудани қисми рентавӣ имконнопазир аст.

Чорум, дар механизми рента бояд кафолат дода шавад, ки фоидаи муқаррарии соҳибкор ва мукофоти ӯ барои хавф, навоварӣ ва сармоягузорӣ маҳдуд карда намешаванд.

Панҷум, шакли гирифтани қисми рента вобаста ба объект интихоб карда шавад. Барои баъзе объектҳо ҳаққи вуруд, барои дигар объектҳо иҷора, концессия, пардохти экологӣ ё ҳаққи истифода метавонад мувофиқ бошад.

Шашум, қисми муайяни даромади рентавӣ ба буҷети маҳал ва фонди нигоҳдории худи объект равона карда шавад.

Ҳафтум, истифодаи маблағҳои рентавӣ бояд шаффоф бошад. Ҳисоботи ҷамъиятӣ оид ба ҳаҷми маблағи гирифташуда ва самти истифодаи он метавонад эътимоди соҳибкорон ва аҳолиро зиёд намояд.

Ҳаштум, барои пешгирии рентаҷӯӣ ҳуқуқи истифодаи объектҳои дорои арзиши баланди сайёҳӣ бояд тавассути тартиби шаффоф ва рақобатӣ дода шавад.

Нуҳум, ҳангоми баҳодиҳии рента арзиши экологӣ ва хароҷоти барқарорсозии захира ҳатман ба назар гирифта шавад.

Даҳум, барои объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ қисми рента бояд хусусияти мақсаднок дошта, пеш аз ҳама ба консерватсия, барқарорсозӣ, мониторинг ва муаррифии илмии объект равона карда шавад.

Хулоса. Ҳамин тавр, таҳқиқот нишон медиҳад, ки рентаи сайёҳӣ падидаи воқеии иқтисодӣ мебошад, вале хусусияти мураккаби маҳсулоти сайёҳӣ муайян, арзёбӣ ва тақсим намудани онро душвор мегардонад.

Манбаи рента метавонад на танҳо захираи табиӣ, балки мероси фарҳангӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, инфрасохтори ҷамъиятӣ ва арзиши рамзии дестинатсия бошад.

Мушкили асосии методологӣ дар фарқ кардани даромади рентавӣ аз фоидаи муқаррарии соҳибкорӣ ифода меёбад. Агар ин фарқ муайян карда нашавад, механизми рента метавонад ба воситаи одии зиёд намудани бори молиявии соҳибкор табдил ёбад.

Дар айни замон хусусигардонии пурраи он қисми арзише, ки аз захираи ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст, низ аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок нест.

Аз ин рӯ, муносибати мутавозин зарур мебошад. Соҳибкор бояд мукофоти муносиб барои сармоя, меҳнат, хавф ва навоварӣ гирад. Ҷомеа бошад, бояд аз нодирии захираи ҷамъиятӣ ҳиссаи иқтисодии худро ба даст орад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъала аҳамияти махсус дорад. Помир, Искандаркӯл, Варзоб, Ҳисор, Саразм ва дигар дестинатсияҳо дорои захираҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати табиӣ, фарҳангӣ ё ҷойгиршавӣ ивазнашавандаанд.

Аммо мавҷудияти иқтидори рентаофар ҳанӯз маънои онро надорад, ки ҳаҷми рента дар ин объектҳо муайян шудааст. Барои гузаштан аз фарзияи назариявӣ ба сиёсати иқтисодӣ базаи эмпирикӣ зарур аст.

Аз ин рӯ, дар марҳалаи аввал ташкили таҷрибаи пилотии баҳодиҳии рента аз ҷиҳати илмӣ асосноктар мебошад.

Натиҷаи асосии таҳқиқотро чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст. Рентаи сайёҳӣ бояд на ҳамчун сарчашмаи одии даромади фискалӣ, балки ҳамчун механизми пайваст намудани истифодаи иқтисодии захираи сайёҳӣ бо ҳифз, такрористеҳсол ва рушди устувори дестинатсия баррасӣ карда шавад.

Маҳз принсипи бозгашти ҳудудӣ имкон медиҳад, ки байни истифодаи захира ва ҳифзи он робитаи иқтисодӣ барқарор гардад.

Дар ин замина давраи «захира – маҳсулоти сайёҳӣ – даромад – рента – бозгашти маблағ – ҳифзи захира – даромади оянда» метавонад асоси методологии идоракунии рентаи сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

Адабиёт

1. Абдалимов А. Туристская рента: виды, формирование и механизмы распределения (теоретический аспект) // Финансово-экономический вестник. – Душанбе, 2025. – №1(44). – С. 276–284.

2. Гаврильчак Н.И. Формы рекреационной ренты // Российское предпринимательство. – 2009. – Т. 10. – №3. – С. 86–92.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 августи соли 2020, №1717 (дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2024, №2104). – Душанбе, 2020.

4. Козырев В.М. Туристская рента: методические рекомендации. – 2-е изд. – М.: Финансы и статистика, 2001. – 112 с.

5. Колесникова Н.В., Светов С.А., Колесников Н.Г. Использование туристской ренты при эксплуатации природных ресурсов // Роль сайёҳӣа в модернизации экономики российских регионов: сборник научных статей. – Петрозаводск, 2010.

6. Наумова С.А. Экономика и предпринимательство в социально-культурном сервисе и сайёҳӣе. – Томск: Изд-во ТПУ, 2003.

7. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2018.

8. Bardash S., Osadcha T. Tourist Rent in the System of Rent Theory Concepts: The Accounting Aspect // Baltic Journal of Economic Studies. – 2022. – Vol. 8. – No. 1. – P. 9–20. – DOI: 10.30525/2256-0742/2022-8-1-9-20.

9. Buchanan J.M. Rent Seeking and Profit Seeking // Toward a Theory of the Rent-Seeking Society / Ed. by J.M. Buchanan, R.D. Tollison, G. Tullock. – College Station: Texas A&M University Press, 1980. – P. 3–15.

10. Tullock G. The Welfare Costs of Tariffs, Monopolies, and Theft // Economic Inquiry. – 1967. – Vol. 5. – No. 3. – P. 224–232. – DOI: 10.1111/j.1465-7295.1967.tb01923.x.

11. UNESCO World Heritage Centre. Tajik National Park (Mountains of the Pamirs). Decision 37 COM 8B.14. – Paris: UNESCO, 2013.

12. UNESCO World Heritage Centre. Proto-urban Site of Sarazm. Decision 34 COM 8B.25. – Paris: UNESCO, 2010.

13. Wijburg G., Aalbers M.B., Conte V., Stoffelen A. Tourism-Led Rentier Capitalism: Extracting Rent and Value from Tourism Property Investment // Antipode. – 2024. – Vol. 56. – No. 2. – P. 715–737. – DOI: 10.1111/anti.12989.

Keywords: banking marketing, digital transformation, digital marketing, banking sector, personalization, marketing strategies, customer experience, innovation.

Муқаддима. Марҳилаи муосири рушди бахши молиявӣ бо табдили босуръати рақамӣ тавсиф мешавад, ки ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти бонкӣ, аз ҷумла маркетинг, таъсир мерасонад. Воситаҳои анъанавии маркетинг, ки ба ҳамкории мустақим бо муштариён тавассути инфрасохтор (филиалҳо, марказҳои хизматрасонӣ, таблиғоти офлайнӣ) асос ёфтаанд, дар шароити иқтисоди рақамӣ ва тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон самаранокии қаблии худро аз даст медиҳанд. Ташкилотҳои бонкӣ, ки мехоҳанд мавқеи рақобатпазири худро дар бозор нигоҳ доранд, аз стратегияҳои пойдоршудаи анъанавӣ ба равишҳои фасеҳтар ва фардикардашудаи рақамӣ мегузаранд.

Ин раванд дар мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар бахши бонкӣ бо зарурати мутобиқ кардани тамоюлҳои ҷаҳонӣ ба хусусиятҳои бозори миллии молиявӣ ҳамрадиф аст, аҳамияти хоса пайдо кардааст. Омӯзиши асосҳои консептуалии ин гузариш имкон медиҳад, ки на танҳо табдили стратегияҳои маркетинг аз ҷиҳати назариявӣ дарк карда шавад, балки барои бонкҳои ватанӣ тавсияҳои амалӣ низ таҳия карда шаванд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили омилҳои асосии гузариш аз маркетинги анъанавӣ ба маркетинги рақамӣ дар бахши бонкӣ, инчунин ҷамъбасти равишҳои консептуалии ифодакунандаи таҳаввули стратегияҳои маркетинг дар шароити рақамикунонӣ мебошад. Вобаста ба ин, вазифаҳои таҳқиқот чунин муқаррар карда мешаванд:

- ошкор намудани хусусиятҳои маркетинги анъанавии бонкӣ;

- муайян намудани омилҳое, ки боиси табдили равишҳои маркетинг гардиданд;
- тавсифи марҳилаҳои гузариш аз стратегияҳои офлайнӣ ба амсилаҳои рақамӣ;
- таҳқиқи хусусиятҳои воситаҳои муосири рақамӣ;
- гузаронидани таҳлили қиёсии маркетинги анъанавӣ ва рақамӣ.

Методология. Масъалаҳои маркетинги бонкӣ дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ васеъ инъикос ёфтаанд. Классикони соҳаи маркетинг Ф. Котлер ва К. Келлер маркетингро ҳамчун раванди муназзами бунёди арзиш ва роҳандозӣ намудани муносибатҳо бо муштариён баррасӣ мекунанд [11, с. 26]. Е.Ҷ. Маккарти дар амсилаи «4Р»-и худ маҳсулот, нарх, ҷой ва таблиғ (пешбурд)-ро ҳамчун мафҳумҳои асосӣ, ки дар шароити рақамикунонӣ ба табдили ҷиддӣ дучор мешаванд, муайян кардааст [12, с. 35]. Дар солҳои охир, муҳаққиқон таваҷҷуҳи худро ба амсилаҳои нави маркетинги рақамӣ равона кардаанд. П. Райан ва Д. Ҷонс ҷанбаҳои стратегӣ ва технологии маркетинги онлайн дар бахши бонкиро ошкор мекунанд [6, с. 60]. О.А. Третяк ва Н.М. Гордеева дар заминаи амалияи русӣ аҳамияти равиши мутамаркази муштарӣ ва ҳамгироии низомҳои CRM ба маркетинги бонкиро таъкид мекунанд [8, с. 16]. Таваҷҷуҳи махсус дар адабиёт ба гузариш аз амсилаи нигарониш ба маҳсулот ба амсилаи хизматрасонии инфиродӣ ё равиши ба муштариён нигаронидашуда (customer-centricity), инчунин ҷорӣ намудани технологияҳои маълумоти калон (Big Data), зеҳни сунъӣ (artificial intelligence, AI) ва таҳлили рафтори муштариён (customer behavior analysis) дода мешавад [10].

Аввалин корҳои илмӣ дар самти маркетинг, ки аз ҷониби аҳли илми тоҷик навишта шудаанд, бештар хосияти назариявӣ дошта, ба таҳлили муҳтавои интишороти хориҷӣ асос ёфтаанд. Минбаъд дар интишороти ватанӣ мақолаҳои илмии зиёде пайдо шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои ташаккул ва рушди маркетинги бонкӣ, аз ҷумла дар шароити рақамикунонӣ баррасӣ мешаванд, аз қабили Б.Ҳ. Каримов [1; 2; 3], К.Н. Комилова [4] ва дигарон. Дар баробари ин, дар нашрияҳои илмии ватанӣ камбуди таҳқиқоти ҳамаҷониба оид ба рақамикунонии стратегияҳои маркетинг дар бахши бонкӣ мушоҳида мешавад. Мақолаи мазкур дар пур кардани ин холигоҳ саҳми муайян хоҳад гузошт.

Натиҷаҳо. Бояд қайд кард, ки мафҳуми «маркетинги бонкӣ» дар адабиёт аз ҷониби муаллифон ба таври мухталиф шарҳ дода шуда, асосан чунин равишҳо ҳамчун асос истифода мешаванд: номбар кардани унсурҳои маркетинг, нишон додани мақсад ва вазифаҳои маркетинги бонкӣ ва ғайра (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Тавсифи мафҳуми «маркетинги бонкӣ» дар адабиёт

Муаллиф	Тафсир
С.С. Мисоқов	“Маркетинги бонкӣ, моҳият ва ҳадафи он, низоми идоракунӣ ва ташкили фаъолияти бонкӣ мебошад, ки ҳамаҷониба ба назар гирифтани равандҳои дар бозор ба амаломада бо мақсади васеъ намудани ҳаҷми фурӯш мебошад” [5, с. 210].
А.М. Раҳимов	“Маркетинг низоми идоракунӣ ва ташкили фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб рафта, ҷараёни тағйироти бозориро ба инобат мегирад” [7, с. 113] .
Э.А. Уткин [9, с. 8]	“Маркетинги бонкӣ ин ҷустуҷӯи бозорҳои фоидаовар барои маҳсулоти бонкӣ бо дарназардошти ниёзҳои воқеии муштариён мебошад” [9, с. 8].

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таърифҳои дар ҷадвал овардашуда бешубҳа тасаввуроти умумиро дар бораи маркетинги бонкӣ ҳамчун илми идоракунии фурӯши маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод мекунанд, аммо фаҳмиши муназзами мақом ва нақши маркетинги бонкиро дар ташкили фаъолияти бонкӣ нишон дода наметавонанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таърифҳои овардашуда нишон медиҳад, ки аксари муаллифон маркетинги бонкиро ҳамчун низоми идоракунӣ ва ташкили фаъолияти бонк, ки ба қонеъ гардонидани талаботи муштариён бо назардошти вазъи бозор, рақобат ва ҳадафҳои стратегии худи бонк нигаронида шудааст, медонанд. Аҳамияти фоида, таҳия ва татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ низ, инчунин дар баъзе мавридҳо - ҷанбаи идеологӣ ва стратегии маркетинг ҳамчун фалсафаи тамоми фаъолияти бонкӣ таъкид шудааст.

Ба андешаи мо, маркетинги бонкӣ як низоми комили идоракунии фаъолияти бозории ташкилоти қарзӣ буда, ба таҳлили амиқи ниёзҳои муштариён ва шароити рақобат асос ёфтааст, ба таҳия ва татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои пураразиши бонкӣ барои истеъмолкунанда бо мақсади таъмини рушди устувори бонк, таҳкими мавқеи бозорӣ ва бунёди арзишнокии дарозмуддати муштарӣ барои бонк дар шароити табдили рақамии иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Таърифи мо бо мавҷудияти чунин ҷанбаҳо аз дигар таърифҳои овардашуда фарқ мекунад:

- муназзамӣ ва ҷанбаи идоракунӣ на танҳо ҳамчун ташкили равандҳо, балки ҳамчун идоракунии фаъолияти бозор ба маънои васеъ, аз ҷумла таҳлил, инноватсия ва стратегия ифода карда шудаанд;
- тамаркуз ба арзишмандии дарозмуддати муштариён возеҳ аст, дар ҳоле ки аксари дигар таърифҳо бо фурӯш ё қонеъ кардани ниёзҳои муштариён маҳдуд мебошанд;
- шароити муосир – табдили рақамии иқтисодиёт ба назар гирифта шудааст, ки мушкилот ва тағйироти муосирро дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ инъикос мекунад;
- унсури рушди устувор дохил карда шудааст, ки ҳадафи маркетинги бонкиро берун аз ҳудуди танҳо фоида васеъ мекунад.

Дар марҳилаҳои аввалии худ маркетинг барои муассисаҳои бонкӣ вазифаи дуюмдараҷа буд, ки асосан ба таблиғи маҳсулоти мавҷуда ва ҷалби муштариёни нав тавассути таблиғи оммавӣ ва ҳавасмандкунии нархҳои хизматрасониҳои бонкӣ нигаронида шуда буд. Иртиботи якҷониба бо муштарӣ бартарӣ дошта,

равандҳои хизматрасонӣ хосияти расмӣ (рӯякӣ) доштанд. Омили муҳими рушди маркетинг дар бонкҳо афзоиши шумораи муассисаҳои бо ҳам рақобаткунанда буд, ки зарурати ҷустучӯи воситаҳои мукаммали мавқеъгирӣ дар бозор ва ташаккули сандуқи устувори муштариёнро ба миён овард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи унсурҳои маркетинги анъанавии бонкӣ дар давраи пасошуравӣ, ҳангоми роҳандозӣ намудани либерализатсияи низоми молиявӣ ва пайдошавии аввалин бонкҳои тиҷоратии хусусӣ оғоз ёфтааст. Аммо дар марҳилаҳои аввал маркетинг барои бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун як фаъолияти сирф таблиғотӣ қабул гардида, вазифаи стратегии он нодида гирифта мешуд. Ин ҳамгироии усулҳои муосири маркетингро ба фаъолияти бонкҳо суст мекард.

Дар раванди рушди таърихии маркетинги анъанавии бонкӣ се равиши асосӣ ташаккул ёфтааст: нигарониш ба маҳсулот, нигарониш ба фурӯш ва нигарониш ба муштарӣ. Ҳар яке аз онҳо марҳилаи таҳаввули тафаккури маркетингиро дар бахши бонкӣ инъикос намуда, ҳадафҳои мувофиқ, усулҳои ҳамкорӣ бо муштариён, инчунин воситаҳои истифодашавандаро муайян мекарданд. Барои таҳлили муназзами тафовут ва хусусиятҳои равишҳои мазкур тавсифи қиёсии онҳоро пешниҳод мекунем (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Тавсифи қиёсии равишҳои анъанавии маркетинги бонкӣ

Маҳаки муқоиса	Нигарониш ба маҳсулот	Нигарониш ба фурӯш	Нигарониш ба муштарӣ
Ҳадафи маркетинг	Таҳия ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ	Тарғиб ва пешбарии фаъоли хизматрасониҳо	Қонеъ гардонидани ниёзҳои инфиродии муштариён
Тамаркузи асосӣ	Маҳсулот (хизматрасонӣ)-и бонкӣ	Фурӯши маҳсулот (хизматрасонӣ)-и бонкӣ	Ниёзҳои муштариён
Воситаҳо	Хизматрасониҳои стандартикардашуда, хати маҳсулот (хизматрасониҳо)	Таблиғ, телемаркетингг, иқдомҳои фурӯш	Низомҳои CRM, ба бахшҳо ҷудо кардани муштариён, пешниҳодҳои инфиродии хизматрасониҳо
Хосияти иртибот	Якҷониба (аз ҷониби бонк)	Якҷониба (аз ҷониби бонк)	Дуҷониба (бонк ва муштарӣ)
Натиҷаи интизорӣ	Ҳаҷми маҳсулот (хизматрасониҳо)-и нав	Васеъшавии пойгоҳи муштариён	Садоқатмандии муштариён ва нигоҳ доштани онҳо
Намуди ҳамкорӣ бо муштарӣ	Оммавӣ	Шаддид (ғасбкунанда)	Фардикунонидашуда
Нақши технология	Дуюмдараҷа	Дастгирикунанда	Асосӣ (таҳлили маълумот, автоматикунонӣ)
Бартариҳо	Осонии татбиқ, фаҳмо будан	Васеъшавии босуръати фарогирӣ	Баланд шудани эътимод, муносибатҳои дарозмуддат
Камбудиҳо	Нодида гирифтани ниёзҳои муштариён	Мавҷуд набудани пойгоҳи устувори мушатриён	Талаботи баланд ба таҳлил ва низомҳои IT

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тавре аз ҷадвал дида мешавад, ҳар як равиш дорои бартариҳо ва маҳдудиятҳои худ мебошад. Стратегияи нигарониш ба маҳсулот, ки ба марҳилаҳои аввалии рушди бонкҳои тиҷоратӣ хос аст, барои ташаккули доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ имкон медод, вале аксар вақт дархостҳои инфиродии муштариёнро ба назар намегирифт. Он ба таҳияи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва сипас ба бозор пешниҳод кардани онҳо нигаронида шудааст. Дар ин маврид, вазифаи асосӣ дар таъмини сифат, эътимоднокӣ ва умумияти пешниҳодҳо, аксар вақт бе ба назар гирифтани талаботи инфиродии муштариён ифода меёфт.

Нигарониш ба фурӯш таваҷҷуҳро ба пешбурди фаъол ва тавсеаи пойгоҳи муштариён зиёд кард, аммо дар ин маврид низ сатҳи маҳдуди робитаи баръакс (вокуниш)-и муштариёнро нигоҳ медошт. Он нақши пешбурди фаъоли хизматрасониҳои бонкиро тавассути таблиғ, фурӯши мустақим, тавсеаи шабакаи филиалҳо ва маркетинги телефонӣ тақвият дод. Ин равиш усулҳои қатъии ғасби бозорро дар назар дошт, ки ба фарогирӣ ва натиҷаҳои кӯтоҳмуддат нигаронида шуда, аммо на ҳамеша манфиатҳои дарозмуддати муштарӣ ба инобат гирифта мешуданд.

Танҳо бо гузаштан ба равиши нигарониш ба муштарӣ бонкҳо ба ташаккули пешниҳодҳои инфиродӣ дар асоси маълумот оид ба рафтор ва афзалиятҳои муштариёни алоҳида шуруъ карданд. Ин равиш, ки баъдтар пайдо шудааст, натиҷаи эътирофи зарурати бунёди муносибатҳои устувор бо муштариён буд. Дар ин маврид, таваҷҷуҳи асосӣ ба қонеъ гардонидани ниёзҳо, инфиродӣ кардани пешниҳодҳо ва ташаккули садоқатмандии муштариён равона мегардид. Рушди барномаҳои хизматрасонӣ ба муштариён, баррасии даъво ва шикоятҳо, ба бахшҳо ҷудо кардани пойгоҳи муштариён ва таҳлили афзалиятҳо таҳия карда мешуданд.

Ҳамин тариқ, таҳаввули маркетинг дар бахши бонкӣ гузариши ботадриҷро аз хизматрасониҳои оммавӣ ба равиши инфиродӣ инъикос мекунад, ки шарти ҳатмӣ барои татбиқи технологияҳои рақамӣ гардид. Маҳз табдили рақамӣ барои таҳлили амиқтар, бунёди муносибатҳои устувор бо муштариён ва вокуниши

фаврӣ ба тағйирот дар муҳити бозор имконият фароҳам овард. Ин равишҳо ва воситаҳо барои таҳияи стратегияҳои бештар чандир ва мутобиқшаванда замина гузоштанд, аммо дар заминаи афзоиши рақамикунонӣ ва таҳкими рақобат онҳо ба маҳдудиятҳои муайян дучор шуданд.

Бо гузариши иқтисодиёт ба сатҳи рақамӣ, маркетинги анъанавии бонкӣ ба як қатор мушкилот дучор шуд. Маҳдудияти асосӣ ин набудани чандирӣ ва қобилияти зуд мутобиқ шудан ба талаботи тағйирёбандаи истеъмолкунандагон буд. Каналҳои иртиботии якҷониба, маҳсулоти стандартӣ ва равиши оммавӣ ба хизматрасониҳо дар мавриди технологияҳои инфиродии рақамӣ самаранокии худро гум карданд.

Набудани таҳлили ҳамаҷонибаи рафтори муштариён, имконоти маҳдуди ҳадафгирӣ ва сатҳи пасти автоматикунонии равандҳои маркетинг афзоиши рақобатпазирии бонкҳоро боз медорад, бахусус дар пасманзари арзи ҳастӣ намудани муассисаҳои нави дар асоси технологияҳои муосири молиявӣ фаъолияткунанда, ки аз воситаҳои рақамӣ фаъолонатар истифода мекунанд.

Барои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин маҳдудиятҳо махсусан нигаронкунанда буданд: инфрасохтори заифи IT, дастрасии маҳдуд ба каналҳои рақамӣ барои бархе аз аҳолӣ ва сатҳи пасти камолоти рақамии бонкҳо иқтидори маркетинги анъанавиро маҳдуд мекард. Ин гузариш ба амсилаҳои маркетинги рақамиро тақозо мекунад, ки метавонад фаъолияти ҳадафмандона, муассир ва ба муштариён нигаронидашударо дар муҳити нави иқтисодӣ таъмин кунад.

Ҳамин тариқ, равишҳои анъанавии маркетинги бонкӣ, ки дар иқтисодиёти анъанавӣ офлайн (бе истифодаи шабакаи Интернет) ташаккул ёфтаанд, иқтидори худро дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ тадриҷан тамом кардаанд. Муҳити муосири бонкӣ бо табдили рафтори истеъмолкунандагон, рақобати баланд, зарурати вокуниши зуд ба таҳдидҳои бозор ва афзоиши талабот ба фардикунонии хизматрасониҳо хос аст. Ҳамаи ин ба табдили стратегияҳои маркетинги бонкӣ боис гардида, тамаркуз ба каналҳои рақамии ҳамкорӣ бо муштариён ба миён омад. Дар ин замина, омӯзиши омилҳо ва марҳилаҳои гузариш ба амсилаи рақамӣ, инчунин таҳлили воситаҳои наве, ки амалияи муосири маркетингро дар бахши бонкӣ ташкил медиҳанд, аҳамияти хоса доранд.

Тағйироти муосир дар технологияҳои иттилоотӣ, рафтори истеъмолкунандагон ва муҳити иқтисодӣ дар маҷмуъ ба таҳаввули маркетинг дар бахши бонкӣ таъсири назаррас расонидааст. Муассисаҳои бонкие, ки қаблан ба шаклҳои анъанавии таблиғ ва хизматрасониҳо такя мекарданд, маҷбур шуданд, ки ба воқеияти нав мутобиқ шаванд, стратегияҳои маркетингии бештар чандир, ба мизоҷон нигаронидашуда ва аз ҷиҳати технологӣ дастгиришавандаро ташаккул диҳанд.

Гузариш ба маркетинги бонкии рақамӣ на як амали ногаҳонӣ ё худсарона, балки натиҷаи омезиши омилҳои берунӣ ва дохилии ба ҳам алоқаманд буд. Ин омилҳо ба амсилаи фаъолияти бонкӣ таъсири назаррас расонида, бозбинии стратегияҳои маркетингиро боис шуданд. Ин махсусан дар хоҳиши бонкҳо барои таъмини бароҳатӣ, фардикунонӣ ва ҳамкории мутақобила бо муштариён ифода мегардид, ки бе татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ ғайриимкон аст. Дар ҷадвали 3 омилҳои асосӣ, ки боиси табдили стратегияҳои маркетинг дар бахши бонкӣ шудаанд, оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Омилҳое, ки боиси табдили стратегияҳои маркетинг дар бонкҳо гардиданд

Омили табдил	Муҳтаво ва таъсири омил
1. Рақамикунонии иқтисодиёт ва интернет	Афзоиши дастрасӣ ба интернет, дастгоҳҳои мобилӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ бонкҳоро водор кардааст, ки хизматрасонии онлайн ва каналҳои маркетингиро таҳия кунанд.
2. Дигаршавии рафтори истеъмолкунандагон	Муштариёни муосир интизори вокунишҳои фаврӣ, пешниҳодҳои инфиродикардашуда ва дастрасии 24/7 ба хизматрасониҳои бонкӣ мебошанд.
3. Афзоиши рақобат, аз ҷумла ширкатҳои пешниҳодкунандаи технологияҳои молиявӣ (финтехӣ)	Иштирокдорони нави технологӣ дар бозори молиявӣ бонкҳоро маҷбур мекунанд, ки инноватсияҳоро фаъолона татбиқ кунанд ва таҷрибаи муштариёнро беҳтар созанд.
4. Рушди таҳлил, зеҳни сунъӣ (AI - artificial intelligence ва маълумоти калон (Big Data)	Технологияҳо ба бонкҳо имкон медиҳанд, ки миқдори зиёди маълумотро барои ҳадафгирӣ ва ояндабини рафтори муштариён ҷамъоварӣ, таҳлил ва истифода баранд.
5. Пурзӯр намудани танзими ҳуқуқӣ	Бонкҳо стратегияҳои маркетингии худро ба талаботи нав оид ба ҳифзи маълумот, шаффофияти молиявӣ ва амнияти рақамӣ мутобиқ мекунанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, табдили маркетинг дар бахши бонкӣ посух ба таҳдидҳои берунӣ ва ниёзҳои дохилии муҳити иқтисодии рақамӣ мебошад. Ин дигаргуниҳо аз бонкҳо талаб мекунанд, ки дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти маркетингӣ чандир, аз лиҳози технологӣ мутобиқ бошанд ва ба муштариён нигаронида шаванд. Шароити нав зарурати бозбинии на танҳо каналҳои иртибот, балки худи моҳияти робитаи мутақобила бо истеъмолкунандаро тақозо мекунанд.

Дарки омилҳое, ки боиси табдили маркетинги бонкӣ гардидаанд, имкон медиҳад, ки раванди гузариш аз шаклҳои анъанавии ба офлайн нигаронидашудаи ҳамкорӣ бо муштариён ба шаклҳои муосири рақамӣ амиқтар таҳлил карда шавад. Ин гузариш якбора сурат нагирифтаас — он дар марҳилаҳо инкишоф ёфта, тағйироти технологӣ, ташкилӣ ва рафториро дар муҳити тиҷорати бонкӣ фаро гирифтааст.

Раванди табдили рақамии маркетинги бонкиро метавон ба якчанд марҳилаҳои асосӣ ҷудо кард, ки ҳар кадоми онҳо сатҳи муайяни камолоти иртиботи рақамӣ, дараҷаи ҷалби муштариён ва сатҳи ҳамгироии технологиро инъикос мекунанд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Марҳилаҳои табдили маркетинги анъанавӣ ба маркетинги рақамӣ


Марҳила	Тавсифи марҳила
1. Иттилоотӣ	Истифодаи вебсайтҳо ва бюллетенҳои мукотиботи почтаи электронӣ ҳамчун илова ба таблиғи анъанавӣ. Фаъолияти маҳдуди муштариён.
2. Инрерактивӣ	Татбиқи робитаи баръакс (онлайн чатҳо, шаклҳои вокуниш), пайдоиши интернет-банкинг. Мизоҷ иштирокчии фаъоли муошират мегардад
3. Мобилӣ	Рушди оммавии замимаҳои мобилӣ, огоҳиҳои push, бонкдории мобилӣ. Иртибот - дар вақти воқеӣ
4. Рақамӣ	Ҳамгироии ҳама каналҳо (онлайн ва офлайн), фардикунонии ба маълумот асосёфта, истифодаи CRM ва Big Data. Таҷрибаи муштариён як унсури марказии стратегия мегардад.
5. Зеҳнӣ	Истифодаи AI, таҳлили пешгӯӣ, ёрдамчиёни овозӣ. Маркетинги бонкӣ хусусиятҳои автоматикунонӣ ва ояндабинии рафтори муштариёнро ба даст меорад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳар як марҳила на танҳо тағйирот дар каналҳои ҳамкории мутақобила, балки таҳаввули худи равиши идоракунии муносибатҳои муштариёнро инъикос мекунад. Дар шароити афзоиши рақобат ва камолоти рақамии муштариён, аз бонкҳо талаб карда мешавад, ки на танҳо дар муҳити рақамӣ ҳузур дошта бошанд, балки инчунин тавонанд муносибати пайваста, инфиродӣ ва арзишманд бо муштариёнро бунёд кунанд. Яъне, ҳар як марҳилаи рақамикунонии маркетинги бонкӣ бо тавсеа ва мураккабии каналҳои иртибот бо муштариён ҳамрадиф аст. Пешрафти технологӣ ва тағйирот дар рафтори истеъмолкунандагон ба зарурати азхудкунии платформаҳо ва воситаҳои нав оварда расонд, ки ҳамкории чандир, интерактивӣ ва бисёрканалиро таъмин мекунанд.

Равишҳои муосири маркетинги бонкии рақамӣ дар чорроҳаи пешрафтҳои технологӣ ва тағирёбии афзалиятҳои истеъмолкунандагон ташаккул меёбанд. Таваҷҷуҳи асосӣ имрӯз ба баланд бардоштани қаноатмандии муштариён ва бунёди робитаҳои устувор ва инфиродӣ байни бонк ва муштарӣ равона карда шудааст. Ин ҷо мо мафҳумҳои асосиеро, ки самти рушди маркетинги бонкии рақамиро муайян мекунанд, баррасӣ хоҳем кард, аз қабили: тамаркуз ба муштарӣ, ҳамгироии технологияҳои пешрафта ва бунёди таҷрибаи ягонаи ҳамкорӣ бо муштарӣ тавассути тамоми каналҳо.

Тамаркуз ба муштарӣ як равиши стратегӣ мебошад, ки дар он бонк тамоми равандҳоро бо назардошти ниёзҳо, афзалиятҳо ва интизориҳои муштариён роҳандозӣ мекунад. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, ин маънои на танҳо қонеъ кардани талаботи асосӣ, балки таъмини арзиш тавассути таҷрибаи фардикунонидашудаи муштариёнро дорад. Дар расми 1 амсилаи гузариш аз равиши нигарониш ба маҳсулот ба равиши нигарониш ба муштарӣ дар маркетинги бонкӣ инъикос карда шудааст.



Расми 1. Амсилаи гузариш аз равиши нигарониш ба маҳсулот ба равиши нигарониш ба муштарӣ дар маркетинги бонкӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Амсилаи дар расми 1 тасвиршуда таҳаввули маркетинги бонкиро аз стратегияе, ки дар он бонк маҳсулоти тайёрро дар шакли «ба ҳама» пешниҳод мекунад, то амсилае, ки дар он ҳар як муштарӣ субъекти беназири дорои ниёзҳои махсус ҳисобида мешавад, инъикос мекунад. Ин ба равиши муосиртаре, ки ба нигоҳ доштани муштариён ва бунёди муносибатҳои дарозмуҳлат бо онҳо нигаронида шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар шароити табдили рақамӣ, соҳаи бонкӣ дигаргуниҳои куллиеро аз сар мегузаронад, ки маҳз бо таҳаввули стратегияҳои маркетингӣ марбут мебошанд. Равиши анъанавӣ, ки ба таблиғ ва пешбарии оммавии маҳсулоти бонкӣ нигаронида шудааст, тадриҷан самаранокии худро гум мекунад. Муштариёни муосир бештар ба сифати хизматрасонӣ, муносибати инфиродӣ ва бароҳатии ҳамкорӣ бо бонк талаботи зиёд доранд. Дар натиҷа, гузариш аз равиши нигарониш ба маҳсулот ба равиши нигарониш ба муштариён ва сипас ба шаклҳои пешрафтаи маркетинг дар асоси таҳлили маълумот ва технологияҳои рақамӣ ба амал меояд.

Чунин раванди табдили стратегияи маркетингро метавон ба таври анъанавӣ ҳамчун амсилаи марҳила ба марҳилаи гузариш ифода кард, ки чор марҳилаи асосиро дар бар мегирад: аз нигарониш ба маҳсулот - тавассути равишҳои ба бахшҳо ҷудо кардан ва нигарониш ба муштариён - то равиши фардикунонии рақамӣ. Дар расми 2 амсилаи васеи таҳаввули маркетинги бонкӣ нишон дода шудааст, ки хусусиятҳои ҳар як марҳиларо инъикос мекунад.



Расми 2. Амсилаи васеи таҳаввули маркетинги бонкӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Муҳокима. Акнун ҳар як равиши таҳаввули маркетинги бонкиро, ки дар амсилаи дар расми 2 овардашуда тасвир шудааст, шарҳ медиҳем.

1. Равиши ба маҳсулот нигаронидашуда (Product-Oriented). Дар ин марҳила бонк асосан ба маҳсулот ва хизматрасониҳои худ таваҷҷуҳ мекунад. Ҳадафи асосӣ бунёд ва пешбурди маҳсулоти стандартии молиявӣ, новобаста аз ниёзҳои инфиродии мизоҷон мебошад. Муошират асосан якҷониба аст: бонк ба бозор дар бораи он чизе ки пешниҳод мекунад, хабар медиҳад. Ҳамкории байни бонк ва муштарӣ дар доираи амалиёт маҳдуд аст.

2. Равиши нигароиш ба бахшҳо (Segment-Oriented):. Бонкҳо тафовути байни гурӯҳҳои муштариёнро ба назар гирифта, маҳсулоти ба бахшҳои алоҳида мутобиқшударо пешниҳод мекунанд. Маркетинг бештар ҳадафгир шуда, таҳлили рафтор ва ниёзҳои гурӯҳҳои маъмулии муштариён рушд меёбад. Аммо, фардикунонии амиқ ҳанӯз ба амал наомадааст.

3. Равиши ба муштарӣ нигаронидашуда (Customer-Oriented). Дар ин марҳила бонк ба бунёди стратегияи маркетинг дар асоси дарки муфассали ниёзҳои муштарии мушаххас мегузарад. Технологияҳои CRM, маълумот аз сарчашмаҳои гуногун ва таҳлили рафтор истифода мешаванд. Диққати асосӣ муносибатҳои дарозмуддат бо муштарӣ, садоқат, бароҳатӣ ва арзишмандии муошират мебошад. Робитаи баръакс ва муносибати инфиродӣ ба миён меояд.

4. Равиши фардикунонии рақамӣ (Personalized Digital Banking). Марҳилаи ниҳойии табдил - татбиқи воситаҳои фардикунонии рақамӣ мебошад. Барои амсиласозии ояндабинии рафтори муштариён ва мутобиқсозии автоматии маҳсулот технологияҳои муосири рақамӣ, аз қабили маълумоти калон, зеҳни сунъӣ, шабакаҳои нейронӣ ва технологияҳои таҳлили рафтор истифода мешаванд. Муошират дуҷониба мешавад, муштарӣ дар вақти воқеӣ тавассути замимаҳои мобилӣ, чатботҳо ва онлайн-банкинг дар раванди ҳамкорӣ иштирок мекунад.

Ҳамин тариқ, амсилаи пешниҳодшуда равшан нишон медиҳад, ки чӣ гуна бонкҳо аз равиши оммавӣ ва якҷониба ба низоми амиқи инфиродии ҳамкорӣ бо ҳар як муштарӣ, ки ба талаботи муосири маркетинги рақамӣ ҷавобгӯ мебошад, табдил меёбанд. Фардикунонӣ дар асоси таҳлили маълумот ва рафтори муштариён амалӣ карда мешавад: бонк хизматрасониҳои мувофиқро дар вақти лозимӣ ва дар шакли мувофиқ ба муштарӣ пешниҳод мекунад. Ин пешниҳодҳои инфиродӣ дар замимаҳои мобилӣ, тавсияҳои автоматӣ оид ба идоракунии молия, ҷӯрсозии огоҳиномаҳо ва ғайраро дар бар мегирад.

Маркетинги рақамӣ бидуни платформаи ҳамаҷонибаи технологӣ ғайриимкон аст. Дар байни технологияҳои асосӣ, ки стратегияҳои муосир мебошанд, инҳо бештар паҳн гардидаанд:

- Big Data – ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳаҷми зиёди маълумот дар бораи муштариён, амалиёт, рафтор, афзалиятҳои онҳо. Ин имкон медиҳад, ки муштариён аз рӯи бисёр аломатҳо тақсим карда, ниёзҳои онҳоро ояндабинӣ карда шаванд;

- низомҳои CRM – воситаҳои идоракунии муносибатҳои муштариён. Онҳо маълумотро аз ҳама каналҳо муттаҳид мекунанд, як пойгоҳи муштариро таъмин мекунанд ва имкон медиҳанд, ки стратегияҳои нигоҳдории дарозмуддат эҷод карда шаванд;

- зеҳни сунъӣ (AI) – барои автоматикунонии муошират (чатботҳо, ёрдамчиёни), таҳлили ояндабинӣ, арзёбии хавф ва бунёди пешниҳодҳои инфиродӣ истифода мешавад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, маркетинги муосири бонкии рақамӣ дар таҳти таъсири талаботи муштариён ва имкониятҳои технологӣ табдил меёбад. Консепсияи он ба мутамарказии муштариён, истифодаи васеи таҳлилҳо ва технологияҳои зеҳнӣ, инчунин бунёди таҷрибаи ҳамкории пайваста ва бароҳати байни бонк ва муштарӣ асос ёфтааст. Имрӯз ин принсипҳо ба ҷанбаи асосии стратегияи рақобатпазирии бонкҳои муосир табдил меёбанд.

Адабиёт

1. Каримов, Б.Х. Маркетинговые исследования в туристической отрасли Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов // Время науки: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей IV Международной научно-практической конференции, Пенза, 07 декабря 2024 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2024. – С. 95-99

2. Каримов, Б.Х. Основы возникновения понятия маркетинга и его развитие в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, А. Давлаталии // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 4. – С. 78-87

3. Каримов, Б.Ҳ., Курбанова, С.М. Рушди таҳқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, С.М. Курбанова // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - № 4/2 (70). – С. 119-128

4. Комилова, К.Н. Имкониятхои истифодаи воситаҳои маркетинги рақамӣ дар бонкҳои тиҷоратии Точикистон / К.Н. Комилова // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – № 2(41). – С. 148-155

5. Мисоков, С.С. Цель банковского маркетинга и основные элементы системы банковского маркетинга / С.С. Мисоков // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – Т. 2. - № 1-4(116). – С. 210-214

6. Райан Д., Джонс, К. Цифровой маркетинг. Стратегии и инструменты привлечения онлайн-клиентов / Д. Райан, К. Джонс. Пер. с англ. – М.: Альпина Паблишер, 2013. – 316 с.

7. Раҳимов, А.М., Валиева, Н.М. Механизми идоракунии ташаккули фаъолияти маркетингӣ дар бонки тиҷоратӣ / А.М. Раҳимов, Н.М. Валиева // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2023. – № 3(96). – С. 107-114

8. Третьяк, О.А., Гордеева, Н.М. Цифровая трансформация маркетинга в банковской сфере / О.А. Третьяк, Н.М. Гордеева // Маркетинг в России и за рубежом. – 2020. – №3. – С. 15–24

9. Уткин Э.А. Банковский маркетинг: учеб. пособие для банковских школ и колледжей по специальности «Банковское дело» / Э.А. Уткин. - М.: ИНФРА-М; Метаинформ, 1994. – 304 с.

10. Чаффи, Д. Интернет-маркетинг. Стратегия, реализация и практика / Д. Чаффи. – М.: Юрайт, 2013. – 656 с.

11. Kotler, P., Keller, K.L. Marketing Management. – 12th ed. – Upper Saddle River, NJ: Prentice Hall, 2007. – 816 p.

12. McCarthy, E.J. Basic Marketing: A Managerial Approach / E.J. McCarthy. – Homewood, IL. – 1960, - 770 p.

УДК: 330.567.26: 31 (575.3)

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Сафарзода Навруз Умарали

Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

В данной статье рассматриваются концептуальные основы исследования повышения благополучия в цифровой экономике. Необходимость изучения благополучия возрастает в связи с тем, что эта категория представляет собой многогранное явление, охватывающее все аспекты жизни людей. Она включает в себя как элементы материального мира (материальные блага и услуги), так и духовные составляющие жизни людей, играющие важную роль в формировании и развитии личности. Поэтому перенос только опыта других стран в решении проблем поддержания и повышения благополучия не всегда может дать положительные результаты, поскольку все страны имеют специфические психологические, природные, климатические, социальные, исторические, институциональные и другие характеристики, влияющие на формирование и развитие личности человека как субъекта социально-экономических отношений. В заключение автор выдвигает ряд предложений и рекомендаций. Вышеуказанные пункты определили выбор темы исследования и определили ее значимость, а также социально-экономическое значение.

Ключевые слова: благополучие населения, средний класс, рынок труда, определение дохода граждан, трудоспособное население, методологический аспект.

A CONCEPTUAL FRAMEWORK FOR RESEARCHING WELL-BEING IN THE DIGITAL ECONOMY

Safarzoda Navruz Umarali

Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of National Economy and Economic Security Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 988-72-21-23. E-mail: cheh-16@mail.ru

This article examines the conceptual framework for researching well-being in the digital economy. The need to study well-being is increasing due to the fact that this category is a multifaceted phenomenon encompassing all aspects of people's lives. It includes both elements of the material world (material goods and services) and the spiritual components of people's lives, which play a significant role in the formation and development of personality. Therefore, solely transferring the experience of other countries in addressing the problems of maintaining and improving well-being may not always yield positive results, as all countries have specific psychological, natural, climatic, social, historical, institutional, and other characteristics that influence the formation and development of the human personality as a subject of socioeconomic relations. In conclusion, the author puts forward a number of proposals and recommendations. The above points determined the choice of the research topic and defined its significance, as well as its socioeconomic significance.

Key words: population well-being, middle class, labor market, determination of citizens' income, working-age population, methodological aspect.

Введение. Повышение уровня благосостояния населения является глобальной социальной проблемой, для развитых, развивающих и остальных стран мира, в которых первые годы нового тысячелетия, на фоне очередных финансово-экономических кризисов и социально-политической нестабильности во многих регионах мира, ее актуальность вновь выросла. Вопросы повышения уровня благосостояния населения в современном мире под влиянием различных групп факторов стала очень актуальным для всех стран.

Необходимость изучения благосостояния населения актуализируется тем, что эта категория является многоаспектным явлением и включает в себя все стороны жизни людей. Оно состоит как из элементов материального мира (товары и услуги материального характера), так и включает в свой состав духовные составляющие жизни людей, которые играют значимую роль в формировании и развитии личности человека. Исходя из этого, простой перенос опыта других стран в решении вопросов поддержания и роста уровня благосостояния людей не всегда может дать положительный результат, так как все страны мира имеет специфические ментальные, природно-климатические, социальные, исторические, психологические, институциональные и другие особенности, которые влияют на процесс становления и развития личности человека, как субъекта социально-экономических отношений.

Любое направление деятельности, совершаемое в экономике, в той или иной степени постоянно сталкивается с проблемой несоответствия распределения, ограниченного количества ресурсов с соответствующей системой их использования, имеет не только экономическую, но и социальную окраску.

Приступая к рассмотрению экономической природы категории «благосостояние населения» необходимо обратить внимание на то, что в ней наиболее полно проявили себя экономическая и этическая стороны жизнедеятельности человека и общества. Чисто экономический подход к решению проблемы

повышения благосостояния базируется на принципе «невидимой руки», которая правит рынком, а через него и достижением каждым собственного благополучия. Причем благосостояние приравнивается к богатству, наращивание которого напрямую связано с экономическим ростом, накоплением капитала, наличием других ресурсов. Поэтому центральное место здесь занимает материальное производство и, как производное от него, материальное благополучие.

Методология. Рассмотрение сущности и содержания благосостояния и способы их раскрытия можно встретит в работах почти всех зарубежных и отечественных учёных всех времен и народов. Еще в исследованиях таких древних мыслителей, как «Поучение гераклеопольского царя своему сыну» (XXII век до н.э.), в кодексе законов царя Хаммурапи (1792-1750 до н.э.), в трактатах Древнего Китая «Гуань цзы» и Древней Индии «Артхашастра» (в переводе «Учение о доходах»), рассмотрены важнейшие принципы и правила управления государственности и ведения хозяйства, направленные на улучшение общественного благосостояния и повышения уровня жизни населения.

Если рассмотреть историю развития экономической науки, то еще представители первой школы, т.е. меркантилисты уделяли большое внимание исследованию богатства и источников его увеличения для повышения благосостояния граждан своей страны. В экономических трудах Томаса Мана, Джона Локка, Ричарда Кантильона и других представителей этой школы богатством общества считали драгоценные металлы (золото и серебро), а источником увеличения богатства рассматривали внешнюю торговлю, которая позволяет по более высокой цене продавать товары и получать экономическую выгоду, позволяющую обеспечить процветание страны.

Попытки определения источника происхождения доходов и способов его увеличения предпринимались еще меркантилистами. Т. Ман, Дж. Локк, Р. Кантильон и другие полагали, что: «…богатство государство и благосостояния населения определяются количеством денег и сокровищ, а основной процветания государство является внешняя торговля. С. Фортрей считал, что: «…благосостояния Англии заключается главным образом в увлечении запасов товаров и расширении торговли. Под запасами понимались все товары, какие может произвести либо почва, либо населения страны, которые либо полезны для населения, либо представляют ценность за границей» [2, С.120].

По мере развития производительных сил и общественных отношений на арену политической жизни обществ возникает другой класс, то есть землевладельцы, которые большое внимание уделяли сельскому хозяйству, рассматривая его как производительную отрасль, работники которой создают и увеличивают богатства общества. Заслуга физиократов заключается в том, что они смогли перенести объект исследования из сферы обращения в сферу материального производства, хотя не смогли увидеть роль других отраслей в увеличении богатства общества, как источника повышения общественного благосостояния.

У. Петти стал акцентировать внимание на важности труда в создании богатства общества, таким образом отрицая роль денег в развитии хозяйства. При этом отметил, что: «Труд есть отец и активный принцип богатства, а земля его мать». По его мнению, богатство образуют не только драгоценные металлы и камни, включая деньги, но и земли страны, дома, корабли, товары и даже домашняя обстановка [5, С.34].

Согласно точкам зрения экономической мысли XVIII века в исследовании доходов, их регулировании для повышения уровня благосостояния населения, выделяются два важных направления. Первое направление представлено У.Петти, А. Смитом, Д. Рикардо, а второе - Т. Мальтусом, Н.Т. Ман, Дж. Локк, Р. Кантильон Сениором, Ж.Б. Сэем, Дж. Миллем и др. Каждая из этих теорий и концепций сделали определенный вклад в развитии теории благосостояния и в развитии человеческого общества.

Выдающийся представитель классической политической экономики А.Смит, развивая теорию своих единомышленников, совершенно справедливо утверждал, что: «…благосостояние связано и с долей «свободы и спокойствия», которыми человек может распоряжаться благодаря обмену продуктами своего труда с другими, надежностью размещения капитала, общественным престижем и «приятностью» занятия» [18, С.572]. Следовательно, он уделял большое внимание свободе выбора деятельности и использованию рыночных инструментов регулирования экономической деятельности, которые могут привести к повышению общественного благосостояния.

Исходя из этих предпосылок в своем исследовании Д.Б. Кодирзода отмечает, что: «В исследовании сущности благосостояния можно выделить ряд подходов: взгляд А. Смита, различающий общественное и индивидуальное благосостояния, утилитаризм (этическая теория, признающая полезность поступка критерием его нравственности) - с его функцией общественного благосостояния, Парето-оптимуму, и – благосостояние, как состояние индивидуумов и групп, а также направление, именуемое, как сопоставление оптимальных состояний и этнофилософкий подход»[5, С.12]. Это значит, что понятие «благосостояние» может рассматриваться в двояком значении, то есть, во-первых, как полезность поступка критерием его нравственности, и, во-вторых, как состояние индивидуумов и отдельных групп.

Важную роль в исследовании благосостояния общества и способов увеличения богатства страны играют труды А. Смита, особенно его работа под названием «Исследование о природе и причинах богатства народов». В этом своем труде он отмечает, что: «Щедрая оплата труда является, как неизбежным следствием, так и естественным симптомом роста национального богатства. Жаловаться по поводу нее значит оплакивать необходимые следствия и причины величайшего общественного благосостояния» [1, С.148]. Следовательно, А. Смит тесно связывает результаты труда членов общества с повышением общественного благосостояния, так как он является представителем трудовой теории стоимости и рассматривает трудовую деятельность, как основу процветания общества и повышения общественного благосостояния. При этом для повышения общественного

благосостояния предлагал широко использовать разделение труда или специализацию производителей на отдельных видах деятельности, позволяющие создавать больше материальных благ для удовлетворения потребностей членов общества. Также А. Смит рассматривает идею о том, что личные интересы людей должны быть превыше общественных, так как стремление к получению личной выгоды приводит к повышению объемов производства, направленных на удовлетворение нужд членов общества. Все это должно опираться на принципе «невидимой руки», сбалансирующей состояние экономики на основе использования рыночного механизма.

«…Теоретическим основам создания идеального общества были посвящены работы социалистов – утопистов. В идеях раннего утопического социализма уничтожение частной собственности, уравнительное распределение и полная регламентация общественной жизни рассматривались, как условие достижения максимизации благосостояния общества. Вместе с тем, следует отметить, что достижение одинаковости людей, предполагающее полное отсутствие у них какой бы то было собственности, уничтожает механизм социального сравнения, который является основой прогрессивного развития общественной жизни» [5, С.11].

В работах представителей экономической школы марксизма также уделено большое внимание исследованию сущности и содержания общественного благосостояния, хотя во многих случаях оно было отождествлено с понятием «уровень жизни».

Так, к примеру, рассматривая величину стоимости рабочей силы, К. Маркс указывал, что она «...определяется в каждой стране традиционным уровнем жизни. Этот уровень предполагает не только удовлетворение потребностей физической жизни, но и удовлетворение определенных потребностей теми общественными условиями, в которых люди находятся и воспитываются» [8, С.150].

Таким образом, К. Маркс связывал что: «…определение уровня жизни с объемом жизненных средств, также предметов потребления, присваиваемых людьми для удовлетворения своих потребностей. Данной точки зрения придерживался и В.И. Ленин, который судил об уровне жизни исключительно по уровню и структуре личного потребления. По мнению В.И. Ленина, жизненный уровень служит одним из показателей при формировании характеристики экономического и социального положения той или иной группы населения» [7, С.9].

К. Маркс. Он считал, что: «…примерно такую позицию относительно ценности свободы в действиях, как качественное измерение благосостояния поддерживал и свободное время необходимо человеку для образования, для интеллектуального развития, для выполнения социальных функций, для товарищеского общения, для свободной игры физических и интеллектуальных сил» [9, 891с].

С точки зрения К. Маркса, свободное время необходимо человеку для его дальнейшего роста, в полном смысле этого слова. Иными словами, это время, способствующее удовлетворению материальных, культурных и духовных потребностей человека. Несмотря на то, что прошло достаточно много времени, точки зрения А. Смита, К. Маркса и других по трактовке сущности уровня жизни населения, остаются значимыми и в современных условиях.

Результаты. В экономической литературе XVII – XIX веков можно выделить два основных подхода к рассмотрению экономической природы общественного благосостояния. В рамках первого подхода благосостояние населения оценивается с помощью какого-то показателя, которую можно оптимизировать. Представители второго направления исследования благосостояние рассматривают, как некое состояние, которое является самым лучшим, с позиции отдельных индивидов.

Первый подход в наибольшей степени близок этике утилитаризма, представители которой (И. Бентам, У. Джевонс и др.) пытались сформулировать функцию общественного благосостояния через основополагающий этический принцип пользы, которая понималась, как «наибольшее счастье для наибольшего числа людей». В своей теории И. Бентам исходит из того, что каждый человек в состоянии производить те арифметические действия, которые нужны для получения максимума счастья. Поэтому само благосостояние он предлагал измерять вычитанием суммы страданий из суммы удовольствий за данный период времени. И. Бентам допускал возможность сопоставления индивидуальных полезностей (благосостоянии), а значит возможность понимания общественного благосостояния, как совокупность индивидуальных благосостоянии.

Здесь важно подчеркнуть агрегатный характер критерия, предполагающего возможность сопоставления индивидуальных полезностей при переходе к общественной полезности. Арифметика счастья по Бентаму имела непосредственное отношение к экономике, поскольку он связывал удовольствие с потреблением товаров и услуг, и потому экономическая интерпретация его социального оптимума означала максимум производства товаров и услуг [17, С.641-642].

Следовательно, в основу утилитарного подхода лежит равное и пропорциональное распределение богатства общества между отдельными гражданами страны, которое может обеспечивать наилучшую полезность для общества. Это означает, что каждый член общества получает ту порцию богатства, которое соответствует его максимальной полезности. Так как индивидуальные полезности членов общества различны, следовательно, распределение богатства может быть таковым.

В свою очередь, в качестве представителей второго направления (теория справедливого распределения доходов), то есть этнофилософской теории благосостояния, можно выделить Дж. Роулза, Р.Ноузика и др. Данная концепция опирается на идее о том, что справедливым распределением является такое распределение благ, которое улучшает уровень жизни наименее обеспеченного гражданина страны.

В свою очередь Дж. Роулз допускает что: «…неравенство распределения доходов, обосновывая его наличием в обществе особо одаренных людей. Однако, в построении Дж. Роулза не учитывается такой момент, как распределение дохода индивидуума на протяжении его жизни, хотя возраст - важный фактор фактического неравенства в личных доходах и богатстве. Теория Дж. Роулза подверглась критике со стороны Р. Ноузика, особенно в части распоряжения доходами. Р. Ноузик выдвигает положение, что если человек имеет доход, то он должен распоряжаться им свободно. Если же свобода использования дохода приводит к неравенству, то пусть так и будет» [2, С.123].

Наиболее целостную систему и достаточно рациональную теорию общественного благосостояния предложил А. Пигу. Он, выделяя критерии оценки благосостояния граждан общества с помощью денежных инструментов рассматривал экономические и неэкономические стороны благосостояния общества. При этом зависимость благосостояния тесно рассматривается от производительности труда и получаемого дохода. Автор уровень неэкономического благосостояния при этом связывает с экономическим благосостоянием и от направлений использования доходов граждан. В своем исследовании «Экономическая теория благосостояния» А. Пигу писал, что: «…повышение внимания к сотрудникам и учет их интересов со стороны администрации позволяет повысить производительность труда и увеличивает благосостояние в обществе. Кроме того, уровень неэкономического благосостояния изменяется в зависимости от того, как человек использует свой доход. Из различных способов распределения доходов, приносящих человеку равное удовлетворение, одни могут оказывать положительное влияние на развитие человеческой личности, а другие отрицательное. Так результат воздействия на человека посещения музеев или питейного заведения будет различным» [14, С.75].

Следовательно, по мнению А. Пигу уровень благосостояния общества тесно связано не только с объемом национального дохода, но и зависеть от методов их распределения. Так, к примеру, посредством использования системы прогрессивного налогообложения перераспределение части дохода от богатых слоев наименее имущим группам позволяет обеспечить рост общественного благосостояния. Он отмечает, что большая налоговая ставка на высокие доходы означает примерно ту же потерю полезности для высокодоходных групп населения, что и меньшая налоговая ставка для низкодоходных групп. Исходный принцип установления налоговых ставок - принцип «наименьшей совокупной жертвы» [14, с.75].

Основные взгляды А. Пигу можно свести к следующим тезисам: государство призвано обеспечивать максимизацию общественного благосостояния посредством проведения политики перераспределения доходов, системы прогрессивного налогообложения, измерения «внешних эффектов», но и обеспечивать развитие науки, образования, осуществлять природоохранные проекты.

В условиях экономических кризисов начала 20 – годов двадцатого столетия, личным доходам и сбережениям посвятил свои исследования выдающийся ученый - экономист Дж. М. Кейнс («Общая теория занятости, процента и денег» (1936 г.) [4, 218с.].

На основе изучения производства и доходов Дж. М. Кейнс выдвигает теорию о том, что первостепенное значение «…имеют факторы платежеспособного спроса (доходы), а не факторы предложения (производства). В экономическом росте, по его мнению, ведущее место в экономическом росте и равновесии системы занимает спрос и его важная составляющая – доходы» [19, С.409-415].

Мы полагаем, что наиболее важные выводы положения Дж. М. Кейнса о доходах заключаются в следующем:

- Доходы общества распределяются на две основные группы - потребляемые и сберегаемые;
- Явление несоответствия между сбережениями, доходами и инвестициями ведет к макроэкономическому дисбалансу;
- Реализация конкретной политику перераспределения доходов в пользу тех групп населения, которые обладают наибольшей склонностью к потреблению.

По мнению Кейнса, среди множества факторов, которые влияют на потребление, существуют такие факторы, которые непосредственно связаны с распределением дохода. В то же время, он полагал, что низкие по доходу слои населения обладают сравнительно высокой склонностью к потреблению, нежели население с высоким доходом.

«…Исследование западных теорий благосостояния показывает, что в них основное внимание уделяется приоритету человеческой личности. Почти во всех теориях природа благосостояния раскрывается с позиций индивидуального и общественного благосостояния, главным условием повышения жизненного уровня признается вмешательство государства в экономику в связи с несовершенством рынка. Для них характерна расширенная трактовка благосостояния, вместе с тем не раскрывающая конкретного содержания его сущности посредством определения свойств, границ, элементов и его структуры» [5, С.20].

В период функционирования Республики Таджикистан в составе Союза Советских Социалистических Республик также большое внимание было уделено исследованию общественного благосостояния. Среди ученых можно выделить особую роль таких исследователей, как В.М. Рутгайзер, А.Г. Аганбегян, В.Ф.Майер, Т.И. Заславская, Н.М. Римашевская, Г.С. Саркисян, Е.И. Капустин, Б.М. Сухаревский, С.Г. Струмилин, П.С. Мстиславский и др., рассматривающих сущность, структуру и направления повышения благосостояния общества. Важно отметить, что в социалистическом обществе исследователи основной акцент делали на рассмотрении общественного благосостояния с учетом главного экономического закона данного общества и преобладанием общественных интересов над индивидуальными.

Обсуждение. Различным аспектам исследования благосостояния населения, уровня, качества и образа жизни граждан страны уделены исследования таджикских ученых.

Отечественный исследователь Мирзоев Т.Х. считает, что: «…в решении важнейших социально-демографических проблем страны, которые прямо или косвенно оказывают воздействие на динамику и уровень благосостояния, существенную роль играет государственный бюджет страны. Бюджет может выполнять такую миссию прямо, также нацеливаясь исключительно на повышения уровня благосостояния или косвенно усиливая действия социально-демографических факторов уровня благосостояния. В первом аспекте, также прямом влиянии бюджетных средств может иметь место их разовое применение, также непосредственное использование в целях личного потребления» [10, С.106].

The purpose of the article is to identify areas of trade and economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the CIS countries that can simultaneously expand exports, increase the degree of its processing and reduce the costs of cross-border operations. The study is based on a comparative and structural-dynamic analysis of trade in goods for 2024-2025, data on the commodity and country structure of exports, and an assessment of digital terms of trade. The national review of trade policy, information from the CIS Statistical Committee, materials from the Asian Development Bank, the OECD and the World Bank were used. It was found that Tajikistan's exports increased in 2025, but imports remained significantly higher than exports. The supply of fruit and vegetable products demonstrates the practical possibility of expanding exports to the markets of the CIS countries. Three interrelated priorities have been identified: the development of logistics and quality assurance of agri-food products; deepening the processing of cotton and other raw materials; coordination of electronic documents and data exchange when crossing the border. The scientific novelty consists in a joint assessment of the structural and digital aspects of cooperation: digital solutions are considered as a condition for the implementation of specific product lines, and not as an independent guarantee of trade growth.

Keywords: Tajikistan, CIS, foreign trade, export diversification, industrial cooperation, digitalization of trade, trade logistics, electronic document management.

Введение. Расширение внешней торговли само по себе не свидетельствует о структурном укреплении экономики. Для Таджикистана принципиально важно, какая часть прироста приходится на продукцию с большей добавленной стоимостью, получают ли отечественные предприятия устойчивый доступ к внешним рынкам и сокращаются ли затраты на доставку и оформление товаров. Такая постановка вопроса соответствует Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года [4].

Страны СНГ занимают существенное место во внешней торговле республики. По данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, за январь–сентябрь 2025 года на них пришлось 43,4% внешнеторгового оборота, или 3 407,1 млн долл. США [1]. Полный 2025 год характеризовался ростом экспорта, но также увеличением импорта и абсолютного дефицита торговли товарами [2; 3]. Значимость рынка СНГ необходимо оценивать вместе с возможностью изменить структуру поставок.

Исследования цифровой торговли показывают, что электронные площадки способны ослаблять информационные барьеры между продавцом и покупателем. В частности, А. Лендле и соавторы при сравнении торговли через eBay с традиционными потоками выявили более слабое влияние расстояния на операции через платформу [6]. Этот результат получен на иной выборке стран и не служит оценкой эффекта цифровизации для Таджикистана. Применительно к республике ОЭСР рассматривает торговые процедуры, а

Всемирный банк - условия электронной коммерции [7; 9]. Задача статьи - связать эти условия с товарной структурой и определить последовательность практических мер. Цель исследования - обосновать приоритеты сотрудничества Таджикистана со странами СНГ с учётом потенциала экспорта, переработки сырья и цифровизации торговых операций.

Методология. Основу количественного анализа составляют национальный обзор торговой политики [2], годовой пресс-релиз Статкомитета СНГ [3] и опубликованные Азиатским банком развития расчёты по UN Comtrade и IMF Direction of Trade Statistics за 2024 год [5]. Для оценки цифровых условий использованы исследования ОЭСР и Всемирного банка [7–9]. Торговля товарами анализируется отдельно от торговли услугами и инвестиций.

При обозначении экспорта через X, импорта через M и оборота через T используются формулы: T = X + M; B = X − M; K = (X / M) × 100%, где B - торговое сальдо, K - покрытие импорта экспортом. Темп изменения показателя V между годами: $g = (V_{2025} / V_{2024} - 1) * 100\%$. Доля партнёра определяется отношением оборота с ним к общему обороту Таджикистана. Для оценки товарной концентрации можно применят индекс Херфиндаля - Хиршмана $HHI = \Sigma s_i^2$, где s_i - доля товарной позиции.

Результаты

Динамика торговли товарами

Согласно национальным данным, внешнеторговый оборот увеличился с 8 955,0 млн долл. США в 2024 году до 10 793,1 млн долл. в 2025 году. Экспорт вырос с 1 947,4 до 2 487,9 млн долл., импорт — с 7 007,6 до 8 305,2 млн долл. [2].

Таблица 1. Внешняя торговля товарами Республики Таджикистан в 2024–2025 годах

Показатель	2024	2025	Изменение
Оборот, млн долл. США	8 955,0	10 793,1	+20,5%
Экспорт, млн долл. США	1 947,4	2 487,9	+27,8%
Импорт, млн долл. США	7 007,6	8 305,2	+18,5%
Сальдо, млн долл. США	−5 060,2	−5 817,3	дефицит +757,1 млн
Покрытие импорта экспортом, %	27,8	30,0	+2,2 п. п.

Источник: исходные данные национального обзора [2]. Сальдо, покрытие и процентные изменения рассчитаны автором.

Рост экспорта опережал рост импорта в процентах, однако более высокая импортная база привела к увеличению абсолютного торгового дефицита. Статкомитет СНГ также фиксирует рост торговли в 2025 году, но приводит несколько иные суммы: 10 795,7 млн долл. оборота, 2 489,2 млн долл. экспорта и 8 306,5 млн долл. импорта [3]. Показатель торговли со странами СНГ за январь–сентябрь 2025 года составляет 3 407,1 млн долл. [1]; сопоставлять его с полным годом как годовой темп роста нельзя.

Страновая и товарная структура

В национальном обзоре крупнейшими партнёрами по общему товарообороту за 2025 год названы Китай (26,4%), Россия (22,9%), Казахстан (11,0%), Узбекистан (6,7%); доля Беларуси составляет 2,1% [2]. Суммарно Россия, Казахстан, Узбекистан и Беларусь обеспечивали 42,7% общего оборота Таджикистана со всеми странами мира. Эта величина не является их долей внутри торговли с СНГ.

Для анализа направленности двусторонних потоков использованы опубликованные АБР значения за 2024 год на базе IMF Direction of Trade Statistics [5]. Они составляют отдельный сравнительный срез и без проверки методики не приравниваются к суммам национального обзора.

Таблица 2. Отдельные партнёры Таджикистана по торговле товарами в 2024 году

Партнёр	Экспорт, млн долл.	Импорт, млн долл.	Сальдо, млн долл.
Россия	221	876	−655
Казахстан	206	905	−699
Узбекистан	145	254	−109

Источник: расчёты АБР по IMF Direction of Trade Statistics [5]. Сальдо рассчитано автором. Таблица охватывает только три страны, а не весь СНГ.

Для этих трёх партнёров экспорт составляет 572 млн долл., импорт - 2 035 млн долл.; рассчитанное покрытие импорта экспортом составляет 28,1%. Частичный показатель свидетельствует о преобладании импорта, но не описывает торговлю со всем СНГ. В структуре общего экспорта страны за 2024 год среди крупных позиций присутствовали золото, руды и концентраты, необработанный алюминий и хлопковое волокно; часть поставок направлялась за пределы Содружества [5].

Плодоовощная продукция демонстрирует конкретные возможности рынков СНГ. В 2025 году Таджикистан экспортировал её на 76,1 млн долл., что на 25,8 млн долл. больше, чем годом ранее. По стоимости данного товарного направления на Россию приходилось 51,8%, Казахстан - 14,5%, Узбекистан - 9,8%, Кыргызстан - 3,4%; вместе - 79,5% [2]. Последний показатель относится только к плодоовощной продукции. Национальный обзор также отмечает недостаточный доступ к железнодорожной инфраструктуре и сложности с упаковкой, маркировкой и соблюдением требований покупателей [2].

Цифровые условия сотрудничества

Цифровая трансформация торговли охватывает поиск покупателя, договор, разрешения, таможенное оформление, перевозку и оплату. Важна совместимость этапов без повторного ввода сведений и бумажного дублирования. ОЭСР описывает работу таджикского «единого окна», одновременно отмечая необходимость улучшения информирования пользователей и трансграничного взаимодействия [7]. Позднейшая оценка указывает на прогресс реформ, но значение индикатора упрощения торговли Таджикистана за 2024 год уступало показателям ряда соседних стран [8]. Это оценка условий, а не измеренный эффект цифровизации на экспорт.

Всемирный банк указывает на базовые правовые положения об электронных документах, подписях и электронной коммерции, но также на пробелы в регулировании электронных сделок и доверия участников [9]. Исследование предшествовало части последующих изменений: национальный обзор сообщает о принятых в 2025 году положениях, предусматривающих цифровизацию таможенных процедур и электронное декларирование [2]. Поэтому применимость выводов о состоянии права следует проверять на дату внедрения каждого проекта.

Таблица 3. Цифровые направления и показатели их оценки

Направление	Предлагаемое применение	Показатель оценки
Таможенные процедуры	Предварительная подача данных о партии	Время выпуска; число повторных запросов
Электронные документы	Согласование форматов и проверка сертификатов	Доля документов без бумажного дублирования
Электронная торговля	Проверенные каналы продаж производителей	Стоимость выполненных экспортных заказов
Логистика	Отслеживание партии и условий хранения	Срок доставки; потери и возвраты
Обмен данными	Защищённая передача сведений между ведомствами	Доля партий без повторного ввода

Источник: предложения автора на основе выявленных ограничений [2; 7; 9]. Представленные показатели не являются данными о достигнутом эффекте.

Обсуждение. Результаты выявляют две взаимосвязанные задачи: изменение состава экспорта за счёт продукции более глубокой переработки и снижение издержек сделки при её доставке. Электронная площадка облегчает поиск покупателя, но не заменяет холодильную цепь и не подтверждает качество товара. Выводы Лендле и соавторов об уменьшении влияния расстояния при онлайн-торговле требуют проверки на таджикских товарных группах [6]. Национальная стратегия до 2030 года задаёт ориентир повышения конкурентоспособности [4]; оценки ОЭСР и Всемирного банка уточняют необходимые процедурные условия [7-9]. Причинный эффект отдельной цифровой реформы на объём экспорта данным исследованием не установлен.

Первый приоритет - агропродовольственные цепочки с согласованной логистикой и подтверждением качества. Основание: существующий экспорт и несколько установленных рынков сбыта [2]. Целесообразно выбрать ограниченный перечень товаров и маршрутов, согласовать с покупателями требования к сортировке, упаковке и документам и измерять цену реализации и потери до и после внедрения изменений.

Второй приоритет - кооперация в переработке хлопка и выпуске готовой текстильной продукции. В 2025 году экспорт хлопкового волокна составлял 142,1 млн долл. США, одежды - 43,6 млн долл. [2]. Это разные товарные группы; приведённое сопоставление не показывает, какая часть хлопка могла быть переработана внутри страны. Совместные проекты следует отбирать по заказам, требованиям к качеству и расчёту добавленной стоимости в Таджикистане.

Третий приоритет - совместимость электронных торговых процедур на выбранных двусторонних маршрутах. Пилотное согласование сведений и порядка признания документов следует проводить при наличии действующего товарного потока, фиксируя исходное время оформления и долю бумажных документов. Снижение затрат пока является проверяемой гипотезой, а не измеренным итогом. Четвёртый приоритет - электронные продажи малых производителей; их результативность зависит также от платежей, доставки и правил разрешения споров [9].

Ранжирование выполнено экспертно по наблюдаемой торговой базе, практической осуществимости мер и потенциалу увеличения глубины переработки. Количественные веса критериям не присваивались: сопоставимые оценки стоимости проектов отсутствуют. Таджикистан участвует в Договоре о зоне свободной торговли СНГ [2], однако режим признания документов и транзита следует отдельно проверять для каждого партнёра. Механизмы иных интеграционных объединений не распространяются на республику автоматически.

Заключение. Наибольшие ближайшие возможности связаны с расширением агропродовольственных поставок на существующие рынки СНГ при улучшении хранения, перевозки, упаковки и подтверждения качества. Среднесрочный структурный приоритет - кооперация в переработке сырья при подтверждённом спросе на готовую продукцию. Электронное декларирование и согласованный документооборот должны поддерживать оба направления, сокращая повторные действия и повышая предсказуемость поставок.

Государственным органам целесообразно начать с пилотных маршрутов и согласования требований к данным и документам с партнёрами; бизнесу - фиксировать требования покупателей и фактические затраты. Для оценки результата следует заранее измерять время оформления и доставки, логистические издержки, долю возвратов, число экспортёров и стоимость завершённых поставок. Ограничение исследования - недостаточная детализация сопоставимых опубликованных данных о двустороннем экспорте по товарам за 2025 год.

Литература

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. How many countries in the world have trade relations with Tajikistan? [Электронный ресурс]. 26.10.2025. URL: https://www.stat.tj/en/how-many-countries-in-the-world-have-trade-relations-with-tajikistan/.
2. Исполнительный комитет СНГ. Обзор торговой политики Республики Таджикистан от 2026 года [Электронный ресурс]. 07.07.2026. Подготовлен на основе национального доклада Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. URL: https://e-cis.info/news/566/137197/.
3. Межгосударственный статистический комитет СНГ. Внешняя торговля товарами стран СНГ в 2025 году: пресс-релиз от 26 марта 2026 года [Электронный ресурс]. URL: https://new.cisstat.org/documents/20143/1199077/Внешняя+торговля+товарами+стран+СНГ+в+2025+году.pdf/4c29c471-e3b4-2610-c32f-4b7df53bab67.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года: утв. постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 01.12.2016 № 636 [Электронный ресурс]. URL: https://faolex.fao.org/docs/pdf/taj195945.pdf.
5. Asian Development Bank. Tajikistan: Country Statistics - Goods [Electronic resource]. CAREC Trade Information Portal. 2024 data; source: UN Comtrade and IMF Direction of Trade Statistics. URL: https://trade.carecprogram.org/country-statistics/goods/tajikistan/.
6. Lendle A., Olarreaga M., Schropp S., Vézina P.-L. There Goes Gravity: eBay and the Death of Distance // The Economic Journal. 2016. Vol. 126. No. 591. P. 406–441. DOI: 10.1111/ecoj.12286.
7. OECD. Trade Facilitation in Central Asia: Tajikistan [Electronic resource]. Paris: OECD Publishing, 2023. URL: https://www.oecd.org/en/publications/trade-facilitation-in-central-asia_80ed999c-en/full-report/component-9.html.
8. OECD. Enhancing the Competitiveness of the Trans-Caspian Transport Corridor in Central Asia: Tajikistan [Electronic resource]. Paris: OECD Publishing, 2025. URL: https://www.oecd.org/en/publications/2025/11/enhancing-the-competitiveness-of-the-trans-caspian-transport-corridor-in-central-asia_e989025f/full-report/tajikistan_1520e6a9.html.
9. World Bank. Tajikistan Economic Update [Electronic resource]. Washington, DC: World Bank,July2025.URL:https://documents1.worldbank.org/curated/en/099713007282542605/pdf/IDU-bd1d1196-74d2-40ba-ba39-95e6e426736e.pdf.

УДК: 620.91

ЗАХИРА ВА ИСТЕҲСОЛИ ЭНЕРГИЯИ САБЗ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Махсудов Исматулло Ҳошимович
Донишкдаи омӯзгори Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи география ва методикаи таълими они факултети табиатшиносӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм к. Э. Муҳиддин. Email: ismatullo9798@mail.ru
Шарифов Фирдавс Далерович
Донишкдаи омӯзгори Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, ассистенти кафедраи география ва методикаи таълими они факултети табиатшиносӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Ғарм к. Э. Муҳиддин. Email: **firdavs.sharifov97@mail.ru**

Дар шароити таҳаввулоти глобалӣ ва мушкилоти афзояндаи муҳити зист, масъалаи истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия яке аз самтҳои калидии сиёсати энергетикии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо дарназардошти имкониятҳои табиӣ ва иқлимӣ, Тоҷикистон дорои захираҳои назарраси энергияи сабз (энергияи барқароршаванда) мебошад, ки заминаи мусоид барои гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ фароҳам меорад. Истифодаи оқилонаи ин захираҳо метавонад ба рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: Мавқеи географӣ, энергияи сабз, иқтисоди сабз, тағйирёбии иқлим, ҳарорат, радиатсияи офтоб, стратегия, захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист, нерӯи барқ, НБО, захираҳои гидроэнергетикӣ, рушди устувор, иқтидор.

ЗАПАСЫ И ПРОИЗВОДСТВО ЗЕЛЕНОЙ ЭНЕРГИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Махсудов Исматулло Хошимович
преподаватель таджикского педагогического института Раштского района, ассистент кафедры географии и методики преподавания факультета естественных наук. Адрес: Республика Таджикистан. Гр. Э. Мухиддина Email: ismatullo9798@mail.ru
Шарифов Фирдавс Далерович
преподаватель таджикского педагогического института Раштского района, ассистент кафедры географии и методики преподавания факультета естественных наук. Адрес: Республика Таджикистан. Гр. Э. Мухиддина Email: **firdavs.sharifov97@mail.ru**

В условиях глобального развития и растущих экологических проблем вопрос использования возобновляемых источников энергии является одним из ключевых направлений энергетической политики стран мира, в том числе Республики Таджикистан. Учитывая природные и климатические возможности, Таджикистан обладает значительными запасами зеленой энергии (возобновляемых источников энергии), что создает благоприятную основу для перехода к устойчивому экономическому развитию. Рациональное использование этих ресурсов может способствовать устойчивому экономическому развитию, защите окружающей среды и повышению уровня жизни населения.

Ключевые слова: Географическое положение, зеленая энергия, зеленая экономика, изменение климата, температура, солнечная радиация, стратегия, природные ресурсы, охрана окружающей среды, электроэнергия, ГЭС, гидроэнергетические ресурсы, устойчивое развитие, потенциал.

GREEN ENERGY RESERVES AND PRODUCTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Mahsudov Ismatullo Khoshimovich
is a teacher at the Tajik Pedagogical Institute in Rasht District, an assistant at the Department of Geography and Teaching Methods at the Faculty of Natural Sciences.
Address: Republic of Tajikistan. Gr. E.. Muhiddina. Email: ismatullo9798@mail.ru
Sharifov Firdavs Dalerovich
is a teacher at the Tajik Pedagogical Institute of Rasht district, an assistant at the Department of Geography and Teaching Methods at the Faculty of Natural. Address: Republic of Tajikistan. Gr. E. Muhiddina. Email: **firdavs.sharifov97@mail.ru**

In the context of global development and growing environmental problems, the issue of using renewable energy sources is one of the key areas of energy policy in the world, including the Republic of Tajikistan. Given the natural and climatic opportunities, Tajikistan has significant reserves of green energy (renewable energy sources), which creates a favorable basis for the transition to sustainable economic development. The rational use of these resources can contribute to sustainable economic development, environmental protection, and improved living standards.

Key words: Geographical location, Republic of Tajikistan, green energy, green economy, climate change, temperature, solar radiation, strategy, natural resources, environmental protection, electricity, hydroelectric power stations, hydropower resources, sustainable development, potential.

Муқаддима. Дар шароити пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва паёмадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад. Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти тадбиқи лоиҳаҳои “сабз”, хусусан барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди иқтисоди “сабз” бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Ҷанбаъҳои муҳими захира ва истеҳсоли энергияи сабз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ чун Қурбонов Н.Б., Амирзода О.Х., Муҳаббатов Х.М., Буриева М.Ч., Қаландаров А.А. ва дигарон гузаронида шудааст. Дар мақола санадҳои стратегӣ, маълумоти оморӣ ва адабиёти илмӣ оид ба иқтисоди сабз, энергияи офтобӣ, бодӣ ва гидроэнергетика мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтаанд.

Мақсади мақола – имконияти роҳҳои такмили механизми истеҳсоли энергияи сабзро ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ фароҳам меорад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Равандҳои тағйирёбии иқлим, ки имрӯз боиси тунук шудани қабати озонии атмосфера гардидаст, мамлакатҳои ҷаҳонро водор намудааст, ки барои пешгирӣ аз ин мушкилоти дар пеш истода тадбирҳои зарурӣ андешанд. Роҷеъ ба ин масъала тазаккур бояд дод, ки маҳз бо бароҳ мондани иқтисодиёти комилан сабз дар кишварҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ метавон ин мушкилотро бартараф намуд.

Яъне “Давоми солҳои охир дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ибораҳои “энергияи сабз”, “саноати сабз”, “бозори сабз”, “шуғли сабз”, “сармояи сабз”, “анархияи сабз”, “сиёсати сабз”, “гузариши сабз” ва дар баъзе сарчашмаҳо “инноватсияи сабз” истифода мегардад, ки зери ин мафҳум технологияи ҷадид бо таъсири минималӣ ба муҳит, аз ҷумла манбаъҳои барқароршавандаи энергия (обӣ, офтобӣ, бодӣ, геотермалӣ, биомасса) фаҳмида мешавад” [2, с. 110].

Ба таври фишурда “Иқтисоди сабзро метавон чунин таъриф дод: Иқтисоди сабз ин иқтисодиёти боадолатона ва боэътимод буда, сифати беҳтарини ҳаётро ба ҳамагон дар ҳудудҳои экологии сайёра таъмин мекунад” [3, с. 4].

Соли 2008 аз ҷониби СММ “Ташаббуси иқтисоди сабз” (Green Economy Initiative) эълон карда шуд, ки мақсади он дар расонидани кумак ба ҳукуматҳои кишварҳои гуногун барои дигар кардани самти сиёсати иқтисодии онҳо, аввалиндараҷа донистани афзалиятнокии технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, хизматрасонӣ дар соҳаи таъминоти об ва нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза, зарурати идоракунии партовҳо, бунёди биноҳои “сабз”, кишоварзии босубот ва ғайра равона шудааст [4, с. 5].

Маҳз бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2022, №482 “Стратегияи рушди иқтисоди “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037” қабул гардида айни замон мавриди амал қарор дорад. Мувофиқи ин санади стратегӣ, ҳаҷми умумии маблағгузорӣ барои татбиқи тадбирҳои пешбинишуда дар соҳаи рушди иқтисоди сабз 21 586 300 сомонро ташкил медиҳад. [2, с. 126-127].

Мақсади Стратегияи мазкур иборат аз гузаронидани ислоҳоти иниституционалӣ (ниҳодӣ), таъмини самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва воридсозии технологияҳои каммасраф, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиши партовҳои газҳои гӯлхонаӣ, аз таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти иқтисодӣ сабз буда, дар тӯли 15 сол мавриди татбиқ қарор мегирад [5, с. 70-71].

Маҳз иқтисоди сабз имкон медиҳад, ки дар оянда натанҳо рушди иқтисодӣ, балки сади роҳи дигаргуншавии иқлимро гирифта тавонад.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои ҳалли муваффақи мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим рушди “Иқтисоди сабз” мебошад, ки дар навбати худ зарурати рушди “Энергияи сабз”- ро ба миён меорад [5, с. 70-71].

Иқлими Тоҷикистон дар натиҷаи таъсири мутақобилаи бисёр омилҳои гуногун (мавқеи географӣ, релеф, радиатсияи офтоб, гардиши ҳавои атмосфера) ташаккул меёбад [8, с. 30], ки инро иқлимшиносон ба омилҳои табиию географии зерин вобаста менамоянд:

1. Мавқеи географии Тоҷикистон дар канори арзҳои шимолии минтақаи субтропикӣ;
2. Хусусияти хоси гардиши умумии атмосфера;
3. Мавқеи Тоҷикистон дар дохили материки Авруосиё.

Дар байни ин омилҳои иқлимташкилдиҳанда мавқеи географӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Онро пеш аз ҳама дар кадом арзи географӣ воқеъ гардидани минтақа муайян менамояд [11, с. 30].

Ҳудуди муосири Тоҷикистон дар қалби Осиёи Марказӣ байни арзҳои 36°40' ва 41°05' арзи шимолӣ дар канори шимолии минтақаҳои субтропикию муътадили нимкураи шимолӣ ҷойгир буда, мавқеи беназири географӣ ва захираҳои табии фаровон дорад [11, с. 30. 8, с. 55]. Вобаста ба ин сатҳи замини Тоҷикистон ба миқдори зиёд гармӣ ва равшанӣ мегирад ва он ба давомнокии нурпошии Офтоб вобаста мебошад [11, с. 30]. Маҷмӯи радиатсияи солонаи Офтоб дар минтақаҳои амӯдӣ 151-176 ккал/см^2-ро ташкил медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, А. Ҷураев, У. Ҳақназаров Ш. Ибодов дар як сол Офтоб ба ҳисоби миёна 2097 - 3166 соат нур меафшонад [8, с. 30].

Ҷамъи ҳарорати миёнаи мусбати шабонарӯзӣ (аз +5^{0}С боло) дар тӯли сол дар водиҳо аз +6000^{0}С беш аст [8, с. 30].

Иқлими Тоҷикистон бо доштани 280–330 рӯзи офтобӣ ва дар маҷмуъ 2 000 кВт/м^2 шиддатнокии радиатсияи офтобӣ дар як сол барои истифодаи энергияи офтобӣ ҳамчун сарчашмаи аз рӯйи аҳамият

дуюмдараҷаи энергияи барқароршаванда хеле мусоид мебошад [4, с. 6]. Ба ҳисоби тахминӣ, иқтидори истеҳсоли нерӯи офтобӣ дар Тоҷикистон метавонад ба 25 -33 млрд кВт/с дар як сол баробар бошад. [6, с. 57]. Ин миқдор метавонад 10 то 20 фоизи талаботи хоҷагии миллӣ ба ҳомили энергия ва 60–80 фоизи талаботи умумии аҳолиро ҳадди ақал давоми 10 моҳ дар як сол, дар тамоми ҳудуди кишвар қонеъ гардонида метавонад [4, с. 6].

Тибқи маълумоти Вазорати энергетикаи Тоҷикистон, дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳамагӣ 9 иншооти бодӣ бо иқтидори умумии 5,1 киловатт ва 2433 неругоҳи офтобӣ мавҷуд аст, ки иқтидори умумии онҳо ҳамагӣ 8,87 киловатт соат мебошад [13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай чандин нерӯгоҳҳои офтобӣ сохта шудаанд, ки онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд ва ноҳияи Мурғоб мебошанд, ки дар ин минтақа бо дастгирии молиявӣ ва фаннии USAID ва ширкати «Pamir Energy» соли 2020 аввалин нерӯгоҳи офтобӣ бо иқтидори 200 кВт ба истифода дода шуд. Дар ҳоли ҳозир, лоиҳае амал мекунад, ки иқтидори ин нерӯгоҳро то 800 кВт афзоиш дода, инчунин бо батареяҳои замонавӣ бо иқтидори нигаҳдории барқ то 1,2 МВт·соат таъмин мекунад. Ғайр аз ин, сохтмони се нерӯгоҳи дигар дар деҳаҳои Аличур (иқтидори 2,8 МВт), Гулзор (450 кВт) ва Булункул (565 кВт) идома дорад [12].

Ҳоло корҳои лоиҳавии сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт – 250 мегаватт дар вилояти Суғд [1, с. 6], дар майдони қариб 400 гектар ҷойгир хоҳад шуд ва солона тақрибан 350 млн кВт/соат барқ истеҳсол менамояд [12] ва 250 мегаватт дар вилояти Хатлон – оғоз гардида, то моҳи августи соли 2026 ба истифода супорида мешаванд [1, с. 6].

Дар шаҳри Душанбе се неругоҳи офтобии шабакавӣ фаъолият мекунад: неругоҳи офтобии иқтидораш 120 кВт дар Беморхонаи клиникии марказӣ, неругоҳи офтобии иқтидораш 40 кВт дар Институти илмию тадқиқотии акушерӣ, гинекология ва перинатологияи Тоҷикистон ва неругоҳи офтобии иқтидораш 34 кВт дар Таваллудхонаи № 1 [12].

Ба андешаи Ғуломнабиев Д.Ғ, ки овардаанд тибқи иттилои мутахассисон, иқтидори нерӯи бодӣ дар кишвар соле ба 25 - 150 миллиард киловат/соат мерасад. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Роғун, Гулистон, ноҳияҳои Файзобод, Мурғоб, Ховалинг, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин ва Шаҳристон насб кардани таҷҳизотҳои бодии тавлидкунандаи барқ самарабахш аст [5, с. 72].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи умумии потенсиалии гидроэнергетикӣ дорои 527 млрд кВт/соат дар сол буда [9, с. 48-49], ки ин 4% захираҳои ҷаҳонӣ ва 53% захираҳои Осиёи Марказиро ташкил медиҳад [11, с. 56]. Тоҷикистон дар байни давлатҳои ҷаҳон баъди Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Канада, Ҳиндустон ва ҶД Конго ҷои 8-ум [9, с. 48-49], дар ИДМ баъди Россия ҷои 2-юм ва дар Осиёи Марказӣ ҷои 1-умро касб мекунад [10, с. 41].


Аз ҷиҳати захираи хоси гидроэнергетикӣ бошад (87,8ҳаз кВт/с ба сари аҳолӣ), баъд аз Исландия дар ҷаҳон ҷои 2-юмро ва аз ҷиҳати захираи хоси гидроэнергетикӣ ба масоҳат (ба км^2) дар як сол (3,62 млн кВт соат/сол) захираи барқи обӣ рост меояд ва аз рӯи ин нишондиҳанда кишвари мо дар байни давлатҳои ҷаҳон ҷои 1-умро ишғол менамояд [9, с. 49].

Дар маҷмуъ дар Тоҷикистон 308 адад неругоҳҳои барқи обӣ аз ҷумла, 12 адад нерӯгоҳҳои барқии обии миёна ва калон, 12 адад неругоҳҳои барқиву обии хурду миёна дар тавозуни ҶСК «Помир Энерҷӣ» ва 284 нерӯгоҳҳои барқии обии хурд ва 1 адад неругоҳи барқи офотобӣ, ки ба низоми энергетикии ҶСК «Помир Энерҷӣ» пайваст мебошад, мавҷуд аст [4, с.10-11].

Ҷадвали 1. Захираи потенсиалии гидроэнергетикии дарёҳои Тоҷикистон

Захираи потенсиалии гидроэнергетикии дарёҳои Тоҷикистон

№	Дарё	Иқтидори миёнаи солона, (млрд кВт/соат)
1	Панҷ	122,90
2	Ғунд	19,80
3	Бартанг	26,01
4	Ванҷ	10,34
5	Язғулом	7,40
6	Қизилсу	9,52
7	Вахш	251,15
8	Кофарниҳон	37,22
9	Қарокӯл	0,90
10	Сурхандарё	5,50
11	Зарафшон	33,94
12	Сирдарё	2,28
	Ҷамъ	527



Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Шарипов Ш., Қурбонзода Ҷ. Атласи географияи Тоҷикистон Душанбе “Фабрикаи харитасозӣ” 2024 – С. 32. [7, с. 21].

Таҳлили маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки иқтидори пурраи захираҳои гидроэнергетикии мамлакат дар 12 дарё ва шохобҳои онҳо мутамарказ гардидааст. Аз миёни ин 12 дарё болотарин ҳиссаи ҳаҷми захира ба дарёи Вахш ва Панҷ рост меояд-яъне эҳтимоли тавлиди нерӯи гидроэнергетикӣ дар онҳо аз ҳама бештар аст.

Тавре, ки дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 16 декабри соли 2025 ироа намуданд ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар ба 24,2 миллиард кВт/соат дар соли 2025 расонида шуд [1, с. 6].

Ҷадвали 2. Маълумот оид ба иншооти энергетикӣ

№	Номгӯи иншоот	Иқтидор (Мвт)	Сол
Дар дарёи Варзоб			
1	НБО-и Варзоб 1	7,15	1936
2	НБО-и Варзоб 2	14,76	1938
3	НБО-и Варзоб 3	3,52	1938
Дар дарёи Вахш			
4	НБО-и Роғун (сохтм)	(1200) 3600	2020 (2029)
5	НБО-и Норак	3000	1972
6	НБО-и Бойғозӣ	600	1986
7	НБО-и Сангтӯда 1	670	2009
8	НБО-и Сангтӯда 2	220	2015
9	НБО-и Сарбанд	240	1962
10	НБО-и Шаршара	29,95	1959
11	НБО-и Марказӣ	15,1	1982
Дар дарёи Сир			
12	НБО-и Қайроққум	174	1957
Нерӯгоҳҳо дар минтақаи ВМКБ			
13	НБО-и Помир-1 (д. Ғунд)	28	2004
14	НБО-и Хоруғ (д. Ғунд)	8,7	1957
15	НБО-и Тоҷикистон (д. Сафедоб)	150	2018
16	НБО-и Язғулом (д. Язғулом)	0,845	
17	НБО-и Ориён (д. Хумбоб)	1,0	
Нерӯгоҳои барқу гармидиҳӣ			
18	МБГ Душанбе-1	198	1957
19	МБГ Душанбе-2	400	2013
20	МБГ Ёвон	120	1969
Калимаҳои кӯтоҳшуда: НБО- Неругои барқи обӣ, МБГ-Маркази барқу-гармидиҳӣ, ХИБ-Хати интиқоли барқ			

Манбаъ: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Шарипов Ш., Қурбонзода Ҷ. Атласи географияи Тоҷикистон Душанбе “Фабрикаи харитасозӣ” 2024 – С. 32. [7, с. 21].

Дар ҷадвали зерин, неругоҳҳои асосии кишвар, аз ҷумла иқтидори истеҳсолии онҳо (бо МВт) ва солҳои ба фаъолият оғоз намудани онҳо, ба таври мураттаб оварда шудаанд. Ин маълумот имконият медиҳад, ки ба таври илмӣ ва оморӣ иқтидори соҳаи энергетикии кишвар арзёбӣ гардад.

Ҷадвали 3. Истифодаи солонаи неруи барқ



Манбаъ: Шарипов Ш., Қурбонзода Ҷ. Атласи географияи Тоҷикистон Душанбе “Фабрикаи харитасозӣ” 2024 – С. 32. [7, с. 21].

Чи тавре ки маълум аст дар Тоҷикистон тавлиди асосии нерӯи барқ тавасути неругоҳҳои барқи обӣ (НБО) ва марказҳои барқу гармидиҳӣ (МБГ) амалӣ мегардад. Дар ин ҷадвал истеҳсол ва истифодаи нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили тақсимоти соҳавӣ нишон дода шудааст. Мутобиқи маълумоти мавҷуда,

бештарин нерӯи барқи истеҳсолшуда аз ҷониби аҳолӣ 39,7%, саноат 26,4%, кишоварзӣ 15,4%, сохтумон 0,3%, нақлиёт 0,1% ва дигар соҳаҳо 18,1% истифода бурда мешавад.

Дар шароити кунунӣ, ҳиссаи назарраси нерӯи барқ, 98,2% ба неругоҳи барқи обӣ (НБО) ва 1,8% ба (МБГ) марказҳои барқу гармидиҳӣ рост меояд.

Мувофиқи ҳисоботи мутахассисон, истифодаи пурраи иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ба миқдори 10-15 млн тонна CO_2-и эквивалентӣ дар як сол коҳиш дода мешавад [6, с. 56].

Хулоса. Бо таъкид ба манобеъи ғании табиии Тоҷикистон, бахусус иқтидори “энергияи сабз”-и Тоҷикистон, Пешвои миллат зикр намуданд, ки дар ҳоли ҳозир кишвари мо 98 дарсади нерӯи барқи худро аз манбаъҳо таҷдидшаванда тавлид мекунад. Ҳамчунин, дурнамои ноил шудан ба тавлиди сад дарсад аз захираҳои барқароршавандаи энергияро то соли 2032 тавсиф кард ва ҳадафи то соли 2037 табдил додани Тоҷикистон ба як кишвари комилан “сабз”-ро низ дар миён гузошт. Ин масъалаҳо ӯҳдадорӣ ва садоқати кишварро ба рушди устувор таъкид карда, Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешсаф дар пешбурди таҷрибаҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи энергия муаррифӣ мекунанд [4, с. 67-68].

Ҳафт самти асосии рушди “сабз” дар иқтисодиёти Тоҷикистон [3, с. 6].

Самти якум –ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия,

Самти дуввум–татбиқи самаранокии(сарфаи) энергия дар хоҷагии рифоҳии (коммуналии) манзил,

Самти севвум –заминдории органикӣ дар кишоварзӣ,

Самти чорум – идоракунии партовҳо,

Самти панҷум– такмили системаи идоракунии захираҳои об,

Самти шашум– рушди нақлиёти «тоза»,

Самти ҳафтум–нигоҳ доштан ва идоракунии босамари системаҳои экологӣ (экосистемаҳо).

Неругоҳҳои барқии обӣ нисбат ба дигар навъи неругоҳҳо як қатор афзалиятҳо доранд: [10, с. 41].

1. Сохтмони НБО имкони сарфа намудани захираи зиёди сӯзишвориро медиҳад. Масалан, НБО-и Самара ва НБО-и Волгограде Россия дар як сол 22 миллиард кВт/с неруи барқ истеҳсол мекунад. Ин ду НБО дар як сол 7,5 млн тонна сӯзишвориро аз истифодашави сарфа мекунанд,
2. Идоракунии НБО нисбат ба неругоҳҳои барқии алавӣ осонтар аст,
3. НБО-ро механизатсия кардан мумкин аст,
4. Дар вақти кор кардан ҳавои атмосфераро вайрон намекунад,
5. Бо сохта шудани НБО хусусан НБО-и дарғотӣ имконоти обёри намудани заминҳо, рушти хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва соҳаи туризм ба вуҷуд меоранд,
6. Дар тӯли солҳои зиёд фаъолият мекунад.

Адабиёт

1. Паёми Президенҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (16.12.2025).
2. Номвар Қурбон Мушкилоти тағйирбии иқлим: Назарҳо оид ба сабабҳо, пайомадҳо ва равишҳои мутобиқшавӣ Душанбе “Дониш” 2025. – 260 с.
3. Назаров Т., Азизбекова Ш., Саидмурадов Ш. Дастури мухтасари омӯзиши самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди сабз дар Тоҷикистон Душанбе: 2016.-24 с.
4. Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2037 Душанбе-2022 65 с.
5. Маҷмӯаи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Иқтисоди «сабз» – заминаи бунёдии рушди устовор». Хоруғ, 27 апрели соли 2024.
6. Конференсияи байналмилалиӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тағйирёбии» глобалии иқлим ва таъсири он ба ҳолати кунунии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (Душанбе, 19 марти соли 2025)
7. Шарипов Ш., Қурбонзода Ҷ. Атлас географияи Тоҷикистон Душанбе “Фабрикаи харитасозӣ” 2024 – 32с.
8. Ҷураев А., Ҳақназаров У., Ибодов Ш. Географияи иқтисоди Тоҷикистон бо асосҳои демография Душанбе, «Мулквар», 2021, -278с.
9. Раҳимов М., Эргашев А. Экологияи умумӣ Душанбе “Эр-граф”, 2019.- 220с.
10. Раҳмонов Ш.Т., Акобиров Ш.З., Мирзомуддинов Д.А. Асосҳои истеҳсолот Душанбе “Сабрина-К” 2013. 168 с.
11. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. Геграфияи Тоҷикистон Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2011, -312 с.
12. https://amit.tj/index.php/tj/durnamoi-istifodai-manbakhoi barkarorshavandai-energiya-dar-tochikiston (санаи мурочиат 25.12.2025
13. https://cabar.asia/tg/manba-oi-bar-arorshavandai-energiya-charo-on-baroi-to-ikiston-mu-im-ast-ammo-dar-avlaviyat-aror-nadorad (санаи мурочиат 25.12.2025

УДК: 657

ТАМОИЛҲОИ ИНКИШОФИ УСУЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ШАРОИТИ ТЕХНОЛОГИЯИҲОИ МУОСИР

Шарифова Рухсора Нуриддиновна

маллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Хаёлов Сахбо Абдуллоевич

ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи Коллеҷи техники Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осими. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душаебе, кучаи С. Айни 46.

Масъалаҳои марбут ба эътимоднокии ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), ки барои қабули қарорҳои идоракунӣ асос мебошанд, бо пайваст кардани мавзӯъҳои мубрамтарини мушкилоти марбут ба истифодаи маълумоти рақамӣ ҳангоми коркарди иттилооти ҳисоботӣ, ки дар баробари таъмини эътимоднокӣ, санҷидашаванда ва саривақтии нишондиҳандаҳои тавлидшуда шумораи хатогиҳоро хеле кам мекунад. Дар мақолаи мазкур муаммоҳои ҷорӣ пайваста бо ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон ингуна муаммоҳоро технологияҳои муосир, барномаҳои махсуси баҳисобгирии муҳосибӣ ба монанди “1С Корхона”, "Инфо-муҳосиб 8" ва дигарон ҳал менамоянд. Дар шароити технологияҳои муосири иттилоотӣ, усули вуруди дукаратаи пайвастшавӣ бо усули умумикунонии тавозун истифода мешавад ва амалиёти тиҷоратиро бевосита дар тавозун “онлайн” сабт кардан мумкин аст. Принсипи таснифи ҳисобҳо аз рӯи усули маълумот дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод шудааст.

Вожакалимаҳо: ҳуҷҷат, раванд, ҳисоб, ҳисобот, маълумот, усул, тавозун, ҳисобдорӣ.

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ МЕТОДОВ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В УСЛОВИЯХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Шарифова Рухсора Нуриддиновна

старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

Хаёлов Сахбо Абдуллоевич

ассистент кафедри экономика и управления – Технического колледжа Таджикского технического Университета имени академка М.С. Осими. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни 46.

Рассмотрены вопросы, связанные с этимологической бухгалтерской (финансовой) отчетностью, являющиеся основой принятия управленческих решений, путем решения проблем, связанных с использованием данных возможностей при обработке отчетной информации, что, наряду с предоставлением этимологических, проверяемых и своевременных показателей, значительно снижает количество ошибок. В данной статье обсуждаются текущие проблемы с бухгалтерскими документами. При этом такие задачи решают современные технологии, специальные бухгалтерские программы, такие как «1С Предприятие», «Инфо-бухгалтер 8» и другие. В условиях современных информационных технологий используется метод двойной записи методом баланса, а хозяйственные операции могут фиксироваться непосредственно в балансе «онлайн». Принцип классификации счетов по методу данных представлен в финансовом отчете.

Ключевые слова: документ, процесс, счет, отчет, информация, метод, баланс, учет.

TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF ACCOUNTING METHODS IN THE CONTEXT OF INFORMATION TECHNOLOGIES

Sharifova Rukhsora Nuriddinovna

Senior Lecturer, Department of Accounting, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova 64/14.

Khayolov Sahbo Abdulloevich

Assistant of the Department of Economics and Management - Technical College of Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini

The issues related to etymological accounting (financial) reporting, which are the basis for making management decisions, are considered associated with the use of these capabilities in processing reporting information, which, along with the provision of etymological, verifiable and timely indicators, significantly reduces the number of errors. This article discusses current issues with accounting documents. At the same time, modern technologies, special accounting programs such as “1C Enterprise, Info-accountant 8” and others solve such tasks. In the conditions of modern information technologies, the double entry method is used by the balance method, and business transactions can be recorded directly in the balance sheet “online”. The principle of classification of accounts by data method is presented in the financial statement.

Key words: document, process, account, report, information, method, balance, accounting.

Муқаддима. Ҳар як низом бо мавҷудияти технологияи табдил додани маълумоти сарчашма ба иттилооти натиҷавӣ тавсиф карда мешавад. Чунин технологияҳоро одатан технологияҳои иттилоотӣ меноманд. Технологияи иттилоотӣ – маҷмӯи усулҳо ва усулҳои ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, интиқол, коркард,

нигоҳдорӣ, чустучӯ, тағйир додан, таҳлил, ҳифз ва додани иттилооти зарурӣ ба ҳамаи шӯъбаҳои манфиатдор дар асоси истифодаи таҷҳизот мебошад. Истифодаи технологияи муосир дар ҳисобдорӣ якхела будани амалиётро таъмин мекунад. Илова бар ин, ин ба шумо имкон медиҳад, ки иттилоотро зуд коркард, самаранок таҳлил, системавӣ ва бехатар нигоҳ доред. Дар натиҷа, хатари хатогиҳои тасодуфӣ ва талафоти маълумот ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Масъалаи инкишофи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити технологияиҳои муосир дар дастовардҳои олимони шинохта ба монанди Агеева О.А., Бурсева К.С.,Емелянов Н.В., Ермилова Ю.А., Каримов Б., Раҳимов С., ва дигарон баррасӣ шудааст.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, усули таҳлили муқоисавии равишҳои анъанавӣ ва муосир ба усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ба низом даровардани маълумот, инчунин равиши консептуалӣ ҳангоми ташаккули нақшаи ҳисобҳо ва ҷамъбасти тавозун дар шароити технологияҳои муосири иттилоотӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот муносибати анъанавӣ ва тағйирёфта ба предмет ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ (ҷадвалҳои 1 ва 2), инчунин зинанизоми ифшои иттилооти моддаҳои тавозунӣ (ҷадвали 3) муқоиса ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Дар давоми даҳсолаи охир дар равандҳои иқтисодӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки ба муносибати байни ҳисобу китоб ва ҳисобот таъсири калон расонданд.

Муҳимтарини ин тағйиротҳо аз инҳо иборатанд: пайдоиш ва инкишофи навъҳои нави баҳисобгирии муҳосибӣ (идоравӣ, оморӣ, андоз); пайдоиш ва рушди ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ, ки ба истифодабарандагон иттилооти дорои сифати нав фароҳам меорад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ба як гурӯҳи ширкатҳо ҳамчун воҳиди ягонаи иқтисодӣ назар кунанд; афзоиши босуръати намудҳои ҳисоботҳо, аз ҷумла оморӣ ва андоз; тамоюли ба ҳамдигар дохил шудани навъҳои ҳисоби муҳосибӣ ва рушд додани онҳо на бо роҳи ба вуҷуд омадани навъҳои бахисобгирии муҳосибӣ, балки бо роҳи координатсия бо ҳамдигар, алалхусус, паҳн шудани усули дуруст ва шаклҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ; таҳияи ҳисобҳои таҳлилӣ бо мақсади амиқтар ошкор кардани маълумот аз ҳисобҳои таркибӣ.

Чунин беҳбудӣ ба шарофати автоматикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ имконпазир гардид, ки дар он маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба маълумоти ҳисобҳои дараҷаи панҷум ва болотар мукаммал карда мешаванд; ва ниҳоят, рушди инқилобии технологияҳои иттилоотӣ, ки имкон дод барномаҳои сершумори компютерӣ, ки баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент, баҳисобгирии анборҳо ва дигар соҳаҳои ҳисобдориро, аз қабили SAP, АХАРТА, ORACLE, 1-С “Корхона», «Инфо- муҳосиб 8», «Турбо-муҳосиб», «Галактика» ва дигаронро коркард ва татбиқ намуд [4, с.12]

Инчунин, барои баландбардории маҳорати касбии муҳосибон истифодаи технологияҳои абрӣ ва блокчейнҳо пешниҳод гардидааст [5, с. 61].

Вобаста ба дигаргуниҳое, ки бо рушди намудҳои ҳисобдорӣ ва ҳисобот алоқаманданд, ингуна дигаргуниҳо метавон дар мазмун ва рушдии минбаъдаи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ ба вуҷуд оянд.

Тағйирёбии мундариҷаи усулҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми синтези он бо ҳисобот дар асоси сифати нав аз он сабаб ба амал меояд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот тавассути усул ба ҳам алоқаманданд [6, с. 11].

Сухан дар бораи усулҳои дурусти тартиби ҳисобот, ҷамъбасти тавозун, ҳуҷҷатгузорӣ ва баҳодиҳӣ меравад.

Аз ҷумла, ҳангоми синтези баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот усули сабти дутарафа бо усули умумии ҷамъбасти тавозун бо сабаби он, ки санаҳои бақайдгирии маълумот аз ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва ташаккули ҳисоботи муҳосибӣ пайваст карда шуда, ҳангоми истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд дар баъзе ширкатҳо имрӯз мувофиқат кунанд, агар ширкатҳо шароити мувофиқ, аз ҷумла муқаррароти муайянеро, ки барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ нигаронида шудаанд, фароҳам оранд.

Пеш аз ҳама, ин раванд ба ду усули ҷуфтшуда дахл дорад, ки ҷамъоварӣ, ба низом даровардан ва нигоҳдории иттилоотро таъмин мекунанд: усули ҳисобҳо ва усули сабти дутарафа.

Маънои амалии тағйир додани мазмуни ин усулҳо дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти иқтисодиёт аз он иборат аст, ки баҳодиҳии моддаҳои тавозун агар корхонаҳо дорои технологияи иттилоотии дахлдор ва дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии дахлдор (нақшаи ҳисобҳои дахлдор, низомнома оид ба вазифаҳо коркунони муҳосибот) на дар рӯзи ҳисобот, на дар вақти бақайдгирии муомилоти хоҷагӣ ташкил карда мешаванд, яъне бахисобгирии муҳосибӣ тадриҷан ба тарзи қайди ахбори бевосита дар моддаҳои тавозун ва дар айни замон ҳосил намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботи дигар ва замимаҳои онҳо мубаддал мегардад.

Ҳамин тариқ, лаҳзаи бақайдгирии маълумот аз ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ дар ин ҳолат ба лаҳзаи ташаккули ҳисоботи молиявӣ ё аниқтараш, дар вақти воқеӣ «on-line» тағйир додани моддаҳои ҳисоботӣ рост меояд. Ин ба сармоягузорон ва қарздиҳандагон имкон медиҳад, ки маълумоти муфидро барои қабули қарор дар интернет дар вақти дилхоҳ ба даст оранд.

Тағйироти мазмуни усулҳои асосии ҳисобдорӣ дар ҷадвалҳои 1. ва 2. равшан нишон дода шудааст.

Дар ҷадвали 1. муносибати анъанавии айни замон байни предмети баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳашт усули асосии он, ки дар ҷуфт гурӯҳбандӣ шудаанд, баррасӣ гардидаанд [3, с. 4].

Дар ҷадвали 2. муносибати тағирёфтаи предмети баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаш усули он, ки дар ҷуфтҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, нишон дода шудааст. Маълум аст, ки ҷадвали 2. дар муқоиса бо ҷадвали 1. танҳо шаш сутуни тавсифкунандаи усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро дорад.

Ҷадвали 1. Муносибати байни субъект ва усули баҳисобгирии муҳосибӣ

Предмети баҳисобгирии мухосибӣ							
Ифодаи миқдории предмет				Ифодаи сифатии предмет			
Унсурҳои раванди баҳисобгирӣ							
Мушоҳида, ҷамъоварии маълумот		Андозагирӣ ва сабти маълумот		Ҷамъкунӣ, ба тартибдарори, нигоҳдории маълумот		Ҷамъбасти маълумот ва гузориш додани муҳосибот	
Ҳуҷҷатноккунӣ	Баруйхатгирӣ	Баҳо	Калкулятсия	Хисобхо	Сабти дутарафа	Тавозун	Хисобот
1	2	3	4	5	6	7	8
Усули бахисобгирии мухосиби							

Ҷадвали 2.

Предмети бахисобгирии мухосиби					
Ифодаи миқдории предмет				Ифодаи сифатии предмет	
Унсурҳои раванди баҳисобгирӣ					
Мушоҳида, ҷамъоварии маълумот		Андозагирӣ ва сабти маълумот		Бақайдгирии ҳамзамон ва умумии - баъзе маълумот дар баҳисобгирии муҳосибӣ	
Ҳуҷҷатноккунӣ	Барӯйхатгирӣ	Баҳо	Калкулятсия	Тавозун	Ҳисобот
1	2	3	4	5	6
Усули баҳисобгирии муҳосибӣ					

Вобаста ба тағйирёбии мазмуни усулҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ равиши алтернативии муносибати кунунӣ ба ташаккули нақшаи ҳисобҳо пайдо мешавад, ки дар он ҳисобҳои таркибӣ қатъиян ба моддаҳои тавозуни муҳосибӣ мувофиқат мекунанд.

Дар навбати худ ҳисобҳои таҳлилӣ (аналитикӣ) (субсчетҳо) ба ин ё он дараҷа моддаҳои тавозунро чуқуртар ва муфассалтар мегардонанд, ки далелҳои ҳисобҳои дахлдорро ифода мекунанд.

Моҳияти алтернативии тавозун ингуна аст: тавозун ҳисоботи ягонаи таркибӣ (синтетикӣ) мебошад, ки тамоми маълумотро дар бораи фаъолияти иқтисодии корхона аз рӯи усули ҳисобдорӣ аз рӯзи аввали оғози фаъолият то санаи муайян ҷамъ менамояд.

Ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити оянда фарзияи низоми ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот ҳисоботи муфассале мебошанд, ки дараҷаҳои амиқашон гуногун буда, мазмуни моддаҳои алоҳидаи ҳисоботи афзалиятноки марказии низоми таҳлилшавандаи тавозунро ошкор ва шарҳ медиҳанд.

Зинанизоми ифшои маълумот аз рӯи ҳисобҳои таркибӣ - моддаҳои тавозунӣ, дар ҳисобҳои таҳлилӣ - ҳисоботҳое, ки моддаҳои тавозунро ошкор мекунанд ва дар шарҳи тавзеҳот дар ҷадвали 3. оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Зинанизоми ифшои иттилооти моддаҳои тавозунӣ

Дарачаи якум
Моддаи тавозуни муҳосибӣ (маълумоти ҳисоби таркибӣ)
Дараҷаи дуюм
Моддаи ҳисоботҳои таҳлилӣ муайяннамои барои моддаи мутобиқи тавозуни муҳосибӣ (маълумоти зерҳисобҳо)
Дараҷаи сеюм
Маълумотнома

Вобаста ба гуфтаҳои боло аломати нави таснифоти ҳисобҳо аз рӯи усули пешниҳод ва ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявӣ пайдо мешавад.

Ҳадафи ин гурӯҳ барои бартараф кардани мушкилот, ки дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми тартиб додани ҳисоботи молиявӣ мавҷуд буда, аз таъмини робитаи ҳисобҳои таркибии ба феҳристи гардиши бақиявӣ аз рӯи моддаҳои тавозун дохилшуда иборат аст.

Муносибати пешниҳодшудаи мо ба таснифоти ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, ки ҳисобҳо ҳамчун тасҳеҳи иловагиро ба рамзкушоии моддаҳои алоҳидаи ҳисоботи молиявӣ талаб накунанд.

Аз рӯи хусусияти гурӯҳбандии номбаршуда ҳисобҳо - ҳисоботҳои таҳлилиро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) ҳисоботи омехта, яъне ҳисоботи ҳисобҳо, ки ҳам ҷиҳатҳои оморӣ (тавозунӣ) ва ҳам ҷиҳатҳои динамикиро (гардиш) инъикос мекунанд.

Аз ин гуна ҳисоботҳои - ҳисобӣ маълумот ё танҳо ба тавозун, ё ҳам ба тавозун ва ҳам ба ҳисоботи дигари ҳисобии динамикӣ равад;

2) ҳисоботи-ҳисобии динамикӣ, яъне ҳисоботи- ҳисобие, ки танҳо ҷанбаи динамикӣ (муомилот)-ро инъикос мекунанд ва бақия надоранд.

Маълумот аз чунин ҳисоботи ҳисобҳо дар тавозун инъикос нагардида, дар ҳисоботи динамикӣ ошкор карда мешавад;

3) ҳисобҳои оморӣ – ҳисоботҳое, ки танҳо ҷанбаи омориро инъикос намуда, танҳо тавозуни дошта, муомилот надоранд.

Маълумот аз чунин ҳисобҳо дар тавозун бетағйир мемонад.

Муносибати пешниҳодшудаи ташаккули нақшаи ҳисобҳо мувофиқати пурраи ҳисобҳои таркибии нақшаи ҳисобҳоро бо моддаҳои тавозун таъмин менамояд.

Дар навбати худ, ҳисобҳои таҳлилӣ (зерҳисобҳо) ба ин ё он дараҷа моддаҳои тавозунро амиқ ва муфассал мегардонанд, ки муаяйннамоии ҳисобҳои дахлдорро ифода мекунанд. Дар нақшаи ҷории ҳисобҳо ин гуна мутаносиби риоя пурра таъмин карда нашудааст. Аз ҷумла, шумораи ҳисобҳои таркибии истифодашуда (ба истиснои ҳисобҳои ғайритавозунӣ) аз шумораи моддаҳои тавозунӣ хеле зиёд аст [7, с. 2]

Ҳангоми таҳияи тавозун чораҳои иловагӣ барои таъмини мувофиқати байни маълумоти дар ҳисобҳои муҳосибӣ нигоҳ дошташуда ва иттилоот заруранд ки дар моддаҳои тавозун мавҷуданд (гурӯҳбандӣ кардани маълумот аз якчанд ҳисобҳои нақшаи ҳисоб барои ба даст овардани арзёбии як моддаи тавозунӣ; тавлиди баҳодиҳии моддаҳои тавозуни алоҳида бо роҳи истисно кардани захираҳо; ба даст овардани арзиши боқимондаи дороиҳои ғайридавлатӣ ё ба даст овардани арзиши беқурбшавии дороиҳои ҷорӣ ва ғ.).

Муносибати дар боло пешниҳодшуда инчунин ба мо имкон медиҳад, ки масъалаи назариявӣ ва амалии ихтилофи байни самаранокӣ ва таҳлилии ҳисоботи молиявӣ ҳал карда шавад.

Самаранокӣ гуфта, давраи кӯтоҳтарини вақт байни пайдоиши далелҳои ҳаёти иқтисодӣ ва бақайдгирии онҳоро дар ҳисобдорӣ меноманд.

Таҳлилро олимон ҳамчун тавсеаи иттилоот шарҳ медиҳанд. Зиддият байни ин категорияҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҳар қадар зудтар ба даст овардани маълумот зарур бошад, ҳамон қадар таҳлилӣ ва дақиқ будани он ногузир мегардад.

Дар амал мушкилоти вобастагии байни категорияҳои самаранокӣ ва таҳлилӣ дар он зоҳир мегардад, ки барои таҳияи ҳисоботи молиявии боэътимод пас аз санаи ҳисоботӣ вақти муайян лозим аст.

Сабаби ин кори бесамари қоғазӣ аст: сари вақт ба муҳосибот ворид нашудани ҳуҷҷатҳо, ки маълумоташон ба давраи гузашта мувофиқи принсипи ҳисобкунӣ дахл дорад.

Муҳлати тўлоние, ки қонунан барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ муқаррар шудааст (барои ҳисоботи солона - то 31 март баъд аз соли ҳисоботӣ) омилест, ки барои сари вақт нагирифтани иттилоот барои сармоягузорон ва қарздорон мегардад.

Ҳалли масъалаи таҳлилшуда иҷрои талаботи таҳияи ҳисоботи молиявӣ на барои санаҳои муайяну давраи муайян, балки дар вақти воқеӣ «онлайн» мебошад.

Муносибати пешниҳодшуда ба ҳисобот имкони тағирёбии доимии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлилиро, ҳам ҷорӣ ва ҳам ретроспективӣ, барои ҳар як санае, ки иттилооти ҳуҷҷати ибтидоии ба система воридшуда ба он дахл дорад, таъмин мекунад.

Дар ҳисоботи электроние, ки дар вақти воқеии “онлайн” тавлид мешавад, ба сармоягузорону кредиторон тавозуни ҳамаи санаҳои лозимӣ дар Интернет дастрас аст: ретроспективӣ ва ҷорӣ. Маълумоти аз ҳуҷҷатҳои нав гирифташуда дар давраи ҳисоботие, ки ба он мувофиқи принсипи ҳисобкунӣ тааллуқ дорад, ретроспективӣ инъикос карда мешавад.

Хулоса. Дар шароите, ки дар амал тавлид кардани ҳисоботи молиявӣ дар вақти воқеӣ имконпазир мегардад, гардиши ҳуҷҷатҳо низ электронӣ, яъне дар ҳамон реҷаи вақти воқеии «онлайн» хоҳад буд.

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”. ш. Душанбе, 25 марти соли 2011, № 702
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» с. 2023 Душанбе.
3. Агеева О.А. Диалектическая концепция бухгалтерского учета и отчетности: монография / ИКФ «Каталог».- М.: 2007.- 302 с.
4. Агеева О.А. Теоретико-методологические аспекты бухгалтерского учета и отчетности: монография. – Изд-во ГОУВПО «ГУУ».- М., 2008 –200 с.
5. Бобомуродов, Б. Э. Цифровая экономика и бухгалтерская деятельность/ Б. Э. Бобомуродов // Актуальные вопросы развития бухгалтерского учета, аудита, анализа, налогообложения, государственного финансового контроля: современные вызовы и вектор развития: Материалы I Международной научно-практической конференции, Душанбе, 18–19 января 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 61-65. – EDN MZMABY.
6. Варламова Д.В., Алексеева Л.Д. Масъалаҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба низоми ҳисобдорӣ. Бюллетени Академияи иқтисодиёт ва ҳуқуқи Олтой. 2020;(5–2):248–254.
7. Лядова М. А. Роль информационных технологий в бухгалтерском учете // Форум молодых ученых. 2018. №12-3 (28).
8. URL:https://cyberleninka.ru/article/n/rol-informatsionnyh-tehnologiy-v buhgalterskom-uchete
9. Ш. К. Отелбай, А. Ж. Досаева, Ш. Ш. Молдахожаев. Новые технологии в бухгалтерском учете: искусственный интеллект для автоматизации и обнаружения ошибок. Вестник университета «Туран» № 1 2023 С.112.
10. Дружиловская Т.Ю., Дружиловская Е.С. Модернизатсияи ҳисоботи молиявии ташкилотҳо дар иқтисодиёти рақамӣ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Таҳлил. Аудит. 2019;6(1):50–61.

УДК: 336.71

ТАФРИҚАБАНДИИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Ҳабибова Гулрухсор Одинаевна
ассистенти кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 000608588.

Дар шароити имрӯзаи низоми молиявии кишвар яке аз сохторҳои марказии иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта тавассути он метавон як имкониятҳои нави ба рушд нигаронидашударо фароҳам меоварад. Бояд ёдовар шуд, ки барои босамар гардонидани фаъолиятҳои дар бахши иҷтимоию иқтисодӣ зарурияти тафриқабандии институтсионалии низоми молиявиро тақозо менамояд, ки ҳамаи ин ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар як имконияти навро фароҳам меовард. Бинобар ин мо дар мақолаи худ тафриқабандии институтсионалии низоми молиявии кишварро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода дар он низоми молияи давлатӣ ва низоми молияи ғайридавлатиро баррасӣ намуда ҳадафҳои ба рушд нигронидашудаи онҳоро баррасӣ намудем. Илова бар алоқамандиҳо ва тамоюлҳои ба рушд нигаронидашудаи онҳоро, ки аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ доранд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем.

Калидвожаҳо: Низоми молияи кишвар, низоми молияи давлатӣ, низоми молияи ғайридавлатӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ, идоракунии маблағҳо, қарздиҳӣ, сармоягузорӣ, муҳити низоми молиявӣ.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНАЯ ДИВЕРСИФИКАЦИЯ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ И ЕЕ РОЛЬ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

Хабибова Гулрухсор Одинаевна
ассистент кафедры налогообложения и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 000608588.

В современных условиях финансовая система страны является одной из центральных структур национальной экономики, посредством которой могут создаваться новые возможности для развития. Следует отметить, что для повышения эффективности деятельности в социально-экономическом секторе необходима институциональная дифференциация финансовой системы, что создает новые возможности для реализации стратегических целей страны. Поэтому в нашей статье мы проанализировали и рассмотрели институциональную дифференциацию финансовой системы страны, в рамках которой мы изучили государственную и негосударственную финансовые системы и рассмотрели их цели развития. Помимо взаимосвязей и тенденций, ориентированных на развитие, мы проанализировали и рассмотрели те, которые имеют социально-экономическое значение.

Ключевые слова: финансовая система страны, государственная финансовая система, негосударственная финансовая система, финансовые показатели, финансовое управление, кредитование, инвестиции, среда финансовой системы.

INSTITUTIONAL DIVERSIFICATION OF THE FINANCIAL SYSTEM AND ITS ROLE IN THE COUNTRY'S ECONOMIC DEVELOPMENT

Habibova Gulrukhsor Odinaevna
Assistant, Department of Taxation and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Tel.: 000608588.

In today's environment, the country's financial system is one of the central structures of the national economy, through which new development opportunities can be created. It should be noted that improving the efficiency of socioeconomic activity requires institutional differentiation of the financial system, which creates new opportunities for achieving the country's strategic goals. Therefore, in our article, we analyzed and examined the institutional differentiation of the country's financial system, examining the public and non-public financial systems and their development goals. In addition to the interrelations and trends oriented toward development, we analyzed and examined those of socio-economic significance.

Keywords: national financial system, public financial system, non-public financial system, financial indicators, financial management, lending, investment, financial system environment.

Муқаддима. Дар иқтисодиёти имрӯза яке аз механизмҳои асоие, ки бевосита самаранокии иқтисодиётро дар тамои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин менамояд, ин рушди низоми молиявӣ дар саминаи сохторҳои мукаммал ва ҳадафманди институтсионалӣ мебошад. Вобаста ба ин гуфтан муки наст, ки яке аз механизмҳои мураккаб ва ҳасое, ки дар иқтисодиёти имрӯза ҷой дорад, ин низоми молиявии кишвар мебошад, ки ҳар сохтори он дорои вазифаҳои мураккаб ва нақши мураккаб мебошад. Низоми молиявии кишвар пеш аз нишондиҳандаҳои муҳими он ҳамчун бахши калидӣ ва сохтори муҳими иқтисодӣ буда он барои раванди фарогирии маблагузорӣ ва тамини ниёзҳои молиявии ҷомеаи соҳибистиқлол нақши калидӣ дорад.

Методология. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили сохторӣ, муқоисавӣ ва низомӣ, инчунин равишҳои институтсионалӣ, монетарӣ, тақсимотӣ, функционалӣ ва технологӣ истифода шудаанд. Заминаи таҳлилро маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ва маводи таҳлилии дар рӯйхати адабиёт овардашуда ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Дар Ҷумҳурии тоҷикстон мустақилияти институтҳои молиявӣ ё низоми молиявии кишвар яке аз мувафақиятҳои молиявию пулии кишвар дар самти бопултаъминкунии баробари аҳолӣ ва сатҳи дурусти монетизатсияи иқтисодмебошад. Идораи дурусти муносибатҳои молиявию пулӣ дар шароити имрӯза аз унсурҳои мураккаби фоидаовар маҳсуб ёфта таваҷҷуҳи давлат ба он ҳамчун омили муассир доимӣ мебошад. Дар фароварди ин масъала иброз доштан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои муҳиме, ки бевосита ба рушди низоми молиявии кишвар мебошад, ин амалкардҳои алоҳида ва дастгириҳои доимӣ ба ҳар як сохтори соҳавӣ дар таркиби институтҳои молиявӣ мебошад. Зеро бо фаъолиятҳои гуногун институтҳои молиявӣ хадамотҳои гуногун ва самтҳои гуногунро пайгирӣ менамоянд, ки ба равнди дурути идоракуи дар роҳи пешрафтҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидати ҳаматрафа менамояд. Низоми молиявии кишвар дар замиони соҳибистиқололии кишвар як низоми мураккабест, ки он як мушкилотҳо таърихиро аз сар гузаронидааст. Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ мураккабии низоми молиявии кишварро аз расми 1 оварда шудааст.




Расми 1. Сохтори таркибии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025

Сарчашма. Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Таре, ки маълум аст "...низоми молиявии давлат маҷмӯи чораҳо, муассисаҳо, қонунҳо ва низомномаҳое мебошад, ки ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявии давлатро таъмин мекунанд. Ин низом як қатор унсурҳоро дар бар мегирад"[9.339]. Татбиқи ҳадафҳои стартегии давлат дар айни замон бевосита ҳачун имконияти иловагӣ дар бартараф намудани норасоиҳои молиявию пулӣ ва беҳтар намудани сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ мусоидати ҳамаатарфа менамояд. Зеро норасоиҳои молиявию пулӣ дар иқтисоди давлат тавассути низоми молиявӣ аз нуқтаи назари таркибӣ, институтсионалӣ ва вазифавӣ бароварда шуда ин низом тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодию иҷтимоии давлатро дар бар мегирад. Низоми молиявии кишвар ҳамчун низоми мураккаб дорои имкониятҳои васеъи молиявию қарзӣ буда дар ҳамин замина он метавонад соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоии кишварро рушд дода имкониятҳои навро дарсуботи ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъол мегардонад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар баробари низоми молиявии кишвар як масъалаи иловагии мавриди таваҷҷуҳи дигар ин низоми молияи давлатӣ мебошад, ки тамоюл ва самтҳои фаъолияти он комилан дигар мебошад, ки натиҷаи онро дар расми 2 мушоҳида намудан мумкин аст.

Вобаста ба маълумотҳои ин расм низоми молиявӣ агар аз нуқтаи назари институтсионалӣ ба назар як низоми мукаммали амалкунанда бошад он аз нуқтаи назари таркибӣ як низоми мураккабест, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишварро дар бар мегирад. Бинобар ин барраси он дар сатҳи алоҳида хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи онро дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ба таври мукаммал муаллифӣ менамояд. Гутан мумкин аст, ки низоми молия давлатӣ тиқи маълумотҳои дар расми 2 овардашуда асосан ҷанбаи иҷтимоӣ дошта он бештар бар равандҳои беҳтаргардонии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар рабт дорад. Зеро тавассути низоми андозӣ двлат аз як тараф тавассути низоми адозбандӣ аз як тараф буҷети давлатро барои беҳтаргардонии вазъи иҷтимоии давлат сафарбар менамояд аз дигар тараф метавонад ба истеҳсолкунандагон имконият ва имтиёз диҳад, ки ҳамаи ин бевосита аз низоми андозӣ вобаста аст, ки он дар ғанигардонии буҷети давлатӣ мусоидати ҳаматтарафа менамояд. Бояд иброз намуд, ки яке аз масъалаҳои

асоие, ки дар низоми молиявии кишвар ҳамчун масъалаи асосит ин низоми молияи давлатӣ мебошад ва он имкон медиҳад, ки заминаҳои бунёдӣ ва имкониятҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ таъмин карда мешаванд.



Расми 2. Гуногуншаклӣ ва таркибии низоми молияи давлат дар шароити муосир
Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Низоми буҷетӣ низ метавонад як имконияти бунёдӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои андозӣ ба вазъи иҷтимоии давлат муосидати хаматарафа намояд, вобастагии низоми андозӣ ва буҷетӣ мушаххасоити як масъала ва ҳадафро инъикос менамояд. Ҳамзамон бо ин метавон гуфт, ки дар идораи ддурусти низоми андозию буҷетӣ зарурияти тақвияти ҳамьбастагии онро бо сиёсати пулию қарзӣ устувор мегардонад ва ин метавонад сатҳи монезизатсияи иқтисодиётро мукамаал гардонад ва ин имконият диҳад то дар дастгирии бахши иҷтимоию иқтисодӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад. Сиёсати пулию қарзяк қисми мураккаби низоми молиявии давлатӣ буда он тамоюлҳои ба рушд нигаронидашударо барои фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ дар самти нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳо баланд бардоштани сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ ва танзими муомилоти дуорусти пулиро дар бар мегирад.

Дар баробари ҳамаи ин низ бозори молиявӣ як қисми мураккаби бозори пулӣ маҳсуб ёфта дар он тамми ташкилотҳои қарзиёю молиявӣ дар сатҳи дохили хориҷӣ фаъолона тиштирок меварзанд ва онҳо метавонанд фаъолона ширкат варзанд. Дар ҳамин замина Низоми андоз дар низоми молиявии давлат нақши калидӣ мебозад ва тартиб ва шартҳои андозбандиро дар дохили кишвар муайян мекунад. Он қонунҳои андоз, қоидаҳо ва тартиботи андоз ва мақомоти масъули назорат ва ҷамъоварии андозҳоро дар бар мегирад. Мураккабии ин масъаларо Прангишвили И. В. Чунин баён намудааст, ки «...Сарфи назар аз он, ки низоми молиявӣ мавзӯи таҳқиқоти сершумори илмӣ дар назарияи молиявӣ мебошад, кӯшишҳо барои муайян кардани худи низоми молиявӣ бо мушкилоти зиёде рӯбарӯ мешаванд. Бешубҳа, сабаби асосии ин мушкилот дар набудани истилоҳот ва равишҳои ягона дар дохили худи назарияи низомҳо мебошад»[6.47]. Вобаста ба ин иброз доштан зарур аст, ки мураккабии низоми молиявиро аз як тараф аз нуқтаи назари таркибӣ ва аз дигар тарааф аз нуқтаи назари институтсионалӣ, ки дар он гардиши ва ҳаракати воситаҳои молиявию пулӣ ва аз дигар тараф амалкардҳои низоми мояви тавассути институтҳои иштирокчии он амал мекунанд. Бинобар ин сиёсати молиявӣ ҳамчун механизми асосии танзими ин масъала метавонад бахши алоҳидаи рушди нишондиҳандаҳои ҷойдоштаро дар худ таҷассум менамояд. Дар баробари ҳамаи сиёсатҳо сиёсати молиявӣ низ ҳамчун қисми мураккаб ва сосӣ низоми иқтисодии давлат маҳсуб ёфта пешрафтҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз он вобастагии зиёд дорад. Ҳамин аст, ки баъзе олимон сиёсати молиявиро ҳамчун афзори муҳими бахшҳои алоҳидаи иқтсиоӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳамин замина Ш.Раҳимзода чунин гуфтааст, ки “Сиёсати молиявӣ ин ҷамъи чорабиниҳо оид ба ташаккул ва истифодаи захираҳои моиявӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои давлатӣ мебошад. Дар мавриди дигар амалҳои ба тартибу танзим даровардани ҳукумат дар самти ташкили муносибатҳои иқтисодӣ оид ба ташаккул, тақсим ва истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ сиёсати молиявист”[8.195]. Дар сиёсати молиявии давлат истифодаи самараноки маблағҳо аҳамияти марказӣ дошта дар он нақши истифордабарангон ва пешниҳодкунандагони ин маблағҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Скеро дар бисёр маврид сиёсат хусусияти танзимнамоӣ дошта он ба беҳтаргардонии вазъи иҷтимоии далат ва самарнок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки ин масъаларо аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳо дар таҳқиқотҳои дигар мукаммалан таҳқиқ менамоем.

Дар баробари муҳими ин сиёсат дар сатҳи назариявӣ унсури дигар ва муҳими низоми молиявии давлат низоми буҷетӣ ва идоракунии он дар иқтисодиёти имрӯза мебошад. Илова бар ин ин сиёсат метавонад дар марҳалаҳои ҷории фаъолияти иҷтимоию иқтисодии давлат механизмҳои ташаккул, иҷро ва назорати буҷети давлатиро дар сатҳи давлат ифода намояд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамчун қисми таркибии сиёсати молиявӣ сиёсати буҷетӣ ҳама намудҳои даромад ва хароҷоти давлатӣ, инчунин механизмҳо ва тартиботи банақшагирӣ ва иҷрои онҳоро дар бар мегирад ва ин ҳамчун қисми муҳими сиёсати молиявии давлатӣ.

Сиёсати пулӣ унсури дигари низоми молиявии давлат буда, миқдори пули дар гардиш бударо дар иқтисодиёт, сатҳи меъёрҳои фоизӣ ва ҳаҷм ва шартҳои қарзҳоро танзим мекунад. Сиёсати пулӣ аз ҷониби бонки марказии давлат амалӣ карда мешавад, ки бозори пулро танзим мекунад ва ба равандҳои иқтисодии дохили кишвар таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, низоми молиявии давлат метавонад унсурҳоеро ба монанди бозори молиявӣ, сиёсати сармоягузорӣ, фонди миллӣ, суғурта ва низоми нафақаро дар бар гирад. Умуман, низоми молиявии давлат маҷмӯи мураккаб ва ба ҳам алоқаманди унсурҳои гуногун мебошад, ки равандҳои иқтисодиро дар дохили кишвар муайян мекунанд ва воситаи муҳими идоракунии иқтисодиёт дар маҷмӯъ мебошад. Дар таҳқиқотҳои илмӣ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки олимон коршиносон дар марҳалаи дигар низоми молиявир аз нуқтаи назари институтсионалӣ баҳо додаанд, ки натиҷаи онро дар ҷадвали 1 мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Усулҳои асосии омӯзиши низоми молиявӣ ва хосиятҳои иқтисодии он

МУНОСИБАТ	ХУСУСИЯТҲО	ФАҲМИШИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ	НАОЯНДАГОН
Институтсионалӣ	Низоми молиявиро аз нигоҳи муассисаҳои молиявӣ муайян мекунад, тавсиф ва таснифоти онҳоро пешниҳод мекунад; мавзӯи иловагии таҳлил аксар вақт яке аз хусусиятҳои муассисаҳои молиявӣ мебошад (масалан, дараҷаи рақобатпазирӣ, таъмини ҳуқуқи сармоягузорон, сифати танзими молиявӣ).	Низоми молиявӣ маҷмӯи муассисаҳои молиявиест, ки ба таври муайян гурӯҳбандӣ шудаанд.	Дж. Ван Хорн, Р. Г. Хаббард
Монетарӣ (равиши функсионалии маҳдуд)	Системаи молиявиро, пеш аз ҳама, дар заминаи таъмини иқтисодиёти воқеӣ бо маблағҳо ҳам тавассути Бонки марказӣ ва ҳам бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил мекунад.	Низоми молиявӣ механизмест барои таъмини иқтисодиёти воқеӣ бо маблағ.	В. В. Ковалёв
Тақсимотӣ (равиши функсионалии маҳдуд нигаронидашуда)	Системаи молиявиро аз нуқтаи назари ду вазифаи муҳимтарин - тақсимот ва табдилдиҳӣ таҳлил мекунад.	Низоми молиявӣ механизми миёнаравӣ байни субъектҳое мебошад, ки дар иқтисоди воқеӣ норасоӣ ва барзиёдии маблағ доранд.	Х. Г. Гарли, Е. С. Шау, А. Янк
Функсионалӣ	Асоси таҳлили низоми молиявиро вазифаҳои низом ташкил медиҳанд. Тарафдорони ин равиш бар он ақидаанд, ки вазифаҳои низомҳои молиявӣ дар кишварҳои алоҳида қобили муқоиса ва нисбатан устувор мебошанд.	Мафҳуми «низоми молиявӣ» шабакаи бозорҳои молиявӣ, миёнаравони молиявӣ ва дигар муассисаҳои молиявиро дар бар мегирад, ки имкон медиҳанд нақшаҳои молиявии хонаводаҳо, корхонаҳо ва мақомоти давлатӣ амалӣ карда шаванд.	Д. Б. Кране, Р. Мертон, М. В. Романовский, А. Г. Грязнова ва дигарон
Низомӣ (системавӣ)	Низоми молиявӣ аз нигоҳи робитаҳои байни унсурҳои алоҳидаи система ва таъсири ин робитаҳо ба фаъолияти тамоми низоми молиявӣ (комплементарӣ ва пайвастагӣ) таҳлил карда мешавад.	Низоми молиявӣ маҷмӯи мураттаби унсурҳо ё зерсистемаҳои мукаммал ва ба ҳам алоқаманд мебошад.	Р. Х. Шмидт, М. Тиррел, А. Хакеталь
Технологӣ	Низоми молиявӣ аз нигоҳи равандҳои технологӣ ин тамоюле мебошад, ки дар он истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии равандҳои молиявӣ ва низоми молиявӣ нақши калидӣ мебозад	Низоми молиявӣ ин раванди мураккаб ва бисеромилаест, ки дар он ҳама омилҳо ва механизмҳои технологӣ ва ғайри он истифода мегардад.	Муаллиф

Сарчашма: [7, с. 57]. Дар асои маълумотҳои мақолаи илмии С. В. Рябцев. Понятие «Финанс овая систе ма» в современн ой теории финансов. Теория финансов. 15 (495) – 2012. Стр 57 ва иловаҳои муаллиф.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои асосие, ки хосиятҳои таркиби ва асосии низоми молиявиро дар сатҳи даркорӣ мушаххас менамояд, ин арзёбии равишҳо ва меъёрҳои мавҷудаи ин низом мебошад . Тавре, ки аз ҷаддвал маълум аст дар навбати аввали арзёбӣ усулҳои асосии омӯзиши низоми молиявӣ аз якчанд нуқтаи назар сурат гирфтааст, ки ҳамаи равишҳои баҳодиҳӣ ва арзёбии низоми молиявии кишварро инъикос менамояд. Дар айни замон метавон гуфт, ки равиши аввали арзёбии низоми молиявӣ аз нуқтаи назари институтсионалӣ сурат гирифтааст, ки он бевосита ба маҷмӯи муассисаҳои молиявӣ ва зерсохторҳои он рабт дода мешавад. Бар инловаи ин чунин намояндаон ҳамеша ҷанбаи институтсионалӣ доранд.


Муҳокима. Дар шароити имрӯза таҳлилҳои низоми молиявию бонкии кишвар бозгӯи он астанд, ки аз як тараф он аҳамияти низоми молиявии кишвар дорои мушкилот буда натиҷаи камтағири он бозгӯи муаммодор будани ин низом мебошанд. Муқоисаи нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар зарурияти андешидани як қатор чораҳои заруриро ба миён меорад.

Тамоюли сути рушди нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар агар аз як тараф бо таъсири омилҳои беруна вобаста бошанд аз дигар тараф аз бамарпотиб барҳам хурдани низоми бонкӣ ва дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ вобаста мебошанд. Аз ин лиҳоз ҳиссаи ин низом дар ММД-ии кишвар тамоюли манфиро касб намуда ҳисаи он кам мегардад. Илова бар ҳамаи ин тибқи маълумотҳои ҷадвали 1 ҳаминро метавон гуфт, ки яке аз масъалаҳои асоие, ки ба низоми молиявӣ мусоидат менамояд, ин масоили функсионалӣ мебошад ва он ду равияи асосиро дар бар мегирд, ки ҳардуи ин масъалаҳо бевосита ба равишҳои тақсимот ва табдилдиҳӣ ки он ҳамчун натиҷа мебошад. Табдилиҳӣ дар шароити имрӯза маънои идораи босамари замина ва механизмҳои молиявӣ ва расидан ба натиҷаҳо мебошад. Тибқи маълумотҳои мавҷуда дар низоми вунксионалӣ ва ҳамзамон низомию технологӣ метавон имкониятҳои ба рушд нигаронидашудаи низоми молиявии кишварро муаян намуд.

Бинобар ин истифодаи мақсадноки ҷараёнҳои зикргардида ва ҳамзамон равишҳои методологии дохили низомию берунинизомӣ тавассути технологияҳои муосири ҳозиразамон равишҳои мукаммали самсарабахши низоми молиявиро густариш медиҳад. Аз ҳамин хотир метавон мушоҳида намуда. Ки ба таври баробар рушд кардани нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар бевосита ба сатҳи самараи нишондиҳандаҳои низоми молияви низ таъсири мутақкобила мерасонад, ки натиҷаи онро аз нишондиҳандаҳои таҳлилгардида пай бурдан мумкин аст.

Тибқи маълумотҳои таҳлилшуда мушаххас аст, ки ҳиссаи нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар дар ММД назаррас буда он метавонад ба рушди МММ – низ бо назардошти омилҳои рақобатпазирӣ муссоидати ҳаматрафа намояд. (нигар дигараммаи 1)

Диаграммаи 1. Афзоиши дороиҳои солонаи низоми молиявии кишвар дар солҳои 2018-2024 бо %



Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асои маълумотҳои электронии https://www.nbt.tj [2,10]

Вобаста ба маълумотҳои диаграммаи мазкур ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои рушди низоми молиявии кишвар аз нуқтаи назари низоми молиявии ғайридавлатӣ тамоили зиёдшавӣ дошта он аз суботи сартосарии кишвар ва имкониятҳои фарохи ин низоми дар заминаи дастгириҳои пайвастаи давлатӣ гувоҳи медиҳад. Ин аст, ки низоми молиявии кишвар комилан як низоми мукаммали пешрафтаи иқтисодӣ буда он аз воаситаҳои молиявии мақсад ва ҳадафҳои гуногундошта иборад мебошад. Бинобар ин метавон гуфт, ки нишондиҳандаҳои мазкур тамоили болоравӣро ғайр аз соли 2021 қасб намудаанд, ки сабаби асосии он бад шудани вазъи як қатор сохторҳои муҳими низоми моливии кишвар аз қабили бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ҳамчунин таъсири шаддидӣ бемории ҳамагирӣ КОВИД-19 буд. Дар ғайри ин сурат ин нишондиҳандаҳо дигар тамоили мусбат доштаанд. Тибқи таҳлилҳо суръати рушди онҳо нисбат ба соли 2023 яъне соли 2024 дороиҳои ТҚМ 26%, бонкҳо 26,8%, ТС 10,6%, ТЛ 16,2 ва АСИН 26% афзоиш

ёфтаанд, ки ин имконияти ва фарқияти солонаи масъалаи мазкур мебошад. Ин нишондиҳандаҳо аз як тараф ба суръати рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат мерасонанд аз дигар тараф бошад ба беҳтарсозии фазои иқтисодӣ ва сармоягузорию қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт мебошад. Дуруст аст, ки "...дар шароити кунунӣ низоми субсидияи қарз бо ҷуброни қисми фоизи қарз ба қарзгир яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот мебошад[3.137]".Дар ҳамин замина низ иброз гардидааст, ки "...дар шароити имрӯза зоҳиран акмалкардҳои қарзхӣ ва муносибатҳои қарзиро на танҳо дар сатҳи институтҳои молиявию қарзӣ балки дар соҳаҳои саноат, сохтумон, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст"[4.118]. Ҳамчунин вобаста ба зарурияти соҳа "...қарзҳо низ қисми муҳими сиёсати пулию қарзӣ буда дар татбиқи манетизатсияи иқтисодӣ нақши асосӣ доранд. Тавре зикр шудааст "ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда 6,8% он ба таври фосилавӣ тавассути замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод карда шудаанд" [5.192]. Зеро ҳади аксар сохторҳои низоми молиявии мазкур имконияти васеъи қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ва аҳолии кишварро доранд. Дигар меъёрҳои овардашуда низ тафсири фарогирии низоми молиявӣ ва шохаҳои онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд ва ин метавонад ҷанбаҳои дигари низоми молиявиро инъикос намояд.

Хулоса. Бинобар ин мо бар он назарем дар равнди таҳия ва босамаргардонии низоми молиявӣ ба муҳити таъминкунандаи ин чараён боҳо доднт мумкин аст. Дар баробари ҳамаи мо чунин мешуморем, ки барои боз ҳам босамар гардонидани низоми молиявии кишвар зарурати андешидани чораҳои зерин мувофи қи мақсад мебошад:

1. Вобаста ба талабот ва зарурияти ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ҳамоҳанг кардани низоми молияи далатӣ бо низоми молияи ғайридавлатӣ дар заминаи фароҳам овардани шароити рушд дар иқтисоди гузариш[1.98];

2. Ташкили низоми марказонидашудаи идоракунии маблағҳои молияи далвлатӣ дар шакли мултипликатори маблағҳои озоди дар низоми молияи давлатӣ қарордошта;

3. Ба гардиши самарнок ворид кардани маблағҳои озоди тарафайн дар доираи татбиқи марнома ва старатегияҳои дахлдори соҳавӣ ва дар заминаи ин руш додани бахши иҷтимоию иқтисодии мамлакат;

4. Ташкили низоми ҳамоҳангсозии истифодаи мақсадноки маблағҳои низоми молиявӣ ва дар ҳамин замина ташкили сохтори махсуси сафарбарзозии чунин маблағҳо бо номи мувофиқи муассиса;

5. Ташкили мақоми назоратӣ дар самти сафарбарсозӣ ва истифодаи мақсадноки маблағҳои марказонидашудани низоми молиявӣ ва ғ.

Адабиёт

1. Аҳадов, И. Қ. Роҳҳои имконпазири коҳиш додани хавфи дороиҳои бонкӣ дар шароити имрӯза / И. Қ. Аҳадов, А. М. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 4-2(34). – P. 98-106. – EDN UXKZNB.

2. Интишори охирони соли 2023, №12 (341)

3. Махшулов, С. Ҷ. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, Б. Ахмедова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 137-151. – EDN BYDSPR.

4. Махшулов, С. Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 118-124. – EDN CEOMMW.

5. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.

6. Прангишвили И. В. Системный подход и общесистемные закономерности. Сер. «Системы и проблемы управления». М.: СИНТЕГ. 2000. С.47-48

7. С. В. Рябцев. Понятие «Финанс овая систе ма» в современн ой теории финансов. Теория финансов. 15 (495) – 2012. Стр 57

8. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ. / Раҳимзода Ш / Монографияи [Матн]. Душанбе "Эргграф 2019". Саҳ 195.

9. Ю.О. Шаврина. Идентификация и методика оценки финансовых рисков дестабилизации финансовой устойчивости коммерческих предприятий в условиях санкционной экономики. Естественно-гуманитарные исследования № 1 (51), 2024. Стр 339.

10. Сарчашмаи электронӣ https://www.nbt.tj

УДК 338.48:332.1(575.3)

МЕХАНИЗМҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶАЛБИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ БА РУШДИ ЭКОТУРИЗМ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ТОҶИКИСТОН

Соҳибзода Аъзам Нуруллоевич

асситенти кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмонхонавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Борбад, 48/5. Тел: (+992)000104279, E-mail: sokhibov.azam@mail.ru

Камышева Алена Олимовна

«Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» муаллими калони кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондорӣ. Суроға: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 918-38-53-28. E-mail: kam_alena@mail.ru

Мақсад: муайян намудани механизмҳои иқтисодӣ ва институтсионалии ҷалби аҳолии деҳот ба рушди экотуризм дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон ва пешниҳод кардани модели амалӣ барои зиёд намудани ҳиссаи даромаде, ки дар ҷомеаҳои маҳаллӣ боқӣ мемонад. Мавод ва усулҳо: дар таҳқиқ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили динамикӣ, синтези институтсионалӣ ва моделсозии сенариявӣ истифода шуданд. Заминаи иттилоотиро маълумоти расмии солҳои 2021–2025, санадҳои давлатӣ, гузоришҳои созмонҳои байналмилалӣ ва таҳқиқоти илмӣ оид ба экотуризм ва рушди деҳот ташкил доданд. Натиҷаҳо: барқароршавӣ ва афзоиши ҷараёни сайёҳӣ дар солҳои охир барои минтақаҳои кӯҳӣ имконияти нави иқтисодӣ фароҳам овардааст, аммо маҳдудиятҳои молиявӣ, инфрасохторӣ, бозорӣ, малакавӣ ва институтсионалӣ иштироки аҳолии маҳаллиро маҳдуд месозанд. Барои бартараф кардани онҳо маҷмӯи воситаҳо — микрогрант ва қарзи имтиёзнок, кооператсияи хонаводаҳо, хариди маҳаллӣ, экопардохт ва фонди рушди ҷомеа, рақамикунонии фурӯш, шарикии давлату бахши хусусӣ ва ҳавасмандии экологӣ пешниҳод карда шудааст. Барои мониторинг нишондиҳандаҳои ҳиссаи даромади маҳаллӣ, шуғли маҳаллӣ ва бозсармоягузории экологӣ таҳия шудаанд. Моделсозии сенариявӣ нишон медиҳад, ки ҳатто бе афзоиши шумораи сайёҳон зиёд кардани ҳиссаи маҳсулот ва хизматрасониҳои маҳаллӣ метавонад даромади дар ҷомеа боқимондаро зиёд намояд. Хулоса: самаранокии экотуризм бояд на танҳо бо шумораи сайёҳон, балки бо арзиши иқтисодии дар маҳал боқимонда, шуғл, иштироки ҷомеа ва маблағгузории ҳифзи табиат арзёбӣ гардад.

Калидвожаҳо: экотуризм, аҳолии деҳот, минтақаҳои кӯҳӣ, механизми иқтисодӣ, шуғл, даромади маҳаллӣ, соҳибкории хурд, фонди ҷомеа, экопардохт, рушди устувор.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ МЕХАНИЗМЫ ВОВЛЕЧЕНИЯ СЕЛЬСКОГО НАСЕЛЕНИЯ В РАЗВИТИЕ ЭКОТУРИЗМА В ГОРНЫХ РЕГИОНАХ ТАДЖИКИСТАНА

Сохибзода Аъзам Нуруллоевич

Ассистент кафедры туризма и гостиничного бизнеса Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734036 Республика Таджикистан, город Душанбе, Борбад, 48/5. Тел: (+992)000104279, E-mail: sokhibov.azam@mail.ru.

Камышева Алена Олимовна

«Международный Университет туризма и предпринимательства Таджикистана» старший преподаватель кафедры туризма и гостиничного бизнеса. Адрес: 734036 Республика Таджикистан, город Душанбе, Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 918-38-53-28. E-mail: kam_alena@mail.ru

Цель: определить экономические и институциональные механизмы вовлечения сельского населения в развитие экотуризма в горных регионах Таджикистана и предложить практическую модель, позволяющую увеличить долю туристского дохода, остающегося в местных сообществах. Материалы и методы: использованы сравнительный анализ, группировка, динамический анализ, институциональный синтез и сценарное моделирование. Информационную базу составили официальные данные за 2021–2025 гг., государственные документы, материалы международных организаций и научные исследования по экотуризму и развитию сельских территорий. Результаты: восстановление и рост туристских потоков создают для горных районов новые экономические возможности, однако финансовые, инфраструктурные, рыночные, кадровые и институциональные ограничения сдерживают участие местных жителей в цепочке создания стоимости. Для их преодоления предложен комплекс взаимосвязанных инструментов: микрогранты и льготное финансирование, кооперация домохозяйств, локальные закупки, экологический сбор и фонд развития сообщества, цифровизация продаж, государственно-частное партнерство и экологические стимулы. Для оценки результатов разработана система показателей, включающая долю дохода, остающегося на местном уровне, долю местной занятости и долю средств, реинвестируемых в природоохранные мероприятия. Сценарное моделирование показывает, что даже без увеличения числа туристов рост доли местных товаров и услуг, прямых продаж и общественного фонда способен повысить доход, остающийся в сообществе. Обсуждение результатов сопоставлено с современными исследованиями общественного экотуризма в Памире и международным опытом устойчивых экотуристских поселений. Заключение: региональная политика должна ориентироваться не только на увеличение туристского потока, но и на повышение локальной добавленной стоимости, занятости, прозрачности распределения доходов и финансирования охраны

природных ресурсов. Научная новизна состоит в объединении финансовых, рыночных и экологических инструментов в единой системе с измеримыми показателями локального эффекта. Практическая значимость модели заключается в возможности ее применения органами местного управления и туристскими объединениями при планировании пилотных экотуристских кластеров.

Ключевые слова: экотуризм, сельское население, горные регионы, экономический механизм, занятость, местный доход, малое предпринимательство, общественный фонд, экологический сбор, устойчивое развитие.

ECONOMIC MECHANISMS FOR INVOLVING RURAL COMMUNITIES IN ECOTOURISM DEVELOPMENT IN THE MOUNTAIN REGIONS OF TAJIKISTAN

Sohibzoda A'zam Nurulloevich

Assistant of the Department of Tourism and Hospitality Business of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734036 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad, 48/5. Тел: (+992)000104279, E: sokhibov.azam@mail.ru

Kamysheva Alena Olimovna

«International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan» senior lecturer at the Department of Tourism Business and Hospitality. Address: 734036 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad, 48/5. Phone: (+992)918385328. E-mail: kam_alena@mail.ru

Objective: to identify economic and institutional mechanisms for involving rural residents in ecotourism development in the mountain regions of Tajikistan and to propose a practical model that increases the share of tourism income retained within local communities. Materials and methods: the study applies comparative analysis, grouping, dynamic analysis, institutional synthesis and scenario modelling. The evidence base includes official statistics for 2021–2025, national policy documents, reports of international organizations and recent studies on ecotourism and rural development. Results: the recovery and growth of tourism flows create new economic opportunities for mountain areas, yet financial, infrastructure, market, skills and institutional constraints limit the participation of local residents in the tourism value chain. To address these constraints, the paper proposes a combined mechanism consisting of microgrants and concessional finance, household cooperation, local procurement, an environmental fee and community development fund, digital sales, public-private partnerships and environmental incentives. A monitoring framework is proposed with three core indicators: the share of income retained locally, the share of local employment and the share of revenue reinvested in environmental protection. Scenario modelling indicates that even without an increase in visitor numbers, a higher share of locally supplied goods and services, direct sales and community-based financing can increase the income retained in the destination. The discussion relates these findings to recent research on community-based ecotourism in the Pamirs and to international evidence on sustainable ecotourism settlements. Conclusion: regional policy should focus not only on increasing tourist arrivals, but also on strengthening local value added, employment, transparent benefit distribution and reinvestment in natural-resource protection. The proposed mechanism can be used in regional programs, pilot projects and small-business support measures for mountain communities.

Keywords: ecotourism, rural communities, mountain regions, economic mechanism, employment, local income, small business, community fund, environmental fee, sustainable development.

Муқаддима. Рушди экотуризм барои Тоҷикистон, ки қисми зиёди қаламраваш кӯҳсор аст, метавонад ҳамзамон воситаи диверсификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, ташкили шуғл ва афзоиши даромади деҳот бошад. Арзиши иқтисодии ин самт махсусан дар он зоҳир мешавад, ки хизматрасонии ҷойгиронӣ, роҳбаладӣ, нақлиёти маҳаллӣ, ғизо ва ҳунармандӣ метавонанд бевосита аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ пешниҳод шаванд. Аз ин рӯ, масъалаи асосӣ на танҳо афзоиши ҷараёни сайёҳон, балки зиёд кардани ҳиссаи арзиши дар минтақа боқимонда мебошад. Афзоиши шумораи сайёҳон худ аз худ ба беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ баробар нест. Агар қисми асосии хизматрасонӣ ва фурӯш аз берун идора шавад, «ихроҷи даромад» ба вуҷуд меояд. Барои коҳиши он механизмҳое заруранд, ки соҳибкории хурд, кооператсия, хариди маҳаллӣ ва иштироки ҷомеаро дар идоракунии захираҳои сайёҳӣ ҳавасманд намоянд.

Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба рушди инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва истифодаи имкониятҳои минтақаҳо равона шудааст [1].

Дар шароити афзоиши талабот ба саёҳатҳои табиӣ зарур аст, ки татбиқи ин ҳадафҳо бо манфиати иқтисодии аҳолии минтақаҳои кӯҳӣ пайваст карда шавад.

Мақсади таҳқиқ муайян намудани механизмҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ барои зиёд кардани иштироки аҳолии деҳот дар экотуризм ва ҳиссаи даромади дар маҳал боқимонда мебошад. Барои расидан ба ин мақсад тамоюли бозор, маҳдудиятҳои иштироки маҳаллӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокӣ таҳлил карда шуданд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили динамикӣ, синтези институтсионалӣ ва моделсозии сенариявӣ истифода шуданд. Заминаи иттилоотиро маълумоти расмии оморӣ, санадҳои давлатӣ, гузоришҳои созмонҳои байналмилалӣ ва таҳқиқоти илмӣ оид ба экотуризм ташкил доданд [1–10].

Таҳқиқ ба сатҳи миллӣ ва минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла ВМКБ, равона шудааст. Ҳисобҳои сенариявӣ намунавӣ буда, омори деҳаи мушаххасро ифода намекунанд; мақсади онҳо нишон додани таъсири тағйирёбии ҳиссаи хариди маҳаллӣ ва маблағгузории экологӣ ба натиҷаи иқтисодии ҷомеа мебошад.


Натиҷаҳо ва муҳокима. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки баъди коҳиши солҳои 2020–2021 ҷараёни сайёҳони хориҷӣ барқарор гардид. Соли 2021 шумораи сайёҳон 296,3 ҳазор нафарро ташкил дода, дар солҳои минбаъда тамоюли афзоиш идома ёфт [2; 3]. Ин динамика барои минтақаҳои кӯҳӣ бозори васеътар фароҳам меорад, вале самаранокии он аз қобилияти маҳал барои пешниҳоди хизматрасониҳои рақобатпазир вобаста аст.

Ҷадвали 1. Динамикаи шумораи сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2021–2025

Сол	Шумораи сайёҳон, ҳаз. нафар	Тағйир нисбат ба соли қаблӣ, %
2021	296,3	—
2022	999,3	+237,3
2023	1 201,0	+20,2
2024	1 400,6	+16,6
2025	1 784,4	+27,4

Манбаъ: тартиб дода шудааст аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи рушди сайёҳӣ [2; 3].

Таҳлили динамикаи шумораи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон дар солҳои 2021–2025 аз афзоиши пайвастаи ҷараёни сайёҳии воридотӣ шаҳодат медиҳад. Тибқи маълумоти диаграмма, шумораи сайёҳони хориҷӣ аз тақрибан 296 ҳазор нафар дар соли 2021 то 999 ҳазор нафар дар соли 2022 афзоиш ёфтааст. Дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 1 201 ҳазор нафар ва дар соли 2024 ба 1 401 ҳазор нафар расидааст. Тамоюли афзоиш дар соли 2025 низ идома ёфта, шумораи сайёҳони хориҷӣ тақрибан 1 784 ҳазор нафарро ташкил додааст. Дар маҷмӯъ, дар давраи таҳлилшаванда шумораи сайёҳони хориҷӣ тақрибан шаш маротиба зиёд гардидааст. Афзоиши бештар дар солҳои 2021–2022 ба назар расида, дар солҳои минбаъда ҷараёни сайёҳон бо суръати нисбатан муътадил афзоиш ёфтааст. Ин раванд аз густариши фаъолияти сайёҳии воридотӣ ва зиёд шудани таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, афзоиши ҷараёни сайёҳон зарурати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои сайёҳии минтақаҳоро тақозо менамояд. Динамикаи тағйирёбии шумораи сайёҳони хориҷӣ дар расми 1 инъикос гардидааст.



Расми 1. Динамикаи шумораи сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон, 2021–2025

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти расмӣ [2; 3].

Соли 2025 дар ҷумҳурӣ 367 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият дошт [2]. Барои деҳот муҳим аст, ки афзоиши шабака бо ҷойгиронии хонагӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, нақлиёт, роҳбаладӣ ва ҳунармандӣ пайваст гардад.

ВМКБ талаботи афзоянда ба маҳсулоти кӯҳӣ ва экологиро нишон медиҳад [4]. Манфиати хонаводаҳо аз сифати хизматрасонӣ, дастрасӣ ва фурӯши мустақим вобаста мемонад.

Бонки ҷаҳонӣ маҳдудиятҳои марбут ба рушди инфрасохтор, сатҳи малакаҳои касбӣ, шароити санитарию беҳдоштӣ ва дастрасӣ ба бозорро таъкид менамояд. Аз ин рӯ, тадбирҳои дастгирӣ бояд сармоягузориҳои хурд, омӯзиши касбӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои пайвастшавӣ ба бозорро ба таври маҷмӯӣ фаро гиранд.Маҳдудиятҳои ҷалби аҳолии маҳаллиро метавон ба панҷ гурӯҳ ҷудо кард: молиявӣ, инфрасохторӣ, бозорӣ, малакавӣ ва институтсионалӣ. Ҳар гурӯҳ воситаи махсуси ҳалли худро талаб мекунад; танҳо сохтмони инфрасохтор бе дастгирии соҳибкорӣ ва фурӯш натиҷаи кофӣ намедиҳад. Таҳлилҳои иқтисоди деҳот инчунин ба камбуди санитария, нишонагузорӣ, роҳбаладӣ ва хизматрасониҳои иловагӣ ишора мекунанд [5–7]. Барои экотуризм ин омилҳо ба сифати таҷрибаи сайёҳ ва дарозии будубош таъсири мустақим доранд.

Ҷадвали 2. Маҳдудиятҳо ва воситаҳои иқтисодии бартарафсозии онҳо

Гурӯҳи маҳдудият	Зуҳурот дар маҳал	Воситаи пешниҳодшаванда
Молиявӣ	набудани сармояи ибтидоӣ, гарав ва таърихи қарзӣ	микрогрант, қарзи имтиёзнок, кафолати қисман
Инфрасохторӣ	санитария, об, партов, интернет, дастрасии роҳ	сармоягузории муштарак ва PPP
Бозорӣ	вобастагӣ аз миёнарав, фурӯши суст, мавсимият	платформаи ягона, бронкунии мустақим, пакетҳои мавсимӣ
Малакавӣ	забон, хизматрасонӣ, ҳисобдорӣ, маркетинг	омӯзиши кӯтоҳ + менторинг + сертификатсия
Институтсионалӣ	ҳамоҳангии суст ва манфиати нобаробар	шӯрои маҳаллии экотуризм ва фонди ҷомеа

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [5–8].

Механизмҳои иқтисодии пешниҳодшаванда

1. Микрогрант ва маблағгузории имтиёзнок. Сармоягузории хурд барои беҳтар кардани ҷойгиронӣ, санитария, гармидиҳӣ ва таҷҳизот метавонад хонаводаҳоро зуд ба занҷираи экотуризм ворид намояд. Шартҳои дастгирӣ бояд бо стандартҳои сифат ва экологӣ пайваст бошанд.

2. Кооператсия ва хариди маҳаллӣ. Кооператсияи хонаводагиҳо имкон медиҳад ҷойгиронӣ, ғизо, роҳбаладӣ, нақлиёт ва фурӯши маҳсулоти маҳаллӣ ҳамчун як бастаи ягона пешниҳод шаванд. Ин усул хароҷоти маркетингро коҳиш дода, тақсимоти даромадро васеъ мекунад.

3. Экопардохт ва фонди рушди ҷомеа. Пардохти хурди экологӣ дар хатсайрҳои серталаб метавонад ба фонди маҳаллӣ ворид шуда, барои идоракунии партов, ҳифзи об, нигоҳдории роҳ ва корҳои маърифатӣ истифода шавад. Ҳисоботдиҳии шаффоф шарти асосӣ мебошад.

4. Рақамикунонии фурӯш ва коҳиши миёнаравӣ. Бронкунии мустақим, саҳифаҳои муштарак ва пардохти электронӣ ҳиссаи даромади дар ихтиёри таъминкунандаи маҳаллӣ мондаро зиёд мекунанд. Омӯзиши малакаҳои рақамӣ бояд қисми барномаи дастгирӣ бошад.

5. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Роҳ, алоқа, неру, нуқтаҳои санитарӣ, марказҳои иттилоотӣ ва идоракунии партовҳо инфрасохтори умумӣ мебошанд. Давлат ва мақомоти маҳаллӣ бояд сармоягузории асосиро таъмин намуда, бахши хусусӣ хизматрасонии бозориро рушд диҳад.

6. Ҳавасмандии экологӣ. Грант ё имтиёз бояд ба натиҷаи ченшавандаи экологӣ пайваст шавад: ҷудокунии партов, сарфаи обу энергия, истифодаи маводи маҳаллӣ ва риояи иқтидори қабулпазирии хатсайр. Ин равиш манфиати иқтисодӣ ва ҳифзи захираҳоро ба ҳам мепайвандад.

Модели ташкилию иқтисодии экотуризми ҷомеавӣ

Модели пешниҳодшаванда ба ҳамкории се гурӯҳ такя мекунад: давлат ва мақомоти маҳаллӣ; ҷомеа ва соҳибкорони хурд; бозор ва шарикони тиҷоратӣ. Давлат инфрасохтор ва қоидаҳоро таъмин мекунад, ҷомеа хизматрасонӣ ва ҳифзи захираҳоро ба уҳда мегирад, шарикони бозорӣ бошад дастрасӣ ба мизоҷ ва фурӯшро васеъ менамоянд. Фонди ҷомеа ва низоми мониторинг пайванди молиявию ҳисоботии ин сохтор мебошанд.



Расми 2. Модели пешниҳодии механизми иқтисодии экотуризми ҷомеавӣ

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Самаранокии механизм бояд бо нишондиҳандаҳое чен карда шавад, ки манфиати воқеии маҳаллиро инъикос намоянд. Барои ин ҳиссаи даромади маҳаллӣ, шуғли маҳаллӣ ва ҳиссаи маблағи ба ҳифзи муҳити зист равонашуда пешниҳод мешаванд.

$$Кдм = (Dм / Dу) \times 100\%$$

ки дар он Кдм — ҳиссаи даромади дар маҳал боқимонда; Dм — пардохт ба таъминкунандагони маҳаллӣ; Dу — даромади умумии маҳсулоти экотуристӣ мебошад.

$$Кш = (Шм / Шу) \times 100\%$$

ки Шм — шумораи кормандони маҳаллӣ ва Шу — шумораи умумии ҷойҳои корӣ дар занҷираи хизматрасонӣ мебошад.

$$Кэ = (Иэ / Dy) \times 100\%$$

ки Иэ — маблағи ба ҳифзи табиат ва инфрасохтори экологӣ равонашуда мебошад. Истифодаи якҷояи се нишондиҳанда имкон медиҳад афзоиши сайёҳӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ арзёбӣ гардад.

Ҷадвали 3. Низоми нишондиҳандаҳои мониторинги экотуризми ҷомеавӣ

Нишондиҳанда	Мазмун	Самти афзалиятнок
Кдм – нигоҳдории даромад	ҳиссаи хароҷоти сайёҳ, ки дар маҳал мемонад	афзоиш
Кш – шуғли маҳаллӣ	ҳиссаи сокинони маҳаллӣ дар ҷойҳои корӣ	афзоиш
Кэ – бозсармоягузории экологӣ	ҳиссаи даромад барои ҳифзи муҳит	афзоиши назоратшаванда
Миёнаи будубош	шумораи шабҳои сайёҳ дар минтақа	афзоиш
Хароҷоти миёна	хароҷоти як сайёҳ дар як рӯз	афзоиш бо пешниҳоди маҳсулоти нав
Қаноатмандии сайёҳ	баҳои хизматрасонӣ ва таҷриба	нигоҳ доштани сатҳи баланд

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Моделсозии сенариявии таъсири иқтисодӣ

Ҷамоаи шартии кӯҳӣ барои нишон додани таъсири ҳиссаи хариди маҳаллӣ, фурӯши мустақим ва экопардохт моделсозӣ шудааст; ҳисобҳо омори деҳаи мушаххас нестанд.

Ҷадвали 4. Сенарияҳои тақсимоти даромади экотуризм дар ҷамоаи шартӣ

Нишондиҳанда	Сенарияи ҷорӣ	Сенарияи ҳамгиро	Сенарияи ҳадафӣ
Гардиши солона, млн сомонӣ	4,5	4,5	5,4
Ҳиссаи даромади маҳаллӣ, %	38	58	70
Даромади дар маҳал боқимонда, млн сомонӣ	1,71	2,61	3,78
Ҳисса барои фонди экологӣ, %	0,5	2,0	3,0
Фонди экологӣ, ҳаз. сомонӣ	22,5	90,0	162,0
Ҷойҳои кори эквиваленти пурра	26	39	55

Манбаъ: ҳисобҳои сенариявии муаллиф; сенарияҳо барои нишон додани таъсири механизм пешниҳод шудаанд.

Модел нишон медиҳад, ки бе афзоиши шумораи сайёҳон ҳам зиёд кардани ҳиссаи молу хизматрасонии маҳаллӣ даромади дар ҷомеа боқимондаро меафзояд; самара дар сенарияи кооператсия ва фурӯши мустақим баландтар аст.

Хатарҳои асосии рушди сайёҳӣ фишор ба захираҳои об, зиёдшавии партовҳо, осеб дидани мавзеъҳои табиӣ ва тиҷоратикунонии аз ҳад зиёди арзишҳои фарҳангӣ мебошанд. Барои пешгирии оқибатҳои манфӣ зарур аст, ки идоракунии партовҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, танзими ҷараёни сайёҳон ва ҳифзи мероси фарҳангӣ ба низоми идоракунии сайёҳӣ ворид карда шаванд.

Ҷадвали 5. Хатарҳои асосӣ ва чораҳои идоракунии онҳо

Хатар	Паёмад	Чораи коҳишдиҳӣ
Аз ҳад зиёд шудани ҷараёни сайёҳон	фишор ба об, роҳ ва экосистема	лимити мавсимӣ, бронкунӣ ва мониторинг
Нобаробарии даромад	низоъ дар ҷомеа ва монополия	қоидаи шаффофи узвият ва хариди маҳаллӣ
Пастшавии аутентичность	тиҷоратикунонии фарҳанг	кодекси маҳсулоти фарҳангӣ ва иштироки ҷомеа
Партов ва ифлосшавӣ	коҳиши ҷолибияти макон	экопардохт, нуқтаи ҷамъоварӣ, масъулияти оператор
Мавсимият	даромади ноустувор	маҳсулоти чорфасла ва пайвастшавӣ бо агротуризм

Хатар	Паёмад	Чораи коҳишдиҳӣ
Вобастагӣ аз миёнарав	ихроҷи даромад	бронкунии мустақим ва платформаи маҳаллӣ

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6; 8–10].

Самтҳои афзалиятноки татбиқ барои солҳои 2026–2030

Солҳои 2026–2027 марҳилаи пилотӣ бояд харитаи таъминкунандагон, стандартҳои санитарӣ, омӯзиш, фурӯши рақамӣ ва фонди ҷомеаро фаро гирад. Солҳои 2027–2030 пилотҳо метавонанд ба кластерҳои минтақавӣ васеъ шуда, чанд деҳаро дар хатсайри ягона муттаҳид намоянд; мониторинг ҳар сол гузаронида шавад.

Ҷадвали 6. Харитаи роҳ барои татбиқи механизми пешниҳодшуда

Марҳила	Муҳлат	Амали асосӣ	Натиҷаи интизорӣ
I. Омодасозӣ	2026	харита, стандарт, интихоби ҷамоа	заминаи идоракунӣ
II. Пилот	2026–2027	грант, омӯзиш, платформа, фонд	афзоиши даромади маҳаллӣ
III. Кластерсозӣ	2027–2029	пайваст кардани деҳаҳо ва маҳсулот	дароз шудани будубош
IV. Миқёспазирӣ	2029–2030	худмаблағгузорӣ ва васеъкунӣ	устувории молиявӣ

Манбаъ: таҳияи муаллиф.

Натиҷаҳои таҳқиқ бо хулосаҳои пажӯҳишҳои марбут ба экотуризми ҷомеавӣ дар Помир ҳамоҳанг мебошанд. Иштироки фаъоли аҳолии маҳаллӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагии даромад ба таҳкими устувории иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунанд [9]. Ҳамзамон, таъмини рушди устувори экотуризм иштироки аҳолӣ дар идоракунӣ, ҳифзи муҳити зист ва назорати таъсири фаъолияти сайёҳиро тақозо менамояд [10]. Навоварии модел дар ченшаванда будани натиҷа аст: афзоиши сайёҳон бояд бо даромади маҳаллӣ, шуғл ва маблағгузории экологӣ ҳамроҳ гардад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки афзоиши ҷараёни сайёҳон барои рушди иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меорад. Аммо таъмини рушди устувори сайёҳӣ аз сатҳи иштироки аҳолии маҳаллӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва тақсимоти одилонаи даромадҳои бадастомада вобаста мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ татбиқи механизмҳои микрогрантӣ, рушди кооператсия, хариди маҳсулоти маҳаллӣ, фурӯши рақамӣ, қорӣ намудани экопардохтҳо, таъсиси фондҳои ҷомеавӣ ва таҳкими шарикии давлату бахши хусусӣ пешниҳод мегардад. Моделсозии сенариявӣ нишон медиҳад, ки афзоиши ҳиссаи маҳсулот ва хизматрасониҳои маҳаллӣ ҳатто бе зиёд шудани шумораи сайёҳон метавонад ба афзоиши даромади дар иқтисоди маҳаллӣ боқимонда мусоидат намояд. Аз ин рӯ, сиёсати минтақавӣ бояд на танҳо ба зиёд намудани шумораи сафарҳо, балки ба баланд бардоштани арзиши иқтисодии ҳар як сафар, тақвияти иштироки ҷомеа ва таъмини мувозинати манфиатҳои иқтисодию экологӣ равона карда шавад.

Адабиёт

1. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, №372 тасдиқ шудааст [Манбаи электронӣ]. – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://ctd.tj/2023/09/22/ (санаи мурочиат: 15.09.2026).

2. Нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ дар давраи соли 2025 [Манбаи электронӣ]. – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 05.02.2026. – URL: https://ctd.tj/2026/02/05/ (санаи мурочиат: 15.09.2026).

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – Бахши «Сайёҳӣ».

С другой стороны, развивается цифровая идентификация с использованием биометрических данных, таких как Face ID, становится стандартом в банковской сфере. Например, в Таджикистане технологии биометрической идентификации, включая распознавание лиц (Face ID), внедряются в банковском секторе, но их использование в настоящее время ограничено. Это свидетельствует о различиях в темпах цифровизации банковского сектора и уровне распространения дистанционных финансовых сервисов в рассматриваемых странах.

К октябрю 2024 года количество держателей банковских карт в Таджикистане достигло 8,2 миллиона, что на 25 % больше, чем в предыдущем году. Однако, несмотря на растущее число пользователей банковских карт и электронных кошельков, биометрическая идентификация еще не получила широкого распространения в банковских приложениях.

Банки, не смотря на меняющий технологии предлогают инновационные банковские продукты используют искусственный интеллект и машинное обучение для анализа больших объемов данных, прогнозирования потребностей клиентов и предоставления персонализированных предложений.

Например, в Таджикистане Алиф Банк активно внедряет инновационные технологии, включая ИИ и ОД, для повышения качества обслуживания клиентов и операционной эффективности. В 2019 году Alif Bank начал

внедрять искусственный интеллект в свои процессы. В филиале Алиф банк в Узбекистане был разработан и внедрен ML-скоринг для автоматизации обработки заявок на финансирование. Теперь более 70 % всех заявок обрабатываются с помощью ML-скоринга, что значительно сокращает время обработки. В ноябре 2023 года этот процесс был запущен в Таджикистане, и ожидается, что автоматизация там будет развивается быстрыми темпами.

Практическое значение цифровой трансформации подтверждается опытом отдельных банков. Так, реализованный банком «Эсхата» проект по централизации функций филиальной сети продемонстрировал, что внедрение цифровых решений способно не только оптимизировать внутренние процессы, но и повысить качество клиентского обслуживания. Автоматизация бизнес-процессов и адаптация организационной структуры к новым технологическим требованиям позволили ускорить принятие управленческих решений и повысить гибкость банка в условиях изменяющейся рыночной среды.

Цифровые технологии оказывают системное влияние и на продуктовую политику банки. Использование инструментов анализа данных и алгоритмов искусственного интеллекта создаёт предпосылки для более точной сегментации клиентов и разработки адресных предложений в сфере кредитования, депозитных продуктов, инвестиций, страхования и карточных сервисов. Одновременно автоматизация стандартных операций — обработки заявок, открытия счетов, расчётных процедур — снижает издержки и повышает скорость обслуживания, что напрямую влияет на уровень удовлетворённости клиентов.

Наибольший спрос формируют операции по денежным переводам, оплате услуг и осуществлению текущих расчётов, тогда как продвижение более сложных банковских продуктов требует дополнительной адаптации с точки зрения пользовательского опыта. Сделанные выводы подтверждают необходимость пересмотра продуктовой политики и коммуникационных стратегий банков с учётом фактических моделей поведения клиентов в цифровой среде.

Тем не менее, доля пользователей цифровых услуг в Таджикистане остается значительно ниже, чем в Казахстан, Узбекистане или России. Причинами этого являются как низкая цифровая грамотность населения, так и ограниченный доступ к смартфонам и интернету в некоторых регионах страны.

Рекомендации по модернизации банковской системы Таджикистана - для преодоления существующих проблем и выхода на новый уровень устойчивого роста финансовой системы необходим комплексный подход. Ключевыми направлениями реформ являются следующие:

1. Снижение процентных ставок Государственные программы субсидирования и создание гарантийных фондов могут позволить банкам снизить риски и, соответственно, уменьшить ставки кредитования, особенно в стратегически важных секторах.
2. Повышение финансовой грамотности - необходимо запустить долгосрочные образовательные программы с участием школ, университетов, местных властей и НКО. Финансовое образование - основа для повышения доверия к банкам и расширения клиентской базы.
3. Развитие безналичных форм расчетов, ускорить цифровизацию могут государственные стимулы, например, налоговые льготы для предприятий, использующих безналичные операции. Также важно развивать инфраструктуру: POS-терминалов, интернет-эквайринга и мобильных платежных систем.
4. Создание новых финансовых инструментов - развитие лизинга, факторинга и венчурного финансирования позволит диверсифицировать источники привлечения капитала, особенно для малого и среднего бизнеса.
5. Интеграция с международными платформами и финтех-компаниями - опыт стран СНГ и ЕС может быть полезен для разработки собственных цифровых решений. Примерами успешной интеграции являются трансграничные платежные системы, блокчейн-решения, онлайн-страхование, облачные карты и умные финансовые помощники.
6. Повышение прозрачности и укрепление нормативно-правовой базы - необходимо усилить контроль за качеством активов банков, усовершенствовать процедуры комплаенс, обеспечить защиту прав клиентов и сформировать независимую систему страхования вкладов.

Таким образом, финансовая система страна находится на переломном этапе. При сохранении существующих структурных проблем она останется закрытой и неэффективной. Однако при целенаправленной политике реформ, инвестициях в технологии и человеческие ресурсы это создаёт предпосылки для устойчивого роста к инклюзивной, устойчивой и конкурентоспособной финансовой системе. В этом контексте важна не только роль государства, но и открытость банков к инновациям, партнерству и переменам.

Список литературы

1. Кадыров Ш. А. Роль банковской системы в экономической безопасности Таджикистана. Душанбе: Ирфон, 2009. 156 с.
2. Рахимов З. А. Развитие банковской системы Таджикистана в переходной экономике. — Душанбе: Ирфон, 2003. — 142 с.
3. Тарасова Т. Ю., Флигинских Т. Н. Современные аспекты банковских продуктов и услуг. М.: Финансы и статистика, 2015. 320 с.
4. Кадыров Ш. А. Эволюция банковской системы Таджикистана: 1991–2020. Душанбе: Ирфон, 2021., 200 с.
5. Умаров Х. Развитие банковской системы Таджикистана., 2022.
6. Хамидов Б. Финансовое посредничество и предпринимательская активность. — 2021

7. Сабден О. Модернизация банковского сектора и инновации., 2022
8. Stiglitz J. Economics of the Public Sector. — 2010
9. North D. Institutions, Institutional Change and Economic Performance., 1990.
10. Lucas R. On the Mechanics of Economic Development., 1988.
11. Stiglitz J. The Financial System and Economic Growth., 2010.
12. Demirgüç-Kunt A. The Role of Financial Inclusion in Poverty Reduction., 2018.
13. Тарасова Ю., Флигинских Т. Н. Банковские продукты и услуги: теория и практика. 2019, С. 15.
14. Файзулоев П. Б. Влияние маркетинговых факторов на трансформацию традиционных банков в цифровые и необанки // Вестник Таджикского национального университета. 2024., № 10 (2)., С. 189 – 209., URL: https://ec.vestnik-tnu.com/vestnik/2024/Vestnik-2024-10-2.pdf.
15. Рахимов Р. К. Цифровая трансформация финансовых услуг в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. 2022., № 4., С. 45–57.
16. Файзулоев П. Б. Инновации в цифровом маркетинге: как таджикские банки меняют подход к клиентам // Научный журнал., 2023., С. 1–10.
17. Закон Республики Таджикистан «О банках и банковской деятельности». Душанбе, 2023.
18. Постановления Национального банка Таджикистана о цифровых банковских услугах. — Душанбе, 2022 – 2023.
19. Стратегия развития финансового сектора Республики Таджикистан до 2030 года. Душанбе, 2023.
20. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Макроэкономические показатели финансового сектора. Душанбе, 2023. 85 с.
21. Национальный банк Казахстана. Отчет о финансовой стабильности. Астана, 2024., 110 с.
22. Центральный банк Российской Федерации. Обзор банковского сектора. Москва, 2024 – 2025.
23. Центральный банк Республики Узбекистан. Статистический бюллетень. Ташкент, 2024 – 2025.
24. Национальный банк Таджикистана. Сведения о кредитных организациях, находящихся в состоянии прекращения деятельности. URL: https://nbt.tj/ru/banking_system/tashkilothoi_karzii_dar_holati_barhamdi_karordoshta.php.
25. Национальный банк Таджикистана. Сведения о кредитных организациях, находящихся в состоянии прекращения деятельности // Официальный сайт Национального банка Таджикистана. URL: https://nbt.tj/ru/banking_system/tashkilothoi_karzii_dar_holati_barhamdi_karordoshta.php.
26. Национальный банк Таджикистана. Сведения о кредитных организациях, находящихся в состоянии прекращения деятельности // Официальный сайт Национального банка Таджикистана. — URL: https://nbt.tj/ru/banking_system/tashkilothoi_karzii_dar_holati_barhamdi_karordoshta.php.
27. World Bank. Global Findex Database: Financial Inclusion. Washington, 2022., 60 p.
28. World Bank. Financial Literacy and Inclusion Report., 2025.
29. McKinsey & Company. Digital Banking in Emerging Markets., New York, 2023., 95 p.
30. McKinsey & Company. Digital Banking: How Banks Can Unlock Value. 2023.
31. Национальный банк Таджикистана. Финансовые отчеты., URL: https://www.nbt.tj.
32. Tajikistan sees rise in cashless payments in 1H2025 // Trend News Agency., 2025., URL: https://www.trend.az.

УДК: 338.4

ТАЪМИНИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР АСОСИ ДАСТГИРИИ МОЛИЯВӢ

Иброҳимов Давлат Нодирхонович

муаллими калони кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 985 90 74 74

Муайян намудани мушкилотҳо дар фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва пайдо кардани роҳҳои нави рушди равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ вазифаи аввалиндараҷаи таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Норасоии воситаҳои молиявӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз проблемаҳои аввалиндараҷа дар соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин, муаллиф дар мақолаи худ доир ба кӯмаки молиявии комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун ибрози назар намуда, роҳҳои нави ҷалби онҳоро пешниҳод намудааст. Аз ин сабаб, таҳлили мавзуи мазкур барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ аҳамияти махсус дошта, даромади соҳаи кишоварзӣ бояд дар сатҳи зарурӣ аз ҳисоби равандҳои инноватсионӣ таъмин карда мешавад

Дар хулосаи мақола муаллиф доир ба рушди равандҳои инноватсионӣ пешниҳодҳои мушаххас намудааст, ки дар амалия татбиқи онҳоро ба мақсад мувофиқ шуморидан мумкин аст. Инчунин, қайд гардидааст, ки фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти хатлон бояд бо истифода аз кӯмаки молиявӣ таъмин гкарда шавад.

Калидвожаҳо: инноватсия, соҳаи кишоварзӣ, кортҳои пардохтӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, қарздиҳии бонкӣ.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ НА ОСНОВЕ ФИНАНСОВОЙ ПОДДЕРЖКИ

Иброхимов Давлат Нодирхонович

старший преподаватель кафедры финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: +992985 90 74 74

Выявление проблем в деятельности предприятий АПК и поиск новых путей развития инновационных процессов в сельском хозяйстве является первостепенной задачей исследования. Нехватка финансовых ресурсов в условиях рыночной экономики является одной из первостепенных проблем в сельском хозяйстве. В этой связи автор в своей статье высказал свою точку зрения относительно финансовой помощи АПК из различных источников и предложил новые пути их привлечения. По этой причине анализ данной темы имеет особое значение для развития сельского хозяйства, а доход аграрного сектора должен быть обеспечен на необходимом уровне за счет инновационных процессов.

В заключении статьи автором даны конкретные предложения по развитию инновационных процессов, внедрение которых на практике можно считать целесообразным. Также отмечено, что деятельность предприятий АПК Хатлонской области должна обеспечиваться за счет финансовой помощи.

Ключевые слова: инновация, сельское хозяйство, платежные карты, АПК, социальное развитие, экономическое развитие, инвестиция, банковское кредитование.

ENSURING THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF ENTERPRISES OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX OF KHATLON REGION ON THE BASIS OF FINANCIAL SUPPORT

Ibrohimov Davlat Nodirhonovich

Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 985 90 74 74.

Identifying problems in the activities of agro-industrial complex enterprises and finding new ways to develop innovative processes in agriculture is a primary task of the research. The lack of financial resources in the conditions of a market economy is one of the primary problems in agriculture. In this regard, the author in his article expressed his views on financial assistance to the agro-industrial complex from various sources and proposed new ways to attract them.

For this reason, the analysis of this topic is of particular importance for the development of agriculture, and the income of the agricultural sector should be provided at the required level through innovative processes. In the conclusion of the article, the author made specific proposals for the development of innovative processes, the implementation of which in practice can be considered expedient. It is also noted that the activities of agro-industrial complex enterprises in Khatlon region should be ensured using financial assistance.

Keywords: innovation, agriculture, payment cards, agro-industrial complex, social development, economic development, investment, bank lending.

Муқаддима. Вобаста ба зиёд шудани талабот ба маҳсулотҳои ғизоӣ ва дар заминаи таъмини аҳолӣ бо ғизои хушсифат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди бахши кишоварзӣ яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати

иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид ҷойгоҳи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ бо мақсади коркарди ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ва зиёд гаштани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ беш аз пеш афзун мегарданд. Вобаста ба ин зарур аст, ки корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба тадбиқи унсурҳои инноватсионии технологии коркард ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ машғул гардида, ба таъмини бозори истеъмолии саҳм гузоранд. Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои рушди инноватсионии фаъолияти корхонаҳои КАС, сармоягузорӣ ба онҳо ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионӣ, яке аз масъалаҳои мубрами илмию амалӣ ба шумор меравад.

Методология. Вобаста ба масъалаҳои таъмини молиявии фаъолияти инноватсионӣ, таъмини инноватсионии рушди фаъолияти минтақавии корхонаҳои КАС, устуворгардонии пойгоҳи техникии онҳо дар шароити муосир аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ аз қабили: Гончаров П.В., Полушкина Т.М., Мухамедьяров А.М., Наимов Д.М., Шарофов У. мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо назардошти он такмили фаъолияти инноватсионӣ ба пояи сармоягузорӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатии ватанӣ омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаро талаб менамояд, ки сабаби баррасии масъалаи мазкур гардиданд.

Баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комлпекси агросаноатӣ ва муайян намудани самтҳои афзалноки сармоягузорӣ ба пойгоҳи инноватсионии онҳо ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳо. Асоси давраи муосири рушди комплекси агросаноатӣ (КАС) ин зарурати тезонидани пешравии илмӣ-техникӣ буда, бо равандҳои инноватсионӣ асос ёфтааст. “Рушди инноватсионии маҷмуаи кишоварзӣ истифодаи маҷмӯии омилҳои илмии истеҳсолот ва технология, ташкили иқтисодӣ ва идоракуниро, барои таъмини устуворияи маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар назар дорад” [3] .

Гузариши ба низоми нави иқтисодӣ комплекси агросаноатӣ ба самти рушди инноватсионӣ-технологӣ, танҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани имкониятҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои ташаккули иқтисоди бозорӣ, ба амал баровардан мумкин аст. Мазмуни асосии сиёсати инноватсионии давлат дар ин давра аз он иборат аст, ки бояд аз як тараф, то ҳадди имкон нерӯи илмӣ-техникии ҷамъшуда нигоҳ дошта шавад, аз тарафи дигар, инфрасохтори заруриро рушд дода, механизмҳое бояд таҳия шаванд, ки на танҳо рушди раванди инноватсиониро ҳавасманд кунад, балки ҳадди ҳақал имкони фаъолгардонии азхудкунии натиҷаҳои онҳоро низ.

Бо қабули ҳанӯз дар соли 2003 Консепсияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [2], барои рушди инноватсияҳо дар низоми иқтисоди миллӣ заминаҳои бунёдӣ гузошта шуда буданд. Бо қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 [7] бошад, як қабати маҷмуии заминаи гуногунсоҳаи рушди иқтисоди миллӣ ба вуҷуд омад, ки тавассути он ҳадафҳои давлат дар соҳаи иқтисод амалӣ мегарданд. Зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ бояд ба сиёсати ягонаи рушди инноватсионӣ ва илмию технологии давлат асос ёбанд, ки вобаста ба он дар минтақа ҷузъҳои дахлдори минтақавӣ истифода бурда мешаванд.

“Ворид намудани раванди инноватсионӣ ба соҳаи кишоварзӣ барои рушди соҳаи мазкур ва умуман иқтисодиёти кишвар, аҳамияти басо бузург дорад. Аммо як қатор сабабҳое низ вуҷуд доранд, ки рушди раванди инноватсиониро дар кишоварзӣ ва махсусан дар соҳаи хизматрасонии техникии аграрӣ, монеа мешаванд. Соҳаи кишоварзии ҶТ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқи кишвар ба ҳисоб рафта, корхонаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро бо ашёи хом, аҳолиро бошад - бо озуқаворӣ таъмин мекунад”.[3]

Бо ин мақсад, қайд кардан зарур аст, ки механизми муассири таъсиррасонӣ ба таъмини таҷдиди инноватсионии сохтори иқтисодиёт, ба мисли ҳавасмандгардонии қонунгузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаҳои он ва ташкили муҳити меъёрӣ-ҳуқуқӣ истифода барад, ки ба рушди соҳаҳои баланди техникии истеҳсолот, муътадил намудани фаъолияти зеркомплексҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ ва корхонаҳои онҳо мусоидат намояд.

«...Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ҷиҳати истифодаи босамари сармояи инсонӣ ва дар заминаи таҳки муназзами иқтидори институтсионалии рушд вобаста ба баланд бардоштани натиҷаи самаранокӣ дар заминаи диверсификатсиякунонӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамзамон бо ин муаян намудани ояндаи рушд бо роҳи гузаштан аз иқтисоди аграрӣ-индустриалӣ ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ таъмин менамояд»[6].

«...Дар робита бо ин, зарурияти тезонидани ҷараёнҳои босуръати илмӣ-техникӣ дар самти КАС тақозо менамояд, ки барои рушди бомароми он равандҳои инноватсионӣ самаранок пеш бурда шаванд, ки маҷмӯан таъсири он ба афзоиши ММД ва таъмини амнияти озуқавории кишвар таъсири мусбат мерасонад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз механизмҳои асосии рушди КАС дар муҳити инноватсионӣ ин ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразмон дар соҳаи мазкур мебошад. Дар сурати гузаштан ба заминаҳои технологӣ ва равандҳои муосири инноватсионӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои илми иқтисоди аграрӣ ба ҳисоб меравад, чунки вай воситаи наздикшавӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди устувор ва дараҷаи баланди истеҳсолоти агросаноатӣ мебошад»[1].

Хавфи баланди сармоягузориҳо дар фаъолияти кишоварзӣ, дастгирии фаъолонаи равандҳои инноватсиониро аз ҷониби давлат, тақозо мекунад. Вазифаи сиёсат ва фаъолияти инноватсионии давлат дар комплекси агросаноатӣ аз истифодаи дониш ва кашфиётҳои илмие, ки дар маҳсулоти нав ё такмилёфта, раванди технологӣ, дар шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ таҷассум ёфтаанд, ки дар амал истифода мешаванд ва навъҳои гуногуни самаранокиро ба бор меоранд. Сиёсати инноватсионии давлат дар асоси муайян намудани стратегияи рушди комплекси агросаноатии кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он, таҳлили вазъи имрӯзаи фаъолияти инноватсионӣ, дурнамои рушди нерӯи илмӣ-истеҳсолӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ва ғ. ташаккул меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки сарфи назар аз тамоюли болоравӣ, ҳиссаи ҳаҷми сармоягузориҳои асосӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон, нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи Тоҷикистон, ки дар соли 2022 ҳудуди 27% буд, ба таври назаррас камтар аст. Барои муқоиса, саҳми корхонаҳои кишоварзии кишвар дар ташаккули ММД дар нархҳои асосӣ дар соли ҷорӣ 6,8%-ро ташкил дод. Ин нишондодҳо аз ҷолибияти баланди сармоягузории бахши кишоварзии кишвар шаҳодат медиҳанд, ки ин дар навбати худ ангезаи ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали 1. Сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон

Нишондиҳандаҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2022 нисбат ба 2015 бо %
Сармоягузорӣ умумӣ ба соҳаи кишоварзии минтақа, млн. сомонӣ	792066,7	742696,4	748755,9	977925,7	998374,5	1002458,7	1006542,9	1010627,1	27
Сармоягузорӣ кишоварзӣ ба сари хоҷагиҳои деҳқонӣ, млн. сомонӣ	16675,1	12984,2	12999,2	16244,6	15527,6	15538,0	15548,4	15558,8	-9
Ҳисоби миёнаи сармоягузории зарурӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, млн. сомонӣ	3935898,4	4288754,9	4550044,3	4794940,9	4923459,2	4994891,4	5066323,6	5137755,8	30

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асосии маълумотҳои омори солонаи В.Хатлон соли 2023. с.13

Хусусияти хоси таъмини молиявии рушди инноватсионӣ ин воридшавии сармояи хориҷӣ ба бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар охири соли 2022– 14,5%-ро ташкил дода, дар он тамоюли коҳишёбӣ мушоҳида мешавад. Ҳиссаи корхонаҳои кишоварзии Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаҳои дахлдор хеле паст аст. Сатҳи кифоияи дастрасӣ ба сармоягузориҳои хориҷӣ ва ё воридшавии он ба тақвияти КАС ва беҳтар кардани ҳосилнокии заминҳо ва рушди истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолати гирифтани тамоили баракс: надоштани имконот барои иҷора гирифтани замин, сармоягузорони хориҷӣ объектҳои дастраси сармоягузориро намебинанд. Дар баробари ин, хеле кам будани сармоягузорони хориҷӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои ҷудогона, метавон ҳамчун омили мушкилкунандаи интиқоли инноватсияҳои хориҷӣ ба корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ кард.

Муҳокима. Ба ақидаи мо, механизмҳои самарабахши такмили самтҳои сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионии комплекси агросаноатӣ бояд таҳия карда шаванд. Барои ин, бояд муайян карда шаванд:

- дар сатҳи зарурӣ муайян намудани мақсадҳо ва воситаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси агросаноатӣ вобаста ба масъалаҳои саноатикунонӣ;
- фарогир намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба равандҳои инноватсионӣ ва босамаргардонии он;
- сатҳи ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои илмӣ, донишкадаҳои олӣ, корхонаҳои агросаноатӣ ва хоҷагиҳо, бо мақсади дар истеҳсолот ворид намудани натиҷаҳои илмӣ ва технологияҳои нав;
- ташкили инфрасохтори низоми инноватсионӣ дар минтақа;
- меъёрҳои афзалиятноки интихоб ва пешниҳоди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- консепсияи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ дар сатҳи кишвар ва минтақаҳо.

Албатта, дахолати давлат наметавонад ҳаматарафа бошад ва набояд муносибатҳои бозориро иваз кунад. Дастгирии давлатӣ бояд ба маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва хоҷагиҳои таҷрибавии истеҳсолӣ, ки дар онҳо татбиқи амалии коркардҳои илмӣ-техникӣ дар шароитҳои мушаххас санҷида мешаванд, равона карда шавад. Ташаккули фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар минтақаҳо ба соҳаи инноватсионии комплекси агросаноатӣ таъсири мусбат расонид. Ҳамаи ин омилҳо муҳити инноватсиониро ба таври назаррас беҳтар намуда, барои рушди инноватсияҳо ҳавасмандии муассир фароҳам овардаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки таҷрибаи хориҷӣ ва ватанӣ собит намуд, ки маҳз давлат нақши истисноии танзим ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсиониро дорад. Зеро он ба равандҳои инноватсионӣ бо ёрии усулҳои иқтисодии мустақим ва ғайримустақим, бо мақсади нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти инноватсионӣ, таъсири бузург мерасонад. Усулҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

- таъсири мустақим ва устувории масоили танзими маъмурӣ, ки асосан ба натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шудааст:
- субсидиякунонӣ, имтиёзҳои андозӣ, суғуртаи хавфҳои инноватсионӣ, карздиҳии имтиёзнок ба фаъолияти инноватсионӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва ғайра;
- усулҳои таъсири ғайримустақим (танзими ғайримустақим, ки ба фароҳам овардани муҳити мусоиди инноватсионӣ нигаронида шудааст, бо таъсири омилҳои институтсионалӣ муайян карда мешавад): такмили ихтисос, пардохти бозомузии кормандон, мукофотпулиҳо, дастгирии низоми патентикунонӣ, ташаккули шаклҳои нави ташкили фаъолияти инноватсионӣ: мусоидат ба ташаккули “марказҳои дигаргунсозии инноватсияҳо”, ҳавасмандкунии талабот ба маҳсулоти инноватсионӣ ва ғайра.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ муваффақияти чунин усулҳои ғайримустақими танзимро тасдиқ мекунад: пешниҳоди қарзҳо, кам кардани фоизи андоз аз даромад, қарзи андозӣ барои зиёд кардани ҳаҷми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, истисно аз фоида, хароҷотҳои ҷории, реҷаи имтиёзноки андозбандии хароҷотҳо барои байни ҳамкории ширкатҳо, озодкунӣ аз пардохти андоз аз даромад ва сармояи хавфи ширкатҳои инноватсионӣ.

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, амалияи ватании дастгирии фаъолияти инноватсионӣ ба таври кофӣ самаранок нест. Афзалият танҳо ба усулҳои идоракунии мустақим дода мешавад. Ба андешаи мо, такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ бояд дар асоси мониторинги вазъи рушди инноватсионии иқтисодиёти минтақа, пешгӯии тамоюлҳои рушди технологияҳо, сурат гирад. Дар тафовут бо аксари кишварҳои ҷаҳон, қонунгузории ватанӣ ҳавасмандгардонии ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетиро ба соҳаи инноватсионӣ пешбинӣ намекунад, хароҷотҳои соҳаи саноат барои тадқиқоту коркардҳои илмӣ ҳавасманд намешаванд, инчунин сармоягузориҳо ба бахши инноватсионӣ аз ҷониби бонкҳо ва дигар сармоягузороне, ки фаъолона сармояи венчуриро истифода мебаранд, ҳавасманд намешаванд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 пешбинӣ мекунад «рушди иқтисоди миллӣ гузариши марҳилавии аз модели агросаноатӣ ба модели рушди индустриалӣ-аграрӣ, бо дарназардошти истифодаи маҷмӯии иқтидори соҳаҳои саноат, дар асоси васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин мекунанд, дар назар дорад»[4]. Ин самтҳо дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ, таҳлил ва умумикунонии амалия, баҳогузорӣ ва моделсозии равандҳои ҷамъиятию истеҳсолӣ ва ғайра, ташаккул ёфтаанд.

Самтҳои стратегӣ метавонанд барои таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва ҷории мақомотҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҳама сатҳҳо, ҷиҳати рушди ин соҳа дар давраи дахлдор, истифода шаванд. Инчунин ба максад мувофиқ ба назар гирифтани ин самтҳо, ҳангоми мутобиқ намудани тадбирҳо оиди навсозии иқтисодиёт ва соҳаи кишоварзии кишвар, коркарди механизмҳои самарабахши татбиқи ислоҳот ва ғ. мебошад.

Барои рушди раванди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармон дар бораи «Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 3 марти соли 2014, № 144) қабул гардид. Тибқи консепсияи мазкур, раванди инноватсионӣ бояд ба истифодаи самараноки иқтидори илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани нақши илми соҳавӣ дар баланд бардоштани иқтисодиёти истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шавад.

Аз рузи қабули “Стратегияи рушди инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020” ҳафт сол сипарӣ гашт, аммо “мутаассифона, то ҳол дар кишвар дастовардҳои мушаххас дар ин самт вуҷуд надоранд, ҳатто дар асоси он ки бо мақсади татбиқи стратегия аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳо аз 15 июни соли 2015, таҳти № 67 «Дар бораи нақшаҳои чорабиниҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо оид ба иҷрои нақшаҳои чорабиниҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, № 354 «Дар бораи Стратегияи рушди инноватсияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2020» тасдиқ ва эътироф карда шуда буд”.[4] Ҳамзамон Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 номгӯи муҳимтарин лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои татбиқ дар истеҳсолот дар давраи то соли 2030 ба нақша гирифта шудаанд.

Аз ин рӯ, мо консепсияи рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии фаъолгардонии фаъолияти инноватсиониро дар комплекси агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод менамоем, ки татбиқи он метавонад тибқи алгоритми зерин (расми 1.) амалӣ карда шавад.



Расми 1. Алгоритми татбиқи консепсияи рушди механизми ташкилӣ-иқтисодии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии вилояти Хатлон.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Амалишавии чунин самтҳо, ба монанди баланд бардоштани сатҳи дастгирии давлатӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, рушди механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар комплекси агросаноатӣ, коркарди усулҳои дахлдори ҳалли масъалаҳоро дар назар дорад, аз ин ру дертар, мо оиди онҳо муфассалтар истода мегузарем.

Бо мақсади ташкили фаъолият оид ба татбиқи Консепсия пеш аз ҳама, барномаи татбиқи Консепсияро таҳия намудан зарур аст. Дар баробари ин, принсипҳои асосии ташкили низоми идоракунии татбиқи барнома, бояд инҳо бошанд: таъмини ягонагии меъёрӣ, методологӣ ва иттилоотии барнома; иштирок дар таҳияи барнома намояндагони мақомоти ҳокимият, субъектони бизнеси аграрӣ ва илм.

Муҳимтарин шарти таҳияи барномаи самаранок (қобилиятнок) ин алоқаи банақшагирӣ, татбиқ, назорат ва арзёбии самаранокии татбиқи он ба ҳисоб меравад. Аз ин ру, нақшаи муфассали чорабиниҳо оид ба амалӣ гардондани барнома, инчунин низоми нишондиҳандаҳои мақсаднокро тартиб додан аз манфиат холӣ нест.

Пас аз ин эҳтиёҷот ба маблағгузории чорабиниҳои барномавиро муайян кардан зарур аст. Дар баробари ин манбаъҳо (маблағҳои буҷети давлатӣ ва вилоятӣ), инчунин механизм ва воситаҳои маблағгузорӣ (шартномаҳо, қарзҳо, лизинг ва ғайра) муайян карда мешаванд. Дар ин марҳила инчунин иҷрокунандагони масъул ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои пулӣ бояд муайян карда шаванд. Илова бар ин, хавфҳои имконпазир барои ноил шудан ба ҳадафҳои барнома бояд таҳлил карда шаванд, инчунин усулҳои беҳтари идоракунии давлатии онҳо бояд муайян карда шаванд.

Бо мақсади ташкили фаъолият оид ба татбиқи Консепсия пеш аз ҳама, барномаи татбиқи Консепсияро таҳия намудан зарур аст. Дар баробари ин, принсипҳои асосии ташкили низоми идоракунии татбиқи барнома, бояд инҳо бошанд: таъмини ягонагии меъёрӣ, методологӣ ва иттилоотии барнома; иштирок дар таҳияи барнома намояндагони мақомоти ҳокимият, субъектони бизнеси аграрӣ ва илм. Муҳимтарин шарти таҳияи барномаи самаранок (қобилиятнок) ин алоқаи банақшагирӣ, татбиқ, назорат ва арзёбии самаранокии татбиқи он ба ҳисоб меравад. Аз ин ру, нақшаи муфассали чорабиниҳо оид ба амалӣ гардондани барнома, инчунин низоми нишондиҳандаҳои мақсаднокро тартиб додан аз манфиат холӣ нест.

Илова бар ин, ба андешаи мо, барои таъмини самараи бештар, ҳам чорабиниҳои барномавӣ ва ҳам нишондиҳандаҳои мақсаднок бояд мувофиқи нишондодҳои мақсадноки стратегияи рушд, дар сатҳи дахлдор (миллӣ, минтақавӣ) таҳия карда шаванд. Дар асоси ҳадафҳои дар «Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» муқарраргардида, низоми зерини нишондиҳандаҳои мақсаднок пешниҳод карда мешавад: афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ (бо нархҳои муқоисашаванда); зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо; индекси ҳаҷми табии маблағгузориҳо ба сармояи асосии соҳаи кишоварзӣ; даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ (бо назардошти дотатсияҳо); вазни қиёси хароҷотҳо барои хариди захираҳои энергетикӣ дар сохтори хароҷотҳои барои истеҳсолоти асосии маҳсулоти кишоварзӣ. Қисми ҷудонашавандаи таъмини мутобиқати чорабиниҳои барномавии стратегия, ин дар ояндаи наздик ташаккул ва истифодаи низоми ташхис дар асоси принсипҳои объективӣ, салоҳиятнокӣ ва мустақилият ба ҳисоб меравад. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш метавон чорабиниҳои барномавӣ ва нишондиҳандаҳои мақсаднокро ислоҳ кард.

Таъмини ташкилӣ-таҳлилии фаъолияти шуроро мақомоти вилоятӣ анҷом дода метавонад. Дар баробари ин, шӯрои ҳамоҳангсоз, ба андешаи мо, вазифаҳои зеринро ба амал мебарорад:

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ дар доираи барномаи татбиқшаванда;
- баррасии маводҳо оид ба татбиқи чорабиниҳои барномавӣ;
- ташкили санҷишҳо оид ба иҷрои чорабиниҳои барномавӣ, истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳо, ки барои амалисозии барнома ҷудо гардидаанд;
- пешниҳоди тавсияҳо оид ба ислоҳкунӣ ва иҷрои самарабахши чорабиниҳои барномавӣ, бо назардошти рафти татбиқи барнома ва тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаи дахлдор;
- арзёбии натиҷаҳои ташхиси лоиҳаҳо ва чорабиниҳо, ки барои татбиқ пешниҳод шудаанд, вобаста ба мазмун ва арзиши онҳо.

“Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, самаранокии фаъолияти низомҳои миллии инноватсионӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешрафти илмӣ-техникӣ, аҳамияти бештарро пайдо мекунад, ки на танҳо сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда ва давлатро умуман муайян мекунад, балки барои таъмини амнияти миллии кишвар замина ба вуҷуд меоварад. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ, дар иқтисоди ҷаҳонӣ дигаргуниҳои назарраси сохторӣ ба амал меоянд” [8].

Хулоса. Ба андешаи мо дар сурати ба амал баровардани тадбирҳои болозикр, иқтисодиёти минтақа метавонад натиҷаҳои зеринро ба даст оварад:

1. Дастгирии қарзии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои соҳа, ҳавасмандкунии татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро таъмин менамояд. Дар натиҷа шумораи корхонаҳои инноватсионӣ, ҳаҷми умумии хароҷотҳо ба навовариҳо, азнавсозии таҷҳизот ва технологияҳо, таъминоти барномавии корхонаҳо меафзояд.

2. Андозбандии имтиёзноки даромади корхонаҳои навтаъсиси илмталаб, метавонад ба якбора зиёд шудани шумораи корхонаҳои инноватсионӣ, ҳаҷми истеҳсоли технологияҳои баланд, содироти маҳсулоти дорои технологияҳои баланд, азнавсозии технологияҳо ва ҳавасмандкунии фаъолияти ихтироъкории ватанӣ, мусоидат кунад. Ҷорӣ намудани ҳавасмандкунии андозӣ барои тадқиқотҳо ва коркардҳои инноватсионӣ, дар шакли кам кардани андоз аз даромад ба маблағи баробар ба як қисми муайяни хароҷоти корҳои тадқиқотӣ ва коркардҳо дар

давоми соли молиявӣ, захираҳои молиявии корхонаҳоро афзун намуда, барои ширкатҳои инноватсионӣ барои гузаронидани тадқиқотҳо ҳавасмандӣ ба вуҷуд меорад.

3. Мутобиқ намудани стандартҳои ватанӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, ба ҷорӣ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои нав имкон дода, дар ниҳояти кор ба ҳаҷми инноватсияҳо дар корхонаҳо таъсир мерасонад ва ба фаъолияти инноватсионии онҳо мусоидат мекунад. Стандартҳои байналмилалӣ барои рафъи монеаҳои мавҷуда, ки ба содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон монеъа мешаванд, ва ба корхонаҳо ба бозорҳои байналмилалӣ баромадан мусоидат мекунанд.

4. Дастгирии давлатии нақшаҳои самараноки молиявии сармояи венчурӣ, доираи захираҳои беруниро барои маблағгузории фаъолияти инноватсионии корхонаҳои соҳа васеъ менамояд.

5. Барномаҳои давлатии маблағгузории озмунии давлатӣ барои корхонаҳои бахшҳои афзалиятнок, ба онҳо дар бартараф намудани маҳдудиятҳои захиравии вобаста ба ҳаҷм, дар талошҳои онҳо барои рушд ва рақобатпазир шудан, на аз ҳисоби нархи паст, балки тавассути истеҳсоли маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ, кӯмак хоҳад кард.

6. Маблағгузории давлатии фаъолияти якҷояи корхонаҳо ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, захираҳои маблағгузории тадқиқотҳои илмӣ ва коркардҳои ватаниро диверсификатсия мекунад.

7. Барномаҳои мусоидат ба байналмиллаликунонии корхонаҳо ба фарҳанги умумии инноватсия ва соҳибкорӣ дар кишвар таъсир мерасонад. Соҳибкорон аз ширкат дар чорабиниҳои байналмилалии бизнес ва инноватсияҳо баҳра бурда, бо ин тариқи шарикони худро аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ азхуд намуда, робитаҳои кориро барқарор намуда, маҳсулот ва хидматрасониҳои худро пешкаш мекунанд.

Адабиёт

1. Инновационная деятельность в аграрном секторе экономики России. Под редакцией И.Г. Ушачева, Е.С. Оглоблина, И.С. Санду, А.И. Трубилина. Москва-2007. С. 364
2. Консепсияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=31828
3. Наимов Д.М. Инновационные процессы в аграрном секторе Республики Таджикистан: сущность и проблема развития. «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки» №1(28) 2019 Alley-science.ru
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. - Душанбе, 2016. - С.88.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон, Маҷмуаи оморӣ. - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2023. – 207 с.
6. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. Приложение к постановлению Правительства Республики Таджикистан от «30» апреля 2021 года, №168
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030. https://mfa.tj/tg/main/view/2104/strategiyai-millii-rushdijumhurii-tojikiston-baroi-davrai-to-soli-2030
8. Шарофов У. Модернизация в АПК и продовольственная безопасность Таджикистана. Кишоварз, ТАУ им. Ш. Шотемур. Душанбе. -2014. №1. С.52-55.

УДК: 336.748.12

СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ТАВАРРУМ ВА РОҲҲОИ АСОИИ ПЕШБУРДИ ОН ДАР ЧУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Акрамҷон Мирзошоевич

докторант (PHD)-и ихтисоси 6D050900 - молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел: 987242534.

Иқтисодиёти миллӣ як низоми мураккабест, ки дар он тамоми мувозинатҳои иқтисодӣ ба таври баробар бояд амал намуда нишондиҳандаҳои рушди онҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин гарданд. Дар ҳамин замина яке аз масъалаи асоие, ки дар доираи салоҳиятҳои давлат бо ниҳодҳои дахлдор бояд зери назорати доимӣ қарор дода шавад, ин идораи дурусти сиёсати пулӣ ва пешбурди сиёсати зиддитаваррумӣ мебошад, ки онро муаллифи рисола дар доираи як қатор таҳлилҳо баррасӣ гардидааст. Дар ҳамин замина муаллифи рисола заминаҳои бавуҷудоии таваррумро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода дар он як қатор омилҳои муҳим ва таъсиррасонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд гуфт, ки муаллиф барои дастёбӣ ба мақсадҳои таҳқиқот ба таъсири вобастагии ҳаҷми пул ва таваррум дар шароити муосир бюарои солҳои 2020-2024 бо %, таркиби иқтисодӣ ва соҳавӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, ҷараёни тағйирёбии сатҳи таваррум вобаста ба соҳа ва сохторҳо дар солҳои 2017-2022 бо %, нишондиҳандаҳои меъёрии таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ ва маҳсулотҳои дохилӣ дар солҳои 2017 2024 бо (%) ва монанди инҳоро баррасӣ намуда ба натиҷаҳои назаррас мебошанд.

Кадидвожаҳо. Тавarруми пул, сиёсати таваррумӣ, сиёсати зиддитаваррумӣ, механизмҳои молиявӣ, имтиёзҳои ғайримолиявӣ, идоракунии таваррум, болорвии нархҳо, омилҳои берунӣ, омилҳои дохилӣ.

ПОЛИТИКА УПРАВЛЕНИЯ ИНФЛЯЦИЕЙ И ОСНОВНЫЕ ПУТИ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Мирзоев Акрамжон Мирзошоевич

докторант (PHD) по специальности 6D050900 - финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: 987242534

Национальная экономика представляет собой сложную систему, в которой все экономические балансы должны функционировать одинаково, а показатели их развития должны обеспечиваться на необходимом уровне. В этом контексте одним из главных вопросов, которые должны постоянно контролироваться в рамках полномочий государства соответствующими институтами, является надлежащее управление денежно-кредитной политикой и реализация антиинфляционной политики, что автор диссертации рассмотрел в ряде анализов. В этом контексте автор диссертации проанализировал и рассмотрел основы возникновения инфляции, а также ряд важных и влиятельных факторов. Следует отметить, что для достижения целей исследования автор изучил влияние зависимости объема денежной массы и инфляции в современных условиях за 2020-2024 годы в %, экономико-отраслевой структуры в современных экономических условиях, процесса изменения темпов инфляции в зависимости от сектора и структуры в 2017-2022 годах в %, нормативных показателей инфляции по импортным и отечественным товарам в 2017-2024 годах в (%) и т.п., и пришел к значимым результатам.

Ключевые слова: Денежная инфляция, инфляционная политика, антиинфляционная политика, финансовые механизмы, нефинансовые выгоды, управление инфляцией, рост цен, внешние факторы, внутренние факторы.

INFLATION MANAGEMENT POLICY AND KEY IMPLEMENTATION PATHS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Mirzoev Akramjon Mirzoshoevich

PhD candidate specializing in Finance (Code 6D050900) at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street,. Tel.: 987242534.

The national economy is a complex system in which all economic balances must function equally, and their development indicators must be maintained at the required level. In this context, one of the key issues that must be constantly monitored by the relevant state institutions within their authority is the proper management of monetary policy and the implementation of anti-inflationary policies, which the author of this dissertation examined in a number of analyses. In this context, the author analyzed and examined the foundations of inflation, as well as a number of important and influential factors. It should be noted that to achieve the research objectives, the author examined the relationship between the money supply and inflation in current conditions for 2020-2024 (in %), the economic and sectoral structure in current economic conditions, the process of inflation rate changes depending on the sector and structure in 2017-2022 (in %), standard inflation rates for imported and domestic goods in 2017-2024 (in %), and other factors, arriving at significant results.


Keywords: Monetary inflation, inflation policy, anti-inflation policy, financial mechanisms, non-financial benefits, inflation management, price growth, external factors, internal factors.

Муқаддима. Тазодҳои иқтисодӣ дар муҳити институтсионалӣ ва ҷомеаи васеъ инкишофёфта аз он равишҳое мебошад, ки барои суботи иқтисодӣ ва ҷомеа ба таври доимӣ пайгири тамоюлҳои ба ояндаи рушд нигаронидашуда мебошад. Сиёсатҳои ба ҳам алоқаманд дар шароити имрӯза як занҷираи мураккаберо ташаккул медиҳанд, ки дар он омилҳои хатарафзо ва ба рушд нигаронидашуда ба таври доимӣ дар ҷараён мебошанд. Дар баробари ҳамаи ин як механизми мураккаб дар муносибатҳои пулӣ ин сиёсати таваррумӣ мебошад, ки он дар муқоиса бо дигар сиёсатҳо меҳварияти васеъро касб менамояд. Зеро дар ҷомеаи иқтисодӣ таваррум ва сиёсти зиддитаваррумӣ ягона унсуре мебошад, ки он дар тамоми арсаҳо ба воқеиятиҳои иқтисодӣ ба вучуд омада худро ҳамчун зҳуроти тамаддунӣ дар чандин арсаҳо мушаххасан муаррифӣ намудааст. Бар ҳамин асос метавон иброз намуд, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар сатҳи сиёсатҳои ҷудогона ба ҷомеаи иқтисодӣ ва молиявию пулӣ метавонад пайвастагии ҷудонопазир дошта бошад, ин сиёсати зиддитаваррум дар заминаи таъмини мувозинатҳои мураккаби иқтисодӣ мебошад. Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ бар меояд таваррум ҳачун ҳодисаи хатарнок таърихи чандинҳазорсола дошта ватани аслии он дар марҳалаи аввал давлатҳои абалқудрат ва пешрафта ва дар навбати дигар давлатҳои дар ҳоли рушд қарордошта мебошанд. Бояд Ёдовар шуд, ки дар заминаи мушаххасотҳои илмӣ ва додаҳои марбут ба таърихи пайдоиши ин воқеаи иқтисодӣ бояд ёдовар шуд, ки дар навбати аввал мафҳуми таваррум аз ҷониби иқтисоддони амрикой А. Делмар истифода шудааст, ки дар он даврои олими масзкур асолат ва пайдоиши муътамади онро дар доираи сабаби ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА ба солҳои 1861-1865 рабт медиҳад[8.176].

Методология. Тибқи сарчшмаҳо таваррум аз он хотир, ки оқибатҳои ногуворр ва хатарафзоро ба ҳамроҳ дорад барои идораи босамари и он сиёсатҳои алоқамандро дар сатҳи зарурӣ истифода мебаранд ва ин метавонад як қатор ҷараёнхои печидаро баҳамроҳ дошта бошад.

Дар сиёсатҳои мавҷудаи таваррумӣ асосан сиёсатҳои дугона барои идораи босамари таваррум ва раҳои аз оқибатҳои ногувори он одамони алоҳида ва корхонаҳо бо роҳҳои гуногун маблағҳои пулии худро аз таъсири манфии ин раванди номатлуб ҳимоя менамоянд Вобаста ба ин ба маврид қайд гардидааст, ки "...танзим ва ё дар сатҳи барои ҷамъият мусоид нигоҳ доштани таваррум вазифаи ҳукумат аст, ки барои пешбурди сиёсати дурусти макроиқтисодӣ таъмин карда мешавад[8.202]. Ҳамин масъалаи муҳим ва ҳадафи давлатист, ки дар арсаи иқтисодӣ сиёсати зиддтаваррумӣ истифода мегардад ва оон метавонад ба як қатор нишондиҳандаҳо мавриди арзёбӣ қарор гирад.


Дар Ҷомеаи иқтисодӣсиёсати идоракунии тваррум ба сиёсати зиддитаваррумӣ асос меёбад, ки асоси онро истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ва мустақими идоракунӣ дар заминаи унсурҳои пулӣ ва танзими онҳо дар бар мегирад. Вобаста ба мураккабии сиёсати зиддитаварруми метавон гуфт, ки ин сиёсат метавонад равандҳои мушобеҳро дар бар гирад, ки он аз як қатор унсурҳои мушобеҳ ва алоқаманд иборат мебошанд ва ин масъалаҳоро ба таври фарогир чунин мушоҳида намудан мукин аст. (нигар расми 1)



Расми 1. Сохторбандии сиёсати таваррумӣ ва зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Натиҷаҳо. Дар сиёсати иқтисодии давлат яке аз масъалаҳои асоие, ки бевосита ба воситаи он фаъолнокии иқтисодиёт таъмин карда мешавад, ин сиёсати таваррумӣ мебошад, ки он бо роҳи сиёсати зиддитаваррумӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ дар сиёсати иқтисодӣ вобаста ба муносибатҳои пулӣ ва амалиётҳои пулӣ ду сиёсати ба ҳам алоқаманд ҷой дорад. Марҳалаи аввали танзими сатҳи тавррум вобастаги дорад аз сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ ва дар заминаи ин таъмин намудани муомилоти босамари пулӣ. Тавре, ки аз таҳлилҳо бар меояд дар шароити идорашавандагии таваррум вобаста ба самаранокии муомилоти пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт идораи таварруми пул иконпазир ва сатҳи хавфи иқтисодии он бамаротиб коҳиш меёбад. Сиёсати таварруми дар шароити имрӯзаи Тоҷикстон ба нигоҳ доштани мувозинати ҳаҷми самаранок пул бидуни болоравии қурби пули миллӣ нисбат ба дигар асъорҳоро дар назар дорад. Илова бар ин метавон гуфт, ки ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки идорашавандагии таваррум дар шароити имрӯза аз ҳисоби ҳаҷм ва ҳиссаи самарноки пулӣ имконпазир гардад. (нигар дигарраммаи 1)

Диаграммаи 1. Таъсири вобастагии ҳаҷми пул ва таваррум дар шароити муосир бюарои солҳои 2020-2024 бо %



Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон[11.3]. Сомонаи https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024.


Муҳокима. Муҳити идоракунии таваррум раванди васеъ ва печидаест, ки дар он тамоми омилҳо дар равандҳои лаҳзаи метавонад вобаста ба соҳа ва сохтор таъсири гуногун расонанд. Бинобар ин дар баррасии масъалаҳои марбут ба сиёсати таваррумӣ ва таваррумӣ ин ду масъалаи асосиест, ки дар он аз як тараф омилҳои пулӣ ва аз тарафи дигар омилҳои ғайрипулӣ ё мукаммалан истеҳсолӣ мебошанд. Тавре аз таҳлили даграммаи 1 бар меояд суръати ҳаҷми пули дармуосилотбуда дар Тоҷикстон новобаста аз истифодаи як қатор воситаҳои ҳозиразамони ҷойгузинӣ аниқтараш пулҳои электронӣ ва пардохтҳои электронӣ ҳамон суръати рушди ҳаҷми пулидармуомилотбуда дар таносуб бо таваррум назаррас мебошад. Тавре аён аст агар соли 2020 суръати рушди ҲПНДМ 17,8%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 28,8%-ро ташкил намуд, ки ин нишондод дар муқоиса ба соли базавӣ зиёд ва назаррас мебошад. Дар радифи ин масъала бояд қайд намуд, ки тансими самаранокии ҳаҷми пул вобаста ба нишондиҳандаҳои болоравии назаррас таъсири ками таваррумро дошта он қариб таъсири манфи надорад.

Ҳамчунин метавон гуфт, ки дар баралелии таҳлили нишондиҳандаҳо таъсири ками ҳаҷми пул ба тавррум муаян карда мешавад. Зеро агар дар соли 2020 рушди ҳаҷми пул 17,8 ва сатҳи таваррум 9,5%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар заминаи паралелӣ тамоили фарққунандаро касб намуда дар ин давра рушди ҳаҷми пул 28,8% ва сатҳи таваррум 3.5%-ро ташкил намудаст, ки ин нишондиҳанда тамоили коҳишёбиро бо сабаби босамаргардидии муомилоти пулӣ аз ҳисоби як қатор омилҳо ин нишондиҳанда танзим гардид. Ҳамаи нишондиҳандаҳо дар самти идорашавандагӣ ба танзими муомилоти пулӣ ва таваррум вобаста мебошад. Тавре зикр гардидааст "...танзими муомилоти пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт боиси таъмини бехатарии иқтисодӣёт ва ба қадри кофӣ таъмин намудани иқтисодиёт бо пул мебошад"[7.306].

Пас аз ин маълум мешавад, ки дар шароити фаъол будани бахшҳои истеҳсолию иқтисодӣ зиёдшавии ҳаҷми пул ба болоравии таваррум боис намегардад. Мо барои босамаргардонии сиёсати таваррумӣ бояд чораҳои зерин ҳамчун масъалаи асоӣ бошанд:

1. Нақшагирии дуруст дар пешниҳоди пули нақд ва идораи муромилоти пулӣ;
2. Дигаргуннамоӣ ва мутобиқсозии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсатҳои зиддитаваррумӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ;
3. Бештар намудаи муомилоти пулҳои ғайринақдӣ байни аҳолӣ ва тақвияти пулҳои нақдӣ байни субъектҳои иқтисодӣ;
4. Маҳдудкунии нақавӣ ва дар заминаи ин баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии малакат ва монанди инҳо.

Дар ин замина аз нуқтаи назари таркибӣ бошад гуфтан мумкин аст, ки дар айни замон таваррум на асоси пулӣ балки асоси иқтисодӣ дорад, ки он бевосита дар заминаи сиёсати дефилатсионӣ ё зиддинархӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Дар сурати амали намудани як қатор иқдомҳои ҳадафманд мо метавонем аз як шакли зуҳурёбии таваррум дар амон монда бештар ба сиёсати зиддитаваррум тавассути фаъолгардонии равандҳои истеҳсолот мубориза намоем. Бинобар ин барои бештар шинос шудан ба равандҳои таваррумӣ ва сиёсати зиддитаваррумӣ мо ин равандро аз нуқтаи назари таркибӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ додем. Дар Тоҷикстон таваррумӣ пул дар сатҳи сиёсати зиддитаваррумӣ аз ҳисоби омилҳои иқтисодӣ дар замсинаи гурӯҳи молҳо, ки дар сабати истеъмолӣ ба қайд гирифта шудаанд ҳисоб карда мешавад. Дар ҳамин замина аз нуқтаи назари иқтисодӣ аз ҳисоби омилҳои иқтисодӣ таваррум барои пешгирӣ аз 3 нуқтаи назар мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. (нигар расми 2)



Расми 2. Таркиби иқтисодӣ ва соҳавӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Тақсимбандии таваррум аз нуқтаи назари таркиби имкон медиҳад, ки вобаста ба заминаҳои бавуҷудоии таваррум чораҳои зарурӣ андешида шуда дар амалкардҳои зиддитаваррумӣ вазъи муқаррарии таваррумӣ идора карда мешаванд. Вобастаа ба расми овардашуда ҳаминро бояд гуфт, ки се самт ва сохтори асосии муаянкунии сатҳи таваррум ҷой дорад, ки ҳамаи ин метавонад ҳиссаи муаяни таваррумро дар бар мегирад. Бинобар ин дар иқтисодиёти имрӯза омили асоии идоракунии таваррум вобаста ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ таварруми хурокворӣ мебошад ва ин метавонад омили ё ҳамчун замина дар алоқамандӣ бо дигар шаклҳои таваррум мебошад. Дар давоми 3-4 сол қабл таварруми хурокворӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои таваррум ҳиссаи асосиро ишғол менамуд ва он дар давоми 2-3 соли охир бо сабаби фаъолнокии истеҳсолот дар сатҳи маҳсулотҳои хурокворӣ ва ғанигардонии буҷети давлатӣ ин ҳиссаи тамоили коҳишёбиро касб намудааст. Тибқи сарчашма ва маълумотҳои таҳлилгардида ва арзёбии дурусти мушаххасотҳои ҷойдоштаи таваррумӣ ҳиссаи онро дар дар сатҳи таркибӣ вобаста ба сохторҳои алоҳида мушаххасан мушоҳида намудан мумкин аст. (нигоҳе ба ҷадвали 1)

Ҷадвали 1. Ҷараёни тағйирёбии сатҳи таваррум вобаста ба соҳа ва сохторҳо дар солҳои 2017-2022 бо %

Тағйирёбии таваррум нисбат ба охири давраи қаблӣ	Солҳо								Нисбат ба 2017 б.ф
	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
	6,7%	5,4%	8,0%	9,4%	8,0%	4,2%	3,7	3,5	-3,2б.ф
Хӯрокворӣ	7,5	5,0	10,9	13,0	7,3	5,1	3,6	2,2	-5,3б.ф
Ғайрихӯрокворӣ	4,4	6,0	4,2	5,8	7,5	3,2	4,7	5,1	+0,7б.ф
Хизматрасонӣ	7,7	4,9	5,5	4,0	11,3	2,0	2,0	4,8	-2,9

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон[11.3]. Сомонаи https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024.

Дар ҳамин замина барои муаян намудани таваррум дар сатҳи қобили эътимод истифодаи сабати истеъмолӣ муҳим ва зарур мебошад, ки онро дар ҷадвал аз нуқтаи назари институтсионалӣ ё гурӯҳӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем. Зеро дар сиёсати пулию қарзии давлат яке аз ҳадафҳои асосии Бонки миллии Тоҷикстон ин ҳадафгирии таваррум мебошад, ки нигоҳ доштани мувозинат ва меъёри қобили эътимод яке аз ҷузъҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Тавре аз сарчашмаҳо бар меояд «…шарҳи таваррум таҳлили раванди тағйирёбии сатҳи нархҳои истеъмолӣ дар кишвар, омилҳои ба он таъсиррасон, аз ҷумла омилҳои мансуб ба талабот, вазъи иқтисоди дохилию берунӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодиро барои давраҳои оянда дар бар мегирад»[9.3]. Тавре, ки маълум аст мувозинатҳои пулии таваррум аз тарафи БМТ ва мувозинатҳои иқтисодии он аз тарафи давлат ва субъектҳои иқтисодӣ ва умуман бозор ба танзим дароварда мешавад. Тавре, ки аз маълумотҳои диаграммаи мазкур бар меояд сатҳи таваррум аз ҳисоби молҳои хурокворӣ агар дар соли 2020 7,5%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 2,2% баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли баззавии таҳлилӣ 5,3 банди фоизи кам мебошад, ки ин як мувафақияти калони институтсионалӣ мебошад. Ва дар ҳамин асос мо сабаби бамаротиб коҳиш ёфтани таваррумро дар шароити имрӯзаи Тоҷикстон аз омилҳои зерин вобаста медонем:

1. Ҳавасмандгардии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои хурокворӣ ва имкони бештар пайдо намудани онҳо дар истеҳсолот ва бозор;
2. Кам гардидани ҳиссаи маҳсулотҳои хориҷӣ ва дар заминаи ин додани имконият ба истеҳсолкунандагони дохилӣ;
3. Ҷоннок гардидани истеҳсолот ва имтиёзнок гардидани истеҳсоли молҳои хурокворӣ;

4. Зиёд шудани талабот ба молу маҳсулотҳои хорокӣ ва дар бозор нигоҳ доштани мувозинати таъмини бозор бо молҳои хурокворӣ ва ғ.

Тавре маълум аст ҳамоно зиёд будани вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон ба молҳои ғайрихурокворӣ идорашавандагии таваррумро дар як ҳолати муқаррарӣ душвор мегардонад, ки ҳамаи ин метавонад то як андоза ба болоравии таваррум таъсир расонад. Тавреки аз таҳлил бар меояд таваррум аз ҳисоби молҳои ғайрихурокворӣ агар дар соли 2020 4,4%-ро ташкил намуда бошад пас ҳамин нишондиҳанда дар соли 2024 5,1%-ро ташкил намуда он дар таносуб ба соли таҳлилӣ 0,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст, ки ин зиёдшавӣ ба андешаи мо аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1. Вобастагии иқтисодиёти мо то як андоза аз ҳисоби молҳои ғайрихуроквории хориҷӣ;
2. Мавҷудияти қолабҳои боқимондаи солҳои пеш дар сатҳи воридоти молҳои хориҷии ғайрихурокворӣ;
3. То як андоза доштани бартарии нархӣ ва хароҷотӣ дар муқоиса бо истеҳсолоти дохилӣ ва монанди инҳо.

Дар натиҷаи вусъати доимии техника ва технологияҳои мусои ва авҷ гирифтани бозори рақобат барои бартарии бештар ва гирифтани суди бештар нархи хизматрасониҳо дар самту соҳаҳои гуногун коҳиш ёфт, ки ба коҳиши сатҳи таваррум боис гардид. Тавре аз таҳлилҳо бар меояд агар сатҳи таваррум аз ҳисоби хизматрасониҳо соли 2020 7,7%-ро ташкил намуда бошад ин нишондод дар соли 2024 4,8%-ро ташкил намудааст, ки мутаноибан бо муқоисаи соли таҳлилӣ -2,9 банди фоизи коҳиш ёфтааст, ки ин коҳишёбӣ ба андешаи мо метавонад омилҳои зериро дар бар гирад:

1. Камбудани сатҳи вобастагии корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун дар пешниҳоди хизматрасонӣ ба муҳити беруна;
2. Мавҷудияти рақобати комил дар бани муассиса ва корхонаҳои хизматрасон ба аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ;
3. Содда гардидани пешниҳоди хизматрасониҳои сатҳи гуногун дар шароити вусъат пайдо кардани истифодаи техника ва технологияҳои мусоири гуногун ва ғ. Дар ҳамин замина олимон бар он назаранд, ки "...омӯзиши муомилоти пулӣ нишон медиҳад, ки таваррумӣ пул таърихи тӯлонӣ дорад"[8.176]. Бинобар ин метавон гуфт, ки мубориза бар ин ҳолати номатлуби иқтисодӣ метавонад идомадор бошад.

Бамаврид зикр гардидааст, ки "...дар шароити имрӯза агар болоравии нархҳо дар давраи ҷорӣ барои истеҳсолкунанда мувақатан таъсири мусбат дода бошад, дар оянда он меъавонад боиси барзиёдии мол ва бемайлон коҳишёбии нархҳо гардад, ки аз як тараф ба истеҳсолкунанда аз дигар тараф ба буҷети давлат таъсири манфӣ мерасонад"[1.143]. Дар ҳамин замина коҳиши таваррум аз ҳисоби нархи хизматрасониҳо метавонад бо боло гирифтани сатҳи рақобат ва мубориза барои бартарӣ метавонад дар чанд соли оянда аз ҳисоби ин коҳиш пайдо намояд. Барои баррасӣ ва арзёбии таркибии таврруми мо раванди маҷмӯии таваррумро дар доираи ду унсури асоси: маҳсулотҳои дохилӣ ва маҳсулотҳои берунӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем, ки натиҷаи ин таҳлилро дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон дар ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои меъёрии таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ ва маҳсулотҳои дохилӣ дар солҳои 2017 2024 бо (%)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо								Нисбат ба 2017 б.ф
	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
Маҳсулотҳои воридотӣ	1,7	3,2	1,0	2,2	8	1,8	0,3	0.9	-0,8 б.ф
Маҳсулотҳои дохила	3,8	2,2	2,8	2,0	2,5	2,4	2,7	2,2	-1,8 б.ф

Манбаъ: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, Сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj, шарҳи таваррум 2017-2022.

Дар таҷриба ҳаминро мушаххас намудан ба маврид аст, ки равандҳои омилии идоракунии таваррум бо ҷараёнҳо ва муҳитҳои васеъ иборат мебошанд ва онҳо метавонад як равандҳои марҳалавиро ба ҳамроҳ дошта бошанд. Таре маълум аст дар шакли нисбатан васеътар таваррум ба маҳсулотҳои воридотӣ, ки дар он ҳиссаи хориҷиҳо нақши асосӣ дорад ба назар мерасад. Бинобар ин дар муҳити кушод идоракунии он барои додани имконият ва бар тари ба истеҳсолкунандагони дохилӣ нақши калидӣ дорад. Бо ҳамин мақсад зарурияти тақвияти ва пешбурди раванди идораи таваррум бобаназаргирии таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар сатҳи амиқ муаяншуда яке аз масъалаҳои сосие мебошад, ки ба воситаи он идораи дурусти таваррум боназардошти ислоҳи муаммоҳои таъсиррасон имконпазир мегардад. Дигар олимон бар он назаранд, ки "...асосан болоравии нархи молҳо ва хизматрасониҳо, ки чун таваррум маълум аст, яке аз нишондиҳандаҳои таъсиррасон ба ҳамаи индикаторҳои иқтисодиёт мебошад"[6.135].

Таре аз таҳлилҳо бар меояд боназардошти маҳдуд кардани ҳиссаи бахши хориҷӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ аз ҳисоби номгӯи молу маҳсулотҳои гуногун ин тамоил рӯ ба пастравӣ дорад. Тавре маълум аст агар соли 2017 сатҳи таваррум аз ҳисоби маҳсулотҳои воридотӣ ба 1,7% баробар гардида бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 0,9 банди фоизӣ баробар гардидааст, ки дар таносуб ба соли таҳлилшаванд - 0,8 банди фоизӣ кам гардидааст. Маҳсулотҳои дохилӣ низ дар ҳмин радиф тамоили коҳишёбиро касб намуда рӯ ба пастравӣ доранд.

Зеро тибқи таҳлилҳо агар соли 2017 таваррум аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ 3,8%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 2,2% баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда -1,8 банди фоизӣ кам мебошад. Илова бар ҳамаи ин танзими таваррум ва истифодаи усулҳои сиёсати зиддитаваррумӣ дар баробари манфиатҳои иқтисодӣ ба устувории пули миллӣ низ таъсир мерасонад, ки дар ин масъала муҳаққиқон таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд. Тавре зикр гардидааст Тавре зикр гардидааст «…масъалаи устувории пул аз аввали шаклгирию шакливазкунии он вазифаи асосии ҳар як давлати мустақили дорои пули миллӣ мебошад». Дар дигар маврид ба масъалаи устувории пул ва зарурати аслӣ будани он баъд аз шакли одии мубодила (бартер) ба шакли филизии пул гузаштан диққати махсус дода мешавад»[4.174]. Илов бар ин ин масъала метвон ба гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум низ мусоидат намояд[3.67]. Илова бар ин ҷанбаҳои дигари сиёсати таваррумӣ дар шароити имрӯза дар доираи сиёсати молияии давлат низ баррасӣ мегардад, ки ҷанбаҳои муҳими оно як қатор олимон мавриди баррасӣ қарор додаанд. Чи тавре, ки зикр гардидааст “...асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон аз рӯи муқаррароти Конститутсия, қонунҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва Консепсияи рушди дарозмуддати иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян карда мешаванд.”.[9.266]. Ин масъала ба таври дигар дар чунин сарчашмаҳои мушобеҳ ҷой дорад, ки паҳлуҳои дигари онро вобаста ба масъалаи таҳқиқ баррасӣ намудаанд”.[10.109]

Хулоса. Дар ҳамин замина ва тағйирёбиҳои нишондиҳандаҳо мо метавонем дар сатҳи зарурӣ сиёсати идоракунии таваррум ва роҳҳои асоии пешбурди онро дар Чумҳурии Тоҷикистон муаян намуда вобаста ба тамоилҳои манфии он чораҳои зарурӣ андешем. Тавре аз таҳлилҳо мо бар меояд сиёсати идоракунии таваррум дар шароити имрӯза бояд бештар ба масъалаҳои зерин ба таври комил такия намояд:

1. Таҳияи лоҳиаи баронами ҳамоҳангсозии сиёсати пулӣ, таваррумӣ ва зиддитаваррумӣ дар шароити гузариш ба мносибатҳои нави иқтисодиёти бозорӣ;
2. Ҳамгироӣ ва ҳамоҳангии дуруст дар самти ҳамкорӣ байни институтҳои моливӣ ва субъектҳои истеҳсолӣ дар сатҳи давлат;
3. Ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон бо истифода аз механизмҳои молиявӣ ва имтиёзҳои ғайримолиявӣ;
4. Зери назорати доимӣ қарор додани омилҳои берунии ба сатҳи таваррум таъсирасонанда ва дар доираи ин маҳдуд кардани чунин имкониятҳои ба муҳити берунӣ хос;
5. Тағйир додани шакли муомилоти пулӣ бо роҳи тағйири сатҳи қарздиҳба бахши воқеии иқтисодиёт ва дар муомилот тағйир додани таркиби истеҳсолот ва муомилот;
6. Ташкили ниҳоди махсуси назоратӣ ва рисояи меъёру талаботҳои масъулон ва идоракунандагони сиёсатҳои тааррумӣ ва зиддитаваррумӣ дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикстон;
7. Корбарии доимӣ бо омилҳои таъсиррасон дар сатҳи инстиутсоналӣ барои гирфтани пеши роҳи болоравии таваррум ва нигоҳ доштани мувозинати қобилияти харидории аҳолӣ ва ғ.

Адабиёт

23. Махшулов, С. Ҷ. Ҳадафгирии тавррум ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 143-154. – EDN KXULCL.
24. Махшулов, С. Д. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С. Д. Махшулов, Б. Б. Ходжаев, К. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 174-179. – EDN VQTTXM.
25. Нурализода, А. Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / А. Н. Нурализода, С. Д. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 67-72. – EDN TNJAXP.
26. Назаров, А. З. Асосҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ ва равандҳои идоракунии он / А. З. Назаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 270-279. – EDN AKRQLS.
27. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 8с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.
28. Ғафуров, П. Ҷ. Таҳлили таъсири сатҳи таваррум ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН / П. Ҷ. Ғафуров, Ф. С. Мусофирова, Н. Т. Шаҳриери // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2020. – No. 4(43). – P. 135-141. – EDN RVOLTP.
29. Ҷиҳонов, С. А. Асосҳои иқтисодии сиёсати пулию қарзӣ / С. А. Ҷиҳонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 306-314. – EDN NOKEZV.
30. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 176с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.
31. Хаитов, С. П. Финансово-правовая политика таджикской государственности / С. П. Хаитов. – Душанбе : Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Точикистон, 2025. – 266 с. – ISBN 978-99985—8708-3. – EDN WHCQGM.
32. Хаитов, С. П. Структура финансового законодательства как основа финансово-правовой политики Республики Таджикистан / С. П. Хаитов // Академический юридический журнал. – 2025. – № 3(55). – С. 109-116. – EDN ENFFGI.
33. Манбаи электронӣ https://www.nbt.tj Шарҳи таваррум - 2024. Саҳ 3.

УДК: 336.7

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ НИЗОМИ МОЛИЯИ ИСЛОМӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР.

Сафарова Гулистон Ҳабибуллоевна
докторанти (PhD) курси 3 – юм аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи нахимов 64/14

Ҳадафи асосии тадқиқот баррасии хусусиятҳои хоси низоми молияи исломӣ дар шароити муосир мебошад. Кори тадқиқотӣ дар асоси тадқиқотҳо, аз қабили таҳлили муқоисавӣ ва умумӣсозии мантиқӣ анҷом дода шуданд. Таҳқиқот принсипҳои низоми молияи исломиро тавассути омӯзиши ҳамаҷониба ба низом даровардааст. Дар пажӯҳиш ҳамчунин вазъи низоми молияи исломӣ дар заминаи давраи муосир ва бӯҳрони ҷаҳонии молӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқ, вижагиҳои хоси низоми молиявии исломӣ таҳлил шуда, дурнамои истифодаи ин низом муайян гардида, манфиатҳои эҳтимолии татбиқи ин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуданд. Маҳдудиятҳои омӯзиш: маълумоти бештар амалӣ лозим аст. Аҳамияти амалии тадқиқот такмили низоми молиявии кишварҳои дигар бо истифода аз хусусиятҳои хоси низоми молияи исломӣ ва дар натиҷа эҷоди механизми оптималии мутобиқгардонии молиявӣ барои рафъи бӯҳрони иқтисодӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Низоми молиявии исломӣ, бонкдории исломӣ, сукук, дороиҳои молиявӣ, такафул.

СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ИСЛАМСКОЙ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Сафарова Гулистон Хабибуллоевна
докторант (PhD) 3-го курса по специальности 6D050900 - Финансы (6D050901 - Финансы, денежное обращение и кредит) Таджикского государственного финансово-экономического унтиверситета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14

Основная цель исследования заключается в изучении специфических особенностей Исламской финансовой системы в современных условиях. Исследовательская работа проводилась на основе исследований, таких как сравнительный анализ и логическое обобщение. В исследовании систематизированы комплексным исследованием принципы функционирования исламской финансовой системы. Также в исследовании анализируется состояние исламской финансовой системы в условиях современного периода и мирового финансового кризиса. В результате исследования были проанализированы специфические особенности исламской финансовой системы, а также были определены перспективы использования этой системы, и выявлены потенциальные выгоды от внедрения этой системы в республики Таджикистан. Ограничения исследования: требуется больше практической информации. Практическая значимость исследования состоит в том, чтобы улучшить финансовые системы других стран, используя специфические особенности исламской финансовой системы, и, как следствие, создать оптимальный адаптивный финансовый механизм для преодоления экономического кризиса.

Ключевые слова: Исламская финансовая система, исламский банкинг, сукук, финансовые активы, такафул.

SPECIFIC FEATURES OF THE ISLAMIC FINANCIAL SYSTEM IN THE MODERN CONDITION

Safarova Guliston Habibulloevna
3rd-year PhD candidate specializing in 6D050900 – Finance (6D050901 – Finance, Monetary Circulation, and Credit) at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street

The main objective of the research is to study the specific features of İslamic Financial System in the modern condition. The research was carried out on the basis of research methods such as comparative analysis and logical summarization. In study there were systemized principles of functioning of the Islamic Financial System with the complex research. In the study it is also analyzed the state of the Islamic Financial System in the modern period and the global financial crisis. In the result of the investigation there were analyzed the specific features of the Islamic Financial System, as well as there were identified prospects of using this system and potential benefits from the introduction of this system in Republic of Tajikistan. Limitations of the study: it requires more extensive practical information. The practical significance of the research study is to improve the financial systems of other countries, using the specific features of the Islamic Financial System, and, as a result, to create the optimal adaptive financial mechanism to overcome the economic crisis.

Keywords: İslamic Financial System, İslamic Banking, Sukuk, Financial assets, Takaful.

Муқаддима. Дар шароити муосир таваҷҷуҳ ба фаъолияти низоми молияи исломӣ, ки босуръат рушд мекунад ва ба фазои молиявии ҷаҳонӣ бештар эътимод пайдо мекунад, меафзояд. Шумораи муассисаҳо ва муассисаҳои молиявии исломӣ, инчунин фондҳои нави суғуртаи исломӣ ва ширкатҳое, ки фаъолияти худро дар кишварҳои ғайриисломӣ инкишоф медиҳанд, пайваста меафзояд. Имрӯз фаъолияти муассисаҳои молиявии

исломӣ гуногун ва мураккабтар мегардад. Имкониятҳо, иқтидор ва салоҳияти ниҳодҳои молияи исломӣ барои ташкил ва дастгирии муомилоти миқёси калон васеъ мешавад. Бинобар ин, омӯзиши вижагиҳои низоми молияи исломӣ талаботи замони муосир мебошад.

Бояд қайд кард, ки яке аз принсипҳои асосии фаъолияти низоми молияи исломӣ «Дин неруи тавоно аст ва хусусияти таъсири он пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки он ба кадом эҳсосот ва ба кадом амалҳо илҳом мебахшад...»[1] ба ҳисоб меравад. Иқтидори хоси таълимоти динии мусулмонӣ, ҳарчанд дер бошад ҳам, бешубҳа, ба манзараи тағйирёбандаи бозори молии ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад. Низоми молияи исломӣ (IFS), ки асос ва локомотиви асосии иқтисоди исломӣ аст, бо қонунҳои мусулмонӣ танзим мешавад. Чӣ тавре, ки олими ватанӣ Алишоев Х.Ҳ. қайд менамояд: «Мақсади асосии иқтисоди исломӣ ё модели иқтисодии исломӣ муайян намудани роҳи алтернативии ҳалли мушкилоти мубрами замони имрӯза, пеш аз ҳама дар соҳаи молияи исломӣ ба ҳисоб мерафт. Дарин замина, низоми молияи исломӣ яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисоди исломӣ ба шумор меравад»[2,282]. Вобаста ба ин, дар таҳқиқоти мазкур молияи исломӣ аз дидгоҳи иқтисоди институтсионалӣ мавриди омузиш қарор гирифта шудааст.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти мантиқии адабиёти илмӣ, омӯзиши принсипҳо ва воситаҳои молияи исломӣ, инчунин таҳлили тавсифии нишондиҳандаҳои ҳисоботи Бонки рушди АвруОсиё, Институти Бонки исломии рушд ва Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Маълумоти марбут ба дороиҳои молиявии исломӣ дар ҷаҳон, Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар диаграммаҳои 1–4 баррасӣ мешаванд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Бояд қайд кард, ки асоси ҳуқуқи исломиро шариат ташкил медиҳад, ки онро метавон аз нигоҳи меъёрӣ як низоми универсалии танзими иҷтимоъӣ арзёбӣ кард ва ба ду гурӯҳи сарчашмаҳо – Қуръон ва суннат (ҳадис) асос ёфтааст. Принсипҳои асосии фаъолияти низоми молияи исломӣ (IFS) аз манъи рибо, корор, майсир ва ҳаром иборатанд. Рибо, яъне фоиз аз рӯи меъёри қаблан муайяншуда ё дигар маблағе, ки ба даромад алоқаманд нест ва ба хароҷоти меҳнат алоқаманд нест, манъ аст. Дар ин бора дар Қуръон дар сураи «Бақара», ояти 275 омадааст: «...Вале Худованд тиҷоратро ҳалол ва риборо ҳаром кардааст...»[2]. Манъи рибо аз он сабаб аст, ки фаъолияти судхур боиси ба вуҷуд овардани маҳсулот ва афзоиши некуаҳволии иҷтимоии ҷамъият намегардад. Дар ислом фоида гирифтан истиқбол мешавад, аммо принсипи адолати иҷтимоӣ тақозо мекунад, ки гирифтани подош ё зиён бояд ба манфиати қарзгирандагон ва қарздиҳандагон мувофиқ бошад.

Масъалаи асосие, ки дар ин маврид ба миён меояд, ин аст, ки манъи пардохти фоизҳо дар амал чӣ гуна хоҳад буд. Дар робита ба ин, инҳо манъ карда мешаванд:

- ҳар гуна афзоиши маблағи қарз ё ҳисоб кардани фоизи қарз, ҳатто агар қарзгиранда аз ӯҳдаи қарз набарояд;
- пардохт барои хизматрасонӣ ва коркарди қарз аз хароҷоти воқеӣ;
- муомилоти ҳама намуди вомбаргҳо, аз ҷумла бо купонҳои сифрӣ;
- додани кортҳои кредитӣ ҳангоми ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯи маблағҳои дар қарз додашуда;
- ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯи ҳама намуди пасандозҳо дар бонкҳо, ба истиснои пасандозҳои боэътимоди сармоягузорӣ.

Ғарар ба мавҷудияти номуайянии аз ҳад зиёд ё шаффофият дар шартҳои шартнома дар натиҷаи набудани иттилоот ва назорат ишора мекунад. Гарарро метавон бо нархи номуносиб фурӯхтани моли шубҳанок ва номаълум ҳисоб кард; мол бе тавсифи дақиқ ё санҷиши пешакӣ; мубодилаи гайриэквиваленти бартерӣ ва гайра.

Гарар шартномаро бекор мекунад. Номайянии баланд дар фаъолияти молиявии муосир ба муомилоти суғуртавӣ ва воситаҳои молиявии ҳосилшуда хос аст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи шариат чунин муомилаҳо беэътибор дониста мешаванд. Бояд фаҳмид, ки ҳама гуна фаъолияти соҳибкорӣ миқдори муайяни таваккал ва номуайяниро дар бар мегирад.

Аммо бояд гуфт, ки танҳо номуайянии аз ҳад зиёд ва таваккали аз ҳад зиёди беасос шартномаро беэътибор мегардонад. Бинобар ин, бар асоси ин асл ва мамнӯъияти ғарар, низоми молии исломӣ наметавонад аз ҳодисаҳои бӯҳронӣ, аз қабили бӯҳрони ипотека дар Амрико ва дефолт дар Русия дар моҳи августи соли 1998 таъсир гузорад. Майсир дар забони арабӣ маънои “қимор”-ро дорад, ки Ислом онро бидуни қайду шарт манъ кардааст. Майсир, ба ибораи содда, даромади тасодуфии омӯхтанашуда аст. Дар доираи васеътар онро метавон ҳамчун манъи гардиши пул бо мақсади васеъ намудани истеҳсолот бидуни эҷоди маҳсулоти воқеӣ фаҳмидан мумкин аст. Ин, дар навбати худ, ба низоми молиявии муосир хос аст.

Ҳаром дар забони арабӣ маънои “гуноҳ”-ро дорад ва як қонуни бунёдии шариат аст, ки мардумро аз фаъолиятҳое, ба мисли паҳн кардани нӯшокиҳои спиртӣ, истеҳсол ва фурӯши бутҳо, хидмат ба маъбадҳои бутпарастӣ, ширкат дар қимор ва ғайра худдорӣ мекунад. Аз нигоҳи қоидаҳои асосии низоми молии исломӣ ҳаром муомилоти молӣ, хариду фурӯши маводи мухаддир, истеҳсоли машрубот, маҳсулоти спиртӣ, хариду фурӯши маводи мухаддирро манъ мекунад. ба манфиати. Қоидаҳои асосии низоми молии исломӣ рафтори «спекулятсия», таваккали беасос, номуайянӣ ва қиморбозиро манъ мекунанд, зеро даромад аз ин гуна фаъолиятҳо боиси болоравии воқеии некуаҳволии ҷомеа намегардад [3].

Низоми молияи исломӣ инчунин бар принсипҳое, аз қабили талаботи дахлнопазирӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ, тақсими одилонаи хатарҳо, талоши мутавозин барои некуаҳволии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст. Риояи меъёрҳои ахлоқӣ, адолати иҷтимоӣ, амал кардан дар доираи қонун, ба эътидол овардани хароҷот ва барҳам додани монополияи бозорҳо аз пояҳои асосии фаъолияти иқтисодии исломӣ мебошанд. [4]

Ташаккули низоми молияи исломӣ на танҳо дар чаҳорчӯби равобити иқтисодӣ ва молии байни ниҳодҳо, балки дар чаҳорчӯби бахшҳои ахлоқӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, татбиқи модели низоми молии исломӣ дар заминаи таълимоти исломӣ, яъне ахлоқ, тақсими сарват, баробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва нақши давлат имконпазир аст. Ҳамин тариқ, принсипҳои фаъолияти низоми молияи исломӣ ба пояҳои иқтисоди бозорӣ мухолифат надоранд ва бо арзишҳои суннатии иҷтимоию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтилофи ҷиддӣ надоранд. Фаъолияти низоми молии исломӣ ба устуворӣ ва суботи молиявӣ, афзоиши даромад, шуғл ва дар ниҳоят коҳиши фақр оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, низоми молии исломӣ як низоми ниҳодҳои молӣ, ниҳодҳои танзимкунанда, механизмҳои амалиётӣ ва абзорҳои молие мебошад, ки тавассути шариат танзим мешаванд. Ҷузъҳои низоми молияи исломиро бонкҳои исломӣ, фондҳои сармоягузории исломӣ ва хайрия, ширкатҳои молияи исломӣ, ташкилотҳои суғуртаи исломӣ ва ғайра муаррифӣ мекунанд.

Маблағи исломӣ, ки ба тамоюлҳои тиҷорати ҷаҳонӣ посух медиҳад, идоракунии пул дар асоси принсипҳои исломӣ мебошад. Маблағи исломӣ яке аз роҳҳои ҳалли он аст, ки роҳи ҳалли яке аз мушкилоти классикии иқтисод – байни адолат, самаранокӣ ва озодиро нишон медиҳад.

Маблағгузории исломӣ мутобиқи Ҳадафҳои Рушди Устувори Созмони Милали Муттаҳид, масъулияти иҷтимоиро дар чаҳорчӯбаи ESG (идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ) таҳрик медиҳад ва таваҷҷӯҳро ба маҳсулоти сабз ва устувор, бахусус сукуки сабз афзоиш медиҳад. Бо дарназардошти хатарҳои молиявие, ки дар натиҷаи тағирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, бахши молияи исломӣ бар принсипҳо, аз қабили роҳбарии иқлим, идоракунии стратегии иқлим, ҳамгироии амалиётии вобаста ба иқлим, андозагирии натиҷаҳо ва ҳисоботдиҳӣ, ҳамкорӣ ва мубодила оид ба устувории иқлим асос ёфтааст.

Аз тарафи дигар, принсипи маблағгузории дороиҳо ва тақсими таваккал ба рушди корхонаҳои хурду миёна ва таҳкими табақаи миёна хизмат мекунад. Ба ин маъно, бояд хидматҳои молиявии исломӣ, аз қабили маблағгузории хурди исломӣ, сукук ва такафулро зикр кард.

Махсусан, кам кардани хавф субот ва пешгӯиро тавассути коҳиш додани бӯҳронҳои даврӣ, ки ба иқтисоди бозорӣ хос аст, афзоиш медиҳад. Тибқи принсипи шарикии одилона (Мудароба), як тараф сармоя мегузорад ва тарафи дигар тиҷоратро идора мекунад ва ба ин тариқ фоида ва зиёнро ба таври одилона тақсим мекунад.

Пандемияи COVID-19 роҳро барои рақамисозӣ дар молияи исломӣ боз кард ва афзоиши механизмҳо ва абзорҳои нав, аз қабили маҳсулоти технологияҳои молиявии исломиро суръат бахшид. Ҳатто дар ин замонҳои душвор, суръати афзоиши солонаи дороиҳои молияи исломӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 14% сабт шудааст.


Диаграммаи 1. Дороиҳои молиявии исломӣ дар ҷаҳон



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи Бонки рушди АвруОсиё /Будущее исламского финансирования в Центральной Азии, Евразийский банк развития и Институт Исламского банка развития, 2025

Аз замони таъсиси худ дар солҳои 1970-ум, саноати молияи исломӣ босуръат ба бозори ҷаҳонӣ ворид мешавад. Дар соли 2023 молияи исломӣ дар 90 кишвари ҷаҳон дар шакли ниҳодҳои молияи исломӣ ё бозорҳои сармояи исломӣ ҳузур дошт. Ин соҳа ба густариши ҳузури иқтисодии мусалмонон дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ва таваҷҷуҳи онҳо ба хидматрасонии молие, ки ба принсипҳои шариат мувофиқ аст, асос ёфтааст. Саноати молияи исломӣ ба бекор кардани пардохтҳои фоизӣ (рибо) ва сармоягузорӣ ба фаъолияти воқеии иқтисодӣ асос ёфтааст.


Диаграммаи 2. Дороиҳои молияи исломӣ аз рӯи бахш ва синфи дороиҳо, млрд доллари ИМА, дар солии 2023



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи Бонки рушди АвруОсиё /Будущее исламского финансирования в Центральной Азии, Евразийский банк развития и Институт Исламского банка развития, 2025

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки (диаграммаи 1.) дар соли 2023 ҳаҷми умумии дороиҳои бонкдории исломӣ 3 569 млрд. долл. омада расидааст, ки 73%- и ҳаҷми умумии дороиҳои молияи исломиро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 3. Кишварҳои беҳтарин аз рӯи дороиҳои молиявии исломӣ дар соли 2023, млрд. долл.




Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои ҳисоботи Бонки рушди АвруОсиё /Будущее исламского финансирования в Центральной Азии, Евразийский банк развития и Институт Исламского банка развития, 2025

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки молияи исломӣ босуръат густариш ёфта ва барои дастгирии рушди устувор, мусоидат ба фарогирии молиявӣ ва суботи молиявӣ, аз байн бурдани камбизоатӣ ва рафъи нобаробарии бисёрҷанба як қатор роҳҳо пешниҳод мекунадкарда истодааст. Бо вуҷуди ин, мониторинг ва пешбурд, аз ҷумла стандартизатсия ва сертификатсияи воситаҳои молиявии исломӣ, чӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ дар саросари ҷаҳон, кӯшишҳои иловагӣ ва қабули сиёсатро дар сатҳи кишвар барои кушодани иқтидори пурраи молияи исломӣ талаб мекунад.

Агар вазъи кунунии молияи исломии Осиёи Марказӣ диққат диҳем, аввалин ниҳодҳои молияи исломӣ дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 1990-ум, замоне ба вуҷуд омадаанд, ки рушди соҳа ва экосистемаҳои он аз ҷониби кишварҳои минтақа, ки бори аввал ба Бонки Исломии Рушд (БИР) пайвастаанд, оғоз ёфт. Саҳми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар саноати ҷаҳонии молияи исломӣ ҳоло ҳам хеле кам аст: дар соли 2023 ҳаҷми умумии дороиҳои молиявии исломӣ дар Осиёи Марказӣ дар сатҳи 699 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки 0,01% аз ҳаҷми умумии ҷаҳонии онҳоро ташкил медиҳад.

Тибқи гузориши рушди молияи исломӣ дар соли 2024, Қазоқистон дар бозори Осиёи Марказӣ мавқеи пешсафро ишғол карда, аз рӯи рушди молияи исломӣ дар соли 2023 дар ҷои 19-ум қарор дорад. Қирғизистон, Узбакистон ва Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонӣ мутаносибан 32, 63 ва 82-умро ишғол кардаанд. Дар ҳамин ҳол, Туркманистон аз кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ хеле ақиб монда, дар зинаи 111-ум қарор дорад. Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти мавҷудияти ҷамъияти қобили мулоҳизаи мусалмонон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба ҳисоби миёна 85% шумораи умумии аҳолӣ), дурнамои хеле хуб барои рушди соҳаи молияи исломӣ дар минтақа вуҷуд дорад.

Диаграммаи 4. Дороиҳои бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон, млн. долл.



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Бонки миллии Тоҷикистон - Бюллетени омори бонкӣ

Тибқи маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як бонки исломӣ ва ду ширкати қарзии хурд бо равзанаҳои исломӣ фаъолият мекунанд, ки ба принсипҳои молияи исломӣ мувофиқат мекунанд. Илова бар ин, дар бозори молияи исломии кишвар 5 филиал ва 33 маркази хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии исломӣ фаъолият мекунанд. Аз соли 2020 инҷониб дороиҳои умумии бахши бонкдории исломии Тоҷикистон бо суръати миёнаи солона 29,3% афзоиш ёфта, дар моҳи январи соли 2025 ба 36 миллион доллари ИМА расид, ки 0,9% аз ҳаҷми умумии дороиҳои низоми бонкиро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар кишвар як ширкати лизингии исломӣ ва ду ширкати маблағгузории хурд фаъолият мекунанд, ки хидматрасонии равзанаи молияи исломиро пешниҳод мекунанд.

Фаъолияти низоми молияи исломӣ ба устуворӣ ва суботи молиявӣ, афзоиши даромад, шуғл ва дар натиҷа коҳиши фақр оварда мерасонад. Барои ноил шудан ба ин натиҷаҳо шартҳое, аз қабили низоми молиявии пешрафта, волоияти қонун, институтҳои ҳуқуқие, ки манфиатҳои сармоягузорону кредиторон ва ҳуқуқҳои моликиятро ҳифз мекунанд, иҷро ва соҳиби он зарур аст; идоракунии хуб ва иродаи сиёсӣ; таваккал ба давлат ва ғайра татбиқи як қатор аҳкоми исломӣ тақвияти ин шароит аст. Ҳамин тариқ, низоми молияи исломӣ як низоми ниҳодҳои молӣ, ниҳодҳои танзимкунанда, механизмҳои амалиётӣ ва абзорҳои молие мебошад, ки тавассути шариат танзим мешаванд.

Таҳлили ҷузъҳои низоми молиявии исломӣ ин низоми молиявии исломӣ аз ҷониби бонкҳои исломӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва хайрияи исломӣ, ширкатҳои молиявии исломӣ намояндагӣ мекунанд; Ташкилотхои сугуртаи исломи ва гайра. Бонкхои исломи муассисаҳое мебошанд, ки тибқи принсипхои фаъолияти молиявии исломи кабул ва сармоягузори мекунанд, хизматрасонихои пардохт мекунанд, дороихоро идора ва нигох доранд, инчунин дигар амалиётхоро анчом медиҳанд. Асоси фаъолият на фоизи қарз, балки иштирок дар фоида ва зиён аз муомилот бо дороиҳо ва самти баланди иҷтимоӣ мебошад. Бонки исломӣ ҳамчун комиссионер амал мекунад ва аз вазифаи миёнарави молиявӣ ба таври комил истифода мебарад ва танҳо аз амалиёти бомуваффақият анҷомёфта даромад мегирад. Сармояи бонк амалан дар минтақаи хавф нест, агар он барои лоиҳаҳои маблағгузории муштарак истифода нашавад. Зарарҳои бонкӣ маблағи фоидаи аз даст рафта ва хароҷоти имконпазирро ифода мекунанд, аммо бонк дар ин маврид дар назди амонатгузорон ӯҳдадор нест.

Хулоса. Сабаби аслии афзоиши тақозо ба низоми молияи исломӣ дар ҷаҳон ҷамъ шудани манобеъи қобили мулоҳизаи молӣ аз сӯи бархе аз кишварҳои мусалмонист. Дар заминаи даромадҳои назарраси кишварҳои содиркунандаи нафт маълум аст, ки тамоюлҳои кунунии рушди бонкҳои исломӣ идома ёфта, бозорҳои молии кишварҳои исломӣ рушд мекунанд. Ҳамаи ин барои омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти бонкҳои исломӣ ва вуруди онҳо ба бозорҳои молиявии анъанавӣ шароити ибтидоиро фароҳам меорад.

Дар таҳқиқоти худ мо хусусиятҳои хоси низоми молиявии исломиро таҳлил намуда, саъй кардем, ки истифодаи ин низоми молиявӣ ҳам дар замонҳои маъмулӣ ва ҳам дар давраи бӯҳрони молиявӣ натиҷаҳои мусбат медиҳад.

Хусусиятҳои хоси низоми молияи исломӣ инҳоянд:

а) Қоидаҳои асосии низоми молии исломӣ рафтори «спекулятсия», рискҳои беасос, номуайянӣ ва қиморбозиро манъ мекунанд, зеро даромаде, ки аз ин гуна фаъолиятҳо ба даст меояд, боиси афзоиши воқеии некӯаҳволии ҷомеа мегардад. Чунин мамнӯъиятҳо ба категорияҳои рибо, ҳаром, ғарор ва майсир дохил мешаванд.

б) Низоми молияи исломӣ бар асоси принсипҳо, аз қабили талаботи беайбият ва иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ, тақсимоти одилонаи хавфҳо, пайгирии мутаносиби неъматҳои иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ин, дар навбати худ, устуворii молиявиро муайян мекунад.

в) Ташаккули низоми молии исломӣ на танҳо дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявии байни институтҳо, балки дар доираи ахлоқӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва динӣ низ сурат мегирад.

г) Низоми молияи исломӣ аз ҷузъҳо ба монанди бонкдории исломӣ, ширкатҳои суғуртаи исломӣ ва фондҳои сармоягузории исломӣ иборат аст.

д) Низоми молиявии исломӣ барои маҳдуд кардани мавқеи бахши воқеӣ, ки ба манфиатҳои муассисаҳои бонкӣ тобеъ аст, кӯмак мерасонад. Имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ташаккули дороиҳои пулиро муайян намуда, ба ин васила сатҳи даромади бахши молиявиро муайян мекунанд.

е) Воситаҳои молиявии низоми молияи исломӣ аз Амона, Кард, Мушарака, Мудараба, Муробаҳа, Иҷора, Истисно, Сукук ва Такафул мебошанд. е) Воситаҳои молиявии низоми молияи исломӣ аз Амона, Кард, Мушарака, Мудараба, Муробаҳа, Иҷора, Истисно, Сукук ва Такафул мебошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои кунунӣ бояд илова кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ниёз ба модели молияи исломӣ ба таври қобили мулоҳиза меафзояд. Ҷаҳонишавӣ боиси афзоиши вобастагии мутақобилаи иқтисодиёт ва низомҳои молиявии кишварҳои гуногуни ҷаҳон мегардад.

Оғози бӯҳрон дар як кишвар ҳатман боиси таконҳои молӣ ё иқтисодӣ дар дигар кишварҳо ва минтақаҳо мешавад. Тавре дар таҳлили пажӯҳишҳои худ қайд кардем, низоми молиявии исломӣ як низоми мукаммал барои пешгирии ин бӯҳронҳо мебошад. Мо бар ин назарем, ки кишварҳое, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бӯҳрони иқтисодӣ доранд ва ё зери хатар қарор доранд, бояд аз низоми молии исломӣ истифода кунанд. Механизми оптималтарин ва бидуни хатари мутобиқшавӣ барои ин кишварҳо низоми молияи исломӣ мебошад.

Тавре ки дида мешавад, қариб ҳар як абзори молияи исломӣ дар низоми молиявии анъанавӣ шабеҳ дорад. Аммо бартарии абзорҳои молияи исломӣ дар он аст, ки татбиқи онҳо осонтар аст ва хароҷоти муомилот камтар аст. Дар чунин вазъ, мо бар ин назарем, ки дар низоми молияи анъанавӣ пайдо шудани ниҳодҳои молияи исломӣ мувофиқ аст.

Дар шароити муосир татбиқи низоми молияи исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад, дар навбати худ, бартариҳои зеринро фароҳам орад.

Адабиёт

1. Albright M. with Woodward B. (2007) “The mighty and almighty, reflection on America, God and world affairs. New York, Harper Perennial s.66;

2.Алишоев Х.Ҳ. Бонкдории исломӣ ҳамчун таҳаввулоти муҳим дар низоми бонкии ҷаҳонӣ/Х.Ҳ. Алишоев// Паёми молия ва иқтисод. 2024 / №3 (42). –С.279-286.

3. Qurani-Kərim, (2005) Tərcümə: Z.M.Bünyadov, V.M.Məmmədəliyev. Çıraq;

4.Гамбеева Ю.Н. , Медведева С.Н. (2018) «Молияи исломӣ: хусусиятҳои ташаккул ва рушд. Российское предпринимательство» 19. (1). с.337;

5. Литау Е. Я. (2016) “Международные финансы: исламский банкинг как перспективная альтернатива традиционной системы финансирования” Экономика и управление, № 10 (132);

6. “An Inclusive Ethical Economy Global İslamic Economy Report 2018-2019” (2018) Developed and Produced Thomson Reuters s.45;

7. Thomson Reuters. İslamic Finance Development Report (İFDR) Building Moment, (2018).s.14,16,18;

8. Лазарев А. Д. (2016) “Исламские банки: принципы, услуги и различия с традиционными банками”, Символ науки, № 4-1;

9. Сейфоллахи М. (2011) “Специфика продуктов исламского банкинга” Эффективна экономика, № 11;

10. M. Kabir Hassan, R. Kayed (2011) “The Global Financial Crisis and Islamic Finance Part 2”, Islamic Finance and the Economic Global Crisis;

11. Зарипов И. А. (2016) “Исламские финансы как стратегический ориентир развития России” , Вестник финансового университета, № 1 (91);

12. Львова, Н. А. (2013) “Исламские банки: особенности, проблемы, перспективы развития”, Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 5. Экономика, № 1;

13. Brooks D. (2009) An Economy of Faith and Trust. New York Times – January 16;

14. Stiglitz J. E. (2008), The Fruit of Hypocrisy. The Guardian – September 16;

15. Ahmed H. (2009) “Financial crisis: risks and lessons for islamic finance”, ISRA İnternational Journal of İslamic Finance Vol 1. Issue 1.

УДК 69 (91) (575,3)

МУАММОҲОИ ТАШКИЛ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНИИ ХАРОҶОТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНИ МАНЗИЛ

Файзиева Нигина Ғуфронҷоновна
муаллимаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1, тел. 92-875-77-89

Дар мақола ҳолати муосири ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмони манзил барарсӣ гардида, заминаҳои ташкил намудани низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷот коркард шудааст. Муаммоҳои калидии пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмони манзил ошкор карда шуда, роҳҳои бартараф кардани онҳо пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: сохтмон, манзил, ширкатҳои сохтмонӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, хароҷот, хароҷоти барилова, арзишмуайянкунӣ

ПРОБЛЕМЫ ОРГАНИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА ЗАТРАТ НА КОМПАНИЯХ ЖИЛИЩНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА

Файзиева Нигина Гуфронджоновна
преподаватель кафедры бухгалтерский учет и аудит ГОУ “ХГУ имени академика Б. Гафурова”. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1, тел. 92-875-77-89

В статье анализируется современное состояние организации и ведения управленческого учета на компаниях жилищного строительства, разработан основа организации управленчекого учета затрат. Выявлены ключевые проблемы ведения управленческого учета на компаниях жилищного строительства, предложены пути их устранения.

Ключевые слово: строительство, жильё, строительное компания, управленческий учет, затраты, накаладные расходы, калькулирования

PROBLEMS OF ORGANIZING MANAGEMENT COST ACCOUNTING IN HOUSING CONSTRUCTION COMPANIES

Fayzieva Nigina Gufronjonovna
Senior Lecturer, Department of Accounting and Audit, State Educational nstitution KSU named after Academician B.Gafurov, Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1, тел. 92-875-77-89

This article analyzes the current state of organizing and maintaining management accounting in housing construction companies and develops a framework for organizing management cost accounting. Key issues in maintaining management accounting in housing construction companies are identified and solutions are proposed.

Keywords: construction, housing, construction company, management accounting, costs, overhead expenses, costing

Муқаддима. Мақсади ниҳоии ҳамагуна корхона гирифтани фоида ба ҳисоб меравад, бинобар ин зарурати баррасии хусусиятҳои баҳисобгирии ҷараёни истеҳсолии он пеш меояд. Қайд кардан зарур аст, ки омӯзиши хусусияти баҳисобгирии ҷараёни истеҳсолии ширкатҳои сохтмони манзил ба ташаккули низоми иттилооти боэътимод, ки дар заминаи баҳисобгирии идоракунӣ рӯйи кор меояд, мусоидат мекунад.

Дар ҷараёни иҷроиши корҳои сохтмонӣ фармоишгар худаш ҳамчун пймонкор метавонад корҳои сохтмониро аз рӯйи лоиҳа пурра иҷро кунад, фармоишгар дар асоси шартнома паймонкорро ҷалб намояд, ё объект бо усули омехта сохта шавад, яъне як қисми кор бо қувваи худии фармоишгар ва қисми дигари кор бо ҷалби паймонкори беруна (зерпаймонкор) иҷро карда шавад. Вобаста ба ин, ҳар як ширкати сохтмонӣ баҳисобгирии алоҳидаи хароҷотро ба роҳ мемонад. Бинобар ин, ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ аз он вобаста аст, ки бо кадом усул корҳои сохтмонию васлкунии бинои истиқоматӣ анҷом дода мешавад.

Вале таҷрибаи амалии ширкатҳои сохтмонӣ нишон медиҳад, ки низоми ҳисобгирӣ ва таъминоти иттилоотии ҷараёни истеҳслоти мохтмонӣ талаботи идоракуниро қонеъ намегардонад, зеро дар аксар вақт ба даст овардани маълумотро оид ба ҳолати ҳақиқии объекти сохтмон фаврӣ ва бо тафсилоти муфассал имконият намедиҳад. Заминаи калидии фаъолияти низоми идоракунии корхона баҳисобгирии идоракунӣ баҳисоб рафта, ташкили дурусти он ба ташаккули таъминоти иттилоотии ҷараёни қабули қарорҳои идоракуниро бо маълумоти пурра ва босифат мусоидат мекунад.

Амалияи ширкатҳои сохтмони манзил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир хароҷот дар таркиби арзиши аслии корҳои сохтмонию васлкунӣ боло рафта истодааст. Арзиши масолеҳи сохтмонӣ аз рӯйи намудҳо ва гурӯҳҳои алоҳида мувофиқи мактуби КВД "Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон" ҳар семоҳа нархи масолеҳи сохтмонӣ бозбинӣ карда мешавад, ки ба ҳисоби миёна 10-15 фоиз боло меравад. Тартиби бозбинии нархи масолеҳи сохтмонӣ хоси лоиҳаҳое мебошад, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ширкатҳои сохтмоние, ки тибқи шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ машғул мебошанд, нархи масолеҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бо харҷномаю санади иҷроиши корҳои сохтмонӣ бо нархи

бозорӣ баҳисоб мегирад. Дар баробари ин, дар соҳаи сохтмон корхонаҳои гуногун фаъолият мекунанд, ки корҳои гуногунро иҷро мекунанд, ба монанди корҳои ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯию геологӣ, лоиҳакашӣ ва кафшеркорӣ, институтҳои лоиҳакашӣ ва илмию таҳқиқотӣ, корхонаҳои умумисохтмонӣ ва махсусгардонидашудаи сохтмонӣ, васлкунии таҷҳизот ва ғайра.

Бинобар ин, муайян намудани хароҷоти ҳангоми иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ ба миён омада зарур мебошад, то тавонем муайян кунем, ки аз руйи лоиҳаи сохтмонӣ кадом миқдор масолеҳ, подоши меҳнат, истеҳлок, хароҷоти истифодабарии мошин ва таҷҳизоти сохтмонӣ, пардохт ба паймонкоронӣ берунӣ ва ғайра сарф шудааст. Хотиррасон кардан ба маврид аст, ки баъзе муҳақиқон ҳангоми баррасии ҳолати пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонии кишвар нуктаҳоеро қайд мекунанд, ки дар ширкатҳои соҳа баъзе унсурҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ истифда мешаванд ё алакай татбиқ шудааст. Вале, суҳбат бо кормандони муҳосиботи якчанд ширкатҳои сохтмонӣ исбот менамояд, ки ҳолат чунин нест, аз ҷумла низомҳои муосири арзишмуайянкунӣ, буҷетикунонӣ, ҳисоботи идоракунӣ ва амсоли онҳо татбиқ нашудаанд. Коркарди минбаъда дар ин самт такмили ташкили баҳисобгирӣ аз рӯйи ҷойи бавуҷудоии хароҷот ва марказҳои масъулият баҳисоб меравад, ки имконият фароҳам меорад то иҷрокунандагони алоҳидаи корҳои сохтмонию васлкунӣ, хароҷоти қитъаҳо, корҳои алоҳида, обектҳои сохтмонӣ назорат карда шаванд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Омузиши амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ нишон дод, ки фаъолияти шуъбаи муҳосиботи ширкатҳои сохтмонӣ, алалхусус сохтмони манзил ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ бо мақсади андозбандӣ равона шудааст. Ягон намуд ҳисоботи таъиноти идоркунидошта таҳия карда намешавад. Ҳисобҳои тартибмедодаи онҳо танҳо дар охири моҳ ин пеш аз ҳама, ведомости оид ба даромад ва хароҷоти маводи молӣ ва масолеҳи асосӣ дар сохтмон (шакли М-19), ҳисобот оид ба хароҷоти маводи молӣ ва масолеҳи асосӣ дар сохтмон (шакли М-29), Феҳристи иҷроиши корҳои сохтмонӣ, санад оид ба иҷроиши корҳои сохтмонӣ, санад оид ба хароҷоти масолеҳи сохтмонӣ ва ғайра мебошад. Дар чунин шакл пешниҳод намудани маълумот имконият намедиҳад хароҷот вобаста сохторҳои алоҳида, намуди кори иҷрошуда, қиъаҳо, объектҳо ба таври фаврӣ баҳо дода шуда, қарори дахлдор қабуд карда шавад.

Ширкатҳои сохтмони манзил дар дигар шаҳру ноҳияҳо бо сохтмони манзил машғул шуда метавонанд, онҳо дар ин сурат уҳдадоранд ҳатман ҳамчун зерсохтории таркибии корхона дар ҷойи ҳақиқии иҷроиши корҳои сохтмонӣ бояд бақайд гирифта шуда, баҳисобгирии ҷараёни истеҳсолиро ба роҳ монанд, инчунин дар макони иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ андозҳоро (андоз аз даромади шахсонӣ ҳуқуқӣ ва воқеъӣ, андози иҷтимоӣ) пардохт намоянд. Онҳо филиал ё намояндагӣ ташкил намедиҳанд, вале дар нозироти андози шаҳр (ноҳия) ҳамчун воҳиди махусуси андозсупорӣ (РСБ - рамзи сабаби баҳисобгирӣ) ба қайд гирифта мешаванд.

Вобаста ба заруратии истеҳсолии иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ дар майдонҳои (қитъаҳои) дурдасти сохтмон, шаҳраки сохтмонӣ ташкил карда шуда, дар ҳудуди он “штаб”, иншооти ғайрититулӣ, анбори назди майдони сохтмон (қитъа) ташкил карда мешавад. Дар “штаб” прораб, бригадир, муҳосиб оиди моддиёт, муҳандис (кормандони муҳандисию техникӣ) кору фаъолият мекунанд. Иншооти ғайрититулӣ барои ҷойи хурокхурии сохтмоничиён, хоб, дамгирӣ, нигаҳдории ҳуҷҷатҳо ва амсоли ин пешбинӣ шудааст. Одатан ба паймонкорон дар назди майдончаи сохтмон (қитъа) ҷой барои нигаҳдории масолеҳи сохтмонӣ, олоту таҷҳизот, техника ҷудо карда мешавад. Дар ин ҷараён ҷойгоҳи махсусро муҳосиботи корхона ишғол менамояд. Зеро пешбурди баҳисобгирии фаврии захираҳо дар доираи анборҳо, шахсони ҷавобгарии моддӣ дошта ва майдончаҳои сохтмонӣ зарур мебошад. Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки вақти ба истеҳсолот равона кардани масолеҳҳо ва ҳамроҳ намудани арзиши онҳо ба арзиши аслии корҳои сохтмонӣ, аз руйи вақт мувофиқат намекунад. Бинобар ин, таъмини назорати муҳосибии нигоҳдоштани захираҳо, олоту таҷҳизот, техника муҳим мебошад.

Таҳлили фаъолияти ширкатҳои сохтмони манзил нишон дод, ки дар шартномаи иҷроиши корҳои сохтмонию васлгарӣ шароити меҳнат алоҳида нишон дода мешавад. Риояи шарти мазкур вобаста аз намуди корҳои иҷрошавандаи сохтмонӣ ҳатмӣ мебошад. Чунки баъзе намуди корҳои сохтмонӣ метавонад танҳо рӯзона ва як қисми корҳо метавонад шабонарӯзӣ иҷро карда шаванд. Ин намуда корҳо дар объекти сохмон пешбинӣ шуда бошанд, дар ин сурат корхонаҳои паймонкор мустақилона шароити кории мувофиқ ташкил мекунанд, ки хароҷоти иловагиро барои ташкили ҷойи корӣ, қувваи барқ ва ғайраро талаб мекунад. Аммо ин намуди хароҷот ба арзиши шартномаи паймонкорӣ дохил карда намешавад.

Баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон аз руйи шартномаи пудратӣ дар ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” бурда мешавад. Таҳлили кори амалии ширкатҳои сохтмони манзил нишон дод, ки сатҳи тафсилоти баҳисобгирии хароҷот пеш аз ҳама аз нармафзорӣ истифодашаванда, дуюм аз дониш ва малакаи кормандони муҳосибот ва ниҳоят охирон аз талаботи иттилоотии менҷменти корханаҳои сохтмонӣ вобастагӣ дорад.

Иҷроиши ҳақиқии корҳои сохтмонию васлкунӣ бо ведомост оид ба даромад ва хароҷоти маводи молӣ ва масолеҳи асосӣ дар сохтмон (шакли М-19), ҳисобот оид ба хароҷоти маводи молӣ ва масолеҳи асосӣ дар сохтмон (шакли М-29) ба таври ҳуҷҷатӣ барасмият дароварда мешавад. Қайд бояд кард, ки ҳуҷҷатҳои ибтидои аз тарафи кормандони шуъбаи истеҳсолию техникӣ, одатан аз тарафи усто ё муҳандис тартиб дода мешавад. Вале хусусияти пешниҳоди маълумот дар санад оид ба иҷроиши корҳои сохтмонӣ ба принсипҳои инъикоси маълумот дар низоми баҳисобгирӣ мувофиқат намекунад. Санад оид ба иҷроиши корҳои сохтмонӣ шакли ягонакардашуда (шакли КС 2) аз рӯйи намуди корҳо тартиб дода мешавад, баҳисобгирии хароҷот бошад аз рӯйи намудҳои хароҷот пеш бурда мешавад. Ҳуҷҷати мазкур асос барои супоридани корҳои иҷрошуда аз ҷониби паймонкори беруна (пудратчӣ) ба фармоишгар ба ҳисоб меравад. Супоридани корҳои иҷрошуда аз ҷониби паймонкори беруна

(пудратчӣ) ҳамчур фурӯши корҳои сохтмонӣ бо чунин навишт барасмият дароварда мешавад, дебет 55010 “Арзиши аслии фурӯш” ва кредит 10730 “Истеҳсолоти нотамом”.

Аз сабаби он ки объектҳои сохтмон дар минтақаҳои гуногун ҷойгир шудаанд, ташкили гиргардиши ҳуҷҷатҳо мушкил гардонида, зарурати кушодан ва ташкили шуъбачаи баҳисобгирии моддиро дар майдончаи истеҳсолӣ пеш мегузорад. Ҳолати мазкур ташкили баҳисобгирии пурраи захираҳои истеҳсолии харидашуда, баҳисобгирии истифодабарии захираҳоро дар ҷараёни иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ дар майдонҳои (қитъаҳои) сохтмонӣ талаб мекунад.

Хусусияти соҳаи сохтмон аз он иборат аст, ки дар назария ва амалия се шакли иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ ҷудо карда мешавад: паймонкорӣ (пудратӣ), хоҷагӣ ва омехта. Вобаста ба ин ҳар як ширкат барои расидан ба мақсади асосӣ - саривақт ва босифат иҷро намудани корҳои сохтмонию васлкунӣ шакли мувофиқро интихоб мекунад. Дар ҳолати якум шахси ҳуқуқӣ ё воқеъи ҳамчун фаромишгар баромад мекунад, ки барои он сохтмон анҷом дода мешавад, ширкатҳои сохтмонӣ бевосита ҳамчун паймонкор баромад мекушад. Муносибати байни фармоишгар ва паймонкор дар асоси шартномаи пудратии сохтмони бинои истиқоматӣ танзим карда мешавад. Дар сохтмони манзил шакли маъмулии ташкили сохтмон сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мебошад. Ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бояд диққат, агар ширкат фаъолияти сохтмониро дар доираи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ пеш барад. Хусусияти фарқкунандаи баҳисобгирӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон аз он иборат аст, ки имконияти истифодабарии яке аз ду усулҳои муайян намудани даромад аз супоридани корҳои сохтмонию васлкунӣ ҷой дорад. Даромад метавонад пас аз ба анҷомрасии сохтмон (умуман сохтмони объект) ё вобаста ба иҷроиши ҳар як давраи корҳои сохтмонӣ (қисм, марҳила) муайян карда шавад.

Соҳаи сохтмон ва зерсоҳоҳаи онро бубинем, қайд кардан мумкин аст, ки шумораи корҳои назариявию амалӣ вобаста ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ кам ба назар мерасанд. Дар таҳқиқотҳои анҷомдодашуда чун анъана масъалаҳои гурӯҳбандии хароҷот, баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ, арзишмуайянкунӣ, нахргузорӣ, ташкили баҳисобгирии таҳлилӣ, баҳисобгирии меъёрии классикӣ, автоматикунонии баҳисобгирӣ вобаста ба соҳаҳои мухталифи сохтмон баррасӣ карда шудаанд [1; 3; 4; 7; 8; 11; 12 ва дигарон]. Вале дар соҳаи мазкур ҳоло ҳам миқдори зиёди масъалаҳои таҳқиқношуда боқӣ мондаанд, аз ҷумла, ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ, низомҳои арзишмуайянкунӣ, модели баҳисобгирии идоракунӣ, тақсимкунии хароҷоти барилова, буҷектикунонӣ, ҳисоботи идоракунӣ, рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ ва ғайра. Дар баробари ин, хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи зерсоҳаҳои сохтмон кам омухта шудаанд, ки бевосита он, зарурати коркарди асосноккардашудаи назариявӣ ва методию амалии онро талаб мекунад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Шиносои бо амалияи пешбурди баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сохтмони манзил собит месозад, ки яке аз масъалаи муҳим таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ баҳисоб меравад. Чунки хароҷот миқдори зиёди маълумоти низоми баҳисобгириро ташкил намуда, идоракунии онҳо аз методикаи амалкунандаи ташкили баҳисобгирии хароҷот вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, омӯзиши таҳқиотҳои олимони ватанӣ ва хориҷии наздик нишон медиҳад, ки дар назария ва амалияи баҳисобгирӣ дар соҳаи сохтмон, аз ҷумла дар сохтмони манзил, гурӯҳбандии хароҷот вобаста ба хусусиятҳои соҳавии корҳои сохтмонию васлкунӣ мавҷуд нест, ин дар навбати худ, ба паст шудани сифати иттилоотии ҳисобгирии пешниҳодшаванда оварда мерасонад.

Гурӯҳбандии хароҷоти истеҳсолӣ дар амалияи ширкатҳои сохтмонӣ истифодашаванда асосан барои як мақсад – таъмини ҳисобкунии дақиқӣ арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда бо мақсади андозбандӣ равона шудаанд. Дигар паҳлуҳои муҳими баҳисобгирии идоракунӣ, пеш аз ҳама, истифодабарии маълумоти ҳисобгирӣ барои қабули қарорҳои асосноккардашудаи идоракунӣ, назорати ҷории хароҷот дар ҷойи бавуҷудоӣ, сегментҳо ва марказҳои маъсулият, пешгӯйинамоӣ ва танзими хароҷот дар пояи чунин таснифот душвор мебошад. Маълулан хароҷоти истеҳсолӣ ҳангоми банақшагирӣ, ҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунӣ дар соҳаи сохтмон аз рӯйи ду аломат гурӯҳбандӣ карда мешаванд: аз рӯйи таркиб - унсурҳои иқтисодӣ ва аз рӯйи таъинот - моддаҳои арзишмуайянкунӣ. Бояд қайд кард, ки унсурҳои иқтисодӣ барои ҳамаи соҳаҳо ягона мебошад. Дар соҳаи сохтмон гурӯҳбандӣ аз руйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ аз солҳои 80-уми қарни гузашта сар карда, чор унсур пешбинӣ шудааст, масолеҳҳо, хароҷот барои пардохти меҳнати коргарон, хароҷот барои нигаҳдорӣ ва истифодабарии мошин ва механизмҳои сохтмонӣ, хароҷоти барилова. Новобаста аз он ки асоси ташаккули номгуйи моддаҳои арзишмуайянкуниро сатҳи истеъмоли хароҷоти гуногун дар ҷараёни иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ ифода мекунад, вале он муаммоҳои умумии фаъолияти ширкатҳои сохтмониро фаро намегирад. Номгуйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ дар соҳаи сохтмон бо амалияи тартиб додани сметаи сохтмонӣ мутобиқ карда шудааст, ки дар навбати худ имкон намедиҳад, алоқаи байни хароҷот ва таъиноти ҷараёни истеҳсолии онҳо таҳлил карда шавад. Дар ҳақиқат, истифода намудани номгуйи маҳдуди моддаҳо дар ҳисобкунии сметавӣ бо он асоснок аст, ки вазифаи смета дақиқ муайян кардани арзиши корҳои сохтмонӣ ва хароҷоти масолеҳ, кувваи корӣ, мошину таҷҳизот ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, гурӯҳбандӣ аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунии хароҷот дар ҳисобгирӣ мавҷуд нест, он алоқаи байни баҳисобгирии арзиши корҳои сохтмонию васлкунӣ ва низоми амалкунанадаи нархгузории сметавиро халалдор месозад. Ҳамзамон вобаста ба талаботи назорат, таҳлил ва идоракунии хароҷот коркарди номгуйи моддаҳои арзишмуайянкунии аз лиҳози иқтисодӣ асоснокқардашуда ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ имконият фароҳам меорад, ки сатҳи хароҷот дар ҷойи бавуҷудоиӣ, сегментҳо назорат карда шавад, натиҷаи фаъолияти сохторҳои алоҳида (қитъа, бригада) таҳлил карда шуда, захираҳои дохилихоҷагии баландбардории даромаднокӣ ва самаранокӣ ошкор карда шавад.

Амалияи тартибдодани смета нишон медиҳад, ки дар он хароҷот аз рӯйи аломати функционалӣ ба асосӣ ва барилова гуруҳбандӣ карда шудааст. Дар баробари ин, хароҷоти мустақим ва асосӣ ҳаммаъно шарҳ дода шуда, хароҷоти ғайримустақим бо хароҷоти барилова омехта карда мешаванд. Гурӯҳбандии хароҷот вобаста ба хусусиятҳои ташкилию технологии ширкатҳои сохтмонӣ дар адабиёти илмӣ васеъ нишон дода шудааст [2, с. 11; 6, с. 15-16; 7, с. 58; 10, с. 45 ва дигарон]. Дар заминаи нуктаи назари олимон ва мақсаднокии иқтисодӣ ба ақидаи мо, дар ширкатҳои сохтмони манзил хароҷот аз рӯйи аломати арзишмуайянкунӣ бояд моддаҳои зеринро дар бар гирад:

- ашё ва масолеҳ;
- сохтҳо ва қисмҳои тайёри сохтмонӣ;
- сӯзишворӣ ва қувваи барқ барои талаботи технологӣ;
- хароҷот барои пардохти меҳнати кормандони истеҳсолӣ;
- ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ;
-хароҷоти нақлиётӣ барои кашондани ашё ва масолеҳ;
- хароҷоти нақлиётӣ барои кашондани сохтҳо ва қисмҳои тайёри сохтмонӣ;
-хароҷот барои нигоҳдорӣ ва истифодани мошин ва таҷҳизотҳо;
- хароҷоти бариловаи қитъа (бригада);
- хароҷоти бариловаи умумисохтмонӣ;
- арзиши корҳои аз паймонкорони берунӣ қабулкардашуда.

Ҳамин тавр, номгӯйи моддаҳои пешниҳодшудаи арзишмуайянкунӣ пурра таркиби хароҷоти ширкатҳои сохтмони манзилро тавсиф намуда, хусусияти технологии фаъолияти онҳоро фаро мегирад. Ба роҳ мондани баҳисобгирии хароҷот вобаста ба моддаҳои пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки хусусияти хароҷоти истеҳсолии анҷомдодашуда муайян карда шуда, онҳо ба арзиши шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматии мушаххас ҳамроҳ карда шавад. Бар замми ин, таснифоти моддаҳои пешниҳодшуда омода кардани миқдори зиёди нишондиҳандаҳои таҳлилиро таъмин намуда, иттилоотнокии баҳисобгирии идоракуниро барои қабули қарорҳои асосноккардашудаи идоракунӣ баланд мебардорад. Ҳамзамон мавҷудияти нармафзорҳои муосири муҳосибӣ ва технологияҳои иттилоотӣ қодир мебошанд, баҳисобгирии таҳлилиро аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунии пешниҳодшуда таъмин намоянд.

Дар амалияи ширкатҳои сохтмони манзил баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ яке аз муаммоҳои асосӣ дар таъминоти ҷараёни сохтмон мебошад. Захираҳои сохтмонии харидашуда ба анбори асосии корхона ворид карда шуда, сипас байни объектҳои сохтмонӣ (қитъаҳо) тақсим карда мешаванд ё ки бевосита ба майдончаи сохтмонӣ дохил мешаванд. Ба ин захираҳои бевосита ба майдончаи сохтмонӣ воридшаванда дохил мешаванд, қум, арматура, шағал, семент, тахта, хишт, сохтҳои сохтмонӣ, таҷҳизоти муҳандисӣ ва амсоли инҳо. Дар майдончаи сохтмонӣ барои нигаҳдории ҷисмонӣ ва истифодабарии онҳо масъулият ба шаҳсони ҷавобгарии моддӣ дошта – бригадир, усто, сардори қитъа вогузор карда мешавад. Таҷрибаи амалии ширкатҳои сохтмони манзил нишон дод, ки хароҷоти масолеҳи дар майдончаи сохтмонӣ ҷойдошта, ҳисоб карда намешавад ва бо ҳуҷҷати аввала барасмиёт дароварда намешавад. Инчунин, дар ширкатҳои сохтмони манзил баҳисобгирии ҳаракати масолеҳи дар майдончаи сохтмонӣ буда, дар шуъбаи муҳосибот бидуни баҳисобгирӣ дар майдончаи сохтмонӣ ба роҳ монда шудааст, ки ба баҳисобгирии нодурусти ҳаракати захираҳо оварда мерасонад. Ҳолати мазкур, собит месозад, ки дар аксарияти ширкатҳои сохтмонӣ баҳисобгирии моддӣ ва назорати масолеҳҳо дар майдончаҳои сохтмонӣ мавҷуд нест. Истифодаи ҳақиқии масолеҳҳо дар майдончаи сохтмонӣ аз рӯйи ҳисоботи моддии бригадир, усто ё сардори қитъа дар охири моҳи ҳисоботӣ ҳуҷҷатӣ карда мешавад. Тибқи анъанаҳои дар сохтмон истифодашаванда бояд хароҷоти ҳақиқии масолеҳҳои мазкур ҳар моҳ бо роҳи барӯйхатгирӣ аз ҷониби комиссия бо иштироки кормандони муҳосибот амлӣ карда шавад, вале ин кор анҷом дода намешавад. Миқдори маслоеҳи дар ҷараёни сохтмон истифодашуда, чи хеле, ки таҷрибаи корхонаҳои таҳқиқшаванда нишон дод, санад оид ба бақияи масоеҳҳо дар майдончаи сохтмонӣ бе гузаронидани ягон хел барӯйхатгирӣ, беасос тартиб дода шуда, аз тарафи аъзоёни комиссия ба таври «расмӣ» имзо гузошта мешавад. Дар ин ҳолат хароҷоти масолеҳи дар ҷараёни сохтмон истифодашуда бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад: ба бақияи аввали моҳ воридшави дар давоми моҳ зам карда шуда, аз миқдори бадастомада дар асосӣ ҳисоботи шахсони ҷавобгарии моддӣ дошта (шакли М-19) бақия дар охири моҳ муайян карда мешавад.

Дар аксарияти ширкатҳои сохтмонӣ таҷрибае анъана шудааст, ки хароҷоти масолеҳҳо аз рӯйи корҳои иҷрокардашуда аз рӯйи миқдори масолеҳҳои харидашуда, на аз рӯйи миқдори ҳақиқии истифода намудани онҳо соқит карда мешавад. Ба замми ин, хароҷоти меъёрии масолеҳҳо ба роҳ монда нашудааст, зеро мувофиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ барои масолеҳҳои сохтмонии асосӣ зариби меъёрии хароҷот ба як воҳиди кор (сохтҳо) муқаррар карда шудааст. Ба роҳ мондани баҳисобгирии меъёрии хароҷоти масолеҳҳо имконият медиҳад, ки соқитсозии ҳақиқии масолеҳҳо бо меъёрҳои сохтмонии дар смета пешбинишуда ба роҳ монда шавад. Мавҷуд набудани баҳисобгирии мушаххас минбаъд ба талафот, дуздӣ ва муаммоҳои техникии захираҳои моддию молӣ мусоидат мекунад.

Бинобар ин, нуктаҳои зафъӣ дар ташкили баҳисобгирии захираҳои моддию молӣ дар майдончаи сохтмонӣ масъалаи нигоҳдорӣ ва истифода намудани захираҳо ҳангоми иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ ба ҳисоб меравад. Асоси чунин тартиби нигаҳдорӣ ва истифода намудани захираҳо дар майдончаи сохтмонӣ ба ақидаи мо, омилҳои зерин мебошад: инфрасохтори нокифояи майдончаи сохтмонӣ; дар як вақт кор намудани якчанд паймонкорони берунӣ; ҳаракати назоратнашавандаи шумораи зиёди кормандон; ҷараёни зиёди нақлиёти ба майдони сохтмон ворид ва хориҷшаванда; миқдори зиёди нуқтаҳои нигоҳдории захираҳои моддию молӣ ва

механизмҳо дар майдончаи сохтмонӣ ва ғайра. Аз ин рӯ, ташкили баҳисобгирии самаранокӣ захираҳои моддию молӣ ва механизмҳо яке аз вазифаҳои калидии ширкатҳои сохтмонӣ ба ҳисоб меравад, зеро ташкили дурурсти баҳисобгирии хоҷагии анборӣ имконият фароҳам меорад, ки захираҳои дар майдони сохтмонӣ буда ҳифз ва самаранок истифода карда шаванд.

Дар корхонаҳои сохтмонӣ баҳисобгирии масолеҳҳо дар муҳосибот дар ҳисоби ягонаи 10720 “Ашёи хом ва маводҳо” пеш бурда мешавад. Дар ҳақиқат масолеҳи сохтмонӣ аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ навъи ашёи хом ва маводҳо ба ҳисоб меравад, вале пешбинӣ намудани зерҳисоби алоҳидаи масолеҳи сохтмонӣ баҳисобгириро дар корхона содда мегардонад. Дар баробари ин, ба ақидаи мо, бояд сохтҳо ва қисмҳои тайёри сохтмонӣ бодарназардошти хусусиятҳои технологӣ ва соҳавии сохтмони манзил дар зерҳисоби алоҳида баҳисоб гирифта шаванд. Вобаста ба ин, дар ширкатҳои сохтмонӣ таснифоти дохилии захираҳо чунин тақсим карда шавад: захираҳо дар анбор; захираҳо дар майдончаи сохтмонии мушаххас; захираҳои ба паймонкорони беруна додашуда ва ғайра. Мо фикр мекунем, ки ширкатҳои сохтмонӣ ҳисобҳои таҳлили сатҳи гуногунро вобаста ба баҳисобгирии масолеҳҳои сохтмонӣ аз рӯйи намуд, ҷойи нигаҳдорӣ ва объектҳои сохтмонӣ ба роҳ монанд. Чунин ташкил намудани баҳисобгирии масолеҳҳои сохтмонӣ назорати бақия ва ҳаракати захираҳоро дар ҳар як майдончаи сохтмонӣ таъмин намуда, имконият фароҳам меорад, ки ба таври фаврӣ бо захираҳои моддӣ таъмин будани ҳар як объекти сохтмониро назорат кунанд, инчунин бақияи зиёдати ва камомадро ошкор кунанд.

Дар ширкатҳои сохтмони манзил баҳисобгирии лавозимот ва асбобу анҷом хусусияти хос дошта, амалияи пешбурди баҳисобгирии ширкатҳои таҳқиқшуда нишон дод, ки пешбуди он ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳангоми сохтмон ширкатҳо миқдори зиёди асбобу анҷом, таҷҳизот ва лавозимотро (қолиб, тахта ва ғайра) истифода мекунанд, ки хоси қариб тамоми лоиҳаҳои сохтмони манзил мебошад. Агар арзиши чунин лазвозимот гарон ва муҳлати истифодабариаш аз як сол зиёд бошад, онҳоро ҳамчун воситаи асосӣ баҳисоб мегиранд. Вале аксарияти лавозимот (қолиби чӯбӣ, либоси махсус, болға, калид, буранда, асбобҳои ченкунӣ, арра ва ғайра) қиммат набуда, дар дораи як сикли сохтмонӣ фарсуда мешаванд. Ин лавозимотҳо ҳамчун захираҳо баҳисоб гирифта шуда, арзиши онҳо дар вақти ба истифодабари равона кардан ба арзиши объекти сохтмонӣ ҳамроҳ карда мешаванд. Баҳисобгирии ҳаракати чунин лавозимот одатан аз ҷониби шахсони ҷавобгарии моддӣ дошта (бригадирон, сардорони қитъа) ба роҳ монда мешавад. Бояд қайд кард, ки дар ҷараёни сохтмон ҳамзамон лавозимоти арзишашон қиммат истифода мегардад, ки онҳоро дар муҳосибот ҳамчун лавозимоти гардон (бояд баргардонда шаванд) баҳисоб мегиранд. Ба чунин лавозимот қолиби фулузӣ дохил мешавад, ки чанд маротиба ба кор бурда шуда, дар ҳар як сикли истифодабарӣ арзиши он қисм-қисм (бо роҳи ҳисоб намудани истеҳлок) ҳамроҳ карда мешавад. Қолиби чӯбӣ бошад пас аз баохирасии корҳои сохтмонӣ аз эътибор соқит карда мешавад. Он метавонад ҳамчун пасмонда баҳисоб гирифта шуда, фурӯхта шавад. Ташкил накардани баҳисобгирии таҳлилии лавозимот ва асбобу анҷом имконият намедиҳад, ки мавҷудият, ҳолат ва ҳаракати лавозимоти сохтмонӣ назорат карда шавад. Бинобар ин, ташкил намудани баҳиосбгирии таҳлилии лавозимот ва асбобу анҷом дар ширкатҳои сохтмони манзил дар зерҳисобҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад: «Лавозимот ва асбобу анҷом дар анбор», «Лавозимот ва асбобу анҷом дар анбор дар объекҳои сохтмонӣ» ва «Лавозимот ва асбобу анҷом баргардондашаванда (гардон)». Чунин тартиби пешбурда баҳисобгирии лавозимот ва асбобу анҷом ҳолат ва ҳаракати лавозимоти сохтмонӣ дар макони ҷойгиршавиаш таъмин намуда, идоракунии ҷараёни мазкурро ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин месозад.

Муаммоҳои баҳисобгирии хароҷот оид ба нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ ба яке аз муҳимтарин унсури низоми иқтисодии ширкатҳои сохтмонӣ ба ҳисоб рафта, бартараф намудани онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолият, муҳлати иҷроиш ва сифати кори ширкатҳои сохтмонӣ равона гардидааст. Вале масъалаҳои баҳисобгирии хароҷоте, ки бо нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ алоқаманданд, на он қадар мавриди таваҷҷӯҳ қарор дода шудаанд, аз ҷумла ҷалб намудани мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ барои иҷрои корҳои алоҳида тариқи паймон, лизинг, иҷора ва ғайра. Ҳамин тавр, мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ метавонанд худӣ, ба иҷора гирифташуда, бо усули паймонкор ҷалбшуда бошанд. Мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ барои иҷрои корҳои гуногуни сохтмонию васлкунӣ истифода карда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои сохтмони манзил дар аст, ки баъзе мошинҳои сохтмонӣ аз аввали сохтмони объект то баитмомрасии он насб карда мешаванд (кранҳои бурҷӣ ва ғайра). Хароҷоти чунин мошинҳо мустақиман ба арзиши аслии объекти мазкур ҳамроҳ карда мешаванд. Дигар намуди мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ метавонанд дар як вақт ба якчанд объект хизмат расонанд, ин хароҷот бояд байни объектҳо тақсим карда шавад. Бояд қайд кард, ки дар ҳуҷҷатҳои танзимкунана [5; 9] хароҷот оиди нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ ба хароҷоти мустақим дохил карда шудааст, ки бевосита бо иҷроиши корҳои сохтмонию васлкунӣ алоқаманд буда, ба арзиши аслии объекти баҳисобгирии мушаххас ворид карда мешавад. Дар ҳақиққат хароҷоти истифодабарии мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ мустақим буда, хароҷоти нигаҳдории онҳо ғайримустақим мебошад. Хусусияти ғайримустақимии он нишон медиҳад, ки бояд тақсим карда шавад.

Амалия пешбурди баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сохтмони манзил нишон дод, ки дар аксарияти онҳо хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» баҳисоб гирифта мешавад. Хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ дар амалияи баъзе ширкатҳои сохтмонӣ дар ҳисоби 55300 «Хароҷотҳои умумӣ ва маъмурӣ» баҳисоб гирифта шуда, аз рӯйи пояи тақсимкунии дар қорхона қабулшуда, тақсим карда мешавад. Ҳамин тавр, хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодаи мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ ҳамчун моддаи алоҳидаи арзишмуайянкунӣ дар таркиби арзиши аслии коре, ки мошин ва техникаи сохтмонӣ иҷро кардааст, мушахас карда нашуда, баҳисоб гирифта намешавад. Чунин тартиби пешбурди баҳисобгирии хароҷоти нигаҳдорӣ ва истифодабарии мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ хароҷоти

ҳақиқии бо он марбутаро нишон намедиҳад. Ба ақидаи мо, баҳисобгирии харoҷоти истифодабарии мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ дар зерҳисоби 10731.01 «Харoҷоти бо истифодабарии мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ алоқаманд» ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» кушодашуда, бо муфассал намудан дар ҳисобҳои тартиби сеюм ва боло аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Харoҷоти нигаҳдории мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ метавонад дар зерҳисоби алоҳидаи 55301.01 «Харoҷоти нигаҳдории мошин ва таҷҳизотҳои сохтмонӣ алоқаманд» ба ҳисоби 55300 «Харoҷотҳои умумӣ ва маъмурӣ» баҳисоб гирифта шавад.

Масъалаи дигар дар ширкатҳои сохтмони манзил ин баҳисобгирӣ ва тақсимкунии харoҷоти барилова мебошад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки харoҷоти барилова бо фоиз аз ҳаҷми харoҷоти музди меҳнати коргарон (сохтмончиҳо ва механизаторон) муайян карда мешавад. Харoҷоти мазкур бо ташкили шароити истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, ташкилӣ ва идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ алоқаманд мебошад. Таркиби харoҷоти бариловаро моддаҳои зерин дар бар мегиранд: харoҷоти маъмурию хoҷагӣ; харoҷот барои хизматрасонии кормандони сохтмон; харoҷот барои ташкили кор дар майдончаи сохтмонӣ; дигар харoҷоти барилова; харoҷои дар меъёри харoҷоти барилова ҳисобнашаванда, вале бурдашаванда ба харoҷоти барилова. Чи хеле, ки мебинем дар таркиби харoҷоти барилова харoҷоти мустақим ва ғайримустақим, истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ҷой дорад. Дар амалияи пешбурди баҳисобгирӣ дар муҳосиботи корхонаҳои таҳқиқшаванда нишон дод, ки ҳамаи харoҷоти барилова дар як ҳисоб ба роҳ монда шудааст. Дар ҳолати сохтмони як объект чунин таҷриба коиби қабул аст. Агар дар як вақт ширкати сохтмонӣ дар якчанд майдони сохтмон, қитъа ё объект корҳои сохтмонию васлкуниро иҷро кунад, дар ин сурат маблағи ҳақиқии харoҷоти барилова аз рӯйи ҳар як объекти сохтмонӣ мушкил мегардад. Бинобар ин, такмили баҳисобгирии харoҷоти барилова, инчунин назорати он имконият медиҳад, ки арзиши корҳои сохтмонӣ дақиқ муайян карда шавад. Барои ин, ба ақидаи мо, ба ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” кушодани зерҳисобҳои алоҳида ба мақсади баҳисобгирии харoҷоти барилова ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба ҳисоби “Истеҳсолоти нотамом” кушодани ҳисобҳои таҳлилии бисёрсатҳа зарур мебошад, зерҳисоби 10739.01 “Харoҷоти бариловаи объекти сохмон” ва 10739.02 “Харoҷоти бариловаи қитъаи сохмонӣ”. Тартиби пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки харoҷоти барилова дар сатҳи объект ва қиъаи сохтмонӣ баҳисоб гирифта шавад. Маблағи дар ҳисобҳои таҳлили ҷамъшудаи харoҷоти барилова вобаста ба пояи интихобкардаи ширкати сохтмонӣ дар сиёсати ҳисобдории худ дар охири моҳ тақсим карда шуда, ба ҳисоби 10730 “Истеҳсолоти нотамом” бурда мешавад. Дар натиҷаи имконият фароҳам меояд, ки маълумот дар бораи бурдани харoҷоти барилова аз рӯйи ҳар як қитъа ва объекти сохтмонӣ, инчунин ширкати сохтмонӣ дар умум ташаккул дода шавад.

Хулоса. Дар охир қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои баррасикардашудаи таҷрибаи амалии ширкатҳои сохтмонӣ ҳамаи паҳлуҳои онҳоро фаро намегирад, вале аз нуқтаи назари ташкили баҳисобгирии идоракунӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар таҳқиқотҳои минбаъда мавриди омӯзиши амиқ қарор дода мешавад.

Адабиёт

1. Адамов, Н.А. Организация управленческого учета в строительстве / Н. А. Адамов, В. Е. Чернышев. - СПб., 2005. -. 192 с.
2. Баширов А.А. Калькулирование себестоимости в строительстве. М.: Финансы, 1980. -128 с.
3. Вандина, О.Г. Теория и методология функционирования учетно-аналитической системы бизнес-процессов в строительных организациях: диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Вандина Ольга Георгиевна. – Орел, 2012. – 290 с.
4. Визницкая, Е.А. Развитие бухгалтерского управленческого учета производственной деятельности строительной организации: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Визницкая Елизавета Александровна. – Москва, 2023. – 223 с.
5. Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505
6. Наринский А.С. Калькулирование себестоимости продукции в строительстве [Текст] / А.С. Наринский. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 191 с.
7. Низомов, С. Ф. Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики / С. Ф. Низомов; С. Ф. Низомов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 181 с.
8. Низомов, С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика / С.Ф. Низомов. – Душанбе: Сохибкор, 2013. – 272 с.
9. Положение по калькулированию себестоимости строительной продукции (работ, услуг). /Распоряжение Комитета по делам архитектуры и строительства при Правительстве РТ от 15 декабря 1999 г., №45.
10. Попова, Е. С. Классификация затрат по статьям калькуляции в бухгалтерском учете предприятий строительной отрасли / Е. С. Попова // Финансовая аналитика: проблемы и решения. – 2011. – № 17(59). – С. 39-48.
11. Церпенто, Д. П. Учетное отражение затрат дорожного строительства и анализ расходов на обеспечение его качества: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Церпенто Дмитрий Петрович. – Саратов, 2005. – 193 с.
12. Шулекин, А.Н. Развитие управленческого учета в организациях жилищного строительства в условиях институциональных изменений: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Шулекин Александр Николаевич. – Новосибирск, 2022. – 188 с.

УДК: 330.341:004(575.3)

ТАҲЛИЛИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАҒЙИРОТИ СОХТОРӢ ДАР БАХШИ СОҲИБКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раҳмонов Фаридун Мадисломович

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru

Мақола ба таҳқиқи тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити табдили рақамии иқтисодиёт бахшида шудааст. Кӯшиш карда шудааст, ки дар асоси таҳлили институтсионалӣ омилҳои асосии муайянкунандаи хосият ва самти тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ ошкор карда шаванд. Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти назарияи институтсионалӣ ва консепсияи иқтисоди рақамӣ, инчунин усулҳои таҳлили институтсионалӣ, муқоисавӣ, сифатӣ ва сохторӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот муқаррар карда мешавад, ки рушди бахши соҳибкорӣ бо афзоиши устувори шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва тақвияти нақши бахши хусусӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ҳамрадиф аст. Дар баробари ин, ошкор карда мешавад, ки ин тағйирот асосан миқдорӣ буда, бо тағйироти назарраси сифатии шаклҳои ташкилии пешбурди тиҷорат ҳамрадиф нестанд. Тасдиқ карда мешавад, ки бо вуҷуди он ки нишондиҳандаҳои рақамикунонӣ дар иқтисодиёти миллӣ пӯёи мусбатро нишон медиҳанд, таъсири рақамикунонӣ ба тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ маҳдуд аст. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ ва дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ зоҳир карда мешавад. Асоснок карда мешавад, ки маҳдудиятҳои институтсионалӣ ба амалӣ шудани иқтидори табдилдиҳандаи рақамикунонӣ халал мерасонанд ва рушди соҳибкории инноватсиониро бозмедоранд. Оид ба зарурати корбурди равиши ҳамаҷониба ҷиҳати рушди бахши соҳибкорӣ, ки тадбирҳои технологӣ ва институтсионалии ба таъмини тағйироти устувори сохторӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ нигаронидашударо муттаҳид месозад, хулоса бароварда шудааст.

Калидвожаҳо: назарияи институтсионалӣ, тағйироти сохторӣ, табдили рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, муҳити институтсионалӣ, бахши хусусӣ, рақамикунонӣ, соҳибкорӣ, рушди иқтисодӣ, инноватсияҳо.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ СТРУКТУРНЫХ СДВИГОВ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОМ СЕКТОРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Рахмонов Фаридун Мадисломович

Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры экономической теории. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбад 48/5. Тел.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru

Статья посвящена изучению структурных сдвигов в предпринимательском секторе Республики Таджикистан в условиях цифровой трансформации экономики. На основе институционального анализа предпринята попытка выявить основные факторы, определяющие характер и направление структурных сдвигов в предпринимательском секторе. Методологическая основа исследования сформирована положениями институциональной теории и концепцией цифровой экономики, а также методами институционального, сравнительного, качественного и структурного анализа. В ходе исследования установлено, что развитие предпринимательском секторе сопровождается устойчивым ростом числа хозяйствующих субъектов и усилением роли частного сектора в структуре национальной экономики. При этом выявлено, что эти сдвиги носят преимущественно количественный характер и не сопровождаются существенным качественным изменениям организационных форм ведения бизнеса. Подтверждено, что, несмотря на положительную динамику показателей цифровизации в национальной экономике, влияние цифровизации на структурные сдвиги в предпринимательском секторе ограничено. Особое внимание уделено роли институциональной среды, включая нормативно-правовую базу, уровень развития цифровой инфраструктуры и доступ к финансовым ресурсам. Утверждается, что институциональные ограничения препятствуют реализации трансформационного потенциала цифровизации и тормозят развитие инновационного предпринимательства. Делается вывод о необходимости комплексного подхода к развитию предпринимательского сектора, сочетающего технологические и институциональные меры, направленные на обеспечение устойчивых структурных сдвигов в условиях цифровой экономики.

Ключевые слова: институциональная теория, структурные сдвиги, цифровая трансформация, цифровая экономика, институциональная среда, частный сектор, цифровизация, предпринимательство, экономический рост, инновации.

INSTITUTIONAL ANALYSIS OF STRUCTURAL SHIFTS IN THE BUSINESS SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Rahmonov Faridun Madislomovich

International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant Professor at the Department of Economic Theory. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. Tel.: +992 905699797. E-mail: faridunrahmonov@mail.ru

This article examines structural shifts in the business sector of the Republic of Tajikistan amid the digital transformation of the economy. Using institutional analysis, an attempt is made to identify the main factors determining the nature and direction of structural shifts in the business sector. The methodological framework of the study is formed by the tenets of institutional theory and the concept of the digital economy, as well as methods of institutional, comparative, qualitative, and structural analysis. The study found that development in the business sector is accompanied by a steady increase in the number of economic entities and an increasing role of the private sector in the national economy. However, it was found that these shifts are primarily quantitative in nature and are not accompanied by significant qualitative changes in the organizational forms of doing business. It is confirmed that, despite the positive dynamics of digitalization indicators in the national economy, the impact of digitalization on structural shifts in the business sector is limited. Particular attention is paid to the role of the institutional environment, including the regulatory framework, the level of digital infrastructure development, and access to financial resources. It is argued that institutional constraints hinder the realization of the transformative potential of digitalization and inhibit the development of innovative entrepreneurship. A comprehensive approach to the development of the entrepreneurial sector is needed, combining technological and institutional measures aimed at ensuring sustainable structural shifts in the digital economy.

Keywords: institutional theory, structural shifts, digital transformation, digital economy, institutional environment, private sector, digitalization, entrepreneurship, economic growth, innovation.

Муқаддима. Дар шароити табдили рақамии иқтисоди ҷаҳонӣ, бахши соҳибкорӣ тағйироти назарраси сохториро аз сар мегузаронад, ки ҳам ба сохтори соҳавӣ ва ҳам ба ташкили тиҷорат таъсир мерасонанд. Ин тағйирот на танҳо аз омилҳои технологӣ, балки аз табдили муҳити институтсионалӣ, ки қоидаҳо ва шароити фаъолияти субъектҳои иқтисодиро муайян мекунад, низ вобаста мебошанд.

Мубрамии таҳқиқоти мазкур аз зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ аз нигоҳи равиши институтсионалӣ муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равандҳо хосияти худро доранд, ки бо хусусиятҳои рушди иқтисодӣ, сатҳи рақамикунонӣ ва вазъи муҳити институтсионалӣ алоқаманд мебошанд.

Ҳадафи мақола гузаронидани таҳлили институтсионалии тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани омилҳои асосие мебошад, ки хосият ва самти онҳоро муайян мекунанд.

Фарзияи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хосияти вобастагии институтсионалӣ буда, дар шароити иқтисоди рақамӣ аз рӯи сифати муҳити институтсионалӣ, сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ ва самаранокии танзими давлатӣ муайян карда мешаванд.

Масъалаи тағйироти сохторӣ ва табдили институтсионалии иқтисодиёт дар адабиёти илмии хориҷӣ ба таври васеъ баррасӣ шудааст. Дар доираи равиши институтсионалӣ, ба нақши ниҳодҳо дар ташаккули сохтори иқтисодиёт ва рафтори агентҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад [7]. Таҳлили платформаҳои рақамӣ ва экосистемаҳо ҳамчун шакли нави ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодӣ, ки марзҳои анъанавии ширкатҳоро тағйир медиҳад ва ба бозтақсимкунии захираҳо байни бахшҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад, мақоми намоён дорад [16]. Таҳқиқот дар ин самт таъкид мекунанд, ки табдили рақамӣ боиси ташаккули сохторҳои шабакавӣ ва платформавии соҳибкорӣ мегардад. Ин тақозо мекунад, ки равишҳои классикии назарияи ширкат бозбинӣ карда шаванд [15]. Дар баробари ин, таҳлили шароитҳои институтсионалӣ, ки хосияти тағйироти сохториро дар иқтисодиёт муайян мекунанд, дар баҳси илмӣ мавқеи муҳим дорад [14]. Ҳамчунин, таҳқиқоти амалӣ нишон медиҳанд, ки сифати муҳити институтсионалӣ (аз ҷумла низоми ҳуқуқӣ, механизмҳои танзимкунанда ва сатҳи эътимод) ба фаъолнокӣ ва устувории бахши соҳибкорӣ таъсири назаррас мерасонад [18]. Дар шароити иқтисоди рақамӣ ба табдили қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, ки дар тағйири марзҳои корхонаҳо ва ба миён омадани шаклҳои чандири ташкили тиҷорат зоҳир мешавад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад [17].

Дар илми иқтисодии тоҷик масъалаҳои табдили институтсионалӣ, тағйироти сохторӣ ва рушди бахши соҳибкорӣ аз нуқтаҳои назари гуногун баррасӣ шуда, дарки куллии равандҳои ҷорӣ пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, асосҳои назариявии таҳлили тағйироти сохторӣ дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз ҷониби Д.Ҷ. Суфиев мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд [13, с. 162]. А.К. Сафоев масъалаҳои танзими институтсионалӣ ва фаъолияти сармоягузориро таҳқиқ намуда, ба нақши давлат дар ташаккули муҳити муассири институтсионалӣ тамаркуз мекунад [12, с. 208]. К.С. Одиназода ба омӯзиши табдили рақамии иқтисодиёт ва таъсири он ба бозори меҳнат машғул шуда, арзи ҳастӣ намудани шаклҳои нави шуғл ва фаъолияти соҳибкориро асоснок мекунад [8, с. 324]. С. Олимов ҷанбаҳои технологии тағйироти сохториро баррасӣ карда, зарурати навсозии саноатро ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ таъкид кардааст [10, с. 43]. Таҳқиқоти Б.Ҳ. Каримов ва ҳаммуаллифон ба таҳлили ҷанбаҳои соҳавии рушди иқтисодиёт, аз ҷумла сайёҳӣ ва кишоварзӣ бахшида шуда, дар онҳо аҳамияти омилҳои сармоягузорӣ ва идоракунӣ дар таъмини тағйироти сохторӣ нишон дода шудааст [3; 4; 5]. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур хосияти бисёрҷонибаи ислоҳоти институтсионалӣ ва сохториро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мекунанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили ҳамаҷонибаи институтсионалии тағйироти сохтории бахши соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ коркард нашудааст.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Мақолаи мазкур хосияти амалию назариявӣ дошта, ба намуди таҳқиқоти тавсифию таҳлилӣ мансуб аст. Ҳамчун маводи таҳқиқӣ маълумоти омори расмӣ, ҳисоботҳои мақомоти давлатӣ, интишороти илмӣ ва манбаъҳои таҳлилии марбут ба рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва табдили рақамӣ истифода мешаванд. Барои тақвияти асосҳои назариявӣ ва мутобиқсозии натиҷаҳо, манбаъҳои байналмилалии марбут ба

иқтисодиёти институтсионалӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шуданд. Ба хотири анҷом додани таҳлили тағйироти сохторӣ маҷмуи нишондиҳандаҳои дахлдор истифода шудаанд, аз қабили: тағйироти ҳиссаи бахшҳои иқтисодӣ дар истеҳсолот ва шуғл, табдили сохтори корхонаҳо (аз рӯи андоза ва шакли ташкилӣ), инчунин густариши намудҳои фаъолият дар асоси технологияҳои рақамӣ. Омӯзиши ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки самт ва шиддати тағйироти сохторӣ арзёбӣ карда шавад.

Равиши методологии таҳқиқот ба таҳлили институтсионалӣ асос ёфтааст. Дар доираи таҳқиқот муҳити институтсионалӣ ҳамчун маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, механизмҳои танзимкунанда ва ниҳодҳои дастгирӣ, ки ба рафтори ширкатҳо ва самти фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ мешавад. Дар баробари ин, таҳлили институтсионалӣ ба ошкор кардани монеаҳо, маҳдудиятҳо ва имкониятҳои институтсионалӣ тамаркуз мекунад. Барои шарҳи робитаи байни омилҳои институтсионалӣ ва тағйироти сохторӣ усули таҳлили сифатӣ ва сохторӣ истифода мешавад. Дар ин қарина, маълумоти ҷамъовардашуда бо истифодаи усулҳои муқоисавӣ ва тафсирӣ таҳқиқ шуда, барои ошкор кардани қонуниятҳои асосии табдил дар бахши соҳибкорӣ кӯшиш карда мешавад. Ғайр аз ин, барои баланд бардоштани сатҳи дақиқии таҳлил равиши муназзам истифода шудааст, ки дар асоси он бахши соҳибкорӣ ҳамчун қисми низоми макроиқтисодӣ баррасӣ шуда, ҳамзамон робитаи он бо дигар бахшҳо ва ниҳодҳо ба назар гирифта мешавад. Умуман, омезиши усулҳои тавсифӣ, таҳлилӣ ва институтсионалӣ дар таҳқиқот имкон медиҳад, ки тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва натиҷаҳои саҳеҳ пешниҳод карда шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар солҳои охир, бахши соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти тадриҷӣ, вале назаррасро аз сар гузаронидааст, ки аз оғози раванди табдили сохтории иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад. Ин тағйирот асосан дар самти тақвияти нақши бахши хизматрасониҳо, коҳиши нисбии ҳиссаи баъзе намудҳои анъанавии фаъолият ва ташаккули тадриҷии намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ мушоҳида мешаванд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини ин равандҳо тағйирёбии сохтори фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Дар ҳоле ки қаблан ҳиссаи назарраси фаъолияти иқтисодӣ дар бахшҳои анъанавӣ, аз қабили кишоварзӣ ва истеҳсолоти аввалии саноатӣ мутамарказ буд, дар солҳои охир тамоюл ба рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, савдо ва то андозае фаъолияти технологӣ мушоҳида мешавад. Ин тамоюл ба самти ҳаракати иқтисодиёт ба сохтори нисбатан гуногунранг ва чандир ишорат мекунад [4; 5; 8].

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ин тағйирот ҳанӯз ба қадри кофӣ амиқ ва устувор нестанд. Ҳиссаи бахшҳои дорои технологияи баланд дар сохтори иқтисодиёт маҳдуд буда, вобастагӣ аз намудҳои анъанавии фаъолият пурра аз байн нарафтааст. Ин тасдиқ мекунад, ки раванди тағйироти сохторӣ дар марҳилаи гузариш қарор дорад. Бинобар ин, «дарки қонуниятҳои тағйироти сохторӣ имкон медиҳад, ки заминаи назариявӣ барои таҳлили равандҳои табдили рақамии муосир, аз ҷумла дар низомҳои соҳавӣ бунёд карда шавад» [13, с. 165].

Аз нигоҳи институтсионалӣ, ин тағйирот бо таъсири омилҳои гуногун – сиёсати давлатӣ, рушди инфрасохтор ва муҳити тиҷоратӣ ба миён омадаанд. Аз ҷумла, нақши ҳукумат дар сафарбар кардани захираҳо ва эҷоди ангезаҳо барои рушди бахшҳои нави иқтисодӣ назаррас буд, гарчанде ки самаранокии ин тадбирҳо дар баъзе мавридҳо маҳдуд ба назар мерасид.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бахши соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири табдили сохторӣ қарор дорад. Аммо ин раванд тақвияти пойгоҳи институтсионалӣ ва суръат бахшидани татбиқи технологияҳои навро барои ноил шудан ба сохтори пӯён ва рақобатпазири соҳибкорӣ тақозо мекунад.

Зуҳуроти назарраси тағйироти институтсионалию сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили сохтори субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯйи шакли моликият мебошад. Таҳлили чунин пӯёи сохтори субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи солҳои 2015-2024 имкон медиҳад, ки тамоюлҳои устувор дар бозтақсимшавии фаъолнокии иқтисодӣ байни шаклҳои гуногуни институтсионалӣ ошкор карда шаванд.

Ҷадвали 1. Пӯёи сохтори субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сол	Ҳамагӣ	Давлатӣ	Хусусӣ ва коллективӣ	Омехта (бо иштироки хориҷӣ)
2015	42358	9161	32507	690
2018	43252	8940	33361	951
2019	46465	9838	35592	1035
2020	47639	10150	36434	1052
2021	48625	10197	37265	1163
2022	52134	10541	40371	1222
2023	55636	10686	43579	1371
2024	57841	10618	45708	1515

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [11, с. 227]

Таҳлили маълумоти дар ҷадвали 1 пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2024 аз 42358 адад то 57841 адад афзоиш ёфтааст, ки ин аз густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди тадриҷии муҳити бозорӣ шаҳодат медиҳад.

Тамоюли муайянкунанда бартарии доимии шаклҳои моликияти хусусӣ ва коллективӣ мебошад. Шумораи умумии онҳо дар давраи баррасишаванда аз 32507 адад то 45708 адад афзоиш ёфтааст, ки инъикоси нақши афзояндаи бахши ғайридавлатӣ дар иқтисодиёт мебошад. Ин тамоюл аз таҳкими тадриҷии асосҳои институтсионалии соҳибкорӣ ва густариши соҳаи ташаббуси хусусӣ шаҳодат медиҳад. Баръакс, бахши давлатӣ вазъи нисбатан босуботро нишон медиҳад. Бо вуҷуди назаррас набудани тағйироти қиматҳои мутлақ (дар фосилаи 8940–10686), ҳиссаи он дар сохтори умумии соҳибкорӣ дар охири давраи баррасишаванда тамоюли

коҳишёбӣ дорад. Ин аз бозтақсимшавии тадриҷии фаъолияти иқтисодӣ ба манфиати бахши хусусӣ шаҳодат медиҳад.

Дар бахши моликияти омехта бо сармояи хориҷӣ низ пӯёи мусбат мушоҳида мешавад. Шумораи чунин субъектҳо беш аз ду баробар – аз 690 адад дар соли 2015 то 1515 адад дар соли 2024 зиёд шудааст. Аммо, бо вуҷуди афзоиш, вазни қиёсии онҳо дар сохтори умумии соҳибкорӣ назаррас нест, ки аз нокифоя будани сармоягузории хориҷӣ дар бахши соҳибкории кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, сохтори бахши соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бартарии устувори моликияти хусусӣ ва коллективӣ, нақши маҳдуди бахши давлатӣ ва ҳиссаи ками корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ тавсиф мешавад. Ин аз ташаккули амсилаи соҳибкории асосан ба дохил нигаронидашуда, ки дар он равандҳои табдили институтсионалӣ бо ҳамгироии маҳдуд ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамрадиф мебошанд, шаҳодат медиҳад.

Тағйироти сохтории муайяншуда дар сохтори бахши соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ тасодуфӣ нестанд, балки аз таъсири муштараки омилҳои технологӣ ва институтсионалӣ бармеоянд. Дар шароити имрӯза, маҳз рақамикунонии иқтисодиёт яке аз ҳомилҳои асосии табдили сохторҳои соҳибкорӣ буда, механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодиро дигар мекунад ва монеаҳои воридшавии соҳибкорон ба бозорро коҳиш медиҳад.

Аз нигоҳи институтсионалӣ, рақамикунонӣ ба табдили қоидаҳои расмӣ ва ҳам ғайрирасмии фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Тавсеаи дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ равандҳои бақайдгирӣ, пешбурд ва идоракунии фаъолияти соҳибкориро сода намуда, ҳамзамон хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳад ва сатҳи шаффофии муносибатҳои бозориро баланд мебардорад. Ин заминаҳоро барои афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус дар бахшҳои тиҷорати хурд ва худмашғулият фароҳам меорад.

Ҳамзамон, технологияҳои рақамӣ ба тағйирёбии сохтори фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Густариши савдои онлайн, хизматрасониҳои рақамӣ ва технологияҳои платформавӣ боиси бозтақсимшавии захираҳо ба манфиати бахшҳои хизматрасонӣ ва амалиёти тиҷоратӣ мегардад, ки инро ба таври ғайримустақим афзоиши соҳибкории хусусӣ, ки қаблан қайд шуда буд, тасдиқ мекунад. Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ тамоюли бартарии бахши хусусӣ ва ташаккули сохтори фасеҳ ва ғайримарказии соҳибкориро тақвият медиҳад.

Аммо, дар баробари ин, таъсири рақамикунонӣ ба тағйироти сохторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби вазъи муҳити институтсионалӣ маҳдуд аст. Сарфи назар аз мавҷудияти баъзе унсурҳои инфрасохтори рақамӣ, сатҳи рушди он барои ташаккули экосистемаҳои комили рақамӣ нокифоя аст. Дастрасии маҳдуд ба интернети баландсуръат, рушди нобаробари рақамии минтақаҳо ва сатҳи нокифояи малакаҳои рақамии соҳибкорон паҳншавии шаклҳои инноватсионии тиҷоратро бозмедоранд.

Ҳамчунин маҳдудиятҳои институтсионалӣ низ нақши муҳим доранд. Инҳо иборатанд аз номукаммалии пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, маҳдудияти механизмҳои дастгирии соҳибкории инноватсионӣ, инчунин сатҳи нокифояи ҳифзи ҳуқуқҳои сармоягузорон. Ин омилҳо ҷолибияти муҳити соҳибкориро, бахусус барои субъектҳои дорои сармояи хориҷӣ коҳиш медиҳанд, ки ин бо саҳми пасти чунин субъектҳо дар сохтори умумии соҳибкорӣ тасдиқ мешавад [12, с. 214].

Дар натиҷа, вазъияте ба миён меояд, ки рақамикунонӣ, сарфи назар аз доштани иқтидори назарраси табдил, танҳо қисман амалӣ мешавад. Тағйироти сохторӣ асосан тавассути рушди густурдаи бахши хусусӣ ба амал меоянд, на тавассути гузариши сифатӣ ба шаклҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаи соҳибкорӣ.

Барои арзёбии миқдории таъсири рақамикунонӣ ба рушди бахши соҳибкорӣ, баррасии нишондиҳандаҳои асосии инфрасохтори рақамӣ ва бахши хусусӣ бамаврид аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Пӯёи рақамикунонӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳанда	2022	2023	2024
Бахши соҳибкорӣ			
Субъектҳои моликияти хусусӣ ва коллективӣ, адад	40371	43579	45708
Инфрасохтори рақамӣ			
Даромад аз фаъолияти асосии алоқа, млн. сомонӣ	196,7	187,3	249,4
Хизматрасониҳои рақамии молиявӣ			
Ҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ, ҳаз.адад	15913,4	16496,5	17165,8
Истифодабарандагони хизматрасониҳои рақамӣ			
Истифодабарандагони интернет, ҳаз. нафар	347,2*	791,9*	4628,6
Истифодабарандагони алоқаи мобилӣ, млн. нафар	36,4*	84,4*	7,96
* – маълумоти солҳои 2022-2023 ҳамаи SIM-кортҳои фаъолро дар бар мегиранд (як муштарӣ метавонад якчанд SIM-корт дошта бошад). Дар соли 2024 методикаи баҳисобгирӣ бо назардошти ҳар як муштарӣ тағйир ёфтааст.			

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1, с. 81; 11, с. 227; 6, с. 25-27]

Таҳлили маълумоти дар ҷадвали 2 овардашуда нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда рақамикунонӣ ва фаъолнокии соҳибкорӣ ҳамзамон афзоиш ёфтаанд. Шумораи субъектҳои моликияти хусусӣ ва коллективӣ аз 40371 адад дар соли 2022 то 45708 адад дар соли 2024 зиёд шудааст, ки аз тавсеаи пойгоҳи соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои инфрасохтори рақамӣ низ афзоишро нишон медиҳанд. Аз ҷумла, шумораи ҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ аз 15913,4 ҳазор адад то 17165,8 ҳазор адад зиёд шудааст, ки фарогирии амиқтари молиявӣ ва тавсеаи истифодаи воситаҳои молиявии рақамиро инъикос мекунад. Афзоиши

даромад дар соҳаи алоқа (аз 196,7 то 249,4 миллион сомонӣ) ҳамчунин аз густариши муҳити рақамӣ ва афзоиши талабот ба хизматрасониҳои дахлдор шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди маҳдудиятҳои омории шумораи истифодабарандагони интернет ва алоқаи мобилӣ, пӯёи онҳо паҳншавии пайвастаи технологияҳои рақамиро нишон медиҳад, ки заминаҳоро барои рушди шаклҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меорад.

Муқоисаи нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки дар бораи мавҷуд будани вобастагии мусбати байни рушди инфрасохтори рақамӣ ва афзоиши фаъолнокии соҳибкорӣ хулоса бароварда шавад. Рақамикунонӣ хароҷоти пешбурди тиҷоратро коҳиш медиҳад, дастрасиро ба бозор васеъ мекунад ва ба ҷалби иштирокчиёни нав дар фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, вобастагии ошкоршуда хосияти хаттӣ ва комили табдилӣ надорад. Рушди бахши хусусӣ асосан миқдорӣ аст, дар ҳоле ки тағйироти сифатии марбут ба рушди соҳибкории инноватсионӣ ва платформавӣ маҳдуд мебошанд.

Ҳамин тариқ, рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили муҳими тағйироти сохторӣ мебошад, аммо таъсири он пеш аз ҳама тавассути густариши шаклҳои мавҷудаи соҳибкорӣ, на тавассути табдили амиқи онҳо, амалӣ мешавад [2, с. 115]. Ин тасдиқ мекунад, ки на танҳо омилҳои технологӣ, балки сифати муҳити институтсионалӣ низ дар ташаккули тағйироти сохторӣ нақши муҳим дорад.

Сарфи назар аз пӯёи мусбати рақамикунонӣ, маҳдудияти самари табдилдиҳандаи он аз мавҷудияти монеаҳои институтсионалӣ, ки рушди шаклҳои нисбатан мураккаб ва ба корбурди технологияҳои нав нигаронидашудаи соҳибкориро бозмедоранд, шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд маҳдудиятҳои институтсионалӣ, ки хосияти муназзам доранд, маҳдуд карда мешаванд [5; 9].

Монеаи асосӣ ин рушди нокифояи пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ барои иқтисоди рақамӣ мебошад. Набудани танзими ҳамаҷонибаи платформаҳои рақамӣ, савдои электронӣ ва воситаҳои молиявии рақамӣ рушди амсилаҳои нави тиҷоратро маҳдуд мекунад ва ҷолибияти сармоягузории ин бахшҳоро коҳиш медиҳад [4, с. 180].

Сатҳи умумии рушди институтсионалӣ низ монеаи назаррас мебошад. Сатҳи пасти пешгӯишавандагии сиёсати танзимкунанда, монеаҳои маъмурӣ ва дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ фаъолнокии соҳибкориро, бахусус дар бахши корхонаҳои хурд ва инноватсионӣ, бозмедоранд [3, с. 236].

Рушди нобаробари инфрасохтори рақамӣ низ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Номутаносибиҳои минтақавии дастрасӣ ба технологияҳои муосир ташаккули фазои ягонаи рақамиро бозмедоранд ва иштироки минтақаҳоро дар равандҳои табдили рақамӣ маҳдуд мекунанд. Омили иловагии боздорандаи тағйироти мусбати бахши соҳибкорӣ сатҳи нокифояи салоҳиятҳои рақамӣ ва соҳибкорӣ мебошад. Маҳдудияти сармояи инсонӣ қобилияти субъектҳои соҳибкориро барои татбиқи инноватсияҳо ва мутобиқ шудан ба шароити нави пешбурди тиҷорат коҳиш медиҳад. Сатҳи пасти ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши соҳибкорӣ ҳамчун як мушкили назарраси институтсионалӣ боқӣ мемонад. Ин ҳам аз маҳдудиятҳои дохилии муҳити институтсионалӣ ва ҳам аз ҳамгироии нокифоя ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва рақамӣ вобаста аст [4; 5; 9; 10].

Дар маҷмуъ, ин маҳдудиятҳо муҳити институтсионалиеро ташакул медиҳанд, ки дар он рақамикунонӣ наметавонад иқтидори пурраи табдилдиҳандаи худро амалӣ кунад. Ин маънои онро дорад, ки тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ асосан миқдорӣ мебошанд, на сифатӣ.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки табдили бахши соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як қисми раванди васеътари тағйироти институтсионалӣ, ки хоси иқтисодиёти мутобиқшавӣ ба амсилаии рушди рақамӣ мебошад, баррасӣ карда шавад. Дар тафовут аз кишварҳои пешрафта, ки дар онҳо рақамикунонӣ бо ташаккули экосистемаҳои платформавӣ ва тағйири марзҳои ширкатҳо ҳамрадиф аст, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд бо сабаби хусусиятҳои муҳити институтсионалӣ хеле тадриҷӣ ва мутобиқшаванда аст [9, с. 310].

Муқоисаи тамоюлҳои ошкоршуда бо муқаррароти назарияи институтсионалӣ нишон медиҳад, ки омили асосии муайянкунандаи хосияти тағйироти сохторӣ на сатҳи рушди технологӣ, балки сифати механизмҳои институтсионалӣ мебошад. Ҳатто дар мавриди мавҷуд будани пӯёи мусбати нишондиҳандаҳои рақамӣ, таъсири онҳо ба табдили соҳибкорӣ дар шароити шаффофии нокифояи танзимкунӣ ва дастгирии заифи шаклҳои инноватсионии тиҷорат маҳдуд мебошад.

Номутавозинии ошкоршуда байни афзоиши миқдории субъектҳои соҳибкорӣ ва табдили сифатии шаклҳои ташкилии онҳо сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Ин падида нишон медиҳад, ки амсилаи муосири рушд асосан ба васеъ кардани сохторҳои мавҷудаи соҳибкорӣ нигаронида шудааст, на ба ташаккули сохторҳои нави нисбатан мураккаб ва аз ҷиҳати технологӣ пешрафта [8, с. 326]. Ин иқтидори баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиётро дар ояндаи дарозмуддат маҳдуд мекунад.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки рақамикунонӣ худ бо худ танҳо шарти кофӣ барои тағйироти амиқи сохторӣ нест. Таъсири табдилдиҳандаи он танҳо дар сурати мавҷуд будани муҳити муносиби институтсионалӣ, ки қодир аст мутобиқшавии субъектҳои иқтисодиро ба шароити нав таъмин кунад, амалӣ мешавад. Ин зарурати равиши ҳамаҷонибаи рушди бахши соҳибкориро, ки тадбирҳои технологӣ ва институтсионалиро муттаҳид месозад, таъкид мекунад.

Хулоса. Дар рафти таҳқиқот қонуниятҳои асосии тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити табдили рақамӣ ошкор карда шуданд. Муқаррар карда шуд, ки рушди соҳибкорӣ бо афзоиши мунтазами шумораи субъектҳо, инчунин афзоиши нақши бахши хусусӣ дар сохтори иқтисодиёт ҳамрадиф аст. Дар ин мавриди, тағйироти ошкоршуда асосан хосияти миқдорӣ доранд ва бо тағйироти амиқи сифатии шаклҳои ташкилӣ ва амсилаҳои пешбурди тиҷорат ҳамрадиф нестанд.

Таҳлил нишон дод, ки рақамикунонӣ ба рушди фаъолнокии соҳибкорӣ таъсири мусбат расонида, ба дастрасии бештар ба захираҳои молиявӣ мусоидат мекунад, хароҷоти муомилотро коҳиш медиҳад ва иштирокчиёни навро ба фаъолияти иқтисодӣ ҷалб мекунад. Аммо, таъсири он ба тағйироти сохторӣ маҳдуд мебошад ва ба ташаккули экосистемаҳои комили рақамӣ ва шаклҳои инноватсионии соҳибкорӣ боис шуда наметавонад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда фарзияеро, ки қаблан муқаррар шуда буд, тасдиқ кард. Яъне тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон хосияти бештар институтсионалӣ доранд ва дар шароити иқтисоди рақамӣ, аз сифати муҳити институтсионалӣ, сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ ва самаранокии танзими давлатӣ муайян карда мешаванд. Муқаррар карда шуд, ки маҳдудиятҳои институтсионалӣ ба амалӣ шудани иқтидори табдилдиҳандаи рақамикунонӣ монеъ мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар равиши ҳамаҷониба ҷиҳати таҳлили тағйироти сохторӣ дар бахши соҳибкорӣ дар асоси ҳамгироии назарияи институтсионалӣ ва консепсияи табдили рақамӣ ифода меёбад. Дар мақола робитаи байни пӯёи инфрасохтори рақамӣ ва рушди соҳибкорӣ асоснок карда шуда, инчунин маҳдудиятҳое, ки гузариш ба шаклҳои нисбатан мураккаб ва ба технология нигаронидашударо бозмедоранд, ошкор карда шудаанд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо дар раванди таҳияи сиёсати давлатии ба рушди бахши соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисоди рақамӣ нигаронидашуда ифода меёбад. Ба таври мушаххас, дар таҳқиқот зарурати такмил додани пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи салоҳиятҳои рақамӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ асоснок карда шудааст.

Умуман, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар самти табдили институтсионалии иқтисодиёт ва ташаккули амсилаи муассири рушди соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонӣ ба кор бурда шаванд.

Адабиёт

1. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – 2025. – № 12 (365). – 103 с.

2. Каримов, Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – № 3(37). – С. 115-119

3. Каримов, Б.Ҳ., Аҳмади, З. Сармоягузорӣ ҳамчун омили пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он / Б.Ҳ. Каримов, З. Аҳмади // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023. - № 4 (49). - С. 236-243

4. Каримов, Б.Ҳ., Раҳимов, М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов / - Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. - № 3 (42). - С. 180-188

5. Каримов, Б.Ҳ., Тохтаров, И.Х. Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 12. - С. 139-148

6. Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - 33 с., с. 25-27

7. Норт, Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Д. Норт; пер. с англ. А.Н. Нестеренко; предисл. и науч. ред. Б.З. Мильнера. - Москва: Фонд экономической книги «Начала», 1997. - 180 с.

8. Одиназода, К.С. Механизми танзими давлатии бозори меҳнатии корҳои фосилавӣ / К.С. Одиназода, Қ.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2025. - № 1(56). - С. 324-329

9. Одиназода, К.С. Табдили рақамии иқтисодиёт: мафҳумҳои асосӣ ва марҳилаҳо / К.С. Одиназода, Ф.М. Раҳмонов // Паёми молия ва иқтисод. - 2024. - № 4-2(43). - С. 309-316

10. Олимов, С. Оценка технологического уклада и пути совершенствования промышленности Таджикистана / С. Олимов // Наука и инновации. - 2018. - № 1 (179). - С. 43-46

11. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – 442 с.

12. Сафоев, А.К. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 208-217

13. Суфиев, Д.Ҷ. Асосҳои назариявию иқтисодии таҳлили тағйироти сохторӣ дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ / Д.Ҷ. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 11. – С. 162-171

14. Acemoglu, D. Why Nations Fail: The Origins of Power, Prosperity, and Poverty / D. Acemoglu, J.A. Robinson. - New York: Crown Currency, 2013. - 544 p.

15. Brynjolfsson, E. The Second Machine Age: Work, Progress, and Prosperity in a Time of Brilliant Technologies / E. Brynjolfsson, A. McAfee. - New York: W.W. Norton & Company, 2016. - 336 p.

16. Parker, G.G. Platform Revolution: How Networked Markets Are Transforming the Economy and How to Make Them Work for You / G.G. Parker, M.W. Van Alstyne, S.P. Choudary. - New York: W.W. Norton & Company, 2016. - 352 p.

17. Tapscott, D. The Digital Economy: Promise and Peril in the Age of Networked Intelligence / D. Tapscott. - New York: McGraw-Hill, 1997. - 342 p.

18. Williamson, O.E. The Economic Institutions of Capitalism: Firms, Markets, Relational Contracting / O.E. Williamson. - New York: Free Press, 1998. - 468 p.

УДК: 336.6

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ «ЗЕЛЕНОЙ» ЭКОНОМИКИ И ПЕРЕРАБОТКИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

Хусейнзода Исмоил Абдуджалил

соискатель Таджикской академии сельскохозяйственных наук института экономики и системного анализа развития сельского хозяйства Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе 733702, улица Хаёти нав 306.

В статье анализируются основные направления развития переработки сельскохозяйственной продукции, определяющие эффективность привлечения зелёных инвестиций в аграрный сектор Республики Таджикистан. На основе сопоставления статистических рядов и институциональных изменений рассматриваются динамика сельскохозяйственного производства, структура форм хозяйствования, состояние материально-технической базы и бюджетная поддержка отрасли. Показано, что в период рыночной трансформации именно сочетание ценового диспаритета, высоких отраслевых рисков и сокращения прямого государственного финансирования обусловило хронический дефицит капитала в сельском хозяйстве.

Ключевые слова: зеленные инвестиции, инвестиционный потенциал; капиталовложения; прямые инвестиции; индустриальное развитие аграрного сектора; региональная инвестиционная политика; конкурентоспособность; кооперация.

MAIN DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF THE “GREEN” ECONOMY AND AGRICULTURAL PRODUCT PROCESSING

Huseynzoda Ismoil Abdujalil

Research Fellow, Institute of Economics and Systems Analysis of Agricultural Development, Tajik Academy of Agricultural Sciences. Address: 733702, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 306 Khayoti Nav Street.

This article examines the theoretical foundations of agricultural crop production and processing within the context of the transition to a "green" economy and the development of the agrarian sector in the Republic of Tajikistan. Based on a comparison, the organizational-economic aspect reflects the methods of combining factors of production and the level of development of productive forces.

It is demonstrated that, within the agro-industrial complex, integration should be viewed not merely as an expansion of ties between agriculture and the processing industry, but as a transition to a more systemic form of production-economic interaction among the sectors of material production. It is also examined how inter-industry linkages—whereby the output of one sector serves as an input for another—form the economic basis of the pricing model within the context of developing the republic’s "green" economy.

Key words: investment potential; capital investment; foreign direct investment; industrial development of agriculture; regional investment policy; competitiveness; cooperation.

Введение. Формирование долгосрочной стратегии развития «зелёной» экономики в сфере производства и переработки сельскохозяйственной продукции является необходимым условием устойчивого роста агропромышленного комплекса и экономики республики в целом. Переход к новым моделям хозяйствования, усложнение структуры агропродовольственных цепочек и усиление требований к эффективности использования ресурсов объективно требуют системного подхода к выстраиванию экономических связей между основными звеньями агропромышленного производства.

Такая концепция должна выполнять не только ориентирующую, но и методологическую функцию, обеспечивая научно обоснованную координацию процессов концентрации и специализации сельскохозяйственного производства, внедрение наиболее результативных форм хозяйствования, а также развитие экономически целесообразного взаимодействия как по горизонтали (между производителями), так и по вертикали (между производством, переработкой и реализацией) [6. С-30].

В этом смысле концепция выступает не набором декларативных положений, а рамочной моделью, задающей логику формирования программ, проектов и управленческих решений в агропродовольственной сфере.

В более широком методологическом плане концепция представляет собой систему взглядов и принципов, определяющих стратегию преобразований, приоритеты развития и инструменты их практической реализации.

Именно на её основе должны формироваться отраслевые и территориальные программы, в которых находят отражение ресурсные ограничения, институциональные особенности, технологические возможности и социально-экономические условия функционирования конкретных предприятий и подкомплексов [1. С-67].

В условиях многоукладной экономики становится очевидной ограниченность точечных и несогласованных мер регулирования. Возрастает необходимость формирования целостной зеленой модели совершенствования организационно-экономических отношений, ориентированной на системное развитие продовольственных подкомплексов.

Такая модель предполагает расширение кооперационных форм взаимодействия, углубление агропромышленной интеграции и выстраивание механизмов, обеспечивающих согласование экономических

интересов производителей сырья и перерабатывающих организаций в рамках единого воспроизводственного цикла [3. С-6].

Земля в сельском хозяйстве выступает не только пространственным базисом, но и ключевым производственным ресурсом, качество которого (плодородие) предопределяет предельную отдачу вложений. Особенности биологических процессов и сезонности требуют строгого согласования долгосрочных инвестиций с календарём текущих затрат; игнорирование этой логики приводит к потере части урожая и, как следствие, к обесценению уже понесённых вложений в производство, хранение и переработку органической чистой продукции.

Материалы и методы исследования. Методологическую основу исследования составили сравнительный и статистический анализ, системный и институциональный подходы, а также обобщение данных по развитию сельского хозяйства и переработки в Республике Таджикистан. В работе сопоставлены статистические ряды и институциональные изменения, проанализированы инвестиционная активность, формы кооперации, государственное финансирование и организационно-экономические связи между производителями сельскохозяйственного сырья и перерабатывающими предприятиями.

Результаты и обсуждение. В частности, в интервале 2022–2024 гг. совокупный объём производства и переработки сельскохозяйственной продукции увеличился на 17,1 %, что отражает не только количественное расширение выпуска, но и углубление процессов вовлечения сырьевой базы в промышленную переработку в рамках единого воспроизводственного контура.




Диаграмма 1. Структура инвестиции в основной капитал республики

***Источник:** расчёты автора по данным Агентства по статистике при Президенте РТ. Социально-экономическая положение Республики Таджикистан. -Душанбе, 2025. -С-245.

Начиная с 2024 года в экономике страны наблюдается заметное ускорение инвестиционной активности: совокупный объем вложений увеличился в 1,6 раза, что свидетельствует о постепенном восстановлении инвестиционного цикла и росте интереса к развитию производственного потенциала.

При этом структурные сдвиги носят выраженно неоднородный характер: наиболее существенные темпы роста зафиксированы в плодоовощном и животноводческом подкомплексах, где объёмы производства плодовых культур возросли в 2,5 раза, переработка овощной продукции (преимущественно томатов и огурцов) увеличилась на 27,3 %, выпуск мяса — на 38,4 %, а молока — на 14,2 %.

Совокупная земельная площадь оставалась стабильной, тогда как в контуре сельхозугодий прослеживается лёгкое сжатие. Наблюдается рост доли площадей под многолетними насаждениями и незначимое повышение по сенокосам, при фиксированно высокой доле пастбищ. Сокращение залежей указывает на вовлечение части ресурсов в оборот либо на структурные преобразования в землепользовании.

К концу 2023 г. функционировало 420 сельскохозяйственных предприятий различного профиля (совхозы, колхозы, учебные и опытные хозяйства, племзаводы, птицефабрики, АОЗТ, ТОО, кооперативы, прочие). Перестройка схем сбыта сопровождалась переносом акцента с реализации через госорганизации на альтернативные каналы: розничные рынки, собственные торговые точки, предприятия общепита, бартер и т. п. На этом фоне финансовое состояние производителей стабилизировалось, а государственная поддержка АПК усилилась.

Разнообразие действующих и потенциальных связей в агропромышленной сфере объективно требует осмысленного выбора наиболее эффективных организационных конфигураций и инструментов управления. При этом принципиальное значение имеет поддержание пропорциональности и функционального равновесия между элементами кооперированных и интегрированных структур — как на отраслевом, так и на территориальном уровнях.

Следовательно, система управления должна быть функционально подчинена обеспечению синергетического эффекта от совместной деятельности. Для реализации хозяйственных задач кооператив формирует собственную организационную структуру и привлекает наёмных работников на контрактной основе. Такое сочетание принципов коллективного самоуправления и профессионального менеджмента позволяет объединить преимущества демократической модели принятия решений с требованиями современной производственной организации (рисунок 1).




Рисунок 1. Состав участников кооператива по закупке, переработке и реализации мяса и мясопродуктов.

***Источник:** составлено автором.

В рамках предлагаемой модели потребительского кооператива (рисунок 1) ключевое значение придаётся формированию специализированных функциональных подразделений, прежде всего транспортной и маркетинговой служб. Создание транспортного блока позволяет выстроить устойчивую логистическую схему движения материальных потоков — от сельскохозяйственных товаропроизводителей к перерабатывающим предприятиям и далее к конечным пунктам реализации, тем самым снижая транзакционные издержки, потери качества и временные разрывы в поставках.

Формирование устойчивых и экономически сбалансированных взаимодействий в рыночной среде следует рассматривать в качестве стратегического резерва повышения результативности всего организационно-экономического механизма агропродовольственного комплекса. Данный процесс неизбежно должен учитывать пространственную специфику развития, природно-ресурсный потенциал и социально-экономические особенности конкретных регионов.

Таблица 2. Динамика государственного финансирования сельского хозяйства Таджикистана за 2019-2024 годы

Годы / Наименование	2020	2021	2022	2023	2024	2024в год % к 2019
Расходы – всего, млн. сом.	18294,3	22264,2	24187,4	23806,6	21138,5	129,9
в т.ч. сельское и лесное хозяйство, рыболовство и охота	451,0	689,4	571,5	632,4	762,0	2,1 раза
в % ВВП	0,8	1,1	0,8	0,8	0,8	10,2
в % к утверждён-ному бюджету	93,7	108,1	84,1	67,6	89,2	-91,8
Участие отрасли в производстве ВВП, млн. сомони	11258,5	13069,4	14049,8	15295,0	73976,6	1,9 раза
Доля в % к ВВП	20,6	20,3	19,7	19,7	22,8	104,1

***Источник:** составлено автором по статистический ежегодник. – Душанбе. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистана. 2017. - С. 212; Статистический ежегодник. -Душанбе. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2024.-С.345, С. 675.

Анализ данных, представленных в таблице 2., позволяет зафиксировать принципиально важный сдвиг в ресурсном обеспечении аграрного сектора: за период 2019–2024 гг. объём финансирования сельского хозяйства увеличился более чем в два раза (в 2,1 раза). Данный прирост не носил формального характера и сопровождался вполне осязаемыми производственными результатами — совокупный выпуск валовой продукции отрасли за тот же период вырос в 1,9 раза.


При этом развитие интегрированных структур должно сопровождаться институционально оформленным взаимодействием с органами управления областного, межрайонного и районного уровней. Координация

хозяйственных решений с приоритетами территориального развития позволяет минимизировать риски несогласованности, повысить результативность инвестиционных программ и обеспечить комплексный эффект для региональной экономики.

Тем самым можно констатировать, что реализованные институциональные и экономические преобразования трансформировались из чисто финансовых вливаний в реальный прирост производственного потенциала, что свидетельствует о повышении отдачи от вложенных ресурсов и усилении экономической результативности аграрных реформ.

«…В подобных условиях воспроизводственный контур перерабатывающих предприятий подвергается системной деформации: происходит размывание их сырьевых зон, усиливается роль неконтролируемых частных посредников, сохраняется хроническая недозагрузка производственных мощностей и снижается эффективность использования совокупного производственного потенциала» [9. С-87].

Организационно-экономические взаимодействия должны строиться таким образом, чтобы обеспечивать справедливое распределение доходов и формировать стимулы к повышению эффективности на всех стадиях воспроизводственного процесса. Однако на практике ключевая линия противоречий между сельскохозяйственными и перерабатывающими организациями по-прежнему проходит по ценовому контуру, что подтверждается анализом соответствующих показателей (диаграмма 1).



Диаграма 1.- Производства сельскохозяйственной продукции во всех категориях Согдийской области за 2022-2024 годы

***Источник:** составлено автором по расчёты автора по данным ежегодник статистический сборник. Согдийской области. Душанбе-2025 года. С-49-50-51.

Завышение ценового уровня на конечную продукцию неизбежно сужает реальную ёмкость платежеспособного спроса, в результате чего значительная часть потенциальных потребителей оказывается исключённой из рынка. Это приводит к замедлению оборачиваемости готовой продукции, её накоплению в складских и торговых звеньях и, как следствие, к отвлечению из хозяйственного оборота существенных финансовых ресурсов.

Производство отдельных видов сельскохозяйственной продукции является рентабельным и привлекательным для вложения капитала. В целом же на фоне других отраслей инвестиционная привлекательность сельскохозяйственного производства продолжает ежегодно снижаться, следовательно, уменьшается потенциальный объем вложений в отрасль.

Аграрный сектор Таджикистана обладает значимым инвестиционным потенциалом, реализация которого сдерживается отраслевыми рисками, инфраструктурными узкими местами и ценовыми диспропорциями. Представленный анализ указывает на необходимость комплексной настройки стимулов: от льготных финансовых инструментов и страховых механизмов — к институциональной поддержке кооперации, развития переработки и продовольственных рынков. При сохранении целостной структуры производства и учёте региональной специфики именно инвестиции в инфраструктуру и переработку обеспечивают наибольшую отдачу, укрепляя продовольственную безопасность и повышая привлекательность отрасли для частного капитала [5. С-65].

На этом фоне перерабатывающие предприятия, привлекая относительно меньшие объёмы труда и капитала на стадии формирования конечного продукта, аккумулируют заметно более значимую часть совокупной выручки, что усиливает структурную асимметрию в распределении доходов внутри агропромышленной цепочки.

«…В условиях усложняющейся конфигурации хозяйственных связей возрастает значение экономических интересов участников кооперационных и интеграционных процессов. Их влияние проявляется не только на стадии распределения итоговых результатов совместной деятельности, но и уже на этапе формирования самих производственно-организационных структур»[5. С-72].

Это объективно требует комплексной модернизации организационно-экономического механизма, включающей развитие интегрированных объединений на базе многообразия форм собственности,

совершенствование управленческих моделей с рациональным сочетанием централизации и децентрализации полномочий, внедрение сбалансированных методов планирования, обеспечивающих пропорциональность развития структурных звеньев, а также институционализацию маркетинговых и аналитических служб, ориентированных на системный мониторинг рыночной среды.

Методологической основой функционирования кооперированных и интегрированных образований выступает принцип реализации совокупного экономического интереса. Его действие проявляется на двух взаимосвязанных уровнях. Во-первых, в процессе осуществления совместной хозяйственной деятельности — через механизм товарно-денежных отношений, основанный на гибком ценообразовании и хозрасчётной модели согласования интересов участников.

Данный механизм обеспечивает эквивалентность обмена уже в ходе текущего воспроизводственного процесса и выступает одним из ключевых резервов повышения эффективности. Во-вторых, на стадии итогового распределения финансовых результатов реализуется принцип соразмерности вклада и получаемого эффекта, выражающийся в распределении прибыли и дивидендов в зависимости от объёма задействованных ресурсов и степени участия в создании добавленной стоимости.

Заключение. Подводя итог донной статьи, можно сделать вывод, что перерабатывающие предприятия, в свою очередь, ориентированы на обеспечение стабильных поставок сырья требуемого качества в объёмах, соответствующих производственной программе, при снижении трансакционных и логистических издержек. Именно согласование этих разнонаправленных, но взаимозависимых интересов формирует содержательное ядро современных организационно-экономических отношений в агропромышленном комплексе и определяет их стратегическую направленность.

Оценка своевременности реализации сельскохозяйственной продукции и корректности расчётов по выполненным поставкам требует применения системы показателей, позволяющих комплексно характеризовать как качество договорных отношений, так и уровень финансовой дисциплины контрагентов. К числу таких показателей целесообразно отнести долю сельскохозяйственного сырья, реализуемого на основе контрактных соглашений с заранее определёнными объёмами и сроками поставки; среднюю продолжительность погашения дебиторской задолженности со стороны перерабатывающих организаций и скорость её оборота; а также степень соответствия фактических объёмов закупок параметрам производственных программ перерабатывающих предприятий. Комплексная оценка указанных индикаторов позволяет судить не только о состоянии платёжной дисциплины на рынке, но и о степени устойчивости всей системы товарно-финансовых потоков в агропромышленном комплексе, включая уровень согласованности производственных и перерабатывающих звеньев.

Практическая реализация концепции развития организационно-экономических отношений в сфере производства и переработки сельскохозяйственной продукции предполагает активное использование инструментов государственного регулирования, направленных на формирование предсказуемой и экономически сбалансированной среды хозяйствования.

В числе таких инструментов важное место занимают разработка и реализация отраслевых и региональных программ развития с чётким определением источников финансирования и ожидаемых социально-экономических результатов; формирование системы прогнозирования и планирования промышленного и сельскохозяйственного производства на основе товарных, финансовых и ресурсных балансов, включая расчёты потребности в трудовых и инвестиционных ресурсах; государственное регулирование цен и тарифов в рамках действующего законодательства; поддержка конкурентной среды посредством применения антимонопольных механизмов и ограничений на чрезмерную концентрацию собственности; правовое регулирование деятельности хозяйствующих субъектов.

Также можно использованием норм защиты прав потребителей; содействие расширению рынков сбыта через развитие межрегиональной кооперации и внешнеэкономических связей; а также формирование инфраструктуры инновационного развития агропромышленного комплекса.

Государственная поддержка сельскохозяйственных товаропроиз-водителей при этом выступает не только инструментом стабилизации отрасли, но и важным социально-экономическим фактором поддержания доходов и уровня жизни сельского населения. Международный опыт свидетельствует о том, что в странах с развитой рыночной экономикой аграрный сектор рассматривается как стратегически значимая сфера национальной экономики, устойчивость которой обеспечивается за счёт системной бюджетной поддержки, механизмов страхования рисков и продуманной ценовой политики.

К системе ценообразования в агропромышленном комплексе предъявляется совокупность требований, направленных на формирование полноценного рыночного механизма при одновременном сглаживании его внутренних диспропорций. Основой экономических отношений на рынке сельскохозяйственной продукции, сырья и продовольствия должны выступать договорные цены, формирующиеся под воздействием соотношения спроса и предложения.

Вместе с тем в ситуациях, когда средние рыночные цены опускаются ниже уровня, обеспечивающего экономически обоснованную доходность производства, либо при поставках продукции непосредственно государству, возникает необходимость применения механизмов гарантированных цен и компенсационных выплат, направленных на поддержание устойчивости воспроизводственного процесса в аграрном секторе.

Литература

11. Агирбов Ю.И. Экономические проблемы агропромышленного и регионального плодоовощного

производства в условиях перехода к рынку. Ю.И. Агирбов.– М.: МСХА им. Тимирязева, 1997. - 252с.

12. Авдашева С., Шаститко А. Промышленная и конкурентная политика: проблемы взаимодействия и уроки для России// Вопросы экономики. 2003. №9. С-27-28.

13. Петриков А.В., Узун В.Я., Максимов А.Ф., Могилевцев В.И., Шагайда Н.И., Янбых Р.Г. и др. Механизмы устойчивого сельского развития. Ч. 1. Обеспечение занятости и повышение доходов сельского населения. Метод. пособие. ФЕНУ «Росинформагротех», Москва, 2003. — с. 73.

14. Кудратова Ф.Р. Давлатов И. Особенности и развития инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве Республики Таджикистана / Материалы международная научно-практическая конференция на тему: «Развитие и преимущества финансового сектора, в условиях цифровизации: вызовы возможности и перспективы», посвящённой 2025-2030 гг., “Годы развития цифравой экономики и инноваций” (06.12.2025). С-89-93.

15. Кудратова Ф.Р. Хусейнзода И. Развития инвестиционного потенциала в сельском хозяйстве Республики Таджикистан/ Материалы международная научно-практическая конференция на тему: «Глобальные вызовы и инновационные меры в области финансов, образования и экономики», ТГФЭУ. Душанбе-2025 г., С-62-66.

16. Кудратов Р.Р., Кудратова Ф.Р. Оценка инвестиционной привлекательности сельского хозяйства Республики Таджикистан. Финансово-экономический вестник, 2019, №3(19), с. 27–35.

17. Кудратзода Ф.Р. Теоретико-методологические основы инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве в условиях формирования “зеленой” экономике /научная статья/ [Текст]: Ф.Р. Кудратова. Дж. С., Пиризода. Вестник ТНУ “Социально-экономический и общественных наук”- Душанбе, -2026 года. С-37-47.

18. Р. Рахмазода, Кудратова Ф.Р. Инвестиция в аграрный сектор Таджикистан: эффективное направление и его перспективы. Монография. ТФЭУ Душанбе. Инфон, 2021. — 160 с.

19. Стратегия развития зеленой экономики Р.Т. Д-2023-2037 гг. 171 (С-106).

УДК: 339.7:004.738.5

НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛИЯВӢ ВА ТАБДИЛИ ВАЗИФАҲОИ ОН ДАР ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Воҳидов Баҳодур Фарҳодович

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти фалсафа (PhD)-и соли 3-юм, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳон. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: +992 94 067 7777. E-mail: f.vohidov1998@bk.ru

Дар мақола асосҳои назариявии низоми байналмилалии молиявӣ ҳамчун маҷмуи ниҳодҳо, бозорҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, инфрасохтори пардохтӣ ва ҳисоббаробаркунӣ шарҳ дода мешаванд. Нишон дода мешавад, ки рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ механизми амалисозии вазифаҳои асосии молияи байналмилалӣ – азнавтақсимкунии сармоя, анҷоми ҳисоббаробаркуниҳо, идоракунии хатарҳо ва таъмини пардохтпазириро тағйир медиҳад. Диққати махсус ба тақвият ёфтани нақши инфрасохтори пардохтӣ, воситаҳои платформавӣ ва маълумот ҳамчун захираи калидии ҳамкориҳои молиявӣ равона шудааст. Асоснок карда мешавад, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ низоми байналмилалии молиявӣ ҳарчи бештар аз инфрасохтор ва технология вобаста мегардад, дар ҳоле ки сифати иштироки кишварҳо дар он бо нишондиҳандаҳои суръат, арзиш, эътимоднокӣ, шаффофият ва дастрасии амалиётҳои молиявӣ муайян мешавад.

Калидвожаҳо: низоми байналмилалии молиявӣ, иқтисоди рақамӣ, пардохтҳои фаромарзӣ, инфрасохтори пардохтӣ, бозорҳои молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, технологияҳои рақамии молиявӣ, танзими молиявӣ, рақамикунонии молия, пардохтпазирӣ.

Барои иқтибос: Воҳидов, Б. Ф. Низоми байналмилалии молиявӣ ва табдили вазифаҳои он дар иқтисоди рақамӣ / Б. Ф. Воҳидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – № 4 (47). – С. 74-82.

МЕЖДУНАРОДНАЯ ФИНАНСОВАЯ СИСТЕМА И ТРАНСФОРМАЦИЯ ЕЁ ФУНКЦИЙ В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

Вохидов Баходур Фарходович

Таджикский национальный университет, докторант философии (PhD) 3-го года обучения, доктор по специальности 6D051300 – Мировая экономика. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +992 94 067 7777. E-mail: f.vohidov1998@bk.ru

В статье раскрываются теоретические основы международной финансовой системы как совокупности взаимосвязанных институтов, рынков, нормативных режимов и платежно-расчетной инфраструктуры. Показано, что цифровизация мировой экономики трансформирует механизм реализации базовых функций международных финансов – перераспределение капитала, проведение расчетов, управление рисками и обеспечение ликвидности. Особое внимание уделено усилению роли платежной инфраструктуры, платформенных решений и данных как сквозного ресурса финансовых взаимодействий. Обосновано, что в условиях цифровой экономики международная финансовая система становится более инфраструктурно и технологически обусловленной, а качество участия стран в ней определяется параметрами скорости, стоимости, надежности, прозрачности и доступности финансовых операций.

Ключевые слова: международная финансовая система, цифровая экономика, трансграничные платежи, платежная инфраструктура, финансовые рынки, международные расчеты, цифровые финансовые технологии, финансовое регулирование, цифровизация финансов, ликвидность.

THE INTERNATIONAL FINANCIAL SYSTEM AND THE TRANSFORMATION OF ITS FUNCTIONS IN THE DIGITAL ECONOMY

Vohidov Bahodur Farhodovich

Tajik National University, 3rd-year PhD doctoral student, Doctoral programme in Specialty 6D051300 – World Economy. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992 94 067 7777. E-mail: f.vohidov1998@bk.ru

The article examines the theoretical foundations of the international financial system as a complex structure consisting of interconnected institutions, financial markets, regulatory regimes, and payment infrastructures. It demonstrates that the digitalization of the global economy transforms the mechanisms through which the core functions of international finance are performed, including capital allocation, settlement operations, risk management, and liquidity provision. Particular attention is paid to the increasing role of payment infrastructures, platform-based solutions, and data as a cross-cutting resource in financial interactions. It is argued that in the digital economy the international financial system becomes increasingly infrastructure- and technology-driven, while the quality of countries' participation is determined by the parameters of speed, cost, reliability, transparency, and accessibility of financial operations.

Keywords: international financial system, digital economy, cross-border payments, payment infrastructure, financial markets, international settlements, digital financial technologies, financial regulation, financial digitalization, liquidity.

Муқаддима. Низоми байналмилалии молиявӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонии муосир на танҳо маҷмуи ҷараёнҳои фаромарзии пулӣ, балки механизми мураккаби бисёрсатҳа мебошад, ки тавассути он тақсим ва

азнавтақсимкунии сармоя байни мамлакатҳо, анҷоми ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, нигоҳдории сатҳи зарурии пардохтпазирӣ, идоракунии хатарҳо ва ҳамоҳангсозии интизориҳои рафтории иштирокчиёни иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъмин мегардад. Дар адабиёти илмию таҳлилӣ он ҳамчун муҳити аз ҷиҳати институтсионалӣ ташаккулёфтаи ҳаракати арзиш маънидод мегардад, ки ниҳодҳои байналмилалӣ ва миллии молиявӣ, бахшҳои бозори молиявӣ, қоидаҳои танзим ва назорат, инчунин инфрасохтори пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз дарки дурусти низоми байналмилалии молиявӣ тақозо менамояд, ки онро танҳо бо бозори асъор ё танҳо бо ҳаракати байналмилалии сармоя баробар нанамоем. Дар асл сухан дар бораи чунин низом меравад, ки дар он ниҳодҳо, бозорҳо, меъёрҳо ва инфрасохтор фазои ба ҳам пайвастаи ҳамкориҳои байналмилалии молиявиро ташкил медиҳанд. Устувории ин фазо на танҳо аз ҳаҷми амалиёт, балки аз сифати меъёрҳои ҳуқуқӣ, сатҳи эътимод ба иштирокчиён, мутобиқати технологӣ ва қобилияти таъмин намудани анҷомёбии ниҳоии ҳисоббаробаркуниҳо низ вобаста мебошад.

Мақсади мақола. Шарҳи мазмун ва сохтори низоми байналмилалии молиявӣ ва муайян намудани хусусиятҳои табдили вазифаҳои асосии он зери таъсири рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ.

Методология. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ хусусиятҳои асосии низоми байналмилалии молиявиро бекор намекунад, аммо тарзи амалӣ гардидани вазифаҳои онро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Дар адабиёти илмии ватанӣ низ ин андеша инъикос меёбад. И. С. Шамсов, зимни таҳлили рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон, ба гуногунии таърифҳои мавҷудаи иқтисоди рақамӣ ишора менамояд ва ин имкони баррасӣ гардидани табдили рақамӣ ҳамчун раванди байнисоҳавӣ, ки бахши молиявиро низ фаро мегирад, медиҳад [5, с. 5]. Ақидаи наздик дар таҳқиқи Д. Б. Қодирзода ва Ф. И. Маҳмудов низ мушоҳида мешавад, ки дар он навовариҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ маҳз дар заминаи рақамикунонии иқтисод баррасӣ шуда, татбиқи онҳо ба ташаккули шароитҳои мувофиқи институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодӣ марбут дониста мешавад [0, с. 24-25]. Дар маҷмуъ П. Содиқзода қайд менамоянд, ки «назарияҳои классикии иқтисодӣ ва консепсияҳои иқтисоди сиёсӣ бояд бо дарназардошти воқеиятҳои нави иқтисоди рақамӣ такмил дода шаванд” [0, с. 58]. Ин мушоҳидаҳо барои таҳлили мо аҳаммияти муҳим доранд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки низоми байналмилалии молиявӣ на ҳамчун сохтори статикӣ, балки ҳамчун низоми динамикӣ баррасӣ гардад, ки таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ пайваста бозсозӣ мешавад.



Расми 1. Сохтори низоми байналмилалии молиявии муосир

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Натиҷаҳо. Таркиби низоми байналмилалии молиявиро тавассути чор унсури ба ҳам пайваста – ниҳодҳо, бозорҳо, қоидаҳо ва инфрасохтор шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ниҳодҳо бонкҳои марказӣ, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, бонкҳои тиҷоратии фаромиллӣ, таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ, ташкилотҳои ҳисоббаробаркунӣ ва клирингӣ, инчунин мақомоти миллии танзим ва назорати молиявӣ дохил мешаванд. Ба бозорҳо бозори асъор, бозори қарзи байналмилалӣ, бозори ӯҳдадориҳои қарзӣ, бозори сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, инчунин дар марҳилаи муосир бахши дороиҳои молиявии рақамӣ ва бозори хизматрасониҳои пардохтӣ дохил мешаванд. Қоидаҳоро стандартҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, расмиёти назоратӣ, тартиби мушаххас намудани шахсияти муштарӣ, талабот ба ҳифзи маълумот, тадбирҳо оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва дигар маҳдудиятҳои танзимӣ ташкил медиҳанд. Ниҳоят, инфрасохтор муносибатҳои муросилотии бонкӣ, низомҳои муболилаи паёмҳои молиявӣ, низомҳои ҳисоббаробаркуниҳои маҷмуӣ дар реҷаи вақти воқеӣ, низомҳои пардохти фаврӣ, шабакаҳои кортҳои пардохтии бонкӣ, платформаҳои рақамӣ ва дигар қарорҳои технологиро фаро мегирад, ки тавассути онҳо интиқоли арзиш дар амал сурат мегирад (расми 1).

Чунин фаҳмиш на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» худи низоми пардохтӣ ҳамчун маҷмуи ташкилотҳое муайян шудааст, ки бо мақсади интиқоли маблағҳо мутобиқи қоидаҳои низоми пардохтӣ якҷоя амал менамоянд. Ҳамчунин интиқоли фаромарзии маблағҳо тавассути қарор гирифтани пардохткунанда ё маблағгиранда дар давлатҳои гуногун муайян карда мешавад [0]. Танҳо ҳамин ҳолат нишон медиҳад, ки молияи байналмилалиро дар шакли муосири он берун аз инфрасохтори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзимшудаи интиқоли маблағҳои пулӣ таҳлил кардан ғайриимкон аст. Гузашта аз ин, қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки мақсади асосии назорат аз болои низоми пардохтӣ «мусоидат ба фаъолияти босамару мунтазами» он мебошад [0]. Яъне, худи низоми қонунгузории миллӣ аз он бармеояд, ки иштироки мамлакат дар муносибатҳои байналмилалии молиявӣ на тавассути бозори мавҳум, балки дар доираи муҳити мушаххаси меъёрӣ ва инфрасохторӣ амалӣ мегардад, ки сифати он ба яке аз омилҳои рақобатпазирии давлат табдил меёбад.

Аз нигоҳи функсионалӣ низоми байналмилалии молиявӣ чанд вазифаи асосиро иҷро мекунад. Аввалан, он азнавтақсимкунии сармояро байни минтақаҳо, соҳаҳо ва гурӯҳҳои субъектҳои иқтисодӣ таъмин менамояд. Тавассути қарзи байналмилалӣ, сармоягузориҳои мустақим ва портфелӣ, амалиётҳои байнибонкӣ ва воситаҳои бозори молиявӣ захираҳои муваққатан озоди пулӣ ба самтҳое интиқол меёбанд, ки дар он ҷо талабот ба маблағгузорӣ вуҷуд дошта, даромаднокии бештар дар назар аст. Дуюм, низоми байналмилалии молиявӣ ҳисоббаробаркуниҳо, яъне анҷоми техникӣ ва ҳуқуқии муомилоти байналмилалии иқтисодиро таъмин менамояд. Вазифаи ҳисоббаробаркунӣ на танҳо хусусияти хизматрасонӣ дорад, балки ҷузъи низомсоз ба шумор меравад, зеро бидуни анҷом ёфтани пардохт на амалиёти савдои хориҷӣ, на шартномаи сармоягузорӣ ва на интиқоли байналмилалии маблағҳои шахсони воқеӣ амалӣ шуда наметавонанд. Сеюм, низом вазифаи идоракунии хатарҳоро иҷро мекунад ва ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки хатарҳои асъорӣ, фоизӣ, қарзӣ, пардохтпазирӣ ва дигар хатарҳоро тавассути воситаҳою ниҳодҳои дахлдор коҳиш диҳанд. Чорум, он дар ташаккул ва нигоҳдории пардохтпазирии байналмилалӣ иштирок намуда, барои гардиши дороиҳои захиравӣ, маблағгузории байнибонкӣ ва дастрасӣ ба воситаҳои пардохтӣ, ки дар муҳити фаромарзӣ қобили қабуланд, шароит фароҳам меорад.

Тибқи таҳлили Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ меҳвари низоми муосири пулию молиявӣ ҳамоно эътимод ба пулҳои бонки марказӣ ва анҷомёбии ниҳоии ҳисоббаробаркуниҳо тавассути онҳо боқӣ мондааст. Хусусан таъкид мешавад, ки нақши бонки марказӣ дар меҳвари низоми пулӣ аз бароришии дороии ҳисоббаробаркунӣ ва таъмини анҷомёбии ниҳоии пардохтҳо дар тавозуни он иборат аст. Дар айни замон «ягонагии пул» ба шарофати сохтори дусатҳа нигоҳ дошта мешавад, ки пули бонки марказӣ ва шаклҳои хусусии пулро ба ҳам мепайвандад [0, с. 86]. Ин нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити рушди пулҳои рақамӣ ва рақамикунонии дороиҳо (токенизатсия) масъалаи марказӣ аз байн намеравад, балки ҳамчун масъалаи мутобиқати навовариҳо бо эътимод, устуворӣ ва анҷомёбии ҳисоббаробаркуниҳо аз нав матраҳ мегардад. Т. Адриан ва Т. Манчини-Гриффоли қайд менамоянд, ки бонки марказӣ амният ва мутобиқати пардохтҳои байнибонкиро таъмин мекунад. Ҳисоббаробаркунӣ тавассути захираҳо бошад, хавфи қарзии амалиётҳои байнибонкиро бартараф намуда, пардохтҳоро байни бонкҳо мутобиқ месозад [0, с. 13]. Аз ин лиҳоз, низоми байналмилалии молиявӣ дар моҳияти худ ҳамоно низоми ҳисоббаробаркунии боэътимод боқӣ мемонад ва рақамикунонӣ бошад пеш аз ҳама шаклҳою тарзҳои амалисозии ҳамин низомро тағйир медиҳад.

Агар низоми классикии байналмилалии молиявӣ атрофи муносибатҳои муросилотии бонкӣ, низомҳои мутамаркази интиқоли паёмҳо ва тартиби бисёрмарҳилавии мутобиқсозии ҳисобҳо ташаккул меёфт, дар иқтисоди рақамӣ аҳаммияти маълумот, платформаҳо ва алгоритмҳо бештар мегардад. Маҳз дар ҳамин ҷода аввалин тағйири бунёдӣ зоҳир мешавад. Маълумот аз захираи ёрирасон ба омили калидии фаъолияти молияи байналмилалӣ табдил меёбад. Он барои мушаххас намудани шахсияти муштариён, арзёбии хатарҳо, мониторинги амалиётҳо, автоматикунонии расмиёти риояи талабот, фардикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва идоракунии пардохтпазирӣ истифода мешавад. Ба мушоҳидаи С. А. Василев, ҷорӣ намудани маълумоти бузург дар фаъолияти бонкӣ ба баланд бардоштани самаранокӣ, такмили равандҳо ва коҳиши харочот равона шудааст, аммо ҳамзамон омилҳои нави хавфро ба вуҷуд меорад ва тағйири усулҳои танзимро талаб мекунад [0, с. 105]. Аз нуқтаи назари молияи байналмилалӣ ин маънои онро дорад, ки идоракунии маълумот аҳаммияти на кам аз идоракунии ҷараёнҳои пулиро пайдо мекунад ва сифати иштироки кишвар дар муносибатҳои байналмилалии молиявӣ бошад, торафт бештар аз қобилияти ниҳодҳо барои мубодилаи бехатари маълумот, риояи стандартҳои коркард ва таъмини эътимоднокии он вобаста мегардад.

Тағйири дуюм бо платформасозии миёнаравии молиявӣ вобаста аст. Платформаҳои рақамӣ торафт бештар пардохтҳо, ҳисоббаробаркуниҳо, мубодилаи маълумот, мушаххас намудани шахсияти муштарӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи молиявиро дар доираи ягонаи технологӣ муттаҳид месозанд. Дар натиҷа марзҳо миёни хизматрасонии пардохтӣ, маҳсулоти бонкӣ, воситаи дастрасӣ ва муҳити иттилоотӣ камтар равшан мегарданд. Таъсири шабакавӣ метавонад паҳншавии қарорҳои рақамии пардохтиро чандин маротиба тақвият диҳад ва мутобиқати хизматрасонӣ миёни провайдерҳо, дастгоҳҳо ва мамлакатҳо бошад, ба омили ҳалкунандаи густариши онҳо табдил меёбад [0, с. 8]. Бо ин тарз иқтисоди рақамӣ на танҳо суръати амалиётҳоро, балки худи мантиқи рақобатро дар молияи байналмилалӣ тағйир медиҳад. Дар чунин шароит дигар на танҳо бонкҳо, балки экосистемаҳо, интерфейсҳо, шаклҳои паёмҳо, режимҳои дастрасӣ ба маълумот ва стандартҳои мутобиқат низ рақобат мекунанд.

Тағйири сеюм дар тақвият ёфтани нақши инфрасохтори пардохтӣ ва ҳисоббаробаркунӣ ифода меёбад. Рақамикунонии дороиҳо метавонад ба таври эҳтимолӣ ҷудошавии анъанавии байни интиқоли паём, тафтиш ва анҷомёбии ниҳоии ҳисоббаробаркуниро бартараф намуда, ҳамчунин роҳро барои шаклҳои нави ташкили

ҳамкориҳои молиявӣ боз намояд [0, с. 86]. Аз нигоҳи назариявӣ ин маънои онро дорад, ки инфрасохтор дигар танҳо заминаи бозори молиявӣ нест, балки худ ба яке аз объектҳои марказии сиёсати иқтисодӣ табдил меёбад. Бесабаб нест, ки Бонки миллии Тоҷикистон рушди низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро бевосита бо ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамии молиявӣ ва коҳиши ҳиссаи пули нақд дар муомилот пайванд медиҳад [0, с. 7]. Ба ибораи дигар, барои кишваре, ки иқтисодиёти кушода дорад ва дар он ҷараёнҳои фаромарзии маблағҳо нақши муҳим мебозанд, ҳолати инфрасохтори пардохтӣ дигар на натиҷаи дуюмдараҷаи рушди бозори молиявӣ, балки шарти аввалияи иштироки босифат дар низоми байналмилалии молиявӣ ба шумор меравад.

Тағйири чорум ба низоми ҳуқуқии пул ва ҳисоббаробаркуниҳо дахл дорад. Музокира дар бораи асъорҳои рақамии бонкҳои марказӣ, депозитҳои рақамикунонидашуда ва дигар шаклҳои рақамии пул нишон медиҳанд, ки дар муҳити рақамӣ танҳо имконияти технологии интиқоли арзиш кофӣ нест – ҳамзамон зарурати муайян будани мақоми ҳуқуқии дороии рақамӣ, тақсимоти масъулияти иштирокчиён ва нигоҳ доштани тавозун миёни махфият, амният ва назорат ба миён меояд. Л. В. Санникова таъкид менамояд, ки набудани заминаи ҳуқуқии мувофиқ барои асъорҳои рақамии бонкҳои марказӣ метавонад хавфҳои ҷиддии ҳуқуқӣ ва эътибориро ба вуҷуд оварад ва эътимоди истифодабарандагонро ба шакли нави рақамии асъори миллӣ коҳиш диҳад [0, с. 27]. Ин мулоҳиза маънои васеътар дошта, ба тамоми низоми байналмилалии молиявӣ татбиқ мешавад. Рақамикунонӣ аҳаммияти ҳуқуқро коҳиш намедиҳад, баръакс нақши онро бештар мегардонад, зеро вусъатёбии технологӣ дар набудани равшании меъёрӣ метавонад хароҷоти нав, таҳзияи ҳуқуқӣ ва беэътимодии иштирокчиёнро ба вуҷуд оварад.

Аз нигоҳи методологӣ таъкид намудан муҳим аст, ки тағйироти зикршуда вазифаҳои классикии низоми байналмилалии молиявиро бекор намекунанд, балки механизми амалисозии онҳоро тағйир медиҳанд. Вазифаи азнавтақсимкунии сармоя торафт бештар тавассути платформаҳо амалӣ гардида, аз коркарди алгоритмии иттилоот ва эътибори рақамии иштирокчиён вобастагии бештар пайдо мекунад. Ин раванд вусъатёбии амалиётҳои алоҳида, коҳиши як қисми хароҷоти муомилотӣ ва афзоиши дастрасии баъзе хизматрасониҳои молиявиро дар назар дорад, аммо ҳамзамон ба тамаркузи маълумот, вобастагӣ аз соҳибони инфрасохтор ва хавфҳои табъизи технологӣ низ мусоидат менамояд. Вазифаи ҳисоббаробаркунӣ бошад бештар ба талаботи муттасилӣ, мутобиқат, мубодилаи стандартии паёмҳо ва имконияти интиқоли фаврии маблағҳо равона мегардад. Дар навбати худ вазифаи идоракунии хатарҳо аз бартарии хатарҳои анъанавии молиявӣ ба омезиши хатарҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ, кибернетикӣ, амалиётӣ ва марбут ба маълумот тағйир меёбад. Ниҳоят, вазифаи таъмини пардохтпазирӣ торафт бештар бо сохтори низоми пардохтӣ, режимҳои маблағгузории дохилирӯза ва имконияти интиқоли маблағҳо миёни шаклҳои гуногуни пул бидуни талафоти ҷиддии вақт ва арзиш вобаста мегардад.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи шаклҳои нави пул ва дороиҳои ҳисоббаробаркунӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, зеро маҳз тавассути он табдили рақамии молияи байналмилалӣ равшантар зоҳир мегардад. И. А. Балюк ва М. А. Балюк нишон медиҳанд, ки рақамикунонии иқтисоди ҷаҳонӣ имкониятҳои эҷоди механизмҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалиро фароҳам меорад, аз ҷумла платформаҳои рақамӣ, ки дар асоси технологияи реестрҳои тақсимшуда ташкил мешаванд [0, с. 33]. Тарҳи пешниҳоднамудаи онҳо оид ба платформаи рақамии ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ бештар на ҳамчун модели тайёри қобили истифода, балки ҳамчун нишонаи тамоюли васеътар – гузариш аз баҳсҳо дар бораи навсозии бахшҳои алоҳидаи низоми молиявӣ ба тарҳрезии низомҳои нави ҳисоббаробаркунӣ ҷолиб аст [0, с. 39]. А. В. Навой, зимни таҳқиқи дурнамои табдили ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ дар заминаи асъорҳои рақамии бонкҳои марказӣ, таҳзияи фазои молиявию иқтисодии ҷаҳонро бо мушкилоти ташкили ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва зарурати бозсозии низоми пардохтҳои фаромарзӣ асоснок мепайвандад [0, с. 43]. Дар маҷмуъ ин таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки табдили рақамии молияи байналмилалӣ хусусияти на сатҳӣ, балки сохторӣ дорад – он сохтори ҳисоббаробаркуниҳо, маҷмуи воситаҳои иҷозатдодашуда ва мавқеи асъорҳои миллиро дар амалиётҳои фаромарзӣ фаро мегирад.

Муҳокима. Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ маънои аз байн рафтани пурраи маҳдудиятҳои низомиро надорад. Баръакс, он талаботро нисбат ба инфрасохтор, стандартҳо ва танзим шадидтар мегардонад. Низоми пулии оянда бояд ба стандартҳои баланди ҳифзи маълумот ва махфият мутобиқ бошад, ҳамзамон бо роҳи муҳофизат аз фаъолияти ғайриқонунӣ, аз ҷумла шустани пул, маблағгузории терроризм ва қаллобӣ, якпорчагии низомро таъмин намояд [0, с. 108]. Аз ин рӯ, масъалаи табдили рақамии низоми байналмилалии молиявӣ танҳо ба суръат бахшидани пардохтҳо маҳдуд намешавад, балки ба нигоҳ доштани эътимод ба онҳо низ вобаста аст. Маҳз бинобар ин шаклҳои рақамии пул ва ҳисоббаробаркунӣ бояд на танҳо аз рӯи навоварии технологӣ, балки аз рӯи қобилияти онҳо барои нигоҳ доштани устуворӣ ва пешгӯишавандагии гардиши молиявӣ низ арзёбӣ карда шаванд.

Аҳаммияти ин масъала дар шароити афзоиши нақши интерфейсҳои кушода, платформаҳои молиявӣ ва коркарди ҳаҷмҳои бузурги маълумот боз ҳам бештар мегардад. С. А. Василев нишон медиҳад, ки истифодаи маълумоти бузург аҳаммияти хавфҳои моделӣ, эътиборӣ, ҷониби сеюм, рафтори ғайриахлоқӣ ва киберамниятро зиёд намуда, ҳамзамон зарурати танзими махсуси меъёриро ба миён меорад [0, с. 105]. Барои низоми байналмилалии молиявӣ ин маънои онро дорад, ки маҷмуи анъанавии хатарҳо – хавфҳои қарзӣ, асъорӣ ва фоизӣ акнун бо хавфҳои вобастагии платформавӣ, паст будани сифати маълумот, инҳисори воситаҳои рақамӣ ва халалдор гардидани соҳибихтиёрии рақамӣ пурра мегардад. Ба ибораи дигар, молияи байналмилалӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ на танҳо зудтар, балки аз нигоҳи сохтори хатарҳо мураккабтар низ мегардад.

Хулоса. Таҳлили анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки чанд хулосаи муҳим баён карда шаванд. Аввалан, низоми байналмилалии молиявӣ бояд ҳамчун якпорчагии ниҳодҳо, бозорҳо, қоидаҳо ва инфрасохтор баррасӣ

гардад, на ҳамчун маҷмуи ҷараёнҳои парокандаи фаромарзии пулӣ. Дуюм, вазифаҳои асосии он – азнавтақсимкунии сармоя, ҳисоббаробаркунӣ, идоракунии хатарҳо ва таъмини пардохтпазирӣ дар иқтисоди рақамӣ нигоҳ дошта мешаванд, аммо тавассути механизмҳои нави технологӣ ва меъёрӣ амалӣ мегарданд. Сеюм, рақамикунонӣ нақши инфрасохтори пардохтӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, маълумот, мутобиқат ва назоратро тақвият дода, онҳоро ба омилҳои калидии сифати иштироки кишвар дар муносибатҳои байналмилалии молиявӣ табдил медиҳад. Ҳамин тавр, табдили рақамӣ на танҳо шаклҳои амалисозии молияи байналмилалиро тағйир медиҳад, балки сохтори институтсионалӣ, инфрасохторӣ ва меъёрии онро низ аз нав ташаккул медиҳад.

Адабиёт

1. Adrian, T., Mancini-Griffoli, T. The Rise of Digital Money [Electronic resource]. – Available at: https://www.imf.org/-/media/files/publications/ftn063/2019/english/ftnea2019001.pdf

2. Bank for International Settlements. III. Blueprint for the future monetary system: improving the old, enabling the new [Electronic resource]. – Available at: https://www.bis.org/publ/arpdf/ar2023e3.pdf

3. Балюк, И.А., Балюк, М.А. Цифровизация международных расчетов: трейдкоин vs доллар США [Текст] / И.А. Балюк, М.А. Балюк // Мировая экономика и международные отношения. – 2023. – Т. 67. – № 7. – С. 33–43.

4. Васильев, С.А. Банки, финансовые платформы и Big Data: тенденции развития и направления регулирования [Текст] / С.А. Васильев // Финансовый журнал. – 2022. – Т. 14. – № 5. – С. 105–119.

5. Кодирзода, Д.Б., Махмудов, Ф.И. Теоретические основы исследования банковских инноваций и инновационных банковских услуг в условиях цифровизации экономики [Текст] / Д.Б. Кодирзода, Ф.И. Махмудов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2023. – № 2 (80). – С. 24–34.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 феврали 2017 сол, № 1397.

7. Навой, А.В. Перспективы трансформации системы международных расчетов в Российской Федерации на базе цифровых валют центральных банков [Текст] / А.В. Навой // Финансовый журнал. – 2024. – Т. 16. – № 2. – С. 43–58.

8. Сайфуров, К.Ф., Буриев, Ш.М. Дистанционные банковские услуги как механизм развития банковского сектора Таджикистана [Текст] / К.Ф. Сайфуров, Ш.М. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 7. – С. 17–23.

9. Санникова, Л.В. Правовые основы цифровых валют центральных банков и цифрового рубля [Текст] / Л.В. Санникова // Финансовый журнал. – 2023. – Т. 15. – № 5. – С. 27–44.

10. Содикзода, П. Международные экономические санкции в современной системе мирохозяйственных связей. Теория, методология, практика [Текст]: специальность 08.00.13 «Мировая экономика»: дис. … д-ра экон. наук / П. Содикзода. – Душанбе, 2025. – 481 с.

11. Содикзода, П., Икромов, Ф.Н., Гаюров, Г.Х. Теоретические аспекты совершенствование конкурентоспособности банковской системы в современных условиях [Текст] / П. Содикзода, Ф.Н. Икромов, Г.Х. Гаюров // Государственное управление. – Душанбе, 2023. – №1 (60). – С. 69–77.

12. Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 31 декабри соли 2020, № 175.

13. Шамсов, И.С. Современное состояние и проблемы развития цифровой экономики в Таджикистане [Текст] / И.С. Шамсов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 5-1. – С. 5–10.

УДК: 336

ТАҲАВВУЛОТҲОИ НАЗАРИЯВИ БАВУҶУДОИИ НИЗОМИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ҶОМЕА

Давлатова Фарзона Амирхоновна
доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), соли дуюм. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Пул яке аз бузургтарин кашфиётҳои ҳаёти башарият маҳсууб ёфта тавассути он рушди муносибатҳои иқтисодӣ, пешрафти ҷамъият дар беҳтаршавии сифати зиндагии аҳолӣ ва монандӣ инҳо нақши калидӣ дорад. Рушди ҳар як ҷамъиятро пул ва муносибатҳои пулӣ ташкил намуда он муносибатҳои нав ва фаъолиятҳои навро ба миён меоварад. Вобаста ба ин дар мақолаи мазкур таҳаввулотҳои назарриявии бавуҷудоии низоми пулӣ дар заминаи истифодаи шаклҳои гуногуни пул мавриди баррасӣ қарор гирифта дар он нуқтаи назари олимони дохилию хориҷӣ ва дигар сарчашмаҳои мавҷуд мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Илова бар ин дар ин мақола сохтори таркибии низоми пулӣ, шаклҳои низоми пулӣ аз марҳалаи ибтидоӣ то марҳалаи муосир мавриди таҳлил қарор гирифта дар он марҳалаҳо ва дигар хусусиятҳои хоси низоми пулӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин таваҷҷуҳба низоми пулҳои электронӣ, ки аз истифода ва фаъолнокии як қатор омил ва механизмҳо иборат мебошад, таҳлил гардида дар ин замина мушаххасоти муаллифи низ пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: Низоми пулӣ, низоми қарзӣ, пулҳои коғазӣ, пулҳои филизӣ, пулҳои электронӣ, асъорҳои рақамӣ, пайдоиши низоми пулӣ, назарияи пайдоиши пул, ташкили муомилоти пулӣ, ҳаҷми пул.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ЭВОЛЮЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЫ В ОБЩЕСТВЕ

Давлатова Фарзона Амирхоновна
доктор философии (PhD), докторант по специальности 6D050900 – Финансы (6D050901 – Финансы, денежное обращение и кредит), второй год обучения. Республика Таджикистан, г. Душанбе

Деньги – одно из величайших открытий человечества, и через них ключевую роль играет развитие экономических отношений, прогресс общества в повышении качества жизни населения и т. д. Развитие любого общества организуется деньгами и денежными отношениями, которые порождают новые отношения и новые виды деятельности. В этой связи в данной статье рассматриваются теоретические разработки в формировании денежной системы на основе использования различных форм денег, а также с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и других доступных источников. Кроме того, в статье анализируется структурная структура денежной системы, формы денежной системы от начального этапа до современного, анализируются и рассматриваются этапы и другие специфические особенности денежной системы. Также уделяется внимание системе электронных денег, которая состоит из использования и функционирования ряда факторов и механизмов, и в этом контексте представлены авторские уточнения.

Ключевые слова: Денежная система, кредитная система, бумажные деньги, металлические деньги, электронные деньги, цифровые валюты, возникновение денежной системы, теория возникновения денег, организация денежного обращения, объем денег.

THEORETICAL EVOLUTION OF THE FORMATION OF THE MONETARY AND CREDIT SYSTEM IN SOCIETY

Davlatova Farzona Amirkhonovna
Doctor of Philosophy (PhD), doctoral student in 6D050900 – Finance (6D050901 – Finance, Money Circulation and Credit), second year. Republic of Tajikistan, Dushanbe

Money is one of the greatest inventions in human history and plays a key role in the development of economic relations, social progress, and improvement of the quality of life. The development of any society is closely connected with money and monetary relations, which generate new forms of relations and activities. In this regard, the article examines the theoretical evolution of the formation of the monetary system on the basis of different forms of money, drawing on the views of domestic and foreign scholars and other available sources. In addition, the article analyzes the structure of the monetary system and its forms from the initial stage to the modern period, including the stages and specific features of its evolution. Particular attention is paid to electronic money systems, whose functioning depends on a number of factors and mechanisms; the author's clarifications are also presented.

Keywords: monetary system, credit system, paper money, metallic money, electronic money, digital currencies, emergence of the monetary system, theory of the origin of money, organization of money circulation, money supply.

Муқаддима. Аз давраи пайдоиши олам, одам, қабилаҳо ва ҷамъият пул ва қарз яке аз воситаҳои асоие мебошанд, ки дар ташкили рушди мносибатҳои ҷамъияти дар соҳаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Илова бар ин пул яке аз муҳимтарин ихтироотҳои таърихи башарият маҳсуб ёфта дар таоми арсаҳо вазифаҳои худро барои осон намудани кору фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҷамъият иҷро намуддаст. Вобаста ба ин мушаххасоти пайдоиши пул ва низоми пулӣ ин ду унсури ба ҳам алоқаманде мебошанд, ки яке дар заминаи дигар ба вуҷуд омадааст. Дар марҳалаи ибтидоии пайдоиши пул ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси пайдоиши низоми пулӣ гарди, ки он ҷанбаҳои фарогири иқтисодиро дар амал инъикос менамояд. Дар воқе агар пул таърихи қадима

дошта бошад, ҳам низоми пулӣ як раванди нисбатан инкишофёфта ва пешрафтаи муносибатҳои пулӣ буда дар ин низом талаботҳо ва воситаҳои баҳам алоқаманд зери назолроати доимии давлат қарор дошта ҷанбаҳои қонунии он низ зери назорат гирифта мешаванд.

Таърихи пайдоиши пул ва низоми пулӣ нишон медиҳад, ки дар таърихи рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва дар ин замина афзоиш ёфтани сатҳи талбот, низоми пулӣ низ вобаста ба як қатор маҳдудият ва имкониятҳо сохти худро дигар намуда аз як шакл ба шакли дигар гузаштааст. Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ ва асарҳои олимони дохилию хориҷӣ бар меояд низоми пулӣ чанд марҳалаи мураккабро аз сар гузаронида таъсир ва мутобиқати худро бо иқтисодиёт ва тағйиротҳои ҷамъият нигоҳ доштааст. Дар ҷомеаи пешрафтаи иқтисодӣ пул яке аз механизмҳои марказие мебошад, ки дар меҳварияти худ тамоми муносибатҳоро ташаккул дода, воситаи муҳими ташкили робита ва ҳамзамон рушду пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодиро таъмсин менамояд. Бинобар ин дар ташкили муносибатҳои иқтисодӣ пул омили асосии муносибатҳо буда дар ҳамин замина метавонад як қатор имкониятҳои навро ба миён оварад. Чи тавре, ки маълум аст нобаробарии муносибатҳои тиҷоратӣ ва дигар норасоиву мушкилотҳои иқтисодӣ дар замони пеш ба воситаи пул танзим гардида онҳо ба як шакли бутун расидаанд.

Методология. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ ва таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлилу синтез ва умумигардонии сарчашмаҳои илмии ватаниву хориҷӣ истифода шудаанд. Заминаи иттилоотии таҳқиқотро адабиёти илмӣ оид ба пайдоиш ва таҳаввули пул, низоми пулӣ ва қарзӣ, инчунин манбаъҳои электронӣ ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Ихтироотҳои инсоният комилан хоситаҳои гуногун доштаа дар ин замина пул муҳимтарин унсури онҳо маҳсуб меёбад. Дар баробари ҳамаи ин пул метавонад хосияти ивазшавандагӣ ва тағйипазирӣ дошта худро бо талаботи замон комилан мувофиқ намояд. Аз ин лиҳоз дар ҷомеаи иқтисодӣ манзалати пул вобаста ба неруи нотакрор доштани он ҳама неъматҳои ҷисмонӣ ва ғайриҷисоние, ки тавлид карда мешаванд самара ва арзиши онҳо ба воситаи пул чен карда мешавад. Ин аст, ки таърихи пайдоши пул тӯлонӣ буда танҳо дар он тағйиротҳои куллӣ вобаста ба равишҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст. Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ бар меояд дар ҷомеа агар чанде, ки дар баррасӣ ва арзёбии пул назария ва андешаҳои гуногун ҷой дорад, ҳамон омӯзиши сарчашмаҳо ба ин масъала басандагӣ намекунад ва он тақозо менамояд, ки бо муосиргардии тағйиротҳои иқтисодӣ муосилоти пулӣ ва таъсири он дар сатҳи тағйирпазирии муомилоти пулӣ мавриди омӯзиш қарор гирад. Вобаста ба тафсири низоми пулӣ аз тарафи олимон ва коршиносон як қатор мушаххасоте пешниҳод гардидааст, ки он то як андоза таваҳҳвулотҳои замони муосирро комилан фаро намегирад. Бинобар ин дар таҳқиқоти илмии худ мо ҷанбаҳои фарогири низоми мукаммали пуллиро дар шакли тағйирёбандагиҳои доимӣ мавриди баррасӣ қарор додем. (нигар расми 1)



Расми 1. Таҳаалоти низоми пулӣ ва шаклҳои алоҳидаи он дар ҷомеа

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар таърихи тамаддуни башарият дар баробари ҳама унсурҳои муҳими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷоема, пул аз қадимтарин воситаҳои муҳими барои ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта заминаҳои пайдоиши он ҳазорон сол дар шакли муносибатҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Сарчашмаҳо ва мушоҳидаҳои таърихӣ

нишон медиҳад, ки пеш аз пайдоиши пул муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд омада баъдан он дар зоҳири муносибатҳои тиҷоратӣ ва шаклгирии гардиши мол ва аломатҳои ба он баробар ба вуҷуд омадааст. Аз сарчашмаҳои илмӣ бар меояд, ки унсурҳои пулӣ, шаклҳои муомилитоти пулӣ, пайдоиши ибтидоии пул вамонади инҳо боис гардиданид то бо мурури замон низоми пулӣ ба вуҷуд ояд. Ҳоло дар ҷоеа ҳар як давлати пешрафта ва мустақил дорои низоми пулии худ мебошад. Ин тамоил дар шаклҳои дигар низ дар як қатор давлатҳои қадим ва имрӯза таърихи тамаддуни башарият ба вуҷуд омадаанд.

Тибқи сарчашмаҳои илмӣ «…ташаккули низоми пулӣ ба асрҳои XVI-XVII рост меояд, аммо баъзе аз унсурҳои он пештар пайдо шуданд. Баъдтар, бо рушди муносибатҳои молию-пулӣ, низоми пулӣ тағйироти назаррасро аз сар гузаронд. Дар марҳилаҳои аввали рушди капиталистӣ, биметаллизм дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҳукмронӣ кард. Аз сабаби ноустувории нархи металлҳои қиматбаҳо дар бозор, бахусус аз сабаби коҳиши арзиши истеҳсоли нуқра дар охири асри XIX, тангаҳои нуқра тиллоро иваз кардан гирифтанд (Қонуни Грешам: «Бадтарин пул беҳтаринро аз муомилот берун мекунад»). Дар соли 1865 Фаронса, Белгия, Швейтсария ва Италия Иттиҳоди пулии Лотиниро таъсис доданд; ин созишнома таносуби байни тангаҳои тилло ва нуқраро муқаррар кард (1:15.5). Иттиҳоди пулии Лотинӣ аввалин кӯшиш дар таърих барои танзими байнидавлатии низоми пулӣ буд. Баъдтар, барои таъмини устувории пул, биметаллизм бо монометаллизм иваз карда шуд» [3.528].

Илова бар ин мо бо бовари метавонем, иброз дорем ки дар таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои илмӣ ҳануз як қатор номушаххасиҳо ба назар мерасад, ки дар ин номушаххасиҳо таърихи пайдоиши низоми пулӣ вобаста ба ҷузъиётҳои таърихии онро сарфи назар менамояд. Заминаҳои асоии ташаккули низоми пулиро дар ҷомеаи мутаммади низоми иптидоии пулӣ ё бартер ташкил медиҳад, ки ҳамаи ин қадамҳои аввалини ташаккул ёфтани муомилоти пулиро инъикос менамояд. Дар ҳамин асос низоми бартерӣ агар шакли дигари пулро ифода намояд, он дар асл ҳамо заминаест, ки бо мурури замон дар он асос шаклҳои нави пул ташаккул ёфтаанд. Агар чанде дар муомилоти пулӣ шакли бартер ҳамчун афзалияти нави гузариш ба шаклҳои нисбатан мувофиқатри пулӣ бошад, идомаи истифодаи он марҳалаҳои ҷадиди интихоби моли махсус ва мувофиқро ба миён овардааст. Ба андешаи мо дар ҳошияи ин таҳаввулотҳо ва арзёбиҳо шакли ибтидоии низоми пулӣ дорои чунин имкониятҳои нави пулӣ буд:

1. Гуногунрангсозии муносибатҳои иқтисодӣ ва дар заминаи ин интихоби молҳои нисбатан қобили эътимодӣ пулӣ ва мубодилаи муомилотӣ;
2. Ҳамчун механизми маҷбуркунӣ ба истифодабарандагон ё истеҳсолкунандагони молу маҳсулотҳои гуногуни ниёзи аввал ҷиҳати дарёти молҳои мувофиқтар ва қобили эътимод;
3. Ҷонноксозии равобити тиҷоратӣ ва дар заминаи ин интихоби моли мувофиқ барои ҳама табақаи аҳолӣ ва махсусан истеҳсолкунандагон ва ғ.

Аксар олимону коршиносон заминаҳои пайдоиши пулро дар доираи якчанд омил асосӣ мебинанд, ки ҳамаи ин метавонад ба механизмҳои имконпазири шаклгирии низоми пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт такия намояд. Таре, ки олими тоҷик Н. Ашуров иброз намудаааст дар ҷомеи иқтисодӣ масъалаҳои зерин ҳамчун омил ба пайдоиши пул боис гардидаанд:

1. «…Гузариш аз хоҷагии натуралӣ ба тавлилиди мол ва мубодилаи онҳо;
2. Мустақил шудани молистеҳсолкунандагони ҷудогонаи мол ва ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ» [1.7].

Дар баррасии масъалаҳои мубрами бавуҷудоии пул дар муносибатҳои иқтисодӣ аксар маврид олимон онро ба гузинаҳои иқтисодӣ дар муҳити равандҳои истеҳсолӣ матраҳ намудаанд, ки он метавонад баъзе механизмҳои дигари пайдоиши онро сарфи назар намояд. Аз ин лиҳоз барраси заминаҳои пайдоиши низоми пулӣ як таҳаввулоти таърихиест, ки он аз шакли оддии арзиш бартер ба вуҷуд омада то ба як низоми мукаммали пулӣ расидааст. Дар тағйирёбиҳои доимии иқтисодӣ муомилоти пулӣ ва шаклҳои низоми пулӣ ба таври доимӣ худро дигар намуда равишҳои навро ба вуҷуд овардаанд. Аз ин хотир дигар олимон зарурияти пайдоишши пулро ҳамчун воситаи ягонаи пардохт аз чанд нуқтаи назар мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин робита олими дигари тоҷик Шариф Раҳимзода дар китоби худ пайдоиши пулро ҳамчун моли махсус аз рӯи хусуиятҳои зерин асосӣ шуморидааст. Тибқи андешаи ӯ бояд пул дороои махсусиятҳои зерин бошад: «…аз тарафи ҷамъият эътироф шавад; барои истифода дар хариду фурӯш оддию боварибахш бошад; сабуку камҳаҷм бошад;ёдорои арзиши устувор бошад; имкон бошад, ки асли будани он дарҳол санҷида шавад; тақсимшаванда боша два имконияти истифодаи он дарозмуддат бошад»[10.8]. Ташаккули заминаиҳои низоми пулӣ вобаста ба таҳаввулотҳои таърихӣ гуфтан мумкин аст, ки махсусиятҳои пул ҳамчун омили асоссии ташаккул ва рушди ин масъалаи муҳим барои ҷамъият мебошанд. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки марҳалаҳои ташаккули заминаҳои низоми пулӣ вобаста ба маълумотҳои дар расм овардашуда асоанд ба сохтори низоми омехтаи пулӣ рост меояд, ки он асосан асрҳои X – XI- ро дар бар мегирад. Агар шакли оддии низоми пулӣ ба асрҳои IV-X пеш аз мелод рост ояд пас низоми омехтаи пулӣ, ки дар он аз тарафи ҷамъият як қатор таҷрибаҳо истифода гардидаанд як роҳи равшани ҷорӣ намудани низоми пулии нисбатан устуворро нишон додааст.

Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ ва таърихӣ бар меояд дар тӯли ҳазорсолаҳо истифодаи шаклҳои гуногуни пул дар муносибатҳои ҷамъияти ба вуҷуд омадааст, лекин низоми пулӣ каме дертар дар заминаи таҳаввулотҳои гуногуни иқтисоӣ ва як қатор маҳдудиятҳои умумиқтисодӣ ва умумиҷамъият ё умумиичтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Ва ин таҷриба бо мурури замон заминаҳои қонунии муносибатҳои пулӣ ва низоми пулию қарзиро ба вуҷуд овардааст. Аз ҳамбастагии нишондиҳандаҳо низ пай бурдан мумкин аст, ки низоми қарзӣ дар заминаи низоми пулӣ ба вуҷуд меояд. Зеро низоми қарзӣ яқ қисми таркибии низоми пулӣ маҳсуб ёфта дар он имкониятҳои нави ташкили муомилоти пулии босамар ба вуҷуд меояд. Дар робита ба ин метавон гуфт, ки низоми омехтаи пулӣ

шакли низбатан тавсияёфтаи муомилооти пулӣй ва гузариш ба низоми пулии устувор мебошад. Дар низоми омехтаи пулӣ новобаста аз оне, ки пулҳои филизӣ низ ба вуҷуд омада буданд, дар он таҷрибаи истифодаи пул дар як давраи муаян, чапотӣ (асри XI Бағдод) ва дигар олотҳои хоҷагидорӣ буд.

Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ бар меояд «…таърихи пайдоиши низоми пулӣ дар аксар кишвар тараққикарда дар давоми асрҳои XI - XII дар натиҷаи пайдоиши сохтори капиталистӣ ба вуҷуд омада инкишоф ёфтаанд. Тибқи ин сарчашма баъзе аз нишонаҳои пайдоиши низоми пулӣ боз ҳам пештар дар асрҳои VI дар давраи давлатдории сомониён ба вуҷуд омаданд» [4.7].

Дар дигар сарчашмаҳои чунин ишора шудааст, ки «…ҳама он чизе, ки дар мубодила иштирок менамояд, бояд боя гон тарз муқоиса гарда два барои иҷро гардидани мубодила бояд ягон воҳиди ченак, ки ба ягон шарт асос ёфтааст вуҷуд дошта бошад» [12.9].

Дар дигар манбаъҳо омадааст, ки «…тибқи ин сарчашмаҳо пайдоиши пешниҳоди пул ба гузаштаи дур бармегардад. Тибқи назари Акентьев Р.Ю. пул, ҳамчун муодили махсус, ҳазорҳо сол пеш пайдо шуда буд. Пеш аз пайдоиши аввалин пул, мубодилаи мол ба вуҷуд омад. Мардум ҳанӯз ба пул ё иқтисодиёт ниёз надоштанд. Бо рушди ҳунармандӣ ва кишоварзӣ, одамон маҷбур шуданд, ки усули мубодиларо ҷорӣ кунанд. Масалан, ба як деҳқони оддӣ асбобҳое лозим буданд, ки оҳангар сохтааст, то замини худро кишт кунад. Албатта, ӯ ба чизе барои хӯрдан ниёз дошт ва маҳз ҳамин чизе буд, ки деҳқон парвариш мекард ва оҳангар маҳсулотҳои заруриро нашр менамуд» [2]. Дар воқеъ ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки ҳарчан ба сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқи олимону коршиносон назар афканем, маълум мегардад, ки равишҳои баҳодиҳии заминаҳои пайдоиши пул ва низоми пулӣ ба ҳамон масъалаҳое бар мегарданд, ки онҳо мушаххасоти масъалаи мазкурро дар сатҳи зарурӣ инъикос карда наметавонанд.

Тибқи баъзе сарчашмаҳои дигар «…тангаҳои аввал дар салтанати Лидия, ки дар Туркияи муосир ҷойгир аст, дар асри VII пеш аз милод сикка зада шудаанд. Тангаҳои аввалини ин салтанат аз хӯлаи табиии махсуси тилло ва нуқра бо номи электрум сохта шуда буданд. Баъдтар тангаҳое, ки аз металлҳои алоҳида сохта шудаанд, пайдо шуданд. Подшоҳи Либия Крез аввалин касе буд, ки стандарти сифат ва покии хӯлаҳои тангаро муқаррар кард. Ин тангаҳо зуд ба муомилот ворид шуданд ва дар тамоми ҷаҳон паҳн шуданд»[9.157].

Вобаста ба сарчашмаи овардашуда, ки аввалин тангаҳои тиллоӣ ва нуқраги дар салтанати Лидияи туркия пайдо шудаанд ба ин рози шудан аз доираи равишҳои илмӣ берун мебошад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки давлатдории Тоҷикон масъалаи ташаккул пул ва низоми пулиро қабл аз дигар давлатҳои пешрафта дар худ истифода намудааст, ки ҳатто шояд аксар давлатҳои абалқудрат вуҷуд надоштанд. «…Тибқи сарчашмаҳо ҳануз пайдоиши пул дар шакли тангаҳои тиллоӣ дар асри VI пеш аз милод пайдо шудаанд»[11.12].

Дар сарчашмаҳои дигар низоми пулиро дар ду самти асосӣ баррасӣ намуда ин таҳлилҳо шаклҳои муосири пулӣ ё тағйирёбии онро дар як давраи дарозмуддат сарфи назар намудааст. Мувофи сарчашмаҳо «…ду мактаби асосии назарияи пулҳои металлизм ва пули коғазии фиатӣ - на танҳо дар фаҳмиши таҳаввулоти пул, балки дар ташкили гардиши он низ ихтилоф доштанд. Дар робита ба ин зикр гардидааст, ки металлизм қодир набуд чунин метаморфозаҳоро дар ҷаҳони пулӣ, ба монанди аз байн бурдани гардиши тилло ва аз байн бурдани паритетҳои тилло, пешбинӣ ва шарҳ диҳад. Илова бар ин таҳлили низомҳои пулӣ дар чаҳорчӯби ин таълимот анъанавӣ ба иддаоҳо дар бораи мавҷудияти пули «ҳақиқӣ» - металлҳои қиматбаҳо ва ивазкунандаҳои онҳо такя мекунад. Аз ин бармеояд, ки имрӯз пул чизе «дурӯғ» аст, ки на ба рушд, балки танҳо ба таназзул қодир аст. Ин, албатта, бо мантиқи таҳаввулоти низоми иқтисодӣ мухолиф аст»[6].

Ин назаря низ ба монанди назарияҳои дар пеш овардашуда хосияти маҳдуд доштани низоми мукаммал ва тавсияёфтаи пулиро дар сатҳи зарурӣ инъикос карда наметавонад. Зеро вобаста ба тағйиротҳои чанд даҳҳаи охир низоми пулӣ низ комилан тағйир ёфта он бо равишҳои низбатан нав ва пешрафта дар муомилоти тиҷоратӣ истифода мегардад. Бинобар ин зарурияти баррасии низоми пулӣ аз нуқтаи назари институтсионалӣ метавонад аз як чанд марҳалаи асосӣ бо таҳаввулотҳои замонӣ ҳамроҳ бошад.

Баъди низоми пулии омехта низоми пулҳои филизӣ шакли тавсияёфтаи муомилоти пулӣ буда он заминаи ташаккули рушди момилоти пулиро дар ҷамъият инъикос менамояд. Вобаста ба ин ин низоми пулии мувафақ низ бо мурури замон вобаста ба норасоии захираҳои филизӣ, мушкилоти ҳамлу нақл, хариду фурӯш, сатҳи фарсудашавӣ, душвориҳои муомилотӣ ва монанди инҳо боиси он гардиданд, ки дар муомилоти иқтисодӣ ин шакли момилоти пулӣ иваз гардида ба ҷои он шакли дигари муомилоти пулӣ ҷорӣ карда шавад.


Дар таҷрибаи рушди иқтисодва муомилоти пулӣ ба таври доимӣ омехтагии нишондиҳандаҳо ва сатҳи таъсиррасонии онҳо ҷой дорад, ки ин бевосита ба рушди доимӣ ва суботи низомҳои нави пулӣ бо талаботҳои нав ва механизмҳои нав ба вуҷуд меояд. Низоми пулҳои коғазию қарзӣ яке аз маъмултарин низомҳои пулие мебошанд, ки мъруфияти рушди иқтисодиётро таъмин намуда механизмҳои рушдро дар сатҳи зарурӣ таъминменамоянд. Бинобар ин дар таҷриба омехтагии низомҳои пулӣ шаклҳои нав ва пешрафтаи муомилоти плуиро ба вуҷуд меоранд.

Муҳокима. Дар истифодаи пулҳои электронӣ тибқи маълумотҳои мавҷуда шабакаҳои ҳисоббаробари, к ибо хатҳои алоқаи компютерӣ ва интерентӣ дар як радифи муаян пайвастанд нақши калидӣ дошта пайвастагии доимии онҳо муомилоти электрониро таъмин менамояд.

«…тибқи сарчашмаҳо шабакаи ҳисоббарорӣ ин низомест, ки мубодилаи маълумотро байни дастгоҳҳои ҳисоббарорӣ - компютерҳо, серверҳо, роутерҳо ва дигар сахтафзор ё нармафзор осон мекунад. Барои интиқоли иттилоот аз васоити гуногуни интиқоли маълумот истифода бурдан мумкин аст. Илова бар маҷмӯи дастгоҳҳои физикӣ ва васоити интиқоли маълумот, шабакаи ҳисоббарорӣ метавонад шабакаи рӯйпӯш ё виртуалӣ бошад - яъне шабакаи аз ҷиҳати мантиқӣ мустақил ва махсус, ки аз захираҳои шабакаи дигари физикӣ - шабакаи

ҳисоббарорӣ, шабакаи телефонӣ, аз ҷумла шабакаи телефонии коммутатсионӣ (PSTN) ва/ё васоити интиқоли маълумот истифода мебарад»[5].

Вобаста ба ин дар ҷаҳони муосир маъмултарин низоми пулие, ки шояд тамои ҷаҳонро фаро гирад ва қариб қисми зиёди низомҳои пулии дигарро дар худ фаро гирад, ин низоми пулҳои электронӣ мебошад, ки дар давлатҳои пешрафта зиёда аз ду даҳасола ва дар Тоҷикистон муосир зиёд аз 10 сол мешавад, ки ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Ин раванд дар иқтисодиёти имрӯза як раванди мураккаб ва печидаест, ки бевосита равишҳои гуногуни муомилоти пулиро дар заминаи техника ва технологияҳои мусир дар амал татбиқ менамояд ва он имрӯз унсурии асосии пешрафти ҳама соҳаҳои алоҳида мебошад. Дар истифодаи пулҳои электронӣ ё рақамӣ асосан 5 омил нақши калидӣ дорад, ки ин мушаххасотро дар расми 2 чунин ифода намудем.



Расми 2. Меҳарияти ва равандҳои омилии ташкили пулҳои электронӣ ва муомилоти ғайринақдӣ

Сарчашма. Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои электронии https://ru.wikipedia.org

Вобаста ба маълумотҳои дар расм овардашуда пулҳои электронӣ ба монади пулҳои филӣ ва коғазӣ нерӯи мутлақи амилисозии мустақим надошта он дар дар алоқамандӣ бо як қатор омилҳо ё механизмҳо вазифаи худро мустақим иҷро менамояд. Дар таҳқиқоти илмии худ мо муаяннамудем, ки дар низомҳои мавҷудаи пулӣ танҳо низоми пулие, ки вазифаи худро дар сатҳи иқтисодиёт мустақим иҷро карда наметавонад, ин низоми пулҳои электронӣ мебошад, ки он фарояндҳои ғайримустақим дорад. Агар чанде, ки омили асосӣ ва воситаи муҳими таъминкунандаи самарнокии амалиётҳои бонкӣ аз он вобаста бошад ҳам таъсири ғайримустақими он метавонад дар баъзе мавридҳо ба мушкилот дучор гардад. Илова бар ин дар аксар маврид низоми пулҳои қоғазӣ воқеиятҳои ташкили пулҳои электрониро ташкил медиҳанд. Дар расми овардашуда ин масъаларо мушаххас менамояд ва онро пулҳои боэтимод низ менаоманд [7.174].

Истифодаи самараноки низоми пулӣ дар доираи маҳдудиятҳои мавҷудаи як низоми қаблӣ шароит медиҳад, ки дар доираи он низоми нави пулӣ сохта шавад ё он длар воқеъ такмил ёфта ба тағйирёбиҳои ҷамъият мутобиқ карда шавад.

Тавре дар сарчашмаҳо омадааст «…пули боэътимод, фиатӣ, жетонӣ, коғазӣ, қарзӣ ё пули бегарав - пуле, ки бо тилло ё дигар металлҳои қиматбаҳо таъмин нашудааст ва арзиши номиналии он аз ҷониби давлат муқаррар ва кафолат дода мешавад, новобаста аз арзиши маводе, ки барои сохтани он истифода мешавад. Одатан, он ба тилло ё нуқра табдил дода намешавад. Пули боэътимод аксар вақт ҳамчун воситаи пардохт дар асоси қонунҳои давлатӣ истифода мешавад, ки қабули онро бо арзиши номиналӣ талаб мекунанд. Арзиши пули боэътимод бо эътимоди одамон ба қобилияти онҳо барои иваз кардани он ба чизе арзишманд нигоҳ дошта мешавад. Паст шудани эътибори давлат боиси коҳиш ёфтани қобилияти харидории пули боэътимод мегардад, ки боиси беқурбшавӣ, «фирор аз пул» ва ғайра мегардад»[5].

Хулоса. Дар робита ба ин гуфтан мумкин аст, ки низоми қарзӣ низ дар робита ба тақвияти низоми пулии мукаммала инкишоф ёфта вазифаҳои худро дар сатҳи зарурӣ иҷро намудааст. Аз ин ҷост, ки баробари тағйир ёфтани низоми пулӣ низоми қарзӣ низ метавонад инкишоф ёбад ва воситаҳои қаблиеро ки дар ҷамъият ба сифати пул истифода мегариданд, онҳоро ба сифати қарз нигоҳ дорад. Пас чунин гуфтан мумкин ат, ки дар сатҳи низоми қаблӣ ҳама омилҳои асосии низоми пулӣ ва воситаҳое, ки ба сифати пул истифода мегардиданд дар низоми қарзӣ онҳо васеъ истифода мегарданд. Низоми қарзӣ низ ба монанди низоми пулӣ метавонад аз пулҳои молӣ, коғазва электронӣ сарчашма гирад. Дар иқтисодиёт имрӯз яке аз масъалаҳои асоие, ки ба он таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ин минбаъд инкишофёбии қарзҳои молӣ ва электронӣ имконпазир мегард. Зеро қарзҳои лизингӣ раванди доимиеро дар бар мегиранд, ки ҳамаи ин бевосита ба равишҳои доимии иқтисодиёт ҳамқадам мебошанд. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ вобаста ба тақвияти рушди низоми пулию қарзӣ зарурияти баланд бардоштани заминаҳои рушди ҷомеро бо иқтисодиёти пешрафта дар бар мегирад. Аз ин хотир метавон иброз намуд, ки баррасии низомҳои гузашта ва муосири пулӣ имкон медиҳад, ки ба чунин масъалаҳо ба таври доимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад:

1. Баррасии равишҳои назариявии арзёбии низомҳои мавҷудаи пулӣ ва дар заминаи он муаян кардани имконияту иқтидорҳои навсозва бозсозии иқтисодӣ:
2. Мушаххаснамоии назари олимону коршиносон ва дар заминаи ин муаян намудани воқеиятҳои арзёбӣ ва фарогирии масъалаҳои ҷойдошта[8.115];
3. Ҷорӣ намудани механизмҳои нави ташкили муомилоти пулӣ дар заминаи механизмҳои қаблан вуҷуддошта ва дар робита равишҳо ва методҳои нави мавҷуда ва аммо истифоданашуда;
4. Рушди доимии равшҳои нав ва механизмҳои навӣ аз омухташуда ава истифоданагардида;
5. Муосиргардонии равандҳо ва низомҳои нави пулӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

Адабиёт

1. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк. Н.Ашуров. Нашри якум. - Душанбе : Матбуот, 2011. – 7с. – ISBN 978-99975-34-13-9. (306)
2. Акентьев Р.Ю. Краткая история денег. Издательство Амфора.2018 г. (https://www.wildberries.tj/catalog/tags/kratkaja-istorija-deneg)
3. Денежная система : [арх. 17 октября 2022] / Л. Н. Красавина, М. С. Любский // Григорьев — Динамика. — М. : Большая российская энциклопедия, 2007. — С. 528. — (Большая российская энциклопедия : [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов ; 2004—2017, т. 8). — ISBN 978-5-85270-338-5
4. Иброҳимов И.Р., Ниёзов М.А. Муомилоти пул, қарз ва бонк. И.Р. Иброҳимов., М.А.Ниёзов . Душанбе «Ирфон» , 2010. Саҳ 7 (285) - ISBN 978-99975-0-153-4. (306)
5. Манбаи электронӣ https://ru.wikipedia.org/wiki (санаи мурочиат 15.02.2026)
6. Манбаи электронӣ https://www.nbrb.by/bv/pdf/articles/1013.pdf (санаи мурочиат 12.01.2026)
7. Махшулов, С. Д. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С. Д. Махшулов, Б. Б. Ходжаев, К. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 174-179. – EDN VQTTXM.
8. Махшулов, С. Ҷ. Устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 1. – P. 115-122. – EDN JWNWWC.
9. Огородникова Елена Петровна. История возникновения денег /Е.П. Огородникова /Вестник научный журнал Эпоха науки № 22. 2020. Стр 157-158
10. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 8с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.
11. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 12. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.
12. Ҳасанов А.Р., Миразизов А.Ҳ., Содиқов Р.Ҳ. Молия ва қарз. А.Р. Ҳасанов., А.Н.Миразизов., Р.Ҳ. Содиқов. Душанбе «Ирфон» , 2010. Саҳ 9 (351) - ISBN 978-99947-0-140-7. (306)

УДК: 336

САМАРАНОКИИ НАЗОРАТИ БОНКӢ ВА РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Сафаралиева Лутфия Шовалиевна

доторанти (Phd) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 93-933-11-88. E-mail: im-24@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои самаранокии назорати бонкӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он дар шароити муосир бахшида шудааст. Ҳадафи асосии тадқиқот арзёбии сатҳи самаранокии назорати бонкӣ ва муайян намудани механизмҳои муосири такмили он бо дарназардошти тағйироти рақамикунонӣ ва хавфҳои нави молиявӣ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ ва оморӣ истифода гардида, таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти асосӣ ба сатҳи нокифояи татбиқи стандартҳои байналмилалӣ, маҳдудияти инфрасохтори рақамӣ ва камбуди захираҳои кадрӣ вобаста мебошанд.

Дар мақола роҳҳои баланд бардоштани самаранокии назорати бонкӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, тақвияти идоракунии хавфҳо, такмили заминаи меъёрӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият пешниҳод гардидаанд. Навоварии илмии тадқиқот дар асосноккунии равишҳои муосири назорати бонкӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ифода меёбад. Аҳамияти амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои тадқиқот ҳангоми такмили сиёсати назоратии Бонки миллӣ ва баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ зоҳир мегардад.

Калидвожаҳо: назорати бонкӣ, самаранокӣ, хавфи бонкӣ, SupTech, RegTech, рақамикунонӣ, низоми бонкӣ, устувории молиявӣ.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ БАНКОВСКОГО НАДЗОРА И ПУТИ ЕГО ПОВЫШЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Сафаралиева Лутфия Шовалиевна

докторант (PhD) кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 93-933-11-88. E-mail: im-24@mail.ru

Статья посвящена анализу эффективности банковского надзора и путей ее повышения в современных условиях. Основной целью исследования является оценка уровня эффективности банковского надзора и обоснование современных механизмов его совершенствования с учетом цифровизации и новых финансовых рисков. В ходе исследования применялись методы системного, сравнительного и статистического анализа, а также рассмотрен международный опыт и особенности банковской системы Республики Таджикистан. Результаты показывают, что основными проблемами являются недостаточный уровень внедрения международных стандартов, ограниченность цифровой инфраструктуры и дефицит квалифицированных кадров.

В статье предложены направления повышения эффективности банковского надзора, включая внедрение технологий, усиление системы управления рисками, совершенствование нормативно-правовой базы и повышение уровня прозрачности. Научная новизна исследования заключается в разработке современных подходов к банковскому надзору с использованием цифровых технологий. Практическая значимость работы определяется возможностью применения результатов при совершенствовании надзорной политики центрального банка и обеспечении устойчивости банковской системы.

Ключевые слова: банковский надзор, эффективность, банковские риски, SupTech, RegTech, цифровизация, банковская система, финансовая устойчивость.

EFFECTIVENESS OF BANKING SUPERVISION AND WAYS TO IMPROVE IT IN MODERN CONDITIONS

Safaralieva Lutfiya Shovalievna

assistant professor (PhD) of the Department of Finance of Tajikistan State University of Finance and Economy. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 93-933-11-88. E-mail: im-24@mail.ru

This article is devoted to the analysis of the effectiveness of banking supervision and ways to enhance it in modern conditions. The main objective of the study is to assess the level of banking supervision efficiency and to justify modern mechanisms for its improvement, taking into account digitalization and emerging financial risks. The research is based on systemic, comparative, and statistical analysis methods, and it examines international experience along with the specific features of the banking system of the Republic of Tajikistan. The findings indicate that the main challenges include insufficient implementation of international standards, limited digital infrastructure, and a shortage of qualified personnel.

The paper proposes measures to improve the effectiveness of banking supervision, including the adoption technologies, strengthening risk management systems, enhancing the regulatory framework, and increasing transparency. The scientific novelty lies in the development of modern approaches to banking supervision based on digital technologies.

The practical significance of the study is reflected in the potential application of its results in improving central bank supervisory policies and ensuring the stability of the banking system.

Keywords: banking supervision, efficiency, banking risks, SupTech, RegTech, digitalization, banking system, financial stability.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт низоми бонкӣ ҳамчун рукни асосии низоми молиявии ҳар як мамлакати мустақил ба ҳисоб меравад. Рушд намудани ин низом метавонад таъсири мусбат ва ҳалкунандаи худро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ гузошта, дар маҷмуъ ба пешрафти босуръати иқтисодиёти миллӣ саҳми босазо гузорад. Бинобар ин, низмои бонкиро як ҷузъи ҷудонашаванда ва муҳими низоми молиявӣ ва умуман низоми иқтисодӣ медонанд. Чунки, бе таъсири низоми бонкӣ ҳамаи низомҳои зерсохтори иқтисодиёт наметавонанд суръати муносибро дар рушди фаъолияти худ касб намоянд.

Вобаста ба ин, дар ҳама ҳолат ҳукумати давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки низоми бонкии онҳо пешрафта бошад ва тавонад дар пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ нақши арзандаи худро гузорад. Дар навбати худ, низоми бонкӣ низ аз имкониятҳои фароҳамовардашуда самаранок истифода намуда, ба хотири ба даст овардани фоидаи зарурӣ талош менамояд. Аммо, ҳамаи фаъолияти ин низом дар зери назорати мақомотҳои танзимкунанда қарор гирифта, он наметавонад аз доираи муайяннамуда берун амал намояд.

Методология. Асосҳои назариявии самаранокии назорати бонкӣ ба таҳқиқи моҳият, ҳадафҳо, воситаҳо ва натиҷаҳои механизми назорат дар низоми бонкӣ такя мекунанд. Дар адабиёти иқтисодӣ назорати бонкӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳо, усулҳо ва институтҳое фаҳмида мешавад, ки барои таъмини устувории молиявии бонкҳо, ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон, коҳиши хавфҳои системавӣ ва нигоҳдории эътимод ба низоми молиявӣ истифода мешаванд. Самаранокии чунин назорат дар он зоҳир мегардад, ки то чӣ андоза мақомоти танзимкунанда метавонанд хавфҳоро пешакӣ муайян намуда, фаъолияти бонкҳоро ба меъёрҳои устувор мутобиқ созанд ва аз буҳронҳои эҳтимолӣ пешгирӣ намоянд. Аз нигоҳи назариявӣ, назорати бонкӣ танҳо воситаи маҳдудкунанда нест, балки механизми ҳамоҳангсозандаи рушди бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Нақши муҳимро дар таҳқиқи намудани масъалаҳои танзими бонкӣ ва самаранокии он дар низоми бонкӣ, такмили раванди танзим, устуворii низоми бонкӣ ва дарёфти роҳҳои суботи бонкӣ аз тарафи олимони ватанӣ аз қабили Ш. Раҳимзода, Б.М. Шарифзода, Б.М. Ҷураев., С.Ҷ. Махшулов, И.Қ. Аҳадов ва дигарон гузоштаанд.

Сарчашмаи маълумотро маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бюллетенҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон, ҳисоботу маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ ва ҳамзамон сарчашмаи маълумотҳо аз корҳои таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд. Инчунин зимни навиштан ва таҳияи мақола, ба сифати сарчашмаи расмӣ аз Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ ва сайти расмии онҳо, дастурамалу низомномаҳои соҳавӣ, маълумотҳои расмии бонкҳои хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ истифода шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ-иқтисодӣ, моделсозӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, тарҳрезии иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо ва мулоҳизаҳои шахсии муаллиф истифода шудаанд

Натиҷаҳо. Вобаста ба такмил додани танзими бонкӣ ва баланд бардоштани самаранокии он аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналхалқӣ дар самти танзим ва назорати бонкӣ меъёрҳои махсус ба амал мебароранд, то ки ташкилотҳои қарзӣ аз он истифода намуда, фаъолияти худро дар ҳолати устувор нигоҳ доранд. Бо вуҷуди ҳамаи меъёрҳои муайяншуда, ташкилотҳои қарзии дар доираи низом фаъолияткунанда, манфиати молиявии кофӣ ба даст оварда, онро дар якҷоягӣ бо маблағҳои муваққатан озоди субъектон барои ҳаракат додани муомилоти моливу пулӣ сафарбар менамояд. Сафарбарсозии маблағҳои дар дасти бонкбуда, ҳамчун муҳаррики низоми иқтисодӣ баромад намуда, дар ба танзимдарории амалиятҳои молиявӣ хизмат менамоянд.

Чи тавре ки қайд гардид, бо вуҷуди он ки низоми бонкӣ воситаи асосии ҳаракатдиҳандаи низоми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, аммо, давлат ҳатман чораҳои пешгирикунандаи муомилоти пулиро ба роҳ мемонад. Ба ин чораҳо меъёрҳои мақбули аз тарафи бонки марказӣ қабулшуда дохил мегарданд, ки онҳо воситаи асосӣ барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб мераванд.

Аз тарафи дигар назар андозем, қобили қабул донистан мумкин аст, ки танзим ва назорат аз тарафи бонки марказӣ барои низоми зарур буда, он на танҳо ҳамчун воситаи танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ, балки воситаи назорат ва танзими тамоми фаъолияти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Чунки, дар ҳолати вайрон гардидани таносуби пуливу қарзӣ таъсири манфӣ на танҳо ба низоми бонкӣ, балки ба тамоми низомҳо мерасад. Инро ба назар гирифта, мақомоти танзимкунандаи низоми бонкӣ ҳамеша аз пайи нигоҳ доштани таносуби пуливу қарзӣ мебошанд. Зеро ки дар ҳолати беназорат мондани ин раванд, ташкилотҳои қарзӣ бо мақсади ба даст овардани манфиати молиявии зиёд, метавонанд маблағҳои молиявии муваққатан озоди дар дастдоштаашонро ба қарз ва сармоягузорӣ равона сохта, таносубро дар бозор ва дар умум дар иқтисодиёт вайрон намоянд.

Аз ин рӯ, аҳамияти назорати бонкӣ дар нигоҳ доштани субот ва устуворii иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои афзалиятноки он муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин масъала мавриди таҳлил ва арзёбии ҳамешагӣ қарор гирифта, муҳимияти он дар пешрафти низоми молиявӣ, пулию қарзӣ ва дигар низомҳои муҳими иқтисодӣ баръало аён мегардад.

Назорати бонкӣ ин маҷмуи чорабиниҳое, ба ҳисоб мераванд, ки он аз мезанизмҳои алоҳидаи таъсирнок иборат буда, аз ҷониби мақомоти танзимкунандаи низоми молиявӣ ва ё низоми бонкӣ ба амал бароварда мешавад ва мақсади он нигоҳ доштани устувории молиявӣ, назорат ва пешгирии хавфҳои молиявӣ ва дар умум ҳифзи манфиатҳои муштариён ва иштирокчиёни бозори молиявӣ ба шумор меравад.

Чи тавре ки маълум аст, дар низоми молиявӣ ҳадафи аз ҳама муҳим ин ҳимояи манфиатҳои пасандозгузорону қарздеҳон ба шумор меравад, бинобар ин, мақсади назорати бонкӣ низ аз ҳамин иборат буда, дар ин асос чораҳои гуногуни ҳатмӣ барои субъектони бозори молиявӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари доштани мақсад ва ҳадафи асосӣ, инчунин вазифаҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳангоми ба роҳ мондани назорати бонкӣ иҷро мегардад. Яке аз вазифаҳои назорати бонкӣ ин нигоҳ доштани устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба шумор рафта, ин воситаи муҳим барои пешрафт ва ташаккули фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ки бе доштани устувории молиявӣ ва ё дар ҳолати муътадил нигоҳ дошта натавонистани он тамоми нишондиҳандаҳои дигари молиявии бонк ба қадри зарурӣ ташаккул наёфта, натиҷа метавонад ба ҳолатҳои ногувор оварда расонад. Бинобар ин, дар шакли мукаммал ба роҳ мондани назорати бонкӣ аз тарафи бонки марказӣ якчанд мушкилотҳои соҳаро дар якҷоягӣ ҳал менамояд.

Барои дуруст ба роҳ мондани фаъолият ва мутобиқ гардонидани он ба стандартҳои байналмилалӣ ҳар як ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ тамоми субъектҳои низоми бонкиро зарур аст, ки тавсияву талаботҳои аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ ба амалбаровардаро дар фаъолияти худ ҷорӣ намоянд. Албатта, ҷорӣ намудани ин тавсияҳо ба манфиати кори ташкилотҳои қарзӣ буда, аз тарафи дигар на ҳамаи онҳо бо хусусиятҳои миллии мо мутобиқ меояд. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон он тавсияву талаботҳои ба низоми бонкии мо мувофиқ ҳастанд, муайян намуда, иҷрои онро ба ташкилотҳои қарзӣ ҳатмӣ мегардонад. Дар ин ҳолат вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки иҷрои ҳатмии меъёрҳои муайяншударо аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ назорат намояд. Зеро ки риоя накардани меъёрҳои байналхалқӣ обу рӯи низоми бонкии моро дар арсаи байналхалқӣ паст намуда, таваҷҷуҳи сармоягузоронро ба ин самт коста мегардонад.

Аз ин рӯ, Бонки миллӣ вазифадор ҳаст, ки қонунгузории соҳаи бонкдориро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида, рафти риояи онро дар сатҳи баланд назорат намояд. Дар ин ҳолат, хавфҳои таҳдидкунанда низ кам гардида, устуворii низоми бонкӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин мегардад. Зеро, ташкилотҳои байналхалқии назорати бонкӣ дар натиҷаи омӯхтани камбудиву мушкилотҳои соҳа ва таҷриба намудани хавфҳои таҳдидкунанда санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омода намуда, ба низоми бонкии давлатҳои аъзо ҳамчун тавсия пешниҳод менамоянд.

Дар ҳақиқат, Бонки миллии Тоҷикистон тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва амалияи пешқадам ва мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисоби онҳоро барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар намуда, ҳангоми амалӣ намудани назорат онҳоро истифода мекунад.

Чи тавре ки қайд гардид, мақсади асосии назорати бонкӣ ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону қарздеҳон ба ҳисоб рафта, таъмини субот ва устуворii молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин раванд дохил мегардад. Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон як қатор меъёрҳои мақбули ҳатмиро барои ба танзим даровардани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ муқаррар мекунад, ки онро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Меъёрҳои мақбули ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон

№	Меъёри мақбули ҳатмӣ	Гуруҳи ташкилотҳои қарзии иҷрокунанда
1.	Ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии навтаъсис	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
2.	Андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
3.	Андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
4.	Меъёри кифоятии сармоя	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
5.	Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
6.	Меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд
7.	Андозаи ниҳоии қарзҳо, кафолатҳо ва замонатҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони вобастаи (алоқаманди) худ додаанд	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд

8.	Ҳадди ниҳоии пасандозҳова амонатҳои ҷалбшаванда (барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои амонатии қарзии хурд)	Бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд

Сарчашма: Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», Тағйиру иловаҳо бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №55 аз “24” майи с.2022 “тасдиқ шудааст”

Дар ҷадвали мазкур меъёрҳои мақбули ҳатмиро, ки ба бонки тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд дахл доранд, ҷойгир карда шуда, иҷрои он барои субъектони номбаршуда ҳатмӣ мебошад. Дар ҳолати дуруст, саривақтӣ ва бе камбудӣ иҷро намудани он мушкилотҳои соҳа бартараф гардида, гирифтани пеши роҳи хавфҳо низ осон мегардад.

Аз тарафи дигар, иҷрои саривақтии меъёрҳои мақбули ҳатмӣ барои таъмин намудани шаффофияти хизматрасониҳо ва фаъолияти бонк зарур буда, он метавонад дар ҳамаи паҳлӯҳои молиявии бонк таъсиргузор бошад.

Баланд бардоштани самаранокии назорати бонкӣ ба як қатор омилҳо вобаста аст, ки дар ҳолати риояи он хулоса баровардан мумкин аст, ки назорат аз тарафи мақомоти дахлдор дуруст ба роҳ монда шудааст.

Пеш аз ҳама самаранокии назорати бонкӣ ба он нигаронида шудааст, ки ҳангоми пайдо гардидани нишонаҳои хавф равиши махсус бар зидди он ва муҳофизат аз он истифода бурда шавад. Дар доираи ин, дар раванди назорат аз болои хавф баҳодиҳии ҳолат ба амал меояд, ки ин асоси ба эътидол даровардани фаъолият ба ҳисоб меравад. Чун анъана назорат барои пешгирӣ ва бартараф намудани хавф равона гардида, одатан ба он самтҳое нигаронида мешавад, ки ба он хавфи бештар таҳдид менамояд.

“Хавфи бонкӣ категорияи махсус ба ҳисоб меравад, ки аз ду ҷабҳа шарҳ дода мешавад:

- аз нуқтаи назари консепсияи иқтисодиёти бозорӣ ва соҳибкорӣ, ки дар он хислати бо хавф дучор шудани субъекти хоҷагидорӣ дар шароити рақобат шарҳ дода шудааст”[7]. “Бонки тиҷоратӣ, ки мақсади фаъолияташ гирифтани фоида аст, эҳтимолияти ба хавф дучор шуданаш зиёд мебошад;

- аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ, аниқтараш низоми таъмини он, ки кам кардани (бартараф намудани) хавф (ҳо)-ро ҳадафгирӣ менамояд. Дар ҳолати ноилшавӣ ба ҳадаф манфиати субъекти таҳти амн қарор гирифта, ба таври аксар таъмин мешавад. Яъне, сатҳи хавфҳои бонкӣ ва таъмини манфиати иқтисодии бонк бо ҳам мутаносиби чаппа мебошанд” [6].

Дар ҳақиқат, дар баъзе ҳолат ҳангоме хавфҳо ба фаъолияти бонк таҳдид менамоянд, аз доираи идора берун баромад, пешгирӣ намиудани он ғайримкон мегардад. Аммо, бар замми ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, барои кам намудани таъсири хавфҳо, ки намудҳои гуногун дорад, чораҳои зарурӣ андешида, аз хавфҳои таъсирашон зиёд фаъолияти худро эмин нигоҳ доранд.

Вобаста ба ин, “хавфҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд, ки аз рӯйи гурӯҳбандии Т. Кох 5 намуди хавфҳо ҷудо карда мешаванд: қарзӣ, меъёри фоизӣ, хавфи пардохтпазирӣ, хавфи амалиётӣ ва хавфи сармоя” [2].

Қайд намудан ба маврид аст, ки хавфҳои номбаргардида, қариб ҳамааш таҳдидҳои вазнин ва оқибатҳои ногувор ба бор меорад. Аммо, дар байни онҳо хавфи қарзӣ ба ташкилотҳои қарзии мамлакат таъсири бештар доранд, чунки дар натиҷаи таҳдиди хавфи қарзӣ дигар намудҳои хавф ба вуҷуд омада, ба паст гардидани пардохтпазирии ташкилот оварда мерасонад.

Бинобар ин, пурзӯр намудани назорат аз болои хавфи қарзӣ барои ташкилотҳои қарзӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи Дастурамали №181-и Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” “хавфи ба миён омадани хароҷот (зарар) бинобар номувофиқатии муҳлати баргардондан ва пардохт кардани дороиҳои ҷойгиршуда ва уҳдадориҳои ҷалбшудаи ташкилоти қарзӣ (ҳангоми бетағйир будани меъёри фоизӣ) мебошад” [4].

Низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ барои эмин нигоҳ доштани фаъолияти худ аз хавфҳои гуногуни таҳдидкунанда ҳамчун як чораи танзикунанда ба ҳисоб рафта, он аз нишондиҳандаҳои гуногун вобаста мебошад.

“Ҳангоми баҳогузорӣ шудани фаъолияти бонкҳо арзёбӣ намудани хавф низ бояд ба назар гирифта шавад то ин масъала масъулияти бонкҳои тиҷоратиро оиди пешгирӣ ва бартараф намудани хавф зиёд намояд” [3].

Дар низоми бонкӣ нишондиҳандаҳо махсусе ҷой доранд, ки ба воситаи онҳо сатҳи хавфҳо ва таҳдиди онҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст. Бинобар ин, таҳлили нишондиҳандаҳои бонкӣ, ки ба он даромаднокии дороиҳо, даромаднокии сармоя, меъёри пардохтпазирии ҷорӣ ва меъёри кифоятии сармояро ворид намудан мумкин аст, дараҷаи хавфҳо ва таъсири онро баҳодиҳӣ намудан мумкин аст (нигоҳ ба ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2. Арзёбии хавфҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо %)

Нишондиҳандаҳо / **Солҳо**	**Даромаднокии дороиҳо, ROA**	**Даромаднокии сармоя, ROE**	**Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ**	**Меъёри кифоятии сармоя**
2017	0,01	0,05	м/н	22,9
2018	1,30	4,64	72,33	22,07
2019	1,4	5,0	67,5	21,4
2020	1,43	5,23	70,51	18,21
2021	0,5	2,1	87,7	23,4

2022	3,9	18,7	94,88	25,27
2023	2,65	13,58	81,0	21,3
2024	2,62	13,90	78,3	21,8
2025	3,91	20,48	81,6	23,1
2025/2017 (%)	3,9 б.ф.	20,43 б.ф.	9,27 б.ф. (нисбат ба 2018)	0,2 б.ф.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти сайти Бонки миллии Тоҷикистон (www.nbt.tj).

Муҳокима. Рақамҳои дар ҷадвал овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ сол аз сол рӯ ба афзоиш буда, дар маҷмуъ инҳо метавонанд кафили рушди ин низом бошанд. Чункӣ даромаднокии низоми бонкӣ аз даромаднокии сармоя ва даромаднокии дороиҳо вобастагии зич дорад. Яъне, ҳар қадар даромаднокии сармоя ва дороиҳо афзоиш ёбад, ҳамон қадар даромаднокӣ ва фоидаи бонк бештар мегардад.

Нишондиҳандаҳои дигари дар ҷадвал овардашуда аз қабили пардохтпазирии ҷорӣ ва кифоятии сармоя ба даромаднокӣ ва фоида бонк таъсири зиёд надошта, пасту баландшавии онҳо ба арзёбии хавфҳо дар бонк таъсир мерасонанд. Яъне, риоя гардидани талаботҳои мавҷуда нисбати ин нишондиҳандаҳо нишонаи паст будани хавф ва ё дуруст идора гардидани он мебошад ва дар ҳолати вайрон гардидани талаботҳои зикргардида, эҳтимолияти таҳдиди хатарҳо бениҳоят зиёд мегардад. Бинобар ин, бонкҳо ва дар маҷмуъ низоми бонкӣ барои риоя гардидани меъёри пардохтпазирии ҷорӣ ва кифоятии сармоя талош менамоянд, то хавфҳо дуруст риоя гардида, таҳдиди он кам гардад.

Дар навбати худ мақоми танзимии низоми бонкӣ дар чеҳраи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамеша баҳри риояи талаботҳои мазкур чораандешӣ намуда, фаъолияти субъектони низоми бонкиро зери назорати ҷиддӣ қарор медиҳад.

Чи тавре ки дар ҷадвал дида мешавад, даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя рӯ ба афзоиш буда, дар соли 2025 нисбат ба соли 2017 муттаносибан ба 3,9 б.ф. ва 20,43 б.ф. боло рафтаанд. Ҳарчанд, ки дар баъзе солҳо аз қабили соли 2021 ин нишондиҳандаҳо каме поён рафтанд ва ин ҳам бо сабабҳои маълум, ки таваҷҷуҳи мизоҷон муваққатан ба хизматрасониҳои бонкӣ кам гардид, ба вуҷуд омад. Аммо, дар солҳои минбаъда ба якборагӣ афзоиш ёфт.

Хулоса. Ҳамаи ин нишондодҳо гувоҳи онанд, ки низоми бонкӣ дар солҳои охир рӯ ба рушд буда, аз самаранокии назорати бонкӣ сарчашма мегирад. Яъне, Бонки миллии Тоҷикистон механизми назоратро дар самти иҷро гардидани талаботҳои дар пеши субъектони низоми бонкӣ гузошташуда, дуруст ба роҳ монда пайваста аз болои он назорат менамояд. Назорати дуруст кафили устувории бонк ва истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ буда, такмили қонунгузорӣ яке аз воситаҳои муҳим баҳри пешрафти соҳа ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. www.nbt.tj.- сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон
2. Алишейхова, М.А. Региональные риски и их оценка коммерческим банком (на материалах Дагестана): дис. канд. экон. наук: 08.00.10. [Текст] / М.А. Алишейхова. - М.: Финакадемия, 2006. – С. 15-17.
3. Ахадов, И. К. Использование зарубежного опыта управления банковскими активами в банковской системе страны / И. К. Ахадов // Механизмы обеспечения финансовой устойчивости кредитных организаций в условиях индустриализации и инновационной экономики : Материалы международной научно-практической конференци, Душанбе, Таджикистан, 10 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 375-381. – EDN RCGIOF.
4. Дастурамали № 181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ”. Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №20 аз 31 марти с. 2017 тасдиқ шудааст..
5. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», Тағйиру иловаҳо бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №55 аз “24” майи с.2022 “тасдиқ шудааст”
6. Сафаров, Қ.С. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 [Матн] / Қ.С. Сафаров. – Душанбе, 2021. – 177 с.
7. Эволюция взглядов на предпринимательство в западных экономических концепциях [Текст] // Дайджест-финансы. - 2006. - №11.

УДК 336.225.673(575.3).

ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ БА САМАРАНОКИИ ФИШАНГҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ

Иброҳими Ҳ.Ҳ.
ассистенти кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63

Мақола ба омӯзиши таъсири технологияҳои рақамӣ ба самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар кор равандҳои трансформатсияи низоми бонкӣ, афзоиши ҳисоббарориҳои ғайринақдӣ ва нақши ҳамёнҳои электронӣ дар тағйирёбии массаи пулӣ таҳлил карда шудаанд. Муаллиф бо истифода аз маълумоти омории Бонки миллии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ механизми трансмиссионии сиёсати пулро суръат бахшида, шаффофияти амалиётҳоро таъмин менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳо оид ба такмили танзими пулию қарзӣ ва дурнамои ҷорӣ намудани асъори рақамии Бонки марказӣ таҳия шудаанд.

Калидвожаҳо: сиёсати пулию қарзӣ, технологияҳои рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, фишангҳои пулӣ, ҳисоббарории ғайринақдӣ, ҳамёни электронӣ, механизми трансмиссионӣ, таваррум.

ВЛИЯНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ РЫЧАГОВ ДЕНЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Иброхими Х.Х.
ассистент кафедры финансовой экономики и деятельности на фондовой бирже Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +992 888 80 19 63

Статья посвящена изучению влияния цифровых технологий на эффективность рычагов денежно-кредитной политики в Республике Таджикистан. В работе анализируются процессы трансформации банковской системы, рост безналичных расчетов и роль электронных кошельков в изменениях денежной массы. Используя статистические данные Национального банка Таджикистана, автор показывает, что цифровизация ускоряет механизм передачи денежно-кредитной политики и обеспечивает прозрачность операций. В результате исследования разработаны предложения по совершенствованию денежно-кредитного регулирования и перспективы внедрения цифровой валюты Центрального банка.

Ключевые слова: денежно-кредитная политика, цифровые технологии, цифровая экономика, рычаги денежно-кредитной политики, безналичные расчеты, электронный кошелек, механизм передачи, инфляция.

THE IMPACT OF DIGITAL TECHNOLOGIES ON THE EFFICIENCY OF MONETARY POLICY LEVERS IN TAJIKISTAN

Ibrohimi H.H.
Assistant Department of Financial Economics and Stock Exchange Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: +992 888 80 19 63

The article is devoted to the study of the impact of digital technologies on the effectiveness of monetary policy levers in the Republic of Tajikistan. The work analyzes the processes of transformation of the banking system, the growth of non-cash settlements, and the role of electronic wallets in changes in the money supply. Using statistical data from the National Bank of Tajikistan, the author shows that digitalization accelerates the transmission mechanism of monetary policy and ensures the transparency of operations. As a result of the study, proposals have been developed to improve monetary regulation and the prospects for introducing a digital currency of the Central Bank.

Key words: monetary policy, digital technologies, digital economy, monetary levers, non-cash settlements, electronic wallet, transmission mechanism, inflation.

Муқаддима. Технологияҳои рақамӣ ба самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки технологияҳои рақамӣ (ҳамёнҳои электронӣ, QR-пардохтҳо, интернет-бонкинг) суръати гардиши пулро ба таври назаррас метезонад. Афзоиши пардохтҳои рақамӣ сохтори массаи пулро тағйир дода, пешгӯии талаботро ба пул мушкилтар мекунад. Механизми трансмиссионии сиёсати пулӣ (интиқоли қарорҳои Бонки миллӣ ба иқтисодиёти воқеӣ) дар шароити рақамӣ суръат ва шакли нав мегирад.

Методология. Такмили идоракунии молияи давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар асарҳои Раҳимзода Ш., Умаров Ҳ.У., Акимов С., Давлатзода М.Х., Махшулов С.Ҷ., Ҳикматов М.Н., Газиев М.Н., Файзов Н.З., ва дигарон инъикос гардидааст.

Мақсади мақола. Ин пеш аз ҳама муайянкунии таъсири механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ дар доираи истифодаи технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳо. Дар шароити тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст, рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои калидии тағйирёбии сохтории низоми

молиявӣ табдил ёфтааст. Вобаста ба зарурати татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар шароити рақамикунонӣ муҳаққиқону донишмандон фикру ақидаҳояшонро то кунун баён доштаанд. Акимов С.М., дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки "...Дар замони муосир бо пешрафти илму техника иқтисоди ҷаҳонӣ низ бомаром тағйир меёбад. Аз ин ҷост, ки солҳои охир бо дарназардошти тағйирёбии авзои иқтисодию сиёсии ҷаҳон нақши технологияҳои муосир ва навгониҳои электронию рақамӣ дар идоракунии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, бештар меафзояд" [1. с, 126]. Аз ин бар меояд, ки Акимов С.М., нақши технологияи рақамиро дар низоми идораи иқтисодӣ баланд арзёбӣ намуда рушди иқтисоди муосирро аз он вобаста медонад, ки ин андеша комилан дуруст мебошад.

Олими дигар Ҳикматов М.Н., бар он ақидааст, ки "...Рақамикунонии иқтисодиёт имкониятҳои нав фароҳам меорад, ки идоракунии захираҳо босамар мегардад, назорати буҷет ва хароҷоти буҷети давлатӣ бо роҳҳои нав самараноктар ва ҷидитар мешавад"[9. с, 249]. Оид ба масъалаи мазкур муҳақиқи дигари ватанӣ Раҳимзода Ф.М., андешаи нисбатан мукаммалро пешниҳод мекунад. У қайд мекунад, ки "....истифодаи технологияҳои информатсионӣ дар шуъбаҳою идораҳои молия метавонад масъалаҳои самараноку мақсаднок ва мувофиқи таъйинот истифодабарии захираҳои молиявиро дар сатҳи сохторҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ таъмин намояд" [6. с, 98]. Андешаи Раҳимзода Ф.М., қобили қабул аст, зеро рушди системаи молия, бонк ва дар маҷмуъ низоми идораи иқтисодиёт маҳз аз бароҳмонии технологияи информатсионӣ ё худ технологияи рақамӣ сахт вобаста мебошад. Газиев, М. Н., чунин мешуморад, ки "...Сиёсати пулию қарзӣ тавассути маҳдуд ва васеъ кардани пешниҳоди пул амалӣ карда мешавад" [2. с, 185]. Файзов, Н. З., бар он андеша мебошад, ки "...Сиёсати пулию қарзӣ гуфта, маҷмӯи чорабиниҳои давлатиеро меноманд, ки дар бахши пулию қарзӣ ба хотири таъмини тараққиёти мӯътадили иқтисодӣ андешида мешаванд" [7. с, 250]. Назаров, А. З., дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки "...Сиёсати пулию қарзӣ ин маҷмуи ҷорабиниҳоест, ки барои танзим ва сафарбарсозии воситаҳои пулӣ (қарзҳо, пасандозҳо, пулҳои нақд, таваррум, танзими асъор) нигаронида шудааст" [5. с, 379].

Олимони дигари ватанӣ Махшулов С.Ҷ., Қурбонов В.Н., қайд мекунанд, ки "...Сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосии татбиқи сиёсати иқтисодии давлат ва таъминкунандаи амнияти иқтисодии давлат мебошад"[4. с, 178].

Аз маҷмуи таҳқиқотҳои олимони болозикр бар меояд, ки воқеан ҷоринамоии технологияи рақамӣ ба самаранокии механизмҳои сиёсати пулию қарзӣ таъсири назаррас мерасонад. Зеро, гузариш ба иқтисоди рақамӣ на танҳо шакли пешниҳоди хизматрасониҳои бонкиро дигаргун месозад, балки ба моҳияти фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ таъсири амиқ мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар партави Фармони Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббарории ғайринақдӣ», масъалаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми бонкӣ аҳамияти стратегӣ пайдо кард. Ин раванд зарурати аз нав дида баромадани механизмҳои танзими пулӣ, идоракунии ликвидӣ ва назорати таваррумро дар шароити нав ба миён меорад.

Технологияҳои рақамӣ ба самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки технологияҳои рақамӣ (ҳамёнҳои электронӣ, QR-пардохтҳо, интернет-бонкинг) суръати гардиши пулро ба таври назаррас метезонад. Афзоиши пардохтҳои рақамӣ сохтори массаи пулро (агрегатҳои пулӣ) тағйир дода, пешгӯии талаботро ба пул мушкилтар мекунад. Механизми трансмиссионии сиёсати пулӣ (интиқоли қарорҳои Бонки миллӣ ба иқтисодиёти воқеӣ) дар шароити рақамӣ суръат ва шакли нав мегирад. Илова бар ин рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки мониторинги гардиши маблағҳо дақиқтар сурат гирад, ки ин самаранокии фишангҳои танзимиро баланд мебардорад. Бояд гуфт, ки дар баробари рушди технология, масъалаи таъмини суботи молиявӣ дар шароити хавфҳои киберӣ мубрам мегардад.

Дар назарияи иқтисодӣ, фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ воситаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо Бонки миллӣ ба иқтисодиёт таъсир мерасонад. Дар шароити рақамӣ, фишангҳои асосӣ бештар тағйир меёбанд.

Меъёри бозтамвил фишанги асосӣ барои танзими таваррум (инфлятсия) аст. Дар низоми анъанавӣ вақте Бонки миллӣ фоизро тағйир медиҳад, моҳҳо вақт лозим буд, то бонкҳои тиҷоратӣ фоизи қарзҳояшонро иваз кунанд. Дар шароити рақамӣ бошад тавассути платформаҳои онлайнии бонкӣ ва алгоритмҳои автоматикунонидашуда, интиқоли ин сигнал ба бозор хеле суръат мегирад. Мардум дар замимаҳои мобилии худ фавран тағйирёбии фоизи пасандозҳоро мебинанд.

Бонкҳои тиҷоратӣ бояд қисми маблағҳои худро дар Бонки миллӣ нигоҳ доранд. Азбаски пулҳои электронӣ (ҳамёнҳо) 24/7 дар гардишанд, талабот ба ликвидӣ (пули нақд) тағйир меёбад. Бонки миллӣ бояд механизми назорати ин захираҳоро на дар як моҳ як бор, балки дар ҳолати воқеӣ ба роҳ монад. Амалиёт дар бозори кушод имкон медиҳад, ки хариду фурӯши коғазҳои қиматнок аз ҷониби Бонки марказӣ сурат гирад. Дар ин ростол истифодаи технологияи "Блокчейн" имкон медиҳад, ки ин амалиётҳо бидуни миёнаравҳои зиёд ва бо суръати баланд анҷом дода шаванд, ки ин самаранокии сиёсати пулро боло мебарад.

Ба фикри мо ҳангоми амалӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Тоҷикистон диққатро ба се нуқтаи муҳим нигаронидан зарур аст:

1. **Камшавии талабот ба пули нақд:** Чӣ қадаре ки технологияҳои рақамӣ рушд кунанд, ҳамон қадар назорати Бонки марказӣ болои "массаи пул" (Money Supply) мураккабтар мешавад, зеро пулҳои электронӣ аз ҷониби ширкатҳои хусусии Финтех (масалан, Alif, DC, Humo) низ идора мешаванд.
2. **Суръати гардиши пул (V):** Мувофиқи муодилаи Фишер (MV = PY), технологияҳои рақамӣ суръати гардиши пулро (V) зиёд мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳатто бо ҳамон миқдор пул, фишори таваррумӣ метавонад зиёд шавад.

3. **Пайдоиши асъори рақамии Бонки миллӣ:** Ин қуллаи баландтарини рақамикунонӣ аст. Агар Тоҷикистон “Сомонии рақамӣ”-ро ҷорӣ кунад, Бонки миллӣ метавонад мустақиман ба ҳамёнҳои мардум таъсир расонад, ки ин инқилоб дар сиёсати пулию қарзӣ хоҳад буд.

Таъсири технологияҳои молиявӣ (FinTech) ба талабот ва арзаи пул дар иқтисодиёти мамлакат хело муҳим аст. Зарурати нигоҳ доштани пули нақд кам мешавад. Тавассути ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳо, пул ҳамеша “дар даст” аст. Ин боиси он мегардад, ки талабот ба пули нақд (M0) кам шуда, талабот ба пули рақамӣ (M1) зиёд шавад.

Дар Тоҷикистон ҳамёнҳои электронӣ ба монанди “Алиф”, “Ҳумо” ва “Душанбе Сити” воқеан пулҳои хусусиро ба вуҷуд овардаанд.

- Вақте шумо дар дохили замима аз як ҳамён ба дигараш пул мефиристед, ин пул аз низоми бонкии классикӣ берун намебарояд.
- Ин ба “Мултипликатори пулӣ” таъсир мерасонад. Бонки миллӣ бояд механизми назорати ин пулҳои рақамиро дошта бошад, то суботи молиявӣ вайрон нашавад.

Технологияҳои FinTech сарҳади байни пули нақд ва ғайринақдиро аз байн мебаранд. Ин раванд боиси тез шудани гардиши пул гашта, фишорро ба фишангҳои анъанавии сиёсати пулию қарзӣ зиёд мекунад ва зарурати истифодаи усулҳои нави мониторинги ликвидиро дар ҳолати воқеӣ (real-time) ба миён меорад.

Мувофиқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2020-2024 ҳаҷми ҳисоббарориҳои ғайринақдӣ дар кишвар беш аз 3-4 баробар афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки қисми зиёди массаи пулии M1 ба шакли рақамӣ гузашта истодааст, ки ин имконияти Бонки миллиро барои назорати мустақими ликвидӣ зиёд мекунад.

Мушкилоти ҷойдошта:

- ❖ Дар деҳот рақамикунонӣ суст аст (ин монеа барои сиёсати пулӣ аст).
- ❖ Хавфҳои киберӣ зиёд мешаванд.
- ❖ Вобастагии бонкҳо ба технологияҳои хориҷӣ.

Мувофиқи ҳисоботҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) нишондиҳандаҳои рақамикунонӣ чунин аст:

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои рақамикунонӣ дар Тоҷикистон.

Нишондиҳандаҳо	Солҳо			
	2021	2022	2023	2024*
Шумораи кортҳои бонкӣ (млн. дона)	3,3	5,0	6,7	~7,2
Ҳамёнҳои электронӣ (млн. дона)	4,1	5,8	7,3	~8,5
Ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ (млрд. сомонӣ)	9,8	21,7	45,6	~52,0*
Шумораи QR-кодҳо (ҳазор адад)	12	19	35	~48
Ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ (%)	12,5%	19,8%	27,1%	~35%

**Эзоҳ: Рақамҳои соли 2024 тахминӣ ва дар ҳоли афзоиш мебошанд.*

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон бахши “Омор” - “Низоми пардохтӣ”.

Аз таҳлили ҷадвали №1 бар меояд, ки дар солҳои 2022-2023 ҷаҳиши калон ба миён омадааст. Дар ин давра Ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ дар як сол ду баробар зиёд шудааст яъне аз 21,7 ба 45,6 млрд сомонӣ расидааст. Ба андешаи мо дар ин ҷо яке аз сабабҳои асосӣ ин Фармони Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббарории ғайринақдӣ» 22 июни соли 2023, №586 мебошад.

Маълум мегардад, ки шумораи ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳои бонкӣ ба маротиб тамоюли зиёдшавиро дорад. Суръати афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар сол то сол ба таври назаррас дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Ин нишон медиҳад, ки мардуми Тоҷикистон бо тадриҷ аз навгониҳои технологт дар ин самт бо маром истифода намуда кори худро осонтар мекунанд. Метавон гуфт, ки инро дар оянда Бонки миллӣ ҳамчун фишанги таъсиррасон истифода хоҳад бурд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин ба сиёсати пулию қарзӣ бе таъсир буда наметавонад. Азбаски пулҳо дар ҳамёнҳои электронӣ “рақамишуда” ҳастанд, Бонки миллӣ метавонад ҳаҷми пули нақдро дар гардиш кам кунад. Ин харочоти давлатро барои чопи пул кам карда, назорати таваррумро осонтар месозад. \

Муҳокима. Таҳлили нишондиҳандаҳои омории солҳои 2021-2024 нишон медиҳад, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи трансформатсияи босуръати рақамӣ қарор дорад. Ин раванд ба самаранокии сиёсати пулию қарзӣ таъсир мерасонад.

Ба суръатбахшии механизми трансмиссионӣ пуртаъсир аст. Афзоиши ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдӣ аз 9,8 млрд то 52 млрд сомонӣ исбот мекунад, ки каналҳои интиқоли қарорҳои Бонки миллӣ ба иқтисодиёти воқеӣ кӯтоҳтар шудаанд. Тағйирёбии меъёри бозтамвил акнун на танҳо ба бонкҳо, балки тавассути замимаҳои мобилӣ фавран ба рафтори истеъмолии аҳолӣ таъсир мерасонад.

Инчунин ба шафофияти массаи пул бетаъсир буда наметавонад. Гузариши зиёда аз 35%-и ҳисоббарориҳо ба шакли ғайринақдӣ имкон медиҳад, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳаҷми пули дар гардиш бударо дақиқтар назорат кунад. Ин “ҳуручи” пулро ба иқтисодиёти пинҳонӣ кам карда, самаранокии фишангҳои назорати таваррумро боло мебарад. Илова бар ин ба тағйирёбии сохтори талабот ба пул низ бетаъсир буда наметавонад. Афзоиши ҳамёнҳои электронӣ (то 8,5 млн адад) нишон медиҳад, ки талабот ба пули нақд (M0) коҳиш ёфта,

талабот ба пули рақамӣ зиёд шудааст. Ин вазъият зарурати ҷорӣ намудани фишангҳои нави танзимро, ки маҳз ба бахши Финтех (FinTech) нигаронида шудаанд, ба миён меорад.

Барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ тавассути рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ кардани “Сомонии рақамӣ” имкон медиҳад, ки Бонки миллӣ мустақиман бо аҳолӣ робита дошта бошад ва таъсири фишангҳои пулӣ бештар шавад. Дар ин росто истифодаи Big Data барои пешгӯии таваррум дар асоси харидҳои онлайнии мардум хизмат мекунад.

Рақамикунонии иқтисодиёт дар Тоҷикистон боиси “Тезшавии” суръати гардиши пул гардид. Истифодаи васеи QR-кодҳо ва ҳамёнҳои электронӣ зарурати нигоҳ доштани пули нақдро кам карда, сохтори агрегатҳои пулиро (M0, M1, M2) дигаргун сохт. Ин ҳолат аз Бонки миллии Тоҷикистон талаб мекунад, ки ҳангоми муайян кардани ҳаҷми пули дар гардиш буда, омили “Суръати рақамӣ”-ро ба назар гирад, то аз фишори таваррумӣ пешгирӣ намояд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки афзоиши ҳиссаи ҳисоббарориҳои ғайринақдӣ (то 35% дар соли 2024) шаффофияти амалиётҳои молиявиро зиёд кард. Ин имкон медиҳад, ки механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ самараноктар амал кунад. Акнун қарорҳои Бонки миллӣ дар бораи меъёри бозтамвил тавассути низоми бонкии рақамӣ зудтар ба бозори қарз ва пасандозҳо таъсир мерасонанд.

Барои боз ҳам мустаҳкам кардани суботи пулию қарзӣ дар шароити рақамикунонӣ, татбиқи пешниҳодҳои зеринро зарур мешуморем.

-Ҷорӣ намудани “Сомонии рақамӣ” (CBDC): Ҳамчун воситаи мустақими назорати ликвидӣ ва коҳиш додани хароҷоти транзаксионӣ;

-Автоматикунонии назорати бонкӣ: Истифодаи алгоритмҳои зеҳни сунъӣ барои мониторинги воқеии хавфҳои низомӣ;

-Тақвияти амнияти киберӣ: Чун заминаи асосии эътимоди аҳолӣ ба низоми пулии рақамӣ.

Хулоса. таҳқиқот дар ин самт бозгӯи он аст, ки рақамикунонӣ самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзиро дар Тоҷикистон баланд мебардорад, ба шарте ки технологияҳои нав бо низоми идоракунии хавфҳо ва қонунгузории муосир ҳамоҳанг карда шаванд. Технологияҳои рақамӣ (QR-код, транзаксияҳои сониявӣ) суръати гардишро ба таври сунъӣ зиёд мекунанд. Агар суръати гардиш зиёд шавад ва ҳаҷми пул бетағйир монад, ин метавонад боиси боло рафтани нархҳо ё таваррум гардад. Бинобар ин, Бонки миллӣ бояд ҳаҷми пулро бо назардошти суръати рақамикунонӣ танзим кунад.

Адабиёт

1. Акимов С. М. Рақамикунонии иқтисодиёт омили асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ / С. М. Акимов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – No. 1(72). – P. 126-131. – EDN QJDOUI.
2. Газиев, М. Н., Таҳлили вазъи муосир ва самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон / М. Н. Газиев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – No. 4(47). – P. 185-193. – EDN TREJQY.
3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри соли 2019, №642).
4. Махшулов, С. Ҷ. Таҳлили вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 177-184. – EDN ISCJHM.
5. Назаров, А. З. Таҳлил ва баҳодиҳии вазъияти муосири сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. З. Назаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 3(37). – P. 376-384. – EDN VXAKAC.
6. Рахимзода, Ф. М. Некоторые аспекты развития системы управления государственными финансами в Республике Таджикистан / Ф. М. Рахимзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 95-99. – EDN SJHJTZ.
7. Файзов, Н. З. Баъзе масъалаҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ ва усулҳои танзими он / Н. З. Файзов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 1(45). – P. 249-256. – EDN SYQELF.
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586.
9. Ҳикматов, М. Н. Баъзе масъалаҳои назариявии молияи давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / М. Н. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No. 12. – P. 249-254. – EDN GGDRYA.

УДК: 334

НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР РУШДИ ИҶТИМОЙ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Иброҳимзода Юсуф Абдураҳим
докторанти (PhD)-и кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 988127573, почтаи электронӣ: toshovm96.@gmail.com

Дар мақола нақши соҳибкории хурду миёна дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуда, муаллиф дар заминаи омӯзиши таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳодҳои илмӣ намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки тамоюли рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна имкон дод, ки рушди устувори иқтисодии мамлакат ҳамасола дар сатҳи аз 7 то 7,6 % таъмин гардад. Чигунае, ки таҳлилҳо собит намуданд дар даҳ соли охир ҳаҷми ММД 3,4 баробар афзоиш ёфта, устувории иқтисодиёти миллӣ таъмин гардида истодааст. Новобаста аз ин комёбиҳо боз як қатор то ба имрӯз мушкилотҳое ҷой доранд, ки онҳо дар оянда метавонанд ба рушди ин соҳа таъсири манфӣ дошта бошанд ва бартарафсозии саривақтии онҳо метавонанд ба амалисозии ҳадафҳои олии стратегии мамлакат мусоидат намоянд, ки дар ин таҳқиқот асосҳо карда шудаанд.

Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, корхона, ташкилот, соҳибкории хурду миёна, фаъолияти соҳибкорӣ, сатҳи камбизоатӣ, рушди устувор, имтиёзҳои андозӣ, таҷрибаи хориҷӣ, танзими давлатӣ.

РОЛЬ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ибрахимзода Юсуф Абдурахим
докторанти (PhD), кафедры международного менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Саида Носира, 33. Тел.: (+992) 988-12-75-73. Электронная почта: tosovm96.@gmail.com

В статье рассматривается роль малого и среднего бизнеса в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан, и на основе изучения отечественного и зарубежного опыта автор выдвигает научные предложения. Автор отмечает, что тенденция развития малого и среднего бизнеса позволила обеспечить устойчивый экономический рост страны на уровне 7-7,6% в год. Как показал анализ, за последние десять лет объем ВВП увеличился в 3,4 раза, что обеспечивает стабильность национальной экономики. Несмотря на эти достижения, существует ряд проблем, которые могут негативно повлиять на развитие этого сектора в будущем, и их своевременное устранение может способствовать реализации стратегических целей высокого уровня страны, обоснованных в данном исследовании.

Ключевые слова: предпринимательство, предприятие, организация, малый и средний бизнес, предпринимательская деятельность, уровень бедности, устойчивое развитие, налоговые льготы, зарубежный опыт, государственное регулирование.

THE ROLE OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Ibrahimzoda Yusuf Abdurakhim
Postgraduate Student, Department of International Management, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir Street,. Tel.: (+992) 988-12-75-73. Email: tosovm96.@gmail.com

This article examines the role of small and medium-sized businesses in the socioeconomic development of the Republic of Tajikistan, and based on a study of domestic and international experience, the author puts forward scientific proposals. The author notes that the trend toward small and medium-sized business development has enabled the country to achieve sustainable economic growth of 7-7.6% per year. Analysis shows that over the past ten years, GDP has increased 3.4-fold, ensuring the stability of the national economy. Despite these achievements, a number of challenges remain that could negatively impact the future development of this sector. Their timely resolution could contribute to the achievement of the country's high-level strategic goals, as outlined in this study.

Keywords: entrepreneurship, enterprise, organization, small and medium-sized businesses, entrepreneurial activity, poverty level, sustainable development, tax incentives, international experience, government regulation.

Муқаддима. Дар шароити муосир рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ аз як қатор омилҳои муҳим вобаста мебошад, ки яке аз чунин омилҳо рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки нақши ин шакли фаъолияти иқтисодӣ нисбат ба дигар шаклҳои фаъолият ба суръати рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таъсири назаррас дорад. Аз ин рӯ, ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки шароити мусоидро барои рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна тавассути татбиқи механизмҳои муайян фароҳам созад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои назарявӣ ва амалии рушди соҳибкории хурду миёна аз ҷониби як қатор олимону муҳаққиқони ватанӣ А.К. Қурбонов, И.С. Ашуров, Т.Д. Низомова, Ш. Раҳимзода, Э.К. Миршаропов, С.Д. Комилов М.С. Содиқов мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ин омӯзиши вазъи муосири фаъолияти соҳибкорӣ, муайян намудани омилҳои монеашаванда ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва пешниҳоди чораҳои зарурӣ оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Натиҷаҳо. Ҳар як давлате, ки таваҷҷуҳ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ менамояд, метавонад дар як муҳлати кутоҳ ба натиҷаҳои баланди иҷтимоию иқтисодӣ ноил гардад. Чунки ин шакли фаъолияти иқтисодӣ хусусияти чандирӣ дошта, ба тағйирёбии муҳити бозор зуд мутобиқ мегардад. Маҳз ҳамин хусусияти фаъолияти соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки дар шароити ноустувори иқтисодӣ фаъолият таъмин гардад ва рушд кунад.

Дар кишварҳои аз ҷиҳати индустриалӣ-саноатӣ рушдёфта, ҳиссаи бахши соҳибкории хурду миёна дар ММД 50-60 фоизро ташкил медиҳад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар меҳвари сиёсати иқтисодии худ қарор дода, рушди онро яке аз самтҳои афзалятноки рушди иқтисодии мамлакат маҳсуб медонад.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ба рушди соҳибкории хурду миёна таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, вобаста ба рушди ин соҳа як қатор чораҳо барои давраи то соли 2030 пешбини гардида аст, ки ба онҳо дохил мешавад: соддагардонии расмиёти бақайдгирӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ, рақамикунонии хизматрасонии давлатӣ, рушди низоми қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ ва ғайра.

Чораҳои пешбинигардида дар Стратегияи милли рушд шаҳодат аз он медиҳад, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ дар давраи дарозмуддат аз як қатор омилҳои муҳими иқтисодӣ вобаста мебошад, ки яке аз чунин омилҳо рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад. Фаъолияти соҳибкории хурду миёна нисбат ба дигар шаклҳои фаъолият ба суръати рушди соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ, сохтор ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ таъсири назаррас расонида ба баландгардии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири мустақим мерасонад. Аз ин рӯ, ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки шароити мусоидро барои рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна фароҳам созад то, ки ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулотро зиёд намуда, талаботи бозори дохилаи худро таъмин созад, ҳамзамон ҳаҷми содиротро бештар намояд ва ба ин васила таъмини зиндагии осоиштаро барои аҳолии худ таъмин намояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар фаъолияти соҳибкории хурду миёна 2-3 маротиба рушд ёбад, ҳамон қадар сатҳи бекорӣ дар мамлакат коҳиш меёбад. Аммо барои амалисозии ин зарур аст, ки сиёсати самараноки давлатӣ ва шароити мусоид барои рушди он фароҳам оварда шавад.

Муҳаққиқон ба он назаранд, ки фаъолияти соҳибкории хурду миёна сарчашмаи боэътимоди рушди истеҳсолот ва афзоиши ҳаҷми содирот дар мамлакат ба шумор рафта, қисми асосии даромади буҷети давлатиро низ (аз ҷиҳати пардохтҳои андозӣ) таъмин менамояд. Аз ин ҷост, ки дар «стратегияву барномаҳои мақсадноки рушди иқтисодии кишварҳои пешрафта ба ин самт диққати хосса дода шуда, барои таъмини рушди босуръати ин соҳа шароити мусоид фароҳам оварда мешавад» [8, с.89].

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ояндаи дарозмуддати худро дар заминаи гузариш аз модели аграрӣ- индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ пешбинӣ кардааст, ки расидан ба ин мақсад аз рушди соҳибкории хурду миёна вобастагии калон дорад.

Вобаста ба мавқеи бахши соҳибкории хурду миёна дар соҳаи иқтисодиёт иқтисоддони ватанӣ Раҳимов Ш.М. қайд менамояд, ки «дар сохтори ММД ҳиссаи бештар ба соҳаҳои хизматрасонӣ (45 – 47%) ва кишоварзӣ (21 – 23%) рост меояд. Дар ҳар ду соҳа соҳибкории хурду миёна маҳаки асосии рушд буда, ҳиссаи бештари маҷмӯи маҳсулоти ин соҳаҳо ба он рост меояд. Дар соҳаҳои саноату сохтмон низ соҳибкории хурду миёна ҳиссаи арзанда дорад» [5, с.31].

Бояд қайд намуд, ки дар шароити амалисозии ҳадафи 4-уми стретагии мамлакат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, ки тамоми соҳаҳои воқеии мамлакатро фаро мегирад ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад. Роҳбарияти Олии кишвар муҳиммияти масъаларо дарк карда, рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар маркази сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода, рушди ин бахши иқтисодиро яке аз самтҳои афзалятноки рушди иқтисодии мамлакат маҳсуб медонанд. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2012 дар мулоқот бо соҳибкорони кишвар, таъкид карданд, ки «рушди соҳибкории хусусӣ ва мусоидати ҳамаҷонибаи ташаккулёбию рушди он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат аст, зеро соҳибкории хусусӣ яке аз роҳҳои алтернативӣ дар бобати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, зиёд намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад»[7, с.24].

Айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳама имкониятҳои доштаи худро ҷиҳати ташкили инфрасохтори коммуникатсонӣ, воридоти технологияҳои муосир, фароҳаи овардани шароити сармоягузориву соҳибкорӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайраҳоро роҳандозӣ намуда истодааст, то ки фазои мусоиди фаъолияти соҳибкориро фароҳам созад. Аммо яке аз ин омилҳои муҳим меъёри пасти андоз ва имтиёзҳои андозӣ мебошад, ки барои рушд ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ таъмини рушди соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ таъсири натиҷаовар дорад. Дар робитаи ба ин, Сарвари давлат дар Паёми худ аз 21.01.2021 ба мақомоти дахлдор супориш

дода, таъкид карданд, ки «Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки якчо бо дигар вазорату идораҳо таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи март ба Ҳукумат пешниҳод намояд» [2, с.11]. Иқдоми мазкур аз таваҷҷуҳ ва ғамхории ҳамешагии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳибкорон дарак дода, дар соли 2022 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо сабукиву имтиёзҳои фаъолияти соҳибкорӣ қабул гардида, номгӯйи андозҳо аз 10 то 7 намуд кам карда шуд. Бо мақсади кам кардани арзиши аслии молу маҳсулот ва дастрасии ба онҳо, меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли дохилӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз 15 то 5 фоиз кам карда шуд. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 1 январи соли 2022 ба андозаи 15 фоиз, аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 ба андозаи 13 фоиз пешбинӣ шудааст, ки чунин меъёр ба фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди фаъоляти соҳибкорӣ дар кишвар ва ба ин васила таъмини бозори дохилӣ ба маҳсулоти ватанӣ нигаронида шудааст [11, с. 26].

Ҳамин тавр, дар кишвар ҷиҳати муҳайё сохтани фазои мусоиди пешбурди фаъолияти соҳибкории хурду миёна пайваста чораҳои саривақтӣ ва ислоҳоти зарурӣ роҳандозӣ гашта истодааст. Пиёдасозии ислоҳот дар бахши фаъолияти соҳибкории хурду миёна имкон дод, ки теъдоди мақомоти санҷишӣ аз 31 то ба 23 ва санҷишҳо дар ин бахш аз 300 ҳаз. соли 2016-ум то 42 ҳаз. дар соли 2024-ум кам гардонида шавад [3, с.27].

Ҳамзамон ҷиҳати халалдор накардан ба раванди истеҳсолот ва пешгири кардан аз ҳаргуна санҷишҳои нолозим Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ аз 28.12.2024 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «.....бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) то 1-уми январи соли 2027-ум мораторий эълон карда шавад» [3, с.9].

Айни ҳол яке аз мушкилотҳое, ки ба рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна монеа эҷод менамояд, ин нокифоягии сармоя барои пешбурди фаъолият мебошад. Дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 16 декабри дар соли 2025 ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд: «Барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод менамоям, ки “Фонди кафолати қарзҳо” таъсис дода шавад»[4, с.12]. Мақсад аз ташкили чунин фонд дар он аст, ки ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат маблағгузориҳо ба корхонаҳое равона гардад, ки ба коркард ва истеҳсолӣ маҳсулоти ниҳоӣ (мисол, коркарди алюминии аввалия ва нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ ва ғ.) машғуланд.

Ба назари мо, таъсисёбии чунин фонд барои корхонаҳои навтаъсис, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва расонидан то ба маҳсулоти ниҳоӣ, суръати баланди истеҳсолот, таъмин гаштани корхонаҳо бо сармоя ва имконияти дастрасӣ ба технологияҳои нав мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, иқдомҳову дастгириҳои пайвастаи саривақтии болозикр дар рушди фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна такони ҷиддӣ бахшида, имкон дод, ки солҳои охир ин бахши муҳими иқисодӣ бомаром рушд ёбад.

Ҷадвали 1. Динамикаи тағйирёбии корхонаю ташкилотҳо аз руйи навъҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2020-2024

Навъи фаъолият	Солҳо					
	2020	2021	2022	2023	2024	2020-2024 (+,-)
Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ	10194	10252	10461	11192	10707	513
Саноати истихроҷи маъдан	537	569	608	727	766	229
Саноати коркард	3286	3658	4648	5058	5739	2453
Электроэнергия, газ ва обтаъмин кунӣ	56	65	95	103	106	50
Сохтмон	3463	3523	3833	4314	4355	892
Савдо	9255	9345	9721	10001	10777	1522
Меҳмонхонаҳо ва тарабхона	1299	1377	1135	1565	2273	974
Нақлиёт ва алоқа	1852	2012	2761	2743	2459	607
Миёнаравии молиявӣ	378	450	692	956	1028	650
Амалиёт бо амво ли ғайриманқул	698	727	765	730	852	154
Идораи давлатӣ ва мудофиа	2412	2415	2156	2483	1855	-557
Маориф	5364	5424	5682	5709	5954	590
Тандурустӣ	1277	1356	1554	1574	1926	649
Дигар фаъолиятҳои хизматрасонӣ	2800	2805	2892	2977	3342	542

Ташкилотҳо намояндагиҳои хориҷӣ	44	44	43	54	71	27
Ҳамагӣ	**47639**	**48625**	**52134**	**55636**	**57841**	**10202**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 2025. саҳ. 224-225.

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, дар давраи солҳои 2020-2024, теъдоди корхонаю ташкилотҳо, ба ғайр аз соҳаҳои идораи давлатӣ ва мудофиа, дигар дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар бахшҳои истеҳсоливу коркарди ашёи хом пайваста тамоюли зиёдшавӣ доранд. Шумораи коррхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ 513 адад, саноат 2682 адад, сохтмон 892, савдо 1522, нақлиёт ва алоқа 607, миёнаравии молиявӣ 650, ва ғ. зиёд гардидаанд. Ҳамин тавр, дар маҷмуъ шумораи корхонаю ташкилотҳо аз руйи навъҳои фаъолияти иқтисодӣ дар панҷ соли охир (2020-2024) аз 47639 адад то ба 57841 адад дар соли 2024 ё 10202 адад зиёд гардидааст, ки чунин тамоюли рушд ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми содиротии мамлакат саҳми назаррас мегузорад.

Тамоюли рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки рушди устувори иқтисоди миллӣ ҳамасола таъмин гардад. Маслан, дар тули 10 соли охир ҳаҷми ММД 3,4 баробар афзоиш ёфта, рушди иқтисодиёти мамлакат ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз таъмин гардида истодааст. Танҳо дар соли 2025 ҳаҷми афзоиши ММД 8,4 фоизро ташкил дода, ҳаҷми умумии ММД то ба 173 млрд. сомонӣ расид, ки дар ин тамоюли афзоишёбӣ саҳми соҳибкории хурду миёна хеле калон ба назар мерасад [4, с.6].

Диаграммаи 1. Ҳаҷми афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва суръати рушди он (млрд. сомонӣ,%)



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 2024. саҳ. 12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри 2025.

Аз диаграммаи 1 метавон хулоса намуд, ки дар даҳ соли охир ҳаҷми ММД босуръат афзоиш ёфта истода, агар ҳаҷми ММД дар соли 2016 54,8 млрд. сомониро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2025 то ба 173 млрд. сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки нисбат ба соли 2016 беш аз 118 млрд. сомонӣ ё 3,1 баробар зиёд мебошад. Дар давраи таҳлилӣ (2016-2025) суръати рушди ММД зиёда аз 7 фоизро ташкил карда, бинобар сабаби хуруҷи бемории Covid-19 соли 2020 4,4 фоизро ташкил дод.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем, рушди фаъолияти соҳибкорӣ то андозае ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ таъсири мустақим расонида, ташаккул ва пешрафти ин соҳа ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат намуда, имкониятҳои даромаднокии аҳолиро афзоиш медиҳад. Дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ ба фаъолияти иқтисодии фаъол ва ё аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ворид мегарданд. Аз ин рӯ, барои боз ҳам дақиқу равшан баҳодиҳӣ намудани суръати коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат дар диаграммаи 2 маълумоти оморӣ оварда шудааст.

Диаграммаи 2. Суръати коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, %



Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар давраи нооромиҳои мамлакат ҳама соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар ҳолати хеле ногувор қарор гирифта, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ дар кишвар хеле боло рафт, ки дар соли 1999 то ба 83 фоиз расид. Чунин як ҳолати вазнин ва фалаҷ гаштани тамоми соҳаҳои муҳими иқтисодӣ, барои роҳбариятии Олии кишвар ва мардуми Тоҷикистон хеле нигаронкунадад буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пеш гирифтани сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи худ ислоҳоти заруриро дар ҳама соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ роҳандозӣ намуд. Ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар бо ибтикори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор стратегияву барномаҳои мақсадноки давлатӣ таҳия ва татбиқ гардиданд. Аз ҷумла, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2002-2006; Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009; Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012; Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020; Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ғ.

Амалишавии босифат ва саривақтии стратегияву барномаҳои болозикр имкон дод, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар сол то сол коҳиш ёбад. Чи тавре, ки аз маълумоти диаграммаи 2 маълум аст сатҳи камбизоатӣ агар дар кишвар дар соли 2014 32,6 фоизро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2025 то ба 19 фоиз коҳиш ёфта, яъне нишондиҳандаи мазкур дар давраи солҳои 2014-2025 13,6 фоиз коҳиш ёфтааст. Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” бошад, сатҳи камбизоатӣ бояд дар мамлакат то соли 2030 то ба 15 фоиз коҳиш дода шавад [6, с.85]. Албата табиист, ки дар ин коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ нақши фаъолияти соҳибкории хурду миёна хеле назаррас мебошад.

Муҳокима. Гарчанде, ки бо раҳандозӣ намудани имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ, фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат хеле рушд кардааст, аммо ҳастанд баъзе мушкилоту монеъаҳое, ки дар оянда боиси суст рушдёфтани ин бахши муҳими иқтисодиёт мегарданд:

- истифодабарии таҷҳизоту технологияҳои куҳнаву фарсуда дар фаъолияти соҳибкорӣ;
- надоштани маблағҳои зарурӣ дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ
- баланд будани фоизҳои қарзӣ ва кутоҳмуддат будани онҳо;
- кифоя намбудани баъзе ашёи хоми ватанӣ барои корхонаҳои истеҳсолӣ;
- ғайриихтисос фаъолият кардани кормандон ва надоштани донишҳои муосир оид ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ.;

Мавҷудияти чунин мушкилотҳо метавонад таъсири манфии худро ба рушди фаъолияти соҳибкории мамлакат ва коҳишёбии рушди соҳаҳои воқеии мамлакат, инчунин амалишавии ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне санотикунони босуръати кишвар расонад. Агар мушкилотҳои мазкур дар назидктарин муҳлат баррасӣ ва ҳаллу фасли худро ёбанд ҳамон қадар зудтар мо метавонем бахши фаъолияти соҳибкориро дар кишвар рушд диҳем ва ба ин васила натиҷаҳои баланди истеҳсолотро ба даст орем ва Тоҷикистонро аз модели аграрӣ-саноатӣ ба модели саноатӣ-аграрӣ табдил диҳем.

Хулоса. Ҳамин тариқ, рушди бахши соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб рафта, ба афзоиши истеҳсоли мол, сарчашмаҳои нави андозсупорӣ, афзоиши молҳои содиротӣ, муаррифии иқтисодиёти давлат дар бозори ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва дар ин замина ба таъмини мустақилияти иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Давлатов У.А. Саъдиев Ш. Вазъ ва мушкилоти рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи саноат / У.А. Давлатов, Ш.Саъдиев // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон . Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Душанбе, 2021. №2 (74) С. 87-97.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш. Душанбе аз 21.01.2021

3. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри 2024.

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри 2025.

5. Раҳимов Ш.М.Соҳибкории хурду миёна - маҳаки асосии рушд/Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, б изнес ва сиёсати Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. 2018, №1 (74), с. 31-42.

6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 20230. 88с.

7. Суханрони дар ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, шаҳри Душанбе аз 19.10.2012 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/3605 (санаи истифодабарӣ: 15.11.2018)

8. Саидзода Қ.С. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории хурду миёна дар бахши аграрии иқтисодиёт/ Қ.С. Саидзода// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2023 -№ 11.- С.89-100.

9. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 2024. саҳ. 12.

10. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 2025. саҳ. 224-225.

11. Шарҳу тавзеҳи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://iet.tj/tj/shar-u-tavze-i-kodeksi-andozi-um-urii-to-ikiston-dar-ta-riri-nav/ (санаи мурочиат: 08.03.2026).

УДК: 336.7.

ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ПАСТ НАМУДАНИ ХАВФИ ҚАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Сангинова Шоира Элбоевна
ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 93-883-88-80.

Дар мақола аҳамияти таърихи қарзӣ ҳамчун воситаи коҳишдиҳандаи нобаробарии иттилоотӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарздиҳӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, монеаҳои асосии рушди ин соҳа, аз ҷумла маҳдудияти инфрасохтори иттилоотӣ, сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва норасоии заминаи ҳуқуқӣ таҳлил гардидаанд. Дар асоси таҳлил роҳҳои асосии такмили низоми таърихи қарзӣ, аз ҷумла рақамикунонӣ, рушди бюроҳои қарзӣ ва истифодаи технологияҳои финтех пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки рушди самараноки ин низом метавонад ба устувории низоми бонкӣ ва баланд гардидани фарогирии молиявӣ мусоидат намояд.

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои вобаста ба таърихи қарзиро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор дода, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдоштаро муайян намудааст. Нақши таърихи қарзӣ ва манфиатҳои он барои ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёт низ мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Дар ин асос, роҳҳои ҳалли камбудиҳо ҷойдошта дар мақола пешниҳод гардидааст.

Калидвожа: қарз, қарздиҳии бонкӣ, таърихи қарз, бюрои қарзӣ, хавфи қарзӣ, бозори қарзӣ, бонкҳо, финтех, саводнокии молиявӣ.

КРЕДИТНАЯ ИСТОРИЯ КАК СРЕДСТВО СНИЖЕНИЯ КРЕДИТНОГО РИСКА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Сангинова Шоира Элбоевна
ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 93-883-88-80.

Данное исследование посвящено анализу сущности, роли и развития системы кредитной истории в Республике Таджикистан. В работе обосновывается значение кредитной истории как инструмента снижения информационной асимметрии и повышения эффективности кредитования. Рассматриваются основные препятствия развития данной системы, включая ограниченность информационной инфраструктуры, низкий уровень финансовой грамотности населения и несовершенство правовой базы. На основе проведённого анализа предлагаются направления совершенствования системы кредитных историй, такие как цифровизация, развитие кредитных бюро и внедрение финтех-технологий. Результаты исследования свидетельствуют о том, что эффективное функционирование данной системы способствует укреплению банковской системы и расширению финансовой инклюзии.

В данной статье автор анализирует и исследует вопросы, связанные с кредитной историей, и выявляет проблемы в этой области. Также обсуждается роль кредитной истории и ее преимущества для кредитных учреждений и экономики в целом. На этой основе в статье предлагаются пути решения выявленных недостатков.

Ключевые слова: кредит, банковское кредитование, кредитная история, кредитное бюро, кредитный риск, кредитный рынок, банки, финтех, финансовая грамотность.

CREDIT HISTORY AS A MEANS OF REDUCING CREDIT RISK IN MODERN CONDITIONS

Sanginova Shoira Elboevna
assistant Professor of the Department of Banking, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 93-883-88-80.:

This study examines the essence, role, and development of the credit history system in the Republic of Tajikistan. The paper highlights the importance of credit history as a key tool for reducing information asymmetry and improving the efficiency of lending processes. It also analyzes the main challenges hindering the development of this system, including limited information infrastructure, low financial literacy, and an underdeveloped legal framework. Based on the analysis, the study proposes key directions for improving the credit history system, such as digitalization, strengthening credit bureaus, and implementing fintech technologies. The findings suggest that an effective credit history system can enhance banking stability and promote financial inclusion.

In this article, the author analyzes and investigates issues related to credit history and identifies the problems in this area. The role of credit history and its benefits for credit institutions and the economy as a whole are also discussed. On this basis, the article proposes ways to solve the shortcomings.

Keywords: credit, bank lending, credit history, credit bureau, credit risk, credit market, banks, fintech, financial literacy.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавии низоми молиявӣ ва густариши босуръати бозорҳои қарзӣ, таърихи қарзӣ ба яке аз унсурҳои муҳими инфрасохтори молиявӣ табдил ёфта, аҳамияти стратегии хос пайдо мекунад, зеро он ба коҳиш додани номувофиқатии иттилоотӣ ва таъмин намудани тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Таърихи қарзӣ маҷмӯи мураттаби маълумотҳо оид ба фаъолияти молиявии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар баробари нишондиҳандаҳои анъанавӣ (ҳаҷми қарз, мӯҳлат, интизоми пардохт), инчунин унсурҳои рафторӣ ва оморӣ (пардохт, таъхирҳо, сатҳи гаронии қарз, диверсификатсияи уҳдадориҳо)–ро дар бар мегирад. Мувофиқи назарияи иқтисоди иттилоотӣ, ки аз ҷониби Ҷорҷ А, Михаел С. Ва Ҷозеф С. таҳия гардидааст, "нобаробарии дастрасӣ ба иттилоот байни тарафҳои шартнома боиси пайдоиши хавфҳои интихоботи носолим ва хатари ахлоқӣ мегардад, ки дар навбати худ самаранокии бозорро коҳиш медиҳад. Дар ин замина, низоми самараноки таърихи қарзӣ ҳамчун воситаи муҳими сигналдиҳӣ ва коҳишдиҳандаи номуайянӣ баромад намуда, ба қарздиҳандагон имконият медиҳад, ки қобилияти қарзпардозии мизоҷонро бо дақиқии баланд арзёбӣ намоянд"[3].

Дар айни замон, таҷрибаи кишварҳои рӯ ба рушд гувоҳӣ медиҳад, ки ташкили як низоми пурра ва самараноки таърихи қарзӣ одатан бо мушкилоти марбут ба сохтори бозор, норасоиҳои институтсионалӣ ва маҳдудиятҳои технологӣ ҳамроҳ мебошад.

Натиҷаҳо. Яке аз мушкилоти асосӣ маҳдудияти инфрасохтори иттилоотӣ мебошад, ки дар норасоии пойгоҳҳои ягонаи маълумотҳо, сатҳи пасти рақамикунонии муассисаҳои молиявӣ ва набудани стандартҳои ягонаи табодули иттилоот ифода меёбад. Ин ҳолат боиси парокандагии маълумот ва паст шудани эътимоднокии арзёбии кредитӣ мегардад. Монеаи дигар сатҳи пасти ҳамкории байнибонкӣ ва набудани механизмҳои муассири мубодилаи маълумот мебошад, ки дар натиҷа ҳар як муассисаи молиявӣ маҷбур аст қарорҳои худро дар асоси маълумоти маҳдуд қабул намояд. Инчунин, "мушкилоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла норасоии қонунгузории мукаммал дар самти ҳифзи маълумоти шахсӣ ва танзими фаъолияти бюроҳои қарзӣ, ба ташаккули муҳити боэътимоди иттилоотӣ халал мерасонад" [2].

Илова бар ин, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ яке аз омилҳои муҳими маҳдудкунандаи рушди таърихи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои таҳлилҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки бахши назарраси аҳолӣ нақши интизоми пардохт ва таъсири мустақими онро ба имконияти гирифтани қарз дар оянда ба таври кофӣ дарк намекунад, ки дар натиҷа сатҳи қарзҳои мушкилдор меафзояд ва дараҷаи эътимод дар бозори молиявӣ паст мегардад.

Дар баробари ин, омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла муносибати эҳтиёткорона ба мубодилаи маълумоти шахсӣ ва сатҳи пасти эътимод ба институтҳои молиявӣ, низ ба рушди ин соҳа таъсири манфӣ мерасонанд. "Аз ҷиҳати технологӣ, истифодаи маҳдуди воситаҳои муосири таҳлили додаҳо, аз қабили Big Data, Machine Learning ва скоринги алтернативӣ, боиси паст шудани дақиқии баҳодиҳии хавф мегардад ва имкониятҳои фарогирии молияviро маҳдуд месозад" [1].

Дар чунин шароит, бартараф намудани монеаҳои рушди таърихи қарзӣ татбиқи як қатор чораҳои комплексиро талаб менамояд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки инфрасохтори иттилоотии бозори қарзӣ тавассути таъсиси бюроҳои муосири қарзӣ, ҷорӣ намудани пойгоҳҳои ягонаи маълумотҳо ва истифодаи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СБҲМ ва стандартҳои Базел, такмил дода шавад. Инчунин, густариши ҳамкории байни муассисаҳои молиявӣ ва ниҳодҳои давлатӣ дар самти мубодилаи иттилоот ва ҳамгироии низомҳои рақамӣ метавонад шаффофият ва эътимоднокии маълумотро баланд бардорад. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ дар самти ҳифзи маълумоти шахсӣ, таъмини амнияти иттилоот ва муқаррар намудани масъулияти тарафҳо барои истифодаи нодурусти маълумот аҳамияти калидӣ дорад.

Ҳамзамон, рушди саводнокии молиявии аҳолӣ тавассути барномаҳои таълимӣ, ворид намудани фанҳои молиявӣ ба низоми маориф ва истифодаи платформаҳои рақамии омӯзишӣ метавонад фарҳанги масъулиятноки қарзгириро ташаккул диҳад. "Дар баробари ин, татбиқи технологияҳои финтех, аз ҷумла скоринги алтернативӣ, ки маълумоти ғайрианъанавиро (пардохтҳои коммуналӣ, фаъолияти рақамӣ ва ғ.) истифода мебарад, имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои қаблан маҳрум ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасӣ пайдо намоянд" [4]. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки истифодаи чунин технологияҳо метавонад сатҳи фарогирии молияviро ба таври назаррас баланд бардорад ва хавфҳои қарзиро коҳиш диҳад.

Дар умум, баррасии ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам таҷрибаи амалӣ гувоҳӣ медиҳад, ки низоми таърихи қарзӣ танҳо абзори муайянсозии хавф набуда, балки унсури калидии таҳкими суботи низоми молиявӣ ва пешбурди рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Рафъи мушкилоти мавҷуда танҳо дар сурати ҳамоҳангсозии сиёсатҳои давлатӣ, такмили муҳити институтсионалӣ ва татбиқи васеи технологияҳои муосир дастёб мегардад. Дар чунин шароит, рушди низоми муассири таърихи қарзӣ метавонад ба афзоиши сатҳи боварӣ дар бозорҳои молиявӣ, коҳиши хароҷоти муомилотӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ замина фароҳам оварад.

Афзоиши суръати қарздиҳии бонкӣ дар заминаи тағйирёбии омилҳои макроиқтисодӣ, ба монанди сатҳи таваррум, индекси нархҳои истеъмолӣ, вазъи бозори асъор ба амал меояд. Қарздиҳии бонкӣ имкон медиҳад, ки истеъмолкунандагон ба гирифтани молҳое, ки онҳо танҳо дар оянда ва дар сурати ҷамъоварии маблағи зарурӣ ба назар мегиранд, таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир намоянд.

Таърихи қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳими инфрасохтори бозори молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфта, тадриҷан аз як механизми маҳдуди баҳодиҳии хавф ба унсури калидии низоми қарздиҳӣ табдил ёфт. Дар солҳои аввали истиқлолият, бо сабаби норасоии базаи иттилоотӣ, сустии низоми бонкӣ ва набудани механизмҳои мубодилаи маълумот, арзёбии қобилияти қарзпардозии мизоҷон асосан ба усулҳои субъективӣ ва таҷрибаи инфиродии бонкҳо такя мекард. Танҳо бо рушди низоми бонкӣ ва тақвияти сиёсати танзимгарӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон заминаҳои институтсионалии ташаккули таърихи қарзӣ пайдо гардиданд. Марҳилаи сифатан нав дар рушди ин соҳа бо таъсиси Бюрои таърихи қарзии Тоҷикистон алоқаманд аст, ки вазифаи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва пешниҳод намудани маълумоти қарзии шахсони

воқеӣ ва ҳуқуқиро ба ухда дорад. Ин ниҳод имкон дод, ки сатҳи шаффофият дар бозори қарзӣ баланд гардида, хавфҳои қарздиҳӣ коҳиш ёбанд.

Бо вуҷуди пешравиҳо, низоми таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти сохторӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аввалан, сатҳи маҳдуди фарогирии иттилоотӣ боқӣ мемонад, зеро на ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ ва махсусан институтҳои ғайрибонкӣ ба таври пурра ба мубодилаи маълумот ҷалб шудаанд. Дуюм, масъалаи сифати маълумот, аз ҷумла нодурустӣ, таъхир дар навсозӣ ва нокифоя будани стандартизатсия, ба дақиқии скоринги кредитӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сеюм, сатҳи пасти саводнокии молиявии аҳолӣ боиси он мегардад, ки қисми зиёди шаҳрвандон аҳамияти таърихи қарзиро дарк намекунанд ва ба интизоми пардохт аҳамияти кофӣ намедиҳанд. Чорум, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва дастрасии маҳдуд ба иттилоот, рушди пурраи бозори иттилооти қарзиро бозмедоранд.

Дар чунин шароит, роҳҳои такмили низоми таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон бояд характери комплексӣ дошта бошанд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки фарогирии низом тавассути ҷалби ҳамаи иштирокчиёни бозори молиявӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд ва ширкатҳои финтех, васеъ карда шавад. Инчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла платформаҳои ягонаи маълумот, истифодаи Big Data ва алгоритмҳои зеҳни сунъӣ барои скоринги кредитӣ, метавонад дақиқии баҳодиҳии хавфҳоро баланд бардорад. Аз ҷиҳати танзимгарӣ, такмили қонунгузорӣ дар самти ҳифзи маълумоти шахсӣ, таҳкими назорати давлатӣ ва мутобиқсозии стандартҳо ба таҷрибаи байналмилалӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳамзамон, баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ тавассути барномаҳои таълимӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ метавонад фарҳанги масъулиятноки қарзгириро ташаккул диҳад. Дар натиҷа, рушди устувори низоми таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон метавонад ба коҳиши хавфҳои қарзӣ, беҳтар шудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва тақвияти устувории низоми бонкӣ мусоидат намояд.

“Дар айни замон қарздиҳии бонкӣ дар танзими макроиқтисодии кишвар мавқеъҳои калидӣ дошта, инчунин яке аз амалиётҳои маъмултарини ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Қарзҳои бонкӣ ба қарзгирандагон имконият медиҳанд, ки масъалаҳои талабот ба молҳо ва хидматҳои муайян ва норасоии маблағҳои пулиро ҳал намоянд” [6].

Дар ҳақиқат дар шароити муосир ягон субъети иқтисодӣ наметавонад дар раванди фаъолияти худ аз қарз истифода нанамояд. Зеро, бе қарз ташаккул додани фаъолият дар замони иқтисоди бозорӣ ғайриимкон аст. Дар баробари қарзҳо қарзи бонкӣ аҳамияти баланд дошта, тартиби ба даст овардани он нисбат ба дигар қарзҳо осонтар аст.

“Дар сурати бомуваффақият амалӣ намудани қарздиҳии бонкӣ ба ҳамаи иштирокчиёни ин раванд фоида меорад:

- Якум, додани қарз талаботи ҷории пардохтпазирии аҳолиро зиёд мекунад;
- Дуюм, ба афзоиши сармояи истеҳсолкунандагони молҳо мусоидат мекунад. Инчунин бояд қайд кард, ки тавассути маблағҳое, ки ба қарзгирандагон ҳамчун қарз дода мешаванд ба соҳаҳои ниёзманди иқтисодиёт маблағгузорӣ карда мешаванд” [6].

Бюрои қарзӣ – ин институти махсуси иттилоотӣ мебошад, ки маълумотро оид ба таърихи қарзии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн мекунад. Моҳияти асосии он дар он аст, ки нобаробварӣ ва номуайянии иттилоотро байни қарздиҳанда (бонк ё ташкилоти қарзӣ) ва қарзгиранда коҳиш дода шавад. Дар иқтисоди муосир маҳз ҳамин номуайянии маълумот яке аз сарчашмаҳои асосии хавфҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Аз нуқтаи назари назарияи молиявӣ, набудани иттилооти пурра боиси интихоби номусоид ва рафтори хавфнок мегардад. Таъсиси бюрои қарзӣ имкон медиҳад, ки ин мушкилот то андозае бартараф карда шаванд, зеро бонкҳо метавонанд пеш аз додани қарз қобилияти пардохтпазирӣ ва интизоми молиявии мизоҷро дар асоси маълумоти воқеӣ арзёбӣ намоянд.

Дар шароити рақамикунонӣ нақши бюрои қарзӣ боз ҳам муҳим мегардад, зеро ҳаҷми маълумот зиёд шуда, имконияти истифодаи технологияҳои таҳлилии пешрафта, аз ҷумла алгоритмҳои баҳодиҳии скорингӣ ва моделҳои омӯзиши мошинӣ, фароҳам меояд. Ин имкон медиҳад, ки қарздиҳӣ на танҳо тезтар, балки дақиқтар ва бо сатҳи пасттари хавф амалӣ карда шавад.

Аз таҷрибаи байналмилалӣ бармеояд, ки кишварҳое, ки низоми мукаммали бюрои қарзӣ доранд, сатҳи қарзҳои пастсифат дар онҳо камтар буда, дастрасӣ ба қарз барои аҳолӣ ва соҳибкорон васеътар аст. Инчунин, рақобат дар байни бонкҳо афзоиш ёфта, шартҳои қарздиҳӣ беҳтар мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди инфрасохтори иттилоотии бозори қарз, аз ҷумла фаъолияти бюроҳои қарзӣ, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявӣ баррасӣ мегардад. Тақвияти заминаи меъёрӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ҳамгироии технологияҳои рақамӣ метавонад самаранокии ин институтро боз ҳам баланд бардорад.

Муҳокима. “Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ, рушди самараноки иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла бахши молиявӣ ва бонкӣ, бидуни шаффофияти байни ташкилотҳои қарзӣ ғайриимкон аст. Дар робита ба ин, байни бонкҳо барои қарзгирандагони боэътимод мубориза бурда мешавад. Ин талаботро ба хидматҳои бюрои таърихи қарзӣ меафзояд” [5].

Дар ҳақиқат, таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми таърихи қарзӣ нишон медиҳад, ки ин яке аз воситаҳои идоракунии хавфи молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини шаффофият, коҳиши хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани дастрасӣ ба маблағгузорӣ нақши калидӣ мебозад. Дар кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Британияи Кабир ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, низоми таърихи қарзӣ тавассути фаъолияти бюроҳои хусусӣ

ва давлатӣ ба таври васеъ рушд ёфтааст, ки онҳо маълумоти мукаммал ва стандартизатсияшударо ҷамъоварӣ намуда, барои арзёбии скоринги қарзӣ истифода мебаранд.

Хусусияти муҳими таҳрибаи байналмилалӣ дар он аст, ки мубодилаи иттилоот байни муассисаҳои молиявӣ ҳатмӣ буда, ин боиси коҳиши нобаробарии иттилоотӣ ва баланд гардидани интизоми қарзгирандагон мегардад. Илова бар ин, дар солҳои охир истифодаи технологияҳои муосир, ба низоми баҳодиҳии қарзпардозӣ ворид гардида, имкон медиҳад, ки ҳатто барои шахсони дорои таърихи маҳдуди қарзӣ низ арзёбии дақиқ анҷом дода шавад. Таҳрибаи кишварҳои рӯ ба рушд низ нишон медиҳад, ки таъсиси бюроҳои қарзӣ ва такмили заминаи ҳуқуқӣ метавонад сатҳи фарогирии молиявиро ба таври назаррас баланд бардорад. Ҳамин тариқ, таҳрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки рушди самараноки низоми таърихи қарзӣ дар заминаи ҳамгироии сиёсати давлатӣ, инфрасохтори рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ имконпазир мебошад.

“Сиёсати қарзии ҳар як бонк ба бисёр нишондиҳандаҳо асос ёфтааст. Яке аз онҳо ҳалли мушкилоти баргардонидани қарз мебошад. Дар ин ҷо сифати баҳодиҳии қарзгирандагони эҳтимолӣ, ки дар ҳар як ташкилоти қарзӣ аз ҳисоби таҳриба ва таърихи қарзӣ, ки дар бонкҳо нигоҳ дошта мешаванд, алоҳида ташаккул меёбад, унсури муҳим мебошад” [5].

Дар амалияи ҷаҳонӣ бюроҳои таърихи қарзӣ ба ташкилотҳои қарзӣ маҷмӯи хизматрасониҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ пешниҳод менамоянд, ки ба паст намудани хавфи қарзӣ ва баланд бардоштани сифати қарорҳои қарздиҳӣ равона шудаанд. Онҳо ҳисоботи муфассали таърихи қарзии муштариён (дар бораи қарзҳои фаъолу пӯшидашуда, интизоми пардохт ва ҳолатҳои нокоми пардохт) пешниҳод намуда, ҳамзамон рейтинги қарзӣ (скоринг)-ро тавассути моделҳои оморӣ ҳисоб мекунанд, ки имкон медиҳад сатҳи хавфи ҳар як қарзгир ба таври дақиқ баҳогузорӣ гардад. Илова бар ин, бюроҳо хизматрасониҳои таҳлили пешгӯишавандаи эҳтимолияти дефолт, санҷиши дурустии маълумоти муштариён, мониторинги доимии тағйирот дар профили қарзӣ, инчунин муайянсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ ва амалиётҳои шубҳанокро таъмин менамоянд, ки дар маҷмӯъ ба коҳиши номувофиқии иттилоотӣ, баланд шудани шаффофияти бозори қарз ва такмили низоми идоракунии хавф дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат мекунанд.

“Фаъолияти институти бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон соли 2009 пас аз эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №492 “Дар бораи таърихи қарз (кредит) ” ба фаъолият оғоз кард. Қонуни мазкур мафҳум, тартиб ва асосҳои ҳуқуқии ташкил, нигоҳдорӣ ва ошкорсозии таърихи қарзро муайян намуда, инчунин хусусиятҳои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Бюрои таърихи қарз ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни ин низомро танзим мекунад” [7].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” мафҳуми бюрои таърихи қарз чунин шарҳ дода шудааст: “бюрои таърихи қарз - шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои ташкилу коркард, нигоҳдошти таърихи қарз, пешниҳоди ҳисоботи қарз ва дигар иттилоот хизмат мерасонад”[7].

Қонун ҳамаи ташкилотҳои қарзиро вазифадор мекунад, ки ақалан ба як бюрои таърихи қарз дар бораи қарздорон маълумот фиристанд. Ҳамзамон, бонкҳо имконият пайдо карданд, ки дар бораи қарзгирандагони эҳтимолӣ аз онҳо маълумот дархост кунанд.

“Ҳамин тариқ, бюроҳои қарзӣ ба истилоҳ ҳамчун миёнаравҳои иттилоотӣ мустақилона амал мекунанд ва аз фаъолияти худ фоида ба даст меоранд. Қарздиҳандагон ба бюро дар бораи мизоҷони худ маълумот медиҳанд ва бюро дар навбати худ онро бо маълумоти аз манбаъҳои дигар гирифташуда муқоиса мекунад” [6].

Барои самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва фаъолияти устувори бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки милли Тоҷикистон масъул аст, ки ҳамчун танзимгари асосии бозори молиявӣ амал мекунад. Мутобики Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” танзим ва назорати фаъолияти Бюрои таърихи қарз ба зиммаи Бонки миллии Тоҷикистон гузошта шудааст. Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатнома медиҳад, фаъолияти бюроро месанҷад, барои бартараф кардани камбудиҳо амрнома медиҳад, мувофиқат татбиқ мекунад, феҳристҳои давлатиро пеш мебарад ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, он санадҳои меъёриро оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, талаботи тахассусии муассисон ва роҳбарон, инчунин тартибу мӯҳлати пешниҳоди маълумот қабул мекунад.

Феҳристи ягонаи давлатии таърихи қарз бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва пешниҳоди иттилооти таърихи қарз таъсис дода мешавад. Он инчунин маълумотро дар бораи Бюроҳои таърихи қарз ҷамъ оварда, ҳамоҳангсозии иттилоотро байни онҳо таъмин мекунад.

Ин феҳрист қисми асосии маълумоти ҳамаи таърихи қарзро дар Тоҷикистон нигоҳ медорад, ва қоидаву муҳлати нигоҳдории иттилоотро мақоми ваколатдор муайян мекунад.

Ба андешаи мо, фаъолияти бюроҳои таърихи қарз асосан барои бонкҳои миёна ва хурд муҳим мебошад, зеро маҳз ин гурӯҳи ташкилотҳо одатан бо маҳдудияти захираҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва технологӣ рӯ ба рӯ буда, имкони ташкили пойгоҳи мукаммали дохилии маълумот дар бораи муштариёнро надоранд. Дар чунин шароит, дастрасӣ ба иттилооти мутамаркази бюро имкон медиҳад, ки онҳо сатҳи нобаробарии иттилоотиро коҳиш дода, қарорҳои қарздиҳиро бо асоснокии баландтар қабул намоянд, хавфи дефолтро паст гардонанд ва сифати портфели қарзиро беҳтар созанд. Илова бар ин, истифодаи таҳлилҳои пешниҳоднамудаи бюроҳо барои ин бонкҳо шароити баробарро дар рақобат бо бонкҳои калон фароҳам меорад, зеро онҳо метавонанд равандҳои арзёбии қарзгиронро автоматиконида, вақти баррасии дархостҳоро кӯтоҳ ва хароҷоти амалиётиро кам намоянд, ки дар маҷмӯъ ба баланд шудани самаранокии фаъолияти онҳо ва густариши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат мекунад.

Боиси зикр аст, ки фаъолияти бюрои таърихи қарзӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса ба давлатҳои пешрафта ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, сатҳи фарогирии маълумот ва истифодаи технологияҳои пешрафтаи таҳлилӣ маҳдуд мебошад. Ин ҳолат зарурати такмили заминаи меъёрӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва ҷорӣ намудани моделҳои муосири скорингро ба миён мегузорад, то самаранокии бозори қарз ва идоракунии хавфҳо беҳтар гардад.

Дурнамои рушди минбаъдаи бюроҳо аз он вобаста аст, ки ҳамкории байни бонкҳо ва бюроҳои таърихи қарз барои ҳар ду ҷониб муфид буда, ба коҳиш додани хавфи қарз мусоидат мекунад.

Хулоса. Дар маҷмӯъ, таърихи қарзӣ ҳамчун як унсури калидии инфрасохтори бозори молиявӣ нақши муҳим дар арзёбии қобилияти қарзпардозӣ, коҳиш додани хавфҳои қарзӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қарздиҳӣ мебозад. Он имкон медиҳад, ки сатҳи шаффофият ва эътимод байни қарздиҳанда ва қарзгиранда тақвият ёфта, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ васеъ гардад. Бо вуҷуди ин, дар кишварҳои дар ҳоли рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, рушди низоми таърихи қарзӣ бо мушкилоти институционалӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ маҳдуд мешавад. Аз ин рӯ, такмили инфрасохтори иттилоотӣ, рушди бюроҳои қарзӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ шарти муҳими ташаккули низоми самараноки таърихи қарзӣ ба ҳисоб рафта, метавонад ба устувории низоми бонкӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, таъсиси бюрои қарзӣ ҳамчун воситаи муҳими институционалӣ ба коҳиши хавфҳо, баланд бардоштани сифати қарздиҳӣ ва таҳкими устувории низоми молиявӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Berg, T., Burg, V., Gombović, A., & Puri, M. (2020). *On the Rise of FinTechs*. Review of Financial Studies, 33(9), pp. 4095–4143.
2. Djankov, S., McLiesh, C., & Shleifer, A. (2007). *Private Credit in 129 Countries*. Journal of Financial Economics, 84(2), pp. 299–329.
3. Jappelli, T., & Pagano, M. (2002). *Information Sharing, Lending and Defaults*. Journal of Banking & Finance, 26(10), pp. 2017–2045.
4. OECD (2021). *Financial Literacy and Consumer Protection*. Paris.
5. Башанова И.А. Минимизация кредитных рисков с помощью бюро кредитных рисков с помощью бюро кредитных историй. с. 173-181
6. Дицуленко О.И., Посная Е.А., Черемисинова Д.В., Проблема разобщенности бюро кредитных историй в РФ и перспективные направления ее решения. Финансовые исследования № 1 (66) 2020 с. 36-37
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)”, ш. Душанбе, 26 марти соли 2009, № 492

УДК: 37.014.543

МЕХАНИЗМҲОИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ: ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

Бобозода Одилҷони Олим

муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33

Дар мақола таҷрибаи хориҷии ташаккул ва татбиқи механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳаи маориф дар мисоли Сингапур, Ҷопон ва Россия мавриди таҳқиқ ва муқоиса қарор гирифтааст. Интихоби кишварҳои мазкур имкон медиҳад, ки равишҳои гуногуни сиёсати давлатӣ дар самти маблағгузорӣ, идоракунӣ ва рушди соҳаи маориф, инчунин, хусусиятҳои татбиқи механизмҳои муосири дастгирии соҳа муайян карда шаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба механизмҳои маблағгузории давлатӣ, татбиқи барномаҳои мақсаднок, рушди инфрасохтори таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ, инчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ равона гардидааст.

Дар раванди таҳқиқ хусусиятҳои сиёсати давлатии Сингапур дар самти рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҷрибаи Ҷопон дар таъмини устувории соҳаи маориф, рушди касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир, инчунин, механизмҳои дастгирии давлатии соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои рушди он дар Россия баррасӣ карда мешаванд. Дар асоси таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои мазкур ҷанбаҳои самараноки механизмҳои дастгирии давлатӣ муайян гардида, имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои алоҳидаи онҳо ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили механизмҳои маблағгузорӣ ва идоракунии соҳаи маориф, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ, рушди рақамикунонӣ ва навоварихо, инчунин, таҳияи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф истифода шаванд.

Калидвожаҳо: маориф, дастгирии давлатӣ, механизми дастгирии давлатӣ, рушди соҳаи маориф, маблағгузории маориф, сиёсати давлатӣ, сармояи инсонӣ, сифати таҳсилот, рақамикунонӣ, Сингапур, Ҷопон, Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи хориҷӣ.

МЕХАНИЗМЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РАЗВИТИЯ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ: ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН

Бобозода Одилджони Олим

старший преподаватель кафедры государственного управления и национальной экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саида Носира, 33

В статье исследуется и проводится сравнительный анализ зарубежного опыта формирования и реализации механизмов государственной поддержки развития сферы образования на примере Сингапура, Японии и России. Выбор данных стран позволяет определить различные подходы государственной политики в области финансирования, управления и развития системы образования, а также особенности применения современных механизмов поддержки данной сферы. Основное внимание уделено механизмам государственного финансирования, реализации целевых программ, развитию образовательной инфраструктуры, повышению качества образования, подготовке и повышению квалификации педагогических кадров, а также внедрению цифровых и инновационных технологий.

В процессе исследования рассматриваются особенности государственной политики Сингапура в области развития человеческого капитала и повышения качества образования, опыт Японии в обеспечении устойчивости системы образования, профессиональном развитии педагогов и использовании современных технологий, а также механизмы государственной поддержки сферы образования и реализации программ ее развития в России. На основе сравнительного анализа опыта указанных стран определены эффективные аспекты механизмов государственной поддержки и оценены возможности адаптации отдельных их элементов к социально-экономическим условиям и особенностям системы образования Республики Таджикистан.

Результаты исследования могут быть использованы для совершенствования механизмов финансирования и управления сферой образования, повышения эффективности использования государственных ресурсов, развития цифровизации и инноваций, а также разработки приоритетных направлений государственной политики Республики Таджикистан в сфере образования.

Ключевые слова: образование, государственная поддержка, механизм государственной поддержки, развитие сферы образования, финансирование образования, государственная политика, человеческий капитал, качество образования, цифровизация, Сингапур, Япония, Россия, Республика Таджикистан, зарубежный опыт.

STATE SUPPORT MECHANISMS FOR THE DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SECTOR: INTERNATIONAL EXPERIENCE

Bobozoda Odiljoni Olim

Senior Lecturer at the Department of Public Administration and National Economics, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Said Nosira, 33

The article examines and comparatively analyzes foreign experience in the formation and implementation of state support mechanisms for the development of the education sector, using Singapore, Japan, and Russia as examples. The selection of these countries makes it possible to identify different approaches to state policy in the financing, management, and development of the education system, as well as the specific features of implementing modern support mechanisms in this sector. Particular attention is paid to state financing mechanisms, the implementation of targeted programs, the development of educational infrastructure, improving the quality of education, the training and professional development of teaching staff, as well as the introduction of digital and innovative technologies.

The study examines the specific features of Singapore's state policy in the field of human capital development and improving the quality of education, Japan's experience in ensuring the sustainability of the education system, the professional development of teachers, and the use of modern technologies, as well as mechanisms of state support for the education sector and the implementation of its development programs in Russia. Based on a comparative analysis of the experience of these countries, effective aspects of state support mechanisms are identified, and the possibilities of adapting individual elements to the socio-economic conditions and specific features of the education system of the Republic of Tajikistan are assessed.

The results of the study can be used to improve mechanisms for financing and managing the education sector, increase the efficiency of the use of state resources, develop digitalization and innovation, as well as formulate priority areas of the state policy of the Republic of Tajikistan in the field of education.

Keywords: education, state support, state support mechanism, development of the education sector, education financing, state policy, human capital, quality of education, digitalization, Singapore, Japan, Russia, Republic of Tajikistan, foreign experience.

Муқаддима. Таҷрибаи кишварҳои дар ҳоли рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки соҳаи маориф, хусусан дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, на танҳо як ҷузъи муҳимми заминаҳои технологӣ, балки омили асосии пешрафт дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт ва илму фарҳанг ба шумор меравад. Ин раванд имконият медиҳад, ки сифати таълим беҳтар гардида, раванди омӯзиш ва таҳқиқот бо воситаҳои муосири технологӣ мутобиқ шаванд ва мутахассисони баландихтисос барои бозори меҳнат фароҳам оварда шаванд.

Дастгирии давлатии соҳаи маориф боиси ташкили қувваи корӣ мутахассисони баландихтисос мешавад, ки метавонад ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонад. Масалан, кишварҳо бо низоми таҳсилоти босифат маъмулан сатҳи баланди истеҳсолот ва инноватсияро нишон медиҳанд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили муқоисавӣ, таҳлили мундариҷаи сарчашмаҳои илмӣ, ҷамъбаст ва низоммандсозии таҷрибаи хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар мақола механизмҳои дастгирии давлатии соҳаи маориф дар Сингапур, Ҷопон ва Россия аз рӯйи самтҳои маблағгузорӣ, идоракунӣ, рушди инфрасохтори таълимӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон, инчунин рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ муқоиса гардида, имкониятҳои мутобиқсозии унсурҳои алоҳидаи ин таҷриба ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур як қатор олимони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои худро иброз намудаанд. Аз ҷумла олими ватанӣ Г.С. Қаландарова иброз менамояд, ки "дар замони муосир мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон таваҷҷуҳи бештарро ба соҳаи маориф, ташаккули иқтидори зеҳнии сармояи инсонӣ равона месозанд. Зеро сатҳи маориф иқтидори зеҳнии давлатро ба сифати таркиби муҳимми бойгарии миллӣ муайян месозад" [5, с.3].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки комёбиҳои давлатҳои пешқадам дар мавқеъгирии бозори байналхалқӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, фароҳам овардани сатҳи арзандаи зиндагии шаҳрвандон аз ҷой доштани маълумоти босифат дар корхона ва идораи мутахассисони баландихтисос, ки тавассути соҳаи маориф тайёр карда шудааст, вобаста аст.

Муҳиммияти дастгирии давлатии соҳаи маориф дар шароити ҷаҳонишавии босуръат боз ҳам бештар мегардад, зеро ҷаҳонишавӣ на танҳо муносибатҳои байналмилалиро тақвият мебахшад, балки хатарҳо ва таҳдидҳои гуногуни берунӣ, ба монанди рақобати шадиди иқтисодӣ, фишорҳои геополитикӣ ва таҳаввулоти ғайричашмдошти технологиро низ ба вуҷуд меорад. Дар чунин шароит, механизми дастгирии давлатии муассисаҳои соҳаи маориф, мактабҳои олӣ, на танҳо барои беҳтар намудани сифат ва самаранокии таълим зарур аст, балки ҳамчун як воситаи муассири таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хизмат мекунад.

Муҳаққиқ А.Н. Султонов дар таҳқиқоти худ менависад, ки "барои пешравии соҳаи маориф ҳамчун омили асосии пешравии иқтисодиёти кишвар чунин пешниҳодҳоро лоиқи дастгирӣ мешуморем:

1. Фароҳам овардани шароит барои инкишофи рақобат байни муассисаҳои таълимии дорои шаклҳои мухталифи моликият барои гирифтани маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ;
2. Таҳияи меъёрҳои алоқамандии назария бо амалия дар асоси фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Муайян намудани натиҷаи маблағгузориҳои буҷети давлатӣ дар соҳаи таълимоти касбӣ;
4. Афзун намудани иқтидори инноватсионӣ, яъне истифодабарии корҳои илмӣ тадқиқотие, ки ба иқтисодиёти кишвар алоқаи зич доранд;

5. Истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир дар маблағгузории соҳаи маориф” [10, с. 81].

Натиҷаҳо ва муҳокима. Ҳар як кишвар бояд ба рушди инфрасохтори технологӣ дар соҳаи маориф таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд ва бо ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ, заминаҳои рушди устувори иқтисодиёт ва илму фарҳангро фароҳам оварад.

Муҳаққиқ С.Э.Савзиханова менависад, ки “дар раванди ҷаҳонишавӣ ду тамоюли асосиро метавон мушаххас намуд, ки ҳар кадоме аз онҳо дигаргуниҳои ҷиддии сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонро инъикос менамоянд. Тамоюли аввал, мустаҳкам намудани мавқеи сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва дар асоси он ташаккул додани ҷаҳони бисёрқутбист. Тамоюли дуюм, кӯшишҳои кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, барои нигоҳ доштани ҷаҳони якқутбӣ ва таъмини бартарияти худ дар он мебошад. Ҳар ду тамоюл дар заминаи минтақагардонӣ ва равандҳои ҳамгироии минтақавӣ, ки зарурати ҳалли мушкилоти маҳаллиро ба миён меоранд, рушд меёбанд” [7].

Имкониятҳои иловагии молиявӣ ва механизмҳои муносиб барои татбиқи ислоҳот танҳо дар натиҷаи дигаргунсозиҳои бузурги иҷтимоию иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Бе чунин дигаргуниҳо ва ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаи маориф танҳо нияти нек боқӣ мемонад.

Дар Аврупо, дигаргуниҳои таъсирбахш ва васеъ идома доранд. Равандҳои рушди Аврупо вазифаи омода кардани инсонҳоро мегузорад, ки онҳо дар системаи ҳамкории умумиевропоӣ, мубодилаи фаъолонаи иттилоот ва маҳсулоти меҳнатӣ фаъолият намуда, тавассути ташкили шабакаҳои гуногун, лоиҳаҳо ва иттиҳодияҳо ширкат варзанд.

Бо вуҷуди ин, барои кишварҳое, ки дар марҳилаи ибтидоии инкишоф, рӯ ба тараққӣ ва тараққикарда қарор доранд, татбиқи онҳо гуногун аст. Масалан, барои марҳилаи ибтидоии кишварҳои рӯ ба рушд чунин ислоҳот талаб мекунад:

1. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори илмӣ ва маориф, ки заминаи асосии рушди устувор мебошад;

2. Технологияҳои инноватсионӣ, ки метавонанд ба беҳтаршавии низоми таълим ва таҳкими робитаҳои байналмилалӣ мусоидат кунанд.

3. Ташкили курсҳо ва барномаҳои нави таълимӣ, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир бошанд ва малакаҳои муосирро барои муваффақият дар бозори ҷаҳонӣ таъмин кунанд.

4. Фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳар як шахс дар соҳаи маориф, новобаста аз шароити иҷтимоии онҳо.

Муҳаққиқ Х.Р. Рустамова бар ин назар аст, ки “некуаҳволии бештари иқтисодиро кишварҳое ба даст меоранд, ки стратегияҳои самараноки рушди маориф доранд, ки дар раванди такрористеҳсолот ва рушди сармояи инсонӣ, дар ҳалли вазифаҳои стратегии навсозии иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши калидӣ доранд” [6, с. 200].

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои пешрафта метавонад ба кишварҳои рӯ ба инкишоф кӯмак кунад, ки таҷрибаи пешқадамро қабул намуда, онро ба шароити худ мутобиқ гардонанд.

Ҳоло мо дар ин бахш, ки роҷеъ ба таҷрибаи механизми дастгирии давлатии рушди соҳаи маориф дар кишварҳои хориҷӣ бахшида шудааст, кишварҳои Сингапур, Ҷопон ва Россияро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Бояд эътироф кард, ки ягона захираи асосии Сингапур, ки як кишвари хурд, аз ҷиҳати аҳолӣ кам аст ва амалан аз захираҳои табиӣ маҳрум мебошад, қувваи инсонии он мебошад. Фалсафае, ки системаи меритократии Сингапурро асос мегузорад, чунин аст: “Инсонҳоро арзёбӣ намуда, бо интихоби беҳтаринҳо рушди устуворро таъмин намо”. Ин принсип ба як механизми стратегии ин кишвар табдил ёфтааст, ки тавассути он таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси коргарон ва донишҷӯён ҳамчун самти асосии сармоягузорӣ дар рушди захираҳои инсонӣ мавриди амал қарор мегирад. Ин равиш имконият медиҳад, ки захираҳои инсонӣ ба самаранокӣ сафарбар шаванд ва кишвар дар шароити маҳдудияти табиӣ ба рушди босуръат ноил гардад.

Д.Е. Виляминовна дар таҳқиқоти худ рушди системаи маориф дар Сингапурро чунин маънидод кардааст: “Системаи маорифи Сингапур, бо эътирофи он, ки на ҳамаи кӯдакон истеъдод ва тавонмандиҳои якхела доранд, яке аз ҳадафҳои худ омодасозии элитаи зеҳнӣ ва тиҷоратиро гузоштааст, ки дар оянда метавонанд ба сафи пешвоёни кишвар шомил шаванд. Дар моҳи августи соли 1966 идеали системаи маорифи ҷумҳурӣ чунин тасвир ёфт: “тарбияи хонандагони боқувват, устувор, дорои интизоми амиқи фикрӣ, матонат, хоксорӣ ва эҳтирому муҳаббат ба одамон” [2].

Ҳукумати Сингапур, ки дар соли 1965 аз зери ҳукмронии Британиё истиқлолият ба даст оварда буд, ҳадафи ташкили низоми пешрафтаи маорифро бо чунин сохтор гузошт: роҳбарияти пуртаҷриба, мансабдорони самаранок, ҷамъияти боинтизом ва шаҳрвандони масъулиятшинос. Дар он даврa, мактабҳо, тибқи санадҳои меъёрии Вазорати маорифи Сингапур, бояд хусусиятҳои фарқкунанда дошта, рӯҳияи ҳамбастагӣ ва ҳувияти худро нигоҳ медоштанд. Дар ин мактабҳо омӯзгор, то вақте ки кори худро пурмаҳсул эҳсос накунад, вазифаи худро пурра иҷро карда наметавонист. Ба омодагии ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ низ аҳаммияти бузург дода мешуд.

Аз ҷумлаи афзалиятҳои соҳаи маорифи Сингапур метавон зикр кард: зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии донишҷӯён, таълими малакаҳои зарурӣ барои ҷомеа ва муайян кардани соҳаҳои калидии иқтисодӣ, ки дар оянда нақши муҳим хоҳанд бозид.

Дар муқоиса бо аксарияти кишварҳои ҷаҳони сеюм, ки соҳаи маорифро аз мустамликадорони собиқ мерос гирифта ва онро бе ягон тағйир дар тӯли 5-10 сол идома медоданд, Сингапур ба ин равиш танқидӣ назар кард.

Мисоли равшан ин аст, ки кишварҳое чун Ҳиндустон ва Покистон муҳандисони зиёдеро омода мекарданд, ки иқтисодиёташон қудрати ҳамаи онҳоеро, ки донишгоҳҳоро хатм мекарданд, надошт. Дар натиҷа, ин равиш боиси бекории зиёд шуд. Аммо ҳукумати Сингапур ба ин масъала боақлона муносибат карда, вазъиятро дақиқ таҳлил намуда, дар асоси имкониятҳо стратегияи пешрафтро таҳия кард.

Бо дарназардошти ноустувории бозор, дар таълими хонандагон таваҷҷуҳ ба фанҳои асосӣ дода мешуд, дар ҳоле ки ихтисосҳои мушаххас ба марҳилаи баъдӣ гузошта мешуданд. Чунончи, таърих нишон дод, ин равиш дар тули чил сол натиҷаи мусбӣ дод ва то ҳол қобили амал боқӣ мондааст" [2].

Аз андешаи муаллиф бармеояд, ки соҳаи маорифи Сингапур ҳамчун як намунаи муваффақи рушди маориф дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ чунин баррасӣ шудааст:

1. Эътирофи гуногунии истеъдодҳо. Сингапур бо дарки он ки ҳамаи кӯдакон истеъдодҳои якхела надоранд, системаи маорифро тавре тарҳрезӣ кардааст, ки барои омода кардани кадрҳои боистеъдод дар соҳаҳои гуногун мусоидат кунад. Ин равиш ба тарбияи элитаҳои зеҳнӣ ва тиҷоратӣ равона шудааст, ки нақши пешвоёни ояндаро ба дӯш гиранд;

2. Мақсади стратегии маориф. Сингапур пас аз истиқлолият (соли 1965) ҳадаф дошт, ки системаи маорифашро аз рӯйи талаботи иқтисодӣ ва ҷомеа мутобиқ созад. Ҳадафи аслӣ тарбияи шахсиятҳое буд, ки на танҳо соҳиби донишу малака, балки интизомнок, масъулиятшинос ва дорои хислатҳои баланди ахлоқӣ бошанд;

3. Муҳиммияти таҳлили вазъ ва банақшагирии дуруст. Бар хилофи бисёре аз кишварҳои ҷаҳони сеюм, ки системаи маорифи мустамликадорони собиқро бидуни тағйир нигоҳ медоштанд, Сингапур вазъияти худро таҳлил намуда, стратегияи хос таҳия кард. Онҳо муайян карданд, ки на танҳо омодасозии кадрҳо, балки мувофиқсозии соҳаҳои омӯзиш бо ниёзҳои бозори меҳнат муҳим аст;

4. Ислоҳоти дурандешона. Дар шароити ноустувории бозор, онҳо таълими фанҳои асосӣ аз қабили макро ва микро иқтисод, назарияи иқтисодӣ, идоракунии молияи давлатӣ, таҳлили иқтисодӣ ва ғайра авлавият доданд ва ихтисосҳои мушаххасро ба марҳилаи баъдӣ гузоштанд. Ин равиш имкон дод, ки дониши хонандагон мустаҳкам ва барои тағйироти иқтисодӣ омода бошанд;

5. Натиҷаи модел. Сингапур бо татбиқи ин низом тавонист дар тӯли даҳсолаҳо на танҳо иқтисоди худро рушд диҳад, балки ба як маркази пешрафтаи ҷаҳонӣ табдил ёбад. Ин модел нишон медиҳад, ки бо таҳлил ва банақшагирии дуруст метавон мушкилоти соҳаи маорифро ҳал кард ва онро ба воситаи муҳимми рушди ҷомеа табдил дод.

Муҳаққиқ А. Абдрахманов дар яке аз таҳқиқотҳои худ суол гузоштааст, ки чаро системаи маорифи Сингапур яке аз беҳтаринҳо дар ҷаҳон аст? Ба ин савол мушахассан чунин навиштааст: "Системаи маорифи Сингапур, ки солҳои тӯлонӣ аз ҷониби Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) яке аз пешсафтарин дар ҷаҳон эътироф шудааст, таҳти назорати қатъии Вазорати маорифи кишвар қарор дорад. Вазорат идораи мактабҳои давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба уҳда дошта, дар баробари ин, ба муассисаҳои таълимии хусусӣ низ машварат ва назоратро таъмин менамояд. Дар ин раванд, мактабҳои давлатӣ ва хусусӣ аз ҷиҳати мустақилияти таҳияи барномаҳои таълимӣ, сатҳи маблағгузорӣ ва сиёсатҳои қабули хонандагон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҳукумати Сингапур ҳар сол тақрибан 20%-и буҷети давлатиро барои дастгирии системаи маориф равона мекунад. Ин маблағ барои субсидия кардани таҳсилоти мактабҳои давлатӣ ва ҳатто баъзе муассисаҳои хусусӣ ҷудо мешавад, то шаҳрвандони кишвар аз имкониятҳои таълимии босифат баҳра баранд. Дар ҳамин ҳол, шаҳрвандони хориҷӣ барои фаро гирифтани фарзандони худ ба таҳсил дар мактабҳои давлатии Сингапур бояд маблағҳои зиёдеро пардохт кунанд" [1].

Воқеан, системаи маорифи Сингапур намунаи равшани сармоягузории стратегӣ дар захираҳои инсонӣ мебошад, ки боиси рушди устувор ва рақобатпазирии ҷаҳонии кишвар шудааст. Ҷудо кардани 20%-и буҷети давлатӣ ба саҳои маориф нишон медиҳад, ки ҳукумат маорифро ҳамчун сармояи асосӣ барои рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳаёти шаҳрвандон арзёбӣ мекунад.

Бо сабаби он ки мактабҳои давлатӣ барои шаҳрвандони Сингапур субсидия мешаванд, таҳсил дар онҳо дастрастар ва ба таври назаррас дастгирии иҷтимоии давлатро инъикос мекунад. Аз тарафи дигар, ҷалби хароҷоти зиёд аз шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсили фарзандонашон дар ин муассисаҳо ҳамчун манбаи даромад барои ҳукумат хизмат мекунад. Ин равиш на танҳо ба кам кардани вобастагӣ аз захираҳои буҷетӣ мусоидат мекунад, балки ба рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ низ имконият фароҳам меорад, ки дар онҳо хориҷиён метавонанд фарзандонашонро ба таҳсил фаро гиранд.

Дар маҷмуъ, чунин ҷанбаҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки системаи маорифи Сингапур бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, тақсимоти одилонаи захираҳо ва рушди захираҳои инсонӣ, як модели устувор ва самаранокро ташаккул додааст. Ин равиш ба Сингапур имконият додааст, ки на танҳо сатҳи баланди таълим, балки як иқтисоди рақобатпазири ҷаҳониро низ нигоҳ дорад.

Ҳамчунин, кишаври Ҷопон, ки имрӯз дар қатори иқтисодиёти пешрафтаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад, бешубҳа бо сатҳи баланди маълумотнокии аҳолии он алоқаманд аст. Ҷомеаи ҷопонӣ ҳамеша ба таҳсил ва рушди илмӣ-техникӣ аҳаммияти аввалиндараҷа додааст, ки ин ба ташаккули захираҳои инсонӣ ва пешрафти иқтисодӣ мусоидат намудааст. Тааҷҷубовар нест, ки Ҷопонро "давлати бузурги соҳибмаълумот" меноманд, зеро он барои таълими босифат, навоварӣ ва татбиқи технологияҳои муосир заминаҳои устувор фароҳам овардааст.

Муҳаққиқ М. Седа дар таҳқиқоти худ вобаста ба механизми дастгирии давлатии рушди соҳаи маориф чунин андеша дорад: "Воқеан, ин кишвар ҳамеша ба маориф аҳаммияти хоса медод. Хоҳиши ба даст овардани мақоми баландтар хусусияти тафаккури Ҷопон аст. Дар давоми тамоми таърихи мамлакат, маориф арзиши ҷудо-

ҷудо ва устувор дошт, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва ҷузъи асосии “муъчизаи японӣ” буд. Имрӯз, дар шароити дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳукумат вазифаҳои нави калоне барояш таъин мекунад. Дар давраи технологияи иттилоотӣ, нармсозӣ ва бизнеси венчурӣ, дигар на танҳо мутахассисони асилфикр, балки кадрҳои баландпояи махсус бо маълумоти амиқ лозим мебошанд. Вазифаи тайёр кардани чунин мутахассисон дар рафти ислоҳоти ҳозираи маориф ҳал мешавад. Бо диққат ба ислоҳот, ки ҳоло дар ҳоли амалӣ шудан аст, ки ба баромадан аз таназзули тӯлони соли 90-ум алоқаманд аст, аҳаммияти бештар дода мешавад” [8].

Дар таърихи Ҷопон, соҳаи маориф ҳамеша ҳамчун як самти афзалиятнок ва муҳим маҳсуб мешуд, ки ба рушди кишвар ва табдили он ба як қудрати иқтисодӣ ва технологӣ мусоидат кардааст. Ислоҳот, ки дар солҳои 90-ум ба вуҷуд омад, алоқаманд бо хориҷ шудан аз давраи таназзул ва гузариш ба як иқтисоди инноватсионӣ мебошад. Ба ислоҳоти ҷорӣ акнун аҳаммият бештар дода мешавад, ки вазифаи он тайёр кардани мутахассисон бо дониши комил ва қобилиятҳои таълимӣ барои таҳияи идоракунии босифат дар ҷомеаи муосир аст.

Муҳаққиқ М. Седа, ҳамчунин, овардааст, ки “самтҳои асосии ташкили таълим дар мактабро Вазорати маориф муайян мекунад. Вақтҳои охир ба таълими муттасил диққати махсус дода мешавад. Ин масъала ба афзоиши синну соли фаъол ва дарозумрии аҳолӣ ва ҳамчунин, зиёд шудани ивазшавии касб вобаста ба тағйироти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад [8].

Вазорат аз таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ назорат намуда, ин раванд ба таъсиси донишгоҳҳо ва коллеҷҳои нав, ки ба префектураҳо, мунистипалитетҳо ва муассисаҳои хусусӣ тааллуқ доранд, лозим мебошад. Ҳамчунин, вазорат ба шуъбаҳои маорифи мақомоти маҳаллӣ роҳбарӣ намуда, ба кори онҳо кӯмаки методӣ мерасонад.

Муҳаққиқ М. Седа, ҳамчунин, овардааст, ки “соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар префектураҳо ва мунисипалитетҳо маблағгузорӣ мешавад. Барои соҳаи маориф андози махсус вуҷуд надорад ва маблағ аз ҳисоби хароҷоти умумии буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дарҷ мешавад” [8].

Тибқи хулосаҳои муҳаққиқон, консепсияи таҳсилоти Ҷопон ба принсипи таъмини имкониятҳои баробари таълимӣ асос ёфта, пешбинӣ менамояд, ки ҳар як хонанда бояд имкони таҳсил дар шароити баробар, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии дорои сатҳи муносиби таҷҳизот ва таҳти роҳбарии омӯзгорони дорои тахассуси мувофиқро дошта бошад. Бо мақсади татбиқи ин принсип давлат на танҳо муассисаҳои таълимии бевосита тобеи худро, балки муассисаҳои таҳсилотии қисман ба мақомоти маҳаллӣ тааллуқдошта ва мактабҳои хусусиро низ аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ менамояд.

Аз ҳисоби буҷети марказӣ нисфи хароҷоти вобаста ба пардохти музди меҳнати омӯзгорони низоми маориф ва аз се як то нисфи маблағҳои барои нигоҳдорӣ ва таъмири биноҳои мактабӣ зарурбуда таъмин карда мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки давлат дар ташаккул ва фаъолияти низоми маорифи кишвар нақши муҳим дорад. Дар маҷмӯъ, то 8%-и маблағҳои буҷети марказӣ ба соҳаи маориф равона карда мешаванд.

Тибқи маълумоти соли 1995, зиёда аз нисфи маблағҳои буҷетии барои соҳаи маориф пешбинишуда ба таҳсилоти умумӣ ва махсус ҷудо гардидаанд. Каме бештар аз чоряки маблағҳои барои муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинишуда ба ҳисоби махсуси муассисаҳои давлатии таълимӣ гузаронида шудааст. Ҳамзамон, 5% маблағҳо барои субсидиякунонии донишгоҳҳои хусусӣ, 4,4% барои муҷаҳҳазгардонии мактабҳо ва муассисаҳои таълимии маҳаллии префектураҳо ва шаҳрҳо, 1,6% барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҳамин миқдор барои пардохти стипендияҳо равона гардидаанд. Қариб 1%-и маблағҳои мазкур барои хариди китобҳои дарсӣ сарф шудааст.

Ҳисоби махсуси муассисаҳои маорифи халқ, ки соли 1964 таъсис дода шудааст, яке аз воситаҳои ҷалби захираҳои иловагии молиявӣ ба соҳаи маориф ба шумор меравад. Дар соли 1995 зиёда аз 60%-и даромади ин ҳисоб аз ҳисоби интиқоли маблағҳо аз буҷети умумӣ ташаккул ёфта, қисми боқимондаи он аз даромадҳои худии муассисаҳои таълимӣ, пеш аз ҳама муассисаҳои давлатии таҳсилоти олӣ, таъмин гардидааст.

Маблағҳои ҳисоби мазкур ба якчанд самти асосӣ равона карда шудаанд. Аз ҷумла, 55%-и онҳо барои пардохти музди меҳнати кормандон, 17% барои ташкил ва таъмини раванди таълим ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, 12% барои нигоҳдории беморхонаҳо ва 10% барои такмили заминаи моддию техникӣ, таҷҳизот ва нигоҳдории биноҳо истифода шудаанд.

Маблағгузории муассисаҳои таълимии хусусӣ, ки қисми зиёди онҳоро донишгоҳҳо ташкил медиҳанд, асосан аз ҳисоби пардохтҳои таҳсил ва субсидияҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Мутобиқи Қонун дар бораи кӯмак ба мактабҳои хусусӣ, давлат фаъолияти чунин муассисаҳоро тавассути ҷудо намудани субсидияҳо дастгирӣ менамояд. Маблағҳои мазкур бештар барои муҷаҳҳазгардонии кабинетҳои таълимӣ ва анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ истифода мешаванд. Илова бар ин, тавассути Фонди хусусии рушди маорифи Ҷопон ба муассисаҳои дахлдор қарзҳои дарозмуддат бо фоизи паст пешниҳод карда мешаванд.

Дар баробари дастгирии молиявии давлат, хароҷоти таҳсил барои донишҷӯён, махсусан донишҷӯёни коллеҷҳо, нисбатан баланд боқӣ мемонад. Донишҷӯёни донишгоҳҳои давлатӣ ва мунитсипалӣ ҳар сол аз 1 то 2 миллион йен, ки мутаносибан тақрибан ба 10-20 ҳазор доллари ИМА баробар арзёбӣ шудааст, пардохт менамоянд. Дар муассисаҳои хусусӣ бошад, ҳаҷми пардохти таҳсил тақрибан аз се як ҳисса бештар мебошад. Дар натиҷа, зиёда аз 80%-и донишҷӯён маҷбур мешаванд дар баробари таҳсил бо шуғли нопурра машғул гарданд ва 60–70%-и онҳо фаъолияти меҳнатии мунтазам доранд.

Ҳамзамон, зиёда аз нисфи донишҷӯён ба дастгирии стипендиявӣ эҳтиёҷ доранд. Бо вуҷуди ин, чунин дастгириро танҳо 44,4%-и донишҷӯёни донишгоҳҳо ва 10%-и донишҷӯёни коллеҷҳо дастрас менамоянд. Дар зинаҳои таҳсилоти баъдидипломӣ нишондиҳандаи истифода аз стипендия нисбатан баланд буда, барои аспирантҳо 45% ва барои докторантҳо 63%-ро ташкил медиҳад. Маблағгузории қисми асосии чунин стипендияҳо тавассути Фонди стипендияи Ҷопон амалӣ карда мешавад [8].

Метавон таҷрибаи механизми дастгирии давлатии рушди соҳаи маориф дар Ҷопонро чунин натиҷагирӣ намуд, ки давлат бо назорати Вазорати маориф ва маблағгузории асосӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ташкил мешавад. Ба муассисаҳои таълимии хусусӣ ва қисман дар тобеи ҳукуматҳо низ кӯмакҳои молӣ дода мешавад. Маблағҳо барои музди меҳнат, таъмири мактабҳо, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълим сарф мешаванд.

Сиёсати маорифи Россия бошад, вазифаи аввалиндараҷаро дар марҳалаи ҳозира, ноил шудан ба сифати муосири таълим, мутобиқати он ба талаботи имрӯза ва ояндаи шахсият, ҷомеа ва давлат медонад. Гурӯҳи кории Президиуми Совети давлатии РФГ оид ба ислоҳоти маориф "Сиёсати маорифи Россия дар марҳалаи ҳозира" изҳор медорад, ки "дар баробари афзудани таъсири "сармояи инсонӣ" мавқеи он мунтазам меафзояд. Системаи маорифи Россия қодир аст, ки бо системаи маорифи кишварҳои пешрафта рақобат кунад. Аммо то он даме, ки сиёсати миллии маориф, ки аз пуштибонии васеи мардум бархурдор аст, ташаккул наёбад, агар давлат масъулият ва нақши фаъоли худро дар ин самт барқарор накунад, модернизатсияи амиқ ва ҳамаҷонибаи маорифро бо роҳи ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ амалӣ накунад, афзалиятҳои онро зуд аз даст додан мумкин аст" [2].

Сиёсати маорифи Россия ҳамчун омили муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мешавад, зеро он бо афзоиши сармояи инсонӣ иртиботи зич дорад. Мафҳуми "сармояи инсонӣ" дар иқтисодиёт ба сатҳи дониш, малака ва қобилияти меҳнатии шаҳрвандон дахл дошта, ба рушди иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонад. Бидуни таъмини молиявӣ ва пуштибонии давлатӣ, рушди соҳаи маориф бо мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ин маънои онро дорад, ки маориф ҳамчун сармоягузории давлатӣ арзёбӣ шуда, ба баланд шудани маҳсулнокии меҳнат, инноватсия ва рақобатпазирии иқтисодӣ мусоидат мекунад. Агар, маориф ба талаботи иқтисодиёт ҷавобгӯ набошад, паст шудани сатҳи дониш, бекорӣ дар миёни ҷавонон ва ноустувории бозори меҳнат метавонад ба миён ояд.


Системаи маорифи Россия бо кишварҳои пешрафта рақобатпазир аст. Аммо рақобатпазирии воқеӣ танҳо дар ҳолате нигоҳ дошта мешавад, ки давлат сиёсати фаъолона пеш гирад ва маблағгузории кофӣ таъмин карда шавад. Дар акси ҳол, афзалиятҳо метавонанд аз даст раванд, ки ин ба коҳиши иқтидори зеҳнӣ ва ақибмондагии иқтисодӣ оварда мерасонад. Аз лиҳози иқтисодӣ, таъмини маблағгузории кофӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва муҳайё кардани инфрасохтори пешрафта барои таълим шартҳои муҳимми рушди капитализатсияи иқтисодӣ мебошанд. Агар маблағгузории давлатӣ нокифоя бошад, соҳаи маориф метавонад хусусӣ шавад, ки дар натиҷа дастрасӣ ба таҳсилоти босифат маҳдуд ва нобаробарии иҷтимоӣ бештар мегардад.

Сармоягузорӣ ба маориф яке аз роҳҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Раванди модернизатсияи маориф бояд ҳам бо таъмини сарватҳои зеҳнӣ, ҳам бо рушди инфрасохтори таълим ва ҳам бо ташаккули муҳити рақобатпазир ҳамоҳанг бошад. Агар давлат масъулияти худро пурра иҷро накунад, рақобатпазирии соҳаи маориф ва иқтисоди миллӣ метавонад коҳиш ёбад.

С. Кравтсов нақшаи маблағгузории соҳаи маорифро дар Думаи давлатӣ дар лоиҳаи буҷети федералӣ барои солҳои 2024-2026 муаррифӣ карда мегӯяд, ки "Лоиҳаи қонуни федералӣ барои татбиқи барномаи давлатии "Рушди маориф" дар соли 2024 575,2 миллиард рубл ҷудо карда шудааст. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои лоиҳаи буҷети федералии ин барномаи давлатӣ нисбат ба Қонуни феълии федералӣ дар бораи буҷети федералӣ барои солҳои 2023-2025 дар соли 2024 19,9 миллиард рубл, дар соли 2025 21,7 миллиард рубл ва дар 2026 - 14,6 миллиард рубл зиёд шудааст. Вазири маориф афзуд, ҳаҷми маблағ барои татбиқи лоиҳаи миллии "Маориф" дар соли 2024 кам нашудааст ва ба параметрҳои қаблан қабулшуда мувофиқат мекунад. Дар солҳои 2025 ва 2026 он мутаносибан 2,7 ва 2,3 миллиард рубл афзуд".

Андешаи С. Кравтсовро таҳлил карда бароем, метавон гуфт, ки механизми дастгирии соҳаи маориф дар Россия дар асоси лоиҳаи буҷети федералӣ барои солҳои 2024-2026 нишон медиҳад, ки ҳукумат афзоиши хароҷотро барои ин соҳа нигоҳ медорад, аммо бо суръати гуногун.

Диаграммаи 1. Маблағгузорӣ ба барномаҳои давлатии "Рушди маориф"-и Федератсияи Россия барои солҳои 2024-2026 (миллиард рубл)



Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [9].

Ҳарчанд маблағгузорӣ меафзояд, суръати афзоиш дар соли 2026 коҳиш меёбад, ки метавонад нишон диҳад, ки ҳукумат мехоҳад хароҷоти буҷетиро босубот нигоҳ дорад. Лоиҳаи миллии "Маориф" маблағгузории худро нигоҳ медорад ва ҳатто дар солҳои 2025-2026 зиёд мешавад, ки барои устувории соҳаи маориф муҳим аст. Агар

сатҳи таваррум (инфлятсия) назаррас бошад, афзоиши маблағгузорӣ шояд камбудиҳоро пурра ҷуброн накунад, ки метавонад ба сифати хизматрасониҳои маориф таъсир расонад.

Барои он ки маблағгузории изофӣ натиҷаи мусбат диҳад, ҳукумат бояд онро ба самтҳои афзалиятнок, мисли беҳбуди шароити таҳсил, маоши омӯзгорон ва рушди технологияҳои таълимӣ равона созад. Дар маҷмуъ, стратегияи маблағгузории маориф дар Россия нишон медиҳад, ки ҳукумат ба рушди соҳа аҳаммият медиҳад, аммо тамоюли афзоиши маблағгузорӣ дар оянда метавонанд маҳдудтар шавад.

Таҷрибаи рушди давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нишон медиҳад, ки иттилоотонии системаи маориф ва дар навбати аввал таҳсилоти олӣ яке аз шартҳои асосии рушди минбаъдаи босуръати иқтисодиёт, илм ва фарҳанг мебошад. Ин масъалаҳо барои ҳар як давлат, махсусан дар шароити ҷаҳонишавии фаъоли тамоми системаи муносибатҳои байналмилалӣ, ки хатару таҳдидҳои гуногуни беруна ба рушди иқтисодиёти миллӣ чандин маротиба зиёд шудаанд, аҳаммияти хоса доранд.

Хулоса. Паҳлуҳои механизми дастгирии давлатии рушди соҳаи маориф дар Тоҷикистонро дар параграфҳои якум ва дуюм таҳлил кардаем, вале мухтасаран дар қиёс бо кишварҳои таҳлилшуда - Сингапур, Ҷопон ва Россия андешаҳоро метавон пешниҳод намуд. Ҳар яке аз ин кишварҳо дар рушди маориф стратегияҳои хоси худро доранд, ки баъзан паҳлуи таҷрибаи онҳо барои маорифи Тоҷикистон метавонанд мусоид бошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола механизми дастгирии давлатии маорифро рушд медиҳад, вале ба назари мо, механизми мазкур ҳануз ҳам метавонад дар самтҳои муайян боз ҳам самаранoктар гардад:

– Маблағгузории маҳдуд. Ҳарчанд маблағгузории соҳа сол то сол афзоиш меёбад, вале он то ҳол ба сатҳи ниёзи воқеии соҳа ҷавобгӯ нест.

– Камбуди омӯзгорони баландихтисос. Дар муқоиса бо Сингапур, ки беҳтарин донишҷӯён омӯзгор мешаванд, дар Тоҷикистон омӯзгорон маоши паст мегиранд ва ин боиси кам шудани ҷалби кадрҳои босифат мегардад.

– Технология ва навовариҳо. Сингапур ва Ҷопон ба технологияҳои таълимӣ аҳаммияти зиёд медиҳанд, дар ҳоле ки дар Тоҷикистон ин раванд ҳанӯз заиф аст.

– Пайвасти мактаб бо бозори меҳнат. Дар Россия ва Ҷопон соҳаи маориф бо иқтисодиёт ва бозори меҳнат алоқаи қавӣ доранд, дар Тоҷикистон ин ҳамкориҳо ҳанӯз ташаккул наёфтаанд.

Бо татбиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, Тоҷикистон метавонад сатҳи маорифи худро баланд бардорад ва ба рушди устувори соҳа ноил шавад.

Адабиёт

1. Абдрахманов, А. Почему система образования в Сингапуре является одной из лучших в мире? [Текст] / А. Абдрахманов. URL: https://standard.kz/ru/post/pocemu-sistema-obrazovaniya-v-singapure-yavlyaetsya-odnoi-iz-lucsix-v-mire (дата совещание: 16.01.2025)

2. Держицкая, Е.В. Развитие системы образования Сингапура. Развитие системы образования Сингапура / Держицкая Е.В. [Текст]: Дис... канд. пед. наук.: 13.00.01. – Москва, 2004 156 с. РГБ ОД, 61:05-13/162. URL: http://www.dslib.net/obw-pedagogika/razvitie-sistemy-obrazovanija-singapura.html (дата совершение: 16.01.25)

3. Доклад рабочей группы президиума Государственного совета Российской Федерации по вопросам реформы образования “Образовательная политика России на современном этапе” http://www.kremlin.ru/events/president/transcripts/21905 (дата совершение: 16.02.2025).

4. Кравцов, С. Сергей Кравцов представил в Госдуме плановое финансирование системы образования в проекте федерального бюджета на 2024-2026 годы / С. Кравцов [Текст]. URL: https://edu.gov.ru/press/7699/sergey-kravcov-predstavil-v-gosdume-planovoe-finansirovanie-sistemy-obrazovaniya-v-proekte-federalnogo-byudzheta-na-2024-2026-gody/ (дата совершение: 19.02.2025)

5. Қаландарова, Г.С. Ташаккул ва идоракунии лоиҳаҳои самроягузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] / Г.С. Қаландарова // Дисс... ном.илм.иқтисодӣ. – Душанбе, 2019. – 185 с.

6. Рустамова, Х.Р. Нақши маориф дар низоми иқтисодиёт [Матн] / Х.Р. Рустамова // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023.–№3. – С. 200.

7. Савзиханова, С.Э. Зарубежный опыт развития сферы образовательных услуг [Текст]: URL: https://1economic.ru/lib/5044 (дата ращение: 15.01.2025)

8. Седа Маркарьянц. Япония: государственная политика в области образования. [Текст]: URL: https://vasilievaa.narod.ru/15_2_98.htm (дата совершение: 16.01.2025)

9. Сергей Кравцов. Сергей Кравцов представил в Госдуме плановое финансирование системы образования в проекте федерального бюджета на 2024–2026 годы [Текст]. URL: https://edu.gov.ru/press/7699/sergey-kravcov-predstavil-v-gosdume-planovoe-finansirovanie-sistemy-obrazovaniya-v-proekte-federalnogo-byudzheta-na-2024-2026-gody/ (дата совершение: 19.02.2025)

10. Султонов, А.Н. Нақши маблағгузориҳои буҷетӣ дар таъмини рушди соҳаи маориф ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт [Матн] / А.Н. Султонова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – 1(26) . – С. 79-82. – С. 81.

УДК 336.225.673 (575.3)

ИСЛОҲОТИ БУҶЕТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ГУЗАРИШ БА БУҶЕТИКУНОНИИ БАРНОМАВӢ

Раҳматов Сияршоҳ Маҳмадшоевич
ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Тел.:+992 918-66-33-02. *E-mail: s.rahmatov@mail.ru*

Дар мақолаи мазкур ислоҳоти буҷетӣ дар Тоҷикистон дар доираи Барномаҳои миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2021-2023 ва 2024-2026 мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, натиҷаҳои бадастомада дар самти идоракунии молияи давлатӣ, хусусан дар бахши буҷетикунонии барномавӣ дар давраи солҳои 2021-2025 мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор дода шуда аст. Мақола ба таҳлили раванди ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: ислоҳоти буҷетӣ, буҷетикунонии барномавӣ, Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ, идоракунии молияи давлатӣ, низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, самаранокии хароҷоти давлатӣ.

БЮДЖЕТНАЯ РЕФОРМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ПЕРЕХОД НА ПРОГРАММНОЕ БЮДЖЕТИРОВАНИЕ

Рахматов Сияршох Махмадшоевич
ассистент кафедры бухгалтерского учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад 48/5. Тел.: (+992) 918-66-33-02. E-mail: s.rahmatov@mail.ru.

В данной статье анализируется бюджетная реформа в Таджикистане в рамках принятых среднесрочных программ действий по реализации стратегии управления государственными финансами Республики Таджикистан на период до 2030 года в периоды 2021-2023 и 2024-2026 годы. Акцентируется внимание на результатах, достигнутых в области управления бюджетными расходами, особенно в сфере программного бюджетирования в период 2021-2025 годов.

Ключевые слова: бюджетная реформа, программное бюджетирование, Таджикистан, нефинансовые показатели, управление государственными финансами, информационная система управления государственными финансами, главные распорядители бюджетных средств, эффективность государственных расходов.

BUDGET REFORM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: TRANSITION TO PROGRAM-BASED BUDGETING

Rakhmatov Siyarshokh Makhmadshoevich
assistant Professor, Department of Accounting and Auditing, International University of Tourism and Entrepreneurship. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad ave. Тел.: (+992) 918-66-33-02. E-mail: s.rahmatov@mail.ru

This article analyzes budget reform in Tajikistan within the framework of the adopted medium-term action programs for the implementation of the Public Finance Management Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 in the periods 2021-2023 and 2024-2026. The article focuses on the results achieved in budget expenditure management, particularly in the area of program budgeting in the period 2021-2025.

Keywords: budget reform, program budgeting, Tajikistan, non-financial indicators, public finance management, public finance management information system, principal administrators of budget funds, efficiency of public spending.

Муқаддима. Таи солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти буҷетӣ нисбати гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда истодааст. Мақсади асосии буҷетикунонии барномавӣ баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти тақсимот ва истифодаи захираҳои буҷетӣ тавассути рабти хароҷот бо натиҷаҳои аниқ ва ченшаванда мебошад.

Дар замони муосир, ҳангоми рӯ овардани Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодию ичтимоиёти мамлакат талаботи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба захираҳои молиявии давлатӣ меафзояд. Вобаста ба ин таъмини натиҷаноку самараноки хароҷоти буҷети давлатӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин замина тибқи тағрибаи ҷаҳонӣ буҷетикунонии барномавӣ метавонад ҳамчун механизми пайваст кардани маблағҳои буҷетӣ бо натиҷаҳои ниҳоӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ баромад кунад.

Вобаста ба ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи амалигардонии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ тадбирҳо андешида истодааст.

Методология. Барои амалигардонии ислоҳоти буҷетӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро қабул намуд. Дар

баробари ин, то ба имрӯз барномаҳои миёнамуҳлати амаликунии ин Стратегия барои даврaҳои солҳои 2021-2023 ва даврaи солҳои 2024-2026 қабул шудаанд.

Дар Стратегия ва барномаҳои миёнамуҳлати қабулшуда дар 3 марҳила (2021-2023; 2024-2026; 2027-2030) амалигардонии чорабиниҳо барои равнақ додани идоракунии молияи давлатӣ, аз он ҷумла дар самти буҷетикунонии барномавӣ дар назар дошта шудааст. Ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ ҳамчун воситаи асосии пайваст кардани маблағҳои буҷетӣ бо натиҷаҳои ниҳоӣ ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ дар ин Стратегия қайд гардида аст.

Яке аз самтҳои асосии ислоҳот дар доираи Страгеияи ИМД барои даврaи то соли 2030 тадбирҳо дар самти банақшагирии хароҷоти давлатӣ мебошад.

Натиҷаҳо. Дар доираи ислоҳоти самти банақшагирии хароҷоти давлатӣ тадбирҳо дар самти буҷетикунонии барномавӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ҷадвали 1 нақшаи амалигардонии тадбирҳо дар самти буҷетикунонии барномавӣ ва амалишавии он дар солҳои 2021-2026 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. - Тадбирҳо дар самти буҷетикунонии барномавӣ

№	Номгӯи чорабиниҳо	Муҳлати иҷро	Ҳолати иҷроиш
1.	Таҳияи таснифоти барномавӣ барои тамоми соҳаҳои буҷетӣ (ё соҳаҳои пилотӣ)	2021-2022	Иҷро шуд
2.	Тасдиқ намудани таснифоти барномавӣ (барои тамоми соҳаҳои буҷетӣ ё соҳаҳои пилотӣ) ва амалисозии он дар ҷараёни таҳияи буҷети давлатӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	2021-2022	Иҷро шуд
3.	Баргузор намудани машғулиятҳои доимӣ барои кормандони масъули тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ оид ба таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои стратегӣ бо мақсади амалисозии буҷетикунонии барномавӣ дар соҳаи давлатӣ	2021-2023	Қисман иҷро шуд
4.	Таҳияи нақшаҳо (ё стратегияҳо) ва барномаҳои стратегӣ аз ҷониби тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо бо дархостҳои буҷетӣ дар доираи раванди ташаккули буҷети давлатӣ	2023	Иҷро шуд
5.	Марҳила ба марҳила таҳия ва тасдиқи гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва соҳаҳо дар сатҳи буҷети ҷумҳуриявӣ	2024-2026	Дар раванди иҷро қарор дорад
6.	Таҳия ва тасдиқи харитаи роҳ (ё нақшаи чорабиниҳо) оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (яъне буҷетҳои маҳаллӣ)	2026	Дар раванди иҷро қарор дорад
7.	Таҳия ва тасдиқи методология ва дастурҳо оид ба: - муайян кардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявии буҷетикунонии барномавӣ барои ТАМБ/соҳаҳои таҳрибавӣ; - мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисобот	2024-2026	Дар раванди иҷро қарор дорад
8.	Ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ.	2024-2026	Дар раванди иҷро қарор дорад

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [2, с. 21; 3, с.15]

Қайд кардан лозим аст, ки ҳануз дар солҳои 2018-2020 таснифоти барномавӣ ба таври пилотӣ дар 6 соҳа – маориф,тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, энергетика, кишоварзӣ, ба роҳ монда шуда буд.

Мутобиқи фармоиши Вазорати молияи Тоҷикистон аз 23 майи соли 2022, №83 “Дар бораи буҷетикунонии барномавӣ” барои тамоми 14 соҳаҳои буҷети давлатӣ таснифоти буҷетии барномавӣ дар таҳрири нав тасдиқ карда шуд, ки ҳамаи соҳаҳо ва тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии сатҳи буҷети ҷумҳуриявиро дар бар мегирад. Тибқи ин фармоиш шуруъ аз таҳия ва қабули қонуни буҷети давлатӣ барои соли 2023 тақсимоти муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ на танҳо аз рӯи соҳаҳо,балки аз рӯи гуруҳбандии барномавӣ низ анҷом дода шуд.

Кормандони масъули Вазорати молия ва воҳидҳои сохтории он оид ба татбиқи буҷетикунонии барномавӣ ва ташаккули нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯи гуруҳбандии барномавӣ ба вазорату идораҳои пешбаранда ёрии доимии машваратӣ ва чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд.

Мутобиқи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №102-ф ва дастурамалҳои дахлдори таҳияи буҷет барои марҳилаҳои 1 ва 2-и раванди буҷетӣ ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ нақшаҳои стратегии буҷети худ, инчунин дархостҳои буҷетиро бо тақсимот аз рӯи барномаҳо тибқи гуруҳбандии барномавӣ таҳия мекунанд [5, с. 21].

Бо мақсади ҷоннок намудани раванди банақшагирии буҷети давлатӣ аз рӯи гурӯҳбандии нави барномавӣ барои 5 вазорати соҳавӣ, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг ва варзиш, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кишоварзӣ аз рӯйи 15 барнома бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, №604 нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ муайян гардидаанд.

Ҷиҳати танзими раванди банақшагирии буҷети давлатӣ соли 2024 ба "Дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2027" шаклҳои нави пешниҳоди дархостҳои буҷетӣ аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ ворид карда шуд [6, с. 20].

Шаклҳои нави иловашуда фарогири нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявии ҳар як барномаи буҷетӣ ва зербарномаи он буда, тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ вазифадор карда шудаанд, ки дархостҳои худро мутобиқи шаклҳои тасдиқгардида пешниҳод намуда, нишондиҳандаҳои ғайримолиявиро аз рӯи зербарномаҳо пешкаш намоянд.

Гурӯҳбандии барномавии буҷетӣ пурра дар Низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ворид карда шуда, аз рӯи он дастрас намудани маълумот дар сохтори тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои молиявӣ имконпазир аст.

Бо мақсади ҳамгироии гурӯҳбандии барномавӣ ва барномаҳои буҷетӣ (нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ) дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ Вазорати молияи Тоҷикистон дар соли 2025 модули нав омода карда аст ва ҷиҳати истифодаи он дар амалия корбарӣ идома дорад [7, с. 25]. Модули мазкур ҳамчун унсури калидии давраи пурраи банақшагирии барномавӣ пешбинӣ шуда, ба идоракунӣ, банақшагирӣ ва мониторинги нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ (нишондиҳандаҳои асосии фаъолият), инчунин ҳамоҳангсозии онҳо бо ҳадафҳои стратегӣ равона гардидааст.

Имкониятҳои техникии модул иборатанд аз:

- ташкили феҳристи барномаҳо ва зербарномаҳо бо нишондиҳандаҳои дахлдор;
- банақшагирӣ дар доираи Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ;
- мониторинг ва арзёбии самаранокӣ тавассути ҷамъоварии маълумоти воқеӣ.

Баҳодиҳии самаранокии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ки солҳои 2017 ва 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи коршиносони байналмилалӣ дар доираи ҳамкории Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Швейтсария гузаронида шуда буд муайян кард, ки аз рӯи нишондиҳандаҳое, ки ба буҷетикунонии барномавӣ дахл доранд Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳои қаноатбахш гирифта, ҳолат дар соли 2022 нисбати соли 2017 тағйир наёфтааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвали 2 бармеояд ба ғайр аз рамзи PI-8.3, ки аз C ба D поён рафтааст, дигар нишондиҳандаҳои овардашуда бетағйир монда, рӯ ба беҳбудӣ наовардаанд. Ҳолати ҷойдошта нишон медиҳад, ки дар самти баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ дар ин давраи арзёбигардида тадбирҳои муассир андешида нашудаанд. Тағйир наёфтани сатҳҳои баҳодиҳӣ дар тӯли панҷ сол (2017-2022) ба паст будани механизмҳои банақшагирӣ, назорат ва таҳлили натиҷаҳо ишора мекунад.

Ҷадвали 2. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои самаранокии хизматрасонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳисоботи «Баҳодиҳии хароҷоти давлатӣ ва ҳисоботи молиявӣ»

Рамз	Нишондиҳандаҳо	Соли 2017	Соли 2022	Тағйирот
PI-8	Маълумот дар бораи самаранокии хизматрасонӣ	D	D	бетағйир
PI-8.1	Банақшагирии хизматрасонӣ	D	D	бетағйир
PI-8.2	Самаранокии бадастомадаи хизматрасонӣ	D	D	бетағйир
PI-8.3	Захираҳое, ки муассисаҳои хизматрасонӣ мегиранд	C	D	поён рафт
PI-8.4	Баҳодиҳии самаранокии хизматрасонӣ	D	D	бетағйир

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [8, с. 21;]

Муҳокима. Таҳлили ҳисоботҳои амалишавии барномаҳои миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нишон медиҳад, ки сарфи назар аз пешравиҳо як қатор мушкилот дар самти ҷорӣ кардани буҷетикунонии барномавӣ ҷой доранд, аз он ҷумла:

- ҳанӯз дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ буҷетикунонии барномавӣ ҷорӣ карда нашудааст;
- бо вуҷуди оғози корбарии модули нав, ҳамгироии пурраи ҳамаи нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ ба анҷом нарасидааст;
- сарфи назар аз тасдиқи нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ барои 6 вазорати соҳавӣ, барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетии дигар вазорату идораҳо чунин нишондиҳандаҳо ҳанӯз таҳия нашудаанд;
- механизми мониторинги барномаҳои буҷетӣ ва шаклҳои ҳисобот то ҳол пурра анҷом наёфтааст.

Барои беҳбудӣ бахшидани раванди ҷорӣ кардани буҷетикунонии барномавӣ тавсия дода мешавад:

- ҳамгироии пурраи нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ дар низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ тавасути корбарии васеи модули нави таҳияшуда ва омӯзиши муҳосибони ташкилоту идораҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ суръат бахшида шавад;
- фарогирии буҷетикунонии барномавӣ дар сатҳи буҷетҳои маҳаллӣ низ ба роҳ монда шавад;
- методологияи муайян кардани нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ барои ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бо таваҷҷӯҳ ба нишондиҳандаҳои натиҷаи ниҳоӣ ва бевосита такмил дода шавад;

- дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдор барои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ба ҷомеа ҳисобот оид ба иҷрои нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ мунтазам нашр шавад.

Хулоса. Мушкилоти фарогирии буҷетҳои маҳаллӣ ба буҷетикунонии барномавӣ, таъхир дар ҳамгироии пурра бо низоми иттилоотӣ ва норасоии методологияи ягона ҳалли минбаъдаро талаб мекунанд.

Ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ раванди дарозмуддат аст, ки талаби сабру ҳамоҳангии зич байни Вазорати молия ва вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти маҳаллӣ ва дигар иштирокчиёни раванди буҷетиро талаб мекунад.

Адабиёт

1. Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 /Фармони Президенти ҶТ №1446 аз 31 январи 2020.

2. Қарори Ҳукумати ҶТ №112 аз 3 апрели 2021 “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2021-2023”.

3. Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026”

4. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 2022, №83 “Дар бораи буҷетикунонии барномавӣ”.

5. Ҳисобот оид ба амалишавии нақшаи миёнамуҳлати амали Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои то соли 2030 дар солҳои 2021-2023 / https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/785.

6. Ҳисобот оид ба иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026» дар соли 2024 / https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2250.

7. Ҳисобот оид ба иҷрои «Барномаи миёнамуҳлати амал оид ба амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2024-2026» дар соли 2025 / https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2583.

8. Ҳисобот оид ба арзёбии PEFA барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022. Пайванд. http://moliya.tj/ru/2-3-5-mezhdunarodnye-diagnosticheskie-oczenki/.

УДК: 330

ОМОДАГИИ ИҚТИСОДИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУАССИСАҲОИ РАВАНДИ ИҚТИСОДӢ

Саторова Шаҳло Ибрагимовна

Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идора. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 41, E-mail: тел: 904-19-77-10

Сангова Арафамо Мурчаевна

Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идора. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 41, E-mail: тел: 904-19-77-10

Дар замони муосир нисбат ба солҳои пешин масъалаи муносибати байниҳамдигарии инсон ва иқтисодиёт ба таври васеъ дуруст ба роҳ монда шудааст. Вобастагии байни онҳо мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад. Таҳқиқоти дар як қатор донишгоҳҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки кормандон асосҳои иқтисодиётро омӯхта, дар мавридҳои мушаххас донишҳои азхудкардаашонро татбиқ карда метавонанд. Эшон молҳои нуқсондор кам ва молҳои аълосифат бештар истеҳсол мекунанд, пешниҳодҳои ратсионализаторӣ менамоянд. Бештари онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил менамоянд ва дар ҳаѐти ҷамъиятӣ худро фаъол нишон дода метавонанд. Онҳо харочоти вақти кориро барои як воҳиди маҳсулот, арзиши аслии маҳсулот ва музди кори худро хубтару беҳтар ҳисоб карда метавонанд. Тарбияи иқтисодӣ, хусусиятҳои иқтисоди бозориро бо баҳисобгирии шароити муосир, давраи гузариш, муносибати иқтисодии ояндаро дар сатҳи баланд инъикос менамояд. Дар ҷараёни тайёрии гирифтани маълумоти умумӣ, ба ноил шудани малака ва маҳорати меҳнатӣ дар раванди фаъолияти амалӣ, донишҷӯён малакаи ташкили самаранокии истеҳсолот, сарфакорона истифода бурдани захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатиро соҳиб мешаванд.

Калимаҳои калидӣ тарбияи иқтисодӣ, иқтисодикунонӣ, МТОК, иқтисодиёти рақамӣ, таълим, технологияи рақамӣ

.

ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА СТУДЕНТОВ В ВУЗАХ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

Саторова Шаҳло Ибрагимовна

Технический колледж Таджикского технического университета имени академика М. Осими Старший преподаватель кафедры экономика и управления Адрес: 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Айни 41, E-mail: тел: 904-19-77-10

Сангова Арафамо Мурчаевна

Технический колледж Таджикского технического университета имени академика М. Осими Старший преподаватель кафедры экономика и управления Адрес: 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Айни 41, E-mail: тел: 904-19-77-10

В настоящее время, по сравнению с предыдущими годами, проблема взаимосвязи человека и экономики получила более широкое освещение. Взаимозависимость между ними сложна и многогранна. Исследования, проведенные в ряде вузов бывшего Советского Союза, показывают, что работники, изучившие основы экономики, способны применять полученные знания в конкретных случаях. Они производят меньше брака и больше качественной продукции, вносят рационализаторские предложения. Большинство из них обучаются в средних общеобразовательных учреждениях, колледжах и высших профессиональных учебных заведениях и могут активно участвовать в общественной жизни. Они все лучше и точнее рассчитывают затраты труда на единицу продукции, фактическую себестоимость продукции и заработную плату. Экономическое образование отражает особенности рыночной экономики, учитывает современные условия, переходный период и будущие экономические отношения на высоком уровне. В процессе подготовки к общему образованию, формирования трудовых навыков и компетенций в процессе практической деятельности учащиеся приобретают умения организовывать эффективность производства, экономно использовать материальные, финансовые и трудовые ресурсы.

Ключевые слова. экономическое образование, экономизация, МТОК, цифровая экономика, образование, цифровые технолог

PROFESSIONAL ECONOMIC TRAINING FOR STUDENTS AT ECONOMIC DEVELOPMENT UNIVERSITIES

Satorova Shahlo. Ibragimovna

Technical College of the Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, Senior Lecturer of the Department of Economics and Management, Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Ayni Street, 41, Tel: 904-19-77-10

Sangova Arafamo Murchaevna

Technical College of the Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, Senior Lecturer of the Department of Economics and Management, Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Ayni Street, 41, Tel: 904-19-77-10

Compared to previous years, the relationship between people and the economy has received more attention. The interdependence between them is complex and multifaceted. Research conducted at several universities in the former Soviet Union shows that employees who have studied the fundamentals of economics are able to apply their acquired knowledge in specific situations. They produce fewer defective products and more high-quality goods, and they make rationalization proposals. Most of them study in secondary schools, colleges, and higher vocational schools and are able to actively participate in public life. They are increasingly better and more accurate in calculating labor costs per unit of output, the actual cost of production, and wages. Economic education reflects the specifics of a market economy, taking into account current conditions, the transition period, and future high-level economic relations. In the process of preparing for general education, developing work skills and competencies in the process of practical activities, students acquire the ability to organize production efficiency and economically use material, financial and labor resources.

Keywords.ekonomicheskoye obrazovaniye, ekonomizatsiya, MTOK, tsifrovaya ekonomika, obrazovaniye, tsifrovyye tekhnologii

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонишавии бозори меҳнат, масъалаи омодагии иқтисодии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳамияти хоса пайдо намудааст. Талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони дорои донишҳои амиқи иқтисодӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти қабули қарорҳои самаранок рӯ ба афзоиш аст. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки сатҳи омодагии иқтисодии қисми зиёди донишҷӯён ба талаботи воқеии иқтисодиёт пурра мутобиқат намекунад.

Методология. Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Масъалаи омодагии иқтисодии касбии донишҷӯён дар осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар корҳои муҳаққиқон масъалаҳои ташаккули салоҳиятҳои иқтисодӣ, рушди тафаккури иқтисодӣ ва мутобиқсозии равандҳои таълим ба талаботи бозори меҳнат баррасӣ шудаанд.

Мақсади мақола. Мақсади асосии мақола аз таҳқиқ ва арзёбии сатҳи омодагии иқтисодии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои равандҳои иқтисодӣ, инчунин муайян намудани роҳҳои самараноки такмили он иборат мебошад.

Натиҷаҳо. Дар замони муосир нисбат ба солҳои пешин масъалаи муносибати байниҳамдигарии инсон ва иқтисодиёт ба таври васеъ дуруст ба роҳ монда шудааст. Вобастагии байни онҳо мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошад. Таҳқиқоти дар як қатор донишгоҳҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки кормандон асосҳои иқтисодиётро омӯхта, дар мавридҳои мушаххас донишҳои азхудкардаашонро татбиқ карда метавонанд. Эшон молҳои нуқсондор кам ва молҳои аълосифат бештар истеҳсол мекунанд, пешниҳодҳои ратсионализаторӣ менамоянд. Бештари онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил менамоянд ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ худро фаъол нишон дода метавонанд. Онҳо харочоти вақти кориро барои як воҳиди маҳсулот, арзиши аслии маҳсулот ва музди кори худро хубтару беҳтар ҳисоб карда метавонанд. Тарбияи иқтисодӣ, хусусиятҳои иқтисоди бозориро бо баҳисобгирии шароити муосир, давраи гузариш, муносибати иқтисодии ояндаро дар сатҳи баланд инъикос менамояд. Дар замони муосир ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ кормандони босаводи соҳаи иқтисодиёт, ташаббускор, баландихтисос, мутахассисони ба тағйирёбии муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ тез мутобиқшаванда заруранд.

Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба талаботи иқтисодиёти бозоргонии муосир ҷавобгӯ нестанд. Бинобар ин, як қисми хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии ҷумҳурӣ, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, ташаббускорӣ, сарфакорӣ ва сариштакориро намефаҳманд, маҳорату малакаҳои банақшагирӣ ва ба таври самаранок ташкил кардани меҳнат, таҳлил ва баҳодиҳии натиҷаи он ва вақти сарфшударо надоранд, соҳиби донишҳову тафаккури иқтисодии замони нав нестанд. Масъулияти асосӣ дар ин масъала ба зиммаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузошта шудааст. Ин нукта дар, Консепсияи мактабҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон' қайд карда шудааст: Вобаста ба иқтисоди бозоргонӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таҳсилоти миёна, новобаста аз намуди он ба хонандагон додани малакаи муносибат, сарфакорона ва бомақсад истифода бурдани захираҳои табиӣ мебошад'[1,С.142].

Бинобар ин, дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ вазифаи ба таври амалӣ хонандагонро ба муносибатҳои истеҳсолӣ ва фаъолияти иқтисодӣ сафарбар намудан, дар онҳо ташаккул додани тасаввурот оид ба шаклҳои моликиятҳои мавҷудбуда, интизоми меҳнатӣ ва истеҳсолӣ, музди меҳнат ва ғ. меистад. Ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ талаб менамояд, ки ҳар як хонанда ба ҳаёт бо донишҳои азхудкардаи иқтисодӣ ворид шавад. Системаи тарбияи иқтисодӣ бояд чунон ташкил карда шавад, ки ба таври самаранок тақсим намудани захираҳои меҳнатӣ, дар ҷавонон тарбия кунонидани хусусиятҳои роҳбарикунӣ, ба монанди сарфакорӣ, ҳисобдонӣ, боинтизомӣ, ҳисси коллективизм, талаботи иштироки амалӣ дар идоракунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ташаббускорӣ, муносибати бошууронаи эҷодӣ ба меҳнат, талабот ба андешаи шахсӣ ва ғ. таъсири муҳим расонад. Системаи тарбияи иқтисодии бакалаврҳо дар марҳилаи азнавсозии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, гузариши ҷамъият ба иқтисодиёти бозоргонӣ, мутобиқ кардани амалҳои сохторҳои давлатӣ, оила, корхонаҳои появӣ, муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронидани таҳқиқоти илмии бонизомро талаб менамояд. Баҳри баланд бардоштани иқтисодиѐти кишвар бояд ҳар як ҷавон саҳмгузор бошад.

Ҳалли ин масъалаи хеле муҳим сифати баланди амалигардонии тарбияи иқтисодии ҷавононро талаб менамояд. То ҳол дар ҷумҳурии мо бештари хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳаёт бе дониши зарурии иқтисодӣ ворид мешаванд, касбро на аз рӯйи қобилият ва имкониятҳои доштаи худ интихоб менамоянд. Оид ба шаклҳои гуногуни меҳнати ҳозиразамон маълумоти кифоя надоранд. Барои баланд бардоштани сатҳи тайёрии иқтисодии ҷавонон нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷумҳурӣ баланд бардоштан зарур мебошад. Дар давраи муосир тарбияи иқтисодии бакалаврҳо дар алоқамандии фанҳои педагогика, равоншиносӣ, сотсиология, иқтисодиёт, географияи иқтисодӣ, ҷамъиятшиносӣ ва ғ. ташаккул меёбад. Муносибати системавӣ ба идоракунии тарбияи иқтисодии бакалаврҳо имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои байнифаннии онро ба ҳисоб гирифта, ба таври мунтазам ва муташаккилона ҳалли муамморо ошкор созем.

Муҳокима. Пеш аз он ки дар бораи самаранокии кор оид ба тарбияи иқтисодӣ сухан ронем, аз рӯйи ақидаи Ш. Н. Файзуллоев зарур аст, ки тарбияи иқтисодиро пурра ҳамчун як система муоина намоем [2, С. 25]. Мушкилии пурраи системаи тарбияи иқтисодии бакалаврҳо ҳамон вақт рафъ мегардад, ки агар ҳар як компоненти сохти он дар ҳамаи система самаранок кор кунанд ва бо ҳамаи имконоташон аз идоракунии функсияҳои дар наздашон гузошташуда бароянд. Дар навбати худ, аз тақсимоти дурусти функсияҳои системаро ташкилдиҳанда натиҷаи корҳо доир ба тарбияи иқтисодӣ пурра вобаста мебошад. Аз рӯйи ақидаи муаллиф, дар ин система чор функсияи ташкилкунандаи онро ҷудо намудан мумкин аст, ки онҳо ба тарбияи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, психологӣ”педагогӣ ва синнусолию”физиологии бакалаврҳо равона карда шудаанд.

Тарбияи иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва ягонаи МТОК ба шумор меравад. Аз рӯйи ақидаи Ю. К. Василев [3, с.96], тарбияи иқтисодӣ, на дар қатори паҳлуҳои тарбия, чун тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ меистад. Дар муқоиса бо онҳо решаи мафҳуми тарбияи иқтисодӣ ҳамчун шакли мафҳум дар андозагирӣ айнан ба монанди мафҳумҳои, маълумоти иқтисодӣ‘ ва маълумоти миѐнаи умумӣ, мебарояд. Маълумот ва тарбияи иқтисодӣ барои ба ҳаёт ва меҳнат тайёр намудани хатмкунандагони ҳам МТМК ва ҳам МТОК нақши муҳимро иҷро менамояд ва яке аз шартҳои зарурии шаҳрвандӣ, меҳнатӣ ва ахлоқии он ба шумор меравад. Фаъолияти иқтисодии бакалаврҳо қисми таркибии фаъолияти таълимӣ”меҳнатӣ ва фоиданоки ҷамъиятӣ ба монанди фаъолияти иқтисодии меҳнаткаши калонсол ва фаъолияти ҷамъиятию сиёсии он алоқаманд мебошад. Аз рӯйи ақидаи Маисеев Н.М. системаи тарбияи иқтисодиро ҳамчун зерсистемаи ҷараёни пурраи тарбиявию таълимӣ муоина намудан мумкин аст, ки дар он ҳамаи вазифаҳои асосии тарбия ва маълумоти насли наврас ҳал карда мешавад‘ [4, С.17]. Мо ин нуктаи назарро ҷонибдорӣ мекунем. Тарбияи иқтисодӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар миѐнаи солҳои 60-уми асри гузашта хусусияти илмию тасдиқотиро гирифта буд. Дар адабиёти педагогӣ, корҳои диссертатсионии ҳамон солҳо ба муаммои тарбияи иқтисодии хонандагон на он қадар зиёд тавзеҳ ва равшанӣ андохта мешуд.

Дар солҳои охир вазъият каме беҳтар шуда буд, зеро дар супоришҳои ҷамъиятию иҷтимоии МТМУ ва МТОК ин муаммоҳо ва вазифаҳо зиёдтар инъикос карда мешуд. Бо вуҷуди ин ки педагогикаи касбӣ, хусусан педагогикаи маълумоти касбӣ”техникӣ дертар баъди педагогикаи мактабӣ ба рушд оғоз карда буд, хусусиятҳо, роҳҳо вавоситаҳои тарбияи иқтисодӣ дар шароити омӯзишгоҳҳои касбӣ”техникӣ нисбат ба МТМК хеле фаъолона ва бомуваффақият оғоз гардида буд. Муҳаққиқ М.Л. Малишев самтҳо, шаклҳо ва усулҳои тарбияи иқтисодии хонандагонро дар ҷараѐни маҳсулнокии меҳнат дар истеҳсолоти мактаб тадқиқ кардааст. Ӯ нишон додааст, ки самаранокии тарбияи иқтисодии хонандагон, пеш аз ҳама, аз донишҳои иқтисодӣ дар соҳаҳои банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ”иқтисодии истеҳсолоти мактабӣ ва саноатӣ; аз сафарбаркунии хонандагон ба фаъолияти иқтисодӣ дар ҷараѐни маҳсулнокии меҳнат дар истеҳсолоти меҳнатӣ вобастагӣ дорад. М.Л. Малишев аз байни масъалаҳое, ки дар таҳқиқи проблемаҳои тарбияи иқтисодии толибилмон ҳал карда нашудааст, масъалаҳои зеринро номбар менамояд: пайдарпайӣ дар тарбияи иқтисодии хонандагони гурӯҳҳои синну солашон гуногун; алоқамандии тарбияи иқтисодӣ, меҳнатӣ ва экологӣ; хусусиятҳои ташкили тайѐрии иқтисодии хонандагони шаҳрӣ ва деҳотӣ, асосҳои психологии тарбияи иқтисодии хонандагон [5, С. 16].

Хулоса. Аз гуфтаҳои дар боло қайдкардашуда, маълум мегардад, ки муаллифон нишон додаанд, ки тарбияи меҳнатии донишҷӯён дар замони муосир ҳамчун робитаи байни звенои назария ва амалия ба шумор меравад. Дар ҷараѐни тайѐрии гирифтани маълумоти умумӣ, ба ноил шудани малака ва маҳорати меҳнатӣ дар раванди фаъолияти амалӣ, донишҷӯён малакаи ташкили самаранокии истеҳсолот, сарфакорона истифода бурдани захираҳои моддӣ, молиявӣ ва меҳнатиро соҳиб мешаванд. Меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дониши худро оид ба асосҳои иқтисодиёт мустаҳкам намоянд ва қобилияти эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Дар раванди маҳсулнокии меҳнат иштирок намуда, донишҷӯѐн дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ аз мактаби муносибати ҷамъиятӣ мегузаранд, дар онҳо сифатҳои маънавӣ”ахлоқӣ чун меҳнатдӯстӣ, сарфакорӣ, эҳтиѐткорӣ, бовиҷдонӣ, ҳисси ѐрии байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ ташаккул меѐбад. Рақамикунонии иқтисодиѐт барои таъсиси модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, такон додан ба табодули амалҳои мавҷудбуда ва рушди намудҳои нави истеҳсолот, таҳкими тамоюли содиротӣ ва ҳамзамон, қонеъ гардонидани талаботи дохилӣ бо роҳи воридотивазнӣ имконият фароҳам меорад. Иқтисоди рақамӣ барои ноил гардидан ба рушди соҳаи технология дар ҷумҳурӣ нақши муҳим мебозад. Инчунин, рушди технологияҳои нави пешрафта бо суръати баланд амалӣ шуда истодааст, ки истифодаи дурусти онҳо рақобатнокии миллиро дар асри XXI муайян менамояд.[3.60]

Оид ба масъалаҳои иттилоотикунони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Ращмон чунин қайд менамоянд: Мо барои бештар кардани сатщу сифати таълим дар щамаи зинащои тащсилот бояд тамоми шароити

заруриро муҳайё карда, дар ин раванд масъулияти падару модар, аҳли ҷомеа ва омӯзгоронро боз ҳам баланд бардорем” [1.С.28] Баланд бардоштани сифати таълим аз истифодаи технологияҳои рақамӣ вобастагӣ дорад.

Аз нуктаи назари равоншиносӣ барои инкишофи диққат, хотира, тафаккур, хаёл, қобилияти таълимгардондагон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ки ин йарои амалӣ гардонидани вазифаҳои таълим низ имкон медиҳад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ барои ташаккули нутқи заттӣ, шифоҳӣ, иҷрои омилҳои риёзӣ, расмкашӣ, нақшакашӣ, мантиқӣ мусоидат менамоянд. Усулҳои мантиқии тафаккур, ба монанди анализ ва синтез дар доираи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои ташаккулёбии донишҷӯён имконияти васеъ фароҳам меорнад. Бо баҳисобгирии хусусиятҳои ба худ хоси низоми кредитии таълим тавассути технологияҳои иттилоотӣ амалӣ гаржонидани алоқамандии йайни мавзуҳо хеле муҳим мегардад. Аз ин лиҳоз, системанокӣ ва пайдарпайи чи дар байни мавзуҳо ва чи дар дохили мавзуъ раванди таълимро самаранок месозад. Мантиқан алоқаманд будани тамоми мавзуъҳо дар доираи як фанни таълимӣ дар мисоли расм, нақша, диаграмма ва таблитсаҳо, формулаҳо хеле муҳим аст. [1.С.45] Технологияи рақамӣ – равандест, ки бо истифода аз маҷмуи воситаҳо ва усулҳои коркарду интиқоли манбаъ, барои ба даст овардани иттилооти сифатан нав оид ба вазъи объект, раванд ё рғйдод пешбинӣ шудааст. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар таълими фанҳои макотиби олӣ омӯзиши методҳо ва васоити техникии дарёфт, захира, табдил, ирсол ва истифодаи иттилоот бо ёрии компбтер ва дигар воситаҳои электронии муосир аст.

Ҳамасола пешниҳод гардидани Паём аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи манфиатҳои миллии кишвар мустақилона муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ ва дурнамои рушди мамлакат, агар аз як тараф тантанаи давлатдории миллӣ ва амалӣ шудани ормонҳои таърихии мардуми шарифи Тоҷикистон бошад, аз тарафи дигар яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва рамзҳои асосии давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд мебошад. Бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат таваҷҷуҳи хоса равона карда мешавад. Масъалаи «ҳукумати электронӣ» ва «рақамикунонии иқтисодиёт» дар Паёми Пешвои миллат яке аз нуктаҳои асосиро ишғол мекунад.

Аз ҷумла, дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат санаи 28 декабри соли 2023 чунин қайд намуданд, ки «ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем». Барои рақамикунонии устувори иқтисодиёти миллӣ ва ташаккули заминаи технологии он бояд ба ислоҳоти соҳаи алоқа суръат бахшем, гузариши марҳилавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониит рақамиро дар ҳама соҳаҳо таъмин намоем, паркҳои технологӣ таъсис диҳем ва технологияҳои зеҳни сунъӣ ҷорӣ кунем“ –Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии чумҳурӣ» аз 28.12.2023 // www.president.ti (санаи мурочиат 21.02.2024).

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати до- хилӣ ва хориҷии чумҳурӣ» аз 21.12.2021// www.president.ti (санаи мурочиат 21.02.2024).

3. Стратегиям рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ЗО.сентябри 2022, №482.

4. Самадова З.А. Мавқеи Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалии об// «Об ва истифодаи он мушкилоти глобалии замони муосир». Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ- Хуҷанд: Ношир, 2018,- С.143-147.

5. Назаров А. Неругоҳҳои баркӣ обии Тоҷикистон,- Душанбе: «ЭР-граф», 2013.- 52 с.

6.Абдуманонова ФА., Абдуманонов А.А. Энергия, гидроэнергетика ва иқтисоди сабз. // Маводҳои конф. ил- мию амалии ҷумҳуриявии «Муаммоҳои физикаи муосир ва раванди саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон».- Хуҷанд, 29-30 апрели 2020.

УДК: 338

ҶАНБАҲОИ ИНСТИУТСИОНАЛИИ МОНЕТИЗАТСИЯИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ИҚТИСОДӢ

Ҷиҳонов Сунатулло Абдураҳмонович
ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14. Тел: 988717971. E-mail Sunat_200@mail.ru

Мо дар ҷомеае зиндагӣ дорем, ки дар он пул ва муносибатҳои пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт метавонанд мавқеи ҳалкунанда дошта бошанд. Аз ҳамин хотир сатҳи монеизатсияи иқтисодӣ ва сиёсати дуруссти пулию қарзӣ яке аз масъалаҳои асоие мебошад, ки ба он таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир мегардад ва онро олимону коршиносон пайваста пайгирӣ менамоянд. Вобаста ба ҳамаи ин дар мақолаи мазкур муаллиф ба як қатор масъалаҳои муҳими марбут ба сиёсати пулию қарзӣ ва сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом дода дар он ба як қатор нишондиҳандаҳои муҳим таваҷҷуҳ зохир намуда ба як қатор мушаххасот, рушди қарздиҳӣ, афзоиши пасандозҳо ва самари иқтисодии онҳо дар шароити имрӯза таҳлилҳои амиқ ва дақиқ анҷом дода шудааст. Илова бар ин дар мақолаи мазкур як қатор омилҳои таъсир расон дар сатҳи таъсирҳои мусбат ва манфӣ дар доираи монетизатсияи иҷтимоию иқтисодӣ муаян карда шудаанд

Калидвожаҳо: Монетизатсияи иқтисодӣ, рушди қарздиҳӣ, афзоиши пасандозҳо, рушди иқтисодиёт, бехатарии иқтисодӣ, сисати пулию қарзӣ, суръати миёнаи рушд, нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ, заминаҳои меъёрӣ.

ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ МОНЕТИЗАЦИИ В НОВЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

Джихонов Сунатулло Абдурахмонович
Ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, Нахимов 64/14. Тел.: 988717971. Эл. почта: Sunat_200@mail.ru

Мы живем в обществе, где деньги и денежные отношения могут играть решающую роль в экономике и обществе. Поэтому уровень экономической монетизации и разумная денежно-кредитная политика являются одними из главных вопросов, которым постоянно уделяется внимание и которые постоянно отслеживаются учеными и экспертами. В связи со всем этим в данной статье автор провел научное исследование ряда важных вопросов, связанных с денежно-кредитной политикой и уровнем экономической монетизации, уделяя внимание ряду важных показателей и проводя углубленный и точный анализ ряда специфики, развития кредитования, роста депозитов и их экономического воздействия в современных условиях. Кроме того, в статье определен ряд факторов, влияющих на уровень положительного и отрицательного воздействия в рамках социально-экономической монетизации.

Ключевые слова: экономическая монетизация, развитие кредитования, рост депозитов, экономическое развитие, экономическая безопасность, денежно-кредитная политика, средний темп роста, важные экономические показатели, нормативно-правовая база.

INSTITUTIONAL ASPECTS OF SOCIOECONOMIC MONETIZATION IN THE NEW ECONOMIC CONDITIONS

Sunatullo Abdurahmonovich Jihonov
Assistant at the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov St,. Tel.: 988717971. E-mail: Sunat_200@mail.ru


We live in a society where money and monetary relations can play a decisive role in the economy and society. Therefore, the level of economic monetization and prudent monetary policy are among the key issues that receive constant attention and are constantly monitored by scholars and experts. In this regard, in this article, the author has conducted a scientific study of several important issues related to monetary policy and the level of economic monetization, focusing on a number of key indicators and conducting an in-depth and accurate analysis of a number of specific features, lending development, deposit growth, and their economic impact in the current context. Furthermore, the article identifies a number of factors influencing the level of positive and negative impact within the framework of socioeconomic monetization.

Keywords: economic monetization, lending development, deposit growth, economic development, economic security, monetary policy, average growth rate, key economic indicators, regulatory framework.

Муқаддима. Давлат ва ҷомеаи демократӣ масъули равандҳои мушаххаси марбут ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ будар дар ҳамин замина масъалаи таъмини субот, рушдӣ, фазои мусоиди зиндагӣ ва дига ҷараёнҳои иҷтимоӣ вазифаи он мебошад. Аз Ҳамин лиҳоз метавон гуфт, ки яке аз мураккабтарай ва таъсиррасотарин раванде, ки дар сатҳи иқтисодиёт давлатро ба мувафақиятҳои он ноил мегардонад, ин иқтидори молиявию иқтисодии давлат ва самаранок пеш бурдани онҳо мебошад. Агар чанде, ки иқтисодиёт як муҳити мураккаб ва печидаи асосӣ мебошад дар таркиби он сиёсати пулию қарзӣ ва ҳамзамон сиёсати молиявӣ аз мураккабтарин ҷузъҳои он маҳсуб меёбанд. Гуфтан зарур аст, ки расидан ба роҳҳои ба рушд нигаронидашуда метавонанд ба

воситаи истифодаи сиёсати монетарӣ дар сатҳи давлат ва сохторҳои ғайридавлатӣ ё молиявию қарзӣ амалӣ карда шаванд.

Методология. Вобаста ба ин дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз қисматҳои асосие, ки бевосита ба назар аз таркиби сиёсати пулию қарзӣ дур вале дар воқеъ ба ҷараёни домими сиёсати пулию қарзӣ таъсири мерасонад ин буҷети давлатӣ ва дигар равандҳои ба ин баробар мебошад, ки бевосита ба сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Дар шароити имрӯза хароҷоти буҷети давлатро дар самти иҷтимоӣ монетизатси буҷетӣ гуфтан мумкин аст, зеро тамоми хароҷотҳои ба бахши иҷтимоӣ нигронидашуд метавонанд дар беҳбудии сиффати зиндагии аҳолӣ мусоидат намоянд. Хама фаъолиятиҳои иҷтимоӣ хосияти хурди иқтисодӣ дошта онҳо бевосита ба сатҳи некуаҳолӣ ва сифати зинадгии аҳолӣ влбаста мебошанд. Дар сатҳи имкониятҳои давлатӣ ва монетизатсияи буҷетӣ ба назар мерасад, ки дар баробари афзоиши буҷети давлатӣ ба таври мутаносиб музди маош ва маоши ҳади ақал низ ҳамчун имконият барои қонеъ гардонидани далаботҳои аввалияи истеъмолӣ назаррас мебошад. Манетизатсияи давлатӣ қисми асосии вазъи иҷтимоии давлат буда дар доираи он вазъи иҷтимоии давлат бо пул таъмин мегардад. Давлат ҳамчун механизм метавонад вобаста ба иқтидор ва дигар имкониятҳои мавҷудаи худ ба ҳама соҳаҳои воқеан самарнок тасир расонида ба рушди доимии онҳо таъсири мусбат расонад. Дар Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосӣ ва бунёдии монетизатсия дар навбати аввал давлат маҳссуб ёфта сониан он бо равишҳои нави имконпазир ба дигар сохторҳо метавонад имконият фароҳам сохта ҷараёни минбаъдаи он таъмин ва сатҳи маблағгузориҳо густариш дода мешаван. Ҳамаи ин заруриятҳоро дар иқтисодиёти имрӯза вобаста ба тамоми муносибатҳои пулӣ сиёсати пулию қарзӣ ташкил медиҳад. Зеро др ҳамин замина баъзе олимон бар он назаранд, ки “”... сиёсати пулию қарзӣ маҷмӯи тадбирҳое мебошад, ки барои тағйир додани ҳаҷми пул дар муомилот, ҳаҷми қарзҳо, меъёри фоиз, нарх ва дигар нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ равона карда мешавааанд”[1.47].Вобаста ба ин заруриятҳо дар заминаи густариш пайдо кардани тамоми раандҳо ва ҳодисаҳои нави иқтисодӣ мо дар рафти таҳқиқот сатҳи умуми манетизатсияро тибқи таҷриба ва таҳлилҳо ба ду гуруҳи асосӣ тақсимбандӣ намудем, ки мушаххасоти онро дар расми 1 мушоҳида намудан ммкин аст.



Расми 1. Монетизатсия ва тафриқабандии он дар муҳити иҷтимоию иқтисодӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Натиҷаҳо. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки яке аз масъалаҳои асоие, ки дар сатҳи иқтисодиёти давлат суботи сартосариро метавонадд дар сатҳи зарурӣ таъмин намуда давлатро ба ҳадафҳои стратегии худ наздик менамояд. Дар ҷомеаи муосир барои таъмини суботи зиндагии шоиста давлат ду вазифаи асосии ба рушд нигаронидашуд дорад, ки онҳо низ метаонанд ҳамчун уҳдадорӣ бошанд, ки якум ин бопултаъминкунии иҷтимоӣ ва дуюм бопултаъминкунии иқтисодӣ мебошад. Монетизатсияи иҷтимои яке аз масъалаҳои асоиест, ки давлат таваҷҷуҳи худро аз солҳои аввали соҳибистиқлоӣ равона намудааст. Бинобар ин ҳадафи асосии давлат дар ин замина пешгирии коҳиши қобилияти харидории аҳолӣ барои таъмини зиндагии шоистаи онҳо мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки дар шароити имрӯза вобаста ба сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ, ки асосҳои сиёсати пулию қарзиро дар бар мегирад, ин пеш аз ҳам ду масъалаи асоие мебошад, ки масъули асоии он давлат ва дигар сохторҳои молиявии ғайридавлатӣ мебошанд. Бинобар ин барои муаян намулдани мушаххасоти дурусти монетизатсияи иқтисодӣ мо дар умум онро ба ду гуруҳи асосӣ тақисмбандӣ намудем ва он ба монетизатсияи иҷтимоӣ, ки масъули асоии он дар навбати аввал давлат ва монетизатсияяи иқтисодӣ дар навбати аввал ташкилотҳои қарзӣ масуб меёбанд. Фаъолнокии ин ду ниҳоди алоҳида ва мустақил метавонандар ҷаъмбандии манфиатҳои дутарафа ба ҳадафҳои стратегии давлат дар сатҳи рушди устувори иқтисодию иҷтимоии давлат мусоидати ҳаматрафа намоянд. Тавре аз сарчашмаҳои дигар бар меояд “...идоракунии пешниҳоди пул дар иқтисодиёт барои ноил шудан ба як комбинатсияи таваррум ва устувории истеҳсолот нигаронида шудааст [8]”.

Дар айни замон монетизатсияи иҷтимоӣ дар шароити имрӯза вазифаи асосии давлат маҳсуб ёфта он ба воситаи буҷети давлатӣ дар сатҳи зарурӣ метавонад ба ин масъала мусоидати ҳаматрафа намояд. Дар ҳамин замина ташкили дурусти низоми буҷетӣ барои сатҳи дурусти монетизатсияи иҷтимоӣ яке аз механизмҳоест, ки таваассути он заминаҳои зиндагии шоиста ва ҳамзамон рушди хоҷагии хонаводагӣ ташаккул меёбад. Ин вазъ ва

заруриятро ба инобат гирифта давлат барои рушди буҷети давлатӣ ва зиёд намудани сарчашмаҳои ташаккули он пайваста талош намуда дар давоми чанд соли охир ба натичаи назаррас дар ин замина низ ноил гардидааст, ки ин тамоилро дар диаграммаи 1 мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Вобастагии афзоиши буҷети давлатӣ бо музи маош ва маоши ҳади ақал дар солҳои 2015-2024


Номгӯи нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2015	2020	2021	2022	2023	2024
Даромади буҷети давлатии ҶТ	16060,9 млн. сомони	20855,70 млн. сом.	29478,70 млн.сом.	30974,60 млн.сом.	43150,90 млн.сом.	46978,30 млн.сом.
Музди меҳнати миёнамоҳонаи номиналӣ ба як корманд ҳисобкардашуда (сомони)	879,21	1377,20	1612,64	1895,92	2381,48	2959,91
Музди маоши хадди акал	400 сомони	400 сомони	400 сомони	600 сомони	600 сомони	800 сомони

Манбаъ : Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон [9].[10] (https: // www. nbt. Tj /tj / statistics / statistical _bulletin. php)

Қисми зиёди буҷети давлат ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки ҳамаи ин метавонад ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидати ҳаматарафа менамояд. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки тамоили зидшавии ҳаҷми буҷети давлатӣ бевосита ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳолии мардум мусоидат наму заминаҳои аввалияи фароҳам овардани хоҷагии хурди хонаводагиро ба миён меоварад. Тавре, ки аз таҳлилҳо бар меояд ҳамасола дар баробари зиёдшавии буҷети давлатӣ ба таври баробар музди маоши номиналии кормандони соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ низ зиёд гардидааст.

Тавре, ки аз таҳлилҳо аён аст агар ҳаҷми буҷети давлатӣ дар соли 2015 16060,9 млн. сомониро ташкил намуда бошад ҳамин нишондиҳанда дар соли 2024 46978,30 млн.сомониро ташкил намудааст, ки ин тамоил дар соли таҳлилӣ ба андозаи қаноатмандкунанда дар давоми 9 сол 1,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар баробари таносуби рушди буҷети давлатӣ ҳамзамон болоравии мусбаро касб намуда он агаар дар соли 2015 897,21 дирамро ташкил намуда ҳамин нишондиҳанд бо шарофати таъмини суботи молиявию иқтисодӣ 2959,91 дирамро ташкил намудааст, ки ин тамоил дар муқоиса бо зиёдшавии ҳаҷми буҷети давлатӣ нисбатан зиёд мебошад. Аз таҳили муқоисавӣ бар меояд, ки нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса ба соли 2024 қариб 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст ва ин тамоил ба таври солона низ қомили муқоиса ва пешравии назаррас мебошад. Бояд ёдовар шуда, ки дар шароити имрӯза тавақҷуҳ ба ин бахши муҳимро аз суръати рушди солонаи он низ пай бурдан мумкин аст. (нигар диаграммаи 2)

Диаграммаи 1. Тамоили афзоиши буҷети давлатӣ ва музди маош дар Ҷумҳурии Тоҷикстон дар солҳои 2015-2024 бо %



Манбаъ: Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон (https: // www. nbt. Tj /tj / statistics / statistical _bulletin. php)

Рушди иқтисоди миллӣ заминаи асоси таъмини суботи иқтисодӣ дар кишвар маҳсуб ёфтан он ба баландбардории сарчашмаҳои молиявӣ мусоидати ҳамтарафа менамояд. Аз нишондиҳандаҳои мавҷуда ва таҳлили амиқи онҳо пай бурдан мумкин аст, ки давлат пайваста талош менамояд барои рушди иқтисодӣ шароит фароҳам оварда барои суботи иҷтимоӣ дар заминаи баланд бардоштани музди маош ва як қатор имконияту имтиёзҳои дигар самарнки монитазтсияи иҷтимоиро баланд бардорад. Таве, ки аз таҳлили диаграммаи мазкур бар меояд суръати рушди даромади буҷети давлатӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 агар 60%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 24,2%-ро ташкил намуд, ки ин ба болоравии суръати афзоиши чашмраси музди маош низ дар доираи имкониятҳои мавҷуда мусоидати ҳаматрафа менамояд. Суръати рушди мусди маоши соло наз тамоили зиёдшави шошта он дар соли 2015 36,3%-ро ташкил намуда ҳамасола ба таври чашмрас идома дорад. Дар асоси ҳамин замина яке аз масъалаҳои муҳиме, ки агар ба назар ноаён лекин барои рушди вазъи иҷтимоии давлат муҳим арзёбӣ мегардад, ин баланд кардани қобилияти харидории аҳолӣ дар шароити зуд тағйир ёфтани вазъияти иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Хамчун ин масъала айни замон бевосита ба нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳо вобастагии зиёд дорад.

Албатта дар ҳамин замина таварруми пул ё болоравии нархҳо яке аз масъалаҳои муҳимест, ки ба он БМТ масъул мебошад ва ин равандро зери назорати доимии худ қарор додааст. Дар ҳамин замина мо чунин иброз доштем, ки "...танзими муомилоти пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт боиси таъмини бехатарии иқтисодӣёт ва ба қадри кофӣ таъмин намудани иқтисодиёт бо пул мебошад" [7.306].

Дар бисёри маврид яке аз мушкилотҳои асосии бавуҷудоии таваррум тибқи таҳриба афзоиши барзиёдии ҳаҷми пул мебошад. Аммо зери назароат гирифтани он низ яке аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд гуфтан мумккин аст, ки ташаббусҳои созандаи Тоҷикистон дар самти дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт бори дигар собит намуда, ки дар сурати нигоҳ доштани мувозинаи иқтисодӣ ва дастгирии истеҳсолкунадагон зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот ба болоравии таваррум ьтаъсири манфӣ намерасонад, ки он дар диаграммаи 1 мушаххасан аён аст. Тавре, ки маълум аст афзоиши солонаи музди маош дар Тоҷикистон агар дар соли 2015 андозаи 60%ро ташкил намуда боша аммо меъёри таваррум дар ин давра 5,1%ро ташкил медиҳад ва ин бар он маъност, ки устувории иқтисодӣ метавона пеши роҳи болоравии таваррумро дар асоси таъсири ҳаргуна омилҳо, махсусан барзиёдии ҳаҷми пули дармуомилотбуда гирад. Аз ин нишондиҳандаҳо бар меояд, ки дар двалате, ки бартарии иқтисодӣ дар заминаи бахши воқеӣ афзалият дорад дар он давлат идоракунии таваррумро дар ҳама шароит метавонад ба даст гирад. Ин як имконияти дигар сатҳи дурусти монетизатсияи иҷтимӣ ва нигоҳ доштани мувозинатҳои ба он баробар мебошад. Дар сатҳи сиёсати пулӣ ё манетизатсия баъзе олимон муҳимиятҳои зеринро асосӣ меҳисобанд, ки онҳо аз «…миқдори пул, суръати гардиши пул, сатҳи умумии нархҳо ва миқдои молҳо алоқаманд мебошад» [6.84].

Дигар маълумотҳои таҳлилгардида нишон медиҳанд, ки рушди ММҲА агар дар соли 2023 47,6% ва сатҳи таваррум 3,8-ро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 аз ҳисоби рушди ММҲА 24,2% ва сатҳи таваррум бошад 3,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин метавонад як имконияти васеъ дар самти дастгирии баши иҷтимоӣ боназардошти нигоҳ доштани қобилияти харидории аҳолӣ ва мувозинаи сатҳи даромади аҳолӣ аз ҳисоби фаъолиятҳои нав мебошад. Тавре, ки аз таҳлилҳо бар меояд агар давоми 5 сол ба ҳисоби миёна даромади солони буҷети давлатӣ 29,3%-ро ташкил намуда бошад мутаносибан музди маоши кормандон аз ин нишондиҳанда метавонад чанд банди фоизӣ боло бошад. Гуфтан мумкин аст, ки тибқи ҳисобҳои мо бо ҳисоби миёна даромади солонаи буҷет агар 24,9% афзоиш ёбад пас РММҲА бошад 32,5ъне гуфтан мумкин аст, ки аз ҳисоби афзоиши буҷет итиёзи бештар ба бахши иҷтимоӣ дода мешавад. Борои самаранок гардонилдани ин масъала дар Тоҷикистон зарурияти андешидани чораҳои зерин низ ба мавқсад мувофиқ мебошад:

1. Имтиёздиҳи дар самти истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ба сифати МММ ва дар ҳамин замина ташкили хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ дар хаминаи барномаҳои дахлдори соҳавӣ;
2. Гузариш ба низомҳои нави хизматрасонӣ ва сармоягузорӣ ё ҳиссагузори дар ягон шакли фаъолияти тиҷоратӣ ва истеҳсолӣ ба хотири гирифтани даромади иловагӣ ё суд аз фаъолияти соҳаии алоҳида;
3. Дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт ва бар ин соҳа фароҳам овардани шароити маблағгузорию сармоягузорӣ ва қарздиҳи ба ин бахш;
4. Додани имконият ба ба баъзе шаклҳои истеҳсолот ва номгӯи молу маҳсулотҳои муҳими кишоварзию саноатӣ;
5. Таҳияи низоми марказонидашудаи назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо, сармоягузориҳо ва қарзҳо;
6. Таҳияи мадели ҳамоҳангсозии сиёсати монетарии бахши иҷтимоӣ бо сиёсати монетарии бахши иқтисодӣ дар шароити муосир.

Дар баробари ҳамаи ин муҳим ва зарурист, ки сатҳи баланди монетизатсияи иҷтимоӣ бо монетизатсияи иқтисодӣ дар асоси ташаббусои институтсионалии давлат бо сохторҳои молиявию қарзӣ метавонад як қатор имкониятҳои навро фароҳам оварда равандҳои ба рушд нигаронидашударо ба вуҷуд овард. Зеро монетизатсияи иқтисодӣ меҳварияти монетизатсии иҷтимоиро ба вуҷуд меорад ва он метавонад имкониятҳои навро дар самти рушди иқтисодӣ ва имкониятҳои нави монетизатсияи иқтисодиро ба вуҷуд меоранд Қайд кардан зарур аст, ки монетизатсияи иҷтимоӣ иниз метавонад дар монетизатсияи иқтисодӣ мусоидат намояд. Зеро монетизатсияи иқтисодӣ ба моетизатсияи иҷтимоӣ вобастагии зиёд дорад. Зеро агар даромади пулии аҳолӣ афзоиш ёбад сатҳи захиракунии онҳо низ метавонад мутаносибан дар бонкҳо афзоиш ва ин ба пурзуршавии сатҳи захираҳои қарзӣ ва болоравии монетизатсия низ таъмин мегардад. Нишондиҳандаҳои муҳими монетизатсия дар сатҳи иқтисодиёт ин ҳаҷми қарздиҳӣ ва пасандозгузорӣ мебошад, ки ҳамаи ин метавонад арзёбии ин масъаларо мушаххас намояд. Бояд гуфт, ки дар давоми чанд соли охир монетизатсия вобаста ба нишондиҳандаҳои мазкур тамоили болоравӣ дорад. (нигар ҷадвали 2)

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои муҳими сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ дар солҳои 2015-2024 млн. сомонӣ

Номгӯи нишондиҳандаҳо	Солҳо						Нисбат ба 2015
	2015	2020	2021	2022	2023	2024	
Ҳаҷми пасандози аҳолӣ	8,6	9,2	10 ,1	13	19,8	25,5	1,9 мар
Ҳаҷми қарздиҳӣ	9,5	10,8	11,9	13,5	17,8	21,3	124,2%

Манбаъ: Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон [9]. (https://www.nbt.tj

Муҳокима. Дар ҷомеаи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асоие ва зарурие, ки хусусияти иҷтимоимеҳвар мебошад ин масъалаи рушди иқтисодиёт ва дастгирию монетизатсияи ин масъала мебошад. Дар назар агар монетизатсияи иқтисодӣ як раванди марбут ба дастрасӣ ва бопултаъмикунӣ бошад аз дигар нуқтаи назар як раванди мураккабест вобастагии он ба ҳама соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста буда он аз як тараф қобилияти таъсиррасонӣ ба соҳаҳоро дошта аз дигар тараф метавонад ба худ тамоми хавфу хатарҳоро низ қабул намояд. Зеро дар сатҳи иқтисодиёт вобаст аба тағйирёбандагиҳои замони муосир он метавонад боназардошти фарохмаҷрогии худ ба тавоми хавфҳои дар ҷамъият бавуҷудомадаро ҳамчун ҳасосият ба худ қабул намояд.

Дар ҳамин замина сатҳи монетизатсия метавонад бо як қатор руйдодҳои хатарафзо ба монанди бӯҳронҳо, таконҳои иқтисодӣ, таҳрибҳо, прогресияи техникию технологӣ ва дигар масъалаҳои ба ин баробар рӯ ба рӯ бошад. Аз ин бар меояд, ки сатҳи самараи иқтисодӣ дар сурати истифода механизмҳои самаранок ва риояи меъёрҳои мавҷудаи қабулшудаи марбут ба унсурҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои дохилӣ, ки аз тарафи мақомотҳои дахлдор ва

танзимкунандда пешниҳод шудаанд, як қатор имкониятҳои навро ба миён оварад. Бинобар ин дар Тоҷикистон яке аз дастовардҳои сатҳи монетизатсия, ки онро мо мушаххасон дар дигар ҷанбаҳои таҳқиқоти илмии худ баррасӣ менамоем аз меъёрҳои сиёсати монетари ва ғайримонетарӣ иборат мебошад ва он метавонад як натиҷаи мушаххаси таъсирасон ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мебошад.

Дар ҳамин замина вобаста ба истифодаи сиёҷсати дугонаи пулию қарзӣ барои фарогирии равандҳои дугонаи сиёсати пулию қарзӣ нишондиҳандаи асоси монетизатсия, ки асосан аз ду унсури асосӣ бар меояд назаррас мебошад. Таре аз таҳлили ҷадвали мазкур бар меояд ду унсури ба ҳам алоқаманди сатҳи монетизатсия дар шароити имрӯза ин ҳаҷми қарздиҳӣ ва пасандозгузорӣ мебошад, ки дар тағйирёбии ин ду унсури муҳим сатҳи монетизатси муаян ва баҳо дода мешавад. Тавре аз таҳлилҳои ҷадвали 2 бар меояд агар ҳаҷми пасандозҳо дар соли 2015 8,6 млн. сомниро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 25,5 милирад сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 1,9 маротиба афзоиш ёфтааст ва ин сатҳи азоишро дар шароити имрӯза мо аз омилҳои зерин вобаста меҳисобем.

1. Болоравии эътимоди аҳолӣ ба низоми монкии кишвар ва дар заминаи ин зиёд шудани таваҷҷуҳи аҳолӣ ба бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
2. Рушди хоҷагиҳои хурди хонаводагӣ ва зиёд гардидани даромади пулии аҳолӣ ва манбаҳои даромади он [2.143];
3. Баланд гардидани маърифати молиявии аҳолӣ ва истифодаи васеъи технологияҳои хизматрасонии бонкӣ;
4. Зиёд шудани шумораи суртаҳисорбҳо ва таваҷҷуҳ ба раванди ҳисобдорӣ дар тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ;
5. Афзиши монетизатсияия иҷтимоӣ аз тарафи давлат ба бахши иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои ба ин вобаста.


Ин афзоиш дар иқтисоди имрӯзаи Тоҷикстон метавонад ба афзоиши сатҳи қарздиҳӣ низ таъсир расонад. Дар сурати афзоиши ҳаҷми пасандозҳо мутаносибан метавонад ҳаҷми қарздиҳӣ ба бахшҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодии кишварро мушоҳида намуд. Дар сурати афзоиш ёфтани пасандозҳо махсусан пасандозҳои муҳлатнок метавонад ҳаҷм ва ҳиссаи қарздиҳиро афзоиш дода суръати афзоиши онро таъмин намудааст. Тавре аз таҳлили ҷадвали 2 маълум аст ҳаҷми қарзҳо агар дар соли 2015 9,5 млн. сомониро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 21,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад, ки ин азоиш ба андозаи 124,2% зиёд мебошад. Ин афзоиш аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сатҳи қарздиҳӣ ба бахшҳои алоҳидаи иҷтимоию иқтисодӣ аз масъалаҳои зерин ба андешаи мо вобаста мебошад:

1. Афзоиши баиаротиби ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва воқеӣ махсусан пасандозҳои муҳлатнок[5.270];
2. Зиёд шудани таваҷҷуҳи роҳбарияти кишвар ва худди ташкилотҳои қарзӣ дар самти қарздиҳба бахши воқеии иқтисодиёт;
3. Фаъолнокии истифодаьарандагони маблағҳои қарзӣ ва дигар субъектҳои асили ба қарз эҳтиёҷдошта ва ғ.

Аз маълумотҳои овардашуда, ки он метавонад қаноатмандкунанда бошад бар меояд, ки суръати рушди нишондиҳандаҳо дар сатҳи маҷмӯӣ ва таркибӣ назаррас ва қобили баҳодиҳӣ мебошад, ки суръати рушди солонаи он ба таври мушаҳҳаз ва қобили назар аён мебошад.

Тавре аз маълумотҳои таҳлилгардидаи мо бар меояд масъалаи рушди босамари нишондҳандаи рушди сатмонетизатсиро мушоҳида намудан мумкин аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикстон сиёсати дурусти пулию қарзӣ мавриди амал қарор гирифтааст ва ин тамоюлҳоро дар диаграммаи 2 мукаммалан дидан мумкин аст (диаграммаи 2).

Диаграммаи 1. Тамоили суръати афзоиши сатҳи таркибии монетизатсия вобаста ба қарзҳо ва пасандозҳо дар муқоисаи соли 2015-2025



Манбаъ: Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон [9].[10] (https: // www. nbt. Tj /tj / statistics / statistical _bulletin. php)

Аз суръати рушди нишондиҳандао, ки инъикоскунандаи суръати рушди сатҳи монетизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ мебошанд бар меояд, ки сиёсати дурусти иқтисодӣ ва пулӣ ба он боис гардидааст, ки ҳама нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ дар заминаи меъёрҳои пулию қарзӣ назаррас гарданд. Дар ҳамин замина як нуқтаи муҳимро ишора боялд намуд, ки суръати рушди қарздиҳи дар давоми солҳои 2015 -2020 яъне дар давоми 5 сол 1,8% ва суръати рушди пасандозҳо бошад 1,04%-ро ташкил менамуд, ки ин тамоил комилан қаноамандкунанда набуд ва ин албатта як қатор омилу сабабҳоро низ ба ҳамроҳ дошт. Ин тамоил баъд аз амалинамоии як қатор ислоҳотҳои иқтисоӣ, иҷтимоӣ, пулӣ, қарзӣ, робитаҳои хориҷии марбут ба муносибатҳои пулӣ твонист суръати рушди қарздиҳӣ ва ҳаҷми пасандозгузориро батадриҷ боло бардорад. Яъне баъд аз соли 2020 ин суръат рушди комилан навро касб намуда он дар соли 2020 аз ҳисоби қарзҳо 10,1 ва дар соли 2024 22,5% -ро ташкил намуда суръати рушди он дар давоми 5 сол яъне соҳои 2020-2024 19,4%-ро ташкил намуд, ки воқеан қаноатмандкунанда мебошад ва ба ин суръат рақам зам намудан муҳим ва зарурӣ мебошад.

Суръати рушди пасандозҳо дар соли 2021 агар 10,8%-ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанд дар соли 2025 32,5%-ро ташкил намудааст, ки дар воқеъ ин қаноатмандкунанда ва муаянкунандаи роҳи рушдан барои ояндаи

Тоҷикистон мебошад. Зеро суръати миёнаи рушди он дар давоми солҳои 2021-2025 яъне дар давоми 5 сол дар ҳозира иқтисодиёти мо бо суръати рекордӣ дар ҳаҷми 29,8% афзоиш ёфтааст. Тибқи таҳлилҳо мо суръати рушди нишондиҳандаҳои муҳими монетизатсияро дар солҳои 2015-2020 метавонем ба як чан омилу сабабҳо рабт диҳем, ки асоси тарини онҳоро бандҳои зерин ташкил медиҳанд:

1. Таъсири шадиди давраи дуюми бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар ҳама кишварҳо;
2. Бамаротиб бад шудани вазъи пардохтпазирии як қатор бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
3. Таҳримҳо ба шарикони стратегии рушди Тоҷикистон дар ҳавзаи молиявию иқтисодӣ;
4. Қиман таъсири шадиди бемории ҳамагири КОВИД -19
5. Болоравии бемайлон ва ғайриқобилипешгӯшавандаи қурби асъори хориҷӣ доллари США нисбат ба сомонӣ ва ғ.

Хулоса. Дар ҳошияи ҳамаи ин гуфтаҳо ва таҳлилҳо мо сатҳи омебпазирӣ ва гирифтани пеши роҳи ҳасосиятҳои хатарафзои сатҳи монетизатсияи иқтисодиро метавонем муаян намуда имкониятҳои умумии ба рушди нигаронидашударо дар доираи мавзӯи худ муаян намоем, ки ин ҳадафи асоси моро ташкил медиҳад. Танзими ҳамаи ин масъалаҳо метавонанд аз як тараф хосияти рушд додани иқтисодиёт ва аз тарафи дигар танзими таваррум ва усувории қурби пули миллиро дар сатҳи иқтисодиёт таъмин намоянд, ки дар ин масъала нуқтаи назари олимону коршиносонро во хурдан мумкин аст. Тавре зикр гардидааст «…масъалаи устувории пул аз аввали шаклгирию шакливазкунии он вазифаи асосии ҳар як давлати мустақили дорои пули миллӣ мебошад». Дар дигар маврид ба масъалаи устувории пул ва зарурати аслӣ будани он баъд аз шакли одии мубодила (бартер) ба шакли филизии пул гузаштан диққати махсус дода мешавад»[4.174]. Илов бар ин ин масъала метвон ба гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум низ мусоидат намояд[3.67].

Адабиёт

34. Ашуров Нусрат. Пул, қарз ва бонк / Н. Ашуров. Том нашри дуюм. – Душанбе : Матбуот, 2011. – 47с. – ISBN 978-99947-34-13-9.

35. Махшулов, С. Ҷ. Ҳадафгирии таврруми ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 143-154. – EDN KXULCL.

36. Махшулов, С. Д. Устойчивость национальной валюты, ее теория и методология / С. Д. Махшулов, Б. Б. Ходжаев, К. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 9. – С. 174-179. – EDN VQTTXM.

37. Нурализода, А. Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / А. Н. Нурализода, С. Д. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 67-72. – EDN TNJAXP.

38. Назаров, А. З. Асосҳои назариявии сиёсати пулию қарзӣ ва равандҳои идоракунии он / А. З. Назаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 270-279. – EDN AKRQLS.

39. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 8с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.

40. Ҷиҳонов, С. А. Асосҳои иқтисодии сиёсати пулию қарзӣ / С. А. Ҷиҳонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 306-314. – EDN NOKEZV.

41. Манбаи электронӣи https://ru.wikipedia.org. Mathai K. Back to Basics: What Is Monetary Policy? // Finance & Development. — 2009. - № 3. - С. 46.

42. Манбаи электронии https: // www. Nbt. Tj /tj /.

43. Манбаи электронии statistics / statistical _bulletin. php

УДК: 336.14:37.014

МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ХАРОҶОТИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ: ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТАТБИҚИ ОН

Шарифзода Бунёд Хушвахт
унвонҷӯи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар таҳқиқот таҳлили муқоисавии вазъи маблағгузориҳо ва таҳияи тавсияҳои илмиву амалӣ чиҳати таъмини самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф бо такя ба таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ оварда шудааст. Мақолаи мазкур ба тадқиқи сохтори хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия дар солҳои 2019-2024 ва ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтар кардани идоракунии молиявӣ бахшида шудааст.

Муаллиф самаранокии хароҷоти буҷетиро на танҳо ҳамчун коҳиш додани хароҷоти воситаҳо, балки гузариш ба низоми мукаммали идоракунӣ ва банақшагирии стратегӣ медонад, ки дар он натиҷаҳои баландсифати иҷтимоӣ ва таълимӣ ба даст оварда мешаванд. Тибқи ақидаи муаллиф, тақсимоти оқилонаи маблағҳо тавре ба роҳ монда мешавад, ки истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, низоми «буҷетикунонӣ баҳри натиҷаҳо» ва назорати қатъӣ коҳиши хароҷот ва баланд шудани сифати таълимро кафолат диҳанд.

Дар қисмати хулоса муаллиф иброз медорад, ки такмили сиёсати буҷетӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон бевосита ба истифодаи самараноки таҷрибаи давлатҳои муваффақ, аз ҷумла низоми арзёбии натиҷаҳо ва мониторинги доимии сифат вобаста мебошад. Ҳамзамон қайд менамояд, ки ҷорӣ намудани механизмҳои нави маблағгузорӣ на танҳо шаффофияти буҷетро таъмин мекунад, балки сармояи инсонии кишварро ба сатҳи нави рушд мебарорад.

Калидвожаҳо: буҷети давлатӣ, соҳаи маориф, самаранокии хароҷот, таҷрибаи хориҷӣ, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, идоракунии молиявӣ, технологияҳои иттилоотӣ, мониторинг, шаффофият.

ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ РАСХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ: АНАЛИЗ ОПЫТА ЗАРУБЕЖНЫХ ГОСУДАРСТВ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО ПРИМЕНЕНИЯ

Шарифзода Бунёд Хушвахт
соискатель кафедры финансов и страхования Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе

В исследовании представлен сравнительный анализ состояния финансирования и разработаны научно-практические рекомендации по обеспечению эффективности расходов государственного бюджета в сфере образования с опорой на передовой опыт зарубежных государств. Данная статья посвящена исследованию структуры расходов на образование в государственном бюджете стран Центральной Азии и Российской Федерации в 2019–2024 годах, а также поиску путей совершенствования финансового управления.

Автор рассматривает эффективность бюджетных расходов не только как сокращение объёма затрачиваемых средств, но и как переход к более совершенной системе управления и стратегического планирования, в рамках которой обеспечивается достижение высоких социальных и образовательных результатов. По мнению автора, рациональное распределение финансовых ресурсов должно осуществляться таким образом, чтобы применение современных информационных технологий, системы «бюджетирования, ориентированного на результат», а также усиление контроля способствовали снижению неэффективных расходов и повышению качества образования.

В заключительной части автор отмечает, что совершенствование бюджетной политики в сфере образования Таджикистана непосредственно связано с эффективным использованием опыта успешных государств, включая систему оценки результатов и постоянного мониторинга качества. Вместе с тем подчёркивается, что внедрение новых механизмов финансирования не только способствует обеспечению прозрачности бюджета, но и создаёт условия для вывода человеческого капитала страны на новый уровень развития.

Ключевые слова: государственный бюджет, сфера образования, эффективность расходов, зарубежный опыт, Центральная Азия, Таджикистан, финансовое управление, информационные технологии, мониторинг, прозрачность.

ISSUES OF ENSURING THE EFFICIENCY OF STATE BUDGET EXPENDITURES IN THE EDUCATION SECTOR: AN ANALYSIS OF THE EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES AND THE POSSIBILITIES FOR ITS APPLICATION

Sharifzoda Buniod Khushvakht
Applicant of the Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe

The study presents a comparative analysis of the current state of education financing and develops scientific and practical recommendations for ensuring the efficiency of state budget expenditures in the education sector, drawing on

the best practices of foreign countries. This article focuses on examining the structure of education expenditures in the state budgets of Central Asian countries and the Russian Federation during 2019–2024, as well as identifying ways to improve financial management.

The author considers the efficiency of budget expenditures not merely as a reduction in the amount of financial resources spent, but rather as a transition toward an improved system of management and strategic planning aimed at achieving high-quality social and educational outcomes. According to the author, the rational allocation of financial resources should be organized in such a way that the use of modern information technologies, a results-based budgeting system, and effective control mechanisms contribute to reducing inefficient expenditures and improving the quality of education.

In the concluding section, the author argues that improving budget policy in the education sector of Tajikistan is directly associated with the effective adoption and adaptation of the experience of successful countries, including systems for performance evaluation and continuous quality monitoring. At the same time, the author emphasizes that the introduction of new financing mechanisms not only enhances budget transparency but also creates conditions for raising the country's human capital to a new level of development.

Keywords: state budget, education sector, expenditure efficiency, international experience, Central Asia, Tajikistan, financial management, information technologies, monitoring, transparency.

Муқаддима. Таъмини самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф як масъалаи муҳим дар таъминоти рушди устувор ва беҳбудии сифати таълим мебошад. Давлатҳои хориҷа дар соҳаи маориф таҷрибаҳои гуногун ва муассир дошта, онҳо ба сатҳи самаранокии воситаҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф бештар таваҷҷуҳ намудаанд. Яке аз роҳҳои аслӣ, ки дар кишварҳои рушдёфта истифода мешавад, ташкили барномаҳое барои таҳлили ҳосилнокии хароҷот ва иҷрои назоратҳои қатъӣ мебошад. Масалан, дар Сингапур[6], сармоягузории дақиқ ва бо нақшаи пешакӣ дар соҳаи маориф тавассути татбиқи барномаҳои таълимии муосир ва методологияи таълимӣ ба самаранокӣ равона шудааст.

Дар Шветсия ва Финляндия[8], буҷетҳо барои маориф ба таври шаффоф ва тавассути ҳисоботдиҳӣ ба ҷомеа тақсим мешаванд, ки имконияти назорати мардумиро ба буҷетҳои давлатӣ фароҳам меорад. Ин кишварҳо бо ташкили курсҳои омӯзишӣ барои муаллимон ва фароҳам овардани шароити хуб барои рушди касбии онҳо ба самаранокии таълим таъсири мусбат мерасонанд. Дар Австрия ва Олмон[12], ҳамгироии равишҳои миллӣ ва маҳаллӣ барои таъминоти беҳтари рушди маориф ва тақсими дурусти маблағҳои буҷетӣ дар соҳа кӯмак мекунад.

Методология. Дар илми молия назарияи самаранокии хароҷоти давлатӣ самарабахшии истифодаи воситаҳои буҷетиро асосан дар ду самт – техникӣ ва сохторӣ (иҷтимоӣ) меомӯзад. Дар шароити муосир самаранокии хароҷоти буҷетӣ на танҳо ҳамчун коҳиш додани ҳаҷми маблағҳои сарфшуда, балки ҳамчун гузариш ба низоми мукаммали идоракунӣ ва банақшагирии стратегӣ арзёбӣ мешавад, ки дар он натиҷаҳои баландсифати иҷтимоӣ ва таълимӣ ба даст оварда мешаванд. Амалисозии идоракунии самарабахш ва тақсимоти оқилонаи маблағҳо дар соҳаи маориф ба суръати рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ низ вобастагии зиёд дорад. Аммо, дар шароите ки ҳаҷми хароҷотҳои давлатӣ рӯ ба афзоиш буда, талаботи ҷомеа ба сифати маориф ва рушди сармояи инсонӣ мураккабтар мегардад, назарияи классикии маблағгузорӣ наметавонад ин равандҳоро пурра инъикос кунад ва зарурати омӯзиши васеъи низоми «буҷетикунонӣ баҳри натиҷаҳо» ба миён меояд.

Асоси назариявӣ ва методологии тадқиқотро асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ, иқтисодиёти соҳаи маориф ва сиёсати буҷетӣ (Ахмадиева Г.Г., Аронов А.В., Баранова К.К., Усоскин В.М., Белоусова В.Ю., Чичканов Н.Ю.) ташкил медиҳанд. Дар раванди тадқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ барои омӯзиши таҳаввули равишҳои маблағгузории соҳаи маориф; усули таҳлили муқоисавию оморӣ барои қиёси динамика ва сохтори хароҷоти соҳаи маорифи кишварҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон) ва Федератсияи Россия дар солҳои 2019-2024; усули таҳлили системавӣ барои арзёбии сохтори зинавӣ ва робитаҳои даврии сиёсати буҷетии мунисипалӣ дар соҳаи маориф; инчунин усули таҳлили кейсҳо (таҷрибаи пешқадами хориҷӣ) барои омӯзиши барномаҳои муваффақи соҳаи маорифи Сингапур, Шветсия, Финляндия ва барномаи миллии «Балапан»-и Қазоқистон истифода бурда шуданд.

Махсусан, омӯзиши равандҳои муосири маблағгузории соҳаи маориф, ки фарогири муносибатҳои молиявии байни сатҳҳои гуногуни низоми буҷетӣ мебошад, зарурати таҳқиқи самаранокии маблағгузориро дар асоси мониторинги доимии натиҷаҳои таълим талаб менамояд. Аммо, низоми баҳодиҳии натиҷаҳо ва самаранокии хароҷоти буҷетӣ дар соҳаи маорифи аксари кишварҳои минтақа ҳанӯз дар арафаи такмилёбӣ ва ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ қарор дошта, усулҳои ягонаи мониторинг ба таври зарурӣ роҳандозӣ нагардидаанд.

Натиҷаҳо. Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва хидматрасониҳои онлайн, ки имкони дастрасии барномаҳоро барои хонандагон ва омӯзгорон бо як маблағи камтар таъмин мекунанд, дар баъзе кишварҳо рушди хуб дорад. Самаранокии хароҷоти буҷетӣ дар соҳаи маориф тавассути ворид кардани методологияҳои педагогии нав ва маблағгузории миқдори муайян барои илм ва инноватсияҳо низ таъмин мешавад.

Барои амиқ намудани вазъи маблағгузориҳои буҷети давлатии давлатҳои Осиёи Марказӣ (ба ҷуз аз Туркманистон) ва Россияро дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Маблағгузориҳои буҷети давлатии давлатҳои хориҷа дар соҳаи маориф барои солҳои 2019-2024, млн. доллари ИМА


Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2019 (+/-, %)
Россия:	-	-	-	-	-	-	-
Харҷи умумии буҷети давлатӣ	603815,2	575297,8	633634,4	784501,0	702236,6	948095,7	**157,0**
- *соҳаи маориф*	65428,8	58527,3	63140,4	89442,8	70904,4	-	**0,0**
Ҳиссаи маориф дар буҷети давлатӣ, %	10,8	10,2	10,0	11,4	10,1	-	**0,0**
Қазоқистон:	-	-	-	-	-	-	-
Харҷи умумии буҷети давлатӣ	36 050,9	41 136,0	42 765,1	44 091,4	55 362,1	56889,8	**157,8**
- *соҳаи маориф*	6 092,7	7 606,7	8 642,3	9 822,6	12 727,3	13345,8	**219,0**
Ҳиссаи маориф дар буҷети давлатӣ, %	16,9	18,5	20,2	22,3	23,0	23,5	**6,6**
Тоҷикистон:	-	-	-	-	-	-	-
Харҷи умумии буҷети давлатӣ	2498,0	2403,9	2594,7	3205,1	3968,4	4915,3	**196,8**
- *соҳаи маориф*	455,3	417,7	465,1	566,0	655,7	946,5	**207,9**
Ҳиссаи маориф дар буҷети давлатӣ, %	18,2	17,4	17,9	17,7	16,5	19,3	**1,1**
Узбекистон:	-	-	-	-	-	-	-
Харҷи умумии буҷети давлатӣ	12 412,1	13 758,1	17 405,4	21 085,3	22 781,6	25855,9	**208,3**
- *соҳаи маориф*	3 527,3	2 859,7	3 657,7	4 478,3	4 961,6	5706,4	**161,8**
Ҳиссаи маориф дар буҷети давлатӣ, %	28,4	20,8	21,0	21,2	21,8	22,1	**-6,3**
Қирғизистон:	-	-	-	-	-	-	-
Харҷи умумии буҷети давлатӣ	1 949,5	2 061,6	2 497,0	3 654,5	4 260,1	4886,3	**250,6**
- *соҳаи маориф*	513,9	478,7	516,2	754,9	838,5	844,8	**164,4**
Ҳиссаи маориф дар буҷети давлатӣ, %	26,4	23,2	20,7	20,7	19,7	17,3	**-9,1**

Сарчашма: муаллиф ҷадвалро тибқи [11], [13] таҳия намудааст.

Аз тамоюли афзоиши нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 дида мешавад, ки ҳаҷми хароҷотҳои буҷети давлатӣ бо маблағгузориҳои соҳаи маориф дар муддати шаш соли охир, аз ҷула дар Федератсияи Россия ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 948095,7 млн. доллари ИМА (ё +57,0%) ва омори маблағгузориҳои соҳаи маориф ёфт нашуда, дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 56889,8 млн. доллари ИМА (ё +57,8%) ва дар соҳаи маориф ба 13345,8 млн. доллари ИМА (ё +119,0%), дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷоти умумии буҷет ба 4915,3 млн. доллари ИМА (ё +96,8%) ва дар соҳаи маориф 946,5 млн. доллари ИМА (ё +107,9%), дар Ҷумҳурии Узбекистон ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 25855,9 млн. доллари ИМА (ё +108,3%) ва маблағгузориҳои соҳаи маориф ба 5706,4 млн. доллари ИМА (ё +61,8%) ва дар Ҷумҳурии Қирғизистон ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба 4886,3 млн. доллари ИМА (ё +150,6%) ва маблағгузориҳои соҳаи маориф ба 844,8 млн. доллари ИМА (ё +64,4%) рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Гар чанде ки тамоили ду нишондиҳанда дар ҳамаи ин давлатҳои номбурда рӯ ба афзоиш бошад, вале аз рӯи сохтори таркибии нишондиҳандаи ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори буҷети давлатӣ тағйиротҳои куллӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, ҳоло мо муаммои сарбастаи мазкурро дида мебароем.

Дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ (ба ҷуз аз Туркманистон) ва Россия дар соли 2024 ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ нақши низоми маорифи Қазоқистон бештар назаррас буда, ӯ ягона давлате мебошад, ки дар панҷ соли охир нишондиҳандаи маблағгузориҳояш ба соҳаҳои маориф танҳо рӯ ба афзоиш аст. Масалан, дар ин панҷ сол маблағгузориҳои соҳаи маориф дар Қазоқистон +6,6% ва Тоҷикистон +1,1% афзоиш ёфта, нишондиҳандаҳои дигар давлатҳо, аз қабили Узбекистон -6,3% ва Қирғизистон -9,1% рӯ ба таназул ниҳодааст (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. Ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори буҷети давлатӣ барои солҳои 2019-2024, %



Сарчашма: таҳияи муаллиф тибқи [13].

Аз диаграммаи 1 дида мешавад, ки ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори хароҷоти буҷети давлатии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Россия гуногунранг мебошад. Масалан, дар Федератсияи Россия ҳиссаи мазкур дар соли 2019 ба 10,8% баробар буд, дар соли 2023 ба андозаи 10,1% ё -0,7% кам гардид, яъне ин нишондиҳанда дар сохтори хароҷоти воситаҳои буҷетӣ дар соли 2023 тамоюли камшавӣ дорад. Аз нигоҳи мо, сабабгори кам шудани ин нишондиҳанда дар ду ҳолат буда метавонад. Аввалан, сарфи назар аз он ки ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ тамоюли болоравӣ дорад, маблағгузорӣ ба соҳаи маориф бо суръати камтар афзоиш ёфтааст. Аз ҷумла, ҳаҷми ин хароҷот дар соли 2022 ба 89442,8 млн доллари ИМА баробар буда, дар соли 2023 нишондиҳандаи мазкур 70904,4 млн доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Сабабгори ба миён омадани чунин вазъ ин таварруми пулӣ (дар рубли русӣ) ва таҳримҳои иқтисодии басташудаи давлатҳои Аврупо ва Амрико нисбати Россия буда метавонад. Аз нигоҳи дуюм, истифодаи имкониятҳо ва захираҳои Россия бештар ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ равона гардидааст, бинобар ин ҷудо намудани маблағҳои зиёд ба буҷети соҳаи маориф дар як марҳилаи муайян ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ намешавад.

Муҳокима. Тибқи таҳқиқоти Ахмадиева Г.Г.[4] барои рушди минбаъдаи сатҳи самаранокии буҷетии соҳаи маориф дар Федератсияи Россия низоми «буҷетикунонӣ баҳри натиҷаҳо» амал менамояд. Иҷрои низоми мазкур ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои буҷетӣ кӯмак расонида, ба таҳияи як низоми молиявии ҳадафмандона ва муассир мусоидат мекунад. Баррасии таҷрибаи Федератсияи Россия дар самти ташаккули сиёсати буҷетӣ собит месозад, ки татбиқи низоми «буҷетикунонӣ баҳри натиҷаҳо» ҳамчун идомаи мантиқии ислоҳоти соҳаи буҷет ба ҳисоб меравад, ки дар солҳои охир амалӣ гардида, то имрӯз низ идома дорад.

Низоми мазкур имконият медиҳад, ки буҷет на танҳо ба ҳайси воситаи таъмин кардани хароҷоти давлатӣ, балки ҳамчун механизм барои иҷрои ҳадафҳои стратегии ҷомеа ва тараққиёти минтақавӣ истифода мешавад. Маҳз, чунин як сиёсат ба шоҳидҳои мунисипалӣ имконият медиҳад, ки таҳти шароити таъмини устувор ва самараноки истифодаи маблағҳои буҷетӣ, барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва инфрасохториро амалӣ намоянд. Дар инҷо, нақшаи стратегӣ ҳамчун марҳилаи муҳим барои иҷрои сиёсати буҷетии мувофиқ ва самаранок дар тамоми самтҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ғ.) ва иқтисодӣ мебошад. Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи як қатор олимони рус, аз қабили Аронов А.В.[2], Баранова К.К.[5], Ахмадиева Г.Г.[3] Усоскин В. М., Белоусова В. Ю. ва Чичканов Н. Ю.[14] собит намуд, ки таҷрибаи кишварҳои дигар, ки чунин низомҳои буҷетиро қабул кардаанд, шаҳодат медиҳанд, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб ва муваффақ бояд муносибат ба буҷет дар доираи сиёсатҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуддат мувофиқ бо стратегияҳои рушди маҳаллӣ ва давлатӣ анҷом дода шавад.

Бо таваҷҷуҳ ба мавҷудияти ислоҳот ва роҳҳои дуруст, ки дар раванди идоракунии буҷети соҳаи маорифи Россия истифода мешавад, мо онро бо як сохтори васеъ тасвир менамоем. Дар сохтори мазкур низоми «буҷетикунонӣ баҳри натиҷаҳо» метавонад самараҳои муҳимро барои рушди устувор ва тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии маҳалҳо таъмин кунад (ниг. ба рами 1).



Расми 1. Самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетии мунисипалӣ дар таъмини самаранокии воситаҳои буҷети соҳаи маорифи Федератсияи Россия[4]

Аз раванди пайдарҳамии расми 1 дида мешавад, ки он аз сохтори мукаммал ва зинавии идоракунии сиёсати буҷети мунисипалӣ дар соҳаи маорифро инъикос намуда, дар он тамоми марҳилаҳои ташаккул, тақсимот, истифода ва арзёбии захираҳои молиявии сатҳи маҳаллӣ ба таври системавӣ ба ҳам пайваст шудаанд. Ин сохтор характери даврӣ дошта, робитаи мутақобилаи байни унсурҳои асосии низоми буҷетиро нишон медиҳад.

Дар қисми болоии расм механизми фаъолияти “сиёсати буҷети мунисипалӣ дар соҳаи маориф” ҷойгир аст, ки ҳамчун нуқтаи ибтидоии ташаккули тамоми равандҳои минбаъда баромад мекунад. Ин унсур самтҳои асосии сиёсати молиявии сатҳи маҳаллиро муайян намуда, афзалиятҳои стратегиро дар соҳаи маориф муқаррар месозад. Дар зери он “воситаҳои буҷети маҳаллӣ” оварда шудаанд, ки ҳамчун манбаи асосии молиявии татбиқи сиёсати мазкур баромад мекунанд.

Дар идомаи сохтори расми мазкур марҳилаи “муайян намудани қисми даромадҳои буҷет” ҷойгир аст. Ин марҳила барои таҳлили имкониятҳои молиявӣ ва муайян кардани ҳаҷми захираҳои дастрас аҳамияти муҳим дорад. Дар асоси ҳамин маълумот банақшагирии минбаъдаи хароҷот ва тақсимоти маблағҳо амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, дар сохтор робитаи мустақим байни даромад ва самаранокии истифодаи он ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Қисмати марказии сохтор мафҳуми “самаранокӣ”-ро дар бар мегирад, ки ҳамчун нишондиҳандаи асосии натиҷабахшии сиёсати буҷетӣ баррасӣ мешавад. Ин ҷо самаранокӣ на танҳо ҳамчун кам кардани хароҷот, балки ҳамчун ба даст овардани натиҷаҳои баландсифати иҷтимоӣ ва таълимӣ фаҳмида мешавад. Ба ин маъно, тамоми равандҳои буҷетӣ ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои соҳаи маориф нигаронида шудаанд.

Дар қисми поёнии сохтори самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетии мунисипалӣ дар таъмини самаранокии воситаҳои буҷети соҳаи маорифи Федератсияи Россия “стратегияи рушди маорифи мунисипалӣ” нишон дода шудааст, ки он самтҳои дарозмуддати такмили низоми маорифро муайян мекунад. Ин стратегия бо мақсади таъмини рушди устувори соҳа, беҳтар кардани инфрасохтор, баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳо ва густариши имкониятҳои таълимӣ таҳия мегардад. Дар ҳамин қисмат “хароҷоти воситаҳои буҷети маҳаллӣ” ҷойгир аст, ки истифодаи амалии захираҳои молиявиро инъикос мекунад.

Дар поёни ин сохтор натиҷаи ниҳоӣ, яъне истифодаи самараноки тамоми воситаҳои буҷетӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои мусбати таълимӣ ва иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Ин натиҷа ҳамчун ҳадафи ниҳоии тамоми низоми идоракунии буҷети мунисипалӣ баррасӣ мегардад. Самтҳо ва робитаҳои даврӣ дар низоми мазкур нишон медиҳанд, ки ин раванд характери пайваста дошта, ҳар як марҳила ба марҳилаи дигар таъсир мерасонад.

Дар баробари ин, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташаккул ва танзими муносибатҳои молиявӣ байни сатҳҳои гуногуни низоми буҷети давлатӣ, аз ҷумла сатҳи федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, бояд дар асоси принсипҳои ҳамоҳангсозӣ ва самаранокӣ ба роҳ монда шавад. Танзими дурусти ин робитаҳо барои таъмини устувории низоми молиявии давлатӣ ва тақсимоти оқилонаи захираҳои буҷетӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамзамон, масъалаи истифода ва рушди манбаъҳои ғайримустақими даромад дар буҷетҳои сатҳи маҳаллӣ низ аҳамияти хоса касб мекунад. Дар шароити муосир ин гуна манбаъҳо метавонанд ҳамчун сарчашмаи иловагӣ ва устувори даромад барои таҳкими мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллӣ хизмат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва татбиқи механизмҳои самараноки истифодаи онҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳо, аз ҷумла таҷрибаи Федератсияи Россия дар самти ташаккул ва истифодаи буҷетҳои сатҳи мунисипалӣ, нишон медиҳад, ки татбиқи усулҳои муосири идоракунии молиявӣ ва истифодаи

манбаъҳои гуногуни даромад имкон медиҳад сиёсати буҷетии бештар устувор, самаранок ва натиҷабахш амалӣ гардад. Ин раванд дар бисёр кишварҳои пешрафта ба беҳтар шудани идоракунии захираҳои давлатӣ ва баланд шудани самаранокии хароҷоти буҷетӣ мусоидат намудааст.

Бо такя ба таҷрибаи кишварҳои дигар, мо метавонем тавсияҳои арзишмандеро барои Тоҷикистон таҳия кунем, ки метавонанд барои беҳтар кардани сиёсати буҷети самаранок дар соҳаи маориф ва таҳкими равандҳои молиявии маҳаллӣ кӯмак расонанд.

Дар раванди таҳқиқот мо, инчунин вазъи низоми самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маорифро дар мисоли давлатҳои Осиёи Марказӣ (ба ҷуз аз Туркманистон) мавриди муҳокима қарор додаем. Албатта, омӯхтани таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя барои тақвият бахшидани мавзуи таҳқиқоти мо аз аҳамият холӣ буда наметавонад.

Ҷумҳурии Қазоқистон дар Осиёи Марказӣ яке аз давлатҳои пешқадам дар раванди истифодаи маблағҳои буҷетӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад, чунки дар соли 2024 аз панҷ як ҳиссаи маблағҳои буҷети давлатияшро хароҷоти соҳаи маориф ташкил медиҳад. Масалан, дар соли 2019 ҳиссаи маблағгузориҳо ба соҳаи маориф ба 16,9% баробар буд, вале дар соли 2024 он ба 23,5% омада расид. Яъне, Қазоқистон ҳаҷми хароҷоти буҷет ба соҳаи маорифро дар тӯли шаш соли охир +6,6% дар мувофиқа бо ҳаҷми хароҷоти умумӣ зиёд намудааст.

Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки истифодаи мақсаднок ва босамари маблағҳо, инчунин таъсири онҳо ба баланд гардидани сифати таҳсилот ва рушди инфрасохтори Қазоқистон аҳаммияти махсус дорад. Ҳадафи асосии маблағгузориҳои буҷаи давлат ин таҳлили роҳҳои дуруст ва самараноки тақсимоти маблағҳо дар соҳа, ки ба натиҷаҳои таълим ва рушди инфрасохтори маҳаллии соҳаи маориф таъсири назаррас мерасонад, мебошад. Таҷрибаи Қазоқистон нишон медиҳад, ки он ба таҳсилоти касбӣ ва инфрасохтори нав майл намуда, технологиҳои муосир ва онлайнро дар таълим барои кам кардани хароҷотҳо ва баланд бардоштани сифати таълим истифода намуда истодааст. Яъне, дар муқоиса бо таҷрибаи давлатҳои ИДМ Қазоқистон таҷрибаҳои муваффақро дар амалия истифода намуда, самаранокии харочотҳои соҳаи маорифро давра ба давра беҳтар карда истодааст. Албатта, ин равандҳо дар беҳбудии сифати таълим ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи маориф зоҳир мегарданд.

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида «*дар ҷодаи самараи маблағҳои буҷетии соҳаи маориф Қазоқистон ба як чанд дастовардҳо ноил гардид*»[1]:

Якум, барномаи «Балапан»[9] барои рушди таълими томактабӣ таҳия ва амалӣ гардид, ки он бо ҷалби як қатор ниҳодҳои давлатӣ ба иҷро даромада, ба зиёд шудани имкониятҳои дастрасӣ ба таълим барои кӯдакон дар минтақаҳои мухталиф кӯмак намуд. Илова бар ин, ба субсидиякунии муассисаҳои хусусии томактабӣ тавассути буҷети давлатӣ, ки афзоиши кӯдакистонҳои хусусиро таъмин кард, муваффақиятҳои назаррас ба даст омадаанд.

Дуюм, давлат ба беҳбудии шароити таълимӣ ва даромаднокии омӯзгорон таваҷҷуҳ нишон дод, ки натиҷаи он афзоиши 400% маоши омӯзгорон дар давоми 20 сол мебошад.

Севум, ҷорӣ намудани механизмҳои аккредитатсия ва мониторинг дар соҳаи маорифи техникӣ ва касбӣ кӯмак кардааст, ки даромадҳои баланд ва имкониятҳои бештар барои донишҷӯён таъмин шаванд.

Чаҳорум, соҳаи маорифи макотибҳои олии Қазоқистон ба назар мерасад, ки бо таҳияи стратегияҳои нави ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ талош мекунад, то робитаҳо дар соҳаи истеҳсолот ва технологияҳо мустаҳкам шаванд.

Дар маҷмӯъ, муваффақиятҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки Қазоқистон ба беҳтар намудани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетии соҳаи маориф тавассути амалисозии ислоҳот ва барномаҳои ҷадид, тавсеаи дастрасии таълим ва баланд бардоштани сифати он тавассути шарикӣ бо муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ ноил гардидааст.

Ҷумҳурии Узбекистон барои маориф нисбат ба дигар кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳое, ки буҷаи муқоисашаванда доранд, баландтар мебошад. Вақте ки ҳиссаи назаррас дар аҳолии кишвар зери синни корӣ қарор дорад, беҳтар кардани самаранокии хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф як қисми вазифаи беҳтар намудани натиҷаҳои маориф ва таҳкими сармояи инсонӣ мебошад. Дар ин кишвар ислоҳоти соҳаи маориф идома дошта, ҳадафи асосии он фароҳам сохтани имкониятҳои бештар барои дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ ва татбиқи барномаҳои махсуси таҳсилоти миёна мебошад. «*Ҳадафи ҳукумат то соли 2021 таъмини 100% таълимоти то мактабӣ барои кӯдакони аз 5 то 7 сола буд. Аз ҷумла, таълимоти миёна ба 11 сол расонида шуда, ба донишҷӯён се интихоб барои таълимоти минбаъда пешниҳод мешавад*»[10].

Узбекистон дар соли 2024 оид ба ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори хароҷоти буҷети давлатии давлатҳои Осиёи Марказӣ баъд аз Қазоқистон ҷойи дуюмро мегирад. Гар чанде ки дар соли 2019 ӯ яке аз давлатҳои пешқадам буда, нишондиҳандаи ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ ба 28,4% баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024 то ба 22,1% омада расид, ки дар тафриқа ба соли 2019 -6,3% кам гардид, лекин дар байни давлатҳои Осиёи Маразӣ мавқеи хосро ишғол намудааст.

Бо вуҷуди ин, натиҷаҳои хароҷот дар соҳаи маориф нишон намедиҳанд, ки хароҷоти ба ин соҳа вобаста чӣ таъсире дар сатҳи донишҳои донишҷӯён мегузорад. Бо вуҷуди он ки дар самти арзёбии натиҷаҳои таҳсилот таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода мешаванд, ин пажӯҳишҳо барои муқоиса бо стандартҳои байналмилалӣ ва ё муайян намудани тағйирёбии натиҷаҳо дар даврaҳои гуногун мутобиқ ва ягонакунонида нашудаанд. Барои беҳтар кардани арзёбии натиҷаҳои таҳсилот, Вазорати маорифи Узбекистон кӯшиш мекунад, ки усулҳои арзёбии донишҷӯёнро такмил диҳад.

Харҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ӯзбекистон «*дар соли 2017 5,4% ва дар соли 2018 5,9%-и ММД-ро ташкил додааст, ки аз кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳои бо даромадҳои муқоисашаванда бештар аст. Ҳамчунин,*

тақрибан аз се як ҳиссаи буҷети давлатӣ барои маориф равона мешавад, ки ин рақам нисбатан баланд мебошад. Ҳарчанде, ки ин ҳолат ба он вобаста аст, ки саҳми соҳаи хусусӣ дар таълим то соли 2017 хеле маҳдуд буд, имрӯз бо ислоҳот ин вазъ тағйир ёфтааст»[10].

Самтҳои асосии хароҷот ба соҳаи маориф, аз ҷумла «*таълимоти миёна ва махсуси касбӣ, тақрибан 75%-и ҳиссаи маблағҳоро ташкил медиҳанд. Вале танҳо 10%-и донишҷӯён аз таҳсилоти миёна ба таҳсилоти олии касбӣ мегузаранд, ки нисбатан кам аст*»[10]. Ба ҳамин тариқ, масъалаи таваррум ва самаранокии сарфҳои буҷетӣ бо назар ба рушди иқтисоди миллӣ ва талаботи бозори меҳнат ба миён меояд.

Дар ҳамаи ин, ҳадафи асосии ислоҳот дар соҳаи маориф аз он иборат аст, ки нишондиҳандаҳои муваффақият ва самаранокии хароҷот танзим карда мешаванд, то ба беҳтар кардани сифати таълим ва рушди иқтисодиёт кӯмак кунанд. Дар робита бо ин, Узбекистон ба сиёсати миллии таълим бо гузаронидани арзёбиҳои байналмилалӣ ва таҳлили амиқтар бештар таваҷҷуҳ менамояд.

Қирғизистон. Аз рӯи арзёбии нишондиҳандаҳои саҳми маблағгузории соҳаи маориф дар таркиби хароҷоти буҷети давлатӣ, Қирғизистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия дар соли 2024 мақоми чорумро соҳиб гардидааст. Тамоюли ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф дар соли 2024 дар тафриқа бо ҳаҷми умумии хароҷот ба 17,3% баробар мебошад, вале нишондиҳандаи макузр дар соли 2019 26,4% буд, ки он дар соли 2024 ба андозаи -9,1% кам карда шуд. Ин муаммоест, ки бевосита ба сохтори идоракунии сиёсати давлат ва ҳукумати ӯ работ дорад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон яке аз харҷи воситаҳои асосии буҷети сатҳи ҷумҳуриявӣ ин маблағгузории соҳаи маориф мебошад. Ниҳоди тақсимкунандаи асосӣ дар воситаҳои харҷи буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф ин Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Сохтори маблағгузориҳои соҳаи маориф ба се қисми асосӣ, аз қабили: «*1) муассисаҳои таълимии давлатӣ (ба истиснои маблағгузории коммуналӣ, сохтмон ва нигоҳдории гирду атрофи муассиса); 2) шуъбаҳои маорифи минтақавӣ ва шаҳрӣ; ва 3) пардохти фонди музди меҳнат (маҳз барои муассисаҳои то мактабӣ, пас аз таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар навъи муассисаҳои таълимӣ) ҷудо мешаванд*»[7].

Чӣ тавре дар боло ёдовар шуда будем, масъули таъмин намудани молия барои муассисаҳои таълимии давлатӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, ба истиснои пардохт барои хидматҳои коммуналӣ ва хароҷоти сохтмон ва нигоҳдории иншоот ва хати роҳҳои шаҳрӣ ва деҳот мебошад. Ниҳоди танзимкунанда (Вазорат) инчунин маблағгузории тамоми ташкилотҳои таълимии мансуб ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро бар душ дорад. Ин манзара барои таълимоти асосии миёна ва умумӣ, таълимоти касбӣ ва махсуси мактабҳои миёна ва амсоли он дохил мешавад.

Вазорати маориф ва илм инчунин барои таъмини маблағҳои зарурии фондҳои музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандон дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ масъул аст, ки барои нигоҳдории муаллимон ва кормандони соҳа зарур мебошанд. Илова бар ин, маблағҳо барои рушди таҳсилоти томактабӣ, ки ба фароҳам овардани дастрасии кӯдакон ба таълим мусоидат менамояд, ҳамчунин барои дастгирии муассисаҳои таҳсилоти баъдимактабӣ ва фароҳамсозии имкониятҳои минбаъдаи омӯзишу касбомӯзӣ равона карда мешаванд.

Муассисаҳои таълимии умумии давлатии Қирғизистон, ки ба ҷуз хидматҳои коммуналӣ ва барқарорсозии таҷҳизоти таълимӣ барои таълим, инчунин таҳсилоти пулакӣ дар соҳаи хидматрасонии шаҳрвандон бо маблағгузории аҳолӣ низ дастрасанд.

Хулоса, сатҳи таъминоти самаранокии соҳаи маорифи Қирғизистон ба тақсимоти дурусти маблағҳо ва назорати сахт дар истифодаи онҳо вобаста мебошад. Вазорати маориф ва илм дар ин давлат масъули таъмини маблағ барои муассисаҳои таълимии давлатӣ ва пешбурди таҳсилот дар тамоми сатҳҳо ба ҳисоб меравад. Маблағҳо барои муассисаҳои томактабӣ, таълимоти миёна, касбӣ ва махсус то ба ҳадди имкон самаранок сарф мешаванд. Ҳарчанд соҳаи маориф аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, масъалаи самаранокии истифодаи ин маблағҳо бо сабаби набудани мониторинг ва таҳлилҳои амиқ хеле муҳим ба назар мерасад.

Дар Тоҷикистон нишондиҳандаи тамоюли афзоиши харҷоти буҷети соҳаи маориф дар мувофиқа бо ҳаҷми умумии хароҷот бо воҳиди пули доллари ИМА рӯ ба афзоиш аст. Яъне, харҷоти буҷети соҳаи маориф дар соли 2019 ба 18,2% буд, ин нишондод дар соли 2024 ба 19,3% (+1,1% зиёд) баробар гардид. Тоҷикистон бобати харҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маориф, маҳз, дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷойи сеюмро мегирад, ки ин дар оянда барои тайёр намудани мутахассисони касбӣ таъсирӣ манфӣ расонида метавонад.

Хулоса. Таҳқиқоти гузаронидашуда собит намуд, ки истифодаи баъзе аз таҷрибаи давлатҳои хориҷа дар таъмини самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи маорифи Тоҷикистон баҳри беҳтар намудани сатҳи истифодаи захираҳои давлатӣ ва баланд бардоштани сифати таълим муҳим мебошад. Масалан, дар кишварҳои Россия, Қазоқистон ва Узбекистон ба хотири баланд бардоштани самаранокии хароҷот ба ислоҳоти низоми идоракунии соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, ки он ба тақсимоти дурусти захираҳо ва мутобиқ намудани низоми таҳсилот ба талаботи замони муосир мусоидат мекунад. Инчунин, истифодаи технологияи иттилоотӣ ва низоми онлайн барои омӯзиш ва идоракунии муассисаҳои таълимӣ дар кишварҳои Қазоқистон, Эстония ва Канада қариб ки ҳатмист, ки ҳар ду барои коҳиш додани хароҷот ва беҳтар кардани натиҷаҳои таълим самарабахш мебошад. Дар Британияи Кабир ва Австралия низ мониторинги доимии натиҷаҳои таълим ва гузаронидани баҳодиҳӣ бо мақсади истифодаи самаранок аз буҷет амалиёти маъруф аст. Давлатҳои Аврупо, монанди Олмон ва Швейтсария, низ бо роҳандозии низоми арзёбии натиҷаҳо ва арзёбии доимии сифати таълим кӯшиш мекунанд, ки захираҳо самаранок истифода шаванд. Кишварҳои Осиё, монанди Сингапур ва Ҳонгконг, барои ҷалби сармояи хусусӣ ва ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ дар соҳаи маориф кӯшиш мекунанд, ки натиҷаҳои беҳтари таълимиро таъмин кунанд. Аз тарафи дигар, дар Амрикои Лотинӣ ва Африка, давлатҳо бо истифода аз

ёрии байналмилалӣ ва кӯмаки молиявӣ кӯшиш мекунанд, ки тавсеаи дастрасӣ ва сифати таълимро бо буҷети маҳдуд таъмин мекунанд. Муҳимтарин омил дар ҳама кишварҳо ин аст, ки таълим бояд бо баҳои дуруст ва самаранок дар мувозинат бо талаботҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гузаронида шавад.

Ҳамин тавр, таҷрибаи кишварҳои арзёбишуда нишон дод, ки самаранокии хароҷоти буҷет дар соҳаи маориф аз низоми мутамарказ ва таҳлили амиқи оморӣ ва қарордодҳои молиявии дуруст барои истифодаи маблағҳо иборат аст. Барномаҳое, ки натиҷаҳо ва сифатҳоро дар ҷои аввал мегузоранд, барои татбиқи буҷет дар соҳаи маориф самаранокии бештар ва ба даст овардани натиҷаҳои боэътимодро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, истифода намудани таҷрибаи ин давлатҳо дар таъмини самаранокии хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ба мақсад мувофиқ мебошад.

Адабиёт

1. Адамбекова А. А., Аманкелди Н. А. Финансирование системы образования Казахстана (динамика расходов на образование: отечественный и международный опыт) [Текст] / А. А. Адамбекова, Н. А.Аманкелди // Научный результат. Серия «Экономические исследования». – 2016. – Т. 2, № 1(7). –С.32–37.
2. Аронов А. В. Социальные обязательства государства и механизм их ресурсного обеспечения налоговой системой: дис. … канд. экон. наук [Текст] / А. В. Аронов. – Москва, 2011. – 164 с.
3. Ахмадиева Г. Г. Геометрия в экономике: оценка бюджетной политики и определение тенденций в социально-экономическом развитии территорий [Текст] / Г. Г. Ахмадиева // Вестник КГФЭИ. – 2011. – № 2(23). – С. 46–53.
4. Ахмадиева Г. Г. Управление бюджетными средствами муниципалитета [Текст] / Г. Г. Ахмадиева // Современные технологии управления. – № 4 (28), 2023. – Статья № 2802. – 08.04.2023. [Электронный ресурс]. URL: https://sovman.ru/ article/2802/
5. Баранова К. К. Бюджетный федерализм и местное самоуправление в Германии [Текст] / К. К. Баранова. – М.: Дело и Сервис, 2012. – 240 с.
6. Бюджетные реформы в Сингапуре. [Электронный ресурс]. URL: https://oer.cict.tj/pluginfile.php/2725/mod_folder/content/0/6 (дата обращения: 24.06.2023).
7. Куттубаева А. А., Имаралиева Т. С. Финансирование расходов на образование в Кыргызской Республике [Текст] / А. А. Куттубаева, Т. С. Имаралиева // Кыргыз экономикалык университетинин кабарлары. – 2022. – №4(57). – С.45–47.
8. Обеспечение равенства в образовании: анализ опыта Дании, Норвегии, Финляндии и Швеции. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/_obespechenie-ravenstva-v-obrazovanii-analiz-opyta-danii-norvegii-finlyandii-i-shvetsii
9. Программа по обеспечению детей дошкольным воспитанием и обучением «Балапан» на 2010–2020 годы. Утв. постановлением Правительства РК от 20.12.2013, № 1377. [Электронный ресурс]. URL: http://adilet.zan.kz/rus/docs/ P100000488_ (дата обращения: 02.02.2023).
10. Республика Узбекистан: Обзор государственных расходов. [Электронный ресурс]. URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/_556421_586324506269/pdf/Uzbekistan-Public-Expenditure-Review.pdf (дата обра-щения: 24.06.2023).
11. Российский статистический ежегодник, 2024. - С.499-501, 512 (1 - Образование в цифрах, 2024. С.26; 2 — Это число является средним значением). Казахстан в 2023 году / Статистический ежегодник / на русском языке / 273 стр. - С. 247. Тоҷикистон дар рақамҳо, 2024. – С.150. Маҷмуаи омори маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С.9. Сомонаи расмии Бонки марказии Ҷумҳурии Узбекистон: https://cbu.uz/ru/arkhiv-kursov-valyut/. Статистический ежегодник Кыргызской Республики, 2024. - С.322.
12. Рябинина А. М. Экспорт образовательных услуг на мировом рынке образования [Текст] / А. М. Рябинина // Государственное управление. Электронный вестник. – 2021. – Вып. 85. – С. 236–261.
13. Сомонаи расмии Кумитаи омори байнидавлатии Иттиҳоди давлатҳои мустақил: https://new.cisstat.org/web/guest/cis-stat-home?iFrameId=44090.
14. Усоскин В. М., Белоусова В. Ю., Чичканов Н. Ю. Мировой опыт организации и финансирования НИОКР на примере США и ЕС [Текст] / В. М. Усоскин, В. Ю. Белоусова, Н. Ю. Чичканов // Международные процессы. – 2019. – Т. 17, № 1. – С. 38–61. [Электронный ресурс]. URL: https://publications.hse.ru/articles/308035613 (дата обращения: 05.10.2023).

УДК: 316.334.22

НАҚШИ ШАРИКИИ ИҶТИМОӢ ДАР ТАЪМИНИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло
докторанти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2

Мақолаи мазкур нақши шарикии иҷтимоӣ дар таъмини шуғли пурмаҳсулро дар бар гирифта, дар он масъалаҳои даққиқ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Муаллиф дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ арзёбии шуғл танҳо аз рӯйи шумораи ҷойҳои корӣ кофӣ набуда, устувории шуғл, сатҳи даромад, маҳсулнокии меҳнат, шароити бехатари кор, ҳифзи иҷтимоӣ ва имконияти рушди касбии кормандон, ки бояд ба инобат гирифта шаванд ба тавр илмӣ асоснок намудааст. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши давлат, корфармоён ва кормандон дар ташаккули шуғли босифат муайян карда шудааст. Зеро таъмини шуғли пурмаҳсул танҳо дар заминаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ, рушди муколамаи иҷтимоӣ, баланд бардоштани масъулияти корфармоён, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии кормандон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сармояи инсонӣ имконпазир мебошад.

Бо дарназардошти ин, дар мақола зарурати тақвияти механизмҳои шарикии иҷтимоӣ дар самти таъмини шуғли пурмаҳсул, густариши ҳамкории давлат, корфармоён ва кормандон, рушди низоми омодасозӣ ва бозомӯзии касбӣ, инчунин ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои таъсиси ҷойҳои кори устувор ва расмӣ асоснок карда шудааст. Дар ин росто, маҳз ҳамгироии сиёсати шуғл бо механизмҳои шарикии иҷтимоӣ метавонад ба баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат, беҳтар шудани сифати шуғл, рушди сармояи инсонӣ ва дар маҷмӯъ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, бо пешниҳоди муаллиф ҳамгироии бештари механизмҳои шарикии иҷтимоӣ бо сиёсати шуғл, рушди сармояи инсонӣ ва ҳавасмандгардонии корфармоён барои таъсиси ҷойҳои кори расмӣ ва устувор муҳим арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: шарикии иҷтимоӣ, шуғли пурмаҳсул, бозори меҳнат, шуғли расмӣ, маҳсулнокии меҳнат, музди меҳнат, сармояи инсонӣ, корфармо, корманд, ҳифзи иҷтимоӣ.

РОЛЬ СОЦИАЛЬНОГО ПАРТНЕРСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ

Шохиён Абдурахим Махмадулло
докторант кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2

В статье рассматривается роль социального партнерства в обеспечении продуктивной занятости и исследуются конкретные аспекты данной проблемы. Автор научно обосновывает, что в условиях развития рыночной экономики оценка занятости исключительно по количеству рабочих мест является недостаточной и должна учитывать устойчивость занятости, уровень доходов, производительность труда, безопасные условия труда, социальную защиту и возможности профессионального развития работников. Одновременно на основе анализа динамики показателей рынка труда Республики Таджикистан определена роль государства, работодателей и работников в формировании качественной занятости. Обеспечение продуктивной занятости возможно прежде всего на основе согласования интересов сторон социального партнерства, развития социального диалога, повышения ответственности работодателей, защиты трудовых прав работников и создания благоприятных условий для развития человеческого капитала.

С учетом этого в статье обоснована необходимость усиления механизмов социального партнерства в обеспечении продуктивной занятости, расширения сотрудничества между государством, работодателями и работниками, развития системы профессиональной подготовки и переподготовки кадров, а также стимулирования субъектов экономики к созданию устойчивых и формальных рабочих мест. В данном контексте именно интеграция политики занятости с механизмами социального партнерства может способствовать повышению производительности труда, улучшению качества занятости, развитию человеческого капитала и, в целом, повышению уровня и качества жизни населения. В качестве одного из ключевых предложений автора выделяется необходимость более тесной интеграции механизмов социального партнерства с политикой занятости, развитием человеческого капитала и системой стимулирования работодателей к созданию формальных и устойчивых рабочих мест.

Ключевые слова: социальное партнерство, продуктивная занятость, рынок труда, формальная занятость, производительность труда, заработная плата, человеческий капитал, работодатель, работник, социальная защита.

THE ROLE OF SOCIAL PARTNERSHIP IN ENSURING PRODUCTIVE EMPLOYMENT

Shohiyon Abdurahim Mahmadullo
Doctoral Researcher, Department of Management and Marketing Tajik State University of Commerce. Address 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti str. 1/2

The article examines the role of social partnership in ensuring productive employment and analyzes specific aspects of this issue. The author provides a scientific justification for the argument that, under the conditions of a developing market economy, assessing employment solely by the number of jobs is insufficient. Such an assessment

should also take into account employment stability, income levels, labour productivity, safe working conditions, social protection, and opportunities for employees' professional development. At the same time, based on an analysis of the dynamics of labour market indicators in the Republic of Tajikistan, the role of the state, employers, and employees in shaping quality employment is identified. Productive employment can be ensured primarily through the coordination of the interests of the social partnership parties, the development of social dialogue, increased employer responsibility, protection of employees' labour rights, and the creation of favourable conditions for human capital development.

In this regard, the article substantiates the need to strengthen social partnership mechanisms aimed at ensuring productive employment, expand cooperation among the state, employers, and employees, develop systems of professional training and retraining, and encourage economic entities to create stable and formal jobs. In this context, closer integration of employment policy with social partnership mechanisms can contribute to higher labour productivity, improved employment quality, human capital development, and, more broadly, an improvement in the population's standard and quality of life. As one of the author's key proposals, greater integration of social partnership mechanisms with employment policy, human capital development, and incentives for employers to create formal and sustainable jobs is emphasized.

Keywords: social partnership, productive employment, labour market, formal employment, labour productivity, wages, human capital, employer, employee, social protection.

Муқаддима. Дар шароити муосир таъмини шуғли аҳолӣ яке аз масъалаҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Вале тағйироти сохтории иқтисодиёт, саноатикунонӣ, рақамикунонӣ ва афзоиши талабот ба неруи кории соҳибтахассус зарурати гузариш аз мафҳуми одии «шуғл» ба мафҳуми васеътари «шуғли пурмаҳсул»-ро ба миён овардааст. Шуғли пурмаҳсул на танҳо доштани ҷойи кор, балки фаъолияти устувор ва қонуние мебошад, ки ба корманд даромади муносиб, ҳифзи меҳнат, рушди касбӣ ва истифодаи самараноки қобилияти меҳнатиро таъмин менамояд. Маҳз дар ҳамин раванд шарикии иҷтимоӣ метавонад манфиатҳои давлат, корфармо ва кормандро ба ҳам пайваста, ба механизми муҳимми баланд бардоштани сифати шуғл табдил ёбад. Дар "Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул то соли 2040" [4] низ шуғли устувор, даромади муносиб, маҳсулнокии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун унсурҳои муҳими рушди шуғл баррасӣ мешаванд.

Асосҳои назариявӣ. Аз нигоҳи иқтисодӣ шуғли пурмаҳсул бояд ҳам натиҷаи иқтисодӣ ва ҳам натиҷаи иҷтимоӣ дошта бошад. Яъне, ҷойи кор дар баробари тавлиди арзиши иловашуда бояд барои такрористеҳсоли қувваи корӣ, баланд шудани сатҳи зиндагӣ ва рушди қобилияти касбии корманд шароит фароҳам оварад. Дар чунин муносибат шарикии иҷтимоӣ вазифаи пайвасткунандаи сиёсати давлатии шуғл, манфиати иқтисодии корфармо ва манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии кормандро иҷро менамояд. Механизмҳои гуфтушуниди коллективӣ, шартномаҳои коллективӣ, комиссияҳои сетарафа, омӯзишу бозомӯзии касбӣ ва ҳавасмандгардонии корфармоён метавонанд ба устувории шуғл таъсири бевосита расонанд. Дар ин замина, ба таври даққиқу асоснок ҷанбаҳои назариявии масъала, таҳдиди назар карда шудааст.

Усулҳои таҳқиқот. Дар мақола усулҳои таҳлили оморӣ, динамикӣ, муқоисавӣ, системавӣ ва мантиқӣ истифода шудаанд. Нишондиҳандаҳои шуғл, қувваи корӣ, бекорӣ ва музди меҳнат муқоиса гардида, робитаи онҳо бо вазифаҳои шарикии иҷтимоӣ арзёбӣ шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади мақола асоснок намудани нақши шарикии иҷтимоӣ дар ташаккули шуғли пурмаҳсул ва муайян намудани самтҳои такмили ҳамкории давлат, корфармоён ва кормандон дар самти баланд бардоштани сифати шуғл мебошад.

Баррасии масъала. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 таъкид шудааст, ки «яке аз ҳадафҳои стратегие, ки дар СМР–2030 дарҷ гардидааст, зарурати таъмин ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар кишвар бо афзоиши шуғли расмӣ ва маҳсулнокии меҳнат, сатҳи муносиби музди меҳнат, инчунин, шароити бехатари кор ба ҳисоб меравад» [3, с. 113]. Аммо заминаи ҳуқуқии сиёсати шуғл, пеш аз ҳама, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, №44 муайян гардидааст. Қонуни мазкур шуғлро ҳамчун фаъолияти қонунӣ ва даромадовари шаҳрванд муайян намуда, мусоидат ба бокортаъминкунӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ, корҳои ҷамъиятӣ, дастгирии соҳибкории инфиродӣ ва ҳифзи иҷтимоии бекоронро ҳамчун воситаҳои фаъоли танзими бозори меҳнат пешбинӣ менамояд [5, мод.1]. Дар ин росто, мазмуни қонуни мазкур барои ташаккули сиёсати фаъоли бозори меҳнат заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст.

Дар радифи чорабиниҳои асосӣ (самтҳои фаъолият) барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳо доир ба тавсеаи шуғли пурмаҳсул мукаммалгадонии муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ, бахусус институти шарикии иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Ҳарчанд, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» аз 29 январи соли 2021, №1761 муҳимтарин қадам дар самти пайвастани низоми тайёр намудани кадрҳо ба талаботи воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Тибқи он, "…муайян намудани талаботи имрӯза ва ояндаи корфармоён ба мутахассисон, иштироки корфармоён дар таҳияи стандартҳои салоҳият, рушди иттилооти касбӣ ва васеъ намудани доираи шуғли самаранок ҳамчун самтҳои сиёсати давлатӣ муқаррар шудаанд" [6, моддаи 3]. Қонун ҳамчунин аз муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти ваколатдор тақозо менамояд, ки талаботи бозори меҳнатро омӯзанд ва тайёрӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзиро ба талаботи касбии корфармоён мутобиқ созанд [6, моддаи 7 ва 10]. Илова бар ин, масъалаи "…тайёрии касбии шаҳрвандони бекор, корҳои ҷамъиятии муздиок, дастгирии соҳибкории инфиродӣ, ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ, квотакунонии ҷойҳои корӣ барои гурӯҳҳои осебпазир ва пардохти кумакпулии бекорӣ дар «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027»[2 , б.1–2] дарҷ гардидааст. Дар

баробари ин, “Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул барои солҳои 2023–2027” рушди шуғлро бо сармояи инсонӣ, баландшавии маҳсулнокии меҳнат, саноатикунонӣ ва самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ пайваст менамояд [2, б.1–2]. Муҳимтар аз ҳама, чунин равиш ба Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 тасдиқ шудааст, такя мекунад.

Дар ин радиф, шуғли пурмаҳсул ҳамчун муҳимтарин ҳадафи рушди шарикии иҷтимоӣ баррасӣ мегардад, зеро он таъмини шуғли устувор, даромади муносиб, маҳсулнокии меҳнат, ҳифзи иҷтимоии кормандон ва истифодаи самараноки иқтидори меҳнатиро дар бар мегирад. Аз нигоҳи мо, рушди шарикии иҷтимоӣ бояд ба фароҳам овардани чунин шароити меҳнатӣ равона гардад, ки дар он манфиатҳои давлат, корфармо ва корманд ҳамоҳанг шуда, ба баланд гардидани сифати шуғл ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат намояд.

Зимнан, барои арзёбии нақши шарикии иҷтимоӣ дар таъмини шуғли пурмаҳсул муҳим аст, ки на танҳо тағйирёбии шумораи аҳолии машғул ва сатҳи бекорӣ, балки динамикаи қувваи корӣ ва музди меҳнат низ мавриди таҳлил қарор дода шавад. Зеро афзоиши шуғл танҳо дар ҳолате метавонад хусусияти пурмаҳсул касб намояд, ки он бо баланд гардидани даромади меҳнатӣ, устувории ҷойҳои корӣ, истифодаи самараноки иқтидори меҳнатӣ ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоию меҳнатии кормандон ҳамоҳанг бошад. Аз ин рӯ, муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар солҳои 2019–2023 пешниҳод гардидааст, ки дар он тамоюли умумии шуғл муайян гардида, заминаи оморӣ барои арзёбии минбаъдаи нақши шарикии иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сифати шуғл фароҳам оварда шавад (ниг.ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар заминаи ташаккули шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2019–2023

№	Нишондиҳанда	2019	2023	Тағйирот
1	Аҳолии машғул, ҳазор нафар	2463	2625	+6,6%
2	Қувваи корӣ, ҳазор нафар	2514	2675	+6,4%
3	Бекорони бақайдгирифташуда, ҳазор нафар	51	50	–2,0%
4	Сатҳи бекории бақайдгирифташуда, %	2,0	1,8	–0,2 банди фоизӣ
5	Музди миёнаи номиналии моҳона, сомонӣ	1335,52	2013,11	+50,7%

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [1].

Бо вуҷуди динамикаи мусбат, масъалаи асосӣ сифати ҷойҳои корӣ боқӣ мемонад. Тибқи маълумоти дар таҳқиқот истифодашуда, дар баробари афзоиши шуғл, динамикаи музди меҳнат низ мусбат мебошад. Музди миёнаи номиналии моҳонаи як корманд аз 1335,52 сомонӣ дар соли 2019 то 2013,11 сомонӣ дар соли 2023 ё тақрибан 50,7 фоиз афзудааст [1, с.167]. Аммо ин нишондиҳанда номиналӣ буда, барои хулосаи пурра оид ба болоравии даромади воқеӣ бояд таъсири таваррум ва тағйирёбии арзиши зиндагӣ низ ба ҳисоб гирифта шавад. Ҳамзамон, маълумоти соли 2023 фарқияти музди меҳнати мардону занонро нишон медиҳад: барои кормандони моҳи декабр пурра коркарда музди миёнаи мардон 2639,85 сомонӣ ва занон 1690,39 сомониро ташкил додааст [1, с.183]. Аз ин рӯ, ҳангоми баҳодиҳии шуғли пурмаҳсул на танҳо афзоиши миёнаи музди меҳнат, балки фарқиятҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва гендерӣ низ бояд омӯхта шаванд.

Дар шароити муосир дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ бояд на танҳо ҳамчун тадбири иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи таъмини шуғл, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва рушди шарикии иҷтимоӣ баррасӣ гардад. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки: “…тибқи моддаи 3 вазифаи қонунгузории меҳнат фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои мувозинати манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Ҳамзамон, дар асоси моддаи 9 Кодекси мазкур муносибатҳои шарикии иҷтимоиро бевосита ба доираи танзими худ дохил менамояд” [10].

Лозим ба таъкид аст, ки дар моддаи 295 Кодекси меҳнат нақши соҳибкорон ҳамчун корфармо дар низоми шарикии иҷтимоӣ мушаххас гардидааст. Тибқи он, “…корфармоён ҳуқуқ доранд дар иттифоқу ассотсиатсияҳо муттаҳид шуда, тавассути намояндагии манфиатҳои худ ва ҳимояи ҳуқуқҳояшон дар муносибатҳои меҳнатӣ шарикии иҷтимоиро амалӣ намоянд. Мақсади шарикии иҷтимоӣ бошад, тибқи моддаи 297, аз ҷумла ҳифзи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, рушди шуғл ва бозори меҳнат мебошад” .

Муҳимтар аз ҳама, моддаи 303 Кодекси меҳнат имкон медиҳад, ки дар доираи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ тадбирҳои рушди бозори меҳнат, таъмини шуғли пурмаҳсул ва ҳатто имтиёзу афзалиятҳои иловагӣ барои корфармоёне, ки ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, пешбинӣ карда шаванд. Ин муқаррарот заминаи ҳуқуқиро барои пайвастани дастгирии соҳибкорӣ бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии корфармоён фароҳам меорад. Ба ақидаи мо, механизми дастгирии соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бояд бо механизмҳои шарикии иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда шуда, пешниҳоди имтиёз ва дастгирӣ бештар ба субъектҳое равона гардад, ки ҷойҳои нави расмӣ таъсис медиҳанд, ҳуқуқҳои меҳнатии кормандонро риоя менамоянд, музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоиро таъмин карда, шартномаҳои коллективиро татбиқ менамоянд. Чунин равиш ба мазмун ва ҳадафҳои моддаҳои 296–303 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар асоси нишондиҳандаҳо, афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ худ аз худ маънои пурмаҳсул гардидани шуғлро надорад. Барои арзёбии воқеӣ бояд давомнокии шуғл, расмият, музди меҳнат, маҳсулнокӣ, ҳифзи меҳнат, таъмини иҷтимоӣ ва рушди касбии корманд якҷоя ба назар гирифта шаванд. Аз ин рӯ, нақши шарикии иҷтимоӣ дар самти шуғли пурмаҳсулро метавон дар панҷ самти асосӣ муайян намуд: якум, мувофиқа намудани талаботи бозори меҳнат ва эҳтиёҷоти корфармоён ба кадрҳо; дуюм, таъсиси ҷойҳои кори расмӣ ва устувор; сеюм,

пайвастани музди меҳнат бо маҳсулнокӣ ва натиҷаи меҳнат; чорум, рушди омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос; панҷум, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва шароити бехатари меҳнат.

Дар Кодекси меҳнат низ рушди шуғл ва бозори меҳнат ба ҳадафҳои шарикии иҷтимоӣ мансуб дониста шуда, дар доираи созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ имкони пешбинӣ намудани тадбирҳои рушди бозори меҳнат, шуғли пурмаҳсул ва афзалиятҳо барои корфармоёни таъсисдиҳандаи ҷойҳои нави корӣ вуҷуд дорад. Аммо таҷрибаи ҷаҳонии инкишофи ҳамкории кормандон ва корфармоён (меҳнат ва сармоя) собит намудааст, ки сатҳи баланди муносибатҳои иҷтимоӣ–меҳнатиро бо назардошти воқеии манфиатҳои тарафҳо танҳо дар асоси низоми шарикии иҷтимоӣ таъмин кардан мумкин аст. Мусаллам аст, ки дар он танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ мавқеи муҳимро касб менамояд. Бояд ба инобат гирифт, ки бозори меҳнат ва низоми шуғли аҳолӣ шакли мутобиқшавии низомҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад ва аз ин рӯ, бояд объекти танзими давлатӣ ва ҷамъиятӣ бошанд. Шарикии иҷтимоӣ камбудиҳои идоракунии маъмурӣ ва худтанзимкунии бозорро ҷуброн намуда, тавозунии манфиатҳои шариконро таъмин менамояд. Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои кормандон ва корфармоён ба яке аз звеноҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва муборизаи бо бекорӣ табдил ёфта, нақши муътадилгардониро иҷро намуда, ба устувории иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷиҳати ҳалли масъалаи шуғли аҳолӣ ва муборизаи бо бекорӣ лозим аст фазои гуфтушунидҳои иҷтимоиро васеъ намуда, аз вазифаҳои танзимкунандаи шарикии иҷтимоӣ истифода бурда, нақши мақомоти давлатӣ ва хадамоти минтақавии шуғли аҳолиро ҳамчун субъектҳои фаъоли шарикии иҷтимоӣ баланд бардоштан зарур аст.

Чунин муносибат ба меъёрҳои Созмони байналмилалии меҳнат мувофиқат мекунад. Мутобиқи Конвенсияи СБМ №122 «Дар бораи сиёсати шуғл», сиёсати давлатӣ бояд ба таъмини шуғли пурра, пурмаҳсул ва озодона интихобшуда равона гардида, барои ҳамаи шахсони қобили меҳнат имконияти кор ва истифодаи самараноки малакаву қобилиятҳои касбӣ муҳайё созад [7, мод.1]. Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро 26 ноябри соли 1993 ба тасвиб расонидааст. Ҳамчунин, Конвенсияи №142 оид ба рушди захираҳои инсонӣ, Конвенсияи №159 оид ба тавонбахшии касбӣ ва шуғли шахсони дорои маъюбият ва Конвенсияи №160 оид ба омори меҳнат аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Тоҷикистон дер боз масъалаи шуғли аҳолӣ танҳо бо мақсади пешгирӣ ва ё бартараф намудани бекорӣ баррасӣ карда мешавад, сиёсати шуғли аҳолӣ бошад, ҳамчун маҷмӯи тадбирҳое, ки ба коҳиш додани бекорӣ ва дастгирии худи шаҳрвандони бекор нигаронида шудаанд, дида мешуд. Имрӯз дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии қобили меҳнат дар корхонаҳои истеҳсолӣ таваҷҷуҳ зиёд мегардад. Дар ояндаи наздик сарфи назар аз маҷмӯи тадбирҳои андешидаи давлат, ки ба рушди барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти аҳолӣ нигаронида шудаанд, ҳалли як қатор масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ душвор аст. Ҳамчун роҳи раҳоӣ аз ин вазъият, бо назардошти таҷрибаи мусбати хориҷӣ метавон сиёсати иҷтимоии корпоративиро дар корхонаҳои муосири ватанӣ татбиқ намуд. Имрӯз чунин модели ҳифзи иҷтимоӣ ниҳоят муфид буда, барои тамоми аҳолии кишвар аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад. Дар ин ҳолат зарурати таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба захираи пуриқтидори ҳоло дар кишвар истифоданашудаи баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии кормандони меҳнати кироя дар ташкили ҳифзи иҷтимоии кормандон дар корхонаҳо ба миён меояд. Дар ин сурат, таҷрибаи мусбати ташкили низоми ҳифзи иҷтимоии кормандон дар корхонаҳои кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон бояд истифода бурда шавад.

Тавре, ки дар боло ишора намудем, тавсияи СБМ №122 талаб менамояд, ки: “…сиёсати шуғл бо ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳамоҳанг гардида, дар асоси таҳлили талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, бекорӣ ва нопуррашуғлӣ татбиқ шавад” [8, б.1]. Тавсияи №195 оид ба рушди захираҳои инсонӣ бошад, таҳсилот, омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва омӯзиши якумриро ҳамчун воситаи асосии баланд бардоштани қобилияти бокортаъминшавии шаҳрвандон муайян намуда, зарурати мутобиқ намудани малакаҳо ба тағйироти технологӣ ва талаботи бозори меҳнатро таъкид мекунад [9, б.2; 8, 16–18]. Аз ин нуқтаи назар, баҳодиҳии сиёсати шуғл танҳо аз рӯи шумораи ҷойҳои корӣ кофӣ набуда, бояд сифати ҷойҳои корӣ, даромад, устувории шуғл ва натиҷаи омӯзиши касбӣ низ ба инобат гирифта шавад.

Ин аст, ки шуғли пурмаҳсулро танҳо аз рӯйи шумораи ҷойҳои корӣ ва сатҳи бекории бақайдгирифташуда арзёбӣ намудан нокифоя буда, он бояд маҷмӯи нишондиҳандаҳои сифатӣ устувории шуғл, маҳсулнокии меҳнат, музди муносиб, шароити бехатари кор, ҳифзи иҷтимоӣ ва истифодаи самараноки дониш ва малакаҳои кормандонро фаро гирад. Дар ин замина, нақши шарикии иҷтимоӣ ҳамчун механизми пайвасткунандаи сиёсати давлатии шуғл, манфиатҳои корфармоён ва талаботи иҷтимоию меҳнатии кормандон асоснок карда шуд. Аз ин лиҳоз, тавассути гуфтушуниди иҷтимоӣ, иштироки корфармоён дар тайёрӣ ва бозомӯзии кадрҳо, шартномаҳои коллективӣ ва механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ имконияти таъсиррасонӣ на танҳо ба миқдор, балки ба сифати ҷойҳои корӣ фароҳам меояд. Масъалаи мазкур низ ба таври муфассал қаблан аз ҷониби мо [11] маврди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Зимнан, рушди шуғли пурмаҳсул бо масъулияти иҷтимоии корфармо ва низоми ҳифзи иҷтимоии дохиликорхонавӣ робитаи мустақим дорад. Ташкили фондҳо ва барномаҳои иҷтимоии корхона метавонад ба баланд шудани эътимод ва ҳавасмандии меҳнатӣ, нигоҳдории кадрҳои соҳибихтисос, таҳкими интизоми меҳнат ва афзоиши ҳосилнокӣ мусоидат намояд. Пас, дар асоси натиҷаҳои таҳлил пешниҳод мегардад, ки баҳодиҳии сиёсати шуғл аз модели асосан миқдорӣ ба низоми арзёбии миқдорию сифатии шуғли пурмаҳсул гузаронида шавад. Дар баробари шумораи ҷойҳои нави корӣ ва сатҳи бекорӣ, нишондиҳандаҳои устувории ҷойи кор, ҳиссаи шуғли расмӣ, сатҳ ва динамикаи даромади меҳнатӣ, маҳсулнокии меҳнат, фарогирӣ бо ҳифзи иҷтимоӣ, мутобиқати тахассус ба ҷойи кор ва натиҷаи касбомӯзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Натиҷаи баррасӣ. Метавон гуфт, ки таъмини шуғли пурмаҳсул дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд на танҳо аз рӯйи афзоиши шумораи аҳолии машғул ва ҷойҳои нави корӣ, балки аз рӯйи маҷмӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ арзёбӣ карда шавад. Бо вуҷуди ин, афзоиши нишондиҳандаҳои миқдорӣ ҳанӯз барои хулосаи пурра

оид ба сатҳи шуғли пурмаҳсул кофӣ нест, зеро устувории ҷойи кор, сатҳи воқеии даромад, маҳсулнокии меҳнат, шароити бехатари кор, фарогирӣ бо ҳифзи иҷтимоӣ ва имконияти рушди касбии кормандон низ аҳамияти ҳалкунанда доранд. Дар ин зимн, шарикии иҷтимоӣ метавонад ҳамчун механизми пайвасткунандаи сиёсати давлатии шуғл, манфиатҳои иқтисодии корфармоён ва манфиатҳои иҷтимоию меҳнатии кормандон баромад намояд. Махсусан, гуфтушунидҳои иҷтимоӣ, шартномаҳои коллективӣ, комиссияҳои сетарафа, иштироки корфармоён дар тайёрӣ ва бозомӯзии кадрҳо ва механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки таъсир на танҳо ба миқдори ҷойҳои корӣ, балки ба сифати онҳо низ расонида шавад.

Дар ин замина, нақши шарикии иҷтимоӣ дар панҷ самти асосӣ муайян карда шуд:-

– мувофиқа намудани талаботи бозори меҳнат бо эҳтиёҷоти корфармоён ба кадрҳо;
– таъсиси ҷойҳои кори расмӣ ва устувор;
– пайвастани музди меҳнат бо маҳсулнокӣ ва натиҷаи меҳнат;
– рушди омӯзишу бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
– таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва шароити бехатари меҳнат. Аз ин лиҳоз, ушди шуғли пурмаҳсул бо масъулияти иҷтимоии корфармо ва низоми ҳифзи иҷтимоии дохиликорхонавӣ робитаи мустақим дорад. Бинобар ин, баҳодиҳии сиёсати шуғл бояд аз модели асосан миқдорӣ ба низоми миқдорию сифатӣ гузаронида шуда, дар баробари шумораи ҷойҳои нави корӣ ва сатҳи бекорӣ нишондиҳандаҳои устувории шуғл, ҳиссаи шуғли расмӣ, сатҳ ва динамикаи даромади меҳнатӣ, маҳсулнокии меҳнат, фарогирӣ бо ҳифзи иҷтимоӣ, мутобиқати тахассус ба ҷойи кор ва натиҷаи касбомӯзӣ низ ба инобат гирифта шаванд.

Хулоса, ки шарикии иҷтимоӣ дар таъмини шуғли пурмаҳсул нақши ҳамоҳангсоз, танзимкунанда ва ҳавасмандгардонанда дошта, ба мувофиқаи манфиатҳои давлат, корфармоён ва кормандон мусоидат менамояд. Дар шароити муосир арзёбии шуғл танҳо аз рӯйи шумораи ҷойҳои корӣ кофӣ набуда, сифати шуғл, аз ҷумла расмияти ҷойи кор, устувории он, сатҳи муносиби музди меҳнат, маҳсулнокӣ, шароити бехатари меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва имконияти рушди касбии кормандон бояд ба инобат гирифта шавад. Пас, тақвияти механизмҳои шарикии иҷтимоӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокии бозори меҳнат, рушди сармояи инсонӣ ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Аз ин нуқтаи назар, зарурияти ҳамгироии сиёсати давлатии шуғл бо механизмҳои шарикии иҷтимоӣ торафт пеш омада, баҳодиҳии он аз равиши асосан миқдорӣ ба низоми миқдорию сифатӣ гузаронида шавад. Ҳамзамон, дастгирии давлатӣ ва иқтисодии корфармоён бештар ба субъектҳое равона гардад, ки ҷойҳои кори расмӣ ва устувор таъсис медиҳанд, ҳуқуқҳои меҳнатиро риоя менамоянд, шароити бехатари меҳнат ва ҳифзи иҷтимоиро таъмин мекунанд ва ба омӯзишу рушди касбии кормандон маблағгузорӣ менамоянд. Тақвияти ҳамкории давлат, корфармоён, намояндагони кормандон ва муассисаҳои таълимӣ дар ин самт метавонад ба ташаккули шуғли воқеан пурмаҳсул ва баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 333 с.
2. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027. (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.05.2025 № 326). [Захираи электронӣ] https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=144953 (санаи дархост: 18.08.2026).
3. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, с 113
4. Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, №44. [Захираи электронӣ] https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=23619 (санаи дархост: 12.08.2026).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» аз 29 январи соли 2021, №1761. [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/system/files/Legislation/1761_tj.pdf (санаи дархост: 18.08.2026).
7. Международная организация труда. Конвенция №122 «О политике в области занятости», 1964. [Электронный ресурс] https://normlex.ilo.org/dyn/nrmlx_fr/f?p=NORMLEXPUB: 12100:0::NO::P12100_INSTRUMENT_ID%2CP12100_LANG_CODE:312267%2Cen&utm (дата обращение: 17.08.2026).
8. Международная организация труда. Конвенция №122 «О политике в области занятости», 1964. [Электронный ресурс] https://normlex.ilo.org/dyn/nrmlx_fr/f?p=NORMLEXPUB: 12100:0::NO::P12100_INSTRUMENT_ID%2CP12100_LANG_CODE:312267%2Cen&utm (дата обращение: 17.08.2026).
9. Международная организация труда. Рекомендация №195 «О развитии людских ресурсов: образование, подготовка кадров и непрерывное обучение», 2004. [Электронный ресурс] https://normlex.ilo.org/dyn/nrmlx_en/f?p=NORMLEXPUB: 12100:0::NO::P12100_INSTRUMENT_ID:312460&utm (дата обращение: 17.08.2026).
10. Системаи марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «ADLIA». // Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1329, бо тағйиру иловаҳо аз 19.07.2022 №1897, 20.06.2024 №2054, 16.02.2026 №2234 ва 17.06.2026 №2261. – Моддаҳои 3, 9, 295–303. https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=127424&compareid=127424&utm
11. Шоҳиен А.М. Муносибатҳои назариявӣ доир ба тавсифи шарикии иҷтимоӣ ва хусусияти он дар бахши хусусии иқтисодиёт // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – №4-2(39). – С.365–374.

УДК: 338.45:658.15

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ САБУК

Хуҷаев Маҳмадшоҳ Маҳмадрафиқович
ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Тел: (+992) 988-88-99-38.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии марбут ба идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук баррасӣ карда шудааст. Аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди устувори корхонаҳои саноати сабук, зарурати такмили усулҳои таҳлил, банақшагирӣ ва арзёбии лоиҳаҳо асоснок карда мешавад. Асосан мушкилоти методологӣ ва консептуалии марбут ба ташаккул, банақшагирӣ ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба масъалаҳои назариявӣ аз қабили муайянсозии моҳият ва хусусияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноати сабук, принсипҳо ва меъёрҳои илмии идоракунии онҳо, мушкилоти интихоби меъёрҳои молиявӣ, методҳои таҳлили хавфҳо, норасоии моделҳои ягонаи арзёбии самаранокӣ, мутобиқсозии лоиҳаҳо ба муҳити бозорӣ, мушкилоти таъмини устувории стратегӣ ва инноватсионии лоиҳаҳо диққат дода мешавад. Инчунин, масъалаҳои назариявии таъсири омилҳои технология, рақобат, моделҳои идоракунии муосир ва зарурати мутобиқ намудани онҳо ба соҳаи саноати сабук баррасӣ мегарданд.

Калидвожаҳо: назарияҳо, муҳақиқон, идоракунии лоиҳаҳо, сармоягузорӣ, саноати сабук, рушди соҳа, таҳқиқотҳо, масъалҳои омӯзиш, натиҷаҳо, лоиҳаҳо, моделҳо.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ ПРОЕКТАМИ В ОТРАСЛИ ЛЁГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

Худжаев Махмадшох Махмадрафикович
ассистент кафедры финансов Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: (+992) 988-88-99-38.

В данной статье рассматриваются теоретические вопросы, связанные с управлением инвестиционными проектами в отрасли лёгкой промышленности. Обосновывается значимость инвестиций для устойчивого развития предприятий лёгкой промышленности, а также необходимость совершенствования методов анализа, планирования и оценки проектов. Основное внимание уделено методологическим и концептуальным проблемам формирования, планирования и оценки инвестиционных проектов. Анализируются такие теоретические аспекты, как определение сущности и особенностей инвестиционных проектов в лёгкой промышленности, принципы и научные критерии их управления, проблемы выбора финансовых показателей, методы анализа рисков, отсутствие единой модели оценки эффективности, адаптация проектов к рыночной среде, проблемы обеспечения стратегической и инновационной устойчивости. Кроме того, рассматриваются теоретические вопросы влияния технологических факторов, конкуренции, современных моделей управления и необходимости их адаптации к специфике лёгкой промышленности.

Ключевые слова: теории, исследователи, управление проектами, инвестиции, лёгкая промышленность, развитие отрасли, исследования, проблемы изучения, результаты, проекты, модели.

THEORETICAL ISSUES OF INVESTMENT PROJECT MANAGEMENT IN THE LIGHT INDUSTRY SECTOR

Khujaev Mahmadshoh Mahmadrafiqovich
assistant at the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: (+992) 988-88-99-38.

This article examines the theoretical issues related to the management of investment projects in the light industry sector. The significance of investments for the sustainable development of light industry enterprises and the necessity of improving methods of project analysis, planning, and evaluation are substantiated. The study focuses on methodological and conceptual problems associated with the formation, planning, and assessment of investment projects. Theoretical aspects such as defining the essence and characteristics of investment projects in light industry, principles and scientific criteria of their management, challenges in selecting financial indicators, risk analysis methods, the absence of a unified efficiency assessment model, adaptation of projects to the market environment, and issues of ensuring strategic and innovative sustainability are analyzed. Furthermore, the theoretical impact of technological factors, competition, modern management models, and the need for their adaptation to the specifics of the light industry are discussed.

Keywords: theories, researchers, project management, investment, light industry, sector development, research, study issues, outcomes, projects, models.

Муқаддима. Дар шароити иқтисоди муосир идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори соҳаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла саноати сабук, ба ҳисоб меравад. Зеро маҳз тавассути ташкили дурусти равандҳои сармоягузорӣ имконияти навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ фароҳам оварда

мешавад. Дар ин замина, таҳқиқи масъалаҳои назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Методология. Таҳлили корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи назарияҳои гуногуни иқтисодӣ ва идоракунӣ баррасӣ мегарданд. Олимон бештар ба масъалаҳои банақшагирии сармоягузорӣ, баҳодиҳии самаранокӣ, идоракунии хавфҳо ва истифодаи самараноки захираҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар чунин шароит омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии истифодаи сармоя, натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва сифати идоракунии онҳо муайян карда шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи ин масъала дар шароити рушди иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои муҳими илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи саноати сабук марҳилаҳои гуногуни рушдро паси сар намуда, тадриҷан ба шароити иқтисоди бозорӣ мутобиқ гардид. Дар ин давра дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, имкониятҳои нав барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук фароҳам оварда шуданд.

Натиҷаҳо. Саноати сабук яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, зеро он на танҳо ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад, балки ба қонеъсозии талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалия мусоидат карда, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобатҳои шадид, корхонаҳои саноати сабук ба навсозии технологию инноватсонӣ, беҳтаргрдонии сифати маҳсулот, истифодаи самараноки захираҳо ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ниёз доранд. Ин равандҳо танҳо дар он ҳолатҳое муваффақ мешаванд, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо риояи принсипҳо ва методологияҳои муосири идоракунии лоиҳаҳо татбиқ карда шаванд.

Бо вуҷуди ин, дар амалияи бисёр корхонаҳои соҳаи саноати сабук мушкилот ба мисли норасоии сармояи доимӣ, хавфҳои баланд, набудани иттилооти муосир, қарорҳои идоракунӣ ва истифодаи нодурусти захираҳои дохилӣ мушоҳида мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани онҳо ба амалияи истеҳсолӣ аҳамияти калон дорад.

Лоиҳаи сармоягузорӣ маҷмӯи чорабиниҳоест, ки ба афзоиши арзиши корхона тавассути ҷорӣ намудани технологияи нав, сохтмон, ҷиҳозонидани усулҳои техникию инноватсионӣ, васеъкунӣ ё беҳтагардонии истеҳсолот равона гардидааст.

Доир ба масъалҳои мазкур ҷиҳати тадбиқи лоиҳаҳо, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои соҳаи саноат махсусан саноати сабук олимонӣ ватанию хориҷӣ таҳқиқотҳои зиёд анҷом додаанд.

Пайдоиши истилоҳи «лоиҳа» ба калимаи лотинии «projectum» марбут аст, ки худ аз омезиши ду калимаи «pro» ва «jacere» ба вуҷуд омада, дар тарҷумаи дақиқ маънои «пеш партофташуда» ё «пешоҳанг»-ро медиҳад. Дар асл, фаъолиятҳои лоиҳавӣ нақшаи амалҳоро барои ба даст овардани ҳадафҳо ифода мекунанд, ки ин маъно ба мафҳуми аслии ин калима хеле ҳамоҳанг мебошад [16].

Дар адабиёти илмию таҳиқотӣ ба муайян намудани моҳияти мафҳуми «лоиҳа» равишҳои гуногуни зиёд мавҷуданд, зеро ин истилоҳ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият истифода мешавад. Аз ин рӯ, лоиҳа метавонад ҳамчун нақшае шарҳ дода шавад, ки ҳадафи он ворид намудани навовариҳои муҳими амалӣ дар соҳаҳои гуногун мебошад. Ҳамчунин лоиҳа маҷмӯи чорабиниҳое фаҳмида мешавад, ки аз рӯи вақт ва буҷет маҳдуд буда, ҳадафи татбиқи онҳо ба даст овардани натиҷаи дақиқ муайяншуда мебошад.

Ба андешаи И. И. Мазур, В. Д. Шапиро ва Н. Г. Олдерогге, лоиҳа ба фаъолияти стандартии амалётӣ (истеҳсолӣ ё савдоӣ) ҷудо мегардад. Дар ҳоле ки фаъолияти амалётӣ дорои хусусияти даврӣ буда, дар замон маҳдудият надорад, лоиҳа танҳо дар даврае идома меёбад, ки барои расидан ба ҳадафи он кофӣ мебошад. Ин омил ба воситаҳо ва усулҳои арзёбии самаранокии фаъолияти лоиҳавӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад ва онҳоро аз методҳое, ки барои фаъолияти асосии корхонаҳо истифода мешаванд, ба таври назаррас фарқкунанда мегардонад [17].

Аҳамияти идоракунии лоиҳавӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, бо вуҷуди он тасдиқ мешавад, ки ин мафҳум дар қонунгузории амалкунанда чунин муайян шудааст. Аз ҷумла, лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳо муайян карда мешавад, ки бар асоси низоми арзишҳои миллӣ ва вазифаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян шуда, ба рушди соҳаҳо, бахшҳои иқтисодиёт, истеҳсолот ва рушди минтақаҳо равона гардидаанд. Татбиқи чунин лоиҳаҳо бо истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ ва ё буҷетҳои маҳаллӣ ё тавассути додани кафолатҳои давлатӣ ва ё маҳаллӣ анҷом дода мешавад.

Дар шароити рушди иқтисодиёти муосир, идоракунии самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук аҳамияти калидӣ касб менамояд. Асосҳои назариявии ин раванд ба ҳамгироии принсипҳои иқтисодӣ, идоракунӣ ва банақшагирии стратегӣ такя мекунанд. Истифодаи усулҳои муосири идоракунии лоиҳаҳо имкон медиҳад, ки хавфҳо коҳиш ёфта, самаранокии истифодаи захираҳо баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, баррасии унсурҳои асосии назариявии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои рушди устувори саноати сабук муҳим мебошад.

№	Унсури назариявӣ	Мазмун ва тавсифи васеъ	Аҳамияти амалӣ
1	Мақсадгузорӣ (Goal Setting)	Муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии лоиҳа бо дарназардошти талаботи бозор, имкониятҳои истеҳсолӣ ва афзалиятҳои рақобатӣ, инчунин мутобиқсозии онҳо бо сиёсати рушди соҳа	Имкон медиҳад, ки самти рушди лоиҳа равшан муайян шуда, тамоми фаъолиятҳо ба натиҷаи мушаххас равона гарданд

№	Унсури назариявӣ	Мазмун ва тавсифи васеъ	Аҳамияти амалӣ
2	Банақшагирии лоиҳа	Таҳияи нақшаҳои муфассали молиявӣ, истеҳсолӣ ва вақтӣ бо истифода аз усулҳои муосири банақшагирӣ, ки дар он тамоми марҳилаҳои татбиқи лоиҳа ва захираҳои зарурӣ пешбинӣ мешаванд	Таъмини истифодаи оқилонаи захираҳо, кам кардани талафот ва ноил шудан ба натиҷаҳои пешбинишуда
3	Таҳлили иқтисодӣ	Гузаронидани таҳлили амиқи иқтисодӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ, аз қабили даромаднокӣ, муҳлати бозгашт ва арзиши софи ҷорӣ, инчунин баҳодиҳии таъсири омилҳои бозорӣ	Қабули қарорҳои асосноки сармоягузорӣ ва интихоби лоиҳаҳои дорои самаранокии баланд
4	Идоракунии хавфҳо	Муайян, гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии хавфҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва бозорӣ, инчунин таҳияи чораҳои пешгирикунанда ва механизмҳои кам намудани таъсири онҳо	Коҳиш додани таъсири омилҳои манфӣ ва таъмини устувории татбиқи лоиҳа
5	Назорат ва мониторинг	Ташкили низоми назорат ва мониторинги мунтазами раванди иҷрои лоиҳа бо истифода аз нишондиҳандаҳои калидӣ ва муқоисаи онҳо бо нақшаҳои пешбинишуда	Имконияти ошкор намудани саривақтии камбудиҳо ва андешидани чораҳои ислоҳӣ
6	Идоракунии захираҳо	Тақсимоти оптималии захираҳои молиявӣ, моддӣ ва инсонӣ бо дарназардошти самаранокии истифода ва афзалиятнокии вазифаҳо	Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии умумии фаъолияти лоиҳа
7	Арзёбии натиҷаҳо	Таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои ниҳоии лоиҳа бо истифода аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ, инчунин муқоисаи онҳо бо ҳадафҳои ибтидоӣ	Муайян намудани сатҳи муваффақият ва истифодаи таҷрибаи бадастомада дар лоиҳаҳои минбаъда
8	Инноватсия ва рақамикунонӣ	Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, системаҳои автоматиконидашуда ва ҳалли инноватсионӣ дар раванди идоракунии лоиҳа, аз ҷумла истифодаи барномаҳои таҳлилӣ ва платформаҳои рақамӣ	Беҳтар намудани сифати идоракунӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлили маълумоти дар ҷадвал пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук як низоми ҳамгиро ва мураккаб мебошад, ки аз якчанд унсурҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст. Пеш аз ҳама, мақсадгузорӣ ва банақшагирӣ ҳамчун пояи асосии ташаккули лоиҳа баромад намуда, самт ва доираи фаъолияти онро муайян мекунанд. Агар ин марҳилаҳо дуруст амалӣ гарданд, эҳтимолияти ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат ба таври назаррас зиёд мегардад.

Дар навбати худ, таҳлили иқтисодӣ ва идоракунии хавфҳо барои асоснок намудани қарорҳои сармоягузорӣ ва таъмини устувории лоиҳа аҳамияти калидӣ доранд. Онҳо имкон медиҳанд, ки омилҳои дохилӣ ва беруна ба таври комплексӣ баҳогузорӣ шуда, таъсири манфии онҳо пешгирӣ карда шавад. Ин махсусан барои соҳаи саноати сабук муҳим аст, зеро он аз тағйироти бозор ва талаботи истеъмолкунандагон вобастагии баланд дорад.

Марҳилаҳои назорат, мониторинг ва идоракунии захираҳо ба татбиқи амалии лоиҳа равона гардида, барои иҷрои самараноки он замина фароҳам меоранд. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ин равандҳо метавонад шаффофият ва дақиқии идоракуниро зиёд намояд.

Дар маҷмӯъ, татбиқи ҳамгирои ҳамаи унсурҳои зикршуда имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати сабук бо самаранокии баланд амалӣ гардида, ба рушди устувори соҳа ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд.

Муҳокима. Дар адабиёти илмии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил масъалаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, аз ҷониби як қатор олимон мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд. Таҳлили корҳои онҳо нишон медиҳад, ки идоракунии сармоягузорӣ ҳамчун низоми мураккаби бисёрсатҳавӣ баррасӣ гардида, ҷанбаҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва стратегиро дар бар мегирад.

Аз ҷумла, олими маъруфи соҳа И.А. Бланк идоракунии сармоягузориро ҳамчун низоми маҷмӯии принсипҳо ва усулҳои қабули қарорҳои идоракунӣ маънидод намуда, таъкид мекунад, ки: «Идоракунии сармоягузорӣ низоми принсипҳо ва усулҳои таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракуниро ифода мекунад, ки бо амалӣ намудани ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти сармоягузории корхона алоқаманд мебошанд» [2]. Ин равиш имкон медиҳад, ки тамоми марҳилаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз банақшагирӣ то назорат дар як низоми ягона муттаҳид карда шаванд.

Дар идомаи ин андеша, В.В. Ковалёв ба зарурати арзёбии ҳамаҷонибаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ диққати махсус дода, қайд менамояд: «Қабули қарорҳои сармоягузорӣ бояд ба арзёбии комплексии самаранокии сармоягузориҳо бо дарназардошти хавф ва омили вақт асос ёбад»[3]. Ин нуқтаи назар барои соҳаи саноати сабук аҳамияти махсус дорад, зеро дар ин соҳа тағйирёбии талаботи бозор ва омилҳои беруна хеле баланд аст.

Яке аз муҳаққиқони муҳими ватанӣ Сафоев А.К. ба ҳисоб меравад. Ӯ дар кори илмии худ масъалаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузориро дар шароити саноатикунонии босуръат таҳлил намудааст. Ба андешаи ӯ,

“истифодаи самараноки иқтидори лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ вазифаи калидии рушди иқтисоди миллӣ мебошад” [10]. Ин назария ба соҳаи саноати сабук низ татбиқшаванда аст, зеро он ҳамчун қисми муҳими комплекси саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Шахноза Маннапова таҳқиқотчии узбекистонӣ дар таҳқиқоти худ ба омилҳои макроиқтисодии таъмини фаъолияти сармоягузорӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ нишон медиҳад, ки “рушди минтақаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ба омилҳои институтсионалӣ ва сиёсати давлатӣ вобастагии калон дорад”. Ин равиш барои рушди саноати сабук дар кишварҳои ИДМ аҳамияти амалӣ дорад.

Ҳамзамон, С.В. Валдайцев идоракунии сармоягузориро бо масъалаи баланд бардоштани арзиши бозории корхонаҳо алоқаманд намуда, чунин ибрози назар мекунад: «Ҳадафи асосии фаъолияти сармоягузории корхона афзоиш додани арзиши бозории он тавассути ҷойгиркунии самараноки сармоя мебошад» [4]. Ин андеша нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ бояд на танҳо ба рушди истеҳсолот, балки ба баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо низ равона гардад.

Дар адабиёти илмӣ то имрӯз фаҳмиши ягона оид ба таносуби мафҳумҳои «низом» ва «сохтор» ташаккул наёфтааст. Бо вуҷуди ин, метавон чунин мавқеъро пешниҳод намуд, ки низом маҷмӯи воҳидҳо ва унсурҳои ба ҳам алоқамандро дар бар гирифта, сохтор бошад, таркиб, тартиби ҷойгиршавӣ ва хусусияти робитаи байни ин унсурҳоро ифода менамояд. Аз ин нуқтаи назар, низом ҳамчун маҷмӯи том ва сохтор ҳамчун шакли ташкили дохилии он баромад менамоянд. Аз ин рӯ, сохторро берун аз низом тасаввур кардан имконнопазир буда, он ҳамчун қисми ҷудонашаванда ва унсури ташкилдиҳандаи низом баромад мекунад.

Дар доираи таҳқиқи амнияти низоми бонкӣ, сохтори институтсионалии онро метавон ҳамчун маҷмӯи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ташкилотҳо, меъёрҳо, қоидаҳо ва механизмҳои танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ арзёбӣ намуд. Ба институтҳои расмӣ, пеш аз ҳама, мақомоти танзимкунанда ва назоратӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзӣ, низоми суғуртаи пасандозҳо ва дигар субъектҳои инфрасохтори молиявӣ дохил мешаванд. Институтҳои ғайрирасмӣ бошанд, маҷмӯи меъёрҳои рафтор, анъанаҳои иқтисодӣ, эътимоди ҷомеа ба низоми бонкӣ ва фарҳанги молиявиро дар бар мегиранд. Ҳамоҳангии фаъолияти ин унсурҳо яке аз шартҳои муҳими таъмини устуворӣ ва амнияти низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Сохтори институтсионалии низоми бонкӣ дар таъмини амнияти он нақши стратегӣ дошта, самаранокии муносибатҳои байни субъектҳои низом, сатҳи назорат, шаффофияти фаъолияти бонкҳо, ҳифзи манфиатҳои пасандозгузорон ва пешгирии хавфҳои системавиро муайян менамояд. Аз ин рӯ, таҳкими институтҳои танзимкунанда, такмили механизмҳои назорати бонкӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ ва рушди институтҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни бозори бонкӣ бояд ҳамчун омилҳои асосии стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ баррасӣ карда шаванд.

Дар раванди таҳаввули низоми бонкӣ ду шакли асосии тағйироти институтсионалиро метавон ҷудо намуд: рушди институтсионалӣ ва таназзули институтсионалӣ. Рушди институтсионалӣ бо ташаккули институтҳои нав, такмили механизмҳои танзим ва назорат, мутобиқсозии низоми бонкӣ ба талаботи муосири иқтисодӣ ва технологӣ, инчунин баланд гардидани самаранокии фаъолияти субъектҳои он алоқаманд мебошад. Баръакс, таназзули институтсионалӣ метавонад дар натиҷаи суст гардидани механизмҳои назорат, коҳиши эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо, афзоиши хавфҳои системавӣ, нокифоя будани заминаи меъёриву ҳуқуқӣ ва паст шудани самаранокии институтҳои молиявӣ ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тариқ, таҳкими сохтори институтсионалии низоми бонкӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи таъмини амнияти он маҳсуб ёбад. Мукаммал намудани институтҳои танзим ва назорат, рушди механизмҳои идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти бонкҳо ва таҳкими эътимоди ҷомеа метавонанд барои нигоҳдории устувории низоми бонкӣ ва пешгирии таҳдидҳои эҳтимолии системавӣ заминаи мусоид фароҳам ованд (ниг. ба расми 1).



Расми 1. Сохтори институтсионалии низоми бонкӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ.

Тавре аз расми пешниҳодшуда бар меояд, он сохтори институтҳои низоми бонкиро инъикос намуда, онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ - институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо менамояд. Институтҳои расмӣ, ки фаъолияти онҳо ба қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ асос меёбад, аз институтҳои расмии қонунгузорӣ ва институтҳою муассисаҳои бевосита амалкунандаи низоми бонкӣ иборат мебошанд. Ба гурӯҳи аввал қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ дохил шуда, ба гурӯҳи дуюм мақомоти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва инфрасохтори бонкӣ мансуб мебошанд. Дар баробари ин, институтҳои ғайрирасмӣ тартиботи одатӣ, анъанаҳои касбӣ ва меъёрҳои рафтори иштирокчиёни муносибатҳои бонкиро фаро мегиранд.

Аз нуқтаи назари таъмини амнияти низоми бонкӣ, ҳар ду гурӯҳи институтҳо аҳамияти стратегӣ доранд. Мавҷудияти заминаи мукаммали ҳуқуқӣ, фаъолияти самараноки мақомоти танзимкунанда, устувории ташкилотҳои қарзӣ ва рушди инфрасохтори бонкӣ барои пешгирии хавфҳои системавӣ ва таҳдидҳои молиявӣ замина фароҳам меорад. Ҳамзамон, эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, фарҳанги молиявӣ, риояи меъёрҳои касбӣ ва масъулияти иштирокчиёни бозор ба устувории институтсионалии он таъсири назаррас мерасонанд. Аз ин рӯ, тақвияти ҳамоҳангшудаи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ яке аз омилҳои асосии стратегии таҳкими амнияти низоми бонкӣ буда, барои баланд бардоштани устуворӣ, шаффофият, эътимоднокӣ ва қобилияти муқовимати он ба таҳдидҳои дохилию берунӣ мусоидат менамояд.

Рушди институтсионалии низоми бонкӣ раванди пайвастаи такмилёбии сохтори институтсионалӣ, муносибатҳои байни субъектҳои он ва механизмҳои танзиму назорат мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, устуворӣ ва қобилияти муқовимати низоми бонкӣ ба хавфҳои дохилию берунӣ мусоидат менамояд. Дар муқобил, таназзули институтсионалӣ ҳамчун раванди заифшавии институтҳо, коҳишёбии самаранокии механизмҳои танзим ва назорат ва паст гардидани қобилияти низоми бонкӣ дар муқовимат ба таҳдидҳои молиявӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, пешгирии таназзули институтсионалӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди институтсионалӣ яке аз самтҳои муҳими стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки сохтори институтсионалии низоми бонкӣ вобаста ба мақсади таҳқиқ метавонад дар доираи васеъ ва маҳдуд мавриди баррасӣ қарор гирад. Дар доираи муносибати васеъ, он маҷмӯи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои иқтисодӣ, анъанаҳо ва муносибатҳои байни иштирокчиёни низоми бонкиро фаро мегирад. Дар доираи муносибати маҳдуд бошад, таваҷҷуҳ асосан ба институтҳо ва муассисаҳое равона карда мешавад, ки фаъолияти бонкиро бевосита ташкил, танзим, назорат ва таъмин менамоянд. Бо назардошти ҳадафи таҳқиқи мазкур, истифодаи муносибати маҳдуд барои муайян намудани омилҳои стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ мувофиқтар мебошад.

Дар доираи муносибати мазкур, сохтори институтсионалии низоми бонкӣ ва тағйироти дар он баамаломада аз нуқтаи назари таъсири онҳо ба устуворӣ ва амнияти низоми бонкӣ таҳлил карда мешаванд. Дар ин раванд на танҳо вазъи институтҳои алоҳида, балки самаранокии робитаҳои байни онҳо, сатҳи ҳамоҳангии фаъолияти онҳо, қобилияти идоракунии хавфҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити иқтисодию технологӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, такмили институтсионалӣ бояд ба ташаккули низоми бонкии устувор, шаффоф ва дорои қобилияти баланди муқовимат ба таҳдидҳои системавӣ равона карда шавад.

Бо назардошти ин, дар таҳқиқоти мазкур сохтори институтсионалии низоми бонкӣ пеш аз ҳама аз се гурӯҳи асосии институтҳо иборат дониста мешавад: бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ; мақомоти танзимкунанда ва назораткунандаи низоми бонкӣ; инфрасохтори бонкӣ. Самаранокии фаъолияти ҳар яке аз ин гурӯҳҳо ва сатҳи ҳамкории байни онҳо ба устувории молиявӣ, бозоргирӣ, эътимоднокӣ ва амнияти низоми бонкӣ таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, таҳкими институтҳои мазкур, такмили механизмҳои танзиму назорат, рушди инфрасохтори муосири бонкӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии хавфҳо бояд ҳамчун омилҳои асосии стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ арзёбӣ карда шаванд.

Ба андешаи мо, омилҳои зерини асосии муайянкунандаи сохтори низоми бонкӣ ва талаботи иқтисодиёт ба бонкҳоро аз ҳам ҷудо намудан мумкин аст:

1. Андозаи давлат ва устувории он. Ҳар қадаре, ки ҳудуди давлат азим бошад, то ҳамон андоза барои вай таъсиси миқдори зиёди ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои он зарур арзёбӣ мегардад. Вале ба андешаи баъе аз муаллифон (масалан, Г.А. Тосунян), низоми бонкӣ бо миқдори зиёди бонкҳои хусусӣ, хоси давлатҳои федеративӣ маҳсуб ёфта (масалан, ИМА ва Олмон), миқдори нисбатан ками бонкҳои тиҷоратӣ, аммо дорои миқдори зиёди филиалҳо хоси ҷумҳуриҳои мутаҳид ба ҳисоб меравад (масалан, Ҷопон) [6, с.11];
2. Ҳаҷми истеҳсолот ва тақсимоти минтақавии он. Маълум аст, ки истеҳсолот бояд бо ҷараёнҳои муутобиқи молиявӣ таъмин бошад. Дар ин ҷода, ҳар қадаре, ки сатҳи истеҳсолот афзоиш ёбад, дар умум то ҳамон андоза талабот ба намудҳои мухталифи хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар ва минтақаҳои гуногуни он зиёд мегардад;
3. Сатҳи рушди иқтисодӣ, бозори молиявӣ ва мавҷудияти инструментҳои мураккаби гибридӣ. Низоми бонкии як зинагӣ хоси кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ба таври нокифоя рушдёбанда ба ҳисоб рафта, низоми бонкии ду зинагӣ хоси кишварҳои дар ҳоли рушд қарор дошта, маҳсуб меёбад. Ба таври мисол – назарияе вуҷуд дорад, ки тибқи он барои бозорҳои бузург, ки дар он инструментҳои мураккаби молиявӣ ба таври васеъ истифода мегарданд, назорат аз тарафи бонки марказӣ (яъне мегарегулятор) нисбатан самаранок буда, барои бозорҳои рушд наёфта ва нисбатан хурд, назорат аз тарафи мақомотҳои алоҳидаи ба танзимдароранда муфид арзёбӣ мегардад.
4. Теъдоди аҳолӣ, ҷойгиршавии минтақавӣ, маърифати молиявӣ ва сатҳи даромадҳо. Дар ин ҳолат вобастагӣ мустақим буда, ҳар қадаре миқдори аҳолӣ дар кишвар ва ё минтақаҳои алоҳидаи он зиёд бошад, маърифати молиявии аҳолӣ ва сатҳи даромади он афзун бошад, талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ торафт зиёд мегардад.
5. Хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ. Маълум аст, ки дараҷаи хусусигардонӣ ва муттамарказонии низоми бонкӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, на танҳо аз таъсири омилҳои объективии иқтисодӣ, балки то андозаи муайян аз омилҳои сиёсӣ ва анъанаҳои касбии ҳар як тамаддун вобастагӣ дорад. Дар кишварҳои аъзои БРИКС, ки дар он миқдори зиёди дороиҳо аз тарафи бонкҳои бо иштироки давлат таъсис дода шуда, идора карда мешаванд, то як андозаи муайян ташаккулёбии низоми бонкӣ дар вобастагӣ бо хусусиятҳои таърихӣ ва сиёсии ин кишварҳо асоснок карда шудааст, аммо дар кишварҳои Аврупои шарқӣ бошад, баръакс дороиҳо асосан аз

тарафи бонкҳои бо сармояи фаромарзӣ таъсис дода шуда, идора карда мешаванд. Ба сифати маҳаки асосии самаранокии сохтори институтсионалӣ бояд чунин омилҳо, дараҷаи рақобат, устувории низоми бонкӣ ва дараҷаи таъсири низоми бонкӣ дар васеънамоии такрористеҳсолот, дохил карда шаванд.

Ба андешаи мо, устувории низоми бонкӣ, қабл аз ҳама аз дараҷаи қабули сатҳи хавфҳо ё худ амнияти бонкҳо (пеш аз ҳама, сатҳи қарзҳои ба таъхир афтода, комилии захираҳои ташаккул дода, мутаносибии сармояи худдӣ ва дороиҳо) ва устувории миқдории ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад.

Тибқи ақидаи Ш. Раҳимзода "..амнияти бонкӣ хамчун самти ҳамкории муштараки бонкҳо ва давлат бояд фаъолияти бенуқсони низоми бонкии ватаниро дар самти пешбинӣ намудани таҳдидҳои дохилию хориҷӣ, андешидани чораҳо бо мақсади пешгирӣ кардани таъсири онҳо, ки аз равандҳои муосир дар бозорҳои молиявӣ ва умумибашарӣ шудани ҷараёнҳои пулӣ бармеоянд, таъмин намояд" [7, с.127].

Хулоса. Ҳамчунон, бояд иброз дошт, ки сиёсати пулию-қарзӣ яъне фаъолияти бонкҳои марказӣ таҳти ғасби торафт афзояндаи ширкатҳо, бонкҳои трансмиллӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ дар бозори ҷаҳонии сармоя қарор доранд, махсусан бахши маблағгузориҳои мустақим, ғайр аз ин тағйирот дар хусусияти иштиркчиёни асосии рақобат дар бозори бонкӣ ба мушоҳида мерасад.

Лозим ба зикр аст, ки номувозинатиҳои ҷаҳонишудан дар соҳаи пулию-қарзӣ, низомҳои миллии бонкиро водор намуд то амиқ ва муносибтар ба равандҳои бавуқуъ пайваста посух диҳанд ва бояд бо назардошти трендҳои тавсеаи ҷаҳонӣ кору фаъолияти худро пеш баранд. Таъсири мусбии ҷаҳонишудан дар афзоиши сарорезшавии сармоя, имкониятиҳои иловагӣ барои иқтисодҳои миллӣ, умқтаршавии тахассусӣ ва байналмилалии тақсимоти меҳнат, вурудсозии маҳсулот ва технологияҳои ҷадиди бонкӣ, воридшавии бонкҳои хориҷӣ ва инчунин, коҳишёбии хароҷотҳои транзаксионӣ ифода меёбад. Илова бар он, шароити хубу мусоид ҷиҳати таъсиси моделҳои нави сохторҳои бонкӣ, филиалҳо ва сохторҳои фаръии онҳо барои иҷрои вазифаҳои хоси марбут ба тавсеаи муосири иқтисоди ҷаҳон ба вуқуъ мепайвандад. Дар натиҷа, сармояи молиявӣ комилан озодона аз як иқтисоди миллӣ ба иқтисоди дигар ва баръакс ҳаракат мекунад.

Ҳамин тавр, қайд намудан ба маврид аст, ки маҳакҳои самаранокии сохтори институсионалии низоми бонкӣ бо ҳам алоқамандии мураккаб дошта дар баъзе ҳолатҳо байни онҳо ихтилофҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, болоравии дараҷаи рақобат дар мукаммалгардонии технологияҳои бизнеси бонкӣ ва сифати хизматрасониҳои бонкӣ боис гашта, ба интихоби воқеии бонкҳои нисбатан азим ва бузург оварда мерасонад, ки он дар навбати худ устувории низоми бонкиро таъмин менамояд. Аммо, бояд қайд намуд, ки баъд аз гузашти муҳлати муайян ва нуқтаи муайян, вобастагӣ аз рақобтнокӣ дар бозори байнибонкӣ ба устувории низоми бонкӣ таъсири баръакс мерасонад [3, с.39]. Дар баробари ин, вобастагӣ байни устувории низоми бонкӣ ва дараҷаи таъсири он ба такрористеҳсол ҳам маъно намебошанд. Аз як тараф, васеънамоии доираи қарздиҳӣ болоравии суръати рушди иқтисодӣ, вусъатёбии соҳаҳои гуногуни хоҷагидориҳо ва болоравии устувории иқтсодӣ ва аз ҷумла, бонкҳоро дар умум таъмин менамояд (махсусан, даромадҳои аҳолӣ ва корхонаҳо зиёд мегарданд, яъне ҳисобҳои пасандозии онҳо, инчунин миқдори мизоҷони пардохтпазири бонкҳо сифатан зиёд мегардад). Аз дигар тараф, қарздиҳии аз ҳад зиёд, нокомилӣ зимни арзёбии хавфҳои ба ӯҳда гирифта шуда, устувории низоми бонкиро аз дарун бар бод дода, тафсиши қарздиҳиро ба миён меорад [2, с.58].

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи тақвияти омилҳои асосии стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ муайян гардид, ки низоми бонкӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми молиявии миллӣ дар таъмини устувории иқтисодӣ, сафарбарсозии захираҳои молиявӣ, ташкили гардиши пулӣ ва пардохтӣ, инчунин маблағгузории рушди бахши воқеии иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, сатҳи амнияти низоми бонкӣ на танҳо вазъи муассисаҳои молиявӣ, балки устувории иқтисодиёти миллӣ ва эътимоди субъектҳои иқтисодиро низ муайян менамояд. Таъмини амнияти низоми бонкӣ бояд ҳамчун раванди мунтазам ва стратегӣ баррасӣ гардида, ба пешгирии хавфҳои системавӣ, таҳкими устувории молиявӣ ва баланд бардоштани қобилияти низом дар муқовимат ба таҳдидҳои дохилию берунӣ равона карда шавад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки яке аз заминаҳои асосии таъмини амнияти низоми бонкӣ сохтори институтсионалии мукаммал ва самаранок мебошад. Дар ин замина мафҳумҳои «низом» ва «сохтор» бо ҳам алоқаманд буда, низом маҷмӯи унсурҳои ба ҳам пайваст ва сохтор тарзи ташкил, ҷойгиршавӣ ва робитаи байни ин унсурҳоро ифода менамояд. Сохтори институтсионалии низоми бонкӣ бошад, маҷмӯи институтҳои расмӣ ва ғайрирасмиро дар бар гирифта, фаъолияти онҳо барои ташаккул ва нигоҳдории муҳити устувори бонкӣ замина фароҳам меорад. Институтҳои расмӣ пеш аз ҳама қонунгузорӣ, мақомоти танзимкунанда ва назоратӣ, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва инфрасохтори бонкиро дар бар мегиранд. Институтҳои ғайрирасмӣ бошад, меъёрҳои рафтор, анъанаҳои касбӣ, фарҳанги молиявӣ ва сатҳи эътимоди ҷомеаро фаро мегиранд.

Дар раванди таҳаввули низоми бонкӣ рушди институтсионалӣ ва таназзули институтсионалӣ ҳамчун ду самти муқобили тағйироти сохторӣ баромад менамоянд. Рушди институтсионалӣ ба такмили институтҳо, механизмҳои танзим ва назорат, баланд бардоштани самаранокӣ ва мутобиқшавии низоми бонкӣ ба талаботи нави иқтисодӣ ва технологӣ мусоидат мекунад. Баръакс, заифшавии институтҳо, нокифоя будани механизмҳои назорат, коҳиши эътимоди аҳолӣ ва афзоиши хавфҳои системавӣ метавонанд ба таназзули институтсионалӣ оварда расонанд. Аз ин рӯ, пешгирии чунин равандҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди институтсионалӣ яке аз вазифаҳои муҳими стратегии сиёсати таъмини амнияти бонкӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, омилҳои стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ бояд ба як низоми мутақобилан алоқаманди тадбирҳо табдил дода шаванд, ки устувории сармоявӣ, бозоргирӣ ва қобилияти пардохтпазирии бонкҳо, сифати дороиҳо, самаранокии идоракунии хавфҳо, такмили танзим ва назорати пруденсиалӣ, рушди инфрасохтори бонкӣ, рақамикунонӣ ва амнияти иттилоотӣ, инчунин таҳкими эътимоди аҳолӣ-ро фаро мегирад.

Ҳамзамон, самаранокии ин омилҳо аз ҳамоҳангии фаъолияти бонкҳо, мақомоти танзимкунанда ва дигар институтҳои низоми молиявӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, тақвияти омилҳои асосии стратегии таъмини амнияти низоми бонкӣ бояд ба ташаккули низоми устувор, шаффоф, рақобатпазир ва ба хавфҳо тобовар равона гардида, ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми таъмини устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии кишвар арзёбӣ карда шавад.

Адабиёт

1. Бровкина Н.Е. Закономерности и перспективы развития рынка кредитования в России / Н.Е. Бровкина // Монография: Москва: Кнорус,2013.-С.47.
2. Дьяченко Оксана. Россия на распутье: “банкизация” или финансовая гангрена: интервью с президентом Ассоциации российских банков Гарегином Тосуняном [Электронный ресурс] // Банковское обозрение, 2006. -№4. - С. 50-60.
3. Ефимова, Л.Г. Понятие и структура банковской системы Российской Федерации / Л.Г. Ефимова // Банковское право. - 2007. - №2. - С.37- 40.
4. Самарина Т.С. Банковская система России в условиях глобализации // Вестник Челябинского государственного университета. 2011.- № 31(246). Экономика. Вып. 33. - С. 132-136.
5. Философский энциклопедический словарь. Москва: Советская энциклопедия, 1983. - 610с.
6. Финансово-кредитные механизмы реализации стратегий социально-экономического развития регионов Российской Федерации: итоговые материалы 12-ого Всероссийского банковского форума. Нижний Новогород: 25-26 августа 2011г. - С.10-19.
7. Шариф Р.М. Амнияти иқтисодии низоми бонкӣ омили рушди устувори иқтисодиёт / Р.М. Шариф // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - №1 (1). – С. 120-129.
8. Ҷурахонов О.Ҳ. Нақши низоми бонкӣ ва сохтори институтсионалии он дар таъмини амнияти иқтисодӣ [Матн / О.Ҳ. Ҷурахонов // Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалӣ, бахшида ба 35 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонва эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия дар мавзӯи «Нақши илм ва инноватсия дар татбиқи саноатикунонии иқтисоди миллӣ» (ш.Душанбе, 05-уми майи соли 2026). – АИДНПҶТ, Душанбе-2026. - С. 245-251.
9. Ҷурахонов О.Ҳ. Таъсири омилҳои беруна ба амнияти иқтисодии бонкҳо [Матн] / О.Ҳ. Ҷурахонов С.Н. Чиллаев, // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2024. -№ 4 (43).– С. 317-324.

УДК:338.001.36

ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ ФАҲМИШИ АМНИЯТ ВА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

Шавкатзода Ҷонона Шавкат
ассистенти кафедраи иқтисодиёт ва идораи Колеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 41. Телефон: 992 888 777 786; E-mail: jonona20_255@icloud.com

Дар мақола таҳаввулоти назариявии мафҳумҳои “амният” ва “амнияти иқтисодӣ” мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар таҳқиқ равишҳои гуногун нисбат ба муайянсозии моҳияти амнияти иқтисодӣ баррасӣ ва муқоиса гардида, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои онҳо муайян карда шудаанд. Муаллиф ба зарурати бознигарии фаҳмиши анъанавии амнияти иқтисодӣ бо назардошти тағйиротҳои мавҷуда ва омилҳои дохилию беруна таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар асоси омӯзиши заминаҳои назариявӣ мафҳумҳои такмилёфтаи “амният” ва “амнияти иқтисодӣ” бо фаҳмиши фарогир пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: таҳдид, амният, амнияти иқтисодӣ, давлат, манфиатҳои миллӣ, таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, устувории иқтисодӣ ва рушд

ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ ПОНИМАНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Шавкатзода Джонона Шавкат
ассистент кафедры экономики и управления Технического колледжа Таджикский технический университет имени академика М.Осими. Адрес: 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни, 41. Тел.: 992 888 777 786; E-mail: jonona20_255@icloud.com

В статье исследуются и анализируются теоретические аспекты понятий «безопасность» и «экономическая безопасность». В рамках исследования рассмотрены и сопоставлены различные подходы к определению сущности экономической безопасности, выявлены их преимущества и ограничения. Автор акцентирует внимание на необходимости пересмотра традиционного понимания экономической безопасности с учётом современных изменений, а также внутренних и внешних факторов. На основе анализа теоретических подходов предложены усовершенствованные определения понятий «безопасность» и «экономическая безопасность», отражающие их комплексное содержание.

Ключевые слова: угроза, безопасность, экономическая безопасность, государство, национальные интересы, внутренние и внешние угрозы, экономическая устойчивость и развитие.

THEORETICAL EVOLUTION OF THE UNDERSTANDING OF SECURITY AND ECONOMIC SECURITY

Shavkatzoda Jonona Shavkat
Assistant Lecturer at the Department of Economics and Management, Technical College of the Tajik Technical University named after Academician M. Osimi. Address: 41 Ayni Street, Dushanbe 734042, Republic of Tajikistan Tel.: 992 888 777 786; E-mail: jonona20_255@icloud.com

The article examines and analyzes theoretical aspects of the concepts of “security” and “economic security.” Within the study, various approaches to defining the essence of economic security are considered and compared, and their advantages and limitations are identified. The author emphasizes the need to reconsider the traditional understanding of economic security in light of contemporary changes, as well as internal and external factors. Based on the analysis of theoretical approaches, refined definitions of the concepts of “security” and “economic security” are proposed, reflecting their complex and comprehensive nature.

Keywords: threat, security, economic security, state, national interests, internal and external threats, economic stability, development.

Муқаддима. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодию сиёсӣ, ҳамзамон афзоиши номуайяниҳо ва таҳдиду хатарҳо, фаҳмиши анъанавии мафҳумҳои “амният” ва “амнияти иқтисодӣ” шарҳи пурраи ин мафҳумҳоро фарогир буда наметавонанд. Мавҷудияти равишҳои мухталифи назариявӣ аз мактабҳои классикӣ то консепсияҳои муосири ниҳодӣ ва набудани таърифи ягона аз як тараф, боиси номуайянии методолгӣ дар таҳқиқ ва баҳодиҳии амнияти иқтисодӣ мегардад. Дар шарҳи мафҳуми амнияти иқтисодӣ бо исрор ба ҷанбаҳои алоҳида, аз қабили ҳифзи манфиатҳои миллӣ, устувории макроиқтисодӣ, истиқлолияти иқтисодӣ ё қобилияти муқовимат бо таҳдидҳо омадааст, ки таърифҳои гуногун аз тарафи дигар, табиати бисёрҷанба ва динамикии мафҳумҳоро инъикос менамояд. Илова бар ин, таҳдидҳои нав, аз қабили буҳронҳои молиявӣ, ноустувории занҷираҳои таъминот, тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳои киберӣ зарурати тавсеаи ин мафҳумҳоро ба миён овардаанд.

Аз ин рӯ, таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ, муқоисаи равишҳои мавҷуда ва такмили фаҳмиши муосири амният ва амнияти иқтисодӣ ба миён меояд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқ равишҳои гуногун нисбат ба муайянсозии моҳияти амнияти иқтисодӣ баррасӣ ва муқоиса гардида, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои онҳо муайян карда шудаанд. Аз ҷониби муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ оид ба масъалаи омӯзиши амният ва амнияти иқтисодӣ таҳқиқотҳои сершумор

мавҷуданд. Дар омӯзиши мавзуи мазкур мо бештар ба корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ аз қабили Мирсаидов А.Б., Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҷураев Х.Г., Шариф Р., Ятимов С.С., ва аз муҳаққиқони хориҷӣ Абалкин Л.И., Белков О.А., Сенчагов В.К., Козлова А.В., Макиавелли Н., Самуелсон П.А., Ҳагер В. таваҷҷуҳ зоҳир намудаем.

Мақсади мақола таҳлили таҳаввулоти назариявии мафҳумҳои “амният” ва “амнияти иқтисодӣ”, қиёснамоӣ ва арзёбии равишҳои мавҷудаи илмӣ, инчунин асоснокнамоии зарурати такмили фаҳмиши муосири амнияти иқтисодӣ бо назардошти тағйиротҳои муосир мебошад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Дар шароити кунинӣ, масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус ва омӯзиши ҷиддӣ қарор дорад. Аҳамияти хосаи он дар шароити афзоиши доимии муносибатҳо дар асоси иқтисоди кушод ва ҳамгироии зичи онҳо ба равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бештар гардидааст.

Дар вазъияти мураккаб гардидани равандҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ аҳамияти рӯзафзун касб менамоянд. Самтҳои гуногуни фаъолияти муосир ба манбаи таҳдидҳо ва хатарҳои қаблан номаълум табдил ёфта, мутаносибан зарурати таҳияи принсипҳои навро ҷиҳати коҳиш ва ҳадди ақал гардонидани онҳо ба миён меоранд[8, с.15].

Ҷиҳати муайян кардани моҳияти амнияти иқтисодӣ дар доираи таъмини амнияти миллии давлат равишҳои ягона мавҷуд нестанд. Маъмулан, амнияти миллӣ чун як падидаи иҷтимоӣ тавсиф мешавад, ки ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳо ва хатарҳо ифода мекунад.

Дар ин масъала, мутолиаи адабиёти иқтисодӣ ва ҳам таҷрибаи чандсолаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳанд, ки амнияти миллии давлат пеш аз ҳама бо вазъи иқтисодиёти кишвар, бахшҳои воқеӣ ва молиявию қарзии он таъмин мегардад. Аммо, низоъҳо ва ҳодисаҳои охир дар арсаи ҷаҳонӣ тасдиқи он гардиданд, ки дар баробари вазъи иқтисодӣ ва рушди бахшҳои калидӣ кишвари алоҳида, инчунин мавқеи сиёсии давлат ва ҷойгоҳи шарикони стратегии он дар арсаи байналмилалӣ дар таъмини амнияти он пураҳамият мебошад.

Аз ин рӯ, бо густариши мушкилотҳои геополитикӣ, афзоиши дараҷаи иқтисоди кушод дар бисёр кишварҳо, таҳкими рақобат дар бозори молиявии ҷаҳонӣ, бавуҷудоии соҳаҳои нав дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва суръатёбии ҳамарӯзаи ҷараёнҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дар заминаи сустшавии иқтисодиёти гузариш, масъалаи таъмини амнияти ҳам кишвар ва ҳам соҳаҳову муассисаҳои алоҳида ба таври ҳамешагӣ аҳамият пайдо мекунад.

Аз ҷузъҳои муҳими амнияти кишвар ин амнияти иқтисодӣ мебошад. Вале, пеш аз он ки моҳият ва мазмуни категорияи амнияти иқтисодиро таҳлил кунем, аввал бояд фаҳмиши худи категорияи “амният”-ро баён намоем.

Мафҳуми амният дар даврaҳои гуногуни таърихӣ тафсир ва шарҳои гуногунро доро мебошад. Ин мафҳум аз гузаштаи хело қадим маълум аст, ки он аз таълимоти фалсафии асрҳои IV-III пеш аз милод дар Юнони Қадим маълум аст. Дар ин давра файласуфони барҷаста ба монанди Арасту (384-322) ва Демокрит (460-370) мафҳуми амниятро дар осори фалсафии худ мавриди баррасӣ қарор дода, амниятро ба қобилияти мутобиқшавӣ ва зинда мондани фард дар шароити таҳдидҳои муҳити беруна баробар медонистанд. Демокрит ин мафҳумро ҳамчун имконияти мутобиқшавии инсон ба шароити зиндагӣ ва бақои мавҷудоти бештар мутобиқ шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, пайдоиши инсон маҳз ба ҳамин раванд иртибот дошта, сабаби муттаҳидшавии одамон ва ташаккули қабилаҳо бо зарурати баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳар як фард будааст. Бар хилофи ин назар, Арасту ин мафҳумро ба масъалаи худҳифзкунӣ марбут дониста, амниятро дарки табиии инсон мешуморад[6, с.263]. Бо такя ба ин ақидаҳо, мафҳуми амният ҳамчун истилоҳи пурмаъно пазируфта мешавад, ки зимнан сатҳи ҳадди ақали хавф ва сатҳи муайяни муҳофизати инсон, ҷомеа ва дигар субъекҳо алоқаманд аст.

Ба андешаи Арасту хушбахтии шаҳрвандон арзиши олии ҳар як давлат мебошад. Барои таъмини хушбахтии одамон шарту шароити зерин заруранд: хӯрду хӯрок, ҳунармандӣ, яроқу аслиҳа, захираи зарурии пулу мол барои эҳтиёҷоти худро таъмин намудан, эхтиёҷоти ҳарбӣ, ғамхорӣ нисбат ба урфу одат ва анъанаҳо, дар муносибати байни одамон ҳифз намудани арзишҳои ҷамъиятӣ ва таъмин намудани адолат[3, с.126].

Таҳқиқи илмии масъалаҳои таъмини амният ба асри XII рост омада, он дар осори файласуфи англис Р. Гроссетест асос ёфтааст. Ӯ амниятро ҳамчун “ҳолати ороми рӯҳии инсон, ки худро аз ҳар гуна хатар эмин меҳисобад” муайян намудааст[17, с.11].

Дар адабиёти илмӣ ду равиши муҳими маънидоди мушкилоти амниятӣ қайд карда шудаанд:

- набудани фарзиявии таҳдид, эҳтимолияти ҳар гуна нооромиҳо ё ҳодиса барои ҷомеа;
- ҳимояи воқеӣ аз хатарҳо, қобилияти муқовимати боэътимод ба онҳо.

Бархе аз муаллифон амниятро ҳамчун ҳифозат шарҳ медиҳанд, яъне таваҷҷуҳро ба устуворсозӣ ва вазифаи нигоҳдорӣ равона месозанд. Бинобар ин, низоми амният аз ҷониби онҳо чун маҷмуи механизмҳои пешгирӣ ва вокуниши самаранок ба таҳдидҳои ба миёномада нисбат ба фард, ҷомеа ва давлат баррасӣ мегардад. Тавре, ки В. Серебрянников ва А. Хлопев фаҳмиши амниятро шарҳ додаанд: “фаъолияти одамон, ҷомеа, давлат ва халқиятҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ошкор (омӯзиш) намудан, пешгирӣ, заиф гардонидан, нобуд кардан ва боздоштани хатарҳо ва таҳдидҳое, ки метавонанд онҳоро нобуд маҳв созанд, аз арзишҳои бунёдии моддӣ ва маънавӣ маҳрум намоянд, зарари ғайриқобили қабул (аз нигоҳи объективию субъективӣ) расонанд ва роҳи зинда мондану рушдро банданд”[16, с.16].

Файласуфи итолиёгӣ Н.Макиавелли дар таълифоти худ “Шоҳзода” марбут ба амният назари хело ҷолиби диққат пешниҳод кардааст. Ӯ равишҳои идоракунии давлатиро матраҳ карда, вазъиятҳоеро, ки ҳокимон аз ҳисси нафрату бадбинии халқ хотирҷамъ мемонанд, равшан кардааст. Ба ақидаи Н. Макиавелли “Ҳокимонро ду хатар доимо пайгирӣ менамоянд, яъне хатари аввал аз дохили мамлакат, аз ҷониби тобеон ва хатари дуюм аз ҷониби ҳамсоягони қудратманд, яъне берун. Хатари берунаро бо ёрии артиши хуб ва иттифоқчиёни садоқатманд бартараф намудан мумкин аст. Дар сурати азбайнбарии хатари беруна, пас дар дохили мамлакат низ сулҳу субот пойдор мемонад, ба истиснои сӯиқасди пинҳоние, ки дар дохили мамлакат хоинон анҷом медиҳанд. Барои аз байн

бурдани хатари сар задани сӯиқасди дохилӣ ҳокимон бояд кӯшиши намоянд, ки нисбат ба худ хашму ғазаб ва нафрату бадбинии тобеонро ба вуҷуд наоваранд ва ҳимояи манфиатҳои халқро дар навбати аввал гузоранд”[11, с.56]. Андешарониҳои Н.Макиавелли дар баробари амнияти беруна, инчунин амнияти дохилии мамлакатро инъикосгар мебошад.

Дар натиҷаи мушаххас гардидани муносибатҳои бозорӣ ва давлатдории мустақил мафҳуми амният мазмуни тоза пайдо карда, он ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро фаро мегирад. Дар ин замина, амният бо рушди устувор ва набудани таҳдидҳо тавсиф ёфта, тамоюлҳои низоми муосири давлатӣ ва сохторҳои идоракунӣ, ки ба таъмини манфиати умум ва некӯаҳволии ҷомеа равона шудаанд, мутобиқат мекунад.

Рушди минбаъдаи тасаввурот дар бораи амният бо эътирофи нақши давлат дар маҷмуъ ва махсусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини ҳифзшавии шахси алоҳида, бо назардошти шароите, ки ба дастёбии чунин ҳолат мусоидат менамоянд, алоқаманд мебошад. Дар марҳилаи Замони Нав, дар шароити ташаккули давлатҳои миллӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, олимон, аз ҷумла К.А. Гелветсий, П.А. Голбах, Д. Дидро, Дж. Локк ва Ж.Ж. Руссо, аҳамияти масъалаҳои амниятро эътироф намуда, ба нақши давлат дар ҳалли онҳо ишора менамоянд[10, с.224].

Дар равияи муосир, ки бар асоси принсипҳои неоклассикӣ (А. Маршалл, А. Пигу, П. Самуэлсон ва ғ.) асос ёфтааст, амният ҳамчун неъмати ҷамъиятии навъи омехта баррасӣ мегардад, ки барои он аломатҳои рақобатпазирӣ, истисноношаванда аз истеъмол ва дастрасии умумӣ, хос мебошад. Ҷиҳатҳои омехтаи ин неъмати ҷамъиятӣ дар истифодаи механизмҳои бозорӣ барои бозтавлиди он зоҳир мегардад. Категорияи неъматҳои ҷамъиятӣ ба низоми мафҳумии илми иқтисоди муосир аз ҷониби П. Самуэлсон ворид гардидааст, ки ҳамчун шарти мувозинат барои чунин неъматҳо, ки тавассути ҷамъбасти меъёрҳои ҳошиявии ивазкунии инфиродӣ ба даст меояд[22], тақвияти нақши давлат дар иқтисодро баррасӣ намудааст.

Дар шароити иқтисоди маъмурӣ амният ба ҳифзи давлатӣ ва сиёсӣ равона шуда буд ва дар рушди муносибатҳои бозорӣ бошад, мафҳуми “амният” ва “давлат” дар алоқамандии хело зичу бисёрҷанба тавсиф карда мешавад, чунки маҳз давлат субъекти асосии таъминкунандаи амният ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ ва сиёсатмадори барҷастаи ватанӣ С.С. Ятимов алоқамандии мафҳумҳои амният ва давлатро чунин баён кардааст: “Аз лиҳози сиёсӣ истилоҳи “амният” муродифи калимаи “давлат” аст ва баръакс. Аввалин тасаввурот оид ба ниёзи одам, ҷамъият ба мавҷудияти муҳимтарин ва гаронтарин ҷузъи системаи сиёсӣ таҳти номи “давлат”, зарурати таъмини амнияти худи инсон ва ҷомеаро дар назар дорад”[19, с.9].

Дар воқеъ, давлат на танҳо сохтори сиёсӣ, балки механизми асосии таъминкунандаи амният мебошад ва ниёзи ҷомеа ба давлат, пеш аз ҳама, аз зарурати ҳифзи амнияти инсон ва ҷамъият сарчашма мегирад.

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо моҳияти мафҳумро бо назардошти хусусиятҳои он метавон чунин баён кард: *“Амният, ки субъекти асосии онро давлат ташкил медиҳад, ҳамчун қобилияти объект ва ё раванд ҷиҳати нигоҳ доштани хусусиятҳои хос новобаста аз таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, ки метавонад ба он таъсири манфӣ расонанд, фаҳмида мешавад*”.

Тавсифи бисёрҷанбаи амниятро дар шароити иқтисоди бозорӣ бо назардошти субъекти асосии он, яъне давлат, мо дар шинохти намудҳои амният арзёбӣ менамоем, ки он мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” бо чунин тасниф инъикос меёбад[9, с.1]: амнияти миллӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти ҷамъиятӣ, амнияти ҳарбӣ, амнияти экологӣ, амнияти иттилоотӣ, амнияти берунӣ ва амнияти дохилӣ.

Амнияти миллӣ ин ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад, ки давлат дар вазъи таҳдидҳои эҳтимолии дохиливу беруна дар ҳоли осоиш мемонад.

Амнияти иқтисодӣ дар низоми амният ҷузъи муҳим ва пояи асосии амнияти миллӣ баромад менамояд. Барои омӯзиш ва таҳлили мафҳуми амнияти иқтисодӣ ба нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ таваҷҷуҳ равона месозем (Ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. Шарҳи мафҳуми амнияти иқтисодӣ

Муаллифон	Нуқтаи назар
Саидмуродов Л.Ҳ., Абдуалимзода Ҳ.А.	Амнияти иқтисодӣ пеш аз ҳама, ҳамчун маҷмуи шартҳое маънидод карда мешавад, ки қобилияти давлатро дар самти таъмини манфиатҳои иқтисодӣ, қонеъ гардондани талаботи ҷамъият ва давлат дар давраи дарозмуддат, ба вуҷуд овардани тағйироти инноватсионӣ дар иқтисодиёт бо мақсади таъмини рушди устувори он ва аксуламал нишон додан дар баробари таҳдидҳои иқтисодии берунӣ дар бар мегирад[14, с.58].
Раҳимзода Ш.	Ҳама гуна фаъолият бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ маънои ҳимояи манфиатҳои миллат аз таҳдидҳои дохилию беруниро дорад. Таҳдид ба амнияти иқтисодӣ муҳиту шароитҳои бамиёномада ва амалкардҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ки бевосита ё бавосита ба амнияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодиёт дар умум таъсири манфӣ мерасонанд, фаҳмида мешавад[18, с.120].

Муаллифон	Нуқтаи назар
Мирсаидов А.Б.	Амнияти миллии иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро оид ба нигоҳ доштани такрористеҳсоли устувори иҷтимоӣ дар он сатҳи рушд, ки ба зиндагии муътадили аъзои ҷомеа, шуғли аҳолӣ, имконияти рушди минбаъдаи иқтисодӣ, мувозинати ҳолати ҳамаи унсурҳои низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд[12, с.262].
Абалкин Л.И.	Амнияти иқтисодӣ – ин маҷмуи шароит ва омилҳое, ки истиқлолияти иқтисоди миллиро таъмин намуда, устуворӣ ва пойдории онро кафолат медиҳанд, инчунин қобилияти навсозии мунтазам ва худрушдкунии онро фароҳам меоранд[1, с.4].
Белков О.А.	Амнияти иқтисодӣ чунин ҳолати иқтисодиёти кишвар мебошад, ки аз нуқтаи назари ҷомеа нигоҳ доштани он ё рушди он дар миқёси афзоянда матлуб дониста мешавад[4, с.91].
Ню С.Р., Волф Ч.	Мувофиқи андешаҳои С.Р. Ню ва Ч. Волф, амнияти иқтисодӣ ҳамчун ҳолати ҳифзшудаи манфиатҳои иқтисодии давлат аз рӯйдодҳо, равандҳо ё амалҳое фаҳмида мешавад, ки метавонанд ба ин манфиатҳо таҳдид намоянд ё онҳоро маҳдуд созанд[21, с.156].
Хагер В.	Ба андешаи В. Хагер, амнияти иқтисодӣ маънои ҳифз шудани давлатро аз ноустувориҳои ҷиддии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дорад, ки метавонанд ба вайроншавии низоми иқтисодии мавҷуда дар он оварда расонанд[20, с.218].
Сенчагов В.К.	Ба андешаи В.К. Сенчагов устуворӣ ва рушд унсурҳои асосии амнияти иқтисодӣ ба шумор мераванд, ки ҳолати онро ҳамчун низом тавсиф менамоянд. Дар иқтисоде, ки қобилияти рушди устуворро аз даст додааст, имкониятҳои зинда мондан, муқовимат ва мутобиқшавӣ, ҳам ба таҳдидҳои дохилӣ ва ҳам беруна ба таври назаррас коҳиш меёбанд. Субот ва устуворӣ, ҳамчун муҳимтарин ҷузъҳои амнияти иқтисодӣ, эътимоднокӣ ва ҳифзшавандагии унсурҳои онро инъикос намуда, ҳамчунин қобилияти иқтисодро барои таҳаммули фишорҳои дохилӣ ва беруна нишон медиҳанд. Ҳар қадар низоми иқтисодӣ устувортар бошад ва таносуби сармояи истеҳсолӣ ва молиявию бонкӣ мутавозинтар бошад, ҳамон қадар иқтисод қобили рушд буда, сатҳи арзёбии амнияти он баландтар мегардад. Вайрон шудани таносуб ва робитаҳо миёни ҷузъҳои гуногуни низом боиси ноустуворшавии он гардида, нишонаи гузариши иқтисод аз ҳолати бехатар ба ҳолати хатарнок маҳсуб мешавад[15, с.61].
Ҷураев Х.Ғ.	Амнияти иқтисодӣ ҳолати ҳимояшудаи манфиатҳои иқтисодии субъект (давлат, минтақа, корхона, шахс) аз таҳдидҳои манфии беруна ва дохилӣ фаҳмида мешавад. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар иқтисодиёти давраи гузариш масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ пеш аз ҳама бо чунин масъалаҳо алоқаманд аст: таъсири таҳдидҳои беруна дар марҳилаҳои ибтидоии дигаргунсозӣ, зарурати сиёсати давлатии мувофиқ дар соҳаи амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, инчунин устуворгардонии иқтисодӣ дар соҳаҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ[5, с.8].

Сарчашма: муаллиф дар асоси истинодҳо таҳия кардааст.

Аз таҳлили таърифҳои дар ҷадвали 1.1. зикршуда метавон ба чунин хулоса омад, ки муаллифон аз рӯи мазмун мафҳумро ба шаклҳои зерин ифода менамоянд:

- ҳимояи манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруна;
- ҳолати умумии низоми иқтисодӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисодӣ;
- устуворӣ ва рушди низоми иқтисодӣ;
- таъмини мувозинати ҳолати ҳамаи унсурҳои низоми иқтисодӣ;
- маҷмуи шароит ва омилҳое, ки истиқлолияти иқтисодиро таъмин мекунад.

Лозим ба қайд аст, ки айни замон таърифи умумии пазируфташудаи мафҳум вуҷуд надорад, ки ин ба сермаъно будани он ва иртиботи зичаш бо дигар мафҳумҳо ва категорияҳо, инчунин фарқияти ҷиддии равишҳои методологӣ дар омӯзиши ин мафҳум вобаста мебошад.

Мафҳуми “амнияти иқтисодӣ” дар асри XX ба вуҷуд омада, ба таври фаъол истифода шуд. Чунин ҳисобида мешавад, ки истилоҳи “амнияти иқтисодӣ”-ро бори нахуст Президенти ИМА - Ф. Рузвелт соли 1934 истифода бурда, Кумитаи федералии амнияти иқтисодиро таъсис дод, ки вазифаи он коҳиши бекорӣ ва таҳияи қонунгузорӣ дар соҳаи таъминоти нафақаи давлатӣ ва суғуртаи иҷтимоии бекорон буд [23].

Ба андешаи олимони амрикоӣ, амнияти иқтисодӣ дар дараҷаи бештар бояд ба ду меъёри асосӣ ҷавобгӯ бошад:

- аввалан, ҳифзи мустақилияти иқтисодии давлат, қобилияти он ҷиҳати қабули қарорҳо оид ба рушди хоҷагӣ бо назардошти манфиатҳои худ;
- сониян, имконияти нигоҳ доштани сатҳи аллакай бадастомадаи зиндагии аҳолӣ ва минбаъд баланд бардоштани он[2, с.5].

Дар воқеъ, агар ба моҳияти амнияти иқтисодӣ таваҷҷуҳ намоем, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар давлат расидан ба чунин сатҳи амнияти иқтисодӣ мебошад, ки устувории дохилиро таъмин карда, сатҳи зиндагии аҳолиро ҳифз ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намояд. Ҳамзамон, барои он ки давлат бо ҷараёнҳои байналмилалӣ ҳамқадам пеш равад ва ба тамоюлҳо вокуниш нишон диҳад, лозим аст, то стратегияи мутобиқшавиро интихоб карда, манфиатҳои миллиро тавассути ҳамгироии фаъол ва башардустонаи байналмилалӣ ҳифз намояд. Чунин амал шароити созгор фароҳам оварда, ба таҳкими давлатдории соҳибихтиёр, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки арзиши бунёдии амнияти миллӣ мебошад, таъсири мусбат мерасонад.

Адабиёти иқтисодӣ ва таърифҳои мавриди таҳлил қароргирифта бозгӯйи онанд, ки доир ба масъалаи амнияти иқтисодӣ назарҳо зиёданд. Илова бар ин, тафсирҳо лозим ба қайд аст, ки асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амнияти иқтисодӣ мавҷуданд, ки онҳо дар навбати худ дар санадҳои меъёрии ҳар давлат муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, пояи қонунгузории таъмини амнияти миллӣ Конститутсия мебошад, вале илова бар он дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мавҷуданд, ки муносибатҳои вобаста ба амниятро танзим менамоянд.

Аз ин рӯ, асоси ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистонро пеш аз ҳама Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Зеро дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дониста шуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад[7].

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” ҳамчун санади танзимкунандаи муносибатҳои вобаста дар ин самт, чунин мафҳуми амнияти иқтисодиро муайян кардааст: “амнияти иқтисодӣ – вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд”[9, с.1]. Дар ин санадҳо фаҳмиши зарурӣ оид ба амнияти иқтисодӣ инъикос ёфта, категорияҳои бунёдӣ, ки унсурҳои ниҳоят муҳими амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд, муайян карда шудаанд.

Аммо, мо шакли такмилёфта, ки ҳам натиҷаи таҳлилҳои таърифи дар ҷадвали 1. ва ҳамчунин муқаррароти дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дарҷгардидаро инъикос менамоянд, шарҳи пурраи мафҳуми амнияти иқтисодиро чунин пешниҳод менамоям: *“амнияти иқтисодӣ - ҳолати сифатан муайяни низоми иқтисодӣ ва маҷмуи шароиту омилҳоест, ки дар он ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои дохилию беруна, фаъолияти мутавозину устувори унсурҳои иқтисодӣ, рушди пайваста ва таъмини истиқлолияти иқтисодӣ кафолат дода мешавад”.*

Ҳамин тавр, таърифи пешниҳодгардида нисбат ба дигар таърифҳои амнияти иқтисодӣ фарогир ва мутавозин буда, на фақат ҷанбаи ҳифз аз таҳдидҳоро, балки ҳолати дохилии низоми иқтисодӣ, устуворӣ, мувозинат, рушди пайваста ва истиқлолияти иқтисодиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, таърифи мазкур амнияти иқтисодиро ҳамчун падидаи комплексӣ ва бисёрҷанба дақиқтар инъикос менамояд.

Хулоса. Омӯзиш нишон дод, ки мафҳумҳои “амният” ва “амнияти иқтисодӣ” дар ҷанбаҳои назариявӣ мазмуни худро васеъ намуда, аз фаҳмиши маҳдуди ҳифз аз таҳдидҳо ба як низоми мураккаби фарогири омилҳои дохилию беруна табдил ёфтаанд. Ҷараёнҳои гуногуни илмӣ паҳлуҳои алоҳидаро инъикос мекунанд, вале барои фаҳмиши пурраи моҳияти амнияти иқтисодӣ ҳамгироии онҳо зарур мебошад. Муайян карда шуд, ки ҳолати низоми иқтисодӣ, маҷмуи шароиту омилҳо, устуворӣ, мувозинат, манфиатҳои миллӣ ва рушдӣ пайваста ҷузъҳои муҳими амнияти иқтисодиро ташкил медиҳанд. Чунин равиш метавонад ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва дар сиёсати таъмини амнияти иқтисодӣ истифода гардад.

Адабиёт

1. Абалкин, Л.И. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение / Л.И. Абалкин. – Текст: непосредственный // Вопросы экономики. – 1994. – № 12. – С. 4-13.
2. Антонов В.В. Сущность экономической безопасности как экономической категории / В.В. Антонов // Вестник ЧГУ. 2006. №7. С.5 URL: https://cyberleninka.ru/article/n/suschnost-ekonomicheskoy-bezopasnosti-kak-ekonomicheskoy-kategorii (дата обращения: 28.04.2026).
3. Аристотель. Политика // Антология мировой политической мысли. В 5 т. Т.1. - М.: Мысль, 1997. – 126 с.
4. Бельков, О.А. Понятийно-категориальный аппарат концепции национальной безопасности // Безопасность. 1994. №3, с.91—94.
5. Бельков О.А. Понятийно-категориальный аппарат концепции национальной безопасности // Безопасность: информ. сб. 1994. № 3. С. 91;
6. Джураев Х.Г. Теоретические основы вопросы обеспечения экономической безопасности в условиях переходной экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореферат диссертации на соис.. к.э.н.: 08.00.05. [Текст] / Х.Г. Джураев. Душанбе, 2008. - 23с.
7. История древнего мира / Под ред. И.М. Дьяконова, В.Д. Нероновой, И.С. Свенцицкой. М. 1989. Кн. 2. 572с.

8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. https://mmk.tj /content/конститутсияи-чумхурии-тоҷикистон (Санаи мурочиат: 20.10.2025)
9. Козлова А. В. Экономическая безопасность как явление и понятие // Власть. — 2009. — № 1. — С. 14–17.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи амният” ш.Душанбе 28 июни соли 2011 таҳти №721. С.1.
11. Лапуста, М.Г. Риски в предпринимательской деятельности / М.Г. Лапуста, Л.Г. Шаршукова. – Москва: Финансы и статистика, 2003. – 224 с.
12. Макиавелли Н. Государь / Никкола Макиавелли. – Москва: Планета, 1990. – С.56.
13. Мирсаидов, А.Б. Институциональные аспекты оценки национальной экономической безопасности / А.Б. Мирсаидов // Таджикистан и современный мир, 2019, № 1 с.262–269.
14. Потрубач П.П., Борисевич А.Н. Социально-экономическая безопасность социума // Социально-гуманит. знания. 2001. № 3. С. 154.
15. Саидмуродзода, Л. Х. Масъалаҳои мубрами таъмини амнияти молиявӣ: таҳдидҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо / Л. Х. Саидмуродзода, Х. А. Абдуалимзода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2024. – No. 2. – P. 57-64. – EDN UUXGZL.
16. Сенчагов В.К. Экономическая безопасность России : общий курс : учебник для вузов / редактор В. К. Сенчагов. — Москва: Дело, 2005. — 896 с.
17. Серебрянников В., Хлопьев А. Социальная безопасность России / под общ. ред. В. Н. Иванова, Р. Г. Яновского. М., 1996. С. 16.
18. Экономическая безопасность: учебник для вузов: под общ. ред. Л.П. Гончаренко. – 2-е изд., пер. и доп. – Москва: Юрайт, 2018. 340с.
19. Шариф, Р. Амнияти иқтисодии низоми бонкӣ омили рушди устувори иқтисодиёт / Р. Шариф // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No. 1(1). – P. 120-129. – EDN IWUHGM.
20. Ятимов, С. С. Илм ва амният / С. С. Ятимов // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No. 1(1). – P. 9-23.
21. Hager W. Perceptions of Economic Security. Gesau F.A.M. Op. cit., 2001. 218 p.
22. Neu C. R., Wolf Ch. The Economic Dimensions of National Security. National Defense Research Division. RAND, 1994. 156 p.
23. Samuelson, P.A. The Pure Theory of Public Expenditure / P.A. Samuelson. – Текст: непосредственный // Review of Economics and Statistics. – 1954. – Vol. 36, No. 4.
24. Executive Order Establishing the Commitee on Economic Security and the Advisory Council on Economic Security. 29/06/1934. Social Security in America. Appendix XIII. URL: https://www.presidency.ucsb.edu/documents/executive-order-6757-establishing-the-committee-economic-security-and-the-advisory-council (Date of application 19.01.2026).

УДК: 336.745

АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ АСЪОР ВА АМАЛИЁТҲОИ АСЪОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Хайрова Фарзона Абдулфаёзидиновна
докторанти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3. Телефон: +992 003225034

Дар иқтисодиёти имрӯза якен аз масъалаҳои асосие, ки ба вазъи бурунмарзии низомҳои нави иқтисодӣ баҳои мушаххас медиҳанд, ин амалиётҳои асъорӣ ва муносибатҳои асорӣ мебошад. Аз ин хотир муаллифи мақола заруриятҳои иқтисодии асъор ва амалиётҳои асъориро дар муносибатҳои иқтисодӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Вобаста ба ин муаллиыф дар мақолаи худ бештар ба ҷанбаҳои назариявии асъор ва заруриятҳои асъорӣ такия намуда дар ин самт мушаххасоти нуқтаи назари олимон ва коршиносонро мавриди баррасӣ қарор дода ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бинобар ин нашри мақолаи мазкур метавонад як сарчашмаи иловагии илмӣ дар самти масъалаи баррасишаванда мебошад.

Калидвожаҳо. Асосҳои иқтисодӣ, асъор, амалиётҳои асъорӣ, мунолсибатҳои асъорӣ, бозори асъорӣ, воситаҳои пардохтӣ, пули миллӣ, пардохтҳои ниҳой, сармоягузорӣ, самарабахшии пул.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВАЛЮТНЫХ И ВАЛЮТНЫХ ОПЕРАЦИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Хайрова Фарзона Абдулфайозидиновна
Аспирант кафедры экономической теории Таджикского технологического университета. 734061, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Н. Каробоева, 63/3. Телефон: +992 003225034

В современной экономике одним из главных вопросов, дающих специфическую оценку внешней ситуации новых экономических систем, являются валютные операции и валютные отношения. Поэтому автор статьи проанализировал и обсудил экономические потребности валютных и валютных операций в экономических отношениях и добился значительных научных результатов. В этой связи автор в своей статье опирался в большей степени на теоретические аспекты потребностей валют и валютных операций, и в этом направлении он учел специфику взглядов ученых и экспертов, достигнув значительных результатов. Таким образом, публикация данной статьи может стать дополнительным научным источником в области рассматриваемой проблемы.

Ключевые слова: экономические основы, валюта, валютные операции, валютные отношения, валютный рынок, средства платежа, национальная валюта, конечные платежи, инвестиции, эффективность денег.

ECONOMIC FOUNDATIONS OF CURRENCY AND FOREIGN CURRENCY OPERATIONS IN MODERN CONDITIONS

Khayrova Farzona Abdulfayozidinovna
Doctoral candidate at the Department of Economic Theory, Technological University of Tajikistan. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 63/3 N. Qaroboev St. Phone: +992 003225034.

In the modern economy, one of the key issues that provides a specific assessment of the external situation of new economic systems is foreign exchange transactions and foreign exchange relations. Therefore, the author of this article analyzed and discussed the economic requirements of foreign exchange and foreign exchange transactions in economic relations and achieved significant scientific results. In this regard, the author relied largely on the theoretical aspects of currency requirements and foreign exchange transactions, and in this regard, he took into account the specific views of scholars and experts, achieving significant results. Therefore, the publication of this article may become an additional scholarly source in the field of the problem under consideration.

Keywords: economic foundations, currency, foreign exchange transactions, foreign exchange relations, foreign exchange market, means of payment, national currency, final payments, investments, monetary efficiency.

Муқаддима. Мубрамият. Дар шароити рушд кардани равандҳои иқтисодӣ ва бо суръати баланд ташаккул ёфтани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ амалиётҳои асъорӣ ҳамчун механизми асосӣ маҳсуб ёфта онро ҳамчун омил пешрафт пайгирӣ менамоянд. Маълум аст, ки дар ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ амалиётҳои асъор метавонад дар рушди ин муносибатҳо нақши калидӣ бозида равандҳои навро ба вуҷуд меоваранд. Аз ин хотир дар таҷрибаи дохидлӣ вхориҷи рушди амалиётҳои асъорӣ ба хотири пурзур намудани захираҳои асъорӣ ҳамчун масъалаи асосӣ боқи меомонан. Бинобар ин интихоб ва баррасии мазӯи таҳқиқшаванда аз ҳама нуқтаи назар актуалӣ ва зарурӣ мебошад. Асъор ва амалиётҳои асъорӣ дар муҳити рушди иқтисодиёти миллӣ метавонад, аҳамияти иҷтимой, иқтисодӣ ва сиёсӣ дорад. Аз ҳамин хотир дар ҳама ҳолат аҳамияти асъор ва амалиётҳои асъорӣ ба таври доимӣ масъалаи асосӣ ва актуалӣ мебошанд.

Ҳадафи кор аз он иборат аст, ки асосҳои иқтисодии фаъолияти асъор ва таҳлили системавии механизмҳои анҷом додани амалиёти асъорӣ дар шароити тағйирёбии сохтори молиявии ҷаҳонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ мукаммал асоснок карда шуданд

Вазифа. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, дар мақола асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии асъор боданазардошти таъсири омилҳо ва ин масъала ҳамчун омили асосӣ дида баромада шудааст. Ҳамзамон бо

ин таъсири доимии омилҳо ба ташаккули қурби асъор ва устувории пули миллӣ бояд дар сатҳи зарурӣ муаян карда шавад..

Методология. Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Дар қаламрави кишварҳои ҷаҳон масъалаҳои танзим ва назорати асъор дар асарҳои олимони соҳа аз қабилӣ: Долан Э.Ҷ., Кэмпбелл К.Д., Кэмпбелл Р.Д. Сабитов, Н. Х., Харрис Л., Фишер И., Бункина М.К., Семенов А.М., Кашин Ю.И., Миллер Р.Л. Ван-Хуз Б.Д., Раҳимзода Ш., Махшулов, С. Ҷ., Нурализода, А. Н. ва дигарон баррасӣ гардидаанд

Натиҷаҳо. Муҳтовои асосӣ. Дар шароити муосир, асъор яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи ҳаёти иқтимоӣ-иқтисодӣ ва омили асосии рушди ҷамъият ва иқтисодиёт гаштааст. Дар ҳамин замина аҳамияти таҳқиқи генесиз ва инкишофи мафҳуми асъор, ифшои мазмуни қурби асъор ва механизмҳои муайянкунии қурб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, зеро дар давраи соҳибистиқлолӣ раванди афзоиши иқтисодиёт дар муносибатҳои асъорию пулии байналмилалӣ дида мешуд. Барои ҳамин дар давраи соҳибистиқлолӣ алоқаи байни субъектҳои хоҷагидории давлатҳои дигар, пеш аз ҳама, алоқамандӣ тавассути савдои мол ва дигар навъи хизматрасониҳои миёнаравии молӣ ба вуҷуд омад. Дар низоми муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ҷаҳонӣ, функсияи ҷаҳонии пул зоҳир мешавад. Бархе аз муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки «...воҳиди пулии давлате, ки дар муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ бо дигар кишварҳо истифода мешавад, асъор номида мешавад»[1,14]. Ақидаи муҳаққиқро ба инобат гирифта гуфтан ҷоиз аст, ки дилохоҳ пуле, ки воҳиди миллии Ҷумҳури Тоҷикистон нест он асъори хориҷӣ ҳисобиданмумкин аст. Байни иқтисодчиён ва умуман адабиёти иқтисодӣ оид ба пули миллӣ ҳамчун асъор ҳисобидан мумкин аст ё нест? баҳсҳо рафта истодааст. Аз нуқтаи назари коршиносон ва ман ҳамчун коршинос ва таҳқиққунандаи ин кори илмӣ оид ба ҳисобидани сомонӣ зери мафҳуми “асъор” онро танҳо ҳангоми истифодаи он аз ҷониби давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ, меҳисобам. Дар дохили Тоҷикистон ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ он пули миллӣ мебошад.

Муносибатҳое, ки дар натиҷаи муносибатҳои пулӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ истифода карда мешавад, муносибатҳои асъорӣ номида мешавад. Ҳамин тариқ, ҳамаи воҳидҳои пули миллӣ дар навбати худ асъор ҳисобидан мумкин аст. Паҳлуҳои дигари он дар дигар сарчашмаҳо оварда шудаанд [5].

Калимаи “асъор” аз калимаи лотинии - «valeo», яъне бо забони давлатӣ “истодам”, “нарх дорам” гирифта шудааст. Дар адабиёти иқтисодӣ қабул карда шудааст, ки воҳиди пулии давлате, ки барои чен кардани арзиши мол истифорда мегардад **асъор** номида мешавад. Бо ибораи дигар, асъор ҳамчун категорияи иқтисодӣ, функсияи пул ҳамчун ченакҳои арзиши иқтисоди ҷаҳонӣ фаҳмида мешавад. Чи тарве, ки мебинем мафҳуми “асъор” ва “пул” якхела мебошанд. Лекин, дар аксар забонҳо фарқияти термини онҳо мавҷуд аст: масалан, “money” ва “currency” - дар забони англисӣ, “geld” ва “valjuta (wahrung)” — дар забони олмонӣ. Вобаста ба ақидаҳои олимон гуфтан ҷоиз аст, ки баъзан пул нақши дигареро мебозад, яъне худаш ба моле табдил меёбад, ки хариду фурӯш кардан мумкин аст ва нархи он тавассути асъори миллии дигар мамлакат маълум карда мешавад. Аз рӯйи ақидаи мо чунин ҷанба зарурӣ аст, чунки имконияти мубодилаи асъори давлатҳои гунгунро медиҳад, лекин ин ҷанба наметавонад пурра мафуҳми асъорро дар категорияи иқтисодӣ равшанӣ андозад. Дар аксарияти китобҳои иқтисодӣ, мафҳуми “асъор” ҳамчун воҳиди пулие, ки дар шакли пули ҷаҳонӣ фаъолият мекунад, фаҳмида мешавад. Бо ибораи дигар, воҳиди пули миллӣ ҳамчун воҳиди ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ, воситаи гардиш ва пардохт баромад мекунад.

Дар равиши зикршуда возеҳи алоқаи мафҳуми “асъор“ бо миқёси муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дарҷ карда мешавад.

Чӣ тавре, ки Ш. Раҳимзода қайд кардааст «Асъор (currency)– воҳиди пулии кишвари иштирокдори муомилаи иқтисодии байналмилалӣ ва дигар алоқаҳои байналмилалӣ, ки ҳисобу китоби пулиро талаб мекунад [9], инчунин:

а) системаи пулии дар ин мамлакат қабулшуда, воҳиди пулии ин мамлакат;

б) билетҳои кредитӣ, тангаҳо ва дигар чизҳои қимматноке, ки давлатҳои хориҷӣ ба муомилот баровардаанд;

в) қоғазҳои қимматнок, ҳавлаҳои почтавӣ ва супоришномаҳои пардохт, ки бояд бо асъори хориҷӣ пардохта шаванд;

г) чун истилоҳ дар муомилот бо вексел-маблағи пардохте, ки дар вексел нишон дода шудааст» [9].

Бояд қайд кард, ки дар моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», омадааст, ки «...Асъор - пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ» [4].

Дар маҷмӯъ бо мафҳуме, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тазними асъор ва назорати асъор” омадааст, қобили қабул аст, чунки ба ғайрирезидентҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд пули миллӣ асъор ҳисобида шуда, ба резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пуле, ки пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, асъор ҳисобида мешавад.

Мафҳумҳое, ки аз ҷониби Ш. Раҳимзода дар бандҳои «б) в) г)» муайян шудааст, эҳтимолан ба мафҳумҳои сарватҳои асъорӣ дохил кардан мумкин аст. Зеро, сарватҳои асъорӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон “Дар бораи тазними асъор ва назорати асъор”:

«...Сарватҳои асъорӣ: [4]

- асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта;

- пули миллӣ, қоғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо пули миллӣ ифодаёфта танҳо ҳангоми бо онҳо анҷом додани амалиёт байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ва ё байни ғайрирезидентҳо» [4].

Мафҳуми муайянкурдашуда боз як маротибаи дигар фикри манро вобаста ба ғайрирезидентҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷтикистон мебошанду пули миллӣ ба онҳо асъор мебошад, тасдиқ менамояд.

Дар кори худ Хамидова С.Х. қайд менамояд, ки «...омӯзиши асъор ҳамчун як ҷузъи иқтисодиёт, асосан аз позитсияи функсионалӣ, мушкилотро ба вуҷуд меорад, чунки пас аз демонетизатсияи тилло функсияи “пули ҷаҳонӣ” дар байни олимон мавриди баҳсҳо қарор гирифтааст» [12].

Бинобар ин, барои он ки моҳият ва мафҳуми аниқи асъорро дарк кунем, бояд назари худро ба назарияи пул равона намоем. Пеш аз ҳама, бояд нигоҳи эволюотсионӣ моҳият ва табиати пул дар иқтисодиёт ё аниқтараш зарурияти пул ба иқтисодётро дида бароем. Ин дар оянда ба мо муайян кардани сохтори муносибатҳои асъорӣ, принсип, механизм, шаклҳо ва методикаи танзими онҳоро барои баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ равона мекунад, таҳлил намоем.

Омӯзиши табиати пул дар илми иқтисодӣ, яке аз мушклотҳои мураккаб ва зиддиятнок мебошад. Вобаста ба мазмун, моҳият, нақш ва мавқеи пул дар иқтисодиёт муҳаққиқон ба равишҳои гуногун такя менамоянд.

Дар асарҳои худ, муаллифон робитаи байни нишондиҳандаҳои гуногуни пешниҳоди пул, иқтисодиёт ва моҳияти пулро меомӯзанд ва ба масъалаҳои танзими иқтисоди бозорӣ диққати махсуси худро равона менамоянд. Дар заминаи ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, муайян ва дарки қонуниятҳои умумӣ ва динамикаи муносибатҳои асъорӣ муҳим аст, зеро тағйироти назарраси иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ дар давраи гузариш зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусияти пулро дар доираи муносибатҳои асъорӣ ба миён меорад. Тавре ки адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, таърифи пул ҳамчун категорияи сиёсӣ-иқтисодӣ таваҷҷӯҳи бисёре аз олимонеро, ки мехоҳанд аҳамияти асосии онро дарк кунанд, ҷалб кардааст. Омӯзиши табиати пул метавонад сар карда аз рисолаҳои файласуфони қадим ва то дастгоҳҳои математикии мураккаби таҳқиқотидашудаи корҳои муаллифони муосир дида шавад.

Дар назарияи иқтисодӣ ду назария ё версия оид ба пайдошавии пул дида мешавад.

“...Аввал – ин назарияи оқилона, ки тибқи он пайдошавии пул натиҷаи созиши байни одамон оид ба зарурияти интихоби мушаххас ё моли махсус барои арзиши мубодилаи молҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолшаванда, мебошад. Ҳамин тариқ, бо пайдошавии пул тартиби ивазкунӣ аз байн рафт ё бартарф гардид. Назарияи оқилона ба У.Джевонс, Ж.Б.Сэю.” [13] таалуқ дорад. Назари У.Джевансро мактаби неоклассик Дж.Милль, А.Маршалл ва И.Фишер таррақӣ доданд. Онҳо, нақши пулро дар воридшавии ҳамоҳангсозии даромад ва пардохтҳоро, қайд намуданд, ки гардиши мол хароҷоти камро дар амалиётҳои ивазнамоӣ, мусоидат менамуд.

Инчунин, пул ҳамчун маблағи алоқаи давраи истеҳсол ва муомилот, ки даврaҳои алоҳида мебошад, баромад мекунад. Бинобар ин, мафҳуми ниёзи дохилӣ ба пул дар шароити гардиши молӣ-пулии рушдёфта асоси назарияи оқилонаи пайдоиши пулро ташкил дод.

Дуюм, равиши эволюотсионӣ: Вобаста ба ин назария гуфтан мумкин аст, ки пайдоиши пул натиҷаи табиии таҳаввулоти муносибатҳои истеҳсолӣ ва мубодилаи молҳо мебошад. Моҳияти ин раванди объективӣ дар он аст, ки новобаста аз ирода ва ниёзҳои афрод, баъзе молҳо аз оммаи умумӣ ҳамчун муодили универсалӣ барои ҳамаи дигар молҳо ҷудо карда мешуданд. Асосгузорони назарияи мазкур иқтисоддонҳои барҷаста Адам Смит, Дэвид Рикардо ва Карл Маркс ба ҳисоб мераванд.

Дар илми иқтисод, кӯшишҳо барои омехта намудани равишҳои ратсионалистӣ ва эволюотсионӣ ба пайдоиши пул анҷом дода мешаванд, ки дар асарҳои Л. Харрис инъикос ёфтааст. Харрис, аз як тараф, таъкид мекунад, ки «..пул барои мубодила зарур аст, зеро мубодилаи молҳо, бо назардошти гуногунии молҳо, хеле номуассир аст». Ин тавзеҳот, ки ба назарияи ратсионалистӣ наздик аст, пайдоиши пулро бо хоҳиши кам кардани хароҷот, номуайянӣ ва хатарҳо алоқаманд мекунад. Аз тарафи дигар, ӯ қайд мекунад, ки «...пул танҳо дар ҷомеаҳое пайдо мешавад, ки мубодилаи мол, тақсимоти меҳнат ва моликияти хусусӣ рушд кардааст, ки бо равиши эволюотсионӣ мувофиқ аст» [10].

Ба андешаи мо равишҳои ратсионалистӣ ба пайдоиши пул реша дар ангезаҳои субъективии фаъолияти иқтисодии иштирокчиёни бозор доранд. Айни замон, назарияи эволюотсионӣ ба шароити объективии пайдоиши пул такя мекунад, ки бо рушди истеҳсоли молӣ ва тарзи капиталистии истеҳсолот алоқаманд аст. Аммо, ин назарияҳо ё версияҳои онҳо набояд аз ҳам ҷудо карда шаванд, зеро онҳо якдигарро пурра мекунанд.

Аз ин лиҳоз, дар ҳолати таҳлил намудани сабабҳои пайдоиши пул, бояд ҳар ду ақида ба назар гирифта шавад, зеро дар ҷараёни таҳаввулоти рушди истеҳсолот, дар ҳолати ба анҷом расонидани амалиётҳои байналмилалӣ, одамон таҷрибаи худро ғанӣ мегардонанд. Одамон дар ҷараёни мушоҳида ва фаъолияти амалии молҳои ҷаҳонӣ барои ташкили амалиёти мубодила маҳсулоти афзалиятнокро ҷудо карданд, ки барои ба даст овардани муносибатҳои асъорӣ мусоидат намуд. Дар ин росто гуфтан ба маврид аст, ки ҷараёни ташаккули пул натиҷаи раванди мураккаби муттаҳидсозии омилҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад, ки дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омадааст.

Назарияи пулӣ ҳамчун як соҳаи мустақили илмӣ дар асри XVIII пайдо шуд. Аз он вақт инҷониб, иқтисоддонҳо ду маҷмӯи масъалаҳои асосиро мавриди омӯзиш қарор додаанд: пайдоиш ва хусусияти пул, ташаккули қобилияти харидории он. Дар ин маврид мо ба он андешаем, ки ду шарҳи асосӣ барои он ки пул чист, вуҷуд дорад.

Равиши консептуалӣ пулро аз нигоҳи вазифаҳои функсионалӣ баррасӣ мекунад. Тарафдорони ин нуқтаи назар И. Ҷонсон ва У. Роберт ба ҳисоб мераванд, онҳо иддао доранд, ки моҳияти пул бо нақши он дар иқтисод муайян карда мешавад. Л. Ҳаррис, масалан «...пулро ҳамчун молу колое, ки вазифаҳои воситаи мубодила, воҳиди ҳисоб ва воситаи нигоҳдории арзишро иҷро мекунад таъриф додааст» [8,13]. Идеяи пул ҳамчун воҳиди ҳисоб аллакай дар назарияҳои номиналӣ ва миқдории пул мавҷуд аст. Ирвинг Фишер, намояндаи назарияи миқдорӣ, чунин мешуморид, ки «...пул он чизест, ки ҳама дар ивази мол қабул мекунанд» [11]. Аммо, ба назари мо, вазифаҳои пул танҳо табиати ҳақиқии онҳоро инъикос мекунанд, на онро муайян мекунанд. Ҷудо кардани моҳияти пул аз зоҳиршавии функсионалии он фаҳмиши табиати пулро халалдор мекунад ва таҳлили бозори пул ва механизмҳои бозорро маҳдуд месозад.

Бояд эътироф кард, ки пул ҳамчун воситаи мубодила дорои истифодаи маҳдуд аст. Вазифаи аз ҳама муҳими он дар фароҳам овардани шароити мусоид барои муомилоти тиҷоратӣ аст ва дигар манфиате надорад. Назарияи Фишер қодир нест, ки пурра шарҳ диҳад, ки чӣ гуна ниёз ба пул ба вуҷуд меояд. Имрӯзҳо дар фаҳмиши

моҳияти пул, ки аз ҷониби бисёр таҳқиқотчиёни ғарбӣ дастгирӣ мешавад, муносибати функционалӣ бартарӣ дорад. Масалан, Э.Д. Долан, К.Д. Кэмпбелл ва Р.Д. Кэмпбелл бар ин бовараанд, ки «...пул барои пардохти молҳо ва хизматрасонӣ, ҳамчун воҳиди ченаки арзиши онҳо ва воситаи нигоҳдории сарват хизмат мекунад» [2]. Умуман муносибати функционалӣ кӯшиш мекунад, ки моҳияти дохилии пулро аз зоҳири берунии он ҷудо кунад. Аммо, баён кардани масъалаи моҳияти пул ҳамчун мушкили ҳалшуда нодуруст аст. Дар асл, ҷудо кардани моҳияти пул аз вазифаҳои он хеле душвор аст, зеро дар раванди муомилот онҳо се нақши асосиро иҷро мекунанд, яъне воситаи мубодила, воситаи пардохт ва воситаи нигоҳдорӣ.

Ҳамин тариқ, ҳангоми кӯшиши муайян кардани моҳияти пул, муайян кардани танҳо яке аз вазифаҳои асосии он номувофиқ аст, зеро ин вазъи воқеии корро инъикос намекунад. Ғайр аз ин, дар бахши пешрафтаи молиявӣ, ки дар он воситаҳои қарзӣ, тиҷорати байналмилалӣ ва вазифаҳои маҳдуди пул ноустуворанд, ҳамон як воҳиди пулӣ метавонад ҳамзамон дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад. Масалан, пасандозҳо пулро аз муомилот мебароранд, аммо, новобаста аз он, ки бисёр одамон онро дар ташкилотҳои карзӣ нигоҳ медоранд, онҳо дар таҷдиди гардиш иштирок мекунанд.

Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои пулро ҷудо кардан ғайримкон аст, зеро онҳо дар ҳама ҳолат якдигарро пур менамоянд. Тавре, ки маълум аст, зуҳурот моҳиятро муайян намекунад, балки баръакс. Бинобар ин, агар мо хусусияти пулро ба хосиятҳои функсионалии муайян маҳдуд созем, мо принсипи объективиро дар донишҳои илмӣ вайрон хоҳем кард.

Дар назарияи иқтисодӣ аз сабаби гуногунии муносибатҳои консептуалӣ душворӣ дар дарк ва таҳлили вазифаҳои пул вуҷуд дорад. Ҳангоми омӯзиши мундариҷа ва нақши вазифаҳои пулӣ, таҳқиқотчиён бо мушкилоти ҷудо кардани вазифаи асосӣ, инчунин бо масъалаҳои таснифот ва динамикаи ин вазифаҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Сарфи назар аз ин мушкилот, дарки аҳамияти вазифаҳои пулӣ барои таҳлили пул ва нақши он дар ҷаҳони молиявӣ муҳим аст. Масалан, вазифаи ченаки арзиш дар муайян кардани арзиши молҳо ва муносибати онҳо, инчунин дар инъикоси қувваҳои бозор нақши муҳим мебозад. Устувории ин вазифа бевосита ба некӯаҳволии иқтисодӣ таъсир мерасонад. Амалигардонии вазифаи ченаки арзиш тавассути миқёси нархҳо сурат мегирад. Баъзе муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки молҳо бо арзиши ҳадди ақали аз ҷониби давлат муқарраршударо ҳамчун асоси миқёси нархҳо баррасӣ кунанд. Инчунин ақидае вуҷуд дорад, ки вазифаи ченаки арзиш бояд бо вазифаи воҳиди ҳисоб иваз карда шавад, чунон ки Р. Миллер ва Д. Ван-Хуз мегӯянд [7].

Пул вазифаи мубодиларо иҷро мекунад ва имкон медиҳад, ки молҳо бо муодили онҳо харидорӣ шаванд. Барои ин, зарур аст, ки ҳаҷми пули дар муомилот бударо доимо назорат кард. Маҳз таҳаввулоти ин вазифаи муомилот дар тӯли вақт шаклҳои гуногуни пулро ба вуҷуд овардааст. Вазифаи пасандоз баҳсбарангез аст: ҷонибдорони назарияи "металлӣ" онро танҳо бо пули металлӣ алоқаманд мекунанд, дар ҳоле ки номиналистҳо ба он камтар аҳамият медоданд. Мактаби Кембриҷ (Маршалл, Пигу, Робертсон) ду нақши пулро ҷудо кардааст: муомилот ва ҷамъоварӣ. Кейнс бошад, пулҳои "фаъол" ва "бекор"-ро фарқ мекард ва мепиндошт, ки афзоиши ҳаҷми пул бо талош барои ликвидӣ, ки бо хароҷоти назаррас рӯбарӯ намешавад, ба вуҷуд меояд. Вай сабаби пасандозҳои баландро дар арзиши пасти нигоҳдории пул медонист. Имрӯз, бо рушди бозорҳои молиявӣ, вазифаи пасандоз дуҷониба тафсир мешавад: ҳамчун ҳифзи арзиш ва ҳамчун зиёд кардани он [10].

Дар илми иқтисодии муосир ду равишро барои муайянкунии миқдории функсияҳои пул ҷудо кардан мумкин аст: аврупоӣ ва амрикоӣ. Дар ҳоле ки муносибати амрикоӣ ба пул ба вазифаҳои ҳисобдорӣ ва мубодила маҳдуд мешавад, консепсияи аврупоӣ биниши мукаммалтарро пешниҳод мекунад, ки панҷ нақши асосиро ҷудо мекунад: андозагирии арзиш, воситаи мубодила, пардохт, захира ва асъори ҷаҳонӣ. Ин модели васеъшудаи аврупоӣ ба бисёрҷанбагии равандҳои бозорӣ, ҳам дар сатҳи тамоми иқтисод ва ҳам дар сатҳи корхонаҳои алоҳида мувофиқат мекунад. Таҳлили ин панҷ вазифаи пул барои танзими давлатии таваррум, ки ҳамчун як падидаи мураккаб, ки муносибатҳои гуногуни репродуктивӣ, аз ҷумла пулӣ, молиявӣ ва мубодиларо дар бар мегирад, асос мебошад. Пул моҳияти худро ҳамчун "шакли махсуси арзиши мубодила" нигоҳ медорад, ки муқоисаи арзиши истеҳсол ва муомилотро байни иштирокчиёни бозор таъмин мекунад [3]. Ин консепсия бо ғояҳои муносибати репродуктивӣ, ки асосгузори он К. Маркс мебошад, садо медиҳад. Назарияи ӯ мегӯяд, ки пул дар раванди рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо мешавад ва мавҷудияти он аз намуди мушаххаси иқтисод вобаста аст.

Ин унсури муҳимтарини муносибатҳои молӣ мебошад, ки қобилияти абстрактӣ ва арзиши мубодилавиро дарбар мегирад. Барои намояндагони муносибати таҷрибавӣ, заминаи арзиши пул нопадид мешавад.

Ба гуфтаи М. Фридман, пул воситаи муассир барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ мебошад. Вай пулро ҳамчун як системаи абстрактӣ ва мушоҳидашаванда, ки дар асоси арзиши рақамӣ, ки тавассути расмиёти муқарраршуда шакл мегирад, тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, мо бар он назарем, ки М. Фридман бо баварии комил нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҷорӣ кардани воҳидҳои гуногуни пулӣ ба ӯ имкон дод, ки ин консепсияро ба назарияи хавфи марбут ба пул муттаҳид кунад.

Муҳокима. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар назарияи иқтисодӣ мафҳуми моҳияти пул мавҷуд нест ва намудҳои гуногуни ин масъала вуҷуд доранд. Умуман, равишҳои мавҷудаи муайян кардани мазмуни пулро метавон ба консепсияҳои мубодила ва репродуктивӣ гурӯҳбандӣ кард. Муайян намудани нақши пул дар раванди такрористеҳсолӣ, тағйирёбии гардиши пул, нархҳо, қобилияти харидории пул, таваррум, даромади миллӣ асосан ба консепсияи репродуктивӣ асос ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки ин мафҳум ба назарияи арзиши меҳнат асос ёфтааст. Таҳлили назарияи арзиши меҳнат назарияи пулиро ғанӣ месозад ва ин имкон медиҳад, ки нақши пул дар иқтисодиёт ҳамаҷониба таҳлил карда шавад. Дар бораи консепсияи мубодила бошад, он таҳлили соҳаи муомилоти пулро мушаххас мекунад ва ба таври муфассал шарҳ медиҳад. Консепсияи мубодила ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни пул,

принсипҳои ташаккули пешниҳоди пул ва тақозо, таркиби пешниҳоди пулро шарҳ диҳад, инчунин омилҳои таъсиррасонро ба пул муайян кунад. Ин усулҳо аҳамият намедиҳанд, балки якдигарро бойтар мекунанд.

Ҳамаи омилҳои калидӣ, ки ба афзоиши пешниҳоди пул таъсир мерасонанд, ба таври возеҳ нишон медиҳанд, ки пули муосир дорои мазмуни арзишӣ мебошад. Инро истифодаи амалии он тасдиқ мекунад: вақте ки пул барои харид, мубодилаи мол, пардохти музди меҳнат ё пардохти андоз истифода мешавад, он як қисми арзиши даромади миллиро инъикос мекунад. "Аз ҷумла, сармоягузории самарабахши пул, чун қоида, ба зиёд шудани арзиши воқеии дар ҷомеа эҷодшуда мусоидат мекунад ва баръакс" [5,8]. Агар қаблан ҳуқуқи ба даст овардани арзиши эквивалентӣ бо арзиши дар таркиби пул мавҷудбуда муайян шуда бошад, имрӯз ин бо раванди рушди муносибатҳои молӣ ва қарзӣ кафолат дода мешавад. Дар айни замон, пулҳои кредитӣ ҳамчун воситаи ниҳоии пардохт амал мекунанд. Дар асл, муносибатҳои қарзӣ универсалӣ шуданд, ки пардохтҳоро дар ҳамон шакл иваз карданд. Ҳамин тариқ, аз нимаи дуюми асри XX як падидаи ғайримоддии муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд омад.

Дар муносибатҳои муосири пулӣ, муносибатҳои асъорӣ шакли амонатии электронии эквиваленти универсалӣ қабул карданд. Ин намуд ба фаъолияти системаи ҷаҳонии бонкӣ миёнаравӣ мекунад. Омӯзиши ин навъи пул дар асарҳои А.В.Шамраев ва дигарон ошкор карда мешавад" [15]. Пулҳои электронӣ, ҳамчун воситаи нави пардохт, як намуди пулҳои кредитӣ мебошанд. Аммо, тафсири мафҳуми "пулҳои электронӣ" гуногун аст. Муайянӣ аз вариантҳои гуногуни таснифоти онҳо бармеояд. Онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд:

- воситаи техникии истифодашаванда;
- усули коркард ва нигоҳдории маълумот;
- шаклҳои ташкили "пулҳои электронӣ";
- шаклҳои баҳисобгирии уҳдадориҳои тавозунӣ;
- асъори уҳдадории эмитент.

Ҳамин тариқ, пули электронӣ арзиши пулӣ дар шакли мушаххас аст, ки маҳсулоти молиявӣ мебошад. Омӯзиши ин масъала ба мо имкон медиҳад, ки тамоюлҳои навро дар ташаккули пешниҳоди пул муайян намоем ва хатарҳои бонкҳои марказиро, ки бо аз даст додани даромадҳои электронӣ алоқаманданд, арзёбӣ кунем. Ин метавонад боиси тағйирот дар захираҳои онҳо ва осебпазирии ҳам пули электронӣ ва ҳам системаҳои ҳисоббаробаркунӣ гардад.

Шаклҳои муосири пулӣ нақш ва зоҳиршавии функсияи ченакии пулро тағйир доданд. Он инчунин боиси тағйири сохтори массаи пулии муосир гардид. Пайдоиши намудҳои нави пулӣ ба функсияҳои пул ҳамчун воситаи пардохт ва муомилот таъсир расонд. Рушди системаи молиявӣ ба ташаккули "ҷамъияти ғайринақдӣ" оварда мерасонад, ки дар он монеаҳо барои мубодила ва пардохтҳо ба вуҷуд меоянд [5]. Шаклҳои нави пулӣ, ки барои муомилот истифода мешаванд, дар асл функсияи воситаи пардохтро иҷро мекунанд, зеро ҳангоми истифодаи онҳо харидор арзиши воқеии молро намедиҳад.

Хулоса. Ҳамин тариқ, пули муосир як қатор функсияҳои иловагӣ ба даст меорад, агар он дар доираи маҳдуди низоми миллии координатаҳои макроиқтисодӣ баррасӣ накарда, балки аз нуқтаи назари иқтисодиёти миллӣ ҳамчун иштирокчии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо баррасӣ карда шавад. Бо фаъолияти пул дар иқтисоди ҷаҳонӣ ҳамчун асъор, онҳо мубодилаи натиҷаҳои иқтисодиёти миллӣ ва созмонҳои байналмилалиро инъикос мекунанд ва дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, истеҳсоли мол, мубодила ё савдо, хизматрасонӣ, ҳаракати сармоя дар фазои ҷаҳонӣ асоси муносибатҳои асъорӣ мебошанд. Истеҳсолоти мукаммали иҷтимоӣ, ки мубодилаи байналмилалии амал ва омилҳои истеҳсолотро ба вуҷуд меорад, заминаи объективии муносибатҳои пулиро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои асъорӣ дар раванди истеҳсолӣ дуюмдараҷа мебошанд. Онҳо ба раванди истеҳсолот таъсири баръакс медиҳанд.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд кардем, дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ воҳидҳои пулии кишвар, ки нақши пули ҷаҳонро мебозанд, асъор номида мешаванд. Илова бар ин, мафҳуми асъор дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки:

а) "...воҳиди пулии давлатҳои хориҷӣ (асъори хориҷӣ), ҳуҷҷатҳои қарзӣ ва пардохт бо воҳиди асъорӣ ифода ёфта, дар ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ истифода бурда мешаванд" [6];

б) воҳидҳои пулии байналмилалӣ, минтақавӣ ва воситаҳои пардохт (SDR, евро, долл.ИМА ҳисоббаробаркунии доллари арабӣ ва ғайра). Аз ин рӯ, низоми пули миллӣ бо низоми ҷаҳонии пул робитаи зич дорад.

Ҳамин тариқ системаи ҷаҳонии пул шакли ташкили муносибатҳои ҷаҳонии пул ва асъор мебошад, ки дар созишномаҳои байнидавлатӣ муқаррар карда шудааст. Фаъолияти устувори низоми ҷаҳонии пул аз он вобаста аст, ки принсипҳои он бо сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ чӣ гуна мувофиқат мекунанд.

Адабиёт

1. Ашуров, М. Н. Проблемы выдачи кредита банками производственным предприятиям в Республике Таджикистан / М. Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2012. – № 2/3(86). – С. 7-11.

2. ДоланЭ.Дж., Кэмпбелл К.Д., Кэмпбелл Р.Д. Деньги, банковское дело иденежно-кредитная политика. Пер. с англ. В.Лукашевича и др./ Под общ.ред. В.Лукашевича. - М.: Издательство АНК, 1996. - 448с. саҳ12

3. Красавина Л.Н. Проблемы денег в экономической науке. //Деньги и кредит. -2001.-№10.-стр.5

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" 13 июни соли 2013, №964 Моддаи 1

5. Махшулов, С. Ҷ. Механизмҳои асосии фаъолгардонии қарздиҳии низоми бонкӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, Б. Ахмедова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 137-151

6. Махшулов, С. Ҷ. Ҳадафгирии таврруми ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, В. Н. Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. S2.1(31). – P. 143-154

7. Миллер Р.Л. Ван-Хуз Б.Д. Современные деньги и банковское дело. - М.: ИНФРА, 2000. - 824саҳ

8. Нурализода, А. Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / А. Н. Нурализода, С. Д. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 67-72

9. Рахимов, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Рахимов. Том нашри сеюм. – Душанбе : Эр-граф, 2018. – 515 с. – ISBN 978-99975-67-08-6. – EDN QZUTHZ.

10. Сабитов, Н. Х. Сущность и природа денег в экономической теории / Н. Х. Сабитов, Ф. Г. Чистякова // Финансы и кредит. – 2005. – № 23(191). – С. 9-19

11. Фишер И. Покупательная сила денег / Сост., вступ, статья М.К.Бункина, А.М.Семенов. - М.: Дело, 2001. – 320 саҳ. - (Сер.«Политическая экономия: ступени познания»). саҳ. 32

12. Хамидова, Сарвиноз Хамрабоевна. Особенности формирования денежного рынка Республики Таджикистан в условиях перехода к рыночной экономике : диссертация ... кандидата экономических наук : 08.00.01, Худжанд-2012 стр 144

13. Харрис Л. Денежная теория. Пер. с англ./ Общ. ред. и вступ, т. В.М.Усоскина. - М.: Прогресс, 1990 - – 750 с

14. Чистякова Фарида Габдульбаровна. Особенности денежного рынка в современной экономике России: Теоретико-методологический аспект. Специальность 08.00.01 – экономиэкономическая теория. [Текст] Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Казань 2006

15. Шамраев А.В. Денежная составляющая платежной системы: правовой и экономический подходы. //Деньги и кредит. - 2000. - №3. - саҳ.50-57.; Денежная составляющая системы: правовой и экономической подходы. //Деньги и кредит. - 2000. -№4. - саҳ.38-41

УДК 339.166.82:338.24::004.9(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ТАҲВИЛИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Румейса Раҳмонӣ

ходими илмии шуъбаи рушди тадқиқоти сабз ва иқтисоди даврии Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел:907-20-20-00, Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5

Мақола ба омузиши равандҳои рақамикунонии тиҷорати савдои чакана ва таъсири онҳоро ба модели муосири соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар раванди кор мафҳум ва моҳияти савдои чаканаро дар шароити муосир аз нигоҳи олимони соҳа дида баромада, доир ба масъалаи мазкур андешаи худашро иброз намудааст. Ҳамзамон, муаллиф хавфҳои асосии рақамикунонӣ, аз ҷумла таҳдидҳои киберамният ва зарурати баланд бардоштани малакаи рақамии кормандонро таҳлил таҳлил намудааст. Инчунин, доир ба гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо дар сатҳи ҷумҳур ва дар сатҳи алоҳидагии минтақаҳо таҳлилҳо гузаронидааст. Илова ба ин аз ҷониби муаллиф таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ба рушди савдои чакана дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсир мерасонад, муайян карда шудааст.

Калидвожа: иқтисодиёт, савдои чакана, технология иттилоотӣ, рақамикунонӣ, ҷаҳонишавӣ, амнияти киберӣ, платформа, манбаи додашудаҳои калон, таҳлил, танзим.

ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ТРАНСФОРМАЦИИ ЭКОНОМИКИ

Румейса Рахмон

Научный сотрудник, Отдел зеленых исследований и циркулярной экономики, Научно-исследовательский институт устойчивого развития и зеленой экономики, Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, тел.: 907-20-20-00, Адрес: 734055, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Борбад, 48/5

Статья посвящена процессам цифровизации розничной торговли и их влияние на современную бизнес-модель. В ходе работы автор было рассмотренно понятие и сущность розничной торговли в современных условиях с точки зрения ученых данной сферы, а также изложил свое мнение по данному вопросу. В то же время автор проанализировал основные риски цифровизации, включая угрозы кибербезопасности и необходимость повышения цифровых навыков сотрудников. Кроме того, проведен анализ розничного товарооборота во всех сферах торговли как на республиканском уровне, так и в разрезе отдельных регионов. Наряду с этим автором определено влияние внутренних и внешних факторов, воздействующих на развитие розничной торговли в условиях глобализации.

Ключевые слова: экономика, розничная торговля, информационные технологии, цифровизация, глобализация, кибербезопасность, платформа, большие данные, анализ, регулирования

FEATURES OF RETAIL ENTERPRISES' OPERATIONS IN THE CONTEXT OF DIGITAL TRANSFORMATION OF THE ECONOMY

Rumeysa Rahmoni

Researcher, Department of Green Research and Circular Economy Development, Institute for Sustainable Development and Green Economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan; Tel: 907-20-20-00; Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue,

The article focuses on the digitalization of retail trade and its impact on modern business models. In the course of the study, the author examines the concept and essence of retail trade in contemporary conditions from the perspective of scholars in this field, while also offering their own perspective on the matter. At the same time, the author analyzes the main risks associated with digitalization, including cybersecurity threats and the need to enhance employees' digital skills. Furthermore, the work presents an analysis of retail trade turnover across all sectors of commerce, both at the national level and broken down by individual regions. Along with this, the author identifies the internal and external factors influencing the development of retail trade in the context of globalization

Keywords: economics, retail, information technology, digitalization, globalization, cybersecurity, platform, big data, analysis, regulation

Муқаддима. Савдои чакана ин марҳилаи ниҳоии ҳаракати мол аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунандаи охирин мебошад, ки молҳо барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ ва хоҷагӣ фурӯхта мешаванд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ масъалаи такмилдиҳӣ ва рушди соҳаи савдо яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад, зеро маҳз соҳаи мазкур яке аз аввалинҳо шуда, татбиқи инноватсияро таҷассум менамояд. Ин раванд хариду фурӯшро тавассути платформаҳои электронӣ, мағозаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва маркетплейсҳо фаро мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси заминаҳои назариявию амалии тадқиқоти гузаронидашуда, аз асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамзамон санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, стретегияву консепсияҳо иборат мебошад.

Мақсади асосии таҳқиқот аз муайян намудан ва таҳлили мушкилоти мавҷуда дар сохтори платформаҳо, инчунин арзёбии таъсири сатҳи истифодабарии интернет ва дастрасии аҳолӣ ба технологияҳои рақамӣ барои таъмини рушду фаъолияти самараноки онҳо дар шароити дигаргуншавии иқтисодиёт иборат мебошад.

Барои расидан ба мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

1. Омӯзиши асарҳои олимони соҳавӣ доир ба асосҳои назариявии савдои чакана ва рушди он дар шароити табодулоти рақамӣ;
2. Муайян кардани омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд;
3. Арзёбии дастрасии аҳолӣ ба интернет ва технологияҳои рақамӣ;

Усулҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқоти гузаронидашуда, усулҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шудаанд, аз қабилӣ: таҳлилҳои муқоисавӣ, экспертӣ ва ғ. истифода бурда шудааст.

Таҳлили адабиёт ва гузориши масъала. Доир ба масъалаҳои ташаккул, рушд ва мукамалгардонии савдои чакана дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабилӣ: Ф.Р. Шаропов, М. Н. Ашуров, Н. С. Шомадова, М.М.Мариншоев, С.З.Султонов, М. Д. Лутфулоев, Б. М. Мараимов, С. С. Мухторзода, Б. М. Фатҳиев, М. Мурзагалина, А. А. Пижурин, Г. Х Калимуллина, Т. А. Чернова, О. В. Климова, Р. М. Сайед мавриди омӯзиш, баррасӣ ва тадқиқот қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосӣ. Рақамикунонӣ раванди калидии рушди савдои чакана гардида, барои ширкатҳо афзалиятҳои назарраси рақобатиро таъмин менамояд. Технологияҳои инноватсиониву рақамӣ шароит фароҳам меоранд, ки равандҳои тиҷоратӣ ба шароитти муосир мутобиқ гардонида шуда, ширкатҳо дар бозор мевқеи хоса пайдо намоянд ва ба ин васила дар шароити ҷаҳонишавӣ рақобатпазир бошанд. Дар шароити рақобати шадид, табодулоти рақамӣ дигар на ҳамчун як интихоби ихтиёрӣ, балки ҳамчун шарти зарурӣ барои боқӣ мондан маҳсуб меёбад, зеро ҳар қадаре, ки корхона ин равандро барвақттар оғоз кунад, имконияти муваффақият ва устувории он дар дурнамои дарозмуддат ҳамон қадар баландтар мегардад. Чи тавре муқаққиқон дар корҳои худ қайд менамоянд "...дар шароити ҷаҳонишавӣ татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди фаъолият яке аз маҳакҳои асосии рушд ба шуморм еравад"[1].


Бояд тазаккур дод, ки доир ба рушди савдои чакана аз ҷониби олимони ватанӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Андешаҳои олимони ватанӣ доир ба рушди савдои сакана дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Мафҳум ва моҳияти савдои чакана дар шароити муосир

Муаллиф	Муҳтаво
Шаропов Ф.Р	"...савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад" [10].
Нусратзода М. Н., Нуридинов С. З., Умарзода Н. Н.	"...дар шароити муосири хоҷагидорӣ, ҳам дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи кишвари алоҳида инноватсия яке аз омилҳои асосии на танҳо рушди соҳаҳои иқтисодиёт, балки тамоми иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад" [6].
Мариншоев М.М., Султонов З.С	"...савдои чакана алоқаҳои бозориро дар байни истеҳсолгарон ва истеъмолгарон таъмин намуда, вазифаҳои масъулиятнокро оид ба фурӯши молҳои истеҳсолшуда иҷро мекунад" [4].
Лутфулоев М. Д.	"...масъалаи баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана яке аз омилҳои муҳими зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии кори мағоза низ хеле муҳим мегардад, ки меъёри асосии он сифати хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад" [2].
Мараимов Б. М., Мухторзода С. С., Фатҳиев Б. М.	"...яке аз роҳҳои таъмини рақобатпазирии бозори хизматрасонии савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ гузариш ба роҳи инноватсионии рушд мебошад. Рушди инноватсионӣ на танҳо рақобатпазириро таъмин мекунад, балки далелҳои муайянеро дар байни арзиши истеъмолии молҳои пешниҳодшаванда ва ҷолибияти хизматрасонии он нишон медиҳад" [3].
Убайдуллозода Ф. У., Нусратзода М.Н.	"...технологияҳои иттилоотӣ барои соҳаи мухталифи кишвар, хусусан савдои чакана воситаи асосии дигаргунсозӣ меравад, зеро онҳо на танҳо равандҳои фурӯш ва хизматрасониро тезонида, таҷрибаи харидоронро беҳтар мекунанд, балки модели идоракунии мағозаҳоро комилан нав месозанд. Ин ба суръатбахшии рушди шабакаҳои савдо, афзоиши фурӯш ва мустаҳкам гардидани мавқеи онҳо дар бозори рақобатпазир заминаи мустаҳкам мегузорад" [7]

Дар асоси гуфтаҳои муҳаққиқон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт сохтор ва механизмҳои фаъолияти савдои чаканаро кулан тағйир медиҳад. Ин раванд на танҳо тарзи муомилаи байни харидор ва фурӯшанда, балки тамоми занҷираи таъминот ва логистикаро дигаргун менамояд.

Дар ин росто гуфтан ҷоиз аст, ки рақамикунонӣ тамоюли асосӣ дар соҳаи тиҷорати чакана мебошад ва пайравӣ аз ин самт ба афзоиши гардиши тиҷорати чакана мусоидат мекунад:



	Секторҳои давлатӣ	Секторҳои ғайридавлатӣ
2015	44,8	25925,8
2018	54,2	31374,4
2020	59,4	34401,4
2022	74,8	43305,2
2024	94,9	54971,6

Диаграммаи 1. Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо (бо млн сомонӣ) [8. С-350]

Чи тавре, ки аз нишондиҳандаҳои диаграмма бар меояд дар масъалаи мазкур секторҳои ғайридавлатӣ фаъолиятнокиашон зудрушдёбанда мебошад.

Дар ҷадвали навбатӣ гардиши моли чакана дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба таври васеъ оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Гардиши моли чакана дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо млн сомонӣ) [8. С-351]


Номгӯй	**Солҳо**					**Бартарӣ**
	2015	2018	2020	2022	2024	2024 нисбат ба 2015
ВМКБ	111,1	134,4	147,4	185,5	235,5	124,4
Вилояти Суғд	8130,1	9838,7	10787,9	13580,1	17238,5	9108,4
Вилояти Хатлон	8453,6	11457,8	12675,4	14120,4	17924,5	9470,9
ш.Душанбе	5783,9	6999,5	7674,8	9661,1	12263,9	6480
НТҶ	3491,9	4732,9	4633,5	5832,7	7404,1	3912,2

Таҳлилҳои ҷадвал аз он шаҳодат медиҳанд, ки рушди гардиши моли чакана дар соли 2024 бештар Вилояти Хатлон, баъдан дар дигар минтақаҳои кишвар ба назар мерасад.

Ҳамгироии рақамикунонӣ ва савдо (e-commerce, платформаҳои рақамӣ, логистикаи ҳушманд) ба иқтисодиёт ва тиҷорат самараи афзалиятнок ва бисёрҷониба медиҳад. Ин раванд харочоти муомилотро ба таври назаррас коҳиш дода, самаранокии бозорро боло мебарад

Таҷриба нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ омили калидии таъминоти рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана маҳсуб меёбад, зеро он ҳамчун тамоюли меҳварии рушд, технологияҳои рақамӣ самтҳои асосии мутобиқшавӣ ва пешрафти ин соҳаро дар шароити муосир муайян мекунанд. Аз фаъолияти босамарӣ дар ин самт пешрафта мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар шароити муосир рақамикунонӣ ба пуррагӣ рушди соҳаро муайян намуда, таъминкунандаи афзалиятҳои асосӣ ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити муосир ба ин шакли фаъолият машғул будан як катор масъалаҳо ба таври назаррас бояд ба пуррагӣ ба инобат гирифта шавад, ки он дар расми навбатӣ оварда шудааст.




Расми 1. Ҳамгироии обзорҳо.

Чи тавре, ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, ҷорӣ намудани чат-ботҳои интеллектуалӣ барои автоматикунонии муошират давоми 24/7 бо мизоҷон, ки ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва посухи фаврӣ ба саволҳо мусоидат мекунад, зарур мебошад. Мутобиқгардонӣ ва коҳиш додани хароҷоти амалиётӣ тавассути системаҳои зеҳнии шинохти маҳсулот ва нигоҳдории дақиқи ҳисоботи ашё яке аз функсияҳои асосии савдои чакана ба шумор меравад. Дар ниҳояти кор автоматикунонии харид ва пардохт баҳри содда ва тез гардонидани раванди расмиятдорӣ ва пардохти харидҳо барои роҳати бештари харидорон ва кам кардани навбатпоиҳо мусоидат менамояд.

Рақамикунонӣ нишондиҳандаи асосии рушди савдои чакана гардида, роҳҳои стратегиро барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо муайян мекунад. Татбиқи воситаҳои рақамӣ барои мутобиқгардонии равандҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ба як шарти зарурӣ табдил меёбад:

Табдилёбии муҳити бозор таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, бо як қатор ҷанбаҳо тавсиф карда мешавад, ки он дар расми навбатӣ нишон дода шудааст.




Расми 2. Таъсири технологияҳои рақамӣ

- **Ҷараёнҳои инноватсионӣ**: воридкунии инноватсияҳо сохтори бозори истеъмолиро тағйир дода, стандартҳои тиҷорати ҷаҳониро боло мебардорад;
- **Нобаробарии мутобиқшавӣ**: барои бисёре аз фурӯшандагон табодулоти рақамӣ ҳамчун чолиби диққат ва мушкилие боқӣ мемонад, ки ҷустуҷӯи стратегияҳои самарабахши ҳамгироиро ба муҳити нав талаб мекунад;
- **Динамикаи мусбат**: нишондиҳандаҳои фаъолияти рақамӣ шавқмандии баланди тиҷоратро дар тавсеаи ҳузури худ дар фазои рақамӣ тасдиқ мекунанд;
- **Муносибати инфиродӣ**: дар сурати мавҷуд набудани стратегияҳои ягона, ширкатҳо қарорҳои рақамиро дар асоси захираҳои молиявӣ, хусусияти асссортимент ва омодагии инфрасохтори худ ба таври дақиқ ва нуқтавӣ татбиқ мекунанд;
- **Самтҳои афзалиятнок**: инъикоскунандаи он аст, ки технологияҳои зерин паҳншавии бештарро касб кардаанд.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки табодулоти рақамӣ ҳамчун омили калидии муайянкунандаи хусусиятҳои фаъолият ва рушди стратегии савдои чакана баромад мекунад. Манфиатдории баланди ҷомеаи соҳибкорӣ ба ҳамгироии қарорҳои рақамӣ аён аст, ки онҳо на танҳо самти рушди соҳаро муайян мекунанд, балки фаъолияти инноватсиониро низ ҳавасманд гардонида, ба афзоиши самаранокӣ ва кушодани уфуқҳои нави иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Тавре тадқиқотчиён Г. М. Мурзагалина, А. А. Пижурин ва дигарон қайд мекунанд "...рақамикунонӣ барои ташаккули моделҳои инноватсионии бизнес замина эҷод карда, имкон медиҳад, ки натиҷабахшии фаъолияти ширкатҳо ба таври назаррас афзоиш дода шавад"[5]. Татбиқи технологияҳои рақамӣ самтҳои дурнамодорро барои сармоягузорӣ боз намуда, мутобиқгардонии харочот ва ҳадди аксар расонидани фоидаро таъмин менамояд.

Рақамикунонии савдои чакана самти асосии афзоиш ва баланд бардоштани рақобатпазирии тиҷорат дар шароити муосир ба шумор меравад, зеро ин раванд на танҳо тарзи муомила бо мизоҷон, балки тамоми занҷираи таъминот ва идоракуниро аз беҳтар кардани таҷриба ва хидматрасонӣ то таҳлили дақиқ ва пешгӯии бозорро ба мизоҷон таъмин менамояд, яъне платформаҳои рақамӣ ва маркетплейсҳо ба тиҷорат имкон медиҳанд, ки бидуни кушодани филиалҳои физикӣ доираи мизоҷони худро дар дигар шаҳрҳо ва минтақаҳо васеъ кунанд.

Ҳамин тариқ гуфтан саривақтист, ки рақамикунонии иқтисодиёт муҳити фаъолияти савдои чаканаро кулан тағйир дода, ба он ҳам имкониятҳои нав ва ҳам чолишҳоро ворид месозад. Таъсири ин раванд тавассути омилҳои дохилӣ ва берунӣ зоҳир мегардад,



Расми 2. Таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ

- **Заминаи технологии ширкат:** Мавҷудияти системаҳои муосири ERP, CRM, платформҳои POS, ва ҳамгироии онҳо бо мағозаҳои онлайн (сомона ва апликатсияҳои мобилӣ);
- **Сатҳи рақамикунонии логистика:** Идоракунии автоматизонидашудаи захираҳо, пайгирии фаврии молу маҳсулот дар анбор ва суръати расонидани он ба харидор;
- **Таҳлил ва кор бо маълумоти калон (Big Data):** Қобилияти таҳлили рафтори мизоҷон, пешниҳоди тавсияҳои фардӣ ва мутобиқгардонии нархгузорӣ дар асоси талабот;
- **Кадрҳо ва фарҳанги корпоративӣ:** Сатҳи дониши рақамии кормандон, омодагии онҳо ба истифодаи технологияҳои нав ва чандирии сохтори идоракунӣ;
- **Стратегияи омниканалӣ (Omnichannel):** Қобилияти пайваст кардани фурӯши офлайн ва онлайн ба як системаи воҳид барои бароҳатии харидор;
- **Сатҳи рушди инфрасохтори рақамӣ:** Дастрасӣ ба интернети баландсуръат ва арзон, фарогирии алоқаи мобилӣ дар минтақаҳо ва муътадилии низоми барқ;
- **Низом ва нигоҳдории пардохтҳои электронӣ:** Инфрасохтори бонкии омода, паҳншавии кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, системаи пардохт тавассути QR-код ва бехатарии амалиётҳо;
- **Саводи рақамии аҳолӣ:** Омодагии истеъмолкунандагон ба харидҳои онлайн, боварӣ ба пардохтҳои ғайринақдӣ ва сатҳи истифодаи смартфонҳо;
- **Сабти қонунгузорӣ ва танзими давлатӣ:** Қоидаҳои савдои электронӣ, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар фазои маҷозӣ, ҳифзи маълумот ва сиёсати андозбандӣ;
- **Сатҳи рақобат ва афзоиши маркетплейсҳо:** Таъсири платформаҳои калони, ки стандартҳои нави суръат ва нархро дар бозор ҷорӣ мекунанд;
- **Хавфҳои кибербехатарӣ:** Таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ ва ниёзи ҳамешагӣ ба ҳифзи базаи маълумоти мизоҷон ва низомҳои молиявӣ.

Дар навбати худ, Р. М. Сайед ба он диққат медиҳад, ки "...рақамикунонӣ ба фурӯшандагони чакана имкон медиҳад, ки афзалиятҳои аудиторияро амиқтар таҳлил кунанд ва қарорҳои фардикунонидашудаеро пешниҳод намоянд, ки ба арзишҳои харидори мушаххас нигаронида шудаанд. Ҳамзамон, муаллиф як қатор мушкилотеро ҷудо мекунад, ки ширкатҳо дар мубориза барои рақобатпазирӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, аз қабилӣ зарурати мутобиқ кардани инфрасохтор ба форматҳои онлайн, паси сар кардани монеаи набудани тамос бо таҷҳизот ё молу маҳсулот ва ба назар гирифтани табдилёбии одатҳои истеъмолкунандагон"[9]. Рақамикунонӣ соҳаи савдои чаканаро ба таври куллӣ дигаргун сохта, раванди харидро барои истеъмолкунандагон самаранок гардонид. Аз сабаби дастрасӣ ба доираи васеи пешниҳодҳо, харидорон имконият пайдо карданд, ки молҳоро зуд муқоиса намуда, муфидтарин имконотро интихоб намоянд. Аз ҷониби дигар, чунин шаффофияти бозор рақобатро миёни корхонаҳои тиҷоратӣ шиддат бахшида, онҳоро маҷбур месозад, ки ба рушди платформаҳои онлайнии мусоид бо интерфейси фаҳмо ва системаи соддакардашудаи барасмиятдарории фармоишҳо сармоягузорӣ кунанд, ки ин барои сарфаи вақти миҷоз аҳамияти ҳаётан муҳим дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд кардан саривақтист, ки дар шароити рақамикунонӣ савдои анъанавӣ қобилияти рақобатнокии худро аз даст дода истодааст, зеро истифодабарии технологияҳои рақамӣ як қатор бартариятҳоро пешниҳод менамояд, яъне гузариш ба платформаҳои рақамӣ ва автоматикунонии маркетинг раванди ҷалби мизоҷони нав ва нигоҳдории мизоҷони амаликунандаро осон ва тез мекунад.

Хулоса. Ҳамин тариқ натиҷаи татбиқи ин иқдомҳо дар шароити рақамикунонӣ ба як давраи нави рушди тиҷорат ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхона оварда мерасонад:

- **Баланд шудани самаранокӣ ва сарфаи маблағ:** Татбиқи системаҳои автоматикунонидашуда дар равандҳои идоракунӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти маъмурӣ кам карда, таъсири омилҳои инсониро нест гардонида, хароҷоти иловагӣ бартараф карда шавад;

- **Мутобиқсозии логистика ва омбордорӣ:** Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии логистика ба кам кадани хароҷоти нақлиётӣ ва нигоҳдории сатҳи мутавозини захираҳои омборӣ мусоидат менамояд;
- **Кушода шудани имкониятҳои нав:** Воситаҳои муосири рақамӣ (маркетплейсҳо, рекламаи маҷозӣ) ба каналҳои нави фурӯш ва пешбурди мол шароит фароҳам меоранд;

Дар маҷмӯъ, ин равандҳо гузариши пурраро ба иқтисоди рақамӣ таъмин намуда, ба даромад ва устувории корхонаҳо шароити мусоидфароҳам меорад.

Адабиёт

1. Ашуров, М. Н. Роль информационных технологий в развитии маркетинга / М. Н. Ашуров, Н. С. Шомадова // Peasant. – 2019. – № 1. – С. 207-210.
2. Лутфулоев, М. Д. Зарурати татбиқи технологияҳои рақамӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана / М. Д. Лутфулоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 4-1(33). – P. 170-174.
3. Мараимов, Б. М. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии рушди инноватсионии хизматрасонии савдои чакана / Б. М. Мараимов, С. С. Мухторзода, Б. М. Фатҳиев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No. 4-1(33). – P. 35-39.
4. Мариншоев М.М., Султонов З.С. Исследование подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли/ Мариншоев М.М., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. №4(29). - С. 90-103
5. Мурзагалина, Г. М. Экономические реалии в цифровую эпоху: Концептуальные особенности / Г. М. Мурзагалина, А. А. Пижурин, Г. Х Калимуллина, Т. А. Чернова, О. В. Климоав // Московский экономический журнал. – 2022. – № 6. – С. 487–494
6. Нусратзода, М. Н. Технологияи иттилоотӣ ва нақши он дар рушди маркетинги инноватсионӣ / М. Н. Нусратзода, С. З. Нуридинов, Н. Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 1(45). – P. 268-277.
7. Нусратзода, М. Н. Зарурати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-инноватсонӣ дар рушди тиҷорати навин / М. Н. Нусратзода, Ф. У. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – P. 60-67
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025.
9. Сайед, Р. М. Трансформация предпочтений потребителей в розничной торговле под влиянием цифровых технологий / Р. М. Сайед // Практический маркетинг. – 2024. – № 1. – С. 38–44
10. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 280 с

УДК: 347

АСОҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАНЗИМИ АСЪОР ВА АМЛИЁТҲОИ АСЪОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ИМРӮЗА

Усмонов Ғуфрон Абдуқаҳорович
ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел: 987101077. E-mail: gufron-1992@mail.ru

Дар иқтисодиёти пешрафтаи ҳар як далват дар баробари таваҷҷуҳ ба ҳама фишангҳои рушд масъалаи танзими асъор ва амалиётҳои асъорӣ ба муҳимтарин равишҳои ин муҳит ба ҳисоб мераванд. Аз ин хотир мо зарурияти рушди амалиётҳои асориро дар дораи танзи дурусти омилҳои иқтисодӣ ва ба ҳам алоқаманкардани онҳо зарур мешуморем. Бинобар ин дар мақолаи мазкур мо ба муҳимтарин равишҳои танзими асъор ва амалиётҳои асъори, ки дар он захираҳои асъорӣ ва лапишҳои қурбӣ нақши калидӣ доранд таваҷҷуҳ зоҳир намудем. Ҳмчун дар ин мақола омилҳои иқтисодӣ ва сатҳи таъсири лапишҳои қурбӣ дар доираи сиёсати асъорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта дар ин замина як қатор нишондиҳандаҳои муҳим таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Илова бар ин дар мақолаи мазкур реҷаҳои қурбӣ ва дигар омилҳои муҳиму истифодашаванда таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Бинобар ин нашри мақола метавонад як манба иловагии дигар барои таҳқиқотҳои илмӣ бошад.

Калидвожаҳо. Сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати асъорӣ, лапишҳои қурбӣ, рушди иқтисодӣ, танзими асъор, амалиётҳои асъорӣ, муносибатҳои асъорӣ, болоравии нархҳо, таъсири омилҳои қурбӣ, ҳадафгири монетарӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ВАЛЮТНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И ВАЛЮТНЫХ ОПЕРАЦИЙ В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ

Усмонов Гуфрон Абдукахорович
ассистент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 987101077. Эл. почта: gufron-1992@mail.ru

В развитой экономике каждой страны, наряду с вниманием ко всем рычагам развития, вопрос валютного регулирования и валютных операций является одним из важнейших подходов в этой среде. Поэтому мы считаем необходимым развивать валютные операции в контексте правильного регулирования экономических факторов и их взаимосвязи. В связи с этим в данной статье мы уделили внимание наиболее важным подходам к валютному регулированию и валютным операциям, в которых ключевую роль играют валютные резервы и колебания обменного курса. В статье анализируются и рассматриваются экономические факторы и уровень влияния колебаний обменного курса в рамках валютной и денежно-кредитной политики, а также анализируется и рассматривается ряд важных показателей. Кроме того, в статье анализируются и рассматриваются графики обменных курсов и другие важные и используемые факторы. Таким образом, публикация статьи может стать дополнительным источником для научных исследований.

Ключевые слова. Денежно-кредитная политика, политика обменного курса, колебания обменного курса, экономический рост, валютное регулирование, валютные операции, валютные отношения, рост цен, влияние факторов обменного курса, таргетирование денежно-кредитной политики.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF FOREIGN EXCHANGE REGULATION AND FOREIGN EXCHANGE OPERATIONS IN THE MODERN ECONOMY

Usmonov Gufron Abdukahorovich
Assistant at the Department of Banking Activities, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov St., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025. Tel.: 987101077. E-mail: gufron-1992@mail.ru

Дар баробари ин, чи тавре,ки аз маълумоти омории мақомоти андози кишвар бармеояд, новобаста аз корҳои анҷомдодашудаи мақомоти мазкур дар самти корҳои назоратӣ, ҳолатҳои қарздории маблағҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон,пеш аз ҳама шахсони ҳуқуқӣ, тамоюли афзоишро дорад. «.....то 1-уми июли соли 2026 қарзи андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 миллиард сомониро ташкил додааст, ки ин дар муқоиса ба аввали сол 351 миллион сомонӣ зиёд буда ва дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар пайи санҷиш 2,1 миллиард сомонӣ маблағҳои камҳисобшуда ва пинҳонкунии андозро ошкор кардаанд. Як қисми ин маблағ бо назардошти бақияи қарзҳои солҳои қаблӣ ба буҷети дпалатӣ 2 миллиард сомонӣ ворид кардаанд» [2].

Зарурият оид ба омузиши масъалаи мазкур дар самти муайян намудани сабабҳо ва роҳҳои пешгирии қарзи маблағҳои андоз,ки ҳолати мазкур ба фарқияти нақша ва иҷроиши он ва дар маҷмуъ ба талафоти маблағҳои андозии буҷети давлатӣ оварда мерасонад, ба миён меояд.

Методология. Дар таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ Улуғхоҷаева Х.Р [3], Қодирзода Х.Қ [4], Ҷумъабоев Х.Қ [5], Маъмуров А.М [6], Халифазода С [7], Баротов А.Х [8], Салимова М.М [9], Воҳидов У.М [10], ва дигарон, ки ба самтҳои гуногуни масъалаҳои назариявии низоми андози миллӣ ва роҳҳои такмили он, мавқеъи имтиёзҳои андозу гумрук дар рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, аҳмияти маъмурикунонӣ ва роҳҳои баланд бардоштани иқтидори андозбандӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар, инчунин масъалаи такмили фаъолияти мақомоти андоз дар самти воридоти саривақтии маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ мусоидат менамояд, мавриди омузиш қарор дода шудааст. Дар баробари ин дар доираи корҳои илмии олимони мазкур оид ба омилҳои мусоидаткунандаи бавуҷудоии талафоти андоз ва роҳҳои пешгирии он дар шароити иқтисоди бозорӣ,он бештар хусусияти назариявиро дошта, таҳлили дақиқ ва ҳамаҷонибаро дар бар намегирад.

Барои ноил гардидан ба мақсад ва вазифаҳои дар мақола гузошташуда усулҳои системавӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, баҳодиҳии экспертӣ ва муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар байни нишондиҳандаҳое, ки бештар дар таҳлили муқоисавӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд, инҳоянд: ММД, ва рушди воқеии он,воридоти маблағи андозӣ, ва ҳиссаи дар ММД ва даромади буҷети давлатӣ ва талафоти эҳтимолии маблағҳои андоз. Заминаи иттилоотиро маълумоти омории расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Натиҷаҳо. « Дар ҷумҳурӣ дар сатҳи маҳалҳо баъзе норасоиҳо дар самти банақшагирӣ ва пешгӯии андозҳо ба назар мерасанд, ки сабабҳои он истифода гардидани усулҳои номукаммал, дақиқ набудани нишондиҳандаҳои оморӣ, иштибоҳот дар муайян намудани нишондиҳандаҳо ва пешниҳоди маълумоти нопурра барои ҳисобкунии андоз аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ва шахсони воқеӣ ба ҳисоб мераванд» [11]. Аз ин нуқтаи назар муҳим аст, ки робитаи байни категорияҳои банақшагирии андоз,иқтидор (потенциал)-и андоз ва талафоти андоз омухта шавад. Ба ақидаи Баротов А.Х «категорияи иқтидори андозӣ ҳамчун имконияти умумии табдил додани тамоми захираҳои дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидор мавҷудбуда ба ҳисоб рафта, дар ин раванд шакли дастрасӣ ҳамчун воситаи фароҳам овардани иқтидори андозӣ барои устувории буҷети сатҳҳои гуногунро ифода менамояд» [8, с.44]. Ба фикри Халифазода С бошад «дар ҷумҳурӣ ҳангоми банақшагирии воридоти андозҳо иқтидори андозӣ вобаста ба минтақаҳо дуруст баҳогузорӣ карда намешавад, ки дар интиҳо ба кам шудани ҷамъоварии андозу дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва зиёд шудани қарзҳои андозии субъектҳои хоҷагидорӣ, дар маҷмуъ ба нодуруст тақсим гардидани гаронии андозҳо дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҳамзамон гаронӣ ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории дар ҳамин минтақаҳо фаъолияткунанда оварда мерасонад» [7, с.21]. Ба ақидаи Воҳидов У.М бошад « ... иқтидори андоз аз даромади умумии субъектҳои хоҷагидор вобаста буда, бо афзоиши иқтидори иқтисодии субъектҳои мазкур, иқтидори андоз низ афзоиш меёбад, яъне, тақвияти иқтидори иқтисодии субъетҳои хоҷагидор мутаносибан ба афзоиши иқтидори андоз мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар шароити имруза, омили тақвиятдиҳандаи иқтидори иқтисоди субъектҳои иқтисодӣ, ин роҳандозии рақамикунонӣ дар фаъолияти онҳо мебошад»[10, с.95].

Дар умум хавфҳои андозии субъектҳои хоҷагидорӣ таҳти таъсири ду омил: дохилӣ ва берунӣ қарор доранд.

Омилҳои дохилӣ.Ба омилҳои зерин тартиби пешбарии муҳосибот, сатҳ ва сифати ҳуҷҷатҳо ва ҳуҷҷатгузории он, таҷриба ва малакаи кормандони бахши муҳосибот, назорати дохилӣ, истифода аз барномаҳои компютерӣ ва сатҳи рақамисозии фаъолият, шаффофияти амалитёҳои молиявӣ ва муносибати роҳбарият дар самти риояи меъёрҳои қонунгузорӣ дар самти татбиқи пардохтҳои андозӣ ба шумор меравад. Зеро дар сурати дуруст ба роҳ намондаи фаъолияти муҳосибӣ ва назорат дар ширкату корхонаҳо хавфи хатогиҳо ва талафоти андоз зиёд мешавад.

Омилҳои берунӣ. Ба ин гурӯҳи омилҳо, мураккабӣ ва номукалии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қонунгузории андоз, тағйирёбии меъёр ва фоизҳои андозҳо, зиёд будани гаронии андоз, авҷгирии рақобати ғайрирасмӣ дар бозор, сифати хизматрасониҳои электронӣ ва назорати мақомоти андоз шомил мебошанд. Барои мисол, агар ширкатҳо бо рақобати ғайрирасмӣ аз ҷониби дигар ширкату корхонаҳо дигар рӯ бар рӯ шаванд, онҳо низ барои дарёфт ва нигоҳдории мавқеии худ водор ба арзоннамоии арзиши маҳсулоти худдӣ мегарданд, ки дар натиҷаи ин амал, онҳо даромади худро кам нишон дода, фаъолияти худро бештар бо пули нақдӣ амалӣ менамоянд.

Ҷадвали 1. Омилҳои асосии хавфи андозӣ ва таъсири онҳо ба талафоти андоз

Омилҳо	Мазмуни зоҳиршавӣ	Сатҳи таъсир ба хавф	Шакли эҳтимолии талафоти андоз
Ҳисобдории номукаммал	нодуруст сабт шудани даромад ва хароҷот	баланд	кам ҳисоб шудани маблағи андоз
Гардиши нақдӣ	пурра инъикос нашудани фурӯш	баланд	пинҳоншавии даромад
Қарзи андозӣ	пардохт нашудани маблағи андози ҳисобшуда	баланд	талафоти муваққатӣ ё воқеии буҷетӣ

Омилҳо	Мазмуни зоҳиршавӣ	Сатҳи таъсир ба хавф	Шакли эҳтимолии талафоти андоз
Дерҳисоботдиҳӣ	риоя нашудани муҳлати пешниҳоди эъломия	миёна	ҷарима, қарз ва баҳсҳои андозӣ
Истифодаи нодурусти имтиёзҳо	кам кардани уҳдадории андозӣ бе асоси қонунӣ	баланд	кам шудани манбаи андоз
Паст будани рақамикунонӣ	набудани ҳисобдории автоматӣ ва назорати электронӣ	миёна	хатои ҳисоботӣ ва назорати суст
Ноустувории қонунгузорӣ	тағйирёбии меъёрҳо ва тартиби ҳисоби андозҳо	миёна	хатои ҳуқуқӣ ва баҳсҳои андозӣ
Рақобати ғайрирасмӣ	фаъолияти субъектҳои ба қайд нагирифташуда	баланд	берун мондани қисми гардиш аз андозбандӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Маълумоти дар ҷадвали1 овардашуда нишон медиҳад, ки омилҳои дорои таъсири ҷиддӣ бештар ба шаффофияти даромадҳои субъектони хоҷагидорӣ, сифати баҳисобгирӣ ва интизоми молиявӣ онҳо дахл доранд. Камбудиҳои ҳисобдорӣ, гардиши пули нақд, бақияи қарзҳо ва суиистифода аз имтиёзҳо сабабгори асосии талафоти андоз маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, дар сиёсати идоракунии хавфҳо бояд ба пешгирии ҳамин унсурҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ масъалаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфи андозӣ ба унвони яке аз самтҳои муҳимтарини идоракунии молиявии давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имруза мавқеъи маблағи андозҳо,яке аз манбаи асосии ташаккулебии қисми даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта, зеро бо воситаи он имконияти маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди корхонахои хурд ва миёна, татбиқи накшаҳои афзалиятноки давлатӣ, васеъ гардида дар маҷмуъ ба таъмини устувории молияи давлатӣ мусоидат менамояд. Нишондиҳандаҳои даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2025, ки афзоиши қариб секаратаи он аз 16586,5 млн.сомонӣ то 60349,1 млн.сомониро нишон дода, маблағҳои андозӣ бошад, дар ин давра аз 10648 млн.сомонӣ то ба 37466,5 млн.сомонӣ афзоиш ефтааст, ки дар маҷмуъ, вазни қиёсии маблағҳои андозӣ нисбат ба ҳаҷми буҷети давлатӣ мутаносибан дар солҳои таҳлилшаванда 62 - 64 % ташкил намудаанд[12, с. 392-411]. Аз ин нуқтаи назар, ҳама гуна номувозинатию номукаммалиҳо дар иҷрои нопураи уҳдадориҳои андозӣ, пинҳон намудани манбаи андозбандишаванда, сари вақт пардохт нагардидани андозҳои муқаррашудаи қонунгузории андоз ё нодуруст истифода шудани имтиёзҳои андозӣ метавонад ба талафоти маблағҳои андоз ва ба коҳишёбии иқтидори молиявии давлат оварда расонад.

Мавриди зикр аст,ки субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба намуд ва ҳаҷми фаъолият, шакли ташкилию ҳуқуқии фаъолият, низоми интихобшудаи андозбандӣ, самти фаъолият ва сатҳи шаффофияти молиявӣ аз ҳамдигар тафовут доранд. Тафовутҳои зикргардида далели аслии сатҳи хавфи андозӣ дар байни корхонаҳои калон миёна ва хурд, соҳибкорони инфиродӣ, субъектҳои савдо, хизматрасонӣ, сохтмон ва истеҳсолот мегардад, аммо бояд қайд намуд, ки сатҳи хавф байни онҳо баробар нест. Аз ин хотир, таҳлили қиёсии хавфи андозӣ ва талафоти андоз бояд на танҳо дар сатҳи умумии воридоти буҷетӣ, балки дар сатҳи гурӯҳҳои алоҳидаи субъектҳои хоҷагидорӣ низ ба анҷом дода шавад.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, хавфи андозӣ эҳтимоли пурра ва ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ мебошад.Дар қонунгузории амалкунандаи андози кишвар хавфи андоз чунин шарҳ дода шудааст «.....хавф - эҳтимолияти пурра ё қисман иҷро нагардидани уҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз),ки метавонад боиси ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ гардад» [13, с.93]. Хавфҳои андозӣ аз сабаби нодуруст ҳисоб кардани манбаи андозбандишавандаи объекти андоз, дар муҳлатхои муқарраршудаи қонунгузории андоз пешниҳод нагардидани эъломияи андозӣ, пардохти маблағи андозҳои ҳисобкардашуда, пинҳон намудани сарчашмаҳои даромад, бо мақсади кам намудани уҳдадориҳои андозии худ барзиёд нишондиҳии хароҷотҳо ва истифодаи нодуруст ва ғайримақсадноки маблағи имтиёзҳои андоз, инчунин пешниҳоди маълумоти нодуруст ба мақомоти андоз ба вуҷуд меояд. Дар сурати руй додани чунин ҳодиса се натиҷаи иқтисодӣ имконпазир аст:

« - сифрӣ (мутобиқати нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва воқеъӣ);
- мусбат (гирифтани даромади андозии зиёда аз нишондиҳандаи нақшавӣ);
- манфӣ (норасоии даромади андозӣ)» [9, с.232].

Дар умум оқибати молиявии ин равандҳои номатлуб метавон ҳамчун талафоти андоз арзёбӣ намуда, ки натиҷаи он коҳиши воридоти маблағҳои андоз ба буҷети давлатии сатҳои гуногун, афзоиши бақияи маблағи қарзҳои андоз ва заифии иқтидори андозии кишвар мегардад.

Барои арзёбии камбудиҳои эҳтимолӣ дар соҳаи андозбандӣ, дар сатҳи ҷаҳонӣ аз истилоҳи махсуси “tax gap” истифода мебаранд. Ин нишондиҳанда фарқияти миёни ҳаҷми умумии маблаги андозҳои мукарраршуда ва воқеан ба буҷети давлати воридшударо инъикос мекунад. Бар асоси тавсияҳои Хазинаи Байналмилалии Асъор, таҳлили ин фосила воситаи муҳим барои такмили низоми назорат аз уҳдадориҳо маҳсуб ёфта, ба мақомоти андоз имкон медиҳад,ки то қисматҳои нисбатан заиф ва хавфноки маъмурикунонии андозро дақиқ муайян созанд. Барои муайян намудани ҳаҷми талафоти андозӣ метавон фарқият байни иқтидори эҳтимолии андозбандӣ ва нишондиҳандаи воқеии воридоти маблағҳои андозиро ба буҷет аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб намуд:

$$TA = \text{ИАЭ} - \text{АВ}(1)$$

дар ин ҷо, *ТА* - талафоти андоз, ИАЭ - иқтидори андозии эҳтимолӣ ва АВ - андози воқеан воридшуда ба буҷет мебошанд.

Чи тавре,ки аз формула бармеояд сатҳи баланд ё паст будани воридоти маблағҳои андоз на танҳо аз ҳисоби ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршудаи аз тарафи мақомотҳои тафтишкунанда муайянгашта ба миён меояд. Он метавонад дар бисёр маварид унсурҳои истифоданашудаи иқтидори молиявии иқтисодиётро низ нишон медиҳад. Бо ибораи дигар метавон чунин иброз намуд,ки агар дар заминаи рушди ММД ва фаъолшавии бахши соҳибкорӣ суръати афзоиши пардохти маблағҳои андозӣ паст шавад, ин раванд эҳтимолияти баланди мавҷудияти захираҳои пинҳонӣ ё афзоиши хавфи талафоти андозиро муйян менамояд.

Моделсозии талафоти андозӣ тибқи формулаи 1 аз ду марҳилаи асосӣ иборат аст. Дар марҳилаи аввал нишондиҳандаҳо бо меъёри таҳлилии дохилӣ, яъне таносуби ниҳоии воқеии байни воридоти маблағҳои андоз ва ММД дар як давраи муайян ва муқоиса карда мешаванд. Ин шакли ҳисобкунӣ бештар хусусияти аёнӣ дошта, ноустувории раванди ҷамъоварии маблағҳои андозро нишон медиҳад. Дар баробари ин, онро ҳамчун муносибтраин нишондиҳандаи гарони андозӣ қабул кардан иштибох буда, зеро меъёри мазкур аз ҳамин маълумотҳои интихобшуда гирифта шудааст.

Марҳилаи дуюм қиёснамоии нишондиҳандаҳоро бо меъёри берунии иқтидори андозие пешбинӣ менамояд, ки бо пойгоҳи маълумоти таҳлилшаванда вобастагӣ надоранд. Ба ин ду меъёр шомиланд: 1-ум, муносибати нишондиҳандаи миёна нисбати «воридоти андоз ба ММД» дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, яъне муқоисаи мутаносибии ҳаҷми ММД-и онҳо ба ҳар як сари аҳолӣ (бар асоси маҳзани маълумоти World Economic Outlook-и ХБА); 2-юм, арзёбии расмии талафоти андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар он тавассути методологияи RA-GAP-и ХБА ҳисоб карда шуда бошад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024

Нишондиҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024 нисбат ба 2020, %
ММД, млрд сомонӣ	82,5	98,9	115,7	130,8	154,3	187,0
Рушди воқеии ММД, %	4,5	9,2	8,0	8,3	8,4	-
Ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ, млрд сомонӣ	24,3	30,1	36,1	43,2	47,0	193,4
Воридоти андозӣ, млрд сомонӣ	15,36	18,80	20,46	25,77	29,12	189,6
Ҳиссаи воридоти андозӣ дар ММД, %	18,6	19,0	17,7	19,7	18,9	+0,3 банди фоизӣ
Ҳиссаи воридоти андозӣ дар даромади буҷет, %	63,2	62,5	56,7	59,7	62,0	-1,2 банди фоизӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои буҷетӣ ва маълумоти макроиқтисодӣ.

Мувофиқ ба маълумоти оморӣ, қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2020 ба 24,32 млрд сомонӣ баробар шуда, ҳиссаи пардохтҳои андозӣ дар он 15,35 млрд сомониро ташкил дод. Дар ду соли минбаъда нишондиҳандаҳои умумии даромад афзоиш ёфта, мутаносибан дар соли 2021 ба зиёда аз 30 053,8 млн сомонӣ ва дар соли 2022 бошад, ба зиёда аз 36 056,8 млн сомонӣ баробар шуданд. Бо такя ба гузоришҳои расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин тамоюли рушд идома ёфта, дар соли 2023 ҳаҷми умумии маблағҳо ба 43 150,9 млн. сомонӣ (бо воридоти андозии 25 766,8 млн. сомонӣ) баробар шуд. Дар соли 2024 бошад, даромади умумии буҷети кишвар аз ҳисоби ҳама фондҳои марказонидашудаи пулӣ то ба 46 978,3 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, уҳдадориҳои андозӣ дар он 29 124,7 млн. сомониро ташкил доданд [14].

Бар асоси маълумоти ҷадвали 2. нишондиҳандаҳои калидии макроиқтисодӣ ва низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020-2024 рушди устуворро нишон доданд. Аз ҷумла, ҳаҷми ММД аз 82,5 млрд сомонӣ то ба 154,3 млрд сомонӣ расонида шуд, яъне суръати ММД дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ то ба 87% афзоиш ёфтааст. Дар ин ҷодда, ҳаҷми ҷамъоварии маблағи андозҳо низ суръати баланди рушдро (89,6%) нишон дода, аз 15,36 млрд сомонӣ то ба 29,12 млрд сомонӣ расидааст. Чунин тамоюл аз устувории соҳаи молияи давлатӣ, такмили мунтазами сиёсати маъмурикунонӣ ва васеъшавии пойгоҳи андозбандӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари ин, қайд намудан зарур аст,ки таҳлили зарибаҳои гаронии андоз (таносубии маблағи андозҳо нисбат ба ММД) дар ин давра нобаробар будани раванди мазкурро ошкор намуд. Ин нишондиҳанда пас аз расидан ба 19,0% дар соли 2021 (аз 18,6%-и соли 2020), дар соли 2022 то ба 17,7% коҳиш ёфт, вале дар соли 2023 дубора то 19,7% боло рафта, дар ниҳоят дар соли 2024 дар сатҳи 18,9% қарор гирифтааст. Чунин ҷунбишҳои оморӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки тавсеаи нишондиҳандаҳои номиналии воридоти маблағҳои андозӣ на ҳама вақт аз истифодаи самараноки иқтидори андозӣ дарак медиҳад. Яъне бояд дар назар дошт,ки ҳангоми баҳодиҳии хавфҳои фискалӣ таваҷҷӯҳи бештар на ба нишондиҳандаҳои мутлақ, балки ба таносубии воридоти маблағҳои андоз бо сохтори соҳавии иқтисод, даромадҳои буҷети давлатӣ ва гардиши молиявии субъектони хоҷагидорӣ бояд намуд.

Новобаста аз ин, дар соли 2024 воридоти маблағҳои андозӣ ба 29 124,7 млн. сомонӣ расида, нақшаи пешбинишуда 105,5% иҷро гардид ва нишондиҳандаи мазкур аз иҷрои пурраи нақшаи ҷамъоварии маблағи андозҳо дарак медиҳад. Аммо бояд зикр дошт, ки иҷрои барзиёди нақшаи воридоти маблағҳои андоз ба буҷети

давлатӣ гувоҳидиҳандаи мавҷуд набудани талафоти андозӣ нест. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии талафот на ба нақша, балки ба иқтидори эҳтимолии андозӣ такя кардан зарур аст.

Дар доираи таҳлили мазкур барои ҳисоб намудани талафоти эҳтимолии маблағҳои андоз чунин равиш истифода мегардад:

1. Муайян намудани меъёри иқтидори андозӣ.

Дар солҳои 2020-2024 баландтарин таносуби воридоти маблағҳои андозӣ нисбат ба ММД дар соли 2023 мушоҳида гардид, ки он 19,7 фоизро ташкил намуд. Аз ин рӯ, дар ҳисобҳои минбаъда ин нишондиҳанда ҳамчун меъёри таҳлилӣ барои муайян намудани иқтидори эҳтимолии андозӣ қабул карда мешавад.

2. Ҳисоб намудани иқтидори эҳтимолии андозӣ.

ИАЭ = ММД × 19,7%

3. Ҳисоб намудани талафоти эҳтимолии андоз.

ТА = ИАЭ - АВ

дар ҳолате ки ИАЭ > АВ бошад, фарқият ҳамчун талафоти эҳтимолии андоз ҳисобида мешавад. Агар воридоти воқеии маблағҳои андозӣ ба иқтидори эҳтимолӣ баробар ё аз он зиёд бошад, талафоти эҳтимолӣ сифр қабул карда мешавад. Ин равиш маҳсули ҳисобҳои муаллифӣ буда, ҳадафи он ошкор кардани маблаҳи ҷаримаҳо ё ҳуқуқвайронкуниҳои мушаххас нест, балки муайяннамоии ҳаҷми умумии захираҳои истифоданашудаи молиявии кишвар маҳсуб меёбад.

Мувофиқ ба иттилооти оморӣ, нуқтаи авҷи ин талафот ба соли 2022 рост меояд. Дар ин давра, ҳиссаи андозҳо дар ММД-и кишвар то ба 17,7% коҳиш ёфта, ҳаҷми касри эҳтимолӣ ба 2,33 млрд сомонӣ баробар шуд (ҷадвали 3). Чунин раванд бештар аз сабаби тағйироти сохтории хоҷагидорӣ, мавриди амал қарор гирифтани Кодекси андоз дар таҳрири нав аз 1 январи соли 2022, суиистифода аз имтиёзҳои андозӣ ва марҳилаи мутобиқшавии соҳибкорон ба талаботи нави санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ нав ба миён омадааст.

Ҷадвали 3. Ҳисоби иқтидори эҳтимолии андозӣ ва талафоти андоз дар солҳои 2020-2024

Солҳо	ММД, млрд сомонӣ	Воридоти воқеии андоз, млрд сомонӣ	Таносуби воқеии андоз ба ММД, %	Иқтидори эҳтимолии андозӣ бо меъёри 19,7%, млрд сомонӣ	Талафоти эҳтимолии андоз, млрд сомонӣ	Талафот нисбат ба воридоти воқеии андозӣ, %
2020	82,5	15,36	18,6	16,25	0,89	5,8
2021	98,9	18,80	19,0	19,48	0,68	3,6
2022	115,7	20,46	17,7	22,79	2,33	11,4
2023	130,8	25,77	19,7	25,77	0,00	0,0
2024	154,3	29,12	18,9	30,40	1,28	4,4
Ҷамъ	-	109,51	-	114,69	5,18	4,7

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.

Дар соли 2023 бошад нишондиҳандаи талафот ба сифр (0) баробар гардид. Сабаби ҳолати мазкур дар он аст, ки ҳиссаи воридоти маблағҳои андоз нисбат ба ММД ба нишондиҳандаи назарраси даврaи таҳлилӣ, яъне ба 19,7% баробар шуд. Ин ҷаҳиш аз боло рафтани сифати назорати фискалӣ, фаъолшавии бахшҳои иқтисод ва самарабахшии ҷамъоварии маблағҳои андозӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соли 2024, новобаста аз рушди ҳаҷми номиналӣ нисбат ба соли гузашта, таносуби он бо ММД то ба 18,9% коҳиш ёфт. Дар натиҷа, касри эҳтимолии андозӣ дар ин сол 1,28 млрд сомониро ташкил намуд. Натиҷаҳои мазкур далели онанд, ки дар шароити рушди босуръати ММД, суръати маъмурикунонии андоз низ бояд мутаносибан устувор гардад, то иқтидори андозӣ аз доираи соҳаи буҷетӣ қафо намонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда далели аслии онанд, ки хавфҳои андозӣ ва талафоти андозӣ дар сатҳи корхонаҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ба унвони падидаи мураккаб ва бисёрҷанба арзёбӣ мегарданд. Аз як ҷониб, рушди нишондиҳандаҳои номиналӣ дар солҳои 2020-2024 аз устувории иқтидори молиявии давлат гувоҳӣ медиҳанд. Аз ҷониби дигар, ҷунбишҳои зарибавии андоз нисбат ба ММД ва мавҷудияти талафоти эҳтимолии таҳлилӣ дарак аз он медиҳанд, ки дар соҳаи маъмурикунонии андоз ҳанӯз ҳам захираҳои пинҳонӣ ва истифоданашудаи молиявӣ арзи вуҷуд доранд.

Бар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда маълум гардид,ки ҳаҷми умумии талафоти эҳтимолии андозӣ дар давоми солҳои 2020-2024 метавонад дар ҳудуди 5,18 млрд сомонӣ арзёбӣ карда шавад. Нуқтаи авҷи ин талафот ба соли 2022 рост омада, 2,33 млрд сомониро ташкил додааст. Чунин вазъият тақозогари он аст, ки механизмҳои назорат ва менеҷменти идоракунии хавфҳо, бахусус дар марҳилаҳои гузариш ба меъёру санадхои нави қонунгузории низоми андози милли ва табдилёбии сохтории иқтисодиёт, ба таври ҷиддӣ такмил дода шаванд.

Хулоса. Хулосаи қиёсии хавфҳо ва талафоти андозии соҳибкорӣ собит месозад, ки ин ду мафҳуми иқтисодӣ дар алоқамандии зич қарор доранд. Хавфи андозиро метавон ҳамчун эҳтимолияти пайдоиши номувофиқатиҳо дар иҷрои масъулият ва уҳдадорихои андозсупорандагон эътироф кард, дар ҳоле ки талафоти андозро хамчун маҳсули ниҳоию молиявии ҳамин хавфҳо маънидод намуд. Бинобар ин ба мақомоти андози кишвар зарур пеш ояд,ки дар доираи идоракунии хавфҳои андоз бо назардошти рақамикунонии ва истифодаи технологияи ҳозиразамон чорабиниҳои саривақтии мониторинги хавфҳоро татбиқ намуда коҳиши даромадҳои давлатӣ, афзоиши бақияи қарзҳои андозро пешгирӣ намояд.Омилҳои авалиндараҷаи пайдоиши талафоти воридоти маблағҳои андоз дар сатҳи корхонаҳо бештар ба баҳисобгирии нокифоя, ҳаҷми баланди гардиши пули

нақд, қарздорӣ, таъхири эъломияҳои андозсупорандагон, суиистифода аз имтиёзҳои андозӣ, паст будани саводи рақамӣ ва бахши пинҳонӣ алоқаманданд. Барои кам кардани ин гуна зиёнҳо зарур аст, ки сиёсати идоракунии хавфҳо комилан ба усулҳои таҳлилию пешгирикунанда нигаронида шавад.

Муҳимтарин қадамҳо дар ин самт инҳо мебошанд:

– Тақсими соҳибкорон аз рӯйи дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани намояи махсуси хавфи андозӣ.

– Тақвияти баҳисобгирии молиявӣ дар дохили ширкатҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкорон.

– Рақаминамоии ҳисоботҳо, пайваст кардани пойгоҳҳои иттилоотии байнисоҳавӣ ва таҳлили худкоронаи хавфҳо.

Татбиқи маҷмӯӣ ва мунтазами ин тадбирҳо дар амалияи мақомоти андози кишвар метавонад, ҳаҷми талафоти андозро коҳиш дода, шаффофияти бахши хусусӣ ва устувории қисми даромади буҷети давлатиро ба пуррагӣ таъмин намояд.

Адабиёт

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз.01.12.2016, № 636 (захираи электронӣ) www.president.tj/node/19088

2.Рузномаи Азия-плюс.[Манбаи электронӣ]. –.https://asiaplus.news/tg/2026/07/24/kumitai-andoz-nomi-qarzdoroni-kalontarini-hudro-elon-kard/ (санаи мурочиат 4.08.26)

3.Улугоджаева Х.Р. Основные тенденции формирования налоговой политики Таджикистана в переходный период: теория и практика: дис. док. экон. наук: 08.00.01 / Х.Р. Улугоджаева. – Душанбе, 2014. – 315 с.

4.Қодирзода Х.Қ Моҳияти хавфи андозӣ ва хусусияти зуҳури он дар низоми муносибатҳои андозӣ [Матн] / Х.Қ. Қодирзода, Ш. Ғ. Кабирзода // маҷаллаи илмӣ // Паёми ДДТТ.Душанбе,2026-№ 1 (61) С. 581-589. ISSN 2308-054X

5.Ҷумъабоев Х.Қ Такмили механизми истифодабарии имтиёзҳои андоз дар шароити рушди иқтисодии модели индустриалӣ - аграрӣ.автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.- Душанбе. 2024.100с

6. Маъмуров А.М. Налоговое администрирование: Проблемы собираемости налогов. – монография. Худжанд: Ношир, – 2013. – 116 с. ISBN 978-99947-994-5-9

7. Халифазода С. Такмили маъмурикунонии андоз дар шароити муосир(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.Душанбе-2022.50 с

8.Баротов А.Х Ташаккул ва татбиқи иқтидори андозии минтақаҳои Ҷ.Т (дар мисоли вил.Хатлон).диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе.- 2025.180 с

9.Салимова М.М. Менеҷменти андоз (китоби дарсӣ) Хуҷанд:нашриёти Ношир,2022.- ISBN 978-99985-74-34-2. 456 с

10. Воҳидов У.М. Табдилдиҳии иқтисодиёти рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ [Матн] / У.М. Воҳидов // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2025. - №4. С.91-98.

11.Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 643

12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2026.- 442с

13.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, нашриёти “Муосир”2022. - 833с

14. Ҳисоботи омории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. – URL: https://moliya.tj (санаи мурочиат: 28.07.2026)

УДК: 338

РАВИШИ МЕТОДИИ ТАЪМИНИ ИСТЕҲСОЛОТИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДАИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХЎРОКВОРӢ

Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол
доктори фалсафа (PhD) кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17

Мубрамияти мавзуи мақоли илмӣ дар таҳияи методи арзёбии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар асоси рақобатпазиргардонии иқтисоди миллӣ ва татбиқи саривақтии ҳадафҳои стратегии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат асоснок карда шудааст. Дар асоси ин, муайян карда шудааст, ки мубоҳисаҳои илмӣ ва назариявии истифодаи методи арзёбии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бештар ба вазъи иқтисодӣ, шаклҳои ҳамгироии иқтисодӣ, механизмҳои бозорӣ ва нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди сатҳи микро ва макроиқтисодӣ вобастагӣ дорад. Мавқеи корхонаҳои саноати хӯрокворияи мамлакат дар сохтори саноати мамлакат муайян карда шуда, алоқамандӣ ва вобастагии он бо дигар соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ нишон дода шудааст. Бо мақсади тартиб додани тасвири намоёни вазъи муосири рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути методи омехтаи арзёбии равандҳои истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворияи мамлакат таҳлил карда шудааст. Методи омехтаи арзёбии раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворияи мамлакат вобаста ба сиклҳои истеҳсолию технологӣ ва унсурҳои бозорӣ асоснок карда шудааст. Маънидод гардидааст, ки методи омехтаи арзёбии истеҳсолоти воридотивазкунанда метавонад хусусиятҳои ташкилӣ ва рушди корхонаҳои саноати мамлакатро ба формати инноватсионӣ мубаддал гардонида, барои ташкили корхонаҳои хурди ватанӣ ва муштарак, таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: истеҳсолот, корхона, воридотивазкунанда, соҳаи саноат, иқтисодиёт, метод, маҳсулот, бозор, саноати хӯрокворӣ, амнияти озуқаворӣ, рақобатпазирии корхона.

МЕТОДИЧЕСКИЙ ПОДХОД ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩЕГО ПРОИЗВОДСТВА ПРОДУКЦИЙ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

Курбонзода Абдулло Абдуджалол
доктор философии (PhD), кафедра финансов и страхования, Таджикский национальный университет, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17

Актуальность темы научной статьи обусловлена разработкой методики оценки импортозамещающей продукции предприятий пищевой промышленности на основе повышения конкурентоспособности национальной экономики и реализации стратегических целей страны, в частности, обеспечения продовольственной безопасности и доступа населения к качественному продовольствию. Исходя из этого, установлено, что научно-теоретические дискуссии об использовании методики оценки импортозамещающей продукции предприятий пищевой промышленности во многом зависят от экономической ситуации, форм экономической интеграции, рыночных механизмов и взаимосвязанных показателей на микро- и макроэкономическом уровнях. В статье определяется значения предприятий пищевой промышленности страны в структуре промышленной сферы страны, а также показаны их связь и зависимость от других реальных секторов национальной экономики. Для создания наглядной картины современного состояния развития пищевой промышленности в Республике Таджикистан проведен анализ импортозамещающих производственных процессов предприятий пищевой промышленности страны с использованием смешанного метода. Обоснован смешанный метод оценки процесса импортозамещающего производства продукции предприятий пищевой промышленности страны в контексте производственных и технологических циклов и элементов рынка. Он подразумевает, что смешанный метод оценки импортозамещающего производства может трансформировать организационные особенности и развитие промышленных предприятий страны в инновационный формат, способствовать организации малых отечественных и совместных предприятий, а также создавать новые рабочие места.

Ключевые слова: производство, предприятие, импортозамещение, промышленность, экономика, метод, продукт, рынок, пищевая промышленность, продовольственная безопасность, конкурентоспособность предприятия.

A METHODICAL APPROACH TO ENSURING IMPORT SUBSTITUTION PRODUCTION I OF FOOD INDUSTRY PRODUCTS

Kurbonzoda Abdullo Abdujalol
PhD, Department of Finance and Insurance, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue

The relevance of this research paper stems from the development of a methodology for assessing import-substituting products from food industry enterprises based on improving the competitiveness of the national economy and achieving the country's strategic goals, specifically, ensuring food security and public access to high-quality food. Based on this, it has been established that scientific and theoretical discussions regarding the use of methodology for assessing

import-substituting products from food industry enterprises largely depend on the economic situation, forms of economic integration, market mechanisms, and interrelated indicators at the micro- and macroeconomic levels. This article defines the importance of the country's food industry enterprises within the country's industrial structure and demonstrates their connections and dependencies on other real sectors of the national economy. To create a clear picture of the current state of food industry development in the Republic of Tajikistan, an analysis of import-substituting production processes at the country's food industry enterprises was conducted using a mixed-method approach. A mixed method for assessing import-substituting production at food industry enterprises in the country is substantiated within the context of production and technological cycles and market elements. This approach suggests that a mixed method for assessing import-substituting production can transform the organizational characteristics and development of industrial enterprises in the country into an innovative format, facilitate the establishment of small domestic and joint ventures, and create new jobs.

Keywords: production, enterprise, import substitution, industry, economics, method, product, market, food industry, food security, enterprise competitiveness.

Муқаддима. Моделҳои муосири рушди иқтисодиёти саноат дар асоси мунтазам тағйирёбии муносибатҳои бозорӣ ва дигаргуниҳои сохтории низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ таҳияи методҳои муассир ё ташаккулдиҳии саривақтии ҷузъиёти саноати хӯроквориро тақозо менамояд. Вобаста ба чунин вазъи бозори озуқаворӣ на танҳо барои иштирокчиёни бозор, балки барои корхонаҳои саноати хурокворӣ бознигирии усулҳо, шакли истеҳсолот, истифодаи механизму афзорҳои молиявӣ ва мувофиқгардонии равишҳои заминавии истеҳсолоти воридотивазкунанда ҳамчун заминаи калидии таҳия ва татбиқи методҳои муассир мегардад. Воқеан, барои муайянсозии уфуққои муосири истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар баробари татбиқи сиёсати саноати хурокворӣ, ҷорисозии инноватсияҳои техникию технологӣ дар раванди истеҳсолот, ҳисоби ҳаҷми талабот ва имкониятҳои истеҳсолии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ таҳия карда мешавад. Инчунин, барои коҳишдиҳии тафриқаи ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ таҳияи методи системавии муассири низоми истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мубрамияти хоса дорад.

Мусаллам аст, ки саноати хӯрокворӣ ҳамчун зерсохтори калидии саноати мамлакат маҳсуб ёфта, ҳамчун алоқамандкунандаву, ҳамоҳангкунандаи қисми зиёди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат нақш ва мавқеи калидӣ дорад.

Солҳои охир барои ноил гардидан ба мақсадҳои рақобатпазиргардонии иқтисоди миллӣ ва татбиқи саривақтии ҳадафҳои стратегии мамлакат, бахусус таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат яке аз масъалаҳои калидии ҳукумати мамлакат гардидааст. «… таъмини амнияти озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии таъмини амнияти миллии кишвар дар ояндаи дарозмуддат, омили нигоҳдории давлатдорӣ ва соҳибихтиёрии он, ҷузъи муҳими сиёсати демографӣ, шарти зарурии татбиқи афзалияти стратегии миллӣ оид ба баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути кафолат додани стандартҳои баланди таъминоти ҳаёт ба ҳисоб меравад» [1,472].

Имрӯзҳо бисёр давлатҳои ҷаҳон, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ба зарурати коҳишдиҳии ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ рӯ ба рӯ гардида истодаанд. Дар шароити афзоишёбии мушкилоти иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ҳар чӣ зуддтар ва ҳар чӣ бештар коҳиш додани сатҳи вобастагии бозори озуқавории ватанӣ аз молрасонҳои хориҷӣ, ҳамзамон суръатбахшӣ ба истеҳсолоти ватанӣ ва таъмини амнияти озуқавории мамлакат ҳукумати мамлакат чораҳои гуногун, механизмҳои гуногунтаъинот ва афзорҳои молиявию ҳавасмандгардониро роҳандозӣ намуда истодааст. Дар доираи илмӣ бошад, ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои болозикр таҳқиқоти назариявӣ ва амалидошта гузаронида шуда истодааст. Маҳз ҳамин масъала дар шароити тағйирёбии сохтори бозори озуқавории ҷаҳонӣ, дигаргуншавии форматҳои ҳамгироии иқтисодии сатҳи умумиҷаҳонӣ ва сатҳи минтақавидошта, аз ҷумла ғайричашмдошт маҳдуд гардидани ҳаракати молу маҳсулоти саноати хӯрокворӣ нисбатан мураккаб гардида истодааст.

Барои ташаккули раванди таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқавории ватанӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати саноати мамлакат боқӣ мондааст, ки маҳз аз пайдошавии норасогӣ ё дастрасии номукамали маҳсулоти ғизоӣ, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад.

Дар ин росто, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нав барои коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, хусусан маъдан, металлҳои ранга ва нодиру қиматбаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш тадбирҳои иловагӣ андешида, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот зиёд карда шавад [10].

Аз ин сабаб, барои ғановати бозори ватанӣ ва устуворгардонии мавқеи давлат дар бозори ҷаҳонии маҳсулоти хӯрокворӣ, талъамсозии фаъолияти истеҳсолии як қатор соҳаҳои воқеии иқтисодӣ миллӣ-соҳаи кишоварзӣ, саноат, коркарди маҳсулот ва савдо, таҳия ва татбиқи методҳои илмию амалии аҳаммияти инноватсияҳои технологию саноатидоштаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муҳиму саривақтӣ мебошад. Қобили қайд аст, ки дар заминаи рушди стратегии мамлакат сенарияи гузариш аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели тақозошавандаи бозори маҳсулоти хӯрокворииmуосир-индустриалӣ-аграрӣ маҳз ба мунтазам таҳия ва истифодаи амалии методҳои муассири таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хурокворимамлакат вобастагии калон дорад. Воқеан, вобаста ба имкониятҳои мавҷуда ва шароитҳои мусоиди дастрас пайомади сенарияи мазкур метавонад таҳқурсии асосиро барои рушди модели саноатию аграрииҶумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад.

Дар пайомади сенарияи мазкур таҳқурсӣ барои рушди модели саноатию аграрӣ бунёд мегардад. Ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани

иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд [12,9].

Дар шароити густариши пурпечутоби равандҳои ҷаҳонишавӣ ва фаъолшавии қонуни назарияи бартариятҳои қиёсӣ, зарурати ҳалли саривақтии масъалаҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноти хӯрокворӣ зиёд гардида истодааст, ки метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ барои таъмини аниятӣ озуқаворию мамлакат заминаҳои устувор гузорад.

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Муҳтавои асосии таҳқиқотро фарзияҳои илмии санҷидашуда, муқоиса ва ақидаҳои ихтилофомези назариявии муҳаққиқону намояндагони мактабҳои классикии иқтисодӣ, инчунин асарҳои натиҷагиришудаи иқтисоддонҳои ватанӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон барои хулосабарии дақиқ ва натиҷагирию таҳияи пешниҳоди асосноккардашуда усулҳои мушоҳидавии инфиродӣ, оморӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ ва оморӣ истифода бурда мешавад.

Дар робита ба ин, як масаъалаи дигари муҳимияташ на камтар аз ин ба миён меояд, ки иборат аз муайян кардани ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхона нисбат ба таъсироти омилҳои берунии муҳити бозор мебошад, яъне, арзи вуҷуд доштани фаъолияти бозор аз муҳити дохила ва таъсири беруна, ба таври номатлубу номусоид ва бартариятҳои рақобатпазирии субъекти бозор таъсир расонида метавонад [13,51].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ва дигар илмҳои ҳамҷавор паҳлӯҳои назариявии методҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣ хело фарроху возеҳ ва гуногунпаҳлӯ маънидод гардидааст. Яъне, то имрӯз ҷиҳати истифодаи дилхоҳ методи мувофиқ ва самаранок равишҳои зиёди методии истеҳсолоти воридотивазкунанда мавриди истифода қарор дода шуда истодааст. Масалан, Пушкарева М.В. барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳо методи квантиро асоснок намуда, истифодаи онро барои таҳлили иқтисодии миқдори нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ пешниҳод намудааст. «… воридотивазкунӣ як самти муҳими илми муосири иқтисодӣ мебошад, зеро қобилияти истеҳсоли маҳсулоте, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои техникӣ ва иқтисодӣ ба аналогҳои хориҷӣ монанд ё аз он ҳам беҳтаранд, коҳиш додани хароҷоти нақлиёт ва умуман хатарҳои амалиётии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагӣ сатҳи амнияти иқтисодии кишварро баланд мебардорад» [11,138].

Ҳамзамон, дар таҷрибаи ивазнамоии ҳаҷми истеҳсолоти воридотшавандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ методи се сатҳаи-поёнӣ, миёна ва болоӣ истифода гардидааст. «…ҳадафи ниҳоии ҳар як механизми идоракунии воридотивазкунӣ бояд афзоиши истеҳсоли маҳсулоти системаи саноатии саноати хӯрокворӣ бошад» [8,62]. Паҳлӯи назариявии методи мазкур ба механизми идоракунии саноати хӯрокворӣ равона карда шудааст, ки чораҳои асосии дар баландбардории сатҳи самаранокии маҳсулоти корхонаҳои саноати хурокворӣ зоҳир мегардад. Воқеан, чунин ақидаи назариявӣ ва методи истифодамешуда нисбатан мантиқи дуруст дорад, зеро таъмини самаранокии истеҳсоли як воҳиди маҳсулоти корхона метавонад ба афзоиши ҳаҷми маҳсулот, рентабелнкоии истеҳсолоти корхона ва нақшаҳои содиротии маҳсулоти корхонаи саноати хӯрокворӣ таъсири мусбат расонад.

Дар таҷрибаи мамлакатҳои рушди саноатидоштаи ҷаҳон истифодаи методи ҳисоби комплексии нишондиҳандаҳои ҳамгироишудаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯроквориро дучор шудан мумкин аст.

Андозагирии самараноки воридотивазкунӣ равиши системавӣ бо истифода аз маҷмуи нишондиҳандаҳои муттаҳидшуда ва методҳои иқтисодӣ ва оморӣ зарур аст. Ин метод имконият медиҳад, ки натиҷаҳои объективӣ, боэътимод ва натиҷанок ба даст оварда шуда, инчунин тасвири ҳамаҷонибаи ҳаҷми истеҳсол ва ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба осонӣ таҳия карда шавад [7,18]. Агар истифодаи методи ҳисоб ва таҳқиқу таҳлили ҳаҷми зиёди нишондиҳандаҳои иқтисодиро фарогир бошад, пас маълум мегардад, ки равиши таҳлили омилӣ аз нуқтаи назар дур мемонад. Барои он, ки ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, инчунин нишондиҳандаҳои иқтисодии дигар соҳаҳо ба монанди кишоварзӣ, нақлиёт, савдо ва логистика низ ба инобат гирифта мешавад. Моҳияти ин методи таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ба назари мо тасвири дурусти арзёбии иқтисодии дилхоҳ маҳсулоти хӯроквориро муайян карда наметавонад. Гарчанде, дар бисёр равишҳои методӣ, истифодаи дилхоҳ методи таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ сарҳади муайяни онро муайян менамояд.

Раванди воридтивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар заминаи саноатикунонии мамлакат аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ тавассути методҳои хусусияти ҳавасмандию рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар заминаи сиёсати протексионисти, муосир арзёбӣ гардидааст.

Воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлат, сиёсати асосноки дарозмуддати давлатиро оид ба омехтасозии ҳаҷми воридоти молҳо ба воситаи ҳавасмандгардонии рушди молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва танзими ғайримустақими воридот бо истифода аз фишангҳои протексионистиро дар назар дорад [2,104]. Қайд намудан бомаврид аст, ки ақидаи назари илмӣ хусусияти тақвиятбахшии фаъолияти молистеҳсолкунандагони ватаниро дорад. Яъне, чунин тасаввурот собит менамояд, ки тавассути ҳавасмандиҳои молиявию ташкилии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд гардонида шуда, ба таври табиӣ ҳаҷми воридот коҳиш меёбад.

Дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва такмилёбии механизмҳои бозорӣ, дар раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ методи ҳисоб ва назорату таҳқиқи унсурҳои бозорӣ низ нақши калидӣ дорад. Вобаста ба сикли логистикӣ, хизматрасонӣ ва маркетингии маҳсулоти хӯрокворӣ ташаккул ва бознигарии мунтазами унсурҳои бозори маҳсулоти хӯрокворӣ-

нарх, талабот, таклифот, бозорёбӣ ва ҳисоби ҳаҷми ғунҷоиши бозор раванди воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ арзёбӣ карда мешавад.

Бозори маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дорои системаи бо ҳам алоқаманди корхонаҳои истеҳсолӣ, логистикӣ ва тиҷоратии ташкилкунандаи талаботу таклифоти маҳсулоти хӯрокворӣ мебошад. Дар қатори дигар бозорҳо бозори маҳсулоти саноати хӯрокворӣ фарогири ҳамаи фаслҳои истеҳсоли маҳсулот мебошад-ташкил ё истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ аз ашёи хоми кишоварзӣ то ба қонеъгардонии талаботи физиологии одамон [3,255]. Таҷрибаи муосири ҳамгироиҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва равандҳои воридоту содироти маҳсулоти хӯрокворӣ собит менамояд, ки сикли бозор ё маркетинги маҳсулоти хӯрокворӣ нуқтаи ҳалкунандаи раванди истеҳсолоти воридотивазкунанда мебошад. Яъне, новобаста аз стратегияи истеҳсолот, таҳдиди технологӣ ва дастгириҳои молиявию ташкилии давлатӣ татбиқи ташаббус ё ҳадафи воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мамлакат бидуни баэътиборгирии ҳособ ё ба инобатгирии унсурҳои бозори хӯрокворӣ ғайриимкон аст.

Дар доираи методҳои маъмули таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, инчунин дигар методҳои арзёбии онҳо мавриди истифода қарор дода мешавад, ки нисбатан хусусияти арзёбии нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ-ҳисобу арзёбии ҳаҷми истеҳсол ва баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ доранд. Масалан, «…ҷорӣ намудани истеҳсолоти воридотивазкунанда барои корхонаҳои саноатӣ яке аз омилҳое мебошад, ки ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонад. Дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани сиёсати воридотивазкунанда барои корхонаҳои саноатии ватанӣ имконияти истеҳсоли маҳсулоти баландсифатро, ки ба талаботи бозорҳои дохилию берунӣ ҷавобгӯй мебошанд, таъмин менамояд» [6,123]. Муаллифи ақидаи назариявӣ, рақобатпазиргардонии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворирo дар раванди воридотивазкунии маҳсулоти саноатӣ афзалтар дониста, ҳамзамон паҳлӯҳои манфии онро ошкор намудааст. Новобаста аз меъёру талаботи савдои хориҷӣ ва муносибатҳои маркетингии байналмилалӣ бе ташаббуси баландбардории сифати маҳсулот ва таъмини бартариятҳои рақобатпазирии он тибқи стандартҳои минтақавӣ ва байналмилӣ якбора маҳдуд кардани воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ натиҷаи самараноки намедиҳад. Аз ин сабаб, паҳлӯи манфии воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворирo дар коҳишёбии раванди рақобат ва махдудшавии бозорёбии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳангоми кам гардидани номгӯйи маҳсулоти хӯрокворӣ арзёбӣ мегардад.

Маводҳои таҳқиқшуда собит менамоянд, ки мубоҳисаҳои илмӣ ва назариявии истифодаи методи арзёбии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бештар ба вазъи иқтисодӣ, шаклҳои ҳамгироии иқтисодӣ, механизмҳои бозорӣ ва нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманди сатҳи микро ва макроиқтисодӣ вобастагӣ дорад. Намоён мегардад, ки таҳия ва истифодаи методи боэътимоди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ раванди мурракаб ва систематалаб буда, омезиши як қатор механизм ва чорабиниҳои ҳадафнокро тақозо менамояд, ки дар маҷмуъ истифодабарии ҷузъиёти сиёсати саноат ва сиёсати аграрии мамлакатро бо ҳам алоқаманд менамояд.

Натиҷаи истифодабарии усулҳои маъмули таҳқиқи методҳои арзёбии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда муайян намуданд, ки натиҷаҳои дилхоҳ ва ҳадафноки методи арзёби истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ маҳз аз ҷанбаҳои институтсионалӣ-ташкилии сохтори саноати миллӣ вобастагии калон дорад. Аз ин сабаб, вобаста ба шароиту имкониятҳои дастрасӣ ба захираҳои иқтисодию молиявӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, таҳия ва истифодаи методи омехтакунандаи равишҳои таҳлили маҷмаавии баҳисобгирӣ ва мониторинги системавии унсурҳои бозори маҳсулоти озуқаворӣ бо назардошти ташаккул ва таҳдиди технологию инноватсионии (роботикунонии) раванди истеҳсолот-коркард-фурӯш, инчунин дар ҳамоҳангсозии онҳо бо нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ муфид ва самаранок мебошад. Зарурати методи назариявии мазкурро дар таъсиси заминаҳои институтсионалӣ-ташкилии рушди истеҳсолоти маҳсулоти саноати хӯрокворирo мамлакат бо назардошти татбиқи мунтазами инноватсияҳои технологию рақамӣ асоснок намудан мумкин аст. Инчунин, вобаста ба дигаргуншавии манфиатҳои истеъмолкунандагон ва тағйироти сохтори бозори маҳсулоти озуқаворӣ барои устувор гардонидани бартариятҳои рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонад самаранокии воқеӣ диҳад.

Натиҷаҳо. Дар шароити шиддат гирифтани рақобат дар низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ ва бештар гардидани ҳассосияти геоиқтисодӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ҳавасмандагрдонии гуногунаҳамияти рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ки барои коҳишдиҳии сатҳи вобастагӣ аз маҳсулоти воридшаванда ва устуворгардонии мавқеи рақобатпазирии мамлакат тавассути ташаккулдиҳии заминаҳои илмӣ-истеҳсолии ватанӣ равона карда шудааст, маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, арзёбии муносибатҳои байнисоҳавии иқтисоди миллӣ барои муайнсозии вазъи мураккаби истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муҳимияти хосаро пайдо менамояд.

Вобастагии низоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ аз воридшавӣ бо занҷираи минтақавӣ ва ҷаҳонии ҳаракати ашёи хому маҳсулоти таёр алоқамандии зич дорад, инчунин сикли истеҳсолӣ ва хусусиятҳои тағйирёбандаи унсурҳои бозори озуқаворӣ интихобу истифодаи методи дурусти мувофиқи арзёбии раванди истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворирo асоснок менамояд. Ҳолати воқеии имрӯза тасвир менамояд, ки занҷираи истеҳсолӣ-тиҷоратии ҷаҳонӣ бинобар таъсиррасонии раванди рақамикунонии иқтисодиёт, фаъолшавии истифодаи технологияҳои саноатӣ, роботизатсияи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва маҳдудияти муносибати таҳримонаи як қатор мамлакатҳои бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иқтисодидошта дигаргун гардидааст. Дар натиҷаи ҳамаи ин, дастрасии ашёи хом, дастгоҳу таҷҳизоти технологияи коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз фаъолнокии занҷираи ҳаракати молу

маҳсулоти ҷаҳонӣ вобаста мебошад, нисбатан мураккаб гардида, як қатор мамлкатҳои рӯбатараққӣ ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридоти онҳо ба мушкилиҳои системавӣ ва логистикӣ рӯ ба рӯ гардида истодаанд.

Қобили қайд аст, ки мувофиқи хусусиятҳои соҳавӣ раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нисбат ба меъёру талаботи воридотивазкунандаи дигар соҳаҳо нисбатан фарқ дорад. Бахусус, дар раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дастрасии дастгоҳу таҷҳизоти технологии муосир, ашёи хоми хушсифат ва инноватсияҳои гуногунтаъинот нақши калидӣ доранд.

Саноати хӯрокворӣ маҷмуи корхонаҳои истеҳсолиро муттаҳид намуда, корхонаҳои коркарди ғалла, истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, консерваҳои меваю сабзавот, маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти машруботӣ, спирти этилӣ, равғани растанӣ, маҳсулоти гӯштию ширӣ ва дигар маҳсулоти хӯрокворию бо ашёи хоми ватанӣ ва воридотӣ таъмин менамояд [4].

Барои ҳалли мушкилоти болозикр ва таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хурокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи методи омехтакунандаи раванди истеҳсолот-коркард-фурӯш метавонад муфид бошад. Дар баробари ин, истифодаи методи мазкур имкон медиҳад, ки сохтори истеҳсолии соҳаи саноат, инчунин хусусиятҳои алоқамандии зерсоҳаҳои онро бо дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ муайян намуда, сатҳи вобастагии бозори маҳсулоти озуқаворию мамлакатро аз дигар маҳсулоти воридмешудаи беруна ошкор намояд.

Аз рӯйи хусусиятҳои соҳавӣ маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар шакли озуқаи таёр ва нимтаёр истеҳсол шуда, ба бозору истеъмолкунанда бароварда мешавад, ки дар ин раванд корхонаҳои комплекси аграрӣ, хизматрасонӣ, логистика ва савдо ба таври мустақим ва ғайримустақим иштирок менамоянд. Чунин ташкили сохтори истеҳсолӣ ва робитаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ сатҳи баланди технологӣ ва фондмусаллаҳиро тақозо намуда, аз рӯйи сегментҳои бозор мутақобилан раванди истеҳсолоти якдигарро пурра менамоянд.

Бо мақсади тартиб додани тасвири намоёни вазъи муосири рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон, тавассути методи омехтакунандаи раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворию мамлакат якчанд нишондиҳандаҳои бахшу соҳаҳои иқтисодӣ миллӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯрокворию Ҷумҳурии Тоҷикистон (тонна)

Номгӯйи маҳсулот	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2018 Афзоиш бо %
Гӯшт	131,0	136,3	150,1	179,1	190,8	239,2	248,0	89,3
Ҳасиб	4,6	5,0	7,0	5,9	4,5	4,4	5,2	13,0
Шир ва маҳсулоти ширӣ	9,8	10,0	10,2	10,4	10,6	11,1	11,7	19,3
Маҳсулоти қаннодӣ	13,9	15,2	14,4	31,3	25,7	27,6	45,4	226,6
Маҳсулоти макаронӣ	4,3	3,4	5,9	9,4	10,0	13,0	14,6	239,5
Равғани растанӣ (ҳаз.т)	16,3	21,6	23,9	23,6	24,8	25,8	26,8	64,4
Биринҷ	18,5	18,4	17,5	17,7	16,7	19,7	26,0	40,5

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе, 2025. – С. 275-290. [9,275]

Маълумоти таҳлилии ҷадвали 1 собит менамояд, ки аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар солҳои 2018-2024 истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ суръати баланди афзоиш дорад, ки дар ин давра ба 239,5% зиёд гардидааст. Гузашта аз ин, дар соли 2018 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ҳамагӣ 13,9 тоннаро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 45,4 тонна расонида шуда, дар муқоиса 31,5 тонна ё баробари 226,6% зиёд гардидааст, ки дар ин давраи таҳлил чунин нишондиҳанда суръати баланди рушд ва тамоюли мусбати истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворию нишон медиҳад. Истеҳсоли гӯшт дар корхонаҳои соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, ки дар ин ҷо корхонаҳои кишоварзӣ низ иштирок менамояд, тамоюлҳои мусбат доранд. Масалан, истеҳсоли гӯшт дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 131,0 тоннаро ташкил медод ва ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 248,0 тонна расонида шудааст, ки 89,3% нисбат ба соли аввали таҳлилӣ зиёд мебошад. Чунин тамоюлҳои мусбии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии хӯрокворию дар мамлакат дар сегменти маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва биринҷ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давраи таҳлилӣ мутаносибан 19,3%, 64,4% ва 40,5% зиёд гардидааст.

Қобили қайд аст, ки афзоиши босуръати зиёдшавии ин нишондиҳандаҳои омехтаи соҳаҳои саноат ва кишоварзиро дар ташаккули заминаҳои институтсионалӣ-ташкилии истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ шарҳ додан мумкин аст. Дар асоси таъкиду дастур ва ташаббусҳои асосии рушди саноати хӯрокворию мамлакат, ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва тақвиятбахшии ҳаҷм ва суръати афзоиши содироти маҳсулоти ватаниро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳамчун бандҳои афзалиятноки рушди стратегии мамлакат роҳандозӣ намуда буданд.

Бахусус, соли 2019 Ҳукумати мамлакат бинобар сабаби зиёдшавии ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин як миқдор пайдо гардидани вобастагии содиротии маҳсулоти ғизои «Барномаи рушди саноати хӯрокворию Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»-ро қабул намуда буд. Ҳамзамон, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати афзоиши ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти хӯрокворию ватанӣ ва тақвиятбахшии суръати содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати

хўрокворӣ «Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-таҳия намуда буд. «Татбиқи чорабиниҳои асосии Барнома ба се самти ба ҳам алоқаманд асос меёбад: такмили асосҳои институтсионалии рушди содирот ва воридотивазкунӣ, тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолоти ватании ба содирот ва воридотивазкунӣ нигаронидашуда, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои истеҳсоли Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ» [5]. Воқеан, муҳтавои асосии барномаи мазкур ҷузъиёти таркибӣ ва мақсади асосии методи истифодашавандаро- омехтакунандаи раванди истеҳсолот-коркард-фурӯш асоснок менамояд.

Хулоса. Вобаста ба маводҳои таҳқиқу таҳлилгардида чунин хулоса ба тавсиб расонидан мумкин аст, ки истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарзияҳои гуногун ва назарияҳои ба воқеияти дар таҷрибаи истеҳсолӣ истифодашаванда такя менамояд. Ҳамзамон истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир, раванди мураккаб буда, ҷиҳати таъмини он бидуни таҳия ва татбиқи методи омехтагардонии якқатор чорабиниҳои сиёсати саноат бо чорабиниҳои сиёсати аграрӣ, савдо, протексионизм, ҳавасмандӣ ва дастгириҳои гуногунаҳаммияти давлатӣ ғайриимкон ва тасаввурнопазир мебошад.

Таҳлили раванди муосири истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муайян намуд, ки истифодаи методи пешниҳодгардида метавонад хусусиятҳои ташкилӣ ва рушди корхонаҳои саноати мамлакатро ба формати инноватсионӣ мубаддал гардонида, барои ташкили корхонаҳои хурди ватанӣ ва муштарак, таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ, баландбардории сифати маҳсулот ва афзоиши сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣ, муосидат намуда, бо ҳамин васила дар раванди трансформатсияи иқтисоди миллӣ, яъне мубаддалгардонии мамлакати тавлидкунандаи ашёи хоми саноатӣ ба мамлакати ташкилу ташаккулдиҳанди модели муосири истеҳсолкунандаи маҳсулоти хӯроквории таёр заминаҳои устувор гузорад.

Дар қатори дигар методҳои маъмули арзёбии истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, методи пешниҳод ва истифодашаванда, дар заминаи ҳадафҳои рушди стратегии мамлакат имкон медиҳанд, ки дар оянда ҷанбаҳои гуногуни воридотивазкунии маҳсулоти соҳаро дар алоқамандӣ ё вобастагӣ бо дигар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти мамлакат муайян карда шуда, ҳамзамон роҳҳои афзалиятноки мукаммалгардонии нишондиҳандаҳои сатҳи микро ва макроиқтисодии рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат пайдо карда шавад.

Мақола дар доираи мавзуи илмии кафедраи молия ва суғурта “Равиши методии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ”, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст (протоколи №8 аз 18 марти соли 2026), таҳия гардидааст.

Адабиёт

1. Алиев О.М. Қодирзода Д.Б. Самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /О.М. Ализода, Д.Б. Қодирзода// Паёми молиявӣ-иқтисодӣ. - 2023. №4/2 (39). – С. 472-481.
2. Алиджанов Д.А. Таснифоти рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар шароити муосир [Матн] / Д.А. Алиджданов // Номаи Донишгоҳ (силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ) ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров., Хуҷанд «Нури маърифат», 2021. - № 2 (57). С. 104-111.
3. Аҳмадов Р.Р., Замирова Н.С. Заминаҳои назариявии ташаккули бозори маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар раванди саноаткунонии иқтисодиёт [Матн] /Р.Р. Аҳмадов, Н.С. Замирова// Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». 2025. - № 4 (109). - С. 255.
4. Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2019 №373. https://mmih.adlia.tj/.
5. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 503. http://base.mmk.tj/view_
6. Давлатова Р.Қ. Омилҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати ватанӣ [Матн] / Р.Қ. Давлатова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025. - №6.- С. 123.
7. Марченко Т. И. Измерение результативности импортозамещения в многократном повышении качества экономического пространства [Текст] / Т. И. Марченко // Вестник Поволжского государственного университета сервиса. Серия: Экономика. – 2025. – Т. 21, № 4(83). – С. 18-25.
8. Надаенко А.Ю. Комплексный инструмент оценки результатов импортозамещения в промышленной системе пищевой индустрии [Текст] / А.Ю. Надаенко // Вестник Алтайской академии экономики и права. 2018. - № 3. С. 62-66.
9. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Душанбе, 2025. – С. 275-290.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 16.12.2026. www.president.tj.
11. Пушкарева М. В. Квантово-экономический анализ как инструмент повышения VRIN-эффективности деятельности высокотехнологичного предприятия в условиях импортозамещения [Текст] / М. В. Пушкарева // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Экономика и менеджмент. – 2024. – Т. 18, № 4. – С. 138-152.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. «Контраст». Душанбе-2016. - С. 19.
13. Хоҷаев П. Д., Раҳимзода М. Н. Модели иқтисодӣ-риёзии ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ [Матн] / П. Д. Хоҷаев, М. Н. Раҳимзода// Паёми молиявию иқтисодӣ. 2023. - № 2 (26). - С. 51.

УДК: 338.242.2 (575.5)

ТАҲҚИҚИ МУТАҲАРРИКИИ НАҚЛИЁТИИ АҲОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Каримов Шаҳром Мукаррамович

Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идора. Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 41

Дар мақола мутаҳаррики нақлиётии аҳолӣ ва омилҳои он дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Мақсад аз таҳқиқ муайян намудани хусусиятҳои асоссии ҳаракати нақлиётии аҳолӣ мебошад. Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили оморӣ ва муқоисавӣ истифода гардидаанд. Дар натиҷа тамоюлҳои асосии рушди ҳаракати нақлиётӣ муайян карда шуд. Натиҷаҳо метавонанд банақшагирии сиёсати нақлиётӣ истифода шаванд.

Калимаҳои калидӣ: Мутаҳаррикии нақлиётӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, логистика, ҷараёнҳои мусофиркашонӣ, муҳоҷирати дохилӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати нақлиётӣ, банақшагирии нақлиёт.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТРАНСПОРТНОЙ МОБИЛЬНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ И ЕЁ РОЛИ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Каримов Шахром Мукаррамович

Технический колледж Таджикского технического университета имени академика М. Осими, заведующий кафедрой экономики и управления. Адрес: 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Айни 41.

В статье рассматривается транспортная мобильность населения и её роль в социально-экономическом развитии Республики Таджикистан. Целью исследования является выявление ключевых характеристик транспортной активности населения. В процессе работы были использованы методы статистического и сравнительного анализа. В результате исследования определены основные тенденции развития транспортной мобильности. Полученные результаты могут быть применены при планировании и реализации транспортной политики страны.

Ключевые слова: транспортная мобильность, транспортная инфраструктура, логистика, пассажиропотоки, внутренняя миграция, социально-экономическое развитие, транспортная политика, транспортное планирование.

RESEARCH ON THE TRANSPORT MOBILITY OF THE POPULATION AND ITS ROLE IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Karimov Shahrom Mukarramovich

Technical College of the Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, Head of the Department of Economics and Management. Address: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Ayni Street, 41.

The article examines the transport mobility of the population and its role in the socio-economic development of the Republic of Tajikistan. The aim of the research is to identify the key characteristics of the population's transport activity. In the course of the study, methods of statistical and comparative analysis were applied. As a result, the main trends in the development of transport mobility were identified. The findings can be utilized in the planning and implementation of transport policy.

Keywords: transport mobility, transport infrastructure, logistics, passenger flows, internal migration, socio-economic development, transport policy, transport planning.

Муқаддима. Дар шароити моуосир рушди дар заминаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишварҳо бевосита ба сатҳи афзоиги низоми нақлиётӣ ва моутобиқшавии он ба талаботи аҳолӣ вобаста мебошад. Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳими фаъолиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дараҷаи дастрасӣ ба хизматрасониҳо, бозори меҳнат ва инфрасохтори иҷтимоиро инъикос менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ (кӯҳсор будан), парокандагии маҳалҳои аҳолинишин ва нобаробарии рушди минтақавӣ, масъалаи таҳқиқи мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Масъалаҳои мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ ва тасири он ба рушди иқтисодӣ дар корҳои бисёре аз муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ мавриди барасӣ қарор гирифтаанд.

Дар таҳқиқотҳои муосири илмӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба баррасии вобастагии мутаҳарикии нақлиетии аҳолӣ аз сатҳи рушди инфрасохтори нақлиёт, таҳлили таъсири ҳаракати аҳолӣ ба ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат, арзёбии нақши соҳаи нақлиёт дар коҳиш додани нобаробарии иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, инчунин муайян намудани робитаи мутақобилаи байни сатҳи даромади аҳолӣ ва дараҷаи истифодаи хизматрасониҳои нақлиётӣ равона гардидааст.

Таҳқиқи хусусиятҳо, омилҳо ва тамоюлҳои мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ ва муайян намудани нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқ. Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ ин мутаҳаррикии аҳолӣ мебошад, ки миқдори миёнаи сафари аҳолиро тавассути нақлиёт ба ҳар як фарди кишвар ифода мекунад. Мутаҳаррикии нақлиёт фақат ҳамон рафтуомадро ба инобат мегирад, ки тавассути нақлиёт иҷро карда шудаанд. Мутаҳаррикии шабакавии нақлиётиро фарқ мекунанд, онҳо сафари пуррараро аз ибтидо то интиҳо новобаста ба миқдори буро-фуро ва намуди нақлиётро ба инобат мегирад, вале мутаҳаррикии хатсайрии налиётӣ, ки дар он сафари пурра дар воситаи нақлиёти як хатсайрдониста мешавад, вале сафар бо як бор буро-фуро ҳамчун ду сафар дониста мешавад.

Мутаҳаррикии хатсайрии нақлиётӣ хеле содда, дар асоси чиптаҳои ба мусофирон фурӯхташуда, муқаррар карда, дар ҳисоботҳо аз он истифода бурда мешаванд [1]. Дар шакли умумӣ мутаҳаррикии аҳолӣ гуфта миқдори сафари ба як истиқоматкунанда дар воҳиди вақт (одатан дар як сол) иҷрошударо мефаҳманд:

P = Q /N, мусофир / кас. (1.1)

дар ин ҷо: Q – ҳаҷми мусофирбарӣ, мусофир дар сол;

N – теъдоди аҳолии кишвар, кас.

Натиҷаҳои таҳқиқ. Тавассути формулаи (1.1) нишондиҳандаҳои мутаҳаррикии нақлиётии аҳолии кишварро ҳисоб намуда, ба ҷадвали 1. ҷойгир мекунем.

Маълумотҳои ҷадвали 1. нишон медиҳад, ки мутаҳаррикии нақлиётии аҳолии Тоҷикистан дар солҳои 2005-2020 тамойили пасту баландшавӣ дорад, вале дар умум дар ҳолати ба 138,9 % зиёд шудани аҳолии кишвар, ҳаҷми мусофирбарӣ тавассути ҳама намуди нақлиёти кишвар ба андозаи 168,0 % афзоиш ёфтааст. Яъне рушди мутаҳаррикии нақлиётии кишвар аз ҳисоби суръати афзоиши бештар доштани ҳаҷми мусофирбарӣ нисбати суръати афзоиши аҳолии кишвар ба вуҷуд омадааст. Аз ин ҳисоб мутаҳаррикии нақлиётии аҳолии кишвар ба 118,2% афзоиш ёфтааст.Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолии кишвар тавассути намудҳои нақлиёт тамойилҳои гуногун дорад, ки аз нақши намуди нақлиёт дар системаи пешбарии хизматрасониҳои нақлиётии кишвар вобаста ҳастанд. Мутаҳаррикии аҳоли кишвар нисбати нақлиёти автомобилӣ ҳеле муаасир буда, дар давраи таҳлил ба 120% афзоиш ёфтанд. Дар ҳудуди солҳои 2005-2010 афзоиши мутаҳаррикии умумии нақлиётии аҳоли кишвар ба андозаи 124% афзоиш ёфта, сипаси дар марҳилаи солҳои 2010-2015 тамойили пастравӣ пайдо намудааст, ки таъсири бӯҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, аз ҷумла бӯҳрони Руссия ба вуҷуд омадаанд. Вале дар марҳилаи солҳои 2015-2020 нишондиҳанда боз тамойили болоравӣ пайдо кард, ки аз устувор шудани системаи пешниҳоди хизматрасонии мусофирбарии нақлиётии кишвар шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 1. Мутаҳаррикии аҳолӣ нисбати ҳаҷми мусофирбарӣ

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	Нисбати2020 ба 2005 , %
Миқдори аҳолӣ, ҳазор кас	6842,2	7621,2	8551,2	9506,3	138,9
Ҳаҷми мусофирбарӣ тавассути ҳамаи намуди нақлиёт, млн.мусофир.	398,2	551,3	564,5	653,7	168,0
Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ, мус./кас	58,20	72,34	66,01	68,76	118,2
Ҳаҷми мусофрбарӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ млн.мус.	380,5	527,2	553,1	633,8	166,5
Мутаҳаррикии аҳолӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ, мусс/кас	55,61	66,56	64,68	66,67	120,0
Ҳаҷми мусофирбарӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан млн.мус..	0,7	0,6	0,4	0,6	85,7
Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ тавассути нақлиёти роҳиоҳан, млн.мус../кас	0,10	0,08	0,05	0,06	63,1
Ҳаҷми мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ, млн.мус.	0,5	0,8	0,8	0,3	60,0
Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ тавасути нақлиёти ҳавоӣ, мус../ кас.	0,07	0,10	0,09	0,03	45,0

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.- 701 с.

Вобаста ба намудҳои нақлиёт мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ хеле гуногун ва фарқкунанда буда, он тавассути нақлиёти роҳи оҳан дар солҳои 2005-2015 тамойили пастравӣ дошта, шурӯъ аз соли 2015 боз болоравии мутаҳаррикии аҳолӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан ба вуҷуд омаданд. Ва дар умум ин нишондиҳанда нисбати нақлиёти роҳи оҳан тамойили пастравӣ дошта, ба андозаи 36,9 % паст рафтааст.

Мутаҳаррикии аҳолӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар солҳои 2005-2010 тамойили зиёдшавӣ (142,8%)дошта, дар марҳилаи солҳои 2010-2015 ба андозаи то 90% поён рафта, дар мрҳилаи оянда боз то ба 30 % паст шудааст, дар умум дар давраи таҳлил ҳамагӣ 45%-и соли 2005- ро ташкил намудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мутаҳаррики нақлиётии аҳолӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ як андоза аз нишондиҳандаии умумии ҳамаи намуди нақлиёт рушди бештар доштааст. Зеро нақлиёти автомобилӣ, одатан дар масофаи нисбатан кӯтоҳ мусофирбарӣ дошта, доираи фаъолияташро аз ҳисоби мусофирбарии байналмилалӣ афзоиш додааст.

Барои равшании бештар андохтан ба ин масъала аз таҳлили мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ тавассути нишондиҳандаи гардиши мусофирон истифода мебарем.

Ҷадвали 2. Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ тавассути нишондиҳандаи гардиши мусофирон

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	2020 ба 2005 , %
Миқдори аҳолӣ, ҳазор кас	6842,2	7621,2	8551,2	9506,3	138,9
Гардиши мусофирони ҳамаи намуди нақлиёт, мус.км	6481,7	9896,7	9230,1	8178,3	126,2
Мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ, мус.км/кас	**947,3**	**1298,6**	**1079,4**	**860,3**	**90,8**

Гардиши мусофирон дар нақлиёти автомобилӣ, млн.мус.км	5330,3	7037,8	7137,2	7350,9	137,9
Мутаҳаррикии аҳолӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ, мус.км/кас	**779,0**	**923,5**	**834,6**	**773,3**	**99,3**
Гардиши мусофирон дар нақлиёти роҳи оҳан,млн.мус.км	46,1	38,2	16,0	71,0	154,0
Мутаҳаррикии аҳолӣ тавассути нақлиёти роҳи оҳан, мус.км/кас	**6,7**	**5,0**	**1,9**	**7,5**	**111,5**
Гардиши мусофирон дар нақлиёти ҳавоӣ, млн. мус.км.	1033,1	1914,6	2028,6	735,0	70,8
Мутаҳаррикии аҳолӣ дар нақлиёти ҳавоӣ, мус.км/кас	**151,0**	**251,2**	**237,2**	**77,3**	**51,2**

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.- 701 с.

Маълумотҳои дар ҷадвали 1.2 овардашуда нишон медиҳанд, ки дар умум суръати афзоиши гардиши мусофирон дар ҳама намуди нақлиёт (126,2%)нисбат ба афзоиши аҳолӣ (138,9%) пастар мебошад. Аз ин хотир, мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ дар давраи таҳлил ба 90,8% расид. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2005-2010 суръати афзоиши баланд дошт (2 баробар), дар марҳилаи солҳои 2010-2015- то ба 83,1% поён рафт ва дар марҳилаи солҳои 2015-2020 боз то ба 80,0% паст шуд. Дар умум мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ дар давраи таҳлил то ба 9,2% кам шудааст.

Зуд паст шудани гардиши мусофирон пас аз соли 2015 аз ҳисоби зуд бад шудани вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодии Федератсияи Руссия будааст, ба он ҷо рафтан ё дар ҳамон ҷо боқӣ мондан судмандтар будааст. Ғайр аз ин ба пастравии мутаҳаррикии аҳоли Тоҷикистон боз эпидемияи кароновирс таъсири калон ворид кард, дар солҳои 2019- 2020 рафтуомад дар миёни кишварҳо қисман қатъ гардида буд. Маслан, мутаҳаррикии нақлиётии аҳолӣ тавассути нақлиёти ҳавои дар марҳилаи солҳои 2015-2020 то ба 32,5% паст шуд, ки сабаби зуд паст шудани гардиши мусофирон берун аз кишвар гардид.

Аз ин хотир, мусофирбарии байналмилалӣ як андоза ба тамойили пастравӣ мувоҷеҳ шуд.

Масофаи миёнаи мусофирбарӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ҷуғрофияи мутаҳаррикии байналмилали нақлиётии аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Ҷадвали 3. Масофаи миёнаи мусофирбарӣ дар намудҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2020

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	2020 ба 2005, %
Нақлиёти байналмилали автомобилӣ, км	1408	1594	982	498	35,4
Нақлиёти роҳи оҳан, км.	65,9	63,7	40,0	177,5	269,3
Нақлиёти ҳавоӣ, км	2066	2393	2535	2450	118,6

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.- 701 с.

Тавре аз ҷадвали 1.3 бар меояд нақлиёти байналмилалии автомобилӣ мавқеъи худашро дар бозори байналмилалии мусофирбарӣ оҳиста-оҳиста аз даст дода, то ба андозаи 35,4 % доираи ҷуғрофияи бозори мусофирбариашро паст кардааст. Тавассути ин намуди нақлиёт аҳолии кишвар то ба масофаи 1400-1500 км сафар мекарданд. Пастравӣ дар ин намуди нақлиёт аз соли 2015 шурӯъ гардид, алакай соли 2020 ба 498 км. рафта расид. Агар ба ин вазъият рақобати миёни намудҳои нақлиёт сабаб шуда бошад ҳам, новобаста ба ин 5% ин бозор ба нақлиёти автомобилии байналмилалӣ тааллуқ дорад.

Солҳои охир дар бозори ҳамлу нақли байналмилалӣ нақши нақлиёти роҳи оҳан низ боло меравад. Масофаи миёнаи ҳаракати мусофирон дар ин соҳаи нақлиёт то ба 117,5 км расидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар нақлиёти роҳи оҳан ҳамлу нақли наздишаҳрӣ ҳеле ривоҷ ёфта истодааст.

Ҳамин тавр, нақлиёти ҳавоӣ яке аз асоситарин намуди нақлиёт нисбати ҳамлунақли мусофирон дар масофаҳои калон мебошад. Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1.3 дида мешавад, ин намуди нақлиёт воситаи асосии интиқоли муҳоҷирони меҳнатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Агар масофаи миёнаи мусофирбарӣ дар ин намуди нақлиёт дар соли 2005 ба 2066 км. расида бошад, ин нишондиҳанда дар солҳои 2015-2020 то ба 2450-2500 км расидааст. Яъне имконияти васеъ намудани сарҳадҳои ҷуғрофии бозори қувваи кории муҳоҷирони меҳнатии берунаи кишвар ба вуҷуд омаданд.

Таҳқиқотҳои гузаронидаи олимони кишвар [2]. собит намудаанд, ки дар сохтори ҳамлу нақли мусофирон тавассути нақлиёти ҳавоӣ зиёда аз 90% онро муҳоҷирони меҳнатии беруна, 7,2%-ро туристон ва 2,8 %-и онро дигар категорияи мусофирон ташкил медиҳанд.

Ба муҳити институтсионалии системаи пешбарии хизматарсониҳои мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ ҷузъҳои зерин ворид мешаванд:ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳҳо, системаи танзими бозори хизматрасониҳои мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ, ташкилотҳои ёрирасон ва таъминотӣ ба монанди ширкатҳои лизингӣ ва суғуртакунӣ, туроператорҳо, хадамоти муҳоҷират, агентии фурӯши хизматрасониҳо, хадамоти таёрӣ ва таъмини бехатари парвозҳо.

Пойгоҳи асоси институтсионалӣ, ки талаботро барои хизматрасониҳои мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ ба вуҷуд меоранд инҳо туроператорҳо ва хадамоти муҳоҷират мебошад.

Дар доираи таҳлили равандҳои муҳоҷиратӣ, шавқи махсус омӯзиши таъсири муҳоҷират ба наздикшавӣ ё конвергенсияи нишондиҳандаҳои инкишофи иҷтимоӣ-иқтсодии минтақаҳои кишвар ва ошкор намудани нақши нави нақлиёти ҳавоӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад

Бояд гуфт, ки дар чорчӯбаи назарияи классикии иқтисодиёт ҳаракти озоди захираҳои меҳнатӣ (муҳоҷирати қувваи корӣ) одатан ҳамчун як пешзаминаи калидӣ барои наздик намудани нишондиҳандаҳо ва тезонидани суръати инкишофииқтисодӣ-иҷтимоии кишвар мебошад. Бояд пешбинӣ кард, ки дар мавриди вуҷуд надоштани монеъа, фарқият дар нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ(пеш аз ҳама ларомадҳои воқеии аҳолӣ) ба тағйири макон намудани захираҳои меҳнатӣ аз минтақаҳои нисбатан камбизоат ба минтақаҳо дараҷаи зиндагиашон баланд ба вуҷуд меояд, ки дар навбати худ фарқияти сатҳи зиндагии хонаводаҳоро дар ҷойи истиқомати муҳоҷирон беҳтар месозад. Дар мавриде, ки хулоса дар бораи таъсири мусбати муҳоҷират ба конвергенсияи (наздикшавии) нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишавр дуруст бошад, он гоҳ дар минтақаҳои эммигратсияи аҳолӣ суръати нисбатан баланди нишондиҳандаҳои даромади (музди меҳнати хонаводаҳо) ва рушди иқтисодии минтақаҳо (МММ ба сари аҳолӣ) мушоҳида карда мешаванд.

Маълумотҳои ҷадвали 1.4 нишон медиҳад, ки дар умум даромади оилаҳо бо доштани муҳоҷирон насбати набудани онҳо то ба 30,4% баландтар аст. Махсусан, ин таносуб дар шаҳрҳо баландтар (44%) ҳастанд. Ва як андоза пастар (22,5%) дар хонаводаҳои аҳолии деҳот мушоҳида карда мешаванд.

Ҳамин тавр, хулоса дар бораи таъсири мусбат доштани муҳоҷират ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо дар шроити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тасдиқи худро ёфтаанд. Барои исботи боварибахши ин падида таҳлили қиёсии даромадҳои хонаводаҳо нисбати сарчашмаашон дар доираи кишварҳои ҳамсоя гузаронида шуданд. Аз маълумотҳои оморӣ бар меояд, ки дар ҳамаи кишварҳо, ба ғайр аз Тоҷикистон, музди кори кироя, сарчашмаи асосии пур кардани буҷаи оиларо ташкил медиҳад.

Ҷадвали 4. Таъсири муҳоҷират ба некуаҳволии хонаводаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	Аҳолии шаҳрҳо	Аҳолии деҳот	Ҳамагӣ
1.Даромадҳо хонаводаҳо, ба ҳисоби миёна, сомони: - бо иштироки муҳоҷирони меҳнатӣ -бе иштроки муҳоҷирони меҳнатӣ	 13133 9097	 11964 9767	 12240 0368
2.Таносуби даромди хонаводаҳо бо муҳоҷирони меҳнати ва бе иштироик онҳо, %	144,4	122,5	130,4

Сарчашма: Муаллиф дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Влияние миграции и денежных переводов на благосостояние и безопасность в домохозяйствах».2011 г., тартиб дода аст.

Барои Қазоқистон ин 70% буҷаи оилаҳоро ташкил мекунад, барои Руссияғ66%, барои Қирғизистонғ 40% буҷаи оилаҳоро ташкил медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ин рақам наздик ба 20% ташкил медиҳад.Дар кишварҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон дараҷаи аз ҳама баланди муҳоҷирати аҳолиашон вуҷуд дорад. Дар Тоҷикистон ҳамчун кишвари захираҳои муҳнатиаш барзиёд, ҳамасола то 890 ҳазор қувваи корӣ ба беруни кишвар ба коркунӣ мераванд, ки он нақш макроиқтисодии нақлиёти ҳавоиро дар кишвар боло мебарад.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Бояд гуфт, ки алҳол теъдоди зиёди ширкатҳои мусофирбарӣ дар бозори байналмилалии мусофирбарии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ки имконият медиҳад муҳити рақобат ташаккул ёбад. Вале дар ин маврид пастравии ҳаҷми мусофирбарӣ, якҷоя бо ҳалли нокифояи дастаи масъалаҳои вобаста ба танзими давлатӣ нархгузорӣ ба ҳизматрасониҳои фурудгоҳӣ, таъсири манфӣ ба вазъияи молиявии ширкатҳои мусофирбарии ҳавоӣ доштааст. Хоҷагии фурудгоххо рушд меёбанд ва арзёби иқтисодии худро доранд, ки аз арзёбии ширкатҳои мусофирбар фарқ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси фурудгоҳҳо дар айни замон дар ихтиёри шахсони ҳуқуқӣ, ки вазъи гуногуни ташкилӣ ва ҳуқуқӣ доранд, аз ҳам фарқ мекунанд:

-фурудгоҳҳое, ки ба сифати корхонаҳои воҳиди давлатии дорандаи дастаи назоратии ё муҳосиракунандаи саҳмияҳоро доранд, ки онҳоро ҳамчун

моликияти давлатӣ муарифӣ мекунад;

-мустақилияти фурудгоҳ, ки ҳамчун ширакти саҳомӣ ё ҷамъятяти масъулияташ маҳдауд ба қайд гирифта шуданд, ки дар он дастаи назоратӣ ё муҳлсиракунандаи саҳмияҳо ба ширкати мусофирбар тааллуқ доранд;

-ширкатҳои мусофирбарӣ ҳамчун шакли иттиҳоияи ягонаи корхонаҳо баромад мекунанд, ки комплекси фурудгоҳҳоро дар доираи сохторҳои таркибӣ истифода мебаранд.

Қобили қайд аст, ки вақтҳои охир бештар ширкатҳои хизматрасони хусусӣ барои иқрои хизматрасониҳои фурудгоҳӣ истифода бурда мешаванд, ки намудҳои гуногуни хизматрасониро, аз қабили ширкатҳои таъмини сӯзишворӣ, ширкатҳои пешниҳодкунандаи хӯроки дохили тайёра, комплексҳои борбаронӣ ва борфароронӣ, ширкатҳои хизматрасонии техникии фаврӣ дар перон, рӯфтучини дохили тайёра, хтзматрасониҳои нақлиётӣ-экспедитсионӣ, хизматрасониҳои вобаста ба ташкили парвозҳо, иҷро мекунанд.

Албатта таҳияи муҳити рақобатӣ дар соҳаи хизматрасониҳои заминӣ бояд ба пастравии нарх ва баланд шудани сифати хизматрасонии авиатсионӣ мусоидат кунад. Ширкатҳои мусофирбар имконияти мустақил амал карданро, дар такя ба ҳадафҳои худаш, дар заминаи кадом сатҳи хизматрасони ва бо назардошти кадом сифат ва арзиш метавонад шароитҳои нисбатан судманд таҳия намояд.

Таҳлили гузаронидашуда имконият фароҳам сохт, ки ду бахши хоҷагиҳои фурудгоҳӣ аз ҳам ҷудо карда шаванд: якум, ба инҳисорҳои табиӣ (фурудгоҳҳои байналмилалӣ) ва дуюм, ба бахши рақобатӣ – аэродромҳо ва ширкатҳои таъиноти маҳаллӣ, ки хизматрасониҳои замининро дар фурудгоҳҳо ва аэродромҳои Тоҷикистон ба анҷом мерасонанд.

Дар натиҷаи афзоиши стаҳи консентратсия дар бозори хаизматарсонии мусофирбарӣ ва кам шудани миқдори мусофирбарон, яъне ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки хизматрасонии авиатсионӣ мекунанад, давлат метавонад рушди судмандии ширкатҳои ҳавопаймоиро бо истифода аз механизми сертификаткунонии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, иҷозатномадиҳӣ ба хизматрасонӣ мутобиқ ба қонунгузории кишвар, ҳавасманд созад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки солҳои охир Ширкати Ҳавопаймоии “Тоҷик Эйр” мавқеъи пешсафии нархии худро аз даст дод. Ба қатори тағйиротҳои манфӣ инчунин динамикаи манфии “сифати хӯрок”, дар экономкласс медиҳанд, дохил карда мешаванд.

Мутобиқ ба гурӯҳбандии СММ [3,4,5,6] ба хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ инҳо дохил карда шудаанд:

-мусофирбарӣ;

-кашонидани борҳои авиатсионӣ;

-иҷораи тайёра бо ҳароҳи экипаж;

-хизматрасонӣ ва таъмири киштиҳои ҳавоӣ;

-хизматрасониҳои ҳамсафари вобаста ба соҳа.

Се намуд хизматрасонии аввал дар доираи фаъолияти асосии ширкатҳи ҳавопаймоӣ иҷро карда мешаванд, дутои боқимонда –ғайриавиатсионӣ буда, ба сифати сарчашми иловагии даромад, дар заминаи аутсорсинг, иҷро карда мешаванд [7,8,9].

Дар натиҷаи ҷамъбасти сӯҳбатҳо бо роҳбарият ва кормандини ширкатҳо, олимони соҳа ва мутахассисони Вазорати нақлиёти Тоҷикистон, инчунин омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа, муайян карда шуд, ки инкишофи соҳаи нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи се сенария (ҷадвали 1.5) мегузарад.

Стратегияи равиши сарфаҷӯйӣ дар хароҷотҳо - “Тоҷик-Эйр”. Дар бозори рақобатнок ба ширкатҳо аз тарафи рақибон нисбати ҷабҳаҳои гуногуни стартегия фишор ворид карда мешавнд. Ҳамзамон, мавҷудияти маҷмӯъи вариантҳои қабули қарон мизоҷонро маҷбур месозанд, ки қоидаи қабули қарорро дар бораи хариди хизматрасонии мусофирбарӣ тавассути наҳлиёти ҳавоӣ аз нав дида бароянд. Қонуни рақобат мегӯяд, ки ширкат дар майдони рақобат бояд хизмати худашро бо нархи нисбатан пастар, бо пешниҳои ассортименти васеъи хизматрасониҳои иловагӣ, пешбарӣ намояд.

Дар ҳақиқиат равиши сарфаҷӯйӣ дар хароҷот маънои онро дорад, ки ширкат диққаташро ба маҳсулнокии ҳамаи самтҳои фаъолияти занҷири бавуҷудоии арзишҳо ва вобаста ба стратегияи пешсафӣ дар хароҷотҳои Портер [10], равона мекунад. Ҳадафи ибтидоии ин гуна ширкатҳо пастсозии хароҷот дар фаъолияти ҳамаи занҷири таҳвил мебошад. Хароҷотҳои паст ба ширкатҳо имконият медиҳад, ки нархҳои нисбатан пасти хизматрасонӣ гузошта, бо ҳамин роҳ ҳаҷми фурӯро зиёд ё сатҳи устувори нарх нигоҳ дошта маржаи фоида зиёд карда шаванд.

Ҷадвали 5. Стратегияҳои рушди ширкатҳои ҳавопаймоии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Стратегияи инкишоф	Таркиби стратегия
Стратегияи ба мизоҷ равонашуда (стратегияи инкишофи ояндаи соҳа)	1. Ширкатҳои ҳавоӣ мунтзам кӯшиш мекунанд зарурати ниҳони мизоҷонро ошкор ва онро шиносоӣ намоянд; 2. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ зарурати эълоннашуда ва пинҳонии мизоҷонро дар шароити фаъолият ба инобат гиранд; 3. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ бояд доим дар фикри он бошанд, ки мизоҷонашон чӣ гуна аз хизматрасониҳои ширкат истифода мебаранд; 4.Дар мавриди мавҷудияти хатари кӯҳна шудани хизматрасонӣ, ширкт бояд инноватсия ҷорӣ намояд; 5. Ширкатҳои ҳавопаймоӣ мунтазам дараҷаи қаноатмандии мизоҷонро омӯхта онро арзёбӣ намояд.
Стратегияи ҷорӣ намудани инноватсияҳо “Сомон-Эйр”	6. Инноватсия дар ширкат оддӣ ва сабук қабул карда мешаванд. 7. Роҳбарияти ширкат дар шакли фаъол ҳадафҳои навро таъқиб мекунад; 8. Коргарони ширкат ҳис мекунанд, ки метавонанд озодон дар бораи ғояҳои мусбати худашон эълон намоянд; 9.Баландсозии фоиданокӣ ва натиҷаноуӣ дар идоракунии ширкатҳои ҳавопаймоӣ афзалияти асосӣ дониста мешаванд.
Стратегияи равиши сарфаҷӯйӣ дар хароҷотҳо - “Тоҷик-Эйр”	10. Ширкати ҳавопаймоӣ доим ва бетағйир ташфиши кам кардани хароҷотро доранд; 11. Ширкати ҳавопаймоӣ беист кӯшиши баланд кардани фоиданокии ҷараёни пешбарии хизматрасонии мусофирбарӣ мекунад, то хароҷотҳоро дар сатҳи паст нигоҳ дорад; 12. Ширактҳои ҳавопаймоӣ бодиққат аз болои фоиданокииравандҳои муҳим ва амалҳои тиҷоратӣ назорат мебаранд.

Баъзе аз таҳқиқотчиён эътимод доранд ширкате, ки диққаташро ба маҳсулнокии ҳамаи фаъолиятҳои занҷири таҳвил равона мекунад, ба дараҷаи баланди ба қобилияти мартекингӣ зарурат надорад, аз ин хотир, эҳтимолияти калон вуҷуд дорад, ки онҳо захира ва воситаҳои камтар барои ин гуна қобилият сафарбар мекунанд [11, 12].

Дар натиҷа ҳаҷми фоидаи ширкат зуд афзоиш меёбад. Барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар майдони рақобат ва фоиданокии фаъолият дар мавриди фишор аз ҷониби рақибон, ки сабаби он вазъияти нарх мебошад, ширкат дар ҳамаи ҷабҳаи занҷири арзишҳо бояд маҳсулнок бошад ва хусусияти функсионалии мувофиқ дошта бошад.

Стратегияи ҷорӣ намудани инноватсияҳо “Сомон-Эйр”. Ин стратаегия рафтори стратегиро дар назар дорад, ки аз тайёр бадан ба қабули ғояҳои нав ва фаъолона ҷорӣ намуданионҳоро ба инобат мегирад. Ин стратегия – фалсафае мебошад, ки қабули ғояҳои навро ташвиқ мекунад ва кӯшиш ва иродаи ташкилотро ба тағйирот бо роҳи қабул ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, захираҳо, маҳорат ва системаи иҷроия, инъикос мекунад.

Ин стратегия ба худ гирифтани хатарро дастгирӣ менамояд ва эҳтимолияти таҳия ва васеъ сохтани маҳсулоти навро афзоиш медиҳад [13, 14,15,16]. Стратегияи инноватсия роҳи тафакур ва роҳбарӣ, ки ба ҳаракати ширкат дар марҳилаи дарозмуддат мусоидат мекунад ва онро барои навгонӣ ва ихтирокорӣ дастгирӣ мекунад. Навгонӣ ва навоварӣ

ба ширкат афзалияти муҳим медиҳад, аз ҷумла нигоҳдорӣ ё афзоиш додани ҳиссаи ширкат дар бозор ва фаъолникии бештар нисбат ба рақибон, таъмини ин гуна интизориҳо тавассути ворид намудани тағйироти на он қадар калон дар пешниҳоди хизматарсонӣ ва ҳатто ҷорӣ намудани навигариҳои асосӣ. Ва баръакс, дар мавриди набудани талаботи қатъӣ зарурати навгониҳои қатъиро тақозо менмояд, ки зарурияти тағйирёбандаи мизоҷонро таъмин менамояд ва мавқеъи рақобатии ширкатро дар бозор мустаҳкам менамояд.

Ширкат бо қабал намудани рафтори навоваронагӣ метавонад афзалияти рақобатӣ ба даст орад. Бештари таҳқиқотчиён бар он ақида ҳастанд, ки инноватсияҳо ва ихтирокрӣ ба ширкат хизмати беҳтарин дар роҳи ба даст овардани имтиёзи рақобатӣ ва афзалият, инчунин навсозии мекунад [11,13, 17].

Стратегияи ба мизоҷ равонашуда (стратегияи инкишофи ояндаи соҳа)

Ба мизоҷ равонашудан маънои эҳсоси зарурии ин ё он ширкат ё ташкилот ба харидорони ҳадафноки хизматрасонии мусофирбарӣ барои таъмини арзишҳои пешакӣ номуайян мебошад. Рӯоварӣ ба мизоҷ мавқеи доимӣ ва фаъоли бархӯрд бо зарарурат ва талаботи мизоҷони бизнессохторҳо, ки дар муҳити пурталотум амал мекунанд, бо тағйиротҳои тез дар авлавият ва интизории мизоҷон, инчунин пешбининашаванда будани

зарурат ва талаботҳо ба онҳоро дастгирӣ менамояд [13,14,16]. Аз ин хотир, аз сабаби такмилёбанда будани дархостҳо ва талаботҳои мизоҷон онҳо бештар ба рӯоварӣ ба мизоҷон эҳтиёҷ доранд.

Ҷузъи асосии институтсионалии мусофирбарии байналмилалӣ, ки тавсифи сохтори бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ истеъмолкуннадагони ин хизматрасонӣ мебошанд.

Таҳлили сохтори талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии мусофирбарӣ тавасути нақлиёти ҳавоӣ имконият дод ки онҳо ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд [18].

Ба истеъмолкунандагони гурӯҳи якум одамони нисбатан таъминоти баланддошта мебошанд, ки бештар парвоз мекунанд ва бароҳатии онро тқозо менмоянд. Одатан инҳо касоне мебошанд ба хизматҳои сафарӣ мераванд, аз ин хотир хароҷотҳои сафариҳо аз тарафи ширкатҳо пардохт мешаванд, онҳо имконияти бештар пардохт намудани раҳкироро, вобаста ба хизматрасонии босифат ва бароҳатии сафар, доранд. Мусофирони ин гурӯҳ бо зуддияти гуногун сафра мекунанд. Ҳаҷми умумии онҳо бар мусофибарии байналмилалӣ 0,5-0,7% ташкил мекунанд, ки 86% - и онҳо ҳадафи хизматӣ дошта, синусоли миёнаашон дар ҳудуди 35-40 сола қарор мегирад, бешатар аз 89% онҳоро мрдҳо ташкил медиҳанд. Асосан 86%-и инҳо кормандони сохторҳои тиҷоратӣ буда, бештар аз 50% ҳайати илоракунанда мебошанд. Ҳисоби чиптаҳои ин гурӯҳ асосан (90%) аз ҳисоби буҷаи давлат ва ширкатҳои тиҷоратӣ ба анҷом расонида мешаванд. Ин қабил мусофирон таъсири ҳалкунанда ба масти ҳаракати анбӯҳи мусофирон надоранд.

Гурӯҳи дуюмроасосан мусофироне ташкил мекунанд, ки сарфа кардани захираҳои молиявиро афзалтар медонанд ва ба намудҳои хизматрасонии иловагӣ, аслан ниёз надоранд. Ин гурӯҳ асосан 7-9% ҳаҷми умумии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоиро ташкил медиҳанд, ки аз он 59% бо мақсади сафарии хизатӣ ва наздик ба 20% -ро туристҳо ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳ бештар аз хизматрасонии ширкатҳои ватанӣ истифода мебаранд.

Ба гурӯҳи сеюм мизоҷоне дохил мешаванд, ки кӯшиши сарфа дар сифати хизматрасониро доранд, ҳадди онро то ба камтарин мерасонанд. Барои онҳо муҳим мусофирбарӣ тавассути тайёра мебошад. Ба ин қабил мусофирон касоне дохил мешаванд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва рафтан ба макони таҳсилро доранд. Ин гурӯҳи мизоҷон наздик ба 90% ҳаҷми умумии мусоифирони парвозкунандаро ташкил медиҳанд. Дар умум, таҳлили фаъолияти системаи пешбарии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз таҷдиди сохтор аз он шаҳодат медиҳад, ки тақсимоти сохтори ягонаи моликияти “фурудгоҳ-ширакати ҳавопаймоӣ” ба ташаккул ёфтани тавсифи инҳисори табии фурудгоҳҳо ва сохтори олигаполии ширкатҳои ҳавопаймоии дар бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ коркунанда мусоидат намуда, пешзаминаии асосӣ барои барои ташаккули бозори байналмилалии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ гардиданд. Бояд гуфт, ки дар бозори мусофирбарии ҳавоӣ ду самти заминавии инкишоф ташаккул ёфтанд.

Якум- ташаккули сохтори бозорӣ, ки дар раванди марказонидашавии иқтисодӣ дар соҳа, дар шароити номумкин будани тақсимоти бозор дар миёни мусофирбарони хатсайрӣ ё аломати дигар ба вуҷуд омаданд. Самти дуюм – ин сохтани ҳамин гуна сохтори бозорӣ мебошад, ки дар доираи он самти асосии беҳтар сохтани вазъияти бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ ҷудо кардани фурудгоҳҳо аз таркиби ширктҳои ҳавопаймоӣ мебошад. Ҳамин тавр, ба натиҷаи муҳими таҷдиди сохтор ва ислоҳоти авиатсияяи граждани ҷудо кардани фурудгоҳ аз ширкати ҳавопаймоӣ ҳамчун субъекти алоҳидаи бозор мебошад.

Ба сифати далели асосии тақсими сохтор кӯшиши бардоштани вазъияти инҳисории нархи мусофирбарӣ барои муҳоҷирони меҳнатии аҳолии кишвар мебошанд.

Бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ ҳамчун натиҷаи мусофирати муҳоҷирони меҳнатӣ, натиҷаи рақобат ва дараҷаи баланди мутамарказии бозор мебошад. Вазъияти бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоиро метавонем дар асоси усули машҳури сатҳи мутамарказӣ (CR 15) ва намояи Херфиндал-Хиршман (XX) [19] ҳисоб мекунанд. Агар хоҳем муайян кунем, ки ба кадом намуди бозор метавонад мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шавад, аз усули муайян кардани ҳиссаи бозори ширкатҳои калон, ё ҳисоби коэффитсиенти мутамарказӣ истифода бурда мешаванд. Таҷрибаи истеҳсоли нишон медиҳад, ки бештар аз коэффисиенти мктамарказии чор ширкат (CR4) истифода мебаранд. Ҳангоме, ки ширкат аз 80 то 100 % бозорро дар бар мегирад, он гоҳ чунин бозор инҳисорӣ номида мешаванд.Дар ҳоле, ки 4 ширкати ҳукмфармо аз 50 то 80% юозорро фаро гирифтаанд, ин гуна бозор олигополӣ номида мешавад. Дар мавриди аз 50% паст будани ҳиссаи бозор, он бозори рқобати озод номид мешаванд. Дар натиҷаи ҳисобҳои гузаронидашауда барои 4 ширкати калонтарин дараҷаи намояи CR4 66,22-65,77%-ро мувофиқан ба миқдори парвозҳо ва ҳаҷми гардиши мусофирон ҳисоб кардем. Бештари олимон бар он ақида ҳастанд, ки ин бозор бештар олигаполӣ мебошад.

Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки 11 ширкат аз 19 ширкат 90,64% ҳаҷми парвозҳоро иҷро кардаанд ва ҳиссаи 10 ширкат 91,12% гардиши мусофирон иҷро крда шуданд, др мал 100 % бозор аз тарфи 19 ширкат назорат карда мешаванд, аз ин 2 ширкат втанӣ мебошанд.

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, дар бозори хизматрасониҳои мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ ин намояҳо дар соли 2018 қиматҳои зеринро доро шуданд: CR-3 = 52,27%; CR-4 = 65,77%; CR-6 = 81,87%; CR-10 =91,12%.

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1.6. Намояи Херфиндал-Хиршман барои қирши байналмилалии бозори миллии хизматрасонии мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоиро аз рӯйи нишондиҳандаи HHI ҳисоб мекунем.

HHI = ΣSi2,

Si – ҳиссаи ширкати i (бо фоиз) дар ҳаҷми умумии истеҳсоли соҳа.

Аз маълумотҳои ҷамъбастии ҷадвали 1.10 намояи Херфиндал-Хиршман қимати он 1378,5 ташкил намудааст.Агар ин намоя (HHI) ҳарқадар қимати калонтар дошта бошад, ҳамонқадар дараҷаи мутамарказии ширкатҳо дар бозор баланд аст. Арзиши асосии ин нишондиҳанда дар он аст, ки вай ба тағйирёбии ҳиссаи ширакт дар бозор хеле ҳассос аст.

Ҷадвали 6. Таҳлили намояимутамарказӣ дар бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

Ширкат (нисбати пастравии ҳисса дар иҷрои парвозҳо)	Ҳиссаи парвози киштиҳои ҳавоӣ, Y_i,	Индекс мутамарказӣ барои ҳамин k	Ширкат(нисбати пастравии ҳисса дар гардиши мусофирон)	Ҳиссами гард-иши мусофиронтон, Y_i,	Индекс мутамарказӣ барои ҳамин k, CR
Сомон Эйр	0,2133	0,2133	Сомон Эйр	0,2422	0,2422
Тоҷик Эйр	0,2000	0,4133	Уральские авиалинии	0,1409	0,3831
Урал	0,1357	0,5490	Тоҷик Эйр	0,1396	0,5227
Сибир	0,1132	0,6622	Сибир	0,1350	0,6577
Ют Эйр	0,1088	0,7710	Ют Эйр	0,1324	0,7901
Эйр Астана	0,0268	0,7978	China Air	0,0286	0,8187
ГТК Россия	0,0263	0,8241	THY	0,0286	0,8473
Дон авиа	0,0226	0,8467	Оренбург	0,0235	0,8708
Оренбург	0,0211	0,8678	FYU Dubai	0,0217	0,8925
China Air	0,0193	0,8871	Эйр Астана	0,0187	0,9112
THY	0,0193	0,9064	Таймир	0,0173	0,9285
FYU Dubai	0,0191	0,9255	ГТК Россия	0,0153	0,9438
Таймир	0,0172	0,9427	Татарстан	0,0132	0,9570
Татарстан	0,0151	0,9578	Дон авиа	0,0097	0,9667
Авиатрафик	0,0128	0,9706	Кам Эйр	0,0096	0,9763
Осмон	0,0125	0,9831	Авиатрафик	0,0094	0,9857
Кам Эйр	0,0102	0,9933	Осмон	0,0094	0,9951
Якутия	0,0036	0,9969	Киргизстан	0,0025	0,9976
Киргизстан	0,0031	1,0000	Якутия	0,0024	1,0000

Ин аз он сабаб аст, ки андозаи ҳиссаи бозор ба квадрат бардошта мешавад. Бояд гуфт, ки ин намояро кумитаи зиддиинҳисории ИМА барои тавсифи сохтори бозории соҳаҳои иқтисодиёт истифода мебарад [20].

Вобаста ба қиматҳои гуногуни коэффисиенти мутамарказии бозор ва намояҳои Херфиндал-Хиршман (HHI) се шакли бозорро аз ҳам фарқ мекунанд:

Шакли 1, бозори мутамарказиаш баланд: 70% <CR-3 <100%;
2000<HHI< 10000;

Шакли 2, бозори мутамарказиаш мӯътадил: 45% <CR-3 < 70%;
1000 <HHI< 2000;

Шакли 3,бозори мутамарказиаш паст: CR-3 < 45%; HHI< 1000

Ҷадвали 7. Қимати намояи Херфиндал-Хиршман барои қирши байналмилалии бозори хизмтрасонии мусофирарӣ тавассути нақлиёти ҳавои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018

Ширкат (ҳиссаи пастраванда дар гардишимусофирон)	Ҳиссаи бозории гардиши мусофирон, Y_i,	Намояи Херфиндал-Хиршман
Сомон Эйр	24,22	586,6084
Урал	14,09	198,5281
Таджик Эйр	13,96	194,8816
Сибир	13,50	182,2500
Ют Эйр	13,24	175,2976
China Air	2,86	8,1796
THY	2,86	8,1796
Оренбург	2,35	5,5225
FYU Dubai	2,17	4,7089
Эйр Астана	1,87	3,4969
Таймыр	1,73	2,9929
ГТК Россия	1,53	2,3409
Татарстан	1,32	1,7424

Дон авиа	0,97	0,9409
Кам Эйр	0,96	0,9216
Авиа трафик	0,94	0,8836
Осмон	0,94	0,8836
Киргизстан	0,25	0,0625
Якутия	0,24	0,0576
Ҳамагӣ	100,00	1378,4792

Дар шароити бозори мусофирбарӣ тавассути нақлиёти ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояи мутамарказии бозор CR-3 52,27%, намояи HHI =1378. Ин қиматҳо ба шакли дуюми бозор, яъне бозори мутамарказиаш мӯътадил мебошад, ки аз мавҷудияти шакли бозори олигполӣ бо ширкати ҳукмфармо шаҳодат медиҳад.

Хулоса. Таҳлили нишондиҳандаи мутамарказии бозор, ки дар умум барои соҳа ҳисоб карда мешавад, агар бозорҳои алоҳидаи он, ки харсайрҳои алоҳида нақши калон дар мусофирбарии ҳавоӣ доранд, таҳқиқ кунем, метавонанд зиёд шаванд. Дар рафти ҳисобҳо мо ҳамаи 19 ширкати фаъолияткунандаро ба инобат гирифтем, вале агар аз онҳо 5 ширкатро ба инобат гирем, онҳо 79% бозорро, боқимонда ширкатҳо 21%-и бозорро аз худ мекунанд, он гоҳ метавонем гӯем, ки мутамарказии баланди бозор бо сохтори олигаполии дорои ширакти ҳавопаймоии ҳукумфармо дорад.

Вобаста ба миқдорипарвозҳо ва хатсайри онҳо маълумотҳои панҷ ширкат қариб 79% ширкатҳо дар бозори байналмилалии мусофирбарӣ Тоҷикистон парвозҳоро ба анҷом мерасонанд. Ҳисоби нишондиҳандаи стаҳи мутамарказии бозор тавассути намояи Херфиндал-Хиршман аз он шаҳодат медиҳад, ки дар умум тавсифи сатҳи рақобат дар соҳа беҳбудӣ тақозо менамояд.

Таҳлили назариявӣ ва эмпирикии бозори мусофирбарии ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бозор рақобати маҳдуд бо монеъаҳои зиёди воридшавии ширкатҳои нав доранд.

Адабиёт

1. Самойлов Д.С. Подвижность населения/Городской транспорт.-2-е изд.,-М.: Стройиздат, 1983.- С.161-164.
2. Мирзоева Дж.П. Развитие рынка авиаперевозочных услуг на пространстве Таджикистан-Россия.- Душанбе, Дониш.-2018.- 168 с.
3. Барвелл Ф. Автоматика и управление на транспорте: Пер. с англ.2-е изд./ Ф. Барвелл. -М.:Транспорт,1990 -367 с.
4. Бобоев О. Модернизация транспортно-коммуникационной модели Республики Таджикистан./О.Бобоев. Душанбе, «Нодир», 2012.-317 с.
5. Губенко А. В., Смуров М.Ю., Черкашин Д.С. Экономика воздушного транспорта / А.В.Губенко, М.Ю.Смуров, Д.С.Черкашин.-СПб.: Питер, 2009.- 288 с.
6. Закон Республики Таджикистан «О промышленных образцах» от 28 февраля 2004 г. (№16).
7. Алейникова И.С., Евтюхов С.А., Лукьянов С.А. Определение входных барьеров в экономической теории и практике антимонопольной политики // Вестник Новосибирского государственного университета. Серия: Соцмально-экономические науки, 2011.-Т.11.- №2.-С. 105-110.
8. Алексеев А.А. Маркетинговые исследования рынка услуг. Учебное пособие / А.А.Алексеев. -СПб.: издательство СпбГУЭФ, 2004. – 144 с.
9. Бабичев И.Р. Управление ресурсами авиапердприятия в условиях перехода к рыночной экономике:.автореф.дисс.канд.техн.наук: 05.22.14 / Бабичев Иван Романович.- Рига, 1997- 21 с.
10. Леонтьев Р. Г. Прогнозирование авиапотоков и оптимизация управления воздушной транспортной системой./ Р.Г.Леонтьев. – М.: Наука,1987.- 185 с.
11. Осипова О. Я. Транспортное обслуживание (монография). – М., 2004.-368 с.
12. Раджабов Р.К., Рауфи А., Азизов Ф.Х. Исследование спроса и предложения на рынке транспортных услуг// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук .-Душанбе: «Сино», 2014, № 2/4 (138). –С.52-56
13. Бекарис А. А. Исследование влияния мировых тенденций развития воздушного транспорта на авиаперевозки в России. Автореф.дис. канд.экон.наук: 08.00.05/ Бекарис Аялеу Ашебер. М.: 2004. – 24 с.
14. Гузь Н. А. Трудовая миграция в Россию из стран Центральной Азии: состояние и пути развития: автореф. дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / Гузь Наталья Алексеевна. – М., 2007. -25 с.
15. Закон Республики Таджикистан «Об изобретениях» // Ведомости Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 28 февраля 2004г. (№17)
16. Костромина Е. В. Управление экономикой авиакомпании / Е.В.Костромина. – М.: Авиабизнес, 2007.- 410 с.
17. Раджабов Р.К., Рауфи А., Азизов Ф.Х. Исследование спроса и предложения на рынке транспортных услуг// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук .-Душанбе: «Сино», 2014, № 2/4 (138). –С.52-56
18. Джумаев Д. Проблемы комплексного развития пассажирского автомобильного транспорта Таджикской ССР/ Д.Д. Джумаев. -Душанбе: Ирфон, 1990.-224 с.
19. Методические рекомендации по определению себестоимости внутренних и международных рейсов для российских авиакомпаний от 15.07.1999.ФСВТ№7.7- 188. – М.: Министерства экономки РФ, 1999.
20. Пантелеев О. Интерес к электронным билетам/ О.Пантелеев // Авиатранспортноеобозрение. Декабрь 2003. С.12-15.

УДК: 336.76

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ БОЗОРИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР

Шодизода Ҳофиз Шодиҷон

унвонҷӯи бахши якуми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. E-mail: hofiz-shod@mail.ru. Тел: 900 53 33 52.

Дар мақола масъалаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ дар шароити муосир баррасӣ гардидааст. Қайд мегардад, ки ки низоми молиявӣ яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, маҷмуъи муносибатҳои молиявӣ, ниҳодҳо ва дигар иштирокчиёни фаъоли бозорррo дар бар гирифта, муомилоти захираҳои пулӣ ва тақсимоти онҳоро оқилона таъмин менамояд. Инчунин дар мақола ақидаҳои олимони мухталиф оиди ташаккулёбии бозори молиявӣ ва махсусияти рушди он дар марҳилаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диққати махсус ба масъалаҳои ошкори самтҳои афзалиятноки рушди бозори молиявӣ дар заминаи таҳлили консепсияҳои гуногун оиди бозори молиявӣ равона гардидааст. Дар натиҷа бозори молиявӣ ҳамчун механизми рушди тақсимоти захираҳои молиявӣ дар фаъолияти хоҷагидории кишвар муайян гардидааст.

Калидвожаҳо. Бозори молиявӣ, иқтисодиёти миллӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, институтҳои молиявӣ, сармоягузорӣ, захираҳои молиявӣ, сегменти бозори молиявӣ, миёнарави молиявӣ, муомилоти пулӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ ва бехатарии молиявӣ.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ФИНАНСОВОГО РЫНКА В РЫНОЧНЫХ УСЛОВИЯХ

Шодизода Хафиз Шодиджон

соискатель первого курса Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе. E-mail: hofiz-shod@mail.ru. тел.: 900 53 33 52.

В статье рассматриваются теоретические вопросы формирования и развития финансового рынка в современных условиях. Отмечается, что финансовая система является одной из основных составляющих хозяйственной деятельности каждой страны и включает в себя совокупность финансовых отношений, институтов и других активных участников рынка, обеспечивая обращение денежных ресурсов и их рациональное распределение. Также в статье обсуждаются мнения различных ученых о формировании финансового рынка и специфике его развития на разных этапах. Особое внимание уделено вопросам выявления приоритетных направлений развития финансового рынка на основе анализа различных концепций финансового рынка. В результате финансовый рынок определяется как механизм развития распределения финансовых ресурсов в хозяйственной деятельности страны.

Ключевые слова. Финансовый рынок, национальная экономика, производственные отношения, макроэкономические показатели, финансовые институты, инвестиции, финансовые ресурсы, сегмент финансового рынка, финансовый посредник, денежные операции, рыночная экономика и финансовая безопасность.

SOME THEORETICAL ISSUES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE FINANCIAL MARKET UNDER MARKET CONDITIONS

Shodizoda Hafiz Shodidjon

is a first-year candidate at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe. E-mail: hofiz-shod@mail.ru. Phone: 900 53 33 52.

The article discusses the theoretical issues of the formation and development of the financial market in modern conditions. It is noted that the financial system is one of the main components of the economic activity of each country and includes a set of financial relations, institutions and other active market participants, ensuring the circulation of monetary resources and their rational distribution. The article also discusses the opinions of various scientists on the formation of the financial market and the specifics of its development at different stages. Special attention is paid to the issues of identifying priority areas for the development of the financial market based on the analysis of various concepts of the financial market. As a result, the financial market is defined as a mechanism for the development of the distribution of financial resources in the economic activity of the country.

Keywords. Financial market, national economy, industrial relations, macroeconomic indicators, financial institutions, investments, financial resources, financial market segment, financial intermediary, monetary transactions, market economy and financial security.

Муқаддима. Масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар басо муҳим арзёбӣ мегарданд. Рушд ва ташаккули низоми муосири молиявӣ имконият медиҳад, ки таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва рақобатпазирии бозори дохилӣ босифат амалӣ гашта, сатҳи зиндагии аҳолии кишварро беҳтар гардад. Бе мавҷудияти низоми рушдёфтаи молиявӣ татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва амалисозии афзалиятҳои миллӣ дар шароити муосир имконнопазир мегардад.

Таҳқиқотҳои муосир оид ба масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби ошкори муаммоҳо дар ин самт ва дар заминаи онҳо додани тавсияҳои илмӣ нигаронида шудаанд. Нашрияҳои мубрами муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ба масъалаи ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ аҳаммияти калони илмӣ додаанд. Оиди масъалаҳои назариявӣ ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ олимон зиёд ба монанди Дадашев А.З., Даймонд Дуглас., Долан Э.Дж., Кинг Роберт Р., Левин Росс., Колесникова В.И., Коркин В.М., Содиқов М.С., Шарифзода Р, Шарипов Б.М ва дигарон тадқиқот гузарондаанд. Мақолаи мазкур идомаи мантиқӣ ва рушди масъалаи баррасишаванда ба шумор меравад.

Мақсади мақола аз ошкор намудани баъзе масъалаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ дар шароити муосир ва дар заминаи муаммоҳои мавҷудбуда самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти хоҷагидориро муайян намудан иборат мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили сарчашмаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди бозори молиявӣ, муқоисаи равишҳои назариявӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти ақидаҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқот равишҳои институтсионалӣ, такроистеҳсолӣ (функсионалӣ) ва системавӣ оид ба моҳияти бозори молиявӣ муқоиса ва ҷамъбаст карда шудаанд.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташаккули низоми муосири молиявӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз шартҳои муҳими фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба шумор меравад. Ташаккули бозори қоғазҳои қимматнок, бозори хизматрасонии суғурта ва дигар сегментҳои бозори молиявӣ имкониятҳои нави маблағгузориро барои тамоми иштирокчиёни бозор фароҳам меоварад. Низоми молиявӣ захираҳои молиявиро оқилона ҷамъоварӣ намуда, ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ онҳоро сафарбар менамояд. Чунин захираҳо барои таҳкими равандҳои сармоягузорӣ инчунин заминаи устувор хоҳанд гузошт.

Бояд қайд кард, ки низоми молиявӣ яке аз ҷузъҳои асосии фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, маҷмуъи муносибатҳои молиявӣ, ниҳодҳо ва дигар иштиркчиёни фаъоли бозорро дар бар гирифта, муомилоти захираҳои пулӣ ва тақсимоти онҳоро оқилона таъмин менамояд.

Ба андешаи Ричард Масгрейв низоми молиявӣ пеш аз ҳама воситаи таъмини вазифаҳои асосии давлат яъне тақсимот, бозтақсимкунӣ ва суботнокии иқтисодӣ мебошад [8,29]. Аз ақидаи ин олим бармеояд, ки низоми молиявӣ аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати молиявии кишвар вобастагии калон дошта, маҳз давлат метавонад онро барои таъмини устувори иқтисодӣ истифода намояд.

Дар адабиётҳои иқтисодии муосир низоми молиявӣ чун ҷузҳои ба ҳам вобастабуда, дар маҷмуъ молияи давлатӣ, низоми бонкиву суғуртавӣ ва дигар ниҳодҳои ғайрибонкӣ маънидод шудаанд.

Тибқи ақидаи олими дигар Фредрик Мишкин низоми молиявӣ маҷмуъи институтҳо ва бозорҳоест, ки интиқоли маблағҳоро аз пасандозкунандагон ба сармоягузорон таъмин менамояд [9,45].

Чунин ақида нақши миёнравии молиявиро чун функсияи асосии низом эътироф менамояд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама сухан дар бораи нақши ниҳодҳои молиявӣ дар рушди бозори молиявӣ меравад. Самаранок ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳо метавонад ба таҳкими фаъолият дар бозори молиявӣ таъсир расонида, дар заминаи амалиётҳои молиявӣ рушди устуворро таъмин намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир моҳияти иқтисодии рушди низоми бонкиро дар такмил ва тараққиёти инфрасохтори молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ ва ҳамоҳангсозии сохтор бо талаботи замони муосир ифода меёбад.

Вобаста ба ин олими дигар Ҷозеф Шумпетер қайд менамояд, ки рушди низоми молиявӣ омили асосии пешбурди инноватсия ва рушди иқтисодӣ мебошад, зеро бонкҳо ва ниҳодҳои молиявӣ имконияти маблағгузории технологияҳои навро фароҳам меоранд [12,52].

Бояд дуруст дарк кард, ки бо мурури замон дар шароити рушди ҳамгироии иқтисодиву ҷаҳонишавӣ аҳаммияти низоми бонкӣ низ баланд мегардад. Оиди ин масъала олими рус Росс Левин нишон медиҳад, ки рушди бозорҳои молиявӣ ва ниҳодҳои молиявӣ бо афзоиши устувори иқтисодӣ робитаи мустақим дорад. У таъкид менамояд, ки низоми молиявии устувор ба беҳтар шудани тақсимоти захираҳо, коҳиши хавф ва афзоиши сармоягузорӣ мусоидат менамояд [7,68].

Бо чунин ақида албатта розӣ шудан мумкин аст, зеро имрӯз аз афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидории кишвар вобастагии калон дорад. Маҳз ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи саъароноки захираҳои молиявию афзоиши дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои рушди бозори молиявӣ заминаи устувор хоҳанд гузошт. Бинобар ин, дар сатҳи баланд нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз нуқтаи назари таъмини бехатарии молиявӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосир яке аз вазифаҳои муҳими низоми молиявӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба шумор меравад. Оиди ин масъала Пол Самуелсон таъкид менамояд, ки низоми молиявӣ ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии пасандоз ва сармоягузорӣ баромад намуда, барои тавозуни макроиқтисодӣ шароити зарурӣ фароҳам меоварад [10,36].

Албатта, вазифаҳои асосии тамоми сегментҳои фаъолияти хоҷагидорӣ пеш аз ҳама таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ мебошад ва низоми молиявӣ бошад, дар ин ҷода нақши аз ҳама калонтарро ичро менамояд. Ба воситаи механизми таъсири мутақобилан судманди пасандоз ва сармоягузорӣ бозори молиявӣ метавонад тавозуни макроиқтисодиро таъмин намояд. Чунин ақида то имруз ҳам аз тамоми олимон ва иштирокчиёни бозори молиявӣ эътироф мегардад.

Ҳамзамон мувофиқи назарияи миёнаравии молиявӣ, ки аз ҷониби Дуглас Даймонд ва Филип Дибвиг пешниҳод шудааст, ниҳодҳои молиявӣ нақши муҳимро дар коҳиши ассиметрияи иттилоотӣ ва идоракунии хавфҳо мебозанд [2,402].

Чунин назарияи олимон пеш аз ҳама аҳаммияти устуворӣ ва эътимоди низоми бонкиро дар шароити муосир таъкид менамояд. Бо ақидаи олимони мазкур низ аз он нуқтаи назар розӣ шудан мумкин мебошад, ки он дар шароити имрӯза дар таъмини рушди устувори низоми молиявию бонкӣ басо аҳаммияти калонро дорад.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки рушди низоми бонкӣ барои ҳалли бисёр масъалаҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҷо пеш аз ҳама сухан дар бораи баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии кишвар меравад. Ба андешаи Роберт Кинг ва Росс Левин кишварҳое, ки низоми молиявии рушдёфта доранд, сатҳи баланди даромад ва рушди иҷтимоиро таъмин мекунанд [4,718].

Ҳамин тариқ, оиди ташаккулёбӣ ва рушди низоми молиявӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд буда, он дар марҳилаҳои рушди давраи муосир тарифҳои гуногунро касб намудааст. Асосҳои назариявии рушди низоми молиявӣ, ки аз тарафи олимони иқтисоддон дар марҳилаҳои гуногун ташаккул ёфтааст ва имрӯз дар маҷмуъ, барои ташаккули бахши молия саҳми калон гузоштаанд.

Ҷадвали 1. Асосҳои илмии ташаккулёбӣ ва рушди низоми молиявӣ

Олим	Мазмуни назария	Ғояи асосӣ ва аҳаммияти он дар тадқиқот
Ричард Масгрейв	Назарияи молияи давлатӣ	Тақсим ва бозтақсимкунии захираҳо, Нақши давлат дар низоми молиявӣ
Фредерик Мишкин	Назарияи бозорҳои молиявӣ	Интиқоли маблағҳо байни субъектҳо, механизми миёнаравии молиявӣ
Ҷозеф Шумпетер	Назарияи рушди иқтисодӣ	Молия – омили инноватсия, пайвастшавии молия ва рушд
Росс Левин	Назарияи рушди молиявӣ	Молия ба рушди иқтисодӣ таъсир дорад, асоси эмпирикӣ
Пол Самуэлсон	Назарияи макроиқтисодӣ	Мувозинати иқтисодӣ, таъмини субот
Дуглас Даймонд, Филип Дибвиг	Назарияи миёнаравии молиявӣ	Коҳиши хавф ва асимметрия, таҳлили низоми бонкӣ
Роберт Кинг, Росс Левин	Рушди бозори молия	Молия омили рушди дарозмуддат, хулосаҳои илмӣ
Грязнова А.Г.	Назарияи молияи муосир	Низоми молиявӣ ҳамчун маҷмӯи институтҳо, фаҳмиши сохтор
Балабанов И.Т.	Молияи бозорӣ	Самаранокии идоракунии молиявӣ, татбиқ дар иқтисоди бозорӣ
Ковалёва В.В.	Молияи корхонаҳо	Идоракунии захираҳои молиявӣ, сатҳи микроиқтисодӣ
Вахрин П.И.	Назарияи сармоягузорӣ	Сармоягузорӣ омили рушди молиявӣ, асоси сиёсати сармоягузорӣ
Абдуллоев С.	Рушди низоми молиявӣ дар Тоҷикистон	Ислоҳоти молиявӣ ва бозорӣ, мутобиқ ба шароити миллӣ
Каримов Н.	Низоми бонкӣ	Нақши бонкҳо дар рушди иқтисод, таҳлили низоми бонкӣ
Раҳимов А.	Сиёсати молиявӣ	Танзими давлатӣ ва субот, муҳим барои сиёсати иқтисодӣ
Рахимов Р.К., Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Умаров Х.У.	Низоми бонкӣ	Масъалаҳои сафарбаркунии пасандозҳо ва табдил додани онҳо ба захираҳои молиявӣ барои афзоиши сармоягузории молиявӣ дар иқтисодиет бо рушди низоми бонкӣ е қарзӣ алоқаманд аст
Султонов С.З.	Рушди низоми молиявӣ	Маҷмӯи бозорҳои пулӣ, бозорҳои сармоя, бозори тилло ва бозори суғурта
Давлатов И.Х	Рушди институтҳои молиявӣ	Бозори молиявӣ аз бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, сегменти суғурта, бозори саҳҳомӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва фондҳои нафақаи ғайридавлатӣ иборат мебошад
Шарипов Б.М.	Бозори молиявӣ ҳамчун система	Бозори молиявӣ як системаи ҳамаҷониба буда, сохтори хоси он ва механизми ҳамкории байни унсурҳои дохилӣ ва муҳити беруна мебошад

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои [4,718]; [2,402]; [7,688]; [9,45].

Аз ҷадвал бармеояд, ки назарияҳо оиди ташаккулёбии бозори молиявӣ бисёр буда, аксарияти онҳо ба муносибатҳои рушди молиявию иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо олимони рус ба масъалаҳои сохтор ва идоракунии низоми молиявӣ диққати махсус медиҳанд. Дар тадқиқоти олимони ватанӣ бошад, масъалаҳои мазкур бисёртар ба мутобиқсозии назарияҳои гуногун ба шароити муосир нигаронида шудаанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ самти афзалиятноки рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар ба ҳисоб рафта, дар заминаи он такмили бозори молиявӣ ва истифодаи технологияи муосир басо аҳаммияти калон дорад. Аз таҷрибаи байналмилалӣ бармеояд, ки масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи шаффофият, самаранокии танзими давлатӣ ва эътимоди ҳамаи иштиокчиёни бозор аз тадбирҳои муҳими даврааи муосир ба шумор мераванд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои масъалаҳои назариявии масъалаи мазкур бармеояд, ки рушди низоми молиявӣ на танҳо чун омили тараққиёти иқтисодиёти миллӣ, балки шарти муҳими таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва баланд гардонидани сатҳи накуаҳолии кишвар маҳсуб меёбад. Истифодаи васеъи назарияи низоми молиявии олимони мухталиф ва таҷрибаи ҷаҳонӣ ба мо имконияти такмили самтҳои афзалиятноки муаммои баррасишавандаро ба таври васеъ фароҳам хоҳад овард.

Бояд қайд кард, ки бозори молиявӣ ҳамчун система дар миёнаи асри XX ҳамчун натиҷаи рушди бисёрсолаи эволютсионии гардиши пул, ташаккули бозорҳои қарзҳо, коғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва асъори ҳам мустақилона ва ҳам дар заминаи пайдоиши муассисаҳои молиявӣ, маҷмӯи воситаҳои молиявӣ ва механизмҳои истифодаи онҳо ташаккул ефт [11,28].

Вобасата ба ташаккулёбӣ ва рушди низоми молиявӣ дуруст дарк кардан зарур аст, ки бо мурури замон ва рушди муносибатҳои истеҳсоливу молиявӣ миқёси фаъолияти низоми мазкур низ хеле васеъ гашт. Инчунин бозори молиявӣ дар марҳилаҳои мухталифи рушд низоми молиявӣ ташаккул ёфта, дар доираи фаъолияти он ниҳодҳои зиёди молиявӣ аз ҷумла бонкҳои муосир, ки дар баробари амалиётҳои анъанавӣ функсияҳои зиёдро иҷро мекарданд, низоми мазкурро тақвият бахшиданд.

Аз ин лиҳоз, олимон дар заминаи тақвияти низоми молиявӣ раванди ҷалби сармоя ва дигар равандҳои нави молиявиро дар корҳои илмӣ ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ намудаанд.

Масалан, Коркин, қайд мекунад, ки бозори молиявӣ падидаи аз хусусиятҳои ҳаракати сармояи воқеӣ ҳосилшуда мебошад. Вай таъкид мекунад ки: "худи раванди такрористеҳсоли ҷамъиятии сармоя, аз як тараф, пешниҳоди пули муваққатии озод ва аз тарафи дигар, талаботи бозорӣ ба онро ба вуҷуд меорад [6,9].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки баъзе олимон низоми молиявиро ҳамчун бахши мубодила баррасӣ намуда, қайд менамуданд, ки раванди мазкур дар шароити бозор самаранокии захираҳои молиявиро таъмин менамояд. Яъне ба воситаи сегментҳои алоҳидаи бозори молиявӣ, ҳар яке аз онҳо амалиётҳои махсусро иҷро намуда, дар умум барои рушди муносибатҳои молиявӣ нақши муҳимро иҷро мекарданд.

Олимони дигар Дадашева А. Ва Черника Д. бошанд, ҳангоми муайян кардани мафҳуми бозори молиявӣ қайд карданд, ки онро дар шакли системаи ташкили хоҷагии миллӣ, ки ба муносибатҳои молӣ-пулӣ, шаклҳои гуногуни моликият, озодии иқтисодӣ ва рақобати субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо асос ефтааст, тасаввур кардан мумкин аст [1,5].

Ҳамин тариқ, олимони мухталиф низоми молиявиро ҳамчун институт муаррифӣ намуда, тартиби интиқол ва тақсимоти захираҳои молиявиро аз як иштироккунандаи бозор ба иштироккунандаи дигар баррасӣ мекарданд. Ба ибораи дигар низоми молиявиро ҳамчун ниҳоди махсуси иқтисодӣ, ки захираҳои молиявиро байни тамоми хоҷагиҳо тақсим менамуд, маънидод мекарданд.

Як қатор муҳаққиқони хориҷӣ бошанд, дар соҳаи макроиқтисодиёт ба монанди Э. Ҷ.Долан, К.Д. Кэмпбелл, Р. Ҷ. Кэмпбелл механизми фаъолияти бозори молиявиро дар робита ба бозори пул дар доираи муносибати институтсионалӣ инъикос мекунанд, ки бозори пул шабакаи институтҳоест, ки ҳамкории пешниҳод ва талаботро ба пул таъмин мекунанд [3,45].

Муҳаққиқони рус В. И. Колесников ва В. С. Торкановский бошанд, бозори молиявиро ҳамчун "маҷмӯи ҳамаи захираҳои пулӣ, ки дар ҳаракати доимӣ қарор доранд, яъне тақсимоти нав, таҳти таъсири таносуби тағйиребандаи талабот ва пешниҳод ба ин захираҳо аз ҷониби субъектҳои гуногуни иқтисодиет сурат мегирад [5,72].

Ҳамин тавр, оиди масъалаҳои назариявии ташаккули низоми молиявӣ равиши дигар низ вуҷуд дорад, ки онро аз таълимоти пеш ҷудо мекунад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки ҷанбаҳои дигар ба монанди иҷтимоиву ташкилӣ дар корҳои олимони дигар ҳамчун омили рушди низоми молиявӣ баррасӣ гардидааст. Бояд қайд кард, ки новобаста аз назарияҳои гуногун оиди рушди низоми молиявӣ мақсади ниҳоӣ таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии кишвар ба ҳисоб меравад.

Барои боз ҳам беҳтар ошкор намудани моҳияти иқтисодии низоми молиявӣ гузаронидани таснифоти назариявии бозори молиявӣ зарур меояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи самараноки ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои асосии бозори молиявӣ барои таъмини рушди устувори минбаъдаи он заминаи устувор хоҳад гузошт.

Ҷадвали 2. Таснифи равишҳои назариявии моҳияти бозори молиявӣ

Навъи равиши илмӣ	Маҷмӯи консепсияҳои истифодашаванда ва хусусиятҳои асосӣ
Равиши институтсионалӣ ва неоинститутсионалӣ	Бозори молиявӣ ҳамчун макон, платформа, шабака ва низоми миёнаравони молиявӣ баррасӣ мегардад. Консепсияҳои асосӣ: гардиши пулӣ, ташаккули нарх бо дарназардошти даромаднокӣ ва хавф, арзиши сармоя, самаранокии бозорҳои молиявӣ, асимметрияи иттилоот, муносибатҳои агентӣ, хароҷоти алтернативӣ, паст намудани хароҷоти трансаксионӣ ва консепсияи арбитраж.
Равиши такрористеҳсолӣ (функсионалӣ)	Бозори молиявӣ ҳамчун соҳаи мубодила ва механизми ҷамъоварӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои озоди молиявӣ байни кишварҳо, соҳаҳо ва субъектҳои бозор шарҳ дода мешавад. Консепсияҳои асосӣ: майл ба пасандоз ва

	сармоягузорӣ, ташаккули пасандоз ва андӯхт дар ҳамаи марҳилаҳои такрористеҳсол — истеҳсол, тақсимот, бозтақсимкунӣ, мубодила ва истеъмол, инчунин таносуби байни пасандоз ва андӯхт.
Равиши системавӣ	Бозори молиявӣ ҳамчун низоми сегментҳои ба ҳам алоқаманд ва муттаҳид баррасӣ мегардад. Консепсияҳои асосӣ: бозори молиявӣ ҳамчун низом ё зернизоми низоми сатҳи баландтар, пулҳои молиявӣ, агрегатҳои пулӣ, монетизатсияи иқтисодиёт (амиқии молиявӣ), мултипликатори пулӣ ва дигар нишондиҳандаҳои системавӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [11].

Аз ҷадвал бармеояд, ки ҳар як равиш дар марҳилаҳои гуногун бозори молиявиро вобаста ба шарту махсусияти бозор шарҳ медиҳад. Масалан, равиши институтсионалӣ ба фаъолияти ниҳодҳо такя намуда, бозори молиявиро ҳамчун воситаи миёнаравӣ баррасӣ менамояд. Дар ин модел диққати муҳим ва асоси ба фаъолияти сегментҳои молиявӣ аз қабили ширкатҳои суғуртавӣ, бозори қоғазҳои қимматнок, низоми бонкӣ ва монанди инҳо равона гардидааст. Дар ин равиш инчунин истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва идоракунии самараноки онҳо, хавфҳои молиявию идораи хароҷоти муомилот таҳлил мегардад.

Дар ҷадвал дар баробари равиши институтсионалӣ инчунин равиши функсионалӣ омадааст, ки ин равиш бозори молиявиро воситаи ҷамъоварӣ ва тақсим намудани захираҳои молиявӣ таҳлил ва шарҳ менамояд. Равиши мазкур дар доираи фаъолият захираҳои молиявиро аз ҷумла пасандозро ба сармоягузорӣ табдил дода, ба масъалаҳо таъмини рушди устувор ва муносибатҳои истеҳсолӣ аҳаммияти калон медиҳад. Дар ин равиш инчунин таъсири мутақобилаи бозори молиявӣ ба ҳамаи равандҳои рушди иқтисодӣ аз қабили истеҳсолоту тақсимот ва мубодилаву истеъмолот мушоҳида мегардад.

Бояд қайд кард, ки равиши системавӣ дар баробари ҳар ду равиши зикргардида бозори молиявиро як низоми басо мураккаб арзёбӣ менамояд. Албатта, бозори молиявӣ аз сегментҳои зиёд иборат мебошад ва онҳо ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки идоракунии сегментҳои бозори молиявӣ аз қабили сатҳи монетизатсияи фаъолияти хоҷагидорӣ ё ин ки ҳаҷми пул, ки метавонанд ба рушди иқтисодиёт таъсир расонанд. Бинобар ин, дар ин равиш таҳлил ва омузиши самаранокии бозори молиявӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тавр, равишҳои дар ҷадвал овардашуда барои таҳлили ҷанбаҳои гуногуни бозори молиявӣ тамоми имкониятҳои институтсионаливу такрористеҳсолӣ фароҳам хоҳад овард. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки равиши институтсионалӣ маҳз ба нақши ташкилотҳои молиявӣ аҳаммият медиҳад ва равиши такрористеҳсолӣ ба азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ ва равиши низомӣ бошад, бозори молиявиро ҳамчун системаи мураккаб арзёбӣ менамоянд. Таҳлил ва омузиши ин равишҳо ва инчунин истифодаи ҳамоҳанги онҳо барои аниқ ошкор намудани моҳияти иқтисодии бозори молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ дар асоси ақидаҳои мухталифи олимон метавон гуфт, ки масъалаҳои назариявии бозори молиявӣ яке аз самтҳои муҳими низоми иқтисодӣ ба шумор рафта, ба воситаи ин бозор тақсими самараноки захираҳои молиявӣ сурат мегирад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ташаккулёбӣ ва рушди бозори молиявӣ аз омилҳои зиёд вобастагии калон дорад. Дар ин ҷо сухан дар бораи танзими давлативу сатҳи истифодабарии имкониятҳои институтсионалӣ ва инчунин сатҳи эътимоди иштирокчиёни бозор ва монанди инҳо меравад. Инчунин бояд қайд кард, ки дар шароити муосир бозори молиявӣ метавонад ба омили муҳими ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ табдил гашта, барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаи устувори молиявӣ гузорад.

Барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар инчунин такмили масъалаҳои назариявии бозори молиявӣ аз нуқтаи назари таъмини бехатарии молиявӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Дар шароити муосири Тоҷикистон бозори мазкур барои рушди соҳибкории хурду миёна, ташаккул ва рушди низоми бонкӣ ва умуман барои баланд бардоштани сатҳи накуаҳолии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар баробари ин, рушди бозори молиявӣ дар шароити маҳдуд будани инфрасохтори молиявӣ, суст тараққӣ кардани бозори қоғазҳои қимматнок ва паст будани сатҳи эътимоднокии иштирокчиёни бозор зарурияти такмили механизмҳои бозори молиявиро тақозо менамояд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, масъалаҳои назариявии бозори молиявӣ дар корҳои илмии олимони мухталиф миқёси васеъи илмиву таҷрибавиро дар бар гирифта, дар он муаммоҳои институтсионалӣ, функсионалӣ ва иқтисодӣ ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аксари олимон бозори молиявиро ҳамчун механизми рушди муносибатҳои истеҳсоливу молиявӣ, ҷалби сармоя ва пеш аз ҳама механизми тақсимкунии захираҳои молиявӣ маънидод кардаанд. Инчунин аз ақидаҳои илмӣ бармеояд, ки ҳамаи омилҳои рушди бозори молиявӣ ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, фақат истифодаи самараноки онҳо натиҷаи сенергетикиро таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили масъалаҳои назариявии бозори молиявӣ дар шароити муосир ва омузиши ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ басо муҳим арзёбӣ гашта, дар маҷмуъ барои таъмини устуворнокии иқтисодиёти миллӣ заминаи муҳим фароҳам хоҳад овард.

Адабиёт

1. Дадашев А.З. , Черник Д.Г. Финансовая система России. М.:ИНФРА,1997,с.5.
2. Даймонд Дуглас Д., Дибвиг Филип Ф. Bank Runs, Deposit Insurance, and Liquidity // Journal of Political Economy. – 1983. – Vol. 91. – P. 401–419
3. Долан Э.Дж., Кэмпбелл К.Д., Кэмпбелл Р.Дж. Деньги, банковское дело и денежно кредитная политика.- М.: Профико,1991.-448с., с.45.

4. Кинг Роберт Р., Левин Росс Р. Finance and Growth: Schumpeter Might Be Right // Quarterly Journal of Economics. – 1993. – Vol. 108. – P. 717–737
5. Колесникова В.И. Ценные бумаги: Учебник // Под ред. Колесникова В.И. Торкановского В.С.- М.:Финансы и статистика,2000.-448с., с. 72
6. Коркин В.М. Ссудный рынок России.- М.:Экзамен,2001.-320с., с.9
7. Левин Росс Р. Financial Development and Economic Growth: Views and Agenda // Journal of Economic Literature. – 1997. – №35. – С. 688–726
8. Масгрейв Ричард. Теория общественных финансов. – М.: Прогресс, 2009. – 528 с
9. Мишкин Фредерик. Экономика денег, банковского дела и финансовых рынков. – М.: Вильямс, 2018. – 944 с
10. Самуэльсон Пол П.А., Нордхаус В.Д. Экономика. – М.: Вильямс, 2015. – 1360 с
11. Шарипов Б.М. Теоретико-методологические аспекты формирования и развития финансового рынка в переходной экономике (на примере Республики Таджикистан). дисс...д.э.н. по специальности 08.00.01.Душанбе 2019. С. 28
12. Шумпетер Йозеф Й.А. Теория экономического развития. – М.: Прогресс, 2007. – 401 с

УДК 911.3: 331.5 (575.3)

АҲОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

Расулзода Зиёда Расул

унвонҷӯи кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи факултети геоэкология ва туризми МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров". Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд маҳаллаи 27 хонаи 8, хуҷраи 17. e-mail: dgufranov@mail.ru, тел: 92 799-79-21

Дар ин мақола масъалаи нақш ва аҳамияти аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии рушди фаъолияти истеҳсолӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Вилояти Суғд аз ҷиҳати демографӣ яке аз минтақаҳои сераҳолии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дорои захираҳои назарраси меҳнатӣ мебошад, ки онҳо дар рушди соҳаҳои саноат, истеҳсолот ва хизматрасонӣ нақши муҳим мебозанд. Дар раванди таҳқиқот тағйирот дар сохтори синнусолӣ ва касбии аҳолӣ, сатҳи шуғл, инчунин тақсимоти ҳудудии қувваи корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таҳлил карда шудааст. Ба таври махсус масъалаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии аҳолии қобили меҳнат ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти минтақавӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки ҳамоҳангсозии сиёсати шуғл, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ метавонад ба афзоиши самаранокии истеҳсолот ва рушди устувори иқтисодӣ дар вилояти Суғд мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, шуғл, сармояи инсонӣ, истеҳсолот, рушди иқтисодӣ.

НАСЕЛЕНИЕ И ТРУДОВЫЕ РЕСУРСЫ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

Расулзода Зиёда Расул

соискатель кафедры кафедра экономической географии и демографии факультета геоэкологии и туризма, ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова». Адрес: Республика Таджикистан, город Худжанд, микрорайон 27. дом 8. квартира №17. e-mail: dgufranov@mail.ru, тел: 92 799-79-21

В данной статье рассматривается роль населения и трудовых ресурсов как одного из важнейших факторов развития производственной деятельности в Согдийской области. Регион отличается высокой плотностью населения и значительным трудовым потенциалом, который оказывает прямое влияние на развитие промышленности, сельского хозяйства и сферы услуг. В ходе исследования проанализированы демографическая структура населения, возрастно-половая и профессиональная характеристика трудовых ресурсов, уровень занятости, а также территориальные особенности распределения рабочей силы по районам области. Особое внимание уделено вопросам рационального использования трудового потенциала и повышения квалификации экономически активного населения. Результаты исследования свидетельствуют о том, что эффективная региональная политика занятости, развитие производственной инфраструктуры и повышение качества человеческого капитала являются ключевыми условиями устойчивого экономического роста и повышения конкурентоспособности Согдийской области.

Ключевые слова: население, трудовые ресурсы, занятость, человеческий капитал, производство, экономическое развитие.

POPULATION AND LABOUR RESOURCES AS AN IMPORTANT FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ACTIVITY IN SUGHD REGION

Rasulzoda Ziyoda Rasul

Applicant, Department of Economic Geography and Demography Faculty of Geoecology and Tourism, Kharkiv State University named after Academician B. Gafurov. Address: Republic of Tajikistan, Khujand, Microdistrict 27, Building 8, Apt. 17. Email: dgufranov@mail.ru, Tel.: 92 799-79-21

This article examines the role of population and labor resources as one of the key factors influencing the development of industrial activity in the Sughd region. The region is characterized by a relatively high population density and a significant labor potential, which plays an essential role in the development of industry, agriculture, and the service sector. The study analyzes demographic structure, age and gender composition, professional characteristics of the workforce, employment levels, and territorial distribution of labor resources across different districts of the region. Special attention is given to the efficient utilization of labor potential and the improvement of qualification levels of the economically active population. The findings suggest that effective employment policy, development of production infrastructure, and enhancement of human capital quality are crucial prerequisites for sustainable economic growth and increasing the competitiveness of the Sughd region.

Keywords: population, labor resources, employment, human capital, production, economic development.

Муқаддима. Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои сераҳолии ҷумҳурӣ буда ба шумор рафта вабаста ба шумораи аҳоилӣ ба д аз ноҳияҳои тобеи марказ ва вилояти Хатлон меистад дар ин минтақа 29,2% аҳолии Тоҷикистон умр ба сар мебаранд.

Методология. Мувофиқи баруйхатгирии аҳолӣ дар соли 1989 1558100 нафар, соли 1997-ум 1845000 нафарро ташкил медод [5, С.61]. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 бошад тибқи маълумотҳои омор ба 2 966 100 нафар баробар гардид [2, С.18]. Аз чиҳати шумораи аҳолӣ байни шаҳру ноҳияҳои вилоят тафовути зиёд ҷой дорад.


Ҷадвали 1. Шумораи аҳолии доимӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои маъмурии вилояти Суғд (ҳазор нафар)

Номи шаҳр ё ноҳия	Масоҳати умумӣ, ҳазор км^2	Солҳо		
		2010	2020	2024
ш.Хуҷанд	0,0	163,4	196,8	206,5
ш. Исфара	0,8	212,8	282,0	293,3
ш.Конибодом	0,8	170,9	218,0	225,6
ш. Панҷакент	3,7	223,0	307,5	333,1
ш. Истиқлол	0,0	12,3	18,3	19,3
ш. Истаравшан	0,7	203,9	283,3	305,6
ш. Гулистон	0,0	37,1	49,8	51,4
ш. Бӯстон	0,0	24,5	37,1	40,3
н. Айнӣ	5,2	69,2	90,2	95,2
н. Ашт	2,8	122,9	173,5	184,9
н. Деваштич	1,6	124,8	178,9	194,2
н. Зафаробод	0,4	55,1	75,9	82,9
н.Б. Ғафуров	2,7	286,1	383,4	406,4
н.Ҷ. Расулов	0,3	103,8	142,0	151,4
н.Кӯҳистони Масчоҳ	3,7	19,4	24,0	25,6
н.Масчоҳ	1,0	92,5	129,7	141,6
н.Спитамен	0,4	105,1	147,3	158,2
н.Шаҳристон	1,1	30,9	45,1	50,0

Манбаъ: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. Душанбе 2025. С-18.

Натиҷаҳо. Мувофиқи маълумотҳои омори аҳолии вилояти Суғд дар солҳои 1989-2000 бештар аз 18% афзуд, ки ин ба ҳисоби миёнаи солона 1,6%-ро ташкил медиҳад [1, С.289]. Зиёд шудани миқдори аҳолӣ пеш аз ҳама ба афзоиши табиии аҳолӣ алоқаманд аст. Ҳоло аҳолии минтақа зиёда аз 2 966 100 нафарро ташкил медиҳад [2, С.18].

Диаграмаи 1. Ҷойгиршавии аҳоли дар минтақаҳои ноҳияҳои иқтисодии Суғд дар соли 2025



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. ***Душанбе 2025. С-18.***

Таҳлили нишондиҳандаҳои диаграммаи «Ҷойгиршавии аҳолӣ дар минтақаҳои вилояти Суғд дар соли 2025» нишон медиҳад, ки аҳолӣ дар ҳудуди минтақаҳои мазкур ба таври нобаробар ҷойгир шудааст. Саҳми бештарини аҳолӣ ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров рост меояд, ки 16 фоизи шумораи умумии аҳолии вилоятро ташкил медиҳад. Ин ҳолат ба мавқеи мусоиди иқтисодию географӣ, рушди нисбатан хуби соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва мавҷудияти инфрасохтори иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Дар ҷойи дуюм шаҳри Панҷакент қарор дошта, ҳиссаи он 13 фоизро ташкил менамояд. Мавқеи мазкур ба захираҳои табиӣ, имкониятҳои сайёҳӣ, инчунин рушди фаъолияти кишоварзӣ ва хизматрасонӣ алоқаманд мебошад. Шаҳри Истаравшан бо 12 фоиз ва шаҳри Исфара бо 11 фоиз аз минтақаҳои нисбатан сераҳолии вилоят

ба ҳисоб мераванд. Дар ин минтақаҳо омилҳои таърихӣ, рушди ҳунармандӣ, фаъолияти саноатӣ ва робитаҳои иқтисодӣ дар афзоиши аҳолӣ нақши муҳим доранд.

Шаҳри Конибодом 9 фоиз ва шаҳри Хуҷанд 8 фоизи аҳолиро дар бар мегиранд. Гарчанде шаҳри Хуҷанд маркази маъмурию иқтисодии вилоят мебошад, ҳиссаи аҳолии он нисбат ба баъзе ноҳияҳо камтар нишон дода шудааст, ки ин метавонад ба маҳдудияти ҳудудӣ ва зичии баланди аҳолӣ вобаста бошад. Ноҳияҳои Ашт ва Деваштич ҳар кадом 7 фоиз, ноҳияи Ҷаббор Расулов 6 фоиз ва ноҳияи Айнӣ 4 фоизро ташкил медиҳанд. Дар ин ноҳияҳо бештар омилҳои табиӣ хусусан иқлим ва хусусиятҳои релеф ба ҷойгиршавии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Ҳиссаи камтарини аҳолӣ ба ноҳия ва шаҳрҳои хурд рост меояд. Аз ҷумла, ноҳияи Зафаробод 3 фоиз, шаҳри Гулистон 2 фоиз ва шаҳрҳои Бӯстону Истиқлол ҳар кадом 1 фоизро ташкил медиҳанд. Сабаби асосии кам будани аҳолӣ дар ин минтақаҳо ба хусусиятҳои табиӣ, маҳдудияти захираҳои обӣ, сатҳи пасти имкониятҳои иқтисодӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҷойгиршавии аҳолӣ дар вилояти Суғд таҳти таъсири омилҳои иқтисодӣ, табиӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Минтақаҳое, ки дорои шароити мусоиди иқтисодӣ, заминҳои обёришаванда, марказҳои саноатӣ ва шабакаҳои нақлиётӣ мебошанд, аҳолии бештарро мутамарказ гардидааст. Баръакс, ноҳияҳои дорои шароити кӯҳистон ё имкониятҳои маҳдуди иқтисодӣ бо шумораи нисбатан ками аҳолӣ фарқ карда мешавад.

Тоҷикистон, мисли бисёр давлатҳои рӯ ба тараққии ҷаҳон, бо афзоиши нисбатан баланди табиии аҳолӣ фарқ мекунад. Ин хусусият ба вилояти Суғд низ хос буда, аммо нисбат ба ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ дар ин минтақа то андозае пасттар мебошад. Агар дар солҳои 1970 афзоиши табиии аҳолӣ ба ҳар 1000 нафар 30,4 нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар солҳои 1980 то ба 27,4 нафар коҳиш ёфт. Дар давраи солҳои 1991–2000 бошад афзоиши табиӣ аз 27,7 то 19,2 нафарро баробар гардид. Дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 17,4 нафар баробар гардидааст, ки нисбати солҳои 1980 10 нафар камтар мебошад сабаби кам гардидани афзоиши табиии аҳолӣ ин гузаштани минтақа ба иқтисодӣ бозорӣ мебошад. Чи гунае мо медонем дар ҳолати тараққиёти баланд ҳар як кишвар шумораи афзоиши табиии он коҳиш меёбад ва ин пратсиес дар вилоят низ ба чашм мерасад. Дар ин радиф мо агар назар афканем ба давлатҳои тараққикарда ё гузариш ба иқтисодӣ бозори хусусан давлатҳои аврупои маълум мегардад, ки онҳо аз оилаҳои серфарзанд ба оилаҳои камфарзанд гузаштаанд, ин ҳама дар ҳолати тараққиёти кишварҳояшон ба назар мерасид.

Дар сатҳи ноҳияҳои вилоят аҳолии шаҳрӣ ва деҳот тафовути муайян мушоҳида карда мешавад. Сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Истаравшан, Панҷакент ва Айнӣ нисбат ба ноҳияҳои Ашт, Исфара ва Конибодом баландтар ба назар мерасад. Дар баробари ин, дар шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон ва Бӯстон нисбат ба минтақаҳои деҳотии вилоят афзоиши табиии аҳолӣ пасттар мебошад. Сабаби паст гардидани афзоиши табиӣ дар шаҳрҳо ва базъ ноҳияҳои маъмурӣ ин ба типи шаҳри мубадал гардидани онҳо мебошад ва дар оилаҳое, ки дар шаҳр зиндаги карда мешавад барои онҳо қувваи кори нисбатан камтар лозим меояд ва дар деҳот бошад қувваи кори нисбатан зиёдтар лозим меояд.

Ба шумораи аҳолӣ, суръати афзоиши он, таркиби миллӣ ва ҷойгиршавии аҳолии вилояти Суғд дар давраҳои гуногун омилҳои сиёсӣ ва таърихӣ таъсири ҷиддӣ расонидаанд. Аз ҷумла, сиёсати давраи ҳокимияти Шуравӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар тағйирёбии вазъи демографӣ нақши муҳим доштаанд. Ҳамчунин, ба миқдор ва ҷойгиршавии аҳолӣ муҳоҷирати аҳолӣ низ таъсири назаррас мерасонад. Ин раванд, ки ҳамчун ҳаракати механикии аҳолӣ маъруф аст, дар тағйирёбии сохтор ва ҷойгиршавии аҳолии минтақа аҳамияти калон дорад.

Ҷадвали 2. Коэфитсенти тавалуд, фавт ва афзоиши табиӣ дар вилояти Суғд

Солҳо	Коэфитсенти умумии таваллуд	Коэфитсенти умумии фавт	Афзоиши табиии аҳолӣ
2010	29,1	5,0	24,1
2020	23,2	5,2	17,9
2024	21,1	3,7	17,4

Манбаъ: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. Душанбе 2025. С-40-44-53.

Азхудкунии даштҳои Мирзочӯли тоҷик, Дилварзин, Ашти Калон, Қизилӣ, бунёд кардани шаҳрҳои Бӯстон, Истиқлол, Шӯроб, Гулистон, ба вуҷуд омадани ноҳияҳои нави Мастчоҳ, Зафаробод, аз нав барқарор шудани ноҳияи Мастчоҳи Кӯҳӣ боиси зиёд шудани ҳаракати механикии аҳолии минтақа гардид.

Вале дар солҳои 90-ум аз ҳудуди минтақа рафтани аҳолӣ зиёд гардид, ки ин ба афзоиши миқдори аҳолӣ таъсири манфӣ кардааст. Дар ҳамаи ноҳияҳо ва шаҳру шаҳракҳои минтақа назар ба миқдори омадагон миқдори рафтагон зиёд аст.

Вилоят аз қадим маскуншудаи тоҷикон мебошад. Вале минбаъд дар натиҷаи ба ин ҷо омадани халқҳои дигар ҳайати миллии аҳолӣ мураккаб гардида, ба минтақаи бисёр миллат табдил ёфт. Бахусус солҳои ҳокимияти Шуравӣ ва ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳайати миллии аҳолӣ таъсири калон расонид.

Маълум аст, ки дар ибтидои солҳои 90-ум дар қаламрави ҷумҳурӣ намояндагони қариб 90 миллат зиндагонӣ мекарданд. Ҳоло дар қатори тоҷикон, ӯзбекон, русҳо, қирғиз, яҳудиён ва ғайраҳо аҳлона зиндагонӣ ва меҳнат зиндагони намуда истодаанд.

Дар натиҷаи ҳодисаҳои солҳои 1991-1997-ум аз ҳудуди ҷумҳурӣ як миқдор аҳолӣ, махсусан аҳолии баромади аврупоӣ дошта (русҳо, немисҳо, украину белорусҳо, тотору бошқирдҳо ва ғайра) рафтанд. Қисме аз

аҳолии маҳаллӣ тоҷику ӯзбекон, қирғизон низ ба давлатҳои ҳамсоя фирор карданд. Дар натиҷа ба дараҷае ҳоло ҳайати миллати аҳолӣ тағйир ёфтааст.

Сарқонуни ҷумҳурӣ ҳуқуқ ва озодии ҳар як шаҳрвандро муҳофизат намуда, бо баробари забони давлатӣ эълон карда шудани забони тоҷикӣ озодона истифода бурдани забони модариро ба ҳамаи миллат ва халқиятҳои дар қаламравӣ ҷумҳурӣ истиқоматкунанда кафолат додааст.

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ҳайати иҷтимоии аҳолӣ ба куллӣ тағйир ёфта, сохтори ҳозираро гирифт. Ҳоло аксари аҳолӣ аз коргарон, деҳқонон ва зиёиён иборат мебошад. Дар нимаи аввали солҳои 90- ум миқдори коргарон ва зиёиёни дар хоҷагии халқ коркунанда як андоза кам шуда, миқдори дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ машғул будагон афзуд, корчаллонҳо, соҳибони ҳаргуна корхонаву муассисаҳо, соҳибкорон ба вуҷуд омаданд. Аз ҷиҳати зиччии миёнаи аҳолӣ вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷои дуюмро ишғол мекунад. Зиччии миёнаи аҳолӣ дар 1 км^2 117,7 нафарро ташкил медиҳад[2, С.3]. Ба нобаробар ҷойгир шудани аҳолӣ омилҳои табиӣ, иқтисодӣ ва таърихӣ бештар таъсир расонидааст. Масалан, водии Фарғона 52 фоизи қаламрави минтақаро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 85 % аҳолии вилоят ҷойгир шудааст.

Асосан аҳоли дар қисми шимолии минтақа зич ҷойгир шудааст. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки шароитҳои табиӣ ва таърихии шимоли минтақа (бартарии релефи ҳамвор, бой будани сарватҳои табиӣ, қулай будани мавқеи иқтисодӣ-географӣ, барвақт сар шудани азхудкунии қаламрав ва тараққиёти хоҷагӣ ва ғайра) барои тараққӣ додани хоҷагии халқ бештар мусоид мебошад.

Дар ҳолати гузаронидани тадқиқотҳо дар ҳудуди ноҳия маълум гардид, ки зичии миёнаи аҳолӣ дар соҳили чапи дарёи Сир (дар минтақаҳои Исфара, Конибодом, Спитамен, Ҷ. Расулов ва Хуҷанд,) назар ба соҳили рост 5 маротиба зиёд аст. Агар зичии аҳолӣ дар ноҳияҳои Ҷ. Расулов, Исфара ва Спитамен дар 1 км^2 360-460 нафар бошад, пас дар ноҳияи Айнӣ ва Кӯҳистони Масчоҳ зиччии миёнаи аҳолӣ дар 1 км^2 ҳамагӣ 17,9-6,7 нафарро ташкил медиҳаду халос [2, С.26].

Ҷадвали 3. Нишондиҳандаҳои зиччии миёнаи аҳолӣ дар ноҳияҳои маъмурии вилояти Суғд (ба 1 км2, нафар)

Номи шаҳр ё ноҳия	Масоҳати умумӣ, ҳазор км^2	Солҳо		
		2010	2020	2024
ш. Исфара	0,8	290,1	347,5	360,4
ш.Конибодом	0,8	227,6	267,0	287,6
ш. Панҷакент	3,7	66,8	83,5	86,4
ш. Истиқлол	0,0	292,0	360,0	290,1
ш. Истаравшан	0,7	319,7	397,8	430,2
н. Айнӣ	5,2	13,8	16,3	17,9
н. Ашт	2,8	48,7	61,1	64,8
н. Деваштич	1,6	87,2	110,8	118,6
н. Зафаробод	0,4	152,3	193,8	201,0
н.Б. Ғафуров	2,7	117,8	143,0	148,9
н.Ҷ. Расулов	0,3	379,7	466,9	498,0
н.Кӯҳистони Масчоҳ	3,7	5,7	7,0	6,7
н.Масчоҳ	1,0	102,0	131,3	136,2
н.Спитамен	0,4	292,0	360,0	290,1
н.Шаҳристон	1,1	31,6	40,7	43,8

Манбаъ: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. Душанбе 2025. С-25-26.

Дар қаламрави вилояти Суғд қисми асосии аҳолӣ дар маҳалҳои деҳот сукунат дорад ва ҳиссаи аҳолии деҳот ба 76,4 фоиз баробар мебошад [2, С.32]. Ин ҳолат аз хусусияти аграрии минтақа, рушди анъанавии кишоварзӣ ва мавҷудияти шумораи зиёди маҳалҳои аҳолинишини деҳотӣ шаҳодат медиҳад. Дар давраи ҳокимияти Шуравӣ, махсусан дар заминаи рушди босуръати соҳаи саноат, шумораи аҳолии шаҳрӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар солҳои 1926–1990 шумораи сокинони шаҳрҳо 7,4 маротиба зиёд гардид [5, С.61].

Ҷадвали 4. Таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар вилояти Суғд

Номи шаҳр ё ноҳия	Солҳо			
	2020		2024	
	Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо, бо ҳисоби фоиз	Ҳиссаи аҳолии деҳот, бо ҳисоби фоиз	Ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо, бо ҳисоби фоиз	Ҳиссаи аҳолии деҳот, бо ҳисоби фоиз
ш.Хуҷанд	100		100	
ш. Исфара	22,1	77,9	22,5	77,5
ш.Конибодом	24,7	75,3	24,6	75,4
ш. Панҷакент	14,2	85,8	14,0	86,0
ш. Истиқлол	100		100	

ш. Истаравшан	23,9	76,1	22,4	77,6
ш. Гулистон	100		100	
ш. Бӯстон	100		100	
н. Айнӣ	2,9	97,1	3,2	96,8
н. Ашт	10,9	89,1	9,6	90,4
н. Деваштич	10,4	89,6	8,1	91,9
н. Зафаробод	58,5	41,5	54,2	45,8
н.Б. Ғафуров	5,4	94,6	5,2	94,8
н.Ҷ. Расулов	12,1	87,9	11,6	88,4
н.Кӯҳистони Масчоҳ		100		100
н.Масчоҳ	16,8	83,2	15,4	84,6
н.Спитамен	13,2	86,8	13,8	86,2
н.Шаҳристон		100		100

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. Душанбе 2025. С-32-33.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал оид ба ҳиссаи аҳолии шаҳрӣ ва деҳотии вилояти Суғд дар солҳои 2020–2024 нишон медиҳад, ки дар сохтори ҷойгиршавии аҳолӣ мавқеи аҳолии деҳотӣ бартарӣ дорад. Ин ҳолат хусусияти аграрию деҳотии минтақа ва нақши муҳими кишоварзиро дар иқтисодиёти ноҳия инъикос менамояд. Дар аксари шаҳру ноҳияҳо ҳиссаи аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрӣ зиёд буда, ин раванд дар солҳои охир низ нигоҳ дошта шудааст.

Дар байни шаҳрҳои минтақа шаҳрҳои Хуҷанд, Истиқлол, Гулистон ва Бӯстон пурра ба аҳолии шаҳрӣ мансуб мебошанд. Ин ҳолат ба мақоми маъмурӣ, хусусияти саноатӣ ва мавҷудияти инфрасохтори шаҳрӣ вобастагӣ дорад. Шаҳри Хуҷанд ҳамчун маркази асосии иқтисодию маъмурии вилояти Суғд дорои дараҷаи баланди урбанизатсия буда, тамоми аҳолии он дар муҳити шаҳрӣ зиндагӣ мекунад.

Дар шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Панҷакент ва Истаравшан ҳиссаи аҳолии деҳотӣ бартарӣ дорад. Масалан, дар шаҳри Панҷакент дар соли 2024 аҳолии деҳот 86 фоизро ташкил намудааст. Ин нишондиҳанда аз нақши калони кишоварзӣ ва мавҷудияти маҳалҳои зиёди деҳотӣ дар таркиби маъмурии шаҳр шаҳодат медиҳад. Дар шаҳри Истаравшан низ ҳиссаи аҳолии деҳот аз 76,1 фоизи соли 2020 то ба 77,6 фоиз дар соли 2024 афзоиш ёфтааст.

Дар ноҳияҳои кӯҳистонӣ, аз ҷумла Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон, тамоми аҳолӣ дар деҳот ҷойгир мебошад. Сабаби асосии чунин вазъият хусусияти релеф, маҳдуд будани марказҳои шаҳрӣ ва афзалияти фаъолияти кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар ноҳияи Айнӣ низ ҳиссаи аҳолии деҳотӣ хеле баланд буда, дар соли 2024 ба 96,8 фоиз расидааст.

Дар ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Ҷаббор Расулов ва Мастчоҳ низ аҳолии деҳотӣ бартарӣ дорад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Деваштич ҳиссаи аҳолии деҳот аз 89,6 фоизи соли 2020 то ба 91,9 фоиз дар соли 2024 зиёд гардидааст. Ин раванд нишон медиҳад, ки муҳоҷирати аҳолӣ ба шаҳрҳо нисбатан маҳдуд буда, қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот боқӣ мондааст.

Ноҳияи Зафаробод нисбат ба дигар ноҳияҳо хусусияти фарқкунанда дорад. Дар соли 2020 ҳиссаи аҳолии шаҳрӣ дар ин ноҳия 58,5 фоизро ташкил дода, дар соли 2024 то ба 54,2 фоиз коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди паст гардидани нишондиҳанда, Зафаробод яке аз ноҳияҳои нисбатан урбанизатсияшудаи минтақа ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат ба рушди инфрасохтор, мавҷудияти шаҳракҳои аҳолинишин ва фаъолияти истеҳсолӣ вобастагӣ дорад.

Дар вилояти Суғд дар солҳои 2020–2024 аҳолии деҳотӣ мавқеи асосиро нигоҳ доштааст. Дар баробари ин, дараҷаи урбанизатсия дар байни шаҳру ноҳияҳо фарқияти ҷиддӣ дорад. Ин фарқиятҳо пеш аз ҳама ба шароити табиӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ ва хусусиятҳои таърихию иҷтимоии минтақа вобаста мебошанд.

То солҳои 1970 афзоиши аҳолии шаҳрӣ бештар ба ҳисоби муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо ва инчунин кӯчидани аҳолӣ аз дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ таъмин мешуд. Дар натиҷа сатҳи урбанизатсия дар минтақа тадриҷан боло рафта, аз 24,9 фоизи соли 1926 то ба 37,8 фоиз дар соли 1970 расид [5, С.63]. Минбаъд бошад, таҳти таъсири фарқияти сатҳи таваллуд байни аҳолии шаҳр ва деҳот, инчунин коҳиш ёфтани муҳоҷирати дохилӣ аз деҳот ба шаҳрҳо, ҳиссаи аҳолии шаҳрӣ оҳиста-оҳиста кам гардид. Ба ин раванд муҳоҷирати аҳолии ғайритаҳҷоӣ низ таъсири муайян расонд, зеро қисми зиёди онҳо дар шаҳрҳо ва шаҳракҳои саноатӣ зиндагӣ мекарданд.

Дараҷаи урбанизатсия дар байни ноҳияҳои минтақа яксон нест ва фарқияти назаррас дорад. Масалан, дар ноҳияҳои Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ аҳолии шаҳрӣ вуҷуд надошта, тамоми аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад. Баръакс, дар ноҳияи Зафаробод зиёда аз нисфи аҳолӣ, яъне 54,1 фоиз, дар маҳалҳои шаҳрӣ иқомат менамоянд. Ин ҳолат пеш аз ҳама ба хусусиятҳои иқтисодӣ, ҷойгиршавии корхонаҳои истеҳсолӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста мебошад.

Дар ҳудуди вилояти Суғд дар баробари шаҳрҳои қадимаи Хуҷанд, Панҷакент, Конибодом ва Исфара, дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ як қатор шаҳрҳо ва шаҳракҳои нав низ ташаккул ёфтанд. Аз ҷумла, шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон, Табошар, инчунин шаҳрҳои тобеи ноҳиявии Ғафуров ва беш аз бист шаҳраки коргарнишин бунёд гардиданд. Ин раванд ба рушди саноат, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ташаккули марказҳои нави истеҳсолӣ

алоқаманд буд. Дар натиҷа, шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои деҳот тадриҷан ободу зебо гардида, дар марказҳои ноҳияҳо биноҳои маъмурӣ, ҷамъиятӣ ва истиқоматии бисёрошёна сохта шуданд.

Захираҳои меҳнатӣ қисми қобили меҳнати аҳолиро дар бар гирифта, асоси неруи истеҳсолии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ ҳаҷми захираҳои меҳнатӣ низ меафзояд. Аммо дар давлатҳое, ки сатҳи афзоиши табиии аҳолӣ баланд аст, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар таркиби умумии аҳолӣ нисбатан камтар мебошад. Сабаби асосии ин ҳолат зиёд будани ҳиссаи кӯдакон ва наврасони то синни меҳнатӣ мебошад.

Дар вилояти Суғд шумораи аҳолии машғули фаъолияти меҳнатӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Агар соли 1970 дар хоҷагии халқ зиёда аз 170,3 ҳазор нафар фаъолият дошта бошанд, пас то соли 2015 шумораи онҳо аз 402 ҳазор нафар бештар гардид. Ин нишондиҳанда дар соли 2024 бошад ба 450,4 ҳазор баробар гардид. Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир бинобар норасоии ашёи хом, маҳдудияти сармоягузорӣ ва пурра фаъолият накардани қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ, масъалаи бекорӣ дар минтақа шиддат гирифтааст. Дар натиҷа қисми муайяни захираҳои меҳнатӣ пурра истифода намешаванд.

Ҷадвали 5. - Шумораи миёнаи кормандони кироя ва музди миёнаи ҳамаи намуди меҳнат (коргарон ҳазор нафар ва музди меҳнат бо сомонӣ)

Номи шаҳр ё ноҳия	Коргарон ва хизматчиён	Нафақахўрон	Коргарон ва хизматчиён	Нафақахўрон
	2020		2024	
ш.Хуҷанд	38,4	1530,56	43,5	2438,53
ш. Исфара	32,1	1029,03	32,8	1842,60
ш.Конибодом	23,7	973,70	21,8	1764,01
ш. Панҷакент	50,4	1630,14	52,7	2727,02
ш. Истиқлол	1,4	1066,74	1,3	1681,00
ш. Истаравшан	47,9	1153,37	50,7	1979,81
ш. Гулистон	12,1	2075,49	10,3	3057,39
ш. Бўстон	6,4	1125,27	6,8	2034,12
н. Айнӣ	18,9	1576,68	21,1	3648,02
н. Ашт	16,9	859,95	17,4	1544,33
н. Деваштич	30,8	816,99	31,8	1558,28
н. Зафаробод	16,3	864,91	17,3	1476,60
н.Б. Ғафуров	32,1	1013,50	35,0	1918,21
н.Ҷ. Расулов	24,1	1005,09	25,3	1728,01
н.Кӯҳистони Масчоҳ	9,2	847,64	9,4	1466,65
н.Масчоҳ	36,9	852,00	37,6	2727,02
н.Спитамен	27,1	994,91	27,5	1809,31
н.Шаҳристон	7,4	838,04	8,1	1484,91

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 34 солагии истиқлолияти давлатӣ. Душанбе 2025. С-70-71-74-75.

Муҳокима. Дар айни замон қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои кишоварзӣ, савдо, маориф, илм, тандурустӣ ва саноат фаъолият менамоянд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки иқтисодиёти вилояти Суғд то ҳол хусусияти аграрӣ-хизматрасонӣ дошта, нақши соҳаҳои иҷтимоӣ ва кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ назаррас мебошад.

Дар ин самт муҳаққиқи тоҷик Д. Ғуфронов чунин таъкид менамояд: «Яке аз самтхои рушд ва ҷойгиркунонии саноати сабук ва хурокворӣ ин захираҳои меҳнати мебошад, дар вилоят шумораи кофии захираҳои меҳнати дида мешавад, ки афзоиши солонаи он дар солҳои 2015 ба 2,7% баробар буд» [3, С.146] Чигунае мо медонем вилояти Суғд аз минтақаҳои сернуфуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дорои захираҳои меҳнатии зиёде мебошад. Афзоиши аҳолӣ, махсусан дар маҳалҳои деҳот, боиси мунтазам зиёд гардидани шумораи аҳолии қобили меҳнат мегардад. Қисми асосии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва хизматрасонӣ фаъолият менамоянд. Бо вуҷуди ин, сатҳи истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар ҳамаи ноҳияҳо яксон нест. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо норасоии ҷойҳои корӣ ва фаъолияти нопурраи корхонаҳои истеҳсолӣ боиси пурра истифода нагардидани қувваи корӣ мегардад.

Дар вилояти Суғд масъалаи шуғли аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Қисми зиёди аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва бахши хизматрасонӣ машғули кор мебошанд. Дар баробари ин, дар

солҳои охир таъсири омилҳои иқтисодӣ, маҳдуд гардидани фаъолияти баъзе корхонаҳои саноатӣ ва афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат боиси зиёд шудани сатҳи бекорӣ гардидааст. Бекорӣ бештар дар байни ҷавонон ва сокинони деҳот мушоҳида мешавад, зеро имкониятҳои таъмини ҷойи кор дар ин минтақаҳо маҳдуд мебошанд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар вилояти Суғд яке аз равандҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Қисми муайяни аҳолии қобили меҳнат бо сабаби норасоии ҷойҳои корӣ ва паст будани музди меҳнат ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ меоранд. Ин раванд, аз як тараф, ба паст гардидани фишори бозори меҳнат ва беҳтар шудани вазъи иқтисодии баъзе оилаҳо мусоидат менамояд. Аз ҷониби дигар, хориҷ шудани қисми фаъол ва қобили меҳнати аҳолӣ ба кам гардидани захираҳои меҳнатӣ дар баъзе соҳаҳои истеҳсолот, махсусан дар кишоварзӣ ва саноат, таъсири манфӣ мерасонад.

Сатҳи тахассусии қувваи корӣ дар вилояти Суғд нисбатан гуногун мебошад. Дар шаҳрҳои калон, аз ҷумла Хуҷанд, марказҳои таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои омода намудани мутахассисони соҳавӣ фаъолият доранд. Бо вуҷуди ин, дар қисми муайяни ноҳияҳои дурдаст норасоии мутахассисони баландихтисос эҳсос мегардад. Талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои соҳибкасб, муҳандисон, омӯзгорон ва мутахассисони техникӣ сол аз сол меафзояд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи касбомӯзӣ ва мутобиқ намудани тахассуси қувваи корӣ ба талаботи иқтисодиёти муосир аҳамияти муҳим дорад.

Аҳолии вилоят дар рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Дар бахши кишоварзӣ қисми зиёди аҳолӣ ба парвариши пахта, боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва чорводорӣ машғул мебошанд. Дар баробари ин, аҳолии шаҳрҳо бештар дар соҳаҳои саноат, нақлиёт, савдо ва хизматрасонӣ фаъолият менамоянд. Мавҷудияти захираҳои меҳнатии зиёд барои рушди корхонаҳои саноатӣ ва васеъ гардидани ҳаҷми истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам меорад.

Равандҳои демографӣ ба рушди истеҳсолот дар вилоят таъсири мустақим мерасонанд. Афзоиши шумораи аҳолӣ боиси зиёд гардидани захираҳои меҳнатӣ ва васеъ шудани бозори истеъмолӣ мегардад. Дар айни замон, суръати баланди афзоиши аҳолӣ талаботро ба ҷойҳои нави корӣ, манзил ва инфрасохтори иҷтимоӣ бештар мекунад. Дар ҳолати нокифоя будани имкониятҳои иқтисодӣ ин раванд метавонад боиси афзоиши бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ гардад.

По мнению исследователя, «…в стратегическом плане развитие механизмов управления экономикой в контексте перехода на качественно иной уровень роста и развития определяется ростом вклада средне и высокотехнологичных производств в экономический рост, повышением доли их продукции в экспорте страны»[4,41]. С данным подходом следует согласиться, поскольку обеспечение устойчивого экономического роста действительно невозможно без модернизации производственной структуры экономики, повышения инвестиционной активности и развития высокотехнологичных производств.

Более того, про ведённый автором анализ показывает, что ускоренная индустриализация в последние годы стала одним из важнейших факторов роста национальной экономики Таджикистана. Вместе с тем, на наш взгляд, рассмотрение стратегических целей развития преимущественно через призму макроэкономических параметров не позволяет в полной мере учесть пространственное измерение социально экономических процессов. Даже при сохранении высоких темпов роста валового внутреннего продукта и инвестиций остаётся открытым вопрос территориального распределения создаваемых экономических эффектов. Практика многих государств свидетельствует о том, что экономический рост сам по се бе не гарантирует сокращения межрегиональных различий.

Напротив, при отсутствии эффективной пространственной политики он может сопровождаться усилением концентрации ресурсов в ограниченном числе наиболее развитых территорий. Ф.М. Муминова приходит к выводу о том, что реализация первых этапов Национальной стратегии развития Республики Таджикистан в целом обеспечила устойчивую положительную динамику макроэкономических по казателей и создала предпосылки для достижения целевых ориентиров НСР 2030.

В частности, автор отмечает, что «общий тренд развития отражает позитивную динамику роста экономики страны, темпы роста экономики последовательно приближались к ожидаемым траекториям индустриально инновационного сценария НСР-2030» [4, с. 38].

На наш взгляд, подобная оценка требует определённого уточнения. Действительно, отдельные макроэкономические показатели демонстрируют положительную динамику. Однако сам по себе рост валового внутреннего продукта ещё не свидетельствует о достижении стратегических целей пространственного развития страны. За рамками исследования остались вопросы межрегиональной дифференциации, неравномерности

инвестиционной активности, различий в уровне доходов населения, доступности инфраструктуры и концентрации экономического потенциала в отдельных территориях. Одним из ключевых недостатков традиционной региональной политики является стремление использовать единые механизмы управления для территорий, существенно различающихся по уровню развития.




Рис. 1 Механизм формирования полицентрической модели простран ственного развития Республики Таджикистан (авторская разработка)

За рамками исследования остались вопросы межрегиональной дифференциации, неравномерности инвестиционной активности, различий в уровне доходов населения, доступности инфраструктуры и концентрации экономического потенциала в отдельных территориях. Одним из ключевых недостатков традиционной региональной политики является стремление использовать единые механизмы управления для территорий, существенно различающихся по уровню развития.

На наш взгляд этот подход исчерпал свою актуальность. Напротив, всё более широкое распространение получает концепция дифференцированного управления территориальным развитием, предполагающая адаптацию инструментов государственной политики к специфике конкретных типов регионов. Для Республики Таджикистан данная проблема имеет особое значение. Страна характеризуется выраженной территориальной неоднородностью (различиями природно-климатических условий, отраслевой специализации, транспортной доступности, плотности населения и уровнем хозяйственного освоения территорий).

В результате формируются различные модели регионального развития, каждая из которых требует применения особых управленческих механизмов. На наш взгляд, с позиции региональной политики целесообразно выделять четыре основные группы территорий: индустриальные, аграрные, горные и приграничные регионы. Такое деление позволяет учитывать реальные особенности пространственной организации экономики Таджикистана и формировать более адресные меры государственного воздействия.

Особое место в экономическом пространстве страны занимают индустриальные регионы. Для данных территорий характерна высокая концентрация промышленных предприятий, производственной инфраструктуры, инвестиционных ресурсов и квалифицированной рабочей силы. В условиях реализации курса ускоренной индустриализации именно такие регионы способны выступать локомотивами экономического роста, обеспечивая формирование новых производств, расширение экспортного потенциала и внедрение современных технологий.

Вместе с тем развитие индустриальных территорий требует не столько прямой государственной поддержки, сколько со здания благоприятной инвестиционной среды, развития инновационной инфраструктуры, стимулирования технологической модернизации и укрепления связей между промышленными предприятиями, о чем особо отмечают С.И. Олимов и его коллеги. [5]

К данной категории в первую очередь могут быть отнесены города Душанбе и Худжанд, а также ряд промышленных узлов Согдийской области и районов республиканского подчинения, т.к., здесь сосредоточена значительная часть промышленного производства, инвестиционной активности и объектов производственной инфраструктуры.

Вторую группу образуют аграрные регионы, специализирующиеся пре имущественно на производстве сельскохозяйственной продукции. Для таких территорий характерна высокая зависимость уровня занятости и доходов населения от состояния аграрного сектора. Основной задачей региональной политики в данном случае становится не только « … поддержка сельскохозяйственного производства, но и формирование устойчивой системы переработки сырья, хранения продукции, логистики и сбыта.

Ориентация исключительно на первичное производство существенно ограничивает возможности экономического роста и делает региональную экономику более уязвимой к внешним воздействиям». Поэтому развитие аграрных территорий должно сопровождаться созданием перерабатывающих предприятий, расширением кооперационных связей и формированием локальных производственных цепочек. Так, таджикские исследователи стали больше заявит о необходимости повышения эффективности аграрного сектора с учетом совершенствования транспортно экономических связей и развитие инфраструктуры, обеспечивающей интеграцию сельских территорий в единое экономическое пространство страны.[9]. Наиболее ярко данный тип регионов представлен в значительной части Хатлонской области (районы Шамсидин Шохин, Дарвоз, Пандж, Фархор и др.), где сельское хозяйство продолжает играть определяющую роль в струк туре региональной экономики и занятости населения. Особого подхода требуют горные регионы. Значительная часть территории Таджикистана располагается в сложных природно-климатических условиях, что существенно влияет на возможности хозяйственного освоения.

Ограниченная транспортная доступность, высокая стоимость инфраструктурного строительства, рассредоточенность населённых пунктов и повышен ная зависимость от природных факторов объективно создают дополнительные барьеры для экономического развития. В этих условиях традиционные механизмы стимулирования роста оказываются недостаточными. Государственная политика должна быть ориентирована на развитие специализированных видов деятельности, наиболее соответствующих особенностям горных территорий.

К ним относятся экологический и горный туризм, гидроэнергетика, переработка местного сырья, животноводство и производство экологически чистой продукции. Наиболее характерным примером данного типа территорий является Горно-Бадахшанская автономная область и районы Зеравшанской долины, развитие которых невозможно оценивать по тем же критериям, что и индустриальные либо аграрные регионы страны. Хотя в Зеравшанской долине последние годы активно внедряется концепция индустриализации региона с учетом развития добывающей промышленности.

Заключение. Таким образом, усиления межрегиональной экономической интеграции следует рассматривать как один из ключевых приоритетов современной региональной политики Республики Таджикистан. Формирование устойчивых производственных цепочек, расширение межрегиональной кооперации, развитие общей инфраструктуры и укрепление внутренней связанности экономики создают необходимые предпосылки для более полного использования потенциала регионов, сокращения территориальных диспропорций и повышения конкурентоспособности национальной экономики в условиях современных вызовов.

Литература

1. Диноршоев А.М., Комилова Х.Г. Стратегические цели развития Республики Таджикистан: приоритеты и пути их достижения // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – Душанбе, 2025. – Т. 2. – № 3 (50). – С. 195–209.

2. Махмадизода, Ф. Б. Кластерная трансформация агропродовольственных систем региона в условиях членства в ВТО: теория и практика / Ф. Б. Махмадизода. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2025. – 271 с.

3. Махмадизода, Ф. Б. Развитие форм взаимодействия участников агропродоволь ственного комплекса в регионах Таджикистана / Ф. Б. Махмадизода, М. С. Джоналоев // Таджикистан и современный мир. – 2026. – № 1(93). – С.200. (186-202).

4. Муминова, Ф. М. Макроэкономические аспекты реализации стратегических целей развития Республики Таджикистан: состояние и постановка задач / Ф. М. Муминова // Экономика Таджикистана. – 2025. – № 4. – С. 37-48.

5. Олимов С.И., Сатторзода Э.И., Мирсарварзода Ф.М. Саноати Ҷумҳурии Тоҷики стон: вазъи муосир, мушкилот ва дурнамои рушди он // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2025. – № 2 (73). – С. 262–271.

6. Пӯлодова Х.Ш. Зарубежный опыт разработки и реализации региональной полити ки // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 3 (53). – С. 1–10. 9Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 204 с.

7. Пулодова, Х. Ш. Генезис теории и методологии формирования и реализации ре гиональной политики и возможности её адаптирования к условиям Таджикистана / Х. Ш. Пулодова, К. К. Раджабов // Таджикистан: экономика и управление. – 2021. – № 1. – С.101. (99-109.)

8. Содиков, М. С. Основные принципы функционирования рынка труда и занятость населения в условиях интеграционных процессов / М. С. Содиков, Ш. Ф. Абдуллоева // Финансово-экономический вестник. – 2026. – № 1. – С. 93-100.

9. Содиқов, М. С. Танзими давлатии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. С. Содиқов, Д. Ш. Давлатзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 4-2(64). – P. 28-36.

10. Шабозов М.Ш. Модернизация экономики Таджикистана в рамках приоритетных направлений сообщества // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – Москва, 2010. – № 8. – С. 44–46.

УДК: 339.9

ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ГЕОИҚТИСОДӢ

Абдуллоев А.

унвонҷӯи кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E.mail: alisher.abdulloev@oci.tj; Тел: 985-00-01-13.

Додихудоев Зикрихудо Мардихудоевич

доктори фалсафа PhD доктор аз руйи ихтисоси 6D051300 – иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Дар мақола масъалаҳои рушди ҳамкории иқтисодиву тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геоиқтисодӣ барраси гардидааст. Қайд мегардад, ки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геоиқтисодӣ фаъолона рушд мекунанд. Ҳамзамон дар мақола ба таври пурра гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гардида тамоюли он хуб арзёби мегардад. Муайян гардид, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи шарикони калидии иқтисодии хориҷии он мебошанд, зеро қисми назарраси лоиҳаҳои тиҷоратӣ, нақлиётӣ ва сармоягузорӣ бо онҳо анҷом дода мешавад.

Калидвожаҳо: гардиши савдои хориҷӣ, содирот, воридот, Осиёи Марказӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ, рушди устувор.

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ТОРГОВОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В НОВЫХ ГЕОЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ

Абдуллоев А.

соискатель кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, город Душанбе, улица Нахимова 64/14. E. mail: alisher.abdulloev@oci.tj; Тел: 985-00-01-13.

Додихудоев Зикрихудо Мардихудоевич

доктор философии PhD по специальность 6D051300 - Мировая экономика, Таджикский государственный финансовоэкономический университет. Адрес: 734067, город Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье рассматриваются вопросы развития экономического и торгового сотрудничества Республики Таджикистан с странами Центральной Азии в новых геоэкономических условиях. Отмечается, что торгово-экономическое сотрудничество Республики Таджикистан с странами Центральной Азии активно развивается в новых геоэкономических условиях. При этом, в статье осущетсвлено всесторонний анализ внешнеторгового оборота Республики Таджикистан с странами Центральной Азии и оценивался его тенденции. Выявленно, что для Республики Таджикистан страны Центральной Азии входят в число ее ключевых внешнеэкономических партнеров, поскольку значительная часть торговых, транспортных и инвестиционных проектов реализуется имменно с ними.

Ключевые слова: внешнеторговый оборот, экспорт, импорт, Центральная Азия, экономическое сотрудничество, глобализация, устойчивое развитие.

ECONOMIC AND TRADE COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND CENTRAL ASIAN COUNTRIES IN THE NEW GEOECONOMIC CONDITIONS

Abdulloev A.

applicant of the Department of World Economy of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E.mail: alisher.abdulloev@oci.tj; Тел: 985-00-01-13.

Dodikhudoev Zikrikhudo Mardikhudoevich

PhD in World Economy (Specialty 6D051300), Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

This article examines the development of economic and trade cooperation between the Republic of Tajikistan and Central Asian countries in the new geoeconomic conditions. It is noted that trade and economic cooperation between the Republic of Tajikistan and Central Asian countries is actively developing in the new geoeconomic conditions. Furthermore, the article provides a comprehensive analysis of Tajikistan's foreign trade turnover with Central Asian countries and assesses its trends. It is revealed that Central Asian countries are among Tajikistan's key foreign trade partners, as a significant portion of trade, transport, and investment projects are implemented with them.

Key words: foreign trade turnover, exports, imports, Central Asia, economic cooperation, globalization, sustainable development.

Муқаддима. Бояд тазаккур дод, ки дар шароити таъғирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ ва шидат гирифтани рақобати геоиқтисодӣ, ҳамкории минтақавӣ барои рушди устувори давлатҳо махсусан муҳим аст. Вобаста ба ин бояд қайд кард, ки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геоиқтисодӣ аҳамият стретгӣ дорад. Осиёи Марказӣ як минтақаи муҳими стратегӣ бо захираҳои

табиӣ, тарнзитӣ ва иқтисодӣ мебошад ва аз ин дидгоҳ рушди устувори гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин мамлакатҳо аҳамияти муҳими мутақобила дорад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили муқоисавӣ, таҳлили оморӣ, гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасти маълумоти савдои хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқ маълумоти омории фаъолияти берунӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2024, инчунин сарчашмаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ истифода шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар корҳои Ш. Раҳимзода, Ҳ.А.Одинаев, Л.Ҳ. Саидмуродзода, А. Солеҳзода, М.С. Содиқов, У.М. Гулаков, ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мақсади таҳқиқот – Таҳлил ва муайян намудани самаранокии ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геоиқтисодӣ мебошад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити нави геоиқтисодӣ фаъолона рушд мекунанд ва пеш аз ҳама ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳҳоӣ аз бунбасти комуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар равона гардидаанд. Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки дар шароити таъғирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ ва шидат гирифтани рақобати геоиқтисодӣ, ҳамкории минтақавӣ барои рушди устувори давлатҳо махсусан муҳим аст. Дар ин замина барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо ҳамсояи наздик, балки шарикони муҳим ва стратегии иқтисодӣ низ мебошанд аз ин лиҳоз робитаҳои наздики тиҷоратӣ ва нақлиёти таърихан инкишоф ёфтаанд. Мавриди зикр аст, ки пеш аз ҳама наздикии ҷуғрофӣ, манфиатҳои муштараки иқтисодӣ ва пурракунии иқтисодиёти миллӣ заминаҳои объекитивиро барои амиқтар кардани ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар минтақа фароҳам меоранд. Тавре, ки профессор Л.Х. Саидмуродов, қайд менамояд «…имрӯз ҳеҷ кишваре дар ҷаҳон қодир нест, ки чунин миқдори мол ва хизматрасониро самаранок истеҳсол кунад, ки ниёзҳои аҳолии онро пурра қонеъ гардонад [1, саҳ. 148].

Тавре, ки маълум аст дар ҷаҳон тағирёбии сохтори тиҷорати ҷаҳонӣ, рушди долонҳои нақлиёти ва логистикӣ инчунин афзоиши таъсири иқтисодии марказҳои бузурги қудратҳои ҷаҳонӣ амали гардидаистодааст. Ин равандҳо ба андешаи мо ба рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири мустақиман мерасонанд. Таъғироти иқтисодии ҷаҳонӣ, афзоиши рақобат дар бозорҳои ҷаҳонӣ, рушди долонҳои байналмиллалии нақлиёти ва таъғирёбандаи сохтори тиҷорати ҷаҳонӣ аз кишварҳои талаб мекунад, ки шаклҳои нави ҳамкории иқтисодиро ҷустуҷӯ кунанд. Дар ин замина ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан муҳим аст.

Бояд тазаккур дод, ки Осиёи Марказӣ як минтақаи муҳими стратегӣ бо захираҳои табиӣ, тарнзитӣ ва иқтисодӣ мебошад. Наздикии ҷуғрофии давлатҳои минтақа, робитаҳои иқтисодии таърихан ташакулёфта ва умумиятҳои фарҳангӣ ва ичтимоӣ шароити мусоидро барои амиқтар кардани ҳамкории иқтисодӣ фароҳам меоранд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумлаи шарикони калидии иқтисодии хориҷии он мебошанд, зеро қисми назарраси лоиҳаҳои тиҷоратӣ, нақлиётӣ ва сармоягузорӣ бо онҳо анҷом дода мешавад.

Гузашта аз ин ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои Осиёи Марказӣ инчунин аз таъғйирот дар низоми геоиқтисодии ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Дар солҳои охир, мо нақши афзояндаи иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ, афзоиши вобастагии байни иқтисодҳои миллӣ ва рушди масирҳои нави нақлиётӣ ва логистикиро байни Аврупо ва Осиё мушоҳида менамоем. Маҳз дар чунин шароит, кишварҳои Осиёи Марказӣ тадриҷан ба як марказӣ муҳими транзитӣ ва иқтисодӣ табдил меёбанд, ки минтақаҳои гуногуни ҷаҳонро мепайванданд.


Дар ин замина барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсоя аҳамияти стратегӣ дорад. Иқтисодиёти кишвар асосан аз тиҷорати хориҷӣ, воридоти захираҳои энергетикӣ, хӯрокворӣ ва молҳои саноати вобастааст. Дар айни замон, кишвар дорои имкониятҳои назаррас барои содироти молҳои гуногун аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ, нассоҷӣ ва маъданҳо мебошад. Ба андешаи мо густариши ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ истифодаи самараноктари ин имкониятҳоро осон мекунад ва устувории иқтисоди кишварро тақвият медиҳад. Дар баробари ин ҳамкори бо кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, ки робитаҳои иқтисодии хориҷӣ гуногунранг карда шаванд, имкониятҳои содиротӣ васеъ ва ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт афзоиш ёбад. Ба андешаи мо, дар шароити таъғироти кунунии геоиқтисодӣ, рушди муассири робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад омили калидии рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими суботи минтақавӣ гардад. Яке аз самтҳои асосии муносибатҳои иқтисоди ин гардиши савдои хориҷӣ ба шумор меравад. Пеш аз оне, ки тамоюли гардиши савдои хориҷиро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барраси намоем зарур мешуморем, ки аввалан дар умум тамоюли гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоем.

Ҷадвали 1. Тамоюли гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 (млн.долл)

Нишондиҳандаҳо	**2020**	в/х	**2021**	в/х	**2022**	в/х	**2023**	в/х	**2024**	в/х
Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ	4557,8	100	6359,1	100	7309,5	100	8328,9	100	8955,0	100
Содирот - ҳамагӣ	1406,9	30,8	2149,6	33,8	2142,0	29,3	2448,8	29,4	1947,4	21,7
Воридот –ҳамагӣ	3150,9	69,1	4209,5	66,1	5167,5	70,6	5880,1	70,5	7007,6	78,2

Сарчашма: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯи омори - Душанбе, 2024. С.10. [5.с 10]

Тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1, мушоҳида мегардад тамоюли гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои таҳлилии (2020-2024) рӯ ба афзоиш овардаанд. Яъне агар дар соли 2020 гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум 4557,8 млн.долл. ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли таҳлилии 2024 то ба 8955,0 млн.долл. ИМА омада расидааст ва ё 1,9 маротиба дар зарфи 5 сол афзоиш ёфтааст. Яке аз қисматҳои асосии гардиши савдои хориҷӣ ин содирот ба шумор меравад. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон низ дар солҳои 2020-2024 рӯ ба зиёдшави овардааст. Агар ҳаҷми умумии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, 1406,9 млн.доллари ИМА-ро ташкил дода бошад пас ин рақам дар соли 2024 ба 1947,4 млн. доллари ИМА омада расид, ки 1,3 маротиба зиёд гардидааст. Бояд қайд кард, ки ҳиссаи содироти мамлакат дар ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2024, 21,7 фоизро ташкил додааст. Дар ин ҳошия бояд қайд кард, дар баробари зиёд гардидани содирот воридот низ дар солҳои таҳлилӣ зиёд гардидааст. Ҳаҷми умумии воридот агар дар соли 2020, 3150,9 млн.доллари ИМА-ро ташкил дода бошад пас ин рақам дар соли 2024 то ба 7007,6 млн.доллари ИМА омада расидааст ва ё 2,2 маротиба зиёд гардидааст. Ҳиссаи воридот бошад дар соли 2020 дар ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ 69,1 фоизро ташкил медод вале ин нишондод дар соли 2024 ба 78,2 % омада расидааст. Дар маҷмӯъ ҳиссаи ҳам содирот ва ҳам воридот дар солҳои таҳлилӣ 2020-2024 дар диаграммаи 1 ба таври пурра инъикоси худро ёфтаанд.



Диагрммаи 1. Ҳиссаи содирот ва воридот дар ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 бо %

Чуноне, ки аз маълумотҳои диаграммаи 1 маълум гардид ҳиссаи содирот дар ҳаҷми умумии савдои беруна агар дар соли 2020 30,8 фоизро ташкил дода бошад пас ин рақам дар соли 2024 то ба 21,7 % омада расидааст. Воридот бошад баръакс мутаносибан дар солҳои таҳлилӣ аз 69,1 фоиз то ба 78,2 % омада расидааст. Мавриди зикр аст, ки гардиши тиҷорат дар рушди иқтисодии ҳар кишвар нақши муҳим дорад. Он сатҳи робитаҳои иқтисодии кишварро бо дигар кишварҳо инъикос мекунад ва инчунин нишон медиҳад, ки чи гуна имконоти иқтисодии дохилии он самаранок истифода мешавад. Дар ин замина бояд қайд кард, ки яке аз мушкилоти асосӣ ин тавозуни манфии тиҷорат аст. Ин маъои онро дорад, ки воридот нисбат ба содирот ба таври назаррас зиёдтар аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мувофиқи маълумотҳои оморӣ зиёд будани ҳиссаи содирот нисбат ба воридот ба назар мерасад. Ба андешаи мо барои ҳалли чунин мушкилот бояд корхонаҳои истеҳсолӣ ватанӣ ҳарчӣ бештар бунёд гардиданд. Ҳамзамон гуруҳбандии (диверсификатсияи) молҳоро низ бояд дуруст намуд. Дар баробари ин барои беҳтар кардани вазъ, рушди саноат, васеъ кардани доираи молҳои содиротӣ, навсозии инфрасохтори нақлиёт ва ҳавасмандгардонии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст. Ин иқтисодиёти кишварро тақвият медиҳад ва рақобатпазирии онро дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш медиҳад. Бояд қайд намуд, ки таҳлили гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024 (млн.долл)

	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2018
Гардиши савдои хориҷӣ	4557,8	6359,1	7309,5	8328,9	8955,0	1,9
Аз он ҷумла бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ						
Ҷумҳурии Қазоқистон	909,7	1178,6	1441,2	1148,7	1293,2	1,4
Ҷумҳурии Узбекистон	333,8	447,8	555,4	504,4	586,5	1,7
Ҷумҳурии Қирғизистон	36,8	25,8	15,1	11,7	12,2	-0,3
Ҷумҳурии Туркманистон	7,8	22,2	52,9	42,0	36,8	4,7
Ҳамагӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ	1288,1	1674,4	2064,6	1706,8	1928,7	1,4

Сарчашма: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷмӯи омори - Душанбе, 2024. С.10.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали № 2 инъикосгари он мебошанд, ки гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмӯъ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои таҳлилӣ 2020-2024 то андозае тамоюли хуб доранд. Агар ҳаҷми

умумии савдои беруна бо кишварҳои мазккур дар соли 2020 1288,1 млн.долл ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли таҳлилӣ 2024 то ба 1928,7 млн. доллари ИМА омада расидааст ё ин ки 1,4 маротиба дар зарфи 5 сол афзудааст, ки ин хуб аст. Вале бояд қайд кард, ки бо баъзе мамлакатҳои Осиёи Марказӣ савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд вале бо баъзеи дигарашон баръакс кам гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвияти равандҳои ҳамгироии минтақавӣ, рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни кишварҳои ҳамсоя махсусан муҳим аст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ омили калидии рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва тақвияти суботи минтақавӣ мебошад. Шарикони асоси ва муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ин Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон мебошанд, ки бо онҳо хамкорӣ тиҷорат, саромягузорӣ, нақлиёт, эрегетика ва кишоварзиро дар бар мегирад.


Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз шарикони калидии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ин замина бояд қайд намуд, ки гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои таҳлилӣ рӯ ба афзоиш овардааст. Агар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ бо ин кишвар дар соли 2020 909, 7 млн.долл ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондод дар соли таҳлилӣ 2024 то ба 1293,2 млн.доллари ИМА омада расидааст ё ин ки 1,4 мартиба афзудааст. Қобили тазаккур аст, ки ҳамкории иқтисодии байни кишварҳо бо афзоиши мунтазами гардиши тиҷорати мутақобила ва васеъ шудани соҳаҳои ҳамкорӣ тавсиф мешавад. Тавере, ки маълум аст Ҷумҳӯрии Қазоқистон саноати рушдёта ва иқтидори назарраси содироти дорад, ки ба он имкон медиҳад, ки таъминкунандаи асосии маҳсулоти хуроквориӣ, ғаладонагӣ, металҳо ва масолеҳи сохтмони ба бозори Тоҷикистон бошад. Дар навбати худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти кишоварзӣ, матоъ ва баъзе ашёи хоми минералиро ба Ҷумҳурии Қазоқистон содир мекунад. Фаъолияти сармоягузорӣ низ як самти муҳими ҳамкорӣ мебошад. Ширкатҳои Ҷумҳурии Қазоқистон дар лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд. Рушди долонҳои нақлиётӣ байни кишварҳо инчунин ба густариши робитаҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии тиҷорати минтақавӣ мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ гардиши савдои хориҷӣ бо ин мамлакати Осиёи Марказӣ хеле хуб аст.

Гардиши савдои хориҷӣ бо дигар шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне Ҷумҳурии Узбекистон низ дар солҳои таҳлилӣ рӯ ба зиёдшавии овардаанд. Яъне агар савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвар дар соли таҳлилӣ 2020 333,8 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2024 ба 586,5 млн. доллари ИМА омада расидааст ё ин ки 1,7 маротиба афзудааст. Чуноне, ки маълум аст дар солҳои охир муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба таври назаррас тақвият ёфтаанд. Беҳтар шудани муколамаи сиёсӣ ва бекор кардани як қатор маҳдудиятҳои тиҷоратӣ ва нақлиётӣ шароити мусоидро барои рушди устувори ҳамкории тиҷоратию иқтисодии мутақобила фароҳам оварданд. Дар баробари ин Узбекистон яке аз бузуртарин шарикони тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа мебошад. Маҳсулоти кишоварзӣ, молҳои саноатӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маводи кимиёвӣ ва захираҳои энергетикӣ асоси гардиши тиҷорати мутақобиларо ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва логистика фаъолона рушд мекунад, ки ҳаракати молҳоро осон мекунад ва хароҷоти тиҷоратиро коҳиш медиҳад.

Рушди тиҷорати фаромарзӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак аҳамияти хоса дорад. Ҳамкории иқтисодии байни ду кишвар ба тақвияти ҳамгироии минтақавӣ ва ташаккули робитаҳои устувори иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

Дар ин радиф бояд қайд кард, ки муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар низоми ҳамкории минтақавӣ мавқеи хосро ишғол менамоянд. Наздикии ҷуғрофӣ ва манфиатҳои муштараки иқтисодии кишварҳо заминаҳоро барои рушди ҳамкории судманди мутақобила фароҳам меорад. Яке аз самтҳои асосии ҳамкорӣ энергетика мебошад. Ҳарду кишвар дорои иқтидори назарраси гидроэнергетикӣ мебошанд, ки имкониятҳоро барои истифодаи муштараки захираҳои об ва рушди лоиҳаҳои энергетикӣ фароҳам меорад. Илова бар энергетика, ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тиҷорати хӯрокворӣ ва ҳамкории иқтисодии фаромарзӣ рушд мекунад.Ҷанбаи муҳими муносибатҳои иқтисодии байни кишварҳо рушди коммуникатсияҳои нақлиётӣ ва инфрасохтор мебошад, ки робитаҳои тиҷоратиро байни минтақаҳо осон мекунанд. Новобаста ба ин савдои беруна бо ин мамлакати Осиёи Марказӣ тибқи маълумотҳои оморӣ мутаносибан кам яъне аз (36,8 млн.доллари ИМА то ба 12,2 млн. долл ИМА) омада расидааст. Бо Ҷумҳурии Туркманистон баръакс мутаносибан аз (7,8 млн. доллари ИМА дар соли 2020 то ба 36,8 млн.доллари ИМА) омада расидааст ё ин ки 4,7 маротиба афзудааст.

Дурнамои ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Туркманистон хеле муоид мусоид боқи мемонад. Рушди ҳамгироии минтақавӣ, навсозии инфрасохтори нақлиётӣ, содда кардани расмиёти гумрукӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ метавонад тиҷорати мутақобиларо ба таври назаррас афзоиш диҳад. Ғайр аз ин, рушди корхонаҳои муштараки саноатӣ, ҳамкорӣ дар бахши энергетика ва густариши ҳамкории кишоварзӣ нақши муҳим мебозанд. Татбиқи ин самтҳо робитаҳои иқтисодии байни кишварҳоро тақвият медиҳад ва рақобатпазирии байналмилалии минтақаро афзоиш медиҳад. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 дар диаграммаи № 2 ба таври пурра инъикоси худро ёфтаанд



Диаграммаи 2. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 бо %

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи № 2 мушоҳида менамоем ҳиссаи аз ҳама зиёд дар гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қазоқистон рост меояд, ки дар соли 2024 14,4 фоизро ташкил додааст. Гарчанде, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳиссаш зиёд аст вале нисбати соли 2020 кам гардидааст. Дар ҷои дуюм ин Ҷумҳурии Узбекистон меистад, ки ҳиссаш дар гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2024 6,5 фоизро ташкил медиҳад, ки айнан чунин тамоюл ба назар мерасад яъне нисбати соли 2020 то андозае кам мебошад. Ҳиссаи дигар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар гардиши савдои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам мебошад. Бояд зикр намуд, ки содирот низ яке аз қисматҳои асосии гардиши савдои хориҷӣ ба шумор меравад. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024 дар ҷадвали №3 оварда шудаанд.


Ҷадвали 3. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024

млн.долл

	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2020
Содирот – Ҳамагӣ	1406,9	2149,6	2142,0	2448,8	1947,4	1,3
Аз он ҷумла бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ						
Ҷумҳурии Қазоқистон	152,2	360,1	483,9	255,7	197,3	1,2
Ҷумҳурии Узбекистон	83,6	129,6	178,3	150,9	176,4	2,1
Ҷумҳурии Қирғизистон	9,6	5,3	1,2	0,9	0,7	-00,7
Ҷумҳурии Туркманистон	0,0	0,0	0,8	1,1	2,7	2,7

Сарчашма: Фаъолияти беруниятисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмӯи омори – Душанбе, 2024. С.18.

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали № 3 мушоҳида мегардад содирот дар солҳои таҳлилӣ рӯ ба зиёдшави овардаанд. Агар содирот дар соли 2020 1406,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бошад пас ин рақам дар соли 2024 то ба 1947,4 млн.доллари ИМА омада расид ё ин ки 1,3 маротиба афзудааст. Тамоюли содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ғайр аз Ҷумҳурии Қирғизистон хуб аст. Содирот ба Ҷумҳурии Қазоқистон дар давраи таҳлилӣ 1,2 маротиба, ба Ҷумҳурии Узбекистон 2,1 маротиба, ба Ҷумҳурии Туркманистон 2,7 маротиба афзудааст. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 дар диаграммаи № 3 оварда шудаанд.



Диаграммаи 3. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 бо

Қисмати дигари гардиши савдои хориҷӣ ин воридот ба шумор меравад. Воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024 дар ҷадвали № 4 ба таври пурра инъикос ёфтаанд.

Ҷадвали 4. Воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024


млн.долл

	2020	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2024/2018**

Воридот – Ҳамагӣ	**3150,9**	**4209,5**	**5167,5**	**5880,1**	**7007,6**	**2,2**
Аз он ҷумла бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ						
Ҷумҳурии Қазоқистон	**757,5**	**818,5**	**957,3**	**892,9**	**1095,9**	**1,4**
Ҷумҳурии Узбекистон	**250,3**	**318,2**	**377,0**	**353,5**	**410,1**	**1,6**
Ҷумҳурии Қирғизистон	**27,2**	**20,5**	**13,8**	**10,8**	**11,5**	**-0,4**
Ҷумҳурии Туркманистон	**7,8**	**22,2**	**52,1**	**41,0**	**34,1**	**4,3**

Сарчашма: Фаъолияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯи омори – Душанбе, 2024. С.21.

Воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 2020-2024 дар маҷмӯъ тамоюли зиёдшавии хеле зиёд доранд. Яъне агар дар соли 2020 воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3150,9 млн доллари ИМА-ро ташкил дода бошад пас ин рақам дар соли 2024 то ба 7007,6 млн.доллари ИМА омада расид ё ин ки 2,2 маротиба дар солҳои таҳлилӣ афзудааст. Воридот аз Ҷумҳурии Қазоқистон 1,4 маротиба аз Ҷумҳурии Узбекистон 1,6 маротиба аз Ҷумҳурии Туркманистон 4,3 маротиба дар солҳои таҳлилӣ афзудаанд. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024 дар диаграммаи № 4 ба таври муфассал оварда шудааст.



Диаграммаи 4. Ҳиссаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020-2024

Бояд тазаккур дод, ки ҳиссаи аз ҳама зиёд дар воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон рост меояд, ки 15,6 %-ро дар соли 2024 ташкил додааст. Ҳиссаи воридот аз Ҷумҳурии Узбекиситон бошад дар соли 2024 5,9 % -ро ташкил додааст. Воридот аз мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ кам мебошад. Дар маҷсӯъ ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дорои имкониятҳои назарраси рушд мебошад. Таҳвияти ҳамгироии минтақавӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди ҳамкории саноатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар тиҷорат метавонад гардиши тиҷорати мутақобиларо ба таври назаррас афзоиш диҳад.

Ҳамин тариқ, ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ омили муҳим дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад. Дар шароити воқеиятҳои нави геоиқтисодӣ, кишварҳои минтақа барои амиқтар кардани ҳамкории иқтисодӣ, рушди инфрасохтори нақлиёт ва густариши тиҷорати мутақобила талош мекунанд. Бо вуҷуди мушкилотҳои мавҷуда, имкониятҳои ҳамкории минтақавӣ назаррас боқӣ мемонанд. Таҳвияти робитаҳои иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва рушди равандҳои ҳамгироӣ метавонад ба рушди иқтисоди устувортар ва рақобатпазир дар Тоҷикистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат кунад. Истифодаи самараноки ин имкониятҳо ба кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки на танҳо мавқеи худро дар иқтисоди ҷаҳонӣ мустаҳкам кунанд, балки заминаро барои рушди устувори дарозмуддат низ фароҳам оваранд.

Адабиёт

1. Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы развития малой открытой экономики в условиях переходного периода: дис. док. экон. наук. 08.00.01. /Л.Х. Саидмуродов. - Душанбе, 2005. - 148 с.
2. Умаров Х. Сравнительный анализ торгово-экономических связей Таджикистана с Россией и Китаем Центральная Азия и Кавказ, №. 3, 2013, С. 146-156.
3. Каримова М Перспективы экономического сотрудничества Таджикистана со странами ШОС// Центральная Азия и Кавказ, № 1, 2012, С. 159-168.
4. Парамонов В, Строков А. Энергетические интересы и энергетическая политика Китая в Центральной Азии//Центральная Азия и Кавказ, №3, 2010, С. 21-35.
5. Фаъорлияти берунииқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯи омори - Душанбе, 2024. 458 саҳ.
6. Борисенко Н.А. Экономика стран Центральной Азии в условиях вовлеченности в мировое экономическое пространство// Кыргызско-Российский Славянский университет им. Б.Н. Ельцина, г. Бишкек, 2021 № 4, - С. 21-31
7. Сангов С.С. Современные тенденции и динамика развития международной торговли Республики Таджикистан//Форум молодых ученых, №. 6-3 (22), 2018, С. 39-49.

ҲУҚУҚШИНОСӢ- ЮРИСПРУДЕНЦИЯ- JURISPRUDENCE

УДК: 343.9

НАМУДҲО ВА МЕТОДҲОИ ПЕШГӮИИ КРИМИНОЛОГӢ

Қудратов Некруз Абдунабиевич
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе
Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва адолати судии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва методологии пешгӯии криминологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, намудҳо, асосҳои тасниф ва методҳои асосии он баррасӣ шудаанд. Пешгӯии ҷиноятқорӣ, рафтори ҷиноятии инфиродӣ ва гурӯҳӣ, инчунин пешгӯии самаранокии чораҳои пешгирикунанда тавсиф гардида, хусусиятҳои пешгӯиҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат муайян карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба методҳои экстраполятсия, моделсозӣ ва баҳодиҳии экспертӣ равона гардида, имконият ва маҳдудиятҳои истифодаи онҳо дар фаъолияти криминологӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф аҳамияти истифодаи маҷмӯии методҳои пешгӯиро барои муайян намудани тамоюлҳои эҳтимолии ҷиноятқорӣ, арзёбии омилҳои криминогенӣ ва таҳияи чораҳои самараноки пешгирии ҷиноятқорӣ асоснок менамояд.

Калидвожаҳо: криминология, ҷиноятқорӣ, пешгӯии криминологӣ, пешгӯии ҷиноятқорӣ, рафтори ҷиноятӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ, экстраполятсия, моделсозӣ, баҳодиҳии экспертӣ, омилҳои криминогенӣ, банақшагирии криминологӣ.

ВИДЫ И МЕТОДЫ КРИМИНОЛОГИЧЕСКОГО ПРОГНОЗИРОВАНИЯ

Кудратов Некруз Абдунабиевич
доктор юридических наук, профессор, начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе
Миралиев Салохиддин Абдусаломович
Доцент кафедры уголовного права и правосудия Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

В статье исследуются теоретические и методологические вопросы криминологического прогнозирования, рассматриваются его основные виды, критерии классификации и методы. Раскрываются особенности прогнозирования преступности, индивидуального и группового преступного поведения, а также эффективности мер предупреждения преступности. Анализируются краткосрочное, среднесрочное и долгосрочное криминологическое прогнозирование. Особое внимание уделяется методам экстраполяции, моделирования и экспертных оценок, определяются возможности и ограничения их применения. Обосновывается значение комплексного использования методов криминологического прогнозирования для определения вероятных тенденций преступности, оценки криминогенных факторов и разработки эффективных мер ее предупреждения.

Ключевые слова: криминология, преступность, криминологическое прогнозирование, прогнозирование преступности, преступное поведение, предупреждение преступности, экстраполяция, моделирование, экспертная оценка, криминогенные факторы, криминологическое планирование.

TYPES AND METHODS OF CRIMINOLOGICAL FORECASTING

Kudratov Nekruz Abdunabievich
Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe
Miraliev Salohiddin Abdusalomovich
Associate Professor, Department of Criminal Law and Justice International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article examines theoretical and methodological issues of criminological forecasting and analyzes its main types, classification criteria, and methods. Particular attention is paid to forecasting crime, individual and group criminal behavior, as well as the effectiveness of crime prevention measures. Short-term, medium-term, and long-term criminological forecasting are considered. The methods of extrapolation, modeling, and expert assessment are analyzed, with emphasis on their possibilities and limitations in criminological research and practice. The article substantiates the importance of an integrated application of forecasting methods for identifying probable crime trends, assessing criminogenic factors, and developing effective crime prevention measures.

Keywords: criminology, crime, criminological forecasting, crime forecasting, criminal behavior, crime prevention, extrapolation, modeling, expert assessment, criminogenic factors, criminological planning.

Муқаддима. Пешгӯии криминологӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти илмӣ ва амалии криминология буда, ба муайян намудани ҳолати эҳтимолӣ, тамоюлҳо ва қонуниятҳои тағйирёбии ҷиноятқорӣ, намудҳои

алоҳидаи он, омилҳои криминогенӣ ва рафтори эҳтимолии ҷиноятии шахс дар оянда равона шудааст. Аҳамияти он пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои пешгӯӣ барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирии ҷиноятқорӣ, таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои криминологӣ, тақсимоти оқилонаи захираҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ замина фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, пешгӯии криминологиро танҳо ҳамчун «пешбинӣ намудани сатҳи ҷиноятқорӣ» фаҳмидан нокифоя аст. Он раванди мураккаби маърифатӣ мебошад, ки дар асоси таҳлили маълумоти гузашта ва ҳолати кунунӣ сенарияҳои **аз ҷиҳати илмӣ асосноки рушди минбаъдаи падидаҳои криминологиро муайян мекунад.**

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар назарияи криминология ба таснифи пешгӯиҳои криминологӣ диққати махсус дода мешавад. Ин таснифот ба мо имкон медиҳад, ки намудҳо ва усулҳои пешгӯиро дар як системаи ягонаи дониш муттаҳид кунем [6;7;8]. Мувофиқи қоидаҳои умумии таснифнамоӣ, гуруҳбандии объектҳои тадқиқшуда аз рӯи меъёрҳои муайян ба амал бароварда шуда, ҳамаи объектҳо бе ягон истисно ба назар гирифта мешаванд, яъне фактҳо муқаррар ва қонуниятҳо муайян карда мешаванд. Дар баробари ин, асосҳои гуногуни таснифот пешниҳод карда мешаванд, ки тибқи онҳо маълумотҳои мавҷуда ба низом дароварда мешаванд. Таҳлили донишҳои назариявии криминологӣ имкон дод, ки асосҳои зерини таснифи намудҳо ва методҳои пешгӯии криминологӣ муайян карда шаванд:

Натиҷаҳо.

1. Аз рӯи сатҳ (навъ) пешгӯӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

1.1. пешгӯии ҷиноятқорӣ (дар илми криминология ин намуд бо дигар номҳо низ истифода мешавад – пешгӯии умумии ҷиноятқорӣ, пешгӯии ҷиноятқории оморӣ);

1.2. пешгӯии рафтори ҷиноятӣ (гурӯҳӣ ва фардӣ; дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун истилоҳи «пешгӯии клиникӣ» истифода мешавад);

1.3. пешгӯии самаранокии чораҳои пешгирикунанда.

Таснифи баррасишаванда дорои хусусияти марҳилавӣ (зина ба зина) мебошад, яъне ҳар як намуд (сатҳ) дар навбати худ ба зернамудҳо тақсим мешавад. Дар адабиёти криминологӣ онҳоро самтҳои пешгӯӣ меноманд, ки ҳар кадоми онҳо бо миқёс ва мазмуни худ хос буда, дар навбати худ аз талаботи субъект вобаста аст. Ҳамин тариқ, ҳар як сатҳи пешгӯӣ гурӯҳбандии мушаххас дорад.

1.1. *Пеш аз ҳама гурӯҳбандии пешгӯии ҷиноятқорӣ, яъне дараҷаи якуми пешгӯиро дида мебароем.*

Вобаста ба миқёс (ҳаҷм) пешгӯии ҷиноятқорӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

а) пешгӯии ҷиноятқорӣ дар маҷмуъ, яъне дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) пешгӯии ҷиноятқорӣ вобаста ба минтақаҳои алоҳида (вилоятҳо);

в) пешгӯии ҷиноятқорӣ вобаста ба объектҳои мушаххас (шаҳр, район, ҷои баргузории чорабиниҳои оммавӣ, мактабҳо, донишгоҳҳо, масҷидҳо ва гайра).

1.2. *Вобаста ба мундариҷа пешгӯии ҷиноятқорӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:*

а) пешгӯии умумӣ - ҷиноятқориро дар маҷмуъ бидуни тафсилоти намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ё минтақаҳо фаро мегирад. Барои таҳияи стратегияи умумии муборизаи бо ҷиноятқорӣ дар сатҳи давлат ё ҷомеа пешбинӣ шудааст. Пешгӯии умумӣ дурнамои васеъро дар бар мегирад ва ҳадафи пешгӯии ҳолати умумӣ ва тамоюлҳои ҷиноятқорӣ дар кишвар ё минтақа мебошад. Ин намуди пешгӯӣ тамоми омилҳои асосии ба ҷиноятқорӣ таъсиркунанда, аз ҷумла, шароити иҷтимоию иқтисодӣ, тағйироти фарҳангӣ ва сиёсӣ, равандҳои демографӣ, таҳаввулоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қонунгузориро ба назар мегирад. Мақсади пешгӯии умумӣ аз он иборат аст, ки назари ҳамаҷонибаи вазъи ояндаи ҳолати ҷиноятӣ, муайян кардани хатару таҳдидҳои эҳтимолӣ ва пешниҳоди чораҳои ҳадди ақалл кам кардани онҳо мебошад. Пешгӯии умумӣ барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ, таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати пешгирӣ, инчунин, барои банақшагирии захираҳо ва кӯшишҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳим аст. Ин намуди пешгӯӣ барои муайян кардани самтҳои асосӣ, ки дар он стратегияи таъмини амнияти ҷамъиятӣ бояд таҳия карда шавад, кӯмак мерасонад ва ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ хизмат мекунад;

б) пешгӯии хусусӣ, яъне вобаста ба намудҳои алоҳидаи ҷиноятқорӣ (ретсидив, ҷиноятқории муташаккилона, ҷиноятқории занон, ҷиноятқории ҷавонон, ҷиноятқории муҳоҷирон, ҷиноятқории ноболиғон ва ғайра). Ба намудҳои мушаххаси ҷиноят, гурӯҳҳои аҳолӣ ё минтақаҳо нигаронида шудааст. Барои пешгирии мақсадноки намудҳои алоҳидаи ҷиноят ё зуҳуроти ҷиноятӣ дар минтақаҳои алоҳида истифода мешавад. Пешгӯии хусусӣ ба таҳлил ва пешгӯии рушди намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ё ҳолатҳои криминогенӣ дар гурӯҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ, соҳаҳо ё самтҳои фаъолият нигаронида шудааст. Ин намуди пешгӯӣ ҷанбаҳои маҳдуди ҷиноятқорӣ, аз қабили категорияҳои муайяни ҷиноятҳо (масалан, иқтисодӣ, маводи мухаддир, ҷиноятҳо алайҳи шахс), рафтори гурӯҳҳои мушаххаси ҷиноятӣ ё шахсони алоҳидаро баррасӣ мекунад. Мақсади пешгӯии мушаххас муайян ва пешгӯии таҳдидҳо ва тамоюлҳои мушаххас дар доираи маҳдуд аст. Ин ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки чораҳои мушаххаси пешгирӣ ва вокуниш ба пешгирии ҷиноятҳои мушаххасро таҳия ва амалӣ созанд. Пешгӯии хусусӣ ба оптимизатсияи захираҳо, равона кардани онҳо барои ҳалли вазифаҳо ва мушкилоти мушаххас кӯмак мекунад ва инчунин қобилияти қабули қарорҳои оперативиро, ки ба пешгирӣ ва коҳиш додани ҷиноят дар соҳаҳои маҳдуд, вале муҳим барои ҷомеа нигаронида шудаанд, таъмин мекунад.

Ҳангоми пешгӯии умумии ҷиноятқорӣ чунин ҳолатҳо ба назар гирифта мешавад: хусусияти вазъияти криминологӣ; шароити иҷтимоию иқтисодии ҷамъият (равандҳои номуташаккилии иҷтимоӣ, тағйирёбии

хусусиятҳои демографӣ ва ғайра); имкониятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар омилҳои характери умумии иҷтимоӣ доранд [6]. Ҳамин тавр, ҳангоми хусусиятҳои умумии ҷиноятқориро пешгӯӣ намуда, бояд ба маълумоти умумӣ оид ба детерминантҳои ҷиноятқорӣ, ки дар марҳилаи омӯзиши ҷиноятқорӣ муайян шудаанд, такя кард. Дар баробари ин, донистани тағйироти эҳтимолии омилҳои криминогенӣ дар оянда зарур мебошад, яъне пеш аз ҳама дар бораи ҳолатҳои маҷмӯии сабабҳои ҷиноятқорӣ пешгуӣ кардан лозим аст ва танҳо дар асоси ҳамин пешгӯӣ метавон тахмин кард, ки маҳз чӣ гуна омилҳои криминогенӣ метавонанд ба ҷомеаи ҷиноятқорон ва дар ниҳоят ба хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии ҷиноятқорӣ дар маҷмуъ таъсир расонанд.

Намуди дуюми таснифи пешгӯии ҷиноятқорӣ аз рӯи сатҳ (навъ) пешгӯии рафтори ҷиноятӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он пешгӯии амалҳои эҳтимолии ҷиноятии шахсони алоҳида ё гурӯҳҳо мебошад. Диққати махсус бояд ба он дода шавад, ки ҳангоми пешгӯии рафтори ҷиноятӣ таваҷҷуҳ ба шахси мушаххас ё ба гурӯҳи одамон - микроҷомеа дода мешавад. Дар баробари ин, масъалаи хусусияти эҳтимолӣ низ ҳал мешавад: оё ин шахс (гурӯҳ) дар оянда ҷиноят содир карда метавонад? Ба монанди пешгӯии ҷиноятқорӣ, пешгӯии рафтори ҷиноятӣ вобаста ба миқёс (ҳаҷм) ва мундариҷа ба зернамудҳо ҷудо мешавад. Аз ҷумла:

1. Вобаста ба миқёс пешгӯии рафтори ҷиноятӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

а) пешгӯии рафтори ҷиноятии инфиродӣ. Ҳангоми пешгӯии рафтори ҷиноятии инфиродӣ диққати асосӣ ба сифатҳои шахсии шахс равона карда мешавад, яъне сохтори шахсияти шахс таҳлил карда мешавад. Дар ин маврид хусусиятҳои манфии сифатҳои субъективӣ ва объективӣ (иҷтимоию нақшӣ) қайд карда мешаванд, ки чун қоида метавонанд унсурҳои механизми иҷтимоию психологии рафтори ҷиноятиро ташкил диҳанд - ин нишонаи огоҳикунанда мегардад, ки дар оянда ин сифатҳо метавонанд сабаб ва шароитҳои рафтори ҷиноятӣ гарданд.

б) пешгӯии рафтори ҷиноятии гурӯҳӣ. Пешгӯии рафтори ҷиноятии гурӯҳӣ – ин мулоҳизаҳо дар бораи рафтори эҳтимолии ҷинояттии гурӯҳи одамон, ки дорои аломатҳои устуворӣ ва муттаҳидӣ доранд, мебошад. Аз тарафи дигар чунин намуди пешгӯӣ хеле муҳим буда, дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид, ба нақши роҳбар ва муҳити психологӣ дар гурӯҳи ҷиноятӣ диққати махсус додан лозим аст. Маълумотхои ба даст овардашуда имкон медиҳанд, ки барои пароканда кардани ин гурӯҳ сари вақт чораҳои дахлдор андешида шаванд.

2. Вобаста ба мазмун (мундариҷа) пешгӯии рафтори ҷиноятӣ ба чунин намудҳо ҷудо мешавад:

а) пешгӯии ретсидивӣ, яъне муайян кардани эҳтимолияти содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсоне, ки қаблан ҷиноят содир кардаанд (ниг. ба моддаи 21 КҶ ҶТ);

б) пешгӯии пешакӣ, яъне муайян кардани эҳтимолияти рафтори ҷиноятии шахсоне, ки то ҳол ҷиноят содир накардаанд.

Панҷум, самти илмӣ-таҳқиқотии муқовимат ба терроризм бояд таҳвият дода шавад. Худи Қонун дар доираи ҳамкории байналмилалӣ омода намудани кадрҳо, мубодилаи таҷриба ва гузаронидани таҳқиқоти илмии муштаракро пешбинӣ менамояд. Ин муқаррарот метавонад барои таъсиси низоми мунтазами таҳқиқоти криминологӣ ва ҳуқуқии терроризм асоси институтсионалӣ бошад.

Хулоса. Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» нишон медиҳад, ки дар низоми ҳуқуқии миллӣ заминаҳои модели комплексии муқовимат ташаккул ёфтаанд. Хусусияти муҳими он афзалият додан ба пешгирӣ, пайвастани чораҳои ҳуқуқӣ бо чораҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва иттилоотӣ, таъсиси низоми субъектҳои махсус ва эътирофи зарурати ҳамкории байниидоравӣ мебошад.

Дар шароити таҳдидҳои муосир рушди минбаъдаи ин модел бояд ба гузариш аз вокуниш ба ҳодисаи террористӣ ба идоракунии пешакии хавфи террористӣ нигаронида шавад.

Модели пешниҳодшаванда метавонад чунин ифода карда шавад: мониторинги таҳдидҳо, муайян намудани омилҳои хавф, арзёбии хавф, чораҳои пешгирикунандаи мутаносиб, ҳамкории байниидоравӣ, мониторинги натиҷа, арзёбии самаранокӣ, такмили сиёсати ҳуқуқӣ.

Дар ин замина самтҳои афзалиятноки такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро рушди институти арзёбии хавф и террористӣ, ташкили механизми арзёбии самаранокии чораҳои пешгирӣ, такмили муқовимати ҳуқуқӣ ба таҳдидҳои рақамӣ, таҳвияти ҳамкории байниидоравӣ ва рушди таъминоти илмии сиёсати зиддитеррористӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, самаранокии муқовимат ба терроризм дар шароити муосир на танҳо аз қобилияти давлат барои қатъ намудани амали террористӣ, балки аз қобилияти пешакӣ муайян кардан, арзёбӣ намудан ва коҳиш додани хавфҳое вобаста мебошад, ки метавонанд ба ташаккули фаъолияти террористӣ мусоидат намоянд.

Адабиёт

1. Kudratov, N. Features of subjective attributes of state treason: Criminal law and psychological analysis / N. Kudratov // Journal of Advanced Research in Dynamical and Control Systems. – 2020. – Vol. 12, No. 2. – P. 2863-2869.
2. Kudratov, N.A. Economic aspects of countering extremism / N. A. Kudratov, N. I. Shokhzoda // Актуальные проблемы современного государства, общества и права. – 2025. – No. 1(5). – P. 54-66.
3. Кудратов, Н. А. Публичные призывы к осуществлению экстремистской деятельности и публичное оправдание экстремизма с использованием сети «Интернет» (на примере Республики Таджикистан) / Н. А. Кудратов // Вестник Владимирского юридического института. – 2020. – № 1(54). – С. 217-222.
4. Кудратов, Н.А. Цифровой экстремизм: угроза национальной безопасности и способы противодействия / Н. А. Кудратов, М. М. Акилова // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2025. – № 2(103). – С. 50-61.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба терроризм” https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=140757#
6. Маҳмадизода, Н. Д. Роҳҳои самараноки муқовимат ба зидди идеологияи терроризм дар байни ҷавонон / Н.Д. Маҳмадизода, Ғ.Д. Маҳмадиев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2024. – No. 2-1. – P. 11-15.
7. Назаралиев, Ф. А. Ҳамкориҳои давлатҳои Осиёи Миёна ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва экстремизми минтақавӣ дар замони муосир / Ф. А. Назаралиев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. – No. 4. – P. 274-279.
8. Орифҷонова, Н. Р. Ҷанбаҳои фалсафӣ-иҷтимоии муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар ҷаҳони муосир / Н. Р. Орифҷонова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2020. – No. 3. – P. 57-64.
9. Самтҳои инноватсионии таҳқиқоти илмӣ: ҳамгироии донишҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ: Маводҳои Конфронси 1-уми байналмилалии байнифаннӣ, Душанбе, 25 февраля 2026 года. – Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 2026. – 432 р.
10. Уголовная политика: основные направления на современном этапе / Н. Ю. Лебедев, П. В. Яковинов, Е. Н. Петухов [и др.]. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2023. – 169 с.

УДК: 347

ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Идибеков Абдулҳамид Амирмусаябович

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, декани факултети таърих, педагогика ва методикаи таълимӣ ибтидои, муаллими калон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э. Муҳиддин – 63. Телефон: (+992) 909 300 149. E-mail: muhammad2222@mail.ru.

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи комплексӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳлил намуда, аҳамияти фаъолияти онҳо дар рушди иқтисоди миллӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалии иқтисодиро асоснок менамояд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши равандҳои сармоягузорӣ масъалаи фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ барои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Аз ин нуқтаи назар, омӯзиши шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар ҷараёни таҳқиқ шаклҳои асосии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, аз ҷумла филиалҳо, намояндагиҳо, корхонаҳои муштарак ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои ҳуқуқӣ, тартиби таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти онҳо муайян карда шудаанд. Ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба танзими давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, андозбандӣ ва мушкилоти амалии фаъолияти субъектҳои хориҷӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки такмили низоми қонунгузорӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ ва мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ метавонанд ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Калидвожаҳо: шахси ҳуқуқии хориҷӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, филиал, намояндагӣ, корхонаи муштарак, сармоягузории хориҷӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, қонунгузорӣ, танзими ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ФОРМЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ИНОСТРАННЫХ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Идибеков Абдулхамид Амирмусаябович

Таджикский педагогический институт в Раштском районе, декан факультета истории, педагогики и методики начального обучения, старший преподаватель. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Гарм, ул. Э. Мухиддин – 63. Телефон: (+992) 909 300 149. E-mail: muhammad2222@mail.ru

В статье комплексно исследуются теоретические и практические вопросы организационно-правовых форм деятельности иностранных юридических лиц в Республике Таджикистан. Автор анализирует правовые основы функционирования иностранных субъектов на базе национального законодательства, международно-правовых норм и зарубежного опыта, обосновывая их значимость в развитии национальной экономики и расширении международного экономического сотрудничества. В условиях глобализации экономики и активизации инвестиционных процессов формирование благоприятной правовой среды для деятельности иностранных инвесторов становится одним из приоритетных направлений государственной экономической политики. В этой связи исследование организационно-правовых форм участия иностранных юридических лиц в экономике Республики Таджикистан приобретает важное научное и практическое значение.

В ходе исследования рассмотрены основные формы деятельности иностранных юридических лиц, включая филиалы, представительства, совместные предприятия и хозяйственные общества, а также определены особенности их правового статуса, порядка создания, государственной регистрации и осуществления деятельности. Особое внимание уделено вопросам государственного регулирования, защиты прав иностранных инвесторов, налогообложения и практическим проблемам функционирования иностранных субъектов на территории Республики Таджикистан. Автор приходит к выводу, что совершенствование национального законодательства, упрощение административных процедур и гармонизация правовых норм с международными стандартами способны повысить эффективность деятельности иностранных юридических лиц, улучшить инвестиционный климат и способствовать дальнейшему развитию международного экономического сотрудничества.

Ключевые слова: иностранное юридическое лицо, организационно-правовые формы, филиал, представительство, совместное предприятие, иностранные инвестиции, внешнеэкономическая деятельность, законодательство, правовое регулирование, Республика Таджикистан.

ORGANIZATIONAL AND LEGAL FORMS OF ACTIVITY OF FOREIGN LEGAL ENTITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Idibekov Abdulhamid Amirmusayabovich

Tajik Pedagogical Institute in Rasht District, Dean of the Faculty of History, Pedagogy and Methods of Primary

Education, Senior Lecturer. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Garm city, E. Mukhiddin Street – 63. Phone: (+992) 909 300 149. E-mail: muhammad2222@mail.ru

The article comprehensively examines the theoretical and practical issues related to the organizational and legal forms of activity of foreign legal entities in the Republic of Tajikistan. The author analyzes the legal foundations governing the activities of foreign entities based on national legislation, international legal norms, and foreign legal practice, substantiating their significance for the development of the national economy and the expansion of international economic cooperation. In the context of economic globalization and the intensification of investment processes, the creation of a favorable legal environment for foreign investors has become one of the priority directions of state economic policy. Therefore, the study of organizational and legal forms of participation of foreign legal entities in the economy of the Republic of Tajikistan possesses considerable scientific and practical relevance.

The research examines the main forms of activity of foreign legal entities, including branches, representative offices, joint ventures, and business companies, and identifies the peculiarities of their legal status, establishment procedures, state registration, and operational activities. Particular attention is paid to issues of state regulation, protection of foreign investors' rights, taxation, and practical problems arising in the activities of foreign entities within the territory of the Republic of Tajikistan. The author concludes that the improvement of national legislation, simplification of administrative procedures, and harmonization of domestic legal norms with international standards can enhance the efficiency of foreign legal entities, improve the investment climate, and contribute to the further development of international economic cooperation.

Keywords: foreign legal entity, organizational and legal forms, branch, representative office, joint venture, foreign investment, foreign economic activity, legislation, legal regulation, Republic of Tajikistan.

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, густариши робитаҳои хориҷии иқтисодӣ ва афзоиши равандҳои сармоягузорӣ масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус касб менамояд. Равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас расонида, ба ҳамгироии давлатҳо дар фазои иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими ҷалби сармоягузорӣ, воридсозии технологияҳои навин, рушди муҳити соҳибкорӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ баромад менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ҷиҳати ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва такмили низоми ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хориҷӣ тадбирҳои пайгиронаро амалӣ намуда истодааст.

Бо вуҷуди мавҷуд будани заминаи муайяни меъёрии ҳуқуқӣ дар самти фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ як қатор мушкилот ба назар мерасанд, ки ба муайян намудани мақоми ҳуқуқии онҳо, расмиёти бақайдгирии давлатӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, рушди иқтисодиёти бозорӣ ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқии танзими шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷиро ба миён меорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои мазкур аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Методология. Дараҷаи омӯзиши илмии масъала дар осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи граждани, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ инъикос гардидааст. Масъалаҳои вобаста ба табиати ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ ва фаъолияти онҳо дар таҳқиқоти В. П. Грибанов, Е. А. Суханов, А. П. Сергеев, Ю. К. Толстой ва дигар муҳаққиқон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва сармоягузории хориҷӣ дар корҳои илмии И. Ш. Назаров, М. Шаропов, инчунин дар гузоришҳо ва таҳлилҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла UNCTAD ва Бонки ҷаҳонӣ, таҳқиқ шудаанд. Бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳои вобаста ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқи комили илмиро талаб менамоянд.

Ҳадафи мақола аз таҳлили комплексии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо ва ошкор сохтани мушкилоти мавҷудаи амалияи ҳуқуқӣ иборат мебошад. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили системавӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ ва формалӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд, ки имконият медиҳанд моҳияти падидаҳои ҳуқуқии таҳқиқшаванда ошкор гардида, самтҳои такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ муайян карда шаванд.

Натиҷаҳо. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хосса пайдо мекунад. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши ҷалби сармояи хориҷӣ зарурати таҳкими заминаи ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои хориҷиро ба миён оварда, омӯзиши шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо дар низоми ҳуқуқии миллӣро мубрам мегардонад.

Мувофиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои иқтисодиро таъмин менамояд [8]. Дар ин замина, фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар қаламрави кишвар дар асоси қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла Кодекси мадданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои махсуси соҳаи сармоягузорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ танзим карда мешавад [2; 5; 6].

Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан тавассути таъсиси филиалҳо, намояндагиҳо, корхонаҳои муштарак ва дигар шаклҳои иштироки мустақим ё ғайримустақим дар фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мегарданд. Ҳар яке аз ин шаклҳо дорои хусусиятҳои хоси ҳуқуқӣ буда, бо тартиби муайяни бақайдгирӣ ва танзими давлатӣ ба роҳ монда мешаванд[4].

Масъалаи танзими ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ низ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин робита, таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки самаранокии низоми мавҷудаи ҳуқуқӣ арзёбӣ гардад ва роҳҳои такмили он муайян карда шаванд [10, с. 84–89; 13, с. 112–118].

Аҳамияти омӯзиши мавзуи мазкур инчунин дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти субъектҳои хориҷӣ ба рушди иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузориҳо ва ташкили ҷойҳои нави корӣ таъсири мустақим мерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад [5; 14, с. 23–29].

Ҳадафи ин мақола таҳлили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии онҳо мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои таҳлили ҳуқуқӣ, муқоисавӣ ва мантиқӣ истифода шудаанд.

Дар илми ҳуқуқи мадани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ эътироф гардида, дорои молу мулки алоҳида, ҳуқуқу уҳдадориҳои мустақил ва қобилияти иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад [3, с. 41–45]. Мувофиқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ба даст оварда, уҳдадориҳоро иҷро намояд ва дар суд ҳамчун даъвогар ё ҷавобгар иштирок кунад [2].

Дар шароити рушди муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ нақши шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар иқтисодиёти давлатҳо мунтазам меафзояд. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ субъекте ба ҳисоб меравад, ки мутобиқи қонунгузории давлати хориҷӣ таъсис ёфта, фаъолияти худро берун аз ҳудуди давлати таъсисдиҳанда амалӣ менамояд [12, с. 214–219]. Мақоми ҳуқуқии чунин субъектҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад [7].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи муайян намудани табиати ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ яке аз мавзӯъҳои муҳими назариявӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи В. П. Грибанов, шахси ҳуқуқӣ пеш аз ҳама шакли ташкилии иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ буда, фаъолияти он ба воситаи низоми муайяни идоракунӣ ва моликияти ҷудогона таъмин карда мешавад [3, с. 52–58]. Е. А. Суханов низ қайд менамояд, ки шахсони ҳуқуқӣ унсури муҳими муомилоти маданӣ мебошанд ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ бе иштироки онҳо ғайриимкон аст [12, с. 228–231].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бештар дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии филиал, намояндагӣ, корхонаи муштарак ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ амалӣ мегардад [4]. Ин шаклҳо бо тартиби махсуси таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти ҳуқуқӣ фарқ мекунанд. Филиал ҳамчун воҳиди ҷудогонаи шахси ҳуқуқӣ берун аз маҳалли ҷойгиршавии асосии он таъсис дода шуда, метавонад пурра ё қисман вазифаҳои шахси ҳуқуқиро иҷро намояд [2]. Намояндагӣ бошад, асосан барои ҳимояи манфиатҳо ва анҷом додани амалҳои намояндагӣ ташкил карда мешавад.

Корхонаҳои муштарак яке аз шаклҳои маъмултарини фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки сармояи хориҷӣ ва дохилӣ дар доираи як субъекти ҳуқуқӣ муттаҳид гардида, фаъолияти муштараки иқтисодӣ амалӣ карда шавад [5]. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ кафолатҳои муайяни ҳуқуқӣ ва иқтисодиро пешбинӣ менамояд, ки ба рушди муҳити сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки аксари давлатҳо барои фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ низоми махсуси ҳуқуқӣ муқаррар менамоянд. Ин низом одатан масъалаҳои бақайдгирӣ, андозбандӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сармоягузоронро дар бар мегирад [13, с. 156–162]. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ кӯшиш менамояд, ки механизми самараноки танзими фаъолияти субъектҳои хориҷиро ташаккул диҳад [14, с. 41–47].

Ҳамин тавр, фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун субъекти муҳими муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва густариши ҳамкориҳои хориҷӣ нақши муҳим доранд. Самаранокии фаъолияти онҳо аз сатҳи такмили танзими ҳуқуқӣ ва мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ вобаста мебошад [10, с. 93–97; 15, с. 120–124].

Дар амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ асосан тавассути филиалҳо, намояндагиҳо, корхонаҳои муштарак ва ҷамъиятҳои дорои сармояи хориҷӣ амалӣ карда мешавад. Ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои ҷалби сармоягузорӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти муҳим доранд [5].

Яке аз шаклҳои маъмултарини фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ филиал ба ҳисоб меравад. Филиал воҳиди ҷудогонаи шахси ҳуқуқӣ буда, берун аз маҳалли ҷойгиршавии асосии он таъсис дода мешавад ва метавонад пурра ё қисман вазифаҳои ташкилоти асосиро иҷро намояд [2]. Дар амалия аксари ширкатҳои хориҷӣ фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз тавассути филиалҳо ба роҳ мемонанд, зеро ин шакл имконияти васеи анҷом додани фаъолияти соҳибкориро фароҳам месозад.

Намояндагӣ низ яке аз шаклҳои паҳншудаи иштироки шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мебошад. Фарқияти асосии намояндагӣ аз филиал дар он аст, ки намояндагӣ ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти мустақили соҳибкориро надорад ва бештар вазифаи муаррифӣ, ҳимояи манфиатҳои ташкилоти хориҷӣ ва рушди робитаҳои тиҷоратиро иҷро мекунад [4].

Дар амал намояндагиҳо бештар аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ, бонкҳо ва ширкатҳои бузурги хориҷӣ истифода мешаванд.

Дар солҳои охир фаъолияти корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфтааст. Корхонаҳои муштарак одатан дар соҳаҳои сохтмон, энергетика, саноат, хизматрасонӣ ва тиҷорат таъсис дода мешаванд [15, с. 132–138]. Афзалияти чунин шакл дар он зоҳир мегардад, ки сармоягузорони хориҷӣ метавонанд бо истифода аз имкониятҳои иқтисодии дохилӣ ва шарикони маҳаллӣ фаъолияти самаранокро ба роҳ монанд.

Муҳокима. Бо вуҷуди ин, дар амалияи фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ баъзе мушкилот низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, масъалаҳои вобаста ба расмиёти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд ба фаъолияти самараноки субъектҳои хориҷӣ таъсир расонанд [14, с. 58–63]. Баъзе муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки соддагардонии расмиёти маъмурӣ ва мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ аҳамияти муҳим дорад [13, с. 174–179].

Таҳлили амалияи ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ заминаи муайяни ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Қонунҳои амалкунанда кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорони хориҷиро пешбинӣ намуда, принсипи баробарии субъектҳои фаъолияти иқтисодиро эътироф мекунанд [5; 8]. Ин омил барои рушди ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи амалии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои иштироки онҳо дар иқтисоди миллӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд. Дар баробари ин, такмили низоми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои танзими давлатӣ метавонад ба рушди боз ҳам фаъоли фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат намояд [10, с. 101–105].

Хулоса. Таҳқиқи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва густариши равандҳои сармоягузорӣ нақши чунин субъектҳо дар иқтисоди миллӣ мунтазам меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати иштирокчии муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ барои фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ заминаи муайяни ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ фароҳам овардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар кишвар асосан тавассути филиалҳо, намояндагиҳо, корхонаҳои муштарак ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар яке аз ин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои махсуси ҳуқуқӣ буда, вобаста ба мақсад ва самти фаъолияти субъектҳои хориҷӣ истифода мегарданд [2; 4].

Таҳлил нишон дод, ки филиалҳо имконияти анҷом додани фаъолияти мустақили соҳибкориро доранд, дар ҳоле ки намояндагиҳо бештар вазифаи намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои ташкилоти хориҷиро иҷро менамоянд. Корхонаҳои муштарак бошанд, ҳамчун шакли самараноки ҳамкории иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ барои ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак аҳамияти калон доранд [5].

Дар баробари ин, дар фаъолияти амалии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ баъзе мушкилот низ мушоҳида мегарданд, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба расмиёти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ ва мутобиқсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи иқтисоди байналмилалӣ [14, с. 66–70]. Аз ин рӯ, такмили қонунгузорӣ ва соддагардонии механизмҳои маъмурӣ метавонад ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унсури муҳими рушди иқтисоди миллӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Самаранокии фаъолияти онҳо аз сатҳи танзими ҳуқуқӣ, кафолати ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва мутобиқати қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ вобаста мебошад [10, с. 106–110; 13, с. 180–184].

Адабиёт

1. Брагинский М. И., Витрянский В. В. Ҳуқуқи шартномавӣ. — М. : Статут, 2011.
2. Гражданский кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум ва дуюм). — Душанбе, 1999–2005.
3. Грибанов В. П. Шахсони ҳуқуқӣ. — М. : Наука, 2001.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ». — Душанбе, 2019.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». — Душанбе, 2021.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ». — Душанбе, 2013.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». — Душанбе, 2018.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 1994 (бо тағйиру иловаҳо).
9. Шарҳи Гражданский кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон / таҳрири М. З. Раҳимов. — Душанбе, 2012.
10. Назаров И. Ш. Омӯзиши муқоисавии ҳуқуқи фаъолияти иқтисодии хориҷии кишварҳои ИДМ. — Тошканд, 2012.
11. Сергеев А. П., Толстой Ю. К. Ҳуқуқи гражданӣ. — М. : Проспект, 2012.
12. Суханов Е. А. Ҳуқуқи гражданӣ: дар 2 ҷилд. — М. : БЕК, 2010.
13. UNCTAD. World Investment Report 2023: International Tax and Investment Policy. — United Nations, New York, 2023.
14. World Bank. Doing Business 2020: Economy Profile of Tajikistan. — Washington, D.C., 2020.
15. Шаропов М. Танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе : Ирфон, 2010.

УДК 342.9:336.744(575.3)

ҶАНБАҲОИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдурраҳмон Ҷовидон Баҳром

Докторанти (PhD-и) кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе

Мақола ба таҳқиқи маҷмӯии асосҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзими асъор ва назорати давлатии асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асари мазкур табиати ҳуқуқии муносибатҳои асъорӣ ҳамчун институти идоракунии оммавӣ ошкор гардида, хусусияти салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон ва агентҳои ваколатдори назорати асъор мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф чолишҳои асосии таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро таҳлил намудааст: нигоҳдории гардиши пинҳонии асъори нақди хориҷӣ, тағйирёбии расмиёти назоратӣ дар шароити рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин монеаҳои маъмурӣ ҳангоми баргардонидани даромади асъории содиротӣ.

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи маъмурӣ, танзими асъор, назорати асъор, Бонки миллии Тоҷикистон, КҲМ ҶТ, ҷавобгарии маъмурӣ, баргардонидани даромади асъорӣ, сомонӣ, рақамикунонии назорати асъор, амнияти молиявӣ.

АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ВАЛЮТНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И КОНТРОЛЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Абдуррахмон Джовидон Бахром

Докторант (PhD) кафедры административного и финансового права юридического факультета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе

Статья посвящена комплексному исследованию административно-правовых основ валютного регулирования и государственного валютного контроля в Республике Таджикистан. В работе раскрывается правовая природа валютных отношений как института публичного управления, исследуется специфика компетенции Национального банка Таджикистана и уполномоченных агентов валютного надзора. Автором проанализированы ключевые вызовы правоприменительной практики: сохранение теневого оборота наличной иностранной валюты, трансформация контрольно-надзорных процедур в условиях цифровизации финансовых услуг, а также административные барьеры при репатриации экспортной выручки.

Ключевые слова: Республика Таджикистан, административное право, валютное регулирование, валютный контроль, Национальный банк Таджикистана, КоАП РТ, административная ответственность, репатриация валютной выручки, сомони, цифровизация валютного надзора, финансовая безопасность.

ADMINISTRATIVE AND LEGAL ASPECTS OF CURRENCY REGULATION AND CONTROL IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Abdurrahmon Jovidon Bahrom,

PhD student at the Department of Administrative and Financial Law, Faculty of Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe

The article is devoted to a comprehensive study of the administrative and legal framework for currency regulation and state currency control in the Republic of Tajikistan. The paper reveals the legal nature of currency relations as an institution of public administration and explores the specific competence of the National Bank of Tajikistan and authorized agents of currency supervision. The author analyzes key challenges of law enforcement practice: the persistence of the shadow cash foreign currency turnover, the transformation of supervisory procedures amidst the digitalization of financial services, and administrative barriers in the repatriation of export earnings.

Keywords: Republic of Tajikistan, administrative law, currency regulation, currency control, National Bank of Tajikistan, Code of Administrative Offences, administrative liability, repatriation of export earnings, somoni, digitalization of currency supervision, financial security

Муқаддима. Таъмини суботи макроиқтисодӣ, ҳимояи тавозуни пардохт ва нигоҳдории қобилияти харидории воҳиди пули миллӣ – сомонӣ – самтҳои афзалиятноки бунёдии сиёсати ҳуқуқи оммавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Дар воқеияти муосири геоиқтисодӣ, ки бо ноустувории бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, тағйирёбии занҷираҳои савдои хориҷӣ ва вобастагии баланди бозори дохилӣ аз гардиши фаромарзии маблағҳои пулӣ тавсиф меёбад, такмили механизми маъмурӣ-ҳуқуқии батанзимдарории муносибатҳои асъорӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

Аз дидгоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ, танзими асъор соҳаи хоси фаъолияти идоракунии оммавии мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия ва мақомоти дорои салоҳияти махсус – қабл аз ҳама Бонки миллии Тоҷикистонро ифода менамояд. Фаъолияти мазкур тавассути амалҳои зерин татбиқ карда мешавад:

- муқаррар намудани қоидаҳои ҳатмии рафтор барои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ҳангоми анҷом додани амалиёти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим бо арзишҳои асъорӣ;

- ҷорӣ намудани низоми тафриқабандишудаи иҷозатҳои меъёрӣ, маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои мустақим нисбат ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории асъори хориҷӣ ва дороиҳои асъорӣ;

- ташаккул додани монеаҳои самараноки ҳуқуқӣ бар зидди хуруҷи беназорати сармоя ва пешгирии амалиёти ғайриқонунии мубодилаи асъор.

Танзими асъор бо институти назорати давлатии асъор робитаи ҷудонашаванда дошта, ҳамроҳ бо он механизми ягонаи ҳифзкунанда ва танзимкунандаро ташкил медиҳад. Меъёрҳои маъмурӣ-асъорӣ хусусияти возеҳи императивӣ (ҳатмӣ) дошта, тавассути усули ҳокимона (мартабатӣ) амалӣ карда мешаванд ва барои таъмини тавозун миёни манфиатҳои фискалии оммавии давлат ва манфиатҳои ҳуқуқи хусусии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешбинӣ шудаанд. Дар баробари ин, таҷрибаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» [2], санадҳои зериқонунии танзимкунанда, инчунин меъёрҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] аз мавҷудияти як қатор ихтилофоти (коллизияҳои) ҳуқуқӣ, камбудиҳо дар ҳамкории байниидоравӣ ва монеаҳои расмиётӣ (проседуравӣ) гувоҳӣ медиҳад, ки дарки назариявӣ ва такмили қонунгузориро тақозо менамоянд.

Вобаста ба ин, мақсади таҳқиқоти мазкур аз таҳлили маҷмӯии маъмурӣ-ҳуқуқии ҳолати муосири механизми танзими асъор ва назорати давлатии асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда оид ба такмили он иборат мебошад.

Методология. Заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро муқаррароти бунёдии илми ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ ташкил медиҳанд, ки дар асарҳои чунин олимон, ба монанди Д.Н. Бахрах, Ю.М. Козлов, И.В. Хаменушко, Г.А. Тосунян, Ю.А. Крохина, А.В. Емелин ва дигарон инъикос ёфтаанд. Хусусиятҳои фазои ҳуқуқии миллӣ, муҳити институтсионалӣ ва хусусияти танзими муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ ва молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон олимони ҳуқуқшинос ва иқтисоддони ватанӣ: Ғафурзода А.Д., М.С. Рачабов, Ш.М. Исмаилов, Д.Ш. Сангинзода, А.М. Диноршоев, Рустамзода Ҷ. Ю., Ҳ.М. Каримов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар баробари ин, тадқиқоти маъмурӣ-ҳуқуқии механизмҳои назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти чолишҳои муосири таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ кам омӯхта шудаанд, ки ин навгонии илмии кори мазкурро таъкид менамояд.

Дар доктринаи муосири ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ танзими асъор ҳамчун шакли хоси таъсиррасонии идоракунии ҳокимияти оммавӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Чи тавре ки олими ҳуқуқшинос И.В. Хаменушко дуруст таъкид менамояд, моҳияти танзими асъор дар муқаррар намудани тартиби меъёрии анҷомдиҳии аҳдҳо бо арзишҳои асъорӣ, тафриқабандии низомҳои ҳуқуқӣ барои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, инчунин ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои асосноки ҳуқуқи оммавӣ бо мақсади ҳимояи тавозуни пардохт ва суботи воҳиди пули миллӣ зоҳир мегардад [9, с. 43]. Аз дидгоҳи илми бунёдии ҳуқуқи маъмурӣ, ки асосҳои он дар таҳқиқоти Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский ва Ю.Н. Старилов гузошта шудаанд, механизми танзими асъор асосан дар заминаи усули субординатсия ва супоришҳои мустақими ҳокимиятӣ амал мекунад. Мақомоти маъмурияти оммавӣ бо ваколатҳои меъёргузорӣ, иҷозатномадиҳӣ ва назоратӣ таъмин карда мешаванд, ки ин гардиши асъорро ба соҳаи амали низоми қатъии маъмурӣ-ҳуқуқӣ табдил медиҳад [4, с. 211].

Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои ниҳодии назорат дар соҳаи молиявию бонкӣ, Г.А. Тосунян ва А.Ю. Викулин нишон медиҳанд, ки назорати асъор идомаи мантиқии вазифаи танзимкунандаи давлат мебошад. Таъиноти асосии он аз санҷиши қонунияти амалиёти анҷомдодашаванда, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини ногузирии чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи оммавӣ иборат аст [8, с. 86]. Дар навбати худ, Ю. А. Крохина ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки назорати асъор бо соҳибихтиёрии фискалӣ ва монетарии давлат робитаи зич дошта, тавозунро миёни манфиатҳои оммавии ҳимояи низоми молиявӣ ва озодии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъмин менамояд [6, с. 513].

Нисбат ба низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равиш дар асарҳои олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ инкишоф ёфтааст. Аз ҷумла, М.С. Рачабов нишон медиҳад, ки низомҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт фишангҳои ҳавасмандкунанда ва ҳимоявиро (ҳифзиро) муттаҳид месозанд, ки дар онҳо фаъолияти назоратӣ ҳамчун кафолати таъмини қонуният баромад мекунад [7, с. 89].

Натиҷаҳо. Механизми институтсионалии танзими асъор ва назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бисёрсатҳаи субъектҳои маъмурияти оммавиро ифода менамояд, ки бо салоҳияти махсус таъмин шудаанд. Ҳалқаи асосии ин низом Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) мебошад, ки дорои табиати дуҷонибаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Аз як тараф, БМТ мақоми асосии танзими асъор ба шумор рафта, дорои ваколатҳои истисноии меъёргузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ мебошад; аз тарафи дигар, он вазифаҳои мақоми назорати асъорро иҷро карда, ваколатҳои назоратӣ ва юрисдиксиониро амалӣ менамояд. Чи тавре ки Г.А. Тосунян ва А.Ю. Викулин қайд мекунанд, тамаркузи вазифаҳои танзимкунанда ва назоратӣ дар ниҳоди бонки марказӣ бо зарурати вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳои бесуботии низоми молиявӣ ва нигоҳдории пардохтпазирии воҳиди пули миллӣ асоснок карда мешавад [8, с. 97].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Бонки миллии Тоҷикистон қоидаҳои анҷомдиҳии амалиёти асъориро муайян намуда, тартиби иҷозатномадиҳии фаъолияти бонкҳои ваколатдор ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкиро муқаррар менамояд, инчунин тартиби кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои резидентҳо ва ғайрирезидентҳоро ба танзим медарорад [2, 3]. Аз дидгоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ, ки шаклҳо ва усулҳои идоракунии давлатиро меомӯзад, тафриқабандии субъектҳои назорати асъор ба мақомот ва агентҳо аҳаммияти муҳим дорад. Чи тавре ки И.В. Хаменушко таъкид мекунад, мақомоти назорати асъор дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ оид ба додани супоришҳои ҳатмӣ ва татбиқи чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ мебошанд, дар ҳоле ки агентҳои назорати асъор вазифаҳои баҳисобгирию назоратӣ ва мониторингро дар доираи

ваколатҳои аз ҷониби давлат вогузоршуда бе ҳуқуқи мустақиман ба ҷавобгарии оммавӣ кашидан иҷро мекунанд [9, с. 79]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои молиявии ба БМТ ҳисоботдиҳанда ба сифати агентҳои назорати асъор баромад мекунанд[3].

Дар навбати худ, М.С. Раҷабов нишон медиҳад, ки самаранокии назорати маъмурӣ дар соҳаи амнияти молиявӣ бевосита аз ҳамоҳангии ҳамкории байниидоравии мақомоти соҳавии ҳокимияти иҷроия вобаста аст [7, с. 235]. Вобаста ба ин, модели институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии зичи Бонки миллиро бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ (дар қисмати назорати интиқоли фаромарзии арзишҳои асъорӣ) ва Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ (дар соҳаи баргардонидани даромади асъории содиротию воридотӣ) тақозо менамояд.

Муҳокима. Таҳлили таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ, мушкилоти низомӣ ва самтҳои такмили назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳолати муосири муносибатҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо алоқамандии мураккаби талаботи ҳуқуқи оммавӣ ва манфиатҳои хусусии хоҷагидории иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тавсиф меёбад. Самаранокии низоми маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳа на танҳо бо қатъияти манъкуниҳои меъёрӣ, балки бо чандирии воситаҳои назоратӣ ва қобилияти мутобиқшавии онҳо ба тағйироти сохтории иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Таҳлили маҷмӯии таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки се мушкилоти асосӣ муайян карда шаванд, ки дарки назариявӣ ва такмили қонунгузориро тақозо менамоянд.

Аз ҷумла:

1. Бахши ғайрирасмии бозори асъори нақдӣ ва ҳудуди маҷбуркунии маъмурӣ. Ислоҳоти бозори асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар барҳам додани шабакаи нуқтаҳои мубодилаи хусусии асъор ва мутамарказ гардонидани амалиёти мубодилавӣ танҳо дар хазинаҳои ташкилотҳои бонкӣ ифода ёфт, мақсади тақвияти мониторинги молиявии давлатӣ ва пешгирии ҳаннотии асъориро дошт. Дар баробари ин, таҷрибаи татбиқи ин тадбирҳо ихтилофи классикии байни танзими маъмурӣ ва қонуниятҳои ташаккули нархи бозориро нишон дод. Дар даврaҳои ноустувории қурб ва норасоии мавсимии асъори нақди хориҷӣ, талабот ногузир ба гардиши ғайрибонкӣ (ғайриқонунӣ) мегузарад.

Дар доктринаи илмии ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявӣ ин падида баҳои ҳамаҷониба гирифтааст. Чи тавре ки И. В. Хаменушко дуруст нишон медиҳад, фишори мустақими маъмурӣ ба инфрасохтори қонунии мубодила ҳангоми боқӣ мондани талаботи қонеънашудаи истеъмолӣ ба таври қонунӣ шароити ниҳодиро барои фаъолияти бахши ғайриқонунӣ фароҳам меорад. Дар навбати худ, Ю. А. Крохина диққатро ба он ҷалб менамояд, ки механизмҳои ҷазодиҳии ҷавобгарии маъмурӣ (аз ҷумла таркибҳои дар м. 541 КҲМ ҶТ пешбинишуда) вазифаи пешгирикунандаи худро аз даст медиҳанд, агар маҳдудиятҳои танзимкунанда бо фишангҳои иқтисодии таъмини пардохтпазирӣ ва механизмҳои чандири бартарафсозии фарқияти қурбҳо тақвият дода нашаванд.

Вобаста ба ин, зарурати бозбинии самти ҷазодиҳию таъқибии назорати маъмурӣ ба манфиати тафриқабандии ба хавфҳо нигаронидашуда ба миён меояд. Аз ин рӯ, пешниҳод намудан ҷоиз аст, ки ба диспозитсия ва таҳримҳои м. 541 КҲМ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дараҷабандии ҷавобгарии маъмурӣ вобаста ба миқёс ва хусусияти мунтазами кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Ҳуқуқвайронкуниҳои яккаратаи маишии шаҳрвандон аз фаъолияти касбии миёнаравони муташаккили ғайриқонунии молиявӣ ҷудо карда шуда, муҷозот танҳо нисбат ба гурӯҳи дуюм пурзӯр карда шавад ва ҳамзамон рушди сохторҳои бонкии ғайринақдӣ ҳавасманд карда шавад.

2. Рақамикунонии гардиши пулӣ, интиқолҳои фаромарзии P2P ва чолишҳои юрисдиксионии дороиҳои криптографӣ. Рақамикунонии босуръати хизматрасониҳои бонкӣ, густариши замимаҳои мобилии молиявӣ ва ҳаҷми бузурги интиқолҳои фаромарзии шахсони воқеӣ воқеияти комилан нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. Модели анъанавии назорати асъор, ки таърихан ба санҷиши ҳуҷҷатии муомилоти классикии бонкӣ нигаронида шуда буд, наметавонад моҳияти иқтисодии пардохтҳои хурд ва фаврии электрониро сари вақт муайян кунад. Барои соҳибихтиёрии пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи афзояндаи субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоббаробаркуниҳо бо истифодаи дороиҳои криптографии ғайримутамарказ ва стейблкоинҳо бидуни иштироки бонкҳои ваколатдор хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Дар таҳқиқоти илмии мактаби ҳуқуқии Г.А. Тосунян ва А.Ю. Викулин таъкид мешавад, ки тағйироти бахши молиявӣ гузариши консептуалиро аз назорати ретроспективии ҳуҷҷатӣ ба мониторинги пешгирикунандаи худкор талаб мекунад. Истифодаи расмиёти куҳани огоҳиномавию иҷозатдиҳӣ нисбат ба гардиши босуръати рақамӣ ё муомилоти шаҳрвандиро маҳдуд сохта, инчунин назорати оммавиро расман ва бесамар мегардонад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» бо боби махсус, ки низоми ҳуқуқии истифодаи воситаҳои молиявии рақамиро дар амалиёти фаромарзӣ танзим менамояд, пурра карда шавад. Ба таври меъёрӣ вазифадор намудани операторони низомҳои пардохтӣ ҷиҳати ҳамгиросозии сохторҳои худ бо низоми иттилоотии Бонки миллии Тоҷикистон бо ҷорӣ намудани алгоритмҳои худкори таҳлили хавфҳо бамаврид мебошад, то нишонаҳои тақсимкунии пардохтҳо ва хуруҷи ғайриқонунии сармоя бидуни бор кардани ҳисоботи зиёдатӣ ба дӯши шаҳрвандони софдил ошкор карда шаванд.

3. Монеаҳои маъмурӣ-расмиётӣ ва такмили назорати шартномаҳои савдои хориҷӣ. Иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Тоҷикистон бо муқаррароти қатъии маъмурии тасдиқи далели баргардонидани даромади асъории содиротӣ ва барасмиятдарории рақамҳои баҳисобгирии аҳдҳо дучор меоянд. Механизми амалкунандаи татбиқи ҳуқуқ аксар вақт ба дӯши содироткунандагони софдил бори гарони ҷавобгарии қатъии ҳуқуқи оммавиро аз рӯи моддаи 542 КҲМ ҶТ барои таъхири пардохт аз ҷониби ғайрирезидентҳо мегузорад, дар ҳоле ки монеаҳои воқеии хориҷӣ, таҳримӣ ва логистикӣ ба назар гирифта намешаванд.

Қоидаҳои бунёдии назарияи ҳуқуқи маъмурӣ, ки дар асарҳои Д. Н. Бахрах таҳия шуда, дар таҳқиқоти олими ватанӣ М.С. Раҷабов инкишоф ёфтаанд, аз он бармеоянд, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани субъектҳои хоҷагидорӣ дар сурати мавҷуд набудани имконияти воқеии иҷрои вазифаи пешбинишуда нораво мебошад. Вайрон кардани принсипи таносуби маҷбуркунии маъмурӣ ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор ба муҳити сармоягузорӣ ва фаъолнокии соҳибкорӣ зарар мерасонад. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад ки дар сатҳи санадҳои меъёрии БМТ, меъёрҳои КҲМ ҶТ ва меъёрҳои мурофиавии КМҲМ ҶТ муқаррароте мустаҳкам карда шавад, ки резидентро дар сурати пешниҳоди далелҳои пешбурди кори фаъоли даъвогӣ ё фаро расидани ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) дар қаламрави шарики хориҷӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон кардани муҳлати баргардонидани асъор озод намояд. Илова бар ин, ба анҷом расонидани ҳамгироии пурраи рақамии низоми «Равзанаи ягона» бо пойгоҳи додаҳои БМТ, Хадамоти гумрук ва Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ зарур аст, то гардиши такрории ҳуҷҷатҳои коғазӣ пурра аз байн бурда шавад.

Хулоса. Таҳқиқоти анҷомдодашудаи ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии танзими асъор ва назорати асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерини консептуалӣ ва пешниҳодҳои илмию амалӣ манзур карда шаванд:

1. Моҳияти назариявӣ-ҳуқуқӣ. Танзими асъор ва назорати асъор механизми ягонаи ҳуқуқи оммавии идоракунии давлатиро ифода менамоянд, ки асосан тавассути усули императивии мартабатӣ амалӣ карда мешавад. Дар шароити тағйироти сохтории савдои хориҷӣ, ин механизм бояд мувозинати байни ҳимояи соҳибихтиёрии пулӣ (суботи қурби сомонӣ, пешгирии хуруҷи сармоя) ва кафолати озодии фаъолияти қонунии иқтисодии хориҷиро таъмин созад;

2. Такмили сохтори ниҳодӣ. Бонки миллии Тоҷикистон вазифаҳои мақоми меъёргузорӣ, назорат ва юрисдиксияи маъмуриро дар худ муттаҳид менамояд. Барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии оммавӣ бартараф намудани парокандагии байниидоравӣ ва ба анҷом расонидани ҳамгироии рақамии пойгоҳҳои иттилоотии БМТ, Хадамоти гумрук ва Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ зарур аст, то расмиёти назоратӣ аз шакли коғазию бюрократӣ ба мониторинги саросарии электронӣ дар доираи низоми «Равзанаи ягона» гузаронида шавад;

3. Муосиргардонии қонунгузории ҷавобгарӣ. Низоми амалкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ (моддаҳои 541, 542 КҲМ ҶТ) гузаришро аз усули расмию ҷазодиҳӣ ба назорати тафриқабандишудаи ба хавфҳо нигаронидашуда тақозо мекунад. Аз ҷиҳати қонунгузорӣ муқаррар намудани презумпсияи бегуноҳии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҳолати вайрон шудани муҳлати баргардонидани даромади асъорӣ бо сабаби ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) ё исботи пешбурди фаъоли даъвогӣ нисбат ба шарикони беэътимоди хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

4. Мутобиқшавӣ ба чолишҳои технологияҳои молиявӣ ва рақамикунонӣ. Заминаи мавҷудаи ҳуқуқӣ ба ворид намудани меъёрҳое ниёз дорад, ки ҳисоббаробаркуниҳои фаромарзиро бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт, дороиҳои рақамӣ ва интиқолҳои мазкурро танзим менамоянд. Ташаккули «қуттиҳои регдори» танзимкунанда (regulatory sandboxes) ва қоидаҳои шаффофи мубодилаи ғайринақдӣ ҳаҷми гардиши ғайрирасмии асъори нақдро бе фишори зиёдатӣ ба дӯши субъектҳои софдили бозор ба ҳадди ақал мерасонад.

Татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда тақвияти кафолатҳои маъмурӣ-ҳуқуқии амнияти молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои оммавӣ ва хусусиро дар соҳаи гардиши асъор таъмин менамояд.

Адабиёт

1. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 455 (дар таҳрири амалкунанда) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 2008. - № 12. – Қ. 1. – Мод. 989.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» аз 13 июни соли 2013, № 964 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 2013. - № 6. – Мод. 412.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, № 722 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. С. 2019, №7, мод. 474.

4. Административное право: учебник / Д.Н. Бахрах, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов. -3-е изд., пересмотр. и доп. – М,.: Норма, 2008. – 816 с.

5. Козлов Ю.М. Административное право: учебник. – М.,: Юристъ, 1999. – 320 с.

6. Крохина Ю.А. Финансовое право России: учебник / Ю. А. Крохина. – 5-е изд., перераб. и доп. – М,.: Норма: ИНФРА-М, 2019. – 704 с.

7. Раҷабов М.С. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.С. Раҷабов. – Душанбе: Сино, 2018. – 480 с.

8. Тосунян Г.А. Валютное право Российской Федерации / Г.А. Тосунян, А.Ю. Викулин. – М.,: Дело, 2004. – 360 с.

9. Хаменушко И.В. Валютное регулирование в Российской Федерации: правила, контроль, ответственность: учеб.-практ. пособие. – М.,: Норма, 2013. – 352 с.

УДК: 517.55

МАСЪАЛАИ КАНОРИИ ҲАМРОҲШУДАИ СИНГУЛЯРИИ ФУНКСИЯҲОИ АНАЛИТИКӢ БО САРБОРӢ ДАР ТАРАФИ РОСТ

Шадманов Миралӣ Уракбайевич

номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, мудири кафедраи «Математикаи олӣ»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, E-mail: mirali.shadmanov.64@mail.ru; Тел.: 777071865.

Дар мақолаи мазкур масъалаи канории ҳамроҳшудаи сингулярии функсияҳои аналитикӣ бо сарборӣ дар тарафи рост тадқиқ карда мешавад. Муайян карда шудааст, ки шумораи ҳалҳои масъала дар синфи функсияҳои дар контур маҳдуд, аз мавҷудияти нулҳои коэффисиент тағйир наёфта, шумораи қутбҳои коэффисиент кам мешаванд. Инчунин нишон дода шудааст, ки шумораи ҳалҳои масъала аз мавҷудияти қутбҳои ҳамроҳшуда тағйир наёфта, онҳо тартиби суммаи нулҳои ҳамроҳшудаи аналитикиро кам мекунанд.

Калидвожаҳо: функсияи аналитикӣ, нол ва қутби характери аналитикӣ дошта, нол ва қутби ҳамроҳшуда, функсияҳои каноникӣ, масъалаи канории фуксияҳои аналитикӣ бо сарборӣ, палиноми интерполясионӣ, шарти Гелдер.

ЗАДАЧА СОПРЯЖЕНИЯ АНАЛИТИЧЕСКИХ ФУНКЦИЙ С ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМИ ЧЛЕНАМИ В ПЕРВЫХ ЧАСТЯХ В СИНГУЛЯРНОМ СЛУЧАЕ

Шадманов Мирали Уракбайевич

к.ф.-м.н., доцент заведующий кафедра высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова,64/14, E-mail: m. Shadmanov @tgfeu.tj; Тел.: 777071865.

В работе исследуется задачи сопряжения аналитических функций с дополнительными членами в правых частях в сингулярном случае. Установлено, что число решений задачи в классе функций, ограниченных на контуре, не изменяется от наличия у коэффициента задачи нулей и уменьшается на суммарный порядок всех полюсов. Также установлено, что число решений задачи в классе функций, ограниченных на контуре, не изменяется от наличия полюсов сопряжённо – аналитического характера у коэффициента задачи и уменьшается на суммарный порядок всех нулей сопряжённо аналитического характера.

Ключевые слова: аналитическая функция, нуль и полюс аналитического характера, нуль и полюс сопряжённо аналитического характера, каноническая функция, нагруженные краевые задачи, интерполяционный многочлен, условию Гельдера.

THE PROBLEM OF CONNECTING ANALYTICAL FUNCTIONS WITH ADDITIONAL TERMS IN THE FIRST PARTS IN THE SINGULAR CASE

Shadmanov Mirali Urakbayevich

Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Higher Mathematics, Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14, E-mail: m. Shadmanov @tgfeu.tj; Tel.: 777071865.

The work studies the problems of conjugating analytic functions with additional terms on the right-hand sides in the singular case. It has been established that the number of solutions to the problem in the class of functions bounded on the contour does not change due to the presence of zeros in the coefficient of the problem and decreases by the total order of all poles. It has also been established that the number of solutions to the problem in the class of functions bounded on the contour does not change due to the presence of poles of a conjugate analytical nature in the coefficient of the problem and decreases by the total order of all zeros of a conjugate analytical nature.

Так как индекс функции $\overline{t'(g)}$ на каждой из кривых $Г_1, Г_2 \ldots Г_m$ равен единице, а на кривой $Г_0$, равен (-1), тогда по этим краевым условиям однозначно определяются кусочно-аналитических функции $F_1^-(z)$ и $F_2^-(z)$, а вместе с ними однозначно находятся и плотности $\rho(t)$ и $\rho_1(t)$.

Очевидно, что для $\rho(t)$ и $\rho_1(t)$ выполняется условия (28), а из второй интеграл формулы (26), получим требуемое интегральное представление (25).

Сведение к СИУ. Используя интегральное представления (25) и формулы Сохотцкого, краевое условия (19) сводится к СИУ

$$\rho(\tau) = \frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{\rho(\tau)d\tau}{\tau - t} = A(t)t'(g)\mu(t) - \frac{A(t)}{\pi i}\int_Г \frac{\overline{\tau'(\tau)}\mu(\tau)d\tau}{\tau - t} + 2H(t) \qquad (29)$$

которое после выделения характеристической части принимает вид

$$[1 - A(t)\tau'(g)]g(t) = \frac{A(t)\tau'(g)}{2\pi i}\int_Г \frac{\rho(\tau)d\tau}{\tau - t} + \int_Г k(t,\tau)\rho(t)d\tau = 2H(t), \qquad (30)$$

где $k(t,\tau)$ слабо полярное ядро.

СИУ (29 и (30) равносильны краевой задаче (19) в том смысле, что каждому решению краевой задачи (19) отвечает единственное решение СИУ и наоборот, при этом отвечают линейно независимые решения однородного СИУ (однородной краевой задачи), т.е. однородная краевая задача и эквивалентное СИУ имеют одно и то же число линейно независимых решений.

СИУ
$$\psi(t) - \frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{\psi(\tau)d\tau}{\tau - t} = \overline{t'(g)}\left[A(t)t^{\square}(g) + \frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{A(\tau)\psi(\tau)d\tau}{\tau - t}\right] \qquad (31)$$

являются союзными с СИУ (29).

Пусть $\psi(t)$ есть решение союзного СИУ (31). С помощью интегралов типа Коши

$$\psi_1^-(z) = -\frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{\psi(\tau)d\tau}{\tau - t} \text{ и } \psi_2^-(z) = -\frac{1}{\pi i}\int_{Г^{\square}} \overline{t'(g)}$$

$$\psi_1^-(z) = -\frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{\psi(\tau)d\tau}{\tau - t} \text{ и } \psi_2^-(z) = -\frac{1}{\pi i}\int_Г \frac{\overline{A(\tau)\tau'^2(\tau)\psi(\tau)}d\tau}{\tau - t}, \ z \in D^-,$$

союзное СИУ (31) свернём в краевую задачу отыскания пары кусочно- аналитических функций $\psi_1^-(z)$ и $\psi_2^-(z)$ в совокупности областей D^-

$$\psi_1^-(t) = \overline{\tau'^2(g)\psi_2^-(t)},\ t \in \Gamma.$$

Последняя краевая задача распадается на m+1 краевую задачу для односвязных областей $D_0^-, D_1^-, \dots, D_m^-$. Из результатов работы [5] следует, что кусочно- аналитические функции $\psi_1^-(z)$ и $\psi_2^-(z)$ тождественно равно нулю в совокупности областей D^-. Последнее означает, что функций $\psi(t) = \psi_1(t)$ и $\overline{A(t)\psi(t)\tau'^2(g)} = \psi_2(t)$ является предельными значениями аналитических в области D^+ функций $\psi_1(t)$ и $\psi_2(t$. Исключая из последних равенств решение $\psi(t)$ союзного СИУ (31), приходим к краевой задаче

$$\psi_1^-(t) = \frac{\overline{t'^2(g)}}{A(t)}\ \overline{\psi_2^-(t)}, t \in \Gamma \qquad (32)$$

Очевидно, что краевую задача (32) и союзное СИУ (18) имеют одинаковое число линейно независимых решений. Обозначим это число через ℓ'.

Теорема. *Если коэффициенты задачи $a(t)$, $G_1(t)$ и $G_2(t)$ на контуре Г, отличаются от нуля, то смешанные краевые задачи* (1) - (3) *являются нетеревой, и при выполнении этих условий индекс задачи* (1) - (3) *вычисляется по формуле*

$$l - p' = \mathrm{IndA}(t) - m + 1 = \text{æ-m} + 1,$$

а неоднородная смешанная краевая задача разрешима тогда и только тогда, когда выполняются условия разрешимости вида

$$\int_\Gamma H(\tau)Q_1^{(k)}(\tau)d\tau = 0, k = 1,2,\cdots,p', \qquad (33)$$

где $Q_1^{(k)}(z), k = 1,2,\cdots,p'$ - фундаментальная система решений союзной задачи.

Заключение. В результате исследования смешанная краевая задача сопряжения в сингулярном случае сведена к эквивалентным постановкам, доказаны теоремы Нётера, а также определены число линейно независимых решений однородной задачи и условия разрешимости неоднородной краевой задачи.

Литература

1. Башкарев П. Г, Нечаев А. П., Чернецкий В. А. Об одной смешанной краевой задаче для пары кусочно-аналитических функций в многосвязной области. Зборник науковых праць, выпуск 6, Черновоцо, выдавнцство «Пруг»,2001, стр. 255-259.
2. Михайлов Л.Г. Краевая задача типа задачи Римана для систем дифференциальных уравнений первого порядка эллиптического типа и некоторые интегральные уравнения. Ученые записки Таджикского государственного университета. Сталинабад. 1957. Т. 10. С. 32-79.
3. Михайлов Л.Г. Новый класс особых интегральных уравнений и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. Душанбе, 1963,183 с.
4. Гахов Ф.Д. Краевые задачи Москва. Наука 1977, 640с.

УДК: 373.24

ШАРТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ АЛГОРИТМӢ ТАВАССУТИ МУНОСИБАТИ САЛОҲИЯТНОКӢ

Бойназарзода Ойтути Усмон

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллимаи кафедраи табиӣ – риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳо. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд. E-mail: outuli@mail.ru. Тел.(+992)936669092

Дар мақола масъалаи ташаккули қобилияи алгоритмии математикӣ дар омӯзгорони ояндаи синфҳои поёнӣ тавассути муносибати салоҳиятнокӣ баррасӣ мегардад. Шартҳои асосии педагогие, ки ба рушди тафаккури алгоритмӣ мусоидат мекунанд, муайян ва асоснок карда шудаанд. Нишон дода мешавад, ки татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ имконият фароҳам меорад, то донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малака ва салоҳиятҳои амалиро низ аз худ намоянд.

Калидвожаҳо: қобилияи алгоритмӣ, тафаккури алгоритмӣ, муносибати салоҳиятнокӣ, омӯзгори оянда, математика, синфҳои поёнӣ

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ ЧЕРЕЗ КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД

Бойназарзода Ойтути Усмон

Худжандский государственный университет имени академик Б. Гафурова, преподователь кафедры естественно-математических дисциплин, эстетического воспитания и их преподавания. Адрес: Республика Таджикистан, город Худжанд. E-mail: outuli@mail.ru. Тел.(+992)936669092

В статье рассматривается формирование математических алгоритмических способностей у будущих учителей начальных классов посредством компетентностного подхода. Определены и обоснованы основные педагогические условия, способствующие развитию алгоритмического мышления. Показано, что применение компетентностного подхода предоставляет возможность студентам овладеть не только теоретическими знаниями, но и практическими умениями и компетенциями.

Ключевые слова: алгоритмическая способность, алгоритмическое мышление, компетентностный подход, будущий преподаватель, математика, начальные классы

PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR THE DEVELOPMENT OF ALGORITHMIC ABILITIES THROUGH A COMPETENCY-BASED APPROACH

Boynazarzoda Oytuti Usmon

Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Lecturer at the Department of Natural Science and Mathematics Disciplines, Aesthetic Education, and Teaching Methods. Address: Republic of Tajikistan, Khujand. E-mail: outuli@mail.ru. Tel.: (+992) 936669092.

The article addresses the formation of mathematical algorithmic abilities in future primary school teachers through a competency-based approach. The main pedagogical conditions that contribute to the development of algorithmic thinking are identified and justified. It is shown that the implementation of a competency-based approach enables students to acquire not only theoretical knowledge but also practical skills and competencies.

Keywords: algorithmic ability, algorithmic thinking, competency-based approach, future teacher, mathematics, lower grades

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, масъалаи ташаккули тафаккури алгоритмӣ ва қобилияти алгоритмии хонандагон ва донишҷӯён аҳамияти махсус касб менамояд. Қобилияти алгоритмӣ на танҳо ҳамчун унсури муҳими омӯзиши фанҳои дақиқ, аз қабили математика ва информатика, балки ҳамчун ҷузъи таркибии салоҳиятҳои умумиинсонӣ ва касбӣ баррасӣ мегардад [1. 40].

Муносибати салоҳиятнокӣ дар низоми муосири маориф ба рушди шахсияти фаъол, мустақил ва қобили ҳалли масъалаҳои воқеӣ равона гардидааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи шартҳои педагогие, ки ташаккули қобилияти алгоритмиро дар заминаи муносибати салоҳиятнокӣ таъмин менамоянд, масъалаи мубрам ва дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад [5; 6].

Мафҳуми қобилияти алгоритмӣ ва моҳияти он

Қобилияти алгоритмӣ ҳамчун қобилияти дарк, таҳия, татбиқ ва таҳлили пайдарпаии амалҳои мантиқӣ барои ҳалли масъала муайян карда мешавад. Ин қобилият унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

Қобилияти таҳлили масъала- ин малака ва қобилиятест, ки имкон медиҳад донишҷӯён ё омӯзгорон як масъала ё масъалаҳои мураккабро бо истифодаи усулҳои мантиқӣ, математикӣ ва алгоритмӣ таҳлил кунанд.

Ҷудо намудани марҳилаҳои ҳалли он- ҷудо намудани марҳилаҳои ҳалли масъала яке аз унсурҳои муҳими ташаккули қобилияти таҳлили масъала ва рушди тафаккури алгоритмӣ ба ҳисоб меравад. Тақсим кардани раванди ҳал ба марҳилаҳои пайдарпай ба донишҷӯён ва омӯзгорони оянда имкон медиҳад, ки фаъолияти зеҳнии худро ба тартиб дароранд, пайдарпаии амалҳоро риоя намоянд ва натиҷаро дуруст арзёбӣ кунанд.

Сохтани модели алгоритмӣ- яке аз марҳилаҳои муҳими рушди тафаккури алгоритмӣ ва қобилияти таҳлили масъала ба ҳисоб меравад. Модели алгоритмӣ ин тасвири пайдарпай ва мантиқии қадамҳоест, ки барои ҳалли масъалаи муайян истифода мешаванд. Он метавонад дар шакли нақша, схема, ҷадвал, формула ё псевдокод пешниҳод гардад.

Татбиқи алгоритм дар ҳолатҳои гуногун- марҳилаи муҳим дар ташаккули қобилияти алгоритмӣ ва таҳлили масъала мебошад. Алгоритм танҳо вақте арзишманд аст, ки онро дар шароити тағйирёбанда ва масъалаҳои ҳамтип ё мураккаб истифода бурдан мумкин бошад. Ин раванд универсалӣ будани алгоритм ва қобилияти мутобиқшавии онро нишон медиҳад.

Баҳодиҳӣ ва ислоҳи натиҷаҳо- марҳилаи ниҳоӣ ва муҳим дар раванди ҳалли масъала ва татбиқи алгоритм мебошад. Ин марҳила имкон медиҳад, ки дурустӣ, асосноки ва самаранокии натиҷаи бадастомада санҷида шуда, дар ҳолати зарурӣ ислоҳ карда шавад. Он қисми ҷудонашавандаи тафаккури алгоритмӣ ва фаъолияти таҳлилӣ ба ҳисоб меравад.

Ташаккули қобилияти алгоритмӣ ба рушди тафаккури мантиқӣ, интиқодӣ ва эҷодии омӯзандагон мусоидат намуда, онҳоро барои фаъолияти мустақили зеҳнӣ омода месозад.

Методология. Муносибати салоҳиятнокӣ ҳамчун асоси методологӣ

Муносибати салоҳиятнокӣ ба натиҷаи таълим — яъне салоҳият — равона шудааст, ки маҷмӯи дониш, малака, қобилият ва таҷрибаи амалиро дар бар мегирад. Дар доираи ин муносибат омӯзанда на танҳо дониш мегирад, балки меомӯзад, ки онро дар вазъиятҳои воқеӣ истифода барад.

Ташаккули қобилияти алгоритмӣ дар заминаи муносибати салоҳиятнокӣ чунин хусусиятҳоро талаб мекунад:

- фаъолгардонии мавқеи омӯзанда дар раванди таълим;
- истифодаи масъалаҳои амалӣ ва проблемавӣ;
- ҳамгироии донишҳои фаннӣ;
- рушди худбаҳодиҳӣ ва рефлексия.

Натиҷаҳо. Шартҳои педагогии ташаккули қобилияти алгоритмӣ

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи педагогӣ метавон як қатор шартҳои асосии педагогиро ҷудо намуд:

Ташкили муҳити таълимии фаъол ва проблемавӣ

Муҳити таълим бояд омӯзандаро ба фикрронӣ, ҷустуҷӯ ва ҳалли мустақили масъалаҳо ҳавасманд намояд. Истифодаи масъалаҳои кушода, супоришҳои алгоритмӣ ва ҳолатҳои проблемавӣ дар ин раванд нақши калидӣ мебозад [3].

Истифодаи усул ва технологияҳои фаъоли таълим

Технологияҳои таълимии муосир, аз қабили таълими лоиҳавӣ, омӯзиши тадқиқотӣ, кори гурӯҳӣ ва истифодаи воситаҳои рақамӣ ба ташаккули қобилияти алгоритмӣ мусоидат мекунанд. Ин усулҳо омӯзандаро водор месозанд, ки алгоритмҳоро на танҳо азхуд, балки эҷод намояд.

Ҳамгироии фаннӣ

Қобилияти алгоритмӣ дар доираи як фан маҳдуд намешавад. Ҳамгироии фанҳои математика, информатика, физика ва ҳатто фанҳои гуманитарӣ имкон медиҳад, ки омӯзанда алгоритмҳоро дар контекстҳои гуногун истифода барад [6].

Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии омӯзандагон

Сатҳи омодагӣ, суръати фикрронӣ ва услуби омӯзиши ҳар як омӯзанда бояд ба назар гирифта шавад. Таълими дифференсиалӣ ва инфиродӣ дар ташаккули устувори қобилияти алгоритмӣ нақши муҳим дорад.

Рушди рефлексия ва худбаҳодиҳӣ

Муҳим аст, ки омӯзанда на танҳо натиҷаи фаъолияти худро бубинад, балки раванди сохтани алгоритм ва хатогиҳои худро таҳлил намояд. Ин ба ташаккули малакаҳои метатанқидӣ ва худидоракунӣ мусоидат мекунад.

Муҳокима. Ташаккули қобилияти алгоритмӣ тавассути муносибати салоҳиятнокӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки татбиқи маҷмӯи шартҳои педагогиро талаб мекунад. Муҳити таълимии фаъол, усулҳои муосири таълим, ҳамгироии фаннӣ ва рушди рефлексия омилҳои калидии ин раванд ба шумор мераванд.

Хулоса. Дар натиҷа, муносибати салоҳиятнокӣ имкон медиҳад, ки қобилияти алгоритмӣ на танҳо ҳамчун малакаи фаннӣ, балки ҳамчун салоҳияти муҳими ҳаётӣ ташаккул ёбад, ки барои омодасозии шахсияти рақобатпазир дар ҷомеаи муосир замина мегузорад.

Адабиёт

1. Хуторской А. В. Компетентностный подход в обучении. – М.: Эйдос, 2013.
2. Зимняя И. А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004.
3. Байденко В. И. Компетенции в профессиональном образовании. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2005.
4. Сластёнин В. А., Исаев И. Ф., Шиянов Е. Н. Педагогика. – М.: Академия, 2013.
5. Подласый И. П. Педагогика. – М.: Юрайт, 2016.
6. Полякова Т. А. Формирование алгоритмического мышления у студентов педагогических вузов. – М.: Просвещение, 2012.
7. Ершов А. П. Алгоритмическое мышление и его формирование в школе. – М.: Наука, 1981.
8. Беспалько В. П. Слагаемые педагогической технологии. – М.: Педагогика, 1989.
9. Давыдов В. В. Теория развивающего обучения. – М.: Интеллект-центр, 1996.
10. Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность. – М.: Политиздат, 1975.

УДК 517.956.22

СПЕКТРАЛЬНЫЕ СВОЙСТВА ОПЕРАТОРА ЛАПЛАСА-БЕССЕЛЯ В ВЕСОВЫХ ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ ПРОСТРАНСТВАХ

Гуфрони Нодирахон

доктор PhD Худжандского научного центра Национальной Академии наук Республики Таджикистан. Адрес: Республика Таджикистан, г. Худжанд, улица И. Сомони. Телефон: (+992) 927899008. E-mail: nodira.gufroni@mail.ru

Статья посвящена анализу спектральных характеристик сингулярных дифференциальных операторов. Основное внимание уделяется построению обобщенного преобразования Фурье-Бесселя и его применению к решению краевых задач. Рассматриваются вопросы сходимости спектральных разложений в пространствах с весом, что имеет важное значение для математического моделирования симметричных физических систем.

Ключевые слова: оператор Бесселя, преобразование Ханкеля, спектральный анализ, весовые пространства, сингулярные уравнения.

SPECTRAL PROPERTIES OF THE LAPLACE-BESSEL OPERATOR IN WEIGHTED FUNCTIONAL SPACES

Gufroni Nodirakhon

PhD, Khujand Scientific Center of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: I. Somoni Street, Khujand, Republic of Tajikistan. Phone: (+992) 927899008. E-mail: nodira.gufroni@mail.ru

The article is devoted to the analysis of the spectral characteristics of singular differential operators. The primary focus is on the construction of the generalized Fourier-Bessel transform and its application to solving boundary value problems. Issues regarding the convergence of spectral expansions in weighted spaces are considered, which is of significant importance for the mathematical modeling of symmetric physical systems.

Keywords: Bessel operator, Hankel transform, spectral analysis, weighted spaces, singular equations.

Введение. Развитие теории сингулярных дифференциальных уравнений тесно связано с необходимостью описания процессов в средах, где физические параметры претерпевают качественные изменения на границах раздела. Операторы типа Бесселя возникают в таких задачах естественным образом при использовании цилиндрических или сферических систем координат. Актуальность данной работы обусловлена поиском эффективных спектральных методов для решения уравнений с вырождающимися коэффициентами.

Спектральный анализ операторов с вырождающимися коэффициентами представляет собой сложную задачу, требующую применения специализированных интегральных преобразований. В отечественной науке методы сингулярных интегральных уравнений успешно развивались в трудах А. Д. Джураева [5] и Ш. А. Хайруллоева [3]. Данные исследования позволяют обосновать корректность применения преобразования Ханкеля для анализа спектра оператора Бесселя в неограниченных областях.

Материалы и методы исследования. Рассмотрим сингулярный оператор:

$$B_{\nu,x_n} = \frac{d^2}{dx^2} + \frac{2+1}{x}\frac{d}{dx}, \nu \succ -\frac{1}{2}$$

Для данного оператора фундаментальную роль играет оператор обобщенного сдвига T_x^y, который позволяет определить конструкцию свертки, адаптированную к структуре B_Y. В отличие от классического сдвига, весовой сдвиг сохраняет свойства симметрии относительно начала координат, что критично при анализе сингулярности в точке $x = 0$.

Для решения уравнений, содержащих B_Y, применяется спектральный метод, основанный на интегральном преобразовании Ханкеля (Фурье-Бесселя):

$$F_{\{\nu\}}[f](\lambda) = \int_0^\infty f(x) j_\nu(\lambda x) x^{2\nu+1}\, dx$$

где $j_\nu(\lambda x)$ — нормированная функция Бесселя. Данное преобразование переводит оператор дифференцирования Бесселя в оператор умножения на спектральный параметр, что позволяет эффективно решать неоднородные уравнения в спектральной области.

Результаты и обсуждение. При решении задач теплопроводности в цилиндрических системах, использование методов интегральных представлений, развитых Н. Р. Раджабовым [1], позволяет эффективно учитывать влияние сингулярности в центре системы, что минимизирует погрешность расчетов при моделировании нестационарных процессов.

Исследуемые спектральные свойства находят применение в задачах волновой динамики и теплопроводности в цилиндрических областях. В частности, спектральный подход позволяет анализировать резонансные явления в волноводах, где параметры среды зависят от радиальной координаты. Установлено, что в весовых пространствах $L_{2,Y}$ спектр оператора Бесселя является непрерывным, что требует использования специальных методов регуляризации при построении численных схем.

Результаты спектрального анализа оператора Бесселя находят эффективное применение при моделировании процессов теплопередачи в телах с радиальной симметрией (например, в длинных цилиндрических стержнях или дисках). В таких задачах распределение температуры $T(r,t)$ описывается уравнением, содержащим сингулярный

член:

$$\frac{\partial T}{\partial} = a\left(\frac{\partial^2 T}{\partial r^2} + \frac{1}{r}\frac{\partial T}{\partial p}\right)$$

где a — коэффициент температурпроводности. Использование спектрального разложения по функциям Бесселя позволяет представить решение в виде быстросходящегося ряда, что значительно эффективнее классических разностных схем при анализе тепловых напряжений вблизи оси симметрии.

Установлено, что применение весового преобразования Ханкеля позволяет свести задачу теплопроводности к обыкновенному дифференциальному уравнению в спектральном пространстве. Это дает возможность анализировать поведение системы при сложных граничных условиях, таких как переменный теплообмен на поверхности цилиндра. Полученные аналитические оценки подтверждают, что в весовых пространствах решение обладает повышенной устойчивостью к малым возмущениям начального теплового поля, что критически важно для точности теплофизических расчетов.

Заключение. В работе показано, что спектральный анализ на основе преобразования Ханкеля является адекватным инструментом для исследования сингулярных операторов. Полученные результаты расширяют область применения аналитических методов в теории уравнений с вырождением и могут быть использованы при разработке алгоритмов цифровой обработки сигналов в цилиндрических системах.

Список литературы

1.Раджабов Н. Р. Интегральные представления и граничные задачи для некоторых дифференциальных уравнений с сингулярными линиями и поверхностями. — Душанбе: ТНУ, 1980–1985 (серия монографий).

2.Михайлов Л. Г. Новый класс особых интегральных уравнений и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами. — Душанбе: Дониш, 1963.

3.Хайруллоев Ш. А. О некоторых краевых задачах для уравнений эллиптического типа с сингулярными коэффициентами // Известия Академии наук Республики Таджикистан. — 2015. — No3.

4.Усманов З. Д. Обобщенные аналитические функции с неподвижной сингулярностью. — Душанбе: Дониш, 1996.

5.Джураев А. Д. Метод сингулярных интегральных уравнений. — М.: Наука, 1987.

6.Киприянов, И. А. Сингулярные эллиптические уравнения. — М.: Наука, Физматлит, 1997. — 204 с.

7.Ляхов, Л. Н. Весовые сферические функции и сингулярные псевдодифференциальные операторы // Дифференциальные уравнения. — 1985. — Т. 21, No 6. — С. 1020–1032.

8.Левитан, Б. М. Разложение по функциям Бесселя в ряды и интегралы Фурье // Успехи математических наук. — 1951. — Т. 6, вып. 2(42). — С. 102–143.

УДК: 378.147:51

ТАЪМИНОТИ ИЛМИЮ МЕТОДИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

Ҳаитова Фирӯза Шавкатовна
омӯзгори калони кафедраи математикаи олӣ ва зеҳни сунъӣ, Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бустон. Тел: 77-702-99-63, e-mail: Firuza-a@inbox.ru

Мақола ба масъалаҳои таъминоти илмӣ-методии раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Дар он моҳият ва сохтори таъминоти илмӣ-методӣ, нақши он дар баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Унсурҳои асосии таъминоти илмӣ-методӣ, аз ҷумла таъминоти меъёрӣ-методӣ, таълимӣ-методӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ-методӣ ва кадрӣ баррасӣ шудаанд. Самтҳои такмили таълими математика дар шароити татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва методҳои фаъоли таълим муайян гардидаанд. Нақши воситаҳои муосири таълимӣ, аз ҷумла GeoGebra, Maple ва захираҳои электронии таълимӣ дар баланд бардоштани самаранокии омӯзиш нишон дода шудааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот хулоса карда мешавад, ки такмили пайвастаи таъминоти илмӣ-методӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилоти математикӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир мебошад.

Калидвожаҳо: таълими математика, таъминоти илмӣ-методӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ, технологияҳои рақамӣ, методҳои фаъоли таълим, фаъолияти мустақилона, баҳодиҳӣ, салоҳиятнокӣ, сифати таҳсилот.

НАУЧНО-МЕТОДИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ

Хаитова Фируза Шавкатовна
старший преподаватель кафедры высшей математики и искусственный интеллект Горнометаллургического института Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Бустон. Тел: 77-702-99-63, e-mail: Firuza-a@inbox.ru

Статья посвящена вопросам научно-методического обеспечения процесса обучения математике в учреждениях высшего профессионального образования. Рассмотрены сущность и структура научно-методического обеспечения, его роль в повышении качества образования и формировании профессиональных компетенций студентов. Проанализированы основные компоненты научно-методического обеспечения, включая нормативно-методическое, учебно-методическое, информационное, организационно-методическое и кадровое обеспечение. Определены направления совершенствования преподавания математики в условиях компетентностного подхода, использования цифровых технологий и активных методов обучения. Показана роль современных образовательных средств, в том числе программ GeoGebra, Maple и электронных образовательных ресурсов, в повышении эффективности обучения. Сделан вывод о том, что совершенствование научно-методического обеспечения является одним из важнейших факторов повышения качества математического образования и подготовки конкурентоспособных специалистов.

Ключевые слова: обучение математике, научно-методическое обеспечение, высшее образование, цифровые технологии, активные методы обучения, самостоятельная работа студентов, оценивание, компетентностный подход, качество образования.

SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL SUPPORT OF THE MATHEMATICS TEACHING PROCESS IN HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

Khaitova Firuza Shavkatovna
senior lecturer of the department of higher mathematics and artificial intelligence at the Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, city of Buston. Tel: 77-702-99-63, e-mail: Firuza-a@inbox.ru

The article is devoted to the issues of scientific and methodological support for the process of teaching mathematics in higher professional education institutions. The essence and structure of scientific and methodological support, as well as its role in improving the quality of education and developing students' professional competencies, are analyzed. The main components of methodological support, including regulatory, educational, informational, organizational, and personnel support, are examined. The study identifies key directions for improving mathematics teaching within the framework of the competency-based approach, the integration of digital technologies, and the application of active learning methods. Particular attention is paid to the use of modern educational tools such as GeoGebra, Maple, and electronic learning resources in enhancing the effectiveness of the educational process. The findings indicate that continuous improvement of scientific and methodological support is one of the main factors in ensuring high-quality mathematics education and training competitive specialists.

Keywords: mathematics education, scientific and methodological support, higher education, digital technologies, active learning methods, independent learning, assessment, competency-based approach, quality of education.

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ масъалаи баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳаммияти хоса пайдо намудааст. Аз ҷумла, таълими математика ҳамчун

асоси илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ ва иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ин замина, Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳаммияти махсус дошта, барои баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди тафаккури илмӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир заминаи мусоид фароҳам меорад. Математика дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлилии донишҷӯён нақши муҳим мебозад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таълими математика бояд на танҳо ба азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва таҳқиқотии донишҷӯён равона гардад. Тавре муҳаққиқон таъкид менамоянд, таъминоти илмию методӣ барои ташкили дурусти раванди таълим ва баланд бардоштани сифати дониш шарти асосӣ мебошад [1].

Зери мафҳуми *таъминоти таълимию методӣ* таҳия ва истифодаи ҳуҷҷатҳои дахлдори таълимию методӣ, дастурҳо, тавсияҳо, маводи методӣ, воситаҳои дидактикӣ, инчунин методҳо, роҳҳо ва усулҳои самараноки таълим фаҳмида мешавад, ки онҳо барои фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии донишҷӯён мусоидат намуда, ба таври кафолатнок ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташудаи таълимро таъмин менамоянд [1, с.12].

Имрӯз дар шароити гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокӣ зарурати таҷдиди методикаи таълими математика, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва татбиқи усулҳои фаъоли таълим ба миён омадааст. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва таҳлили имкониятҳои методии онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Методология. Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерини илмӣ, ба монанди таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ, усули муқоисавӣ, таҳлили таҷрибаи педагогӣ, мушоҳидаи раванди таълим, усули моделсозии методӣ истифода гардиданд.

Манбаъҳои асосии таҳқиқотро корҳои илмии олимони тоҷик ва рус (М. Нугмонов, А.Э. Сатторов, А.П. Назаров, Х.М. Сабурӣ, Д.Шерматов, Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Файзуллоев ва дигарон; А.М. Новиков, К.Н. Лунгу, Н.А. Шапошников, А.Н. Колмогоров ва дигарон) оид ба методикаи таълими математика, инчунин мақолаҳои илмии нашрияҳои тақризшаванда ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳо. Таъминоти илмию методӣ маҷмуи воситаҳо, усулҳо ва технологияҳои таълимиро дар бар мегирад, ки ба ташкили самараноки раванди таълим мусоидат менамоянд.

Таъминоти комплексии методӣ, тибқи таърифи А.М. Новиков, — ин банақшагирӣ, таҳия ва эҷоди маҷмуаи таълимӣ-методӣ, яъне низоми оптималии ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ ва воситаҳои омӯзиш мебошад, ки барои таъмини раванди пурра ва босифати таълим дар доираи вақт ва муҳтавое, ки нақша ва барномаи таълимӣ муайян намудаанд, заруранд [5].

Дар ин таъриф таъминоти комплексии методӣ ҳамчун раванд, ва ҳам ҳамчун маҷмуаи таълимӣ-методӣ шарҳ дода мешавад. Инчунин он ҳамчун низоми бонизом тавсиф мегардад, яъне як таъриф тавассути ду мафҳуми дигар муайян карда мешавад.

Таъминоти методӣ ҳамчун раванд — ин банақшагирӣ, таҳия ва эҷоди низоми оптималии ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ ва воситаҳои омӯзиш мебошад, ки барои ташкили самараноки раванди таълим дар доираи вақт ва муҳтавое, ки барномаи касбии таълим муайян менамояд, заруранд [11, с.44]. Аз ин таъриф бармеояд, ки зери мафҳуми таъминоти методӣ ҳамон мазмуне фаҳмида мешавад, ки дар «таъминоти комплексии методии фанҳо ва касбҳо» ифода ёфтааст.

Таъминоти методӣ ҳамчун натиҷа — ин маҷмуи ҳамаи ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ (нақшаҳо, барномаҳо, усулҳо, дастурҳои таълимӣ ва ғайра) мебошад, ки тавсифи низомманди раванди таълимро ифода намуда, баъдан дар амал татбиқ карда мешаванд.

Таъминоти илмӣ-методии таълими математика маҷмуи назарияҳо, принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва технологияҳои таълимиро дар бар мегирад, ки барои ташкили самараноки раванди омӯзиш равона шудаанд. Ин низом ба ташаккули донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлилӣ мусоидат менамояд. Дар адабиёти педагогӣ таъминоти илмӣ-методӣ ҳамчун асоси илмии ташкили фаъолияти таълимӣ арзёбӣ гардида, он робитаи мутақобилаи илм, педагогика ва методикаи таълимро таъмин мекунад.

Таъминоти илмӣ-методӣ барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, воситаҳои аёнӣ, технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои назорату арзёбиро фаро мегирад.

Дар расми поён сохтори таъминоти илмӣ-методии раванди таълим ва унсурҳои асосии таъминкунандаи сифати таълим нишон дода шудааст.

Таъминоти меъёрӣ-методӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, стандартҳо, нақшаҳо ва дастурамалҳоро дар бар мегирад, ки фаъолияти таълимиро танзим мекунанд.

Таъминоти барномавии таълимӣ барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, нақшаҳои дарсӣ ва мазмуни фанҳоро фаро мегирад.

Таъминоти таълимӣ-методӣ китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, маводи дидактикӣ ва воситаҳои омӯзиширо дар бар мегирад.

Методҳои таълим усулу технологияҳои таълим, шаклҳои гузаронидани дарс ва роҳҳои самараноки омӯзишро нишон медиҳад.

Омӯзиш ва паҳн намудани таҷриба омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва мубодилаи таҷрибаи омӯзгоронро дар бар мегирад.

Таъминоти иттилоотӣ манбаъҳои иттилоотӣ, технологияҳои рақамӣ, интернет ва захираҳои электронии таълимро фаро мегирад.

Таъминоти ташкилӣ-методӣ ташкили равандҳои таълимӣ, семинарҳо, машваратҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти методиро таъмин мекунад.

Таъминоти кадрӣ омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгоронро дар бар мегирад.

Таъминоти илмӣ-методии раванди таълим як низоми мукаммал буда, аз чанд самти бо ҳам алоқаманд иборат аст. Ҳамаи ин унсурҳо барои баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии фаъолияти омӯзгорӣ мусоидат мекунанд.



Расми 1. Сохтори таъминоти илмӣ-методии раванди таълим

Зери мафҳуми таъминоти методӣ баъзе муҳаққиқон ва омӯзгорон маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва нашрияҳои меъёрӣ, мазмунӣ ва методиро мефаҳманд, ки имконият медиҳанд раванди таълим ва натиҷаҳои он мутобиқи ҳадафҳо, вазифаҳо ва талаботи азхудкунии онҳо, ки дар Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои асосии таълимӣ муқаррар шудаанд, ташкил, амалӣ ва назорат карда шавад [2].

Ба ақидаи Е.А. Плотникова, сифати таълими математика аз сатҳи таъминоти методии омӯзгор вобастагии мустақим дорад [8].

Дар мактаби олӣ таълими математика бояд ба принсипҳои илмият, пайдарпайӣ, дастрасӣ, фаъолиятнокӣ ва робитаи назария бо амалия такя намояд. Принсипи илмият талаб менамояд, ки донишҳои пешниҳодшаванда ба дастовардҳои муосири илм мувофиқат кунанд. Принсипи робитаи назария бо амалия бошад, имконият медиҳад, ки донишҷӯён истифодаи амалии усулҳои математикӣ ва моделсозиро дар соҳаҳои гуногуни касбӣ дарк намоянд.

“Талабот ба таъмини маводи таълимию методии математика бояд дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм асос ёфтааст, танзим карда шавад” [6].

Яке аз самтҳои муҳимми таъминоти методии таълими математика таҳияи барномаҳои таълимии муосир ва комплексҳои таълимӣ-методӣ мебошад. Комплекси таълимӣ бояд китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, маводи электронӣ, масъалаҳои амалӣ, тестҳо ва воситаҳои назоратиро дар бар гирад. Мавҷудияти чунин маҷмуаи таълимию методӣ имконият медиҳад, ки раванди омӯзиш мутобиқ ба талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ амалӣ гардад.

Сохтори китобҳои дарсӣ, пайдарҳамӣ ва робитаи мантиқии баёни мавод низ барои азхудкунии маводи дар он пешниҳодшуда нақши муҳим мебозанд [3]. Дар айни замон муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар доираи низоми менеҷменти сифати фаъолияти таълимӣ ҳар яке мустақилона меъёрҳои худро оид ба таҳияи воситаҳои таълимӣ таҳия ва тасдиқ мекунанд. Ин ҳолат ба муассисаҳо имконият медиҳад, ки ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ хусусиятҳои ихтисосҳо, талаботи бозори меҳнат ва имкониятҳои моддию техникии худро ба инобат гиранд. Ҳамзамон, гуногун будани меъёрҳо метавонад ба фарқият дар сатҳу сифати воситаҳои таълимӣ, тарзи арзёбии онҳо ва дараҷаи мутобиқати онҳо ба стандартҳои давлатӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар баробари нигоҳ доштани мустақилияти муассисаҳо, талаботи умумӣ ва тавсияҳои ягона оид ба сохтор, мазмун ва тартиби таҳияи воситаҳои таълимӣ низ муайян карда шаванд. Ин иқдом ба баланд бардоштани сифати таълим, таъмини ягонагии фазои таҳсилотӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои таълимӣ дар раванди омодасозии мутахассисони рақобатпазир мусоидат хоҳад кард.

А.А. Пустуев ва дигарон таъкид мекунанд, ки аксаран муаллифони китобҳои дарсии муассисаҳои олӣ омӯзгороне мебошанд, ки одатан дар самти фаъолияти худ донишҳои муайян доранд, аммо на ҳар кас метавонад ин донишҳоро дуруст ва босифат «рӯи қоғаз» интиқол диҳад, зеро ин омодагӣ ва маҳорати махсусро талаб мекунад. Мушкилоти таҳияи адабиёти таълимӣ ба сифати таъминоти таълимию методии раванди омӯзиш таъсири назаррас мерасонад [9, с.318].

Аз ин ҷо масъалаи зарурати таъсиси низоми талабот нисбат ба адабиёти таълимӣ ва методикаи баҳодиҳии сифати он дар сатҳи стандартҳои давлатӣ ба миён меояд.

Дар шароити муосир истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими математика аҳаммияти калон дорад. Барномаҳои компютерӣ, платформаҳои таълимии электронӣ, тахтаҳои интерактивӣ ва системаҳои моделсозии математикӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён маводи таълимиро амиқтар дарк намоянд. Истифодаи чунин технологияҳо фаъолнокии донишҷӯёнро баланд бардошта, омӯзиши мустақилонаи онҳоро инкишоф медиҳад.

Самаранокии таълими математика инчунин аз сатҳи омодагии касбии омӯзгор вобаста аст. Омӯзгори муосир бояд на танҳо донишҳои амиқи математикӣ дошта бошад, балки технологияҳои нави педагогӣ, усулҳои интерактивии таълим ва методҳои баҳодиҳии салоҳиятҳоро низ хуб аз худ намояд. Аз ин рӯ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таълими математикӣ мебошад.

Дар таълими математика истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла омӯзиши муаммовӣ, методи лоиҳавӣ, технологияҳои интерактивӣ ва таълими модулӣ самаранок арзёбӣ мегардад. Ин усулҳо ба рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти донишҷӯён ва қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз самтҳои муҳимми такмили таълими математика истифодаи технологияҳои рақамӣ мебошад. Барномаҳои компютерӣ ба монанди GeoGebra, Maple ва MATLAB имконият медиҳанд, ки донишҷӯён масъалаҳои мураккаби математикӣ ва графикҳоро ба таври визуалӣ таҳлил намоянд.

Таҳқиқот ва мақолаҳои зиёди А.А. Раҳимов нишон медиҳанд, ки истифодаи системаи Maple дар таълими математика фаъолнокии донишҷӯёнро баланд мебардорад ва дарки маводи таълимиро беҳтар менамояд [10]. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки Maple имконият медиҳад донишҷӯён на танҳо ҳисобҳои мураккабро зуд иҷро намоянд, балки равандҳои математикӣ ва графикиро ба таври аёнӣ мушоҳида кунанд. Дар натиҷа, омӯзиш аз шакли анъанавии назариявӣ ба шакли интерактивӣ ва таҳқиқотӣ мегузарад.

Бо истифода аз Maple омӯзгор метавонад моделсозии масъалаҳои математикӣ, сохтани графикҳо, ҳалли муодилаҳо ва таҳлили функсияҳоро дар вақти воқеӣ анҷом диҳад. Масалан, ҳангоми омӯзиши функсияҳо донишҷӯён метавонанд тағйирёбии графикро вобаста ба параметрҳо мустақилона таҳлил намоянд. Ин гуна усули визуалӣ фаҳмиши мафҳумҳои абстрактиро осон намуда, шавқи донишҷӯёнро ба омӯзиши фан зиёд мекунад. Илова бар ин, муҳити интерактивии Maple имконияти омӯзиши мустақилона ва рушди тафаккури таҳлилӣ ва мантиқиро фароҳам месозад. Аз нуқтаи назари методӣ, истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълими математика ба татбиқи усулҳои муосири таълим мусоидат менамояд. Донишҷӯён дар раванди омӯзиш бештар фаъол гардида, малакаҳои таҳлил, муқоиса ва хулосабарориро инкишоф медиҳанд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки истифодаи Maple ҳамчун воситаи таълимӣ на танҳо сифати донишро беҳтар мекунад, балки самаранокии умумии раванди таълимро низ баланд мебардорад.

Ҳангоми омӯзиши функсияи квадратӣ омӯзгор метавонад аз барномаи GeoGebra истифода барад. Дар ин ҳолат донишҷӯён метавонанд координатаи қуллаи параболаро муайян намоянд, решаҳои функсияро ёбанд, таъсири коэффисиентҳоро таҳлил кунанд. Ин усул барои рушди тафаккури визуалӣ ва таҳлилӣ мусоидат менамояд [13].

Методҳои фаъоли таълим имконият медиҳанд, ки донишҷӯён иштирокчии фаъоли раванди омӯзиш гарданд. Ба ин методҳо дохил мешаванд:

– таълими муаммовӣ;
– усули лоиҳавӣ;
– усули кейс;
– омӯзиши гурӯҳӣ;
– таълими интерактивӣ.

Масалан, дар таълими муаммовӣ омӯзгор масъалаи муайянро пешниҳод менамояд ва донишҷӯён мустақилона роҳи ҳалли онро ҷустуҷӯ мекунанд.

Мисол. Исбот кунед, ки суммаи n адади тоқ ба квадрати n баробар аст: $1+3+5+\ldots+(2n-1)=n^2$.

Донишҷӯён метавонанд исботро бо усули индуксияи математикӣ иҷро намоянд. Ин усул қобилияти мантиқӣ ва таҳлилро инкишоф медиҳад.

Дар низоми кредитии таҳсилот фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён аҳаммияти калон дорад. Он барои ташаккули малакаҳои худомӯзӣ ва таҳқиқотӣ мусоидат менамояд.

Шаклҳои асосии фаъолияти мустақилонаи донишҷуён инҳо мебошанд:

- ҳалли масъалаҳо;
- омода намудани реферат;
- таҳияи презентатсия;
- корҳои тадқиқотӣ;
- таҳлили мақолаҳои илмӣ.

Арзёбии дониш дар таълими математика - қисми муҳимми раванди таълим мебошад. Маълум аст, ки баҳодиҳии меъёрӣ қисми раванди таълим буда, ба рушди дастовардҳои таълимии хонандагон таъсири мустақим мерасонад ва робитаи мутақобилаи фаъолро байни омӯзгор ва таълимгиранда таъмин мекунад [7]. Истифодаи арзёбии формативӣ ва суммативӣ муҳим мебошад. Барои ташаккули донишҳои босифати донишҷӯён дар заминаи баҳодиҳии формативии дастовардҳои таълимӣ ҳангоми омӯзиши математика зарур аст, ки алгоритмҳои пешниҳоди маводи нав таҳия карда шаванд, унсурҳои сохторӣ ва марҳилаҳои баҳодиҳии формативӣ бо дарназардошти методикаи истифодаи имкониятҳои функсионалӣ ва воситаҳои он дар ҳамбастагӣ бо раванди таълим муайян гарданд. Шаклҳои арзёбӣ тест, корҳои хаттӣ, суҳбат, пурсиш, лоиҳа, портфолио ва ғайра маҳсуб меёбанд.

Баҳодиҳии суммативии (ҷамъбастии) ниҳоӣ дар анҷоми ҳар як давраи таълимӣ (соли таҳсил, ё нимсола) бо мақсади муайян намудани натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш гузаронида мешавад. Ин навъи баҳодиҳӣ бо сатҳҳои малакаҳои

тафаккурӣ мутобиқат дошта, барои таҳлил ва баровардани хулоса замина фароҳам меорад. Вобаста ба хусусиятҳои муҳтавои маводи таълимӣ, баҳодиҳии суммативии ниҳоӣ метавонад бо истифода аз корҳои хаттӣ, корҳои лоиҳавӣ ва корҳои таҳқиқотӣ амалӣ карда шавад.

Муҳокима. Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таъминоти илмию методии таълими математика яке аз омилҳои калидии баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Дар шароити муосир омӯзгор бояд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки ташкилкунандаи фаъолияти маърифатии донишҷӯён бошад.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ, усулҳои интерактивӣ ва таълими проблемавӣ барои рушди қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти донишҷӯён мусоидат менамояд. Аммо дар ин самт як қатор мушкилот ҷой доранд:

- норасоии воситаҳои техникии муосир;
- сатҳи нокифояи омодагии рақамии баъзе омӯзгорон;
- камбуди китобҳои электронии таълимӣ;
- паст будани шавқи баъзе донишҷӯён ба омӯзиши математика.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки корҳои илмӣ-методӣ тақвият дода шуда, курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорон мунтазам ташкил карда шаванд .

Хулоса. Ҳамин тавр, таъминоти илмию методии раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, методҳои фаъоли таълим ва ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён имконият медиҳад, ки салоҳиятҳои касбӣ ва таҳлилӣ ташаккул ёбанд.

Барои такмили таълими математика инҳо зарур мебошанд:

- рушди базаи моддию техникӣ;
- таҳияи воситаҳои электронии таълим;
- баланд бардоштани салоҳияти омӯзгорон;
- густариши таҳқиқоти илмӣ-методӣ;
- татбиқи васеи технологияҳои рақамӣ.

Ҳамин тавр, таъминоти илмӣ ва методии раванди таълими математика дар мактаби олӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад. Такмили пайвастаи мазмуни таълим, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва иттилоотӣ, инчунин баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон барои ташаккули мутахассисони рақобатпазир ва дорои тафаккури илмӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Адабиёт

1. Аргунова Т. Г. Комплексное учебно-методическое обеспечение предмета. М., 1999. - 292с.
2. Бадалова М.А. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ (барои низоми таълими салоҳиятнокӣ). – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2023. – 308 с.
3. Бакулина Н.А. Особенности учебно-методического обеспечения образовательного процесса // Социальные и технические сервисы: проблемы и пути развития: сборник статей по материалам VII Всероссийской научно-практической конференции, Нижний Новгород, 25 ноября 2020 года. Т.I. Нижний Новгород: ФГБОУ ВО «Нижегородский государственный педагогический университет имени Козьмы Минина», 2021. С. 11-15.
4. Бегимов Ҳ.Х., Рабиев С., Раҷабов Т.Б., Файзуллоев А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: Душанбе-Принт, 2023. – 375 с.
5. Новиков А.М. Методология учебной деятельности. – М.: Эгвес, 2005. – 176 с.
6. Нугмонов М., Маҳкамова М., Назаров Д. Стандарти таълими фанни «Математика» барои синфҳои 1–4-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2023 таҳти №8/24 тасдиқ шудааст.
7. Нургабыл Д. Н., Шакен М. М. Моделирование формативного оценивания учебных достижений учащихся // Вестник КазНацЖенПУ. 2020. №4. – С.16-21.
8. Плотникова Е.А. О методологических аспектах преподавания математики в техническом вузе // МАК-2013. – Барнаул, 2013. – С. 156–158.
9. Пустуев А.А. Особенности и проблемы методического обеспечения высшего образования / А.А. Пустуев, О.В. Мустафина, О.А. Рыкалина // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2023. – № 12-2. – С. 316–322. – DOI: 10.17513/vaael.3174.
10. Рахимов А.А. Теоретические аспекты применения системы компьютерного моделирования Maple в процессе преподавания математики студентам технических вузов // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Информатизация образования. - 2025. - Т. 22. - №1. - С. 58-75. doi: 10.22363/2312-8631-2025-22-1-58-75
11. Сопин, В. И. Научно-организационное и научно-методическое обеспечение дополнительного профессионального образования / В. И. Сопин // Человек и образование. — 2014. — № 4(41). — С. 43–48.
12. Трофимова Н. О. Понятие и роль учебно-методического обеспечения в образовательной организации // Экономика и социум. - 2018. - №5(48). - 1764-1766.
13. Markova O. The model of methodical system and learning objectives of the foundations of mathematical informatics for students of technical universities // Вісник Черкаського університету. Серія: Педагогічні науки. – 2016. – № 7. – С. 36–42.

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
Сомона: www.tgfeu.tj

МИНИСТЕРСТВО ФИНАНСОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ

Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14
Сайт: www.tgfeu.tj

MINISTRY OF FINANCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS

Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14
Webpage: www.tgfeu.tj